Information about the authors: ***Safarzoda Safarmad Said*** - Tajik State University of Finance and Economics, assistant of the Department of World Economy and International Trade. **Address**: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 64/14 Nakhimov street. Phone: **905-20-20-97**
Odinaev Hayet Abdulkhakovich - Tajik National University, Doctor of Economics, Professor. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17

УДК 339.52(575.3)

ОСНОВНЫЕ НАПРАВЛЕНИЯ И МЕТОДЫ ГОСУДАРСТВЕННОГО РЕГУЛИРОВАНИЯ ВЭД

Иброхими Д.М.
Таджикский государственный университет права, бизнеса и политики

В настоящее время одним из приоритетных направлений развития мировых отношений выступает диверсификация многосторонних форм сотрудничества. Традиционные виды внешнеэкономических отношений включают в себя внешнюю торговлю и инвестиционное сотрудничество, связанное с движением капитала.

Помимо этого, выделяются как самостоятельные направления сотрудничества – сотрудничество в научно-технической сфере и промышленной кооперации. Немаловажным направлением выступает регулирование и валютно-финансовые отношения.

Поэтому часто в экономической литературе во внешнеэкономическую деятельность включают внешнеторговую деятельность, производственную кооперацию, международное инвестиционное сотрудничество и валютные и финансово-кредитные операции [11,с.15].

В системе внешнеэкономических отношений выделяют такие направления государственного регулирования, как: «внешнеторговые отношения, инвестиционное, связанное с движением капитала (включающее научно-техническое сотрудничество и промышленную кооперацию) и валютно-финансовое» (схема 1).

Схема 1. Основные направления государственного регулирования ВЭД
Scheme 1. The main directions of state regulation of foreign economic activity



Реализация, управление и регулирование этих направлений внешнеэкономической деятельности осуществляется при помощи формы и методов государственного регулирования.

Одним из важных направлений внешнеэкономических отношений является внешняя торговля. Внешняя торговля привлекла внимание представителей различных экономических школ. Т. Ман, А. Смит, А. Монкретьен и другие представители экономических школ упоминали о важности и прибыльности внешней торговли. Для Республики Таджикистан в современных условиях вопрос создания условий для развития внешнеторгового оборота

становится особо важным. Таджикистаном сегодня намечен курс экспортоориентированной экономики. И для достижения этой цели стране необходимо совершенствовать методы государственного регулирования с учетом национальных интересов. Для более эффективного управления и регулирования внешнеэкономических отношений, особенно внешней торговли и движения капитала, в стране была принята «Государственная программа содействия экспорту и импортозамещению в Республике Таджикистан на 2016-2020 годы». Также создано управление «Агентства по экспорту при правительстве Республике Таджикистан».

В рамках данной программы предусмотрены меры по поддержке экпортоориентированых отраслей и содействию экспорта. С целью влияния государства на внешнеторговые отношения можно выделить административные и экономические формы регулирования.

В административные методы входят: правовые нормы и законы, акты правого регулирования торговых отношений, таможенный кодекс и т.д. Также к их числу относятся: количественные ограничения (лицензирование, квотирование), запретительные (запрет экспорта и импорта отдельных видов продукции). Важное значение в регулировании внешнеторговых отношений государством играют экономические методы. К экономическим методам относятся: стимулирования экспорта, прямое финансирование производства продукции на экспорт в виде выплат компании дотаций из государственного бюджета.

Именно вышеперечисленные экономические методы являются основой развития внешнеторговой деятельности и обеспечивают стабильность национальной экономики.

Применение субсидирования расходов на ведение НИОКР в производстве экспортных товаров считается немаловажным фактором повышения экспортного потенциала страны. В новых условиях промышленно-развитые страны за счет средств госбюджета осуществляют примерно до 30% НИОКР.

Экономическое регулирование воздействует на экономический интерес участников внешнеторговой деятельности путем использования таких мер: таможенные пошлины, процентные ставки банков, валютные курсы и др.

Необходимо иметь в виду, что государственное страхование экспортных кредитов применяется в качестве инструмента внешнеторговой политики, позволяющего регулировать объем и географию экспортного кредитования. Возникший кризис внешней задолженности в ряде государств привел к значительным убыткам страховщиков и вынудил их свернуть операции на более рискованных рынках, тем самым демонстрировал ограниченность этого инструмента. Поддержка экспортеров возможна и по линии страхования экспорта, как внутреннего, так и внешнего. Внутреннее страхование реализуется правительством страны, покрывающего посредством бюджетных средств определенную частьрисков в случаях крупных капиталовложений в развитие экспортного производства. В случае внешнего страхования, государство берет на себя определенную часть риска, связанного с экспортом.

Соотношение экономических и административных форм воздействия определяет характер внешнеторговой политики страны. В условиях рыночной экономики внешнеэкономическая политика страны должна быть умеренной, т.е. должна включать в себе и элементы протекционизма и открытой экономики.

Выбранные методы и инструменты государственного регулирования внешнеэкономического сотрудничества связаны с осуществлением приоритетных направлений внешнеторговой политики. Государственное регулирование внешнеторговых отношений вызвано, прежде всего, реализацией тарифных и нетарифных методов, т.е. можно опираться на другую классификацию, деля их на таможенно-тарифные и нетарифные (см. табл. 1).

Таблица 1. Методы государственного регулирования ВЭД
Table 1. Methods of state regulation of foreign economic activity

№ пп	Методы		Содержание
1.	Тарифные		Система таможенных пошлин
2.	Не тарифные	Прямые (количественные)	Квотирование, лицензирование, добровольное ограничение, антидемпинговые и компенсационные пошлины
		Косвенные (неколичественные)	Скрытые: стандарты, административные и таможенные формалы.
			Финансовые: импортные депозиты, субсидирование, кредитование экспорта
3.	Паратарифное регулирование		Таможенные сборы, внутренние налоги и сборы (НДС), декретирование таможенной цены

Составлено автором

Таможенным тарифом «выступает систематизированный перечень таможенных пошлин, которые взимаются с грузовладельцев при прохождении товара таможенной государственной границы». Таможенный тариф основан на детализированном названии товаров, которые облагаются таможенной пошлиной, ставки пошлин с пояснениями методов их расчета и перечня товаров, которые пропускаются беспошлинно. Таможенной пошлиной «выступает налог, который взимается государством с провозимых через национальную границу товаров по ставкам, размер которых предусмотрен таможенным тарифом». Согласно ст.367 Таможенного Кодекса Республики Таджикистан (объектом обложения таможенными пошлинами), «объектом обложения таможенными пошлинами, налогами являются товары, перемещаемые через таможенную границу. Налоговой базой для целей исчисления таможенных пошлин, налогов являются таможенная стоимость товаров и (или) их количество»[12,с.222].

Преимуществом специфической таможенной пошлины выступает то, что в случаях её применения не будет необходимости оценить цену продукции, т.е. не будет злоупотребления, связанного с оценкой. Но в зависимости от цены на продукцию, меняется и степень защиты отечественных производителей. Чем выше цена, тем ниже степень защищённости.

В зависимости от объекта обложения таможенная пошлина подразделяется на импортную, экспортную и транзитную. Экспортная пошлина, в Таджикистане применяется очень редко, обычно тогда, когда цена на определённый вид продукта на внутреннем рынке существенно ниже мировой. Цель экспортной пошлины заключается в сокращении объёма экспорта и пополнении бюджета. По характеру таможенная пошлина подразделяется на сезонную, антидемпинговую и компенсационную. Срок действия сезонной пошлины не превышает несколько месяцев в год, и на этот срок действие обычного таможенного тарифа по этим продуктам останавливается.

Антидемпинговая пошлина применяется в тех случаях когда импорт приводит к ущербу местных производителей подобных товаров либо способствует торможению организации и расширения национального производства такого товара. В итоге, к основным функциям таможенной пошлины относятся протекционизм, фискальная и уравновешенная. Таможенный тариф параллельно выполняет и другие функций. Он является одним из основных источником средств бюджета страны, также при облегчении условий доступа иностранного товара на внутренний рынок, таможенный тариф весьма широко используется. В зависимости от конкретного рынка, вида товара и услуги для реализации внешнеторговой политики государство опирается на два инструмента регулирования: протекционизм и свободная торговля. Например, мировой опыт показывает, что в целях обеспечения государственной безопасности аграрный сектор развивается на основе ведения протекционистических форм регулирования. Так как при условии, что страна будет специализироваться на выпуске ограниченных видов товаров, то это сделает уязвимой ее при возможных военных действиях.

Наиболее распространенным аргументом долговременного характера выступает положение об обязательности обеспечения защиты новых или зарождающихся отраслей экономики. Данный аргумент выступает как более менее важный из всего перечня выдвигаемых протекционистами при осуществлении внешней торговли.

По мнению Дж.М. Кейнса, протекционизм способен решать проблемы занятости. Дж.М. Кейнс в период депрессии 1925-1930гг. с целью усиления экономической активности, предложил Великобритании увеличить ставки таможенных пошлин. В то время он считал, что таможенный протекционизм может обеспечить равновесие платежного баланса в процессе реализации национальных программ экономического развития и повышения занятости посредством замены импортного товара национальным.

Ведение принципов протекционизма приводят к разрушению духа конкурентной борьбы и может сдерживать развитие национальной экономики, считают сторонники свободной торговли. Он отмечали, что внедрение принципов протекционизма несправедливо, так как при установлении высокой таможенной пошлины цена на товар защищаемой отрасли растет. В результате страдают потребители. Также о преимуществах свободной торговли ее сторонники полагали, что внедрение принципов либерализации может способствовать осуществлению распределения товаров, исходя из закона сравнительных издержек производства и реализации взаимовыгодной специализации производства.

Более того, свободная торговля значительно влияет на быстрое внедрение новшеств, оживление конкуренции, расширение национального рынка и обеспечение массового производства при снижении издержек, которые направлены в пользу потребителей. На наш взгляд, в таком ситуации можно наблюдать необходимый оптимум, т.е. будет достигнута

координация нескольких инструментов, которая позволит обеспечить вовлечение страны в международное разделение труда и защитить национальный рынок [10].

Другим направлением регулирования внешнеэкономической деятельности выступают – нетарифные меры, значимость которых в современных условиях существенно растет. Большинство стран мира вступили в ВТО, функционирующей по принципу свободной торговли. В связи с этим, страны-члены ВТО должны снижать тарифные ставки. Но в любом случае защита национальных производителей всегда была важна, и поэтому стали применять нетарифные меры. Лидером по их применению выступает США, Европейский союз и Япония.

Нетарифные ограничения используются в случаях снижения ставок таможенных пошлин до определенного уровня, когда они перестанут влиять на цены на внутреннем рынке. В таких условиях в целях снижения конкурентоспособности импортных товаров используются методы ограничения после либерализации международной торговли. В результате проведения многосторонних и многочисленных переговоров величина среднего уровня таможенной пошлины на промышленные товары, которая была в странах-участницах ГАТТ в 1948 г. на уровне 40-45%, уменьшилась до 4% в наше время.

Сложившуюся ситуацию, «в следствие которой нетарифные методы использовались для поддержания отраслей, потеряли в результате раундов ГАТТ тарифную защиту, Я. Бхагвати назвал «законом постоянной защиты» [13,с.126]. Он указал, что если тарифы будут снижены до минимального уровня, появляются новые возможности, что можно назвать законом постоянной защиты: при сокращении одного типа защиты появляется другой, восстанавливающий протекционистическое давление [1,с.244].

Кроме того, в следствие определенных тенденций, происходящих в рамках ТНК и международном разделении труда, товары, производящиеся и реализующиеся, не зависят от величины национальных тарифных барьеров, а международное кооперирование производства привело к тому, что на многие товары установление пошлины стало менее эффективным инструментом торговой политики. Таможенные пошлины в этих условиях становятся барьером для импорта товаров и, соответственно, приведет к сокращению доходной части бюджета страны. Эти обстоятельства свидетельствуют о том, что уменьшение таможенного обложения импорта приобретает необратимый характер, и активно могут использоваться меры нетарифного регулирования. В то же время совокупность административных и экономических мер, которые выходят за пределы таможенно- тарифного ограничения, относятся к нетарифным методам регулирования внешнеторговой политики. Практика показывает, что использование методов нетарифного регулирования внешнеэкономической деятельности в полной мере не способствует вытеснению тарифных методов регулирования. В рамках принципов ВТО этот вопрос остается важным. Если говорить о том, что тарифы не могут выступать в качестве основного барьера в процессе международной торговли, то будет неправильно. Фактически имеющиеся ограничительные барьеры рационально сочетаются с таможенной пошлиной.

Группа нетарифных методов подразделяется на:

- количественные, в первую очередь, это квотирование и лицензирование;
- скрытые, в частности, гос. закупки, требования о содержании местных компонентов, различные технические барьеры, налоги и сборы;
- финансовые, к числу которых можно отнести субсидирование и кредитование.

Очевидно, что данное разделение на группы нетарифных барьеров не является конкретизированным. Прямое субсидирование означает реализацию в широком масштабе демпинга товара за счет государственного бюджета.

На основе анализа мы выдвигаем классификацию методов открытого и скрытого протекционизма. К числу элементов открытого протекционизма относятся таможенные пошлины, квотирование и лицензирование. К числу инструментов скрытого протекционизма относятся: гос. закупки, требования о содержании местного компонента, денежно-кредитный инструмент, технические барьеры, налоги и сборы, направления субсидирования экспорта.

Функционирует определенный ряд способов классификации нетарифных мер, предложенных ВТО, Конференцией ООН по торговле и развитию, МВФ, ВБ, МБРР, Международной торговой палатой и целым рядом других организаций.

В условиях переходной экономики используемая система нетарифных барьеров непосредственно влияет на торговое и политическое обеспечение внешнеэкономической деятельности государства. Данная система характеризуется активной ролью государства в торговом и политическом обеспечении внешнеэкономической деятельности, создании условий для эффективной реализации национальных интересов на внешнем рынке.

Основными объектами, которые регулируются государством и являются инструментом в реализации внешнеэкономической политики любой страны становятся торговая политика, выступающая как система мер, воздействующих на весь процесс развития взаимодействия торговых отношений с другими государствами.

Обеспечение притока дополнительных финансов для развития национальной экономики и повышение конкурентоспособности продукции осуществляется за счет внешней торговли. К политическими и торговыми методами государственного регулирования можно отнести следующие:

- создание благоприятной условий, чтобы выйти на внешний рынок посредством заключения межправительственных торговых и других соглашений;

- активное участие в различных международных торгово-таможенных организациях, в том числе в ВТО.

Необходимо отметить, что при условии существования командно-административной экономики государственная монополия выступала как принципиально новый метод вхождения страны в систему МРТ. Однако государственная монополия на внешнюю торговлю и установление принципов закрытости экономики не должны влиять на деятельность отечественного производителей и выход на мировой рынок.

Таким образом, внешняя торговля выступает связующим звеном между национальной экономикой и мировым хозяйством в экономической системе. Использование методов регулирования внешнеэкономической деятельности в целях защиты интересов отечественного производства направлено на стимулирование внутреннего производства и защиту рынка от зарубежных производителей. Монополия в сфере внешнеэкономической деятельности в развивающихся странах устанавливается с целью защиты внутреннего рынка.

ЛИТЕРАТУРА

1. Борисов А.Б. Большой экономический словарь / А.Б. Борисов. - М., 2001. -444 с.
2. Башкатов Б.И. Практикум по международной экономической статистике. -М.: Дело и сервис, 2000. -101 с.
3. Бор М.З. История мировой экономики: Конспект лекций / М.З. Бор. -2-е издание, переработанное и дополнение. -М.: Дело и Сервис, 2000. -496 с.
4. Грегори Глисон. Открытый мир: международные отношения и мировой рынок. -Екатеринбург, 1977. -200 с.
5. Глобализация экономики и внешнеэкономические связи России / Под ред. Фаминского И.П. - М., 2004.
6. Гурова И.П. Мировая экономика и международные экономические отношения. Тесты, упражнения, проблемные ситуации: Учеб. пособие / И.П. Гурова. -М.: Дело, 2003. -176 с.
7. Гусаков Н.П. Национальные интересы и внешнеэкономическая безопасность России / Н.П. Гусаков, Н.А. Зотова // Компания «Евразийский регион». - 1998. -300 с.
8. Дадалько В.А. Международные экономические отношения / В.А. Дадалько. -М., 2000.
9. Данильцев А.В. Международная торговля: инструменты регулирования / А.В. Данильцев. -М., 1999. -275 с.
10. Промышленная политика в государственном регулировании индустриального развития северных регионов России: монография / А.Г. Комаров, Л.В. Лапочкина, Н.В. Никулина [и др.]. -М: Северный (Арктический) федеральный университет имени М.В. Ломоносова, 2014. -255 с.
11. Рубинская Э.Т. Укрепление внешнеэкономической деятельности предприятия. -М.: Приор, 2007.
12. Таможенный Кодекс Республики Таджикистан. -Душанбе, 2010
13. Bhagwati J. Protectionism / J. Bhagwati. - Cambridge, Mass.: MIT Press, 1988.

САМТҲОИ АСОСӢ ВА УСУЛҲОИ ТАНЗИМИ ДАВЛАТИИ ФАЪОЛИЯТИ ИҚТИСОДИИ БУРУНМАРЗӢ

Дар марҳилаи кунунӣ ягон давлати ҷаҳон рушди устувори иқтисодиро бидуни татбиқи сиёсати самарноки иқтисодии хориҷӣ таъмин карда наметавонад, ҳар кадоме ба ҳамгироӣ бо иқтисоди ҷаҳонӣ имкон медиҳад. Дар мақола масалаҳои самтҳои асосӣ ва усулҳои танзими давлатии фаъолияти иқтисодии хориҷӣ дида баромада шуда, оид ба фароҳам овардани шароит барои рушди гардиши савдои хориҷии Тоҷикистон диққати махсус дода шудааст. Муаллиф таҷрибаи ҷаҳониро ҷамъбаст намуда, ба зарурати танзими фаъолияти савдои хориҷӣ дар асоси истифодаи тадбирҳо, аз қабили андозҳо, боҷҳои гумрукӣ ва пардохтҳо, фоизи бонкҳо ва қурби асъор ва ғ... ишора намудааст. Инчунин, усулҳо ва воситаҳои танзими давлатии ҳамкориҳои иқтисодии хориҷӣ бо татбиқи самтҳои афзалиятноки сиёсати савдои хориҷӣ таъкид шудаанд. Дар асоси таҳлил, муаллиф таснифи усулҳои протексионизми ошкоро ва пинҳониро ба миён гузоштааст, ки ба танзими фаъолияти иқтисодии хориҷӣ мусоидат мекунад. Ғайр аз ин муаллиф ба хулосае амадааст, ки барои самаранокии иқтисоди миллии кишвар дар ҳоҷагии ҷаҳонӣ ва беҳтар намудани робитаҳои иқтисодии хориҷӣ фароҳам овардани шароити хуб барои рақобатпазирии истеҳсолоти ватанӣ зарур мебошад.

Калидвожаҳо: робитаҳои иқтисодии хориҷӣ, танзими давлатӣ, тарифҳои гумрукӣ, иқтидори содиротӣ.

ОСНОВНЫЕ НАПРАВЛЕНИЯ И МЕТОДЫ ГОСУДАРСТВЕННОГО РЕГУЛИРОВАНИЯ ВЭД

На современном этапе ни одна страна в мире не может обеспечить стабильное экономическое развитие без реализации эффективной внешнеэкономической политики, которая позволяет стране интегрироваться в мировое хозяйство. В статье рассматриваются вопросы основных направлений и методов государственного регулирования внешнеэкономической деятельности. Значительное внимание уделяется важности создания условий для развития

внешнеторгового оборота Таджикистана. Автор, обобщая мировую практику, указывает на необходимость регулирования внешнеторговой деятельности на основе использования таких мер, как: налоги, таможенные пошлины и сборы, ставка банковского процента и валютного курса и т.д. Также освещены методы и инструменты государственного регулирования внешнеэкономического сотрудничества с осуществлением приоритетных направлений внешнеторговой политики. На основе анализа автором выдвигается классификация методов открытого и скрытого протекционизма, который способствует регулированию внешнеэкономической деятельности. Кроме того, автор приходит к выводу, что для более эффективного функционирования национальной экономики страны в мировом хозяйстве и улучшения внешнеэкономических отношений необходимо улучшить условия конкурентоспособности отечественного производства.

Ключевые слова: внешнеэкономические отношения, государственное регулирование, таможенные тарифы, пошлины, экспортный потенциал.

THE MAIN DIRECTIONS AND METHODS OF STATE REGULATION OF FOREIGN ECONOMIC ACTIVITY

At the present state, no country in the world can ensure stable economic development without the implementation of an effective foreign economic police, which allows the country to integrate into the word economy. The article deals with the issues of the main directions and methods of state regulation of foreign economic activity. Considerable attention is paid to the importance of creating conditions for the development of foreign trade turnover of Tajikistan. Summarizing world practice, the author points out the need to regulate foreign trade activities based on the use of measures such as taxes, customs duties and fees, the rate of bank interest and exchange rate, etc. The methods and tools of state regulation of foreign economic cooperation with the implementation of priority directions of foreign trade policy are also highlighted. Based on the analysis, the author puts forward a classification of methods of open and hidden protectionism, which contributes to the regulation of foreign economic activity. In addition, the author comes to the conclusion that for a more effective functioning of the country's national economy in the world economy and improving foreign economic relations, it is necessary to improve the conditions for the competitiveness of domestic production.

Keywords: foreign economic relations, state regulation, customs tariffs, duties, export, import.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Иброҳими Дилшод Муҳаммадиброҳим*** – Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, аспирант. **Суроға**: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Суғд, ш.Хуҷанд, мкрн. 17. E-mail: **surush-sa@mail.ru**

Сведения об авторе: ***Ибрагим Дилшод Мухаммадиброхим*** - Таджикский государственный университет права, бизнеса и политики, аспирант. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, Согдийская область, г. Худжанд, мкрн. 17. E-mail: **surush-sa@mail.ru**

Information about the author: ***Ibrahim Dilshod Muhammadibrohim*** - Tajik State University of Law, Business and Politics, graduate student. **Address**: 735700, Republic of Tajikistan, Sughd region, Khujand, mkrn. 17. E-mail: **surush-sa@mail.ru**

УДК 331.526

РАВИШҲОИ НАЗАРИЯВИЮ МЕТОДОЛОГӢ ОИД БА САРМОЯ ВА САРМОЯГУЗОРӢ ДАР ШАРОИТИ ИҚТИСОДИ БОЗОРӢ

Солеҳзода А.А., Наимов М.Ю.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Муайян намудани равишҳои назариявӣ-методологии сармоя ба яке аз маъмултарин мафҳумҳои назарияи иқтисод - сармоягузорӣ, бахшида шудааст. Мо дар андешарониҳои худ ба истифодаи ин истилоҳ чунон одат кардаем, ки баъзан ҳатто зери ин мафҳум чиро дар назар доштани худро фикр намекунем. Зеро аксар вақт ихтилоф дар дидгоҳҳои мо вобаста ба масоили гуногун, аз ҷумла сармоягузорӣ, на дар он ифода меёбад, ки ба ин ё он категорияҳои сармоягузорӣ аз назарҳои гуногун муносибат мекунем, балки дар он ифода меёбад, ки зери ҳамон як истилоҳ мазмуну мундариҷаи мухталифро ворид мекунем. Ба андешаи мо, ихтилофи назар дар аксари мавридҳо бо сабаби тафовут дар равишҳо нисбат ба истилоҳ ва адам (бидун)-и дақиқияту мутобиқат дар муайянкунии ин ё он категорияҳо, яъне дар ҳолати сармояггузориҳо ба амал меоянд, ки он ҳангоми муқоисаи бозори байналмилалии сармоя ва мушаххас кардани дараҷа ва хусусияти таъсир ба рушди иқтисодӣ бисёр муҳим аст.

Аз ин рӯ, пеш аз кӯшиши тасвияти равишҳои гуногун нисбат ба категорияҳои сармоягузорӣ, дақиқан истилоҳи сармоягузориро муайян кардан лозим аст.

Таҳқиқи сармоягузориҳоро аз таҳлили пасандозҳо шурӯъ бояд кард, зеро раванди сармоягузорӣ аз фароҳамшавии воситаҳои пулӣ оғоз шуда, бо ташкили сармоягузориҳои воқеӣ дар шакли бинову иншооти истеҳсолӣ, техникаву таҷҳизот, объектҳои инфрасохтории маишиву иҷтимоӣ ба анҷом мерасад. Маъмулан, пасандоз гуфта бештар будани даромадҳо нисбат ба харочот дар назар дошта мешавад. Пасандозҳо қисме аз даромади аҳолӣ, фоидаи тақсимнашудаи ширкатҳо ва қисме аз даромади давлатро, ки

барои бунёди иншооти инфрасохтори иҷтимоӣ-маишӣ ва истеҳсолӣ сарф мешавад, дар бар мегиранд.

Пасандозгузорӣ ва сармоягузорӣ равандҳое мебошанд, ки ба ҳамдигар робита ва вобастагии қавӣ доранд, мавҷудияти яке бе дигар имконнопазир аст: пасандозҳо сармояи бисёр муҳим буда, сармоягузорӣ худ амалан истифода шудани пасандозҳо бо мақсади гирифтани фоида мебошанд.

Дар кишварҳои мутараққӣ, ки вазъи муътадил доранд ва сатҳи даромаднокӣ аз ҳисоби сармоягузорӣ устувору дараҷаи ташкилии бозори молиявӣ бисёр баланд аст, қариб тамоми пасандозҳо барои сармоягузорӣ равона мешаванд. Дар кишварҳои қафомонда, ки гирифтори ноамнии сиёсӣ, сатҳи баланди таваррум ва бӯҳрони иқтисодӣ гаштаанд, қисми зиёди пасандозҳо барои захираи мол ва харидории асъори хориҷӣ сарф мешаванд.

Мақсади таҳқиқоти илмии мазкур муайян кардани нақши сармоягузорӣ дар расидан ба рушди устувори иқтисодӣ ва пешрафт ва дар ин замина таҳия намудани равишҳои асосноки илмӣ барои баланд бардоштани самаранокии сармоягузорӣ ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Аз ин рӯ, дар таҳқиқоти мазкур диққати асосӣ ба категорияҳои сармоягузорӣ равона мешавад.

Дар адабиёти иқтисодӣ истилоҳи «сармоягузорӣ» ба шаклҳои гуногун таъриф шудааст. Тибқи ақидаи Ҷеффи Сакс ва Фелипе Ларрен, “сармоягузорӣ ин гурӯҳи маҳсулоти тайёр дар давраи муайян ҳисобида мешавад, ки барои нигоҳдорӣ ё афзоиши фондҳои асосӣ дар иқтисод истифода мешаванд, мебошад” [8,с.125]. Ҳадафи асосии сармоягузорӣ аз он иборат аст, ки рушди имконоти истеҳсолиро дар оянда таъмин мекунад. «Монанди назарияи истеъмол назарияи сармоягузорӣ бояд динамикӣ бошад, яъне имрӯзро бо оянда бипайвандад, зеро ҷалби сармоя дар ҳоли имрӯз маънии дар оянда рушд кардани имкониятҳои истеҳсолиро дорад»[2].

Яке аз машҳуртарин таърифҳои сармоягузорӣ аз ҷониби У. Шарп пешниҳод шудааст, ки мегӯяд: “Сармоягузорӣ кардан ба маънии васеи ин калима имрӯз аз баҳри пул гузаштан аст, то ҳосили бештари он дар оянда ба даст оварда шавад”[3]. Дар ин маврид, сармоягузорӣ раванди сарфи маблағ ҳисобида мешавад, ки шарҳи нисбатан мухтасари ин категория аст. Зеро сармоягузорӣ кардан дар воқеъ танҳо бо пул нест, балки шаклҳои гуногуни моликияти манқул ва ғайриманқулро ҳам дар бар мегирад. Бо вуҷуди ин дар таърифи мазкур яке аз ҷузъиётҳои асосии мафҳум – ҳадафи гузаштан аз баҳри пул ба даст овардани фоида, дарҷ шудааст. Бе ҷузъиёти мазкур истифода кардани пул, коғазҳои қиматнок ё дигар навъи моликият наметавонад сармоягузорӣ дониста шавад.

Ҷузъи таркиби дигари сармоягузорӣ дар он ифода меёбад, ки он бояд ба соҳаи воқеии иқтисод равона шавад. Ба андешаи Р.Н. Дорнбуш, Р. Шмалензи, Ф.Б. Ларрен, «...сармоягузорӣ ҳамчун иловае ба захираҳои ҷисмонии сармоя шинохта мешавад... Амалан сармоягузорӣ аз бунёди манзил, насби таҷҳизот, бунёди фабрикаҳо, корхонаҳо ва зиёд кардани захираҳои молии ширкат иборат аст” [7,с.132]. Ин таъриф хосияти моддии сармоягузориро таъкид мекунад, аммо сармоягузориҳои молиявӣ ва дигар навъҳои ғайримоддии он (омодакунии кадрҳо, таҳқиқоту коркард ва амсоли инҳо)-ро тамоман ба назар намегирад.

Дар “Энсиклопедияи иқтисод”-и бошад, сармоягузорӣ бо мақсади ба даст овардани фоида дар саноат, кишоварзӣ, нақлиёт ва дигар соҳаҳои рӯзгор, ҳам дар дохил ва ҳам дар хориҷи кишвар, ба муддати тӯлонӣ гузоштани сармоя мебошад [1с.365]. Дар таърифи мазкур низ таваҷҷуҳ ба он карда мешавад, ки сармоягузорӣ сарфи маблағ дар сектори воқеӣ аст. Дар бораи истилоҳи «дарозмуддат» бошад, андешаи мо ин аст, ки он бемаврид ва зиёдатӣ аст, зеро дигар навъҳои сармоягузориро комилан беасос сарфи назар мекунад. Чунин таъриф мафҳуми сармоягузориро вобаста ба омили замонӣ маҳдуд мекунад, ки, ба андешаи мо, беасос аст. Зеро асоси объективӣ барои ҷудо кардани сармоягузориҳои дарозмуддат ба миёнамуддат ва кӯтоҳмуддат вуҷуд надорад. Ҳамин тариқ, хулоса кардан мумкин аст, ки сармоягузорӣ гуфта маблағгузорӣ ба секторҳои воқеӣ ва моддии иқтисодро меноманд, ки дар оянда афзоиши имкониятҳои истеҳсолӣ ё даромадҳоро таъмин мекунад.

Таърифҳои номбаршудаи дар назари аввал мухталифи «сармоягузорӣ», ба андешаи мо, таҷассумгари равиши ягонаи методологиест, ки қобили арзиш аст. Ҳар кадом аз онҳо моҳияти сармогузориро афзоиши арзиш маънидод мекунад, зеро соҳаи истифодаи онҳо сектори воқеии иқтисод аст ва дар кадом шакле (моддӣ ё пулӣ), ки сармоягузорӣ сурат гирад, ҳадафи он афзудани арзиш аст. Чунин равиши методологӣ барои сохтори иқтисодие, ки бештари онро сектори воқеӣ ташкил медиҳад, қобили қабул аст. Сектори молиявӣ дар чунин иқтисод асосан машғули хидматрасонӣ ба сектори воқеӣ аст.

Бо гузашти вақт ва рушди иқтисод, аз ҷумла рушди сектори молиявӣ, сохтори иқтисод ҳам тағйир меёбад: ҳиссаи сектори воқеӣ кам ва аз сектори молиявӣ якбора зиёд мешавад. Дар иқтисод шаклҳои нави сармоягузорӣ ба вуҷуд меоянд, ки вобаста ба яке аз ҷузъҳои таркибии асосии сармоягузорӣ қонеъкунандаанд, вале аз чаҳорчӯби дувумӣ берун мебароянд. Имрӯзҳо аксарият маблағгузориҳои молиявиро ба секторҳои ғайримоддии иқтисод, ки ба даст овардани даромадро низ таъмин мекунанд, сармоягузорӣ меҳисобанд. Новобаста ба он ки ин мааблағгузорӣ ба сектори ғайривоқеии иқтисод равона мешавад, ҳамчунон метавонад фоида биёрад, ба ин сабаб онро сармоягузорӣ ҳисобидаанд. Дар асл равиши ҷадиде нисбат ба мафҳуми «сармоягузорӣ» падид меояд, ки ба андешаи мо онро метавон «ғосибона» (аз англисии «expansion», яъне густариш, афзоиш) номид. Фарқи ин равиш аз равиши арзишӣ дар он аст, ки аввали ҳама гуна афзоиши дороиҳоро ифода мекунад, новобаста ба он ки нархҳо меафзоянд ё не.

Масалан, таърифи сармоягузорӣ дар Фарҳанги бузурги иқтисодӣ чунин оварда шудааст: «Сармоягузорӣ [олмонӣ, Investition аз лот. investiere - пӯшондан] – воситаҳои пулӣ, коғазҳои қиматнок, дигар моликият, аз ҷумла ҳуқуқи моликият, мебошад, ки арзиши пулӣ доранд ва бо ҳадафи гирифтани фоида ё расидан дигар мақсадҳои муфид дар объектҳои фаъолияти соҳибкорӣ сарф карда мешаванд» [11]. Таърифи мазкур ба он сабаб мавриди танқид қарор гирифт, ки дороиҳои тибқи қонунҳои маъмулӣ берун аз сармоягузорӣ (коғазҳои қиматнок, ҳуқуқи моликият ва дигар дороиҳои ғайримоддӣ)-ро ба он мансуб донистааст. Мунаққидон бар ин ақидаанд, ки коғазҳои қиматнок наметавонанд сармоягузорӣ дониста шаванд, зеро метавонанд воситаи ҳаннотӣ бошанд ва бо мақсади гирифтани фоида чандин маротиба фурӯхта шаванд ва заррае ҳам сарвати ҷамъиятиро наафзоянд. Дар чунин ҳолат масъалаи асосӣ он аст, ки чун дар қатори сармоягузориҳои воқеӣ дар иқтисоди муосир сармоягузориҳои молиявӣ ҳам, ки аз дидгоҳи макроиқтисодӣ нақши муҳим доранд, рушд карда истодаанд, чунин навъи дороиҳоро дар мафҳуми сармоягузорӣ ҷой додан зарур аст.

Ба андешаи мо, ин далеловарӣ асосҳои муайяни худро дорад. Дар воқеъ бозори фондӣ дар ҳаҷми умумии дороиҳо дар иқтисоди муосир аҳамияти бузург дорад ва ба ҳамин сабаб сарфи назар кардани он амалан номумкин аст. Вале, ҳамзамон, ҳама гуна сармоягузориҳои молиявиро мутааллиқ ба сармоягузории анъанавӣ донистан ҳам дуруст нест, зеро аксари сармоягузориҳои молиявӣ воқеан самараи ҳақиқӣ надоранд. Аввалан, ин ба амалиётҳои ҷаллобӣ (спекулятивӣ) ва, дувум, ба маблағгузориҳои молиявӣ тааллуқ дорад, ки ҳадафашон истеъмол аст. Аз назари таъсири муфиди ҷамъиятӣ доштан сармоягузориҳои спекулятивӣ самаранок ба ҳисоб намераванд. Дар масъалаи сармоягузориҳои молиявӣ бошад, андешаи мо ин аст, ки қисме аз онҳо бояд мансуб ба сармоягузорӣ дониста шаванд (масъалаи мазкур поёнтар баррасӣ хоҳад шуд).

Ҳамин тариқ, чунин хулоса кардан мумкин аст, ки сармоягузориҳо ба се қисм ҷудо мешаванд. Пеш аз ҳама ин маблағгузориҳои спекулятивӣ, ки барои дар муддати кӯтоҳ гирифтани фоида равона шудаанд, пас аз он сармоягузориҳои молиявӣ, ки барои маблағгузориҳои дарозмуддат равона мешаванд, ва ниҳоят сармоягузориҳои бевосита ё воқеӣ (ниг. ба расми 1).

Расми 1. Сохтори сармоягузориҳо дар сектори иқтисодиёт
Figure 1. Investment structure in the economic sector



Дар оморҳои амрикоӣ бо такя ба дидгоҳи анъанавӣ танҳо маблағгузориҳоро ба сектори воқеии иқтисод, ки ҳадаф аз он гирифтани фоида аст, сармоягузорӣ меҳисобанд. Дар омори иқтисоди кишварҳои ҷудогона, аз ҷумла, Тоҷикистон миёни ин мафҳумҳо дақиқан фарқ гузошта намешавад. Масалан, дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи сармоягузорӣ” [6]. сармоягузорӣ гуфта “гузоштани ҳама гуна дороиҳои моддӣ ва ғайримоддии дар ихтиёр ё назорати бевоситаву бавоситаи сармоягузор қарордошта ба объектҳои фаъолияти иқтисодӣ бо мақсади гирифтани даромад ва (ё) дастёбӣ ба самараи дигар муфид дар шакли воситаҳои пулӣ; моликияти манқул ва ғайриманқул; ҳуқуқи

моликият (ипотека ва ғ.); саҳмияҳо, вомбаргҳо; ҳуқуқҳои ғайри моликият (ба моликияти зеҳнӣ ба шумули ҳуқуқи муаллиф, патентҳо ва ғ.); фоида ва даромадҳои аз сармоягузорӣ ва сармоягузории такрорӣ бадастомада дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ғ....” фаҳмида мешавад. Бинобар ин, дар ҷумҳурии мо зери мафҳуми сармоягузорӣ намудҳои гуногуни маблағгузориҳои молиявӣ фаҳмида мешавад. Тавре дар боло зикр шуд, на ҳама маблағгузориҳои моливу зеҳнӣ сармоягузорӣ дониста мешаванд. Масалан, агар шахси воқеӣ аз шахси воқеии дигар коғазҳои қиматнок харидорӣ кунад, чунин сармоягузорӣ хусусияти маҳдуд дорад, зеро дар ин сурат танҳо моликон тағйир меёбанд, яъне санади гузарондани пулҳо ва дар оянда ҳуқуқи дар ихтиёр гирифтани даромадҳои ширкат саҳмияҳои харидашуда сурат мегирад. Ғайр аз ин, мафҳумҳои маблағгузориҳое, ки барои истеъмол ва захира равона мешаванд, бояд ҷудо карда шавад: мақсади ниҳоии хароҷоти давлатӣ метавонад, ҳам истеъмол ва ҳам сармоягузорӣ (аз ҷумла сармоягузориҳои давлатӣ), бошад.

Равиши дигари муҳимми методологӣ, ки бояд ҳангоми муайян кардани мафҳуми сармоягузорӣ аз он кор гирифта шавад, ҷудо кардан ба сатҳҳои хурд (микро) ва бузург (макро) мебошад. Дар воқеъ, миёни равишҳо дар хусуси муайян кардани мафҳуми мазкур дар сатҳи мамлакат ва ширкатҳову лоиҳаҳои ҷудогона тафовут вуҷуд дорад. Ба андешаи мо, дар сатҳи макроиқтисодӣ равиши муайянкардаи Ҷон Мейнард Кейнс нисбатан қобили қабул аст. Ҳанӯз дар нимаи аввали асри 20 ӯ сармоягузориро ҳамчун харидорӣ кардани ягон мол дар назар дошта буд. Ба ин мафҳум ӯ ҳамчунин харидани коғазҳои қиматнок дар биржаи фондӣ, маблағгузорӣ барои харидани хона ё мошин, инчунин ҷамъ кардани захираҳои маҳсулоти омодагардида ё истеҳсолоти нотамомро низ ворид карда буд. Инчунин, сармоягузориҳои навро аз такрорӣ низ ҷудо карда буд. Ба ибораи дигар, ӯ доираи васеи маблағгузориҳоро зери мафҳуми сармоягузорӣ ҷой додааст. Аммо ӯ андешае дорад, ки барояш имкон медиҳад маблағгузориҳоро ба сектори воқеӣ аз сармоягузориҳои спекулятивӣ (сармоягузории такрорӣ) дар сатҳи макроиқтисодӣ ҷудо накунад. “Агар фурӯхтани ин моликиятро сармоягузории манфӣ (дезинвеститсия) ба ҳисоб гирем, менависад ӯ, пас таърифи муайянкардаи ман бо истеъмоли маъмулии калима мувофиқ меояд, зеро амалиётҳо бо иншооти сармоягузориҳои қаблӣ (ба ибораи дигар дубора фурӯтани моликият) мутақобилан “пардохт” карда мешаванд. Агар ба бастани займҳо ва пардохтани қарзҳо тағйирот ворид кунем (ба шумули тағйирот дар ҳаҷми қарз ё миқдори тадовули пул), пас, дар умум, барои ҷамъият зиёдшавӣ ё камшавии ҳосили умумии уҳдадориҳои пулӣ, ки ба қарздиҳандагон тааллуқ доранд, ҳамеша бо тағйироти муштараки қарздории қарзгирон дақиқан мувофиқат мекунад, ин нишондодҳо низ вақте, ки ҳаҷми умумии сармоягузориҳоро баррасӣ мекунем, мутақобилан пардохта мешаванд”. Ҳамин тариқ, Ҷон Мейнард Кейнс андеша дорад, ки сармоягузорӣ ҳама гуна афзоиши арзиши сармояҳои молӣ аст, новобаста ба он ки ин сармоя асосӣ, мубодилавӣ ё нақдӣ бошад.

Ба ин гуфта, ба андешаи мо, фақат инро илова кардан мумкин аст, ки ақидаи мазкур танҳо ба сатҳи макроиқтисодӣ тааллуқ дорад. Дар мавриди сатҳи микроиқтисодӣ бошад, равиши маъмулиро ба кор мебарем: сармоягузорӣ гуфта, ба сектори воқеии иқтисод маблағгузорӣ карданро меноманд, ки ба даст овардани даромадро таъмин мекунад. Қобили зикр аст, ки ин таърифи сармоягузорӣ бештар аз ҳама маъмул аст.

Ба андешаи мо, равиши мазкур баёнгари сермаҳсул шудани истеҳсолот дар шароити муосир аст. Дараҷаи кунунии рушди қувваҳои истеҳсолӣ истифодаи пурраи омилҳои истеҳсолотро талаб мекунад, зеро омилҳои экстенсивӣ аксаран аз миён рафтаанд. Сармоягузориҳое, ки ҷорӣ шудан ё татбиқи навгониҳо, сифатан беҳтар шудани қобилияти истеҳсолии кор, тавон бахшидан ба саломатӣ ва қобилияти кории инсон ва ниҳоят беҳтар шудани сифати зиндагии инсонро таъмин карда наметавонанд, тибқи зарурати қоидаи фоиданокӣ ба шароити зиндагии ҷамъият сармоягузорӣ ҳисобида намешаванд. Ҳамин тариқ, сармоягузорӣ, ба фаҳмиши мо, дар шароити имрӯзаи сатҳи қувваҳои истеҳсолӣ бояд натанҳо ба беҳтар кардани шароити ҷамъиятӣ мувофиқ бошанд, балки ба навоварӣ низ равона шуда бошанд. Ба андешаи мо, моҳияти равиши муосир нисбат ба мафҳуми сармоягузорӣ маҳз дар алоқамандии фоиданокии ҷамъиятӣ-иқтисодӣ ва хосияти навоварӣ доштани маблағгузориҳо ифода меёбад.

Яке аз намудҳои асосии сармоягузориҳо ба мафҳуми васеъ, тақсим кардани онҳо ба маблағгузориҳои давлатӣ ва хусусӣ мебошад (ниг. ба расми 2). Маблағҳои буҷетии давлатҳои рушдкардаву рушдкунанда барои хароҷоту захираҳои давлатӣ истифода мешаванд. Дар мамлакатҳои Ғарб маблағгузориҳои давлатиро маблаггузории расмӣ – “officials”, низ ном мебаранд. Чунин тақсимот, тавре мушоҳида мешавад, вобаста ба шакли моликият сурат мегирад.

Расми 2. Шаклҳо сармоягузорӣ аз рӯи таъсис ва самт
Figure 2. Forms of investment by establishment and direction

Маблағҳои буҷети давлатӣ, ки барои истеъмол ва захиракунии ҷамъиятӣ равона мешаванд, маблағгузориҳои давлатӣ ё расмӣ мебошанд.

Иқтисоди сектори давлатӣ шаклҳои зерини фаъолияти давлатиро муайян кардааст:

- ✓ таъминоти ҳуқуқӣ;
- ✓ истеҳсоли мол ва хидматрасониҳо;
- ✓ кумаки молӣ ба истеҳсолот;
- ✓ танзими фаъолнокии коргузорӣ;
- ✓ фаъолияти давлатӣ дар бозорҳои молиявӣ;
- ✓ хариди давлатии мол ва хидматрасониҳо;
- ✓ тақсими давлатии даромадҳо.

Қисми зиёди маблағҳои давлатӣ ба қонеъгардонии талаботи ҷамъиятӣ равона мешавад. Ҳамчунин, маблағҳои давлатие, ки барои истеҳсолоти ҷамъиятӣ ва инфрасохтор равона мешаванд, сармоягузории давлатӣ мебошанд. Зери мафҳуми сармоягузориҳои давлатӣ маблағгузории давлатӣ ба истеҳсолот ва инфрасохтори истеҳсолӣ (“physical infrastructure”) ё маблағгузориҳои давлатие, ки дар оянда некуаҳволии ҷамъиятро баланд мебардоранд, фаҳмида мешавад. Сармоягузориҳои давлатӣ харочот барои нигоҳдорӣ ва бунёди манзил, системаҳои ирригатсионӣ, роҳҳо, пулҳо (кӯпрукҳо), бандарҳо, заводҳо ва ғайраро дар бар мегирад. Ҳиссаи сармоягузориҳои давлатӣ на бештар аз 2,3–3,6% ММД-ро ташкил медиҳад [9]. Масъалаи таносуби воситаҳои молиявиеро, ки аз ҷониби ҳукумат барои истеъмолу захирасозии имрӯза ҷудо мешавад ва бештар шудани талаботи ояндаро таъмин месозад, бешак вобаста ба афзалиятҳои ҷомеа аз ҷониби худи он ҳаллу фасл карда мешавад.

Таҳти мафҳуми маблағгузорӣ ё сармоягузориҳои хусусӣ сармоягузорӣ ба сектори хусусии иқтисод фаҳмида мешавад. Ба сармоягузориҳои хусусӣ маблағҳои хусусӣ ё қарзии ширкатҳои хусусӣ (ғайридавлатӣ), бонкҳо ва дигар созмонҳои ғайридавлатӣ, инчунин, маблағгузориҳои аҳолӣ ба объектҳои фаъолияти соҳибкорӣ бо мақсади гирифтани фоида низ дохил мешаванд. Ҳамин тариқ, мо дар таҳқиқоти худ кӯшиш кардем, равишҳои методологиро нисбат ба мафҳуми категорияҳои “сармоягузорӣ” муайян кунем. Дар таҳқиқот равишои арзишӣ, ғосибона, фоидаи ҷамъиятӣ ва инноватсионӣ ҷудо карда шудаанд. Равиши арзишӣ сармоягузориҳоро аз дидгоҳи афзоиши арзиш муайян мекунад. Равиши ғосибона ҳама гуна дороиҳоро, ки боиси афзудани онҳо мешавад, новобаста ба афзоишу коҳиши арзишҳо ба қатори сармоягузориҳо дохил мекунад. Дар асоси равиши фоиданокии ҷамъиятӣ меъёри ба сармоягузорӣ дохил кардан иштироки сармоя дар раванди рушди иқтидори инсонӣ дониста мешавад. Равиши инноватсионӣ (навоварӣ) диққати асосиро ба сатҳи навоварии маблағгузориҳо равона кардааст.

Мо кӯшиш кардем, ки дар таҳқиқоти мазкур равишҳои мавҷудбударо нисбат ба мафҳуми сармоягузорӣ ба низом дароварда, ин категорияро аз дидгоҳи худ таъриф диҳем. Ба андешаи мо, фаҳмиши имрӯзии мақсади рушди иқтисодии ҷамъият, монанди рушди иқтидори инсонӣ, таъсири муфиди ҷамъиятӣ доштани маблағгузориҳоро меъёри ба сармоягузорӣ мутааллиқ донистани онҳо қарор додааст. Бо истифода аз равиши методологии мазкур мафҳуми сармоягузориро метавон ҳамчун истифодаи моддӣ ва ғайримоддии дороиҳо ба соҳаи иҷтимоӣ-иқтисодӣ бо мақсади рушди иқтидори инсонӣ таъриф дод. Дар баробари ин сармоягузорӣ дар шароити муосири қувваҳои истеҳсолкунанда бояд натанҳо ба шароити муфиди ҷамъиятӣ мутобиқат кунанд, балки ба навовариҳо низ равона шуда бошанд. Ба андешаи мо, моҳияти равиши муосир нисбат ба мафҳуми сармоягузорӣ маҳз дар ҳамин алоқамандии фоиданокии ҷамъиятӣ ва навоварии маблағгузориҳо ифода меёбад.

АДАБИЁТ

1. Большой экономический словарь: 25000 терминов / [А.Н. Азрилиян и др.]; под ред. А.Н. Азрилияна. -6-е изд. доп. -М.: Институт новой экономики (ОАО Можайский полигр. комб.), 2004. -1376 с.
2. Глоссарий Международного валютного фонда. [Электронный ресурс]. www.imf.org.
3. Инвестиции / Уильям Ф. Шарп, Гордон Дж. Александер, Джеффи В. Бэйли; пер. с англ. Буренина А.Н., Васина А.А. -М.: Инфра-М, 1999. -1027 с.
4. Инвестиции: учеб. / А.Ю. Андрианов, С.В. Валдайцев, П.В. Воробьев [и др.]; отв. ред. В.В. Ковалев, В.В. Иванов, В.А. Лялин. -2-е изд., перераб. и доп. -М.: ТК Велби, Изд-во Проспект, 2008. -584 с.
5. Интерактивный экономический словарь. [Электронный ресурс] https://gufo.me/dict/geography_modernenc.
6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи сармоягузорӣ”. -Душанбе, аз 3.08.2018. -№1547.
7. Макроэкономика / Р. Дорнбуш, С. Фишер. -М.: ИНФРА-М, 1997. -783 с. (пер. с англ.).
8. Сакс Дж.Д. Макроэкономика. Глобальный подход / Дж.Д. Сакс, Ф.Б. Ларрен. -М.: Дело, 1996. -847 с. (пер. с англ.).
9. Хушвахтзода К.Х. Методологические основы государственного регулирования инвестиций в сельскохозяйственное производства региона / Хушвахтзода К.Х., Ф.Б. Саидахмадов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. -2020. -№3. -С.70-79.
10. Экономика государственного сектора / Дж.Ю. Стиглиц; науч. ред. Г.М. Куманин. -М.: ИНФРА-М, 1997. -718 с. (пер. с англ.).
11. Экономическая энциклопедия. Политическая экономия / Гл. ред. А.М. Румянцев. -М.: Советская энциклопедия, 1972. -548 с.

РАВИШҲОИ НАЗАРИЯВИЮ МЕТОДОЛОГӢ ОИД БА САРМОЯ ВА САРМОЯГУЗОРӢ ДАР ШАРОИТИ ИҚТИСОДИ БОЗОРӢ

Дар мақола равишҳои назариявӣ-методологии сармоя ба яке аз маъмултарин мафҳумҳои назарияи иқтисод – сармоягузорӣ, бахшида шудааст. Таҳқиқи сармоягузориҳо аз таҳлили пасандозҳо шурӯъ гардидааст, зеро раванди сармоягузорӣ аз фароҳамшавии воситаҳои пулӣ оғоз шуда, бо ташкили сармоягузориҳои воқеӣ дар шакли бинову иншооти истеҳсолӣ, техникаву таҷҳизот, объектҳои инфрасохтории маишиву иҷтимоӣ ба анҷом мерасад. Маъмулан, пасандоз гуфта бештар будани даромадҳо нисбат ба хароҷот дар назар дошта мешавад. Пасандозҳо қисме аз даромади аҳолӣ, фоидаи тақсимнашудаи ширкатҳо ва қисме аз даромади давлатро, ки барои бунёди иншооти инфрасохтори иҷтимоӣ-маишӣ ва истеҳсолӣ сарф мешавад, дар бар мегиранд. Дар адабиёти иқтисодӣ дар мавриди таснифи сармоягузориҳо равишҳои хеле гуногун вуҷуд дорад. Дар баробари ин, ҳар муаллиф ҳадафҳои ниҳоии таҳқиқоти худро пайгирӣ мекунад, ки муаллифон дар мақола назари А.Киреев, Г. Беккер, Р.Эйснер, Ҷ.Сакс, Ф. Ларрен ва дигаронро дида, назарияи омехташудаи сармояро дар шароити иқтисоди бозорӣ пешниҳод намудаанд. Аз нуқтаи назари муаллифон он чизе, ки дар маркази таваҷҷуҳ қарор гирифтааст, ин тақсими сармоягузориҳо вобаста ба самараи иҷтимоӣ-иқтисодии онҳо мебошад. Дар ҳамин асос, муаллифон сармоягузориҳоро ба моддӣ ва ғайримоддӣ тақсим кардаанд. Дар баробари ин мафҳуми сармоягузории ғайримоддӣ бо такя ба самараи муфиди ҷамъиятӣ доштанаш ба таври ҷиддӣ ғанӣ гардонида мешавад. Бо ҷонибдорӣ аз андешаҳои Г. Беккер, Р.Эйснер, Ҷ.Сакс, Ф. Ларрен муаллифон инҳоро ба категорияи сармоягузориҳои ғайримоддӣ дохил кардаанд: хароҷот барои баланд бардоштани сатҳи маълумотнокӣ ва омӯзиш дар ҷойҳои корӣ, масрафот барои таҳқиқоту ихтирооти илмӣ (корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва таҷрибавию фанноварӣ, ки дар ҳисобҳои даромади миллӣ на хароҷоти сармоягузорӣ, балки истеъмолӣ тасниф шудаанд).

Калидвожаҳо: сармоя, сармояи моддӣ ва ғайримодӣ, сармоягузорӣ, сармоягузориҳои мустақим ва ғайримустақим, маблағгузорӣ, пасандоз, моликияти давлатӣ ва хусусӣ.

ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ И МЕТОДОЛОГИЧЕСКИЕ ПОДХОДЫ К КАПИТАЛУ И ИНВЕСТИЦИЯМ В РЫНОЧНОЙ ЭКОНОМИКЕ

В статье рассматривается теоретический и методологический подходы к капиталу, одно из самых популярных понятий в экономической теории - инвестиции. Изучение инвестиций начинается с анализа вкладов, так как инвестиционный процесс начинается с создания фондов и заканчивается организацией реальных инвестиций в виде производственных помещений, машин и оборудования, жилой и социальной инфраструктуры. Обычно сбережения означают большие доходы, чем расходы. Депозиты включают часть доходов населения, нераспределенную прибыль компаний и часть государственных доходов, используемых для создания социальной и промышленной инфраструктуры. В экономической литературе существует множество различных подходов к классификации инвестиций. При этом каждый автор преследует конечные цели своего исследования, в статье, представлены взгляды А. Киреева, Г. Беккер, Р. Эйснер, Дж. Сакс, Ф. Ларрена и др., авторы предложили смешанную теорию капитала в рыночной экономике. С нашей точки зрения, в центре внимания находится распределение инвестиций в зависимости от их социально-экономического воздействия. Исходя из этого, авторы разделили инвестиции на материальные и нематериальные. В то же время концепция нематериальных инвестиций значительно обогащается за счет того, что она опирается на общественное благо. В поддержку взглядов Г. Беккер, Р. Эйснер, Дж. Сакс, Ф. Ларрен, авторы отнесли к категории нематериальных инвестиций: расходы на образование и обучение на рабочем месте, расходы на исследование и разработку (исследование и разработка, которые включаются в расчет национального дохода, не инвестиционных расходов, а расходов на потребление).

Ключевые слова: капитал, материальный и нематериальный капитал, инвестиции, прямые и косвенные инвестиции, финансирование, сбережения, государственная и частная собственность.

THEORETICAL AND METHODOLOGICAL APPROACHES TO CAPITAL AND INVESTMENT IN THE MARKET ECONOMY

The article discusses the theoretical and methodological approaches to capital, one of the most popular concepts in economic theory - investment. The study of investments begins with the analysis of deposits, since the investment process begins with the creation of funds and ends with the organization of real investments in the form of industrial premises, machinery and equipment, residential and social infrastructure. Savings usually mean more income than expenses.

Deposits include part of household income, retained earnings of companies and part of government revenues used to create social and industrial infrastructure. There are many different approaches to classifying investments in the economic literature. At the same time, each author pursues the ultimate goals of his research, which we present in the article, the views of A. Kireev, G. Becker, R. Eisner, J. Sachs, F. Seeing Larren and others, we proposed a mixed theory of capital in a market economy. From our point of view, the focus is on the distribution of investments depending on their socio-economic impact. Based on this, we divided investments into tangible and intangible. At the same time, the concept of intangible investments is greatly enriched by the fact that it is based on the public good. In support of the views of G. Becker, R. Eisner, J. Sachs, F. Larren, we classified as intangible investments: spending on education and training in the workplace, spending on research and development (research and development, which are included in the calculation of national income, not investment costs, but consumption costs).

Keywords: capital, tangible and intangible capital, investments, direct and indirect investments, financing, savings, state and private property.

Маълумот дар бораи муаллифон: ***Солеҳзода А.А.*** - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи муносибатҳои иқтисодии байналхалқӣ. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail: **ashurboy@mail.ru**
Наимов Миркурбон Юсуфҷонович - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, докторанти Ph.D. кафедраи идораи буҷети давлатӣ. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail: **mirqurbon93@mail.ru**. Телефон: **(+992) 93-451-51-50**

Сведения об авторах: ***Солехзода А.А.*** - Таджикский национальный университет, кандидат экономических наук, доцент кафедры международных экономических отношений. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. E-mail: **ashurboy@mail.ru**
Наимов Миркурбон Юсуфжонович - Таджикский национальный университет, докторант Ph.D., кафедры управления государственным бюджетом. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. E-mail: **mirqurbon93@mail.ru**. Телефон: **(+992) 93-451-51-50**

Information about the authors: ***Solehzoda A.A.*** - Tajik National University, Candidate of Economic Sciences, Associate Professor of the Department of International Economic Relations. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, ave. Rudaki 17. E-mail: **ashurboy@mail.ru**
Naimov Mirqurbon Yusufjonovich - Tajik National University, Ph.D. student, Department of State Budget Management. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, ave. Rudaki 17. E-mail: **mirqurbon93@mail.ru.** Ph: **93-451-51-50**

УДК: 339.3()1-925.3

РАВАНДҲОИ ҲАМКОРИИ ТИҶОРАТИЮ ИҚТИСОДӢ ДАР БАЙНИ ДАВЛАТҲОИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ ВА ҶУМҲУРИИ ХАЛҚИИ ЧИН

Хушвахтзода К.Х., Асрорзода У.С.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,
Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат

Давлатҳои Осиёи Марказӣ соли 1991 дар натиҷаи пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ соҳибистиқлол шуданд. Ин соҳибистиқлолӣ хусусияти нобаҳангом дошт. Элитаи сиёсии давлатҳои ин минтақа интизори чунин гардиши таърихӣ набуданд.

То соли қайдкардашуда, давлати абарқудрати Шӯравӣ дар масоҳати паҳноваре, ки шашяки тамоми сайёраро дарбар мегирифт, ҳукмрон буд. Баъди пошхӯрии он дар Осиёи Марказӣ якчанд давлатҳое ба вуҷуд омаданд, ки чандон калон нестанд ва дорои хусусиятҳои гуногун ва мухталиф мебошанд. Аз назари сатҳи рушди иҷтимоию иқтисодӣ онҳо аз ҳам хеле фарқиятҳои калон доштанд. Чунин фарқиятро дар рақамҳои ҷадвали зерин мушоҳида кардан мумкин аст.

Ҷадвали 1. Нишондиҳандаҳои асосии иҷтимоӣ-иқтисодии кишварҳои Осиёи Марказӣ
Table 1. Main socio-economic indicators of Central Asia

Нишондиҳандаҳо	Қазоқистон	Қирғизистон	Тоҷикистон	Туркманистон	Ӯзбекистон
Масоҳати умумӣ, ҳаз. км²	2724,9	200,0	141,4	491,2	448,8
Шумораи аҳолӣ, млн.нафар (2019)	18,6	6,4	9,1	5,9	34,0
ММД-млрд. долл. (2018)	509,0	24,5	31,3	113,0	231,0
ММД ба ҳар сари аҳолӣ, ҳазор долл. (2018)	27,8	3,9	3,4	19,3	7,0
Содирот (млрд. долл.) 2018	67,3	2,6	1,0	11,6	14,7
Воридот (млрд.долл) 2018	45,4	5,5	3,1	5,3	19,6
Сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ, млн. долл.	208,1	46,6	220,9	1985,1	624,3

Аз рақамҳои ҷадвал маълум мегардад, ки дар байни ин ҷумҳуриҳо фарқияти ММД ба ҳар сари аҳолӣ 8,2 маротибиро ташкил мекунад. Ҳаҷми содироти Қазоқистон аз

Тоҷикистон 67,3 маротиба зиёд буда, ҳаҷми воридот бошад 14,6 маротиба бештар аст. Чунин фарқиятҳо дар байни дигар ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ низ вуҷуд доранд.

Фарқиятҳо дар замони Шӯравӣ ба маротибҳо камтар буданд. Баъд аз соҳибистиқлол шудан давлатҳои ҷудогонаи ин макроминтақа стратегияи мухталифи рушдро пеш карданд. Дар натиҷа баъзеҳо хеле бо пеш рафтанд, аммо аз ҳисоби истихроҷи босуръати сарватҳои табиӣ (Қазоқистон ва Туркманистон).

Бидуни шубҳа, ба сатҳ ва таркиби рушди давлатҳои Осиёи Марказӣ омилҳои зиёде таъсири худро гузошта истодаанд.

Дар ибтидо ба аҳли ҷомеаи ин давлатҳо маълум набуд, ки рушди минбаъдаи ҷумҳуриҳо чӣ гуна мешавад. Аз идеологияи давлатӣ хабаре надоштанд ва бафармонфармоии Марказ одат карда буданд. Дар чунин шароит аз Иёлоти Муттаҳидаи Амрико (ИМА), давлатҳои Аврупо, Созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ, мушовирон ва коршиносони зиёде омаданд, ки ба роҳбарони таҳҷоӣ услуби гузаштан ба иқтисоди бозориро мефаҳмониданд. Чунин услубро, ки ба идеологияи неолибералӣ такя менамуд, онҳо аз давлатҳое оварда буданд, ки сатҳи рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии муттараққӣ доштанд. Он замон истифодаи манфиатҳои иқтисодӣ, хусусиятҳои аксуламал доштанд. ҶХХ тавонист, ки ин идеолигияро ба манфиати худ истифода барад. Зеро дар Чин аслан баъд аз пошхӯрии Шӯравӣ ислоҳоти иқтисодӣ гузаронида нашуд. Чин дар асоси ислоҳоте, ки замони ДенСяо Пинь роҳандозӣ шуда буд, амал мекард. Аммо дар ин ҷумҳурӣ хеле хуб медонистанд, ки байни сиёсати иқтисодии дохилӣ ва берунӣ бояд мутафовут вуҷуд дошта бошад. Чин дар сиёсати иқтисодии беруниаш принсипҳои ислоҳотии иқтисодии Денро истифода бурда наметавонист, агар чанде ки баъзе ҷузъҳои ин ислоҳот, аз ҷумла, принсипи озодии иқтисодӣ ҳам дар дохили кишвар ҳам берун аз он моҳирона роҳандозӣ мегардид.

ҶХХ дар сиёсати беруниаш ҳамон сиёсатеро, ки ИМА, Британияи Кабир ва давлатҳои Иттиҳоди Аврупо мавриди истифода қарор дода буданд, барои манфиатҳои худ истифода бурд. Бояд ин ҷо ба таври мушаххас мо қайд кунем, ки сиёсати берунии иқтисодии Чин ба монанди сиёсати берунии иқтисодии Иттиҳоди Аврупоӣ, Ҷопон ва Амрикои Шимолӣ як навъ сиёсати неомустамликадорӣ буд, ки онро аз назари ҷаҳониён пинҳон менамуданд.

Ҳамин гуна сиёсат аз тарафи Чин нисбати кишварҳои Осиёи Марказӣ низ пиёда мегардид. Чин дар даврaҳои гуногуни баъди пошхӯрии Шуравӣ сиёсати мухталифро амалӣ мегардонад. Агарчанде, ки моҳияти ҳақиқии ин сиёсат дар ҳамин даврaҳо ягона ва аз назар пинҳон буд. Бояд гуфт, ки Чин сиёсати муносибатҳои иқтисодии худро бо кишварҳои Осиёи Марказӣ дар ягон ҳуҷҷати давлатӣ моҳиятан эълон накардааст. Дар ҳамаи ҳуҷҷатҳое, ки дар ин масоил, яъне масоили рушди муносибатҳои иқтисодии ин ду тараф бахшида шудааст, бештар ба мафҳумҳои дӯстӣ, бародарӣ, ҳамкорӣ, манфиатҳои байниҳамдигарӣ ва ғайра дучор шудан мумкин аст, ки аслан мазмуни иқтисодӣ надоранд. Мардуми кишварҳои Осиёи Марказӣ на дар даврaҳои аввал, на баъдтар, на дар даврaи ҳозира ба моҳияти ҳақиқии муносибатҳои роҳандозишаванда баҳо намедиҳанд. То имрӯз ин кишварҳо ба Чин ҳамчун манбаи калонтарини молиявӣ муносибат мекунанд ва тамоми нуқсонҳои молиявӣ-иқтисодии худро тавассути Чин ҳаллу фасл мекунанд. Мутаассифона, дар ягон кишвари Осиёи Марказӣ оиди оқибатҳои иҷро накардани уҳдадориҳое, ки аз хароҷотҳои байни Чин ва ин кишварҳо ба амал меоянд, тасаввур надоранд. Масалан, қарзи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҶХХ ба 48,8%-и ҳаҷми умумии маҳсулоти миллии дохилӣ (ММД) баробар аст. Бояд зикр кард, ки меъёри бехатарии қарзи давлатӣ ба 36,2% баробар мебошад, ки ин аз тарафи олимони фазои пасошуравӣ комилан исбот гардидааст.

Чунин вобастагӣ дар шароите ба вуқӯъ пайваста аст, ки Федератсияи Русия то ҳол имконияти ба таври назаррас таъсир расониданро ба рушди иҷтимоию иқтисодии давлатҳои Осиёи Марказӣ надорад. Бо вуҷуди ин ҶХХ кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки оиди ворид гардидан ба фазои иқтисодии Осиёи Марказӣ бо Русия ҳамоҳангӣ кунад. Аммо ба ақидаи бисёре аз олимони давлатҳои муштаракуулманофеъ на ҳамаи қарордоҳои ҶХХ бо давлатҳои Осиёи Марказӣ шаффоф мебошанд. Масалан, дар Қирғизистон ва Тоҷикистон қарзҳои Чин сол аз сол вазнинтар шуда истодаанд. Қарзи давлатии Тоҷикистон аз Чин ба 2,3 млрд. ва қарзи Қирғизистон беш аз 3 млрд.-ро ташкил медиҳад. Ин давлатҳо бо сабаби маҳдуд будани имкониятҳои буҷети давлатиашон ва нодуруст истифода бурдани воситаҳои қарзӣ наметавонанд дар сари вақт қарзҳои давлатии ҶХХ-ро баргардонанд. Чунин ҳолат боиси ба вуқӯъ пайвастани қарордодҳои сифатои нав дар Чин ва ин давлатҳо гардидааст. Чин дар ҳолати боло зикргардида кӯшиш мекунад, ки бойигариҳои зеризаминии кишварҳои Осиёи Марказиро ғасб кунад ва азхудкунии бойгариҳои

қайдгардида ба тавре ба роҳ монда шудааст, ки аҳли ҷамъияти ин ҷумҳуриҳо намедонанд, ки ҳар сол Чин чӣ қадар бойгариҳои ҳақиқии ин давлатҳоро аз худ мекунад. Сабаб дар он аст, ки дар ягон давлати Осиёи Марказӣ, ки ширкатҳои давлатии Чин фаъол мебошанд, истеҳсолот то ба сатҳи гирифтани металли тоза ва ё маъдани кимиёвии таъиноти ниҳоӣ дошта бурда расонида намешавад. Мувофиқи сиёсати эълоннашудаи Чин аз қаламрави ин ҷумҳуриҳо ба ҶХХ консентрати металлҳои ранга, маводи қимиёвӣ ва маснуоти бинокорӣ кашонида бурда мешавад.

Бидуни шубҳа, мувофиқи тадқиқоти олимони забардасти Шуравӣ ва пасошуравӣ тамоми конҳои Осиёи Марказӣ хусусияти полиметаллӣ доранд. Дар қаламрави Осиёи Марказӣ ягон коне, ки таркибаш монометаллӣ бошад, вуҷуд надорад. Чунин сиёсати ҶХХ маънои онро дорад, ки дар қатори маводи асосии аз ин конҳо тавлидгардида даҳҳо ва садҳо ҷузъҳои системаи даврагии Менделеев дар таркиби консентрат ба Чин ворид мегарданд.

Масалан, дар конҳои тилло, нуқра ва металлҳои дигари рангаи Осиёи Марказӣ ба ғайр аз металлҳои асосӣ ба миқдори зиёд металлҳои нодир ва пароканда низ вомехӯранд, ки дар бозори ҷаҳонӣ қимати хеле баланд доранд. Ба қатори чунин металлҳо стронстий, сезий, индий, германий ва ғайра вомехӯранд. Аксари металлҳои нодир ва парокандае, ки бо набудани технологияи замонавӣ ва кадрҳои зарурӣ ба Чин кашонида мешаванд, барои тавлиди маводи ҳарбӣ, азхудкунии кайҳон, истеҳсоли маводи илмгунҷоиш ва техноғунҷоиш истифода бурда мешавад, ки дар бозори ҷаҳонӣ қимати хеле баланд дорад.

Агар таркиби гардиши молро дар байни Чин ва кишварҳои Осиёи Марказӣ таҳлил намоем, ба осонӣ ба хулоса миоем, ки аз Чин ба ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ асосан маҳсулоти тайёр ворид мегардад ва давлатҳои Осиёи Марказӣ ба иқтисоди Чин ҳамчун базаи ашёи хом хизмат мекунанд.

Мутаассифона, Чин, ки худро давлати сотсиалистӣ эълон намудааст нисбати ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ монанди давлати Шӯравӣ имконият надод, ки таркиби соҳавии соҳаҳои иқтисод ба тарзе танзим дода шаванд, ки ҳамаи соҳаҳо ба истеҳсоли бештари маводи ниҳоӣ майл дошта бошанд. Баръакс Чин вазъи онзамонаи иҷтимоию иқтисодии ҷумҳуриҳои Осиёи Марказиро, ки дар ҳолати вайроншавӣ ва касифӣ буд, хеле моҳирона истифода бурд. Мувофиқи гуфтаҳои коршиносон ҶХХ тавонист, ки соҳаҳои маводи ниҳоии тавлидкунандаи Осиёи Марказиро тавассути сиёсати пинҳонкоронии демпинг сарнагун намояд. Ба ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ дар давоми даҳ соли авввали пошхӯрии давлатии Шуравӣ ба миқдори хеле зиёд маводҳои истеъмолӣ оварда мешуданд, ки дар асл нархашон аз хароҷотҳои истеҳсолӣ ва нақлиётӣ пасттар буд. Буҷаи ҶХХ ба таври аз тарафи созмонҳои болои Чин мушаххасгардида сиёсати демпингро дастгирӣ мекард ва фарқияти байни нархҳои содиротӣ ва хароҷоти истеҳсолию боркашониро мепӯшонид. Чунин амалиёт, мутаассифона, хусусияти ғайрилегалӣ дошт ва барои забт кардани бозори макроминтақа равона карда шуда буд. Аҳли ҷомеаи Осиёи Марказӣ на танҳо аз истифодаи сиёсати хатарноки демпинг иттилоот надошт, балки сиёсати нархҳои пасти Чинро ҳамчун роҳи мушаххаси пешгирӣ кардани вазъи шадиди сиёсӣ ҳамаҷониба дастгирӣ менамуд.

Хеле ҳайратовар аст, ки ҶХХ омили муҳоҷирати бурунмарзии меҳнатии ҷумҳуриҳои Осиёи Марказиро ба манфиати худ хеле моҳирона истифода бурд. Қирғизистону Тоҷикистон ба майдончаҳои тиҷоратӣ табдил ёфтанд, ки дар он асъории хориҷии аз Русия ва дигар давлатҳо омада, бо молҳои аз Чин воридгардида иваз мегардиданд. Агар ба решаи масъала дурустар диққат диҳем ба чунин хулоса меоем, ки ҳар сол аз 2,5 то 3,0 млрд. маблағи аз тарафи муҳоҷирон воридгардида, барои рушд ва азнавкунии саноатҳои сабук, хӯрокворӣ ва маҳсулоти бинокории Ҷумҳурии Чин равона карда мешавад, яъне Тоҷикистон дар ҳоле, ки ба васоити молиявӣ ниёз дорад, воситаҳои молиявии аҳолиро барои рушди иқтисоди бегона харҷ мекунад.

Фарқият байни чунин сиёсати ҶХХ ва давлатҳои классикии мустамликадор (Британияи Кабир, Испания, Олмон, Фаронса, Ҳолланд) аз он иборат мебошад, ки мустамликадорони классикӣ натиҷаи истисмори бераҳмонаи худро аз аҳли ҷомеаи ҷаҳонӣ пинҳон намедоштанд. ҶХХ бошад кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки натиҷаҳои сиёсати иқтисодии худро нисбат ба ҷумҳурии Осиёи Марказӣ ҳамчун ёрии беғаразона нишон диҳад. Дар асл бошад, мувофиқи баъзе ақидаҳо, зарари расонидаи ҶХХ ба иқтисоди ҷумҳурии Осиёи Марказӣ нисбат ба он вайрониҳое, ки пас аз пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ ба вуҷуд омада буд (бо назардошти талафоти иқтисодии ҷанги шаҳрванди дар Тоҷикистон) бештар буданд.

Карл Маркс дар яке аз мақолаҳош, ки ба унвони Авраам Линколн оид ба вазъи Ҳиндустон навишта буд, бо таассуфи беандоза зиёд қайд карда буд, ки делтаи дарёи

Ганга пур аз устухонҳои сафедшудаи бофандагони банголӣ буд, ки натиҷаи сиёсати воридгардонидани маводи бофандагии мошинӣ аз Британияи Кабир шуд. Имрӯз мо чунин ҳолатро дар Осиёи Марказӣ намебинем, лекин бо боварии том гуфта метонем, ки дар натиҷаи сиёсати волёнтаристии Чин нисбати тиҷорат бо кишварҳои Осиёи Марказӣ ҳазорҳо корхонаҳои бофандагӣ, дӯзандагӣ, чӯбкоркунӣ, метталлкоркунӣ, маснуоти бинокорӣ ба рақобати молҳои чиноӣ тоб оварда натавонистанд ва комилан баста шуданд.

Садҳо ҳазор коргарон бекор монданд, ё сафи бекоронро пур карданд, ё ба хориҷи кишвар барои таъмини беҳбуди аҳли оилаи худ равона шуданд. Муҳоҷирати меҳнатӣ агарчанде, ки боиси пешгирӣ кардани камдаромадӣ ва қашшоқӣ дар ин ҷумҳуриҳо гардид, барои мардуми Осиёи Марказӣ натоиҷи хеле зиёди манфӣ низ оварда (афзоиши ҷудошавии зану шавҳарҳо, зиёд шудани шумораи хонумҳои шавҳарнакарда, бепарастор мондани кӯдакон ва наврасон, зиёд шудани ҷиноятҳо аз тарафи кӯдакон ва наврасон).

Робитаҳои тиҷоратию иқтисодии байни кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Чин давраҳои хеле пурталотубро аз сар гузаронидаанд. Солҳои охир ин муносибатҳо ба сатҳи баланд расиданд ва устувор низ гардиданд. Инро аз рақамҳои ҷадвали зерин мушоҳида намудан мумкин аст.

Ҷадвали 2. Гардиши савдои берунии Чин ба мамолики Осиёи Марказӣ солҳои 2014-2019 (млрд. долл. ИМА)

Table 2. China's foreign trade turnover with Central Asian countries in 2014-2019 (billion US dollars)

Мамлакатҳо	2014	2015	2016	2017	2018	2019
Қазоқистон	22,4	14,3	13,1	18,0	19,9	22,0
Туркманистон	10,5	8,6	5,9	6,9	8,4	9,1
Ӯзбекистон	4,3	3,5	3,6	4,2	6,3	7,2
Қирғизистон	5,3	4,3	5,7	5,4	5,6	6,3
Тоҷикистон	2,5	1,8	1,8	1,4	1,5	1,7
Дигарон	4258,0	3924,3	3655,5	4068,5	4581,3	4529,8
Ҳамагӣ	4303,0	3956,9	3685,6	4104,5	4623,0	4576,1

Ҳаҷми умумии савдои Чин бо кишварҳои Осиёи Марказӣ соли 2014 ба 45,0 млрд.долл. ИМА, соли 2015 – ба 32,5, соли 2016 – ба 30,1, соли 2017 – ба 35,9, соли 2018 – ба 41,7, соли 2019 – ба 46,3 млрд. расидааст. Дар омади гап бояд гуфт, ки чунин ҳаҷми тиҷорат бо давлатҳои Осиёи Марказӣ дар таркиби географии савдои Чин чандон назаррас нест. Соли 2014 он ба 1,05% ҳаҷми умумии гардиши савдои берунии Чин, соли 2015 – ба 0,82%, соли 2016 – ба 0,81%, соли 2017 – ба 0,87%, соли 2018 – ба 0,90%, соли 2019 – ба 1,02% он расидааст. Аз ин рӯ, ба чунин хулоса омадан равост, ки чунин сатҳи рушди тиҷорати ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ бо Чин ночиз аст ва дар оянда он бояд бо суръат авҷ гирад.

Ҳамин тариқ муносибатҳои иқтисодию тиҷоратии байни ҶХХ ва кишварҳои Осиёи Марказӣ то имрӯз аз назари таркиб номукаммал мебошанд. Агар элитаи сиёсии Осиёи Марказӣ дорои иродаи қавии сиёсии беҳбудии вазъият бошад, бояд чунин чорабиниҳоеро амалӣ гардонад, ки ин муносибатҳо то рафт бештар мутавозин гарданд. Хеле зарур аст, ки зимни гуфтушунидҳо дар коммиссиюнҳои байнидавлатие, ки байни Чин ва ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ амал мекунанд, васоити комилан дигаргунсозии табиати иҷтимоии ин муносибатҳо мавриди муҳокимаи ҷиддӣ қарор гиранд.

Ҳоло дар ҳамаи ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ стратеҷии табодули воридот ҷомаи амал мепӯшад. Ин ҷумҳуриҳо мувофиқи имкониятҳои мавҷуда азм доранд, ки дар асоси беҳтар ва пурратар истифода бурдани ашёи хоми маҳаллӣ истеҳсоли маводҳои истеъмоли халқиро вусъат диҳанд. Бо суханони дигар, зарур аст, ки бо суръати баланд ҳамаи он маводе, ки ҳоло аз Чин кашонида меоваранд ва барои истеҳсоли онҳо дар ин ҷумҳуриҳо ашёи хом вуҷуд дорад, тадриҷан кам карда шавад ва маҳсулоти чиноӣ ба маҳсулоти маҳаллӣ иваз карда шавад.

Албатта, ин масъала хеле ҷиддӣ мебошад ва ба муқовимати тарафи чиноӣ дучор мегардад, зеро агар ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ саноати сабук, хӯрокворӣ, маснуоти бинокорӣ ва ғайраро комилан барқарор намоянд ва ба рушди босуръати онҳо ноил гарданд, он гоҳ корхонаҳое, ки дар Чин ба истеҳсол ва содироти чунин маводҳо махсус гардонида шудаанд, ба душвориҳои зиёде дучор хоҳанд гардид. Бар ҳар ҳол ин зиддият бояд муташаккилона ҳаллу фасл гардад.

Чунин сиёсат на танҳо ба барқарор гардидани иқтидорҳои истеҳсолии аз даврааи Шуравӣ меросмонда мегардад, балки имкон медиҳад, ки на танҳо сатҳи техникӣ ва

инноватсионии иқтидорҳои мазкур баланд бардошта шавад. Аз ҳама муҳим он аст, ки сиёсати табодули воридот ба он оварда мерасонад, ки корхонаҳои нав хусусан дар доираи секторҳои хусусӣ ва кооперативӣ оид ба тавлиди маводе, ки ҳоло аз Чин оварда мешавад, пайдо гарданд ва қобилияти табодули онро пайдо кунанд.

Дар омади гап бояд гуфт, ки моҳияти сиёсати имрӯзаи иқтисодӣ ислоҳталаб мебошад. Ин маънои онро дорад, ки Тоҷикистону Ӯзбекистон, Туркманистон, Қазоқистону Қирғизистон аз давоми додани сиёсати неолиберализм дар соҳаи иқтисод даст кашанд. Чунин ташаббус аҳамияти хеле бузурги сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дорад. Комилан даст кашидан аз "Консенсуси Вашингтон" ва ақидаҳои неолибералӣ, неоклассикӣ ва монетаристӣ боиси он мегардад, ки мавқеи ҳукуматҳо дар танзим ва афзоиши сектори реалии иқтисод ба куллӣ мустаҳкам хоҳад шуд. Дар давлатҳои қитъаи Осиё ин масъала хусусияти хеле муҳими аҳамияти амалидошта пайдо мекунад. Консепсияи марксистии ширкати давлат дар идора ва танзими иқтисод ба ҳамин ақидаи Маркс оиди тарзи истеҳсоли осиёгӣ (азиатский способ производства) мувофиқ мебошад. Мутаассифона, дар 30 соли охир мувофиқи маслиҳатҳои коршиносон ва фиристодагони Ғарб дар ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ дахолати давлат барои рушди иқтисод хеле маҳдуд гардид ва худи таркиби системаи иқтисод аз тарафи давлат вайрон карда шуд. Масалан, дар Ӯзбекистон ба ҷои 5 вазорате, ки саноатро идора мекарданд, танҳо як вазорат пайдо шуд, ки он ҳам ҳуқуқи идоракунии мустақимро надошт. Ҳамин вазъият ба ҷумҳуриҳои дигар ҳам дахл дорад.

Бояд гуфт, ки он давлатҳое, ки идораи иқтисодиёт нисбати соҳаҳои гуногун махсус гардонида шуда буд, ин бобат ба пешравиҳои ҷиддӣ ноил гардиданд. Мисоли рушди иқтисодии Ҳиндустон ин бобат сазовори омӯзиш мебошад. Дар ин давлат танҳо барои идоракунии соҳавии иқтисод 9 вазорат амал мекунад. Онҳо рушди ширкатҳои давлатӣ, хусусӣ, кооперативӣ ва корпоративиро таҳти идораи мустақим гирифтаанд ва ин бобат байни сегментҳои гуногуни иқтисод консенсус вуҷуд дорад. Дар ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ бошад амалӣ гардонидани тавсияҳои коршиносони Ғарб ва маслиҳатчиён аз созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавии молиявию иқтисодӣ (ХБА, БҶ, Корпоратсияи азнавсозӣ ва рушд, Бонки Осиёии рушд ва ғайраҳо) боиси харобии таркибии иқтисод гардиданд.

Дар Тоҷикистон дар давраи Шуравӣ беш аз 120 соҳаи иқтисод амал мекард, ҳоло 18 соҳа мондааст ва маводҳое, ки хусусияти меҳнатғунҷоиш, илмғунҷоиш доштанд, комилан аз байн рафтаанд. Албатта ин бобат барои ҳамаи ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ тавсияи ягона пешниҳод кардан, ҳато мебошад. Ҳар як ҷумҳурӣ дорои хусусиятҳои ба худ хос мебошад ва ташаккули идоракунии соҳавӣ суратҳои гуногун пайдо карданаш аз эҳтимол дур нест. Ҳоло фақат сухан дар бораи он меравад, ки зимни ислоҳоти нави иқтисодӣ дар ин ҷумҳуриҳо таҷрибаи Чин, Ҳиндустон ва давлати собиқи Шӯравӣ мавриди истифода қарор гиранд.

Ҳамин тавр зарур аст, ки дар тамоми комплекси муносибатҳои иқтисодии байни Чин ва ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ манфиатҳои ин ҷумҳуриҳо бештар ба назар гирифта шаванд, зеро то имрӯз дар системаи муносибатҳои қайдгардида манфиатҳои ҶХХ бештар эҳсос карда мешаванд. Сухан дар бораи он меравад, ки муносибатҳои дутарафа ба меъёрҳои адолат ва баробарӣ такя кунанд.

Тахмин кардан мумкин аст, ки ҳодисаҳое, ки дар муносибатҳои берунаи Чин як соли охир рух доданд, мавқеи Чинро нисбат ба рушди иқтисодии кишварҳои Осиёи Марказӣ коста мегардонанд. Ин хусусан ба афзоиши мавқеи Чин дар минтақаи бузурги "Тиҷоратӣ озод" акси худро меёбад, ки ба ин минтақа ҳамаи давлатҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ, Австралия, Ҷопон, Кореяи Ҷанубӣ, Чин дохил мешаванд. Дар ин минтақа мавқеи Чин роли ҳалкунанда мебозад. Чунин дигаргуниҳо бидуни шубҳа боиси боз ҳам тезонидани суръати рушди иқтисоди Чин мегардад ва дар паси чунин пешравиҳо давлатҳои Осиёи Марказӣ дар силсилаи манфиатҳои берунии Чин хусусияти периферӣ пайдо мекунанд.

Ҳоло бо сабаби иқтидори бузурги иқтисодӣ пайдо кардан, Чин на танҳо ҳамшарики калонтарини робитаҳои тиҷоратию иқтисодии давлатҳои Осиёи Марказӣ мебошад, балки ба сармоягузори қарздиҳандаи калонтарин низ табдил ёфтааст. Ҷиҳати қарз додан ва сармоя гузоштан Чин аз Россия ва дигар давлатҳои ба Осиёи Марказӣ наздик хеле пеш гузаштааст.

Дар ин ҷо бояд қайд кард, ки на танҳо ИМА балки давлатҳои аъзои Иттиҳоди Аврупо ва ҳатто Русия Осиёи Марказиро ҳамчун минтақаи барои сармоягузорӣ хатарнок эҳсос мекунанд. Ҳайратовар аст, ки ин бобат ҶХХ хатаре эҳсос намекунад ва ба давлатҳои Осиёи Марказӣ ва ҳамаи секторҳои иқтисоди онҳо тавассути гуфтушуниди хеле кӯтоҳ сармоягузорӣ мекунад. Ин яке аз хусусиятҳои рафтори сармоягузории Чин

мебошад. Дар назари аввал ба он бовар кардан мумкин аст, ки ҳар замон Чин шиори дахолат накардан ба корҳои дохилии давлатҳои Осиёи Марказиро пешниҳод мекунад ва бо овози баланд мегӯяд, ки дар муносибатҳояш бо ин давлатҳо мавқеи асосиро ҳамкории иқтисодӣ ва тиҷоратӣ ишғол менамояд. Лекин дар асл бо сабаби аз ҳад зиёд шудани қарзҳо ва сармоягузориҳо дахолати Чин ба корҳои дохилии ин давлатҳо зиёд шудан мегирад. Ин хусусан дар ҳолатҳои ба иҷора додани замин ба деҳқонони чинӣ, ба ширкатҳои Чин супоридани конҳои металлҳои ранга, тилло, нуқра ва ғайра акси худро меёбад. Ақидае пайдо шудааст, ки мувофиқи он ҳар қадар вазъият дар Осиёи Марказӣ бадтар шавад, ҳамонқадар натиҷагириҳои Чин зиёдтар мешавад.

Мутаассифона, чиноиҳо нуқсонҳое, ки дар ҳаёти ҷамъиятии ин ҷумҳуриҳо вомехӯранд, истифода мебаранд. Ба назар мерасад, ки рафтори ҶХХ барои бозингарони наздик ва иттифоқчиёни ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ ҳамчун худнамоӣ хизмат кунад. Чин доимо худро бо ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ ҳамчун дӯсти беғараз нишон медиҳад ва барои рушди инфрасохтори онҳо кӯмак мерасонад. Дар ин ҷо гуфтан зарур аст, ки Чин объектҳои инфрасохторро агар зарур бошад хеле моҳирона ба манфиати худ истифода мебарад. Ин ҷо сухан дар бораи сохтмони газопроводҳо ва нефтепроводҳо, неругоҳҳои баркӣ, роҳҳои оҳан ва мошингард, пулҳо, марказҳои боркашонию логистикӣ меравад. Ин бобат байни Чин ва давлатҳои Осиёи Марказӣ розигии байниҳамдигарӣ вуҷуд дорад. Агар ёрии молиявию техникии Чин намебуд, чунин объектҳои сохтмон ба монанди неругоҳҳои барқии аловӣ, корхонаҳои сементбарорӣ, магистралҳои роҳи оҳан ва автомобилӣ ва ғайра роҳандозӣ намешуд. Аммо дар ин ҷо баъзе ҳолатҳое низ вомехӯранд, ки ба муқобили манфиатҳои Чин ҳастанд. Дар байни нуқсонҳо чунин ҳолатро низ мушоҳида кардан мумкин аст.

Бо вуҷуди ҳамкории иқтисодӣ Чин дар минтақаи Осиёи Марказӣ вазъияти ҳукмронро ишғол карда натавонист, агарчанде, ки худи Чин ба чунин вазъ ниёз надошт. Лекин гуфтан ба маврид аст, ки давлати Чин ҳам ба монанди дигар давлатҳои бузург соҳиби манфиатҳои ба худ хоси геополитикӣ мебошад. Ҳоло чӣ тавре, ки дар боло қайд кардем таваҷҷуҳи Чин нисбат ба давлатҳои Осиёи Марказӣ ҳоло ҳам назаррас аст. Агар вазъият мисли соли 2020 давом кардан гирад, Чин диққати худро ба сӯи минтақаҳои дигар равона хоҳад кард. Бо сабаби он ки ду соли охир таваҷҷуҳи Чин ба Осиёи Шарқӣ, Осиёи Ҷанубӣ Шарқӣ ва минтақаи Укёнуси Ором зиёдтар шудааст, мавқеи Осиёи Марказӣ дар сиёсати берунии Чин хеле кам гардидааст. Минтақаҳое, ки дар боло мо зикр кардем, нисбат ба Осиёи Марказӣ барои Чин аҳамияти бештар доранд, зеро роҳҳои асосии боркашонию логистикӣ тавассути ин минтақаҳо мегузаранд.

Суханҳои гуфта маънои онро надоранд, ки таваҷҷуҳи Чин ба Осиёи Марказӣ рафта-рафта ба сифр наздик мешуда бошад. Ин ҷо якчанд фишангҳое ҳастанд, ки намемонанд то таваҷҷуҳи Чин нисбати кишварҳои Осиёи Марказӣ бо зурӣ кам гардад. Байни чунин сабабҳо хусусиятҳои зерро бояд қад кард:

1. ҶХХ ба бозори хеле бузурги содироти молҳои истеъмоли халқӣ табдил ёфтааст;
2. Чин соҳиби бозори бузургтарини молҳои истеъмолию истеҳсолӣ мебошад.

Ҷиҳати мусбии ба Осиёи Марказӣ ворид гардидани Чин дар он аст, ки ӯ нисбати бозингарони сиёсии берун аз минтақа ҳамчун алтернатива баромад мекунад. Ин ҷо сухан дар бораи чунин қувваҳои бузурги геополитикӣ ба монанди ИМА, Британияи Кабир, Ҷопон, Федератсияи Русия ва ғайра меравад. Азбаски Чин бо кишварҳои Осиёи Марказӣ сарҳади дуру дароз дорад, Чин метавонад нисбати ин давлатҳо робитаҳои иқтисодию тиҷоратиро вусъат дода, хароҷотҳои трансаксионирро кам гардонад. Воқеан дар бисёр ҳолатҳо ба назар гирифтани қонунгузориҳои байналмилалӣ ва стандартҳое, ки аз тарафи Хазинаи байналмилалии Асъор эътироф гардидаанд, боиси зиёд шудани чунин навъи хароҷот мегарданд. ҶХХ дар бисёр мавридҳо чунин меъёрҳоро риоя намекунад ва байни худашу ҳамсояҳо алоқаҳои ғайристандартиро низ ҷорӣ мекунад. Ин бо ҳамшариконаш имкон медиҳад, ки набудани стандартҳоро истифода намуда, барои поён бурдани нарх масъалагузорӣ кунанд. Аксари зиёди молҳои истеъмолие, ки аз Чин ворид мешаванд, ба стандартҳои ҷаҳонӣ мувофиқ нестанд. Бо ин сабаб нархҳои онҳо чандон ҳам баланд нест. Аз ин рӯ мардуми ба фақр дучоршуда, ҳамин маводро дар кӯчаю бозорҳо метавонанд бо нархи паст харида гиранд, ки ин шиддатнокии буҷаҳои хонаводаҳои камбизоатро чандон шадид намегардонад.

Ҷиҳати дигари мусбии алоқамандии байни Чин ва ҷумҳурии Осиёи Марказӣ дар он мебошад, ки худи сохтмони объектҳои инфрасохторӣ боиси ба маротиб кам шудани баъзе хароҷотҳое мегардад, ки дар ҳаёти хонаводаҳо роли калон мебозанд. Масалан, сохтмони хатҳои интиқоли қувваи барқ ба он оварда расонидаанд, ки қувваи барқ дар байни минтақаҳои Тоҷикистон каму беш баробар тақсим мегардад. Беҳтарин хати интиқоли

барқ, ки иқтидори хеле баланд дошт, тавассути ширкатҳои Чин сохта шуд (хати Турсунзода, Айнӣ, Хуҷанд). Ҳамин чизро дар бораи туннелҳо ва роҳҳои автомобилӣ гуфтан мумкин аст. Туннелу роҳҳои автомобилии нағз сохташуда харочоти боркашониро хеле кам карданд ва барои аҳолӣ шароити мусоиди ҳаракати байни шаҳрҳо ва минтақаҳоро ба вуҷуд оварданд.

Гуфтан ба маврид аст, ки дар макроминтақаи Осиёи Марказӣ ҶХХ ба ҳукмронии мутлақ ноил нагашт ва барои чунин вазъият ҳукумати Хитой ягон фаъолияти зиёдатиеро ҳам истифода набурд. Яъне қувваҳои бузурги геополитикии ҷаҳон Чинро бо ниятҳои ҳукмрон шуданаш айбдор карда наметавонанд. Лекин афзоиши босуръати робитаҳои тиҷоратию иқтисодӣ байни Чин ва Осиёи Марказӣ нисбат ба чунин робитаҳо байни бозингарони дигари дар чунин майдони сиёсатбуда, бидуни шубҳа, дер ё зуд ба он оварда мерасонад, ки Чин худашро дар ин майдон, яъне Осиёи Марказӣ ғолиб эҳсос хоҳад кард. Инро дар ҷадвали зер метавон мушоҳида кард.

Ҷадвали 3. Динамикаи гардиши молҳо байни Чин ва давлатҳои Осиёи Марказӣ (1992-2000 сол)

Table 3. Dynamics of trade turnover between China and Central Asian countries (1992-2000)

Сол	Гардиши мол млн. долл.	Содироти Чин ба давлатҳои Осиёи Марказӣ, млн. долл.	Воридоти Чин аз Осиёи Марказӣ, млн. долл.
1992	422	276	146
1993	512	244	268
1994	360	235	125
1995	486	285	201
1996	674	357	317
1997	699	365	334
1998	588	390	198
1999	733	350	383
2000	1041	611	430

Рақамҳои дар боло овардашуда нишон медиҳанд, ки ҳанӯз даҳ соли аввали баъди пошхӯрии Шуравӣ Чин дар робитаҳои тиҷоратиаш бо Осиёи Марказӣ мавқеи худро хеле мустаҳкам намуд. Солҳои минбаъда бошад, суръати рушди гардиши мол байни Чин ва Осиёи Марказӣ хусусиятҳои астрономӣ пайдо кард. Инро боз аз як ҷадвали дигар мушоҳида мумкин аст.

Ҷадвали 4. Тиҷорат байни Чин ва давлатҳои Осиёи Марказӣ (2001-2009 сол)

Table 4. Trade between China and Central Asia (2001-2009)

Сол	Гардиши мол млн. долл.	Содироти Чин ба давлатҳои Осиёи Марказӣ, млн. долл.	Воридоти Чин аз Осиёи Марказӣ, млн. долл.
2001	1 478	856	622
2002	2 798	1 569	1 229
2003	3 305 (4 100)	1 911	1 394
2004	4 337(5 848)	2 545	1 792
2005	8 297 (10 294)	4 713	3 584
2006	10 796 (13 350)	6 338	4 458
2007	16 038 (20 576)	9 571	6 467
2008	20 170 (27 845)	11 553	8 617

Гуфтан ба маврид аст, ки ҶХХ дар Осиёи Марказӣ ба як қатор монеаҳо низ вомехурад. Таърихан дар байни халқҳои Осиёи Марказӣ ва давлати Чин зиддиятҳои зиёде вуҷуд доштанд ва ҳоло ҳам дар байни мардум ба Чин ҳамчун ба таҳдидкунанда муносибат мекунанд. Эҳсосоти зидди чиниро истифода бурда як қатор қувваҳои берунӣ кӯшиш менамоянд, ки муносибатҳои байни Чин ва ҷумҳурии Осиёи Марказиро вайрон кунанд. Мақолаҳо ва китобҳое ба чоп мерасанд, ки дар онҳо ҳадафҳои геополитикии Чинро аз ҳад зиёд карда нишон медиҳанд.

Ба ғайр аз ин гуфтан зарур аст, ки самаранокии иқтисодии ҷузъи назарраси сармоягузории Чин чандон баланд нест ва маҳсулоте, ки дар корхонаҳо бо ёрии молиявӣ ва техникии Чин бунёдшуда тамвил мешаванд, сифати хуб надоранд. Ҳар замон дар атрофи баъзе лоиҳаҳои муштарак байни ширкатҳои Осиёи Марказӣ ва Чин ҷанҷолҳое ба вуҷуд меоянд, ки боиси хунукназарии созмонҳои масъули ҳар ду тараф мегарданд. Баъзе аз ширкатҳои Чин барои андоз надодан айбдор карда шудаанд. Ҳамаи ин ҳолатҳо аз назари коршиносон ё васоити умумии ахбори ҷаҳон ва хусусан мамолике, ки воридшавии Чинро ба Осиёи Марказӣ намехоҳанд, берун наметавонад.

Бояд ин ҷо қайд кард, ки дар амалиёти ҳамкориҳои байни давлатӣ ва ширкатҳо тарафи Чин ба масоили бунёди ҷойҳои нави корӣ барои мардуми маҳаллӣ комилан эътибор намедиҳад. Ширкатҳои чиноӣ кушиш менамоянд, ки қувваи коргарии тахассусдорро аз Чин ба ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ ворид созанд. Дар омади гап бояд гуфт, ки зимни бунёди газопроводҳо ва нефтепроводҳои магистралӣ тарафи Чин ба масъалаи истифодаи газу нефт барои рушди хоҷагии маҳаллӣ, ки дар атрофи чунин инфрасохтор ҷой гирифтаанд, ягон мададе намерасонад. Ё ин ки долонҳои замонавии нақлиёт бо ёрии молиявӣ ва техникии Чин барпо мегарданд, ки онҳо давлатҳои гуногунро ба ҳам пайваст мекунанд, аммо барои сохтани роҳҳои маҳаллӣ, ки ба ин долонҳо алоқаманд бошанд ягон чораи муфид ба назар намерасад. Ин хусусан барои беҳбуди роҳҳои нақлиётии ноҳияҳои дурдаст ва периферӣ муҳим мебошад. Ба ғайр аз ин пешгӯӣ кардан зарур аст, ки бо сабаби бунёди минтақаи бузурги савдои озод, ки маркази онро Чин ташкил мекунад, таваҷҷуҳи ин давлат ба рушди минбаъдаи тиҷоратию иқтисодии байни он ва кишварҳои Осиёи Марказӣ дар 5-10 соли наздик хеле коста гардид. Бояд созмонҳои масъули давлатии кишварҳои Осиёи Марказӣ чунин оқибатҳои дигаргуншавии вазъияти минтақаро хубтар ба назар гиранд.

АДАБИЁТ

1. Анохов И.В. Проект «Один пояс-один путь»: гармонизация долгосрочных интересов Росии и Китая / И.В. Анохов, А.П. Суходолов // Вестник МГИМО-Университета. – 2019. -№2. -С. 116-123.
2. Ларин А.Г. Китайская стратегия «продвижения на Запад» и «новый Шелковый путь» / А.Г. Ларин, В.А. Матвеев // Проблемы Дальнего Востока. – 2014. -№5. -С.5-15.
3. Общий вектор “Экономического пояса Шёлкового пути”. Eurasianet.org. [Электронный ресурс]. URL: http://russian.eurasianet.org/node/61446 (дата обращения: 10.11.2014).
4. China Global Investment Tracker // American Enterprise Institute and the Heritage Foundation. URL:https://aei.org/china-global-investment-tracker.
5. Матвеев В.А. О предпосылках формирования международного экономического региона на пространстве Большой Центральной Азии. Роль Китая / В.А. Матвеев // Внешно-экономическое политика КНР. - 2018. -№12. -С.273-282.
6. Савкович Е.В. Программа адресной помощи СУАР КНР и её влияние на отношения КНР с государствами Центральной Азии / Е.В. Савкович // Вестник ЗабГУ “исторические науки”. – 2013. -№06(97). -С.15-16.
7. Сыроежкин К.Л. Мифы и реальность этнического сепаратизма в Китае и безопасность Центральной Азии / К.Л. Сыроежкин. –Алматы: Дайк Пресс, 2003. -С.73.
8. Хаджиева Г.У. Место Синцзян-Уйгурского автономного района в новой региональной стратегии КНР / Г.У. Хаджиева // Мир Большого Алтая. – 2016. -№2(2.2). -С.404.
9. Эпштейн В.А. Политика КНР по интеграции Синцзян-Уйгурского автономного района: 1949-1980 годы / В.А. Эпштейн, Д.А. Бочков // Ученые записки Казанского университета. Серия гуманитарные науки. – 2018. -т.116. -кн.6. -С.1449.
10. Ураков Д.У. Проблемы усиления инвестиционной политики в промышленности Таджикистана / Д.У. Ураков, К.Х. Барфиев // Известия Иссык-Кульского форума бухгалтеров и аудиторов стран Центральной Азии. - 2015. -№2-1(9). -С.334-340.

РАВАНДҲОИ ҲАМКОРИИ ТИҶОРАТИЮ ИҚТИСОДӢ ДАР БАЙНИ ДАВЛАТҲОИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ ВА ҶУМҲУРИИ ХАЛҚИИ ЧИН

Дар мақола равандҳои ташаккул ва тараққии ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ дар байни мамолики Осиёи Марказӣ ва Ҷумҳурии халқии Чин мавриди муҳокима қарор гирифтаанд. Қайд карда мешавад, ки танҳо баъд аз пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ ва барқарор гардидани муносибатҳои дипломатӣ байни давлатҳои Осиёи Марказӣ ва Чин робитаҳои савдо ва ҳамкории истеҳсолӣ байни тарафҳо бошиддат сар шуданд. Ба даст омадани истиқлоли пурраи давлатӣ дар ҳар як давлати ин макроминтақа талаботи навро ба вуҷуд овард. Ин, хусусан, дар соҳаҳои рушди инфрасохтори нақлиётӣ, ки аҳамияти байналмилалӣ дорад, рушди энергетика ва азхудкунии захираҳои маъданию ашёҳои хом ба чашм мерасад. Муаллифон на танҳо ба суръатҳои баланди рушди робитаҳои тиҷоратию иқтисодӣ дар байни давлатҳои Осиёи Марказӣ ва Чин таваҷҷуҳи махсус зоҳир кардаанд, балки ба таркиби чунин робитаҳо ба таври муфассал баҳои илмӣ додаанд. Дар асоси таҳлили маводи калонҳаҷме, ки аз манбаҳои гуногун гирифта шудаанд, диссертант мувофиқ будани таркиби зайлро оиди воридот, содирот, сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ ва қарзҳои берунӣ нисбати манфиатҳои ҳар як тараф нишон додааст. Дар мақола хулосаҳо ва таклифҳо оид ба дигаргунсозии назарраси таркиби алоқаҳои тиҷоратию иқтисодӣ байни минтақаи Осиёи Марказӣ ва Хитой оварда шудаанд. Мақола барои муаллимони мактабҳои олӣ, кормандони муассисаҳои илмии иқтисодӣ ва мутахассисони соҳаи алоқаҳои берунии иқтисодӣ муфид хоҳад буд.

Калидвожаҳо: Осиёи Марказӣ, Ҷумҳурии Халқии Чин, ҳамкории тиҷоратию иқтисодӣ, ҳамкории истеҳсолӣ, инфрасохтори нақлиётӣ, энергетика, захираҳои маъданию ашёи хом, воридот, содирот, қарзҳои берунӣ.

ПРОЦЕССЫ ТОРГОВО-ЭКОНОМИЧЕСКОГО СОТРУДНИЧЕСТВА МЕЖДУ СТРАНАМИ ЦЕНТРАЛЬНОЙ АЗИИ И КНР

В статье детально рассматриваются процессы становления и развития торгово-экономического сотрудничества между странами Центральной Азии и КНР. Отмечается, что только после распада Советского Союза и установления дипломатических отношений между странами Центральной Азии и КНР начались интенсивные связи на путях развития торговли и производственной кооперации. Получение полного

государственного суверенитета возродило новые потребности у каждой страны названного макрорегиона. Это, в особенности, касается развития международной сети дорожно-транспортной инфраструктуры, развития энергетики и освоения минерально-сырьевых ресурсов. Авторы не только уделяет особое внимание самим темпам нарастания торгово-экономических отношений между всеми странами Центральной Азии и КНР, но и самым кропотливым образом подвергает оценку структуры этих отношений. На основе анализа большого объема материалов, полученных из разных источников, диссертант показывает соответствие вышеназванной структуры по импорту, экспорту, по прямым иностранным инвестициям и по внешним заимствованиям реальным интересам каждой из сторон. В статье сделаны выводы и приведены предложения по существенному изменению структуры торгово-экономических отношений между центральноазиатским регионом и Китаем. Статья рассчитана на преподавателей вузов, сотрудников экономических НИИ и специалистов по внешним экономическим связям.

Ключевые слова: Центральная Азия, Китайская Народная республика, торгово-экономическое сотрудничество, производственная кооперация, дорожно-транспортная инфраструктура, энергетика, минерально-сырьевые ресурсы, импорт, экспорт, внешние заимствования.

THE PROCESSES OF TRADE AND ECONOMIC COOPERATION BETWEEN THE COUNTRIES OF CENTRAL ASIA AND THE PRC

The article examines in detail the processes of formation and development of trade and economic cooperation between the countries of Central Asia and the PRC. It is noted that only after the collapse of the Soviet Union and the establishment of diplomatic relations between the countries of Central Asia and the PRC, intensive ties began on the path of developing of trade and industrial cooperation. Obtaining full state sovereignty revived new needs for each country in the named macro-region. This, in particular, concerns the development of the international network of road transport infrastructure, the development of energy and the development of mineral resources. The author not only pays special attention to the fast pace of growth of trade and economic relations between all the countries of Central Asia and the PRC, but also in the most painstaking way evaluates the structure of these relations. Based on the analysis of a large volume of materials obtained from various sources, the dissertant shows the correspondence of the above structure for import, export, foreign direct investment and external borrowing to the real interests of each of the parties. The article draws conclusions and presents proposals for a significant change in the structure of trade and economic relations between the Central Asian region and China. The article is intended for university teachers, employees of economic research institutes and specialists in external economic relations.

Keywords: Central Asia, People's Republic of China, trade and economic cooperation, industrial cooperation, road transport infrastructure, energy, mineral and raw material resources, import, export, foreign borrowing.

Маълумот дар бораи муаллифон: ***Хушвахтзода Қобилҷон Хушвахт*** **–** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, ректор. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17. E-mail: **kobil_barfiev@mail.ru**. Телефон: **(+992) 919-16-98-64**
Асрорзода Убайдулло Саттор – Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент. **Суроға:** 734000, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯчаи Борбад, 48/5. E-mail: **ubaydullo08051986@mail.ru**. Телефон: **(+992) 907-50-15-66**

Сведения об авторах: ***Хушвахтзода Кобилджон Хушвахт*** – Таджикский национальный университет, доктор экономических наук, профессор, ректор. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. E-mail: **kobil_barfiev@mail.ru**. Телефон: **(+992) 919-16-98-64**
Асрорзода Убайдулло Саттор –Институт туризма, предпринимательства и сервиса, кандидат экономических наук, доцент. **Адрес**: 734000, Республика Таджикистан, г.Душанбе, ул. Борбад, 48/5. E-mail: **ubaydullo08051986@mail.ru.** Телефон: **(+992) 907-50-15-66**

Information about the authors: ***Khushvakhtzoda Qobiljon Khushvakht*** - Tajik National University, Doctor of Economics, Professor, Rector. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 17. E-mail: **kobil_barfiev@mail.ru**. Phone: **(+992) 919-16-98-64**
AsrorzodaUbaidulloSattor -Institute of tourism, entrepreneurship & service,candidate of Economic Sciences, Associate Professor. **Address**: 734000, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Borbad street, 48/5. E-mail: **ubaydullo08051986@mail.ru.** Phone: **(+992) 907-50-15-66**

УДК 657.6

АУДИТИ БУНЁДШАВИИ САРМОЯИ ОИННОМАВӢ

Тоҳирова Р.С., Раҷабов Т.Б.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар иқтисодиёти муосир сармояи худии субъектҳои хоҷагидорӣ яке аз мафҳумҳои асосӣ буда, асоси фаъолияти корхонаҳоро ифода менамояд. Он маҷмӯи дороиҳои моддӣ ва ғайримоддӣ, воситаҳои пулӣ ва ҳуқуқҳои амволие мебошад, ки ба субъекти хоҷагидорӣ барои ба ҷо овардани фаъолияти оинномавӣ, пӯшонидани зарарҳо ва бунёд намудани намудҳои нави амвол лозим аст.

Бузургии сармояи худӣ нишондиҳандаи муҳимтарини васфкунандаи вазъи молиявӣ ва самаранокии фаъолияти корхона мебошад. Он асоси ченкунӣ ва баҳодиҳии аксари нишондиҳандаҳои устувории молиявӣ ва фаъолнокии корхона буда, аз бузургӣ ва муҳаррикии он вазъи молиявӣ ва пардохттавонии корхона муайян карда мешавад.

Бинобар ин, на танҳо омӯзиши ҷиддии таркиби сармояи худӣ, балки баҳодиҳии бузургии воқеии он низ зарур аст. Ба сифати ин гуна бузургии воқеии воситаҳо арзиши дороиҳои софи корхона қабул карда шудааст. Ин бузургӣ арзиши ҳиссаи амволи корхонаро, ки ҳангоми ба миён омадани рӯйдодҳои номатлуб метавонад барои иҷрои уҳдадориҳои он истифода шавад, инъикос менамояд.

Яке аз унсурҳои асосии сармояи худии корхона ин сармояи оинномавӣ мебошад. Ҳарчан мафҳумҳои “сармояи оинномавӣ” ва “амволи корхона” аз рӯи андозаи худ онҳо баъзан бо ҳам мувофиқ оянд ҳам, аммо мафҳумҳои мухталиф ба ҳисоб мераванд. Ҳамин тавр, ҳангоми таъсис додани шахси ҳуқуқӣ тамоми амволи он аз сармояи оинномавӣ иборат мешавад, ки аз ҳисоби саҳмҳои муассисон ташаккул меёбад. Дар мавриди мазкур маҳз сармояи оинномавӣ сармояи оғозбахшандаи фаъолияти корхона ба ҳисоб меравад. Вале минбаъд зоҳиран ҷудошавии сармояи оинномавӣ аз муҳтавои амволии он ба амал омада, ҳама мавҷудияти он танҳо дар навиштаҷоти тавозуни муҳосибии корхона ифода меёбад. Зимнан, дар тавозун ҳаҷми умумии амволи корхона бо ифодаи арзишӣ нишон дода мешавад.

Аллакай, дар лаҳзаи таъсисдиҳии корхона амволи ба сармояи оинномавӣ гузошташуда бо усули навишти дутарафа, ҳам дар бахши дороиҳо ва ҳам дар бахши сармояи тавозуни муҳосибӣ, инъикос карда мешавад, ки ин тафовути байни сармояи оинномавӣ ва амволи корхонаро ба таври айёнӣ нишон медиҳад. Агар дар лаҳзаи таъсиси корхона арзиши сармояи оинномавӣ ва арзиши дороиҳои корхона баробар бошанд, пас, минбаъд дар раванди фаъолияти хоҷагидории он тағйирёбии ҳамешагии арзиши амвол (дороиҳо)-и воқеӣ дар муқоиса бо арзиши сармояи оинномавӣ, ки дар тавозун бузургии доимӣ аст, ба амал меояд.

Дар рафти ба ҷо овардани фаъолияти хоҷагидорӣ дар корхона сармояи иловагӣ, сармояи захиравӣ ва дигар фондҳои истеъмолӣ ва рушди корхона бунёд карда мешаванд.

Сармояи иловагӣ аз ҳисоби дар натиҷаи азнавбаҳодиҳӣ дигар шудани арзиши дороиҳои ғайригардон, ба таври ройгон гирифтани дороиҳо, гирифтани маблағҳо аз буҷети давлатӣ ва аз сармоягузорон барои амалисозии ҳадафҳои махсус, инчунин ҳангоми ба миён омадани фарқҳои қурбии мусбат дар мавриди бозҳисобкунии саҳмҳои бо асъори хориҷӣ гузоштаи муассисони корхона ба миён меояд. Даромади ҳангоми фурӯши саҳмияҳо бо нархи аз арзиши исмии онҳо баландтар пайдошуда сармояи барилова пардохтшуда номида мешавад [4,с.34].

Корхона дар натиҷаи фаъолияти хоҷагидории худ метавонад натиҷаи молиявии муайян – мусбат (фоида) ё манфӣ (зарар), дошта бошад. Ҳамасола аз фоидаи софи корхона маблағи муайяне барои бунёд намудани сармояи захиравӣ ҷудо карда мешавад (то лаҳзаи ба ҳадди бо оиннома муайянгардида расидани бузургии сармояи захиравӣ). Маблағи сармояи захиравӣ барои пардохт кардани даромадҳои муассисон дар мавриди набудани фоида ё барои ин мақсад басанда набудани он, пӯшонидани талафот ва зарарҳои ғайричашмдошти корхона истифода мешавад. Инчунин, корхона метавонад вобаста ба хароҷоти бузурги дарпешбуда, ки ба арзиши аслии маҳсулот ва масрафҳои муомилот (тиҷоратӣ) дохил карда мешаванд, аз фоидаи софи худ дигар фондҳо ва захираҳоро бунёд намояд. Ҳама унсурҳои номбаршуда, дар маҷмӯъ, сармояи худии корхонаро ташкил медиҳанд.

Аксаран соҳибмулкони корхона дар гирифтани ахбори боэътимод ва саҳеҳ оид ба бунёдшавӣ ва таркиби сармояи худӣ, инчунин, истифодабарии он маҳдуд мебошанд. Онҳо мехоҳанд фаҳманд, ки сармоя ба кадом намудҳои дороиҳо гузошта шудааст, даромаднокии он чӣ гуна аст, кадом ҳиссаи фоидаи тақсимнашуда (фоидаи соф) ба пардохт кардани дивидендҳо (даромадҳо ба соҳибмулкон) рост меояд. Барои пайдо намудани посух ба ин гуна саволҳо тасдиқкунии аудитории саҳеҳӣ ва самаранокии бунёдшавӣ ва истифодабарии сармояи худии корхона зарур аст. Бино бар ин, соҳибмулкон аудити бунёдшавӣ ва истифодабарии сармояи худиро фармоиш медиҳанд, ки мақсади он – тасдиқ намудани асосҳои қонунии фаъолияти субъекти хоҷагидорӣ, дурустии бунёдшавӣ ва тағйирёбии сармояи худӣ ва ҳаққоният (саҳеҳӣ)-и нишондиҳандаҳои дахлдори васфкунандаи сармояи худӣ дар ҳисоботи молиявӣ мебошад.

Яке аз самтҳои муҳим ва марҳилаҳои аввалӣ ҳангоми гузаронидани аудити бунёдшавӣ ва истифодабарии сармояи худӣ ин санҷиши аудитории бунёдшавии сармояи оинномавӣ мебошад. Масъалаҳои ташкил ва гузаронидани санҷиши аудитории бунёдшавии сармояи оинномавӣ дар адабиёт ба таври пурра баррасӣ нашудаанд. Дар адабиёти ватанӣ асарҳои бевосита ба ҳамин мавзуъ бахшидашуда ба назар намерасанд. Дар адабиёти илмии хориҷӣ низ на ҳама паҳлуҳои аудити бунёдшавии сармояи оинномавӣ ба таҳқиқ фаро гирифта шудаанд. Мавзӯи таҳқиқот дар аксари интишороти

муҳаққиқони хориҷӣ масъалаҳои умумии ташкил ва гузаронидани аудити сармояи худӣ мебошад [2; 3; 11; 12].

Тартиби бунёдшавии сармояи оинномавӣ бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон [5; 9; 6; 8] ва ҳуҷҷатҳои муассисии корхона танзим карда мешавад. Бунёдшавии сармояи оинномавӣ вобаста аз шакли моликияти субъекти хоҷагидорӣ бо тарзҳои гуногун ба амал меояд: дар ҷамъиятҳои дорои масъулияти маҳдуд аз ҳисоби саҳмҳои гузоштаи ҳар як иштирокчӣ [9], дар ҷамъиятҳои саҳомӣ аз ҳисоби обунашавӣ ба саҳмияҳо [6]. Дар корхонаҳои воҳиди давлатӣ фонди оинномавӣ бунёд карда мешавад, ки он аз ҳисоби амволи гузоштаи давлат ташкил меёбад [8].

Барои дуруст гузаронидани санҷиши бунёдшавии сармояи оинномавӣ аудитор тибқи барномаи аудит амалҳоеро ба ҷо меорад, ки дар ҷадвали 1 нишон дода шудаанд.

Ҷадвали 1. Номгӯи амалҳои аудиторӣ ҳангоми гузаронидани аудити бунёдшавии сармояи оинномавӣ

Table 1. List of auditing actions during the audit of the authorized capital

Номгӯи амалиёти аудиторӣ	Сарчашмаи ахборӣ
1. Санҷиши дурустии дар баҳисобгирии муҳосибӣ инъикос кардани гузоштани саҳмҳои муассисон	Фармонҳо, санадҳои қабул, феҳристҳои баҳисобгирии муҳосибӣ
2. Санҷиши гузоштани саҳмҳо ба сармояи оинномавӣ (бо муассисон ва муҳлатҳо)	Нусхаҳои ҳуҷҷатҳои муассисӣ, маълумот дар бораи амалиёти хоҷагӣ
3. Санҷиши бузургии қарздории муассисон аз рӯи саҳмҳо ба сармояи оинномавӣ	Феҳристҳои баҳисобгирии муҳосибӣ, тавозуни муҳосибӣ
4. Санҷиши дурустии баҳодиҳии арзиши пардохти ғайрипулии саҳмҳои гузошташуда	Методикаҳои баҳодиҳӣ, протоколҳои маҷлисҳои муассисон
5. Санҷиши нигориши муҳосибии пардохтҳои ғайрипулии саҳмҳои гузошташуда	Фармонҳо, феҳристҳои баҳисобгирии муҳосибӣ, нақшаи кории ҳисобҳо
6. Санҷиши нигориши муҳосибии тағйирёбии бузургии сармояи оинномавӣ	Фармонҳо, санадҳо, феҳристҳои баҳисобгирии муҳосибӣ, тавозуни муҳосибӣ, ҳисобот оиди тағйирёбиҳои сармоя, протоколҳо

Аудитор дар навбати аввал муқаррар менамояд, ки оё ҳама муассисон саҳмҳои худро саривақт, дуруст ва пурра ба сармояи оинномавӣ мувофиқи қонунгузорӣ гузориш намудаанд [13,с.303].

Тибқи муқаррароти моддаи 17 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ” андозаи ақалли сармояи оинномавии ҷамъияти саҳомии кушода бояд на кам аз панҷ ҳазор сомонӣ ва ҷамъияти саҳомии пӯшида на кам аз ҳазор сомониро ташкил диҳад. Бо оинномаи ҷамъияти саҳомӣ ё қарори маҷлиси умумии саҳмиядорон метавонад барориши саҳмияҳои имтиёзноки намудҳои гуногун пешбинӣ карда шавад. Арзиши исмии умумии саҳмияҳои имтиёзноки паҳнкардашуда набояд аз 25%-и сармояи оинномавии ҷамъияти саҳомӣ зиёд бошад [6].

Арзиши исмӣ бузургии асосан бо қонунгузорӣ муқарраршудае мебошад, ки дар варақаи ҳар як саҳмия чоп карда мешавад. Арзиши исмии тамоми саҳмияҳои ҷамъияти саҳомӣ бояд якхела бошад. Он дар ҳисобҳои баҳисобгирии сармояи саҳомӣ – 33010 “Саҳмияҳои одӣ”, 33020 “Саҳмияҳои имтиёзнок” инъикос карда мешавад ва сармояи оинномавӣ (саҳомӣ)-и ҷамъиятро ифода мекунад [4,с.379].

Мувофиқи талаботи моддаи 16 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд” ҳаҷми сармояи оинномавии ҷмъияти дорои масъулияти маҳдуд (ҶДММ) на бояд аз панҷсад сомонӣ кам бошад [3].

Пардохти саҳмияҳо (саҳмҳо) метавонад, ҳам бо пул ва ҳам бо тарзи ғайрипулӣ – бо коғазҳои қиматнок, дигар ашё, ҳуқуқҳои ашёвӣ ва дигар ҳуқуқҳои дорои арзиш, ба ҷо оварда шавад. Ҳангоми санҷиши бунёдшавии сармояи оинномавӣ аудитор бояд ба саҳеҳии маблағи он боварӣ ҳосил намояд. Маблағи сармояи оинномавӣ дар тавозуни муҳосибӣ ва “Ҳисобот оид ба тағйирёбии сармояи худӣ” нишон дода мешавад. Аудитор онро бо маълумоти ҳуҷҷатҳои муассисӣ муқоиса менамояд. Бақияи ҳисобҳои баҳисобгирии сармояи оинномавӣ (ҳисобҳои гурӯҳи 33000 “Сармояи эълоншуда (оинномавӣ)”) бояд ба андозаи сармояи оинномавӣ, ки дар ҳуҷҷатҳои муассисии корхона қайд гардидааст, мувофиқат намояд.

Аудитор бояд донад, ки пас аз бақайдгирии давлатии субъекти хоҷагидорӣ дар муҳосиботи корхонаи мазкур бояд баҳисобгирии сармояи оинномавӣ бо дебети ҳисоби 10600 “Қарздории муассисон (иштирокчиён) аз рӯи саҳмҳо ба сармояи оинномавӣ” ва кредити ҳисобҳои баҳисобгирии сармояи оинномавӣ инъикос карда шавад. Агар ҳангоми санҷиш бақияҳои ҳисобҳои мазкур бо ҳам рост оянд, маълум мешавад, ки муассисон

саҳмҳои худро ба сармояи оинномавӣ тамоман нагузоштаанд. Ин гуна корхонаҳо бояд барҳам дода шаванд.

Аудитор воридшавии саҳмҳои муассисонро дар асоси маълумоти ҳуҷҷатҳои аввалӣ ва навиштаҷот бо кредити ҳисоби 10600 “Қарздории муассисон (иштирокчиён) аз рӯи саҳмҳо ба сармояи оинномавӣ” дар робита бо дебети ҳисобҳои баҳисобгирии воситаҳои асосӣ (ҳисобҳои гурӯҳи 11000 “Воситаҳои асосӣ”), дороиҳои ғайримоддӣ (11300 “Дороиҳои ғайримоддӣ”), воситаҳои пулӣ (10200 “Воситаҳои пулӣ дар бонк”), сарватҳои моддӣ (10700 “Захираҳои молию моддӣ”) ва ғайра муайян менамояд. Ҳамин тавр, аудитор дар асоси маълумоти иқтибосҳои бонк ва ҳуҷҷатҳои ба онҳо замимашуда пуррагӣ ва саривақтии гузориши саҳмҳои муассисонро месанҷад.

Воситаҳои асосӣ ва дороиҳои ғайримоддии ба ҳисоби саҳмҳои муассисон ба сармояи оинномавӣ гузошташуда дар асоси созишномаи муассисон баҳодиҳӣ карда мешавад. Асъори хориҷӣ бо қурби расмии муқаррарнамудаи Бонки миллии Тоҷикистон барои санаи бақайдгирии оинномаи ҷамъият баҳо дода мешаванд. Қоғазҳои қиматнок ва дигар дороиҳои молиявии ба сифати саҳм ба сармояи оинномавӣ гузошташуда бо созишномаи муассисон (дар асоси қурби бмржавии охирин) баҳо дода мешаванд. Ашё ва дигар сарватҳои моддии ба сармояи оинномавӣ ё бар ивази пардохти саҳмияҳо гузошташуда бо арзиши бозорӣ дар санаи ба корхона гузаронидани онҳо баҳо дода мешаванд. Дороиҳои ғайримоддие, ки муайян кардани арзиши бозориашон ғайриимкон аст, дар асоси маълумоти ҳуҷҷатҳои муассисӣ ё созишномаи ҷонибҳо баҳо дода мешаванд. Одатан, баҳодиҳии ин гуна объектҳо ба мутахасисон-коршиносон вогузор карда мешавад.

Ҳар як саҳми ба сармояи оинномавӣ гузошташуда бо ҳуҷҷатҳо тасдиқ карда мешавад. Дар ҳуҷҷатҳои тасдиққунанда ҳатман бояд ишорат ба бунёдшавии сармояи оинномавӣ ҷой дошта бошад. Ғайр аз ин намудҳои алоҳидаи воситаҳои ба ҳисоби саҳм ба сармояи оинномавӣ гузошташуда (масалан, хонаи шахсӣ, моликияти зеҳнӣ, воситаҳои нақлиёт) бояд бо ҳуҷҷатҳое тасдиқ карда шаванд, ки моликияти шахсии муассисон – шахсони воқеиро нишон диҳанд. Ҳамин тавр, аудитор баҳисобгирии таҳлилии ҳисобикуниҳо аз рӯи саҳмҳои муассисонро, ки барои ҳар кадоми онҳо дар карточкаҳо ва ведомостҳо бурда мешавад ва дар онҳо маблағи қарздорӣ аз рӯи саҳмҳо, санаи пӯшонидан, маблағи дороиҳои барои пӯшонидани қарздорӣ гузошташуда инъикос карда мешавад, аз санҷиш мегузаронад.

Ҳангоми санҷиши шумораи муассисон ва ҳиссаҳои саҳмҳои онҳо ба сармояи оинномавии корхона, аудитор бояд дар хотир дошта бошад, ки шумораи зиёдтарини муассисон ва ҳиссаи баландтарини саҳми як муассис ба сармояи оинномавӣ бо қонун дар бораи шахсони ҳуқуқии намуди дахлдор муайян карда мешаванд.

Бояд қайд кард, ки сармояи оинномавии корхона набояд аз бузургии бо ҳуҷҷатҳои муассисӣ муқарраргардида зиёд бошад. Бино бар ин, яке аз вазифаҳои муҳимми аудити бунёдшавии сармояи оинномавӣ ин санҷиши риояигардии принсипи устувории бузургии сармояи оинномавӣ, мувофиқати он ба андозаи бо қонунгузорӣ ё ҳуҷҷатҳои муассисӣ пешбинишуда мебошад. Аммо дар ҳолатҳои бо қонунгузорӣ ё ҳуҷҷатҳои муассисӣ пешбинишуда зиёдкунӣ ё камкунии сармояи оинномавӣ раво дониста мешавад. Аз ҷумла, ин гуна ҳолатҳо ҳангоми ба ҷамъият қабул кардани иштирокчиёни нав, аз ҷониби муассисон (иштирокчиён) гузоштани саҳмҳои иловагӣ ё равона кардани ҳиссаи фоидаи аз фаъолияти хоҷагидорӣ гирифтаи корхона ба афзоиши сармоя метавонанд ҷой дошта бошанд. Масалан, сармояи оинномавии ҷамъияти саҳомӣ метавонад бо роҳи баровардани саҳмияҳои иловагӣ ва зиёд кардани арзиши исмии саҳмияҳои баровардашуда, инчунин, аз ҳисоби фоидаи тақсимнашуда зиёд карда шавад. Ҷамъияти саҳомӣ то лаҳзаи пурра пардохт шудани сармояи оинномавӣ ҳуқуқ надорад, ки онро зиёд намояд. Ҷамъияти саҳомӣ ҳуқуқ дорад ва дар ҳолатҳои бо қонунгузорӣ пешбинишуда вазифадор аст, ки сармояи оинномавии худро кам кунад. Сармояи оинномавии ҷамъияти саҳомӣ метавонад бо роҳи кам кардани арзиши исмии саҳмияҳо ё кам кардани миқдори умумии онҳо ва ё дар ҳолатҳои бо қонунгузорӣ пешбинишуда бо роҳи бозхариди ҳиссаи саҳмияҳо кам карда шавад. Ҷамъияти саҳомӣ наметавонад сармояи оинномавии худро кам кунад, агар дар натиҷаи чунин камкунӣ андозаи он аз андозаи ақалли бо қонунгузорӣ муқарраргардида кам шавад.

Агар баъди анҷоми соли дуюм ва ҳар як соли минбаъдаи молиявӣ аз тавозуни муҳосибии солонаи барои тасдиқ ба саҳмиядорони ҷамъияти саҳомӣ пешниҳодшуда, ё дар натиҷаи санҷиши аудиторӣ ошкор шавад, ки арзиши дороиҳои софи ҷамъияти саҳомӣ аз сармояи оинномавии он кам шудааст, пас, ҷамъияти саҳомӣ оид ба кам кардани сармояи оинномавии худ то ҳадди аз арзиши дороиҳои софи он зиёд набуда изҳор менамояд. Агар баъди анҷоми соли дуюм ва ҳар соли минбаъдаи молиявӣ аз тавозуни

муҳосибии солонаи барои тасдиқ ба саҳмиядорони ҷамъияти саҳомӣ пешниҳодшуда ё дар натиҷаи санҷиши аудиторӣ ошкор шавад, ки арзиши дороиҳои софи ҷамъияти саҳомӣ аз андозаи ақали сармояи оинномавӣ кам шудааст, пас, ҷамъияти саҳомӣ дар маҷлиси умумии солонаи саҳмиядорон дар бораи барҳамдиҳии худ қарор қабул менамояд.

Дар баҳисобгирии муҳосибӣ навиштаҷот дар ҳисобҳои гурӯҳи 33000 “Сармояи эълоншуда (оинномавӣ)” танҳо дар мавридҳои бо тартиби муқарраршуда зиёд шудан ё кам шудани сармояи оинномавӣ ва даровардани тағйироти зарурӣ ба ҳуҷҷатҳои муассисӣ ба ҷо оварда мешаванд. Тибқи Нишондодҳои методӣ оид ба татбиқи нақшаи ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибии фаъолияти молиявӣ-хоҷагии субъектҳои хоҷагидорӣ бунёдшавӣ ва зиёдшавии сармояи оинномавии ҷамъияти саҳомӣ бо кредити ҳисобҳои 33010 “Саҳмияҳои одӣ” ва 33020 “Саҳмияҳои имтиёзнок” инъикос карда мешавад. Бо дебети ҳисобҳои мазкур камшавии сармояи оинномавӣ инъикос карда мешавад [10].

Зиёдшавии сармояи оинномавии ҷамъияти саҳомӣ дар натиҷаи бароришиминбаъдаи саҳмияҳо танҳо пас аз бақайдгирии ҳисоботи ҷамъият дар бораи бароришикоғазҳои қиматнок дар Агентии рушди бозори коғазҳои қиматнок ва бақайдгирии махсусгардонидашудаи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода мешавад.

Тибқи муқаррароти моддаи 23 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи бозори коғазҳои қиматнок” маблағҳои аз ҳисоби паҳнкунии саҳмияҳо гирифташуда дар бонки хизматрасони корхона дар ҳисоби махсуси ғункунанда нигоҳ дошта шуда, то анҷоми муҳлати обуна ва бақайдгирии ҳисоботи корхона истифода шуда наметавонанд [7].

Аудитор бояд дар хотир дошта бошад, ки ахбори ҳангоми омӯзиши ҳуҷҷатҳои муассисӣ гирифтаи худро метавонад ҳангоми гузаронидани санҷиши аудитории дигар мавзеъҳо ва амалиёти баҳисобгирӣ ба кор барад. Бинобар ин, вай дар ҳуҷҷатҳои кории худ бояд таъсири ахбори гирифтаашро ба бунёдшавии хулосаи аудиторӣ оид ба саҳеҳии ҳисоботи молиявии корхонаи санҷидашаванда муайян кунад.

АДАБИЁТ

1. Барфиев К.Х. Эффективность системы внутреннего контроля (аудита) на предприятиях агропромышленного комплекса / К.Х. Барфиев // Аудит и финансовый анализ. -2015. -№4. -С.152-154.
2. Боровяк С.Н. Собственный капитал организации и особенности его аудита / С.Н. Боровяк, Н.Н. Новоселова // Бизнес в законе. - 2013. -№4. -С.130-133.
3. Василенко М.Е. Собственный капитал организации и особенности его аудита / М.Е. Василенко, Д.Д. Шакина // Карельский научный журнал. - 2018. -Т.7. -№2(23). –С.130-132.
4. Каримов Б.Ҳ. Баҳисобгирии муҳосибӣ. Китоби дарсӣ / Б.Ҳ. Каримов, М.Б. Каримиён, М.Б. Каримиён. -Душанбе: Ирфон, 2020. –444 с.
5. Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон. Бахши 1. [Манбаи электронӣ]. URL: http://base.mmk.tj/view.
6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ” аз 5 марти соли 2007. -№237. [Манбаи электронӣ]. URL: http://base.mmk.tj/view.
7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи бозори коғазҳои қиматнок” аз 28 июни соли 2011. -№745. [Манбаи электронӣ]. URL: http://mmk.tj.
8. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи корхонаҳои давлатӣ” аз 28 феврали соли 2004. -№10. [Манбаи электронӣ]. URL: http://base.mmk.tj/view.
9. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд” аз 19 марти соли 2002. -№572б. [Манбаи электронӣ]. URL: http://base.mmk.tj/view.
10. Нақшаи ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибии фаъолияти молиявӣ-хоҷагии субъектҳои хоҷагидорӣ ва Нишондоди методӣ оиди татбиқи нақшаи ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибии фаъолияти молиявӣ-хоҷагии субъектҳои хоҷагидорӣ. Фармоиши Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 майи соли 2011. -№41. [Манбаи электронӣ]. URL:http://minfin.tj.
11. Парасоцкая Н.Н. Аудит собственного капитала предприятия / Н.Н. Парасоцкая // Все для бухгалтера. - 2010. -№8(248). –С.38-44.
12. Толчинская М.Н. Методические аспекты проведения аудита собственного капитала / М.Н. Толчинская // УЭПС: управление, экономика, политика, социология. – 2016. -№2. -С.68-70.
13. Тоҳирова Р.С. Аудит. Китоби дарсӣ / Р.С. Тоҳирова. -Душанбе: Ирфон, 2018. -582 с.

АУДИТИ БУНЁДШАВИИ САРМОЯИ ОИННОМАВӢ

Мақсади аудити сармояи оинномавӣ тасдиқ намудани асосҳои қонунии фаъолияти корхонаи санҷидашаванда, дурустии бунёдшавӣ ва тағйирёбии сармояи оинномавӣ ва ҳаққонияти нишондиҳандаҳои васфкунандаи сармояи оинномавӣ дар ҳисоботи молиявӣ мебошад. Масъалаҳои ташкил ва гузаронидани санҷиши аудитории бунёдшавии сармояи оинномавӣ дар адабиёт ба таври пурра баррасӣ нашудаанд. Дар мақолаи мазкур саъй карда шудааст, ки фазои холӣ дар таҳқиқи ин масъалаҳо ба андозае пур карда шавад. Дар мақола масъалаҳои бунёдшавии сармояи оинномавӣ ва хусусиятҳои гузаронидани аудити он бо мақсади таҳия намудани хулосаи аудиторӣ ва ҳосил кардани боварӣ оид ба саҳеҳии ахбор ва мувофиқати амалиёти бунёдшавии сармояи оинномавӣ бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ мешаванд. Масъалаҳои санҷиши дурустии нигориши муҳосибии амалиёт оид ба бунёдшавӣ ва тағйирёбии бузургии сармояи оинномавӣ яке аз самтҳои асосии таҳқиқоти мазкур ба ҳисоб мераванд.

Калидвожаҳо: сармояи худӣ, сармояи оинномавӣ, амволи корхона, муассисон, арзиши исмӣ, гузориши саҳмҳо ба сармояи оинномавӣ, пардохти саҳмияҳо (саҳмҳо), қарздории муассисон, воридшавии саҳмҳои муассисон, зиёдкунии сармояи оинномавӣ, камкунии сармояи оинномавӣ.

АУДИТ ФОРМИРОВАНИЯ УСТАВНОГО КАПИТАЛА

Цель аудита уставного капитала заключается в подтверждении законных оснований деятельности проверяемого предприятия, правильности формирования и изменения уставного капитала и реальности соответствующих показателей финансовой отчетности. Вопросы организации и проведения аудиторской проверки формирования уставного капитала недостаточно изучены в литературе. В данной статье сделана попытка несколько восполнить свободное пространство в исследовании указанных вопросов. В статье рассматриваются вопросы формирования уставного капитала и особенности его проведения в целях составления аудиторского заключения и получения уверенности в достоверности информации и правильности совершения операций по формированию уставного капитала в соответствии с законодательством Республики Таджикистан. Вопросы проверки правильности бухгалтерского оформления операций по формированию и изменению величины уставного капитала являются одними из основных направлений данного исследования.

Ключевые слова: собственный капитал, уставный капитал, имущества предприятия, учредители, номинальная стоимость, вложение вкладов в уставный капитал, оплата акций (вкладов), задолженность учредителей, поступление вкладов учредителей, увеличение уставного капитала, уменьшение уставного капитала.

AUDIT OF FORMATION OF THE AUTHORIZED CAPITAL

The purpose of the audit of the authorized capital is to confirm the legal basis for the activity of the audited enterprise, the correctness of the formation and change of the authorized capital and the reality of the corresponding financial statements. The issues of organizing and conducting an audit of the formation of the authorized capital have been studied in the literature. This article has made an attempt to fill some space in the study of these issues. The article deals with the formation of the authorized capital and the peculiarities of its implementation in order to draw up an audit report and gain confidence in the reliability of information and the correctness of operations to form the authorized capital in accordance with the legislation of the Republic of Tajikistan. The issues of checking the correctness of accounting registration of operations to form and change the amount of the authorized capital are one of the main directions of this study.

Keywords: equity capital, authorized capital, property of an enterprise, founders, par value, investments in authorized capital, payment for shares (contributions), debts of founders, receipt of contributions from founders, increase in authorized capital, decrease in authorized capital.

Маълумот дар бораи муаллифон: ***Тоҳирова Рақабмоҳ Сафаровна*** **–** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва аудит. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail: **moh-72@mail.ru**. Телефон: (**+992) 935-32-08-36**
Рақабов Туймурод Бободавлатович**-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи бпҳисобгирии бухгалтерӣ **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **934-38-51-10**

Сведения об авторах: ***Тохирова Раджабмох Сафаровна*** – Таджикский национальный университет, кандидат экономических наук, доцент кафедры экономического анализа и аудита. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. E-mail: **moh-72@mail.ru**. Телефон: (**+992) 935-32-08-36**
Раджабов Туймурод Бободавлатович **-** Таджикский национальный университет, кандидат экономических наук, доцент кафедры эбухгалтеского учета. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **934-38-51-10**

Information about the authors: ***Tohirova Rajabmo Safarovna*** - Tajik National University, Candidate of Economic Sciences, Associate Professor of the Department of Economic Analysis and Audit. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 17. E-mail: **moh-72@mail.ru.** Phone: (**+992) 935-32-08-36**
Rajabov Tuimurod Bobodavlatovich - Tajik National University, Candidate of Economic Sciences, Associate Professor of the Department of E-Accounting. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 17. Phone: **934-38-51-10**

УДК: 336.2(575.3)

ТАҶРИБАИ РУШДИ ХОҶАГИИ ҚИШЛОҚ ДАР АСОСИ ШАРИКИИ ДАВЛАТ ВА БАХШИ ХУСУСӢ

Қодирзода Диловар Баҳриддин, Собирзода Нуралӣ Миралӣ
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар шароити ислоҳоти хоҷагии қишлоқи кишвар муносибат ба ташаккули рақобатпазирии корхонаҳои кишоварзӣ ба куллӣ тағйир меёбад. Мушкилоти мазкур дар нақшаи аввали сиёсати давлатии аграрӣ пешниҳод карда шуда, феълан рақобатпазирӣ дар бозорҳои молӣ ба мушкили амнияти иқтисодӣ ва озуқаворию ҷумҳурӣ табдил ёфтааст.

Дар шароити муосир фаъолияти самарабахши соҳаи кишоварзиро танҳо бо истифодаи шарикии давлат ва бахши хусусӣ ва ҳамкории фаъоли ҳамаи иштирокчиёни он ба даст овардан мумкин аст. Маҳз ҳамин шакли ҳамкорӣ метавонад барои гузариши хоҷагии қишлоқ ба роҳи инноватсионии рушд асос гардад. Бояд қайд кард, ки системаҳои иқтисодии аксари кишварҳо дар марҳилаи кунунии рушди онҳо, на бозори холис, балки иқтисоди омехтаро дар бар мегиранд. Дар онҳо соҳибкории хусусӣ бо таъсироти ҳукумат

якҷоя карда мешавад, аммо ҳамзамон, дар кишварҳои алоҳида, дараҷа ва шаклҳои дахолати давлат ба тиҷорати хусусӣ аз ҳамдигар фарқ мекунанд.

Кишварҳои Ғарб ба шарофати дастовардҳои илмию техникӣ ба сатҳи баланди рушди иқтисодӣ ноил шуданд. Онҳо то 80-85% рушди иқтисодии истеҳсолотро таъмин мекунанд. Омили муҳимтарини рушди иҷтимоӣ донишест, ки рушди босуръати иқтисоди инноватсионӣро муайян мекунад.

Баррасии таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ дар рушди ҳамкориҳои бахшҳои давлативу хусусӣ бо мақсади суръат бахшидан ба рушди инноватсионии иқтисодиёт имкон медиҳад, ки самтҳои ояндадори шаклҳо ва механизми татбиқи онҳоро бо назардошти манфиатҳои давлат, истеҳсолот ва илм муайян карда мешавад.

Таҳлили таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки нақши нисбии шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар сиёсати инноватсионӣ дар кишварҳои мухталиф гуногун аст, аммо тамоюли возеҳи баланд бардоштани нуфузи он ба раванди афзоиши фаъолияти инноватсионӣ вуҷуд дорад.

Аҳамияти махсуси шарикии давлат ва бахши хусусӣ ҳамчун воситаи муассири татбиқи сиёсати инноватсионӣ, дар навбати аввал, аз ҳисоби рушди инфрасохтори инноватсионӣ бо назардошти манфиатҳо ва бо иштироки фаъоли соҳибкорӣ муайян карда мешавад; дуюм, тавассути баланд бардоштани самаранокии истифодаи моликияти давлатӣ ва хароҷоти буҷа, аз ҷумла ба дастгирии инноватсия равонашуда; сеюм, тавассути ҳавасмандгардонии бахши хусусӣ барои рушди фаъолияти соҳибкорӣ дар минтақаҳое, ки барои афзоиши босифати иқтисодӣ иқтидори аз ҳама зиёд доранд. Самтҳои номбаршуда дар хароҷоти буҷа, ташаббусҳои қонунгузорӣ ва таҳияи барномаҳои нав дар соҳаи рушди шарики инноватсионӣ инъикос ёфтаанд.

Масалан, дар Австралия, бо мақсади баланд бардоштани сатҳи бахши хусусии илмӣ-таҳқиқотӣ ва беҳтар шудани иртибот байни бисёр бозингарони системаи инноватсионӣ, ҳукумат як қатор тадбирҳоро оғоз аз дастгирии пажӯҳишҳо дар саноат (масалан, грантҳои рақобатӣ, имтиёзҳои андозӣ) ва то барномаҳои таблиғоти ширкатҳои трансмиллӣ дар таъсиси пойгоҳи тадқиқотӣ пиёда намуд.

Сиёсати давлатӣ дар ҳамкориҳои бахшҳои давлативу хусусӣ ба ҳавасмандкунӣ ва мусоидат ба шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар соҳаи навовариҳо нигаронида шудааст. Дар Австралия барномаҳои таҳқиқотии комил бомуваффақият таҳия шудааст; ҳамкории самарабахш; фароҳам овардани имкониятҳои нави таълимӣ; табдили натиҷаҳои тадқиқот ба манфиатҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологӣ. Тавре ки таҷрибаи Австралия нишон медиҳад, навоварӣ омили калидии афзоиши устувори ҳосилнокии меҳнат аст ва афзоиши маҳсулнокии инноватсия ҳамкориҳои зичтари байни бозингарони гуногун дар раванди навовариро тақозо мекунад.

Дар Британияи Кабир шарикии бахшҳои давлативу хусусӣ ҳамчун созишномаи байни бахшҳои давлативу хусусӣ дар бораи расонидани хадамоти давлатӣ ё инфрасохтор фаҳмида мешавад. Шӯрои шарикии давлат ва бахши хусусӣ онро ҳамчун як корхонаи муштараки байни бахшҳои давлативу хусусӣ муайян мекунад, ки ба дониш ва таҷрибаи ҳар як шарик асос ёфтааст ва талаботи беҳтарини ҷомеаро тавассути тақсимоти оқилонаи захираҳо, хавфҳо ва даромадҳо муайян мекунад. Муносибати муштарак маънои онро дорад, ки ҳар як тараф ба лоиҳа бартариҳои худро бо мақсади ниҳоии қонеъ кардани ниёзҳои ҷомеа мерасонад. Аммо дар айни замон принсипи иқтисодиёти бозаргонӣ бамаврид нест: тиҷорат бояд фоидаовар бошад.

Манбаи асосии маблағгузорӣ дар доираи бахшҳои давлативу хусусӣ буҷет ё сармояи тиҷорати хусусӣ ба ҳисоб меравад. Ҳамзамон, барои қонеъ намудани эҳтиёҷоти асосӣ дар сармоягузории давлатӣ дар кишварҳои гуногун бархӯрдҳои гуногун интихоб карда мешаванд.

Масалан, дар Британиёи Кабир нигаронӣ аз он, ки сатҳи нисбатан ками сармоягузории давлатӣ тӯли солҳо метавонад ба нишондиҳандаҳои иқтисодӣ дар дарозмуддат таъсири манфӣ расонад ва дар миёнаи солҳои 90-ум ба қабули «қоидаҳои тиллоӣ» оварда расонд, ки имкон медиҳад, маблағҳои қарзӣ барои сармоягузории лоиҳаҳои инфрасохторӣ ва дигар лоиҳаҳои сармоявӣ ҷалб карда шаванд. Ин ба шарофоати қарзи ночизи давлатӣ, тамаркуз ба ноил шудан ба самаранокии иқтисодии хароҷоти давлатӣ ва сатҳи баланди шаффофият дар соҳаи молиявӣ имконпазир шуд. «Қоидаҳо дар бораи таносуби қарз», ки дар як вақт қабул шудааст, ҳадди ниҳоии қарзро муқаррар менамояд, ки ба ташаккули қарзи давлатии аз ҷиҳати иқтисодӣ ғайри қобили қабул имкон намедиҳад. Ҳарчанд фоиданокии чунин қоидаҳои одӣ аз нигоҳи сиёсати оптималии андозӣ - буҷавӣ шубҳанок ба назар расад ҳам, дар бисёре аз кишварҳои рӯбатараққӣ дастрас нест.

Айни замон дар соҳаи шарикии давлат ва бахши хусусӣ, ба гуфтаи бисёр муҳаққиқон, Иёлоти Муттаҳида, Британиё, Фаронса ва Олмон пешвоёни ҷаҳонӣ мебошанд. Масалан, дар Британиёи Кабир дар соли 1992 бо мақсади рушди самарабахши хизматрасониҳои баландсифати ҷамъиятӣ «Ташаббуси молиявии хусусӣ (ТМХ) таъсис дода шуд, ки моҳияти он ҷалби сармоягузории хусусӣ барои сохтмони иншооти бузурги давлатӣ буд [2,с.25].

Соли 1997 тартиботи ТМХ тағйир ёфта, меъёрҳои нави дастгирии давлатии лоиҳаҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ пайдо шуданд. Ҷуброни хароҷоти сармоягузории хусусӣ баъд аз даромади амалиётӣ ё аз даромадҳо аз татбиқнамоӣ ё аз буҷет анҷом дода мешавад. Дар бисёр ҳолатҳои ташаббуси молиявии хусусӣ, сармоягузор ба кори минбаъдаи иншоот ва ташкили фаъолияти он то ба кор ҷалб кардани коргарон ҷалб карда мешавад. Ба сифати объектҳои ташаббуси молиявии хусусӣ метавонанд иншооти инфрасохторӣ (аз ҷумла роҳҳои автомобилгард ва роҳи оҳан), мактабҳо, беморхонаҳо ва ҳатто маҳбасҳо бошанд. Дар ин замина як қатор лоиҳаҳо татбиқ шуданд, ки миёни онҳо аз ҷумла ташкили системаи ҳамгирошудаи идоракунии партовҳо дар ҷазираи Уайт, сохтмони мактабҳо дар Бридгепорт ва Дорсет, хонаҳои пиронсолон дар Суррей, бинои полис дар Илкестон, ҳалқаи шимолии Бирмингем ва шабакаи роҳи оҳани Кройдон ва ғайра маъмуланд. Дар Британияи Кабир ҳар сол то 80 шартномаи нави шарикӣ баста мешавад. Тибқи иттилои ҳукумати Британиё, чунин лоиҳаҳо барои буҷаи кишвар 17% сарфа мекунанд.

Ягонагии системаи ҳамкориҳои бахшҳои давлативу хусусӣ дар Британиёи Кабир дар он аст, ки ягон қонунгузории дахлдор вуҷуд надорад, ки мақомот ё муассисаи давлатиро дар масъалаҳои шартнома маҳдуд кунад. Бо вуҷуди амалияи васеи паҳншудаи истифодаи ҳамкориҳои бахшҳои давлативу хусусӣ дар иқтисодиёти кишвар, ба ҳар ҳол, дар таҷрибаи Британиё то ҳол созишномаи стандартии ҳамкориҳои бахшҳои давлативу хусусӣ вуҷуд надорад, ба истиснои бандҳои стандартӣ, ба монанди сатҳи уҳдадориҳои бахши давлатӣ ва хусусӣ, моликият ба амвол, тақсими хавфҳо, муҳлати идомаёбӣ бо вақт, манбаъҳои маблағгузорӣ ва ғайра. Ин мушкилиҳои муайянро дар таҳияи лоиҳаҳои нав ба миён меорад, зеро онҳо ташаккул додани шартномаҳои навро бо вазифаҳои гуногун тақозо мекунанд, ки барои тиҷорати хусусӣ комилан мувофиқ нестанд. Зеро лоиҳаҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳим ҳамеша гурӯҳҳои гуногуни хавфро дар пай доштанд ва дар пай доранд: техникӣ, молиявӣ, амалиётӣ, бозорӣ ва дар ниҳоят тиҷоратӣ.

Таҷрибаи ташаккули модели чинии шарикии давлат ва бахши хусусӣ, ки онҳоро шартан ба ду марҳила тақсим кардан мумкин аст, таваҷҷуҳи махсус дорад. Аз соли 1980 то 1990, марҳилаи аввали ташаккули ҳамкориҳои бахшҳои давлативу хусусӣ дар Ҷумҳурии Халқии Чин (ҶМЧ) ба назар расид. Якҷоя бо ширкати Ҳонконг лоиҳаи муштараки аввалини ВОТ (сохтмон-амалиёт-интиқол) дар вилояти Шен Ҷен сохтмони неругоҳи обӣ ба истифода дода шуд. Дар нимаи солҳои 90-ум бисёре аз музофотҳои Хитой суръати афзоиши лоиҳаҳои ВОТ доштанд. Ривоҷи ВОТ-и чинӣ асосан ба сохтмони неругоҳҳои баркӣ ва иншооти обтаъминкунӣ равона карда шудааст.

Баъдтар ин модели ҳамкориҳои бахшҳои давлативу хусусӣ таваҷҷуҳи мақомоти Чинро ба худ ҷалб кард.

Ҳолати кунунии рушди модели ҳамкории бахшҳои давлативу хусусӣ дар Чин ин мавҷудияти шакли муайяни ҳамкориҳои бахшҳои давлативу хусусӣ мебошад, ки дар сурати зарурати молиявӣ ва иқтисодӣ ба ҳамкории давлат ва бахши хусусӣ татбиқ карда мешавад. Дар чунин лоиҳаҳои ҳамкориҳои бахшҳои давлативу хусусӣ сармояи хусусӣ ба лоиҳаҳо ва барномаҳои ҷамъиятӣ сармоягузорӣ карда мешавад. Аммо шаклҳои дигари ҳамкориҳои бахшҳои давлативу хусусие низ вуҷуд доранд, ки аз бисёр ҷиҳат қисми дурнамои масъулиятҳои иҷтимоӣ аз тарафи давлат ва ширкатҳо мебошанд. Андешаҳо дар бораи афзалиятҳои моделҳои гуногуни ҳамкориҳои бахшҳои давлативу хусусӣ ба таври васеъ тафовут доранд ва бисёр лоиҳаҳои дар солҳои 90-ум дар Хитой татбиқшуда шакли гуногунро пайдо карданд. Ин моделро пайгирӣ намуда, давлат ба ширкат имконият фароҳам меорад, то лоиҳаро татбиқ кунад ва онро барои давраи муайяншуда барои даст овардани фоида ба кор барад. Дар охири давраи мазкур ширкати хусусӣ лоиҳаро ба дасти давлат беподошт месупорад. Масалан, дар Пекин нақшаи ВОТ дар бисёр лоиҳаҳои инфрасохтории шаҳрӣ истифода шудааст.

Бисёре аз муҳаққиқон қайд мекунанд, ки дар адабиёти англисӣ-амрикоӣ дар охири солҳои 1980 ва аввали солҳои 90-ум якчанд самтҳои омӯзиши шарикии давлат ва бахши хусусӣ, чи дар сатҳи миллӣ ва чи дар сатҳи байналмилалӣ, мушоҳида мешаванд [3,с.38].

Самти аввал асосан ба омӯзиши табиати ташкилии шарикӣ, ки унсурҳои онро дар сохтори шарикӣ ташкил медиҳад, инчунин, дастгирии захираҳои шарикӣ ва парадигмаи

институтсионалии он нигаронида шудааст.

Самти дуюм асосан ба таҳлили таҷрибаи шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар ИМА ва Британияи Кабир нигаронида шудааст. Таҳлили маводи таҷрибавӣ имконият фароҳам овард, ки аҳамияти рушди муносибатҳои шартномавӣ барои таҳкими шарикии давлат, бахши хусусӣ ва мушкилоте, ки дар рушди муносибатҳои боварӣ ба вуҷуд меоянд, муайян карда шавад.

Дар самти сеюм ҷой, нақш ва дурнамои сохторҳои давлатӣ, мақомоти ҳокимиятӣ дар мушорикати бахшҳои хусусӣ ва давлатӣ баррасӣ шуда, афзалиятҳои сохторҳои давлатӣ дар ташкили шарикии давлат ва бахши хусусӣ, аҳамияти муносибатҳои дохилии байни аъзоёни шарикӣ дар матнҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ таъкид карда шуданд.

Омӯзиши самти чорум ба рушди иҷтимоӣ - иқтисодии минтақаҳо бо истифода аз шаклҳои гуногуни шарикии давлат ва бахши хусусӣ барои таъмини аҳолии минтақаҳои дахлдор бо хизматрасониҳои иҷтимоӣ ва манфиатҳои ҷамъиятӣ бахшида шудааст.

Соҳаи таҳқиқоти самти панҷум бо систематизатсияи таҷрибаи ташкили шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар кишварҳои мухталифи ҷаҳон маҳдуд аст – ин, аз ҷумла ҳам давлатҳои пешрафтаи Аврупо, ИМА, Австралия, Британияи Кабир, Канада ва кишварҳои рӯбатараққӣ ва ҳам кишварҳои пасошӯравӣ дар Аврупои Шарқӣ мебошанд. Ҳамзамон бояд қайд кард, ки таҳлили моделҳои назариявии мушорикати бахшҳои давлативу хусусӣ ва механизми роҳандозии онҳо дар раванди фаъолият дар ҳар як кишвар гуногун аст, хусусиятҳои мушаххаси миллӣ ва шаклҳои ташкилӣ - ҳуқуқӣ дорад. Моделҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ аз рӯи таркиб, сохтори иштирокчиён, инчунин, муносибатҳои дохилиҷамъиятӣ, ки дар шакли мушорикати мувофиқ шакл мегиранд, фарқ карда мешаванд.

Лоиҳаҳои рушди инфрасохтор одатан бо як қатор хавфҳои гуногун алоқаманданд, монанди хатарҳое, ки бо гирифтани ҳама иҷозатномаҳои зарурӣ барои сохтмон алоқаманданд (ба монанди хатарҳое, ки эҳтимолан таъсири лоиҳа ба муҳити зист алоқаманд бошад), таъхир дар сохтмон, барзиёдии хароҷот, дастрасӣ ва сифат хизматрасонӣ, номуайянӣ дар бораи зарурати лоиҳа дар дурнамои миёнамуҳлат ва дарозмуддат, инчунин, тағйирёбии арзиши дороиҳо. Хавфҳои асосии мазкур дар мавриди ҳамкориҳои бахшҳои давлативу хусусӣ низ мавҷуданд. Фарқи байни ҳамкориҳои бахшҳои давлативу хусусӣ ва лоиҳаҳои ба таври анъанавӣ дастгиришаванда дар он аст, ки ҳамкориҳои бахшҳои давлативу хусусӣ ба ҳукуматҳо имкон медиҳанд, ки бо бахши хусусӣ хавфҳои бештарро тақсим кунанд. Ҳамзамон, ҳамкориҳои бахшҳои давлативу хусусӣ нодуруст сохторӣ кунонида шудаанд ва бо сабаби шартҳои дарозмуддати шартномавӣ, ки ба таъсиси ҳамкориҳои бахшҳои давлативу хусусӣ алоқаманданд, метавонанд ба хатари бештаре дучор шаванд.

Мувофиқи принсипи асосии тақсимоти хавфҳо [1], ҳар як хавфро бояд тарафе ба уҳда гирад, ки қодир аст, онро самаранок идора кунад. Аз ин рӯ, хатарҳои марбут ба сохтмон ва истифодабариро одатан бояд бахши хусусӣ ба дӯш гирад ва давлат бошад, хатарҳоеро бояд ба дӯш гирад, ки ба назорат кардани онҳо қодир аст. Маъмултарини он хатарҳо хатарҳои сиёсӣ ва хавфҳои батанзимдарории меъёрӣ-ҳуқуқӣ мебошанд. Инчунин, хавфҳое низ мавҷуданд, ки мақомоти идоракунии давлатӣ метавонад ба онҳо таъсир расонанд, аммо онҳо набояд ба хавфҳои тағйири талабот, хавфҳои асъорӣ ва боқимондаҳои нархӣ таъсир расонанд. Яке аз бартариятҳои татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар заминаи ҳамкориҳои бахшҳои давлативу хусусӣ коҳиш додани хатар барои ҳамаи иштирокчиёни шарикӣ ба ҳисоб меравад.

Айни замон шаклҳои гуногуни дастгирии давлатии лоиҳаҳое вуҷуд доранд, ки ба кам кардани хавфҳо дар бахши хусусӣ нигаронида шудаанд. Шаклҳои мувофиқтарини кам кардани хавфҳо дар ҷараёни татбиқи лоиҳа кафолатҳои давлатӣ ва уҳдадориҳои мустақими шартӣ (субсидияҳои буҷетӣ) мебошанд, ки дар ҳолатҳои пешбининамудаи шартнома пардохтҳои муайяни ҷубронро аз тарафи давлат дар бар мегиранд.

Дар адабиёти хориҷӣ эътироф шудааст, ки барои ҳавасманд кардани шарикӣ, тағйироти институтсионалӣ дар ташкилотҳои илмию таҳқиқотии давлатӣ заруранд, аммо аз нуқтаи назари дурнамои рушди системаҳои инноватсионӣ дар хоҷагии қишлоқ, мо, дар маҷмӯъ, бояд дар бораи таҳкими сармояи иҷтимоии система сухан ронем.

Бояд қайд кард, ки таҷрибаи кишварҳои хориҷиро сарфи назар аз алоқамандии истеҳсолоти алоҳида дида баромадем, зеро ҳавасмандкуниҳо ва институтҳои истифодашаванда барои хизмат расонидан ба ягон соҳа пешбинӣ нашудаанд, балки барои намояндагони тиҷорати хурд аз соҳаҳои мухталиф, ки барои барқарор намудани муносибатҳои шарикии дарозмуддат бо давлат ки омодаанд, созгоранд. Дар кишварҳои мутараққӣ муассисаи муайян барои эҷоди шарикии «имтиёзнок» миёни тиҷорати хурд ва

давлат истифода мешавад, ки меъёри возеҳи таснифоти истеҳсолкунандагони маҳсулотро дар ин гурӯҳ муқаррар менамояд. Ҷамъбасти сарчашмаҳои сершумори дохиливу хориҷӣ нишон медиҳад, ки дар саргаҳи ин меъёр асосан ба нишондиҳандаҳои нархӣ дар шакли даромад аз фурӯши мол ё хизматрасонӣ истифода мешавад. Бинобар ин, шакли шарикӣ метавонад ба тиҷорати хурд аз ҷониби ниҳодҳои гуногуни молиявии давлатӣ ё сохторҳои молиявии хусусӣ кафолат диҳад, ки ба амалӣ гардонидани кумаки умумидавлатӣ ба ин гурӯҳи истеҳсолкунандагони маҳсулот алоқаманданд. Масалан, дар ИМА ҳамасола 10 млрд. доллар дар шакли кафолат ҷудо мегардад, ки ин танҳо қисме аз шаклҳои мушорикати бахшҳои хусусиву давлатӣ аст.

Таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ оид ба рушди ҳамкориҳои бахшҳои давлативу хусусӣ бояд аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар пешбурди ин намуд маҳсулот, аз ҷумла маҳсулоти дар хоҷагии қишлоқ истеҳсолшаванда, ки дар Тоҷикистон афзалиятҳои рақобатпазир доранд, истифода карда шавад. Ин барои истифодаи самараноки захираҳои давлатӣ, корпоративӣ ва хусусӣ, моддӣ, инсонӣ ва иттилоотӣ барои ҳалли барномаҳои озуқаворӣ ва таъмини аҳолӣ бо маҳсулоти хушсифати кишоварзӣ имкон медиҳад.

АДАБИЁТ

1. Айрапетян М.С. Зарубежный опыт использования государственно-частного партнерства [Электронный ресурс]. - Режим доступа: http://wbase.dunia.gov.ru
2. Carlo Cottarelli. Public Private Partnerships. What are They? Theory and Practice. Deputy Director, Fiscal Affairs Department, IMF February 2008. - P. 25.
3. Gerrard M.B. What are public-private partnerships, and how do they differ from privatizations / M.B. Gerrard Finance & Development. Ґ 2001. Vol. 38. Mb 3.
4. Собирзода Н.М. Анализ влияния факторов определяющих конкурентоспособность регионального АПК / Собирзода Н.М., К.Х. Барфиев, С.О. Мирзохонов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. -2019. -№3-2. -С.19-23.

ТАҶРИБАИ РУШДИ ХОҶАГИИ ҚИШЛОҚ ДАР АСОСИ ШАРИКИИ ДАВЛАТ ВА БАХШИ ХУСУСӢ

Дар мақола таҷрибаи мамлакатҳои алоҳида дар самти ҳамкориҳои бахши давлатӣ ва хусусӣ таҳлил гардида, роҳҳои баландбардории самаранокии истеҳсолот дар асоси истифодаи захираҳои молиявӣ, кадрӣ ва ашёгии ниҳодҳои давлатӣ ва соҳибкорони алоҳида асоснок карда шудааст. Бояд қайд намуд, ки айни замон шаклҳои гуногуни дастгирии давлатии лоиҳаҳое вуҷуд доранд, ки ба кам кардани хавфҳо дар бахши хусусӣ нигаронида шудаанд. Шаклҳои мувофиқтарини кам кардани хавфҳо дар ҷараёни татбиқи лоиҳа кафолатҳои давлатӣ ва уҳдадориҳои мустақими шартӣ (субсидияҳои бучетӣ) мебошанд, ки дар ҳолатҳои пешбининамудаи шартнома пардохтҳои муайяни ҷубронро аз тарафи давлат дар бар мегиранд. Инчунин муаллифон он нуктаро махсус қайд менамоянд, ки дар адабиёти хориҷӣ эътироф шудааст, ки барои ҳавасманд кардани шарикӣ, тағйироти институтсионалӣ дар ташкилотҳои илмию таҳқиқотии давлатӣ заруранд, аммо аз нуқтаи назари дурнамои рушди системаҳои инноватсионӣ дар хоҷагии қишлоқ, мо, дар маҷмӯъ, бояд дар бораи таҳкими сармояи иҷтимоии система сухан ронем. Бояд қайд намуд, ки таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ оид ба рушди ҳамкориҳои бахшҳои давлативу хусусӣ бояд аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар пешбурди ин намуд маҳсулот, аз ҷумла маҳсулоти дар хоҷагии қишлоқ истеҳсолшаванда, ки дар Тоҷикистон афзалиятҳои рақобатпазир доранд, истифода карда шавад.

Калидвожаҳо: шарикии давлат ва бахши хусусӣ, сиёсати инноватсионӣ, ҳамкории самарабахш, самтҳои шарикии бахши давлатӣ ва хусусӣ, захираҳои давлатӣ, корпоративӣ ва хусусӣ.

ОПЫТ РАЗВИТИЯ СЕЛЬСКОГО ХОЗЯЙСТВА НА ОСНОВЕ ГОСУДАРСТВЕННО-ЧАСТНОГО ПАРТНЕРСТВА

В статье рассматривается опыт отдельных стран в направлении взаимодействия государственных и частных структур по повышению эффективности производства на основе использования финансовых, кадровых и сырьевых ресурсов государственных структур и частного бизнеса. Нужно отметить, что сегодня существуют различные формы государственной поддержки проектов, которые направлены на уменьшение рисков в частном секторе. Соответствующими формами уменьшения рисков в процессе внедрения проектов являются государственные гарантии и прямые договорные обязательства (бюджетные субсидии), которые в предусмотренных договором обстоятельствах состоят из определенных компенсационных выплат со стороны государства. Также авторы указывают на тот важный факт, что в зарубежной литературе признано, что для привлечения партнёрства, нужны институциональные изменения в научно-исследовательских организациях, но с точки зрения перспектив развития инновационных систем в сельскохозяйственной отрасли, мы, в совокупности, должны вести речь об упрочении социального капитала системы. Нужно отметить, что опыт зарубежных стран относительно развития двустороннего сотрудничества между государственным и частным сектором в продвижении данного продукта, в том числе, продуктов производимых в сельскохозяйственной отрасли, которые имеют в Таджикистане конкурентные преимущества, должно быть Правительство Республики Таджикистан.

Ключевые слова: государственно-частное партнерство, инновационная политика, эффективное взаимодействие, направления государственно-частного партнерства, государственные, корпоративные и частные запасы.

EXPERIENCE OF AGRICULTURE DEVELOPMENT BASED ON PUBLIC-PRIVATE PARTNERSHIP

The article examines the experience of individual countries in the direction of interaction between public and private structures to improve production efficiency through the use of financial, human and raw material resources of government agencies and private business. It should be noted that today there are various forms of state support for projects that are aimed at reducing risks in the private sector. The corresponding forms of risk mitigation in the process of

project implementation are government guarantees and direct contractual obligations (budget subsidies), which, in the circumstances provided for by the contract, consist of certain compensation payments from the state. The authors also point out the important fact that in foreign literature it is recognized that in order to attract partnerships, institutional changes are needed in research organizations, but from the point of view of the prospects for the development of innovative systems in the agricultural sector, we, in aggregate, should talk about strengthening social capital of the system. It should be noted that the experience of foreign countries regarding the development of bilateral cooperation between the public and private sectors in promoting this product, including products produced in the agricultural sector, which have competitive advantages in Tajikistan, should be the Government of the Republic of Tajikistan.

Keywords: public-private partnership, innovation policy, effective interaction, directions of public-private partnership, state, corporate and private stocks.

Маълумот дар бораи муаллифон: ***Қодирзода Диловар Баҳриддин*** **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи назарияи иқтисод. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 17. E-mail: **dilovark@mail.ru.** Телефон: **(+992) 902-01-18-81**
Собирзода Нуралӣ Миралӣ **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ ва таҳлил. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 17. Телефон: **902-44-80-80**

Сведения об авторах: ***Кодирзода Диловар Бахриддин*** **-** Таджикский национальный университет, доктор экономических наук, профессор кафедры экономической теории. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 902-01-18-81.** E-mail: **dilovark@mail.ru**
Собирзода Нурали Мирали - Таджикский национальный университет, кандидат экономических наук, доцент кафедры бухгалтерского учета и анализа. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17.Телефон: **(+992) 902-44-80-80**

Information about the authors: ***Kodirzoda Dilovar Bahriddin*** - Tajik National University, Doctor of Economics, Professor of the Department of Economic Theory. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki avenue, 17. Phone: **(+992) 902-01-18-81.** E-mail: **dilovark@mail.ru**
Sobirzoda Nurali Mirali - Tajik National University, Candidate of Economic Sciences, Associate Professor of the Department of Accounting and Analysis. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki avenue, 17. Phone: **(+992) 902-44-80-80**

УДК 657.31(575.3)

БАҲОГУЗОРИИ САМАРАНОКИИ ХАРОҶОТИ БУҶЕТИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Беков Ф.Ш.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Баҳогузорӣ намудани воситаҳои хароҷот дар сектори буҷет муаммои мураккабро ба миён меорад, монанди самтҳои самаранокии дороиҳои буҷет тамоюли иқтисодӣ ва иҷтимоиро доранд ва бештари хароҷотҳо дарозмуддат пешбинӣ шудааст. Бинобар ин, мо самаранокии хароҷоти буҷети давлатро аз нуқтаҳои назари гуногун таҳлил мекунем.

Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки дар шароити муносибатҳои иқтисоди бозорӣ, расидан ба ҳадафи рушди иқтисодӣ ва таъмини ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ бе таҳлил ва баҳогузорӣ намудани сатҳи самаранокии субъектони иқтисодӣ ғайриимкон аст. Бинобар ин, дар баробари ҷорӣ намудани механизмҳои истифодабарии воситаҳои буҷет вазифаи муҳимтарини давлат ин фароҳам овардани шароит барои гузариш ба муносибатҳои бозорӣ, аз ҷумла дастгирии ҳуқуқии ислоҳоти иқтисодӣ ва тақвияти назорати давлатӣ, ҳавасмандгардонии рушди муҳити рақобат ва ғайра, мебошад.

Муайян намудани тамоюли самаранокии хароҷоти буҷет дар самти хизматрасонӣ ба ҷомеа яке аз афзалиятҳои сиёсати муосири банақшагирӣ ва ислоҳоти ҳамаи сатҳҳои низомии молияи давлатӣ мебошад. Давлат барои самаранок истифодабарии воситаҳои буҷет масъул аст ва бояд аз нигоҳи илмӣ-амалӣ исбот кунад, ки маблағҳои сарфшудаи буҷет ба натиҷаи муайяне оварда мерасонанд, ё ин ки воситаҳои харҷшуда дар рушди иқтисодиёти миллӣ дар ояндаи наздик самараи иқтисодӣ дода метавонад. Ғайр аз он, оқибатҳои бадастомада бояд ба таври кофӣ эътимоднок бошанд ва бо арзишҳои муайяни рақамӣ дар қонунҳо, стратегияҳо, барномаҳо, лоиҳаҳои маблағгузории буҷетӣ тасдиқ карда шаванд. Бо ин васила, мушкилоти асосии ислоҳоти ҷории буҷет ин баланд бардоштани самаранокии хароҷоти буҷет дар ҳама сатҳҳои низоми буҷет мебошад, зеро ин омили муҳим дар баланд бардоштани самаранокӣ дар шароити муосир нисбат ба даромадҳои ба дастомада мебошад. Ин масъала хусусан дар айни замон, дар шароити барқароркунии баъдибуҳронии молиявӣ ва дар натиҷа пайдоиши вазъи ноустувор бо қисми даромади буҷет муҳим мебошад.

Дар адабиёти иқтисодӣ мафҳуми «тамоюли самаранокӣ» ҳамчун мафҳуми нисбӣ бо таносуби натиҷаи ҳар гуна рӯйдод ва арзиши татбиқи он ифода ёфтааст ва хусусияти муайян кардани самти миқдор ва сифатро дорад. Ҷузъи сифатии самаранокии хароҷоти буҷет ин ноил гардидан ба хусусиятҳои сифатии хоси банақшагирии буҷет мебошад. Яъне, мутобиқати афзалиятҳои сиёсати давлатӣ ҳангоми фароҳам овардани шароит ва заминаи идоракунии самарабахши молияи давлатӣ мебошад [6,с.133-136].

Дар соҳаи молияи давлатӣ мафҳуми «самаранокӣ» хусусиятҳои хоси худро дошта, пеш аз ҳама, дар бораи самаранокии таъсири иҷтимоии буҷет сухан меравад.

Тамоюли самаранокии хароҷоти буҷет мафҳуми васеъест, ки бо илова гардидани арзёбиҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсӣ дигаргун мегардад. Аз ин рӯ, андозагирии самаранокии онҳо тавассути чунин нишондиҳандаҳои миқдорӣ, монанди хароҷот ва фоида, ғайриимкон аст. Дар як муддати кӯтоҳ чен кардани самаранокии хароҷоти буҷет ғайриимкон аст. Татбиқи баҳогузории самаранокии хароҷоти буҷет дар соҳаи иҷтимоӣ яке аз нишондиҳандаи асосӣ ба шумор меравад [1,с.167].

Таҳлилро аз моҳияти самаранокии хароҷоти буҷет шурӯъ мекунем. Агар мо ин таърифро аз нуқтаи назари классикон баррасӣ кунем, пас хароҷоти маблағҳо хеле самараноктар мебошад, зеро даромади он ба истифодабарандае, ки ба он арзиши бузург медиҳад, равона карда шудааст (нигаред ба расми 1).

Расми 1. Вазифаҳои самаранокии хароҷоти буҷети давлатӣ
Figure 1. Tasks of efficiency of state budget expenditures

Дар ниҳоят муносибати муаллифони ватанӣ, ки дар он хароҷоти маблағҳои буҷетӣ низ бесамар аст, дар назар гирифта мешавад, зеро он натиҷаҳои ниҳоӣ бо захираҳои мавҷуда нокифоя аст. Принсипи истифодаи самарабахши воситаҳои буҷетӣ, ки муассисаҳо дар таҳия ва иҷрои нақшаҳо кӯшиш мекунанд, барои ноил шудан ба беҳтарин натиҷаҳо истифодаи ҳадди ақалли маблағҳоро талаб мекунанд. Яъне, самаранок истифодабарии маблағҳо маънои кам кардани хароҷотро надорад. Ташкилот бояд назорат намояд, то кам кардани хароҷот сифати кори вазифаҳоро паст накунад (ё ба нокомии он оварда нарасонад).

Яке аз нишондиҳандаҳои истифодаи самараноки захираҳои буҷетӣ ин сохтори хароҷоти буҷет мебошад. Бисёре аз маблағҳо бояд ба ҳадафҳои иҷтимоӣ ва дастгирии истеҳсолот равона карда шаванд, дар ҳоле ки ҳиссаи хароҷот дар идоракунӣ, хизматрасонии қарзи давлатӣ ва маҳаллӣ ва ғ. бояд то ҳадди минималӣ оварда расонида шавад (нигаред ба расми 2).

Расми 2. Ҷабҳаҳои гуногунии муҳтавои самаранокии хароҷоти буҷети давлатӣ
Figure 2. Aspects of diversity of content of state budget expenditures



Мо баъдтар кӯшиш хоҳем кард, ки баҳогузории самарабахшии хароҷоти буҷетро бо истифода аз сатҳи таъминоти буҷетӣ арзёбӣ намоем.

Ин меъёр дар сатҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2014-2018 баррасӣ карда мешавад. Натиҷаҳои ҳисобҳо дар ҷадвали 1 оварда шудаанд.

Нишондиҳандаҳои мазкур нишон медиҳад, ки чӣ қадар маблағҳои буҷет барои як сокин дар давраи баррасишаванда рост меояд. Бо вуҷуди ин, он нишондиҳандаҳои воқеиро инъикос намекунад, чунки сохтор дорои хароҷоти идоракунӣ, маҷмӯи сӯзишворӣ ва энергетикӣ, ҳифзи ҳуқуқ ва ғайра, яъне хароҷоте, ки бевосита ба баланд бардоштани

Ҷадвали 1. Ҳисоби сатҳи таъминотнокии хароҷоти буҷети давлатӣ
Table 1. Calculation of the level of security of state budget expenditures

Нишондиҳандаҳо	2014	2015	2016	2017	2018	Сатҳи радкунӣ дар солҳои 2014-2018	Сатҳи нисбӣ дар солҳои 2014-2018
Шумораи аҳолӣ, млн. нафар	8,352	8,551	8,743	8,931	9,190	0,838	110,0335
Харҷи буҷет дар ин давра, млн. сомонӣ	13191	16227	18294	22624	24066	10875	182,4426
Сатҳи таъминотнокии буҷет, сомонӣ (ба сари 1 нафар)	1579,4	1897,7	2092,4	2533,2	2618,7	12977,3	1,66

Сарчашма: Муаллиф ҷадвалро дар асоси баҳогузории хароҷоти буҷети давлатӣ таҳия намудааст.

сатҳи зиндагии аҳолӣ алоқамандӣ надоранд, иборат мебошад. Нишондиҳандаи сатҳи мазкур аз сохтори хароҷоти буҷет вобастагӣ дорад. Аммо бо назардошти ин нишондиҳанда метавон гуфт, ки арзиши самарабахш аз нуқтаи назари иҷтимоӣ бе назардошти таваррум афзоиш меёбад, масалан таварруми соли 2018 дар муқоиса бо соли 2014 ба андозаи 65,8% афзудааст. Агар мо ба ин нишондиҳанда диққат диҳем, дар дигар кишварҳо, аз қабили Федератсияи Россия, Қирғизистон, Қазоқистон, фарқият даҳҳо маротиб ва дар Аврупо садҳо маротиб ба назар мерасад. Мо чунин меҳисобем, ки ин муқоиса аз назари таърихию муосири иҷтимоиву иқтисодӣ ва воқеият дуруст нест. Ҳамзамон, пешрафти онҳо метавонад яке аз ҳадафҳои ноилгардӣ ба Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон то давраи солҳои 2030 бошад.

Дар асл афзоиши воқеии самараноки хароҷот дар соҳаи иҷтимоӣ хеле душвор аст. Аз ин рӯ, аз як тараф афзоиши хароҷоти соҳаи иҷтимоӣ сатҳи камбизоатиро ба таври ҷиддӣ коҳиш дод, масалан: ҳиссаи шаҳрвандони дорои даромади кам аз ҳадди аққалли зиндагӣ аз 29% дар соли 2014 то 11% дар соли 2018 коҳиш ёфт, ҳаҷми маблағи миёнаи нафақа аз ҳадди ақалли зиндагӣ то 1,7 баробар ва музди миёнаи меҳнат дар иқтисодиёт то ба 23,6% зиёд гардидааст. Аз тарафи дигар, сатҳи пасти самаранокӣ дар сиёсати иҷтимоӣ ҷараёни бо суръати суст паст гардидани сатҳи камбизоатиро нишон медиҳад.

Тибқи баҳогузории муҳаққиқон шаҳрвандоне, ки имтиёзҳои иҷтимоӣ мегиранд, беш аз 50%-и онҳо ба кумаки иҷтимоӣ ниёз надоранд. Ҳамзамон, он шаҳрвандоне, ки ба кумак ниёз доранд, ҳатто камтар аз 50%-и кумаки иҷтимоии пешбинигардидаро соҳиб мегарданд. Ҳамин тариқ, агар ҳар чи бештар воситаҳои буҷетӣ ба низоми дастгирии иҷтимоӣ равона гардад, ҳамон қадар он нобаробарии иҷтимоиро дар байни аҳолӣ зиёд мекунад ва самарабахшии хароҷотҳоро аз рӯи мақсад паст менамояд.

Инчунин, қайд кардан ба маврид аст, ки ба самаранокии истифодаи маблағҳои буҷетӣ метавонад барномаҳое, ки аз ҷониби давлат қабул ва гузаронида мешаванд, таъсир расонанд. Татбиқ ва иҷроиши саривақтии барнома, пеш аз ҳама, ҳамаи маблағгузории мувофиқро талаб мекунад. Сифати пасти барномаҳои давлатӣ ба самаранокии татбиқи сиёсати давлатӣ дар соҳаҳои дахлдори танзим ва хароҷоти буҷети давлатӣ таъсири манфӣ мерасонад ва нишондиҳандаҳои барномаҳои давлатӣ ба арзёбии воқеии ноил шудан ба натиҷаҳои ба нақша гирифташудаи самти сиёсати давлатӣ дар соҳаҳои дахлдор имкон намедиҳанд.

Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дурнамоҳои давлатӣ, консепсияҳо, стратегияҳо ва барномаҳои инкишофи иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки 8 декабри соли 2003, №53 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2003, №12, мод. 681; соли 2009, №3, мод. 87; с. 2011, №12, мод. 845) тасдиқ шудааст, қайд гардидааст, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешгӯйии рушди иҷтимоӣ-иқтисодии давраи кӯтоҳмуддатро бо давомнокии як сол ва дурнамои миёнамуҳлатро барои се сол коркард мекунад. Дар асоси ин пешгӯйӣ Барномаи миёнамуҳлати хароҷоти давлатӣ дар Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли навбатии молиявӣ тартиб дода мешавад.

Соли 2018 Тоҷикистон барои ноил шудан ба натиҷаи нишондиҳандаҳои ниҳоӣ қадамҳои устуворро гузошт, ки ҳамаи он дар ҳуҷҷатҳои стратегӣ дар робита бо рушди иҷтимоиву иқтисодӣ ба роҳ монда шудаанд.

Дар натиҷаи татбиқи вазифаҳо дар соли 2018 афзоиши маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ 7,3% ва таваррум 5,4%-ро ташкил кард.

Рушди соҳаҳои мухталифи иқтисодиёт, махсусан дар соҳаи истеҳсолот, беш аз 150 ҳазор ҷойи нави корӣ ташкил карда шуд ва дар се соли охир шумораи муҳоҷирони меҳнатӣ 25% коҳиш ёфт.

Даромадҳои пулии аҳолӣ 11% афзуд, ҳаҷми пасандозҳо дар низоми бонкии кишвар нисбат ба соли гузашта 9% афзуда, сатҳи камбизоатӣ 29,5 %-ро ташкил дод.

Шумораи аҳолии кишвар аз 5,4 миллион нафар дар соли 1990 ба 9,1 миллион дар соли 2018 расид ва тибқи пешгӯйиҳо дар соли 2023 аҳолӣ ба 10 миллион мерасад.

Ин барои ҳалли масъалаҳои дорои табиати иқтисодиву иҷтимоӣ, аз ҷумла баланд бардоштани сатҳу сифати ҳаёти аҳолӣ ва таҳкими иқтидори истеҳсолии кишвар, муҳим аст.

Аз моҳи сентябри соли 2018 маоши кормандони ташкилоту муассисаҳои соҳаҳои буҷетӣ, аз ҷумла илм, маориф, тандурустӣ, фарҳанг, ҳифзи иҷтимоӣ, инчунин, кормандони дигар ташкилоту муассисаҳое, ки аз ҳисоби буҷети давлатӣ маблағгузорӣ мешаванд, дар баробари нафақаву идрорпулиҳо то ба 15% афзуданд.

Барои татбиқи ташаббусоти мазкур соли 2019 Ҳукумати мамлакат 1,2 млрд. сомонӣ равона менамояд.

Бояд қайд кард, ки қисми даромади буҷети давлатӣ аз 6,5 миллиард сомонӣ дар соли 2010 дар соли 2019 ба 24 миллиард сомонӣ афзоиш хоҳад ёфт, афзоиши мазкур қариб 4 баробар буда, дар он ҳиссаи хароҷоти иҷтимоӣ 43,7%-ро ташкил хоҳад дод.

Дар буҷети соли 2019 дар муқоиса бо соли 2018 бештар аз 17,3%-и маблағҳо ба соҳаи фарҳанг ва варзиш, 14% ба илм ва маориф, 9,5%-и суғуртаи иҷтимоии аҳолӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, 7,2% ба соҳаи тандурустӣ ҷудо карда мешаванд.

Мувофиқи нақшаи тасдиқшуда, дар соли 2019 афзоиши қисми даромади буҷети давлатӣ дар соли 2018 бояд ба 13% расонида шавад, суръати афзоиши маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ беш аз 7% зиёд карда мешавад, сатҳи таваррум набояд аз 7% зиёд бошад ва даромади ниҳоии аҳолӣ бояд на кам аз 10%-ро ташкил намояд.

Тибқи ҳисобҳои дар боло овардашуда, мо на танҳо сабабҳои самаранокии хароҷоти буҷетро фаҳмида метавонем, балки самтҳои афзалиятнокро барои баланд бардоштани самаранокии хароҷоти буҷет низ муайян карда метавонем.

Аз нигоҳи мо, барои иҷрои сифати ин вазифаҳо Ҳукумати кишвар зарурати таҳлил намудани оқибатҳои иҷтимоию иқтисодии тағйиротҳо дар муносибатҳои байналхалқии иқтисодӣ, вазъи бозорҳои молиявӣ, низоъҳои тиҷоратӣ ва таҳримҳои байнидавлатӣ ва андешидани чораҳо барои пешгирии таъсири манфии ин омилҳо ба иқтисоди миллӣ нақшаи чорабиниҳои навро талаб менамояд.

Ҳамчунин, зарур аст, ки дар самти нигоҳдории устуворii нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодӣ, таъмини устуворii низоми бонкӣ, корхонаҳо ва беҳтар намудани иқлими сармоягузорӣ чораҳои қатъӣ андеша шавад.

Агар Вазорати молия бо татбиқи стратегияи идоракунии молияи давлатӣ, бо назардошти афзалиятҳои кишвар, татбиқи босамари даромад ва хароҷоти буҷет шаффофияти хароҷот ва пешрафти нақшаҳои минбаъдаи ислоҳоти соҳаҳои мазкурро ба зиммаи худ гирад, сатҳи самаранокии буҷет дар ояндаи наздик қисман таъмин мегардад.

Баҳогузории самаранокии воситаҳои буҷетӣ дар асоси ҳисоби мултипликатори хароҷоти буҷет, ҷанбаи иқтисодии самаранокиро инъикос мекунад.

Нишондиҳандаҳои мултипликаторӣ дар асоси ММД кишвар дар расми 3 нишон дода шудааст.

Расми 3. Нишондиҳандаи мултипликатори хароҷоти буҷети давлатӣ
Figure 3. Indicator of multiplier of state budget expenditures



Нишондиҳандаҳои расми 3 маънои онро доранд, ки ба ҳар як сомонии харҷшудаи буҷет 0.92, 2.93, 1.55 ва 5.3 сомонӣ маҳсулот дар солҳои 2015, 2016, 2017 ва 2018 рост меояд. Бинобар ин, метавон гуфт, ки хароҷотҳои буҷет самарабахш афзоиш ёфтааст ва воситаҳо дар самти иқтисодӣ самаранок истифода мешаванд. Илова бар ин, қайд намудан зарур аст, ки буҷет дорои самти иҷтимоӣ буда, байни афзоиши ММД ва рушди буҷет алоқамандии зич мавҷуд аст.

Баҳогузорӣ намудани самарабахшии нишондиҳандаҳоро дар саросари ҷумҳурӣ арзёбӣ кардан душвор аст. Бо вуҷуди ин, хулосаҳои дигар низ кардан мумкин аст, ки самаранокии истифодаи воситаҳои буҷетӣ барои эҳтиёҷоти иҷтимоӣ рушд ёфтааст, аммо мувофиқи ақидаи таҳқиқгарони соҳаи иқтисод, ин афзоиш бо суръати паст ҳаракат мекунад, ки чунин суръат низ ба самаранокии хароҷоти буҷет таъсир мерасонад. Дар ҷараёни банақшагирии иқтисодӣ, хароҷот ба таври самаранок пешбинӣ мегардад, аммо дар назария ва натиҷаи оморӣ ҳамеша нишондиҳандаҳои воқеиро дидан душвор аст ва фаромӯш накунем, ки барномаҳои давлатӣ низ ба самаранокии хароҷот таъсир мерасонанд.

Бо методҳои системавии таҳия намудани мақсадҳо ва расмиёти тасдиқшуда барои интихоби воситаҳои мувофиқ барои муваффақ шудан аз ҳисоби захираҳои сарфшудаи буҷет метавонем ба натиҷаҳои назаррас ноил гардем. Барои самаранок харҷ намудани воситаҳои буҷет як қатор мушкилотҳо (муаммоҳо) ҷой доранд, ки ҳалли он аз ҷониби давлат муҳим арзёбӣ мегардад (ниг. ба ҷадвали 2).

Ҷадвали 2. Муаммоҳо, роҳҳои ҳал ва натиҷаи таҳқиқот оид ба самтҳои асосии хароҷоти воситаҳои буҷети давлатӣ

Table 2. Problems, solutions and results of research on the main directions of state budget expenditures

Муаммо	Роҳи ҳал	Натиҷа
Сатҳи пасти самаранокии хароҷоти буҷети давлатӣ аз нуқтаи назари иқтисодӣ	Васеъ намудани самтҳои маблағгузориҳои давлатӣ дар соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёт	Баланд гардидани самаранокии иқтисодиёт; суръати афзоиши даромади воқеӣ ба ҳисоби миёна 5%
Сатҳи пасти рушди самаранокии хароҷоти буҷет аз нуқтаи назари иҷтимоӣ	Беҳтар намудани системаи огоҳсозии оммавии барномаҳои мавҷудаи давлатӣ тавассути воситаи ахбори омма, захираҳои интернетӣ, телевизор, ё ҳамаи методҳои имконпазирии алоқа	Афзоиши сифати миқдории иштирокчиёни барномаҳои иҷтимоии давлатӣ; баланд гардидани нишондиҳандаҳои самаранокии иҷтимоӣ
Иҷро гардидани барномаҳои ғайрисамаранок	Коркарди рӯйхати нишондиҳандаҳо барои ҳар як барномаи давлатӣ; гузаронидани назорати аудиторӣ дар ҳар як барнома; ташкили рейтинги барномаҳои давлатӣ оиди сифати ташкилнамоӣ ва татбиқи самаранокии он	Баланд гардидани самаранокии харҷи воситаҳо дар барномаҳои мақсадноки давлатӣ; ихтисор гардидани воситаҳои буҷетии барои барномаҳои бесамар ҷудошаванда
Рушди босуръати касри буҷети давлатӣ	Бароориши коғазҳои қиматноки давлатӣ; кам кардани хароҷотҳои буҷет, ки самти ғайримақсаднок ва бесамар доранд	Кам кардани касри буҷети давлатӣ дар солҳои 2018-2020 бо ҳисоби миёна 1,2%

Сарчашма: муаллиф ҷадвалро дар асоси баҳогузории хароҷоти буҷети давлатӣ таҳия намудааст.

Пешниҳоди як қатор мушкилоти самаранокии воситаҳои буҷетӣ аз ҷониби муаллиф тавассути нишондиҳандаҳои индикативӣ баҳо дода шудаанд:

- ҳолат ва динамикаи сохтор, шумораи хизматрасониҳо аз ҳисоби буҷети давлат;
- вазъ ва динамикаи сохтори хароҷоти буҷетии ба таъмини хизматрасонии буҷетӣ барои аҳолӣ ва иҷрои вазифаҳои ҷумҳуриявӣ нигаронидашуда;
- афзоиши ҳиссаи хароҷоти барномаҳои мақсадноки умумиҷумҳуриявӣ дар буҷет;
- кам шудани ҳиссаи хароҷоти бесамар ва ғайраҳо.

Татбиқи пешниҳодҳои мазкур чунин имконятҳоро дар низоми истифодабарии буҷет фароҳам меорад:

- рушди устувории иқтисодиёти миллӣ ва мувозинати даромаду хароҷоти буҷет таъмин мегардад;
- робитаи мустақим байни тақсимоти маблағҳои буҷетӣ ва натиҷаҳои воқеии истифодаи онҳо тибқи афзалиятҳои муқарраршудаи сиёсати молиявӣ тавассути истифодаи васеи методҳои мақсадноки барномарезии банақшагирии буҷет ба роҳ монда мешавад;
- баланд гардидани сатҳи самаранокии идоракунии маҳаллӣ;

- баланд гардидани сатҳи самаранокии хизматрасонии коммуналӣ;
- устувор гардидани низоми назорати молиявӣ;
- такмили муносибатҳои молиявӣ байни буҷети давлатӣ ва секторҳои хусусӣ;
- рушди низоми иттилоотии идоракунии молиявӣ ва ғайраҳо.

Ба туфайли тадбирҳои дар солҳои охир бавуҷудомада барои рушди устувори иқтисодӣ ва ҳифзи суботи макроиқтисодӣ бо шарти иҷрои бечунучарои уҳдадориҳои хароҷотӣ ва татбиқи афзалиятҳои рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар шароит фароҳам оварда шуд. Ҳамзамон, барои қадами минбаъда дар доираи корҳои ҷорӣ заминаи боэътимод барои баланд бардоштани самаранокии хароҷоти буҷет ба вуҷуд оварда шуда, мисли дигар намудҳои баҳогузории қаблӣ, аз ҷумла бо истифода аз таҷрибаи пешқадами ҷаҳонӣ, бояд татбиқ карда шаванд.

Аз ин рӯ, метавонем чунин хулоса намоем, ки хароҷотҳои буҷети давлатӣ яке аз омилҳои хароҷотие мебошад, ки дар зери ҳар як моддаи хароҷоти он иҷрои мақсад ва вазифаҳои давлатӣ ниҳон аст. Қобили зикр аст, ки ҳангоми истифодаи маблағҳои буҷет давлат бояд принсипҳои маблағгузории хароҷоти давлатиро риоя кунад, то самараи бештар ба даст орад. Манбаи асосии ташаккулёбии хароҷоти буҷетро даромадҳои буҷет, монанди андозҳо, қарзҳои давлатӣ ва дигар пардохтҳои ғайриандозӣ, ташкил медиҳад. Давлат ба воситаи хароҷотҳои худ чунин вазифаҳоро, монанди азнавтақсимнамоии даромади миллӣ, батанзимдарорӣ ва ҳавасмандгардонии иқтисодиёт, таъмини молиявӣ дар сиёсати иҷтимоӣ, назорати ташаккул ва истифодабарии воситаҳои пулии фонди марказонидашуда, иҷро мекунад.

Бо назардошти натиҷаҳои зикршуда, барои беҳтар намудани самаранокӣ ва шаффофияти хароҷоти буҷет дар оянда метавонем тавсияҳои зеринро пешниҳод намоем:

- бояд харҷи маблағҳои иҷтимоӣ, пеш аз ҳама, хароҷот дар соҳаи маориф ва тандурустӣ меъёри муайяни оптималӣ дошта бошанд. Сатҳи афзоиши ин хароҷот бояд бо назардошти сатҳи таваррумии пешбинишуда муайян карда шавад ва афзоиши ин хароҷотҳоро дар муқоиса бо афзоиши хароҷоти умумии буҷет роҳ надиҳем;
- бояд стратегияи рушди миёнамуҳлат ва дарозмӯҳлати илм омода карда шуда, мутобиқи он барномаҳои ислоҳот дар доираи ин стратегия бояд маблағгузории илмро дар силсилаи афзалиятҳои буҷетӣ дар бар гиранд;
- механизмҳои ҷудо кардани кумаки молиявӣ ба буҷетҳои маҳаллӣ бояд асоснок бошанд, омода намудани механизми баҳогузорие, ки имконияти муайян кардани сатҳи талабот ба кумаки молиявиро дар сатҳи мақомоти худидоаркунии маҳаллӣ дошта бошад, бояд васеънамоии трансфертҳои мақсаднок аз ҳисоби буҷети давлатӣ барои баланд бардоштани сатҳи рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳру ноҳияҳо равона карда шавад;
- барномаи ислоҳот барои интиқоли бахши коммуналии давлатӣ ба бахши коммуналии хусусӣ бояд дар заминаи консессия омода карда шавад, то ки масъулияти буҷети давлатӣ барои маблағгузории ин соҳа ба сармоягузорони хусусӣ бештар дода шавад;
- бояд тафовути ҷиддии байни афзоиши хароҷоти буҷети давлатӣ бо қисматҳои функсионалии он бартараф карда шавад. Тавсифи овозҳо дар бораи афзоиш ва кам шудани хароҷот дар соҳаҳои алоҳида, инчунин, фарқияти ҷиддии сатҳи хароҷоти маҳаллӣ дар шаҳрҳо ва минтақаҳои алоҳидаи кишвар бояд ба парлумон пешниҳод карда шавад;
- дар робита бо принсипи шаффофият ва ҳисоботдиҳӣ буҷети давлатӣ бояд тамоми лоиҳаҳоеро, ки аз ҳисоби сармоягузории давлатӣ маблағгузорӣ мешаванд, дар бар гирад;
- маҷмӯи буҷете, ки аз ҷониби Ҳукумат ба парлумон пешниҳод мешавад, бояд маълумоти муфассалро дар бораи таркиб ва сохтори хароҷоти буҷети шаҳр ва минтақаи кишвар пешниҳод намояд.

Пешниҳодҳои таҳияшуда имкон медиҳад, ки нишондиҳандаҳои асосии буҷетро зери назорати қатъи гирифта, ҳар як моддаи хароҷоти буҷет дар як давраи муайян арзёбӣ карда шаванд. Дар ин мавриди арзёбии тамоюли самаранокии воситаҳои буҷетии пешниҳодгардида аз дигар методҳо бо он фарқ дорад, ки чунин шакли арзёбӣ сатҳи устувор будани воситаҳои буҷетро дар фаъолияти субъектони иҷтимоӣ-иқтисодӣ муайян менамояд.

Қайд кардан муҳим аст, ки баҳо додан ба самаранокии хароҷот дар марҳилаҳое, ки хароҷот аллакай буданд, вале ҳангоми банақшагирӣ ё ҳисоб кардани онҳо зарур нест. Бо шарофати низоми таҳияшуда, арзёбии дархостҳои роҳбарони асосӣ барои истифодабарии маблағҳои буҷет, яъне сатҳи имконпазирии он дар марҳилаи банақшагирии буҷет бояд чунин амал дар мадди аввал татбиқ карда шавад: роҳбари муассисаи давлатӣ (ташкилоти буҷетӣ) дархостро пешниҳод мекунад, гурӯҳи корӣ онро арзёбӣ мекунад ва дар сурати мувофиқ будани дархост ба меъёри дархостшуда тибқи нақшаи буҷетӣ пул ҷудо карда

мешавад. Ҳоло ин метод яке аз воситаҳои асосии баланд бардоштани самаранокии фаъолияти бахши давлатӣ дар хориҷа мебошад ва татбиқи ин метод нишон дод, ки бо роҳи муқоиса намудани дараҷаи тамоюли самаранокии буҷет метавон методҳои нави самаранок истифодабарии буҷетро пайдо намуд.

АДАБИЁТ

1. Афанасьев М.П. Модернизация государственных финансов / М.П. Афанасьев, И.В. Кривогов. -М.: ГУ ВШЭ, 2007. -167 с.
2. Барфиев К.Х. Модель эффективного использования бюджетных ресурсов / К.Х. Барфиев, Ф.Ш. Беков // Вестник Таджиского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. -2019. -№6. -С.125-129.
3. Иванова Н.Г. Казначейская система исполнения бюджетов / Н.Г. Иванова, Т.Д. Маковник. -СПб: Питер, 2001. – 208 с.
4. Каримова М.Т. Роҳнамои буҷети Ҷумҳурии Тоҷикистон / М.Т. Каримова, Ф.М. Мӯминова, Ш.К. Соҳибов. –Душанбе, 2012. -140 с.
5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2018». -Душанбе, 16 ноябри соли 2017. -№1469.
6. Майская Е.С. Направления повышения эффективности и результативности бюджетных расходов [Текст] / Е.С. Майская // Актуальные вопросы экономики и управления: материалы Междунар. науч. конф. (г. Москва, апрель 2011 г.). -М.: РИОР, 2011. -Т.I. -С.133-136. [Электронный ресурс]. URL https://moluch.ru/conf/econ/archive/9/604/ (дата обращения: 12.08.2019).
7. Практикум бюджетного анализа / М.Т. Каримова, С.З. Вазиров, Б.Б. Махкамов, Х.Ш. Нарзиев. -Душанбе: Ирфон, 2015. -260 с.
8. Шаланов Н.В. Системный анализ. Кибернетика. Синергетика: математические методы и модели. Экономические аспекты / Н.В. Шаланов. -Новосибирск: НГТУ, 2008. -288 с.

БАҲОГУЗОРИИ САМАРАНОКИИ ХАРОҶОТИ БУҶЕТИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар мақола масъалаҳои баҳогузории самаранокии харoҷоти буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ гардидааст. Муаллиф қайд менамояд, ки баҳогузорӣ намудани воситаҳои харoҷот дар сектори буҷет муаммои мураккабро ба миён меорад, монанди самтҳои самаранокии дороиҳои буҷет тамоюли иқтисодӣ ва иҷтимоиро доранд ва бештари харoҷотҳо дарозмуддат пешбинӣ шудааст. Бинобар ин, мо самаранокии харoҷоти буҷети давлатро аз нуқтаҳои назари гуногун таҳлил мекунем. Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки дар шароити муносибатҳои иқтисоди бозорӣ, расидан ба ҳадафи рушди иқтисодӣ ва таъмини ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ бе таҳлил ва баҳогузорӣ намудани сатҳи самаранокии субъектони иқтисодӣ ғайриимкон аст. Бинобар ин, дар баробари ҷорӣ намудани механизмҳои истифодабарии воситаҳои буҷет вазифаи муҳимтарини давлат ин фароҳам овардани шароит барои гузариш ба муносибатҳои бозорӣ, аз ҷумла дастгирии ҳуқуқии ислоҳоти иқтисодӣ ва тақвияти назорати давлатӣ, ҳавасмандгардонии рушди муҳити рақобат ва ғайра, мебошад.

Калидвожаҳо: буҷет, молияи давлатӣ, харoҷотҳои буҷет, даромадҳои буҷет, иқтисодиёт, андоз, қарзи давлатӣ, сармоягузорӣ.

ОЦЕНКА ЭФФЕКТИВНОСТИ РАСХОДОВ ГОСУДАРСТВЕННОГО БЮДЖЕТА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

В статье автором рассмотрены проблемы оценки эффективности расходов государственного бюджета Республики Таджикистан. Автор отмечает, что оценка средств расходов в бюджетном секторе влечет за собой сложные проблемы, так как эффективные направления активов бюджета имеют социальные и экономические тенденции и многие раходы предусмотрены как долгосрочные. Поэтому мы проанализировали эффективность расходов государственного бюджета с различных точек зрения. Мировая практика показывает, что в условиях экономических рыночных отношений достичь целей экономического развития и обеспечения социальной защиты населения без анализа и оценки уровня эффективности экономических субъектов прставляется невозможным. Поэтому, наравне с внедрением механизмов использования бюджетных средств, важнейшей задачей государства является создание условий для перехода к рыночным отношениям, в том числе, правовая поддержка экономической реформы и усиление государственного контроля, поощрение развития конкурентной среды.

Ключевые слова: бюджет, государственные финансы, расходы бюджета, доходы бюджета, экономика, налоги, государтсвенный долг, инвестиции.

ESTIMATION OF THE EFFECTIVENESS OF STATE BUDGET EXPENDITURE OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

In the article, the author considers the problems of assessing the effectiveness of the state budget of the Republic of Tajikistan. The author notes that the assessment of expenditures in the budget sector entails complex problems, since the effective directions of budget assets have social and economic trends and many expenditures are envisaged as long-term. Therefore, we analyzed the efficiency of state budget expenditures from various points of view. World practice shows that in conditions of economic market relations, it is impossible to achieve the goals of economic development and ensuring social protection of the population without analyzing and assessing the level of efficiency of economic entities. Therefore, along with the introduction of mechanisms for the use of budgetary funds, the most important task of the state is to create conditions for the transition to market relations, including legal support for economic reform and strengthening of state control, encouraging the development of a competitive environment.

Keywords: budget, public finance budget expenditures, budget revenues, economy, taxes, public debt, investment.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Беков Фирдавс Шомаҳмадович*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, муаллими калони кафедраи молия. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail: **bekovfirdavs@mail.ru.** Телефон: **933-25-99-99; 941-95-95-954**

Сведения об авторах: ***Беков Фирдавс Шомахмадович*** – Таджикский национальный университет, старший преподаватель кафедры финансы. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17. E-mail**: bekovfirdavs@mail.ru.** Телефон: **933-25-99-99**

Information about the authors: ***Bekov Firdavs Shomakhmadovich*** – Tajik National University, Senior Lecturer, Department of finance. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. E-mail: **bekovfirdavs@mail.ru.** Phone**: 933-25-99-99; 941-95-95-954**

УДК 33.334(575.3)

ТАШКИЛИ КООПЕРАТСИЯИ ХОҶАГИҲОИ МАЙДАМОЛИИ МИНТАҚАҲОИ КӮҲӢ

Сайфуллоев Н.Н.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар ҷаҳони муосир раванди ҷомеа самарабахшии истеҳсолиро тақозо дошта, маҳз роҳандозии дурусти барномаҳои мукаммали иқтисодӣ моро дар ин ҷода комёб хоҳад гардонид. Бо дарназардошти ин нукта, самарабахшии истеҳсолоти кишоварзиро бе дарназардошти чанд омили муҳим наметавон тасаввур кард. Самаранокии истеҳсолоти кишоварзӣ новобаста аз ташаккули кооперативӣ (механизми молиявӣ ва қарзӣ, нархгузорӣ, андозбандӣ, субсидияҳо ва ғайра) ва дохилӣ аз кооперативҳо, яъне низоми ташкили истеҳсолот, идораи меҳнат, захираҳо ва ғайра ба раванди иқтисодӣ таъсир мерасонад. Аз ин рӯ, асосҳои ташкилии иқтисодӣ дар фаъолияти иттиҳодияҳои кооперативии хоҷагиҳои майдамолӣ барои муайян кардани нақш ва аҳамияти кооператсия дар рушди истеҳсолоти кишоварзӣ ниҳоят муҳим мебошанд.

Кооператсияи хоҷагиҳои майдамолӣ ҳамчун унсури муҳимми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ солҳои охир мавриди таваҷҷуҳи хосса қарор гирифтааст. Кооператсия ҳамчун самти асосии рушди тамоми соҳаи кишоварзӣ аз ҳисоби муттаҳиднамоии иқтидори захиравии истеҳсолкунандагони кишоварзии гуногунҳаҷм ва табдил додани онҳо ба истеҳсолгарони калон бо мақсади истифодаи оқилонаи иқтидории истеҳсолӣ ва захиравӣ, ба даст овардани сарфаи миқёс ва кам кардани хароҷоти транзаксия муҳим ҳисобида мешавад.

Ҳадафи ин таҳқиқот омӯзиши робитаҳои кооператсионӣ дар доираи истеҳсолкунандагони хурди кишоварзӣ мебошад, ки бидуни фаро гирифтани маҷмӯи муносибатҳои кооператсионӣ дар бахши кишоварзии иқтисодиёт мебошад. Аз ин рӯ, мо асосҳои ташкилию иқтисодии кооператсияи хоҷагиҳои майдамолиро пешниҳод менамоем, ки равишҳои методологии таснифоти намуд ва шаклҳои кооператсия дар доираи ин муносибатҳоро, ки бо тавсифи хусусият ва функсияҳои иҷтимоию иқтисодии худ ба истеҳсоли муосири кишоварзӣ дар шаклҳову андозаи хурд хосанд, фаро мегиранд.

Ба андешаи олими соҳа Д. Норт, «институтҳо ҳама шаклҳои маҳдудиятҳоеро, ки аз ҷониби одамон эҷод мекунанд, бо мақсади додани сохтори муайян ба муносибатҳои инсонӣ мебошад» [3]. Кооператсия ниҳоди иҷтимоию иқтисодӣ ба шумор рафта, метавонад дар шакли расмӣ ва ғайрирасмӣ амал кунад. Мисли дигар муассисаҳои кооператсионӣ, чи дар шаклҳои расмӣ ва чи ғайрирасмӣ, одамон бо ҳамдигар кӯшиши барои ноил шудан ба ҳадафҳои гузошташуда якҷоя фаъолият мекунанд. Ба андешаи Д. Норт, ҷузъи муҳимми механизми фаъолияти муассисаҳо он аст, ки далели вайронкунӣ кӯшишҳои махсусро талаб накарда, гунаҳгор сахт ҷазо дода мешавад.

Шаклҳои расмии коопертсия ба қоидаҳои қонунгузорӣ ва ғайрирасмӣ ба принсипҳое асос ёфтааст, ки дар урфу одатҳо, анъанаҳо ва кодексҳои рафтор инъикос шудаанд. Ҳамин тавр, кооператсия ҳамчун як ниҳоди иҷтимоиву иқтисодӣ дар анъанаҳо, меъёрҳо ва принсипҳои ғайрирасмӣ ва баъдан дар меъёрҳои расмӣ пайдо шуд. Ё ба гуфтаи Л.В. Шулгина, «ҳар як ҷомеаи иҷтимоӣ ташаккули худро аз гурӯҳҳои хурди ғайрирасмӣ оғоз менамояд, ки ба таври худӣ ташаккул меёбанд. Афроде, ки гурӯҳҳои ғайрирасмиро ташкил медиҳанд, аз ҷиҳати иҷтимоӣ, пайдоиш ва рутбаашон якранганд» [9,с.81].

Дар ин замина, ниҳодҳои кооператсионӣ ва асосҳои ташкилию иқтисодии он тадриҷан рушд мекунанд.

Аз ин рӯ, ниҳодҳои кооператсиони маҷмӯи меъёрҳои рафтори иҷтимоӣ, принсипҳои ҳуқуқӣ, шаклҳои сохтори иҷтимоӣ ва анъана мебошанд, ки ба ҳамоҳангсозии манфиатҳои иштирокчиён, истифодаи самараноки неруи захиравии ширкаткунандагон, баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат, коҳиш додани хароҷотҳои трансаксионӣ ва, инчунин, коҳиш додани номуайянии истеҳсолкунандагони хурди кишоварзӣ нигаронида шудаанд.

Институтҳои кооператсиони ҳамчун як субъекти иҷтимоӣ ба ҳисоб рафта, маҷмӯи махсуси устувори муносибатҳоро ифода мекунанд, ки дар раванди фаъолияти муштараки андозаҳои гуногуни корхонаҳои кишоварзӣ бо мақсади иҷрои вазифаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, экологӣ, сармоягузорӣ, инноватсионӣ, такрористехсолӣ ва таъминкунанда ташкил мешаванд, ба вуҷуд меоянд. Дар замони худ, сохтори институтҳои кооператсиони ҷонибҳои манфиатдор, ҳадаф, васила ва усулҳои фаъолияти хоҷагихои ширкаткунандаро дар бар мегирад. Ба ибораи дигар, институтои кооператсионӣ метавонад ҳамчун як зерсистема, ки фаъолияти муназзам ва ҳамоҳангшудаи онҳо барои ноил шудан ба ҳадафҳо равона шудааст, нишон дода шаванд. Ҳадафи хоҷагиҳои майдамолӣ дар робита бо ҳамбастагии байни онҳо истифодаи самараноки иқтидори захираҳои табиӣ, ба даст овардани самараи иловагӣ нисбат ба вақте ки онҳо дар алоҳидагӣ кор мекунанд, инчунин, таъмини такрористеҳсолии васеъ дар фаъолияти хоҷагидорӣ нишон дода мешавад.

Расми 1. Намудҳои расмӣ ва ғайрирасмии кооператсияи хоҷагиҳои майдамолӣ
Figure 1. Formal and informal types of cooperation of small farms



Аз нуқтаи назари ташкилӣ, намудҳои расмӣ ва ғайрирасмии кооперативҳоро ба маънои васеъ ҳамчун ташкилотҳои мустақили андозаҳои мухталифи истеҳсолкунандагони кишоварзӣ муайян кардан мумкин аст, ки онҳоро тавассути иттиҳодияи ихтиёрӣ ва ҳамоҳангшуда дар асоси узвият барои истеҳсоли муштараки маҳсулоти кишоварзӣ ва эҳтиёҷоти хоҷагии онҳоро таъсис медиҳанд. Бо дарназардошти шароити мавҷудаи иҷтимоию иқтисодӣ ташаккули сохторҳои кооперативӣ дар минтақаҳои гуногуни ҷумҳурӣ ҳоло дар ду самти асосии расмӣ ва ғайрирасмӣ сурат мегирад.

Дар муқоиса аз шаклҳои ғайрирасмии кооператсия, шакли расмӣ дорои як қатор хусусиятҳо мебошанд. Чунончи тақсимоти иҷтимоии меҳнат, ки ба тақсимоти масъулият мусоидат мекунад; интихоби оқилонаи воситаҳо барои расидан ба ҳадафҳои шахсӣ ва умумӣ; нигоҳ доштани интизом; риояи принсипҳо ва ғайра. Ғайр аз он, мувофиқи манфиатҳои иштирокчиён дар доираи шаклҳои расмии кооператсия шаклҳои ғайрирасмии муносибат ва робитаҳо ба вуҷуд меоянд ва амал мекунанд.

Шаклҳои имконпазири ташкили шаклҳои расмӣ ва ғайрирасмии кооператсияи хоҷагиҳои майдамолӣ дар расми 1 оварда шудаанд. Шаклҳои расмии кооператсия дар шакли сохторҳои гуногуни кооперативии мутобиқ ба шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқӣ ва намудҳои фаъолият дар асоси захираҳои замин, меҳнат ва дигар намудҳои захираҳо хоҷагиҳои майдамолӣ мустақилона ташкил карда шудаанд.

Ассотсиатсияи хоҷагиҳои майдамолӣ ҳамчун як шакли расмии кооператсия ташкилоти бисёрфункционалӣ мебошад, ки фаъолияти асосии он дастгирии қонунгузорӣ ва ҳимояи хоҷагиҳои майдамолӣ, ҳамоҳангсозии фаъолияти онҳо дар тамоми маҷмӯи масъалаҳои барои хоҷагиҳои хурд муҳим, аз ҷумла барқарорсозӣ ва таъмири системаи обёрӣ, ташкили хадамоти кишоварзӣ мебошад ва, ҳамчунин, марказҳои гуногуни таъминот ва хидматрасонӣ ба шумор мераванд.

Дар шароити Тоҷикистон ду шакли ташкили ассотсиатсияи хоҷагиҳои майдамолӣ мавҷуд аст. Навъи аввал, ассотсиатсияҳо дар заминаи азнавташкилдидаи собиқ колхозу совхозҳо мебошад. Навъи дуввум, ба ном ассотсиатсияҳои ибтидоии хоҷагиҳои деҳқонӣ, ки дар асоси ихтиёрӣ бо ташаббуси истеҳсолкунандагони хурд ташкил карда мешаванд. Хоҷагиҳои деҳқонӣ дар заминҳои фонди озод, инчунин, хоҷагиҳои деҳқонӣ, ки аз корхонаҳои кишоварзӣ ҷудо шудаанд, ташкил карда шудаанд. Аммо дар ҳолатҳои аввал ва дуюм вазифаҳо ва самтҳои фаъолияти иттиҳодияро иштирокчиёни он бо назардошти манфиатҳои иҷтимоию иқтисодӣ муайян мекунанд.

Институтҳои ғайрирасмии кооператсия анъанаҳо, меъёрҳо ва кодексҳои рафториро нишон медиҳанд. Онҳо дар шакли ҳамкории тасодуфӣ ё кӯтоҳмуддат байни истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзии андозаҳои гуногун фаъолият мекунанд ва танзими махсус, бастани шартномаҳои хаттӣ ва бақайдгирии давлатиро талаб намекунанд, яъне дар боварии мутақобила ва ҳамбастагии истеҳсолкунандагони хурди деҳот асос ёфтааст. Аммо дар ин ҷо рафтори оппортунистии контрагентҳо метавонад ба амал ояд ва азбаски созишнома байни истеҳсолкунандагони алоҳидаи хурд дар асоси санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ тартиб дода нашудааст, шартҳои шартнома иҷро карда намешаванд, ки дар натиҷа ба самаранокии фаъолияти иқтисодии кишварҳои иштирокчӣ таъсир мерасонад.

Дар тӯли мавҷудияти худ кооперативҳои ғайрирасмӣ яке аз омилҳои асосии пешрафти муттасили истеҳсолоти кишоварзӣ ва ҳалли самарабахши мушкилоти озуқаворӣ будаанд.

Таърихан дар соҳаи кишоварзии ҷумҳурӣ чунин шаклҳои ғайрирасмии кооператсия, ба монанди кумаки ҳамсоягӣ, шарикӣ, қушчӣ ва ҳашарҳо, фаъолият мекунанд.

Яке аз шаклҳои ғайрирасмии кооператсия кумаки мутақобилаи ҳамсоягӣ мебошад, ки моҳияти он чунин аст: деҳқоне, ки соҳиби трактор ва дигар таҷҳизоти кишоварзӣ мебошад, ба ғайр аз кор дар хоҷагии худ, барои пардохт (асосан дар шакли асл) коркарди қитъаҳои ҳамсояҳо, ҷамъоварӣ, интиқоли маҳсулоти онҳо, инчунин, иҷрои дигар амалиётҳои хоҷагидорӣ машғул аст. Пардохт барои хизматрасониҳо дар доираи кумаки ҳамҷаворӣ, нисбат ба хизматрасониҳои беруна хеле пасттар аст.

«Шарикӣ» як намуди ғайрирасмии кооператсия аст, вақте ки хоҷагиҳои оилавӣ ва хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) дар асоси ихтиёрӣ заминро якҷо кишт мекунанд ва дар заминаи моликияти муштараки воситаҳои истеҳсолот, аз қабили замин, чорводорӣ, техникаи хоҷагӣ ва парвариши ҳосили дар байни худ тақсимшуда, мутаносибан ба саҳми меҳнатӣ ба ҳар як иштирокчӣ мебошад. Чунин намуди кооператсияи ғайрирасмӣ дар заминаи муттаҳидкунии пурра ё қисман муттаҳидсозии захираҳои истеҳсолии хоҷагиҳо бо мақсади истеҳсол ва коркарди муштараки маҳсулоти кишоварзӣ ба роҳ монда мешавад. Якҷоя кардани захираҳои истеҳсолӣ, масалан замин, ба шумо имкон медиҳад, ки ротатсияи оқилонаи зироатро аз худ карда, инчунин, ба ҳисоби миёна андозаи майдони киштро афзоиш дода, сарбории як воҳиди таҷҳизотро ба параметрҳои оптималӣ наздик созем. Яъне, истифодаи ҳам захираҳои замин ва ҳам техникаи кишоварзӣ имконпазир мегардад.

«Қӯшчӣ» як намуди ғайрирасмии кооператсия буда, истеҳсолкунандагони хурд имкони хариди инфиродӣ барои чорво ва дигар таҷҳизоти хонагӣ ва кориро надоранд ва воситаҳои истеҳсолро бо ҳамсоягонашон ташкил карда, дар фаъолияти муштарак истеҳсол мекунанд. Дар ин ҳолат нигоҳубини чорво ва воситаҳои истеҳсолот дар ҳолатҳои алоҳида ба таври инфиродӣ анҷом дода мешавад, инчунин, нигоҳдории муштараки воситаҳои истеҳсол низ имконпазир аст.

«Ҳашар» ин раванди муштараки меҳнатӣ ва роҳи ҳамкории шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар иҷрои ҳама гуна коре мебошад, ки барои ноил шудан ба манфиатҳои шахсӣ, коллективӣ ва ҷамъиятӣ ва баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат ба шумор меравад, ки қудрати як шахс шуда наметавонад.

Дар раванди «ҳашар» ҳосилнокии меҳнат меафзояд, вақте ки тақсимоти он васеътар мешавад, равандҳои истеҳсолӣ ба қисмҳои махсус тақсим карда мешаванд ва ҳар як коргар миқдори камтарини амалиёт дорад. Кооператсияи меҳнатӣ самарабахш аст. А. Смит онҳоро ба се унсур меорад: «Аввалан, афзоиши самарабахшӣ дар ҳар як коргар; дуюм, сарфа кардани вақт, ки одатан ҳангоми гузариш аз як намуди кор ба намуди дигар аз даст меравад; ниҳоят, ихтирои мошинҳои зиёде, ки меҳнатро осон ва сабук мекунанд, ба тавре ки бо онҳо як нафар кори чанд нафарро иҷро мекунад» [7].

Кооператсияи меҳнатӣ ин иттиҳодияи истеҳсолкунандагони ягонае мебошад, ки бо ягонагии равандҳои меҳнат ва истеҳсолот ташаккулёфта бо мақсади қонеъ кардани манфиатҳои шахсӣ, коллективӣ ва ҷамъиятӣ ва ба даст овардани самараи бештар

вобастаанд. Самараи мазкур дар афзоиши ҳосилнокии меҳнат зоҳир мешавад. Гузашта аз ин, тибқи ин таъриф, дар раванди кооператсияи меҳнатӣ манфиатҳои ширкаткунандагон бояд мувофиқат кунанд, зеро дар ниҳояти кор, ба ҳадафҳои ширкаткунандагони ин раванд ноил шудан ғайриимкон аст.

Байни хоҷагиҳои майдамолӣ шаклҳои ғайрирасмии кооператсия низ мавҷуданд. Дар шароити ҳозира онҳо камтар самаранок мебошанд, зеро муносибатҳои ғайрирасмӣ ба меъёру қоидаҳои иҷтимоӣ асос ёфтаанд ва қоидаҳо чаҳорчӯбаи ташкили кори муштаракро бидуни сабти мақоми ҳуқуқии онҳо муайян мекунанд. Бо мақсади самаранок кор кардани системаи назорати иҷтимоӣ дар доираи кооператсия қоидаву меъёрҳо бояд бо стандарту ҷаримаҳои мушаххас илова карда шаванд, яъне муносибатҳо дар соҳаи кооператсия бояд дар асоси қоидаҳои қонунгузорӣ муқаррар карда шаванд. Ин ҷо гуфтаи Д. Норт саҳеҳ мебошад, ки «дар ҷомеаҳое, ки онҳо тасвир мекунанд, тартибот натиҷаи ҳамзистии наздик буда, ба туфайли он одамон якдигарро хуб дарк мекунанд» [4,с.59].

Бояд қайд кард, ки дар доираи кооператсияи расмии институтҳо хоҷагидорони иштироккунанда ду вазифаи фоидаовар доранд: якум афзалиятҳое, ки бо функсияи муқаррарии манфиатҳои шахсӣ тавсиф мешаванд, дувум афзалиятҳои муҳити иҷтимоӣ. Ин ҷо манфиатҳои шахсӣ ва ҷамъиятӣ мувофиқат мекунанд, ки омили муҳимми ҷараёни муттаҳидсозӣ мебошанд. Ҳарчанд институтҳои кооператсияи расмӣ ва ғайрирасмӣ аз рӯи мазмуни худ фарқ кунанд ҳам, вале онҳо дар ҳаёти иқтисодӣ ва раванди истеҳсолӣ якдигарро пурра карда, баъзан вазифаи муштаракро иҷро мекунанд. Кооператсияи институтҳои расмӣ ва ғайрирасмӣ самарабахшии хоҷагидрони иштирокчиро баланд мебардорад, ба хоҷагиҳои майдамоли тавлиди васеъро тавассути коҳиш додани хароҷоти трансаксионӣ ва ба даст овардани миқёси зарури ва гуногунрангро (диверсификатсия) таъмин менамояд.

Бояд зикр намуд, ки кооператсияи хоҷагиҳои майдамолӣ дар мундариҷаи равандҳои иҷтимоию иқтисодӣ мураккаб буда, бояд дар марҳилаи ташаккул бо ёрии қоидаҳои қонунгузорӣ танзим карда шаванд. Асоси ин қоидаҳо ба заминаи меъёрию ҳуқуқие, ки ба равандҳои кооперативӣ хосанд, асос ёфтаанд ва бе иштироки давлат ғайриимконанд, зеро робитаи мураккаби байни иштирокчиёнро бе неруи сеюм (давлат) нигоҳ доштан душвор аст. Ба назари мо, чунин муносибат нисбати кооператсияи кишоварзӣ қобили қабул нест. Ин далел он аст, ки кооператсияи кишоварзӣ хусусиятҳои худро дошта, аз хусусиятҳои хоси истеҳсолоти кишоварзӣ бармеояд ва дар ин ҷода дастгирии давлатӣ ва танзими он зарур аст. Зеро дар шароити гузариш ба бозор, ин равандҳои кооперативӣ, хусусан дар доираи хоҷагиҳои деҳқонӣ, метавонанд самарабахш бошанд.

Асосҳои ташкилию иқтисодии кооператсияи кишоварзиро В.Воҳидов бо хусусиятҳои иқлимӣ, миллӣ, демографии кишвар, тақсимоти табиии он ба қисматҳои кӯҳу водӣ, хусусиятҳои тарзи зиндагӣ, ҳолати равонӣ ва анъанаҳои худи мардум вобаста дониста, бо ин роҳ ба дар амалия ва ба хоҷагидорон якчанд намудҳои кооператсияро пешниҳод мекунад.

Якум, ин сохтмони корхонаҳои ниҳоят хурд (3-5 нафар) мебошад, ки соҳибони асосии онҳо аъзои як ё якчанд оила ва дар ҷои зисти наздик, инчунин, муносибатҳои хешутаборӣ доранд (хуб мебуд, ки дар минтақаҳои кӯҳии ҷумҳурӣ).

Дуюм, кооперативҳои хурд оид ба хизматрасонӣ, коркард, борпечонӣ, бастабандӣ ва таҳвили маҳсулоти кишоварзӣ дар ҳар вақти сол ба минтақаҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ ва иҷтимоӣ фоидаовар; кооперативҳои хурди сайёр барои таъмири таҷҳизот, техникаи маишӣ, василаҳои кишоварзӣ ва ғайра.

Сеюму чорум, гурӯҳҳои махсуси кооперативӣ ва бригадаҳои мустақили кооперативӣ мебошанд, ки коллективҳои меҳнати оилавӣ мебошанд. Гап дар сари он аст, ки ҷумҳурӣ аз ҳисоби захираҳои меҳнатии худ метавонад бо истифода аз имкониятҳои хонавода ҳамчун яке аз шаклҳои кооператсияхои анъанавӣ, ки амнияти озуқавориро таъмин менамояд.

Шакли панҷуми кооператсия ин ташкили шарикӣ, ки тибқи принсипи истеҳсолӣ дар наздикии корхонаҳои кишоварзӣ қарор доранд, мебошад. Шакли махсуси кооператсия, инчунин, метавонад шарикии меҳнатии шахсони воқеӣ, иҷора, шаклҳои гуногуни гурӯҳӣ, хусусӣ, оилавӣ, оила-гурӯҳ, деҳа-амвол ва ғайра бошанд [1].

Асосҳои ташкилию иқтисодии кооператсияхои хоҷагиҳои майдамолӣ бояд риояи як қатор принсипҳои асосӣ ва фаъолияти самарабахши кооператсияи хоҷагиҳои майдамолиро дар сурати риояи ин принсипҳо дар бар гиранд. Бояд қайд кард, ки бо мурури замон, бо рушди муносибатҳои истеҳсоливу иқтисодӣ ва вобаста аз шаклҳои кооператсия нақши принсипҳои инфиродӣ тағйир меёбад. Аммо принсипҳои зерини кооператсияи хоҷагиҳои майдамолии зеринро метавон муқаррар кард:

– ихтиёрӣ ва озодии иштирок;

– мустақилона баромадан аз кооператсия бо як ҳиссаи воситаҳои истеҳсолоти худ дар шакли аслӣ ва пулӣ;

– кумаки мутақобила ва таъмини манфиатҳои иқтисодӣ барои хоҷагиҳои майдамолӣ дар фаъолияти хоҷагидории кооператсия иштироккунанда;

– гузариши ҳамгироӣ аз шакли сода ба шакли мураккаби кооператсия;

– идораи фаъолияти кооператив дар асоси меъёрҳои демократӣ (як узви кооператив як овоз);

– якҷоякунии манфиатҳои шахсӣ, коллективӣ ва ҷамъиятӣ.

Аз нуқтаи назари ташкилӣ, кооператсияи хоҷагиҳои майдамолӣ ин ташкилотест, ки аз ҷониби истеҳсолкунандагони гуногуни кишоварзӣ (асосан хурд) барои фаъолияти муштарак ё дигар фаъолияти хоҷагӣ таъсис дода шудааст, ки дар асоси маҷмӯи иқтидори истеҳсолӣ ва захиравии онҳо ва истифодаи оқилонаи онҳо бо мақсади қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти моддӣ ва дигар эҳтиёҷоти хоҷагиҳои майдамолӣ сурат мегирад.

Дар баробари принсипҳои кооператсия, ки риояи он дар ташаккул ва фаъолияти кооперативҳо муҳим аст, тартиби ташкил ва азнавташкилдиҳии онҳо, идоракунии кооперативҳо, фаъолияти хоҷагӣ ва тақсими даромади кооперативҳо муҳим мебошанд. Ҳангоми ташкили кооперативҳо, инчунин, ба намудҳои онҳо (истеҳсолот, истеъмолкунандагон ва ғайра) диққати махсус додан зарур аст.

Шарти муҳим ва ҳатмии ташкили кооперативҳои истеҳсолӣ ташаббус ва манфиати хоҷагиҳои майдамолӣ мебошад. Тартиби ташкили кооперативи истеҳсолӣ мавҷуд аст: таҳияи асосноккунии техникию иқтисодии лоиҳаи истеҳсолию хоҷагидории кооператив, муайян кардани андозаи фонди мутақобила ва манбаъҳои ташаккули он; омода кардани лоиҳаи оинномаи кооператив; қабули аризаҳо барои узвият дар кооператив; гузарондани маҷлиси умумии ташкилии аъзоёни кооператив ва ғайра.

Минбаъд, кумитаи тадорукот андозаи саҳмҳои саҳмиро муқаррар менамояд, ки барои пӯшонидани хароҷоти таҳсил ва ташкили тиҷорати кооператив пешбинӣ шудааст. Кумитаи тадорукот аввалин маҷлиси умумии аъзоёни кооперативро ташкил медиҳад, ки дар он қарори қабул дар бораи узвияти кооператив қабул карда мешавад, оинномаи кооператив тасдиқ карда мешавад, раис ва мақомоти роҳбарикунанда интихоб карда мешаванд. Дар кооперативҳои истеҳсолӣ самтҳои фаъолияти истеҳсолӣ муайян карда шуда, эҳтимолияти ба даст овардани миқдори зарурии замин нишон дода шудаанд. Замини кишоварзии кооперативӣ аз ҳисоби муттаҳид кардани ҳиссаи замини иштирокчиён (хоҷагиҳои фермерӣ) ҳамчун саҳмияҳои саҳомӣ ва дар ҳолати зарурӣ ба иҷора гирифтани замини иловагӣ ташкил карда мешавад.

АДАБИЁТ

1. Вахидов В.В. Таджикистан: проблемы модернизации сельского хозяйства / В.В. Вахидов. -Душанбе: «Ирфон», 2007. -415 с.
2. Каюмов Н.К. Глобализация экономики и обеспечение продовольственной безопасности Таджикистана / Н.К. Каюмов // Экономика Таджикистан: стратегия развития. -Душанбе, 2008. -№4. -С. 25.
3. Норт Д. Институтҳо, тағйироти институтсионалӣ ва фаъолияти иқтисодӣ / Д. Норт. -М., 1997.- 189 с. (тарҷ. аз забони англисӣ).
4. Норт Д. Тағйироти институтсионалӣ ва фаъолиятҳои иқтисодӣ / Д. Норт. -М., 1997. -189 с. (тарҷума аз забони англисӣ).
5. Сайфуллоев Н.Н. Тенденции развития мелкотоварных хозяйств горных регионов и их роль в продовольственном обеспечении страны / К.К. Давлатов, Н.Н. Сайфуллоев // Доклады Академии сельскохозяйственных наук Республики Таджикистан. – 2011. -№4.
6. Самандаров И.Х. Проблемы формирования социальной инфраструктуры села в Таджикистане // Экономика сельскохозяйственных и перерабатывающих предприятий. – 2004. -№9. -С.51-52.
7. Смит А. Тадқиқот дар бораи муҳит ва сабабҳои дороиҳои халққо / А. Смит. -М., 1962. -684 с.
8. Хафизов Д. Сельскохозяйственная кооперация в Республике Татарстан / Д. Хафизов, Р. Исламиев // Экономика сельского хозяйства России. - 2001. -№3. -С.6.
9. Шулгина Л.В. Моликият ва тағйири шаклҳои он дар субъектҳои хоҷагидории Русия / Л.В. Шулгина. -Воронеж, 2006. -252 с. (бо заб.русӣ)

ТАШКИЛИ КООПЕРАТСИЯИ ХОҶАГИҲОИ МАЙДАМОЛИИ МИНТАҚАҲОИ КӮҲӢ

Дар мақола асосҳои ташкилии иқтисодии кооператсияи хоҷагиҳои майдамолӣ дар минтақаҳои кӯҳӣ тавсир гардидаанд. Ҳамзамон, институтҳои кооператсионӣ ба субъекти иҷтимоӣ дохил мешаванд, ки маҷмӯи махсуси устувори муносибатҳоро ифода намуда, дар раванди фаъолияти муштараки андозаҳои гуногуни корхонаҳои кишоварзӣ, ки бо мақсади иҷрои вазифаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, экологӣ, сармоягузорӣ, инноватсионӣ, такрористеҳсолӣ ва таъминкунанда ташкил карда мешаванд, ба вуҷуд меоянд. Дар замони худ сохтори институтҳои кооператсиони ҷонибҳои манфиатдор, ҳадаф, васила ва усулҳои фаъолияти хоҷагиҳои ширкаткунандаро дар бар мегирад. Ба иборае дигар, институтҳои кооператсионӣ метавонад ҳамчун як зерсистема, ки фаъолияти муназзам ва ҳамоҳангшудаи онҳо барои ноил шудан ба ҳадафҳо равона шудааст, нишон дода шаванд.

Калидвожаҳо: кооператсия, асосҳои ташкили-иқтисодӣ, институтҳои кооператсионӣ, кооператсияҳои расмӣ ва ғайрирасмӣ, хоҷагиҳои майдамолӣ, кооператив, минтақаҳои кӯҳӣ.

ОСНОВЫ ЭКОНОМИЧЕСКОЙ ОРГАНИЗАЦИИ КООПЕРАЦИИ МЕЛКОТОВАРНЫХ ХОЗЯЙСТВ В ГОРНЫХ РЕГИОНАХ

В статье рассматривается экономическая организация кооперации малых форм хозяйствования в горных регионах. В то же время кооперативные институты представлены как социальная единица, которая представляет собой особенно устойчивый набор отношений, сформированных в ходе совместной деятельности сельскохозяйственных предприятий, которые образуют различные уровни с целью достижения экономических, социальных, экологических, инвестиционных, инновационных, воспроизводственных и производственных функций. В свое время в состав кооперативных институтов заинтересованных сторон входят цели, средства и методы участия хозяйств. Другими словами, кооперативные учреждения могут быть представлены как подсистема, в которой их систематическая и скоординированная деятельность направлена на достижение целей. Неформальные кооперативные учреждения отражают традиции, нормы и кодексы поведения.

Ключевые слова: кооперация, организационно-экономические основы, кооперативные учреждения, официальные и неформальные кооперативы, рыболовство, кооперативы, горные районы.

FUNDAMENTALS OF ECONOMIC ORGANIZATION OF SMALL BUSINESS COOPERATION IN MOUNTAIN REGIONS

The article deals with the economic organization of small-scale economic cooperation in mountain regions. At the same time, cooperative institutions are represented as a social unit, which is a particularly stable set of relations formed during the joint activity of agricultural enterprises, various levels are formed in order to achieve economic, social, environmental, investment, innovation, reproduction and production functions. At one time the cooperative institutions of stakeholders include the goals, means and methods of participation of the households. In other words, cooperative institutions can be represented as a subsystem in which their systematic and coordinated activities are aimed at achieving goals. Informal cooperative institutions reflect traditions, norms, and codes of conduct.

Keywords: cooperation, organizational and economic bases, cooperative institutions, official and informal cooperatives, fisheries, cooperatives, mountain areas.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Сайфуллоев Низомиддин Нуруллоевич*** **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи географияи иқтисодӣ ва сайёҳӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **918-63-24-15**

Сведения об авторе: ***Сайфуллоев Низомиддин Нуруллоевич*** **-** Таджикский национальный университет, кандидат экономических наук, доцент кафедры экономической географии и туризма. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **918-63-24-15**

Information about the author: ***Sayfulloev Nizomiddin Nurulloevich*** - Tajik National University, Candidate of Economic Sciences, Associate Professor of the Department of Economic Geography and Tourism. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: **918-63-24-15**

УДК: 336.77 (575.3)

ВАЗЪИ НИЗОМИ ҚАРЗИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР СОЛҲОИ ОХИР ВА НАҚШИ ОН ДАР РУШДИ ИҚТИСОДИЁТИ КИШВАР

Ҳикматов С., Ҳикматов М.С.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар шароити муосир рушди иқтисодиёти кишварро бидуни мавҷудияти соҳаҳои хизматрасонии ташкилоту муассисаҳои қарзӣ (бонкҳо ва ташкилотҳои қарзии хурд) тасаввур кардан ғайриимкон мебошад, чунки имрӯзҳо соҳаҳои воқеии иқтисодиёт (саноат, кишоварзӣ, сохтмон, нақлиёт, алоқа ва ғайра) ба хизматрасонии ташкилотҳои қарзӣ ниёз доранд.

Зарурияти рушди соҳаҳои воқеии иқтисодиёти кишвар, махсусан соҳаҳои саноат, кишоварзӣ, сохтмон, энергетика, нақлиёт, алоқа ва ғайра, ба миён омадааст, ки он дар кам кардани вазни қиёсии маҳсулоти воридшаванда ва иваз намудани онҳо ба маҳсулоти ватанӣ нақши муҳим мебозад. Ҳамчунин, он дар татбиқи ҳадафҳо ва афзалиятҳои Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 аҳамияти муҳим дорад. Аз ин рӯ, рушди фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ дар тамоми минтақаҳои кишвар хеле муҳим арзёбӣ мегардад.

Бояд қайд кард, ки дар шароити имрӯзаи ноустувории иқтисоди кишвар, инчунин, дар фазои фаъолияти қарзӣ мушкилоти зиёде низ ҷой доранд, ки муфлисшавӣ ва дар сатҳи муфлисшавӣ қарор доштани як қатор бонкҳои тиҷоратӣ ва ташкилотҳои қарзии хурд ба он шомил мешавад.

Барои таъмини рушди фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки миллии Тоҷикистон чораҳои ҳатмӣ андешида истодаанд. Бо вуҷуди ин баъзе мушкилот, дар ин сектори иқтисодиёт то ҳол мавҷуд мебошанд, ба монанди дар

бисёр деҳаҳои ҷумҳурӣ хизматрасонии қарзӣ ба мақсад мувофиқ нест, яъне бо чӣ нуқтаҳои ташкилотҳои қарзӣ таъмин нестанд, ки асосан онҳо дар маркази ноҳияҳо ва вилоятҳо ҷойгир гаштаанд, ки деҳот ва маҳаллҳо хеле дур аз марказҳо ҷойгиранд, инчунин, сатҳи дониши молиявии онҳо хеле паст, ҳатто шарту шароити истифодабарии маблағҳои қарзии ташкилоти қарзиро намедонанд, ки он сабаби норозигии мардум ва соҳибкорон шуда, барои рушди фаъолияти соҳибкорӣ таъсири манфӣ мерасонад. Аз ин рӯ, зарурияти рушди хизматрасонии ташкилотҳои қарзӣ дар деҳотҷойҳо ба миён омадааст, яъне ҷойгир намудан ва зиёд намудани миқдори филиалҳо ва ташкилотҳои қарзии хурд дар деҳот бояд амалӣ гардад.

Аз ин лиҳоз, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба масъалаи рушди корхонаҳои саноатии деҳот диққати махсус зоҳир намуда, солҳои 2019-2021-ро «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» эълон намуданд. Инчунин, саноатикунонии босуръати кишварро Пешвои миллат яке аз ҳадафҳои муҳимми давлату ҳукумат қарор доданд, ки дар ҳалли ин масъалаҳои стратегӣ ташкилотҳои қарзӣ нақши муайян доранд. Имрӯз зиёда аз 17 бонк, 75 ташкилоти амонатии қарзии хурд, 9 ташкилоти қарзии хурд ба хизматрасонии бонкӣ машғул мебошан,, ки дар мҷмӯъ 92 ададро ташкил медиҳанд.

Ҳаҷми умумии қарзҳои додашуда дар аввали соли 2018 зиёда аз 7,3 млрд. сомониро ташкил дод, ки дар муқоиса ба ҳамин давраи соли гузашта 3,3% ё 249,3 млн. сомонӣ кам мебошад. Кам шудани ҳаҷми қарзҳои додашуда, пеш аз ҳама, аз таъсири буҳрони иқтисодию моливии ҷаҳонӣ ва дар ин робита, ба паст шудани қобилияти пардохтпазирии муштариён вобаста мебошанд.

Дар охири соли 2018 ва оғози соли 2018 фаъолияти бахшҳои асосии иқтисодиёти кишвар нисбатан муътадил буда, бо нишондиҳандаҳои мусбат ҷамъбаст гардиданд. Аз ҷумла, афзоиши истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ 21%, гардиши савдои ҷаҳонӣ зиёда аз 6,6%, маҳсулоти кишоварзӣ қариб 7% ва ғайра ба қайд гирифта шуд, ки дар он ҳиссаи соҳибкорон ва ташкилотҳои қарзӣ назаррас мебошанд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки аз маблағи ҳаҷми умумии қарзҳои додашуда дар солҳои 2018-2018 50%-и он ба шаҳри Душанбе, ба вилояти Суғд наздики 27,5%, вилояти Хатлон 12,9%, ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 9,8% ва ВМКБ 0,24% рост меояд.

Ҳиссаи қарзҳои додашуда дар ин давра аз рӯи соҳаҳои иқтисодиёти кишвар чунин аст: соҳаи саноат қариб 49%, кишоварзӣ 6,5%, сохтмон қариб 3%, нақлиёт 1,2%, соҳибкории истеъмолӣ қариб 13,5%, савдои хориҷӣ қариб 20%, соҳаҳои хизматрасонӣ 6,3% ва дигар соҳаҳо қариб 1%.

Бояд гуфт, ки аз ҳаҷми умумии қарзҳои дар давраи ҳисоботӣ барои рушди соҳибкорӣ додашуда, қариб 60%-и он ба соҳибкории истеҳсолӣ рост меояд, ки зиёда аз 4370,6 млн. сомониро ташкил дода, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 157 млн. сомонӣ кам мебошад.

Қарзҳои додашудаи ташкилотҳои молиявии хурд барои инкишофи фаъолияти соҳибкорӣ, аз ҷумла соҳибкории хурду миёна нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 3,2% афзуд, ки он аз рушди фаъолияти соҳибкории хурду миёна шаҳодат медиҳад.

Чи тавре, дар боло қайд карда шуд, қариб 50%-и қарзи додашудаи ташкилотҳои қарзӣ дар солҳои 2017-2018 ба иқтисодиёти кишвар ба соҳаҳои саноати ҷумҳурӣ рост омад, ки ин албатта ба амалинамоии сиёсати саноатикунонии иқтисодиёти Ҳукумати ҶТ мусоидат мекунад. Аз маълумотҳои оморӣ маълум гардид, ки ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар ҶТ дар нимсолаи аввали соли 2018 8 млрду 552,8 млн. сомонӣ, суръати афзоиши он нисбат ба ҳамин давраи соли 2017 ба 21,3% баробар шуд. Маҳсулоти саноатӣ дар нимсолаи аввали соли 2018 дар ММД - 18,9%-ро ташкил дод, дар соли 2017 ин рақам 16% ташкил дода, нисбат ба ҳамин давраи соли 2017 - 2,9% зиёд мебошад, ки он оз рушди соҳибкории истеҳсолӣ шаҳодат медиҳад.

Дар баробари тағйир ёфтани миқдори ташкилотҳои қарзӣ дар солҳои 2016-2018 айни замон миқдори бонкҳо чунин аст: бонки давлатӣ – 1 адад; бонкҳо бо иштироки давлат – 3 адад; бонкҳои хусусӣ – 6 адад ва бонкҳои хориҷӣ – 6 адад ва зиёда аз 79 адад.

Дар соли 2018 ташкилотҳои қарзии хурди дар ҷумҳурӣ фаъолияткунанда дар молиякунонии соҳаҳои иқттисодиёти кишвар ҳиссаи арзанда гузаронида гузоштанд.

Дар ин давра, инчунин, дороиҳои низоми бонкӣ рӯ ба афзоиш ниҳод. Агар дар моҳи декабри соли 2016 он 18,6 млрд. сомониро ташкил карда бошад, дар моҳи декабри соли 2018 ба 21,2 млрд. сомонӣ расид, яъне нисбати соли 2016 2,6 млрд. сомонӣ зиёд гардидааст. Инчунин, даромаднокии онҳо сол ба сол тағйир ёфта истодааст. Агар, ҳиссаи дороиҳои даромаднокии низоми бонкӣ дар моҳи декабри соли 2018 54,0%-ро ташкил карда бошад, дар моҳи декабри соли 2018 52%-ро ташкил дод, ки нисбати соли 2018 2,0%

камтар мебошад. Аз ҷумла, ҳиссаи дороиҳои ташкилотҳои қарзӣ аз рӯи намуди онҳо дар охири соли 2018 чунин аст: бонкҳои низомсоз – 42%; бонкҳои хориҷӣ 10%; дигар бонкҳо 33% ва ташкилотҳои молиякунонии хурд 15%.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки бо баробари тағйир ёфтани миқдор ва дороиҳои низоми бонкӣ дар солҳои 2016-2018 бақияи сандуқи қарзӣ (брутто) низ тағйир ёфтанд. Инак, дар моҳи декабри соли 2016 бақияи сандуқи қарзии бонкҳо – 9,2 млрд. сомонӣ, соли 2017 – 8,1 млрд. сомонӣ, соли 2018 6,8 млрд. сомонӣ ва дар охири моҳи декабри соли 2018 – 6,6 млрд. сомониро ташкил дод, ки нисбати соли 2016 2,6 млрд. сомонӣ кам мебошад. Дар сандуқи қарзии ташкилотҳои молиявии хурд низ дар ин давра тағйиротҳо ба амал омад. Инак, дар соли 2016 – 2 млрд. сомонӣ, дар соли 2017 – 1,7млрд. сомонӣ, дар соли 2018 – 1,7 млрд. сомонӣ ва моҳи декабри соли 2018 – 2,1 млрд. сомонӣ, ки нисбати соли 2016 ба 0,1 млрд. сомонӣ камтар мебошад.

Қайд кардан зарур аст, ки дар солҳои минбаъда бо мақсади амалӣ намудани сиёсати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба саноатикунонии иқтисодиёти кишвар ҳиссаи қарзҳои низоми бонкӣ барои рушди соҳаҳои саноати мамлакат афзоиш хоҳад ёфт.

Аз маълумоти омории соли 2018 маълум гашт, ки дар рушди соҳаҳои иқтисодиёт ва фаъолияти соҳибкории кишвар нақши низоми қарзӣ, махсусан низоми бонкӣ хеле назаррас мебошад, ки он дар ҷадвали 1 ифода ёфтааст.

Ҷадвали 1. Қарзгузории бонкҳо ба соҳаҳои иқтисодиёт ва аҳолӣ бо пули миллӣ (бақияи қарзҳо дар охири сол, ҳазор сомонӣ)

Table 1. Bank lending to sectors of the economy and population in national currency (balance at the end of the year, thousand somoni)

Сол	Қарзгузорӣ - ҳамагӣ	Қарзҳои кӯтоҳмуддат	Қарзҳои дарозмуддат
2013	2192444,9	1571804,1	6206,40,8
2014	3051979,2	2208652,5	843326,7
2015	3905773,2	2348988,4	1556785,3
2016	4186194,6	2338504,4	1847692,2
2017	3810252,4	2284052,5	1526199,9
2018	8537524,8	2091608,1	1445916,7

Аз маълумоти дар ҷадвали 1 овардашуда бар меояд, ки қарзҳои ба соҳаи иқтисодиёти кишвар аз тарафи ташкилотҳои қарзӣ (бонкҳо) додашуда, асосан қарзҳои кӯтоҳмуддатро ташкил медиханд, ки он нисбати қарзҳои дарозмуддат хеле зиёд буда, ба сиёсати қарзии ташкилотҳои қарзии кишвар мусоидат намуда, давра ба давра афзоиш ёфта истодааст. Яъне, дар соли 2018 нисбат ба соли 2013 қаргузории онҳо қариб 1,5 маротиба зиёд гашт.

Чи тавре дар боло қайд карда шуд, дар баробари низоми бонкӣ дар маблағгузории соҳаҳои иқтисодиёти мамлакат ҳиссаи ассотсиатсияи ташкилотҳои маблағгузории хурди Тоҷикистон назаррас мебошад, ки ҳаҷми он сол аз сол афзоиш ёфта истодааст. Инчунин, ҳиссаи онҳо дар маблағгузории фаъолияти соҳибкории кишвар назаррас буда, сол аз сол ҳаҷми низоми қарзии хурд рушд ёфта, дар рушди иқтисодиёти кишвар саҳми арзанда хоҳад гузошт.

Дар баробари муваффақиятҳои низоми қарзии кишвар камбудиҳо низ ҷой доранд, ба монанди:

- дар сатҳи паст қарор доштани ҷалби сармояи дохилию хориҷӣ;
- саривақт ба фурӯш нарафтани гаравҳои гирифташуда;
- ба пуррагӣ таъмин нагардидани ташкилотҳои низоми қарзӣ бо кадрҳои баландихтисоси замонавӣ;
- вуҷуд надоштани стратегияи сиёсати фоизӣ;
- паст будани маданияти хизматрасонӣ ва муносибати идоракунии хавфи қарзӣ;
- паст будани сифати хизматрасонӣ ва ғайра.

Ба ақидаи мо, барои беҳтар намудани фаъолияти хизматрасонии ташкилоти низоми бонкӣ ва бартараф кардани камбудиҳои ҷойдошта, бояд чораҳои зеринро андешид:

- интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳои касбии ташкилотҳои низоми бонкӣ;
- баланд бардоштани сатҳи малакаи касбии мутахассисон ва кормандон бо роҳи ташкили курсҳои кӯтоҳмуддати касбӣ;
- андешидани чораҳо барои паст кардани фоизи қарзҳо;
- баланд бардоштани фарҳанги қарздиҳӣ, такмил ва таҷдиди сиёсати қарзӣ;
- баланд бардоштани сатҳи сифати хизматрасониҳо ва ҷорӣ намудани хизматрасониҳои муосири низоми бонкӣ;

- зиёд кардани ҳаҷми маблағгузорӣ ба рушди соҳаи саноат, кишоварзӣ, деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ;

- такмили маблағгузории хурду калон барои рушди фаъолияти соҳибкорӣ, махсусан соҳибкории истеҳсолӣ;

- таъминии боварии аҳолӣ ба низоми бонкӣ.

Ба ақидаи мо, агар ин чорабиниҳо аз тарафи ташкилотҳои низоми қарзӣ амалӣ гарданд, ҳам фаъолияти хизматрасонии низоми ташкилотҳои бонкӣ беҳтар мегардад ва ҳам маблағгузории онҳо барои соҳаҳои иқтисодиёти кишвар афзоиш ёфта, дар рушди иқтисодию иҷтимоии кишвар ҳиссаи арзандаи хешро хоҳанд гузошт.

АДАБИЁТ

1. Бердиев Р.Б. Фаъолияти бонкӣ. Воситаи таълимӣ / Р.Б. Бердиев, С. Қаюмов. -Душанбе: Эр-граф, 2014. -320 с.
2. Боннер, Е.А. Банковское кредитование / Е.А. Боннер. -М.: Городец, 2016. -160 с.
3. Криворучко С.В. Роль микрофинансирования в повышении доступности финансовых услуг / С.В. Криворучко, О.С. Тенетник // Управление в кредитной организацией. - 2011. -№3. -С.15-18.
4. Кузнецова, Е.И. Деньги, кредит, банки / Е.И. Кузнецова. -М.: Юнити-Дана, 2016. -528 с.
5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бонкӣ» аз 19.05.2009. -№524 [манбаи электронӣ]. URL: http://mmk.tj/legislation (санаи истифодабарӣ 16.02.2020 г.).
6. Лаврушин, О.И. Банковское дело. Современная система кредитования / О.И. Лаврушин, О.Н. Афанасьева, С.Л. Корниенко. -М.: КноРус, 2017. -264 с.
7. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.12.2019 [манбаи электронӣ]. URL: http://www.president.tj/node/21975 (санаи истифодабарӣ: 15.02.2020 г.).
8. Самодурова, Н.В. Всемирный банк: кредитование экономики / Н.В. Самодурова. -М.: Финансы и статистика, 2017. -144 с.
9. Хикматов У.С. Микрофинансовый сектор и развитие малого предпринимательства. Монография / У.С. Хикматов. –Душанбе: Ирфон, 2010. -175 с.
10. Хикматов У.С. Микрофинансирование. Учебное пособие / У.С. Хикматов, И.Р. Иброхимов. -Душанбе: Ирфон, 2016. -210 с.
11. Щегорцов, В.А. Деньги, кредит, банки / В.А. Щегорцов, В.А. Таран. -М.: Юнити-Дана, 2016. -416 с.

ВАЗЪИ НИЗОМИ ҚАРЗИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР СОЛҲОИ ОХИР ВА НАҚШИ ОН ДАР РУШДИ ИҚТИСОДИЁТИ КИШВАР

Дар мақолаи мазкур вазъи низоми қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои охир ва нақши он дар рушди иқтисодиёти кишвар мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Рушди соҳаҳои иқтисодиёти кишвар, махсусан рушди фаъолияти соҳибкорӣ на фақат аз маблағгузории буҷетӣ, балки аз маблағгузории низоми бонкӣ низ вобаста мебошад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар солҳои охир бо баробари кам шудани миқдори ташкилотҳои қарзӣ, ҳаҷми умумии маблағҳои қарзӣ ба иқтисодиёти кишвар рӯ ба камшавӣ майл дорад, ки ин таъсири худро албатта ба рушди соҳаҳои иқтисодиёт, пеш аз ҳама, ба рушди фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ мерасонад. Аз ин рӯ, зарурияти таҳлили вазъи низоми қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои охир ба миён омад, ки мақсади он муайян кардани сабабҳои камшавии маблағгузории ташкилотҳои низоми қарзӣ ва таъсири он ба рушди иқтисодиёт, махсусан фаъолияти соҳибкории кишвар мебошад. Таҳлили вазъи низоми қарзии ҷумҳурӣ дар солҳои охир нишон дод, ки бо баробари ноил гаштан ба муваффақиятҳои муайяни рушди соҳа, инчунин камбудиҳо низ ҷой доранд. Барои ҳалли камбудиҳои ҷойдошта чораҳои аниқ пешниҳод гардидаанд, ки ҳалли он, ба ақидаи мо, рушди фаъолияти низоми қарзии кишварро таъмин намуда, дар рушди маблағгузории соҳаҳои иқтисодиёт, махсусан фаъолияти соҳибкории мамлакат, ҳиссаи арзандаи худро хоҳад гузошт.

Калидвожаҳо: низоми қарзӣ, маблағгузорӣ, қарз, қарзгузорӣ, бонкҳо, қарзи хурд, соҳаҳо, иқтисодиёт, фаъолияти соҳибкорӣ, қарзҳои кӯтоҳмуддату дарозмуддат, хизматрасонии бонкӣ, фоизи қарз.

СОСТОЯНИЕ КРЕДИТНОЙ СИСТЕМЫ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН В ПОСЛЕДНИЕ ГОДЫ И ЕЕ РОЛЬ В РАЗВИТИИ ЭКОНОМИКИ СТРАНЫ

В статье рассматривается состояние кредитной системы Республики Таджикистан в последние годы и ее роль в развитии экономики страны. Развитие отраслей экономики страны, в частности предпринимательской деятельности, не только зависит от финансирования бюджетных средств, но и в определенной степени, от финансирования кредитной системы (банки и микрокредитные организации). Анализ состояния кредитной системы страны в последние годы показал, что по мере сокращения числа кредитных банковских организаций наблюдается сокращение суммы кредитных средств для финансирования отраслей экономики страны и оно отрицательно влияет на развитие отраслей экономики, прежде всего, на развитие предпринимательской деятельности страны. Поэтому, необходимо произвести анализ состояния кредитных систем республики за последние годы в целях выявления причин сокращения числа кредитных организаций и уменьшения объема кредитования для отраслей экономики страны, прежде всего, предпринимательской деятельности. Таким образом, анализ состояния кредитных систем республики за последние годы показал, что кредитная система Республики Таджикистан достигла определенных успехов в своем развитии, но еще наблюдаются некоторые недостатки в сфере их деятельности. Для решения имеющихся недостатков в деятельности кредитных организаций необходимо применять следующие конкретные меры, решение которых способствует развитию кредитной системы страны и обеспечивает развитие финансирования отраслей экономики, в частности, развитие производственной предпринимательской деятельности.

Ключевые слова: кредитные системы, финансирование, кредитование, кредит, банки, микро-кредит, отрасли экономики, предпринимательская деятельность, краткосрочный кредит, долгосрочный кредит, обслуживание, кредитный процент.

THE STATE OF THE CREDIT SYSTEM OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN IN RECENT YEARS AND ITS ROLE IN THE DEVELOPMENT OF THE COUNTRY'S ECONOMY

The article examines the state of the credit system of the Republic of Tajikistan in recent years and its role in the development of the country's economy. The development of sectors of the country's economy, in particular entrepreneurship, not only depends on the financing of budgetary funds, but also to a certain extent depends on the financing of the credit system (banks and micro-credit organizations). An analysis of the state of the country's credit system in recent years has shown that, with a decrease in the number of credit banking systems, there has been a decrease in the amount of credit funds to finance sectors of the country's economy and it negatively affects the development of sectors of the economy, primarily the development of the country's business. Therefore, it was necessary to analyze the state of the credit systems of the republic in recent years in order to identify the reasons for the reduction in the number of credit organizations and the decrease in lending for the country's economy sectors, primarily business. Thus, an analysis of the state of the credit systems of the republic in recent years has shown that the credit system of the Republic of Tajikistan has achieved some success in its development, but there are still some shortcomings in the scope of their activities. To solve the existing shortcomings in the activities of credit organizations, the following specific measures must be applied, the solutions of which contribute to the development of the country's credit system and ensure the development of financing for economic sectors, in particular, the development of industrial entrepreneurial activity and making a worthy contribution to financing the country's economy.

Keywords: credit systems, financing, lending, credit, banks, micro - credit, economic sectors, entrepreneurial activities, short-term credit, long-term credit, service, credit interest.

Маълумот дар бораи муаллифон: ***Ҳикматов Сафаралӣ Ҳикматович*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, дотсенти кафедраи менеҷменти молиявӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **935-05-55-99**

Ҳикматов Манучеҳр Сафаралиевич – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ассистенти кафедраи менеҷменти молиявӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **939-39-36-08**

Сведения об авторах: ***Хикматов Сафарали Хикматович*** – Таджикский национальный университет, доцент кафедры финансового менеджмента. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **935-05-55-99**

Хикматов Манучехр Сафаралиевич – Таджикский национальный университет, ассистент кафедры финансового менеджмента. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **939-39-36-08**

Information about the authors: ***Hikmatov Safarali Hikmatovich*** - Tajik National University, associate professor of the department of financial management. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 17 Rudaki ave. Phone: **935-05-55-99**

Hikmatov Manuchehr Safaralievich - Tajik National University, assistent of the department of financial management. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 17 Rudaki ave. Phone: **939-39-36-08**

УДК: 330.341

ТРАНСМИЛЛИКУНОНӢ - РАВАНДИ ОБЪЕКТИВИИ РУШД ВА ОМИЛИ ҶАҲОНИШАВӢ

Саидова Ш.И.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Ҷаҳонишавӣ проблемаи мубрами муносибатҳои иқтисодӣ дар даҳсолаҳои охир гаштааст, ки баромади иқтисодҳои миллиро аз ҳудуди сарҳадҳои миллӣ пешбинӣ менамояд. Таконбахши ин раванд инқилоби илмӣ-техникӣ гаштааст, ки дар натиҷаи он барои ҳар як мамлакат доштани истеҳсолоти «худ» ғайримафиатовар гардид ва ҳамаи онҳо ба ҷустуҷӯйи ҷойгоҳи худ дар хоҷагии ҷаҳонӣ шурӯъ намуданд. Алоқаи мутақобилаи афзояндаи онҳо дорои вижагиҳои ҷаҳонӣ гардид. Бинобар ин, аз ҷиҳати иқтисодӣ мазмуни ҷаҳонишавӣ ба амаликунии мутақобила байни мамлакатҳо нисбат дода мешавад: вақте ки бозори молҳо, сармоя, меҳнат бо ҳамдигар боз ҳам алоқаманд гардида, афзуншавии бузурги миқёсҳои савдои ҷаҳонӣ, ҳаракати сармоя, мубодилоти технология, иттилоот ва ғайра ба вуқӯъ меояд. Мафҳуми наздики ҷаҳонишавӣ «интернатсионализатсияи ҳаёти ҳоҷагидорӣ» мебошад, лекин ҷаҳонишавӣ – марҳилаи олии интернатсионализатсия мебошад. Аввалин бор оиди падидаи ҷаҳонишавӣ дар алоқа бо муносибатҳои байналмилалӣ дар солҳои 70-уми асри гузашта иқтисодчиён сухан оғоз намудаанд. Ҳамаи онҳо чизҳои умдаро дар соҳаи онҳо омӯхташаванда ба қайд мегирифтанд: корпоратсияҳои фаромиллӣ ба чунин дастовардҳо ноил гаштанд, ки аз маҷмӯи маҳсулоти дохилии аксарияти давлатҳо калон буд, ғайр аз ин, бо воситаи фаъолияти фаромиллӣ, имконияти аз назорати давлатӣ з ҷониби сохторҳои давлатӣ ва ҷамъиятии мамлакатҳои ҷудогона паноҳ бурданро ба даст оварданд. То оихри солҳои

1990-уми асри гузашта ҷаҳонишавӣ як қатор хусусиятҳои навро ба худ касб намуд. Якум, он як қатор мамлакатҳои навро аз лагери собиқи сотсиалистӣ фаро гирифт. Дуюм, тамоюлоти якхелакунӣ ва стандартикунонӣ дар соҳаи технология, экология, фаъолияти ташкилотҳои молиявӣ, ҳисоботи бухгалтерӣ ва оморӣ, маориф ва фарҳанг зухур кард. Сеюм, созмонҳои байгналмилалии иқтисодӣ ба ҷорикунии маҳакҳои ягонаи сиёсати макроиқтисодӣ (в области налогов, занятости и др.) шурӯъ намуданд. Чорум, ҷаҳонишавии оғозгардида ҷаҳонро возеҳ ба марказ ва музофот, «тиллоӣ» ва дигар миллиардҳо тақсим кард. Он, пеш аз ҳама, дар қисмати рушдёфтаи ҷаҳон, ҳаракат менамояд: маҳз дар ҳамин ҷо тамоми Ширкатҳои фаромиллӣ ҷой гирифта, ҳиссаи асосии ММД истеҳсол мегардад, тамоми корпоратсияҳои молиявие, ки иқтисоди ҷаҳонро хизматгузорӣ менамоянд, дар он ҷамъ омадаан. Дар адабиёти иқтисодии рус се ақида оиди табиати ҷаҳонишавӣ иброз гардидааст. Баъзе аз муаллифон дар раванди мазкур танҳо шакли ҳукмронии ҷаҳонии ШМА-ро мебинанд, ки охири асри ХХ дар натиҷаи парокандашавии собиқ мамлакати абарқудрат - ИҶШС ва таносухи ҷаҳони биполярӣ ба ҷаҳони бисёрполярӣ ба миён омадааст. Дигарон бошанд, дар раванди ҷаҳонишавӣ раванди рушди ҷаҳониро мебинанд, ки бо сабабҳои объективӣ шартнок гардидаанд ва аз ангезаҳои худбинонаи мамлакатҳои ҷудогона бо дарназардошти ШМА кам вобастагӣ доранд (ва ё тамоман вобастагӣ надоранд). Ва дар охир, сеюмиҳо чунин тахмин менамоянд, ки тавъамкунии динамикаи объективии рушди ҷаҳонӣ бо даъвоҳои аниқ баённамудаи ШМА барои пешвоӣ (ва аз рӯи имконият бартарияти бевосита) дар он ҷой доранд. Муносибати сеюм, ки аз ҷаҳонишавӣ бо сабабҳои объективӣ бармеояд ва барои ШМА ва як гурӯҳ мамлакатҳои олигарх судманд мебошад, хеле возеҳ мебошад. Барои амалисозии танзими ҷаҳонӣ муассисоте лозиманд, ки барои иҷрои ин нақш ва барасмиятдарории ҳуқуқии онҳо ташкил карда шудаанд. Дар тӯли солҳои 1970-1990-ум дар созмонбайналмилалӣ тағйироти муҳим ба амал омад. Онҳо, ки бо мақсади ҳалли масъалаҳои хеле маҳдуд созмон дода шуда буданд, дар даврони ҷаҳонишавӣ соҳаи фаъолияти худро васеъ намуда, ба сафи аввал баромаданд. Ин пеш аз ҳама созмонҳое мебошанд, ки бо ҷаҳонишавии молиявӣ ва иқтисодӣ алоқаманданд – Фонди байналмилалии асъор, Бонки ҷаҳонӣ, Созмони ҳамкории иқтисодӣ ва рушд, Созмонии ҷаҳонии савдо.

Ҷаҳонишавӣ шакли институтсионалӣ ба худ касб менамояд. Ҳамин тариқ, аз раванди ғайримуташаккил раванди ҷаҳонишавӣ боз ҳам ба раванди аз ҷиҳати институтсионалӣ ташаккулёфта мубаддал мегардад. Метавон чунин хулосабарорӣ намуд, ки ҷаҳонишавӣ – раванди объективии таърихӣ мебошад. Ҷониби мусбии он аз имконияти ҷаҳиши мусбӣ нисбати вазъи мамлакатҳои қафомонда иборат мебошад то қашшоқӣ ва камбизоатии аҳолии ин мамлакатҳо аз байн бурда шавад. Лекин раванди ҷаҳонишавӣ на танҳо оқибатҳои мусбӣ, инчунин оқибатҳои манфӣ низ дорад. Ҷаҳонишавӣ дар навбати аввал мавқеи мамлакатҳои саноаташон пешрафтаро мустаҳкам намуда, ба онҳо афзалиятҳои иловагиро пешниҳод месозад. Он тамоюлоти воқеии забти хоҷагии ҷаҳонро аз ҷониби ширкатҳои фаромиллӣ ва конгломератҳои байналмилалии молиявӣ, ки зери назорати олигарххо мебошанд ва онро танҳо ба манфиати худ истифода мебаранд, фароҳам меорад, Лекин паҳлуҳои манфии ҷаҳонишавӣ маънои онро надоранд, ки иқтисодҳои миллӣ бояд аз ҷаҳон худро бо девор пӯшанд ва сиёсати автаркияро пешаи худ созанд. Вазифа аз он иборат аст, ки бо консепсияи аниқ ва риояи қатъии манфиатҳои миллӣ ба иттиҳоди ҷаҳонӣ ворид гардид.

Таъсири раванди трансмилликунонӣ ба амалисозии бозорҳои истеъмолии иқтисодҳои рушдёбанда хусусияти ҷудонопазири рушди иқтисоди ҷаҳонӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ мебошад. Нишонаҳои равандҳои ҷаҳонишавӣ ифодаи худро дар кушодагии афзояндаи давлатҳо, либерализатсияи ҷараёнҳои молиявӣ ва режимҳои миллии савдо ,ташаккули бозори ҷаҳонии истеъмолӣ, институтҳои байналмилалии иқтисодӣ, шабакаи умумиҷаҳонии иттилоотӣ меёбанд.

Олими америкоӣ Т. Леввит яке аз аввалинҳо шуда бо таҳқиқи проблематикаи ҷаҳонишавии бозорҳо шурӯъ намуд. Ҷаҳонишавиро ӯ ҳамчун хориҷаи бозоргонӣ тасаввур менамояд. Ӯ онро ҳамчун ҳамгироӣ, муттаҳидшавии бозори фурӯши гурӯҳи молҳои гуногун шарҳ додааст. Дар як вақт ӯ интиҳои ширкатҳои трансмиллиро низ пешгӯи намудааст, ки мақсадҳои стратегии онҳо танҳо ба бозорҳои махсусгардонидашуда ва тафриқашаванда равона шудаанд.

Дар натиҷа UNCTAD маҳакҳои навро барои воридсозии ширкат ба категорияи ширкатҳои трансмиллӣ муайян намуд, ки аниқгардонии тасвияро шартнок намуд. Ҳамин тариқ ширкати фаромиллӣ – ин ширкате мебошад, ки аз бахшҳо дар ду ва ё зиёда малакатҳо иборат буда, сиёсати созишкоронаро дар танҳоӣ ва ё дар якчанд марказҳои

қабули қарорҳо мегузаронад. Дар ин сурат имконияти назорати активҳои дигар бахшҳои иқтисодӣ дар мамлакатҳои ҷойгиршавии онҳо чун қоида бо воситаи ширкат дар сармоя дар ихтиёри ширкати асосӣ мемонад. Филиалҳо ва корхонаҳои навро метавон дар хориҷи кишвар бо туфайли инвеститсияҳои мустақим бино кард, ки ширкатро ба ширкати тансмиллӣ мубаддал менамояд. Ҳудуди поёнии ширкат дар сармоя 10% мебошад, ки шарти кофиро барои муқаррарсозии назорат аз рӯи активҳои бахшҳои фаръӣ муайян менамоянд. Чун қоида шумораи Ширкатҳои фаромиллӣ дар иқтисоди ҷаҳонӣ боз ҳам зиёд гардид. Ва чи хеле ки экспертон баҳогузорӣ менамоянд, агар, қоидаҳои қабулгардида аз нав дида баромада нашаванд, дар он сурат шумораи ширкатҳои фаромиллӣ хеле зиёд мегардад.

1) Ширкатҳои трансмиллӣ (ШГМ) қувваи пешбарандаи механизми хоҷагии ҷаҳон ба шумор меравнд. Ба ин ширкатҳо сохтори хоҷагидориҳое дохил мешаванд, ки аз ширкатҳои модарӣ ва дар хориҷа ширкатҳои фаръӣ ва филиалҳо иборат мебошанд [2,с.16].

Ширкатҳои фаромиллӣ – ин чунин шакли иттиҳоди байналмилалӣ сармояҳо мебошад, ки дар он ширкати асосӣ шуъбаҳои худро дар тамоми мамлакатҳо дошта, мутобиқгардонӣ ва ҳамгироии фаъолияти онҳоро амалӣ месозад [6,с.288]. Корпоратсияҳои трансмиллӣ ва ширкатҳои фаръии он омили муҳимми институтсионалии истеҳсолоти байналмилалӣ ва савдои байналмилалии инноватсияҳо, ноу-хау ва тайёрии кадрҳо барои иқтисоди инноватсионӣ мегарданд [3,с.18].

Лекин чунин ҷанбаи фаъолияти трансмиллии ширкатҳо ба монанди суръатнокии амалиётҳои хориҷӣ дар мувофиқа бо миқдори филиалҳои ба он таалуқдоштаи хориҷӣ ба ин индекс ворид карда нашудааст. Аз ин рӯ, индекси интернатсионализатсия (II) ҳисоб карда бароварда мешавад. – ин таносуби филиалҳои хориҷӣ, ки ба ширкатҳои фаромиллӣ ба миқдори умумии онҳо таалуқ доранд.

Экспертҳои СММ муайянкунандаеро истифода мебаранд, ки дар мувофиқа бо он ба ширкатҳои фаромиллӣ ширкатҳои таалуқ доранд, ки гардиши солонаи онҳо зиёда аз 100 миллион долларро ташкил дода, ва дар на кам аз 6 давлати ҷаҳон филиалҳои худро доранд.

Дар таҷрибаи ҷаҳонӣ як қатор маҳакҳои дигарро ба ҳисоб гирифта, мавриди истифода қарор додаанд, ки фаромиллӣ будани миқдори мамлакатҳоеро, ки дар ҳудуди онҳо Корпоратсияҳои фаромиллӣ (одатан аз 2 то 6) фаъолият мекунанд тавсиф менамояд; соҳиби аксияҳои на кам аз 25% (дар 3 ва ё зиёда мамлакат); фаромиллӣ будани ҳайати кормандони корпоратсияҳои фаромиллӣ (ба дарназардошти роҳбарияти олӣ); минимуми тасдиқгардидаи ширкати ҳиссавии ширкат дар сармояи хориҷии саҳҳомӣ, ки имконият медиҳад то фаъолияти филиали хориҷии худро назорат намоянд: ҳаҷми инвеститсияҳои мустақими хориҷӣ [3,с.18].

Дар даврони ҷаҳонишавӣ, бӯҳронҳо ва харобшавии захираҳои табиӣ, ҷобаҷогузории миқдори зиёди сармояи фаромиллӣ, тақсимоти байналмилалии меҳнат ва як қатор равандҳои ҳам иқтисодӣ ва ҳам сиёсӣ шароитҳои азнавистеҳсолкунии иқтисодҳои миллӣ тез тағйир меёбанд [4,с.33].

Байни муносибатҳои муосир нисбат ба корпоратсияҳои фаромиллӣ назарияи роҳи рушди инвеститсионии (Jnvestment Development Path) Генри

Даннинг ба худ аҳамияти махсус касб менамояд. Ин назария тасдиқ менамояд, ки сатҳи рушди иқтисодии мамлакатҳо дар алоқа бо дараҷаи рушди ширкатҳо ва корхонаҳои он, ҳаҷми ширкат дар аз ҷое ба ҷойи дигар кӯчонидани сармоя баҳогузорӣ мегардад. Дар назарияи ӯ панҷ сатҳи рушди ба худ хоси иқтисодӣ махсус қайд карда шудааст, ки ба онҳо дараҷаи таҳаввули корпоратсияҳои фаромиллӣ, таносуб байни содирот ва воридоти инвеститсияҳои мустақими хориҷӣ мувофиқат менамояд:

1. Дар сатҳи якум иқтисоди мамлакатҳои рушд заиф буда, на танҳо шароитҳо барои ғункунии сармоя ва содироти инвеститсия, инчунин барои воридоти онҳо бо истиснои он инвеститсияҳое, ки дорои захираҳои назарраси захираҳои табиӣ мебошанд, мавҷуд нест.
2. Дар сатҳи дуюм иқтисоди мамлакатҳо бо тамоюлоти ММД-ии рушдёбанда то 2,5 ҳазор доллар ба ҳар як сари аҳолӣ тавсиф меёбанд. Аз ҳисоби ин талаботи дохилӣ дар бозори исеъмолӣ меафзояд. Оқибат корпоратсияҳои фаромиллӣ нисбати ширкатҳои миллӣ ба рақобати шиддатнок мегузаранд Лекин сатҳи рушдёбандагии корхонаҳои миллӣ боз ҳам паст буда, ба содироти инвеститсияҳо мусоидат наменамояд ва агар бошад ҳам, асосан ба бозорҳои минтақавӣ ва мамлакатҳои дорои сатҳи ҳамшабеҳи рушди равона карда шудааст [4,с.33].

3. Дар мамлакатҳои сатҳи сеюм ММД то 10 ҳазор доллар ба ҳар як сари аҳолӣ таъмин карда мешавад. Воридоти инвестисияҳо дар заминаи афзуншавии содироти онҳо суст мегардад, чунки корпоратсияҳои фаромиллӣ бо ширкатҳои миллӣ ба рақобати шиддатнок мегузаранд, ки оиди заминаҳои таъсиси аввалин ширкатҳои трансмиллии миллӣ шаҳодат медиҳад. Ба ин нигоҳ накарда, мисли пешин маблағи инвеститсияҳои ғуншуда аз ҳисоби воридот аз ҳаҷми содирот зиёд мебошад.

4. Дар сатҳи чорум – ММД то 10-36 ҳазор доллар ба ҳар як сари аҳолӣ таъмин карда мешавад. Мамлакат афзоиши корпоратсияҳои фаромилии миллиро намоиш дода, содирот аз воридоти инвеститсияҳои мустақими хориҷӣ зиёд мебошад.

5. Дар сатҳи панҷум аз рӯи баҳогузории як қатор иқтисодчиён иқтисоди ШМА ҷой дорад, ки соҳиби шумораи зиёди корпоратсияҳои фаромиллӣ буда, ҳаҷми содирот ва воридоти инвеститсияҳои мустақими хориҷӣ зиёд амалан баробар карда шудаанд.

Ҳамин тариқ, назарияи мазкур тасдиқ менамояд, ки миқдори ширкатҳои трансмиллӣ, ки дар мамлакат созмон дода шудаанд – ин нишондиҳандаи ба худ хоси сатҳи барзиёдии инвеститсияҳо дар ин ва ё он андозаи истеҳсолот ва дар умум дараҷаи тараққиёбандагии иқтисодӣ мебошад. Бо роҳи афзун намудани воридоти инвеститсияҳои мустақими хориҷӣ самараи «тоб партофтани талаботи инвеститсионӣ» дар бахшҳои гуногуни иқтисод ба амал меояд, ки боиси болоравии раванди содироти миллӣ мегардад. Ин омил тасдиқотро аз ҷумла, дар рафти таҳқиқи имкониятҳои тахминии иқтисоди Тоҷикистон пешбинӣ менамояд.

Зери корпоратсияҳои трансмиллӣ чун қоида корпоратсияи бузург дар назар дошта шудааст, ки алоқаҳои савдоии инвеститсиониро бо ширкатҳои дув а ё зиёда мамлакат татбиқ менамояд, ки ба нишондиҳандаҳои соҳаи муайян таъсир мерасонад, ки дар он корпоратсияи фаромиллӣ амал менамояд,

Дар як қатор ҳолатҳо зарурияти ширкати онҳо дар на кам аз 6 мамлакат пешбинӣ мегардад. Дар асоси чунин муносибат ширкатҳои бузурги Россияро низ метавон ба корпоратсияҳои фаромиллӣ нисбат дод.

Аз нуқтаи назари мо, бо чунин эзоҳот розӣ шудан мумкин аст, ки корпоратсияи трансмиллӣ ин шакли рушди сармояи монополистӣ мебошад ва бо ин маънӣ он дар худ хусусият ва ихтилофоти шакли монополистии сармояро дорад..

Дар баробари ин, он дорои як қатор вижагиҳои нав мебошад, ки дар чунин шакл монополия ба як қатор модификатсияҳо дучори тағйирот гардида, дорои хусусияту махсусиятҳои нав гаштааст.

Аз нуқтаи назари мо, корпоратсияи фаромилии муосир аз худ иттиҳодияҳои бузрги саноатӣ-молиявиро инъикос менамоянд ва аз рӯи соҳаи фаъолият байналмилалӣ арзёбӣ гардида, аз принсипҳои банақшагирии муттамарказ ва идоракунии корпоративӣ дар миқёси ҷаҳонӣ асос ёфта, сиёсати экспансионистиро дар савдои байналмилалӣ, ҳамкории истеҳсолӣ ва илмӣ-техникӣ, мубодилоти технологияҳо ва маблағгузории сармояи қувваи кориро татбиқ намуда, раванди интернатсионализатсияро ба баҳисобгирии тамоюлоти объективии тақсимоти байналмилалии меҳнат ва схемаҳои нави онро муайянкунанда амиқ мегардонад.

Бинобар ин, барои корпоратсияҳои фаромиллӣ на танҳо ихтилофот, ки нисбати сармояи монополистӣ хос аст, инчунин иттиҳодияҳои махсус, ки бо ин шакл тавлид ёфтаанд, мансуб мебошанд. Масъалаи алоқаи мутақобилаи трансмилликунонӣ бо воситаи экспансияи корпоратсияҳои фаромиллӣ ва амиқсозии ихтилофоти капитализми муосир ба як қатор муносибатҳои нав дар иқтисоди ҷаҳонӣ хос аст, ки дарки назариявии қисмати назарраси онҳо дар адабиёти соҳавӣ баҳогузории якмаъноро надодааст. Як қисмати ин алоқаҳо ва тамоюлоти нав дар корпоратсияҳои фаромиллии рушдёфта тамоман баррасӣ нагардидаанд. Аз ин лиҳоз, аниқгардонии мавқеи назариявӣ-методологӣ маънии касб менамояд, ки заминаи ибтидоӣ барои таҳлил ва хулосабарорӣ нисбати трансмилликунонӣ ва амиқгардонии ихтилофоти капитализм дар шароитҳои ҷаҳонишавӣ гардидааст.

Таҳқиқи масоили трансмилликунонӣ аз ҷиҳати методологӣ аз консепсияи ихтилофоти диалектикӣ замина мегирад. Чунин муқаррарот барои дарки илмии масъалаҳои басо муҳим асос мегардад. Якум, рушди хоҷагидории бозоргонӣ бо воситаи ҳаллии мухолифоти он таъмин карда мешавад, дуюм, ин роҳи ҳалли масъала ба бартарафсозии баробармаъно нест (онҳо шакли нави ҳаракатро ба худ касб менамоянд). Бинобар ин, эҳё ва мухолифати минбаъда дар заминаи боз ҳам васеъ ба вуқӯъ меояд, бинобар ин, онҳо бо иқтидори афзунёбандаи вайронкунанда хавфноканд.

Бо масоили таҳлили корпоратсияҳои фаромиллӣ бо воситаи ихтилофот муқаррароти методологӣ дар бораи ихтилофоти дурӯягии падидаҳо ва равандҳои воқеияти капиталистӣ сахт алоқаманданд.

Ин, пеш аз ҳама, ба баҳогузории ҷойгоҳи копропратсияҳои фаромиллӣ дар низоми муосири ҷаҳонӣ нисбат дода мешавад, ки бо нақши дурӯяи онҳо нисбати низоми муносибатҳои ҳукмрон – аз ҷиҳати системавӣ нигоҳдоранда ва аз ҷиҳати системавӣ вайрокунанда – муайян карда мешаванд. Ин ба масоилҳои боз ҳам ҷузъӣ низ дахл дорад. Масалан, масъалаи худмаблағгузории корпоратсияҳои фаромиллӣ, ки муддати тӯлонӣ дар адабиёти соҳавӣ мубоҳисавӣ мемонад. Он ба ошкорсозии тамоюлоти бартаридошта нисбат дода мешавад (яъне ҳиссаи худмаблағгузорӣ дар сармоягузории монополияҳо меафзояд ва ё кам мегардад). Дар адабиёти соҳавӣ ду нуқтаи назар нисбати масъалаи мазкур муайян гардидаанд, ки мустақиман бо ҳам мухолиф мебошанд. Мо бо дарназардошти принсипи духелагии падидаҳо ва равандҳо ду нуқтаи назар нисбати масоили мазкур муайян кардем, ки тамоман бо ҳам мухолифанд. Дар мақола бо дарназардошти принсипи духелагии падидаҳо ва равандҳо дурустии нуқтаи назар оиди амаликунии ду тамоюлот дар худмаблағгузории корпоратсияҳои фаромиллӣ асоснок карда шудааст; якум нисбати афзоиши ҳиссаи худмаблағгузорӣ, ки дар маҷмӯъ барои иқтисод сафарбар карда шудаанд.

Ҳамин тариқ, корпоратсияҳои фаромиллӣ ин чунин шакли иттиҳоди байналмилалӣ мебошад, ки дар он ширкати пешрав шуъбаҳои худро дар аксарияти мамлакатҳои дунё дорад ва мутобиқгардониву ва ҳамгироии фаъолияти онҳоро амалӣ месозад [6].

АДАБИЁТ

1. Абель Э. Макроэканомика / Э. Абель, Б. Бернанке. -СПБ: Питер, 2008.
2. Дӯстбоев Ш. Иқтисодиёти ҷаҳон. Дастури таълимӣ-методӣ / Ш. Дӯстбоев. -Душанбе, “Эр-граф”, 2012. -288 с.
3. Комилов С.Дж. Инновационное развитие в условиях глобализация / С.Дж. Комилов. –Душанбе, 2011. -408 с.
4. Кандиерова Д.О. Инвестиции как фактор экономического роста: институциональный аспект / Д.О. Кандиерова. –Душанбе, 2011. -408 с.
5. Корниенко О.В. Макроэкономика / О.В. Корниенко. -Ростов – на –Дону: «Феникс», 360 с.
6. Мировая экономика: Учеб, пособие для вузов /Под редакции проф. И.П. Николаевой. – М., 2016. -575 с.
7. Мировая экономика: Учебное пособие для вузов / Под ред. проф. И.П. Николавеой. -М.: ЮНИТИ – ДАНА, 2000. -575 с.
8. Портер М. Международная конкуренция / М. Портер. -М.: Международные отношения, 1993. -896 с.
9. Саидмурадов Л.Х. Экономическая теория открытого хозяйства и проблемы современного Таджикистана / Л.Х. Саидмурадов. –Душанбе: Ирфон, 2005. -186 с.
10. Саидова М.С. Социально-экономические аспекты иностранных инвестиций в экономику Республики Таджикистан в переходный период: Монография / М.С. Саидова. –Душанбе, 2007. -136 с.

ТРАНСМИЛЛИКУНОНӢ - РАВАНДИ ОБЪЕКТИВИИ РУШД ВА ОМИЛИ ҶАҲОНИШАВӢ

Муаллиф дар мақола қайд менамояд, ки ҷаҳонишавӣ проблемаи мубрами муносибатҳои иқтисодӣ дар даҳсолаҳои охир гаштааст, ки баромади иқтисодҳои миллиро аз ҳудуди сарҳадҳои миллӣ пешбинӣ менамояд. Инчунин муаллиф қайд менамояд, ки таконбахши ин раванд инқилоби илмӣ-техникӣ гаштааст, ки дар натиҷаи он барои ҳар як мамлакат доштани истеҳсолоти «худ» ғайриманфиатовар гардид ва ҳамаи онҳо ба ҷустуҷӯйи ҷойгоҳи худ дар хоҷагии ҷаҳонӣ шурӯъ намуданд. Алоқаи мутақобилаи афзояндаи онҳо дорои вижагиҳои ҷаҳонӣ гардид. Бинобар ин, аз ҷиҳати иқтисодӣ мазмуни ҷаҳонишавӣ ба амаликунии мутақобила байни мамлакатҳо нисбат дода мешавад: вақте ки бозори молҳо, сармоя, меҳнат бо ҳамдигар боз ҳам алоқаманд гардида, афзуншавии бузурги миқёсҳои савдои ҷаҳонӣ, ҳаракати сармоя, мубодилоти технология, иттилоот ва ғайра ба вуқӯъ меояд. Инчунин муаллиф ба он ишорат менамояд, ки мафҳуми ба ин раванд «интернатсионализатсияи ҳаёти хоҷагидорӣ» мебошад, лекин ҷаҳонишавӣ марҳилаи олии интернатсионализатсия мебошад.

Калидвожаҳо: таҳсилот, фарҳанг, ҷаҳонишавӣ, корпоратсияҳои фаромиллӣ, экология, технология, баякшаклдарорӣва стандартикунонӣ, истеҳсолот, мубодилоти технологияҳо.

ТРАНСНАЦИОНАЛИЗАЦИЯ - ОБЪЕКТИВНЫЙ ПРОЦЕСС РАЗВИТИЯ И ФАКТОР ГЛОБАЛИЗАЦИИ

Автор в своей статье отмечает что, актуальной проблемой международных экономических отношений в последние десятилетия стала Глобализация, которая предполагает выход национальных экономик за пределы национальных границ. Автор также указывает на то, что импульсом этого процесса послужила научно-техническая революция, в результате которой каждой стране стало невыгодно иметь «свое» производство и все они начали искать свою нишу и мировом хозяйстве. Их растущая взаимосвязь приобрела глобальный характер. Поэтому в экономическом аспекте содержание глобализации сводится к возрастающему взаимодействию между странами: когда рынки товаров, капитала, труда становятся вес более взаимосвязанными, происходит огромное увеличение масштабов мировой торговли, валютных потоков, движения капитала, обмела технологиями, информацией и т.д. Также автор отмечает, что близким понятием является «интернационализация хозяйственной жизни», но глобализация - высший этап интернационализации.

Ключевые слова: образования, культура, глобализация, транснациональные корпорации, экология, технология, унификации и стандартизации, производство, обмела технологиями.

TRANSNATIONALIZATION - OBJECTIVE DEVELOPMENT PROCESS AND THE FACTOR OF GLOBALIZATION

The author in his article notes that the topical problem of international economic relations in recent decades has become Globalization, which involves the exit of national economies beyond national borders. The author also points out

that the impetus for this process was the scientific and technological revolution, as a result of which it became unprofitable for each country to have “its own” production and they all began to look for their niche in the world economy. Their growing interconnection has become global. Therefore, in the economic aspect, the content of globalization boils down to increasing interaction between countries: when the markets for goods, capital, labor become more interconnected, there is a huge increase in the scale of world trade, currency flows, capital movement, technology, information, etc. that a close concept is "internationalization of economic life", but globalization is the highest stage of internationalization.

Keywords: education, culture, globalization, transnational corporations, ecology, technology, unification and standardization, production, swept by technology.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Саидова Ш.И***. - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, унвонҷӯй. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **939-28-01-01**

Сведения об авторе: ***Саидова Ш.И***. - Таджикский национальный университет, соискатель. **Адрес:** 734025-Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17 Телефон: 9**39-28-01-01**

Information about the author: ***Saidova Sh.I.*** - Tajik National University: applicant. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki avenue, 17. Phone: **939-28-01-01**

УДК 336.77.01

АСОСҲО, МУҲТАВО ВА МАЗМУНИ НИЗОМИ ИДОРАКУНИИ КОРПОРАТИВӢ ДАР ТАШКИЛОТҲОИ ҚАРЗӢ

Бобоев С.Т.
Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Самаранокии идоракунии корпоративӣ дар ташкилотҳои қарзӣ яке аз шартҳои муҳимтарини таъмини устувории ҳам ташкилотҳои қарзӣ ва ҳам низоми бонкӣ ба ҳисоб меравад. Дар Паёми худ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ–Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати андешидани чораҳои мушаххас дар низоми бонкӣ, хусусан дар самти коҳиш додани хавфҳо ва қорӣ намудани усулҳои идоракунии корпоративӣ таъкид карда буданд [9,с.1].

Бояд зикр намуд, ки баъд аз ба даст овардани истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ташкили бонкҳои хусусӣ дар низоми бонкдории кишвар, шаклу усулҳои гуногуни идоракунии ташкилотҳои қарзӣ ба вуҷуд омаданд, ки яке аз онҳо ин идоракунии корпоративӣ мебошад. Ин мафҳум барои низоми бонкдории кишвари мо истилоҳи нав набуда, дар шароити муосир он пайдарҳам ба низоми бонкдории Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид карда шуда истодааст. “Бонки миллии Тоҷикистон вобаста ба тақвияти институтсионалии қоидаву меъёрҳои идоракунии корпоративӣ ва такмили санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ бо ташкилотҳои байналмилалӣ ҳамкории зичро ба роҳ мондааст. Ва дар ояндаи наздик ба қонунгузориҳои бонкӣ, аз ҷумла, дар бахши зиёд намудани ҳададориҳо ва масъулияти тамоми мақомоти идоракунӣ, низоми назорати дохилӣ ва аудит як қатор тағйиру иловаҳо ворид карда мешаванд” [5,с.1].

Яъне, аз ин ҷо маълум мешавад, ки идоракунии корпоративӣ дар низоми бонкии ҷумҳурӣ яке аз роҳҳои мукаммалгардонии фаъолияти бонкӣ ва идоракунии муосири он ба ҳисоб меравад. Ин истилоҳ баъд аз ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ ва ташкили бонкҳо ва ташкилотҳои саҳомию қарзӣ дар кишвар ба ҳамагон маълум шуда, пайдарпай ба низоми бонкии кишвар ворид карда шуда истодааст.

Зери идоракунии корпоративӣ - идоракунии умумии фаъолияти ташкилоти қарзӣ фаҳмида мешавад, ки он аз ҷониби маҷлиси умумии иштирокчиён (саҳмдорон), Шӯрои директорон (Шӯрои нозирон) амалӣ карда мешавад ва маҷмӯи муносибатҳои онҳо (ҳам бо санадҳои дохилӣ танзимшаванда ва ҳам бо ғайрирасмӣ) бо мақомоти иҷроияи ягона, мақомоти иҷрокунандаи коллегиявии ташкилоти қарзӣ ва дигар тарафҳои манфиатдорро дар бар мегирад [1,с.87].

Истилоҳи “Корпоратсия” аз калимаи лотинӣ гирифта шуда, бо маънои “иттиҳодия” фаҳмида мешавад [2,с.1]. Ширкати копоративӣ шахси ҳуқуқӣ ба ҳисоб рафта, аз иттиҳодияи шахсонӣ воқеӣ иборат аст ва новобаста аз онҳо, ба таври худидора фаъолият мекунад. Аз ин ҷо, ҳама гуна иттиҳодияҳое, ки бо мақсади даромад фаъолият мекунанд, метавонанд “копоратсия” номида шаванд. Соҳибкорону муассисони корхонаҳо бештар онҳоро дар намуди ҷамъиятҳои саҳҳомӣ таъсис медиҳанд, аз ин рӯ, дар шароити ҳозира чунин шакли корхонаҳо маъмултаранд, мафҳуми “копоратсия” ҳамчун синоними истилоҳи “ҷамъияти саҳҳомӣ” истифода бурда мешавад. Аз ин ҷо маълум мешавад, ки идоракунии корпоративиро на танҳо дар низоми бонкӣ, балки дар бештари корхонаҳои дигар, ҳатто хусусӣ ҳам қорӣ кардан мумкин аст.

Нақшаи 1. Идоракунии корпоративӣ дар корхонаи саҳҳомӣ
Plan 1. Corporate governance in a joint stock company



Бояд қайд кард, ки идоракунии копоративӣ таърифи ягона ва дақиқ надорад ва он гуногун баррасӣ мешавад. Маъмултараш чунин аст: идоракунии корпоративӣ низоми ҳисоботдиҳии шахсони идоракунандаи ширкат дар назди саҳмдорон, усули муосири идоракунии ширкат ба ҳисоб меравад, ки он тақсимоти баробар ва одилонаи натиҷаҳои фаъолиятро байни тамоми саҳмдорон ва шахсони манфиатдор таъмин мекунад. Ва ё, идоракунии корпоративӣ ин маҷмӯи тадбиру қоидаҳоест, ки он барои саҳмдорон дар раванди назорати роҳбарияти ширкат ва таъсиррасонӣ ба менеҷмент, бо мақсади фоида ва арзиши ширкат кумак мекунад; ин низоми муносибатҳои мутақобилаи байни менеҷерони ширкат ва соҳибони он оид ба масъалаҳои таъмини самаранокии фаъолияти ширкат ва ҳимояи манфиатҳои соҳибону шахсони дигари манфиатдор ба ҳисоб меравад [6,с.155-160].

Яъне, мазмуну мухтавои идоракунии корпоративӣ дар он аст, ки сармоягузор мехоҳад назорати воқеии раванди идоракунӣ дар корхона ба амал оварда шавад, то истифодаи самараноки маблағҳо таъмин карда шавад. Илова бар ин, сармоягузорон он низоми идоракунии корпоративиеро мехоҳанд бинанд, ки дараҷаи кофии шаффофият, аёният ва ғ. ҳангоми қабули қарорҳои корпоративӣ таъмин ва ба онҳо кафолатҳо дода шаванд. Расмиятҳои асосии идоракунии корпоративӣ бояд ҷавобгӯйи ҳама ин талаботҳо бошанд ва, ҳатман, дар ҳуҷҷатҳои асосии корхона ба қайд гирифта шаванд.

Ширкати корпоративӣ ва ё идоракунии корпоративӣ аз чор аломати асосӣ иборат мебошад:

- шахси ҳуқуқӣ аст;
- масъулияти маҳдуд дорад;
- фурӯши озоди саҳмияҳо;
- идоракунии мутамарказ аз тарафи шӯрои директорон дорад.

Идоракунии корпоративӣ мустақиман бо идоракунии оперативӣ (идоракунии амалиётӣ) ва тактикии ширкат вобастагӣ надорад, аммо ба идоракунии стратегӣ дохил карда мешавад [10,с.13].

Мавзӯи идоракунии корпоративӣ мониторинги амалҳои корпоративӣ мебошад [4,с.143-151]. Идоракунии корпоративӣ аз моделҳои идоракунии корпоративӣ, принсипу механизмҳои идоракунӣ ва хусусиятҳои хоси худ иборат аст. Моделҳои идоракунии корпоративӣ ба англисӣ, амрикоӣ, олмонӣ, ҷопонӣ ва омехта ҷудо карда мешаванд. Вобаста аз хусусиятҳои хоси сохтори моликият, дараҷаи мутамарказӣ, хусусиятҳои механизми танзими молиявӣ, бозори коғазҳои қиматнок ва қонунгузории саҳмиявии миллӣ метавонад низомҳои гуногуни идоракунии корпоративӣ ташкил карда шаванд.

Дар таҷрибаи иқтисодии кишварҳои тараққикарда ду модели идоракунии корпоративӣ ба таври анъанавӣ фарқ карда мешаванд:

1. Англо-амрикоӣ - афзалияти бечунучарои ҳуқуқи саҳмдорон, назорати асосӣ тавассути бозори коғазҳои қиматнок амалӣ карда мешавад;

2. Модели континенталии назорати бонкӣ, ки дар он бонкҳо ва намояндагони онҳо дар шӯрои директорон дар идоракунии корхона нақши ҳалкунанда доранд. Ин тақсимот шартист ва барои муайян кардани хусусиятҳое амалӣ карда мешаванд, ки дар шароити ҷаҳонишавӣ метавонанд омехта ва тағйир дода шаванд: дар ташкили фаъолияти идоракунӣ дар шароити пешрафти илмӣ-техникӣ, шаклҳои анъанавӣ, миллӣ ва муосири ташкили меҳнат бо ҳам зич алоқамандand.

Саҳмгузорон дар модели олмонӣ дар банақшагирии стратегии ширкат нақши ҳалкунанда доранд. Дар модели олмонӣ, диққати асосӣ ба нигоҳ доштани тавозуни манфиатҳои тарафҳои манфиатдор ва масъулияти тарафайн дода мешавад. Модели англо-амрикоӣ ба қонеъгардонии афзалиятҳои манфиатҳои молиявии саҳмдорон равона карда шудааст. Пайравӣ аз модели амрикоӣ ба динамизм ва модели олмонӣ ба устуворӣ мусоидат мекунад[6,с.161].

Мутахассисон инчунин модели идоракунии осиёиро низ ҷудо мекунанд. Модел бар се принсипи бунёдӣ асос ёфтааст:

- Сиёсати таҳияшудаи саноатии давлат;
- Ислоҳоти пурсамари соҳаи кишоварзӣ;
- Бахши молиявӣ ҳамчун низоми ёридиҳанда.

Хусусияти фарқкунандаи модели ҷопонӣ ин равонакунӣ ба иттиҳоди иҷтимоӣ дар сатҳи ширкатҳо ва "ҳамбастагии соҳибкорӣ" дар сатҳи гурӯҳҳои саноатӣ мебошад. Бар хилофи модели олмонӣ, ин ҳамбастагӣ на баробарҳуқуқ, балки иерархӣ - қурбонии манфиатҳои "хурдон" бар ивази падархондии "калонсолон" аст. Хусусияти хоси модели ҷопонӣ доштани саҳмияҳо дар байни ширкатҳои шарик мебошад [3,с.343].

Масъалаи ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои саҳмдорон вазифаи аввалиндараҷаи ҳуқуқи корпоративӣ мебошад. Аз солҳои 90-ум сар карда сармоягузорон бо дастгирии ҳукумату созмонҳои байналмилалӣ, баҳри таҳия ва татбиқи қоидаҳое фаъолият мебаранд, то ки ҳимояи ҳуқуқи сармоягузорон аз сӯйистифодаи менеҷерони ширкатҳо таъмин карда шавад. Дар соли 1999 гурӯҳи мушовирони бахши бизнес оид ба идоракунии корпоративии СҲРИ (Созмони ҳамкорӣ ва рушди иқтисодӣ) маҷмӯи принсипҳои поягузорро таҳия намуд, ки онро бисёриҳо ҷонибдорӣ намуданд. Принсипҳои асосии идоракунии корпоративӣ дар ин ҳуҷҷат чунин оварда шудааст[11,с.1-11].

- ҳуқуқи саҳмдорон;
- муносибати баробар ба саҳмдорон;
- нақши шахсони манфиатдор дар идоракунии ширкат;
- маълумотдиҳӣ ва шаффофияти бизнес;
- уҳдадориҳои маъмурият.

Ҷадвали 1. Принсипи рушди идоракунии корпоративӣ
Table 1. Principles of corporate governance development

№	*Принсип*	*Таркиб*
1.	*Тамаркуз*	Дар ду самт дида баромада мешавад: тамаркузи тақвияти кормандони шуъбаи алоҳида ё тамоми низоми идоракунии ҳайат барои ҳалли вазифаҳои асосӣ ё ҳамчун тамаркузи функсияи якранга дар як шуъбаи низоми идоракунии ҳайат, ки такрорёбиро бартараф менамояд.
2.	*Махсусгардонӣ*	Тақсимнамоии меҳнат дар низоми идоракунии ҳайат (меҳнати роҳбарон, мутахассисон ва хизматчиён аз ҳам ҷудо карда мешавад). Шуъбаи алоҳида барои иҷрои гурӯҳи функсияҳои якранга ташаккул дода мешавад.
3.	*Мувозӣ*	Дар як вақт иҷрокунии қарорҳои алоҳидаи идоракуниро афзал дониста, таъҷилӣ идоракунии ҳайатро баланд мебардорад.
4.	*Мутобиқатӣ*	Маънои мутобиқ шудани низоми идоракунии ҳайатро ба тағйироти мақсадҳои объекти идоракунӣ ва шароити корӣ он мефаҳмонад.
5.	*Муттасил*	Афзал донистани усули асосии рафтори кормандон доир ба такмили низоми идоракунии ҳайат дар зинаҳои гуногуни он.
6.	*Мунтазам*	Вуҷуд надоштани танаффус дар кори кормандони низоми идоракунии ҳайат ё шуъбаҳо, хориҷкунии вақти бекорхобии ҳуҷҷатҳо ва воситаҳои техникии идоракунӣ.
7.	*Мавзунӣ*	Иҷроиши ҳаҷми кори якхела дар муддати вақти баробар ва мунтазам такроркунии функсияҳои идоракунии ҳайат.
8.	*Ростхатта ва саҳеҳ*	Ботартибӣ ва мақсаднокии иттилооти зарурӣ доир ба таҳияи қарори муайян. Вай метавонад амудӣ ва уфуқӣ бошад (алоқаи баръакс байни гурӯҳҳои функсионалӣ ва зинаҳои гуногуни идоракунӣ).

Механизмҳои идоракунии корпоративӣ

- Ба расмият даровардани муносибатҳои иштирокчиёни идоракунии корпоративӣ тавассути қабули санадҳои меъёрӣ, таҳияи расмиёти расмӣ ва ғайра. Аз ҷумла, ширкатҳои калон қойдаҳои корпоративии худиро қабул мекунанд.
- Намояндагӣ дар шӯрои директорони ҳамаи гурӯҳҳои саҳмдорон, аз ҷумла ақаллиятҳо (дар баъзе ҳолатҳо, дигар гурӯҳҳои манфиатдор, масалан иттифоқҳои касаба).
- Ҳисоботдиҳӣ дар назди шӯрои директорон (вале мустақиман на ба саҳмдорони калон) ва Шӯрои директорон дар назди маҷлиси саҳҳомон.
- Ҳал кардани ҳамаи масъалаҳои муҳим, ки аз доираи идоракунии кунунӣ дар ҷаласаҳои коллегия ё маҷлиси саҳҳомон бармеоянд.
- Канорагирӣ аз бархӯрди манфиатҳо ва узвият (масалан, вақте идоракунии он ба саҳҳоми калон тааллуқ дорад). Бо ин мақсад, аз ҷумла, ба шӯрои директорон, директорони мустақили тарафи сеюм - мутахассисоне даъват карда мешаванд, ки бо саҳмдорон ва роҳбарияти ширкат вобастагӣ надоранд. Дар бисёр ширкатҳои ғарбӣ директорони мустақил аксарияти шӯрои директоронро ташкил медиҳанд. Илова бар ин,

директороне, ки ба баъзе амалиётҳо манфиатдоранд, дар қабули қарорҳо иштирок карда наметавонанд.

- Бартараф намудани вобастагии директорон аз менеҷмент. Бо ин мақсад, аз ҷумла, масъалаи музди меҳнати директорон на аз ҷониби роҳбарикунанда (менеҷмент), балки дар кумитаи махсус дар назди шӯрои директорон ҳал карда мешавад.

- Ҷудокунии "назорат ва назораткунандагон". Аз ҷумла, масъалаҳои асосии аудит ва ҳисоботи молиявиро кумитаи махсус дар назди шӯрои директорон ҳал мекунад, на роҳбарият.

- Интишори ҳадди аксари маълумот дар бораи фаъолият ва нишондодҳои молиявии ширкат; таъмини шаффофияти амали роҳбарият ва саҳмдорони калон (нисбати ширкат). Шаффофияти иттилоотии ширкат яке аз талаботҳои идоракунии корпоративӣ мебошад [1,с.81-96].

Яъне, ба ақидаи мо, ин механизмҳо барои таъмини кори муассир ва софдилонаи ҳамаи иштирокчиёни идоракунии корпоративӣ таъин шудаанд. Агар механизмҳои идоракунии корпоративӣ хуб кор накунанд, суиистифодаҳои гуногун имконпазиранд.

Ба гуфтаи сармоягузорон, идоракунии хуби корпоративӣ мукаммалии идоракунӣ ва шаффофияти ширкатро таъмин мекунад, аз ин рӯ, хатари аз даст рафтани маблағ ба таври назаррас коҳиш дода мешавад. Идоракунии корпоративӣ барои ширкатҳои кишварҳои рӯ ба тараққӣ махсусан муҳим аст, зеро сармоягузорони хориҷӣ аз ростқавлӣ ва сифатҳои тиҷоратии менеҷменташон ташвишованд. Таҳқиқотҳо нишон медиҳанд, ки сармоягузории ширкатҳо бо идоракунии хуби корпоративӣ нисбат ба ҳисоби миёнаи бозор хеле баланд аст. Ин фарқият махсусан барои кишварҳои араб, кишварҳои Амрикои Лотинӣ (ба истиснои Чили), Туркия, Русия, Малайзия, Индонезия, хеле бузург аст [10,с.10]. Яъне, ворид намудани идоракунии корпоративӣ дар дилхоҳ корхона, махсусан, дар низоми бонкӣ, ба афзоиши шумораи саҳмгузорон ва эътимод ба корхона оварда мерасонад.

Ҳамин тариқ, ворид намудани низоми идоракунии корпоративӣ паҳлуҳои мусбиро касб менамояд, ба монанди: ҷалби сармоягузориҳоро меафзояд; барои ҷалби сармоягузорони дарозмуддат кумак карда метавонад; барои кам кардани арзиши қарздиҳӣ имкон пайдо менамояд; арзиши бозории ширкати қарздиҳандаро меафзояд ва ғ.

- Ҷорӣ намудани идоракунии корпоративӣ дар низоми бонкдории кишвар хело муфиду зарур аст, зеро тамоми низоми бонкдории хориҷӣ аллакай ба ин усул такя мекунанд;

- Таҷрибаи бонкҳои хориҷӣ нишон медиҳанд, ки аҳамиятнокии таҳия ва риояи тартиби муносиби тасмимгирии марбути воқеаҳои асосии корпоративиро собит месозад: эмиссия, муомилаҳои калон, бозташкилкунӣ ва бозсозӣ, муттаҳидшавӣ, барҳамдиҳӣ, инчунин ҳалли баҳсу муноқишаҳо дар миёни ширкаткунандагони муносибатҳои корпоративӣ аз ҷумлаи онҳо мебошанд;

- Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қабули Кодекси рафтори корпоративӣ на танҳо ба сармоягузорон, балки ба тамоми ҷомеаи соҳибкорон заруру лозим аст. Қабули Кодекс маънои баландшавии шаффофияти бизнес, яъне болоравии боварӣ аз сӯйи шарикони тиҷоратро дорад. Барои ширкатҳои Тоҷикистон таҳия ва татбиқ шудани Кодекс маънои зарурати татбиқи стандартҳои нави возеҳияти иттилоотӣ, воридкунии тағйирот ба ҳуҷҷатҳои дохилӣ ва таҳияи санадҳои навро дорад, инчунин дар натиҷаи он шӯрои директорон ба мақоми воқеан амалкунанда мубаддал мегардад.

- Идоракунии корпоративӣ ҳангоми эҷоди иқтисоди бозории босамари ба волоияти қонун асосёфта масъалаи калидӣ мебошад. Сӯистифода аз ҳокимияти корпоративӣ аз тарафи менеҷерон, соҳибмулкон ва дорандагони пакети асосии саҳмияҳо ба сармоягузорони ватанӣ ва ҳам хориҷӣ зарар мерасонад. Сифати пасти идоракунии корпоративӣ дар бисёрии корхонаҳои кишварамон ба фазои сармоягузорӣ таъсири бад расонида, сармоягузориҳои барои рушди давомноки иқтисодиро бозмедорад.

АДАБИЁТ

1. Бухвалов А.В. Корпоративное управление как объект научных исследований / А.В. Бухвалов // Российский журнал менеджмента. - 2005. -Т.3. -№3. -С.81-96.
2. Википедия. [Электронный ресурс]: https://ru.wikipedia.org/wiki/ Корпорация (дата обращения 25.06.2020).
3. Джо Стадвелл. Азиатская модель управления: Удачи и провалы самого динамичного региона в мире/ Джо Стадвелл. - Альпина Паблишер, 2016. – 343 с.
4. Кламм В.А. Влияние корпоративных действий эмитента на ценообразование акций // В.А. Кламм, Д.В. Латнак // Вестник Балтийского федерального университета им. И. Канта. -Балтийский федеральный университет им. Иммануила Канта (Калининград), 2010. -№3. -С.143-151.

5. Конфронси амалӣ дар мавзӯи “Идоракунии корпоративӣ дар низоми молиявӣ-бонкии Тоҷикистон: муаммоҳо ва имкониятҳои рушд”. 27.02.2018. Душанбе. [Манбаи электронӣ]: http://nbt.tj/tj/news/462593/?sphrase_id=57582 (санаи мурочиат: 12.07.2020).
6. Лазарева О.В. Корпоративное управление: Методическое пособие к спецкурсу / О.В. Лазарева, А.А. Рачинский, Л.С. Ружанская. -Екатеринбург: Изд-во Урал.ун-та, 2003. -161 с.
7. Лебланк Р. Совет директоров-взгляд изнутри. Принципы формирования, управление, анализ эффективности / Л. Ричард, Г. Джеймс. -М.: Альпина Бизнес Букс, 2006. -267 с.
8. Милгром П. Экономика, организации и менеджмент. В 2 т. Т.2. / П. Милгром, Д. Робертс. -СПБ. Экономическая школа, 1999. – 422 с.
9. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 22.12.2017. [Манбаи электронӣ]: https://mfa.tj/tg/main/view/2813/pajomi-prezidenti-jumhurii-tojikiston-ba-majlisi-olii (санаи мурочиат: 14.07.2020).
10. Afuah A. Business Models: A Strategic Management Approach. -McGraw-Hill, 2003. -Ch. 13. Corporate Social Respon sibility and Governance.
11. OECD Principles of Corporate Governance. -OECD, 1999.

АСОСҲО, МУҲТАВО ВА МАЗМУНИ НИЗОМИ ИДОРАКУНИИ КОРПОРАТИВӢ ДАР ТАШКИЛОТҲОИ ҚАРЗӢ

Дар мақола муаллиф яке аз масъалаҳои муҳимму мубрам барои ҷомеаи имрӯзаи кишвар ва барои низоми бонкдорӣ баррасӣ намудааст. Бояд қайд кард, ки самаранокии идоракунии корпоративӣ дар ташкилотҳои қарзӣ яке аз шартҳои муҳимтарини таъмини устувории ҳам ташкилотҳои қарзӣ ва ҳам низоми бонкӣ ба ҳисоб меравад. Баъд аз ба даст овардани истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ташкили бонкҳои хусусӣ дар низоми бонкдории кишвар, шаклу усулҳои гуногуни идоракунии ташкилотҳои қарзӣ ба вуҷуд омаданд, ки яке аз онҳо ин идоракунии корпоративӣ мебошад. Ин мафҳум барои низоми бокдории кишвари мо истилоҳи нав набуда, дар шароити ҳозира он пайдарҳам ба низоми бонкдории Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид карда шуда истодааст. Инчунин, муаллиф якчанд паҳлуи дигари муҳимми идоракунии корпоративиро, аз қабили: моделҳо, қоида ва принсипҳо, механизмҳои идоракунии корпоративӣ, хусусиятҳои хоси он, зарурат ва самаранокии ворид кардани идоракунии корпоративӣ ва ғайраро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон, таҳлил ва баррасӣ намудааст.

Калидвожаҳо: бонк, низоми бонкӣ, мафҳум, идоракунии корпоративӣ, корпоратсия, низом, принсип, механизм, хусусият, саҳмия, ширкатҳои саҳомӣ.

ОСНОВЫ, СУЩНОСТЬ И СОДЕРЖАНИЕ СИСТЕМЫ КОРПОРАТИВНОГО УПРАВЛЕНИЯ В КРЕДИТНЫХ ОРГАНИЗАЦИЯХ

В этой статье автор изучает и рассматривает один из важнейших вопросов для современного общества и банковской системы- корпоративное управление. Следует отметить, что эффективность корпоративного управления в кредитных организациях является одним из важнейших условий обеспечения стабильности как кредитных организаций, так и банковской системы. После обретения независимости Республики Таджикистан и создания частных банков в банковской системе страны, возникли различные формы и методы управления кредитными организациями, одним из которых является корпоративное управление. Эта концепция не является новым термином для банковской системы нашей страны, и в сложившейся ситуации она постепенно внедряется в банковскую систему Республики Таджикистан. В этой статье автор полностью и четко объясняет читателю понятие и содержание термина «корпоративное управление». Автор также рассматривает несколько других важных аспектов корпоративного управления, такие как: модели, правила и принципы, механизмы корпоративного управления, его специфические особенности, необходимость и полезность внедрения корпоративного управления в Республике Таджикистан.

Ключевые слова: банк, банковская система, концепция, корпоративное управление, корпорация, система, принцип, механизм, характеристика, акции, акционерные общества.

FUNDAMENTALS, ESSENCE AND CONTENT OF THE CORPORATE GOVERNANCE SYSTEM IN CREDIT INSTITUTIONS

In this article, the author studies and considers one of the most important issues for modern society and the banking system "Corporate Governance". It should be noted that the efficiency of corporate governance in credit institutions is one of the most important conditions for ensuring the stability of both credit institutions and the banking system. After gaining independence of the Republic of Tajikistan and the creation of private banks in the banking system of the country, various forms and methods of managing credit institutions have emerged, one of which is corporate governance. This concept is not a new term for the banking system of our country, and in the current situation it is gradually being introduced into the banking system of the Republic of Tajikistan. In this article, the author fully and clearly explains to the reader the concept and content of the term "corporate governance". The author also considers several other important aspects of corporate governance, such as: models, rules and principles, mechanisms of corporate governance, its specific features, the need and usefulness of introducing corporate governance in the Republic of Tajikistan.

Keywords: bank, banking system, concept, corporate governance, corporation, system, principle, mechanism, characteristics, shares, joint stock companies.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Бобоев Сорбон Тоирович*** – Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, ассистенти кафедраи назарияи иқтисодӣ. **Суроға**: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов, 64/14. E-mail: **sorbon.boboev@list.ru**. Телефон: **(+992) 907-88-88-92**

Сведения об авторе: ***Бобоев Сорбон Тоирович*** – Таджикский государственный финансово-экономический университет, ассистент кафедры экономической теории. **Адрес**: 734067, Республики Таджикистан, г. Душанбе, улица Нахимова, 64/14. E-mail: **sorbon.boboev@list.ru**. Телефон: **(+992) 907-88-88-92**

Information about the autor: ***Boboev Sorbon Toirovich*** –Tajik state financial economic university, assistant of the Economic theory department. **Address**: 734067, Republic of Tajikistan Dushanbe. str. Nachimov 64/14. E-mail: **sorbon.boboev@list.ru**. Phone: **(+992) 907-88-88-92**

УДК 331.5-035.571(575.3)

АСОСҲОИ ИҚТИСОДИИ ТАШАККУЛ ВА РУШДИ БОЗОРИ ШИР ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Шамсов Ҷ.И.
Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Н. Хусрав

Шир ва маҳсулоти ширӣ дар номгӯйи ғизои инсонӣ мавқеи муҳимро ишғол менамояд. Талаботи инсон дар ҳамаи давру замон ба ин навъи маҳсулоти хушсифат афзун хоҳад гашт. Ислоҳоти соҳаи аграрӣ ба хоҷагиҳои ширӣ таъсири манфии худро расонид. Маҳсулнокӣ дар соҳаи чорводории кишвар то андозае афзуда, ин нишондод дар соли 2019-ум 821 килоро ташкил дод. Ин дар ҳолест, ки истеҳсоли хӯрокворӣ дар муқоиса бо соли 1991 2,2 баробар кам шудааст. Бояд қайд намоем, ки кам кардани саршумори чорвои калони шохдор дар кишвар роҳандозӣ шуда бошад ҳам, он нисбат ба нишондодҳои солҳои қаблӣ 3,2 маротиба афзудааст.

Дар шароити ислоҳоти иқтисодӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон назар ба солҳои 1991, ки сатҳи истеҳсоли шир паст буд, шурӯъ аз солҳои 2016-2017 истеҳсолоти шир ба таври назаррас афзоиш ёфтааст. Ҳамин тавр, дар вилояти Хатлон истеҳсоли шир дар соли 2019 нисбат ба соли 1991 194,0% зиёд шудааст (нигаред ба ҷадвали 1).

Ҷадвали 1. Истеҳсоли шир дар ҳамаи категорияҳои хоҷагиҳо
Table 1. Milk production in all categories of farms

тонна

	1991	**2014**	**2015**	**2016**	**2017**	**2018**	**2019**
Ҷумҳурии Тоҷикистон	**587200**	**854737**	**888960**	**917990**	**949972**	**983053**	**1000563**
ВМКБ	9701	20127	20509	21334	21497	21619	17805
вилояти Суғд	181032	229491	239014	249779	255594	264901	269225
вилояти Хатлон	**258207**	**409990**	**431947**	**447070**	**467615**	**487262**	**500871**
НТҶ	138260	195129	197490	199807	205266	209271	212662
Турсунзода	15064	22714	23149	23153	24299	24447	25881
Ҳисор	31823	25980	26856	27127	27145	27153	27208
Шаҳринав	-	12679	12753	13205	13323	13366	13387
Рӯдакӣ	29072	25010	25436	25583	26719	27195	27375
Варзоб	2017	10584	10218	10321	10366	10705	10771
Ваҳдат	29452	28787	29414	29514	30985	33295	33669
Файзобод	17638	13404	13494	13747	14276	14437	14690
Нуробод	2237	5649	5750	5810	5975	6002	6073
Сангвор	100	8545	8552	8572	9299	9299	9955
Рашт	4275	16838	17083	17223	17259	17276	17319
Тоҷикобод	4315	10860	11072	11224	11274	11663	11899
Лахш	2267	7812	8104	8204	8252	8304	8308
Роғун	-	6267	5609	6124	6094	6128	6128

Сарчашма: Таҳияи муаллиф дар асоси маълумотҳои омории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Кишоварзӣ дар ҶТ», соли 2020, саҳ.274.

Чуноне ки аз ҷадвали мазкур маълум гашт, дар соли 2019 нисбат ба соли 1991 дар тамоми минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон истеҳсоли шир афзудааст. Масалан, дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон истеҳсоли шир аз 9701 тонна ба 17805 тонна ё ин ки 183,5%, вилояти Суғд аз 181032 ба 269225 тонна ё ин ки 148,7%, дар вилояти Хатлон аз 258207 ба 500871 тонна ё ин ки ба 194,0% дар НТМ бошад, аз 138260 тонна ба 212662 тонна расонида шудааст, ки ин нисбат ба соли 1991 153,8% зиёд мебошад.

Чуноне ки муҳаққиқон Фасеҳзода И.С. ва Ҳакимов С.Н. қайд намудаанд дар замони муосир вазифаҳои мансуб ба истеҳсол, коркард ва фурӯши маҳсулоти ширӣ аҳамияти аввалиндараҷаро касб менамояд. Паст гардидани истеҳсоли шир ва кам шудани иқтидори корхонаҳои коркарди соҳа боиси зиёд шудани воридоти маҳсулоти ширӣ ба кишвар гардида, ин раванд на танҳо ба иқтисодиёти кишоварзӣ, балки ба амнияти озуқавории кишвар низ таъсири манфӣ мерасонад. Барои рафъи воридоти маҳсулоти ширӣ аз хориҷи кишвар бояд ба истеҳсол ва фурӯши маҳсулоти ширӣ дар дохили кишвар вусъат бахшида шавад [11,с.111-119].

Дар солҳои бозсозӣ дар минтақаҳо корҳои зиёди ташкилӣ ва иқтисодӣ оид ба истеҳсолу коркарди шир гузаронида шуданд. Аммо сохтори истифодаи шир барои истеҳсоли маҳсулоти ширии босифат дар асоси технологияи муосир ҳамоно ниёз ба такмил дорад.

Иқтидори истеҳсолии саноати ширии баъзе минтақаҳо то гузариш ба муносибатҳои бозаргонӣ асосан бо дарназардошти манфиатҳои корхонаҳои кишоварзӣ бе риояи таносубу тавозун дар ҳаҷми истеҳсолу истеъмоли маҳсулот роҳандозӣ гаштаанд. Омӯзиши таносубҳои муносиби миёни заминаи ашёи хом, саноати коркард ва фурӯши маҳсулоти ширӣ зарурати омӯзиши маҷмӯи омилҳоеро ба вуҷуд меорад, ки дар асоси он фаъолияти зеркомплекси ширӣ ва хӯрокворӣ муайян карда мешавад (ҷадвали 2).

Аз таҳлили раванди ин соҳа бармеояд, ки ҳоло дар бисёр минтақаҳои кишвар коҳиши истеҳсоли шир дар корхонаҳои кишоварзӣ ба назар расида, баръакс афзоиши истеҳсоли маҳсулоти ширӣ дар хонаводаҳо мушоҳида мешавад ва ин омил боиси рафъи на танҳо мушкилоти худтаъминкунӣ бо маҳсулоти ширӣ дар оилаҳо, балки фурӯши изофа дар бозорҳои маҳаллӣ мегардад. Талоши одамон барои "зиндагӣ кардан" дар шароити муосири иқтисодӣ на танҳо ба баланд бардоштани сатҳи худтаъминкунии аҳолӣ бо маҳсулоти ширӣ, балки тавассути ғанӣ гардонидани буҷети оилаҳои деҳот мушкилиҳои иҷтимоии онҳоро аз байн мебарад.

Ҷадвали 2. Нишондиҳандаҳои асосии баҳогузории фаъолияти истеҳсолгар ва коркардкунандагони шир

Table 2. Key indicators for assessing the performance of milk producers and processors

Истеҳсоли шир	**Коркарди шир**
I истеҳсолгар ва коркардкунандагони шир	
– корхонаҳои соҳаи хоҷагии халқ; – хоҷагии деҳқонӣ; – хоҷагиҳои ёрирасон.	– заводҳои коркарди шир; – корхонаҳои хурди коркарди шир; – сех дар пояи хоҷагӣ.
II Ташкили истеҳсол ва коркарди шир	
– сохтор ва таркиби иттиҳодияҳои ширӣ; – ҳолати захираи хӯрока барои чорвои ширдеҳ; – таснифи дараҷаи касбияти кормандони ширкати ширӣ; – ташкили пардохти ҳаққи заҳмати коргарони хоҷагӣ.	– ҳолати ҷамъоварии шир (шартнома бо корхонаҳои соҳаи хоҷагии халқ, истеҳсоли шир дар хоҷагиҳои ёрирасон, хариди шир аз деҳқонон ва хоҷагиҳои ёрирасони хусусӣ); – ҳолати базаи моддиву техникӣ; – сатҳи истифодаи иқтидори истеҳсолӣ; – муайян намудани дараҷаи касбияти коргарони соҳа
III Ҳолати иқтисолии корхонаи истеҳсолгар ва коркардкунандаи шир	
– бозгӯии арзиши аслӣ ва даромаднокӣ дар истеҳсои шир; – бахшҳои фурӯши шир;	– ҳаҷми истеҳсоли навъҳои асосии маҳсулот; – арзиши аслӣ ва даромаднокӣ дар истеҳсои шир;

Сарчашма: таснифоти муаллиф

Чи тавре мутахассиси соҳа Аламшоев А.Қ. қайд намудааст, ислоҳоти иқтисодии солҳои 90-уми асри гузашта боиси дигаргуншавии муносибатҳои иқтисодӣ ва саноатӣ гардида, он шароити ташаккули бозори минтақавии ширро низ тағйир дод. Айни замон ташаккули он ба омилҳои зерин вобастагии зич дорад:

– паст шудани талаботи пардохтпазирии қисми зиёди аҳолӣ;

– афзоиши воридоти маҳсулоти ширӣ;

– пастравии нархи харид ва боло рафтани нархи маҳсулоти ниҳоӣ (паст шудани даромаднокии истеҳсоли шир дар корхонаҳои кишоварзӣ);

–кам шудани пешниҳоди маҳсулоти ширӣ аз истеҳсолкунандагони ватанӣ бинобар сабаби коҳиш ёфтани истеҳсоли маҳсулоти ширӣ;

– рушди нокифояи инфрасохтори бозор [1,с.79].

Дар шароити гузариш ба давраи бозаргонӣ ташаккулу рушди бозори маҳсулоти ширӣ вобаста ба табиати мушаххаси ин соҳа моро ба мушкилиҳо рӯ ба рӯ месозад. Ин хусусиятҳоро ба таври зайл метавон арзёбӣ намуд:

– ба маҳсулоти ширӣ ҳамеша талаботи истеъмолӣ мавҷуд аст, аммо арзиши он вобаста ба қобилияти пардохтпазирии истеъмолкунандагон доимо тағйир меёбад;

– маҳсулоти ширӣ дар шароити бозори минтақавӣ тағйирпазирии баланди талаботро аз рӯйи нарх ва даромад нишон медиҳад: ҳангоми баланд шудани нарх (ё кам шудани даромад) истеъмолкунандагон метавонанд аз он даст кашанд, ки ин боиси кам шудани талабот мегардад;

– аксуламали фаврӣ ҳангоми кам кардани афзалиятҳо (хусусан, дар мавриди воридоти бонизоми маҳсулоти ширӣ), ки ба вазъи иқтисодии тамоми низоми соҳаи

истеҳсоли шир таъсири манфӣ мерасонад (раванди фаъоли истеҳсолӣ пешбинӣ мегардад) ва, инчунин, ба паст шудани нарх мусоидат мекунад;

– нархи ҳадди ақалли кафолатдодашуда дар марҳилаи кунунӣ асосан аз ҳисоби афзоиши нархи фурӯш дастгирӣ карда мешавад. Дар натиҷа, сатҳи истеъмол аз ҳисоби даромади маҳдуди қисми аҳолӣ коҳиш ёфта, ин раванд боиси маҳдуд шудани бозори шир мегардад;

– ҳолати бозори маҳсулоти ширӣ аз даромади номиналӣ ва воқеии аҳолӣ ва номгӯйи нархҳо, нархи яклухту чакана вобаста буда, бо дарназардошти ин гуфтаҳо робитаи мустақим ва баръакси он байни ҳаҷми истеҳсолот, сатҳи нархҳо ва истеъмол мунтазам бояд таҳлил карда шаванд.

Бозори шир ва маҳсулоти ширӣ дар ҷумҳурӣ маҷмӯи бозорҳои ба ҳам алоқаманди минтақавӣ ва дохилиминтақавиро ифода менамоянд. Аз ин рӯ, мушкилоти бозори шир бояд на танҳо аз нуқтаи назари макро ва микроиқтисодӣ, балки бо дарназардошти хусусиятҳои минтақавӣ низ омӯхта шаванд. Мадди назар гирифтани ин омилҳо дар шароити кунунии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти фарқиятҳои назарраси дохилиминтақавӣ, ки ба шаклҳои зуҳуроти намунаҳои умумии рушди бозори шир ва равандҳои муносибатҳои байниминтақавӣ таъсир мерасонанд, ниҳоят муҳим аст. Айни замон субъектҳои ҷумҳурӣ, ки то андозае истиқлолияти иқтисодӣ ба даст овардаанд, барои ҳалли як қатор масъалаҳои иҷтимоию иқтисодӣ, мушкилоти марбут ба истифодаи захираҳои ҳудудӣ, инчунин, масъалаҳои худтаъминкунӣ ва афзунии маҳсулот (аз ҷумла ғизо барои аҳолӣ) дар қаламрави худ масъул мебошанд. Дар ин замина аҳамияти бозорҳои минтақавӣ дар иқтисодиёти маҳал меафзояд.

Бозори шир дар иқтисодиёти ҳар як минтақа як қатор вазифаҳои муҳимро иҷро мекунад, ки баррасии онҳо дар алоҳидагӣ муҳим аст. Дар ин замина якчанд омили муҳимро бояд номбар кард:

– барқарор намудани робита миёни фурӯшандагону харидорони маҳсулоти ширӣ тавассути муомилоти хариду фурӯш;

– муқаррар кардани таносуби миқдорӣ дар таркиби талаботу пешниҳод;

– муайян кардани сатҳи тавозуни нархҳо ва таносубҳо ба нархи молҳои гуногун;

– тақсими маҳсулот дар байни гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоӣ.

Дар шароити муосири иқтисодӣ тафовутҳои омилҳои табииву иқлимӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ боиси дараҷабандиҳои навини ибтидоии минтақаҳо вобаста ба рушди иҷтимоию иқтисодӣ гаштаанд. Дар низоми гурӯҳиву маъмурӣ давлат тамоюлҳои манфии рушди иҷтимоию иқтисодии минтақаҳоро муайян намуд. Аммо дар шароити ислоҳоти иқтисодӣ рафъи масъалаи тафриқавии минтақавӣ пеш меояд, ки аз ҳалли он бисёр омилҳои иқтисодӣ вобастагӣ дорад. Ин раванд боиси пайдоиши минтақаҳои алоҳида, монанди рушди иқтисодӣ, минтақаҳои дар асоси сохтори хоҷагидорӣ ташаккулёфта ва ғайра, гардид.

Дар баробари гузариши тадриҷӣ аз усулҳои маъмурӣ ба иқтисодии танзими истеҳсолу истеъмоли маҳсулоти ширӣ дар минтақаҳо ва оғози ислоҳот давлат, воқеан, тағйир додани низоми муносибатҳоро дар бозори шир мутобиқи шароити нави иқтисодӣ рад кард. Ин омил ба бад шудани вазъи бозор дар баъзе минтақаҳо оварда расонид, ки он боиси коҳиш ёфтани истеҳсолу коркарди шир, инчунин, афзоиши воридоту болоравии нархи онҳо гардид.

Раванди тезутунди ташаккулу фаъолияти пурраи бозори шир дар он минтақаҳое ба назар мерасад, ки дар онҳо муносибатҳои молию пулӣ рушд наёфтааст ва барои таъминоти эҳтиёҷоти дохилӣ ба маҳсулоти чорвои калони шохдор, инчунин, маҳсулоти воридшаванда аз дигар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва хориҷи кишвар ниёз доранд.

Бозори шир ва маҳсулоти ширӣ дар мамлакати мо асосан аз ҳисоби истеҳсоли худӣ ташаккул меёбад ва дар ин самт ҳиссаи воридот на бештар аз 23%-ро ташкил медиҳад, яъне ҳиссаи воридот дар таъмини аҳолии кишвар ба талафоти амнияти озуқавории давлат таҳдид намекунад [4,с.274].

Маҳсулоти асосии ширӣ, ки солҳои охир ба Тоҷикистон ворид карда шудаанд, равғани чорво, паниру творог, шири хушку йогурт мебошанд. Ҳамин тавр, таъминкунандагони равған асосан Зеландияи Нав, Украина, Финляндия, Австралия, Чехия ва Олмон, паниру творог Шветсия, Фаронса, Литва, Олмон, йогурт бошад, Олмон, Белгия, Испания, Лаҳистон мебошад. Аз мушоҳидаи вазъи имрӯзаи бозор бармеояд, ки сифати маҳсулоти воридшавандаи ширӣ дар муқоиса бо ҳамин давра хеле паст шудааст.

Паст шудани сифати маҳсулоти ширии воридшаванда бо он вобаста аст, ки бисёр сохторҳои тиҷоратӣ барои зиёд кардани даромад тавассути хариди молҳои арзони

бесифат аз хорича ва фурӯхтани онҳо бо нархи баланди дар бозорҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти худро роҳандозӣ менамоянд.

Чи тавре Солеҳзода А.А. ва Фасеҳзода И.С. қайд намудаанд, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва манотиқи гуногуни он масоили мансуб ба сифати маҳсулоти ширӣ вобаста ба вазъи иҷтимоиву иқтисодии маҳалҳои он муҳим ба ҳисоб меравад [10,с.3-8].

Ин бесабаб набуда, аз як тараф, шир ва маҳсулоти ширӣ дар шароити талаботи кампардохтии он барои қисми зиёди аҳолӣ (аз ҷиҳати дастрасӣ ба гӯшт) яке аз манбаъҳои асосии сафедаҳо дар таркиби ғизои аҳолӣ мебошад, аз ҷониби дигар, сифати маҳсулоти ширӣ аз сифати ашёи хом вобастагӣ доштаонро танҳо аз ашёи баландсифат метавон дарёфт кард. Ҳар қадаре ки сифати шир хубтар бошад, маҳсулоти аз он омодашаванда (шири равғанаш гирифташуда, дӯғ ва ғ.) ҳамон қадар серғизову хуштаъм мешавад.

Олими рус Илина З.М. қайд намудааст, ки ташаккули бозори шир ва маҳсулоти ширӣ раванди мураккабу тағйирёбанда буда, дар ин самт ба миён омадани буҳрони иқтисодӣ низ таъсиргузор боқӣ мемонад. Барои рафъи оқибатҳои манфии соҳа баррасии хусусиятҳои иқтисодиву иҷтимоии он муҳим ба шумор меравад. Дар таҳқиқи ин зеркомплекс, ки фарогири соҳаҳои чорводории ширӣ, саноати ширӣ ва хӯроки чорво, инфрасохтори соҳаи хӯрока, истеҳсолот, иҷтимоиёт ва бозор мебошад, баррасии хусусиятҳои ашёи хоми ширӣ, таркиби маҳсулоти ниҳоӣ, ҳамбастагии марҳилаҳои истеҳсолу коркарди шир, ташкили воситаҳои махсуси истеҳсолӣ, тарзи роҳандозии ин раванд аз ибтидо то ба дараҷаи ниҳоӣ муҳим ҳисобида мешавад [2,с.89-90].

Асоси рушду фаъолияти пурсамари зеркомплекси хӯрокворию ширӣ ташаккули соҳаи чорводорӣ мебошад, ки он сатҳи рушди низоми коркард, харид, нигоҳдорӣ ва фурӯши маҳсулот ва, дар маҷмӯъ, тамоми бозори ширро муайян мекунад.

Барои он ки маҳсулнокии чорвои ширдеҳ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то 3000 килограм афзоиш ёбад, ба ҳар як сар чорво то 46-48 сентнер маводи хӯрока сарф мешавад (дар соли 2018 25,0 сентнер), яъне сатҳи таъминоти ғизоии чорво бояд то 11-16% зиёд карда шавад. Ин низом дар кишварҳои Аврупо шакли устувор пайдо карда, дар кишвари мо ба сатҳи миёна бояд истеъмоли хӯроки як чорво ҳадди ақал 1,5 маротиба зиёд карда шавад.

Бо вуҷуди ин дар минтақаҳои Тоҷикистон дараҷаи назарраси тағирёбии нархи маҳсулоти ширӣ ба мушоҳида мерасад. Ҳамзамон, нархҳои яклухти фурӯши маҳсулоти ширӣ асосан дар корхонаҳои ширӣ ташаккул меёбанд. Бо вуҷуди ин тамоюл дар давраи ислоҳоти иқтисодӣ корхонаҳои ширӣ ҳаҷми истеҳсоли намудҳои муҳимтарини маҳсулоти шириро ба таври назаррас коҳиш додаанд.

Афзоиши истеҳсоли маҳсулоти ширии серравған дар корхонаҳои соҳа ба арзиши гарони ин маҳсулот нисбат ба маҳсулоти аз ҷиҳати биологӣ тоза ва камравған алоқамандӣ дошта, самти фаъолияти корхонаҳои коркард ба гирифтани манфиати калон нигаронида шудааст.

Бояд қайд кард, ки номгӯйи маҳсулоти ширӣ дар минтақаҳои кишвар дар муқоиса бо кишварҳои хориҷӣ хеле кам буда, он тақрибан 500 навъро ташкил медиҳад. Ин омил сабабҳои зиёд дошта, дар кишвари мо амалан коркарди ҳамаҷонибаи ашёи ширӣ бо технологияи навину безарар вуҷуд надорад. Дар ин маврид корхонаҳо роҳи содаву осонро интихоб менамоянд: онҳо коркарди равғани ин маҳсулотро ба роҳ мемонанд, ки меҳнатталаб набуда, ин навъи маҳсулот ба муҳлати зиёд нигоҳ дошта мешавад. Дар натиҷа солҳои охир сохтори камсамари коркарди шир ба вуҷуд омадааст, ки он мушкилоти истифодаи ашёи хоми дуюмро боз ҳам душвортар мекунад. Коркарди оқилонаи шир истифодаи пурраи ҳамаи ҷузъҳои маҳсулотро барои ғизо дар назар мегирад.

Умуман, хулоса кардан мумкин аст, ки дар тӯли солҳои ислоҳот дар зеркомплекси ширӣ ва озуқаворию минтақа, ҳаҷми истеҳсолот ҳам дар соҳаи истеҳсоли шир ва ҳам дар соҳаи коркарди шир хеле коҳиш ёфтааст. Барои беҳтар намудани таъминоти аҳолии мамлакати мо бо маҳсулоти ширӣ бояд ҳаҷми истеҳсоли он дар тамоми соҳаҳои зеркомплекси хӯрокворӣ то ба сатҳи солҳои 1991 барқарор карда шавад. Новобаста аз он ки шурӯъ аз соли 2015 бо мақсади рушди минбаъдаи бозори минтақавии шир тағйироти мусбӣ дар самти баланд бардоштани истеҳсоли шир ва маҳсулоти коркарди он мадди назар гирифта шудаанд, ба андешаи мо, барои рушди соҳаи асосии он – такмили бахши чорвои ширдеҳ, шароит бояд фароҳам оварда, тавассути он тавлиди густариши такрорӣ бо дастгирии давлатии дохилӣ таъмин карда шавад, таҳия ва татбиқи барномаҳои мақсадноки минтақавӣ бо мақсади ҳавасмандкунӣ ва паст фаровардани нарх роҳандозӣ гардад, таносуби нархҳо байни субъектҳои бозори шир ба танзим дароварда шавад.

Таҳияву татбиқи барномаҳои мақсадноки минтақавӣ бо мақсади ҳавасмандкунӣ ва паст фаровардани нарх роҳандозӣ гашта, таносуби нархҳо байни субъектҳои бозори шир ба танзим дароварда шавад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷараёни истеҳсоли аксари намудҳои озуқаворӣ, ки заминаи пур кардани доираи истеъмолро фароҳам меоранд, ба мушкилиҳо рӯ ба рӯ гардида, дар ин бахш роҳандозии барномаҳои васеи иқтисодиии давлатӣ муҳим ба шумор меравад.

АДАБИЁТ

1. Аламшоев А.К. Технологическая дисциплина как основа социальной безопасности и устойчивого развития общества / А.К. Аламшоев / Российский экономический интернет журнал. – 2020. -№2. -С.79.
2. Барфиев К.Х. Структурный анализ затрат на производство и реализацию продукции / К.Х. Барфиев, С.О. Мирзохонов // Известия Иссык-Кульского форума бухгалтеров и аудиторов стран Центральной Азии. - 2019. -№2(25). –С.285-294.
3. Ильина З.М. Рынки сельскохозяйственного сырья и продовольствия; Учебное пособие по изучению курса «Сельскохозяйственные рынки» / З.М. Ильина, И.В. Мирочицкая. - Ин.: БГЭУ, 2000. -С.89-90.
4. Кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маҷмӯаи оморӣ. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе, 2019. -С.274.
5. Котлер Ф. Основы маркетинга / Ф. Котлер, Г. Армстронг, Д. Сондерс // Вонг В.; пер. с англ. - 2 европ. изд. - М.; Изд. дом «Вильяме», 2000. -С.40.
6. Макконелл К. Экономикс: Принципы, проблемы, политика / К. Макконелл, С. Брю. -М., 1996. -Т.2. -С.61.
7. Омори солонаи вилояти Хатлон дар солҳои 2014-2019. –Хатлон, 2020. -183 с.
8. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии ҶТ аз 22.12.2017.
9. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии ҶТ аз 26.12.2019.
10. Солеҳзода, А.А. Ҷабҳаҳои стратегии таъмини бехатарии озуқаворӣ дар Тоҷикистон / А.А. Солеҳзода, И.С. Фасеҳзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. -Душанбе, 2018. -№3. -С.3-8.
11. Фасеҳзода И.С. Ҷанбаъҳои назаривӣ-методологии рушди хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ)-и минтақаҳои кӯҳистони Ҷумҳурии Тоҷикистон // И.С. Фасеҳзода, С.Н. Ҳакимов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. –Душанбе, 2019. -№8. -С.111-119.

АСОСҲОИ ИҚТИСОДИИ ТАШАККУЛ ВА РУШДИ БОЗОРИ ШИР ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар мақола масъалаҳои назариявию методологии ҷанбаъҳои мукаммалгардонии бозори шири ҷумҳурӣ дида баромада шудааст. Инчунин, таҳлили ҳолати ҳозираи бозори шир дар шароити гузариш ба муносибатҳои бозорӣ гузаронида шудааст. Барои рушди бозорҳои мамлакат ва таъмини аҳолии ҷумҳурӣ ба маҳсулоти ширӣ пешниҳодҳои лозима дода шудааст. Дар мақола иқтидорҳои истеҳсолии саноати ширии минтақаҳо дар давраи муосир муайян карда шудаанд. Муайян гардидааст, ки комплекси маҳсулоти ширӣ низоми ба ҳам алоқаманди технологиву иқтисодии соҳаҳои парвариши чорвои калони шохдор ва саноати коркарди шир буда, он вазифаи муштараки истеҳсол, коркард, фурӯши шир ва маҳсулоти шириро доро мебошад. Хулоса карда шудааст аст, ки дар тӯли солҳои ислоҳот дар зеркомплекси ширӣ ва озуқавории минтақа, ҳаҷми истеҳсолот ҳам дар соҳаи истеҳсоли шир ва ҳам дар соҳаи коркарди шир хеле коҳиш ёфтааст ва барои беҳтар шудани корхонаҳои коркарди маҳсулоти ширӣ ва таъмини аҳолии мамлакат ба маҳсулоти ширӣ аз ҷониби муаллиф пешниҳодҳои муфид дода шудааст.

Калидвожаҳо: худтаъминкунӣ, ислоҳоти иқтисодӣ, пардохтпазирӣ, бозори шир, бехатарии озуқаворӣ, рушди босубот, таъминоти аҳолӣ ба маҳсулоти ширӣ, фишангҳои идоракунии иқтисодӣ, ислоҳоти иқтисодӣ дар соҳаи кишоварзӣ.

ЭКОНОМИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ ФОРМИРОВАНИЯ И РАЗВИТИЯ РЫНКА МОЛОКА В РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

В статье рассматривается вопрос теоретико-методологические аспекты формирования рынка молока республики. Проведён анализ современного состояния рынка молока в условиях перехода на рыночные отношения. Дана рекомендации по устойчивому развитию отечественно рынка молока. В статье определены производственные мощности молочной промышленности регионов в современный период. Определено, что комплекс молочной продукции является взаимосвязанной технолого-экономической системой отрасли крупнорогатого животноводства и выработки молока и выполняет совместную функцию производства, выработки и продажи молочной продукции. Автор приходит к выводу о том, что за годы реформ в молочном и продовольственном подкомплексе региона произошел спад объёма производства и в сфере производства молока и в сфере его выработки и для улучшения состояния предприятий по производству молочной продукции и обеспечения населения молочной продукцией автор приводит свои предложения пешниьодњои муфид дода шудааст.

Ключевые слова: самообеспеченность, экономическое реформы, платёжеспособность населения, инфраструктуры рынка молока, экономические рычаги управления.

ECONOMIC BASIS FOR FORMATION AND DEVELOPMENT OF THE MILK MARKET IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

The article deals with the issue of theoretical and methodological aspects of the formation of the milk market in the republic. The analysis of the current state of the milk market in the context of the transition to market relations. Recommendations are given for the sustainable development of the domestic milk market. The article defines the production capacity of the dairy industry in the regions in the modern period. It is determined that the complex of dairy products is an interconnected technological and economic system of the large-horned livestock industry and milk

production and performs the joint function of production, production and sale of dairy products. The author comes to the conclusion that over the years of reforms in the dairy and food sub-complex of the region there was a decline in the volume of production both in the sphere of milk production and in the sphere of its production and to improve the condition of enterprises for the production of dairy products and provide the population with dairy products, the author presents his proposals mufid doda shudaast.

Keywords: self-sufficiency, economic reforms, paying capacity of the population, milk market infrastructure, economic levers of management.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Шамсов Ҷумъахон Исоевич*** - Донишгоҳи давлатии ш.Бохтар ба номи Носири Хусрав, ассистенти кафедраи молия. **Суроға**: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67. Телефон: **(+992) 900-18-18-48**. E-mail: **gismi.talim.1989@mail.ru**

Сведения об авторе: ***Шамсов Джумахон Исаевич*** **–** Бохтарский государственный университет им. Носира Хусрава, ассистенти кафедры финансы. Адрес: 735700, Республики Таджикистан, г.Бохтар, улица Айни, 67. Телефон: **(+992) 900-18-18-48**. E-mail: **gismi.talim.1989@mail.ru**

Information about the author: ***Shamsov Jumakhon Isaevich*** – Bokhtar state Universiti named after Nosira Khusrav, Assistant of the Department of finance. **Address**: 735700, Republic of Tajikistan, Bokhtar, Aini strit, 67 Phone: **(+992) 900-18-18-48**. E-mail: **gismi.talim.1989@mail.ru**

УДК: 338 (575,3)

ТАҲЛИЛИ МУНОСИБАТҲОИ САРМОЯГУЗОРӢ БО ҶАЛБИ ШАРИКОНИ ХОРИҶӢ ДАР СОҲАИ ЭНЕРГЕТИКА

Қамаров Ш.М.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар даврони истиқлолият Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рушди бахши энергетикии ҷумҳурӣ аҳамияти ҷиддӣ медиҳад. Энергетика соҳаи муҳимтарин ва заминаи рушди саноат, умуман, тамоми хоҷагии халқ ба шумор рафта, танҳо зимни рушду тараққиёти он метавон ба пешрафти ҳамаи соҳаҳои хоҷагии халқ ноил гардид.

Ҷумҳурии Тоҷикистон захираҳои калони гидроэнергетикиро дорост, ки табиат ба он имконоти зиёдеро дар соҳаи истифодаи ин захираҳо фароҳам овардааст. Тоҷикистон дорои захираҳои тамомнашавандаи гидроэнергетикӣ буда, дар ҷаҳон аз рӯи ҳаҷми онҳо ҷои ҳаштумро ишғол мекунад. Захираи умумии потенсиалии манобеи гидроэнергетикии ҷумҳурӣ беш аз 527 млрд. кВт мебошанд ва захираи зиёди ангишт мавҷуд аст, ки захираи он 4,5 млрд. тонна арзёбӣ мегардад, инчунин, имкониятҳои истифодабарии сарчашмаҳои алтернативии энергия мавҷуд мебошад [3,с.4].

Соли 2015 дар тамоми давлатҳои Осиёи Марказӣ тақрибан 157,7 миллиард кВт. соат неруи барқ истеҳсол карда шудааст, ки ин талаботи аксари мамолики минтақаро қонеъ намекунад. Бар иловаи ин, то соли 2025 талабот ба неруи барқ ба 206 миллиард кВт. соат меафзояд [3,с.3].

Айни замон байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кишварҳои ҳамсоя 13 хатти интиқоли барқ (ХИБ) бо ҷараёни гуногун, аз ҷумла ду ХИБ 500 кВ, шаш ХИБ 220 кВ, чор ХИБ 110 кВ ва як ХИБ 35 кВ, бо иқтидори умумии 4570 МВт мавҷуд аст, ки аз он 3500 МВт байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон, 500 МВт байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон ва 570 МВт байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Афғонистон мегузарад [9].

Манбаи анъанавии энергияи нафту газ бинобар маҳдуд будани захираҳо ва баландшавии нарх онро ҳар чи бештар дастнорас мегардонд. Бинобар ин, гидроэнергетика метавонад интихоби воқеии дорои қудрати бузург ва дурнамои мусбӣ дошта, барои рушди иқтисодиёт гардад.

Таъминоти захиравии бахши энергетикии иқтисодиёти муосир яке аз масъалаҳои калидии глобалӣ мебошад. Аҳамияти захираҳои энергетикӣ дар иқтисодиёт хеле калон аст ва асоси тасдиқи он дар ояндаи на начандон дур омили муҳимми таъсиррасон ба некуаҳволии мардум на танҳо захираҳои энергетикӣ, балки мутаносиби (алоқамандӣ)-и онҳо дар мамлакатҳои ҳамсоя мебошад. Ба омӯзиши вазъи захираҳои энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон пайваста, чи аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва чи аз ҷониби институтҳои байналмилалӣ, диққати бештар дода мешавад ва сармоягузорӣ дар ин бахш афзалияти бештар дорад. Соли 2012 Тоҷикистон узви Агентии Байналмилалии Энергетикӣ (АБЭ) гардид ва уҳдадориро барои ҳарсола пешниҳод намудани маълумот оид ба бахши энергетикаро гирифт [12,с.8].

Дар кишвари мо тайи 29 соли Истиқлолияти давлатӣ бо мақсади афзоиш додани иқтидори истеҳсолии соҳаи энергетика, таҳкими низоми энергетикӣ, баланд бардоштани

сифат ва эътимоднокии таъминоти соҳаҳои мухталифи иқтисодиёту иҷтимоиёт бо барқ, дастрасии доимии муштариён ба неруи барқ ва кам намудани талафоти техникии он, дар маҷмӯъ, 25 лоиҳа ба маблағи умумии 23 миллиард сомонӣ амалӣ гардида, ҳоло татбиқи 9 лоиҳаи дигар ба маблағи умумии 6 миллиард сомонӣ идома дорад [10].

Дар даҳ соли охир иқтидорҳои истеҳсолии низоми энергетикии кишвар дар ҳаҷми 1520 мегаватт зиёд карда шуд ва беш аз 1300 километр хатҳои интиқоли барқи баландшиддат сохта, ба истифода дода шуданд.

Аз оғози бунёди неругоҳи барқи обии "Роғун", яъне аз соли 2008 то ба ҳол, 25 миллиарду 340 миллион сомонӣ маблағ равона гардидааст, танҳо соли 2020 барои сохтмони он аз ҳисоби буҷети давлат қариб се миллиард сомонӣ пешбинӣ шудааст [6].

Моҳи сентябри соли 2018 дар ноҳияи баландкӯҳи Мурғоб неругоҳи барқӣ-обии «Тоҷикистон»-ро бо иқтидори 1500 киловатт ба маблағи 80 миллион сомонӣ ба истифода дода шуд, ки ба шарофати он талабот ба неруи барқ дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон пурра таъмин карда шуд.

Ҳоло асосноккунии техникии ду нерӯгоҳи барқи обии дигар дар ин минтақа, яъне Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон – "Санобод" ва "Себзор" бо иқтидори умумии 211 мегаватт омода гардида, корҳо доир ба дарёфту ҷалби сармоя бо созмонҳои байналмилалии молиявӣ идома доранд.

Дар баробари бунёди неругоҳҳои барқӣ-обии нав, ҳукумати кишвар ба масъалаи барқарор намудани иқтидорҳои мавҷуда таваҷҷуҳи хосса зоҳир менамояд.

Зеро дар ҳолати таҷдид накардани як қатор неругоҳҳо, ки солҳои тӯлонӣ фаъолият карда истодаанд, самаранокии истеҳсолии онҳо коҳиш меёбад.

Бинобар ин, ҳоло таҷдиди неругоҳи барқӣ-обии «Сарбанд» ба маблағи 1,3 миллиард сомонӣ идома дорад ва соли 2019 таҷдиди неругоҳи барқӣ-обии "Қайроққум" дар ҳаҷми 1,9 миллиард сомонӣ ва марҳалаи якуми таҷдиди неругоҳи барқӣ-обии «Норак» ба маблағи 3,5 миллиард сомонӣ оғоз мегардад [8].

Баъди таҷдиди пурра тавоноии ин се неругоҳ нисбат ба ҳаҷми воқеии имрӯзаи онҳо, дар маҷмӯъ, 840 мегаватт афзоиш меёбад.

Барои боз ҳам устувор гардонидани низоми энергетикии кишвар кор доир ба татбиқи лоиҳаи минтақавии CASA-1000 (расми 1) оғоз гардидааст, ки маблағи умумии он қариб 11 миллиард сомонӣ (қисми Тоҷикистон 3,4 миллиард сомонӣ) буда, соли 2021 ба анҷом расонида мешавад.

Расми 1. Лоиҳаи минтақавии интиқоли неруи барқи CASA-1000 [4]
Figure 1. CASA-1000 Regional Power Transmission Project

CASA-1000 аввалин тарҳи муштараки байниминтақавии Осиёи Марказӣ ва Осиёи Ҷанубӣ буда, пайвасти шабакаҳои барқи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷумҳурии Қирғизистон, Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ва Ҷумҳурии Исломии Покистонро дар бар мегирад [3,с.226].

Ҳамчунин, дар соли 2018 барои фаъолияти самараноки неругоҳи барқӣ-обии "Роғун" дастгоҳи муосири тақсимкунандаи элегазӣ, яъне зеристгоҳи барқӣ, ба маблағи

530 миллион сомонӣ, хатҳои интиқоли барқи 500 киловолта дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ («Роғун-Душанбе») ба маблағи қариб 750 миллион сомонӣ ва 220 киловолтаи «Айнӣ-Рӯдакӣ» ба маблағи 250 миллион сомонӣ ба истифода супорида шуданд [8].

Ҳаминро бояд қайд намуд, ки дар 10 соли охир ба иқтисодиёти Тоҷикистон дар ҳаҷми зиёда аз 33 миллиард сомонӣ сармояи мустақими хориҷӣ ворид гардидааст, ки қисми зиёди он ба рушди соҳаҳои энергетика, алоқа, сохтмон, истихроҷу коркарди канданиҳои фоиданок ва бунёди инфрасохтор равона шудааст [8].

Дар моҳҳои январ-декабри соли 2018 сармоягузории сармояи асосӣ аз ҳисоби ҳамаи манбаъҳои сармоягузорӣ ба маблағи 13051,4 млн. сомонӣ истифода карда шудааст, ки нисбат ба моҳҳои январ-декабри соли 2017-ум 107,8%-ро (бо нархҳои муқоисавӣ) ташкил медиҳад.

Воридшавии сармояҳо дар моҳҳои январ-декабри соли 2018 дар ҳудуди минтақаҳои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон 505,6 млн. сомонӣ ё 3,9%, вилояти Хатлон 2663,1 млн. сомонӣ ё 20,4%, вилояти Суғд 1482,6 млн. сомонӣ 11,4%, шаҳри Душанбе 2743,0 млн. сомонӣ ё 21,0% ва дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 5657,1 млн. сомонӣ ё 43,3%-и ҳаҷми умумии сармоягузориҳои ҷумҳуриро ташкил медиҳад [1,с.36].

Ҷадвали 1. Сохтори сармоягузорӣ ба сармояи асосӣ аз рӯи шаклҳои моликият дар моҳҳои январ-декабри соли 2018 [1,с.36]

Table 1. Structure of fixed capital investment by forms of ownership in January-December 2018

	Соли 2018		Барои маълумот: соли 2017 ба ҳисоби фоиз нисбат ба ҷамъбаст
	млн. сомонӣ	бо фоиз нисбат ба ҷамъбаст	
Сармоягузорӣ ба сармояи асосӣ	13051,4	100,0	100,0
аз он ҷумла аз рӯи шакли моликият			
давлатӣ	6459,8	49,5	44,5
шахсӣ	2256,3	17,3	15,0
муштарак	133,0	1,0	0,7
хориҷӣ	4202,3	32,2	39,8

Дар моҳҳои январ-декабри соли 2018 дар иншооти таъйиноти истеҳсолӣ ба маблағи 9179,3 млн. сомонӣ ё 70,3%, дар иншооти ғайриистеҳсолӣ ба маблағи 3872,1 млн. сомонӣ ё 29,7%-и ҳаҷми умумии сармоягузориҳои ҷумҳурӣ равона гардидааст.

Дар сохтмони иншооти энергетикӣ 5903,0 млн. сомонӣ сармоягузориҳои сармояи асосӣ аз худ карда шудаанд. Нисбат ба моҳҳои январ-декабри соли 2017 ҳаҷми умумии сармоягузорӣ дар сохтмони иншооти энергетикӣ 127,1%-ро ташкил медиҳад.

Дар соҳаи нақлиёт ва алоқа сармоягузории сармояи асосӣ ба маблағи 1137,6 млн. сомонӣ ё нисбат ба моҳҳои январ-декабри соли 2017-ум 91,0%-ро ташкил медиҳад, аз он ҷумла маблағҳои давлатӣ ва корхонаю ташкилотҳо 343,5 млн. сомонӣ ё 30,2%-и ҳаҷми умумӣ ва сармоягузориҳои хориҷӣ 794,1 млн. сомонӣ ё 69,8% аз худ карда шудаанд [1,с.39].

Дар моҳҳои январ-декабри соли 2018 ба ҷумҳурӣ 62 мамлакати хориҷи дуру наздик ба маблағи 48393,4 ҳазор доллар ё 28478,3 тонна ёрии башардӯстона расондаанд.

Аз ҷумлаи мамлакатҳои ёрирасон таносуби бештар аз рӯи арзиши ёрии башардӯстона ба Русия 14,3%, Ҳиндустон 13,6%, Чин 10,2%, Швейтсария 9,0%, Қазоқистон 7,8%, Туркия 6,2%, Фаронса 5,8%, ИМА 4,4%, Олмон 3,4%, Белгия 3,0%, Дания 2,4%, Чехия 1,2% Покистон, Ҷумҳурии Корея ва Нидерланд 1,1%, Литва ва Беларус 1,0%-ӣ, Австралия 0,8%, Ҷопон 0,7%, Финляндия 0,6% ва ғайраҳо рост меояд [1,с.110].

Дар ин муддат барои амалӣ намудани 12 лоиҳа бо шарикони рушд 15 созишномаи нави сармоягузорӣ ба маблағи умумии 3,5 млрд. сомонӣ (371 млн. доллар) ба имзо расонида шудааст.

Аз маблағи умумии созишномаҳои баимзорасида 2,37 млрд. сомонӣ (251 млн. доллар) ё 67,7%-и онро маблағҳои грантӣ ва 1,13 млрд. сомонӣ (120 млн. доллар) ё 32,3%-и онро воситаҳои қарзӣ ташкил медиҳанд.

Мутобиқи маълумоти оморӣ соли 2018 ба ҷумҳурӣ 6,1 млрд. сомонӣ ё 645 млн. доллари амрикоӣ сармояи хориҷӣ ворид гардидааст, ки аз он 3 млрд. сомонӣ ё 326 млн. доллар сармояи мустақим мебошад.

Дар соли 2018 аз ҳисоби хусусигардонӣ ва истифодаи моликияти давлат 26,4 млн. сомонӣ ба буҷети давлат ворид гардид, ки ин 101,5%-и нақшаи пешбинигардидаи буҷетро ташкил медиҳад.

Мутобиқи созишномаҳои мазкур барои рушди соҳаи нақлиёт 1,17 млрд. сомонӣ (125 млн. доллар), энергетика 830 млн. сомонӣ (88,0 млн. доллар), кишоварзӣ 430 млн. сомонӣ

(45,7 млн. доллар), хоҷагии манзилию коммуналӣ 390 млн. сомонӣ (41 млн. доллар), тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ 320 млн. сомонӣ (34 млн. доллар), ирригатсия 265 млн. сомонӣ (28 млн. доллар) ва ҳолатҳои фавқулодда 95 млн. сомонӣ (10,0 млн. доллар) воситаҳои молиявӣ равона карда хоҳад шуд [2].

Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои захираҳои бузурги гидроэнергетикӣ буда, аз ин 95%-и иқтидори мавҷудаи тасдиқгардидаи кишвар аз ҳуд нагардидааст. Дар баробари ин, дар кишвар иқтидори бузурги неруи офтобӣ, шамолӣ ва дигар навъҳои манбаъҳои барқароршавандаи энергия мавҷуд мебошад.

Талаботи дохилии кишвар ва минтақа ба неруи барқ сохтмони неругоҳҳои нав ва таҷдиди иншооти энергетикии мавҷударо тақозо менамояд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон бо як қатор кишварҳои аз лиҳози дастрасӣ ба неруи барқ танқисидошта, аз қабили Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ва Ҷумҳурии Исломии Покистон ё кишварҳои неруи барқи арзиши баланддошта, аз лиҳози ҷуғрофӣ наздик аст. Ин омил барои Ҷумҳурии Тоҷикистон шароити хуби содироти неруи барқро муҳайё менамояд.

Ба даст овардани истиқлолияти энергетикӣ яке аз ҳадафҳои стратегии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад. Аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор қонунҳо барои тавсеа бахшидани ҷалби сармоягузорон ва муҳайё намудани шароити мусоид барои сармоягузорон қабул гардидааст. Дар баробари ин, Консепсияи усулҳои танзими тарифҳо, методология барои ҳисоб намудани тарифҳои барқ кабул гардида, барои мушаххас танзим намудани соҳаи энергетика ҳуҷҷатҳои зарурӣ таҳия гардида истодааст.

Айни замон асоснокунии техникиву иқтисодии пешакӣ барои 6 лоиҳа оид ба сохтмони НБО-и калон ва 16 лоиҳа оид ба сохтмони НБО-и хурд бо таҳлили молиявӣ ва техникӣ омода гардидааст [5].

Умуман, барои рушди соҳаи энергетика дар мамлакатамон бо назардошти ҷалби сармоягузориҳои ватаниву хориҷӣ зиёда аз 5 миллиард сомонӣ пешбинӣ шудааст [7,с.9].

Ба андешаи муаллиф, зарур аст, ки дар бораи таъмини сифат ва шаффофияти татбиқи воқеии лоиҳаҳои сормоягузорӣ дар соҳаи энергетика тадбирҳои зерин андешидаа шаванд:

- баррасии барномаҳои сармоягузорон оид ба масъалаҳои татбиқи фаъолияти сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва додани тавсияҳо барои ҷалби онҳо;
- ташкил ва гузаронидани "Мизҳои мудаввар", вохӯриҳо бо намояндагони мақомоти давлатӣ, иттиҳодияҳои соҳибкорон ва сармоягузорони хориҷӣ барои муайян ва баррасии мушкилоти сармоягузорони хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- ташкил ва иштирок дар машваратҳои дуҷониба ва бисёрҷониба бо мақомоти давлатӣ дар сатҳҳои гуногун, ширкатҳои миллӣ бо мақсади ҳалли масъалаҳои нигаронкунандаи сармоягузорони хориҷӣ;
- расонидани кумаки иттилоотиву машваратӣ барои дастгирии сармоягузорони хориҷӣ оид ба масъалаҳои марбут ба ҳамкорӣ бо мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар сатҳи марказӣ ва маҳаллӣ;
- таҳия ва пешниҳоди тавсияҳо барои такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Баҳри амалишавии муносибатҳои сармоягузорӣ ҷалби шарикони хориҷӣ таконбахшандаи самтҳои энергетикӣ ва дарбаргирандаи қисме аз навгониҳои соҳа аст. Аз ин рӯ, боиси қайд аст, ки дар ҳар гуна давлат ҷалби шарикони хориҷӣ дида мешавад ва он барои рушди ояндаи ин соҳа нақши назаррас дорад.

АДАБИЁТ

1. Вазъи иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон январ-декабр. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2019. – 146 с.
2. Варақаи иттилоотӣ оид ба ҷамъбасти натиҷаҳои фаъолияти Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ дар соли 2018 аз 08.02.2019 [манбаи электронӣ]. URL: http://investcom.tj/tj/khabar/509-varaai-ittiloot-oid-ba-ambasti-natiaoi-faolijati-kumitai-davlatii-sarmojagu zor-va-idorai-amvoli-davlat-dar-soli-2018.html (санаи истифодабарӣ: 16.02.2019).
3. Дар талоши нур. Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон ва рушди соҳаи энергетика. Нашри 2. Бо иловаҳо ва таҳрири нав. –Душанбе, 2017. – 304 с.
4. Карта проекта CASA-1000 [электронный ресурс]. URL: http://www.casa-1000.org/ru/home-russkij/ (дата обращения: 19.10.2020).
5. Маълумоти умумӣ дар бораи иқтидори бузурги азхуднашуда ва лоиҳаҳои афзалиятнок [манбаи электронӣ]. URL: https://www.mewr.tj/?page_id=593&lang=tj (санаи истифодабарӣ: 19.10.2020).
6. Мулоқот бо бунёдкорони Неругоҳи барқӣ-обии “Роғун” аз 14.10.2020 [манбаи электронӣ]. URL: http://rogunges.tj/?page_id=3739 (санаи истифодабарӣ: 19.10.2020).
7. Нозир Ёдгорӣ. Энергетикаи Тоҷикистон: дирӯз, имрӯз ва фардо. – Душанбе: Эҷод, 2006. -208 с.

8. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.12.2018 [манбаи электронӣ]. URL: http://www.president.tj/node/19088#murghob (санаи истифодабарӣ: 16.02.2019).
9. Содирот ва воридот [манбаи электронӣ]. URL: https://www.mewr.tj/?page_id=566&lang=tj (санаи истифодабарӣ: 19.10.2020).
10. Суханронӣ дар маросими оғози кори агрегати якуми неругоҳи барқӣ-обии «Роғун» аз 16.11.2018 [манбаи электронӣ]. URL: http://www.energyprojects.tj/index.php/tj/asosi/29-akhbor/1002-suhanroni (санаи истифодабарӣ: 16.02.2019).
11. Ураков Д.У. Проблемы усиления инвестиционной политики в промышленности Таджикистана / Д.У. Ураков, К.Х. Барфиев // Известия Иссык-Кульского форума бухгалтеров и аудиторов стран Центральной Азии. - 2015. -№2-1(9). -С.334-340.
12. Ҳисобот оид ба натиҷаҳои таҳқиқоти яквақтаинаи «Вазъи (ҳолати) энергетики ва самаранокии истифодаи он дар соли 2016». Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2018. -95 с.

ТАҲЛИЛИ МУНОСИБАТҲОИ САРМОЯГУЗОРӢ БО ҶАЛБИ ШАРИКОНИ ХОРИҶӢ ДАР СОҲАИ ЭНЕРГЕТИКА

Дар мақола доир ба лоиҳаҳои сармоягузорӣ бо ҷалби шарикони хориҷӣ дар соҳаи энергетика маълумотҳо пешниҳод гардида, аҳамияти илмии омӯзиши фаъолияти соҳаи энергетикӣ баррасӣ шудааст. Дар шароити рушди иқтисодиёт муносибатҳои сармоягузорӣ бо ҷалби шарикони хориҷӣ ба минтақаҳои ҷумҳурӣ басо муҳим аст. Баҳри амалишавии муносибатҳои сармоягузорӣ ҷалби шарикони хориҷӣ таконбахшандаи самтҳои энергетикӣ ва дарбаргирандаи қисме аз навгониҳои соҳа аст. Муаллиф қайд менамояд, ки амалишавии муносибатҳои сармоягузорӣ бо ҷалби шарикони хориҷӣ дар соҳаи энергетика фаъолияти системаи энергетикиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон рушд дода, ба дигар соҳаҳои иқтисодиёти ҷумҳурӣ низ таъсири худро мерасонад. Инчунин онҳо чунин хулосабарорӣ менамоянд, ки бо вуҷуди ин, 29 соли истиқлолият исбот намуд, ки бо кӯшишу заҳмати мардум метавонем тақдири худро муайян намоем, соҳиби давлати худ бошем ва боигарию захираи онро зиёд намуда, аз ҳамаи душвориҳо гузарем. Тоҷикистон тавонист аз бумбасти коммуникатсионӣ барояд ва барномаи энергетикии худро дар амал татбиқ намояд. Бо шарофати кӯшишу ғайрат роҳбарияти ҷумҳурӣ, албатта метавонад мамлакатро аз буҳрони иқтисодӣ барорад ва барои зиёд кардани потенсиали он шароитҳои мусоид фароҳам оварад. Чунки дар ҷумҳурӣ энергетика бузургтарин қувваи пешбарандаи истеҳсолот дар тамоми ҷабҳаҳо дониста шудааст.

Калидвожаҳо: энергетика, сармоягузорӣ, таҳлил, лоиҳа, ташкилот, ҳамкорӣ, байналмилалӣ.

АНАЛИЗ ИНВЕСТИЦИОННЫХ ОТНОШЕНИЙ С ПРИВЛЕЧЕНИЕМ ИНОСТРАННЫХ ПАРТНЕРОВ В ОБЛАСТИ ЭНЕРГЕТИКИ

В статье представлена информация об инвестиционных проектах с участием зарубежных партнеров в сфере энергетики и обсуждается научная важность изучения деятельности энергетического сектора. В условиях экономического роста в регионе очень важны инвестиционные отношения с зарубежными партнерами. Для реализации инвестиционных отношений привлечение иностранных партнеров является стимулом для энергетического сектора. Автор отмечает, что осуществление инвестиционных отношений с привлечением иностранных партнеров в энергетическом секторе будет способствовать развитию энергетической системы Республики Таджикистан и окажет влияние на другие секторы экономики. Автор также заключает, что, тем не менее, 29 лет независимости доказали, что усилиями народа мы можем определять свою судьбу, владеть своим государством, приумножать его богатство и ресурсы, преодолевать все трудности. Республика Таджикистан смогла выйти из коммуникационной изоляции и начать реализацию своей комплексной энергетической программы. Благодаря такой целеустремленности руководство республики, конечно, сможет вывести страну из экономического кризиса и создать соответствующие условия для дальнейшего увеличения ее потенциала. При этом энергетика признана в государстве самой мощной и определяющей силой развития производства во всех его направлениях.

Ключевые слова: энергетика, инвестиция, анализ, проект, организация, сотрудничество, международный.

ANALYSIS OF INVESTMENT RELATIONS WITH THE INVOLVEMENT OF FOREIGN PARTNERS IN THE FIELD OF ENERGY

The article provides information on investment projects with the participation of foreign partners in the energy sector and discusses the scientific importance of studying the activities of the energy sector. In conditions of economic growth in the region, investment relations with foreign partners are very important. For the implementation of investment relations, the attraction of foreign partners is an incentive for the energy sector and includes some innovations in the industry. The author notes that the implementation of investment relations with the involvement of foreign partners in the energy sector will contribute to the development of the energy system of the Republic of Tajikistan and will have an impact on other sectors of the economy. The author also concludes that, nevertheless, 29 years of independence have proved that through the efforts of the people we can determine our fate, own our state, increase its wealth and resources, overcome all difficulties. The Republic of Tajikistan was able to get out of communication isolation and start implementing its comprehensive energy program. Thanks to such determination, the leadership of the republic, of course, will be able to lead the country out of the economic crisis and create appropriate conditions for further increasing its potential. At the same time, energy is recognized in the state as the most powerful and decisive force in the development of production in all its directions.

Keywords: energy, investment, analysis, project, organization, cooperation, international.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Қамаров Шерафкан Маҳмадраҷабович*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, аспиранти кафедраи иқтисодиёти ҷаҳон ва МИБ. **Адрес:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail: **sherroyo94@gmail.com**. Телефон: **(+992) 988-01-77-44**

Сведения об авторе: ***Камаров Шерафкан Махмадраджабович*** – Таджикский национальный университет, аспирант кафедры мировой экономики и МЭО. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17. E-mail: **sherroyo94@gmail.com**. Телефон: **(+992) 988-01-77-44**

Information about the author: ***Kamarov Sherafkan Mahmadrajabovich*** – graduate Student, department of World Economy and International Economic Relations, Tajik National University. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. E–mail: **sherroyo94@gmail.com.** Phone: **(+992) 988-01-77-44**

УДК 325.1(575.3)

МЕХАНИЗМИ ТАЪСИРИ ДАВЛАТ БА РАВАНДҲОИ МУҲОҶИРАТ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Одиназода К.С.
Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат

Ҳангоми баррасии сиёсати муҳоҷират дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд тамоми мураккабии вобастагиҳои мутақобили унсурҳо ҳам дар дохили сиёсати муҳоҷират ва дар вобастагии сиёсати дохилию хориҷии давлат ба таври амиқ дарк карда шавад. Тартиб (механизм)-и ташкил ва татбиқи яке аз блокҳои сиёсати муҳоҷират – муҳоҷирати меҳнатиро баррасӣ мекунем. Агар захираҳои меҳнатӣ ҳомили омилҳои истеҳсолӣ бошанд, пас, дар шароити муносибатҳои бозорӣ ҳаракат бояд ба таносуби талаботу пешниҳод ба ин захираҳо асос ёбад. Ба ибораи дигар, захираҳои меҳнатӣ ба ҷое ҳиҷрат мекунанд, ки барои онҳо талаботи зарурӣ ба вуҷуд омадааст, ки ба ниёзҳои худи ҳамин захираҳои меҳнатӣ мувофиқат дорад (ҳатто дар баробари камтар будани ниёзҳои муҳоҷирон дар муқоиса бо ниёзҳои захираҳои меҳнатии маҳаллӣ). Маҳз фарқият дар музди меҳнат дар замони муосир яке аз ангезаҳои асосии муҳоҷирати меҳнатии кишварҳои рушдкунанда аст. Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳоҷирати меҳнатӣ падидаи нав аст [4,с.6].

Аз рӯи маълумотҳои омории моҳҳои январ-марти соли 2019-ум 553868 нафар шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муҳоҷирати меҳнатӣ қарор доштаанд. Аз рӯи аломатҳои ҷинсӣ 526787 нафар муҳоҷирони меҳнатиро мардҳо (95,1%) ва 27081 нафарро занҳо (4,9%) ташкил додаанд. Ҳиссаи зиёди муҳоҷирони меҳнатиро аҳолии синни қобили меҳнат, асосан ҷавонони синни 15-29-сола 251547 нафар (45,4%), синни 30-44-сола 218871 нафар (39,5%) ва синни аз 45 то 65-сола 83450 нафар (15,1%), ташкил менамояд [4,с.23].

Ҷадвали 1. Шумораи муҳоҷирони меҳнатӣ аз рӯи муҳлати будубош, аз рӯи маълумотҳои оморӣ 2018

Table 1. Number of labor migrants by length of stay, according to statistics 2018

	Шумораи муҳоҷирони меҳнатӣ, ки аз рӯи мӯҳлат барои кор рафтананд			
	ҳамагӣ	камтар аз 6 моҳ	7-12 моҳ	аз 12 моҳ зиёдтар
Нафар				
Ҳамагӣ	553868	156538	150064	246886
Шаҳр	79290	18662	15400	45228
Деҳа	474578	137876	134664	201658
Мардҳо	526787	150115	143825	232467
Занҳо	27081	6423	6239	14419
ВМКБ	5654	697	1578	3378
Суғд	205959	51649	55031	98898
Хатлон	197286	47676	60998	88612
Душанбе	3807	1309	734	1764
НТҶ	141162	55207	31723	54233

Сарчашма: Маълумотҳои оморӣ, соли 2018.

Ҷараёни муҳоҷирати меҳнатӣ бештар аҳолии деҳотро ҷалб менамояд. Аз шумораи умумии муҳоҷирони меҳнатӣ 474578 нафар аз маҳали деҳот (85,7%) ва79290 нафар (14,3%) аз маҳалли шаҳрӣ мебошанд [7,с.465].

Мувофиқи маълумоти шуъбаи раводид ва бақайдгирии Раёсати ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ ва шиносномадиҳӣ (ОВИР)-и Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳолати 2-юми декабри соли 2017 ҳамагӣ 489828 нафар шаҳрвандон бо дархост мурочиат намуда, соҳиби шиносномаи хориҷӣ гардидаанд, аз ҷумла аз ВМКБ 10452 нафар, вилояти Хатлон 126839 нафар, вилояти Суғд 154509 нафар, шаҳри Душанбе 38561 нафар, ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 122967 нафар, минтақаи Кӯлоб 36509 нафар. Инчунин, дар ҳудуди Федератсияи Россия ба 8563 нафар шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон бо шиносномаҳои хориҷӣ таъмин карда шудаанд [6,с.37].

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки яке аз сабабҳои ногувор дар бозори меҳнат ин номувозинатии талабот ва пешниҳоди қувваи корӣ мебошад (графики 1).

Графики 1. Талабот ва пешниҳоди қувваи корӣ дар бозори меҳнат дар солҳои 2011-2017 (ҳазор нафар)

Graph 1. Demand and supply of labor force in the labor market in 2011-2017 (thousand people)



Сарчашма: Маълумотҳои оморӣ, соли 2017.

Тибқи нишондиҳандаҳои графики 1 дар байни пешниҳоди қувваи корӣ ва талаботи он тафовути назаррас ҷой дорад, ки дар солҳои охир боз ҳам зиёд шуда истодааст. Пешниҳоди қувваи корӣ сол ба сол тамоюли афзоиш дошта, талаботи корхонаҳо ба қувваи корӣ бошад, баръакс поён рафта истодааст. Агар дар соли 2011 талаботи корхонаҳо ҳамагӣ 18,1% пешниҳоди қувваи кориро ташкил медод, дар соли 2017 бошад, ин нишондиҳанда ба 9,9% расид. Дар соли 2017 ба як ҷойи корӣ 10 нафар талабгор рост меомад, ки нигаронкунанда буд. Аз як тараф, ҳолати мазкур бо мушкилотҳои ташкили ҷойҳои нави корӣ алоқаманд аст, аз ҷониби дигар, бошад, аз самаранокии пасти фаъолияти ташкилоту мақомотҳои дахолдорӣ давлатӣ, аз ҷумла хадамоти давлатии шуғли аҳолӣ ва марказҳои таълимии калонсолон, дар ин самт шаҳодат медиҳад [3,с.90].

Муҳоҷирати меҳнатӣ аз лиҳози ҳаҷм аз ҳама шаклҳои дигари муҳоҷират бузургтар аст, ки дар давраи гузариш тавсеаи бештар пайдо карда, барои таъмини бештари аҳолии мамлакат бо ҷойи кор, кам кардани сатҳи бекорӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум мусоидат мекунад. Ба низоми хоҷагидории ҷаҳонӣ ворид шудани Тоҷикистон дар заминаи муътадил кардани вазъи иҷтимоӣ - иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ - сиёсӣ талаб мекунад, ки тамоми роҳу воситаҳо ва усул барои истифодаи имкониятҳои бозори ҷаҳонӣ ва аз онҳо гирифтани зиёдтарин фоида ба кор бурда шаванд. Пеш аз ҳама, бо дарназардошти барзиёдии қувваи корӣ дар минтақа ва вазъи мураккаби демографӣ дар кишвар, ки ин ба имкониятҳои бозори ҷаҳонии меҳнат дахл дошта, Тоҷикистон дар он метавонад таъминкунанда (дар шароити бозор фурӯшанда)-и мол қувваи корӣ бошад.

Муҳоҷирати бебозгашт бо иваз кардани маҳалли истиқомат аз рӯи маълумоти қайди талонҳои ашхоси кӯчидаомада ва кӯчидарафта дар шуъбаҳои шиносномаи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб гирифта мешавад. Дар моҳҳои январ-марти соли 2019 нисбат ба ҳамин давраи соли 2018 муҳоҷирати бебозгашти дохилӣ ва хориҷӣ дар ҷумҳурӣ кам шудааст [2,с.16].

Ҷадвали 2. Муҳоҷирати аҳолӣ дар солҳои 2018-2019

Table 2. Population migration in 2018-2019

	Шумораи аҳолии кӯчаидаомада		Шумораи аҳолии кӯчидарафта		Афзоиши аҳолӣ аз муҳоҷират	
	нафар	ба ҳисоби фоиз нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта	нафар	ба ҳисоби фоиз нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта	нафар	ба ҳисоби фоиз нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта
соли 2018						
семоҳаи 1	9724	116,9	11477	121,9	-1753	159,8
семоҳаи 2	9337	110,4	10783	106,1	-1446	84,8
семоҳаи 3	9140	111,4	11320	108,1	-2180	95,9
семоҳаи 4	13400	107,4	14165	102,9	-765	59,3
дар як сол	41601	111,1	47745	109,0	-6144	96,6
соли 2019						
семоҳаи 1	9215	94,8	10626	92,6	-1411	80,5

Сарчашма: Таҳлили оморӣ аз сомонаи www.stat.tj

Шумораи умумии муҳоҷирон (шумораи аҳолии кӯчидаомада ва ҷамъи шумораи аҳолии кӯчидарафта) 19,8 ҳазор нафарро ташкил дод, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2018-ум 6,4% кам мебошад, аз ҷумла аҳолии кӯчидаомада 9,2 ҳазор нафар ва аҳолии кӯчидарафта 10,6 ҳазор нафарро ташкил намуд. Нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта шумораи аҳолии кӯчидаомада 5,2% ва шумораи аҳолии кӯчидарафта7,4% кам шудааст [8,с.415].

Камшавии шумораи умумии муҳоҷирон бо иваз кардани ҷойи истиқомат дар моҳҳои январ-марти соли 2019 нисбат ба моҳҳои январ - марти соли 2018 дар ҳамаи минтақаҳои ҷумҳурӣ, ғайр аз шаҳри Душанбе ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, мушоҳида карда мешавад. Дар ВМКБ шумораи умумии муҳоҷирон 15,2% кам шуда, 445 нафар, дар вилояти Суғд 6,3% (4,2 ҳазор нафар), дар вилояти Хатлон 11,9% (9,3 ҳазор нафар)-ро ташкил додааст. Дар шаҳри Душанбе шумораи умумии муҳоҷирон 18,8% зиёд шуда, 1,4 ҳазор нафар ва дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 0,9% зиёд шуда, 4,5 ҳазор нафарро ташкил намудааст [9,с.75].

Шумораи умумии муҳоҷирати аҳолӣ дар деҳот дар моҳҳои январ-марти соли 2019 нисбат ба ҳамин давраи соли 2018-ум 7,4% кам шуда, 13,2 ҳазор нафар ва дар шаҳрҳо 4,5% кам шуда, 6,6 ҳазор нафарро ташкил додааст. Ҳиссаи муҳоҷирони шаҳрӣ нисбат ба шумораи умумии муҳоҷирон 33,5%-ро ташкил дод (дар моҳҳои январ-марти соли 2018-ум 32,9%-ро ташкил медод), ҳиссаи муҳоҷирони деҳот бошад, 66,5%-ро ташкил дод (дар моҳҳои январ-марти соли 2018-ум 67,1%-ро ташкил медод) [4,с.86].

Диаграммаи 1. Муҳоҷирати аҳолӣ дар солҳои 2014-2019 (нафар)
Diagram 1. Migration of the population in 2014-2019 (people)



Сарчашма: Таҳлили омори солҳои 2014 то моҳи марти 2019

Аз муҳоҷират камшавии аҳолӣ дар ҷумҳурӣ (шумораи муҳоҷирони кӯчидаомада тарҳи муҳоҷирони кӯчидарафта) дар моҳҳои январ-марти соли 2019 нисбат ба ҳамин давраи соли 2018-ум 19,5% кам шуда, 1411 нафарро ташкил додааст. Аз муҳоҷират камшавии аҳолӣ дар ин давра дар ҳамаи минтақаҳои ҷумҳурӣ, ғайр аз шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ мушоҳида карда мешавад.

Тоҷикистон аз муҳоҷирати меҳнатии шаҳрвандони кишвараш дар хориҷа бевосита вобастагӣ дорад ва айни замон ягон соҳаи хоҷагии халқи мамлакат мисли маблағҳои гузаронидашудаи муҳоҷирони меҳнатӣ буҷети давлатиро ғанӣ гардонида наметавонанд.

Масъалаҳои муҳоҷирати меҳнатӣ айни замон дар Тоҷикистон ва ҷомеаи ҷаҳон афзалиятнок ба ҳисоб рафта, ҷиҳати ба танзим даровардани равандҳои он дар қаламрави давлатҳои интиқолдиҳанда ва қабулкунандаи муҳоҷирон бояд тадбирҳои зарурӣ андешида шаванд.

Мутобиқи маълумотҳои Созмони Милали Муттаҳид, солҳои 60-уми асри гузашта миқдори муҳоҷирони меҳнатӣ дар ҷаҳон ҳамагӣ 65 млн. нафарро ташкил медод ва соли 2018 шумораи онҳо то 514 млн. нафар афзуд [5]. Ҳамзамон, коршиносони СММ дар асоси таҳлил ва дурнамо изҳор менамоянд, ки равандҳои муҳоҷират дар миқёси ҷаҳон боз хам пурзӯр гардида, то соли 2050 шумораи муҳоҷирон дар кишварҳои ҷаҳон ба 965 млн. нафар мерасад [1,с.86].

Ба бухрони молиявии иқтисодӣ нигоҳ накарда, миқдори муҳоҷирони байналмилалӣ дар кишварҳои саноатии тараққиёфта сол аз сол зиёд мегардад ва ин нишондиҳанда дар аввали асри XXI афзоиш ёфта истодааст. Ҳамзамон, сатҳи бекорӣ дар байни муҳоҷирони

меҳнатии хориҷӣ нисбат ба коргарони маҳаллӣ ду баробар зиёд аст ва баъзе давлатҳо бо назардошти ҳавасмандии молиявӣ ва истифода бурдани қувваи кории арзон бозгашти муҳоҷирони хориҷиро халалдор менамоянд. Дар ин маврид бояд қайд кард, ки дар бисёри ҳолатҳо давлатҳои қабулкунандаи муҳоҷирон ҷиҳати беҳтар намудани вазъи муҳоҷирони хориҷӣ қонунгузории худро такмил намедиҳанд ва ба Конвенсияҳои байналмилалӣ шомил намегарданд, зеро намехоҳанд уҳдадориҳои иловагиро ба дӯш дошта бошанд.

Аммо ба ҳар гуна шароити душвору таҳқиромез нигоҳ накарда, муҳоҷирони хориҷӣ дар ҳудуди дигар давлатҳо қарор доранд, зеро ҳисоб мекунанд, ки шароит дар зодгоҳашон боз ҳам бадтар мебошад.

Ҷадвали 3. Муҳоҷирати хориҷӣ ва дохилии бебозгашт (бо иваз кардани ҷойи истиқомат) дар моҳҳои январ-марти солҳои 2018-2019 (нафар)
Table 3. Irreversible external and internal migration (with change of residence) in January-March 2018-2019 (people)

	2018			2019		
	Шумораи аҳолии кӯчаидаомада	**Шумораи аҳолии кӯчидарафта**	**Аз муҳоҷират кам шудан (-) ва афзудани аҳолӣ (+)**	**Шумораи аҳолии кӯчаидаомада**	**Шумораи аҳолии кӯчидарафта**	**Аз муҳоҷират кам шудан (-) ва афзудани аҳолӣ (+)**
Ҷумҳурии Тоҷикистон	9724	11477	-1753	9215	10626	-1411
Шаҳр	3284	3682	-398	3335	3318	17
Деҳот	6440	7795	-1355	5880	7308	-1428
ВМКБ	123	402	-279	135	310	-175
Шаҳр	29	50	-21	46	40	6
Деҳот	94	352	-258	89	270	-181
Вилояти Суғд	1741	2743	-1002	1729	2471	-742
Шаҳр	824	1190	-366	777	1004	-227
Деҳот	917	1553	-636	952	1467	-515
Вилояти Хатлон	4826	5761	-935	4009	5323	-1314
Шаҳр	1495	1600	-105	1179	1384	-205
Деҳот	3331	4161	-830	2830	3939	-1109
ш.Душанбе	649	517	132	924	461	463
НТҶ	2385	2054	331	2418	2061	357
Шаҳр	287	325	-38	409	429	-20
Деҳот	2098	1729	369	2009	1632	377

Сарчашма: Маҷаллаи “Иқтисодиёти Тоҷикистон” соли 2019. -№2

Аз ин рӯ, бо дарназардошти доимо иваз гардидани сиёсати давлатии муҳоҷират дар кишварҳои хориҷи дуру наздик ва дигаргун шудани хусусиятҳои муҳоҷирати аҳолӣ масъалаҳои муҳоҷират бояд пайдарҳам аз ҷониби созмонҳои байналмилалии бонуфуз ва коршиносони ботаҷриба мавриди омӯзишу тадқиқотҳои илмӣ қарор гирифта, танзими равандҳои он дар ҳамкории давлатҳои интиқолдиҳандаву қабулкунандаи муҳоҷирон ҳамчун масоили аввалиндараҷа ба роҳ монда шавад.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои охир ба масъалаҳои идоракунии муҳоҷирати меҳнатӣ, ки ҳалли онҳо дар сиёсати дохилӣ ва берунии давлат яке аз самтҳои муҳимтарин мебошад, диққати ҷиддӣ дода, то дараҷае танзими давлатии онро ба роҳ мондааст.

Сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи муҳоҷирати меҳнатӣ ба хориҷа бояд ба пешгирии афзоиши муҳоҷирати ғайриқонунӣ ва номуташаккил дар асоси ташаккули заминаҳои ҳуқуқӣ ва механизмҳои иқтисодии ҷараёни муҳоҷират, якҷоя бо тарафи қабулкунанда ташкил намудани системаи муҳоҷирати меҳнатӣ, ҷалб намудани мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва ҷомеа тавассути воситаҳои ахбори умум ҷиҳати муборизаи алайҳи муҳоҷирати ғайриқонунӣ нигаронида шавад.

Дар натиҷаи навиштани мақолаи мазкур механизми таъсири давлатии муҳоҷирати меҳнатӣ ба дараҷаи назаррас таҳлил карда шуд, ки хулосаҳои онро ба тарзи зайл меорем:

1. Аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул кардани санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор марбут ба масъалаҳои муҳоҷирати аҳолӣ ва такмил додани қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти вазъи имрӯзаи

ҷомеа ва талаботҳои санадҳои меъёрии байналмилалӣ, ки онҳоро Тоҷикистон эътироф кардааст.

2. Ба дараҷаи баланд ба роҳ мондани ҳамкориҳо ва ҳамоҳангсозии масъалаҳои муҳоҷират байни мақомотҳои дахлдори давлатӣ ва ҳамзамон талаб кардани масъулияти шахсии ҳар як роҳбари аввали вазорату идораҳо ҷиҳати ҳалли душвориҳо дар ин самт.

3. Бо мақсади ҳалли душвориҳо дар идоракунии равандҳои муҳоҷират ва беҳтар намудани вазъи муҳоҷирон дар дохил ва хориҷи кишвар, аз байн бурдани нофаҳмиҳои байни идоравӣ ва таъмин намудани ҳамоҳангсозии масъалаҳо дар самти муҳоҷирати аҳолӣ, инчунин, қабул кардани қарорҳои саривақтию тақдирсоз дар сатҳи олӣ.

4. Бо дарназардошти афзалиятнок будани масъалаҳои муҳоҷирати меҳнатӣ дар ҷомеа ва доимо мавриди омӯзиш қарор додани он аз тарафи Парлумон, дар назди ин мақомот ташкил кардани Кумита ё Комиссия оид ба масъалаҳои муҳоҷират. Дар ҳайати Парлумон шомил намудани намояндагони сазовор аз ҳисоби муҳоҷирони меҳнатӣ – тоҷикони бурунмарзӣ.

5. Аз ҷониби Ҳукумати ҷумҳурӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ мавриди назорат қарор додани ҷараёни иҷрои супоришҳои чандинкаратаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳо ва қарорҳои дахлдор дар соҳаи муҳоҷират, муқоисаи вазъи муҳоҷират дар 10 соли охир, баҳодиҳӣ ва қабули чораҳо.

6. Гузаронидани санҷиши ҳаматарафа ва шаффоф нисбати он шахсоне, ки корхонаю идораҳои давлатиро шахсӣ намуда, ба ҷойи рушд додани он бо технологияҳои муосир ва нигоҳдорию таъсис додани ҷойҳои кории доимӣ, баръакс соҳаҳои хоҷагии халқро заиф намуданд.

7. Пурзӯр намудани фаъолияти намояндагиҳои дипломатии Тоҷикистон дар хориҷа ва намояндагиҳои мақомоти муҳоҷират бо мақсади таъмин кардани ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои шаҳрвандони кишварамон, ки дар хориҷа будубош доранд.

8. Ба таври расмӣ (легалӣ) таъмин намудани мусофирати меҳнатӣ пурра ба эътибор гирифта шавад.

9. Мувофиқа намудани қонунҳои амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба муҳоҷирати меҳнатӣ бо кишварҳо (ҳамкор)-и хориҷӣ.

10. Бо воситаи курсу семинарҳо мукаммал ва омӯзонидани муҳоҷирати меҳнатӣ аз қонун ва санадҳои меъёрӣ ва ҳуқуқии давлате, ки ба он муҳоҷират мешавад.

11. Барқарор намудани иқтидори иқтисодии корхонаҳои саноатӣ.

12. Дар деҳоти Тоҷикистон ташкил намудани корхонаҳои хурди коркарди пӯст, пашм ва тайёр намудани шарбат аз меваю сабзавот (бо дастгирӣ ва маблағгузории тоҷирон ё ҳукуматҳои маҳал)-ӣ.

Таҳлил нишон дод, ки новобаста аз сатҳи тараққиёти давлатҳо муҳоҷирати қувваи корӣ дар доираи тамоми давлатҳо амалӣ мешавад. Чунин самтҳои муҳоҷирати байналхалқии қувваи кориро ҷудо намудан мумкин аст:

- аз давлатҳои рӯ ба тараққӣ ба давлатҳои мутараққӣ; дар доираи давлатҳои аз ҷиҳати саноатӣ тараққинамуда; (асосан бо мақсади ғайрииқтисодӣ); дар байни давлатҳои рӯ ба тараққӣ (асосан, байни ДНИ ва давлатҳои Аморати Араб; байни давлатҳои аъзои ОПЕК ва дигар давлатҳои рӯ ба тараққӣ; аз давлатҳои собиқ сотсиалистӣ ба давлатҳои саноатии мутараққӣ; муҳоҷирати коргарони соҳаи илм, муттахассисони маълумотнок аз давлатҳои саноатии мутараққӣ ба давлатҳои рӯ ба тараққӣ.

- бозори меҳнат, ки аз талабот ва пешниҳод ба қувваи корӣ иборат аст, ҷараёни инкишофёбанда буда, таъсири байниҳамдигарии маҷмӯи захираҳои меҳнатӣ ва ҷойҳои кориро инъикос менамояд. Ба ҳамин мазмун, вазъи захираҳои меҳнатӣ, ки дорои қисмҳои миқдорӣ ва сифатӣ мебошанд, аз мавқеи талабот ба онҳо дар бозори меҳнат ё ба ибораи дигар, аз рӯйи сатҳи шуғлнокӣ муайян карда мешавад.

- дар маҷмӯъ, шумораи аҳолии ҷумҳурӣ аз ҳисоби афзоиши табиӣ зиёд шуда истодааст, ки он тавозуни манфии муҳоҷиратро бартараф менамояд. Бо вуҷуди ин, сатҳи афзоиши аҳолӣ дар деҳот зиёд мебошад ва дар солҳои охир бақия (салдо)-и муҳоҷират бузургии нисбатан баланди манфиро маҳз аз рӯи деҳот дорад, ки он аз мавҷудияти андозаи калони муҳоҷират аз деҳот шаҳодат медиҳад.

АДАБИЁТ

1. Барномаи муҳоҷирати меҳнатии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2006-2010. – Душанбе, 2006. -№61.
2. Барномаи мусоидат ба шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2008-2009. -Душанбе, 2007. -№632.
3. Консепсияи сиёсати давлатии мусоидат ба шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2008-2009. –Душанбе, 2006. -№183.
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ» // Ахбори Шӯрои Олии Ҷумҳурии

Тоҷикистон. -Душанбе, 2003. -№44.
5. Маълумотҳои Созмони Миллали Муттаҳид. [Электронный ресурс]. http://www.migrationdrc.org/publications/working_papers.
6. О социально-экономическом положении Республики Таджикистан за 1 квартал. - 2019. –С.37.
7. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маҷмуаи оморӣ. – Душанбе, 2019. -С.465.
8. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маҷмуаи оморӣ. – Душанбе, 2018. -С.415.
9. Страновой отчет ВМФ.№ 04/280, Август 2017, Мимео.МВФ. «Макроэкономика денежных переводов в Таджикистане». Рабочий документ. Исследование социо-экономических характеристик брошенных жен таджикских трудовых мигрантов и ихспособность к выживанию» ІОМ. -Душанбе. –С.75.

МЕХАНИЗМИ ТАЪСИРИ ДАВЛАТ БА РАВАНДҲОИ МУҲОҶИРАТ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар мақолаи мазкур ҷанбаҳои механизми таъсири давлат ба равандҳои муҳоҷирати меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳқиқ ва баррасӣ қарор дода шудааст. Мақолаи мазкур дарбаргирандаи баъзе масъалаҳои раванди муҳоҷирати меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Муаллиф қайд менамояд, ки дар даҳсолаҳои охир дар давлатҳои Ғарб ва ҳатто баъзе давлатҳои ИДМ вазъи демографӣ, тамоюли муташанниҷ дорад. Дар баъзе давлатҳои ҷаҳон аҳолӣ бо суръати паст зиёд шуда истодааст ва ё худ тамоман тамоюли зиёдшавӣ надорад. Илова бар ин, дар баъзе давлатҳо тамоюли зиёдшавии «мини-оилаҳо» (оилаҳое, ки як аъзо доранд) ба чашм мерасад. Махсусан дар Фаронса ин ҳолат васеъ ба чашм мерасад. Дар давлатҳои аз ҷиҳати саноатӣ муттараққӣ ИМА ягона давлате мебошад, ки аҳолӣ тамоюли устувори зиёдшавӣ дорад, на танҳо аз ҳисоби зиёдшавии табиӣ, балки аз ҳисоби ҳиҷрати имигрантҳо (қариб 600 ҳаз.аҳолӣ дар як сол). Сатҳи баланди зиёдшавии аҳолӣ дар давлатҳои «ҷаҳони сеюм» ба чашм мерасад. Муаллиф ба он ишорат менамояд, ки одатан барои муайян намудани таъсири зиёдшавии аҳолӣ ба тараққиёти иқтисодӣ, суръати афзоиши аҳолӣ ва ММД-ро ба сари ҳар як аҳолӣ ҳисоб менамоянд. Омори солҳои охир нишон медиҳад, ки асосан баландравии сатҳи тараққиёти иқтисодӣ ба коэффитсиенти пасти такрористеҳсолии аҳолӣ ва давомнокии баланди сатҳи ҳаётбасарбарӣ алоқаманд аст.

Калидвожаҳо: муҳоҷират, механизм, раванди муҳоҷират, сиёсати давлатии муҳоҷират, барномаҳои давлатӣ дар самти муҳоҷират.

МЕХАНИЗМ ГОСУДАРСТВЕННОГО ВОЗДЕЙСТВИЯ НА МИГРАЦИОННЫЕ ПРОЦЕССЫ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

В статье исследуются аспекты механизма влияния государства на процесс трудовой миграции в Республике Таджикистан. В данной статье освещаются некоторые вопросы процесса трудовой миграции в Республике Таджикистана. Автор отмечает, что в последние десятилетия демографическая ситуация на Западе, и даже в некоторых странах СНГ была напряженной. В некоторых странах мира население растет медленными темпами или совсем не растет. Кроме того, в некоторых странах растет тенденция к созданию «мини-семей» (семей с одним членом). Особенно это актуально во Франции. В промышленно развитом мире Соединенные Штаты - единственная страна с устойчивой тенденцией роста населения не только за счет естественного прироста, но и за счет и миграции (около 600 000 человек в год). В странах «третьего мира» высокие темпы роста населения. Аватор указывает на то, что темпы роста населения и ВВП на душу населения обычно рассчитываются для определения воздействия роста населения на экономическое развитие. Статистика последних лет показывает, что повышение уровня экономического развития в основном связано с низким уровнем воспроизводства и высокой продолжительностью жизни.

Ключевые слова: миграция, механизм, миграционный процесс, государственное миграционная политика, государственные программы в сфере миграции.

MECHANISM OF STATE INFLUENCE ON MIGRATION PROCESSES IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

The article examines aspects of the mechanism of state influence on the process of labor migration in the Republic of Tajikistan. This article highlights some of the issues of the labor migration process in the Republic of Tajikistan. The author notes that in recent decades the demographic situation in the West and even in some CIS countries has been tense. In some parts of the world, the population is growing at a slow pace or not at all. In addition, there is a growing trend in some countries to create “mini-families” (families with one member). This is especially true in France. In the industrialized world, the United States is the only country with a stable population growth trend not only due to natural increase, but also due to immigration (about 600,000 people a year). The third world countries have high rates of population growth. The author points out that population growth rates and GDP per capita are usually calculated to determine the impact of population growth on economic development. Statistics of recent years show that an increase in the level of economic development is mainly associated with a low level of reproduction and high life expectancy.

Keywords: migration, mechanism, migration process and state migration, policy state programs in the field of migration

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Одиназода Комрон Саидаброр*** **-** Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат, номзади илмҳои иқтисодӣ, и.в. муаллими калони кафедраи менеҷмент. **Суроға:** 734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Борбада, 48/5. E-mail: **odinakomron@mail.ru**. Телефон: **(+992) 905-55-46-46**

Сведения об авторе: ***Одиназода Комрон Саидаброр*** – Институт туризма, предпринимательства и сервиса, кандидат экономических наук, и.о. старшего преподавателя кафедры менеджмента. **Адрес:** 734055, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Борбада, 48/5. E-mail: **odinakomron@mail.ru**. Телефон: **(+992) 905-55-46-46**

Information about the author: ***Odinazoda Komron Saidabror*** - Institute of Tourism, Entrepreneurship and Service, Candidate of Economic Sciences, Acting Senior Lecturer at the Department of Management. **Address**: 734055, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Borbada Avenue, 48/5. E-mail: **odinakomron@mail.ru.** Phone: **(+992) 905-55-46-46**

УДК 312

ХУСУСИЯТҲОИ МУАММОИ ШУҒЛНОКӢ ДАР БАЪЗЕ КИШВАРҲОИ ДАР ҲОЛИ РУШД ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

Каримова И.И. Пулатова М.Х., Пулатов И.Р.
Донишкадаи иқтисод ва савдои ДДТТ,
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров

Солҳои охир дар иқтисодиёти кишварҳои мутараққӣ тамоюли мусбати рушди иқтисодӣ мушоҳида карда мешавад. Аз нигоҳи миқдорӣ тамоюлҳо заифанд, аммо афзоиши онҳо намоён аст, лекин сифати ин тамоюлҳо мустаҳкам нестанд.

Суръати рушди иқтисодӣ ҳоло ҳам ба талабот ҷавобгӯ нест ва нокифоягии ҷойҳои корӣ боқӣ мондаанд. Паҳншавии доимии шаклҳои ноустувори шуғл, дар якҷоягӣ бо норасоии пешрафт дар беҳтар кардани сифати ҷойҳои корӣ, ҳатто дар кишварҳое, ки нишондодҳои ҷамъбастӣ беҳтар шудаанд, боиси ташвиш аст. Дар ин замина, хусусиятҳои шуғл ва вазъи рушди иқтисодии минтақаи Осиёи Марказӣ ва баъзе кишварҳои рӯ ба инкишофро баррасӣ мекунем.

Тибқи гузориши нави СБМ, дар соли 2019 афзоиши муътадили бекории ҷаҳонӣ дар назар аст, аз 5,7 то 5,8%, яъне афзоиши шумораи бекорон аз 3,4 миллион то 201 миллионро дар назар дорад [1,с.14].

Ноустувории ҷаҳонӣ ва норасоии ҷойҳои корӣ дар қатори дигар омилҳо суботи иҷтимоӣ дар бисёр минтақаҳои ҷаҳонро вайрон мекунанд ва одамонро маҷбур мекунанд, ки ба муҳоҷират раванд. Байни солҳои 2009 ва 2017, ҳиссаи аҳолии қобилияти корӣ дошта, омодаанд, ки ба хориҷи кишвар муҳоҷират кунанд. Дар Аврупои Шарқӣ бошад, каме устуворшавии рушди иқтисодӣ ба тадриҷ паст шудани сатҳи бекорӣ кумак мекунад.

Рушди иқтисодӣ торафт коҳиш меёбад ва норасоии ҷойҳои кории арзанда васеъ боқӣ мемонад. Афзоиши глобалии ММД дар шаш соли охир ба 3,4% дар соли 2017 расид, ки аз суръати пешбинишудаи як сол пеш хеле камтар аст. Интизор меравад, ки дар ду соли оянда суръати муътадили рушд дар соли 2018 (3,4%) ва 2020 (3,6%) идома хоҳад ёфт [2,с.18].

Ҳамзамон, дурнамои рушди соли 2019 якчанд маротиба ба самти поёнӣ аз нав дида баромада шуданд (аз 4,6% дурнамо дар соли 2012 то 3,4% дар соли 2018) ва афзоиши номуайянӣ дар рушди иқтисоди ҷаҳонӣ боқӣ мемонад. Интизор меравад, ки сатҳи бекории ҷаҳонӣ дар соли 2019 каме афзоиш ёбад, то 5,8% (аз 5.7% дар соли 2018) ё 3,4 миллион нафар бекорон дар саросари ҷаҳон (дар натиҷа, сатҳи умумии бекорӣ аз 201 миллион камтар хоҳад шуд 2019). Дар ҳоле интизор меравад, ки сатҳи бекории ҷаҳонӣ дар соли 2019 дар сатҳи нисбатан муътадил боқӣ хоҳад монд, суръати афзоиши онҳое, ки дар ҷустуҷӯи кор ҳастанд, аз таъсиси ҷойҳои нави корӣ болотар аст, ки дар саросари ҷаҳон дар аввали соли 2019 боз 2,7 миллион нафар бекорон илова хоҳанд шуд.

Афзоиши бекорӣ дар соли 2019 аз бадтар шудани вазъи бозори меҳнат дар кишварҳои рӯ ба инкишоф вобаста аст. Воқеан, шумораи бекорон дар кишварҳои рӯ ба тараққикарда дар тӯли солҳои 2017 ва 2018 тақрибан 3,78 миллион нафарро афзоиш медиҳад (дар давоми он сатҳи бекорӣ дар кишварҳои тараққикарда интизорӣ меравад, ки ба 5,7 баланд мешавад, ки ин нисбатан 5,6%, дар соли 2017 мебошад). Коҳиш ёфтан аз соли 2008 айни замон бо як қатор омилҳо, аз ҷумла идома ёфтани номуайянии глобалӣ нисбати дурнамои иқтисодӣ ва як қатор тағйироти эҳтимолӣ (масалан, меъёрҳои фоизӣ), ки ба сармоягузорю савдо ва дар навбати худ талаботҳои маҷмӯӣ таъсир мерасонанд, муайян карда мешавад. Якчанд омили муайянкунандаи суръати пасти рушди иқтисодӣ идома дорад. Махсусан, ҷараёнҳои сусти хусусӣ ва гардиши савдо, ҳам барои мушкилоти мавҷудаи иқтисодӣ ва ҳам дар давраи миёнамуҳлат, ҳамчун мушкилоти ҷиддӣ боқӣ мемонанд. Тамоюлҳои сусти сармоягузорӣ ва савдо, фосилаи калон дар талаботро ба вуҷуд меорад, ки наметавонад аз ҳисоби хароҷоти давлатӣ бо сабаби маҳдудиятҳои буҷа пурра ҷуброн карда нашавад (аз сабаби афзоиши сусти шуғл ва даромади меҳнатӣ бо истеъмолоти шахсӣ пур карда намешавад). Илова бар ин, даст кашидан аз сармоягузорӣ имрӯз ба кам шудани сармояи истеҳсолӣ ва афзоиши ҳосилнокӣ оварда мерасонад ва ҳамин тариқ афзоиши даромадро коҳиш медиҳад. Тамоюли афзоиш асосан аз беҳбудиҳои чашмдошт дар кишварҳои тақкикарда, бахусус Бразилия ва Федератсияи Россия вобаста аст. Ғайр аз он, ба содиркунандагони молҳо зарбаи шадиди тағйирот дар соҳаи савдо таъсири манфӣ мерасонад. Дар кишварҳои пешрафта дурнамои рушд дар назар аст, гарчанде суръати афзоиш то 2% боқӣ мемонад [3,с.18].

Пастравии соли 2016 аз қисман паст шудани натиҷаҳои пешбинишуда дар Иёлоти Муттаҳида ва Аврупо буд. Дар ҳар ду ҳолат баъзе аз номуайянии дурнамои ояндаи иқтисодии онҳо мавҷуданд, ки метавонанд ба дурнамои иқтисоди ҷаҳонӣ таъсири васеътар дошта бошанд.

Рушди иқтисодӣ дар Аврупои Шарқӣ дар соли 2018 пас аз таназзул дар соли 2017 ба самти мусбат баргашт (асосан дар натиҷаи таназзул дар иқтисоди Федератсияи Россия, ки ҳиссаи назарраси маҳсулоти минтақа ва содиркунандаи асосӣ ба ҳисоб меравад). Пастравии ҷаҳонии нархи нафт ба иқтисодиёти Федератсияи Россия бори гарони санксияҳои иқтисодии ИА ва ИМА бори гарон аст. Бо вуҷуди ин, ба кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Ғарбӣ ба дараҷае таъсир нарасонд, ки афзоиши соли 2018 2,6%-ро ташкил дод, ҳарчанд ин нисбат ба соли қаблӣ камтар аст (3,5% дар соли 2016). Анҷоми таҳримҳо алайҳи Федератсияи Россия, дар якҷоягӣ бо барқароршавии нархҳои нафт ба эҳёи иқтисоди минтақа мусоидат мекунад. Интизор меравад, ки дар соли 2019 афзоиши 1.9% ба даст оварда шавад, дар Аврупои Шарқӣ ва дар Осиёи Марказӣ ва Ғарбӣ бода, 2,8%.

Вақте ки рушди иқтисодӣ дар Аврупои Шарқӣ ба эътидол меояд, сатҳи бекорӣ коҳиш хоҳад ёфт, аммо танҳо тадриҷан дар соли 2018 то 6,1% паст хоҳад шуд.

Ин пастшавии сатҳи бекорӣ дар аксари кишварҳои минтақа, аз ҷумла Ҷумҳурии Чехия, Венгрия ва Полша, бо зиёд шудани бекорӣ дар Болгария, Руминия ва Федератсияи Россияро ҷуброн мекунад. Бо дарназардошти он, ки афзоиши минтақавии шуғл дар минтақа манфӣ боқӣ мемонад, коҳиши интизорравандаи бекорӣ асосан бо коҳиши 0.7% қувваи корӣ дар як сол аз солҳои 2018 то 2019 ва, инчунин, қисман аз ҳисоби муҳоҷират зиёд мешавад.

Ҳамзамон, ҳиссаи коргарони дорои корҳои вазнин бори аввал аз соли 2009 афзоиш ёфта, тамоюли афзоиш ба 11,2% дар соли 2019 мерасад [4,с.11].

Сатҳи минтақавии бекорӣ дар Осиёи Марказӣ ва Ғарбӣ аз 8,9% дар соли 2019 то 9,2% дар соли 2019 афзоиш меёбад, бинобар зиёд шудани бекорӣ дар Туркия [5,с.26].

Ин афзоиши босуръати бекорӣ афзоиши нисбатан босуръати қувваи кории минтақаро инъикос мекунад, ки интизор меравад шумораи ҷойҳои кории эҷодшударо пешбарӣ кунад.

Ин, пеш аз ҳама, бо рушди иқтисодиёт дар доираи маҳдуди соҳаҳои мол асос меёбад, ки барои ташкили ҷойҳои корӣ имкониятҳои маҳдуд доранд. Бо вуҷуди ин, ҳиссаи одамоне, ки ба шуғли осебпазир дучор хоҳанд буд, дар соли 2019 дар муқоиса бо 35% 10 сол қабл аз 30% аҳолии шуғлнок боқӣ мемонанд.

Фоизи коргарон дар камбизоатии миёна ё шадид (яъне, дар як рӯз камтар аз 3,10 доллар зиндагӣ мекунанд) дар Осиёи Марказӣ ва Ғарбӣ аз рӯи меъёрҳои байналмилалӣ камтаранд - тахминан 6,6% аҳолии қобили меҳнат дар соли 2018 интизорӣ меравад, ки нисбати даҳсолаи гузашта бо суръати хеле паст, коҳиш идома хоҳад дод.

Дар кишварҳои ғайри Иттиҳоди Аврупо, Аврупои Шарқӣ, сатҳи камбизоатии шадид ва муътадил тақрибан ба 3% баробар аст [6,с.34].

Расми 1. Шуғли ҳимоянашуда,%
Figure 1. Unprotected employment,%



Сарчашма: Таҳияи муаллифон дар такя ба Ҳисоботи солонаи СБМ 2018, http://www.ilo.org/global/research/global-reports/weso/2018.

Воқеан, тақрибан ҳар як коргари дуюм дар бозорҳои рушдёбанда кор мекунанд ва аз панҷ чорум коргар дар кишварҳои рӯ ба тараққӣ овардаанд. Интизор меравад, ки ин тамоюл ба соли 2019 дар кишварҳои рӯ ба тараққӣ ва рушдёбанда идома хоҳад ёфт. Дар расми зерин маълумотро дар бораи коргароне, ки дар корҳои ҳифзшаванда ба андозаи фоизи кишварҳои пешрафта, кишварҳои бо иқтисодиёти рушдёбанда дар ҷаҳон кор мекунанд, пешниҳод менамоем.

Ҳиссаи коргароне, ки дар ин кишварҳо дар камбизоатии миёна ё камбизоатии шадид зиндагӣ мекарданд, аз 30,4% дар соли 2017 то 28,8% дар соли 2018 коҳиш ёфт. Аммо, сатҳи камбизоатӣ дар байни коргарон суст шуда истодааст.

Расми 2. Ҳиссаи камбизоатони корӣ, %
Figure 2. Proportion of working poor,%



Сарчашма: Таҳияи муаллифон дар такя ба Ҳисоботи солонаи СБМ 2017

Дар навбати худ, норозигӣ аз вазъи иҷтимоӣ ва набудани ҷойҳои кории арзанда, дар қатори дигар омилҳо мардумро маҷбур месозанд, ки ба муҳоҷират раванд. Имрӯз дар кишварҳои узви Созмони ҳамкории иқтисодӣ ва рушд 10% сарватмандон аз 10% камбизоаттарин 9,6 маротиба зиёдтар пул мегиранд. Дар соли 1980 ин таносуб 7: 1 буд, дар солҳои 90-ум он ба 8: 1 ва дар солҳои 2000-ум 9:1 шуд [7,с.25].

Дар як қатор кишварҳои дорои иқтисодиёти рушдёбанда, алахусус дар Амрикои Лотинӣ, нобаробарии даромадҳо коҳиш ёфт, аммо фарқият дар даромад нисбат ба кишварҳои OECD баландтар боқӣ мемонад. Дар давраи буҳрон, нобаробарӣ дар даромад асосан аз ҳисоби коҳиш ёфтани шуғл идома дорад. Масъалаи марказӣ маҳдуд будани манбаҳои даромади аҳолии камбизоат мебошад. Дар кишварҳои рӯ ба тараққӣ, камбизоатон асосан аз даромади меҳнатии худ такя мекунанд ва барои интиқоли иҷтимоӣ имкониятҳои кам доранд. Айни замон дар як қатор кишварҳои пешрафта трансфертҳои иҷтимоӣ кам шуда истодаанд, то онҳо ба муқобили коҳиши нисбии даромади меҳнатӣ бо кори ҳассос мубориза баранд. Бо вуҷуди афзоиши назарраси истеҳсолоти саноатӣ дар солҳои охир, кишварҳои Осиёи Марказӣ бо бекорӣ, паст гардидани сатҳи зиндагӣ ва дараҷаи пасти ҳифзи иҷтимоӣ боқӣ мемонанд. Вазъият дар соҳаи шуғл дар кишварҳои Осиёи Марказӣ нишон медиҳад, ки қобилияти ташаккулёбии бозорҳои меҳнатии ба вуҷуд омада дар самти худтанзимкунӣ ҳанӯз ҳам ночиз аст, ки истифодаи унсурҳои идоракунии давлатӣ ва амалҳои ҳамоҳангшудаи тамоми кишварҳои ҷомеаро талаб мекунад.

Интегратсияи кишварҳои Осиёи Марказӣ ба бозори ягонаи меҳнат аз татбиқи тарбияи муштараки кадрҳои баландихтисос, ташкили системаи байнидавлатии танзими ҳаракати захираҳои меҳнатӣ ва татбиқи сиёсати ҳамоҳангшудаи содирот ва воридоти қувваи корӣ иборат аст.

Бозори меҳнат категорияи иқтисодӣ аст, аммо он бевосита бо равандҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва демографӣ алоқаманд аст. Иҷрои ислоҳоти куллии иқтисодӣ, ки дар кишварҳои Осиёи Марказӣ дар давраи гузариш ба муносибатҳои бозаргонӣ ба амал омадаанд, бо тағйироти амиқи тамоми сохтори иқтисоди миллӣ, аз ҷумла дар системаи танзими шуғли аҳолӣ, вобаста аст. Фаъолияти босамари бозори умумии меҳнат дар CAPS таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқиро, ки равандҳои ҳаракати меҳнат, тайёр кардани кадрҳои баландихтисос ва ташкили ҷойҳои нави кориро танзим мекунанд, тақозо мекунад.

АДАБИЁТ
1. Вукович Г.Г. Рынок труда /Г.Г. Вукович, И.В. Гелета // Высшее образование. -М.: Феникс, 2013. -240 с.
2. Гузориши Созмони Милали Муттаҳид. –Париж, 2017. -С. 26.
3. Колосова Р.П. Формы занятости населения в инновационной экономике. // Учебное пособие / Р.П. Колосова, М.В. Луданик, Т.О. Разумова. - М.: МАКС Пресс, 2008. – 256 с.
4. Костюкевич Л.П. Занятость населения и ее регулирование. Правовые экономические аспекты проблемы занятости: Учебное пособие / Р.П. Колосова, М.В. Луданик, Т.О. Разумова. -М.: Меномозина, 2005. -253 с.
5. Чукреев П.А. Занятость населения и её регулирование. Учебное пособие / П.А. Чукреев, Е.В. Корытова. -Улан-Удэ: Изд-во ВСГТУ, 2010. – 212 с.
6. Ҳисоботи солонаи СБМ 2016. –Париж, 2016. –С.14.
7. Ҳисоботи таҳқиқоти глобалии СБМ. [Манбаи электронӣ]. http://www.ilo.org/global/ research /global-reports/weso/2018. -С.18.
8. Ҳисоботи глобалии тадқиқоти шуғлии СБМ. [Манбаи электронӣ]. http://www.ilo.org /global/research/global-reports/weso/2018. -С.15.
9. Ҳисоботи глобалии таҳқиқоти шуғлии СБМ. [Манбаи электронӣ]. http://www.ilo.org/ global/research/global-reports/weso/2017. -С.11.

ХУСУСИЯТҲОИ МУАММОИ ШУҒЛНОКӢ ДАР БАЪЗЕ КИШВАРҲОИ ДАР ҲОЛИ РУШД ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

Дар мақола хусусиятҳои муаммои шуғлнокӣ дар баъзе кишварҳои дар ҳоли рушд дар шароити муосир мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Имкониятҳои иқтисодии кишварҳо, ташкили шумораи кофии ҷойҳои корӣ, баланд бардоштани сифати шуғл барои шахсони бидуни кор ва таъмини тақсимоти самараи афзоиш ба назар гирифта мешаванд. Муаллифон қайд менамоянд, ки кишварҳои ҷаҳон бо мушкилоти дучониба рӯбарӯ мешаванд. Ноустувории ҷаҳонӣ ва норасоии ҷойҳои корӣ дар қатори дигар омилҳо суботи иҷтимоӣ дар бисёр минтақаҳои ҷаҳонро вайрон карда, одамонро маҷбур ба муҳоҷират мекунанд. Муаллифон ба он ишорат менамоянд, ки махсусан, ҷараёнҳои сусти хусусӣ ва гардиши савдо, ҳам барои мушкилоти мавҷудаи иқтисодӣ ва ҳам дар давраи миёнамуҳлат, ҳамчун мушкилоти ҷиддӣ боқӣ мемонанд. Дар иқтисоди минтақа амнияти заифи сармоягузорӣ мавҷуд аст, ки ки бинобар маҳдудиятҳои буҷет наметавонад аз ҳисоби хароҷоти давлатӣ ҷуброн карда шавад (ва бо сабаби афзоиши сусти шуғл ва даромади меҳнатӣ бо истеъмоли шахсӣ пур карда намешавад).

Калидвожаҳо: интегратсия, бекорӣ, худтанзимкунӣ, тамоюл, муҳоҷир, рушди устувори иқтисодӣ, норасоии ҷойҳои корӣ, бекории ҷаҳонӣ, шуғли таъминнашуда, суръати рушди иқтисодӣ.

СПЕЦИФИКА ПРОБЛЕМЫ ЗАНЯТОСТИ В НЕКОТОРЫХ РАЗВИВАЮЩИХСЯ СТРАНАХ В СОВРЕМЕННЫХ УСЛОВИЯХ

В данной статье рассматривается специфика проблемы занятости в некоторых развивающихся странах в современных условиях. Рассматриваются возможности экономик стран, создание достаточного количества рабочих мест, повышение качества занятости безработных и обеспечение распределения роста. Авторы отмечается, что страны по всему миру сталкиваются с двойной проблемой. Общемировая неопределенность и отсутствие рабочих мест наряду с другими факторами нарушают социальную стабильность во многих регионах мира и вынуждают людей мигрировать. Авторы указывают, что, в частности, приглушенные частные инвестиционные и торговые потоки остаются серьезной проблемой как для текущих экономических условий, так и в среднесрочной перспективе. В экономике региона наблюдается слабая инвестиционная безопасность, которую невозможно компенсировать за счет государственных расходов из-за бюджетных ограничений (и не может быть компенсирована за счет занятости в частном секторе из-за медленного роста занятости и доходов).

Ключевые слова: интеграция, безработица, саморегулирование, тенденции, миграция, устойчивое экономическое развитие, нехватка рабочих мест, глобальная безработица, неполная занятость, темпы экономического роста.

SPECIFIC EMPLOYMENT PROBLEMS IN SOME DEVELOPING COUNTRIES UNDER MODERN CONDITIONS

This article examines the specifics of the problem of employment in some developing countries in modern conditions. The possibilities of the countries' economies, creation of a sufficient number of jobs, improving the quality of employment of the unemployed and ensuring the distribution of growth are considered. The authors note that countries around the world face a double challenge. Global uncertainty and lack of jobs, along with other factors, disrupt social stability in many regions of the world and force people to migrate. The authors point out that, in particular, muted private investment and trade flows remain a major challenge for both current economic conditions and the medium term. There is weak investment security in the region's economy, which cannot be compensated for by public spending due to budgetary constraints (and cannot be compensated for by employment in the private sector due to slow growth in employment and income).

Keywords: integration, unemployment, self-regulation, trends, migration, sustainable economic development, job shortages, global unemployment, underemployment, economic growth rates.

Маълумот дар бораи муаллифон: ***Каримова И.И.*** - Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, муаллимаи калони кафедраи иқтисодиёт ва соҳибкорӣ. **Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Худжанд, И.Сомонӣ, 169. E-mail **inoyat-78@mail.ru**. Телефон: **(+992) 927-75-24-88**

Пулатова М.Х. **–** Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, муаллимаи калони кафедраи иқтисодиёти ҷаҳон. **Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Худжанд, И.Сомонӣ, 169. E-mail: **pulatova_m_72.** Телефон: (**+992) 927-01-72-01**

Пулатов И.Р. – Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров, муаллимаи калони кафедраи молия ва омор. **Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков, 1. E-mail: **ibragim_71@mail.ru.** Телефон: (**+992) 927-77-71-94**

Сведения об авторах: ***Каримова И.И.*** - Институт экономики и торговли Таджикского государственного университета коммерции в Худжанде, кандидат экономических наук, старший преподаватель кафедры экономика и предпринимательства. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г.Худжанд, И.Сомони, 169. E-mail: **inoyat-78@mail.ru**. Телефон: **(+992) 927-75-24-88**
Пулатова М.Х. - Институт экономики и торговли Таджикского государственного университета коммерции в Худжанде, старший преподаватель кафедры мировой экономики. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г.Худжанд, И.Сомони, 169. E-mail: **pulatova_m_72.** Телефон: (**+992) 927-01-72-01**
Пулатов И.Р. – Худжандский государственный университет им. академика Б. Гафурова, старший преподаватель кафедры финансов и статистики. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г.Худжанд, проезд Мавлонбекова, 1. E-mail: **ibragim_71@mail.ru**. Телефон: (**+992) 927-77-71-94**

Information about authors: ***Karimova I.I.*** - Institute of Economics and Trade of the Tajik State University of Commerce in Khujand, Candidate of Economic Sciences, Senior Lecturer at the Department of Economics and Entrepreneurship. **Address**: 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, I. Somoni 169. E-mail: **inoyat-78@mail.ru**. Phone: **927-75-24-88**
Pulatova M.Kh. - - Institute of Economics and Trade of the Tajik State University of Commerce in Khujand, Senior Lecturer at the Department of World Economy. **Address**: 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, I. Somoni 169. E-mail: **pulatova_m_72.** Phone: **(+992) 927-01-72-01**
Pulatov I.R. - Khujand State University named after academician B. Gafurova, senior lecturer at the Department of Finance and Statistics. **Address**: 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, Mavlonbekov's passage 1. E-mail: **ibragim_71@mail.ru**. Phone: **(+992) 927-77-71-94**

УДК 330.322

МЕХАНИЗМҲОИ ҲАМГИРОИИ СУБЪЕКТҲОИ ҶАРАЁНИ ИННОВАТСИОНИИ СИСТЕМАИ САНОАТИИ МИНТАҚАҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Мубораки Назримад
Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Дар шароити тағйиротҳои технологӣ ва сохтории иқтисодиёт пешбурди сиёсати инноватсионӣ, бартарафкунандаи монеаҳо ва мушкилотҳо дар ҷараёни ташкил ва ҷоринамоии донишҳо ин яке аз бартариятҳо барои мамлакат ва минтақа мебошад. Яке аз самтҳои бошиддатгардонии рушди илмӣ-техникӣ, инчунин, тиҷоратикунонии натиҷаҳои фаъолияти зеҳнӣ, ин ҳавасмандгардонии ҷараёнҳои ҳамгироӣ байни истеҳсолкунанда ва истеъмолкунандаи навгониҳо дар ҳолати нигоҳдории мустақилияти онҳо мебошад. Шакли муттаҳидкунии субъектҳои хоҷагидорӣ кушишкунанда ба ташаббус ва паҳннамоии инноватсияҳо бо нигоҳдории мустақилияти ҳуқуқӣ бадасторандаи амалнамоии ҷорӣ дар шакли мутаҳиднамоии шабакавии муассисаҳо ва кластерҳо яке аз воситаҳои самаранок ба шумор меравад.

Чи тавре, ки Г.П. Беляков қайд менамояд, таъмини устувори рушди иҷтимоӣ ва иқтисодии минтақа ва шаҳрҳо аз хусусият ва сифати рушди корхонаҳои саноатӣ, ки дар ҳудуди онҳо фаъолият менамоянд, вобаста аст [3,с.28].

Таҷрибаи ҷаҳонӣ исбот намудааст, ки таъмини рушди устувори иҷтимоиву иқтисодии минтақа ва шаҳрҳо аз хусусияту сифати рушди корхонаҳои саноатӣ, ки дар ҳудуди онҳо фаъолият менамоянд, вобаста аст.

Дар самти ташаккули системаи инноватсионии саноатӣ, инчунин, мисоли Финляндия ва минтақаҳои он ҷолиб аст. Дар ин мамлакат саҳми маҳсулоти дорои технологияҳои баланд дар содироти саноатӣ зиёда аз 22% ва саҳми маҳсулоти зарфияти илмидошта дар ҳаҷми умумии маҳсулоти саноатӣ зиёда аз 50%-ро ташкил менамояд. Бояд қайд намуд, ки ҳанӯз дар оғози соли 1990 иқтисоди Финляндия дар бозори ҷаҳонӣ рақобатпазир набуд. Зиёда аз 50% содироти он ба собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ рост меомад [6,с.288].

Тайи даҳ соли баъди пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ Финляндия ба яке аз мамлакатҳои тараққикардаи инноватсионӣ мубаддал гардид [5,с.153]. Чунин пешравиҳои назаррасу босуръат дар натиҷаи тадқиқотҳои фундаменталиву ҷустуҷӯӣ, ки асосан аз ҷониби давлат барои донишгоҳҳо маблағгузорӣ шуда буд, ба даст оварда шуданд. Шабакаҳои марказҳои минтақавии таҳвили технологияҳо ташкилу рушди ҷузъҳои инфрасохтори инноватсионӣ ва ширкат дар шабакаҳои калон таъмин гардиданд.

Бинобар ин, хуб мешуд баҳри ташаккули системаи инноватсионии саноатӣ мо таҷрибаи ин мамлакатро истифода менамудем.

Ба ақидаи бештари муҳаққиқон механизми ҳамгироии иқтисодии минтақавӣ ба худ маҷмӯи шаклҳои гуногун ва усулҳои ташкилу идоракунии иттиҳодияи мутаҳидгардидаро таҷассум менамояд, инчунин, ҷараёни системавии бавуҷудоии муносибатҳои базавии моликият, истеҳсолот, тақсимнамоӣ, мубодила ва истеъмол дар шакли нави ба роҳ мондани фурӯш дар миқёси хоҷагии мутаҳидгардида мавриди амал қарор гирифт.

Дар шароити ҳозира ташкили корхонаҳои нави саноатӣ дар он асос меёбад, ки онҳо бо таҷҳизоти муосир ва технологияҳои шакли инноватсионӣ таъмин карда шудаанд [8,с.269]. Чунин тарзи корбарӣ барои коркарди ниҳоии ашёи хоми ватанӣ имконият дода, барои истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазир мусоидат менамояд ва иқтидори содиротии мамлакатро мустаҳкам мегардонад. Натиҷаи иҷрои чунин вазифаҳо аз муносибати системавии таҳияи стратегия ва барномаҳои рушди инноватсионии саноати ноҳияву минтақаҳо ва шаҳрҳои мамлакат вобаста мебошад.

Чи тавре ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёмашон қайд намуданд: «мо саноатикунонии босуръатро ҳамчун ҳадафи чоруми стратегии кишвар қабул кардем, зеро рушди саноат барои таъмин намудани устувории иқтисодиёт, ташкили ҷойҳои нави корӣ, баланд бардоштани иқтидори содиротии мамлакат ва рақобатнокии он замина мегузорад» [9].

Бояд қайд кард, ки солҳои охир дар шаҳрҳои калони кишвар ҳама шаклҳои навтарини робита ва вобастагии байниҳамдигарӣ дар заминаи ҳамгироии байнисоҳавӣ ва соҳавии корхонаҳои саноатӣ, ташаккули системаҳои минтақавии саноатӣ ба вуҷуд омада истодаанд.

Бинобар ин, теъдоди корхонаҳои муштаракро дар шаҳру навоиҳои мамлакат бояд зиёд кард. Теъдоди корхонаҳои муштараки амалкунандаро дар ҷадвали зер нишон медиҳем.

Таблица 1. Теъдоди корхонаҳои муштараки амалкунанда дар мамлакат
Table 1. Number of joint ventures operating in the country

Номгӯй	2015	2016	2017	2018	2018/ 2015 +/-
Ҷумҳурии Тоҷикистон	221	266	373	649	428
ВМКБ	1	1	1	1	-
Вилояти Суғд	21	21	21	34	13
Вилояти Хатлон	1	23	27	29	29
НТҶ	8	5	5	78	70
шаҳри Душанбе	190	216	319	507	317

Манбаъ: Ҷадвал дар асоси «Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2019. –С.222» таҳия гардидааст

Чи тавре ки мо аз ҷадвал мушоҳида намудем, теъдоди корхонаҳои муштарак сол аз сол зиёд шуда истодаанд. Муддати чанд соли гузашта дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон 34,5% теъдоди корхонаҳои муштарак зиёд гардидааст, ки ин нишондиҳанда хуб аст.

Пешвои миллат дар Паёмашон таъкид намудаанд, ки «имрӯз дар берун аз кишвар имконияти пайдо кардани маълумоти кофӣ доир ба корхонаҳои саноатӣ ва маҳсулоти аз лиҳози экологӣ тозаи Тоҷикистон маҳдуд аст» [9].

Дар ҳақиқат, масъалаи муаррифии молҳои истеҳсоли ватанӣ хеле коста мебошад. Яке аз масъалаҳои муаррификунии мол бо шакли арзон ва қулай ин васоити ахбори омма, яъне интернет, аст. Мутаассифона, сомонаҳои интернетии корхонаҳои дар миқёси кишварбуда дар шароити хеле бад қарор доранд.

Қайд кардан зарур аст, ки солҳои охир дар шаҳру минтақаҳои кишвар шаклҳои нави муносибат ва алоқаҳои муштарак дар заминаи ҳамгироии байнисоҳавӣ ва соҳавии корхонаҳо роҳандозӣ гардида, раванди ташкили шаклҳои низои рушди саноат ба чашм мерасад ва заминаҳои шаклҳои нави муносибатҳои якҷоя ва ҳамгироии субъектҳои ҷараёни инноватсионӣ ташаккул ёфта истодаанд. Ин асоснокӣ ба рушди шаклҳои ҳамгироии субъектҳои системаи саноатӣ таъсири калон расонид. Баланд гардидани мавқеъ ва аҳамияти саноат ва рушди иқтисодиёти минтақаҳои кишварро нишон медиҳад, ки низоми муосири саноатӣ на танҳо бахшҳои хусусии истеҳсолӣ, корхонаҳои саноатӣ, самтҳои истеҳсолӣ, балки якчанд ҷузъҳои инфрасохториро, ки имрӯз заминаи рушди инноватсионии системаи индустриалию саноатии шаҳрро ташкил медиҳанд, дар бар мегирад.

Қайд кардан ба маврид аст, ки инфрасохтори минтақа омили пуриқтидори баландбардории самаранокии истеҳсолот ва сатҳи зиндагии аҳолӣ мегардад [2,с.230].

Бояд таъкид намуд, ки дар шароити муосир модели актуалии рушди рақобатноки системаи саноати шаҳрҳо дар алоқамандии шиддатноки қисматҳои зиёд ва гуногуни раванд таҳия, ташкил ва тиҷоратикунӣ асос меёбад, ки чунин муносибат ҷустуҷӯи шакл ва самтҳои нави таҳкими раванди мазкурро талаб менамояд.

Аз ин рӯ, барои фаъолияти босамар ва рушди устувори системаи саноати минтақаҳо на танҳо стратегия, балки дар таркиби ин стратегия мавҷудияти ҷузъҳои инноватсия

зарур аст. Зарурати таҳкими ҷузъҳои инноватсионии системаи саноатӣ, ки барои рушди инноватсионии он мусоидат менамоянд, дарёфти механизмҳои нави мутобиқшудаи рушди инноватсионии системаи саноатро дар асоси тадқиқоти тамоюл ва махсусиятҳои рушди алоқамандиҳои нави ҷузъҳои системаи шаҳр тақозо менамояд. Зеро ки мушкилоти зиёди рушди инноватсионии саноат, ки дар низоми саноатии шаҳрҳои мамлакат амал менамоянд, то ҳанӯз ба таври кофӣ омӯхта нашудаанд.

Роҳҳои ташкил намудани афзалиятҳои рақобати субъектҳои системаи саноат аз самтҳои маъмулие мебошад, ки коркарди маҳсулот ва таҳияи технологияҳои нави истеҳсолиро бо қувваи худи корхонаҳо ва зерсохторҳои онҳо пешбинӣ менамояд. Дар шароити муосир модели актуалии рушди рақобат дар самаранокии ҳамкориҳои иштирокчиёни гуногуни ҷараёни коркардҳо, ташкил ва тиҷоратикунонии навовариҳо асос меёбад, ки дарёфти шаклҳои нав ва самтҳои устувор гардониданро тақозо менамояд.

Дар робита ба ин, пеш аз ҳама, мафҳуми «ҳамгироӣ»-ро баррасӣ менамоем. Мафҳуми мазкур (калимаи лотинии integratio - барқарорсозӣ, аз калимаи integer - пуррагӣ) ҷараёни муттаҳиднамоии ҷузъҳоро дар воҳиди ягона, ки ба пайдо шудани таркибҳои якҷояшавӣ ва самаранокии синергетикӣ оварда мерасонад, инъикос менамояд. Дар доираи системаи саноат ҳамгироӣ маҷмӯи муносибатҳои ташкилию иқтисодиро байни субъектҳо ҳамчун ҷузъҳои система маънидод менамояд, ки барои муқаррарнамоии «ҳамкориҳои такроршавандаи устувор дар ҷараёни ташкили истеҳсолот, меҳнат ва идоракунӣ, мубодилаи натиҷаҳои истеҳсолот бо мақсади ҳамоҳанггардонии ҳавасмандиҳои иқтисодӣ, ноилгардӣ ба самаранокии синертетикӣ ҳангоми фаъолияти муштарак» мусоидат мекунад [10].

Чи тавре ки олимони рус Г.Б. Клайнер ва В.Л. Тамбовсев қайд менамояд, дар шароити муосир ҳамгироӣ барои корхонаҳои инноватсионии системаи саноат аҳамияти муҳим дорад [6,с.288]. Барои тадқиқоти мо ҳамгироии ҷузъҳо ё субъектҳои системаи саноат бо мақсади самаранок намудани ҷараёни инноватсионӣ таваҷҷуҳи бештар пайдо мекунад. Вобаста ба ин бояд ба шаклҳои ҳамгироӣ, ки барои тавсеа ва муносибкунии ҳамкориҳо на танҳо дар байни корхонаҳои саноатӣ, балки дар байни дигар таҳиякунандагон ва истифодабарандагони дониш (аз ҷумла ташкилотҳои илмӣ ва таълимӣ) аҳамият дода шавад. Фаъолгардонии ҷараёни тақсимоти меҳнат ва махсусгардонии он фарзияҳоро оид ба маҳдудияти самаранокии корхонаҳо танҳо аз ҳисоби афзоишёбии моликияти худи корхона пеш меорад, инчунин, далели он ки на ҳамаи корхонаҳои ҳамкорикунанда муносибатҳои мушаххас доранд, баландшавии мавқеи механизми ғайриамволии ҳамгироии субъектҳои системаи саноатро муайян намуд. Аз ин рӯ, аз соли 2000-ум сар карда, дар адабиёти иқтисодӣ барои самаранок шудани ҷараёни инноватсионӣ зарурати фаъолгардонии ҷараёнҳои шакли нави ҳамгироӣ (квазинтегратсия), ки дар худ нишонаҳои ҳамгироиро инъикос мекунад [4,с.84].

Мафҳуми квазинтегратсия ин вазъест, ки фирмаҳо дар баробари баҳрабардорӣ аз ҳамгироии амудӣ аз хавфҳо ё сахтгирии моликият канорачӯӣ мекунанд ва назорат аз болои идоракунӣ дар сурати мавҷуд набудани назорати расмӣ аз болои амвол мебошад.

Ҳамгироӣ ҳамчун шакли корхонаи муштарак ба шумор меравад, ки дар заминаи омилҳои зерин ба вуҷуд меояд:

а) дар асоси ҳамкориҳои нисбатан самараноки ҷузъҳо ё субъектҳои системаи саноат дар доираи мубодилаҳое, ки аз ибтидо бозорро танзим мекунанд ва онҳо барои муносибатҳои дарозмуддати қарордодӣ ё созишномавӣ бо нигоҳ доштани мустақилияти ҷузъҳо ва амалинамоии рафтори онҳо сабаб мешаванд;

б) хамчун натиҷаи махсуси функсияҳои дохилӣ, вақте ки корхонаи алоҳида дар шароити баланд гардидани нақши омилҳои муҳити беруна ҷузъҳои танзимкунандаи бозориро ба тарзҳои гуногун роҳандозӣ менамояд.

Дар адабиёти иқтисодӣ чунин шаклҳои иқтисодии квазинтегратсияро ҷудо менамоянд: Иттиҳоди стратегӣ, аутсорсинг, франчайзинг, ширкатҳои виртуалӣ, шабакаҳо, арзишҳо, шабакаҳои интиқол ва кластер. Дар чорчӯбаи ин шаклҳо ҳамкориҳои шабакавии активҳои алоҳида, ки дар доираи муносибатҳои қарордодӣ таҳвил мешаванд, ташаккул меёбанд, инчунин, дар доираи ҷараёни ин ё он шакли инноватсионӣ таҳвили активҳои ғайримоддӣ сурат мегирад. Махсусияти активҳои ғайримоддӣ бо алоқамандиҳои мутақобилаи агентҳо (истеҳсолкунанда ва татбиққунанда) муайян карда мешавад.

Муқаррароти дар боло зикргардидаро ба асос гирифта, қайд менамоем, ки дар системаи саноатӣ заминаҳои объективии ташаккули квазиинтегратсия, ки аз заминаи зарурати ташкили истеҳсолот, пеш аз ҳама, ташаккули хароҷот ва занҷираи технологии истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ бармеоянд, вуҷуд доранд.

Бо тарзи дигар, дар ҳар як маҳсулоти ниҳоии соҳаи саноат саҳми хароҷоти тамоми субъектҳои системаи саноат инъикос мегардад. Пеш аз ҳама, дар ташаккули хароҷоти моддӣ, ки арзиши аслиро ташкил менамоянд, тамоми субъектҳои системаи саноат иштирок доранд. Арзиши аслии маҳсулоти саноатӣ аз рӯи мазмуни иқтисодӣ ба хароҷоти моддӣ, хароҷот барои пардохти музди меҳнат, андозҳои иҷтимоӣ, фарсудашавии фондҳои асосӣ ва дигар хароҷот гурӯҳбандӣ мешаванд. Дар ҷараёни ташаккули ин гурӯҳи хароҷот системаи алоқамандиҳо ва рафтори тамоми субъектҳои системаи саноат инъикос меёбанд (ҷадвали 2).

Ҷадвали 2. Сохтор ва корхонаҳои ташаккулдиҳандаи арзиши аслии истеҳсоли маҳсулоти саноатии субъектҳои системаи саноат

Table 2. Structures and the enterprises forming cost of production of industrial products of subjects of the industrial system

№ пп	Гурӯҳи хароҷот	Мазмун	Иштирокчиён, субъектҳои системаи саноат
1.	Ашёи хом ва маводҳо	Ашёи хом ва маводҳои асосӣ; маводҳои кумакрасон барои мақсадҳои технологӣ; хароҷоти нақлиётӣ оид ба интиқоли ашёи хом ва маводҳо.	Корхонаҳои истихроҷ ва коркарди маҳсулоти саноатӣ, нақлиётӣ, сохтмонӣ ва ғайра.
2.	Маснуоти харидоришаванда, маҳсулоти нимтайёр ва хизматрасониҳои истеҳсолии ташкилоту корхонаҳои беруна	Хароҷот барои хариди молҳо, маҳсулоти нимтайёр ва хизматрасониҳои хусусияти истеҳсолидошта: хароҷот барои тамоми намуди сӯзишворӣ ва энергия, ки бевосита дар ҷараёни истеҳсоли маҳсулот бо мақсадҳои технологӣ ба миён меоянд.	Корхонаҳои савдои берунаи шаҳр, корхонаҳои соҳаи хизматрасонӣ, системаи бонкӣ ва суғурта, корхонаҳои сӯзишворию энергетикӣ, сохтмон, саноати коркард ва ғайра.
3.	Музди меҳнати кормандони асосӣ	Музди меҳнат барои вақти муайяни сарфшуда (аз рӯи қарордодҳо ва аз рӯи меъёрҳои пардохтӣ); иловапулӣ, мукофотпулӣ; арзиши маҳсулот.	Институтҳои иҷтимоӣ (иттифоқи касаба, суғуртаи иҷтимоӣ ва ғайра), корхонаҳои хизматрасониҳои иҷтимоӣ, фонди нафақа, фонди суғуртаи тиббӣ ва иҷтимоӣ ва ғайра.
4.	Хароҷот барои нигоҳдорӣ ва истифодаи таҷҳизот	Фарсудашавии таҷҳизот; истифодабарии таҷҳизот (музди меҳнати кормандони кумакрасон, нигоҳубини таҷҳизот, маводи молиданӣ); таъмири асосӣ ва ҷории таҷҳизот; ҳамлу нақли дохили завод ва ғайра.	Корхонаҳои соҳаи таъминоти моддӣ – техникӣ, корҳои таъмирӣ – сохтмонӣ, корхонаҳои хизматрасониҳои истеҳсолӣ, комплекси сӯзишворию энергетикӣ, сохтмонӣ ва ғайра.
5.	Хароҷоти умумикоргоҳӣ	Музди меҳнати кормандон ва дастгоҳи идоракунандаи коргоҳ, фарсудашавӣ, нигоҳдорӣ, таъмири асосӣ ва ҷории бино, таҷҳизоти коргоҳ, хароҷот барои озмоиш ва таҷрибаҳо ва ғайра.	Корхонаҳои таъминоти моддӣ – техникӣ, хизматрасониҳои истеҳсолӣ ва илмӣ, бюрои васлнамоӣ, ташкилотҳои соҳаи илм ва ғайра.
6.	Хароҷоти умумиистеҳсолӣ ва умумихоҷагӣ	Хароҷоти коргоҳӣ дар сатҳи корхона, хароҷоти идоракунии корхона; нигоҳдорӣ, фарсудашавӣ, таъмири асосӣ ва ҷории воситаҳои асосии таъйиноти умумихоҷагӣ, андозҳо, пардохтҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ва ғайра.	Корхонаҳои таъминоти моддӣ – техникӣ, корҳои таъмиру сохтмонӣ, корхонаҳои истеҳсолӣ, хизматрасониҳои истеҳсолӣ, институтҳои мақомотҳои андоз ва ғайра.
7.	Зарар аз нуқсон	Хароҷоте, ки то вақти ошкор шудани нуқсон ба вуҷуд омадаанд-маводҳо, музди меҳнат ва ғайра.	Корхонаҳои стандарти давлатӣ, экология ва ғайра
8.	Дигар хароҷоти истеҳсолӣ	Хизматрасониҳои кафолатнок; хароҷот барои стандартикунонӣ ва ғайра.	Корхонаҳои соҳаи хизматрасонии истеҳсолӣ, корхонаҳои стандартизатсия, ҳифзи муҳити зист ва ғайра.
9.	Хароҷоти тиҷоратӣ	Хароҷот барои фурӯш; борҷома, бастабандӣ, таҳвили маҳсулот то ҷои таъйиншуда; хароҷот барои реклама ва ғайра.	Корхонаҳои соҳаи савдо, нақлиёт, алоқа, нигоҳдорӣ, реклама ва ғайра .

Ҳамин тавр, арзиши аслӣ (харочоти ашёи хом, маводҳо, сӯзишворӣ, энергия, захираҳои табиӣ, воситаҳои асосӣ ва дигар амвол, захираҳои меҳнатӣ, инчунин дигар харочот барои истеҳсоли маҳсулот, идоракунии истеҳсолот ва корхона, дар маҷмӯъ, фурӯши маҳсулот) дар натиҷаи иштирок ва ҳамкориҳои якҷояи бозоргонии тамоми субъектҳои системаи саноат ташкил меёбад.

Ҷадвали 3. Системаи нишондиҳандаи баҳодиҳии имкониятҳои ташаккули кластерҳо
Table 3. Indicator evaluation system for cluster formation opportunities

Гурӯҳҳо	Нишондиҳанда	Тафсилот
Муҳити кластерҳо	Харочоти ҷорӣ барои КИТТК дар МММ, бо %.	Нишондиҳандаҳои молиявии мавҷудияти захираҳои илмӣ.
	Стратегияи рушди кластерӣ.	Таъмини қонунии самти сиёсати кластерӣ дар шакли базаи меъёрию ҳуқуқӣ (санадҳои қонунӣ ва зерқонунӣ, барномаҳои мақсаднок).
	Ҷамъшавии сармоя тайи чор сол ба сари аҳолӣ, ҳаз. сомонӣ.	Суръатафзоии сармоягузорӣ.
	Миқдори муҳоҷират вобаста ба шумораи аҳолӣ.	Ҳавасмандии минтақа дар самти муҳоҷират.
Драйвери кластерҳо	Ҳиссаи кормандони дорои маълумоти олии касбидошта, бо %.	Мавҷудияти захираҳои инсонии сифатнок, ки метавонанд афкори самаранок дошта бошанд, дар ҳамкориҳо иштирок карда тавонанд ва дар таҷриба донишу малакаҳои худро истифода намоянд.
	Ҳиссаи ширкатҳои инноватсионӣ дар сохтори умумии корхона, бо %.	Имконияти ташкил намудани донишҳои нав.
	Ҳиссаи корхонаҳо, ки ТИК-ро истифода мебаранд, бо %.	Инфрасохтор, ки роҳҳои ҳамкориҳои амалкунанда, паҳннамоӣ ва дастрас намудани иттилоотро таъмин менамояд.
	Ҳиссаи корхонаҳое, ки сомонаи интернетӣ доранд, бо %.	
Рушди кластерҳо	Таносуби миқдори корхонаҳои калон нисбат ба корхонаҳои хурду миёна.	Ҳаҷми ниҳоии истеҳсол барои кооператсия аз рӯи моделҳои таҳияшуда.
	Бизнес-инкубаторҳо, паркҳои технологӣ, фондҳои венчурӣ.	Мавҷудияти агентҳо барои кооператсия (субъектҳои инфрасохтори инноватсионӣ).
	Ҳиссаи ҳамкориҳои устувор дар миқдори умумии лоиҳаҳои муштарак оид ба иҷрои ИН (Ихтироъкор ва навовар ё корхонаҳое, ки инноватсияро дар самти маркетинг ва инноватсияи ташкилнамоӣ амалӣ менамоянд), бо %	Нишондиҳандаи устувории муносибатҳои тиҷоратӣ байни корхонаҳо ва шарикони беруна: – байни корхонаҳо дар дохили гурӯҳи ассотсиатсияҳо (иттиҳодияҳо), холдинг ва консорсиум; – байни истеъмолкунандагони мол, кор ва хизматрасониҳо; – байни таҳвилгарони таҷҳизот, мавод, воситаҳои барномавӣ; – байни рақобаткунандагон; – байни ширкатҳои машваратӣ; байни ширкатҳои иттилоотӣ; – байни муассисаҳои илмӣ; – донишгоҳ ва дигар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ.

Манбаъ: таҳияи муаллиф

Дар системаи саноатии кишвар тамоюли рушди шакли зерпудратӣ (зерқарордодӣ) ва ташаккули аутсоринг дар доираи системаи саноат ба мушоҳида мерасад. Бештар чунин нишонаҳои алоқаи байниҳамдигарии ҳамгироӣ ба назар мерасад: функсионалӣ – интиқоли функсияҳои алоҳида ба иҷрокунандагони беруна; амалиётӣ – таҳвили амалиётҳои алоҳида; захиравӣ – захирагирӣ аз берун.

Тамоюл нисбат ба рушди пешниҳоди маҷмӯии аутсоринги бизнес-равандҳо дар системаи саноат дар асоси истифодаи технологияҳои иттилоотӣ, мукаммалшавии стандартизация, якхелакунии талабот нисбат ба таҳвилгарони хизматрасониҳо ба мушоҳида мерасад.

Мақсаднокӣ ва иқтидори ташаккули кластерҳои минтақавии соҳавӣ аз интихоби соҳаҳои воқеӣ оғоз мегардад. Интихоби соҳаҳои воқеӣ дар заминаи баҳисобгирии коэффитсиенти маҳдуднамоӣ амалӣ карда мешавад. Коэффитсиенти мазкурро метавон ҳамчун таносуби вазни қиёсии соҳа дар сохтори соҳавии ҳудуди омӯхташаванда нисбат ба ҳамон соҳа дар сохтори соҳавии базавӣ ё мамлакат ҳисоб намуд. Агар коэффитсиенти

маҳдуднамоӣ баланд ё ба воҳид баробар бошад, пас, дар базаи соҳаи мазкур метавон зуҳуроти кластериро таъмин намуд. Инчунин, зарур аст, ки ҷолибияти кластери соҳавиро муайян намуд, ки дар асоси баҳодиҳии таъсиррасонии зуҳуроти он ба нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоӣ ва иқтисодии минтақа ба миён омадааст. Кластерҳои саноати минтақавӣ шакли дигари нисбатан тараққикардаи рушди инноватсионии системаи саноат мебошад.

Алоқаи воқеии мавҷудаи соҳавӣ ва байнисоҳавӣ, муттаҳидшавии корхонаҳои саноатӣ ва дигар корхонаҳои омехта барои ташаккули кластерҳои саноати минтақавӣ заминаба шумор мераванд. Кластер системаи ҳудудан маҳдудкардашуда ба ҳисоб меравад, бинобар ин, ҳамчун объекти идоракунӣ баромад мекунад [13,с.279]. Инчунин, онҳо дар кластерҳои минтақавии саноатию инноватсионӣ ҳамчун стратегияи маҷмӯӣ ҷузъҳои ташкилӣ, контрактатсионӣ, мувофиқакунонӣ ва таҳвилию инноватсионӣ дохил мешаванд.

Имкониятҳои воқеии амалинамоии муносибатҳои кластериро барои шаҳри Душанбе ба инобат гирифта, омилҳои афзалиятнокро дар омоданамоӣ ва амалисозии самти сиёсӣ муайян намудаанд, ки аз инҳо иборатанд:

1. ташкили механизми мониторинги инноватсия, ки интихоби системаи нишондиҳандаҳои фаъолиятро дар соҳаҳои инноватсионӣ, мутобиқсозии нишондиҳандаҳоро бо омори байналмилалӣ, инчунин, мукаммалсозии усули гузаронидани тадқиқоти омории инноватсияро дар бар мегирад;

2. чорабиниҳо оид ба фаъолгардонии сиёсати инноватсионии минтақавӣ, омода намудани стратегияи минтақавӣ бо иштироки бевоситаи мақомотҳои маҳаллии мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, субъектҳои бахши соҳибкорӣ, ҷудо намудани маблағ ва ташкили фондҳо барои рушди барномаҳои илмӣ ва техникӣ;

3. муқаррар ва ошкорсозии манбаи сармоягузорӣ, ки ба дастгирии инфрасохтори инноватсионӣ дар сатҳҳои гуногун, ташаккули системаи ҳавасмандиҳо барои рушди барномаҳои байниминтақавии ҳамкориҳои инноватсионӣ дар заминаи истифодабарии захираҳои барномаҳои давлатии техникӣ ва илмӣ равона гардидаанд;

4. фаъолгардонии таҷрибаи «ташхиси мустақил»-и барномаҳои илмию техникӣ бо ҷалби таҳлилгарони таҷрибадор ва омоданамоии лоиҳаҳои байнидавлатӣ барои маблағгузориҳое, ки сатҳи хавф доранд.

5. аз ҷониби мақомотҳои ҳокимияти давлатӣ бо ҷалби олимон, хизматчиёни давлатӣ бо мақсади интихоби самтҳои афзалиятноки рушди илмӣ ва техникии инноватсияи минтақавӣ ташкил намудани семинарҳо ва мизҳои мудаввар;

6. паҳн намудани иттилоот оид ба натиҷаҳои бадастомадаи тадқиқотҳои илмӣ, таҷрибаи минтақаҳои мамлакатҳои тараққикарда, инъикос тавассути воситаҳои ахбори омма, имиҷи соҳибкорон, ташкили озмуни лоиҳаҳо оид ба инноватсия бо иштироки сармоягузорон ё сарпарастон ва ғайра.

Мақсаднокӣ ва иқтидори ташаккули кластерҳои минтақавии соҳавӣ аз интихоби соҳаҳои воқеӣ оғоз мегардад. Интихоби соҳаҳои воқеӣ дар заминаи баҳисобгирии коэффитсиенти маҳдуднамоӣ амалӣ карда мешавад. Коэффитсиенти мазкурро метавон ҳамчун таносуби вазни қиёсии соҳа дар сохтори соҳавии ҳудуди омӯхташаванда нисбат ба ҳамон соҳа дар сохтори соҳавии базавӣ ё мамлакат ҳисоб намуд. Агар коэффитсиенти маҳдуднамоӣ баланд ё ба воҳид баробар бошад, пас, дар базаи соҳаи мазкур метавон зуҳуроти кластериро таъмин намуд. Инчунин, зарур аст, ки ҷолибияти кластери соҳавиро муайян намуд, ки дар асоси баҳодиҳии таъсиррасонии зуҳуроти он ба нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоӣ ва иқтисодии минтақа ба миён омадааст.

Бинобар ин, малакаи зуҳуроти кластерӣ ва мусоидат барои ноилгардӣ ба мақсадҳои иҷтимоию иқтисодии минтақа сатҳи ҷолибияти клестери соҳавиро нишон медиҳад.

АДАБИЁТ

1. Алчиан, А.А. Производство, информационные издержки и экономическая организация / А.А. Алчиан, Г. Демсец // Вестник молодых ученых. Серия: экономические науки. – 2002. -№1. -С.114-129.
2. Ашуров М.Н. Вазифа ва унсурҳои инфрасохтори бозории минтақа / М.Н. Ашуров, К.Н. Саидов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. –Душанбе, 2019. -№10. –ч.2. -С.228-231.
3. Беяков Г.П. Интеграция предприятия региона в инновационный кластер / Г.П. Беяков // Проблемы модернизации и перехода к инновационной экономике -М., 2018. –С.28-34.
4. Дементьев, В.Е. Квазиинтеграция в фокусе институциональной теории / В.Е. Дементьев // Вестник университета. Серия Институциональная экономика. – 2001. -№1(2). -С.84-95.
5. Диваева Э.А. Управление региональной инновационной системой / Э.А. Диваева // Методология и практика. -М.: Палеотип, 2010. -С.153.

6. Клейнер, Г.Б. Предприятие в нестабильной экономической среде: риски, стратегии, безопасность / Г.Б. Клейнер, В.Л. Тамбовцев, Р.М. Качалов; под общей редакцией д.-ра тех. наук, проф. С.А. Панова и д.-ра экон. наук, проф. Г.Б. Клейнера. -М.: ОАО Изд-во «Экономика». – 1997. -288 с.
7. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе, 2019.
8. Муртазоев О.К. Механизмы экономической интеграции субъектов инновационного процесса региональной промышленной системы / О.К. Муртазоев // Таджикистан и современный Мир. – 2018. -№3. -С.269-279.
9. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомали Раҳмон аз 26.12.2019.
10. Попов, А.А. Интеграция хозяйствующих субъектов в рыночной экономике: автореф. дис. канд. экон. наук: 08.00.01 / А.А. Попов. -Воронеж: Воронеж. гос. ун-т, 2005.
11. Румянцев, К.Н. Новейшие проявления интеграционных процессов / К.Н. Румянцев // Наука. Образование. Инновации. Кластеризация предприятий: состояние и перспективы. - 2008. -Вып. 7. -С.52-71.
12. Ураков Д.У. Проблемы усиления инвестиционной политики в промышленности Таджикистана / Д.У. Ураков, К.Х. Барфиев // Известия Иссык-Кульского форума бухгалтеров и аудиторов стран Центральной Азии. - 2015. -№2-1(9). -С.334-340.
13. Шомадова Н.С. Анализ современного состояния и тенденции развития промышленной системы города Душанбе Республики Таджикистан / Н. Шомадова, Д. Назарамонова, У. Халилзода // Образование и наука в России и за рубежом. - 2019. -№2(50). -С.279-287.

МЕХАНИЗМҲОИ ҲАМГИРОИИ СУБЪЕКТҲОИ ҶАРАЁНИ ИННОВАТСИОНИИ СИСТЕМАИ САНОАТИИ МИНТАҚАҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар мақола механизмҳои ҳамгироии субъектҳои раванди инноватсионии системаи саноатии минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷористон дида баромада шудааст. Муаллиф чунин мешуморад, ки усули фароҳам овардани афзалиятҳои рақобатӣ барои субъектҳои низоми истеҳсолӣ аз усули анъанавӣ, ки таҳияи маҳсулоти нав ва технологияҳои истеҳсолотро бо кӯшиши корхонаҳо ва воҳидҳои сохтории онҳо дар бар мегирад, ба таври назаррас фарқ мекунад. Дар шароити муосир модели мавҷудаи рушди рақобат ба шиддатнокии ҳамкории бисёр иштирокчиёни гуногуни таҳия, эҷод ва тиҷоратикунонии навоваріҳо асос ёфтааст, ки ҷустуҷӯи шаклҳо ва самтҳои тақвияти онро талаб мекунад. Ин далел ба рушди шаклҳои ҳамгироии субъектҳои системаи истеҳсолӣ таъсири назаррас хоҳад расонид. Муаллиф сохторҳо ва иштирокчиёни ташаккули арзиши истеҳсоли маҳсулоти саноатии субъектҳои низоми саноатӣ, инчунин корхонаҳои асосии соҳаи хизматрасонии инноватсионӣ ва иттилоотиро, ки ба субъектҳои системаи саноатӣ дар шакли аутсорсинг хидмат мерасонанд, баррасӣ кардааст. Системаи нишондиҳандаҳои баҳодиҳии имкониятҳои ташаккули кластер тартиб дода шудааст.

Калидвожаҳо: иқтисодиёт, минтақа, иқтисодиёти минтақавӣ, ҳамгироӣ, корхона, саноат, навоварӣ, раванд, рушд, ташаккул, истеҳсол, коркард, воридот, содирот.

МЕХАНИЗМЫ ИНТЕГРАЦИИ СУБЪЕКТОВ ИННОВАЦИОННОГО ПРОЦЕССА ПРОМЫШЛЕННОЙ СИСТЕМЫ РЕГИОНОВ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

В статье рассматриваются механизмы интеграции субъектов инновационного процесса промышленной системы регионов РТ. Автор считает, что метод создания конкурентных преимуществ субъектов производственной системы существенно отличается от традиционного метода, который предполагает разработку новой продукции и технологий производства силами предприятий и их структурных подразделений. В современных условиях сложившаяся модель конкурентного развития основана на интенсивности сотрудничества между множеством различных участников разработки, создания и коммерциализации инноваций, что требует поиска форм и направлений для его усиления. Этот факт оказал существенное влияние на развитие форм интеграции субъектов производственной системы. Автором была рассмотрена структура участников формирования себестоимости производства промышленной продукции субъектов промышленной системы, а также основных предприятий сферы инновационо-информационных услуг, оказывающей услуги субъектам промышленной системы в форме аутсорсинга. Составлена система индикаторов оценки возможностей формирования кластеров.

Ключевые слова: экономика, регион, региональная экономика, интеграция, предприятия, промышленность, инновация, процесс, развитие, формирование, производство, переработка, импорт, экспорт.

MECHANISMS OF INTEGRATION OF SUBJECTS OF INNOVATIVE PROCESS OF THE INDUSTRIAL SYSTEM OF THE REGIONS OF REPUBLIC OF TATARSTAN

The article discusses the mechanisms of integration of the subjects of the innovation process of the industrial system of the regions of the Republic of Tatarstan. The author believes that the method of creating competitive advantages for the subjects of the production system differs significantly from the traditional method, which involves the development of new products and production technologies by the efforts of enterprises and their structural units. In modern conditions, the existing model of competitive development is based on the intensity of cooperation between many different participants in the development, creation and commercialization of innovations, which requires a search for forms and directions for its strengthening. This fact had a significant impact on the development of forms of integration of the subjects of the production system. The author considered the structures and participants in the formation of the production cost of industrial products of the subjects of the industrial system, as well as the main enterprises in the sphere of innovative and information services that provide services to the subjects of the industrial system in the form of a subcontract (outsourcing). A system of indicators for assessing the possibilities of cluster formation has been compiled.

Keywords: economy, region, regional economy, integration, enterprises, industry, innovation, process, development, formation, production, processing, import, export.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Муборакшо Назримад*** - Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, унвонҷӯи кафедраи назарияи иқтисод. **Суроға**: 734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14. E-mail: **m_a_84-84@mail.ru**. Телефон: **(+992) 918-80-85-95**

Сведения об авторе: ***Мубораки Назримад*** **–** Таджикский государственный финансово-экономический университет, соискатель кафедры экономической теории. **Адрес**: 734055, Республика Таджикистан. г. Душанбе, улица Нахимова 64/14. E-mail: **m_a_84-84@mail.ru**. Телефон: **(+992) 918-80-85-95**

Information about the author: ***Muboraki Nazrimad*** - Tajik State University of Finance and Economics, applicant for the Department of Economic Theory. **Address**: 734055, Republic of Tajikistan. Dushanbe, Nakhimov street 64/14. E-mail: **m_a_84-84@mail.ru**. Phone: **(+992) 918-80-85-95**

УДК. 336.0

ТАҶРИБАИ ҶАҲОНИИ ТАШАККУЛЁБӢ ВА РУШДИ САРМОЯГУЗОРИИ МУСТАҚИМИ ХОРИҶӢ

Содиқов М.С., Сафаров А.А.
Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Дар шароити рушди муносибатҳои молиявӣ ва илму техника татбиқи сиёсати самарабахши сармоягузорӣ, ки омили муҳимтарини тараққиёти фаъолияти хоҷагидории кишвар арзёбӣ гашта, ба ҳавасмандгардонии рушди бахши воқеии иқтисодиёт равона шудааст, дар низоми иқтисодиёти давлатҳои мухталиф мавқеи махсусро иҷро менамояд. Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, КИ ҷалби сармояи хориҷӣ метавонад ба тақсимоти самараноки захираҳо мусоидат намояд ва барои таъмини рушди босуботи иқтисодӣ ва баланд бардоштани сифати ҳаёти шаҳрвандону иштирокчиёни бозор такони ҷиддӣ бахшад.

Чи тавре ба мо маълум аст, аксарияти кишварҳои ИДМ барои сармоягузорони хориҷӣ захираҳои хеле ҷолиб доранд. Ин потенсиал бо мавҷудияти захираҳои бойи табиӣ, қувваи корӣ нисбатан арзон ва сатҳи маълумотнокӣ, ҷойгиршавии хуби ҷуғрофӣ ва бозорҳои миқёси калон муайян карда мешавад [8,с.27]. Соҳаҳои асосии ҷолиб барои сармоягузории хориҷӣ дар давлатҳои ИДМ дар ҷадвали 1 оварда шудааст.

Ҷадвали 1. Самтҳои афзалиятнок барои сармоягузорӣ дар давлатҳои ИДМ [8,с.33]
Table 1. Priorities for investment in the CIS countries

Мамлакат	Самтҳои асосии сармоягузории хориҷӣ
Арманистон	Истеҳсол ва тақсимоти қувваи барқ, газ, оби гарм ва буғ, алоқа, истихроҷи маъдан, нақлиёт ва амалиёт бо амволи ғайриманқул.
Озербойҷон	Саноати нафт.
Беларусия	Савдо (таъмири мошин, ашёи рӯзгор), нақлиёт, саноати коркард.
Казоқистон	Саноати нафту газ, истихроҷи маъдан ва коркарди маъданҳо, саноати коркард.
Қирғизистон	Саноати коркард, савдо, фаъолияти молиявӣ, амалиёти амволи ғайриманқул.
Молдовия	Миёнаравии молиявӣ, саноати коркард, савдои яклухт ва чакана.
Россия	Саноат, савдои яклухт ва чакана, фаъолияти молиявӣ.
Тоҷикистон	Коркарди конҳо, истихроҷи металлҳои қиматбаҳо ва нимқиматбаҳо, металлургияи ранга, истеҳсол ва фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ, маҳсулот, истеҳсоли маҳсулоти саноати сабук.
Узбекистон	Нақлиёт ва алоқа, саноати сабук ва сӯзишворӣ

Аз ҷадвали 1 бармеояд, ки давлатҳои ИДМ барои ҷалби сармояи хориҷӣ тамоми захираҳоро доро буда, бештар захираҳои берунаро ба самтҳои афзалиятноки рушди иқтисодиёти миллӣ сафарбар менамоянд.

Бояд қайд кард, ки ҳамаи давлатҳои ИДМ аз миёнаи солҳои 90-ум сиёсати фаъолро дар самти ҷалби сармоягузории хориҷӣ оғоз карда, онро ҳамчун омили муҳимтарини рушди ҷараёнҳои интегратсионӣ ва ташаккулёбии муносибатҳои тиҷоративу иқтисоди эътироф кардаанд. Дар ҳамаи кишварҳои пасошӯравӣ дар бораи сармоягузориҳои хориҷӣ қонун қабул карда шуд, ки кафолати моликияти сармоягузоронро таъмин мекард. Аз тарафи дигар, ин давлатҳо захираҳои калони табиӣ ва сарчашмаҳои зиёд дар ихтиёр доштанд, ки барои ҷалби сармояи хориҷӣ фазои мусоидаткунанда маҳсуб меёфтанд.

Тибқи арзёбии Кумитаи байнидавлатии иқтисодии Иттиҳоди иқтисодии ИДМ, иқтидори саноатии кишварҳои ИДМ тақрибан 10%-и ҷаҳонро ташкил медиҳад, намудҳои асосии захираҳои табиӣ беш аз 25% буда, иқтидори содиротӣ ҳамагӣ 4,5%-ро ташкил медиҳад. Ҳамаи ин аз он шаҳодат медиҳад, ки, дар маҷмӯъ, потенсиали ҳамгироии иқтисодии ИДМ самарабахш истифода намешавад [5,с.105].

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки мамлакатҳои дорои ашёи хомбуда, барои ширкатҳои хориҷӣ бештар ҷолиб мебошанд. Дар Озарбойҷон зиёда аз 85% сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ ба саноати нафт равона карда шуда буданд. Дар муқоиса ба

Озарбойҷон ва Қазоқистон, дар Россия чунин тамаркузи сармоягузориҳои хориҷии саноати сӯзишворӣ мушоҳида нашудааст. Самтҳои асосӣ дар ин ҷо саноат мебошанд (дар солҳои охир тақрибан нисфи сармоягузориҳои хориҷӣ), савдои яклухт ва чакана ва фаъолияти молиявӣ ба ҳисоб меравад. Дар Ҷумҳурии Беларус сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ ба савдо (таъмири мошин, ашёи рӯзгор), нақлиёт ва саноати коркард сармоягузорӣ карда шудаанд.

Умуман, дар ҳама кишварҳои ИДМ равандҳои устуворнокӣ асосан ба манбаъҳои берунаи қарзӣ ва сармоягузорӣ нигаронида шудаанд. Қисми зиёди ин манбаъҳо барои рушди муносибатҳои бозоргонӣ, дастгирии ислоҳоти иқтисодӣ, устувор нигоҳ доштани асъори миллӣ, рақобатпазирии бозори миллӣ ва кумаки техникӣ истифода мешаванд.

Аз нуқтаи назари тадқиқоти мо зарурияти муайян намудани рейтинги давлатҳое, ки аз рӯи ҷалби сармоягузории хориҷӣ дар зинаҳои гуногун қарор доранд, ба миён меояд. Таҳлилҳо аз рӯи манбаи маълумоти Бонки умумиҷаҳонӣ (World Development Indicators) дар бораи ҳаҷми сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ ба кишварҳои алоҳида мавриди омӯзиш қарор дода шуд.

Дар ҷадвали рейтингӣ рӯйхати иқтисодиёт бо ҳисоби номиналӣ бо доллари ИМА бо нархҳои ҷорӣ (бе назардошти таваррум) дар назар гирифта шудааст. Қимати манфии сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ дар баъзе кишварҳо маънои онро дорад, ки содироти сармоягузориҳо аз воридоти онҳо бештар аст ё содироти сармоя аз воридшавии онҳо ба иқтисодиёт зиёдтар мебошад. Маълумот дар соли 2019 пешниҳод шудааст. Рейтинги давлатҳо аз рӯи сатҳи ҷалби сармоягузории мустақими хориҷӣ дар ҷадвали 2 оварда шудааст.

Ҷадвали 2. Рейтинги давлатҳо аз рӯйи ҷалби сармоягузории мустақими хориҷӣ [11]
Table 2. Rating of countries on attraction of foreign direct investment

РЕЙТИНГ	ИҚТИСОДИЁТ	ҲАҶМИ СМХ ($ МЛН)
1	ИМА	258,390,000,000
2	Чин	203,492,014,029
3	Олмон	105,277,588,652
4	Бразилия	88,324,149,805
5	Гонконг	86,462,759,029
6	Сингапур	82,039,577,168
10	Британияи Кабир	58,650,667,046
31	Россия	8,784,850,000
65	Туркманистон	1,985,147,000
73	Белорусия	1,474,900,000
75	Озербойҷон	1,402,998,000
103	Узбекистон	624,293,458
129	Арманистон	254,146,164
131	Молдовия	231,960,000
133	Тоҷикистон	220,862,232
134	Қазоқистон	208,064,585
140	Афғонистон	139,200,000
161	Қирғизистон	46,599,800

Бояд қайд кард, ки рейтинги мазкур байни 201 давлат аз рӯи ҷалби сармоягузории мустақими хориҷӣ мавриди таҳлил қарор дода шуд. Чи тавре аз ҷадвали 2 бармеояд Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2018 дар сархати 133 қарор дошта, аз баъзе давлатҳои Осиёи Марказӣ ва давлатҳои пасошӯравӣ аз рӯи нишондиҳандаи мазкур рейтинги баландтарро доро мебошад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар соли 2019 Иёлоти Муттаҳидаи Амрико барои сармоягузорони хориҷӣ ҷолибтарин кишвар ба ҳисоб мерафт. Дар ҷои дуюм Чин қарор дорад. Воридоти сармоягузории мустақими хориҷӣ дар Россия ду баробар ва дар кишварҳои Иттиҳоди Аврупо бошад 15% кам шуд.

Тибқи маълумоти коршиносони UNCTAD, соли гузашта ҳаҷми ҷаҳонии сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ (СМХ) каме коҳиш ёфтааст. Сармоягузории мустақими хориҷӣ аз 1.41 миллиард доллар дар соли 2018 то 1.39 миллиард дар соли 2019 коҳиш ёфтааст. Сатҳи воридшавӣ ба кишварҳои саноатӣ бошад, 6% коҳиш ёфта, кишварҳои рушдкунанда бетағйир монданд. Ҳаҷми воридоти сармояи мустақими хориҷӣ ба Амрикои Шимолӣ дар муқоиса бо соли гузашта 298 миллиард долларро ташкил дод. Аммо, дар маҷмӯъ, сармоягузории мустақими хориҷӣ дар кишварҳои пешрафта 6% кам шуда, 643 миллиард долларро ташкил додааст, ки ин танҳо нисфи миқдори рекордии соли 2007 аст. Коршиносони UNCTAD қайд карданд, ки ҷараёни сармоягузории мустақими хориҷӣ ба кишварҳои рӯ ба тараққӣ дар соли 2019 дар ҳамон сатҳ қарор дошта, 695

миллиард долларро ташкил дод, ки мисли солҳои қаблӣ нисфи сармоягузориҳои мустақими ҷаҳонии ҷаҳонро ташкил медиҳад [10].

Дар шароити рушди ҷаҳонишавӣ бозори муосири ҷаҳонии сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ ҳамчун як ҷузъи мушаххаси бозори байналмилалии сармоя ба ҳисоб рафта, барои сармоягузороне, ки имкони интихоби кишвар доранд, бозори рақобатпазир боқӣ мемонад. Дар навбати худ, кишварҳои ҷалбкунандаи сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ маҷбуранд, ки барои иштироки онҳо ба иқтисодиёти худ рақобати шадидро ба вуҷуд оранд.

Дар кишварҳои пешрафта, ки дар он ҷо низоми сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ хеле озодтаранд, барои боз ҳам ҷолибтар кардани он, тағйирот ворид карда шуда, барои безараргардонӣ ва осон кардани дастрасии сармоягузорони хориҷӣ ба бозорҳое, ки қаблан маҳдуд буданд, монанди қувваи барқ, газ, бонкдорӣ имтиёз дода шуд. Ҳамин тавр, соли 1999 дар ИМА қонуни Voice-Steagall аз соли 1933 таҷдид карда шуд, ки дар он як қатор мамнуиятҳо ба бонкҳои америкоӣ оид ба ҳамоҳанг кардани самтҳои фаъолияти онҳо мавҷуд буд [8,с.41].

Дар баробари ин қайд кардан зарур аст, ки дар баъзе давлатҳои тараққикарда бинобар сабаби ҳифзи манфиатҳои миллӣ барои сармоягузорон баъзе маҳдудиятҳо низ вуҷуд дорад. Дар Ҷопон ҳуқуқи фаъолият дар соҳаҳои истихроҷ, аз ҷумла сармоягузорӣ барои рушди онҳо, танҳо ба резидентҳо дода мешаванд ва ин, ҳам ба шахсони воқеӣ ва ҳам шахсони ҳуқуқӣ, дахл дорад. Дар Австралия бошад, санҷиши мутобиқати манфиатҳои миллӣ барои лоиҳаҳои нави сармоягузорӣ дар соҳаи истихроҷ ё коркарди ашёи хом дорои сармоягузории 10 миллион доллар ё бештар муқаррар карда шудааст.

Дар Швейтсария танҳо шаҳрвандони Швейтсария барои сохтани неругоҳҳои атомӣ, инчунин, имтиёзҳо барои истифодаи гидроэнергетика, сохтмон ва истифодаи қубурҳо иҷозат дода мешаванд. Дар Италия, ҳуқуқи ҷустуҷӯ ва коркарди конҳо дар соҳаҳои нафту газ ба операторони Италия ва дигар кишварҳои Иттиҳоди Аврупо, инчунин, аз кишварҳои узви иттиҳод набуда, вале бо назардошти мутақобила дода мешавад. Маҳдудиятҳои дигар низ мавҷуданд, аммо онҳо тамоюли умумии либерализатсияро тағйир намедиҳанд [7,с.79].

Дар баробари ин барои ҷалби сармояи хориҷӣ дар бисёри давлатҳо имтиёзҳои зиёд муҳайё шудааст. Дар ҳар як штати Австралия як бюро барои ҷалби сармояи хориҷӣ вуҷуд дорад (баъзан филиалҳо дар хориҷа), ки ҳуқуқи пешниҳоди имтиёзҳо ба сармоягузорони хориҷӣ, аз ҷумла тахфиф дар иҷора ва хариди замин, пардохт барои неруи барқ ва обро доранд ва, инчунин, додани қарзи имтиёзнок ва мусоидати молиявӣ низ дида мешавад. Дар баъзе ҳолатҳо низомҳои ҳавасмандкунии сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ таҷдид карда шуда, ҳавасмандкунии иловагӣ, аз ҷумла андоз, мусоидат барои сармоягузорӣ ба соҳаҳои афзалиятнок ва фаъолиятҳо, ҷорӣ карда шуд. Дар ин ҷо сухан дар бораи бахшҳои нафту маъдан, энергетика, телекоммуникатсия, нақлиёт, бонкдорӣ, суғурта ва дорусозӣ баробар меравад.

Ҳукумати Ҳиндустон дар 40 соҳаи афзалиятнок, монанди сохтмони автомобил, истеҳсоли нуриҳои минералӣ ва таҷҳизоти энергетикӣ, 51% иштироки сармоягузорони хориҷиро дар сармоя иҷозат медиҳад. Диққати махсус ба дастгирӣ намудани соҳаи саноати технологияи баланд, монанди таъминоти барномасозӣ, ки Ҳиндустон дар ҷаҳон дар ҷои аввал қарор дорад, зоҳир карда мешавад. Давлат марказҳои технологияи муосирро таъсис ва таҳия намуда, маҳдудиятҳоро барои воридоти маҳсулоти нимтайёр барои истеҳсоли технологияҳои барномавӣ барои содирот бардошт. Инчунин, минтақаи махсуси коркарди моли содиротӣ, аз ҷумла маҳсулоти барномавиро таъсис дод [3,с.44].

Дар Чин ҷалби сармоягузориҳои калони хориҷӣ ба соҳаҳои бузург, ба монанди сохтмони неругоҳҳои барқӣ-обӣ, ба роҳ монда мешавад. Сармоягузорони хориҷие, ки марказҳои миллии табиӣ ва, инчунин, ташкилотҳои байналмилалии молиявӣ, аз ҷумла Бонки Осиёи Рушд мебошад, бо кафолати давлатӣ оид ба таҳвили сӯзишворӣ барои неругоҳҳои сохташаванда, хариди неруи барқе, ки онҳо истеҳсол мекунанд, таъмин карда мешаванд.

Дар Венгрия, 50% имтиёзҳои андоз аз даромад ба сармоягузорӣ дар истеҳсолот ва маҷмааи меҳмонхонаҳо ҳадди ақал 1 миллиард форинт (4,3 миллион доллар) дода мешавад. Ҳамин тавр, дар баробари истеҳсолот туризм низ соҳаи афзалиятнок барои ҷалб намудани сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ дар Маҷористон мебошад, ки ба ихтисоси кишвар дар тақсимоти байналмилалии меҳнат комилан мувофиқат мекунад [3,с.44]. Махсусияти сиёсати иқтисодии кишварҳои дорои иқтисодиёти пешбарандаи ҷаҳон дар ҷадвали 3 оварда мешавад.

Ҷадвали 3. Махсусияти ҷалби сармоягузории мустақими хориҷӣ дар баъзе кишварҳои хориҷӣ [2,с.349; 6,с.119; 1]

Table 3. Peculiarities of attracting foreign direct investment in some foreign countries

Модел	Муқарраротҳои асосӣ
Чин	- андешидани тадбирҳои имтиёзнок ҷиҳати ҳавасмандгардонии фаъолияти иқтисодии хориҷӣ - ташкили минтақаҳои махсуси иқтисодӣ (МОИ) - дар минтақаи озоди иқтисодии низоми имтиёзнок барои пешбурди тиҷорат ва рушди саноатҳои истеҳсолии меҳнатталаб; - ташкили корхонаҳои муштарак (ҳиссаи сармоягузорони хориҷӣ на камтар аз 25% сармояи оинномавӣ) ҷорӣ намудани таҷриба ва технологияҳои хориҷӣ.
Амрико	- дастгирии бахшҳои афзалиятнок ба манфиати давлат (хизматрасонӣ (54%), истеҳсолот (39%); - пешниҳоди имконияти сармоягузории хориҷӣ ба як қатор соҳаҳо (фаъолияти бонкӣ ва мубодилавӣ, истихроҷи бойгарии табиӣ ва ғайра) бо муқаррар намудани низоми шабеҳ дар кишвари сармоягузор ва таъмин кардани манфиатҳои иқтисодӣ барои ИМА, инчунин, КИТ; - гирифтани имтиёзҳои мустақим (андоз аз фоида аз 15 то 35%); -таъсиси минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар давлатҳое, ки ба баҳр ё уқёнус дастрасӣ доранд, инчунин, комплексҳои азими саноатӣ; - ҳуқуқи ягона барои сармоягузорони хориҷиву ватанӣ.
Британияи Кабир Фаронса Ҷопон Олмон	- танзим (дастгирӣ ё маҳдуд кардан)-и ҳаҷми умумии сармоягузорӣ (ин усули асосии идоракунии раванди сармоягузорие мебошад, ки тавассути сиёсати фоизи қарзҳо, сиёсати пулӣ, андозситонӣ ва истеҳлок гузаронида мешавад); - ҳавасмандгардонии интихобии сармоягузорӣ дар баъзе корхонаҳо, соҳаҳо ва соҳаҳои фаъолият тавассути имтиёзҳои кредитӣ ва андозӣ, масалан, тавассути қарзи сармоягузорӣ; - дахолати мустақими маъмурӣ ба раванди сармоягузорӣ бо мақсади ворид шудан ё баровардани иқтидорҳои муайяни истеҳсолӣ тавассути ҳамоҳангсозии нақшаҳо ва амали корпоратсияҳои бузург.
Россия	- татбиқи лоиҳаҳои соҳаи иҷтимоӣ ва инфрасохтори мавҷуда; - таҳияи нақшаи муносиби хароҷоти давлатӣ, ки барои барномаҳои мақсаднок пешбинӣ шудаанд; - ҳуқуқҳои сармоягузороне, ки маблағҳоро аз фоидаи худ ҷудо мекунанд, бояд васеъ карда шаванд; - сармоягузории давлатӣ бояд аҳамияти назаррас дошта бошанд; - кам кардани муҳлати бозгардонидани маблағ ва ба ин васила даромаднокии ин сармоягузориҳоро афзоиш додан.

Аз ҷадвали 3 бармеояд, ки давлатҳои тараққикарда бештар ба воситаи андешидани тадбирҳои имтиёзнок ҷиҳати ҳавасмандгардонии фаъолияти иқтисодии хориҷӣ, дастгирии бахшҳои афзалиятнок ва, инчунин, тавассути имтиёзҳои кредитӣ ва андозӣ сиёсати ҷалби сармоягузории хешро татбиқ менамоянд.

Дар сохтори саноатии сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ дар Чин ва Иёлоти Муттаҳида шабоҳати муайян ба назар мерасанд. Саноати коркард дар ин кишварҳо саҳми назаррас дошта, соҳаҳои бонкдорӣ, молия, амволи ғайриманқул, савдои яклухт ва чакана соҳаи сердаромад ба ҳисоб мераванд. Бо вуҷуди эҳтиёткорона дар пешбурди сиёсати ҷалби сармояи хориҷӣ аз ҳукуматҳои Чин ва Иёлоти Муттаҳидаи Амрико вазъият нишон медиҳад, ки ҳоло шароити махсус барои ҳавасмандгардонии сармоягузорони хориҷӣ на танҳо бо ёрии василаҳои васеи андоз, балки дар шакли имкони ба даст овардани фоидаи зиёд низ фароҳам оварда мешавад [2,с.349].

Сиёсати иқтисодии Фаронса, Ҷопон, Британияи Кабир ва Олмон дар самти ҷалби сармоягузории хориҷӣ дар аксарияти ҳолатҳо қариб як хел мушоҳида мешавад. Сиёсати сармоягузории Россия бошад, дар марҳилаи кунунӣ сармоягузории мустақими хусусиро талаб мекунад ва ин бояд на танҳо сармоягузориҳои асосӣ, балки сармоягузории оқилона бошад.

Моҳияти онҳо дар он аст, ки сармоягузорӣ бо воситаҳои низоми молиявӣ сурат намегирад, аммо интиқоли технология бошад, мустақиман ба вуҷуд оварда мешавад ва ҷойҳои нави корӣ инноватсионӣ бо истифодаи технологияи баланд, ки хуб пардохт карда мешаванд, ташкил карда мешавад [6,с.119].

Ҳамин тавр, дар кишварҳои хориҷӣ, аз ҷумла дар Россия, равандҳои ҷории сармоягузорӣ дар ҷаҳон ба сиёсати татбиқшаванда ва дастгирии ҳуқуқии он таъсири сахт доранд. Ин як аломати шабеҳ дар танзими фаъолияти сармоягузорӣ дар Россия ва кишварҳои хориҷӣ мебошад [1].

Дар марҳилаи мазкури тадқиқот ба хулосае омадан мумкин аст, ки таҳлили заминаи ҳуқуқии танзими сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ ва низоми ҳавасмандгардонӣ бинобар сабаби ҷалби сармоягузорони хориҷӣ аз ҷониби қонунгузории давлатҳои гуногун пешниҳод шудааст. Имрӯз дар кишварҳои гуногун заминаи зарурии ҳуқуқии фаъолияти иқтисодии сармоягузорони хориҷӣ вуҷуд дошта, низоми ҳавасмангардонӣ ва либералӣ таҳия шудааст, аммо танҳо таҳияву истифода бурдани санадҳои ҳуқуқӣ чи тавре ки таҷриба нишон медиҳад, барои рушди сармоягузорӣ нокифоя мебошад.

Таҳлили таҷрибаи кишварҳои мазкур дар соҳаи танзими қонунгузории сармоягузорӣ як далели муҳимро исбот мекунад. Дар ин кишварҳо, пеш аз ҳама, дар Британиёи Кабир, Белгия, Ҳолланд, Италия, Олмон ва ғайра қонунҳои махсуси танзимкунандаи ҷалби сармояҳои хориҷӣ вуҷуд надоранд. Бо вуҷуди ин қонунҳои қариб ҳамаи ин кишварҳо муқаррароти дахлдорро дар бораи ҷалби сармояи хориҷӣ дар дигар соҳаҳо ва бахшҳои иқтисодиёт доро мебошанд [4,с.17].

Ҳамин тавр, дар асоси таҳлили фаъолияти хоҷагидории давлатҳои хориҷӣ ва таҳқиқоти илмии иқтисодшиносони мухталиф дарк кардан зарур аст, ки таъсири мусбати сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ дар иқтисоди кишвар метавонад афзоиши ҳаҷми истеҳсоли мол, афзоиши ММД, ташаккули арзиши иловашуда, такмили низоми андоз ва вусъати шуғли пурмаҳсулро таъмин намояд. Мо дар тадқиқоти худ кӯшиш кардем, ки таҷрибаи давлатҳои мазкурро омӯхта, вариантҳои имконпазири дар кишварамон мувофиқат кунанда ва татбиқи онҳоро дар Тоҷикистон ба исбот расонем. Албатта, дуруст дарк кардан лозим аст, ки фақат омӯзиши таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ дар самти ҷалби сармояи хориҷӣ ва татбиқи вариантҳои имконпазир барои кишвари мо ва барои аз модели истеъмолӣ ба модели сармоягузорӣ қадам задан маҳдуд намешавад. Маҷмӯи хулосаҳои дар асоси таҷрибаи ҷаҳонӣ бароварда шударо пурра татбиқ кардан бисёр мушкил аст. Аммо, бо итминони комил гуфта метавонем, ки таҳқиқоти мазкур дар таҳияи ақидаҳо ва идеяҳои нави ҷалби сармоягузорӣ муфид мебошад.

АДАБИЁТ

1. Багаева А.А. Инвестиционная модель зарубежных стран: возможность правопреемственности для России / А.А. Багаева. [Электронный ресурс]. https://www.elibrary.ru/ (дата обращения 29.05.2020).
2. Болодурина М.П. Международный опыт привлечения ПИИ и возможности его адабтации для Российской экономики / М.П. Болодурина, А.И. Мишурова // Сборник научных трудов по материалам III Международной научно-практической конференции. -Перм 2017. -С. 349.
3. Бродский И.Б. Анализ и оценка эффективности привлечения прямых иностранных инвестиций в экономику России: диссер. к.э.н. 08.00.05 / И.Б. Бродский. –М., 2009. -171 с.
4. Караханян К.А. Основные проблемы привлечения инвестиций в Республике Армения: автореф. дис. канд. экон. наук / К.А. Караханян. -Ереван, 2010. – 26 с.
5. Кокушкина И.В. Прямые иностранные инвестиции в странах СНГ / И.В. Кокушкина // Вестник СПбГУ. -Сер.5. -Вып.4. -С.105.
6. Павлив А.И. Политика инвестиционных возможностей на современном этапе развития экономики России / А.И. Павлив // Научный вестник: финансы, банки, инвестиции. –Керчь, 2016. -№3(36). -С. 119.
7. Портер Майкл. Конкуренция. -Санкт-Петербург, Москва, Киев: Издательский Дом «Вильямс»., 2002. -С.197.
8. Саркисян Р.А. Роль прямых иностранных инвестиций в экономике Республике Армения: диссер.к.э.н. 08.00.14 / Р.А. Саркисян. -М., 2018. -С.174.
9. Ураков Д.У. Проблемы усиления инвестиционной политики в промышленности Таджикистана / Д.У. Ураков, К.Х. Барфиев // Известия Иссык-Кульского форума бухгалтеров и аудиторов стран Центральной Азии. -2015. -№2-1(9). -С.334-340.
10. [Электронный ресурс.] URL: https://news.un.org/ru/story/2020/01/1371121. (lfnf j,hfotybz 27.05.2020)
11. The World Bank: Foreign Direct Investment. - 2019. https://gtmarket.ru/research/foreign-10. [Электронный ресурс]. URL: direct-investment-index/info (lfnf j,hfotybz 27.05.2020).

ТАҶРИБАИ ҶАҲОНИИ ТАШАККУЛЁБӢ ВА РУШДИ САРМОЯГУЗОРИИ МУСТАҚИМИ ХОРИҶӢ

Дар мақола масъалаҳои ташаккулёбӣ ва рушди сармоягузории мустақими хориҷӣ дар давлатҳои хориҷӣ баррасӣ мешавад. Махсусияти воридоти сармояи мустақими хориҷӣ дар давлатҳои хориҷӣ, пеш аз ҳама, дар давлатҳои ИДМ таҳлил мегардад. Қайд карда мешавад, ки дар шароити рушди муносибатҳои молиявӣ сармоягузории мустақими хориҷӣ дар ҳамаи давлатҳои дунё ба як манбаи иловагӣ ва қувваи пешбарандаи рушди иқтисодиёти миллӣ мубаддал гаштааст. Таҳқиқот нишон дод, ки ҷалби сармояи хориҷӣ дар кишварҳои хориҷӣ, бахусус дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, на танҳо барои рушди иқтисодӣ, балки ба ҳамгироии иқтисодӣ ва рушди муносибатҳои иқтисодӣ мусоидат мекунад. Инчунин, дар мақола хусусиятҳои ҷалби сармояи мустақими хориҷӣ, ки истифодаи он дар шароити Тоҷикистон имконпазир аст, баррасӣ шуда, самтҳои афзалиятноки рушди фаъолияти иқтисодӣ дар ҷалби сармояи мустақими хориҷӣ муайян карда шудаанд. Қайд карда мешавад, ки ҷалби сармояи хориҷӣ метавонад ба тақсимоти самараноки захираҳо мусоидат намуда, ба рушди устувори иқтисодӣ ва баланд бардоштани сифати зиндагии аҳолии кишвар такони ҷиддӣ бахшад. Ба ташаккули самтҳои афзалиятноки ҷалби сармояи мустақими хориҷӣ ба кишварҳои шарики рушд низ диққати махсус дода мешавад.

Калидвожаҳо: сармоягузории мустақими хориҷӣ, ҳамкориҳои иқтисодӣ, ҷаҳонишавӣ, фазои мусоиди сармоягузорӣ, сармоягузории хориҷӣ, ҳамгироии иқтисодӣ, фаъолияти иқтисоди хориҷӣ, муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ, маблағгузорӣ ва созмонҳои байналмилалии иқтисодӣ.

МИРОВОЙ ОПЫТ ФОРМИРОВАНИЯ И РАЗВИТИЯ ПРЯМЫХ ИНОСТРАННЫХ ИНВЕСТИЦИЙ

В статье рассматриваются вопросы формирования и развития прямых иностранных инвестиций в зарубежных странах. Анализируются особенности притока прямых иностранных инвестиций в зарубежные страны, прежде всего в страны СНГ. Отмечается, что в контексте развития финансовых отношений прямые иностранные инвестиции во всех странах мира стали дополнительным источником и движущей силой развития национальной экономики. Исследование показало, что привлечение иностранных инвестиций в зарубежные страны, и особенно в Республику Таджикистан, способствует не только экономическому развитию, но и экономической интеграции и развитию экономических отношений. В статье также рассмотрены особенности привлечения прямых иностранных инвестиций, использование которых является возможным вариантом в контексте Таджикистана и определены приоритетные направления развития экономической деятельности в области привлечения прямых иностранных инвестиций. Отмечается, что привлечение иностранного капитала может способствовать эффективному распределению ресурсов и дать серьезный импульс устойчивому экономическому развитию и повышению качества жизни населения страны. Особое внимание будет уделено формированию приоритетных направлений привлечения прямых иностранных инвестиций в страны-партнеры по развитию.

Ключевые слова: прямые иностранные инвестиции, экономическое сотрудничество, глобализация, благоприятный инвестиционный климат, иностранные инвестиции, экономическая интеграция, внешнеэкономическая деятельность, международные экономические отношения, финансирование и международные экономические организации.

WORLD EXPERIENCE IN THE FORMATION AND DEVELOPMENT OF FOREIGN DIRECT INVESTMENT

The article deals with the formation and development of foreign direct investment in foreign countries. The article analyzes the features of the inflow of foreign direct investment to foreign countries, primarily to the CIS countries. It is noted that in the context of the development of financial relations, foreign direct investment in all countries of the world has become an additional source and driving force for the development of the national economy. The study showed that attracting foreign investment to foreign countries, and especially to the Republic of Tajikistan, contributes not only to economic development, but also to economic integration and the development of economic relations. The article also discusses the features of attracting foreign direct investment, the use of which is a possible option in the context of Tajikistan, and identifies priority areas for the development of economic activity in attracting foreign direct investment. It is noted that attracting foreign capital can contribute to the efficient allocation of resources and give a serious impetus to sustainable economic development and improve the quality of life of the country's population. Particular attention will be paid to the formation of priority areas for attracting foreign direct investment in development partner countries.

Keywords: foreign direct investment, economic cooperation, globalization, favorable investment climate, foreign investment, economic integration, foreign economic activity, international economic relations, financing and international economic organizations.

Маълумот дар бораи муаллифон: ***Содиқов Метархон Соқибекович*** - Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент. **Суроға:** 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯчаи Нахимов, 64/14. E-mail: **metar76@mail.ru.** Телефон: **(+992) 935-08-40-76**
Сафаров Абдумалик Абдусатторович – Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, ассистенти кафедраи менеҷмент. **Суроға:** 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯчаи Нахимов, 64/14. E-mail: **abdumalik_198605@mail.ru.** Телефон: **(+992) 985-98-50-05**

Сведения об авторах: ***Содиков Метархон Сокибекович*** **–** Таджикский государственный финансово-экономический университет, кандидат экономических наук, доцент. **Адрес:** 734067, Республика Таджикистан, г.Душанбе, улица Нахимова 64/14. E-mail: **metar76@mail.ru.** Телефон: **(+992) 935-08-40-76**
Сафаров Абдумалик Абдусатторович **–** Таджикский государственный финансово-экономический университет, ассистент кафедры менеджмента. **Адрес:** 734067, Республика Таджикистан, г.Душанбе, улица Нахимова 64/14. E-mail: **abdumalik_198605@mail.ru.** Телефон: **(+992) 985-98-50-05**

Information about the authors: ***Sodikov Metarkhon Sokibekovich*** - Tajik State University of Finance and Economics, candidate of economic sciences, associate professor. **Address**: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 64/14 Nakhimov street. E-mail: **metar76@mail.ru.** Phone: **(+992) 935-08-40-76**
Safarov Abdumalik Abdusattorovich - Tajik State Financial and Economic University, Assistant of the Department of Management. **Address**: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 64/14 Nakhimov street. E-mail: **abdumalik_198605@mail.ru**. Phone: **(+992) 985-98-50-05**

УДК: 338, ББК:65.301

МАВҚЕИ САНОАТИ ХӮРОКВОРИИ ВИЛОЯТИ СУҒД ДАР АМАЛИШАВИИ ҲАДАФИ САНОАТИКУНОНИИ БОСУРЪАТ

Солиев Ҳ.А.
Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон

Саноатикунонии босуръат яке аз ҳадафҳои стратегии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, имрӯз дар марҳалаи амалишавӣ қарор дорад. Солҳои охир ба василаи татбиқи он бахши истеҳсолии мамлакат мунтазам пеш рафта, сатҳи некуаҳволии мардум баланд гардидааст. Корхонаҳои саноатии вилояти Суғд бо иқтидорҳои саноатӣ ва

истеҳсолоти намудҳои гуногуни маҳсулот дар амалишавии ҳадафи стратегии мамлакат ҳиссаи худро гузошта истодаанд.

Имрӯз раванди афзоиши аҳолии кураи замин дар аксари мамлакатҳо мушкилоти зиёди иқтисодӣ, хусусан нокифоягии озуқаро ба миён овардааст ва ин омил ба кишвари мо низ бетаъсир нест. Аз ин рӯ, таъмини маводи озуқаворӣ бо истифода аз иқтидорҳои истеҳсолии саноати хӯрокворӣ аз мо чораҳои заруриро тақозо менамояд. Дар ин ҷода истифодаи самаранок ва сарфакоронаи захираҳои табиӣ, меҳнатӣ, технологияи инноватсионӣ ва таҷрибаи кишварҳои пешрафта роҳҳои асосии расидан ба сатҳи баланди таъмини амнияти ғизоӣ маҳсуб меёбад. Бинобар ин, имрӯзҳо Ҳукумати кишвар барномаҳои гуногунро баҳри тақвияти рушди истеҳсолот, аз ҷумла дар бахши кишоварзӣ ва саноат, роҳандозӣ намуда, пеш аз ҳама, истифодаи усулҳои инноватсиониро дар мадди аввал гузоштааст. Ҳамчунин, дастгирии давлатии соҳибкорон барои воридоти технологияи навин ва ба ин васила коркарди ашёи хоми ватанӣ дар корхонаҳои саноатӣ, ба афзоиши маҳсулоти ватанӣ мусоидат менамояд. Дар натиҷа фаъолияти корхонаҳои истеҳсолӣ пурсамар ва арзиши аслии маҳсулот паст мешавад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми соли 2019 қайд намуданд, ки дар натиҷаи тадбирҳои амалинамудаи Ҳукумати мамлакат дар се соли охир ҳиссаи соҳаи саноат дар маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ аз 15,2 то 17,3% афзоиш ёфт. Бо мақсади ҳалли масъалаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ва таъсиси ҷойҳои корӣ, саноатикунонии босуръати кишвар ҳадафи чоруми миллӣ эълон гардид [1,с.4].

Барои дар амал татбиқ намудани ҳадафи мазкур аз тарафи ҳукумати вилояти Суғд баҳри рушди соҳаи саноат ба хусус саноати хӯрокворӣ таваҷҷуҳи бештар зоҳир гардидааст. Заминаҳои асосии рушди соҳаи саноати хӯрокворӣ дар кишвар фаровон буда, барои коркард ва истеҳсоли маводи аввалиндарачаи хӯрокворӣ мусоидат менамояд.

Ҷараёни татбиқи стратегияи таъмини амнияти озуқаворӣ бо ҷоннок гардидани тавлиди маҳсулоти саноатию кишоварзӣ дар ҷумҳурӣ боиси коҳиш ёфтани арзиши бархе аз номгӯйи хӯрокворӣ шуд. Ба гардиши кишоварзӣ даровардани заминҳои бекорхобида тавассути бунёду барқарорсозии шабакаҳои обёрӣ, тухмипарварӣ, ташкили боғу токзорҳои нав ва дар ин замина рушди саноати хӯрокворӣ ҳоло бо маром ҷараён доранд [3,с.279].

Бинобар ин, ҳалли масъалаи таъмини озуқаворӣ дар оянда, ки бо сабабҳои гуногун аз тамоюли рушди кишоварзии ҷаҳонӣ бармеояд, хеле мураккаб мебошад. Маълум аст, ки суръати афзоиши ҳаҷми маҳсулоти озуқаворӣ назар ба талабот хеле паст буда, дар натиҷа ин раванд метавонад ба норасоии ғизо оварда расонад.

Ташкилотҳои байналхалқӣ доимо мавҷудияти захираҳои озуқаворииҷаҳонро таҳлил ва пешгӯӣ менамоянд ва ба ҳукумати дахлдор аз ҳолати воқеии миқдори ин захираҳо, ки дар ҳоли коҳиш қарор доранд, маълумот медиҳанд. Аз ин рӯ, тавозуни захираҳои озуқаворӣ, ки барои таъминоти бехатарии озуқаворииимамлакат ва содироти оптималӣ басанда аст, бо воҳидҳои энергетикӣ аз рӯи самтҳои ташкилкунӣ ва истифодаи онҳо бояд дар чунин меъёр қарор дошта бошанд:

- истеҳсолоти худӣ барои мақсадҳои озуқаворӣ 80-85%;
- воридот 15-20%;
- содирот 15-20%.

Ҳаҷми захираҳои озуқаворӣ ва ашёи хом, ки барои худтаъминкунии мамлакат, баҳисобгирии истеъмоли маҳсулоти хӯрока аз рӯи меъёрҳои тиббӣ ва нигоҳдории иқтидори содиротии соҳаи аграрӣ басанда мебошад, аз корхонаҳои истеҳсолӣ зиёд кардани ҳаҷми истеҳсолот ва намудҳои нави маҳсулотро баҳри баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии аҳолии мамлакат талаб менамояд [5,с.300].

Бо мақсади ҳалли масъалаҳои таъминоти озуқаворӣ дар солҳои минбаъда ҳангоми истеъмоли маҳсулоти озуқаворӣ вобаста ба сифати он, мониторинги бехатарии озуқаворӣ бояд дар сатҳи баланд қарор гирад ва ҳамчун стратегияи оянда қабул карда шавад. Ба сифати сатҳи ҳадди ақалли маводи хӯрокаи аҳолӣ аз рӯи намуду миқдори маҳсулот ва таркиби ғизонокии он аҳамияти ҷиддӣ додан ба мақсад мувофиқ аст.

Масъалаи таъминоти маҳсулоти озуқаворӣ ва ҳалли он аз замони ба вуҷуд омаданаш чунин даврaҳоро дар бар мегирад:

Ба зиёд кардани истеҳсоли маҳсулот, ки давраи якумро дар бар мегирад, пешниҳоди қарзҳои имтиёзнок, таъмини молистеҳсолкунандагони кишоварзӣ бо техника, нуриҳои минералӣ, воситаҳои муҳофизати растаниҳо, маводи сӯзишворию равғанҳои молиданӣ ва дигар маводҳо мусоидат менамоянд. Дар ин давра мукаммал намудани сиёсати аграрӣ

зарур буда, таҳия намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, танзими фаъолияти корхонаҳои истеҳсолӣ, аз ҷумла корхонаҳои комплекси агросаноатӣ, ба назар гирифта мешавад.

Давраи дуюм устуворшавии иқтидори истеҳсолии соҳаи агросаноатӣ, ташкили инфрасохтори бозор, ташаккули низоми идоракунӣ дар шароити иқтисодӣ, ташкили муносибатҳои интегратсионии сектори аграрӣ бо дигар соҳаҳои хоҷагии халқ, аз ҷумла соҳаи саноати хӯрокворӣ ва фароҳам овардани шароитҳо барои рушди соҳаи иҷтимоии деҳот, мебошад.

Давраи сеюм ин рушди коркард ва истеҳсолоти маҳсулоти кишоварзӣ дар асоси самаранок истифодабарии технологияи инноватсионӣ баҳри таъмини амнияти ғизоӣ мебошад.

Ҳар яки ин даврaҳо бо иҷрои чорабиниҳои зерин самтҳои худро барои ташкил кардани захираҳои озуқаворӣ равона месозад:

- молистеҳсолкунандагон маҳсулоти худро барои ба даст овардани даромади иқтисодӣ ба фурӯш мебароранд;

- ҳукумат ва мақомоти иҷрокунанда ҳаҷми хариди маҳсулотро барои талаботи давлатӣ муайян карда, хариди маҳсулотро аз рӯи шартнома ва нархҳо кафолат медиҳанд, ки ҳамаи ин гирифтани даромадро таъмин месозад.

Имрӯз мамлакатҳои содиркунандаи маҳсулот тамоми роҳҳои мустаҳкамсозии мавқеи худро дар бозори озуқавории Тоҷикистон истифода намуданд. Иҷрои ин амалиёт ба он оварда расонид, ки вазни қиёсии воридоти маҳсулот дар ташкили захираи озуқавории мамлакат аз рӯи арзёбии сарчашмаҳои маҳсулоти гӯштӣ ба 50-60%, маҳсулотҳои ширӣ бошад, ба 20-22%, шакар 100%, равғани растанӣ 65% расид. Молҳои озуқавории воридшаванда дар савдои чаканаи мамлакат қариб 60%-ро ташкил дод, аммо дар шаҳрҳои калон ва марказҳои саноатӣ бошад, ин нишондод ба 80-90% баробар шуд. Аз ин рӯ, нишондодҳои мустақилияти озуқавории мамлакат ва вазни қиёсии озуқавории ватанӣ дар ҳаҷми умумии истеъмолӣ бояд на кам аз 80% бошад. Чунин меъёр пурра ба стандарти байналмилалӣ мувофиқ буда, бо мақсади таъмини мустақилияти озуқавории миллӣ аз рӯи нишондиҳандаҳои мавҷудбудаи озуқавории воридотӣ дар бозори дохилии мамлакат дар ҳаҷми 20% бояд нигоҳ дошта шавад. Аз рӯи меъёрҳои мустақилияти озуқавории миллӣ баъзе захираҳои маҳсулоти озуқаворӣ дар солҳои гузаронидани ислоҳот дар Тоҷикистон хеле кам гаштанд [6,с.252].

Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон дод, ки қисми зиёди мамлакатҳо бо иқтисоди бозорӣ дар рушди кишоварзӣ бо ду роҳи асосӣ ба қуллаҳои баланди он расиданд, аз ҷумла бо роҳи оқилона ҷойгиронӣ, истифода ва рушди истеҳсоли деҳот (истифодаи дастовардҳои агроиқтисодӣ, дигар илмҳо ҳангоми хизматрасониҳои кишоварзӣ ва тарзи истифодаи замин ва ғайра); бо роҳи оқилона, самаранок истифода бурдани манбаъҳои захиравӣ-табиии ватанӣ.

Бо мақсади устуворона инкишоф додани иқтисоди аграрии Тоҷикистон, зарур аст, ки таркиби ҳозираи соҳаи кишоварзии вилояти Суғд ва ноҳияҳои онро аз наздик дида бароем. Асосан дарк кардани ин тартиботи дохилаи соҳаи кишоварзӣ ва ғанӣ гардонидани бозорҳо дар шароити мустақилият ва муносибатҳои бозорӣ, аз нигоҳи мо, масъалаи муҳим ба ҳисоб рафта, дар назди таҳқиқотҳои илми агроиқтисодӣ ҳамчун масъалаи асосӣ ба назар мерасад, чунки пас аз он роҳҳои расидан ба дастовардҳои иқтисодии аграрӣ ва дурнамои рушди он барои муҳлатҳои дароз муқаррар мегардад. Дар ин ҷо сухан дар бораи ташкил кардани ақидаи нави миллӣ меравад, ки ба соҳаи кишоварзӣ тааллуқ дошта, ҳамчун сектори махсуси агросаноатии вилоят мебошад. Имрӯз соҳаи кишоварзии вилоят ҳамчун соҳаи мураккаби иқтисоди миллӣ, баҳри истеҳсол ва такрористеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ кор ва фаъолият дорад, яъне мекӯшад, то ҳамчун сохтори махсус ба манфиатҳои минтақа ва аҳолии он ҷавобгӯ бошад [8,с.36].

Бинобар ин, қайд кардан муҳим аст, ки Тоҷикистон таърихи қадима дошта, як маротиба барқарор нашудааст. Дар Тоҷикистони навин рӯҳияи худшиносӣ, урфу одат, санъати хеш, психология, методҳои истифодабарии замин ва обёрӣ, дониши фаъол ва истифодаи дастовардҳои ҷаҳон ҳангоми пеш бурдани соҳаи хоҷагидорӣ ва савдо ташкил карда шуд. Ҳоло бошад Тоҷикистонро ҳамчун муносибатҳои минбаъдаи анҷомёфта ҳисобидан мумкин аст, ки дар ин асос қабул кардани принсипҳои асосии пешрафтаи ҷаҳонӣ дар назар дошта мешавад.

Такя ба фикру ақидаи академик Ҷалил Пиризода, бояд гуфт, ки давоми 20 сол дар кишварамон инқилоби ҳақиқии иқтисодӣ ба амал омад ва дар давоми даҳ сол аз нуқтаи назари ислоҳоти системаи ҷамъиятӣ ягон тағйироте дар менталитети тоҷик ба амал наомадааст. Дар солҳои аввали ислоҳот то 70%-и аҳолӣ аз рӯи таҳқиқотҳои гузаронидашуда, дар онҳо дурнамои мусбии иҷтимоӣ дида намешуд, ки айни замон ин

қисмат 50%-ро ташкил медиҳад. Аз ҳамин хулоса бармеояд, ки масъалаи камбизоатӣ дар ҷумҳурӣ ва ноҳияҳои он дар ҷамъият дарёфт карда намешавад, балки дар ислоҳоти ғайри қобили мулоҳиза дарёфт карда мешавад. Сухан дар бораи он меравад, ки бехатарии миллӣ ва хусусиятҳои анъанаҳои аср, тарзи зиндагӣ ва психологияи аҳолии минтақа, ки аз насл ба насл дода мешавад, ба ҳисоб гирифта нашудааст. Ин масъала дар навбати аввал меистад. Дуюм, ба ҳисоб гирифтани ҷиҳати ақлонии аҳолӣ ҳамчун собиқ шахсияти советӣ бо қобилияти устувори хислати он барои муҳофизати пурраи давлатӣ (ҷамъиятӣ) хеле зарур мебошад (кор, манзил, ҳифзи саломатӣ, илм, истироҳат ва ғайраҳо). Баробаршавии умумӣ дар музди меҳнати одамон назар ба афзудани фарқият дар даромадҳо хубтар ва равшантар дида мешавад [5,с.286].

Таҳлилҳо нишон доданд, ки омори иҷтимоӣ нобаробар буда, коэффисенти гуногунии аҳолӣ аз рӯи сатҳи даромадҳо дар Тоҷикистон то 14 маротиба дар соли 2017 зиёд гардидааст [7,с.6]. Аз гуфтаҳои мазкур ба хулосае омадан мумкин аст, ки танҳо сохтори устувори агросаноатии рушдёфта метавонад сектори аграрии иқтисодиро ба заминаи асосии таъминоти озуқаворӣ табдил диҳад. Дар ин маврид зарур аст, ки мо бояд меъёрҳои тавсияшудаи маҳсулоти озуқаро, ки аз тарафи Институти иқтисодиёти кишоварзии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон барои даврaҳои солҳои 2017-2020 кор карда баромада шудааст, риоя намоем.

Ҷадвали 1. Меъёри тавсияшудаи маҳсулоти хӯрока ба ҳар сари аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2017-2020 (кг. дар як сол)

Table 1. Recommended norm of food products for the population of the Republic of Tajikistan for 2017-2020 (kg per year)

№ р/т	Номгӯи маҳсулот	Аз рӯи меъёрҳои бо модели хӯрокаи ТУТ мувофиқ кардашуда ба ҳар як инсон 16-59 сола	Аз рӯи меъёрҳои тавсияшуда			Истеъмоли ҳақиқӣ		Имконияти ҷумҳурӣ
			Меъёри такмил-диҳӣ	Меъёри тавсия-шуда	Меъёри ҳадди ақал	2017с.	2020с.	
1.	Маҳсулоти нонӣ	122,9	133,3	130,0	110	148	155	155
2.	Гӯшт ва маҳсулоти гӯштӣ	75,8	69	40,8	38	13	26,9	15
3.	Шир ва маҳсулоти ширӣ	210,2	276	115,3	98	64,9	171	100
4.	Тухм	5,5 (116 дона)	225	180	150	36	88	140
5.	Равғани растанӣ ва чарбҳо	4,4	18	16,6	15	13	20	21
6.	Моҳӣ ва маҳсулоти моҳигӣ	18,6	12	9	6	6,7	12,6	10,5
7.	Шакар	20,1	33	20	15	6,7	12,6	12
8.	Мева ва буттамеваҳо	180,1	231	124,1	57,1	149,3	-	156
9.	Сабзавот ва полезиҳо	121	148	166	110	98,5	94,2	100
10.	Картошка	91,8	45	92	35	42	45	51

Сарчашма: Меъёрҳои тавсиявии физиологии истеъмолии маҳсулоти асосии озуқавории ҶТ, ТУТ, Умумирусиягӣ ва блютени озуқавории ҶТ.

Ҷадвали мазкур нишон медиҳад, ки ҷумҳурӣ ва минтақаҳои он метавонад дар ҳалли масъалаҳои худтаъминкунии озуқаворӣ танҳо дар сохтори доимии инкишофи соҳаи саноат қарор гиранд ва ба муваффақиятҳо ноил гарданд.

Бинобар ин, масъалаи рушди соҳаи чорводорӣ, ба хусус чорвои шидеҳ, дар вилояти Суғд хеле ҷиддӣ мебошад. Ба андешаи мо, ташаккул додани ин соҳа барои заминагузорӣ дар истеҳсолоти саноатӣ муҳим буда, лозим меояд, ки таҷҳизоти мавҷудаи истеҳсоли шир бо таҷҳизоти навини инноватсионӣ, ки бо талаботи ҷаҳони муосир мувофиқанд, ба роҳ монда шаванд. Ин, дар навбати худ, имкон медиҳад, ки истеҳсолотро то ҳадди имкон автоматӣ гардонад, истеъмоли хӯрокаи чорворо кам намуда, барои нигоҳ доштани чорво шароит фароҳам оварад.

Ҳамин тариқ, метавонем хулоса намоем, ки иқтидори захиравии зарурии корхонаҳои саноатӣ бо назардошти ашёи хоми соҳаҳои чорводорӣ ва растанипарварӣ мавҷуд мебошад. Шохаҳои зиёди динамикии инкишофи соҳаҳои растанипарварӣ аз

давраи омӯзишӣ дар истеҳсоли картошка, сабзавот, намудҳои муайяни ғалладонагиҳо ва зироатҳои лӯбиёгӣ баҳисоб меравад. Набудани нокифоягии хӯроки чорво барои ноил шудан ба сатҳи назарраси парвариши чорво ва паранда дар ҳамаи намудҳои хоҷагиҳо имкон намедиҳад. Бо вуҷуди ин навсозии иқтидорҳои истеҳсолии корхонаҳои инфиродӣ ва истифодаи технологияҳои пешрафтаи истеҳсолӣ имкон дод, ки дар рушди соҳаи чорводорӣ ва растанипарварӣ натиҷаҳои назаррас ба даст оранд. Ҳангоми таҳлили вазъи бозори минтақавӣ зарур аст, ки якчанд омилҳоеро, ба назар гирифт, ки онҳо пешниҳоди мол ва талаботи аҳолиро дар бозор, инчунин, тамоюли тағйирёбии онҳоро ташкил медиҳанд. Зеро истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ, ба хусус хӯрокворӣ, дар ин раванд нақши асосиро мебозад [7,с.8].

Ҷадвали 2. Истеҳсоли баъзе аз намудҳои маҳсулоти хӯрокворӣ дар системаи саноати вилояти Суғд

Table 2. Production of some types of food products in the industrial system of Sughd region

№ р/т	Номгӯи маҳсулот	вох. ченак	2015	2016	2017	2018	2019	Истеҳсолот дар соли 2019 нисбат ба соли 2015 (ҳаз.т.)
1.	Равғани растанӣ	ҳаз.т.	10,1	10,0	13,0	14,1	15,3	+5,2
2.	Шароб аз ангур	ҳаз.т.	57	61	60	59	55	+2
3.	Гӯшт	ҳаз.т.	26,3	27,4	36,9	40,7	45,5	+19,2
4.	Маҳсулоти ҳасиб	тонн.	1861	2083	3220	4116	4947	+3086
5.	Равғани чорво	тонн.	15,5	25,6	93,6	138,2	204,9	+189,4
6.	Маҳсулоти ширӣ	ҳаз.т.	4,8	5,8	8,2	14,5	14,0	+9,2
7.	Консерваҳо	млн. зарфи шартӣ	39,9	69,9	31,4	28,1	32,6	-7,3

Сарчашма: Маҷмӯаи омори солонаи соҳаи саноати вилояти Суғд. - Хуҷанд, 2019, с.166-168, 48-58.

Аз нишондиҳандаҳои ҷадвал бармеояд, ки истеҳсоли бархе аз намудҳои маҳсулот, аз ҷумла маҳсулоти озуқаворӣ дар корхонаҳои саноатии вилояти Суғд рушд ёфтааст, зеро корхонаҳои мазкур бо мақсади бо пуррагӣ коркард намудани ашёи хоми ватанӣ сол то сол иқтидори худро васеъ намуда, дар таъмини амнияти озуқавории кишвар мавқеи муайянро ишғол менамоянд. Зеро қаблан маводи хӯрокворӣ, аз ҷумла маҳсулоти ширӣ, гӯштӣ, мевагӣ, нӯшокиҳои ташнашикан, афшураҳои мевагӣ, маҳсулоти ордӣ ва қаннодӣ, аз хориҷа ворид мешуданд. Ашёи хоме, ки дар кишвари мо истеҳсол карда мешавад, ба хориҷа бо нархи арзон пешниҳод карда мешуд ва баъди коркард ҳамчун маҳсулоти тайёр бо нархҳои гарон ба бозори истеъмолии мо ворид мегардид. Бо истифода аз фазои мусоиди соҳибкории истеҳсолӣ қисми зиёди маҳсулоти хӯрокворӣ дар корхонаҳои ватанӣ коркард ва истеҳсол карда мешаванд, аз ин рӯ, воридоти маҳсулот кам гаштааст. Бо мақсади арзёбӣ намудани имкониятҳо ва муайян намудани усулҳо ва нишондиҳандаҳои рушди истеҳсолоти кишоварзӣ, пеш аз ҳама, минтақаҳои интихобшударо аз нуқтаи назари мавҷудияти иқтидори истеҳсолӣ ва омилҳои муҳимми иқтисодии фаъолияти самарабахши онҳо тавсиф намудан зарур аст.

Бинобар вазъи демографии солҳои охир, Тоҷикистон ба минтақаи меҳнатӣ, хусусан дар соҳаи истеҳсолоти кишоварзӣ, табдил ёфтааст ва бе назардошти баъзе аз омилҳои таъсиррасон рушди ин соҳа мунтазам таъмин мегардад.

Аз ҳама муҳим он аст, ки соҳаи кишоварзии муосир бояд мақоми муҳимми иқтисоди миллиро ба даст орад, ки ин ҳам барои имрӯз ва наслҳои оянда хеле зарур буда, дар бозорҳои аграрии ҷаҳонӣ рақобатпазир мегардад. Ҳамаи ин рушд ва роҳҳои инкишофи соҳаро дар шароити истиқлолият ва муносибатҳои бозоргонӣ муайян намуда, масъулияти баландро талаб мекунад. Имрӯз зарур аст, ки бо мақсади ҳифзи амнияти озуқаворӣ ва амалисозии ҳадафи саноатикунонии босуръати кишвар вусъатдиҳии шуғли пурмаҳсулро ҳамчун ҳадафҳои стратегӣ интихоб намуда, нақшаи гузариши иқтисодиёти кишварро аз шакли аграрӣ-индустриалӣ ба индустриалӣ-аграрӣ амалӣ гардонем. Дар суръати дуруст роҳандозӣ намудани тадбирҳои мазкур, дар ояндаи наздик Тоҷикистон на танҳо аз лиҳози амнияти озуқаворӣ муваффақ мегардад, балки дар амалишавии ҳадафи стратегии кишвар саноатикунонии босуръат ба натиҷаҳои назаррас ноил мегардад.

АДАБИЁТ

1. Азизов Ш.С. Развитие отраслей, обеспечивающих продовольственную независимость национальной экономики Республики Таджикистан / Ш.С. Азизов // Вестник Таджикского национального университета. - Душанбе, 2014. -№2/10(152). –С.279-283.

2. Ашуров И.С. Продовольственное обеспечение Республики Таджикистан / И.С. Ашуров // Вестник Таджикского национального университета. –Душанбе, 2010. -№3(47). -С.36-41.
3. Исмаилова М. К вопросу преобразования отношений собственности и становление обьектов рыночного хозяства / М. Исмаилова // Экономика Таджикистана: стратегия развития. - 2007. -№2. -С.34-35.
4. Мадаминов А.А. Проблемы устойчивого развития аграрного сектора Таджикистана / А.А. Мадаминов. - Душанбе, 2006. -300 с.
5. Мирсаидов А.Б. Соҳибистиқлолӣ ва рушди иқтисоди миллӣ / А.Б. Мирсаидов. -Хуҷанд, 2008. -252 с.
6. Маълумоти омории Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Љумњурии Тољикистон дар вилояти Суғд солњои 2015-2019.
7. Назаров А.А. Регионаьные особенности формирования и развития предпринимательства / А.А. Назаров // Вестник ТГУПБП. -Худжанд, 2012. -№1. -С.56-61.
8. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маҷмуаи оморӣ. -Душанбе, 2019. –С.463.
9. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, аз 26.12.2019 ш.Душанбе. [Манбаи электронӣ]. www.president.tj.
10. Сомонаи расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Манбаи электронӣ]. http: // president.tj/ node/ 22136 (20.01.2020с.)

МАВҚЕИ САНОАТИ ХӮРОКВОРИИ ВИЛОЯТИ СУҒД ДАР АМАЛИШАВИИ ҲАДАФИ САНОАТИКУНОНИИ БОСУРЪАТ

Дар мақола масъалаи истеҳсолоти саноатии вилояти Суғд, фаъолияти корхонаҳои истеҳсоли маҳсулоти саноати хӯрокворӣ ва саҳми онҳо дар таъмини амнияти озуқаворӣ, нишондиҳандаҳои истеҳсолии маҳсулоти хӯрокворӣ ва роҳҳои асосии расидан ба сатҳи баланди таъмини амнияти ғизоӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Ҳамзамон, саҳми корхонаҳои коркарди маҳсулоти хӯрокворӣ дар амалишавии ҳадафи саноатикунонии босуръати кишвар нишон дода шудааст. Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот дар корхонаҳои саноати коркарди вилояти Суғд, ба хусус маҳсулоти хӯрокворӣ ва саҳми онҳо дар истеҳсолоти саноатӣ ва истеҳсоли намудҳои гуногуни маҳсулоти ватанӣ, дар ин замина кам кардани маҳсулоти воридотӣ нишон дода шудааст. Инчунин, масъалагузориҳо баҳри татбиқи ҳадафи саноатикунонии босуръати кишвар ва нишондиҳандаҳои истеҳсолии корхонаҳои саноатӣ аз ҷумла саноати хӯрокворӣ мавриди назар қарор дода шудааст. Ақидаҳои мутахассисони иқтисодшинос оид ба таъмини амнияти ғизоӣ ва раванди татбиқи стратегияи таъмини амнияти озуқаворӣ дар ҷумҳурӣ гирд оварда шудааст. Инчунин, давраҳои ҳалли масъалаҳои озуқаворӣ матраҳ гардидааст. Меъёрҳои тавсиявии озуқа ба ҳар сари аҳолӣ ва манфиатнокии он дар ҷадвалҳои таҳлилӣ пешниҳод гардидааст. Андешаҳо оид ба масъалаи рушди соҳаи чорводорӣ, ба хусус, чорвои шидеҳ дар вилояти Суғд ва муҳимияти ташаккул додани соҳа барои заминагузорӣ дар истеҳсолоти саноатӣ, ивази таҷҳизоти мавҷудаи истеҳсоли маҳсулоти чорводорӣ бо таҷҳизоти навини инноватсионӣ, ки ба талаботи ҷаҳони муосир мувофиқанд, баён карда шудааст.

Калидвожаҳо: саноатикунонии босуръат, амнияти озуқаворӣ, саноат, индустриалӣ-аграрӣ, стратегия, захираҳои озуқаворӣ, стандарти миёнаи хӯрока, бехатарии озӯқаворӣ, бозори минтақавӣ, арзёбӣ.

ПОЗИЦИЯ ПИЩЕВОЙ ПРОМЫШЛЕННОСТИ СОГДИЙСКОЙ ОБЛАСТИ В ОСУЩЕСТВЛЕНИИ ЦЕЛИ УСКОРЕННОЙ ИНДУСТРИАЛИЗАЦИИ

В статье рассматриваются вопросы промышленного производства Согдийского области, деятельности предприятий по производству продуктов питания и их вклада в обеспечение продовольственной безопасности, показатели производства продуктов питания и основные пути достижения высокого уровня продовольственной безопасности. При этом показан вклад предприятий пищевой промышленности в реализацию цели быстрой индустриализации страны. Объем производства в перерабатывающей промышленности Согдийского области, особенно пищевых продуктов, и их вклад в промышленное производство и производство различных видов отечественной продукции на этой основе показывает снижение импортных товаров. Рассмотрены вопросы реализации цели быстрой индустриализации страны и производственных показателей промышленных предприятий, в том числе пищевой. Собраны мнения экономистов о продовольственной безопасности и процессе реализации стратегий продовольственной безопасности в стране. Обсуждаются также этапы решения продовольственных вопросов. Рекомендуемые нормы питания на душу населения и их преимущества представлены в аналитических таблицах. Высказывались мнения о развитии животноводческой отрасли, в частности, животноводства в Согдийской области и важности создания сектора землеустройства в промышленном производстве, замены существующего животноводческого оборудования новым инновационным оборудованием, отвечающим требованиям современного мира.

Ключевые слова: быстрая индустриализация, продовольственная безопасность, промышленность, агропромышленный комплекс, стратегия, продовольственные ресурсы, средний стандарт питания, продовольственная безопасность, региональный рынок, оценка.

POSITION OF THE FOOD INDUSTRY OF THE SOGD REGION IN IMPLEMENTING ACCELERATED INDUSTRIALIZATION

The article discusses the issues of industrial production of the Sughd region, the activities of food production enterprises and their contribution to ensuring food security, indicators of food production and the main ways to achieve a high level of food security. At the same time, the contribution of food industry enterprises to the implementation of the goal of rapid industrialization of the country is shown. The volume of production in the processing industry of the Sughd region, especially food products, and their contribution to industrial production and the production of various types of domestic products on this basis shows a decrease in imported goods. The issues of implementation of the goal of rapid industrialization of the country and the performance indicators of industrial enterprises, including food, are considered. The opinions of economists on food security and the process of implementing food security strategies in the country were collected. The stages of solving food issues are also discussed. Recommended per capita nutritional requirements and their benefits are presented in analytical tables. Opinions were expressed about the development of the livestock industry, in

particular, animal husbandry in the Sughd region and the importance of creating a land management sector in industrial production, replacing the existing livestock equipment with new innovative equipment that meets the requirements of the modern world.

Keywords: rapid industrialization, food security, industry, agro-industrial complex, strategy, food resources, average food standard, food security, regional market, assessment.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Солиев Ҳомидҷон Абдуманнонович*** - Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, унвонҷӯи кафедраи маркетинг-агробизнеси. **Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд, мкрн.17, хонаи №1. Телефон: **(+992) 92-752-22-44**. E-mail: **anisjon_2014@mail.ru**

Сведения об авторе: ***Солиев Хомиджон Абдуманнонович*** - Таджикский государственный университет права, бизнеса и политики, соискатель кафедры маркетинга и агробизнеса. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г. Худжанд, мкр. 17, дом №1. Телефон: **(+992) 92-752-22-44**. E-mail: **anisjon_2014@mail.ru**

Information about the author: ***Soliev Khomidzhon Abdumannonovich*** - Tajik State University of Law, Business and Politics, applicant for the Department of Marketing and Agribusiness. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, md. 17, house number 1. Phone: **(+992) 92-752-22-44**. E-mail: **anisjon_2014@mail.ru**

УДК 334.75:351.713(575.3)

АСОСҲОИ ИЛМИИ ТАШАККУЛИ МУНОСИБАТҲОИ БОЗОРӢ ДАР СОҲАИ ЭЛЕКТРОЭНЕРГЕТИКАИ ДАВЛАТҲОИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ

Асоев Б.Х.
Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб

Давлатҳои Осиёи Марказӣ дорои захираҳои назарраси энергетикӣ мебошанд. Бо вуҷуди ин, тақсимоти ин захираҳо дар ҳудуди давлатҳои Осиёи Марказӣ гуногун аст. Ҷумҳуриҳои Қирғизистону Тоҷикистон дорои иқтидори бузурги гидроэнергетикӣ мебошанд, аммо миқдори ками захираҳои сӯзишвории истихроҷшаванда, ки барои мақсадҳои тиҷоратӣ истифода мешаванд, доранд. Дар муқоиса бо ин ҷумҳуриҳо, Ҷумҳурии Қазоқистон дорои захираҳои назарраси нафту газ ва ангишт аст; Ҷумҳурии Ӯзбекистон дорои захираҳои назарраси газ, инчунин, захираҳои нафту ангишт мебошад ва Ҷумҳурии Туркманистон бошад, дорои захираҳои кофии газ ва нафт мебошад.

Минтақаи Осиёи Марказӣ аз ашёи хоми энергетикӣ ва захираҳои гидроэнергетикӣ, на танҳо аз ҳамсоякишварҳои худ, балки аз минтақаҳои дур, ба монанди давлатҳои Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ва Иттиҳоди Аврупо низ бой мебошад. Ҳамзамон, кишварҳои Осиёи Марказӣ ба проблемаҳои камбизоатӣ, норасоии об ва неруи барқ дучор ҳастанд. Бар замми ҳамаи ин доимо ҳолатҳои муноқишавӣ дар бахши истифодаи захираҳои обӣ-энергетикӣ пайдо мешавад ва ин ба масъалаҳои барқарорсозии низоми ягонаи таъмини барқ дар Осиёи Марказӣ таъсири манфӣ мерасонад. Коршиносони соҳавӣ бар он ақидаанд, ки бе сармоягузориҳои калон ва мустаҳкам кардани робитаҳо бо кишварҳои ҳамсоя, ки иштирокчиёни асосӣ дар бозори электроэнергетика ба шумор мераванд, мушкилоти соҳаи электроэнергетикии минтақаи Осиёи Марказӣ ҳалли худро пайдо карда наметавонад.

Оид ба масъалаи мазкур олимони зиёд тадқиқот бурдаанд. Масалан, олими тоҷик Самадов Ш.Д. дар рисолаи илмии худ қайд мекунад, ки ҳар яке аз панҷ давлати соҳибистиқлоли Осиёи Марказиро зарурат пеш меояд, ки бахши энергетикии худро барои истиқлолияти иқтисодӣ бо самаранокии баланд таъмин намояд. Таҳия ва татбиқи механизмҳои бозории муносибатҳои байни низомҳои миллии энергетикии Осиёи Марказӣ яке аз самтҳои муҳимтарини ноил шудан ба ин ҳадаф мебошад [10,с.4].

Ташкили бозори ягонаи электроэнергетика метавонад ҳамчун яке аз самтҳои ҳамгироии иқтисодии кишварҳои соҳибистиқлоли Осиёи Марказӣ баррасӣ шавад, ки, ҳам барои давлатҳои алоҳида ва ҳам тамоми минтақа, ниҳоят муҳим арзёбӣ мегардад. Дар робита ба ин тадқиқи заминаҳои ташаккулёбӣ ва шароити фаъолияти бозори минтақавии неруи барқ, муносибатҳои он бо бозорҳои дигари захираҳои энергетикӣ муҳиммияти махсус дорад. Махсусан, дар ин радиф масъалаҳои методологии нархгузорӣ аҳамияти хоса доранд.

Ҳамзамон, Гулнур Рахматулина дар мақолаи худ оид ба ҳамкориҳои энергетикии давлатҳои Осиёи Марказӣ қайд мекунад, ки «вазифаҳои афзалиятноки рушди иқтисодии давлатҳои Осиёи Марказӣ ин густариши ҳамкориҳои интегратсионӣ дар соҳаи энергетика ва ташаккули бозори ягонаи электроэнергетикӣ мебошад, ки талаботи пурраи эҳтиёҷоти давлатҳои минтақаро ба неруи барқи арзон таъмин намуда, барои содироти он шароити мусоидро ба кишварҳои сеюм таъмин мекунад ва истифодаи оқилонаи захираҳои обӣ-

энергетикӣ, афзоиш додани имкониятҳои байнидавлатии интиқоли қувваи барқ ва истифодаи самараноки иқтидори транзитии давлатҳои Осиёи Марказиро фароҳам меорад» [8,с.7-8].

Дар тадқиқоти гузаронидааш оид ба ташаккули стратегияи рушди комплекси энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва нақши он дар ҳамгироии энергетикии минтақаи Осиёи Марказӣ Зардова М.Н. ҳолат ва дурнамои рушди бозори энергетикии минтақаи Осиёи Марказиро нишон дода, чунин хулосабарорӣ намудааст:

1. То соли 2035 давлатҳои Осиёи Марказӣ истеҳсоли карбогидридро барои содирот фаъолона афзоиш хоҳанд дод, аз ин рӯ, даромад аз татбиқи лоиҳаҳои энергетикӣ низ афзоиш хоҳад ёфт. Бо вуҷуди ин, истеъмоли дохилии нафту газ аз ҷониби давлатҳои минтақа, инчунин, аз ҳисоби афзоиши суръати рушди иқтисодӣ, эҳтиёҷоти зиёди энергетикӣ ба саноат ва афзоиши аҳолӣ зиёд мегардад, ки имкониятҳои содиротии давлатҳои минтақаро маҳдуд хоҳад кард.

2. Барои давлатҳои минтақаи Осиёи Марказӣ электроэнергетика аҳамияти махсус дорад. Байни кишварҳои минтақа таҳвили содиротиву воридоти неруи барқ дар асоси Низоми ягонаи энергетикии Осиёи Марказӣ мавҷуд мебошад. Дар натиҷа, ҷумҳуриҳои Тоҷикистону Қирғизистон норасоии шадиди неруи баркро дар фасли зимистон эҳсос мекарданд ва ҷумҳуриҳои Қазоқистон, Туркманистон ва Ӯзбекистон ба сарбории душвори шабонарӯзӣ дучор омаданд.

Ҳамин тавр, рушди минбаъдаи комплексҳои энергетикии давлатҳои минтақаи Осиёи Марказӣ бешубҳа ташаккули фазои ягонаи энергетикӣ ва ҳамгироии энергетикиро барои истифодаи самараноки захираҳои он ва ҳалли мушкилоти минтақавӣ, аз қабили ташкили инфрасохтори нақлиётӣ ва энергетикӣ, аз ҷумла барои содироти шомили энергия (на танҳо нефт, ангишт ва газ, балки неруи барқ)-ро ба бозорҳои беруна тақозо мекунад [4,с.9-10].

Ҳамчунин, Садриддинов М.И. оид ба масъалаи мазкур дар кори илмӣ-тадқиқотии худ нишон додааст, ки арзёбии захираҳои обӣ бояд на танҳо дар ҷумҳурӣ, балки бо назардошти фарқиятҳои байниминтақавӣ ва соҳавӣ гузаронида шавад. Бо истифодаи оқилонаи захираҳои обӣ дар сатҳи байниминтақавӣ ва байнидавлатӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад яке аз содиркунандагони асосии неруи барқ дар минтақаи Осиёи Марказӣ барои Осиёи Ҷанубӣ гардад [9,с.17].

Олими тоҷик Исайнов Ҳ.Р. дар мақолаи худ дар мавзӯи «Бозори энергетикии Осиёи Марказӣ: проблемаҳои ташаккул ва дурнамои рушд» қайд мекунад, ки «ташаккули бозори ягонаи минтақавии энергетикӣ дар шароити муосир яке аз омилҳои асосии таъмини бехатарии энергетикии Тоҷикистон ва, дар маҷмӯъ, минтақа мебошад». Дар ин асос барои ташаккулу рушди минбаъдаи бозори энергетикӣ ба назари номбурда, бояд як қатор чорабиниҳо гузаронида шаванд:

- сохтани силсиланеругоҳҳои баркӣ-обӣ дар ҷумҳуриҳои Тоҷикистону Қирғизистон;
- сохтмони иншооти интиқолдиҳанда бо имкониятҳои ҳатмии усули самаранокии обии Осиёи Марказӣ;
- истифодаи муштараки иқтидори обӣ-энергетикӣ, ки тавонад боиси истифодаи созишномаҳои байнидавлатӣ дар раванди ҳамгироӣ гардад [6,с.44-52].

Абидов У.А. менависад, ки пеш аз ҳама, ҳамгироии системаҳои энергетикӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ имкониятҳои васеъкунии соҳаи электроэнергетикаи ҳар як давлатро барои таъсир расонидан ба омилҳои муҳити дохилӣ тавсия дода, гуногунрангии онро ба таври назаррас коҳиш медиҳад. Дар навбати худ, фаъолнокии соҳаи электроэнергетика имкон медиҳад, ки истифодаи иқтидорҳои муқарраршуда дар истгоҳҳои баркӣ ва иқтидори хатҳои интиқоли барқ баланд бардошта шуда, боэътимодии таъминоти барқ дар ҳар як давлати минтақа бидуни истифодаи захираҳои иловагӣ баланд бардошта шавад ва хароҷот барои истеҳсол ва тақсимоти неруи барқ коҳиш дода шавад, ки дар ниҳоят талабот ба неруи барқ афзоиш хоҳад ёфт [2,с.14].

Ҳамчунин, Қандиёрова Д.О. дар мақолаи илмии худ менависад ки барои ҳалли мушкилоти ҷойдоштао танҳо иродаи сиёсии роҳбарони давлатҳои Осиёи Марказӣ лозим аст. Ҳама масъалаҳо бояд зимни гуфтушунидҳои созанда ҳаллу фасл карда шаванд. Ба об мақоми табиӣ додан лозим аст. Об набояд омили парокандакунанда, балки муттаҳидкунандаи ҳамгироии минтақаи Осиёи Марказӣ гардад» [5,с.59-66].

Муаллифи дигари ватанӣ Абдураҳмонов Ф.А. дар омӯзишҳои худ оид ба захираҳои энергетикии бозори электроэнергетикаи давлатҳои Осиёи Марказӣ қайд мекунад, ки Осиёи Марказӣ дорои минтақаҳои муҳимми обӣ, инчунин, захираҳои бой ва гуногуни энергетикӣ (нафт, газ ва ангишт) мебошад. Бо истифода аз ин захираҳо имконпазир аст, ки ҳосилнокии афзояндаи кишоварзиро нигоҳ дорем. Чунки барои содироти берун аз

минтақа дорои неру ҳастем. Бо истифода аз ин захираҳо афзоиши маҳсулнокии соҳаи кишоварзӣ имконпазир буда, иқтидори энергетикӣ барои содироти берун аз минтақа низ кифоягӣ мекунад. Аммо захираҳои об нобаробар тақсим карда шудааст ва дастрасӣ ба он низ нобаробар аст [1,с.20].

Дар масъалаи мазкур Валентина Касимова ва Батиркул Баетов қайд кардаанд, ки масъала оид ба роҳҳои ҳамгироии имконпазир тибқи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ доир ба об ва бо назардошти шароити махсуси Осиёи Марказӣ бояд дар асоси Консепсияи таҳияшуда, инчунин тавассути таҳия, тасдиқ ва имзои Созишномаи дарозмуддати байниҳукуматӣ оид ба истифодаи захираҳои оби дарёҳо ҳал карда шаванд. Барои рушди бозори захираҳои энергетикӣ бояд созишномаҳои нав дар ҳавзаи Норин ва Сирдарё таҳия карда шаванд ва давлатҳои аъзои АвруОсиё муқарраротро, ки табиатан дарозмуддатии ин ҳуҷҷатро пешбинӣ мекунанд, таъмин кунанд, инчунин, мустақиман аз ҷониби ҷумҳуриҳои Ӯзбекистону Қазоқистон уҳдадориҳо оид ба пардохт кардани обҳои ҷамъгардидаи яксола ва бисёрсола, ки онро Қирғизистон бо сабаби талафоти назаррас ба иқтисодиёташ медиҳад, иҷро кунанд. Ғайр аз он, созишнома бояд механизми бештар самаранокии ҳалли баҳсҳоро бо истифодаи тартиботи арбитражи байналмилалӣ пешбинӣ кунад [6,с.116-127].

Барои татбиқи Нақшаи муштараки амали кишварҳои узви Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё оид ба ташаккули бозори ягонаи энергетикӣ, ки бо қарори Шӯрои байнидавлатии ин созмон аз 28 феврали соли 2003 тасдиқ шудааст, Стратегияи рушди комплекси сӯзишворию энергетикии кишварҳои иштирокчӣ барои давраи то соли 2020 таҳия карда шуд. Натиҷаи таҳияи лоиҳаи Стратегии мазкур ба пешниҳоди асоснок оид ба рушди самтҳои афзалиятнок, инчунин, марҳилаҳо ва дастурҳои ташкили фазои ягонаи энергетикии давлатҳои Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё мебошад.

Дар ҳуҷҷати мазкур ҷанбаҳои илмӣ-техникӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва дигар паҳлуҳои ташаккули бозори ягонаи энергетикӣ, истифодаи оқилонаи захираҳои сӯзишворӣ – энергетикӣ, таъмини амнияти энергетикии кишварҳои ҷаҳон ва рушди минбаъдаи онҳо, танзими иқтидорҳои обӣ-энергетикии Осиёи Марказӣ дар маҷмӯъ, инчунин, мукаммалгардонии заминаҳои меъёрӣ-ҳуқуқии муносибатҳои байнидавлатиро инъикос мекунад.

Ба ақидаи мо, барои боз ҳам ривоҷу густариш додан ва ба равандҳои ҷаҳонишавӣ мутобиқ намудани ҳамкориҳои энергетикӣ миёни давлатҳои Осиёи Марказӣ чораҳои зеринро андешидан лозим аст:

А) рушди бозори минтақавии захираҳои энергетикӣ ва баланд бардоштани иқтидори содиротии онҳо ба давлатҳои сеюм. Барои татбиқи он чунин тадбирҳоро андешидан лозим аст:

• таҳияи якҷояи сиёсати минтақавии сӯзишворию энергетикӣ аз ҷониби мақомоти дахлдори давлатҳои Осиёи Марказӣ. Чунин сиёсат бояд ба арзёбии иқтидорҳои талабот ба неруи барқ ва истеҳсоли неруи барқ, содирот ва транзит асос ёбад. Ин ба амалисозии сиёсати ҳамоҳангшудаи транзит ва содироту интиқоли захираҳои энергетикӣ ба бозорҳои дохиливу хориҷӣ мусоидат хоҳад кард. Бинобар ин, ҳукуматҳои давлатҳои Осиёи Марказӣ бояд барои таҳия ва татбиқи сиёсати ягонаи минтақавии сӯзишворию энергетикӣ як созишномаи мувофиқ таҳия ва қабул кунанд;

• кор карда баромадани нақшаи мувофиқи интиқоли захираҳои энергетикӣ дар минтақа, сохтани системаҳои нави нақлиётӣ ва таҷдиди онҳо бо мақсади зиёд кардани содироти неруи барқ ба давлатҳои минтақаи Осиёи Марказӣ.

Б) ташаккули принсипҳои мувофиқашудаи сиёсати тарифӣ, андозӣ ва гумрукӣ дар соҳаи энергетика дар давлатҳои Осиёи Марказӣ. Дар доираи сиёсати нархгузорӣ чунин чораҳоро ба сомон бояд расонид:

• коркарди усулҳои умумии методологии ҳисоб кардани тарифҳо барои транзити захираҳои энергетикӣ (қувваи барқ ва захираҳои нафту газ) ва қабул намудани созишномаҳои дахлдор;

• тарифҳои роҳи оҳанро барои таҳвили ангишт ва транзит дар доираи давлатҳои Осиёи Марказӣ ва ба кишварҳои сеюм муносиб гардонида созишномаи дахлдорро қабул бояд кард, то равишҳои умумии ташаккули сиёсати тарифиро муайян кунад.

В) мукаммалгардонии заминаи технологӣ барои ташаккули бозори ягонаи электроэнергетика. Дар соҳаи ташаккули бозори ягонаи электроэнергетика бояд чунин корҳо таъмин карда шаванд:

• таъмини низоми баробарфаъолиятии низомҳои энергетикии давлатҳои Осиёи Марказӣ;

• бунёди иқтидорҳои нави энергетикӣ бо мақсади таъмини амнияти энергетикии давлатҳои Осиёи Марказӣ ва қонеъ кардани талаботи давлатҳои Осиёи Марказӣ ба неруи барқи арзон;

• азнавсозӣ ва таҷдиди техникии корхонаҳои электроэнергетикӣ.

Ҳамин тариқ, бозори электроэнергетикаи давлатҳои Осиёи Марказӣ ин маҷмӯи муносибатҳои иқтисодие мебошад, ки ҳангоми ҳамгироии давлатҳои Осиёи Марказӣ ташкил шадааст ва тавассути созишномаҳо, санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва ҳамкориҳои минтақавӣ ба вуҷуд омада, дорои хусусиятҳо, принсипҳо ва омилҳои хос мебошад. Бо ибораи дигар, бозори электроэнергетикаи давлатҳои Осиёи Марказӣ яке аз навъҳои маъмули бозори минтақавӣ буда, ташаккул ва равнақи он аз муносибатҳои ҳамгироии давлатҳои ин манотиқ вобаста мебошад ва дар ҳолати рушд кардани он мушкилоти бо барқ таъмин гардидани иқтисодиёт ва иҷтимоиёти давлатҳои минтақа метавонад ҳалли мусбии худро пайдо кунад.

АДАБИЁТ

1. Абдурахмонов Ф.А. Совершенствование механизма управления трансграничным водопользованием (на материалах Центрально-Азиатского региона): диссертация на соискание ученой степени кандидата экономических наук / Ф.А. Абдурахмонов. -Душанбе, 2017. -135 с..
2. Абидов У.А. Методические основы формирования стратегии обеспечения энергетической безопасности страны (па материалах Республики Таджикистан): автореферат на соискание ученой степени кандидата экономических наук / У.А. Абидов. -Душанбе, 2012. -22 с.
3. Зардова М.Н. Формирование стратегии развития энергетического комплекса Республики Таджикистан и ее роль в энергетической интеграции Центрально-Азиатского региона: автореферат на соискание ученой степени кандидата экономических наук / М.Н. Зардова. –М., 2011. -С.9-10.
4. Исайнов Х.Р. Энергетический рынок Центральной Азии: проблемы формирования и перспективы развития / Х.Р. Исайнов // Вестник Таджикского национального университета. –Душанбе: Сино, 2016. -№2/11(220). -С.44-52.
5. Кандыерова Д.О. Водно-энергетические ресурсы и тенденции интеграционного развития в Центральной Азии / Д.О. Кандыерова // Вестник Таджикского национального университета. – Душанбе: Сино, 2013. -№2/8(125). -С.59-66.
6. Касымова В. Энергетика Кыргызстана: состояние отрасли и перспективы межгосударственного сотрудничества / В. Касымова, Б. Батоев // Центральная Азия и Кавказ. - 2007. - № 6(54). - С. 116-127.
7. Рахматулина Г. Проблемы энергетического взаимодействия стран Центральной Азии: некоторые пути решения вопроса / Г. Рахматулина // Центральная Азия и Кавказ. - 2007. -№4(52). -С.7-18.
8. Садрриддинов М.И. Оценка значимости водных ресурсов в формировании пространственной структуры хозяйства Республики Таджикистан: автореферат на соискание ученой степени кандидата экономических наук / М.И. Садрриддинов. -Новосибирск, 2015. -С.17.
9. Самадов Ш.Д. Механизм формирования и развития рыночных отношений в электроэнергетике Республики Таджикистан: автореферат на соискание ученой степени кандидата экономических наук / Ш.Д. Самадов. -Душанбе, 1999. -С.4.
10. Усубалиева Т. Кыргызстан и Таджикистан: укрепление регионального сотрудничества и поиск новых геополитических ориентиров / Т. Усубалиева // Кыргызстан-Таджикистан: курс на укрепление партнерства в контексте региональных связей. -Бишкек, 2010. -С.71.
11. Хушвахтзода К.Х. Анализ эффективности развития электроэнергетики и внутренные угрозы энергетической безопастности / Хушвахтзода К.Х., М.Б. Холназаров // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. - 2020. -№2. -С.49-55.

АСОСҲОИ ИЛМИИ ТАШАККУЛИ МУНОСИБАТҲОИ БОЗОРӢ ДАР СОҲАИ ЭЛЕКТРОЭНЕРГЕТИКАИ ДАВЛАТҲОИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ

Дар мақолаи мазкур асосҳои назариявии ташаккули муносибатҳои бозорӣ дар соҳаи электроэнергетикаи давлатҳои Осиёи Марказӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Давлатҳои Осиёи Марказӣ дорои захираҳои назарраси энергетикӣ мебошанд. Бо вуҷуди ин, тақсимоти ин захираҳо дар ҳудуди давлатҳои мазкур гуногун аст. Ҷумҳуриҳои Қирғизистон ва Тоҷикистон дорои иқтидори бузурги гидроэнергетикӣ мебошанд, аммо миқдори ками захираҳои сӯзишвории истихроҷшаванда, ки барои тиҷорат истифода мешаванд, доранд. Дар муқоиса бо ин ҷумҳуриҳо, Ҷумҳурии Қазоқистон дорои захираҳои назарраси нафту газ ва ангишт аст. Ҷумҳурии Ӯзбекистон дорои захираҳои назарраси газ, инчунин, захираҳои нафту ангишт мебошад ва Ҷумҳурии Туркманистон бошад, дорои захираҳои кофии газ ва нафт мебошад. Муаллиф қайд менамояд, ки ташкили бозори ягонаи электроэнергетика метавонад ҳамчун яке аз самтҳои ҳамгироии иқтисодии кишварҳои соҳибистиқлоли Осиёи Марказӣ баррасӣ шавад, ки ҳам барои давлатҳои алоҳида ва ҳам тамоми минтақа, ниҳоят муҳим арзёбӣ мегардад. Инчунин муаллиф ба он ишорат менамояд, ки бозори электроэнергетикаи давлатҳои Осиёи Марказӣ, ин маҷмӯи муносибатҳои иқтисодие мебошад, ки ҳангоми ҳамгироии давлатҳои Осиёи Марказӣ ташкил шада, тавассути созишномаҳо, санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва ҳамкориҳои минтақавӣ ба вуҷуд омада, дорои хусусиятҳо, ва омилҳои хос мебошад. Бо ибораи дигар, бозори электроэнергетикаи давлатҳои Осиёи Марказӣ яке аз навъҳои маъмули бозори минтақавӣ буда, ташаккул ва равнақи он аз муносибатҳои ҳамгироии давлатҳои ин манотиқ вобаста мебошад ва дар ҳолати рушд кардани он мушкилоти бо барқ таъмин гардидани иқтисодиёт ва иҷтимоиёти давлатҳои минтақа метавонад ҳалли мусбии худро пайдо кунад.

Калидвожаҳо: муносибаҳои бозорӣ, Осиёи Марказӣ, интегратсия, бозори электроэнергетикӣ, захираҳои обӣ-энергетикӣ, бозори минтақавӣ, сиёсати энергетикӣ.

НАУЧНЫЕ ОСНОВЫ ФОРМИРОВАНИЯ РЫНОЧНЫХ ОТНОШЕНИЙ СТРАН ЦЕНТРАЛЬНОЙ АЗИИ В ОБЛАСТИ ЭЛЕКТРОЭНЕРГЕТИКИ

В данной статье представлены теоретические основы формирования рыночных отношений стран Центральной Азии в области электроэнергетики. Страны Центральной Азии обладают значительными энергетическими ресурсами. Однако распределение этих ресурсов варьируется в зависимости от территории этих государств. Республика Таджикистан и Кыргызская Республика имеют большой гидроэнергетический потенциал, но небольшое количество ископаемого топлива, которое можно использовать в коммерческих целях. Напротив, Республика Казахстан имеет значительные запасы нефти, газа и угля, Республика Узбекистан - значительные запасы газа, нефти и угля, а Республика Туркменистан - достаточные запасы газа и нефти. Автор отмечает, что создание единого рынка электроэнергетики можно рассматривать как одно из направлений экономической интеграции независимых стран Центральной Азии, что очень важно как для отдельных стран, так и для региона в целом. Автор также отмечает, что рынок электроэнергетики стран Центральной Азии представляет собой совокупность экономических отношений, сформированных в ходе интеграции центральноазиатских государств, сформированных посредством соглашений, нормативных актов и регионального сотрудничества, и имеет свои собственные характеристики, принципы и факторы. Другими словами, рынок электроэнергетики стран Центральной Азии является одним из самых популярных типов региональных рынков, формирование и развитие которого зависит от интеграции стран этих регионов, и в своем развитии может решить проблему электроснабжения экономики и общества региона.

Ключевые слова: рыночные отношения, Центральная Азия, интеграция, рынок электроэнергетики, водно-энергетические ресурсы, региональный рынок, энергетическая политика.

SCIENTIFIC BASIS FOR FORMING MARKET RELATIONS IN THE COUNTRIES OF CENTRAL ASIA IN THE FIELD OF ELECTRIC POWER

This article presents the theoretical foundations of the formation of market relations in the countries of Central Asia in the field of electricity. The countries of Central Asia have significant energy resources. However, the distribution of these resources varies depending on the territory of these states. The Republic of Tajikistan and the Kyrgyz Republic have large hydropower potential, but few fossil fuels that can be used commercially. On the contrary, the Republic of Kazakhstan has significant reserves of oil, gas and coal, the Republic of Uzbekistan has significant reserves of gas, oil and coal, and the Republic of Turkmenistan has sufficient reserves of gas and oil. The author notes that the creation of a single electricity market can be considered as one of the areas of economic integration of the independent countries of Central Asia, which is very important both for individual countries and for the region as a whole. The author also notes that the electricity market of Central Asian countries is a set of economic relations formed during the integration of Central Asian states, formed through agreements, regulations and regional cooperation, and has its own characteristics, principles and factors. In other words, the electricity market of the Central Asian countries is one of the most popular types of regional markets, the formation and development of which depends on the integration of the countries of these regions, and in its development can solve the problem of power supply to the economy and society of the region.

Keywords: market relations, Central Asia, integration, electricity market, water and energy resources, regional market, energy policy.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Асоев Баҳодур Хайридинович*** – Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб, муаллими калони кафедраи иқтисод. **Суроға**: 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон, ш.Кӯлоб, хиёбони Борбад. E-mail: **asoev_86@bk.ru**. Телефон: **985-24-70-82**

Сведения об авторе: ***Асоев Баходур Хайридинович*** – Институт технологий и инновационного менеджмента в г. Кулябе, старший преподаватель кафедры экономики. **Адрес**: 735140, Республика Таджикистан, Хатлонская обл., г. Куляб, проспект Борбад. E-mail: **asoev_86@bk.ru**. Телефон: **(+992) 985-24-70-82**

Information about the author: ***Asoev Bahodur Khairidinovich*** - Institute of Technology and Innovation Management in Kulyab, Senior lecturer of the Department «Economics». **Address**: 735140, Republic of Tajikistan, Khatlon region, Kulob city, Borbad Avenue. E-mail: **asoev_86@bk.ru**. Phone: **(+992) 985-24-70-82**

УДК 330.83

АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ ВА МЕТОДОЛОГИИ ТАҲҚИҚИ ИҚТИСОДИ МИНТАҚА

Ашуров Н.А.
Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав

Дар шароити ташаккул ва рушди муносибатҳои бозоргонӣ таҳқиқи иқтисодиёти минтақа дар асоси омӯзиши асосҳои назариявӣ ва методологӣ аҳамияти бузург дорад. Дар айни замон, ба минтақаҳо ҳуқуқи мустақилона ҳал намудани масъалаҳои иқтисодӣ, барқарор кардани муносибатҳои байниминтақавӣ ва робитаҳо бо кишварҳои хориҷӣ дода шудааст. Ҳар як минтақаи Тоҷикистон дорои захираҳои табиӣ, хусусиятҳои ҷойгиршавӣ, махсусияти миллӣ ва таърихӣ, сохтори иқтисодии худ, сатҳи рушди иқтисодӣ ва махсусгардонӣ мебошад. Минтақаҳо дар пешрафти иқтисодии мамлакат мавқеи муайянро ишғол менамоянд ва, ҳамзамон, бо дигар минтақаҳо якпорчагии иқтисодиро ташкил медиҳанд. Иқтисодиёти минтақавӣ бо мезоиқтисодиёт сохторӣ буда, як воҳиди махсуси иқтисодие мебошад, ки мураккабии он дар шакли гуногун зоҳир мешавад.

Иқтисодиёти минтақавӣ як соҳаи илмҳои иқтисод буда, ташкили ҳудудии истеҳсолотро меомӯзад. Он падидаҳо ва равандҳои иқтисодии марбут ба рушди бозори иқтисодии минтақаҳои алоҳида ва шомилшавии онҳо ба фазои ягонаи иқтисодиро тавсиф менамояд. Аз ин рӯ, ҳадафи муҳаққиқон, аз як тараф, муайян кардани хусусиятҳои умумии минтақаҳо бошад, аз ҷониби дигар, муайян кардани хусусиятҳои ҳар яки онҳо ва дар асоси натиҷаҳои бадастомада таҳия намудани барномаи мушаххас барои рушди минбаъдаи ҳамаҷонибаи онҳо нигаронида шудааст.

Агар равишҳои иқтисодии ҷаҳонӣ ва геополитикӣ дар чунин илмҳо, монанди иқтисодиёти ҷаҳонӣ ва сиёсат, фаъолона истифода карда шаванд, пас, муносибати таҷдиди ҳудудӣ дар иқтисодиёти миллӣ мавқеи муҳим дорад. Дар шароити низоми маъмурию тақсимотӣ, ки бар принсипҳои афзалияти идоракунии соҳа асос ёфтааст, иқтисоди минтақа заифтарин буд. Далели ин набудани монеаҳо дар рушди бисёр минтақаҳо, номувозинатии ҷиддӣ дар байни унсурҳои гуногуни системаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва табиӣ мебошад.

Дар робита ба ташаккули иқтисоди бисёрсоҳавӣ, муносибатҳои нави иқтисодӣ, тағйири кулли низоми идоракунӣ, вазифа ва таҳияи механизми нави идоракунии рушди иҷтимоию иқтисодии минтақа ба миён омад. Таъсиси чунин механизм бояд ба назарияи таҷдиди минтақавӣ, омӯзиши қонунҳои такрористеҳсоли иҷтимоӣ ва зуҳуроти онҳо дар сатҳи минтақавӣ асос ёбад. Равиши самараноки идоракунии рушди иҷтимоию иқтисодии минтақа маънои зарурати идораи муносибатҳо ва вобастагии байни ҳамаи унсурҳои низоми минтақаро дорад, ки онҳо бояд афзоиши некуаҳволии мардумро таъмин намоянд.

Мафҳуми ибтидоии назарияи таҷдиди минтақавӣ мафҳуми "минтақа" мебошад. Дар адабиёти илмӣ ва дар амалияи ҳаррӯза мафҳумҳо, монанди “низоми ҳудудӣ”, “иқтисодиёти минтақа”, минтақа ва ғайра, аксар вақт барои ин истилоҳ чун муродиф истифода мешаванд, аммо мундариҷаи онҳо фарқ мекунад.

Дар иқтисодиёте, ки воҳиди ҳудудӣ мавзӯи қарорҳои идоракунӣ аст ва ин қарорҳоро худи онҳо метавонанд дар сатҳҳои гуногуни низоми идоракунӣ - минтақавӣ (вилоят, шаҳр, ноҳия), маҳаллӣ, умумӣ ва бештар дар минтақасозии кишвар ва муттаҳидсозии мақоми қонунӣ ва ҳуқуқӣ дар ҳар як сатҳ тақвият бахшанд. Беҳуда нест, ки дар доираи Иттиҳоди иқтисодии Аврупо барои ҳамаи кишварҳо консепсияи умумии минтақа таҳия шудааст. Равандҳои иқтисодие, ки дар он сурат мегиранд, бояд намунаҳои муайяни такрористеҳсоли иҷтимоиро инъикос кунанд, ки дар зери таъсири омилҳои ба ҳам алоқаманд, иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва табиӣ ташаккул меёбанд. Ба ин маъно, минтақа ҳамчун як қисми ҳудудӣ-махсусгардонидашудаи иқтисодиёти миллии кишвар ба назар мерасад, ки бо ягонагӣ ва тамомияти раванди такрористеҳсолӣ тавсиф карда мешавад. Ҳамин тариқ, калимаҳои "минтақа" ва "ҳудуд" бояд қисм ва қисмат бошанд. Мафҳумҳои «ноҳия» ва «минтақа», ки як қисми қаламрави умумиро ифода мекунанд, ба таври васеъ муродифанд ва барои ишора ба як қисми маҳдуди фазо истифода мешаванд.

Аввалин таҷрибаҳои таҳқиқоти илмӣ оид ба масъалаҳои таҳқиқи минтақа бо олимони машҳур Тюнен Й., Вебер А., Лаунхардт В., Кристалер В. ва дигарон алоқаманданд. Натиҷаҳои кори онҳо ба ташаккули минбаъдаи назарияҳо ва омӯзиши иқтисодиёти минтақа таъсири бузург доштанд [11]. Инчунин, дар навбати худ олимони рус, монанди Радишев А.Н., Ломоносов М.В., Менделеев Д.И., Арсенев К.И., Чернишевский Н.Г. ва дигарон, ба проблемаҳои сохтори ҳудудии иқтисодии давлат таваҷҷуҳ зоҳир кардаанд.. Таърихи ташкили оқилонаи ҳудудии иқтисодиётро олимон, чун Колосовский Н.Н., Некрасов Н.Н., Немчинов В.С. ва дигарон, баррасӣ намудаанд [11].

Умуман, дар шарҳи истилоҳи “минтақа” андешаҳо зиёданд, аммо тафсири ин истилоҳ ғайриимкон аст. Тибқи гуфтаҳои академик А.Г. Гранберг, “минтақа як ҳудуди муайянест, ки аз дигар қаламравҳо бо тарзҳои гуногун фарқ мекунад ва дорои якпорчагӣ ва бо ҳам алоқамандии унсурҳои таркибии он мебошад”, “минтақа мафҳуми типологӣ мебошад ва интихоби минтақа аз минтақа мувофиқи мақсад ва вазифаҳои муайян амалӣ карда мешавад” [3].

Смешко О.Г. се ҷузъро дар тафсири истилоҳи “минтақа” пешниҳод мекунад: тибқи омилҳои геополитикӣ (интернасионализатсияи муносибатҳои иқтисодӣ, ҷаҳонишавии иқтисодиёт), омилҳои марҳилаҳои рушд (самтҳои ҳудудӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фазоӣ) ва омилҳои идоракунии маъмурӣ (тақсимоти маъмурӣ-ҳудудии давлат) [9].

Бо назардошти интернасионализатсияи муносибатҳои иқтисодӣ минтақа дар асоси манфиати тарафайн ҳамчун иттиҳодияи минтақаҳои наздисарҳадии кишварҳои ҳамсоя фаҳмида мешавад.

Дар раванди ҷаҳонишавии иқтисодиёт минтақа ҳамчун як минтақаи ҷаҳон, ҷомеаи байналмилалӣ, фаромилии давлатҳо тавассути таъсис додани иниститутҳои ҳамоҳангсозӣ ва идоракунӣ баррасӣ карда мешавад.

Самтҳои ҳудудиро ба назар гирифта, минтақа як қисми ҳудудест, ки шароити мушаххаси фаъолияташ ба роҳ монда шуда, дар он соҳаҳои истеҳсолӣ ва инфрасохтори иҷтимоӣ ривоҷ меёбанд.

Бо назардошти таҳқиқи самтҳои иқтисодӣ минтақа ҷое мебошад, ки дар он даврaҳои пурраи такрориистеҳсолии аҳолӣ ва захираҳои меҳнатӣ, воситаҳои асосӣ ва муомилот, як қисми сарвати миллӣ, муомилоти пулӣ, муносибатҳо оид ба истеҳсол, тақсимот, мубодила ва истеъмоли маҳсулот ба амал бароварда мешаванд.

Муносибатҳои иҷтимоиро ба назар гирифта, минтақаро ҳамчун воҳиди ҳудуди муайяндошта, шарҳ медиҳанд, ки дар он равандҳои иҷтимоию иқтисодӣ амалӣ гашта, мавқеи минтақаро дар системаи тақсимоти иҷтимоии меҳнат муайян мекунад.

Инчунин, минтақа шакли ҳудудӣ (фазоӣ)-и ташкили истеҳсолот буда,субъектест, ки қудрати барқарор кардани захираҳоро дорад ва ҳамчун субъекти равандҳои иҷтимоию иқтисодӣ, ки дорои инфрасохтори муайяни иҷтимоию фарҳангӣ буда, ба тағйирот муқовимат мекунад.

М.Л. Калужский чунин шарҳи истилоҳи минтақаро пешниҳод мекунад: “минтақа як қисми қаламрави кишварест, ки шароити табиӣ, иҷтимоию иқтисодӣ, ҷамъиятӣ-сиёсӣ ва дараҷаи муайяни муттаҳидии дохилӣ дорад, ки аз дигар қисматҳои кишвар фарқ мекунад” [5]. Тафсири мазкур минтақаҳои иҷтимоӣ-иқтисодиро дар назар дорад.

Минтақа ин тамомияти ҳудуд, аз ҷумла сохтори истеҳсолии шаклҳои гуногуни моликият, ташкили ҷойҳои корӣ ва арзишҳои маънавӣ, мебошад, ки қаламрави худро дорад [1].

Дар илми иқтисод гурӯҳбандии минтақаҳо гуногун мебошад. Минтақаҳоро аз рӯйи чунин аломатҳо гурӯҳбандӣ кардан мумкин аст: мавҷудияти қувваҳои истеҳсолӣ, сохтори иҷтимоӣ, мавҷудияти ашёи хом, масофа аз марказҳои саноатӣ, шаҳрҳо ва ғайра. Дар кишварҳои индустриалӣ минтақаҳо ба чунин гурӯҳҳо тақсим карда мешаванд: минтақаҳои депрессивӣ, ки дар гузашта суръати баланди рушдро нишон додаанд; минтақаҳои рукунатӣ, ки бо суръати пасти рушд ё “сифр” тавсиф мешаванд; минтақаҳои пешрав ё минтақаҳои нав рушдкарда; минтақаҳои хурд ё минтақаҳои ибтидоии иқтисодӣ; минтақаҳои иқтисодии аввалиндараҷа (ё минтақаҳои умумӣ, генералӣ), ки нақшаҳои минтақавии тақсимоти кишварро ташкил медиҳанд; минтақаҳои барномавӣ (банақшагирифташуда) – минтақаҳое, ки дар онҳо барномаҳои мақсадноки рушд маҳн шудаанд ва контурашон дар ҳудуд бо минтақаҳои ин шабака мувофиқат намекунад; минтақаҳои беназир, ки ба татбиқи лоиҳаҳои бузурги сохтмонӣ алоқаманданд (минтақаҳои лоиҳавӣ) ё бо сатҳи хеле пасти рушд (минтақаҳои мушкил) тавсиф мешаванд [7].

Дар низоми ҳудудии Тоҷикистон якчанд сохторҳои минтақавиро метавон фарқ кард. Сохтор мувофиқи тақсимоти иқтисодӣ дар заминаи тақсимоти ҳудудии меҳнат ташаккул ёфтааст. Ҳудудҳои ин сохтор дар ҷараёни ягонаи такрористеҳсоли иҷтимоӣ ва хусусиятҳои хоси онҳо дорои тахассуси муайян мебошанд. Тақсимоти ҳудудии меҳнат ин раванди объективии ихтисоси истеҳсолот, тақсимоти минтақаҳои иқтисодӣ, рушди ҳамкориҳои байниминтақавӣ, мубодилаи маҳсулот ва хизматрасонӣ мебошад. Он қонунҳои асосӣ ва шаклҳои ташкили ҳудудии ташкили истеҳсолотро муайян мекунад.

Сохтори минтақавӣ сохтори ҳудудӣ-маъмурии ҳар як субъекти ҷумҳуриро инъикос мекунад. Он бо хусусиятҳои тақсимоти аҳолӣ ва мураккабии идоракунии мутамаркази равандҳои иҷтимоию иқтисодӣ дар қаламрави васеи давлат муайян карда мешавад.

Бешубҳа, Тоҷикистон яке аз минтақаҳои кӯҳистон ба ҳисоб рафта, 93% қаламрави онро кӯҳҳо ташкил медиҳанд. Вилояти Хатлон, ки яке аз минтақаҳои гармтарин ва кӯҳсор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад, соли 1992 ташкил шудааст. Маркази вилоят Бохтар аст, ки масофаи байни шаҳри Бохтар ва маркази ҷумҳурӣ – шаҳри Душанбе, 100 км роҳро ташкил медиҳад. Мувофиқи маълумоти Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон шумораи аҳолӣ ба 1 январи соли 2018-ум 3198,5 ҳазор нафар мебошад. Зичии аҳолӣ то 1 январи соли 2017 бо ҳисоби миёна ба майдони 1 км мураббаъ 129,5 нафарро ташкил медиҳад. Аҳолии минтақаҳои вилояти Хатлон гуногунмиллат буда, дар он зиёда аз 62 миллат, аксар тоҷикон, ӯзбекҳо, русҳо ва дигар миллатҳо, зиндагӣ мекунанд. Шумораи аҳолии шаҳрҳо 568,6 ҳазор нафар ва аҳолии деҳот 2555,7 ҳазор нафарро ташкил медиҳад.

Вилоят дар қисми ҷанубу ғарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгир буда, ҳудуди он 24,6 ҳазор км мураббаъро ташкил медиҳад, ки ба 17%-и ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон

баробар аст. Мувофиқи маълумотҳои омории соли 2018 дар вилоят ду муассисаи давлатии минтақавии нигаҳдории роҳҳои автомобилгард фаъолият доранд. Дар вилоят ҳамагӣ 5076,6 км роҳҳои автомобилгард вуҷуд дошта, аз ин 641,5 км аҳамияти байналмилалӣ, 767,9 км аҳамияти ҷумҳуриявӣ ва 3667,2 км аҳамияти маҳаллидошта мебошанд. Иқлими вилоят хушк буда, ҳарорат дар тобистон то +48 дараҷа гарм ва зимистон то -20 дараҷа хунук мешавад. Аз рӯйи структураи сарҳадӣ-ҳудуди минтақаи вилояти Хатлон ба 24 ноҳия, 4 шаҳр ва 22 шаҳрак, 133 ҷамоати деҳот тақсим мешавад. Минтақаи вилояти Хатлон дар шимол бо ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, дар шарқ бо вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, дар ғарб бо Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва дар ҷануб бо Ҷумҳурии исломии Афғонистон ҳамсарҳад мебошад. Вилояти Хатлон яке аз минтақаҳое ба шумор меравад, ки содирот, воридот ва интиқоли бисёре аз молу маҳсулот тавассути ин минтақа дар дохил ва берун аз ҷумҳурӣ бо кишварҳои минтақаи ҳамсоя ва дур аз он ба анҷом расонида мешавад. Умуман, вилояти Хатлон дар ҷумҳурӣ яке аз минтақаҳои транзитӣ ба шумор рафта, дар рушди иқтисодиёти кишвар мавҷеи муҳимро ишғол менамояд.

Минтақаҳо масоҳати калонеро дар бар мегиранд, ки омӯзиши онҳо барои пайдо кардани роҳу усулҳои нави рушди онҳо зарур аст. Ба минтақаҳо макроминтақаҳо, зерсохторҳо, комлексҳои ҳудудӣ - истеҳсолӣ ва нуқтаҳои аҳолинишин дохил мешаванд. Макроминтақаҳо - минтақаҳои калонеро бо шароити мушаххаси рушд вобаста аз омилҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва тақсимоти минтақавии сокинон ташкил медиҳанд.

Бояд қайд кард, ки истилоҳи “илми минтақавӣ” дар адабиёт аз охири солҳои чилуми асри гузашта истифода шудааст. Сабаби асосии зарурати ин илм мураккабии муносибатҳои иқтисодӣ, таъсири омилҳои рушди марбут ба як минтақаи муайян (захираҳои табиӣ, мушкилотҳои иҷтимоӣ, ҳифзи муҳити зист) баррасӣ кардан ва, аз тарафи дигар, таҷрибаи аз ҳалли навъҳои мухталифи вазъият бадастомада, ки хислати минтақаро равшан ифода менамояд, мебошад. Пайдоиши илми минтақавӣ ҳамчун илми мустақил ба мавҷудияти бисёр мушкилоти пештара ва нави иҷтимоӣ марбут аст. Чунки ҷанбаҳои ҳудудии рушдро илмҳои анъанавии иҷтимоӣ ҳал карда наметавонистанд.

И.В. Бурмикина қайд мекунад, ки “иқтисоди минтақа ин ҷуғрофияи иқтисодиест, ки иқтисодро аз ҷиҳати мавҷудияти субъектҳои хоҷагидорӣ, воҳидҳои иқтисодӣ ва потенсиали иқтисодии онҳоро меомӯзад. Инчунин, иқтисоди минтақавӣ илмест, ки зуҳури муносибатҳои назарраси иқтисодиро дар ҳудуди муайян тавсиф мекунад. Масоҳат ҳудуди маъмурии маҳдудшуда дар назар дошта мешавад” [2].

Дар Тоҷикистон масъалаҳои иқтисоди минтақавӣ аз тарафи олимони зиёде омӯхта шудааст, ки онҳо рушди босуботи минтақаҳоро асоси рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар меҳисобанд. Инчунин, дар корҳои илмӣ диққати асосӣ ба рушди инфрасохтори иқтисодиёти миллӣ ва минтақаҳои он дода шудааст [9].

Солҳои охир дар шароити иқтисоди бозоргонӣ аҳамияти иқтисоди минтақавӣ афзудааст. Қайд кардан мумкин аст, ки ҳаргуна душвориҳо дар ҷараёни таҳаввулоти иқтисодӣ бо таъсири омилҳо ва шароити минтақавӣ вобастагӣ дорад. Дар шароити ташаккули муносибатҳои бозорӣ нақши омили минтақавӣ зоҳир мешавад, зеро дигаргуниҳои иқтисодӣ дар қаламрави муайяне сурат мегирад, ки дар шароити муайян фарқ мекунанд. Дар ин робита, бо назардошти шароити нав густариши таҳқиқоти илмии ҷанбаҳои минтақавии иқтисодиёти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба миён омадааст. Интихоби иқтисоди минтақа ҳамчун як бахши мустақили донишҳои илмӣ яке аз самтҳои асосии рушди минтақа мебошад.

Иқтисоди минтақа ҳамчун илм дар ИМА соли 1950 дар навиштаҳои асосгузори илми минтақа Уолтер Айзард пайдо шудааст [10].

Дар Иттиҳоди Шӯравӣ иқтисоди минтақа ҳамчун як бахши илми иқтисодӣ шарҳ дода шуда, рушди иқтисоди минтақаҳо бо мақсади банақшагирии ташкили ҳудудии иқтисод таҳқиқ карда мешуд. Аз солҳои шастуми асри гузашта иқтисоди минтақавӣ дар Иттиҳоди Шӯравӣ рушд кард. Истилоҳи “иқтисоди минтақавӣ”-ро В.Ф. Павленко ба кор бурдааст [6]. Ба ақидаи Павленко мундариҷаи субъекти иқтисодиёти минтақа иқтисодиёти мушаххаси минтақаҳои алоҳида, омил ва мушкилоти рушди онҳо, конунҳои умумӣ мебошанд. Павленко В.Ф. мушкилоти рушди соҳаи истеҳсолоти моддӣ, проблемаҳои ҷомеашиносӣ ва демографияро чунин қайд намудааст: “Иқтисоди минтақаро бидуни алоқа бо дигар илмҳо, илмҳои омӯхташавандаи равандҳои рушди иҷтимоию иқтисодии минтақа, масалан, бо ҷуғрофияи иқтисодии минтақавӣ, ҷомеашиносии минтақа наметавон баррасӣ кард. Илова бар ин, тадқиқоти иқтисодии минтақавӣ бояд ба натиҷаҳои рушди илмҳои табиӣ ва техникӣ асос ёбад” [11].

Ҳамзамон, Н.Н. Некрасов ишора мекунад, ки “мавзӯи иқтисоди минтақа ҳамчун илми минтақавӣ омӯзиши ҳамаҷонибаи маҷмӯи омилҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ бо мақсади ташаккули заминаи истеҳсолӣ, техникӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии як минтақаи алоҳида ва тамоми системаи минтақаҳои иқтисодии кишвар мебошад. Тақсимоти оқилонаи қувваҳои истеҳсолкунанда, таҳқурсӣ, қисми асосии илми минтақаҳоро ифода мекунад” [9].

Мувофиқи гуфтаҳои муҳаққиқ “иқтисоди минтақа як соҳаи донишест, ки омӯхтан ва тақсимоти қувваҳои истеҳсолкунанда, равандҳои иҷтимоию иқтисодии кишвар ва минтақаҳои онро дар ҳамбастагии зич бо шароити табиӣ ва муҳити зист омӯхтааст” [8].

Морозова Т.Г. чунин мешуморад, ки “заминаи интизоми иқтисодиёти минтақа мисли ҷуғрофияи иқтисодӣ ва мушкилоти мустақими тақсимоти қувваҳои истеҳсолкунанда мебошад” [8]. Гранберг А.Г. бар он ақидааст, ки “ҷуғрофияи иқтисодӣ ва тақсимоти қувваҳои истеҳсолкунанда бо фанҳои фундаменталии таълими иқтисодии муосир қариб алоқаманд нестанд, мушкилоти асосии бозоргониро як сӯ гузошта, танҳо имкониятҳои истифодаи тафсирҳои муосири таҳлилиро нишон медиҳанд ва инчунин дар идеал, иқтисоди минтақа бояд мавқеи сеюмро дар омӯзиши фундаменталии иқтисоддонҳо якҷо бо макроэкономика ва микроэкономика ишғол намояд, ки ин як оғози муҳим дар роҳи минтақакунонӣ, тафаккури иқтисодӣ ва маориф хоҳад буд” [4].

Ҳамин тавр, ду нуқтаи назар оид ба мазмуни мавзӯи иқтисодиёти минтақа таҳия гардидааст. Бо назардошти нуқтаи аввал иқтисодиёти минтақа яке аз соҳаҳои илмҳои иқтисодӣ ҳисобида мешавад, ки омилҳо ва мушкилоти рушди субъектҳои ҳудудиро таҳқиқ мекунад. Намояндагони назарияи дигар асоси консепсияи иқтисодиёти минтақавиро тақсимоти оқилонаи қувваҳои истеҳсолӣ меҳисобанд. Дар баробари ин, вазифаҳои асосии иқтисодиёти минтақавӣ омӯзиши шакли манзил мебошад.

Аз ин рӯ, ба маънои васеъ субъекти иқтисоди минтақа метавонад омӯхтани проблемаҳои ҳудудӣ (фазоӣ)-и зикршуда, муайян кардани роҳу механизмҳои ҳалли онҳо ва арзёбии оқибатҳои татбиқи қарорҳои пешниҳодшуда бошад.

Мавзӯи иқтисоди минтақа омӯзиши тақсимоти оқилонаи қувваҳои истеҳсолкунанда ва рушди соҳаҳои хоҷагии халқ, муҳимтарин хусусиятҳои иқтисодии минтақаҳо, инчунин, муносибатҳои байнисоҳавӣ мебошад. Мавзӯи иқтисоди минтақа омӯзиши муносибатҳои минтақавӣ, молиявиву қарзӣ ва равандҳои ташаккули бозорҳои минтақаро фаро мегирад.

Вазифаи асосии иқтисоди минтақа таъмини манфиатҳои иқтисодии кишвар ва минтақаҳои он мебошад. Дар доираи иқтисодиёти минтақа, мушкилоти марбут ба иқтисоди минтақа, равобити онҳо, таъсимоти қувваҳои истеҳсолкунанда; моделсозии системаҳои идоракунии минтақаҳо; такмили механизмҳо, усулҳои идоракунӣ ва танзими фаъолияти иқтисодӣ дар минтақа таҳқиқ карда мешавад. Вазифаҳои иқтисодии минтақа дар ҷадвали 1 нишон дода шудааст.

Ҷадвали 1. Вазифаҳои иқтисодиёти минтақавӣ
Table 1. Tasks of the regional economy

Соҳаи истифодабарӣ	Мазмун
Истеҳсолот	Истеҳсоли маҳсулот ва хизматрасонӣ дар доираи барномаҳои минтақавӣ барои бозори дохилӣ ва хориҷӣ; истеҳсоли молҳои давлатӣ (ҳавопаймоҳо, роҳҳои оҳан ва шоҳроҳҳо, неругоҳҳои обӣ ва ғайра); хизматрасониҳои давлатӣ (сайёҳӣ, маориф, тиб, манзил, чорабиниҳои фарҳангӣ ва ғайра).
Нархгузорӣ	Танзими нарху тарифҳо, таҳияи имтиёзу ҷаримаҳои гуногун, муайян кардани сиёсати андоз.
Тақсимотӣ	Ташаккули каналҳои минтақавӣ оид ба тақсими молу хизматҳо.
Мубодила	Ҳавасмандгардонии мубодилаи фурӯши молҳо ва хизматрасониҳо, хизматрасонии фурӯш, ташкили таблиғ, ташаккули системаи иттилооти оммавӣ, системаҳои телекоммуникатсионӣ, пойгоҳи додаҳои оморӣ ва ғайра.
Истеъмол	Таъминоти оқилонаи сатҳи истеъмол.

Иқтисодиёти минтақавӣ ҳамчун илм гуногунҷанба буда, яке аз объектҳои омӯзиши он низоми минтақавии нақлиёт ва инфрасохторҳои нақлиётӣ-логистикӣ мебошад. Низоми нақлиёти минтақавӣ яке аз ҷузъҳои иқтисодиёти минтақа мебошад. Иқтисодиёти минтақавӣ сохтор ва таркиби қувваҳои истеҳсолкунанда, тақсимоти истеъмолкунандагон, сохтор ва самти ҳаракати миқдори молро муайян мекунад.

Дар асоси таърифҳои дар боло зикршуда, ба андешаи мо, таърифи иқтисодиёти минтақа ин як бахши илми иқтисодиёт мебошад, ки ташкили ҳудуди истеҳсолот, рушд ва тақсими қувваҳои истеҳсолкунанда ва равандҳои иҷтимоию иқтисодии субъектҳои ҳудудиро, ки падидаҳо ва равандҳои иқтисодиро тавсиф мекунанд, дар ҳамбастагии зич бо шароити муҳити зист омӯхтааст. Инчунин, қайд кардан ба маврид аст, ки иқтисоди

минтақавӣ – илми маҷмӯи ҷузъҳои иқтисодии ҳудуд, муттаҳидсозии объектҳои иқтисодию иҷтимоӣ мебошад, ки ташшаккулу рушди қувваҳои истеҳсолкунанда ва равандҳои иҷтимоиро дар системаи минтақавии кишвар ва ҳар як минтақа муайян мекунад. Объекти илмӣ пайвандгари иқтисоди миллӣ мебошад, ки ба ҳудуди муайян зич вобаста аст. Иқтисодиёти минтақавӣ ба омӯзиши банақшагирӣ ва пешбинӣ, инчунин, муайян кардани самтҳои афзалиятноки таҳсимоти қувваҳои истеҳсолӣ, омӯзиши робитаҳои иқтисодии байниминтақавӣ ва омӯзиши ташкили ҳудудии иқтисодиёт машғул мебошад. Иқтисоди минтақавӣ инчунин консепсияҳои рушди равандҳои иқтисодӣ ва иҷтимоиро дар бар гирифта, коркарди фишангҳои иқтисодӣ барои таъсир ба раванди таҳсимоти сармоягузорӣ ва рушди минтақавиро муайян менамояд.

Ҳадафи фаъолияти иқтисодии минтақа таъмини сатҳи баланд ва сифати зиндагии аҳолии он мебошад. Иқтисодиёти минтақавӣ бояд ба истифодаи се принсипи асосӣ асос ёбад: аввалан, бодиққат ба назар гирифтани эҳтиёҷоти аҳолии минтақа, ҳолат ва динамикаи бозорҳои фаъолиятдошта, манфиатҳои давлат ва корхонаҳои алоҳида; дуюм, фароҳам овардани шароит барои мутобиқ кардани сохтори иқтисоди минтақа ба омилҳои дохилӣ ва хориҷӣ; сеюм, татбиқи фаъолонаи манфиатҳои минтақавӣ.

Дар маҷмӯъ, натиҷаи таҳқиқи асосҳои назариявию методологӣ имконият медиҳад, ки барномаҳои махсус ҷиҳати тарҳрезии рушди иқтисодию иҷтимоии минтақаҳо ба роҳ монда шуда, дар асоси амалӣ намудани онҳо рушди босуботи иқтисодӣ дар Тоҷикистон таъмин карда шавад.

АДАБИЁТ

1. Алабина Т.А. Региональная экономическая политика в развивающейся экономике: теория и практика (на материале Кемеровской области). Монография / Т.А. Алабина. -Кемерово: Кемеровский гос. ун-т, 2011. -260 с.
2. Бурмыкина И.В. Экономика регионов и региональная политика. Монография / И.В. Бурмыкина. -Новосибирск: ЦРНС, 2014. -14 с.
3. Гранберг А.Г. Движение регионов России к инновационной экономике /А.Г. Гранберг. -М.: Наука, 2006. -400 с.
4. Гранберг А.Г. Становление в России научного направления “Пространственная экономика” / А.Г. Гранберг // Вестник Университета (Государственный университет управления). -М., 2009. -№2. -С.67.
5. Калужский М.Л. Методологические основы анализа системных противоречий общественного развития. Монография / М.Л. Калужский. -М.: Директ-Медиа, 2013. -134 с.
6. Колесниченко Д.А. Вопросы региональной экономики. Монография / Д.А. Колесниченко. -Тамбов: Бизнес-Наука-Общество, 2011. -319 с.
7. Корчмит В.А. Региональная экономика. Монография / В.А. Корчмит. -Петропавловск-Камчатский: КФ МУПК. – Издательство Камчатстат, 2006. -189 с.
8. Павленко В.Ф. Планирование регионального развития (территориальный аспект планирования) / В.Ф. Павленко. -М.: Экономика, 1984. -267 с.
9. Раджабов Р.К. Региональные аспекты развития сферы платных услуг населению в условиях переходной экономик. Монография / Р.К. Раджабов. -Душанбе: Ирфон, 2013. -213с.
10. Региональная экономика. [Электронный ресурс]. https://ru.wikipedia.org/wiki/
11. Смешко О.Г. Региональная экономика: факторы развития. Монография / О.Г. Смешко. -СПБ.: Издательство Санкт-Петербургского университета управления и экономики, 2014. -266 с.

АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ ВА МЕТОДОЛОГИИ ТАҲҚИҚИ ИҚТИСОДИ МИНТАҚА

Дар мақола асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқи иқтисоди минтақа дар асоси омӯзиши ақидаи олимони ватанию хориҷӣ дида баромада шудааст. Маънидодкунии истилоҳи “минтақа” баррасӣ карда шуда, гурӯҳбандии минтақаҳо ва вазифаҳои иқтисодиёти минтақа мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. Мавзӯи иқтисодиёти минтақа бо назардошти омӯзиши таҳсимоти оқилонаи қувваҳои истеҳсолкунанда ва рушди соҳаҳои хоҷагии халқ, хусусиятҳои иқтисодии онҳо, инчунин, муносибатҳои байнисоҳавӣ сурат гирифтааст. Инчунин, ин раванд бо назардошти омӯзиши муносибатҳои минтақавӣ, молиявӣ ва қарзӣ ва равандҳои ташаккули бозорҳои минтақавӣ ба роҳ монда шуда, вазифаи асосии иқтисоди минтақа таъмини манфиатҳои иқтисодии кишвар баҳо дода шудааст. Диққати махсус нисбати иқтисодиёти вилояти Хатлон дода шудааст. Пешниҳодҳо ҷиҳати амалий намудани ҳадафи фаъолияти иқтисодии минтақа доир ба таъмини сатҳи баланд ва сифати зиндагӣ аҳолии он асоснок карда шудааст.

Калидвожаҳо: минтақа, асосҳои назариявӣ, методология, вазифаҳо, гурӯҳбандӣ, сатҳ ва сифати зиндагӣ, иқтисодиёти минтақа.

ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ И МЕТОДОЛОГИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ ИССЛЕДОВАНИЯ РЕГИОНАЛЬНОЙ ЭКОНОМИКИ

В статье рассмотрены теоретическое и методологическое основы исследования региональной экономики на основе научных взглядов таджикских и зарубежных ученых. Охарактеризовано понятие “регион” и проведена классификация регионов и их экономические функции. Вопрос о региональной экономике исследован с учетом изучения регионального распределения производительных сил и развития отраслей народного хозяйства, их экономических свойств, а также межотраслевых отношений. Этот прецесс протекает на основе региональных, финансовых, кредитных отношений и формирования региональных рынков, при этом основной задачей региональной экономики является обеспечение экономических доходов страны. Уделено особое внимание роли экономики Хатлонской области. Обоснована реализация задач региональной экономики для обеспечения высокого уровня блогосостояния жизни населения.

Ключевые слова: регион, теоретические основы, методология, функции, классификация, уровень и качество жизни, экономика региона.

THEORETICAL AND METHODICAL BASIS SEARCHING REGIONAL ECONOMICS

In this article considered theoretical and methodical basis of regional economic searching on foundation of science views of Tajik and foreign scientifics. Described idea of "region" and made the classification of regions and it`s functions. The problem of regional economics searching by regional distribute of productive force and development of people association branch, it`s economical features and also interindustry attitude. This proses passage by means regional, fiscal, credit attitude an foundation regional market and the main duties of regional economics is to support economical profit of our country. Specially were considered the role of economic of Khatlon area. The ground is to realization of regional economics for high level provision of social life of population.

Keywords: region, theoretical bass, methodology, function, classification, the quality and level of life, regional economic.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Ашуров Носир Амонқулович*** **-** Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, унвонҷӯи кафедраи нақлиёти автомобилӣ. **Суроға:** 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67. E-mail: **nosir-85@mail.ru**. Телефон: **(+992) 937-10-19-58**

Сведения об авторе: ***Ашуров Носир Амонкулович*** - Бохтарский государственный университет имени Носира Хусрава, соискатель кафедры автомобильного транспорта. **Адрес**: 735140, Республика Таджикистан, г.Бохтар, улица Айни 67. E-mail: **nosir-85@mail.ru**. Телефон: **(+992) 937-10-19-58**

Information about the author: ***Ashurov Nosir Amonkulovich*** - Bokhtar State University named after Nosir Khusrav, applicant for the Department of Automobile Transport. **Address:** 735140, Republic of Tajikistan, Bokhtar, Aini street 67. E-mail**: nosir-85@mail.ru.** Phone: **(+992) 937-10-19-58**

УДК 336.7(575.3)

ИҚТИСОДИЁТИ МИНТАҚАВИИ ВИЛОЯТИ СУҒД ДАР НИЗОМИ ИҚТИСОДИЁТИ МИЛЛӢ

Аминова Ф.М.
Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон

Масъалаи асосии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи муосир, чи тавре аз Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси олӣ (26.12.2018) бармеояд, саноатикунонии босуръати кишвар ба ҳисоб меравад [5,с.1].

Дар ин васила дар вохӯрӣ бо саноатчиён ва соҳибкорон Пешвои миллат иброз доштанд, ки дар самти расидан ба ҳадафи чоруми миллӣ – саноатикунонии босуръати кишвар, дар минтақаҳо шароитҳои фароҳам муҳаё карда шуда, рушди соҳаи мазкур ҳаматарафа аз тарафи мақомоти идоракунии маҳаллӣ дастгирӣ карда шавад (14.10.2019) [1,с.1].

Тараққиёти иҷтимоӣ-иқтисодии мамлакат ва минтақаҳои он бевосита аз сатҳи мустаҳкамии корхонаҳои саноатии он вобастагӣ дорад. Дар замони муосир корхонаи саноатӣ ҳамчун объекти асосии муносибатҳои иқтисодӣ, сиёсӣ ва иҷтимоӣ баромад мекунад. Дар чунин ҳолат зарур аст, ки хислат ва афзалиятҳои ташаккулёбии низомҳои саноатии иқтисодӣ муайян карда шаванд, ки на танҳо дар афзалиятҳои муқоисавии ин ё он корхона, балки дар хусусиятҳои инкишофи таърихии он, ҷойгиршавии географӣ, афзалиятҳои рақобатпазирӣ аз ҳисоби нишондиҳандаҳои шуморавӣ ва сифатии иқтисодӣ ба мадди аввал мегузаранд.

Саноати минтақавӣ бо баробари унсури сохтории иқтисодиёти кишвар ба ҳисоб рафта, дорои хислатҳои фарқкунанда мебошад, ки саҳми онро дар натиҷагирии иқтисодиёти миллӣ муайян менамояд. Тадқиқи шароит ва тағйирёбии ҷараёнҳои иҷтимоӣ-иқтисодии тараққиёти саноат нишон медиҳад, ки ҳар як корхонаи саноатӣ дорои муҳити махсус ва сохтори ташкилӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, истеҳсолӣ, институтсионалӣ ва ғайраҳо мебошад, ки хусусиятҳои инкишоф ва идоракуниро муайян менамоянд. Дар ин ҷода муайян намудани низоми иҷтимоӣ-иқтисодӣ дар сатҳи корхонаи саноатиро мумкин аст, ҳамчун низоми сохтори номутаносиб тавсиф намуд. Дар баробари ин гуногунӣ дар ҳама ҷиҳатҳои фаъолияти низоми саноатӣ ба назар мерасад, алалхусус дар унсурҳои молиявӣ, кадрӣ, техникӣ, ташкилӣ, инвеститсионӣ, захиравӣ ва ғайраҳо. Дар шароити имрӯза дар ҷодаи коркарди муносибатҳои самаранок доир ба тараққиёти устувори саноатӣ диққати махсус ба ҷустуҷӯи нишондодҳои устуворӣ, баланд намудани фаъолнокии инвеститсионӣ, ҳамгироии саноатӣ дар сатҳи минтақавӣ, миллӣ ва ҷаҳонӣ, дастгирии муътадилии тараққиёти унсурҳои зарурии ташаккули низомҳои саноатӣ зоҳир карда мешавад [3,с.39].

Устувории низомҳои минтақавӣ тағйирнопазирии нисбии нишондодҳои асосии низомҳои минтақавии иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва қобилияти нигоҳдории ҳудудҳои додашуда ҳангоми дигаргуншавии тағйиротҳои беруниву дохилӣ мебошад [2,с.208].

Баъзе муаллифон корхонаи саноатиро аз мавқеи муносибати низомӣ мушоҳида намуда, қайд мекунанд, ки чунин корхонаҳо ҳамчун объекти идоракунӣ аз шаш зернизом иборат мебошанд: хоҷагидории саноатӣ, соҳаи истеҳсолӣ, иҷтимоӣ, соҳаҳои молиявӣ-иқтисодӣ ва менеҷменти саноатӣ [6,с.288].

Масъалаи тараққиёти устувори корхонаи саноатӣ яке аз масъалаҳои муҳимми давраи муосир ба ҳисоб меравад. Дар баробари ин тараққиёти устувори корхонаҳои саноатӣ дар ҳолати ҷалб намудани захираҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, экологӣ ва молиявӣ имконпазир буда, инчунин, ба назар гирифтани эҳтиёҷоти корхонаи саноатӣ, таъмини озодии иқтисодӣ ва бехатарии онҳоро тақозо менамояд.

Қайд намудан зарур аст, ки тараққиёти нобаробари корхонаҳои саноатӣ дар доираи иқтисодиёти миллӣ вобаста ба минтақаҳо ҳодиса объективона ва васеъ паҳн гашта мебошад. Чунин тараққиёти нобаробарӣ бо омилҳои зиёд алоқаманд мебошад. Минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи марз, шумораи аҳолӣ ва нишондиҳандаҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Онҳо бо хусусиятҳои мавҷудият ва ё дастнорас будани пояи захиравӣ ва саноатӣ, наздик ё дур будан аз роҳҳои нақлиётии байналхалқӣ, мавҷудияти инфрасохтори истеҳсоливу иҷтимоӣ ва дигар омилҳо аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Барои таҳлили омилҳои тараққиёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ истифодабарии фишангҳои оморӣ тавсия дода мешавад, ки ба таври объективӣ қобилияти инъикоси суръат ва таносубҳои тараққиёти саноатӣ ба инобат гирифта шаванд.

Нишондоди сатҳи тараққиёти иқтисодӣ ва иқтидори саноатӣ бевосита ҳиссаи маҳсулоти саноатии минтақавӣ дар маҷмӯи маҳсулоти саноатии кишвар ва тамоюли тағйирёбии маҳсулоти минтақавӣ баромад мекунад. Дар ҷадвали 1 маълумот оид ба тағйирёбии ҳиссаи минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар маҷмӯи маҳсулоти саноатии кишвар оварда шудаанд.

Ҷадвали 1. Ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ мувофиқи минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба маҳсулоти саноатии мамлакат (бо ифодаи фоиз)

Table 1. Volume of industrial production by regions of the Republic of Tajikistan in relation to industrial output of the country (in percent)

Минтақаҳо	Солҳо						
	2012	2013	2014	2015	2016	2017	2018
Ҷумҳурии Тоҷикистон	100,0	100,0	100,0	100,0	100,0	100,0	100,0
ВМКБ	1,0	1,0	0,9	0,9	0,9	1,0	1,0
Вилояти Суғд	31,5	31,7	39,0	40,1	46,9	50,3	48,1
Вилояти Хатлон	40,3	41,0	38,4	37,9	33,5	33,7	30,5
ш. Душанбе	11,5	10,3	11,6	11,1	9,7	8,3	11,2
НТҶ	15,7	16,0	10,1	10,0	9,1	6,8	9,2

Сарчашма: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон 2019 ҳисоб карда шуд [4,с 256]

2018 ин нишондиҳанда бетағйир боқӣ мондааст. Лекин дар ин марҳила ҳиссаи саноати минтақаи вилояти Суғд аз 31,5% соли 2012 дар соли 2018 ба 48,1% баланд шудааст. Баракси ҳолат дар саноати минтақаи вилояти Хатлон ба назар мерасад, ки ҳиссаи он аз 40,3% соли 2012 то 30,5% дар соли 2018 коҳиш ёфтааст. Ҳиссаи шаҳри Душанбе дар ҳаҷми маҳсулоти саноатии кишвар дар марҳилаи тағйироти хурдеро нишон медиҳад. Агар дар соли 2012 ҳиссаи ш. Душанбе дар ҳаҷми маҳсулоти саноатии кишвар ба 11,5% баробар шуда бошад, ин нишондиҳанда дар соли 2018 ба 11,2% баробар шудааст. Коҳишёбии ҳиссаи НТҶ дар ҳаҷми маҳсулоти саноатии кишвар аз 15,7% соли 2012 то 9,2% дар соли 2018 ба назар мерасад.

Таҳлили гузаронидашуда нишон медиҳад, ки, дар ҳақиқат, пешравии номувозинати соҳаҳои саноат дар доираи минтақаҳои кишвар ба назар мерасад. Дар ҳақиқат, чунин ҳолат ҳодисаи объективӣ ва бо омилҳои зиёд алоқаманд будани тараққиёти соҳаҳои саноатро нишон медиҳад. Аз рӯи маълумоти ҷадвали 1 қайд кардан мумкин аст, ки минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба инкишофу пешрафти соҳаҳои саноат фарқиятҳои назаррас доранд.

Вазни қиёсии зиёда аз 48% дар ҳаҷми маҳсулоти саноатии кишвар, ки ба вилояти Суғд рост меояд, аз он гувоҳӣ медиҳад, ки дар ин минтақаи кишвар барои дар амал татбиқ намудани ҳадафи чоруми миллӣ – саноатикунонии босуръати кишвар, шароит мавҷуд аст.

Солҳои охир дар вилояти Суғд тамоюли устувори рушди иқтисодиёти минтақавӣ ба назар мерасад. Ин гуфтаҳоро бо тағйирёбии суръати рушди маҷмӯи маҳсулоти минтақавӣ (МММ) баҳо додан мумкин аст (расми 1).

Расми 1. Суръати рушди МММ дар вилояти Суғд
Figure 1. Growth rate of MMM in Sughd region



Сарчашма: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. - 2019 [4,с.199]

Аз рӯи маълумоти дар расми 1 овардашуда маълум мегардад, ки суръати миёнасолаи афзоиши ҳаҷми МММ дар вилояти Суғд дар солҳои 2012-2018 ба 12,9% баробар аст. Афзоиши нисбатан баланди МММ дар вилоят, махсусан, дар солҳои 2016 ва 2017 (21,7 ва 19,5%) ба назар мерасад.

Барои муқоиса қайд кардан мумкин аст, ки суръати миёнасолаи афзоиши МММ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давоми солҳои 2012-2018 дар ҷадвали зерин оварда мешавад (ҷадвали 2).

Ҷадвали 2. Тағйирёбии МММ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва суръати миёнасолаи рушди он
Table 2. MMM change in the regions of the Republic of Tajikistan and its average annual growth rate

Нишондиҳандаҳо	Солҳо							Суръати миёнасолаи рушд (%)
	2012	2013	2014	2015	2016	2017	2018	
ВМКБ								
Ҳаҷми МММ (млн. сомонӣ)	525,7	633,2	721,7	716,8	841,2	956,5	1035,6	-
Суръати рушд нисбати соли гузашта	100	120,4	114,0	99,3	117,4	113,7	108,3	112,2
Вилояти Суғд								
Ҳаҷми МММ (млн. сомонӣ)	8961,2	10439,9	11530,5	12036,9	14654,8	17510,7	18343,8	-
Суръати рушд нисбати соли гузашта	100	116,5	110,4	104,4	121,7	119,5	104,8	112,9
Вилояти Хатлон								
Ҳаҷми МММ (млн. сомонӣ)	9572,6	9869,7	11777,5	12855,2	14620,2	16003,5	17107,5	-
Суръати рушд нисбати соли гузашта	100	103,1	119,3	109,2	113,7	109,5	106,9	110,3
ш. Душанбе								
Ҳаҷми МММ (млн. сомонӣ)	8073,8	9410,5	10176,2	10546,4	10891,2	11811	13808	-
Суръати рушд нисбати соли гузашта	100	116,6	108,1	103,6	103,3	108,4	116,9	109,5
НТҶ								
Ҳаҷми МММ (млн. сомонӣ)	5651,4	6181,8	6630,3	7590,6	8913,7	9719,8	11073,5	-
Суръати рушд нисбати соли гузашта	100	109,4	107,3	114,5	117,4	109,0	113,9	111,9

Сарчашма: Дар асоси Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон - 2019 тартиб дода шудааст

Аз рӯи маълумоти ҷадвали 2 мушоҳида кардан мумкин аст, ки суръати миёнасолаи афзоиши ҳаҷми МММ дар ВМКБ дар давраи таҳлилшаванда ба 12,2%, дар вилояти

Хатлон ба 10,3%, дар ш. Душанбе ба 9,5%, дар НТҶ ба 11,9% баробар аст. Боиси қайд аст, ки суръати миёнасолаи афзоиши МММ дар вилояти Суғд дар давраи таҳлилӣ нисбат ба дигар минтақаҳои кишвар баландтар мебошад. Муқоиса намудани афзоиши ҳаҷми МММ-и манотиқи кишвар тасодуфӣ набуда, бо мақсади муайян намудани тамоюли пешравии минтақаҳо амалӣ карда шудааст. Новобаста аз он ки суръати миёнасолаи афзоиши МММ дар вилояти Суғд нисбатан баланд мебошад, лекин чунин нишондиҳанда оид ба мавҷуд набудани мушкилот дар самти тараққиёти низоми иҷтимоӣ-иқтисодии минтақа шаҳодат намедиҳад. Зеро аз рӯи як нишондиҳандаи МММ самаранокии пешравии иқтисодиёти минтақаро баҳогузорӣ намудан имконнопазир мебошад. Дар ин самт муайян намудани ҳаҷми МММ ба ҳар сари аҳолӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муқоиса намудани он имкон медиҳад, ки сатҳ ва сифати пешрафти иқтисодӣ вобаста ба минтақаҳо баҳо дода шавад. Новобаста ба суръати нисбатан баланди афзоиши ҳаҷми умумии МММ дар вилояти Суғд нисбат ба дигар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳаҷми МММ ба ҳар сари аҳолӣ дар давраи таҳлилшаванда куллан вазъияти дигарро нишон медиҳад. Шаҳодати ин гуфтаҳоро аз рӯи маълумоти ҷадвали 2.3 мушоҳида кардан мумкин аст. Аз рӯи маълумоти дар ҷадвали 2.3 овардашуда маълум мегардад, ки нишондиҳандаи МММ ба ҳар сари аҳолӣ вобаста ба минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Душанбе нисбат ба дигар манотиқи кишвар баландтар мебошад. Таҳлили муқоисавӣ нишон медиҳад, ки нишондиҳандаи МММ ба ҳар сари аҳолӣ дар шаҳри Душанбе дар соли 2012 нисбат ба МММ ба ҳар сари аҳолии ВМКБ 4,22 маротиба, нисбат ба вилояти Суғд 2,78 маротиба, нисбат ба вилояти Хатлон 3,12 маротиба ва нисбат ба НТҶ 3,42 маротиба зиёд буд. Дар соли 2018 чунин нишондиҳанда тағйироти куллиро аз сар нагузаронида, ба чунин нишондиҳандаҳо баробар шуда буд: нисбат ба ВМКБ 3,57 маротиба, вилояти Суғд 2,36 маротиба, вилояти Хатлон 3,12 маротиба, НТҶ 3,12 маротиба. Аз рӯи чунин муқоисакунӣ маълум мегардад, ки новобаста ба суръати баланди афзоиши ҳаҷми МММ ва вазни қиёсии он дар ҳаҷми умумӣ дар МММ Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳаҷми МММ ба ҳар сари аҳолӣ дар вилояти Суғд дар сатҳи кишвар мавқеи дуюмро ишғол мекунад (дар ҷои аввал шаҳри Душанбе қарор дорад).

Минтақаи иқтисодии вилояти Суғд 18,2% масоҳати ҷумҳуриро ишғол мекунад, ки дар ин минтақа 31,2% шумораи умумии аҳолии мамлакат умр ба сар мебаранд ва ба иқтисодиёти вилоят зиёда аз 20% фондҳои истеҳсолии иқтисодиёти миллӣ рост меояд [7,с.55-63].

Қайд кардан ба маврид аст, ки сохтори низоми саноат мавҷудияти алоқаҳои пойдоршуда ва муносибати байни унсурҳои онҳоро муайян менамояд. Ин ҳолат ташкили пойдоргардидаро асоснок намуда, барои ташаккул ва ҳаракати ҳамаи захираҳои истеҳсолӣ барои пешрафти корхонаи саноатӣ хизмат менамояд. Зеро дар ин радиф алоқаҳои амудӣ ва уфуқӣ, алоқаҳои ба тартиб даровардашуда ва тасодуфии байни корхонаҳои саноатӣ ташаккул меёбанд.

Натиҷаи инкишофёбии минбаъдаи саноати минтақаи вилояти Суғд, бешубҳа, ин баланд шудани некуаҳволии мардум ба ҳисоб меравад. Иқтидори чунин тараққиёти иҷтимоӣ-иқтисодии корхонаи саноатиро ҳамчун сатҳи дастрасгардидаи инкишофи иҷтимоӣ-иқтисодӣ тавсиф кардан мумкин буда, аз тарафи дигар, имкониятҳои тараққиёти минбаъдаи онро муайян намудан мумкин аст. Ҳаҷм ва тағйирёбии иқтидори иҷтимоӣ-иқтисодӣ бо се гурӯҳи вобастагиҳо муайян карда мешавад: тавсифҳои шуморавӣ ва сифатӣ, алоқамандии зерсохторҳо ва таъсири омилҳои беруна.

Стратегияи тараққиёти корхонаи саноатӣ чораҳоеро дар назар дорад, ки барои таъсис додани шартҳо барои мавҷудияти миқдори зарурии коргарон, аз байн бурдани монеъаҳои нақлиётӣ, энергетикӣ ва ғайраҳо алоқаманд мебошад.

Асоси тараққиёти саноати минтақаи вилояти Суғд истифодабарии иқтидори мавҷудбуда, ҷойгиршавии мусоид барои содироти молҳои истеҳсолшуда ва инкишофи истеҳсолоти воридотивазкунанда, аз худкунии захираҳои табиӣ ва ғайраҳо ба ҳисоб мераванд.

Тараққиёти саноати вилояти Суғд, пеш аз ҳама, бо инкишофи саноати коркард алоқаманд мебошад. Дар ин минтақа мумкин аст саноати хӯрокворӣ, кимёвӣ, металлургия, нассоҷӣ инкишоф дода шавад. Албатта, дар ин ҷода ҳамгироӣ ва ҳамбастагии иқтисодиёти минтақаи Суғд бо иқтисодиёти дигар манотиқи ҷумҳурӣ хеле зарур ба ҳисоб меравад. Мутаассифона, дар шароити имрӯза истифодаи иқтидории саноатии вилояти Суғд бо мавҷуд набудани алоқаҳои истеҳсолии комил бо корхонаҳои дигар минтақаҳои кишвар пурра истифода намешавад.

Нобаробарии тараққиёти корхонаҳои саноатӣ дар дохили мамлакат ин ҳодисаи объективӣ ва васеъ паҳншудае мебошад, ки дар дигар кишварҳои дунё низ ба назар

мерасад. Чунин нобаробарӣ дар тараққиёт ба омилҳои зиёд алоқаманд мебошад. Алалхусус, минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон байни худ аз рӯи марз, шумораи аҳолӣ ва нишондиҳандаҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ фарқ мекунанд. Онҳо бо ҳам аз рӯи мавҷудият ва набудани пояи захиравии саноатӣ, инкишофи инфрасохтори истеҳсолӣ ва дигар омилҳо фарқ мекунанд.

Доир ба иқтисодиёти минтақавии вилояти Суғд қайд намудан мумкин аст, ки ин минтақаи индустриявӣ-аграрӣ ба ҳисоб меравад. Зеро вилоят бо мавҷудияти манбаъҳои зиёди ашёвӣ барои истеҳсоли маҳсулотҳои саноатӣ тавсиф карда мешавад.

Бинобар ин, дар вилояти Суғд солҳои охир ба таъсиси корхонаҳои саноатии муосир оид ба истеҳсоли маҳсулоти тайёр диққати аввалиндараҷа зоҳир гардида истодааст. Аз ин рӯ, барои ҷалби сармояи ватанӣ ва хориҷӣ бо он таваҷҷуҳи хос дода мешавад.

Дар натиҷаи таҳлилҳои гузаронидашуда маълум гардид, ки иқтисодиёти минтақавии вилояти Суғд дар ташаккулёбии тараққиёти индустриявӣ-аграрии мамлакат саҳми назаррас дошта, иқтидорҳои васеи инкишоф додани соҳаи саноатро дорад. Инчунин, барои дар амал тадбиқ намудани ҳадафи миллии саноатикунонии босуръати кишвар, иқтисодиёти минтақаи вилояти Суғд дар якҷоягӣ бо дигар минтақаҳо метавонад саҳми арзандао гузорад.

АДАБИЁТ

1. Вохӯрии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо соҳибкорон ва саноатчиён // Ҷумҳурият. – 2019. -С.1.
2. Гапоненко А.Л. Развитие региона: цели, закономерности, методы управления / А.Л. Гапоненко. -М.: Изд-во РАГС, 1999. -208 с.
3. Ищенко М.М. Региональное управление неоднородными социально-экономическими системами субъектов РФ.: автореферат дис. ... доктора экон. наук: 08.00.05 / М.М. Ищенко. –М., 2012. – 39 с.
4. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон 2019. –Душанбе, 2019. -С.8-9, 199, 256.
5. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон // Ҷумҳурият. - 2018. -С1.
6. Управление социально-экономической системой.: коллективная монография / под ред. А.П. Егоршина, В.А. Кожина. – Н.Новгород: НИМБ, 2009. - 288 с.
7. Хайитбоева Н.А. Региональная экономика Согдийской области и её место в экономике страны / Н.А. Хайитбоева // Ахбори ДДҲБСТ. – 2010. -№3(43). -С.55-63.

ИҚТИСОДИЁТИ МИНТАҚАВИИ ВИЛОЯТИ СУҒД ДАР НИЗОМИ ИҚТИСОДИЁТИ МИЛЛӢ

Дар мақолаи мазкур иқтисодиёти минтақавии вилояти Суғд дар низоми иқтисодиёти миллӣ мавриди баррасӣ қарор дода шуда, муаммоҳо ва хусусиятҳои хоси тараққиёти иҷтимоӣ-иқтисодии мамлакат ва минтақаҳои он муайян карда шудаанд. Тадқиқи шароит ва тағйирёбии ҷараёнҳои иҷтимоӣ-иқтисодии тараққиёти саноат нишон медиҳад, ки ҳар як корхонаи саноатӣ дорои муҳити махсус ва сохтори ташкилӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, истеҳсолӣ, институтсионалӣ ва ғайраҳо мебошад, ки хусусиятҳои инкишоф ва идоракуниро муайян менамоянд. Муаллиф қайд менамояд, ки дар ин ҷода, муайян намудани низоми иҷтимоӣ-иқтисодӣ дар сатҳи корхонаи саноатиро мумкин аст, ҳамчун низоми сохтори номутаносиб тавсиф намуд. Дар баробари ин гуногунӣ дар ҳама ҷиҳатҳои фаъолияти низоми саноатӣ ба назар мерасад, алалхусус дар унсурҳои молиявӣ, кадрӣ, техникӣ, ташкилӣ, инвеститсионӣ, захиравӣ ва ғайраҳо. Қайд намудан зарур аст, ки тараққиёти нобаробари корхонаҳои саноатӣ дар доираи иқтисодиёти миллӣ вобаста ба минтақаҳо ҳодиса объективона ва васеъ паҳн гашта мебошад. Муаллиф ба он ишорат менамояд, ки дар натиҷаи таҳлилҳои гузаронидашуда маълум гардид, ки иқтисодиёти минтақавии вилояти Суғд дар ташаккулёбии тараққиёти индустриявӣ-аграрии мамлакат саҳми назаррас дошта, иқтидорҳои васеи инкишоф додани соҳаи саноатро дорад.

Калидвожаҳо: тараққиёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ, сохтори ташкилӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, истеҳсолӣ, институтсионалӣ, фаъолнокии инвеститсионӣ, ҳамгироии саноатӣ, устувории низомҳои минтақавӣ, алоқаҳои амудӣ ва уфуқӣ

РЕГИОНАЛЬНАЯ ЭКОНОМИКА СОГДИЙСКОЙ ОБЛАСТИ В СИСТЕМЕ НАРОДНОГО ХОЗЯЙСТВА

В статье рассматривается региональная экономика Согдийской области в национальной экономической системе, выявляются проблемы и особенности социально-экономического развития страны и ее регионов. Изучение условий и изменений социально-экономических процессов промышленного развития показывает, что каждое промышленное предприятие имеет особую среду и организационную, экономическую, социальную, производственную, институциональную и т.д., которые определяют характеристики развития и управления. Автор отмечает, что в этой связи определение социально-экономической системы на уровне промышленных предприятий можно охарактеризовать как систему непропорциональной структуры. При этом разнообразие наблюдается во всех аспектах производственной системы, особенно в финансовых, кадровых, технических, организационных, инвестиционных, ресурсных и других элементах. Следует отметить, что неравномерное развитие промышленных предприятий в рамках национальной экономики в зависимости от региона - явление объективное и широко распространенное. Автор указывает, что региональная экономика Согдийской области вносит значительный вклад в формирование индустриально-аграрного развития страны и имеет широкий потенциал для развития промышленности.

Ключевые слова: социально-экономическое развитие, организационная структура, экономическая, социальная, производственная, институциональная, инвестиционная деятельность, промышленная интеграция, устойчивость региональных систем, вертикальные и горизонтальные связи.

REGIONAL ECONOMY OF THE SUGHD REGION IN THE SYSTEM OF NATIONAL ECONOMY

The article examines the regional economy of the Sughd region in the national economic system, identifies the problems and features of the socio-economic development of the country and its regions. The study of the conditions and changes in the socio-economic processes of industrial development shows that each industrial enterprise has a special environment and organizational, economic, social, production, institutional, etc., which determine the characteristics of development and management. The author notes that in this regard, the definition of the socio-economic system at the level of industrial enterprises can be characterized as a system of disproportionate structure. At the same time, diversity is observed in all aspects of the production system, especially in financial, personnel, technical, organizational, investment, resource and other elements. It should be noted that the uneven development of industrial enterprises within the national economy, depending on the region, is an objective and widespread phenomenon. The author points out that the analysis has shown that the regional economy of the Sughd region makes a significant contribution to the formation of the industrial and agricultural development of the country and has a wide potential for industrial development.

Keywords: socio-economic development, organizational structure, economic, social, production, institutional, investment activity, industrial integration, stability of regional systems, vertical and horizontal ties.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Аминова Фирӯза Мубинҷоновна*** - Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, ассистенти кафедраи иқтисод ва соҳибкорӣ. **Суроға**: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, И.Сомонӣ 169. E-mail: **firuza-2229@mail.ru**. Телефон: **(+992) 928-29-22-29**

Сведения об авторе: ***Аминова Фируза Мубинджоновна*** – Институт экономики и торговли Таджикского государственного университета коммерции в Худжанде, ассистент кафедры экономики и предпринимательства. **Адрес**: 735700, Республика Таджикистан, г.Худжанд, И.Сомони, 169. E-mail: **firuza-2229@mail.ru.** Телефон: **(+992) 928-29-22-29**

Information about the author: ***Aminova Firuza Mubindzhonovna*** - Institute of Economics and Trade of the Tajik State University of Commerce in Khujand, assistant at the Department of Economics and Entrepreneurship. **Address**: 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, I. Somoni, 169. E-mail: **firuza-2229@mail.ru**. Phone: **(+992) 928-29-22-29**

УДК 331.52:336.71

АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ-МЕТОДОЛОГӢ ВА ТАШАККУЛЁБИИ БОЗОРИ ХИЗМАТРАСОНИҲОИ БОНКӢ ДАР МИНТАҚА

Саидова М.
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ

Дар шароити муосир устувории ташкилоти қарзӣ ва рақобатпазирии он, пеш аз ҳама, на ба омилҳои нарх, балки ба сатҳу сифати хизматрасониҳои бонкӣ вобастагӣ дорад. Дар натиҷаи пайдо шудани рақобати солим дар бонк сифати хизматрасонии бонкӣ беҳтар шуда, дар натиҷа устувории даромад ва фоидаи бонк дида мешавад. Таҷрибаи ҷаҳонии давлатҳои тараққикардаи ҷаҳон нишон медиҳад, ки тариқи сармоягузорӣ беҳтаршавии сифати хизматрасониҳои бонкӣ ба мизоҷон ҳамчун рушди босуръат дида мешавад ва ба устувории афзоиши даромади бонк таъсир мерасонад. Бозори хизматрасониҳои бонкӣ қисмати муҳимтарини бозори хизматҳои молиявӣ мебошад. Бозори хизматҳои бонкӣ бо хусусиятҳои зерин тавсиф дода мешавад. Пеш аз ҳама, ташкилотҳои қарзие, ки иҷозатномаи Бонки миллиро барои амалӣ намудани амалиётҳои бонкӣ гирифтаанд, метавонанд хизматҳои бонкиро мутобиқи он ба амал бароранд.

Ҳамин тариқ, ҳамагуна хизмати бонкӣ аҳдест, ки ба ҳайси як тарафи он ташкилоти қарзии дорои иҷозатнома баромад менамояд. Маҷмӯи ҳамаи ташкилотҳои қарзие, ки хизматҳои бонкиро мерасонанд, аз ҷумла Бонки миллии Тоҷикистон, низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ташкил медиҳанд.

Ҷанбаҳои назариявӣ ва методологии хизматрасониҳои бонкӣ аз ҷониби олимони хориҷӣ ва ватанӣ мавриди таҳқиқот қарор гиритфтаанд. Ҳар як олим вобаста ба масъалаи болозикр назарияҳои худро пешниҳод кардааст, ки дар низоми бонкӣ ақидаҳои онҳо ба маврид мебошад. Тибқи назарияи иқтисодони рус О.И. Лаврушин, «хизматрасонии бонкӣ ин иҷроиши якчанд амалиёти бонкӣ, ки ба ниёзҳои мушаххаси муштарӣ ҷавобгӯ мебошанд, анҷом дода мешавад, фаҳмида мешавад» [7].

Мувофиқи ақидаи Ю.В. Головин, «хизматрасониҳои бонкӣ маҷмӯи амалиётҳое мебошад, ки бонк дар натиҷаи фаъолияти худ талаботи мизоҷонро қонеъ карда, боварии онҳоро ба худ ҷалб мекунанд» [6].

Вобаста ба мавзӯи хизматрасониҳои бонкӣ олимон ва коршиносони соҳаи иқтисод, монанди Д. Аристе, Б. Бухвалд, С. Дэвис, Ҷ. Кенион, С. Матур ва М. Портер таҳқиқот бурдаанд [8].

Ҷиҳати омӯзиши ҷанбаҳои назариявӣ ва методологии бозори хизматрасониҳои бонкӣ саҳми мактабҳои гуногуни иқтисодӣ ва намояндагони онҳо назаррас мебошад. Тибқи назарияи Ҷ.М. Кейн,с хусусияти бозори хизматрасонии бонкӣ аз он иборат аст, ки

ин намуди хизматрасонӣ ба хизматрасонии ғайриистеҳсолӣ ҷудо карда шуда, эҳтиёҷоти молиявии аҳолиро дар бонк қонеъ месозад» [6,с.233]. Мо ба ин ақида то ҷое розӣ шуда наметавонем, чунки хусусиятҳои хизматрасонии бонкӣ, проблемаҳои пешниҳоди хизматрасониҳои бонкӣ, таъсири неруи бонкӣ ба рушди хизматрасониҳои бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шояд на он қадар этиёҷоти аҳолиро қонеъ месозад.

Олими дигари рус В.Б. Тиханин бар он назар аст, ки «комплекси пурраи хизматрасониҳои махсуси бонкӣ ва дар дараҷаи баланд расонидани навҳои гуногуни амалиётҳои бонкӣ боиси устуворнокии бонкҳо мегардад» [10].

Тибқи назарияи Р.С. Вотинсева, «дар натиҷаи доираи васеи дороиҳо, кифоягии сармоя ва маҳсулнокии фаъолияти ташкилоти қарзӣ, пешниҳоди қарзҳои дасрас, устуворнокии молиявии бонк метавонад ба баҳогузорӣ хизматрасониҳои бонкӣ мусоидат кунад» [1,с.44-48].

Масъалаҳои ташаккулёбии бозори хизматрасониҳои бонкӣ дар минтақа дар адабиёти ватанӣ хеле кам таҳқиқ карда шудааст. Дар баробари олимони хориҷӣ олимони ватанӣ низ ақидаҳо ва назарияҳои худро пешниҳод кардаанд.

Донишмандони тоҷик Ризокулов Т.Р ва Ғаниев Р.Г. иброз медоранд, ки «норасоӣ ё норасоии захираҳои озоди молиявӣ субъектҳои хоҷагидорро маҷбур месозад, ки ба хизматрасониҳои бонкӣ, ки дар шакли хизматрасонии қарз пешниҳод мешаванд, муроҷиат кунанд. Дар ин ҷо сарчашмаҳои асосии захираҳои қарзӣ пасандозҳои шахсии бонкҳо ё ташкилотҳои қарзии хориҷии ҷалбшуда мебошанд» [2]. Дар воқеъ, агар таҳлил карда бароем, фоидаи бонк аз ҳисоби ҳамон хизматрасониҳои бонкие, ки дар шакли қарз пешниҳод шудаанд, гирифта мешавад.

Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Раҷабов К.Р. ва муҳаққиқ Ҳусейнова Д.К. иброз медоранд, ки дар пешкаш кардани хизматрасониҳои бонкӣ ва дастрасии пурра ба маҳсулоти бонкӣ ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ якчанд мушкилот ҷой дорад [9,с.110]:

1. Рушди номукаммали инфрасохтори бонкӣ, номувозинатӣ дар ҷойгиркунии бонкҳо ва филиалҳои онҳо аз рӯи минтақа ва ноҳия Тоҷикистон, ки дар робита ба он наметавонад ба аҳолии минтақа эҳтиёҷоти молиявиашоноро қонеъ созад.

2. Дар мавриди пешниҳоди қарзҳои калон ба соҳибкорони деҳот аксар вақт аз ҷониби роҳбарияти бонк қарорҳои нодуруст бароварда мешавад.

Аз нигоҳи иқтисодшиноси ватанӣ Шарипов Б.М., «таҳлили рақобат дар бозори хизматрасонии бонкӣ яке аз воситаҳои асосии идоракунии самарабахши фаъолияти бонкӣ ба ҳисоб рафта, ҳар як ташкилоти қарзӣ дар натиҷаи рақобат метавонад мавқеи худро дар бозори хизматрасониҳои бонкӣ муайян намояд» [11].

Иқтисодшиноси ватанӣ Ғаниева Р.Г., дар таҳқиқоти худ қайд мекунад, ки «моҳияти хизматрасониҳои бонкӣ ҳамчун натиҷа ё таъсири судманди амалиёти бонкӣ муайян карда шуда, барои қонеъ кардани ниёзҳои молиявии мизоҷон равона карда шудаанд» [3,с.39].

Дар асоси гуфтаҳои олимони хориҷӣ, иқтисодчиёни ватанӣ ва омӯхтани таҷрибаи пешбурди бонкдорӣ, хизматрасонии бонкӣ ба аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин, аз таҷрибаи дигар давлатҳои хориҷӣ мушкилотҳои зиёде ҷой доранд, ки муҳимтаринашон инҳо ба ҳисоб меравад:

1) мушкилоти вобаста ба хусусияти хизматрасониҳои бонкӣ;

2) мушкилоте, ки бо ноинсофии бонкҳо ба миён омадаанд;

3) проблемаҳои марбут ба муҳити институтсионалии бонкдорӣ.

Ба андешаи мо, дар маҷмӯъ, ин мушкилотҳо аз ҷониби истеъмолгарон ба арзёбии сифати хизматрасониҳои бонкӣ таъсир мерасонад. Умуман, пешниҳоди хизматрасониҳои бонкӣ бо як қатор мушкилот алоқаманд аст, ва бархе аз ин мушкилот на аз сифати хизматрасониҳои бонкҳо, балкӣ аз ҷониби хусусиятӣ ва муҳити институтсионалии бонкҳо вобастагӣ дорад.

Аз рӯи таҳқиқот ва назарияи олимон метавон гуфт, ки бозори хизматрасониҳои бонкӣ дар худ фазои махсуси иқтисодиро тасаввур менамояд, ки дар он арза ва тақозои хизматрасониҳои бонкҳо барои муштариён бархурд мекунанд. Бозори хизматрасониҳои бонкӣ қисми таркибии бозори молиявӣ мебошад, бинобар ин, тамоюли асосӣ ва омилҳои тараққиёти он ба рушди фаъолияти бонкӣ таъсири аҳамиятнок мерасонанд. Заруриати муносибати соҳавӣ ба бозори бонкӣ ба гуногуншаклии хизматрасониҳо ва маҳсулотҳои бонкӣ алоқаманд аст.

Аз рӯи объекти хариду фурӯш дар чорчубаи сохтори молии бозор чунин бандҳои бозорро ҷудо кардан мумкин аст:

- бозори хизматрасониҳои қарзӣ;
- бозори хизматрасониҳои сармоягузорӣ;
- бозори хизматрасониҳои ҳисобӣ-хазинавӣ;

- бозори хизматрасониҳои трастӣ;
- бозори хизматрасониҳои машваратӣ

Ҷадвали 1. Сохтори бозори хизматрасониҳои бонкӣ
Table 1. Market structure of banking services

Намудҳои бозори хизматрасонии бонкӣ	Соҳаҳои бонкӣ	Зерсоҳаҳои бонкӣ
Бозори хизматрасониҳои қарзӣ	Қарздиҳӣ	Қарзи тиҷоратӣ Қарзи истеъмолӣ
	Қарздиҳии бавосита	Бизнеси лизингӣ Бизнеси факторингӣ Бизнеси форфейтингӣ Бизнеси баҳисобгирӣ – векселӣ Бизнеси кафолатӣ
Бозори хизматрасониҳои сармоягузорӣ	Фаъолияти амонатгузорӣ	Амонатҳои дархостӣ Амонатҳои пасандозӣ
	Миёнаравии сармоягузорӣ	Амонатҳои муҳлатнок Миёнаравии сармоягузорӣ дар бозори фондӣ Миёнаравии сармоягузорӣ дар бозори филизоти қиматбаҳо ва сарватҳои бадеӣ Миёнаравии сармоягузорӣ дар бозори молу мулки ғайриманқул Бизнеси дилингӣ
Бозори хизматрсониҳои ҳисобӣ-хазинавӣ	Хизматрсонии ҳисобӣ-хазинавӣ	
	Интишор ва хизматрасонии кортҳои палстикӣ	Кортҳои кредитӣ Кортҳои дебетӣ Кортҳои дисконтӣ
	Хизматрасонии асъорӣ	
Бозори хизматрсониҳои трастӣ	Идоракунии ба боварӣ асосёфта	Идоракунии бовариноки молу мулк Хизматрасонии идоракунӣ
	Хизматрасонии агентӣ	Миёнаравии эмиссионӣ Хизматрсонии депозитарӣ ва тарнсферӣ - агентӣ
Бозори хизматрасониҳои машваратӣ	Хизматрасонии машваратӣ ва иттилоотӣ	Хизматрасонии аудиторӣ Машваратдиҳии ҳуқуқӣ Машваратдиҳии идоракунӣ ва молиявӣ Хизматрасонии иттилоотӣ Хизматрасонии таълимӣ (омӯзишӣ)
Дигар бозорҳо	Нигоҳдорӣ, ҳифз ва бурдарасонии арзишҳо	
	Коркарди технологияҳои бонкӣ	

Манбаъ: Таҳияи муаллиф

Дар сохтори бозори хизматрасониҳои бонкӣ дар минтақа мавқеи муҳимтаринро бонкҳои тиҷоратӣ ишғол мекунанд, ки нақши онҳо дар низоми бонкии Тоҷикистон хеле баланд гаштааст. Ин бонкҳо бо истифода аз иқтидори худ ба рушди бозори хизматрасониҳои бонкӣ таъсири ҷиддӣ расонида метавонанд, зеро 5-6 бонки калони тиҷоратӣ беш аз 80%-и активҳои низоми бонкиро дар даст доранд. Аз ин бармеояд, ки бонкҳои тиҷоратии ҷумҳурӣ бояд ба ҳаллу фасли масъалаҳои мубрами зерин аҳамияти махсус диҳанд: баланд бардоштани сифати хизматрасонӣ, зиёд гардонидани миқдори хизматҳо ва беҳгардонии хизматрасонӣ, таҳияи намудҳои асосии хизматҳо, аз қабили намудҳои нави қарздиҳӣ (овердрафт, қарздиҳӣ бо истифода аз низоми мувофиқи сиёсати фоизҳо ва амсоли ин), хизматрасонии шахсии «афзалиятнокӣ» мизоҷон тавассути менеҷменти суратҳисобҳо.

Аслан хизматрасониҳои бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба воситаи интернет, телефон, телефонҳои мобилӣ ва дигар дастгоҳҳои худхизматрасонии бонкӣ ба муштариён пешниҳод мегарданд. Бояд қайд намуд, ки мутаассифона, ин гуна хизматрасониҳо танҳо дар марказҳои шаҳрҳои калони ҷумҳурӣ дастраси аҳолӣ ҳастанду халос.

Барои ташаккулёбии бозори хизматрасониҳои бонкӣ дар минтақа бояд корҳои зерин ба анҷом расонида шавад:

- баланшавии хизматрасонихои бонкӣ ва қонеъ гардонидани талаботҳои муштариён оид ба машваратдиҳӣ;
- рушди шаклҳои ғайри муқаррарии хизматрасонӣ;

- эҷод кардани технологияҳои навини бонкӣ ва такмили технологияҳои мавҷудбуда;
- муайян кардан ва қонеъ гардонидани талаботи мизоҷон якҷоя бо манфиатҳои ҷомеа (масалан, маблағгузории лоиҳаҳои муҳимми ҷамъиятӣ);
- ба хизматрасонӣ ҷалб кардани мизоҷони доимии молиявӣ;
- фаъолият дар бозори байналмилалӣ;
- таъмини афзоиши босуботи самараноки ҳамаи намудҳои фаъолияти бонкӣ;
- таъмини сарчашмаҳои пурсамари ҷалбнамоии маблағ; коҳишдиҳии таваккали бонкӣ; беҳтар гардонидани симои бонк.

Барои беҳтарсозии механизмҳои идоракунии бозори хизматрасонии бонкӣ дар сатҳи макро ва микроиқтисодӣ мо дар модели консуптуалӣ онро тасвир намудем, ки бо стратегия ва такмили хизматрасониҳои маркетингӣ, идоракунии даромаднокӣ ва сармоя вобастагӣ дорад.

Таҳқиқоти нишон дод, ки дар байни бисёри иқтисоддонон, то ба ҳол дар бораи хизматрасониҳои бонкӣ таърифи ягона мавҷуд нест.

Дар адабиётҳои иқтисодӣ мафҳуми хизматрасониҳои бонкӣ, маҳсулоти бонкӣ, амалиёти бонкӣ ва ғайра оварда шудааст, ки ин мафҳумҳо бо якдигар тавъам мебошанд. Ҳамин тавр, муайян намудани бозори хизматрасонии бонкӣ ҳамчун омили рушди бонкҳо ва ташкилотҳои қарзӣ буда, дорои баъзе аз хусусиятҳо мебошад.

Расми 1. Механизмҳои идоракунии бозори хизматрасониҳои бонкӣ
Figure 1. Mechanisms for managing the banking services market

Сарчашма: Таҳияи муаллиф

1. Ташкилотҳои қарзӣ барои гузаронидани ҳаргуна хизматрасониҳои бонкӣ аз Бонки миллии Тоҷикистон иҷозат гирифта ҳуқуқ дорад, ки ба муштариён ҳаргуна хизматрасониро иҷро намоянд.

2. Хусусияти асосии бозори хизматрасонии бонкӣ ин характери абстрактикӣ дорад. Монанди дигар хизматрасониҳо ғайримоддӣ аст, яъне онҳо дида наметавонанд.

Ҳамин тариқ баъди омӯзиши ҷанбаҳои назариявӣ-методологӣ ва ташаккулёбии бозори хизматрасониҳои бонкӣ дар минтақа ба чунин хулоса омадем:

1. Бозори хизматрасониҳои бонкӣ дар чорчӯбаи қонунгузориҳои бонкӣ ва дигар санадҳои меъёриву ҳуқуқии БМТ амал менамояд. Яке аз омилҳое, ки имрӯз метавонад ба рушди ин бозор монеагузорӣ кунад, ин амал накардан дар доираи қонунгузориҳо ба ҳисоб меравад. Тибқи қонунгузориҳо амал накардани ташкилотҳои қарзӣ ва филиалҳои онҳо бештар дар минтақаҳо ба чашм мерасад, ки ҳамчун омили манфӣ дар ин самт дониста мешавад;

2. Гузариш аз низоми иқтисоди нақшавӣ ба иқтисоди бозоргонӣ зарурати такмили ҷанбаҳои илмию методологии ташаккулёбии бозори хизматрасониҳои бонкиро ба миён овард. Ҷанбаҳои илмии мақолаи мазкур ба омӯзиши моҳият, мазмун, нақш, мақоми бозори хизматрасониҳои бонкиро дар минтақа фарогир мебошад. Олимони хориҷиву ватанӣ ва коршиносони масоили иқтисодӣ ба ин масъала таваҷҷуҳи кофӣ зоҳир кардаанд. Бо истифода аз ақоиди олимони хориҷ ва олимони ватанӣ ҷанбаҳои назариявӣ ва методолгии мавзӯи мазкур омӯхта шудааст;

3. Натиҷаи омӯзиши ҷанбаҳои методологии ташаккулёбии бозори хизматрасониҳои бонкӣ дар минтақа нишон дод, ки механизми ташкилӣ-иқтисодии идоракунии бозори хизматрасониҳои бонкӣ дар навбаи якум ба сатҳи микроиқтисод ва сатҳи макроиқтисод ҷудо мешавад.

АДАБИЁТ

1. Вотинцева Р.С. Современные теоретические подходы к определению понятия «Финансовая устойчивость коммерческих банков» / Р.С. Вотинцева // Вестник Удмуртского университета. Серия экономики и права. - 2014. -№3. -С.44-48.
2. Ганиев Р.Г. Организационно-экономические аспекты оказания банковских услуг населению в условиях рыночной экономики (на материалах Республики Таджикистан): дис. … канд. экон. наук: 08.00.05 / Р.Г. Ганиев. –Душанбе, 2016. -С.24-25.
3. Ганиев Р.Г. Основные направления модернизации банковских услуг в рыночной экономике Таджикистана / Р.Г. Ганиев // Вестн. Росс. - Тадж. (Славян.) университета. - 2015. -№4. -С.90-94.
4. Дьяченко О.А. Дистанционно банковское обслуживание должно быть оперативным, эффективным и безопасным / О.А. Дьяченко // Национальный Банковский Журнал. - 2011. -№9. -88 с.
5. Журнал Современные проблемы науки и образования. – 2015. -№2. -часть 3.
6. Кейнс Дж.М. Общая теория занятости, процента и денег / Дж.М. Кейнс; пер. с англ. А.Г. Милейковского, И.М. Осадчей. -М.: Прогресс, 1978. -233 с.
7. Лаврушин О.И. Банковское дело: современная система кредитования/О.И. Лаврушин. -М.: Кнорус, 2005.-272 с.
8. Портер Майкл. Конкурентная стратегия. Методика анализа отраслей и конкурентов. – 2017. –453 с.
9. Раджабов Р.К. Проблемы развития банковского обслуживания национальной экономики / Р.К. Раджабов, Х.М. Ятимов. -Душанбе: Ирфон, 2003. -С.29; Рахимов З.А. Инвестиционная деятельность банковской системы в условиях рынка / З.А. Рахимов. -Душанбе: Ирфон, 2002. -110 с.
10. Тиханин В.Б. Мониторинг финансовой устойчивости коммерческого банка: автореферат диссертации на соискание ученой степени кандидата экономических наук / В.Б. Тиханин. – Казань, 2002.
11. Шарипов Б.М. Анализ конкуренции на рынке банковских услуг Республики Таджикистан и методы ее снижения / Б.М. Шарипов // Научные статьи по специальности «Экономика и бизнес». [Электронный ресурс]. https://cyberleninka.ru/article/n/analiz-konkurentsii-na-rynke-bankovskih-uslug-respubliki-tadzhikistan-i-metody-ee-snizheniya/viewer.

АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ-МЕТОДОЛОГӢ ВА ТАШАККУЛЁБИИ БОЗОРИ ХИЗМАТРАСОНИҲОИ БОНКӢ ДАР МИНТАҚА

Дар мақолаи мазкур ҷанбаҳои назариявӣ-методологӣ ва ташаккулёбии бозори хизматрасониҳои бонкӣ дар минтақа мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Муаллиф муҳимияти мавзӯи мазкурро дарҷ карда, дар шароити муосири устувории ташкилоти қарзӣ ва рақобатпазирии он, пеш аз ҳама на ба омилҳои нарх, ва хусусиятҳои сифатӣ, балкӣ ба сатҳу сифати хизматрасониҳои бонкӣ аҳмияти ҷидди медиҳанд. Сифати хуби хизматрасониҳои бонкӣ ба рақобатпазирии бонк таъсир расонда, устувории даромад ва фоида бонкро таъмин мосозад. Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки сармоягузорӣ барои беҳтаршавӣ сифати хизматрасонӣ ба мизоҷон ҳамчун рушди босуръат дида мешавад ва ба устувории афзоиши даромади бонк таъсир мерасонад. Аз ин рӯ ҷиҳати устувор нигоҳ доштани сатҳу сифати хизматрасониҳои бонкӣ яке аз омилҳои пешрафти ташкилотҳои қарзи дар кишвар мебошад. Ҳамзамон, муаллифи мақола оид ба ташакккулёбии бозори хизматрасониҳои бонкӣ ақидаҳои олимони ватанию хориҷро баён дошта, фикру мулоҳизаҳои худро ба назарияи онҳо мутобиқ кардааст. Муаллиф оиди ҷанбаҳои назариявии бозори хизматрасониҳои бонкӣ модели консептуалиро тасвир карда, дар он механизми ташкилӣ-иқтисодии идоракунии бозори хизматрасониҳои бонкиро иникос кардааст. Хулосаҳои илман асосноки муаллиф ва натиҷаи бадастомада дар мақола дарҷ гардидааст.

Калидвожаҳо: хизматрасониҳои бонкӣ, маҳсулоти бонкӣ, бозори хизматрасониҳои бонкӣ, модели косептуалӣ, бозори қарзӣ, хизматрасониҳои муосири бонкӣ, устувории бонкҳо, хизматрасониҳои босифати бонкӣ.

ТЕОРЕТИКО-МЕТОДОЛОГИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ И ФОРМИРОВАНИЕ РЫНКА БАНКОВСКИХ УСЛУГ В РЕГИОНЕ

В данной статье исследуются теоретико-методологические аспекты формирования рынка банковских услуг в регионе. Автор подчеркивает важность данной темы; в современных условиях устойчивости и конкурентоспособности кредитной организации уделяет особое внимание, прежде всего, не ценовым факторам и характеристикам, а уровню и качеству банковских услуг. Хорошее качество банковских услуг влияет на конкурентоспособность банка и обеспечивает стабильность доходов и прибыли банка. Мировой опыт показывает, что инвестиции в повышение качества обслуживания клиентов рассматриваются как стремительный рост и влияют на устойчивость роста доходов банка. Поэтому поддержание уровня и качества банковских услуг является одним из факторов развития кредитных организаций в стране. При этом автор статьи выразил взгляды отечественных и зарубежных ученых о формировании рынка банковских услуг и адаптировал их взгляды к своей теории. Автор описывает концептуальную модель теоретических аспектов рынка банковских услуг, которая

отражает организационно-экономический механизм управления рынком банковских услуг. В статье отражены научно обоснованные выводы автора.

Ключевые слова: банковские услуги, банковские продукты, рынок банковских услуг, концептуальная модель, кредитный рынок, современные банковские услуги, устойчивость банка, качественные банковские услуги.

THEORETICAL AND METHODOLOGICAL BASIS AND FORMATION OF THE MARKET OF BANKING SERVICES IN THE REGION

This article examines the theoretical and methodological aspects of the formation of the banking services market in the region. The author emphasizes the importance of this topic, and in modern conditions of stability and competitiveness of a credit institution pays special attention, first of all, not to price factors and characteristics, but to the level and quality of banking services. Good quality of banking services affects the competitiveness of the bank and ensures the stability of the bank's income and profit. World experience shows that investments in improving the quality of customer service are seen as rapid growth and affect the sustainability of bank income growth. Therefore, maintaining the level and quality of banking services is one of the factors in the development of credit institutions in the country. At the same time, the author of the article on the formation of the banking services market expressed the views of domestic and foreign scientists and adapted their views to his theory. The author describes a conceptual model of theoretical aspects of the banking services market, which reflects the organizational and economic mechanism for managing the banking services market. The article reflects the scientifically based conclusions of the author.

Keywords: banking services, banking products, banking services market, conceptual model, credit market, modern banking services, bank stability, high-quality banking services.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Саидова Мадина*** – Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ, ассистенти кафедраи молия ва қарз, докторанти PhD-и бахши иқтисодӣ. **Суроға**: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Кӯлоб, кӯчаи С.Сафаров, 16. E-mail: **Komilov2016@gmail.com**. Телефон: **(+992) 981-08-28-80**

Сведения об авторе: ***Саидова Мадина*** - Кулябский государственный университет им. Абуабдуллоха Рудаки, ассистент кафедры финансов и кредита, докторант PhD. **Адрес**: 735360, Республика Таджикистан, г. Куляб, улица С. Сафарова, 16. E-mail: **Komilov2016@gmail.com**. Телефон: **(+992) 981-08-28-80**

Information about the author: ***Saidova Madina*** - Kulyab State University named after Abuabdulloh Rudaki, Assistant of the Department of Finance and Credit, PhD candidate. **Address**: 735360, Republic of Tajikistan, Kulyab, S. Safarov street 16. E-mail: **Komilov2016@gmail.com**. Phone: **(+992) 981-08-28-80**

УДК 336.71(575.3)

ТАҲҚИҚИ ФАЪОЛИЯТИ БОНКҲО ВА САМТҲОИ АСОСИИ РУШДИ ОНҲО ДАР ШАРОИТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Одинаев С.П., Қурбонов А.К.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар шароити муосир дар маркази низоми муносибатҳои иқтисодии малакат бонкҳо қарор доранд. Ин аз он водор месозад, ки бояд низоми бонкӣ рақобатпазир бошад ва ба дигар субъектони иқтисодӣ имконияти рушди мусоидро таъмин намояд. Яъне имкониятҳои молиявии ташкилотҳои қарзӣ бояд ба инкишофи субъектҳои амалкунандаи соҳаҳои гуногуни иқтисодиёти миллӣ мусоидат карда тавонад. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки бонкҳо бояд қобилияти сари вақт ва мақсаднок истифодабарии маблағи пулии дар ихтиёрдоштаашонро дошта бошанд. Маҳз аз рӯи ҳамин хусусияти хосашон бонкҳо фаъолияти самараноки худро ба роҳ монда метавонанд.

Низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити кунунӣ раванди муносибатҳои иқтисодиро таъмин намуда, заминаи асосӣ барои дастраскунии сармоя ба соҳаҳои гуногуни иқтисодиёти миллӣ ба вуҷуд меоварад.

Вазъи муосири низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки баъзе бонкҳо ва дигар ташкилотҳои қарзӣ то дараҷае аз уҳдаи вазифаҳои худ набаромада истодаанд ва раванди ба сармоя мубаддал гардонидани пасандозу амонатҳоро ба таври зарурӣ иҷро карда наметавонанд. Ин боиси он мегардад, ки нақши бонкҳо дар рушди устувори иқтисодии кишвар коҳиш ёфта, эътимоднокии бонкҳо то андозае паст гардад.

Яке аз вазифаҳои ташкилотҳои қарзӣ ин ҷалби маблағҳои муваққатан озоди аҳолӣ ба ҳисоб меравад. Ҷиҳати самаранок ба роҳ мондани фаъолияти субъектони иқтисодӣ ташкилотҳои қарзӣ маблағҳои муваққатан озоди аҳолиро ҷамъоварӣ намуда ба сармоя табдил медиҳанд.

Дар шароити муосир заминаи асосии пулӣ-қарзӣ ин маблағҳои муваққатан озоди шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки аз тарафи бонкҳо ҷалб кардани ин маблағҳо ва ҳамчун сарчашмаи муҳимми сармоягузорӣ истифода кардани онҳо ба соҳаҳои иқтисоди миллӣ мебошад.

Омӯзиши назариявии муаммоҳои муосири бонкӣ нишон медиҳад, ки барои такмил додани амалиётҳои низоми бонкӣ ва самаранок фаъолият намудани бонкҳои тиҷоратӣ ва ташкилотҳои қарзӣ як қатор чорабиниҳоро амалӣ намудан зарур аст.

Маълум аст, ки сохтори бонкӣ яке аз соҳаи муҳимми иқтисодиёти миллии мамлакат ба ҳисоб рафта, таъминкунандаи низоми иқтисодӣ бо воситаҳои пулӣ мебошад ва якчанд вазифаҳои ба худ хосро дар шароити муосир иҷро менамоянд, ки инҳоро дар бар мегиранд:

-ба роҳ мондани ҳисоббаробаркуниҳо миёни субъектони иқтисодии дохилӣ ва хориҷӣ;

-ҷалбнамоии маблағҳои муваққатан озод ва табдилдиҳии онҳо ба инвеститсия;

-пешниҳоди қарзҳои гуногун;

-додани маслиҳати молиявӣ ба мизоҷон ва ғайра.

Дар раванди буҳрони молиявӣ-бонкӣ бонкҳои тиҷоратӣ наметавонанд фаъолияти худро густурда ба роҳ монанд. Яъне, таъсири буҳронҳои молиявӣ ба низоми бонкӣ беандоза зиёд мебошад ва намегузорад бонкҳо фаъолияти худро ба таври пурра ба роҳ монанд.

Вақте бонкҳо фаъолияти худро густурдаву фарох ба роҳ монда наметавонанд, дигар соҳаҳо ва субъектони иқтисоди миллӣ ба таври зарурӣ кори худро пеш бурда наметавонанд. Ва натиҷаи манфии ин метавонад тамоми иқтисодиётро фаро гирад. Аз ин рӯ, аксари кишварҳои ҷаҳон дар ин самт сиёсати пайгирона доранд ва ҷиҳати самаранокии фаъолияти бонкҳо маблағҳои зиёд сарф менамоянд.

Фаъолгардии ислоҳотҳои сохторӣ ва институтсионалӣ дар иқтисодиёт боиси боз ҳам болоравии нақши сохтори бонкӣ дар хоҷгидорӣ мегардад.

Айни замон дар ҷумҳурӣ вазъи мусоид ҷиҳати фаъолияти бонкҳо фароҳам оварда шудааст, ки онҳо рушди мунтазам доранд. Тибқи гуфтаҳои раиси Бонки миллии Тоҷикистон Нурмуҳаммадзода Ҷ.Н., дар соли гузашта дороиҳои умумии низоми бонкӣ дар санаи 31 декабри соли 2019 маблағи 21 975,8 млн. сомониро ташкил дода, нисбат ба ҳамин давраи соли 2018 асосан аз ҳисоби сандуқи қарзӣ ба 774,8 млн. сомонӣ ё 3,7% зиёд шудаанд. Уҳдадориҳои ташкилотҳои қарзӣ-молиявӣ дар санаи ҳисоботӣ 15 749,3 млн. сомониро ташкил намуда, нисбат ба ҳамин давраи соли 2018 ба маблағи 462 млн. сомонӣ ё 3% зиёд шудааст, ки асосан аз ҳисоби зиёдшавии дигар уҳдадориҳо ба амал омадааст. Бақияи сандуқи қарзии ташкилотҳои қарзии молиявӣ бошад, дар санаи ҳисоботӣ маблағи 9 703,2 млн. сомониро ташкил карда, нисбат ба ҳамин давраи соли 2018 ба маблағи 1 050,7 млн. сомонӣ ё 12,1% зиёд шудааст, ки асосан аз ҳисоби зиёдшавии қарзҳои шахсони воқеӣ ва бахши давлатӣ ба амал омадааст [11].

Эътимоднокии низоми бонкӣ яке аз нишондиҳандаҳое мебошад, ки метавонад даромаднокии бонкро таъмин созад. Махсусан, дар шароити муосир яке аз василаҳои ҷалби муштариён ба бонк ин баландбардории эътимоднокӣ ба ҳисоб меравад. Сухан дар бораи боварӣ аз ҷониби аҳолӣ, ташкилотҳо ва сармоягузорони дохилию хориҷӣ меравад.

Тибқи маълумотҳои Бонки миллӣ моҳи декабри соли 2019 ҳаҷми умумии маблағҳои пасандозии дар бонкҳо гузошташуда, 8 975 279 ҳазор сомониро ташкил намуд, ки аз ин 4 239 277 ҳазор сомонӣ ва ё ба шахсони воқеӣ 47,2% рост меояд [1,с.26]. Соли 2018 маблағи умумии пасандозҳо нисбат ба соли 2019 8% ва ё ба маблағи 748524 ҳазор сомонӣ кохиш ефтаанд [1,с.25]. Сабаби асосии коҳишёбии ҳаҷми умумии пасандозҳоро аксари коршиносон аз паст будани даромаднокии онҳо ва дар сатҳи зарурӣ надодани кафолати баргардондани онҳо аз ҷониби бонкҳо медонанд.

Ҳамин тавр, бонкҳоро лозим аст, барои ҷалби бештари маблағҳои муваққатан озод дар шакли пасандоз ва амонат механизми самаранокеро коркард ва ба роҳ монанд. Махсусан, БДА ҶТ «Амонатбонк»-ро зарур аст, ки дар самти ҷалби маблағҳои шахсони воқеӣ стратегияи махсусеро коркард намояд. Зеро қисми зиёди ташкилоту корхонаҳои давлатӣ ва ғайри давлатӣ дар БДА ҶТ «Амонатбонк» суратҳисоби худро доранд ва ҳангоми пешниҳоди музди меҳнат маошгиранда метавонад як қисми музди меҳнати худро ҳамчун пасандоз ва ё амонат дар суратҳисоби худ нигоҳ дорад. Вале омӯзишҳо нишон медиҳанд, ки кулли маошгирандагон аз суратҳисобҳо маблағҳои худро ба пуррагӣ меситонанд. Аз ин лиҳоз, БДА ҶТ «Амонатбонк»-ро лозим меояд, то механизмеро роҳандозӣ намояд, ки ин маблағҳоро дар суратҳисобҳои худ нигоҳ дошта тавонад. Ва ин маблағҳоро ҳамчун сарчашмаҳои қарзӣ ба иқтисодиёт равона созад. Чунин механизм бояд дар ҳар як бонк ва ташкилоти қарзии алоҳида ба роҳ монда шавад.

Хамин тавр, аз нигоҳи мо, то замоне, ки кафолати пасандозҳо дар сатҳи давлатӣ ба роҳ монда нашавад, эътимоднокии низоми бонкиро боло бурдан ғайри имкон аст. Дар акси ҳол, рушди устувори низоми бонкиро таъмин намудан ғайриимкон мебошад.

Ба ақидаи мо, бо ин роҳ метавонем эътимоднокии бонкҳоро баланд бардорем. Боварии аҳолиро ба бонкҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон метавон бо роҳи амалисозии сиёсати давлатии суғуртаи пасандозҳо ба роҳ монд. Метавон зикр намуд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то ҳол ба таври зарурӣ низоми мукаммали суғуртакунонии пасандозҳо амал намекунад ва ин таъсири беандозаи худро дар ҷалбнамоии маблағҳои муваққатан озод мерасонад. Ин мушкилӣ бояд ба зудӣ ҳал карда шавад, чунки бе ҳалли ин масъала бонкҳо наметавонанд, ҳамаи воситаҳои пулии аҳолиро ҳамчун пасандоз ҷалб намоянд ва даромаднокии худро таъмин намоянд.

Афзалияти бонки давлатӣ аз бонкҳои тиҷоратӣ дар кафолати давлатии суғуртаи пасандозҳо мебошад, сабаби бештар будани шумораи пасандозгузорон дар БДА ҶТ “Амонатбонк” мебошад. Вале масъалаи дигар, дар сатҳи паст қарор доштани фоизи пасандозҳо дар ин бонк ба ҳисоб меравад, ки метавонад таъсир гузоранд. Бо дар назардошти дар бозори хизматрасониҳои бонкӣ яккатоз будани бонки давлатӣ фоизҳои пасандозҳо нисбатан паст муайян карда шудааст, ки борои пасандозҳои як сол муҳлатдошта бо асъори миллӣ 11%-13% ва бо асъори хориҷӣ 3%-5%-и солона барои шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ муқаррар шудааст [9].

Дар шароити муосир яке аз нишондиҳандаи асосии баландбардории боварии аҳолӣ ба бонкҳо ин таҳияи низоми мукаммали ҳимоя (кафолатдиҳӣ, суғуртакунонӣ)-и пасандозҳо ба ҳисоб меравад. Дар вобастагӣ ба омили зикргардида бояд қонунгузории суғуртаи пасандозҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ин масъаларо ба таври васеъ фарогир бошад, то ки заминаи зарурӣ ҷиҳати ҳимояи пасандозҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ пайдо гардад.

Дар шароити имрӯза барои устувор рушд намудани бонкҳо бояд бо татбиқи чорабиниҳо оид ба таҳкими асосҳои институтсионалии онҳо ва шаффофияти низоми бонкӣ, назорати самараноки фаъолияти бонкҳо, механизмҳои муфлисшавӣ ва барҳамдиҳии ташкилотҳои қарзӣ, инчунин, бо суръати воқеӣ коҳиш додани хавфҳои системавии бахши бонкӣ ҳамоҳанг карда шаванд.

Бо мақсади баландбардории самаранокии идоракунии хавфи бозоргирии бонки тиҷоратӣ, ки бо пасандозҳои аҳолӣ алоқамандии зич дорад, бояд пеши роҳи ғайри чашмдошт гирифтани маблағҳои пасандозӣ аз ҷониби аҳолӣ ба танзим даровард шавад. Зеро якбора боз пас гирифтани пасандозҳо аз ҷониби аҳолӣ хавфи пардохтпазирии бонкҳои тиҷоратӣ боло меравад. Вобаста ба ин бонкҳои тиҷоратиро зарур аст, ки масъалаи мазкурро мавриди баррасӣ қарор диҳанд ва то давраи ба амал омадан чораандешӣ намоянд.

Бояд қайд намуд, ки мақоми асосии назораткунанда дар самти суғуртакунонии пасандозҳои шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ ин Бонки миллии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Аз таҳлилҳо бар меояд, ки назорати Бонки миллии Тоҷикистон дар ин самт то дараҷае натиҷаи самарабахш надодаистодааст.

Аз ин лиҳоз, яке аз роҳҳои имконпазири баланд бардоштани эътимоднокии бонкҳо ва зиёд намудани боварии аҳолӣ, ин ташкили фаъолияти агентӣ дар самти реструктуризатсияи (сохторбандӣ) ташкилотҳои қарзӣ ба ҳисоб меравад. Ба ин агентӣ вазифаи сохтори институтсионалӣ оид ба кафолатдиҳӣ (суғуртакунонии) пасандозҳои аҳолӣ пешниҳод карда шавад. Дар ин замина барои баландбардории боварӣ ба бонкҳо зурур аст, фаъолияти ин ниҳодро дар самти сохторбандии ташкилотҳои қарзӣ густурда намуда, ба он вазифаи сохтори идоракунии кафолати пасандозҳои аҳолиро вогузор кунад. Дар ин ҳолат бонк метавонад хавфҳои ба вуҷуд омадаро сари вақт баҳогузорӣ кунад.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ», ки (02.08.2011, №758) то ҳол мавриди амал қарор дорад. Қонуни мазкур дар ин самт санади меъёрии асосие мебошад, ки муносибатҳоро вобаста ба суғуртакунонии пасандозҳои шахсони воқеӣ ба танзим медарорад. Мутобиқи моддаи 22-и Қонуни мазкур андозаи ҷубронпулӣ аз рӯи пасандозҳо бо пули миллӣ на бештар аз 500 (панҷсад) ва аз рӯи пасандозҳо бо асъори хориҷӣ на бештар аз 350 (сесаду панҷоҳ) нишондиҳанда барои ҳисобҳо мебошад [4, м. 22].

Бояд қайд кард, ки зиёд кардани ҷубронпулӣ ба баланд гардидани боварии аҳолӣ ба низоми бонкӣ ва зиёд гардидани ҳаҷми пасандозҳо дар бонкҳо мегардад. Барои боз ҳам зиёд намудани боварии субъектҳои иқтисодӣ ба низоми бонкӣ ва паст кардани сатҳи хавф дар фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ қонуни мазкур ба такмилдиҳӣ ниёз дорад.

Албатта, дар ин самт роҳи дигаре вуҷуд дорад, ки ҳалли масъалаи мазкур бо тарзи кафолати корпоративӣ, ба ғайр аз дастгирии давлатӣ, амалӣ карда шавад. Роҳи мазкур бештар ба бонкҳои тиҷоратӣ мансуб мебошад.

Фаъолгардонии рақобат миёни бонкҳо яке аз механизмҳои муҳим ҷиҳати такмили низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Соҳибони пасандозҳои амонатӣ, инчунин, соҳибкороне, ки маблағҳои худро ба иқтисодиёти воқеӣ равона мекунанд, бояд аз хизматрасониҳои зиёди бонкӣ оиди пасандозгузорӣ ва қарздиҳӣ бархурдор бошанд. Рақобат танҳо дар сурате ба миён меояд, ки низоми бисёрпаҳлуии суғуртаи пасандозҳо ташаккул ёфта, дар доираи он тамоми бонкҳои фаъолияткунанда аз рӯи сифати хизматрасониҳояшон натиҷаи молиявии зарурӣ гирифта тавонанд.

Рақобати озоди воқеӣ иштирокро дар бозори хизматрасониҳои бонкӣ талаб мекунад, аз ин рӯ, маҳдудиятҳо барои иштироки ташкилотҳои қарзии хориҷӣ дар ҷумҳурӣ, бояд ба танзим дароварда шаванд. Ин, пеш аз ҳама, ба манфиати амонатгузорони ватанӣ мебошад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон рақобати озод миёни ташкилотҳои қарзӣ фароҳам оварда шудааст, вале дар аксари минтақаҳои дурдаст бонкҳо бо БДАҶТ «Амонатбонк» рақобат намуда наметавонанд.

Масъалаи дигаре, ки дар низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷой дорад, ин иштироки давлат ва нақши он дар фаъолияти бонкҳо ба ҳисоб меравад. Вобаста ба масъалаи мазкур метавон гуфт, ки ин нишондиҳандаи бениҳоят муҳим аст. Давлат бояд принсипи ягонаи маблағгузорӣ ба бонкҳоро роҳандозӣ намояд. Сармояи давлатӣ ба бонкҳои тиҷоратӣ новобаста аз шакли молиякият бояд тавре пешниҳод гардад, ки шароити рақобати озод ва шаффофият таъмин бошад.

Дар шароити муосир яке аз самтҳои афзалиятнок вобаста ба рақобатпазирии бонкҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ин, пеш аз ҳама, баландбардории сифати хизматрасониҳо ба ҳисоб меравад. Баландбардории сифати хизматрасониҳои бонкиро метавонем дар асоси рақобати озод миёни бонкҳо ба роҳ монем. Вобаста ба ин бояд номгӯи амалиётҳои пешниҳодшаванда ва хизматрасониҳо дар ҷумҳурӣ афзоиш дода шавад.

Ҳамчунин, бонкҳоро зарур аст, ки барои ба даст овардани рақобатпазирӣ дар бозори бонкӣ давра ба давра аз доираи хизматрасониҳои анъанавӣ берун бароянд ва бо истифодаи аз технологияи инноватсионӣ ба пешниҳоди хизматрасониҳои навин руй оранд. Зеро бозори бонкӣ дар ҷаҳони муосир танҳо ба технологияи нави иттилоотӣ такя карда хизматрасониҳоро ба роҳ мемонад.

Дар шароити муосир низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон қисман ба таҷдиди сохторӣ ниёз дорад. Давлат бояд раванди муфлисшавии ташкилотҳои қарзиро пешгирӣ намояд. Дар баробари ин, ташкилотҳои қарзие, ки вазъи молиявии хуб надоранд, бояд якҷоя карда шаванд, то осеби муфлисшавии онҳо ба дигар сохтори бонкӣ нарасад.

Масъалаи муҳимме, ки имрӯз ба фаъолияти самараноки низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон садди роҳ мешавад, ин вазъи молиявии баъзе аз бонкҳои тиҷоратӣ мебошад. Махсусан, ҶСК «Агроинвестбонк», ки таи чанд соли охир вазъи молиявияш хуб нест, бояд аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон ва дигар сохторҳои марбут ба он корҳои солимгардонии ин бонк хуб ба роҳ монда шавад.

Мавриди зикр аст, ки барҳамдиҳии ташкилотҳои қарзӣ, бахусус бонкҳои тиҷоратӣ, бояд сода гардонида шавад. Технология ва ё механизме, бояд коркард гардад, ки ин равандро содда гардонад.

Барҳамдиҳии бонкҳо дар ҷумҳурӣ ба якчанд мушкилиҳо рӯ ба рӯ мебошад. Ба монанди мушкилиҳои қонунгузорӣ, мушкили миёни судҳо ва бонкҳо, мавҷуд набудани таҷриба дар ин самт ва ғайра.

Роҳи ҳалли ин мушкилӣ ба назари мо, ин ислоҳот дар сохтори судҳои иқтисодӣ, инчунин, омода намудани мутахассисон дар ин самт мебошад.

Бояд дарҷ намуд, ки яке аз масъалаҳои ҳалталаб дар сохтори бонкии мо ин пешниҳоди қарз аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ дониста мешвад. Пеш аз ҳама, низоми пешниҳоди қарзҳо ба қарзгирандагони пуриқтидор бояд ба танзим дароварда шавад. Дар баробари ин, механизми пешниҳоди қарзҳо содда гардонида шуда ба стандартҳои ҷаҳони мутобиқ гардонида шавад. То ҳол дар инзоми бонкии мамлакат ягон методи муайяне коркард нагардидааст, ки муносибати қарзии муштарӣ бо бонкро ба таври самаранок танзим намояд. Уҳдадориҳо миёни қарзгиранда ва қарздеҳ ба таври лозим ҳоло ҳам коркардро талаб мекунад. Ҳамчунин, масъулияти давлат дар ин самт бояд мавриди баррасӣ қарор гирад. Қарздиҳӣ ба лоиҳаҳои хавфи баланд дошта бояд аз ҷониби бонкҳо ба таври пурра омӯхта шавад. Гузашта аз ин, масъулияти роҳбарияти бонкҳо ва дигар ташкилотҳои қарзӣ ҳангоми муфлисшавии онҳо бояд дар қонунгузорӣ ҷой дода шавад. Ин амал метавонам самаранокии кори менеҷеронро ба маротиб афзояд. Зеро аксари мушкилиҳое, ки дар сохтори бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷой дорад, ба ин омил сахт вобаста мебошад.

Ҳамин тавр, фаъолияти самараноки ташкилотҳои қарзӣ ба рушди устувори иқтисоди миллӣ заминаи зарурироро фароҳам меорад. Мавриди зикр аст, ки бонкҳо, чи дар гузашта ва чи дар шароити муосир, дар маркази муносибатҳои иқтисодии ҳар як мамлакати алоҳида қарор доранд. Яке аз самтҳои асосии фаъолияти бонкҳои амалкунандаи кишвар имрӯз сармоягузории лоиҳаҳои гуногун аст, ки ин бевосита метавонад омили муҳимми фаъолияти хоҷагидорӣ гардад. Аз ин лиҳоз, фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ ҳамчун фароҳамоварандаи заминаи мусоиди сармоягузорӣ дар иқтисодиёт бояд вусъат бахшида шавад.

Дар маҷмӯъ, метавон зикр кард, ки бонкҳо ва ташкилотҳои қарзӣ дар сохтори муосири иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши муҳим доранд. Аз ин рӯ, фаъолияти бонкҳо агар дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда шавад, тамоми соҳаҳои иқтиосди миллӣ метавонад тараққӣ намояд. Вобаста ба ин, барои самаранок гардидани фаъолияти бонкҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд чораҳои зарурӣ андешида шаванд ва Институтҳои молиявӣ ҳамчун ниҳодҳои махсус ин равандро зери назорати хеш гиранд.

АДАБИЁТ

1. Бюллетени омори бонкӣ соли 2018. -№12(281). -С.25.; соли 2019. -№12(293). -С.26.
2. Гаюров Г.Х. Развитие инвестиционно -кредитной деятельности банков в условиях высокого риска / Г.Х. Гаюров // Вестник ТНУ. - 2015. -№2/4(169). -С.223-226.
3. Костерина Т.М. Банковское дело: учеб. для бакалавров / Т.М. Костерина; Моск. гос. ун-т экономики, статистики и информатики. – 2-е изд., перераб. и доп. -М.: Юрайт, 2013. -332 с.
4. Қонун Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ» 2 августи соли 2011, №758.
5. Қонуни ҶТ «Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон» ш. Душанбе, 28 июни соли 2011, №722.
6. Лаврушин О.И. Устойчивость банковской системы и развитие банковской политики: Монография / О.И. Лаврушин. -КноРус, 2016. -280 с.
7. Одинаев С.П. Бонкҳои тиҷоратӣ: нақш, мақом ва аҳамияти онҳо дар муносибатҳои иқтисодии муосир. / С.П. Одинаев // Ахбори Академияи Илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе, 2019. -№4(257). -С.143-148.
8. Сафаров Э.Р. Банковский и реальный сектор экономики Таджикистана: дисс. канд. экон. наук., специальности 08.00.10 / Э.Р. Сафаров. - М., 2010. -164 с.
9. Сомонаи расмии БДА ҶТ «Амонатбонк». [Манбаи электронӣ]. www.amonatbonk.tj
10. Умаров Х. Денежно-кредитные проблемы развития национальной экономики / Х. Умаров, З. Зарифова. - Душанбе: Ирфон, 2005. -С.85.
11. [Манбаи электронӣ]. www.nbt.tj

ТАҲҚИҚИ ФАЪОЛИЯТИ БОНКҲО ВА САМТҲОИ АСОСИИ РУШДИ ОНҲО ДАР ШАРОИТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар мақола самтҳои асосии фаъолияти бонкҳо дар шароити кунунии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Асоснок гардидааст, ки фаъолияти самаранок ва мунтазами бонкҳо боиси рушду инкишофи низоми бонкӣ гардида, дар васеънамоии соҳаҳои муҳими иқтисоди миллӣ нақши арзанда дорад. Рушди фаъолияти бонкҳо аз самаранок сафарбарнамоии зихираҳои онҳо вобастагии зиёд дорад. Дарҷ гардидааст, ки самаранокии фаъолияти бонкӣ яке аз масъалаҳои муҳим ва заминаи мусоид дар рушди иқтисодиёти миллӣ ба ҳисоб меравад. Ҳамин тавр, аз ҷониби муаллифон ҷиҳати самаранокӣ ва устувории фаъолияти бонкҳо дар шароити муосири иқтисодӣ як қатор тавсияҳо пешниҳод гардидааст, ки метавонад фаъолияти бонкҳоро дар шароити муосир такмил диҳанд. Дар маҷмӯъ, метавон зикр кард, ки бонкҳо ва ташкилотҳои қарзӣ дар сохтори муосири иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши муҳим доранд. Аз ин рӯ, фаъолияти бонкҳо агар дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда шавад, тамоми соҳаҳои иқтиосди миллӣ метавонад тараққӣ намояд. Вобаста ба ин, барои самаранок гардидани фаъолияти бонкҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд чораҳои зарурӣ андешида шаванд ва Институтҳои молиявӣ ҳамчун ниҳодҳои махсус ин равандро зери назорати хеш гиранд.

Калидвожаҳо: бонкҳо, низоми бонкӣ, фаъолияти бонкӣ, сармоягузорӣ, амонат, пасандоз, ташкилотҳои қарзӣ, бонкҳои тиҷоратӣ, устувории низоми бонкӣ, суғуртаи пасандозҳо, пардохтпазирӣ, рақобатпазирӣ, хизматрасониҳои бонкӣ.

ИССЛЕДОВАНИЕ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ БАНКОВ И ОСНОВНЫЕ НАПРАВЛЕНИЯ ИХ РАЗВИТИЯ В УСЛОВИЯХ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

В статье рассматривается деятельность банков в современных экономических условиях Республики Таджикистан. Обосновано, что эффективное и регулярное функционирование банков способствует развитию банковской системы и играет значительную роль в расширении важных секторов национальной экономики. Развитие банков зависит от эффективной мобилизации их ресурсов. Утверждается, что эффективность банковского дела является одним из важнейших вопросов и благоприятной основой для развития национальной экономики. Таким образом, автором был дан ряд рекомендаций по эффективности и устойчивости банков в современных экономических условиях Республики Таджикистан, что способствуют дальнейшему развитию данного сектора. В общем, можно констатировать, что банки и кредитные организации играют важную роль в современной структуре экономики Республики Таджикистан. Поэтому, если направить деятельность банков на нужный уровень , все отраслы национальной экономики могут развиваться успешно. В зависимости от этого, для эффективной деятельности банков в Республике Таджикистан нужно предпринимать необходимые меры и финансовые институты должны взять под свой контроль данный процесс..

Ключевые слова: банки, банковская система, банковская деятельность, инвестиции, сбережения, депозит, кредитные организации, коммерческие банки, устойчивость банковской системы, страхование вкладов, ликвидность, конкурентоспособность, банковские услуги.

RESEARCH OF THE ACTIVITIES OF BANKS AND THE MAIN AREAS OF THEIR DEVELOPMENT IN THE CONDITIONS OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

The article examines the activities of banks in the modern economic conditions of the Republic of Tajikistan. It has been substantiated that efficient and regular functioning of banks contributes to the development of the banking system and plays a significant role in the expansion of important sectors of the national economy. The development of banks depends on the effective mobilization of their resources. It is argued that the efficiency of banking is one of the most important issues and a favorable basis for the development of the national economy. Thus, the author gave a number of recommendations on the efficiency and stability of banks in the current economic conditions of the Republic of Tajikistan, which contribute to the further development of this sector. In general, it can be stated that banks and credit organizations play an important role in the modern structure of the economy of the Republic of Tajikistan. Therefore, if you direct the activities of banks to the required level, all sectors of the national economy can develop successfully. Depending on this, for the effective operation of banks in the Republic of Tajikistan, it is necessary to take the necessary measures and financial institutions should take control of this process.

Keywords: banks, banking system, banking, investments, savings, deposit, credit institutions, commercial banks, stability of the banking system, deposit insurance, liquidity, competitiveness, banking services.

Маълумот дар бораи муаллифон: ***Одинаев Сафарали Пулодхонович*** - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, аспиранти кафедраи назарияи иқтисод. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992) 918-76-76-61.** E-mail: **s.odinaev90@mail.ru**
Курбонов Абдулҳай Каримович - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва аудити. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17

Сведения об авторах: ***Одинаев Сафарали Пулодхонович*** - Таджикский национальный университет, аспирант кафедры экономической теории. **Адрес**: 734025, Республики Таджикистан, Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 918-76-76-61**. E-mail: **s.odinaev90@mail.ru**
Курбонов Абдулхай Каримович - Таджикский национальный университет, доктор экономических наук, профессор кафедры экономический анализа и аудита. **Адрес**: 734025, Республики Таджикистан, Душанбе, проспект Рудаки, 17

Information about the authors: ***Odinaev Safarali Pulodkhonovich*** - Tajik National University, postgraduate student of the Department of Economic Theory. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Telephone**: (+992) 918-76-76-61.** E-mail: **s.odinaev90@mail.ru**
Kurbonov Abdulkhay Karimovich - Tajik National University, Doctor of Economics, Professor of the Department of Economic Analysis and Audit. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17

УДК 331.101.6

БАРРАСИИ ТАЪСИРИ ҲАМҲОНИИ ТИПҲОИ ШАХСИЯТИ КОРКУНОН ВА НАҚШҲОИ СОЗМОНӢ БАР АСАРБАХШИИ СОЗМОН

Ҳамидраҳмон Раҳмонӣ
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ

Барои боло бурдани асарбахшии созмонҳо бояд афрод дар машоғил ва ҷойгоҳҳои созмонии муносибе қарор дода шаванд. Афроди типҳои мухталифи шахсиятӣ, дар иртибот бо корашон низ амалкардҳо ва рафторҳои хосе аз худ буруз медиҳанд, ки донистани онҳо кумак зиёде барои боло бурдани асарбахшии созмонҳо хоҳад намуд.

Шинохти типи шахсияти дигарон ба фард кумак мекунад роҳаттар бо онҳо иртибот барқарор намояд ва даргирии худ бо эшонро ба ҳадди ақал бирасонад.

Абзорҳо ва озмунҳои бисёре вуҷуд доранд, ки бо кумаки онҳо метавон навъи шахсияти худро шинохт. Яке аз макотибе, ки дар мавриди шахсият ба баҳс пардохтааст, мактаби анограмма аст. Нуктае, ки дар мавриди ин мактаб ҳоизи аҳамият аст, корбурдӣ будани он аст, чаро ки пас аз ошноӣ бо он метавон шахсияти худро беҳтар шинохт, ба илали рафторҳои худ дар мавқеиятҳои мухталиф пай бурд, ҳамчунин шинохти беҳтаре нисбат ба атрофиёни худ ба даст оварад.

Чигунагии истифода аз анограмма:

• Ба таври куллӣ, ҳар фард омезае аз типҳои шахсиятии мухталиф аст, аммо дарвоқеъ фақат дорои як типи шахсияти ғолиб аст. Мумкин аст таҳти таъсири авомили хориҷӣ ба таври муваққат бо улгуи комилан мушаххасе ба сӯйи типи дигаре гароиш пайдо кунад, вале типи шахсиятии ҳар фард ҳеҷ вақт дар тӯли умр иваз намешавад.

• Ҳеҷ як аз типҳои шахсияти нуҳгона, беҳтар ё бадтар аз дигаре нест. Ҳама типҳо дорои тавоноиҳо ва заъфҳои хосси худ ҳастанд.

• Тамоми сифоти мавҷуд дар шахсиятҳои нуҳгона дар ҳама афрод дида мешаванд, вале мизони нуфуз ва таъсиргузории ин сифот дар афроди мухталиф мутафовит аст.

• Табақабандии шахсиятии аноrамма корбурди ҷаҳонӣ дорад.

• Шинохти типи шахсиятӣ баёнгари ҳама чиз дар бораи шахс нест. Масалан, мо бо шинохти типи шахсияти як фард, гузаштаи ӯ, таакқули ӯ, ҳунари ӯ, фурӯтании ӯ ва нияти ӯро нахоҳем ёфт, аммо метавон гуфт, ки ӯ ҷаҳонро чӣ гуна мебинад ва чӣ меъёрҳо ва арзишҳоеро дар назар дорад.

• Бояд ҳушёр буд, ки аз ин абзор барои тавҷеҳ ва пазиро будани нуқои заъфи шахсиятӣ истифода нашавад. Бояд ин шинохтро ҳушёрона барои ҳидоят ба сӯйи такомул ба кор бурд [1, 67].

Наҳваи бакоргирии аноrамма дар созмонҳо.

Ағлаб созмонҳо дар ҳавзаи мудирияти манобеи инсонӣ бо ин мушкил мувоҷеҳанд, ки чун коркунон дар нақшҳои созмонии муносибе қарор нагирифтаанд, боздеҳи корашон поин аст. Ва ё чун мудирон намедонанд хориҷ аз чорчӯбаи қавонин силсиламаротиби созмон чӣ гуна бояд бо ҳамкоронашон (зердаст) иртибот барқарор намоянд, наметавонанд дар ростои таҳаққуқи ормони созмонӣ аз манобеи инсонии мавҷуд ба хубӣ суд бибаранд.

Бо истифода аз абзори аноrамма метавон илова бар таъйини нақши муносибтар барои ҳар фард дар созмон, бо шинохти куллӣ аз рӯҳиёт ва вежагиҳои шахсиятии онҳо, иртиботи муассиртаре бо онҳо барқарор намуд, сиҳат ва сқм гузориш диҳи коркунонро ташхис дод.

Имрӯз бархе аз созмонҳо аз аноrамма дар барқарории иртиботи муассир бо муштарӣ истифода мекунанд, вале хусусан дар Эрон ба нудрат дар иртибот бо масоили коркунони созмонҳо ба кор гирифта мешавад.

Типи якум дар созмон. Ин афрод дар танҳоӣ бо ҳамон диққат ва ҷиддияте, ки дар ҳузури дигарон ё мудири аршади худ аст, кор мекунанд. Аз ин рӯ, барои тасаддии машоғиле, ки намешавад назорати зиёде бар анҷоми кор дошт, афроди муносибе ҳастанд. Дар корҳое, ки мехоҳем таваккали кор ба шиддат поин биёяд, метавонем ба хубӣ рӯйи кумаки типи якум ҳисоб кунем. Аммо типи якум барои ин ки иштибоҳе рух надиҳад, мудом тамоми маворидро назорат мекунанд ва мумкин аст дар ин назорат ба гунаи зиёда рӯй кунанд, ки эътирози дигаронро ба ҳамроҳ дошта бошад.

Дар нақши корманд:

- моил аст шарҳи вазоиф ва масъулияташ комилан мушаххас бошад;
- ғофилгирона аз болодаст савол мекунад, то бифаҳмад дар кораш дақиқ аст ва ё рост мегӯяд;

Дар нақши мудир:

- моил аст тамоми барномаҳои кориаш бар асоси иттилооти дақиқе бошад, ки ё худ ба даст овард ва ё дар ихтиёри ӯ қарор медиҳанд;
- ғофилгирона аз зердаст савол мекунад, то бифаҳмад корашро дуруст анҷом медиҳад ё рост мегӯяд;
- нисбат ба масоили рифоҳӣ ва ниёзҳои кормандонаш таваҷҷуҳе надорад.

Муроқибатҳо:

- набояд аз дигарон зиёд интиқод кунад;
- набояд бо кор ва ҳамкоронаш хушк бархӯрд кунад;
- бояд аз эҷоди изтироб дар худ ва кормандонаш ҷилавгирӣ кунад;
- набояд ҳама чизро фидои кайфияти кор кунад;

Машоғил ва постҳое, ки пешниҳод мешаванд:

- мудир ва корманди назорат ва бозрасӣ;
- корманди умури молӣ дар ҳиттаи ҷамъоварии додаҳои мавриди ниёзи мудири аршад ва на молӣ-молиётӣ;
- корманди тазмини кайфият;
- корманди омӯзиш барои роҳандозии омӯзишҳои халлоқона;
- узви гурӯҳҳои лоиҳаҳо бо риски боло;
- узви гурӯҳҳои оғозкунандаи кор (ба ҳамроҳи типҳои 3 ва 7);

Машоғил ва постҳое, ки пешниҳод намешаванд:

- дар бахшҳои ҳимояти манобеи инсонӣ;
- дар бахшҳои таблиғ ва фурӯши бозорёбӣ [2, с.143].

Типи дуюм дар созмон. Типи дуюм, имдодрасон аст ва дар муҳити кор ҳам дӯст дорад ба ҳама хидмат кунад. Муҳимтарин масъала дар кор ва дар зиндагии ӯ иртиботот аст. Бо ҳама (мофавқ, зердаст, муштарӣ) зуд иртибот барқарор мекунад. Аз ин вежагӣ ба хубӣ метавон дар эҷоди иртиботи мондагор ва қавӣ бо муштариёни созмон суд бурд. Дар зимн

афроди типи дуюм созмонро моли худ медонанд ва мудирро наздики худ. Мудири аршад метавонад бо мудирияти ин эҳсос дар корманди типи дуюм дар интишори ҳисси вафодорӣ ба соир коркунон ва хусусан дар ҳалли бухронҳо истифода намояд. Дар мудирияти таҳаввул, мудирон бояд типҳои дуюми муассирро шиносоӣ кунанд ва онҳоро дар ҷараёни масъала бигузоранд. Ин қазия боис мешавад типи дуюм ҳамроҳ ва тарафдори мудир, ба эҷоди ангеза дар байни коркунон талош кунад, то ҳамроҳии ҳамаро барои ҳимоят аз мудир ва убур аз буҳрон ба даст оварад.

Типи се дар созмон. Хушояндтарин ва беҳтарин фазо барои афроди типи се, муҳити кории онҳост, чаро ки хеле хуб метавонанд истеъдодҳояшонро дар он ҷо арза намоянд. Ба ҳамин далел дар маҳалли корашон ҳисси беҳтаре нисбат ба будан дар миёни хонавода доранд. Фарди типи се кофӣ аст эҳсос кунад, ки метавонад дар коре муваффақ шавад. Дар ин сурт амиқан худро бо кор гиреҳ мезанад ва ҷумъа ва шанбе намешиносад. Гоҳе он қадар ғайримаъқул ва ғайривоқеӣ худро бо кор даргир нишон медиҳад, ки атрофиён ӯро фарди худширин арзёбӣ мекунанд.

Ба таври куллӣ, типи сеюм, типи мудирон аст, аммо аз он ҷо ки маъмулан ба кайфият зиёд аҳамият намедиҳанд ва низ рискпазир нестанд, метавонанд оташи зери хокистар бошанд. Маъмулан мушкилоти аслӣ ва асосиро пинҳон мекунанд. Дар гузоришдиҳӣ ба мофавқ вориди ин масоил намешаванд. Дар самти мудириятӣ низ саъй мекунанд корро ба гунае танзим кунанд, ки масоили душвор ва чолиширо мудир баъде, ки ҷойи онҳо хоҳад омад, посухгӯ бошад.

Типи сеюм алоқаманд аст дар ҷамъ аз ӯ таъриф ва тамҷид ба амал ояд ва саъй мекунад шароитро ба гунае бинад, ки чунин вазъе барои тамҷид пеш ояд. Барояш ҳам муҳим нест ин таъриф воқеӣ аст ё ғайривоқеӣ.

Типи чаҳорум дар созмон. Афроди типи чаҳор, зотан ҳунарманд ва бо эҳсосоти қавӣ ҳастанд. маъмулан мудирияти хубе доранд, чун бо типи се наздик ҳастанд. Мушкили ин даста ин аст, ки эҳсосотро вориди корашон мекунанд ва гоҳе он қадар масоили отифӣ барояшон аҳамият пайдо мекунад, ки мунҷар ба тарки комили шуғл мешаванд. Типпи чаҳорум дӯст дорад аз соирин мутафовит бошад, ба ҳамин далел зоҳири муҳити корашро бисёр босалиқа ва ҳунармандона дуруст мекунад. Бояд таваҷҷуҳ дошт, ки дар ҳар шароит ва вазъияти корӣ, ки қарор дорад, ҳатман як фаъолияти ҳунарӣ ҳам дошта бошад, то таодулаш ҳифз шавад. Аз он ҷо ки мехоҳад ҳамеша мунҳасир ба фард бошад, гоҳе бархилофи ҷараёни об ҳаракат мекунад.

Аз якнавохтӣ ранҷ мебаранд ва халлоқона қодиранд илова бар эҷоди тафовут дар муҳити корашон, маҳсули тавлидӣ ё хадамотии мутафовит бо рақиб тавлид кунанд. Саъй мекунанд дар канори тағйири дизайн ва ҷаъбаи маҳсул, либос, кор ва ғайра дидгоҳи арзишҳои инсониро низ вориди кор намоянд. Масалан, ба унвони мудир тасмим мегиранд 5% даромадро ба хайрия кумак кунанд ё мавқеияте фароҳам мекунанд, то кӯдакон ҳайати корӣ баҳраманд шаванд.

Типи чаҳорум фориғ аз ҷойгоҳи мудириятӣ ё кормандӣ, аз интиқод безор аст ва дар иваз майли шадид ба мавриди ташвиқ қарор гирифтан дорад вагарна бамурур дучори афсурдагӣ мешавад ва дигар кор намекунад.

Типи панҷум дар созмон. Ба таври куллӣ муҳаққиқин алоқаманд ба таҳлил ва баррасии ҷузъиёти илмии масоили перомунашон ҳастанд. Муносибтарин шуғл барои ин даста, таҳқиқот ва баррасӣ аст. Дар ҳар коре ба усул ва решаҳои мантиқӣ ва илмӣ мепардозанд. Тафовуташон бо типи якум дар ин аст, ки типи якум суроғи ҷузъиёти фаннӣ мераванд, вале типи панҷум ба таҳлили илмӣ мепардозанд.

Типи панҷ аз маҳдудияти замонӣ безор аст. Бояд озод нигоҳ дошта шавад. Ҳар вақт дӯст дошт сари кор ҳозир шавад, ҳар вақт дӯст дошт биравад, ҳар вақт дӯст дошт бихобад. Рондамони корашро бояд солона баррасӣ намуд. Типи панҷум аз рақобат безор аст ва дӯст дорад рӯйи як мавзӯъ ба танҳоӣ кор кунад. Алоқаманд аст иттилооташро барои худ нигоҳ дорад. Бояд таваҷҷуҳ дошт, ки саволотро аз ӯ дақиқ пурсид ва иттилооти мушаххасеро дарёфт намуд. Типи панҷум фақат ба ҳамон, ки аз ӯ савол мешавад, посух медиҳад ва на бештар.

Типи шашум дар созмон. Афроди типи шашум бисёр машкук ҳастанд ва ба хубӣ метавонанд мушкилотеро, ки мумкин аст дар масири як кор ё лоиҳа пеш ояд, ташхис диҳанд. Агар чорчӯбаи кор ва низ таъйинкунандаи чорчӯба, барои онҳо мушаххас бошад, бисёр вафодор ва ҷиддӣ анҷом вазифа мекунанд. Аз он ҷо ки ҳамвора ба дунболи амният ҳастанд, ба ҳадди аксари иттилооти фаннӣ ниёз доранд. Типи шашум аз стресси корӣ ва муохиза бадаш меояд ва барои ҳамкорӣ дар як маҷмӯаи иқтисодӣ ё санъатӣ ба дунболи касби ин итминон аст, ки дар кор мушкиле пеш нахоҳад омад ва агар ҳам мушкил эҷод

шавад, масъулияташ бо ӯ нахоҳад буд. Ҳамкорони типи шашум, ӯро фарди манфигаро мепиндоранд.

Типи ҳафтум дар созмон. Афроди типи ҳафтум танаввӯъталаб, шод ва халлоқ ҳастанд. Аҳли қоида ва қонун ва алқоб нестанд, корҳои тимиро меписанданд, ба дунболи эҷоди танаввӯъ ва таҳаввул ҳастанд, вале дар пиёда кардани тарҳҳои халлоқонаашон дучори мушкил мешаванд, ба ҳамин далел пиёдасозии иддаоҳояшонро бояд ба типи сеюм ва ҳаштум супурд. Бо ин ки хеле хуб ида медиҳанд, нуқоти заъф ва мавонеъро намебинанд. Барои бартараф намудани ин нақиса бояд типи якум ҳамроҳашон шавад, то аз бурузи мушкил ҷилавгирӣ шавад. Барои типи ҳафтум, ибдои як равиш ҷолибтар аз бакоргирии он аст, аз ин рӯ, афроди типи сеюм ба хубӣ метавонанд типи ҳафтумро ёрӣ кунанд ва корро ба саранҷом бирасонанд. Аз назари типи ҳафт, дар муҳити корӣ муҳим кори мавриди назар аст ва бақияи масоил, аз ҷумла ташрифот ва эҳтиромот ҳошияе ҳастанд.

Типи ҳафтум бисёр дӯст дорад мавриди алоқаи дигарон қарор бигирад ва таҳаммули интиқод барояш бисёр мушкил аст.

Типи ҳаштум дар созмон. Афроди типи ҳаштум, қудратталаб ва роҳбар мебошанд. Аз заиф будан безоранд. Маҳорати зиёде дар шиносоии нуқоти заъфи афрод доранд ва чунончи мутаваҷҷеҳи заъфе аз тарафи яке аз масъулин ё руасо гарданд, билофосила парда аз белаёқатиаш бармедоранд. Шеваи бархӯрдшон ба гунаест, ки аз пушт ханҷар бизананд, балки хеле сареъ мушкил ва нуқтаи заъфи ӯро баён мекунанд. Барои онҳо кор дар дараҷаи аввал аст ва барои пешбурди кор бо касе шӯхӣ надоранд. Барои типи ҳаштум ҳама корҳо табақабандӣ шудаанд ва ӯ ба ин табақабандӣ эътимоди кофӣ дорад ва агар чизе хориҷ аз ин табақабандӣ бошад, хеле сареъ ва бетаоруф ба мухолифат бо он мепардозад, ҳатто агар ин беназмӣ аз ҷониби раисаш бошад. Дӯст дорад дигарон ӯро фарди қудратманд бидонанд, вале, агар касе ба мухолифат бо ӯ бархезад, барояш ҷолиб ва қобили эҳтиром аст.

Бо қудрати зиёд ва тасмимгириҳои қотеона корро пеш мебарад ва метавонад назорати комил рӯйи тамоми кор дошта бошад. Дар муқобили мушкилот низ шикебоӣ ба харҷ медиҳад. Аммо бо кори тимӣ ба шиддат мушкил дорад ва мухолиф аст.

Типи нуҳум дар созмон. Типи нуҳум дӯст дорад, ки дар муҳити кораш низ бо фазои ором ҳамвора бо сулҳталабӣ мувоҷеҳ бошад. Дар ғайри ин сурат дучори стресс мешавад ва худро канор мекашад. Ҳама тамаркузаш дар кор рӯйи равобити инсонӣ ва коҳиши эҳтимоли ҷангу даъво байни кормандон аст. Хеле сареъ бо ҳама дӯсти самимӣ мешавад. Ӯ ба дунболи бардоштани фишорҳои мумкин аз рӯйи афрод аст ва маъмулан бо ҳама чиз мувофиқ аст. Аз низоъ ва рақобат безор аст. Агар ба таври нохоста вориди ихтилофе шавад, хеле зуд кӯтоҳ меояд. Ин ахлоқ сабаб мешавад, ки ба ӯ ба дидаи эҳтиром нигоҳ кунанд ва бархе ҳам суиистифода мекунанд. Ӯ усули кориро муҳтарам медорад ва маъмулан агар дар як кор ҷойгоҳи худро пайдо кунад, ба сурати пайваста дар ҳамон кор мемонад.

Барои боло бурдани асарбахшии созмонҳо бояд афрод дар машоғил ва ҷойгоҳҳои созмонии муносибе қарор дода шаванд. Афроди типҳои мухталифи шахсиятӣ, дар иртибот бо корашон низ амалкардҳо ва рафторҳои хосе аз худ буруз медиҳанд, ки донистани онҳо кумаки зиёде ба боло бурдани асарбахшии созмонҳо хоҳад намуд. Ба таври хулоса, метавон тартиб ва авлавияте, ки ба ҳар типи шахсиятӣ барои коргузинӣ бояд дода шавад, метавон ин гуна пешниҳод намуд:

- ✓ Типи якум: бозрасии иттилоот ва назорат кайфият.
- ✓ Типи дуюм: тавсеаи манобеи инсонӣ, хадамоти пас аз фурӯш, коргузинӣ, хадамотӣ, бима, бознишастагӣ.
- ✓ Тип сеюм: мудири омил.
- ✓ Типи чаҳор: устотик ва пардохтан ба зоҳири маҳсул, манобеи инсонӣ.
- ✓ Типи панҷум: таҳқиқот.
- ✓ Типи шашум: мудирони миёнӣ, кормандон.
- ✓ Типи ҳафтум: пайдо кардани роҳи ҳал барои мушкилот ва халқи хадамот ва маҳсулоти ҷадид, таҳқиқ ва тавсеа.
- ✓ Тип ҳаштум: мудири кулл ва раиси ҳайати мудира.
- ✓ Типи нуҳ: масъули пайдо кардани кӯтоҳтарин роҳ барои тавлид ё сервисдиҳӣ.

АДАБИЁТ

1. Дақиқён, Парвин. Равоншиносии типҳои шахсиятии нуҳгона. – 1386. – С. 125.
2. Оҳангар, Катоюн. Маҳоратҳои типшиносӣ: ошноӣ бо шахсиятҳои мухталиф. – 1385. – С. 216.
3. Маъманпӯш Марям. Баррасии робитаи типи шахсиятӣ (бурунгаро, дарунгаро) бо ризояти шуғлӣ ва тааҳҳуди созмонии коркунони завби оҳан. – Исфаҳон, 1385. – С.74-88.

4. Riso,Don Richard, and Hudson, Ross. The Wisdom of the Enneagram, 1999 , 284.
5. [Элктронный ресурс]. http://www.enneagramcentral.com/Enneagram . 167
6. [Элктронный ресурс]. http://kepik.wordpress.com/2009/05/21/enneagram-9-tipe-kepribadian-manusia/enneagram . 34
7. [Элктронный ресурс]. http://www.pinkrosepetal.com/enneagram.html . 192
8. [Элктронный ресурс]. http://images.google.com/imgres?imgurl=http://www.enneagraminstitute.com – 56.

БАРРАСИИ ТАЪСИРИ ҲАМХОНИИ ТИПҲОИ ШАХСИЯТИ КОРКУНОН ВА НАҚШҲОИ СОЗМОНӢ БАР АСАРБАХШИИ СОЗМОН

Дар мақола масоили таҳқиқи мувофиқати навъи шахсияти кормандон ва таъсири онҳо ба самаранокии фаъолияти ширкат баррасӣ гардидааст. Чи хеле ки мо медонем, ҳар як инсон шахсият мебошад, лекин дар ҷойи корӣ бо ҳамкорон муошират намуда, наметавон ҳамеша махсусияти психологии кормандонро ба назар гирифт. Дар ширкатҳо воситаҳои гуногуни баҳогузории ҳайати кормандон бо баҳисобгирии махсусияти психологии шахсияти кормандон мавҷуд аст, ки аксарияти онҳо ба тавсифоти типологӣ такя менамоянд. Дар хадамоти ҳайати кормандон ба сифати яке аз фишангҳои муваффақи кор бо кадрҳо метавон методикаи ташхиси муносибатҳои байнишахсиятиро истифода намуд, чунки идоракунӣ намуди махсуси фаъолият аст, ки анбӯҳи идоранашавандаро ба гурӯҳи мақсадноки истеҳсолотии муваффақ табдил карда метавонад. Номгӯи васеи хусусиятҳои шахсиятӣ мавҷуданд, ки ба самаранокии фаъолияти шахс мусоидат менамояндДар асл ҳар як корманд услуби кори худ, мувофиқати сифатҳои шахсиятӣ ва қобилиятҳои идоракуниро пайдо карда метавонажд Интихоби касбӣ-психологӣ ва баҳогузории шахсияти корманд вазифаи бисёрфункционалӣ мебошад. Имрӯз, маълум аст, ки интихоб танҳо аз рӯи сатҳи донишҳо кофӣ нест, балки корманд шахсияте бошад, к ибо одамон кор карда тавонад ва дорои сифатҳои ташкилотчигӣ ва дигар махсусияти шахсиятӣ бошад, кки ба талаботи фаъолияти касбии фаъолияти касбӣ мувофиқат менамоянд. Мақолаи мазкур фарогири ҳамин мавзӯъ мебошад.

Калидвожаҳо: мувофиқати навъи шахсияти кормандон, самаранокии фаъолияти ширкат, махсусияти психологии кормандон, интихоби касбӣ-психологӣ, баҳогузори шахсияти корманд.

ИССЛЕДОВАНИЕ СОВМЕСТИМОСТИ ТИПОВ ЛИЧНОСТИ СОТРУДНИКОВ КОМПАНИИ И ИХ ВЛИЯНИЕ НА ЭФФЕКТИВНОСТЬ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ

В статье автором рассматривается проблема исследования совместимости типов личности сотрудников и их влияние на эффективность деятельности компании. Как мы знаем, каждый человек – индивидуальность, но на работе, общаясь с коллегами, невсегда можно учитывать психологические особенности наших сотрудников. В компаниях существуют различные способы оценки персонала с учетом психологических особенностей личности, многие из которых опираются наизвестные типологические характеристики. Вслужбе персонала в качестве одного из эффективных инструментов работы с кадрами может применяться методика диагностики межличностных отношений, так как управление является особым видом деятельности, который превращает неорганизованную толпу в эффективную, целенаправленную и производительную группу. Существует довольно обширный перечень разнообразных личностных черт, способствующих эффективности его работы. В реальности каждый работник ищет и находит свой стиль, свое собственное сочетание личностных качеств, управленческих способностей Профессионально-психологический отбор и оценка личности работника является многофункциональной задачей. В настоящее время, очевидно, что отбор только по уровню знаний явно не достаточен, если на выходе планируется иметь не просто научного работника, а личность, способную работать с людьми, обладающую необходимыми организаторскими качествами и другими личностными особенностями, которые соответствуют требованиям профессиональной деятельности. Статья посвящена рассммтрению данной темы.

Ключевые слова: совместимость типов личности сотрудников, эффективность деятельности компании, психологические особенности сотрудников, профессионально-психологический отбор, оценка личности работника.

RESEARCH OF THE COMPATIBILITY OF PERSONALITY TYPES OF COMPANY EMPLOYEES AND THEIR INFLUENCE ON THE EFFICIENCY OF OPERATIONS

In the article, the author examines the problem of studying the compatibility of personality types of employees and their influence on the efficiency of the company. As we know, each person is an individual, but at work, communicating with colleagues, it is not always possible to take into account the psychological characteristics of our employees. In companies, there are various ways to assess personnel, taking into account the psychological characteristics of the individual, many of which are based on well-known typological characteristics. In the personnel service, the method of diagnosing interpersonal relations can be used as one of the effective tools for working with personnel, since management is a special type of activity that turns an unorganized crowd into an effective, purposeful and productive group. There is a fairly extensive list of various personality traits that contribute to the effectiveness of his work. In reality, each employee seeks and finds his own style, his own combination of personal qualities, managerial abilities. Professional psychological selection and assessment of the employee's personality is a multifunctional task. At the present time, it is obvious that selection only by the level of knowledge is clearly not sufficient if at the exit it is planned to have not just a scientist, but a person capable of working with people, possessing the necessary organizational qualities and other personal characteristics that meet the requirements of professional activity. The article is devoted to the consideration of this topic.

Keywords: compatibility of personality types of employees, efficiency of the company, psychological characteristics of employees, professional psychological selection, assessment of the personality of an employee.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Ҳамидраҳмон Раҳмонӣ*** **-** Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, унвончӯ. **Суроға**: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Кӯлоб, кӯчаи С.Сафаров 16. Телефон: **917-59-20-11**

Сведения об авторе: ***Хамидрахмон Рахмони*** - Кулябский государственный университет им. Абуабдуллох Рудаки, соискатель. **Адрес**: 735360, Республика Таджикистан, г. Куляб, улица С. Сафарова 16. Телефон: **(+992) 917-59-20-11**

Information about the author: ***Hamidrahmon Rahmoni*** - Kulyab State University named after Abuabdulloh Rudaki, applicant. **Address**: 735360, Republic of Tajikistan, Kulyab, S. Safarov street 16. Phone: **(+992) 917-59-20-11**

УДК:338.43.:63(575.3)

ХУСУСИЯТҲОИ ТАШАККУЛИ ЗАХИРАҲОИ МОДДӢ-ТЕХНИКИИ КОРХОНАҲОИ КИШОВАРЗӢ

Ҳисайнов Н.А.
Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб

Истилоҳи "захираҳо" аз калимаи фаронсавии resource – манбаъ гирифта шуда маънои воситаи ёрирасон дар раванди истеҳсолотро медиҳад. Дар иқтисодиёт зери мафҳуми захираҳо ҷараёни воқеии ҳама намуди омилҳои технологие, ки дар истеҳсолоти иҷтимоӣ истифода мешаванд, фаҳмида мешавад. Ба маънии маҳдудтар, захираҳои моддию техникӣ ҷараёни моддие мебошанд, ки дар раванди истеҳсолот бояд дигаргун шаванд [9,с.192].

Захираҳо дар иқтисодиёт ба гурӯҳҳои зерин ҷудо карда мешаванд:

- аз рӯи пайдоиш;
- муносибат ба истеҳсолот;
- аз рӯи табиати истифода;
- бо усули такористеҳсолӣ (расми 1).

Расми 1. Гурӯҳбандии захираҳои моддӣ - техникӣ
Figure 1. Classification of material and technical resources

Сарчашма: Расм дар асоси таҳлилу омӯзишҳо аз тарафи муаллиф таҳия гардидааст

Аз рӯи пайдоишашон захираҳо ба захираҳои табиӣ ва захираҳои иқтисодӣ ҷудо мешаванд. Захираҳои табиӣ дар навбати худ аз сарватҳои табиӣ ва шароитҳои табиӣ-иқлимӣ иборат мебошанд. Ба онҳо захираҳои замин, об, ҷангал, минералҳо, олами ҳайвонот, энергияи офтоб ва ғайра дохил мегарданд.

Захираҳои иқтисодӣ унсури асосии неруи иқтисодӣ ба ҳисоб мераванд. Неруи иқтисодӣ бошад, дар навбати худ, иқтидори иқтисодии мамлакатро тавсиф медиҳад, ки аз дараҷаи тараққиёти истеҳсолоти хоҷагии халқи мамлакат вобастагӣ дорад. Бо ибораи дигар, захираҳои иқтисодӣ ин воситаҳо ё сарчашмаҳое мебошанд, ки барои ҷараёни истеҳсолот заруранд. Дар миёни онҳо биноҳову иншоотҳои истеҳсолӣ, дастгоҳу машинҳо, воситаҳои нақлиёту алоқа, намудҳои гуногуни меҳнат, замин ва канданиҳои фоиданок мавқеи муҳимро ишғол менамоянд. Захираҳои иқтисодиро аз рӯи хусусият ва унсурҳои таркибиаш ба захираҳои иқтисодии моддӣ, меҳнатӣ ва молиявӣ ҷудо мекунанд.

Захираҳои моддӣ маҷмӯи воситаҳои меҳнат ва предметҳои меҳнатӣ дар ихтиёри ҷомеабуда мебошанд, ки дар ҷараёни такрористеҳсол ба кор бурда мешаванд. Захираҳои моддӣ ҳамагуна унсурҳои ашёии истеҳсолотро, ба монанди масолеҳоти табиӣ, ашёи хом, воситаҳои меҳнат, фаро мегирад.

Захираҳои молиявӣ воситаҳои пулии дар ихтиёри давлат, корхонаҳо ва ташкилоту муассисаҳо бударо ифода мекунанд. Асоси ташаккулёбӣ, тақсимот ва истифодаи захираҳои молияviро ҳаракати арзишҳои моддӣ-молӣ ташкил медиҳанд. Инчунин, ташаккулёбию тақсимот ва истифодаи захираҳои молиявӣ ба тақсиму азнавтақсимкунии даромади миллӣ алоқамандии зич дорад.

Захираҳои молиявӣ барои таъмини такрористеҳсоли васеи истеҳсолот, интенсификатсияи он дар асоси ҷорӣ намудани техникаву технологияи муосир ва ба ин тартиб барои қонеъ гардонидани талаботҳои моддӣ, иҷтимоӣ-фарҳангии ҷомеа равона карда мешаванд. Сарчашмаҳои захираҳои молиявӣ даромади софи дар соҳаҳои истеҳсолоти моддӣ бавуҷудомада, фонди истеҳлокии барои такрористеҳсолӣ, фондҳои асосии истеҳсоли муқарраршуда, карзҳои давлатӣ ва ғайра ба ҳисоб мераванд.

Захираҳои меҳнатӣ маҷмӯи аҳолии қобилияти меҳнатӣ дошта мебошанд. Баландбардории самаранокии истеҳсолот ва натиҷаҳои истеҳсолот аз дараҷаи тахассуси қадрҳо ва истифодаи самараноки захираҳои меҳнатӣ вобастагии мустақим дорад.

Ба андешаи олими соҳаи иқтисодиёт Попов Н.А., захираҳои меҳнатӣ коргарони соҳаи кишоварзӣ ва коргарони бозори меҳнат мебошанд. Аҳолии қобили меҳнат ин маҷмӯи одамоне мебошад, ки қобилияти кор кардан доранд. Ин захираҳо метавонанд, ҳам дар соҳаи истеҳсолӣ ва ҳам ғайриистеҳсолӣ, истифода шаванд ва барои нигоҳдории муътадили сатҳи зиндагии аҳолӣ шароит фароҳам оранд. Захираҳои меҳнатӣ ҷузъи базаи моддию техникии соҳаи кишоварзӣ нестанд [9,с.82].

Аз рӯи муносибаташон нисбат ба истеҳсолот, захираҳоро ба захираҳои амалкунанда ва потентсиалӣ ҷудо мекунанд.

Захираҳои амалкунанда қисми фаъоли захираҳои умумӣ буда, айни замон дар гирдгардиши фаъолияти хоҷагидории корхонаҳо истифода мешаванд. Дар навбати худ, захираҳои потентсиалӣ ин захираҳои нав кашфшуда, аммо то хол дар ҷараёни истеҳсолот истифоданашуда мебошанд. Захираҳои потентсиалӣ фонди захираҳои захиравии мамлакатро ташкил медиҳанд.

Аз рӯи характери истифодаашон захираҳоро ба ду гурӯҳ ҷудо мекунанд: захираҳои истеҳсолӣ ва ғайриистеҳсолӣ. Чунин тақсимот маънои онро дорад, ки кадом намуди захираҳои мавҷуда дар доираи соҳаҳои истеҳсолоти моддӣ ва таносубҳои доираи соҳаҳои ғайриистеҳсолӣ истифода мешаванд.

Аз рӯи тарзи такрористеҳсолашон низ захираҳоро ба ду гурӯҳ калон ҷудо мекунанд: захираҳои истеҳсолшаванда ва истеҳсолнашаванда. Ба захираҳои истеҳсолшаванда кулли ашёҳои моддие мансубанд, ки тавассути меҳнати инсон бунёд шудаанд ва дар ҷараёни истеҳсолот истифода мешаванд. Ба захираҳои истеҳсолнашаванда захираҳое дохил мегарданд, ки онҳоро худи табиат бунёд сохтааст. Ба захираҳои истеҳсолнашаванда канданиҳои фоиданок захираҳои ҷангал, об ва ғайра дохил мегарданд.

Ба андешаи олими тоҷик Пириев Ҷ.С., ягон давлати дунё аз тамоми намуди захираҳо ба қадри кофӣ таъмин нест. Яъне, дар худуди як мамлакат мумкин аст, ки як намуди захираҳо зиёд, дуввумӣ камёфт ва саввумин маҳдуд бошанд. Аз ин рӯ, ҳар як давлат кушиш мекунад, ки аз захираҳои дар ихтиёраш буда, махсусан, захираҳои камёфт ва захираҳои маҳдуд самаранок истифода намояд [8,с.31].

Маҳдудияти захираҳо, аз ҷумла маҳдудиятҳои технологию экологӣ, ҳангоми истифодаи захираҳо проблемаи истеҳсоли миқдори зарурии молу хизматҳоро ба вуҷуд меорад. Ҳамзамон, набудани як низоми мукаммалгардидаи якдигарро ивазнамоии захираҳо боиси аз меъёр зиёд истифодашавии ин ё он намуди захираҳои мавҷуда мегардад. Аз ин рӯ, ҷустуҷӯи намудҳои нави захираҳо ва бунёди шароитҳои мувофиқ барои аз потентсиал ба сарчашма табдилёбии онҳо яке аз вазифаҳои муҳимтарини иқтисодиёти муосир ба ҳисоб меравад. Аз нигоҳи иқтисодӣ-технологӣ якдигарро ивазнамоии захираҳо имкон медиҳад, ки се роҳи истифодаи онҳоро ҷудо намоем:

- як намуди захира – самтҳои мухталифи истифодабарӣ;
- захираҳои мухталиф – мақсади ягонаи истифодабарӣ;
- пайдарпаиҳои мухталиф зимни истифодаи захираҳо.

Ҳама намуди захираҳо, махсусан захираҳои моддӣ-техникӣ, дар соҳаҳои мухталифи иқтисодиёт хусусиятҳои хоси ташаккулёбӣ ва истифодабариро доро мебошанд.

Захираҳои моддӣ дар соҳаи кишоварзӣ тавассути воситаҳои истеҳсолот, ки воситаҳои меҳнат ва объектҳои меҳнатро дар бар мегиранд, фаҳмида мешаванд. Ба

андешаи Коваленко Н.Я., Агирбов Ю.И., Серова Н.А. захираҳои моддиро ҳамчун маҷмӯи унсурҳои мавҷудаи моддӣ, ки барои коркарду истифода бурдан дар раванди истеҳсолот таъйин шудаанд, шарҳ додаанд [4,с.123].

Хусусиятҳои ташаккули захираҳои моддӣ-техникии корхонаҳои кишоварзӣ ин мавзӯе мебошад, ки аз ҷониби олимону муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ мавриди таҳлилу баҳрабардорӣ қарор дода шудааст.

Олимони тоҷик Садридинов С., Хоналиев Н., Наҷибуллоев А. оид ба хусусияти базаи моддию техникӣ чунин қайд намудаанд, ки базаи моддию техникии хоҷагии қишлоқ таркиби арзишию натуравӣ дорад. Ба он олоту предметҳои меҳнат, мошину таҷҳизотҳо, воситаҳои техникӣ, иншоотҳои истеҳсолию иҷтимоӣ, дарахтони бисёрсола ва ҳосилдеҳ, воситаҳои ҳифзи растаниву чорво, тухмиҳо, хӯрокаҳо, ашёҳо, сӯзишвориҳо, қисмҳои эҳтиётӣ ва ғайра дохил мешаванд. Қисми асосӣ ва таркибии базаи моддӣ-техникии соҳаи кишоварзиро замин ташкил медиҳад, ки дар он бевосита ҷараёнҳои истеҳсолӣ дар масоҳати фонди замин дар ихтиёри субъекти истеҳсолоти кишоварзӣ барои истифобарии самаранок ҷудо шудааст, амалӣ мешаванд [11,с.154-155].

Базаи моддию техникии соҳаи кишоварзӣ дар муқоиса бо дигар соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ хусусиятҳои муайян дорад. Якчанд хусусиятҳои базаи моддӣ-техникии соҳаи кишоварзӣ мавҷуд мебошад, ки дар расми 2 оварда шудааст (ниг. ба расми 2).

Расми 2. Хусусиятҳои БМТ-и соҳаи кишоварзӣ
Figure 2. Features of the NBT in the agricultural sector



Сарчашма: Расм дар асоси маълумотҳои пешниҳоднамудаи Коваленко Н.Я., Агирбов Ю.И., Серова Н.А. таҳия гардидааст.

Ҳамин тавр, баъд аз таҳлилу хулосабарориҳои коршиносон базаи моддӣ-техникии кишоварзӣ бо як зумра хусусиятҳои хоси худ аз базаи модӣ-техникии дигар соҳаҳои хоҷагии халқ фарқ мекунад:

1. Қисми муҳимми таркибии базаи моддӣ-техникии кишоварзӣ захираҳои замин ба ҳисоб мераванд. Қитъаҳои алоҳидаи он дорои ҳосилхезии якхела набуда, барои истеҳсоли воҳиди маҳсулот харочоти гуногунро талаб мекунанд. Яъне, барои ҳосили якхела рӯёнидан аз хокҳои ҳосилхезиашон фарқкунанда миқдори гуногуни фондҳои асосӣ ва васоити гардон сарф мегарданд. Истифодаи самараноки биноҳои истеҳсолӣ, иншоотҳо, мошин ва таҷҳизотҳо, нуриҳо, тухмӣ, хӯроки чорво, чорвои маҳсулдеҳ ва дигар воситаҳои истеҳсолоти кишоварзӣ аз истифодаи оқилонаи замин вобасгагӣ дорад.

2. Базаи моддӣ-техникии кишоварзӣ нисбати дигар соҳаҳои хоҷагии халқ аз шароитҳои табиӣ вобастагии зиёдтар дорад. Чунки истеҳсолоти кишоварзӣ дар минтақаҳои гуногуни табиӣ ва иқлимӣ доман афрохтааст. Бинобар ин, ҳар як минтақа низоми мошину таҷҳизотҳои кишоварзии ба шароити истеҳсолоташ мувофиқ ва харочоти истеҳсолии муайянро барои коркарди ҳар 1 гектар замин талабгор мебошад.

3. Истифодаи самараноки воситаҳои моддӣ-техникии истеҳсолот дар кишоварзӣ аз бисёр ҷиҳат ба мавсимӣ будани истеҳсолот алоқаманд мебошад. Маълум аст, ки дар кишоварзӣ даври корӣ ва вақти истеҳсол мувофиқат намекунад. Аз ин рӯ, бархе аз мошин ва таҷҳизотҳои кишоварзӣ дар давоми сол якчанд рӯз истифода бурда мешаванду халос. Ин ҳолат харочоти иловагиро барои нигоҳ доштани мошинҳо (тухмӣ, хӯроки чорво, нуриҳо, химикатҳо) ба миён меорад.

4. Қисми таркиби базаи моддӣ-техникии кишоварзӣ организмҳои зинда (чорвои маҳсулдеҳ ва корӣ, парандаҳо, дарахтони бисёрсола) ба ҳисоб мераванд. Истифодаи самараноки онҳо танҳо дар ҳолати ба қадри кофӣ таъмин будан бо дигар воситаҳои

истеҳсолот муяссар мегардад. Дар ин мавриd истеҳсолоти кишоварзӣ аз равандҳои биологӣ вобаста мебошад, ки онҳо ба истифодаи самараноки воситаҳои моддӣ-техникӣ таъсири назаррас мерасонанд.

5. Барои кишоварзӣ агрегатҳои зудҳаракат, шабакаи тараққикардаи нақлиёт лозим аст. Чунин талабот сармоягузориҳои ҳаҷман калонро барои сохтмони роҳҳо ва таъмиру тармими техникаи кишоварзӣ тақозо дорад.

6. Як қисми воситаҳои истеҳсолоти базаи моддӣ-техникии кишоварзӣ (мошинаҳо, таҷҳизотҳо, сузишворӣ, равғанҳои молиданӣ)-ро соҳаи саноат таъмин менамояд. Қисмати дигари воситаҳои истеҳсолоти базаи моддӣ-техникии кишоварзӣ (чорво, хӯроки чорво, тухмӣ, нуриҳои органикӣ)-ро бошад, худи истеҳсолоти кишоварзӣ ба вуҷуд меорад.

7. Базаи моддӣ-техникии кишоварзӣ бо дигар звеноҳои таъминоти моддӣ-техникии КАС алоқамандии устувор дорад, ки вазифаҳои нигоҳдорӣ, коркард ва фурӯши маҳсулоти кишоварзиро анҷом медиҳанд.

АДАБИЁТ

1. Барфиев К.Х. Обеспеченнность дехканских (фермерских) хозяйств материально-техническими средствами / К.Х. Барфиев // Крымский научный вестник. - 2016. -№2(8). -С.319-324.
2. Водяников В.Т. Организация и управление производством сельскохозяйственных предприятий / В.Т. Водяников, А.И. Мысюк, Н.Е. Зимин. -М.: «Колосс» Издательство СтГАУ «АРГУС», 2005. -506 с.
3. Глечикова, Н.А. Воспроизводство материально-технической базы растениеводства как подсистемы АПК: типология, механизмы организации, индикаторы, инструменты развития / Н.А. Глечикова. -Майкоп: Издательство АГУ, 2013. – 304 с.
4. Коваленко Н.Я. Экономика сельского хозяйства: учебник для студентов высших учебных заведений / Н.Я. Коваленко, Ю.И. Агирбов, Н.А. Серова. -М.: Юркнига, 2004. –С.123.
5. Крючева Е.В. Формирование и использование оборотных средств как фактор эффективности функционирования сельскохозяйственных организаций Краснодарского края: дисс.канд.экон.наук / Е.В. Крючева. –Краснодар, 2017. -125 с.
6. Организация сельскохозяйственного производства / Ф.К. Шакиров, В.Н. Ариничев, В.В. Бердников [и др.]. -М.: Колосс, 2003. -С.193-196.
7. Орипов А.А. Материально-техническая база аграрного сектора Республики Таджикистан в условиях рыночной экономики: состояние и проблемы / А.А. Орипов, О.Х. Арипов // Вестник Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики. Серия общественных наук. –Худжанд, 2015. -№4. -С.55-62.
8. Пириев Ҷ.С. Иқтисоди кишоварзӣ. Воситаи таълимӣ / Ҷ.С. Пириев. - Душанбе: Ирфон, 2005. -98 с.
9. Попов Н.А. Основы рыночной агроэкомомики и сельского хозяйства: учебник / Н.А. Попов. -М.: Издательство РУДН, 2001. -82 с.
10. Попов Н.А. Экономика отраслей АПК. Курс лекций / Н.А. Попов. -М.: ИКР «Экмос». 2002. -192 с.
11. Садридинов С. Иқтидори инноватсионии соҳаи кишоварзии Тоҷикистон / С. Садридинов, Н. Хоналиев, А. Наҷибуллоев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. –Душанбе, 2017. -№2/8. -С.154-155.

ХУСУСИЯТҲОИ ТАШАККУЛИ ЗАХИРАҲОИ МОДДӢ-ТЕХНИКИИ КОРХОНАҲОИ КИШОВАРЗӢ

Дар мақолаи мазкур ҷанбаҳои назариявии захираҳои моддию техникӣ ва хусусиятҳои он дар корхонаҳои кишоварзӣ мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. Аз ҷумла, андешаҳои иқтисодчиён ва олимони соҳаи кишоварзии хориҷ ва дохили ҷумҳурӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифта шудааст. Муаллиф баён намудааст, ки ҷустуҷӯи намудҳои нави захираҳо ва бунёди шароитҳои мувофиқ барои аз потентсиал ба сарчашма табдилёбии захираҳо яке аз вазифаҳои муҳимтарини иқтисодиёти муосир ба ҳисоб меравад. Ҳама намуди захираҳо, махсусан захираҳои моддӣ-техникӣ, дар соҳаҳои мухталифи иқтисодиёт хусусиятҳои хоси ташаккулёбӣ ва истифодабариро доро мебошанд. Ҳамин тавр, базаи моддию техникии соҳаи кишоварзӣ ин базаи моддӣ-ашёии истеҳсолоти кишоварзӣ мебошад ва он маҷмӯи дороиҳои истеҳсолӣ, қисми асосии сармояи гардони таъиноти кишоварзидошта ва захираҳои табииро дар бар мегирад. Ҳамаи ин унсурҳо қобилияти истеҳсолиро муайян мекунанд.

Калидвожаҳо: захира, захираҳои моддӣ, базаи моддию техникӣ, воситаҳои моддию техникии истеҳсолот, истеҳсолоти кишоварзӣ, маҳсулотҳои кишоварзӣ, соҳаи кишоварзӣ.

ОСОБЕННОСТИ ФОРМИРОВАНИЯ МАТЕРИАЛЬНО-ТЕХНИЧЕСКИХ РЕСУРСОВ СЕЛЬСКОХОЗЯЙСТВЕННЫХ ПРЕДПРИЯТИЙ

В статье исследуются теоретические аспекты материально-технических ресурсов и их характеристик в сельскохозяйственных предприятиях. В частности, были изучены взгляды экономистов и ученых в области сельского хозяйства как внутри страны, так и за ее пределами. Автор констатирует, что поиск новых видов ресурсов и создание благоприятных условий для трансформации ресурсов из потенциальных в источники - одна из важнейших задач современной экономики. Все виды ресурсов, особенно материально-технические ресурсы в различных секторах экономики, имеют свои особенности формирования и использования. Таким образом, материально-техническая база сельского хозяйства - это материальная база сельскохозяйственного производства, которая включает в себя совокупность производственных фондов, основную часть оборотных средств для сельского хозяйства и природных ресурсов. Все эти элементы определяют продуктивность.

Ключевые слова: запасы, материальные ресурсы, материально-техническая база, материально-технические средства производства, сельскохозяйственное производство, сельскохозяйственная продукция, сельское хозяйство.

FEATURES OF FORMATION OF MATERIAL AND TECHNICAL RESOURCES OF AGRICULTURAL ENTERPRISES

The article examines the theoretical aspects of material and technical resources and their characteristics in agricultural enterprises. In particular, the views of economists and scientists in the field of agriculture, both within the country and abroad, were studied. The author states that the search for new types of resources and the creation of favorable conditions for the transformation of resources from potential to sources is one of the most important tasks of the modern economy. All types of resources, especially material and technical resources in various sectors of the economy, have their own characteristics of formation and use. Thus, the material and technical base of agriculture is the material base of agricultural production, which includes a set of production assets, the main part of working capital for agriculture and natural resources. All of these elements define productivity.

Keywords: reserves, material resources, material and technical base, material and technical means of production, agricultural production, agricultural products, agriculture.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Хисайнов Наврӯз Абдураҳмонович*** – Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб, муаллими калони кафедраи иқтисод. **Суроға**: 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон, ш.Кӯлоб, хиёбони Борбад. E-mail: **Navruz.hisainov@mail.ru**. Телефон: **(+992) 918-95-70-57**

Сведения об авторе: ***Хисайнов Навруз Абдурахмонович*** – Институт технологий и инновационного менеджмента в г. Кулябе, старший преподаватель кафедры экономик». **Адрес**: 735140, Республика Таджикистан, Хатлонская обл., г. Куляб, проспект Борбад. E-mail: **Navruz.hisainov@mail.ru.** Телефон**: (+992) 918-95-70-57**

Information about the author: ***Hisainov Navruz Abdurahmonovich*** - Institute of Technology and Innovation Management in Kulob, Senior lecturer of the Department economics. **Address**: 735140, Republic of Tajikistan, Khatlon region, Kulob city, Borbad Avenue. E-mail: **Navruz.hisainov@mail.ru**. Phone: **(+992) 918-95-70-57**

УДК 002.5/.6

САМАРАНОКИИ ТАТБИҚИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИТТИЛООТӢ ДАР ФАЪОЛИЯТИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБӢ: ҲОЛАТИ МУОСИР ВА БЕҲДОШТИ УСУЛҲОИ ИСТИФОДА

Раҳмонзода З.Ф., Комилиён Ф.С.
Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон,
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар марҳилаи кунунии ҷаҳонишавӣ рушди тамаддунҳо ба такмили доимии дониш ва васеъшавии ҷаҳонбинии илмӣ ниёз дорад. Табодули ҷаҳонбинии илмӣ дар замони ҳозира дар заминаи татбиқи васеи технологияҳои компютерӣ ва воситаҳои алоқаи телекоммуникатсионии муосир дар соҳаи технологияҳои иттилоотӣ инқилоби иттилоотиро ба вуҷуд овардааст. Иттилоот ҳамчун пойгоҳи додаҳои беназири фанонашаванда барои пешрафти инсоният хизмат расонида, аз давраи рушди босуръати захираҳои иттилоотӣ гувоҳӣ медиҳад. Маҳз истифодабарии самараноки иттилоот ва усулҳои коркарди он дар раванди идоракунӣ ва ташкили ҷабҳаҳои гуногуни фаъолияти ҷомеа имконият фароҳам сохт, ки дар кишварҳои пешрафта тамаддуни нав ба вуҷуд ояд [1].

Дар ин раванд Ҷумҳурии Тоҷикистон дар буҳрони амиқи иқтисодиву иҷтимоӣ қарор дошт. Сатҳи тайёр набудани ҷомеаи мо барои татбиқи иттилооти миқёсан васеъ ҳамчун пойгоҳи рушди минбаъдаи ҷомеа як манзараи дилгиркунандаро мемонд. Аён аст, ки бо пайдошавии рақобат байни давлатҳо ва гузариш аз соҳаи истеҳсолии холис ба соҳаи илм, технологияҳои нав ва илму маориф мавқеъ ва қобилияти рақобатпазирии кишварҳоро дар ҷомеаи ҷаҳонӣ муайян намуда, дар маҷмӯъ, ба таъмини амнияти миллии кишварҳо мусоидат намуд.

Дастрасии осон ба ҳама гуна иттилоот дар тафаккури ҷамъиятӣ инқилоберо ба вуҷуд оварда, ба рушди соҳибкорӣ, беҳдошти муҳити иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва миқёси татбиқи технологияҳои нави таълимӣ мусоидат кард. Саҳми донишгоҳҳо низ дар пешрафти сатҳи фарҳанги истифодаи техникӣ ва маърифатии аҳолии кишвар, бахусус, дар давраи ҳозира хеле афзуд [2-8].

Вобаста ба ин дар Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020 омадааст: «... имрӯз низоми маорифи Тоҷикистон дар дохили худ коркард шуда, сиёсати маориф ва ҳадафҳои асосии он ташаккул ёфта, ба қадри имкон навсозӣ мегардад. Ҳамаи ин равандҳо тариқи мониторинг арзёбӣ гардида, таҳия ва татбиқи сиёсати мувофиқеро талаб карда, самаранокӣ ва натиҷабахшии хидматрасониҳои таълимӣ ва дастрасӣ ба таҳсилоти босифатро барои ҳамагон пешниҳод ва таъмин мекунанд ....» [13].

Барои ноил шудан ба ин ҳадафҳо, пеш аз ҳама, мушкилоти марбут ба иттилоотонии низоми маорифи ҷумҳуриро ҳал бояд кард. Вобаста ба ин маврид байни аҳолӣ ақидаи устуворе паҳн гаштааст, ки иттилоотонии ҷомеаи муосир аз зарурати объективӣ ба вуҷуд омадааст ва ҳатто агар ба ин раванд ягон ҳолат ё мамониати махсус таъсир расонад ҳам он ҳатман рушд хоҳад кард. Ин ақида аз бисёр ҷиҳат одилона аст, вале чизи муҳим он аст, ки раванди мазкур то кадом андоза динамикӣ хоҳад буд.

Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки татбиқи технологияҳои иттилоотӣ дар ҳаёти ҷамъиятӣ ва шахсӣ босуръат идома дорад. Агар дар гузашта рушди минбаъдаи ин ё он соҳа, масалан, электрикунонии деҳаҳои дурдаст, ихтирои таҷҳизот ва дастгоҳҳои навъи нави баркӣ (яхдон, телевизор, дарзмол, тафдон, плитаи хӯрокпазӣ, мошини ҷомашӯӣ ва ғайра), воситаҳои нақлиёт (автомобил, электромобил, ҳавопаймо, қатора, киштӣ ва ғайра) ва дигар василаҳои зиндагӣ даҳсолаҳо ё ҳатто як аср идома меёфт, пас, ин муҳлат барои рушди технологияҳои иттилоотӣ то ба 15-20 сол коҳиш ёфтааст. Вақтҳои охир раванди коҳишёбии ин муҳлат боз ҳам зудтар рух дода истодааст.

Дар ин асно иқтисодиёти ҷаҳон низ рӯз аз рӯз ба худ характери маҷозӣ (виртуалӣ) касб намуда истодааст: бонкҳои виртуалӣ, мағозаҳо, китобхонаҳо, биржаҳои электронӣ ва ғайра. Ҳамаи ин, аллакай, ҳақиқати воқеӣ буда, гувоҳи он аст, ки мо дар асри XXI – асри рушди баланди технологияҳои иттилоотӣ, умр ба сар бурда, ба ҳаёти маҷозӣ қадам монда истодаем [9-12, 15].

Алоқамандии иттилоот ва ҷомеа ба яке аз масъалаҳои муҳимтарин ва мубрами рӯз табдил ёфтааст. Технологияҳои иттилоотӣ имкон медиҳанд, ки тавассути онҳо бисёр масъалаҳои рӯзмарра худкор гардонида шаванд. Ин, дар навбати худ, пешгӯии дурнамои рушди ҷомеаро хеле осон мегардонад [5].

Новобаста ба кӯшишу заҳматҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати таъмини тамоми муассисаҳои соҳаи маорифи кишвар, аз ҷумла муассисаҳои таълимии томактабӣ, муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ, бо техника ва технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ҳоло ҳам кишвари мо дар самтҳои иттилоотонии соҳа ва таъминот бо техникаи муосири компютерӣ аз бисёр давлатҳо қафомонда шумурда мешавад. Мушкилоти соҳаро ба ҳисоб гирифта, Ҳукумати мамлакат барои боз ҳам ривоҷ ва тараққӣ додани соҳаи маориф соли 2010-ро «Соли маориф ва фарҳанги техникӣ» эълон намуд.

Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 се принсипи асосии рушд – «боздоранда (яъне, пешгирии осебпазирии рушди оянда), саноатикунонӣ (баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳои миллӣ) ва инноватсионӣ (рушд дар асоси навовариҳо дар тамоми соҳаҳои иҷтимоӣ-иқтисодии кишвар)»-ро дар бар мегирад. Тибқи стратегияи мазкур «... ҳадафи олии рушди дарозмуддати кишвар баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии мардум дар заминаи таъмини рушди устувори иқтисодӣ ба ҳисоб меравад, ки он дар навбати худ таъмини амнияти энергетикӣ, рушди имкониятҳои коммуникатсионии кишвар, таъмини амнияти озуқаворӣ, тавсеаи шуғли фарогири пурмаҳсул ...»-ро тақозо менамояд [14].

Дар боби рушди илму маориф дар ин санад зикр шудааст, ки «... зарурати ташаккули салоҳиятҳои устувор ва навовариҳо шарти муҳимми таъмини пешрафти воқеӣ ва дарозмуҳлат аст. Сухан на танҳо дар бораи баланд бардоштани дастрасӣ ба таҳсилот ва навовариҳо, балки дар бораи сифати таҳсилот ва натиҷанокии илм меравад. Дурнамои рушди дарозмуҳлати низоми маорифи ҷумҳурӣ бояд дар асоси принсипҳо ва талаботи зерин асос ёбад: тамоми сатҳҳои таҳсилот бояд ба стандартҳои сифат ҷавобгӯ бошанд; ... таҳсилоти мактабӣ, ки барои сармояи инсонӣ заминаи асосӣ мебошад, бояд на танҳо дониш диҳад, балки салоҳияту малакаҳоро ташаккул диҳад ва ташаккулёбии шакли тафаккури инноватсионӣ ва тарбияи ватандӯстиро таъмин намояд; сифат ва миқёси таҳсилоти касбӣ бояд рақобатпазирии иқтисодиёти кишварро таъмин намояд; байни низоми маориф ва бозори меҳнат бояд алоқаи зич бошад, ки тавозуни пешниҳоди мутахассисони дараҷаи мухталифро аз рӯйи талаботи бозори меҳнат таъмин кунад; ба бунёди иқтидорҳои инноватсионӣ, корҳои илмию таҳқиқотӣ ва таҷрибавию лоиҳакашии худмаблағгузор, ки бо истеҳсолот алоқаи зич доранд, афзалият дода шавад; фаъолсозии корҳои илмию таҳқиқотӣ оид ба нигоҳ доштани гуногунии биологӣ, мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим ва устуворii экосистемаҳои кӯҳӣ (ташаккулдиҳандаи ҷараёни об) пурзӯр карда шавад; низоми маориф дар тамоми сатҳҳо бояд барои ташаккулёбии дониш ва малакаи зарурӣ ҷиҳати рушди устувор мусоидат намояд ...» [14].

Аз ин рӯ, айни замон вазифаи асосии раванди иттилоотонӣ дар соҳаи маориф на танҳо андӯхтани донишу маҳорат аз технологияҳои иттилоотӣ, балки таъмини истифодаи

самараноки хусусиятҳо, усулҳо ва имконоти онҳо буда, ин омилҳо метавонанд самаранокии таълимро тақвият бахшанд ва равандҳои рушди зеҳнии инсонро такмил диҳанд. Раванди иттилоотонӣ раванди тӯлонӣ ва фарогири тамоми ҷабҳаҳои системаи мавҷудаи маориф мебошад. Он ба анъанаҳои маърифати фарҳангӣ, проблемаҳои бунёдии фалсафаи таълим ва ба таҷрибаи педагогӣ таъсири амиқ расонида, таъсиси инфрасохтори иттилоотии сармояталаб, татбиқи миқдори зиёди корҳои ташкилӣ-методӣ ва таҳқиқоти илмиро аз роҳбарияти муассисаҳои таълимӣ ва омӯзгорони онҳо талаб мекунад.

Иттилоотонии васеи низоми таҳсилотро метавон ҳамчун мавҷудияти ҷузъҳои ба ҳам пайванди системаи таълимӣ-методӣ-техникӣ-технологӣ-кадрии зерин дар кулли муассисаҳои таълимӣ тасвир кард:

1) кифоягии воситаҳои техникӣ ва коммуникатсионӣ. Муассисаҳои таълимӣ бояд бо таҷҳизоти компютерӣ ва бо каналҳои устувори қабулу интиқоли иттилооти электронӣ муҷаҳҳаз бошанд;

2) кифоягии захираҳои электронии муосири таълимӣ, мавҷуд будани муҳити созгори иттилоотӣ барои омӯзиш;

3) мавҷуд будани системаи идоракунии таълиму тарбия ва илму таҳқиқоти дар заминаи технологияҳои иттилоотӣ амалкунанда;

4) фаро гирифтани омӯзгорони соҳибихтисоси эҷодкору навовар ба фаъолияти таълимӣ.

Барои арзёбии сатҳи рушд ва динамикаи таъминоти техникии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар ва дастрасии онҳо ба технологияҳои иттилоотӣ дар давоми солҳои 2010-2020 дар ҷадвали 1 ҳамчун намуна маълумот оид ба вазъи қаблӣ ва кунунии таъминоти техникӣ ва дастрасӣ ба ТИ дар се донишгоҳ оварда шудааст.

Ҷадвали 1. Вазъи техникӣ ва дастрасии се донишгоҳи кишвар ба ТИ
Table 1. Technical situation and access of the country's three universities to IT

Донишгоҳ		2010	2014	2016	2018	2020	2020/2010, маротиба
Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон	I	20,0	105,0	160,0	254,0	266,0	13,3
	II	240,0	342,0	459,0	681,0	850,0	3,5
Донишгоҳи технологии Тоҷикистон	I	569,0	986,1	986,1	1143,0	1179,0	2,1
	II	399,0	728,0	764,0	903,0	938,0	2,4
Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон	I	260,0	579,0	919,0	1194,0	1350,0	5,2
	II	300,0	600,0	860,0	992,0	1144,0	3,8
Замима: **I** – масоҳати лабораторияҳои компютерӣ, *м*^{2}; **II** – афзоиши парки компютерҳои фардӣ, *адад.*							

Таҳлили иқтидори техникаи электронии ин донишгоҳҳо ва иттилооти омории аз онҳо дастрасшуда (тибқи дархости муаллифон) собит месозад, ки аз 2932 адад компютери дар ин муассисаҳои таълимӣ истифодашаванда ҳудуди 96% ё 2815 адади онҳо ба шабакаи ягонаи нахӣ-оптикии маҳаллӣ бо дастрасӣ ба интернет пайваст карда шудаанд. Тақрибан 68% ё 1993 адади онҳо дар раванди таълим ва 939 компютери боқимонда (32%) дар зерсохторҳои ин донишгоҳҳо вобаста ба басти вазифавӣ истифода бурда мешаванд. Бо мақсади баланд бардоштани сифати таълим дар ин донишгоҳҳо дар умум 80 озмоишгоҳ (лаборатория) бо техникаи муосири компютерӣ муҷаҳҳаз гардонида шудааст.

Бояд қайд кард, ки дар ҷараёни таълим диққати асосӣ ба татбиқи системаи модулии кредитӣ дода мешавад, ки он на танҳо ба машғулиятҳои синфӣ, балки, пеш аз ҳама, ба кори мустақилонаи донишҷӯён равона карда шудаанд, зеро зиёда аз 60% сарбории донишҷӯёнро маҳз кори мустақилона ташкил медиҳад.

Бо эълон гардидани соли 2010 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун «Соли маориф ва фарҳанги техникӣ» аз ҷониби Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон фаъолияти марказҳои технологияҳои иттилоотию коммуникатсионии мавҷудаи ин донишгоҳҳо пурзӯр гардонида шуда, марказҳои нави техникию технологии бо таҷҳизоти муосири электронӣ муҷаҳҳазбуда таъсис дода шуданд ё фаъолияти баъзе аз онҳо васеъ гардонида шуда, ба паркҳои технологӣ табдил дода шуданд. Марказҳои компютерӣ ва паркҳои технологии амалкунанда тамоми амалҳои ба фаъолияти таълимӣ, омӯзишӣ, озмоишӣ, лоиҳарезӣ, барномасозӣ, инноватсионӣ, таҷрибагузаронӣ, техникӣ, системавӣ ва идории донишҷӯёну омӯзгорон ва маъмурони донишгоҳҳо вобастаро танзим намуда, дастрасии онҳоро ба шабакаи саросарии интернет, дигар шабакаҳои иттилоотию телекоммуникатсионӣ таъмин менамоянд ва таъмиру тармим, профилактика ва чорабиниҳои пешгирикунандаи зиддивирусиро ҷиҳати дар ҳолати корӣ қонеъкунанда нигоҳ доштани парки компютерӣ ва дигар техникаю таҷҳизоти электронӣ анҷом медиҳанд. Чорабиниҳои мазкури дар марказҳои компютерӣ ва паркҳои технологии ин

донишгоҳҳо гузаронидашуда ба беҳтар гардидани сатҳу сифати раванди таълим ва ташкили низоми таълими фосилавии онҳо низ таъсири мусбат расонида истодаанд.

Қариб тамоми озмоишгоҳҳо ва синфхонаҳои компютерии бо 1993 компютери муосир муҷаҳҳазгардонидашудаи ин донишгоҳҳо тавассути шабакаҳои маҳаллӣ (локалӣ) байни ҳам пайванди робитавӣ барқарор намуда, аксари онҳо бо шабакаи глобалии интернет низ пайваст мебошанд. То соли 2009 дастрасӣ ба интернет дар ин донишгоҳҳо тавассути Маркази таълимии корпоративии «TARENA» таъмин карда мешуд. Аз соли 2010 то ҳоло дастрасӣ ба интернет тавассути ҶСК «Тоҷиктелеком», «Tojnet.tj», «САТУРН» ва «Babilon.tj» амалӣ карда мешавад. Дар ҳоли ҳозир дастрасӣ ба шабакаи умумиҷаҳонии компютерӣ ҳатто бо тарзи интихобӣ амалӣ шуда истодааст, зеро дар Тоҷикистон ширкатҳои хизматрасони интернетӣ хеле зиёд гаштаанд.

Айни замон дастрасӣ ба интернет дар ин донишгоҳҳо бо ду усул ба роҳ монда шудааст: якум, аз тариқи пайвастшавӣ бо ёрии сим ва, дуюм, аз тариқи пайвастшавӣ бе ёрии сим. Истифодаи ҳар ду усул низ дар ин донишгоҳҳо самараи дилхоҳ дода истодааст. Теъдоди истифодабарандагони интернет низ аз ҳисоби донишҷӯёну омӯзгорони онҳо рӯз то рӯз зиёд шуда истодааст, чунки ин марказҳои компютерӣ барои тамоми ҷомеаҳои таълимию илмии онҳо ба марказҳои дастрасии ройгон ба захираҳои глобалии иттилоотӣ табдил ёфтааст.

Сохтори донишгоҳҳои таҳқиқотӣ тибқи басти вазифаҳо ба зерсохторҳо, масалан раёсат, дастгоҳ, факултетҳо, кафедраҳо, марказҳо, шуъбаҳо ва бахшҳо, тақсим шуда, ҳамаашон бо компютерҳо ва дигар лавозимоти техникӣ пурра таъмин карда шудаанд. Байни зерсохторҳои ин донишгоҳҳо табодули иттилоот ва ҳамлу нақли санаду ҳуҷҷатҳо (гузоришҳо, пешниҳодот, маълумот оид ба давомоти донишҷӯён, лоиҳаи фармоишҳо, ҳисоботҳо ва ғайра) тавассути шабакаҳои локалии дохилидонишгоҳӣ амалӣ гардонида мешавад.

Шабакаҳои локалии дохилидонишгоҳӣ ба шабакаҳои компютерии умумӣ ва ягонаи ин донишгоҳҳо муттаҳид гардонида шудаанд, ки онҳо ба рушди системаи иттилоотию идоракунии ин муассисаҳои таълимӣ мусоидат намуда, дар сохтану ба истифода додани сомонаҳои расмӣ ва вебсаҳифаҳои зерсохторҳои алоҳидаи онҳо, ташкили китобхонаҳои электронӣ ва таҳияи лоиҳаи технологияҳои таълими шабакавӣ шароити созгор фароҳам меоранд.

Раванди иттилоотонии се донишгоҳи мазкур ва кулли дигар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар, гуманизатсияи таълим, тағйир ёфтани эҳтиёҷоти иттилоотии истифодабарандагони донишҳои бунёдии шабакавӣ ва истифодаи торафт васеи технологияву шабакаҳои иттилоотӣ дар фаъолияти китобхонаҳои электронӣ фалсафа, сиёсати хизматрасонӣ ва ҳадафҳои ниҳоии ин китобхонаҳоро ба куллӣ тағйир дода, зарурати табдил додани онҳоро ба марказҳои маърифатӣ, таълимӣ ва фарҳангии донишгоҳҳо ба миён овардааст.

Фароҳам омадани шароити техникӣ ва татбиқи таҳқиқотҳои назариявию амалии ба технологияҳои компютерии таълимӣ бахшидашуда дар донишгоҳҳои ҷумҳурӣ имконият ба вуҷуд овардааст, ки шурӯъ аз соли 2010 технологияҳои муосири иттилоотӣ ва компютерӣ дар раванди таълим боз ҳам фаъолонатар ва самараноктар мавриди истифода қарор дода шаванд. Аз давраи мазкур то ин ҷониб дар донишгоҳҳо воситаҳои автоматикунонии раванди таълим васеъ таҳия ва татбиқ карда мешаванд. Барои омодаву татбиқ кардан ва нигоҳ доштани воситаҳои автоматикунонидашуда дар ин донишгоҳҳо тамоми шароит ва имконот фароҳам оварда шудааст. Барои таҳия ва гузаронидани курсҳои худомӯзии омӯзгорон низ имкониятҳои зарурӣ муҳайё гардонида шудаанд. Танҳо худи мавҷудияти технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ муассисаҳои таълимиро вазифадор менамоянд, ки муносибати маъмули худро роҷеъ ба рушди курсҳои автоматикунонидашудаи таълимӣ ва идоракунии раванди омӯзиш таъҷилан таҷдиди назар намоянд [12].

Вазифаҳои марҳилаҳои навбатии раванди иттилоотонии таҳсилоти олии касбиро бо истифода аз натиҷаҳои таҳқиқотҳои қаблан анҷомдодашуда ва имкониятҳои кунунии технологияҳои компютерию шабакавӣ барои ҳалли масъалаи рушди минбаъдаи курсҳои автоматикунонидашудаи таълимӣ ва идоракунии босамари раванди омӯзиш чунин муайян кардан мумкин аст:

1. Бо истифода аз маводи таълимии чандрасонаӣ (мултимедиявӣ), электронию гиперфазоӣ ва технологияи омӯзиши фосилавӣ васеъ гардонидани функсияҳо ва имконоти татбиқии муҳити василаҳои шабакавӣ ва курсҳои автоматикунонидашудаи омӯзишии пештар таҳияшуда.

2. Тавсеаи имконоти вуруди зиёдтари донишҷӯён ба фазои васеи иттилоотию географӣ ва рафъи вобастагии таҳсил аз муҳити зисти мушаххас.

3. Беҳдошти сатҳи уфуқҳои иттилоотии донишҷӯён, аспирантҳо ва омӯзгорон бо истифода аз имконоти пайвастшавӣ ба шабакаи Интернет ва шабакаҳои компютерии маҳаллӣ ва минтақавии донишгоҳҳои дохили кишвар ва хориҷи он.

4. Ҷалби таваҷҷуҳи омӯзгорон ва донишҷӯён ба масъалаҳои муошрати байналмилалӣ ва болобарии фарҳанги забонӣ.

5. Таҳияи технология ва методологияи таълими фосилавӣ барои таъмини омӯзиши мутассил ва мустақилияти бештари донишҷӯёни тамоми шаклҳои таҳсилот, баланд бардоштани сатҳи маърифатӣ, касбӣ, фарҳангӣ ва коммуникатсионии онҳо, аз ҷумла барои донишҷӯёни дорои имкониятҳои маҳдуди шунавоӣ, биноӣ ва иртиботӣ.

Ҳамин тариқ, тавассути банақшагирии якчанд марҳилаи пай дар пайи раванди иттилоотонии низоми таҳсилот рушди самтҳои гуногуни корҳои ташкилии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, таҳияи курсҳои автоматикунонии раванди таълим ва бунёди муҳити худкори интерактивии омӯзишро фароҳам овардан имконпазир аст, ки онҳо метавонанд дар ташаккули фарҳанги иттилоотии мутахассисони оянда саҳми арзанда гузошта, дар сохтани фазои ягонаи иттилоотию таълимии байни донишгоҳҳои кишвар, филиалу намояндагиҳои онҳо ва инчунин барои мукаммалгардонии низоми такмили ихтисоси омӯзгорон ва худомӯзии донишҷӯёну унвонҷӯён заминаи мусоид фароҳам оранд. Айни замон дар донишгоҳҳои пойгоҳии зикршуда (Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон) бо мақсади баланд бардоштани самаранокии сатҳу сифати таълим, таҳия ва татбиқи технологияҳои омӯзиши шабакавӣ ҳамчун ҷузъи муҳити ҳамгирои фазои ягонаи иттилоотию таълимӣ барномаи махсусе таҳия гардида, мавриди истифодаи ин донишгоҳҳо қарор дода шудааст.

Барои мутахассисони соҳа, докторантони фалсафа (PhD)-докторантон аз рӯйи ихтисос, магистрантон, аспирантон, унвонҷӯён ва донишҷӯёни курсҳои болоӣ бо мақсади пешбурди фаъолияти илмию таҳқиқотӣ дар соҳаи ТИК ва гузаронидани озмоишҳои компютерӣ дар марказҳои иттилоотию коммуникатсионии назди ин донишгоҳҳо тамоми шароити зурурӣ муҳайё гардонида шудааст. Самтҳои асосии фаъолияти ин марказҳо роҷеъ ба баланд бардоштани сифати омодасозии хатмкунандагон (мутахассисони сатҳи олии оянда) чунин муайян карда шудаанд:

– коркард ва санҷиши амсилаи нави раванди таълим барои омода сохтани мутахассисони баландихтисос дар асоси омезиши органикии ҷузъҳои илмӣ ва таълимӣ;

– ҳамаҷониба ва васеъ ҷорӣ намудани технологияҳои муосири иттилоотии шабакавӣ;

– ба роҳ мондани тайёрии махсуси технологӣ ва тавсеаи такмили ихтисоси мутахассисон (омӯзгорон);

– дар заминаи технологияҳои муосир роҳандозӣ намудани коркардҳои илмии муҳаққиқони донишгоҳҳо.

Воқеан, бо истифода аз имкониятҳои дидактикии технологияҳои муосири компютерӣ ва телекоммуникатсионӣ кор карда баромадани усулҳои нави таълим барои ҳалли масъалаи навсозии назарраси низоми таҳсилот заминаи ҷиддӣ фароҳам меоранд. Дар ин ҷода системаҳои иттилоотии идоракунӣ (СИИ – IMS) метавонанд дар мукаммалгардонии низоми танзим ва идоракунии санаду ҳуҷҷатҳои электронии муассисаҳои таълимӣ хеле манфиатовар бошанд. Ҳангоми таҳияи СИИ якчанд нуктаи аз нигоҳи мо хеле муҳимро ба назар бояд гирифт [4]:

1.Роҳбарияти олии донишгоҳҳоро зарур аст, ки ҷиҳати азнавташкилдиҳии идоракунии раванди таълим, тарбия, назорат, санҷиш ва ҳуҷҷатгузорӣ ҷиддӣ муносибат карда, барои такмили он пайваста рағбат зоҳир намояд.

2.Омӯзиш ва таҳлили фаъолияти ҳамаи зерсохторҳо (раёсатҳо, шуъбаҳо, бахшҳо, факултетҳо, кафедраҳо ва ғайра)-и донишгоҳҳо ва ҳаракати иттилоот (ҳуҷҷатҳои электронӣ)-и байни ин зерсохторҳо ба таври доимӣ ба роҳ монда шавад ва бар пояи хулосаҳои асоснок қарорҳои дахлдори идоракунӣ қабул карда шаванд.

3.Барои таҳияи илмии шиносномаҳои кафедраҳои тахассусии донишгоҳ бояд шиносномаҳои ихтисосҳои онҳоро баҳри омодосозии мутахассисони оянда тарҳрезӣ намуд, вазифаҳои аввалия, мобайнӣ ва ниҳоии ин кафедраҳоро муайян кард ва шаклҳои иттилооти оморию ҳуҷҷатҳои асосии содиротиро мушаххас ва коркард намуд.

4.Аз рӯйи таҳлилу таҳқиқҳои гузаронидашуда ва натиҷаҳои таълимии бадастомада роҳбарияти донишгоҳҳоро зарур аст, ки тобеияти ҳуҷҷатҳои электрониро бо тарзҳои

амудӣ ва уфуқӣ муайян намуда, ба таври оқилона ҳаракати иттилооти идориро ба роҳ монанд ва онро дар фаъолияти роҳбарии худ самаранок истифода баранд.

Дар мавриди амалишавии чунин системаи иттилоотии идоракунӣ тарҳи сохтори донишгоҳҳо беҳтар гашта, вобаста ба фаъолияти зерсохторҳои онҳо маълумоти зарурӣ ва кофии корбариро ба таври оқилӣ дастрас намудан имконпазир мегардад. Дар се донишгоҳи пойгоҳии таҳқиқотӣ, ки аз рӯйи системаи мазкур фаъолияти худро ба роҳ мондаанд, дар заминаи маҳсулоти гуногуни барномавӣ таҳияи низоми идоракунии иттилоот аллакай оғоз ёфтааст.

Тӯли ин солҳо (2010-2020) донишгоҳҳои мазкур бо созмонҳои пешбари татбиққунандаи ТИК дар кишвари мо ва системаи илму маорифи Тоҷикистон фаъолона ҳамкорӣ менамоянд. Масалан, бо дастгирӣ ва дар заминаи курсҳои кӯтоҳмуддати омӯзишӣ ва семинару машваратҳои аз тарафи Фонди ҷамъиятии «Ташаббуси шаҳрвандӣ барои сиёсати Интернет дар Тоҷикистон» (PIT GIPI) гузаронидашуда, айни ҳол дар ҳамаи ин се донишгоҳ лоиҳаҳои умумии «Системаи иттилоотии идоракунӣ» (СИИ) таҳия гардидааст.

Системаи мазкур афзалиятҳои зиёдеро ҷиҳати назорат, корбарӣ, сарфаи вақт ва хароҷоти канселярӣ (аз ҷумла, минимизатсияи бюрократияи коғазӣ) доро буда, фаъолияти қариб тамоми зерсохторҳои донишгоҳро, дар мисоли фаъолияти «Шуъбаи таълим», «Шуъбаи банақшагирӣ», «Комиссияи қабул», «Шуъбаи махсус ва кадрҳо», «Факултет», «Кафедра» ва ғайра худкор гардонидааст ва ба роҳбарони муассисаи таълимӣ ва кормандону донишҷӯёни он як муҳити озоду мусоиди корӣ фосилавиро фароҳам сохтааст.

Яке аз ҳадафҳои асосии ташкили СИИ дар донишгоҳҳои мазкур ин гузаштан ба низоми электронии идоракунии фаъолияти донишгоҳ бо назардошти ҷорӣ намудани низоми таҳсилоти кредитӣ ба ҳисоб мерафт, ки имрӯз кулли муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ маҳз ба ҳамин низоми таълим гузаштаанд. Дар низоми иттилоотии идоракунӣ ба ғайр аз модулҳои таълимии гуногун инчунин таъсис додани модулҳои ба ҳам алоқаманди идоракунии ҳуҷҷатҳои электронӣ барои бахшҳои асосии донишгоҳҳо ба нақша гирифта шудааст, ки дар идоракунии системаи умумии донишгоҳӣ нақши муассир дорад.

Дар хотима қайд менамоем, ки пас аз ҷорӣ гаштани СИИ дар раванди таълим барои татбиқи механизми самарабахши назорати электронии ҷараёни таълим дар донишгоҳҳо заминаи мусоид фароҳам омада, ҷиҳати истифодаи васеи ТИК дар таҳсилоти олии касбӣ муҳити созгор ба вуҷуд омадааст. Дар натиҷаи татбиқи чорабинии мазкур ҳалли масъалаи болобарии сатҳу сифати тахассусии омӯзгорону донишҷӯён ва мутахассисони донишгоҳҳо якчанд маротиба осон гаштааст.

А Д А Б И Ё Т

1. Аветисов А.А. О системологическом подходе в теории оценки управления качеством образования [Текст] / А.А. Аветисов // Материалы 5-го симпозиума «Квалиметрия человека и образования: методология и практика. Национальная система оценки качества образования в России». –М.: ИЦПКПС, 1996. -С. 52-55.
2. Комилов, Ф.С. Баҳисобгирии амнияти иттилоотии шабакавӣ дар таҳияи пойгоҳи додаҳо / Ф.С. Комилов, М.Р. Ёров // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Н. Хусрав. - 2019. -№4(68). -С.141-146.
3. Комилов, Ф.С. Информационное обеспечение системы управления качеством образовательных услуг / Ф.С. Комилов, З.Ф. Рахмонов // Вестник Таджикского национального университета. – 2011. -№4(68). -С.46-55.
4. Комилов, Ф.С. Информационные технологии в высшем образовании Республики Таджикистан [Текст] / Ф.С. Комилов, З.Ф. Рахмонов. – Душанбе: Ирфон, 2012. – 174 с.
5. Комилов, Ф.С. Компютер ва иттилоот (Дастури таълимӣ) [Матн] / Ф.С. Комилов, З.Ф. Раҳмонов. – Душанбе: Маориф, 2015. – 208 с.
6. Комилов, Ф.С. Моделирование информационно-коммуникационой технологии подготовки высококвалифицированных специалистов / Ф.С. Комилов, З.Ф. Рахмонов // Материалы международного семинара «Проблемы развития экономики РТ в условиях мирового финансового кризиса». -Душанбе, ИПС, 2010. -С.268-288.
7. Комилов, Ф.С. Современное состояние использования информационных технологий в деятельности высшего учебного заведения / Ф.С. Комилов, З.Ф. Рахмонов // Вестник Института предпринимательства и сервиса. – 2011. -№23. -С.115-123.
8. Комилов, Ф.С. Теоретические основы управления качеством образовательных услуг / Ф.С. Комилов, З.Ф. Рахмонов // Вестник Таджикского национального университета. Серия экономических наук. - 2014. -№2/8(149). -С.119-128.
9. Комилов, Ф.С. Технологияҳои тарҳрезии системаҳои иттилоотӣ (Дастури таълимӣ) [Матн] / Ф.С. Комилов, З.Ф. Раҳмонов. – Душанбе, 2016. – 135 с.
10. Рахмонов, З.Ф. Внедрение ИКТ в образовательный процесс – основа совершенствования подготовки высококвалифицированных специалистов [Текст] / З.Ф. Рахмонов // Вестник Российско-Таджикского (Славянского) университета. – 2010. -№4(30). -С.140-145.

11. Рахмонов, З.Ф. Информационное обеспечение системы управления качеством образовательных услуг / З.Ф. Рахмонов // Вестник Таджикского национального университета. -Душанбе: Сино, 2011. -№4(68). -С.51-59.
12. Рахмонов, З.Ф. Система управления образовательного процесса, основанная на внедрении современных информационных технологий [Текст] / З.Ф. Рахмонов // Вестник Таджикского национального университета. – Душанбе: Сино, 2010. -№8(64). -С.171-177.
13. Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020 (Бо қарори Ҳукумати ҶТ аз 30 июни соли 2012, №334 тасдиқ шудааст) [Матн]. – Душанбе, 2012. – 93 с.
14. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. -Душанбе, 2016. -103 с.
15. Rahmonov, Z.F. New educational tecnologies – ground for advance teaching [Text] / Z.F. Rahmonov, F.S. Komilov, A.A. Ismoilov // International Conference IICM2009 «Intellectual capital management». -Iran, Zanjan, 2009. -P. 39.

САМАРАНОКИИ ТАТБИҚИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИТТИЛООТӢ ДАР ФАЪОЛИЯТИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБӢ: ҲОЛАТИ МУОСИР, БЕҲДОШТИ УСУЛҲОИ ИСТИФОДА

Дар мақола ҷанбаҳои назариявии раванди иттилоотонии рушди таҳсилоти олии касбӣ бар пояи равандҳои глобалӣ ва беҳдошти фарҳанги истифодаи технологияҳои иттилоотӣ таҳлил шуда, афзоиши нақши иттилоот, усулҳои коркард ва дастрасии он арзёбӣ шудаанд. Ҷузъҳои асосии раванди иттилоотонии миқёсан бештари вазъи таҳсилот чудо карда шудаанд. Динамикаи таъминоти техникӣ ва сатҳи дастрасӣ ба технологияҳои иттилоотӣ дар як қатор муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Тоҷикистон таҳлил ва баҳогузорӣ карда шудааст. Вазифаҳои асосии марҳилаи навбатии рушди низоми иттилоотонии раванди таълим бо истифода аз имкониятҳои технологияҳои компютерию коммуникатсионӣ муайян карда шудаанд. Самтҳои афзалиятноки фаъолияти муътадилу самараноки шабакаи марказҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар донишгоҳҳо ҷиҳати беҳдошти сифати омодасозии мутахассисони оянда аниқ карда шудаанд. Пешниҳодоти мушаххас ҷиҳати такмили системаи иттилоотии идоракунӣ баҳри мукаммалгардонии низоми идоракунии санаду ҳуҷҷатҳои воридотии муассисаҳои таълимӣ пешкаш карда шудаанд.

Калидвожаҳо: ҳадафҳои рушди устувор, технологияҳои иттилоотӣ, ҷомеа, раванди иҷтимоӣ, маориф, иқтисодиёт, низоми таҳсилот, Интернет, шабакаи компютерӣ, системаи иттилооотии идоракунӣ, коммуникатсия, шабакаҳои телекоммуникатсионӣ, омӯзгор, донишҷӯ, маркази технологияҳои иттилоотӣ, фарҳанги техникӣ.

ЭФФЕКТИВНОСТЬ ВНЕДРЕНИЯ ИНФОРМАЦИОННЫХ ТЕХНОЛОГИЙ В ДЕЯТЕЛЬНОСТЬ ВЫСШИХ ПРОФЕССИОНАЛЬНЫХ ОБРАЗОВАТЕЛЬНЫХ УЧРЕЖДЕНИЙ: СОВРЕМЕННОЕ СОСТОЯНИЕ, СОВЕРШЕНСТВОВАНИЕ СПОСОБОВ ИСПОЛЬЗОВАНИЯ

В статье анализируются теоретические аспекты информационного процесса в развитии высшего образования на основе глобальных процессов и повышения культуры использования информационных технологий, оценивается возрастающая роль информации, методы ее обработки и доступности. Основными составляющими масштабной информатизации являются сами образовательные условия. Проанализирована и оценена динамика технической поддержки и уровня доступа к информационным технологиям в ряде вузов Таджикистана. Выявлены основные задачи следующего этапа развития информационной системы образовательного процесса с использованием возможностей компьютерных и коммуникационных технологий. Определены приоритеты стабильной и эффективной работы сети информационно-коммуникационных центров в вузах для повышения качества подготовки будущих специалистов. Внесены конкретные предложения по совершенствованию информационной системы управления с целью совершенствования системы управления документооборота образовательных учреждений.

Ключевые слова: цели устойчивого развития, информационные технологии, общество, социальный процесс, образование, экономика, система образования, Интернет, компьютерная сеть, информационная система управления, коммуникация, телекоммуникационные сети, преподаватель, студент, центр информационных технологий, техническая культура.

EFFICIENCY OF IMPLEMENTATION OF INFORMATION TECHNOLOGIES IN THE ACTIVITIES OF HIGHER PROFESSIONAL EDUCATIONAL INSTITUTIONS: CURRENT STATUS AND IMPROVEMENT OF METHODS OF USE

The article analyzes the theoretical aspects of the information process in the development of higher education on the basis of global processes and an increase in the culture of using information technologies, evaluates the growing role of information, methods of its processing and availability. The main components of large-scale informatization are the most educational conditions. The dynamics of technical support and the level of access to information technologies in a number of universities in Tajikistan is analyzed and evaluated. The main tasks of the next stage of development of the educational process information system using the capabilities of computer and communication technologies are identified. The priorities of the stable and effective operation of the network of information and communication centers in universities have been determined to improve the quality of training of future specialists. Concrete proposals have been made to improve the information management system in order to improve the document management system of educational institutions.

Keywords: sustainable development goals, information technology, society, social process, education, economy, education system, Internet, computer network, information management system, communication, telecommunication networks, teacher, student, information technology center, technical culture.

Маълумот оид ба муаллифон: ***Раҳмонзода Зоир Файзалӣ*** – Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи системаҳо ва технологияҳои иттилоотӣ дар иқтисодиёт. **Суроға:** 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯчаи Нахимов, 64/14. Телефон: **(+992) 988-94-88-88.** E-mail: **rzoir@mail.ru**

Комилиён Файзалӣ Саъдулло – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои физикаю математика, профессори кафедраи информатика. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992) 988-68-50-14**. E-mail: **komfaiz@mail.ru**

Сведения об авторах: ***Рахмонзода Зоир Файзали*** – Таджикский государственный финансово-экономический университет, кандидат экономических наук, доцент кафедры систем и информационных технологий в экономике. **Адрес:** 734067, Республика Таджикистан, г.Душанбе, улица Нахимова 64/14. Телефон: **(+992) 988-94-88-88.** E-mail: **rzoir@mail.ru**
Комилиён Файзали Саъдулло – Таджикский национальный университет, доктор физико-математических наук, профессор кафедры информатики. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 988-68-50-14**. E-mail: **komfaiz@mail.ru**

Information about the authors: ***Rakhmonzoda Zoir Faizali*** - Tajik State Financial and Economic University, Candidate of Economic Sciences, Associate Professor of the Department of Systems and Information Technologies in Economics. **Address**: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 64/14 Nakhimov street. Phone: **(+992) 988-94-88-88**. E-mail: **rzoir@mail.ru**
Komiliyon Faizali Sadullo - Tajik National University, Doctor of Physical and Mathematical Sciences, Professor of the Department of Informatics. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: **(+992) 988-68-50-14**. E-mail: **komfaiz@mail.ru**

УДК 332.2

МУНОСИБАТҲОИ МЕТОДӢ ОИД БА АРЗЁБИИ ПЕШРАФТҲОИ СОХТОРӢ ДАР ИҚТИСОДИЁТИ АГРАРӢ

Дӯстзода М.Ҳ.
Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав

Такмили сохтори иқтисодиёт яке аз шартҳои асосии рушди минбаъда, пойгоҳи рушди истеҳсолоти самаранок ва рақобатпазирии соҳа, қонеъгардонии талаботи аҳолӣ мебошад. Бинобар ин, солҳои охир муҳиммияти тадқиқоти назариявӣ, ки ба ҷанбаҳои гуногуни таҳқиқи сохторҳои иқтисодӣ бахшида шудаанд, торафт меафзояд. Дар ҷанбаи мазкур арзёбии пешрафтҳои сохторӣ дар иқтисодиёт муносибати муҳимми эҷодӣ мебошад.

Дар адабиёти иқтисодӣ аксари муаллифон [3,с.202; 5,с.34] чунин меҳисобанд, ки пешрафтҳои сохториро дар иқтисодиёт зимни бо вақт баррасӣ намудани таҳарруки тағйирёбии вазни хос ё ҳиссаи унсури сохторӣ ё нишондиҳандаи мувофиқ чен кардан мумкин аст. Дар шароити тағйироти дар сохтори иқтисодиёт рӯйдиҳанда тавсифи рушди он танҳо бо суръати афзоиш нокифоя мебошад. Нишондиҳандаи мазкур аз тағйирёбии андозаи иқтисодиёт шаҳодат медиҳад, аммо пешрафтҳои сохториро тавсифи комплексӣ намекунад. Бинобар ин, барои тавсифи рушди сохтори иқтисодиёт сатҳи тағйирёбии мавҷудаи унсурҳои сохторро бо тавсифи тағйирёбии нишондиҳандаҳои иқтисодӣ дар таҳаввули сохтор арзёбӣ кардан лозим аст.

Нақши таҳлили сохториро Я. Тинберген бо маҷмӯи коэффитсиентҳои сохторӣ, ки тимсоли меъмории иқтисодиёт ва самти таассури онҳоро ба баъзе тағйироти ҷузъӣ муқаррар менамояд, тавсиф мекунад. Ба андешаи ӯ, таҳлили сохторӣ се бартарии асосӣ дорад:

-ба беҳтар фаҳмидани фаъолияти умумии иқтисодиёт имкон дода, ба дасткашӣ аз фарзия дар бораи вобастагии байниҳамдигарии умумии воҳидҳои якхела дар тамоми иқтисодиёт водор менамояд.

-мавҷудияти минтақаҳои аз ҷиҳати андоза, аҳамият ва мавзуният нобаробарро ошкор месозад;

-ба аниқсозии имконияти истифодаи назарияҳои иқтисодӣ ва қонунҳои иқтисодӣ имкон медиҳад [7,с.3-7].

Ба ақидаи мо, ба пешрафтҳои сохторӣ аз рӯи се мавқеъ баҳо додан лозим аст:

Якум, таҳлил кардани вазъи сохтори аграрӣ дар давраи дарозмуддат;

Дуюм, чен кардани пешрафтҳои сохторӣ ва арзёбӣ намудани самаранокии онҳо, яъне таъсири пешрафтҳо ба натиҷаҳои фаъолияти истеҳсолӣ-молиявии истеҳсолкунандагони молиявӣ;

Сеюм, ошкор сохтани «ҷойҳои танг» дар ташаккули сохтори аграрӣ ва пешрафтҳо, коркард намудани самти такмили онҳо.

Ақидаи мазкур бо гуфтаҳои Р. Барр дар хусуси он, ки таҳлили сохтор ба таҳияи сиёсати самараноки иқтисодӣ имкон медиҳад, тасдиқ карда мешавад [1].

Ақидаи олимонро ҷамъбаст карда, то ба хулосае омадем, ки зери мафҳуми арзёбии пешрафтҳои сохторӣ дар соҳаи кишоварзӣ омӯзиши таҳарруки тағйирот дар соҳаи аграрӣ (ҳиссаҳо ва таносуби унсурҳо), ки бо маҳсулнокӣ ва самаранокии самтҳои такмилдиҳӣ бояд оварда расонад, фаҳмида мешавад.

Аз рӯи натиҷаҳои таҳлили ҷанбаҳои назариявии категорияи пешрафти сохторӣ дар соҳаи аграрии иқтисодиёт алгоритми таҳқиқи онро, ки дар ҷадвали 1 оварда шудааст, пешниҳод кардан мумкин аст. Вижагии алгоритми мазкур дар он аст, ки дар асоси арзёбии комплексии рушди соҳаи кишоварзӣ ва пешрафтҳои сохтории рӯйдиҳанда имкон дорад:

-давраи якум, ошкорсозии омилҳое, ки рушди соҳаи аграрии иқтисодиёт ва ташаккули пешрафтҳои сохториро асоснок менамоянд;

-давраи дуюм, арзёбии пешрафтҳо дар соҳаи аграрӣ (соҳавӣ, ташкилӣ-иқтисодӣ, ҳудудӣ ва иқтидори захиравӣ), ошкорсозии вижагиҳо, муайянкунии самаранокии пешрафтҳо, асосноккунии типология, ҷойҳои танг);

-давраи сеюм, коркарди самтҳои такмили сохтори соҳаи аграрии иқтисодиёт.

Асоси ин давраро ташкил медиҳанд: методикаи арзёбии самаранокии пешрафтҳои сохторӣ дар кластери аграрӣ; методикаи арзёбии пешрафтҳо дар сохтори аграрии пешгӯшаванда.

Дар асоси банизомдарории нишондиҳандаҳои дар адабиёти иқтисодӣ мавҷудбуда, ки пешрафтҳоро дар сохтори аграрӣ арзёбӣ мекунанд, мо нишондиҳандаҳои ҷузъӣ ва умумиро ҷудо намудем (ҷадвали 1).

Ҷадвали 1. Алгоритми таҳқиқи пешрафтҳои сохторӣ дар соҳаи аграрии иқтисодиёт
Table 1. Algorithm for studying structural advances in the agrarian sector of the economy

Давраҳо	Вазифаҳои тадқиқот	Самти тадқиқот
Давраи якум	Ҷанбаҳои назариявӣ методии категорияи пешрафти сохторӣ	-муайянсозии омилҳое, ки ба пешрафти сохторӣ таъсир мерасонанд; -асоснокқунии методикаи таҳқиқ ва арзиёбии пешрафтҳои сохторӣ.
Давраи дуюм	Таҳлили пешрафтҳои сохторӣ	-таҳлили тағйирот дар пешрафтҳои сохтории ташкилӣ ва иқтисодӣ; -таҳлили тағйирёбии пешрафтҳои сохтории ҳудудӣ; -арзёбии тағйироти сохтори иқтидори захиравии корхонаҳои кишоварзӣ.
Давраи сеюм	Муайянсозии самти такмили пешрафтҳои сохторӣ	-муносибати кластерӣ ба такмили сохтори аграрӣ; -коркарди механизмҳои дастгирии давлатии истеҳсолот ва пешрафтҳои сохторӣ; -амсиласозии иқтисодӣ – математикии таносубҳои сохторӣ ва самаранокии пешрафтҳои сохторӣ.
	Методикаҳои дар ҷараёни таҳқиқи пешрафтҳои сохторӣ истифодашаванда	-методикаи арзёбии пешрафтҳои сохторӣ ; -методикаи арзёбии самаранокии пешрафтҳои сохторӣ; -типологияи «ҷойҳои танг» дар соҳаи аграрӣ; -методикаи арзёбии пешрафтҳои сохторӣ дар кластери аграрӣ; -методикаи арзёбии пешрафтҳои сохторӣ дар сохтори дастгирии давлатӣ; -методикаи арзёбии пешрафтҳо дар сохтори пешгуишаванда.

Сарчашма: Аз тарафи муаллиф тартиб дода шудааст.

Акнун онҳоро дар асоси ҷамъбасти нишондиҳандаҳое, ки пешрафтҳои сохториро тавсиф медиҳанду дар адабиёти иқтисодӣ мавҷуданд, тасниф менамоем:

1. Массаи пешрафти сохторӣ, ки онро аз рӯи формулаи

$$M=\Delta F=(F_1-F_0) \qquad (1)$$

муайян кардан мумкин аст.

Дар он F_1,F_0-вазни хоси унсурҳои сохтор дар даврaҳои аввалӣ ва ҳисоботӣ.

Ин нишондиҳанда суръати тағйири ҳиссаи унсурҳои сохтории иқтисодиётро барои давраи давомнок нишон медиҳанд. Нишондиҳанда ба таври нисбӣ ва мутлақ ифода меёбад.

2. Нишондиҳандаи нисбии пешрафти сохторӣ

$$K=F_1(F_0) . \qquad (2)$$

Ин нишондиҳанда суръати зиёдшавӣ (камшавӣ)-и ҳиссаи унсурҳои сохторро нишон медиҳад. Он зимни арзёбии рушди пешрафтҳои сохторӣ дар иқтисодиёт, дар ҷудокунии даврaҳои алоҳидаи ҷараёни мазкур истифода мегардад.

3. Индекси пешрафти сохторӣ

$$1=(F_1-F_0)1F_0*100 \text{ ё } 1=M/F_0*100. \quad (3)$$

Нишондиҳандаи мазкур тағйири массаи пешрафти сохториро дар давраи муайяни вақт, ки бо фоиз ифода меобад, нишон медиҳад. Аммо норасоии ин нишондиҳандаҳо дар он аст, ки массаи пешрафти сохторӣ, коэффитсиенти афзоиши ҳисса ва индекси пешрафти сохторӣ ба ҳамдигар баробар нестанд.

Ба афзоиши хурди «мутлақ» суръати калони рушду индексҳо ва ба афзоиши калони «мутлақ» суръати хурди рушд мувофиқанд. Тасаввуроти ҳаматарафа дар бораи пешрафтҳои сохторӣ танҳо зимни истифодаи мувозии нишондиҳандаҳои мутлақ ва нисбӣ гирифта мешавад.

4. Суръати пешрафтҳои сохторӣ

$$V=M/T \text{ ё } V=1/T, \quad (4)$$

ки дар он T - порчаи муайяни вақт мебошад.

Ин нишондиҳанда таҳарруки пешрафтҳои сохториро дар вақт инъикос ва маҳсулнокии онҳоро арзёбӣ менамояд, ба муқоисакунии пешрафтҳои унсурҳои гуногуни сохтор, ба муқаррарсозии дихотомия, гуногунвақтии пешрафтҳо, лагҳои замонӣ ва ҳоказо имкон медиҳад.

Норасоии ин нишондиҳанда дар он аст, ки андозаи миёнаи ҳарсолаи тағйири ҳиссаро дар сохтор, бе дарназардошти пешрафтҳои сохторӣ дар давраҳои алоҳида инъикос менамояд.

5. Маҳсулнокии пешрафтҳои сохторӣ

$$E=M*V. \quad (5)$$

Дараҷаи тағйирёбии массаи пешрафти сохториро дар як сол бо тавсифи ғайрихаттии рушди пешрафтҳо дар сохтори иқтисодиёт нишон медиҳад. Аммо, танҳо дараҷаи миёнаи ҳарсолаи тағйирёбии ҳиссаи унсурро дар сохтор бо тавсифи ғайрихаттии миёнаи пешрафтҳо дар давраҳои алоҳида.

6. Самтнокии пешрафтҳои сохторӣ

$$N=(C_n+C_0)/E, \quad (6)$$

ки дар он C_n-суммаи қисмҳоест, ки барои онҳо фарқияти (F_1-F_0) мусбат ва C_0-қисмҳоест, ки барои онҳо фарқияти (F_1-F_0) манфӣ мебошад. E-маҳсулнокии пешрафтҳо дар давоми давра маҳсуб меёбанд. Ин нишондиҳанда суръати якхелаи пешрафтҳои сохторӣ (афзоиш ё камшавӣ)-ро дар давраи таҳқиқшаванда нишон медиҳад. Он ба арзёбии сифати пешрафтҳои сохторӣ (хусусиятии прогрессивӣ ё регриссивӣ)-и тағйирот имкон медиҳад. Аммо танҳо ҳисобкунии нишондиҳандаҳоро дар таҳаррук дар давоми ду сол инъикос менамояд, ба муайянсозии пешрафти бо суръати мусбат (манфӣ)-и тағйирёбии сохтор имкон медиҳад.

7. Коэффитсиенти массаи умумии пешрафти сохторӣ

$$M=E_{gi}*p_i)/(Eg_op_o), \quad (7)$$

ки дар он g_i, g_0 -ҳаҷмҳои маҳсулоти давраи базисӣ ва ҳисоботӣ; P_O-нархҳои базисӣ (ҳисоботӣ ё муқоисашаванда) мебошанд, ки нақши тарозуро мебозанд.

Нишондиҳандаҳои мазкур афзоиши миқёси рушди иқтисодиётро тавсиф менамояд. Зимни пешрафтҳои ночизи сохтор рушди мутавозии иқтисодиёт таъмин мегардад. Аммо барои муайянсозии аниқи коэффитсиенти баҳисобгирии маҳсулоти ҷамъиятӣ бо нархҳои қиёсшаванда (бо нархҳои соли базисӣ) зарур аст.

8. Коэффитсиенти хаттии пешрафтҳои сохтории «мутлақ»

$$a=E(F_1-F_0)/n, \quad (8)$$

ки дар он F_1-F_0 - аҳамияти мутлақи афзоиши «мутлақ»-и ҳиссаи қисмҳои алоҳидаи том дар давраи ҳисоботӣ дар қиёс бо бозисӣ мебошад. Он андозаи миёнаи дуршавии вазни хосро дар сохторҳои иқтисодии қиёсшаванда тавсиф менамояд. Ҳар қадаре ки андозаи коэффитсиент калон бошад, ҳамон қадар вазнҳои хоси қисмҳои алоҳида аз ҳамдигар дур мешаванд ва пешрафтҳои сохтории «мутлақ» ҳамон қадар пурзӯр мегарданд. Аммо бо ёрии коэффитсиент муайянсозии самт ва хусусияти тағйироти сохторӣ имконпазир аст.

9. Коэффитсиенти квадратии пешрафтҳои сохтории «мутлақ»

$$a=E(F_1-F_0)^2/n. \quad (9)$$

Он ба ошкорсозии тамоюлҳои устувор дар тағйирёбии сохтори иқтисодиёт имкон медиҳад ва дар ин ҷо низ бо ёрии коэффитсиент муайянсозии самти пешрафтҳои сохторӣ имкон надорад.

10. Коэффитсиенти хаттии пешрафтҳои сохтории нисбӣ

$$a=E(F_1/F_0-1)*f_1 \quad (10)$$

Афзоиши миёнаи нисбии ҳиссаи қисмҳои томро тавсиф менамояд. Ҳар қадаре ки аҳамияти миқдории коэффитсиент зиёд бошад, пешрафтҳои сохтории нисбӣ ҳамон қадар

босуръат мегарданд. Аммо бо ёрии коэффитсиент муайянсозии самти пешрафтҳои сохторӣ имконпазир аст.

11. Коэффитсиенти квадратии пешрафтҳои сохтории нисбӣ

$$a=E(F_1/F_0-1)^2*F_1*100. \quad (11)$$

Он афзоиши миёнаи нисбии вани хоси қисмҳои томро тавсиф менамояд. Ҳар қадаре ки аҳамияти миқдории коэффитсиент калон бошад, пешрафтҳои нисбии сохторӣ ҳамон қадар суръатнок мегарданд. Дар инҷо низ боёрии коэффитсиент муайянсозии самти пешрафтҳои сохторӣ имкон надорад.

12. Коэффитсиенти интегралии фарқият дар сохтор

$$K=VE(F_1-F_0)^2/(F_1+F_0)^2. \quad (12)$$

Нишондиҳандаи интегралӣ дуршавии миёнаи суръати афзоиш (пастшавӣ)-и унсурҳои алоҳидаи сохторро аз аҳамияти миёнаи онҳо, ки ба воҳид(100%) баробар аст, тавсиф менамояд. Коэффитсиент ба арзёбии фарқияти сохтории сохтори дохилминтақавии аграрӣ, сохтори минтақавӣ ва миёнамиллӣ имкон медиҳад. Барои арзёбии андозаҳои фарқияти сохторӣ шкалаи зерин корбурд мегардад: ҳолати индекс дар масофа аз 0 то 0,2 сатҳи ночизи фарқиятро мефаҳмонад: аз 0,2 то 0,5 - калон; аз 0,5 то 0,7 - хеле калон; аз 0,7 то 1,0 - сатҳи хеле баланди фарқият.

13. Самаранокии пешрафтҳои сохторӣ

$$Э=M/3*100, \quad (13)$$

ки дар он М - массаи пешрафти сохторӣ бо ифодаи арзиш; 3 - хароҷот барои амалигардонии пешрафти сохторӣ мебошанд. Коэффитсиент ба ошкорсозии фарқият дар сохтори иқтисодиёти ноҳия, дар минтақаҳои аграрӣ ва сохтори иқтисодиёти минтақа имкон медиҳад. Зимни тасвияти хулосаҳо доир ба коэффитсиентҳо вижагиҳои ҳудудии соҳаи аграриро бояд ба ҳисоб гирифт.

Ҳамин тариқ, массаи пешрафти сохторӣ фарқият байни ҳиссаҳои унсурҳои сохтори аграрӣ дар давраи баррасишаванда мебошад. Мо бо андешаи О.Ю. Красилников, ки массаи пешрафти сохторӣ бо андозае, ки ин ё он пешрафтро ҳамчун нисбӣ ва ҳам чун мутлақ ташкил медиҳад [4,с.99], ҳамфикр набуда наметавонем. Масалан, талабот ва манфиатҳои муайяни иқтисодии субъектҳои пешрафтҳо, ки тағйири нишондиҳандаҳои миқдориро дар ифодаи табиӣ ва арзишӣ дар як фосилаи муайяни замонӣ ба бор меоранд, ташаккулдиҳандаҳои пешрафтҳо дар сохтори соҳавӣ мебошанд. Нишондиҳандаҳои нисбии пешрафтҳои сохтори аграриро дар давраҳои қиёсшаванда ифода мекунанд. Яъне, суръати афзоиш (камшавӣ)-и ҳиссаро нишон медиҳанд.

Индекси пешрафти сохторӣ, ки ба муносибати массаи пешрафти сохторӣ бо ҳиссаи унсури мувофиқ дар давраи базисӣ баробар аст, тағйири массаро дар фосилаи муайяни вақт, ки дар ҳисса (фоиз)-ҳо ифода меёбанд, нишон медиҳад. Дар шароити дигари баробар индекси пешрафти сохторӣ дар хусуси он ки ҷараёнҳои сохторӣ дар маҷмӯи иқтисодӣ чӣ тавр тез рӯӣ медиҳад, ба кадом суръат сохтори куҳна ба сохтори нав роҳ медиҳад, тасаввуроти муайянро ба вуҷуд меорад. Мафҳуми маҳсулнокӣ зимни таҳқиқи масъалаи рушди пешрафтҳои сохторӣ дар иқтисодиёт ба ҷудокунии давраҳои алоҳидаи ҷараёни мазкур кумак мерасонад.

Суръати пешрафтҳои сохторӣ дар иқтисодиёти аграрӣ муносибати масса ё индекси пешрафти сохториро ба фосилаи замонии ҷараёнгирии он тавсиф менамояд ва тағйири нишондиҳандаи сохториро дар як воҳиди замонӣ, масалан, дар як сол нишон медиҳад. Нишондиҳанда барои омӯзиши таҳарруки пешрафтҳои сохторӣ дар замон ва арзёбии маҳсулнокии онҳо истифода мегардад. Маҳсулнокии пешрафтҳои сохторӣ дар иқтисодиёт, суръати тағйирёбии массаи пешрафт дар воҳиди вақт нишондиҳандаи асосии ғайрихаттии рушди пешрафтҳо дар сохтори иқтисодиёт мебошад.

Самтнокии пешрафтҳои сохторӣ ба муҳокимаронӣ дар бораи хусусияти прогрессивӣ ё регрессивии пешрафтҳои сохторӣ дар маҷмӯи иқтисодӣ имкон медиҳад. Вектори қонуниятҳои иқтисодӣ, пешрафти сохторӣ, ки бо хусусияти амалҳои қонунҳои иқтисодӣ (N=1) пурра ва бо хусусияти муқобили он (N=-1)пурра мувофиқ аст, самт буда метавонанд. Тамоми самтҳои боқимондаи пешрафтҳои сохторӣ байни ин ду ифода (N=0) ҷой мегиранд. Аломатҳои (+) ва (-) беҳшавӣ ё бадшавии сохторро тавсиф менамоянд.

Зимни муқоисаи ду сохтори якхела дар маънои сохтори соҳавӣ, сохтори ҳудудӣ-истеҳсолӣ, сохтори майдонҳои кишт ва ғайра, яъне барои арзёбии нишондиҳандаҳои ҷамъбастии пешрафтҳои сохторӣ нишондиҳандаҳои зерин мавриди истифода қарор ёфта метавонанд:

-коэффитсиенти массаи умумии пешрафтҳои сохториро барои тавсифи афзоиш (ихтисор)-и миқёси иқтисодиёт истифода бурдан мумкин аст;

- коэффитсиенти хаттии пешрафтҳои сохтории «мутлақ» андозаи миёнаи дуршавии ҳиссаҳои маҷмӯи унсурҳоро тавсиф менамояд. Ҳар қадаре ки андозаи коэффитсиент калон бошад, ҳамон қадар зиётар ҳиссаҳои қисмҳои алоҳидаи маҷмӯъ дар давраҳои қиёсшаванда аз ҳамдигар дур мешаванд, ҳамон қадар пешрафтҳои «мутлақ» пурзӯр мегарданд;

- коэффитсиенти квадратии пешрафтҳои сохтории «мутлақ» ба арзёбии миқдорӣ имкон медиҳад, ки ҳиссаҳои қисмҳо дар маҷмӯъҳои муқоисашавандаи иқтисодӣ ба ҳисоби миёна чанд фоиз аз ҳамдигар дур шаванд. Коэффитсиенти квадратии пешрафтҳои сохтории «мутлақ», мисли коэффитсиенти хаттӣ, ҳар қадаре ки зиёд бошад, ҳамон қадар худи пешрафтҳои сохтории «мутлақ» пурзӯртар мегарданд. Мо бо ақидаи И.Л. Смелин дар хусуси он ки пешрафтҳои сохториро дар асоси коэффитсиенти квадратӣ тасниф кардан мумкин аст, ҳамфикрем [6,с.69-83]. Фарқиятро дар таҳарруки занҷиравии нишондиҳандаҳои ҷамъбастии тағйирот (суръат)-и ҳиссаҳои унсурҳои маҷмӯи иқтисодӣ меъёри намуди пешрафти сохторӣ бояд ҳисобид. Мувофиқи фарқиятҳо ҷудо кардани пешрафтҳои сохторӣ пешниҳод мегардад:

- лоқайдӣ, маҳсулнок, радикалӣ ва квазирадикалӣ;

-коэффитсиенти хаттии пешрафтҳои сохтории нисбӣ ба муқарарсозии он ки афзоиши миёнаи нисбии ҳиссаҳои унсури маҷмӯи иқтисодӣ чӣ гуна аст, имкон медиҳад. Ифодаи миқдории коэффитсиент чи қадаре ки зиёд бошад, пешрафтҳо ҳамон қадар суръатнок мегардад;

-коэффитсиенти квадратии пешрафтҳои сохтории нисбӣ нишон медиҳад, ки андозаи миёнаи дуршавии нисбии вазни хоси унсурҳо дар сохтори иқтисодӣ чӣ гуна мебошад.

Барои арзёбии фарқияти ҷиддӣ байни ду сохтор коэффитсиенти интегралии фарқиятҳои сохторӣ меъёри ҷамъбасткунанда ҳисоб меёбад. Чи тавре ки дар боло қайд кардем, барои арзёбии чораҳои фарқияти сохторӣ шкалаи зерин истифода мегардад: андозаи индекс дар масофаи аз 0 то 0,2 сатҳи ночизи фарқиятро мефаҳмонад; аз 0,2 то 0,5 калон; аз 0,5 то 0,7 хеле калон; аз 0,7 то 1,0 сатҳи баланди фарқият. Муҳиммияти ин нишондиҳанда дар он аст, ки ба арзёбии фарқиятҳои сохтори аграрии ноҳия ва минтақа, инчунин, ба арзёбии чораҳои фарқиятҳои минтақавӣ имкон медиҳад.

Ҳамин тариқ, дар бораи пешрафтҳо дар сохтори соҳаи аграрӣ аз рӯи тағйири масса, индекс, суръат, маҳсулнокӣ, самтнокӣ ва самаранокии пешрафтҳои сохторӣ дар муддати давомнок муҳокимаронӣ кардан мумкин аст. Ҳамзамон, тамоми нишондиҳандаҳо бо ҳамдигар мувофиқанд ва ин аз зарурат ба истифодаи маҷмӯи нишондиҳандаҳо ва омӯзиши тамоми буришҳои сохтории соҳаи аграрии иқтисодиёт шаҳодат медиҳад.

Самаранокӣ ба шакли самаранокии сохтор ва пешрафтҳои сохторӣ тасвир мегардад. Сохтори иқтисодиёти аграриро самаранок ҳисобидан мумкин аст, агар афзоиши маҳсулоти умумӣ, маҳсулнокии меҳнат, фоида, арзиши пасти маҳсулот ва дар натиҷа мувофиқати маҳсулоти истеҳсолшаванда ба талаботи ҷамъиятӣ ва ғайра ҷой дошта бошад. Самаранокии пешрафтҳои сохторӣ бошад, мувофиқати пешрафтҳои сохториро дар сохтори аграрӣ бо афзоиши маҳсулоти умумӣ, даромад ва фоида аз фурӯш, бо сатҳи фоидаоварии истеҳсолот ва бо қонеъгардонии талаботи ҷамъиятӣ муқаррар менамояд.

Аз нуқтаи назари назарияи фоиданокии пурра пешрафти сохторӣ дар иқтисодиёт танҳо замоне самаранок мегардад, ки агар субъектҳо зимни қонеъшавӣ аз талабот ва татбиқи манфиатҳо аз сохтори тағйирёбандаи иқтисодиёт фоидаи пурра гиранд. Тарафҳои сифатӣ ва миқдории пешрафтҳои сохторӣ ба мадди аввал гузошта мешаванд. Пешрафте самаранок мегардад, ки самти он ба тамоюлҳои пешқадами рушди иқтисодиёт мувофиқ мебошад.

Нисбати пешрафтҳои сохторӣ мафҳуми муносибият низ истифода мегардад. Пешрафт дар сохтори иқтисодиёт аз рӯи афкори В. Парето сохтори иқтисодиро дар умум муносиб мегардонад, самаранокии амали онро зиёд мекунад. Пешрафт сохтори иқтисодиро дар умум муносиб мегардонад, самаранокии амали онро зиёд мекунад ва баробари он нишондиҳандаҳои сифатӣ ва миқдории ягон пешрафти сохтории бо он якҷоя амалкунандаро паст наменамояд. А.В. Чаянов таъкид карда буд, ки «ба кадом андозаи хоҷагӣ ташкил нашавад, он ҳамеша мутаносибии қисмҳо ва қонунияти муайянеро дорад, ки он ба ҳар як низоми хоҷагидорӣ, ки бо мақсаднокии техникӣ ва зарурият асоснок мегардад, хос аст. Ҳар гуна вайроншавии ин гармония ба пастшавии хеле калону ногузири маҳсулнокии харҷи меҳнат ва сармоя оварда мерасонад» [8,с.342].

Таъсири сохтор ба самаранокии истеҳсолот ба шакли умум дар инҳо зоҳир мегардад: дар алоқа бо хосагиҳои технологияи истеҳсолот таносуби харҷи захираҳо ва маҳсулоти умумӣ дар соҳаҳои гуногун якхела нест. Агар омили арзишнокӣ, яъне ифодаи арзиши маҳсулотро ба назар нагирем, дар соҳаҳои гуногун ба як воҳиди маҳсулот массаи

гуногуни ашёи хом, сӯзишворӣ истеъмол мегардад, миқдори гуногуни харҷи меҳнат талаб карда мешавад, бинобар ин, соҳаҳо чун масолеҳгунҷо, меҳнатталаб ва ғайра тасниф мегарданд. Аз ин сабаб аз маҷмӯи соҳаҳои мушаххас дар сохтори соҳаи кишоварзӣ ба нишондиҳандаҳои умумии самаранокии он вобастааст. Чупончи, агар дар сохтор ҳиссаи соҳаҳои фоидаовар баланд бошад, ин таносуби сохторӣ ба афзоиши калони фоида аз фурӯш таъсир мерасонад; агар соҳаҳои сатҳи баланди хараҷоти моддӣ ва меҳнатидошта бештар бошанд, пас, ин ба афзоиши маҳсулоти умумӣ ва фоида аз истеҳсолот таъсири манфӣ мерасонад.

Чунин менамояд, ки бадастории чунин маҷмӯи соҳаҳо (каммеҳнатталаб, каммасолеҳгунҷо ва ғайра), ки дар онҳо хароҷоти умумӣ хеле кам аст, талаботи аввалини такмилдиҳии сохтори соҳаи кишоварзӣ мебошад. Аммо ин имконпазир аст, зеро ки маҷмӯи соҳаҳо аз тақсимоти ҷамъиятии меҳнат, аз алоқаҳои технологии байни соҳаҳо ташаккулёфта, вазъи бозор, аз шароити табиӣ-иқлимӣ, аз омилҳои дигари сершумор вобастааст ва зери таъсири талаботи ҷомеа ташаккул меёбад.

Такмили сохтор ва ташаккули пешрафтҳои сохторӣ дар соҳаи аграрии иқтисодиёт, ба ақидаи мо, ба типологияи «ҷойҳои танг»-и ошкоршуда, ба методикаи асосноккунии таносубҳои сохторӣ ва фаъолияти истеҳсолкунандагони аграрӣ бояд асос ёбад. Тафаккури абстрактӣ-мантиқӣ, методҳои муқоиса, таҳлили омилӣ, кластерӣ ва ислоҳотӣ-регриссивӣ асбобҳои асосии методика мебошанд. Типологияи «ҷойҳои танг» бо вазъи сохтор, ки таносуби он пастшавии самаранокии пешрафтҳои сохториро асоснок менамояд, ё ба афзоиши он аз ҳисоби тағйири таркиб ва сохтори захираҳои шахсӣ, қарзӣ ва ҷалбшудаи молиявӣ имкон медиҳад, тавсиф меёбад.

Методикаи арзёбии самаранокии сохтор омӯзиши таҳарруки нишондиҳандаҳои даромад ва фоида аз истеҳсолот, гузаронидани таҳлили омилиро дар назар дорад. Чунончи, самаранокии амали сохтори аграриро аз рӯи таҳаррук арзёбӣ кардан мумкин аст:

-фоида (зарар) аз фурӯши намудҳои алоҳидаи маҳсулот, ки андозаи он аз омилҳо вобаста аст: ҳаҷми фурӯши маҳсулот (FM), арзиши аслии маҳсулот (АА) ва нархи миёнаи фурӯш (Н). Таҳлили омилҳо аз рӯи амсилаи зерин бо усули гузориши занҷиравӣ гузаронида мешавад ва ба муайянсозии тағйири натиҷаи молиявӣ имкон медиҳад:

$$П(У)=FM*(Н-АА); \quad (14)$$

$$П(У)=f(FM; УДFM; Н;АА). \quad (15)$$

Барои ёфтани таъсири танҳо ҳаҷми фурӯш фоида (зарар) аз фурӯши соли базисӣ ба коэффитсиенти афзоиши (пастшавӣ)-и маҳсулоти фурӯхташуда дар арзёбии арзиши аслии соли базисӣ зарб задан зарур аст. Таъсири тағйирёбии арзиши аслии пурарро ба суммаи фоида (зарар) аз фурӯши маҳсулот бо роҳи муқоисаи суммаи хароҷоти соли ҳисоботӣ бо суммаи хароҷоти соли базией , ки ба ҳаҷми фурӯши соли ҳисоботӣ ҳисоб карда шудааст, муқаррар менамоянд. Барои муайянсозии суммаи фоида (зарар) аз фурӯш аз ҳисоби нархҳои маҳсулот, даромади соли ҳисоботӣ онро бо даромади шартие, ки корхона аз ҳаҷми фурӯши соли ҳисоботӣ бо нархҳои соли базисӣ гирифтааст, муқоиса кардан зарур аст.

Арзёбии самаранокии пешрафтҳо дар соҳаи аграрии иқтисодиёт бо усули муқоисаи сохторҳо ва таҳлили омилӣ арзёбии таъсирро дар назар дорад:

-ба маҳсулоти умумии кишоварзӣ пешрафтҳо дар сохтори заминҳои кишт, саршумори чорво ва парандагон;

-ба фоида (зарар) аз фурӯш, ба сатҳи фоидаорӣ (зарарорӣ)-и истеҳсоли маҳсулоти пешрафтҳо дар сохтори маҳсулоти молӣ;

-ба даромад аз фурӯш, ба сатҳи фоидаорӣ (зарарнокӣ)-и истеҳсолоти пешрафтҳо дар сохтори хароҷот

- барои нигоҳдории воситаҳои асосӣ, хараҷоти моддӣ, шумораи кормандони истеҳсолоти кишоварзӣ, маблағгузории буҷетӣ.

Самаранокии пешрафтҳо дар сохтори майдонҳои кишт бо афзоиш (пастшавӣ)-и маҳсулоти умумии растанипарварӣ муайян карда мешавад:

$$\Delta ВПр=ЕУо*Р*П_1-УоРЕП_1, \quad (16)$$

ки дар он: ΔВПр-афзоиш (пастшавӣ)-и маҳсулоти умумии растанипарварӣ дар нархҳои қиёсшаванда, бо сомонӣ; Уо-ҳосилнокӣ дар соли базисӣ, бо с/га; Р-нархи қиёсшавандаи 1с. маҳсулот, сомонӣ; $Сар_1$-саршумори ҳар як намуди ҳайвонот дар соли ҳисоботӣ; П*Ро-баромади миёнаи маҳсулоти чорводорӣ аз рӯи ҳисоби як сар дар соли базисӣ, сомонӣ. Баромади миёнаи маҳсулот аз рӯи ҳисоби як сар дар соли базисӣ бо тақсим кардани маҳсулоти умумии чорводорӣ ба саршумори чорво ва паранда дар ҳамон сол муайян карда мешавад.

Самаранокии пешрафтҳои сохторӣ аз ҳисоби тағйирёбии сохтори маҳсулоти молӣ бо афзоиш (пастшавӣ)-и сатҳи фоидаорӣ (зарарорӣ)-и истеҳсолот аз рӯи формулаи зерин муайян мегардад:

$$\Delta П(У)уд_1=E((УДi_1-Удi_0)*Ri_0/100)*РПум_1, \quad (18)$$

ки дар он Ri_0-фоидаорӣ (зарарорӣ)-и і-х намудҳои маҳсулот (муносибати суммаи фоида (зарар) аз фурӯш ба арзиши аслии пурраи маҳсулот дар соли базисӣ, %; $УДi_1$, $Удi_0$-вазни хоси даромад аз фурӯши намуди і-и маҳсулот дар даромади умумӣ аз фурӯш дар соли ҳисоботӣ ва базисӣ; РПум-ҳаҷми умумии маҳсулоти фурӯхташуда дар соли ҳисоботӣ дар нархҳо аз рӯи арзиши аслии соли базисӣ.

Бояд қайд кард, ки агар дар сохтор даромад аз фурӯш ҳиссаи намудҳои фоидаовари маҳсулот бештар гардад (афзояд), пас суммаи фоида низ меафзояд ва, баръакс, зимни афзоиши ҳиссаи маҳсулоти камфоидаовар ё зараровар суммаи умумии фоида кам мешавад.

Самаранокии пешрафтҳои сохторӣ аз ҳисоби тағйири сохтори дохилисоҳавии шумораи кормандон бо афзоиш (пастшавӣ)-и даромад аз фурӯши маҳсулоти ташкилотҳои кишоварзӣ муайян карда мешавад. Самаранокӣ чун фарқият байни ҳиссаҳои даромад аз фурӯши соҳаи соли ҳисоботӣ дар даромади умумии соли ҳисоботӣ ва ҳиссаҳои ҳисобкунии даромад аз фурӯши соҳа, ки зимни нигоҳдории ҳиссаи кормандони дар сатҳи соли базисӣ дар ин соҳа машғулбуда ва маҳсулнокии меҳнати соли ҳисоботӣ гирифта мешавад, муқаррар мегардад. Суммаи ин нишондиҳандаҳо аз рӯи тамоми соҳаҳо-андозаи самараи нисбии пешрафтҳо дар соҳаи кишоварзӣ аз ҳисоби тағйирёбии ҳиссаи кормандони соҳаҳо. Ҳосили самараи нисбӣ ва суммаи даромадсамаранокии мутлақи пешрафтҳои сохториро тавсиф менамояд. Ҳисобкунӣ аз рӯи формулаи зерин ба роҳ монда мешавад:

$$\Delta B=E^n_t=1(Bpi-Bn), \text{ ҳамзамон } Bpi=Tn-Sgi, \quad (19)$$

ки дар он ΔВ- афзоиши (пастшавӣ)-и даромад аз фурӯш дар натиҷаи пешрафтҳо дар сохтори кормандоне, ки дар истеҳсолоти аграрӣ машғуланд; Bti-ҳиссаи даромади соли ҳисоботи соҳаи 1-ум дар ҳаҷми умумии даромад аз фурӯш; Bpi-ҳиссаи даромади соҳаи 1-ум; ti-муносибати маҳсулнокии меҳнат дар соҳаи 1-ум дар соли ҳисоботӣ ба маҳсулнокии миёнасоҳавии меҳнат дар ҳамон сол; Soi-ҳиссаи саршумори соҳаи 1-ум аз ҳисоби шумораи тамоми кормандони истеҳсолоти кишоварзӣ дар соли базисӣ.

Мазмуни иқтисодии ин ҳисоббарорӣ дар ошкорсозии таҳарруки даромад аз ҳисоби тағйири ҳиссаи соҳаҳо дар сохтори кормандони истеҳсолоти аграрӣ ифодаи худро меёбад. Азбаски маҳсулнокии меҳнат аз рӯи соҳаҳо гуногун аст, тағйирёбии сохтори кормандон ба коркарди умумии он дар соҳаи кишоварзӣ таъсир мерасонад. Бо ин роҳ ба саволи зерин ҷавоб дода мешавад: даромад аз фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ зимни нигоҳдории сохтори базавии кормандон чӣ гуна буда метавонад? Ба ин монанд ҳисоббарорӣ доир ба муайянсозии таъсир ба тағйирёбии даромад аз фурӯши маҳсулоти пешрафтҳо дар сохтори хароҷоти моддӣ, хароҷот барои нигоҳдории маблағҳои асосӣ, сармоягузории буҷетӣ гузаронида мешавад.

Самаранокии пешрафтҳои сохториро аз рӯи таъсири нишондиҳандаҳои пешрафтҳо дар сохтори аграрӣ ба натиҷаҳо ва самаранокии истеҳсолоти кишоварзӣ бе кумаки таҳлили серомили ислоҳотӣ-регрессивӣ арзёбӣ кардан мумкин аст. Ҳамзамон, ёфтани ифодае талаб мегардад, ки таҳлили назариявии муқаррарнамудаи алоқаи аломатҳои мустақил бо натиҷавӣ, яъне функсияро беҳтар инъикос менамояд:

$$S=f(x_1, x_2…x_n+ei, \quad (20)$$

ки дар он:у- ифодаи назариявии нишондиҳандаи натиҷавӣ, ки аз рӯи муодилаи регрессия гирифта шудааст; $f(x_1, x_2…x_n)$-қисми аломати натиҷавӣ, ки зери таъсири аломатҳои маъмулии омилӣ (як ё сершумор) ки дар вобастагии схоластикӣ бо нишондиҳандаи натиҷавӣ қарор дорад, ташаккул ёфтааст; x_1, $x_2…x_n$ - тағйирёбандаҳои мустақил (аломатҳои омилӣ), ei-як қисми аломати натиҷавӣ, ки дар натиҷаи амали омилҳои назоратнашаванда ё ба ҳисоб нагирифташуда ба вуҷуд омадааст.

Дар шароити истифодаи МЭҲ интихоби функсияҳои апроксилии математикӣ бо қарорҳои барзиёда, ки аксаран дар таҳлили ислоҳоти муодилаҳои регрессия истифода мегарданд, амалӣ мешавад. Баъд аз интихоби навъи функсияи апроксимӣ ба таҳлили серомили ислоҳотӣ-регрессионӣ, ки вазифаи он сохтани муодилаи регрессияи ҷамъ ва ёфтани тарафҳои номаълуми он (a_0, $a_1...a_n$) мебошад, мегузаранд. Тарафҳои муодилаи регрессияи ҷамъро тавассути квадратҳои хурдтарин меёбанд. Баъд бо ёрии таҳлили ислоҳотӣ дурустии амсилаи ҳосилшударо месанҷанд. Амсилаи дурустро аз ҷиҳати иқтисодӣ шарҳ медиҳанд.

Ба сифати аломати натиҷавӣ маҳсулоти умумии кишоварзӣ, сатҳи фоидаории истеҳсолот, суръати тағйирёбии онҳо ва нишондиҳандаҳои дигар интихоб шуда метавонад. Ба сифати омилҳо-ҳиссаҳои унсурҳои сохтори аграрӣ, индексҳои пешрафтҳои сохтории онҳо, индексҳои пешрафтҳои нишондиҳандаҳои иқтисодӣ, масалан, таъсири ҳиссаи арзиши гандум (картошка, шир, чорвою парандаи зинда ва ғайра) дар маҳсулоти умумии соҳаи кишоварзӣ ба сатҳи фоидаории истеҳсолот; таъсири индекси пешрафти сохтории маҳсулоти умумии корхонаҳои кишоварзӣ (майдонҳои кишт, саршумори чорво, парандаҳо ва ғайра) ба суръати тағйирёбии маҳсулоти умумии молистеҳсолкунандагони аграрӣ.

Ҳамин тариқ, истифодаи нишондиҳандаҳову методикаҳои пешниҳодшуда ба муайянсозии самти ивази афзалиятҳо дар сохтори аграрӣ, самаранокии пешрафтҳо ва мавҷудияти «ҷойҳои танг», ки зимни интихоби самти такмили сохтор ва ташаккули пешрафтҳои сохторӣ ба ҳисоб гирифтан зарур аст, имкон медиҳад.

АДАБИЁТ

1. Барр Р. Политическая экономия: В 2-х тт.: Т. 1: Пер. с фр. [Текст] / Р. Барр. -М.: Междунар. отношения, 1995. - 608 с.
2. Барфиев К.Х. Структурный анализ затрат на производства и реализацию продукции / К.Х. Барфиев, С.О. Мирзохонов // Известия Иссык-Кульского форума бухгалтеров и аудиторов стран Центральной Азии. - 2019. - №2(25). -С.285-294.
3. Гусаров, В.М. Статистика [Текст] / В.М. Гусаров, Е.И. Кузнецова. -М.: ЮНИТИ-ДАНА, 2008. -479 с.
4. Красильников О.Ю. Структурные сдвиги в экономике: теория и методология [Текст] / О.Ю. Красильников. - Саратов: Изд-во «Научная книга», 1999. - 74 с.
5. Крестьянские (фермерские) хозяйства и индивидуальные предприниматели Тверской области. 2008-2010. Официальное издание. Стат. сб. [Текст] /ТОФСГС по Тверской области. - Тверь, 2011. -46 с.
6. Смелин И.Л. Трансформация экономической системы: механизм структурных изменений (аграрная экономика) [Текст] / Н.Л. Смелик // Журнал экономической теории. - 2008. -№3. -С.69-83.
7. Тинберген Я. Современные проблемы теории народно-хозяйственного благосостояния [Текст] / Я. Тимберген // Экономика и математические методы. - 1967. -№3. -С.3-7.
8. Чаянов А.В. Крестьянское хозяйство [Текст] / А.В. Чаянов. -М.: Экономика, 1989. -491 с.

МУНОСИБАТҲОИ МЕТОДӢ БА АРЗЁБИИ ПЕШРАФТҲОИ СОХТОРӢ

Дар ин мақола дар хусуси сохтори иқтисодиёт, ки яке аз шартҳои асосии рушди минбаъда, пойгоҳи рушди истеҳсолоти самаранок ва рақобатпазири соҳа мебошад, сухан меравад. Муаллиф ба туфайли таҳлили адабиёти иқтисодӣ ва муқоисаи ақидаҳои мухталифи олимони соҳа таъкид месозад, ки мафҳуми арзёбии пешрафтҳои сохторӣ дар соҳаи кишоварзӣ омӯзиши таҳарруки тағйиротро дар соҳаи аграрӣ, ки ба маҳсулнокӣ ва самаранокии самтҳои такмилдиҳӣ бояд оварда расонад, дар бар мегирад. Дар асоси натиҷаҳои таҳлили ҷанбаҳои назариявии категорияи пешрафти сохторӣ дар соҳаи аграрии иқтисодиёт муаллиф алгоритми таҳқиқи онро пешниҳод намудааст. Вижагии ин алгоритм дар он аст, ки ба туфайли он омилҳои ба ршди соҳаи аграрии иқтисодиёт ва ташаккули пешрафти сохторӣ, вижагиҳо, муайянсозии самаранокии пешрафтҳо, самтҳои такмили соҳаи аграрии иқтисодиётро асоснок кардан мумкин аст.

Калидвожаҳо: сохтори иқтисодиёт, истеҳсолот, рақобатпазирии соҳа, нишондиҳандаҳои иқтисодӣ, коэффитсиенти квадратӣ, алгоритм, индекс, интеграл, коэффитсиенти хаттӣ, амсила, майдони кишт, саршумори чорво.

МЕТОДИЧЕСКИЕ ПОДХОДЫ К ОЦЕНКЕ СТРУКТУРНОГО РАЗВИТИЯ

В данной статье речь идет о структуре экономики как одном из основных условий дальнейшего развития, как базы эффективного развития производства и конкурентноспособности отрасли. Автор, в результате анализа экономической литературы и сравнения различных взглядов ученых отрасли, делает вывод, что понятие оценки структурного развития в аграрной отрасли охватывает изучение динамики изменений в аграрном секторе, приводящей к продуктивности и эффективности совершенствующихся направлений. На основе анализа теоретических аспектов категории структурного развития в аграрном секторе экономики, автор предлагает алгоритм его исследования. Особенности этого алгоритма заключается в том, что благодаря ему становится возможным обосновать факторы развития аграрного сектора экономики и формирование его структурного развития, его особенности, дать определение эффективности развития, направления совершенствования аграрного сектора экономики.

Ключевые слова: структура экономики, производство, конкурентноспособность отрасли, экономические показатели, квадратный коэффициент, алгоритм, индекс, интеграл, линейный коэффициент, модель, полевое угодье, поголовье скота.

METHODOLOGICAL APPROACHES TO THE ASSESSMENT OF STRUCTURAL DEVELOPMENT

This article deals with the structure of the economy as one of the main conditions for further development, as the basis for effective development of production and competitiveness of the industry. The author, by analyzing the economic literature and comparing various views of industry scientists, emphasizes that the concept of structural development assessment in the agricultural sector covers the study of the dynamics of changes in the agricultural sector, leading to productivity and efficiency of improving areas. Based on the analysis of theoretical aspects of the category of structural development in the agricultural sector of the economy, the author offers an algorithm for its research. Features of this algorithm is that it makes it possible to justify the factors of development of the agricultural sector of the economy and the formation of structural development, their features, determining the effectiveness of development, the direction of improvement of the agricultural sector of the economy.

Keywords: economic structure, production, industry competitiveness, economic indicators, square coefficient, algorithm, index, integral, linear coefficient, model, field land, livestock.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Дӯстзода Мустафо Ҳафиз*** - Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, омӯзгори кафедраи назарияи иқтисод. **Суроға:** 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67. Телефон: **(+992) 888-84-50-50.** E-mail**: musi.tj@mail.ru**

Сведения об авторе: ***Дустзода Мустафо Хафиз*** - Бохтарский государственный университет имени Носира Хусрава, преподаватель кафедры теория экономики. **Адрес**: 735140, Республика Таджикистан, г.Бохтар, улица Айни 67. Телефон: **(+992) 888-84-50-50.** E-mail**: musi.tj@mail.ru**

Information about the author: ***Dustzoda Mustafo Hafiz*** - Bokhtar State University named after Nosir Khusrav, lecturer at the Department of Theory of Economics. **Address**: 735140, Republic of Tajikistan, Bokhtar, Aini street 67. Phone: **(+992) 888-84-50-50**. E-mail: **musi.tj@mail.ru**

УДК 332.2

ДАСТГИРИИ ДАВЛАТИИ РУШДИ КООПЕРАТСИЯИ ХОҶАГИИ КИШЛОҚ ДАР БАХШИ АГРАРӢ

Давлатзода Баҳрулло Раҳмон
Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Зарурати иштироки мақомоти идоракунии ҳокимияти давлатӣ дар танзими равандҳои кооператсионӣ аз аҳамияти махсуси рушди онҳо барои иқтисодиёти аграрӣ бармеояд, ки он иборат аст аз:

а) марказонидани натиҷабахш ва азнавтақсимкунии захираҳои молиявӣ, истеҳсолӣ-техникӣ ва меҳнатӣ;

б) афзудани маҳсулнокии меҳнат дар занҷираи технологӣ;

в) баланд бардоштани ҷаззобияти истеҳсолоти кишоварзӣ дар самти сармоягузорӣ аз ҳисоби муттаҳид сохтани он бо саноати коркард;

г) бартараф намудани оқибатҳои хусусияти мавсимӣ доштани истеҳсолоти аграрӣ ва бадастории даромадҳо;

д) коҳиши вобастагӣ аз шароити табиӣ-иқлимӣ аз ҳисоби гуногунрангинсозии фазои истеҳсолот;

е) коҳиши хароҷоти трансаксионӣ ва ғ.

Ҳамзамон, асоснок намудани андозаҳои муносибтарини кооператсия тақозо карда мешавад, зеро сохторҳои аз андоза калони кооператсияшуда метавонанд, ки бозори истеъмолиро ба таври инҳисорӣ аз худ намоянд. Дар раванди татбиқи вазифаҳои худ давлат зимни таъсис додани созмонҳои агросаноатӣ сиёсати хеле фаъоли пулӣ, андозӣ, қарзӣ, нархгузорӣ ва иҷтимоиро роҳандозӣ мекунад.

Якчанд усулҳое вуҷуд доранд, ки низоми танзими давлатии истеҳсолоти агросаноатӣ ба он такя мекунад:

- таъмини шароит барои кори молистеҳсолкунандагон дар асоси принсипи худмаблағгузорӣ;
- истифодаи тафриқавии қарзҳои имтиёзнок, ёронаҳо, кумакпулиҳо ва дигар абзорҳои танзимкунӣ. Вазифаи танзими давлатии кооператсияи кишоварзӣ иборат аст аз:
- баэътидолорӣ ва афзудани самаранокии истеҳсолоти кишоварзӣ;
- таъмини амнияти озуқаворӣ;
- беҳтар намудани таъминоти аҳолӣ бо озуқаворӣ;
- ҳифз намудани мувозинати иқтисодӣ дар байни хоҷагии қишлоқ ва дигар соҳаҳо дар асоси кооператсияи онҳо;
- баробар намудани сатҳи даромади кормандони хоҷагии қишлоқ ва кормандони соҳаи саноат;
- ҳимояи молистеҳсолкунандагони ватанӣ.

Дар баробари ин, тамоми чораҳоро оид ба танзим ва дастгирии давлатии кооператсияи кишоварзӣ, аз рӯйи нишонаи ҳадафмандии онҳо метавон бо таври зерин гурӯҳбандӣ намуд:

- дастгирии даромади истеҳсолкунандагон: пардохти ҷубронпулиҳо, пардохтҳо ҳангоми зарар дидан аз офатҳои табиӣ, ҷубронпулиҳо дар вақти зарар дидан аз азнавташкилкунии истеҳсолот;
- дахолати нархӣ: дастгирии нархҳои дохилии маҳсулоти кишоварзӣ, муқаррар намудани квотаҳо ва андозҳо ба содирот ё воридоти маҳсулот;

- ҷуброни хароҷот оид ба харидории воситаҳои истеҳсолот: нуриҳо, воситаҳои ҳимояи растаниҳо, ғизои чорво ва ғ.;

- маблағгузории чорабиниҳо оид ба мусоидат намудан ба рушди бозор;

- мусоидат намудан ба рушди инфрасохтори истеҳсолӣ тавассути ҷудо намудани маблағҳо барои бунёди анборҳои бузурги нигоҳдории маҳсулот, таъминоти моддӣ-техникӣ, рушди нақлиёт ва ғ.

Ҳамин тариқ, танзими давлатии равандҳои кооператсияи хоҷагии қишлоқ дар самтҳои зерин роҳандозӣ мегардад:

- ташаккули бозори маҳсулоти кишоварзӣ, маводи аввала ва озуқаворӣ дар асоси кооператсияи соҳаҳои мухталифи комплекси агросаноатӣ;

- маблағгузорӣ, қарздиҳӣ, суғуртакунонӣ, андозбандии имтиёзноки созмонҳои ояндадори агросаноатӣ;

- ҳимояи манфиатҳои субъектҳои ватании кооператсия зимни иҷрои фаъолияти иқтисоди беруна;

- маблағгузории фаъолияти илмӣ оид ба таъсисидиҳии ташкилотҳои самараноки кооперативӣ дар комплекси агросаноатӣ;

- коркард ва роҳандозии барномаҳои ҳадафманд оид ба рушди босуръати соҳаи иҷтимоии деҳот;

- бунёди заминаи зарурии меъёрӣ-ҳуқуқӣ.

Аслан гирем, усулҳои таъсиррасонии давлат ба рушди тамоми комплекси агросаноатӣ, аз ҷумла кооператсияи кишоварзӣ ба ду қисмат ҷудо мешаванд: усулҳои маъмурӣ ва усулҳои иқтисодӣ.

Ба усулҳои танзими давлатии маъмурӣ дар соҳаи сиёсати нархгузорӣ дар комплекси агросаноатӣ инҳо дохил мешаванд:

а) дар як сатҳи муайян нигоҳ доштани нархҳо;

б) назорат аз болои нархи молистеҳсолкунандагон;

в) бастани қарордодҳо байни давлат ва молистеҳсолкунандагон;

г) муқаррар намудани сарҳад ва доираи тағйирёбии нархҳо (ба ҳадди ниҳоӣ баланд, ба ҳадди ақал паст, фосилаи ивазшавии нархҳо).

Усулҳои танзими иқтисодӣ иборатанд аз чорабиниҳое, ки ба таъмини сатҳи муайяни даромаднокии маҳсулоти молистеҳсолкунандагон тавассути шаклҳои мухталифи кумакпулиҳо, қарзидиҳӣ, сиёсати андозӣ равона карда шудаанд.

Маблағгузории давлатии фаъолияти хоҷагидории субъектҳои кооператсия метавонад, характери кумаки молиявиро дошта, инчунин тавассути буҷети мақомоти маҳаллӣ бо ҷудо кардани ёронаҳо дар амал татбиқ карда шавад. Яъне кумакпулиҳо – ин ёрии пулие мебошад, ки давлат ба сифати манбаи иловагии пӯшонидани хароҷот пешниҳод менамояд. Ёрона бошад, андозаи муайяни маблағҳои давлатӣ мебошад, ки ба таври бебозгашт барои маблағгузории ҳадафноки хароҷотҳо барои иҷрои чорабиниҳои мушаххас ҷудо мешавад.

Танзими давлатӣ инчунин дар асоси истифодаи нархҳои кафолатнок низ роҳандозӣ карда мешавад, ки аз тарафи мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар маҳаллҳо дар сатҳе муқаррар мегардад, ки даромаднокии камтарини имконпазири истеҳсолотро таъмин менамояд. Ҳаҷми фурӯши маҳсулот бо нархҳои кафолатнок дар асоси муқаррароти супориши давлатӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад.

Агар нархҳои бозор ба маҳсулоти кишоварзӣ ва озуқаворӣ аз сатҳи камтарин паст фароянд ё истеҳсолкунандагон натавонанд, ки маҳсулоти худро бо сабаби коҳиши тақозо фурӯшанд, пас давлат метавонад, ки таҳоҷуми харидро иҷро кунад.

Таҳоҷуми харид дар шакли харидорӣ кардан ва гузаронидани амалиёти гаравмонӣ аз рӯйи нархҳои кафолатнок иҷро мегардад. Дар натиҷа арзаи маҳсулот дар бозор коҳиш меёбад ва нархҳо ба эътидол меоянд.

Таҳоҷуми молӣ дар шакли фурӯши арзони онҳо аз фондҳои ҷумҳуриявӣ ва минтақавии озуқаворӣ ба амал меояд, агар сатҳи нархҳои бозорӣ (ё қарордодӣ) дар шароити камбуди маҳсулот аз пасту баландшавии онҳо дар бозор зиёд шавад.

Дар шароити пур шудани бозори ватанӣ аз маҳсулоти озуқавории воридотӣ низоми бисёр чандири танзими воридот истифода мегардад, ки ба бунёди шароити баробар барои рақобат равона мегардад. Агар нархҳои дохилӣ аз нархҳои маҳсулоти воридотӣ баланд бошанд ва фурӯши маҳсулоти худӣ мушкил бошад, нархҳои ҳимоявӣ ҳангоми ҷорӣ намудани боҷи гумрукӣ муқаррар карда мешаванд.

Нисбати кооператсияи кишоварзӣ танзими давлатӣ дар шаклҳои зерин амалӣ карда мешавад:

- танзими буҷетӣ, яъне тақсими маблағҳои буҷетӣ ба самтҳои мухталиф, ки андозаи онҳоро вобаста ба афзалиятҳои рушди шаклҳои гуногуни ташкилӣ-ҳуқуқӣ ва моделҳои сохторҳои агросаноатӣ муайян мекунанд;

- танзими андозӣ, яъне истифодаи меъёрҳои тафриқавии андоз, аз андоз озод кардани иттиҳодияҳои таъсисёбанда, ки маҳсулоти аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳимро истеҳсол мекунанд;

- танзими нарх, яъне муқаррар намудани нархи ниҳоӣ барои баъзе номгӯи маҳсулот ва хизматрасонии аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳим, ё муқаррар намудани андозаҳои ниҳоӣ, ки бузургии нархҳоро (сатҳи даромаднокӣ) барои ширкатҳои ба таври инҳисорӣ дар соҳаи агробизнес фаъолиятдошта;

- танзими пулию қарзӣ, яъне таъсир расонидан ба муомилоти пул тавассути идора кардани интишори он, муқаррар намудани меъёри бозтамвил, интишори коғазҳои қиматнок;

- танзим тавассути ташаккулдиҳии барномаҳои давлатӣ;

- танзими иҷтимоӣ, яъне қабули қонунҳои давлатӣ дар бораи меҳнат ва шуғлнокӣ, суғуртаи иҷтимоӣ ва ғ.;

- танзими ҳифзи муҳити зист ва барқарорсозии он, ки андешидани чораҳоро оид ба ҳифзи табиат дар минтақаи хоҷагидории субъектҳои кооператсияи кишоварзӣ дар назар дорад;

-иҷозатномадиҳии давлатӣ, яъне танзими иқтисодии фаъолият тавассути маҳдудиятҳо ва манъсозиҳо.

Ба сифати самтҳои афзалиятноки такомули чорабиниҳои дастгирии давлатии кооператсияи кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон самтҳои зеринро ҷудо намудан мумкин аст:

Дастгирии молиявӣ бояд шаклҳои аз ҳама самараноктари кооператсияи истеҳсолоти агросаноатиро ҳавасманд созад.

Тавсеаи пешпардохти хариди маҳсулоти хоҷагии қишлоқи корхонаҳои кишоварзӣ дар давоми сол имкон медиҳад, ки истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ бо маблағҳои зарурӣ дар давоми давраи истеҳсоли онҳо таъмин бошанд.

Маблағҳои марказонидашударо бештар ба маблағгузорӣ ва дастгирии самтҳои зерин равона кардан ба мақсад мувофиқ аст: чорабиниҳо оид ба зиёд кардани маҳсулнокии замин, пайвандсозӣ ва тухмипарварӣ, зотпарварӣ, корҳо оид ба назорат аз болои ҳолати замин ва заминсозӣ, суғуртаи амвол дар соҳаи комплекси агросаноатӣ, фаъолияти илмӣ-техникӣ ва инноватсионӣ дар соҳаи истеҳсолоти агросаноатӣ ва амсоли он.

Азбаски заминаҳои рушди кооператсия бе дахолати давлат сурат мегиранд, дар назди соҳаи хоҷагии қишлоқ вазифаи мутобиқ шудан ба шароити нави иқтисодӣ меистад. Бинобар ин, интихоби ин ва ё он шакли кооператсия бояд бо назардошти маҷмӯи омилҳо сурат гирад: ҷойгиршавӣ, андозаи заминистифодабарӣ, таркиб ва сифати замин, таъмин будан бо қувваи корӣ ва дигар захираҳо, тахассуснокӣ, роҳҳои фурӯши маҳсулот, вазъи роҳҳо, мавҷудияти иншооти коркарди маҳсулот, соҳаи иҷтимоӣ ва ғ.

Муносибатҳои кооператсионӣ таҳти таъсири механизмҳои худтанзимкунандаи иқтисодӣ ташаккул меёбанд. Дар айни замон рушди онҳо дар бахши аграрии кишвар бояд тавре бошад, ки барои баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот ангеза созад ва тавсеаи номгӯй ва беҳтаршавии сифати маҳсулот асос гарданд. Ба тақозо ва рақобат нигаронида шудани онҳо ҳавасмандии доимии пешрафти илму техника, сарфаи захираҳо ва ҷанбаи экологии истеҳсолоти агросаноатиро талаб мекунад.

Ба назари мо, маҷмӯи чорабиниҳоро оид ба дастгирии давлатии рушди кооператсияи кишоварзӣ ба ду қисмат: ташкилӣ ва иқтисодӣ тақсим намудан мумкин аст. Чораҳои ташкилӣ дар навбати худ, ба қонунгузорӣ ва институтсионалӣ тақсим мешаванд. Чораҳои қонунгузорӣ ин тағйир ва таҳияи асосҳои қонунгузорӣ, таъмини талаботи давлатӣ ва минтақавӣ (ноҳиявӣ), такмили муносибатҳои заминдориро дар бар мегирад.

Чораҳои институтсионалӣ бошанд, бунёди кооперативҳои қарзӣ ҳамчун манбаи сармоягузориҳо, шарикии бахши давлатию хусусӣ: иҷораи молиявӣ ва ҷудокунии замин, таъсиси марказҳои иттилоотӣ-машваратиро дар бар мегиранд.

Чораҳои гурӯҳи дуюм, яъне чораҳои иқтисодӣ таъсиси низоми ҳавасмандсозии грантии ташаббусҳои аҳолии деҳот, ҷуброни хароҷот барои харидории маҳсулот ва таҷҳизоти инноватсионӣ, кумакпулиҳо барои хоҷагиҳои деҳқонӣ, кооперативҳои кишоварзӣ, маҳдудсозии баландшавии нархи неруи барқ, кумакпулиҳо барои пӯшонидани фоизи қарз, маҳдудсозии воридоти маҳсулоти озуқавориро дар бар мегиранд.

Дар баробари ин, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон кооператсияи кишоварзӣ вазифа ва рисолати муайянеро иҷро мекунад. Аз ҷумлаи рисолате, ки бар дӯши кооператсияи кишоварзӣ гузошта шудааст, ба андешаи мо, рисолати иҷтимоӣ, истеҳсолӣ, бозорӣ, молиявӣ, сармоягузорию инноватсионӣ, буҷетию таъминотиро метавон ном бурд.

Вазифаҳои кооператсияи кишоварзӣ бошанд, ба фикри мо, дар навбати худ ба иҷтимоию иқтисодӣ тақсим шуда, дар алоқамандӣ бо рисолатҳои он чунин нақшро иҷро мекунанд: кафолати харидории неъматҳои табиӣ аз аҳолӣ, кафолат додани харидории зиёдатии маҳсулоти кишоварзӣ аз аҳолӣ, рушди истеҳсолоти кишоварзӣ аз рӯи технологияҳои инноватсионӣ, таъмини аҳолӣ бо маҳсулоти кишоварзӣ бо нархҳои дастрас, қарзи молӣ ба аҳолӣ ва ташкилотҳои буҷетӣ, баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳо ва сифати маҳсулот, воридоти маблағҳо ба буҷетҳои маҳаллӣ.

Аз гуфтаҳои боло, чунин хулосабарорӣ намуда, вазифаҳои асосии самтгирии иҷтимоӣ-иқтисодӣ доштани кооператсияи кишоварзиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шакли зерин гурӯҳбандӣ метавон кард:

- бояд самти афзалиятноки рушди кооператсияи кишоварзӣ манфиати аъзоёни кооператив дониста шавад;

- чунки кооператив аз тарафи аъзоёнаш, бо маблағҳои онҳо ва барои қонеъ кардани талаботи онҳо таъсис дода шудааст. Ин аз он сабаб ба вуҷуд меояд, ки на ҳамаи кооперативҳои кишоварзӣ ва иттиҳодияҳо ба сифати кафили ҳимояи иҷтимоӣ ва иқтисодии манфиатҳои аъзоёни кооператив баромад мекунанд;

- ҳалли мушкилоти бо ҷойи кор таъмин намудани аҳолӣ тавассути сохтани ҷойҳои нави корӣ.

Ба ҳамагон маълум аст, ки масъалаи шуғли аҳолӣ дар мамлакат масъалаи доғи рӯз буда, бекорӣ, бахусус, дар деҳот хусусияти вазнинтар ва давомноктарро касб кардааст. Кооператсияи кишоварзӣ, ки асосан дар деҳот амал мекунад, бояд дар ҳалли ин мушкилот нақши калидиро бозад. Ин аз дугонагии хислати кооператсия бармеояд, яъне чуноне ки дар боло гуфтем, омезиш додани вазифаҳои иҷтимоӣ бо фаъолияти иқтисодӣ. Бо ҷойҳои нави корӣ аҳолиро таъмин намуда, кооператсияи кишоварзӣ вазифаи иҷтимоии худро иҷро карда, дар баробари ин, оқибатҳои ногувори бозорро нармтар месозад.

1.Истифодабарии неруи корӣ ва зеҳнии ҷавонон. Дар шароити муосир кооператсияи кишоварзӣ ба кормандони оддии ин ё он касбу кор эҳтиёҷ надошта, ба мутахассисони дорои шуури кооперативие ниёз дорад, ки идеология ва усулҳои кооператсияи кишоварзиро дарк мекунанд.

2.Пуррасозии тамоми навъҳои буҷет зимни пардохти андозҳо, яъне воридоти зиёди андоз ба буҷети маҳаллӣ, буҷети маҳаллиро зиёдтар месозад.

3.Таъмини аҳолӣ бо маҳсулоти кишоварзӣ ва таҳвили он ба нуқтаҳои дури аҳолинишин бо нархҳои дастрас.

4.Мусоидат намудан ба афзоиши даромадҳои пулии аҳолӣ аз ҳисоби харидорӣ кардани маҳсулоти зиёдатии кишоварзӣ.

5.Мусоидат намудан ба фурӯши маҳсулоти ҳунарҳои мардумӣ таҳти тамғаи кооператсияи кишоварзӣ.

6.Обод нигоҳ доштани мавзеи деҳот.

Ҳамин тавр, дастгирии давлатии кооператсияи кишоварзӣ дар бахши аграрӣ дар фаъол гардонидан ва ба кор даровардани инфрасохтори истеҳсолӣ зоҳир мегардад, ки дар заминаи муносибатҳои бозорӣ фаъолият мекунанд. Хоҷагиҳои хурд имконияти кофии хизматрасонии агротехникӣ ва агрохимиявии заминро надоранд. Аз ин рӯ, ҳали ин масъала бо роҳи бунёди кооператсияи кишоварзӣ имконпазир мегардад.

Зимни ба тартибдарории истеҳсолоти агросаноатӣ шаклҳои гуногуни дастгирии давлатиро истифода мебаранд: дастгирии мустақими буҷетӣ дар шакли кумакпулиҳо ва ҷубронпулиҳо; сармоягузориҳои асосии бебозгашт; сармоягузориҳои асосии бозгарданда; қарзҳои кӯтоҳмуддат аз фондҳои махсус; қарзҳои дарозмуддат ва қарзҳои молии кӯтоҳмуддат ва дарозмуддат; дастгирии ҳудудҳои дорои шароити душвор ва сохтори номусоиди истеҳсолот.

Айни замон, бо кумаки субсидияҳо нигоҳ доштани соҳаҳое зарур аст, ки аҳамияти бузурги иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва экологӣ доранд. Ба чунин соҳаҳои кишоварзӣ парвариши чорво, бахусус чорвои ширу гӯштӣ шомил мешавад. Маҳсулоти ин соҳа дар як қатор соҳаҳои саноати коркард истифода мешаванд. Танҳо чорвопарварӣ имкон медиҳад, ки бисёр намудҳои маҳсулоти растанипарварӣ ба маҳсулоти барои одамон муносиб табдил дода шавад. Кооператсияи кишоварзии чорводориро бо соҳаҳои мухталифи растанипарварӣ омезиш додан имкон медиҳад, ки истифодаи самараноки захираҳои

замин имконпазир гардад. Ин соҳа аксарияти заминҳои чарогоҳиро истифода мебарад, яъне ин соҳа барои ҳамаи минтақаҳои Тоҷикистон аҳамияти иҷтимоӣ ва иқтисодӣ дорад.

Бе ҳалли проблемаҳои кооператсияи чорводорӣ ҳалли мушкилоти танзим ва барқарорсозии минбаъдаи кишоварзӣ ғайриимкон мебошад. Барои кафолат додани сатҳи даромаднокӣ, бояд дараҷаи субсидияҳоро дар асоси хароҷоти миёнаи Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи шароитҳои миёна ва самаранокии чорво муайян кард. Ҷорӣ намудани субсидия дар ин сатҳ ба истеҳсолкунандагони дорои шароитҳои миёна ва сатҳи миёнаи таъмини самаранокии онҳо, барои баргардонидани пурраи хароҷот ва фароҳам овардани шароит барои ҳифзи саршумори чорво имконият медиҳад. Айни замон, дар минтақаҳое, ки шароити мусоид доранд, истеҳсоли шир фоидаовар мегардад.

Ҳиссаи кооператсияи кишоварзӣ дар соҳаи чорводорӣ сол ба сол меафзояд. Миқдори истеҳсоли маҳсулоти чорвопарварӣ дар хоҷагиҳои кооператсионӣ дар ҷадвали поён оварда мешавад (ҷадвали 1).

Ҷадвали 1. Нишондиҳандаҳои истеҳсоли маҳсулоти асосии чорвопарварӣ дар хоҷагиҳои кооператсионии кишвар

Table 1. Indicators of production of basic livestock products in cooperative farms of the country

	1991	2012	2013	2014	2015	2016	2017	2018
	Чорво ва парранда бо вазни зинда, ҳазор тонна							
Корхонаҳои кишоварзӣ	74,0	5,0	4,1	4,2	4,2	3,7	3,7	38
Хоҷагиҳои деҳқонӣ	-	6,0	6,9	7,1	7,4	8,2	8,9	9,0
Тамоми шаклҳои хоҷагидорӣ	150,7	162,0	173,0	198,7	217,7	233,3	248,7	249,6
	Шир, ҳазор тонна							
Корхонаҳои кишоварзӣ	280,6	13,1	13,9	16,4	15,9	16,2	16,8	17,1
Хоҷагиҳои деҳқонӣ	-	29,2	30,1	30,9	32,9	34,0	35,8	37,6
Тамоми шаклҳои хоҷагидорӣ	582,2	778,3	828,2	854,7	889,0	918,0	949,9	954,6
	Тухм, млн дона							
Корхонаҳои кишоварзӣ	402,6	183,9	225,5	222,9	225,7	173,6	151,3	144,1
Хоҷагиҳои деҳқонӣ	-	3,0	5,6	6,4	4,9	7,7	11,3	12,2
Тамоми шаклҳои хоҷагидорӣ	454,3	291,6	343,7	350,0	357,2	337,1	341,4	344,0
	Пашм бо вазни воқеӣ, тонна							
Корхонаҳои кишоварзӣ	2314	400	357	410	367	327	372	370
Хоҷагиҳои деҳқонӣ	-	705	690	792	853	964	943	951
Тамоми шаклҳои хоҷагидорӣ	4432	6361	6565	6776	7033	7304	7522	7531
	Асал, тонна							
Корхонаҳои кишоварзӣ	593	83	94	96	96	98	88	89
Хоҷагиҳои деҳқонӣ	-	228	243	257	245	248	253	261
Тамоми шаклҳои хоҷагидорӣ	593	3290	3511	3715	3853	3996	4101	4120
	Пилла, тонна							
Корхонаҳои кишоварзӣ	4519	341	353	261	163	162	155	147
Хоҷагиҳои деҳқонӣ	-	957	1183	836	672	665	711	701
Тамоми шаклҳои хоҷагидорӣ	4519	1328	1569	1097	835	869	910	917

Маъхаз: Маълумоти маҷмӯаи омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон: “Кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон 2018”. -Душанбе, 2019. -С.51-52

Бинобар ин, шарти асосии ҳавасмандии хоҷагиҳои кооперативӣ дар истеҳсоли маҳсулоти чорвопарварӣ ва растанипарварӣ ҳамоно даромаднок будани онҳо мебошад, ки дар натиҷа, дар ҳамаи ноҳияҳои ҷумҳурӣ субъектҳои хоҷагидор ба афзоиши истеҳсоли маҳсулот таваҷҷуҳ зоҳир мекунанд, зеро имкони ба даст овардани фоида вуҷуд дорад. Дар чунин шароит истеҳсолкунандагон ба баланд бардоштани самаранокӣ ва кам кардани хароҷот манфиатдоранд.

Муносибатҳои нобаробари кишоварзӣ на танҳо дар соҳаҳои таъмини захираҳо, балки дар корхонаҳои саноати коркард ва савдо низ ба миён омадаанд. Дар натиҷа, ҳисоббаробарнамоӣ аз тарафи ин корхонаҳо бо истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ коҳиш ёфта, ҳиссаи онҳо дар нархҳои ниҳоӣ бузургтар мешавад. Корхонаҳои агросаноатӣ маҷбуранд коркарди маҳсулоти худро ташкил кунанд ва мустақилона онро амалӣ созанд. Дар натиҷа, вазъи минтақаҳои истеҳсолкунандаи маводи аввала хароб мегардад, иқтидори корхонаҳои коркард пурра истифода карда намешаванд, хароҷоти ҳар як воҳиди маҳсулоти коркардшуда афзоиш меёбад. Истеҳсолкунандагони деҳот

аксарияти захираҳои қарзиро, яъне сармоягузориро дар самти таъсиси сохторҳои шабеҳ харҷ мекунанд. Ҳангоми истифодаи иқтидорҳои истеҳсолӣ камтар аз 50% бо тарофаҳои муосир барои истифода неруи барқ ва хизматрасониҳои дигар, корхонаҳои коркард зарар мебинанд ва ба васеъ кардани истеҳсолот таваҷҷуҳ зоҳир намекунанд.

Дар шароити муосир сарбориҳои тиҷоратӣ ба 25-30% афзоиш ёфта, нархҳои чакана боло рафтаанд, ки ин муомилотро бе баланд бардоштани ҳаҷми хароҷот таъмин мекунад. Ин мушкилот дар фурӯши маҳсулот меафзояд ва талаботро коҳиш медиҳад. Барои бартараф намудани ихтилофи манфиатҳо дар марҳилаҳои мухталифи истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, усулҳои гуногун истифода мешаванд. Яке аз онҳо ташкили кооперативҳо, ассотсиатсияҳо ва гузаштан ба тақсимоти даромад аз фурӯши маҳсулоти ниҳоӣ вобаста ба саҳми иштирокчиён мебошад. Бо роҳи табиӣ, ин кор ба воситаи таъсиси созмонҳои ихтиёрии кишоварзон, яъне кооператсия, муяссар мегардад. Аз ин рӯ, яке аз вазифаҳои муҳимми дастгирии давлатӣ дар ин самт, ҷиҳати пешгирии харобшавии иқтидори истеҳсолии кишоварзӣ, дар сатҳи қонунгузорӣ танзим намудани муносибатҳои кишоварзӣ, саноати коркард ва соҳаи тиҷорати маҳсулоти кишоварзӣ мебошад.

Таҳқиқот нишон дод, ки истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ, ки ҳосилнокии болотар аз миёна доранд, қодиранд саршумори чорвои худро баланд бардоранд ва истеҳсолотро афзоиш диҳанд. Корхонаҳои соҳаи коркард ба истифодаи умумии ашёи хом ва истеҳсоли маҳсулоти талабшаванда манфиатдор хоҳанд буд. Бо кумаки субсидияҳо аз буҷет, дастгирии маҳаллӣ ва тақсими даромадҳо аз фурӯши маҳсулот дар тамоми марҳилаҳои истеҳсолот дар шароити Тоҷикистон, метавон фоидаоварии истеҳсолоти кишоварзиро дар тамоми фаслҳои сол таъмин намуда, вазъиятро дар самти таъмини амнияти озуқавории мамлакат беҳтар кард. Бо афзоиши тақозои пардохтпазирӣ шароитҳои зарурӣ барои зиёд кардани истеҳсолот пайдо мешаванд.

Бояд қайд кард, ки бо мақсади баланд бардоштани самаранокии истифодаи маблағҳое, ки барои дастгирии ҳам соҳаи чорводорӣ, паррандапарварӣ, растанипарварӣ ва боғдорӣ аз буҷети ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ ҷудо карда мешаванд, таҳияи ва қабули барномаҳои минтақавӣ барои фаъолсозии ин соҳаҳо заруранд. Айни ҳол, метавон пардохти субсидияро барои истеҳсолкунандагоне, ки дар ин барнома иштирок мекунанд, бо шарти риоя намудани шароити муайян амалӣ кард: самаранокӣ бояд на камтар аз сатҳи меъёр дар минтақа бошад; афзоиши солонаи истеҳсолот таъмин карда шавад. Ин шартҳо хоҷагиҳои кооперативиро водор мекунанд, ки самаранокии фаъолияти худро баланд бардоранд ва дигар нишондиҳандаҳои фаъолияти худро беҳтар намоянд.

Ҳамин тавр, нақши танзимкунандаи давлат бояд дар чорабиниҳои зерин ифодаи худро дарёфт намояд:

- ташкили давлатии тухмипарварӣ ва таъмини кафолатноки хоҷагиҳо бо тухмии аълосифат ва насли якум;

- ташкили давлатии такмили ихтисоси роҳбарон ва сардорони хоҷагиҳои кишоварзӣ, ки дар заминаи усули кооператсия фаъолият мекунанд;

- дастгирии фаъолонаи муассисаҳои илмӣ-тадқиқотии системаи Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон, афзоиши назарраси музди меҳнати олимон ва мутахассисон, таҷдиди комили маҷмӯи таҷҳизоти лабораторӣ, эҳёи заминҳои озмоиши тухмиҳои гуногун, пойгоҳҳои таҷрибавӣ ва минтақавӣ;

- бо маблағгузории пурраи давлатӣ, тоза ва таъмир намудани шабакаи коллекторҳо, барқарорсозӣ ва истифодаи мунтазами пойгоҳҳои насосӣ, барқарорсозии каналҳои асосии обёрӣ;

- фароҳам овардани шароити мусоид барои паст кардани сатҳи фоизҳои бонкҳо ва ташкилотҳои молиявии ғайрибонкӣ, ки барои хизматрасонӣ бо соҳаи кишоварзӣ фаъолият мекунанд, таъмини дастрасии бонкҳои хоричӣ ба бозори молиявии кишвар;

- фароҳам овардани шароит барои баланд бардоштани ҳавасмандгардонии хоҷагиҳои кооператсионӣ ва дигар истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ ба рушди инноватсионӣ, татбиқи саривақтӣ ва дақиқи тавсияҳои институтҳои илмию тадқиқотӣ дар соҳаи агротехнология, агрохимия, механизатсия ва беҳтар намудани ҳолати беҳдошти замин ва ғайра.

Баланд бардоштани ҳосилнокии истеҳсолоти соҳаи кишоварзӣ бо зарурати ҳавасмандгардонии равандҳои инноватсионӣ муайян карда мешавад, ки дар асоси такрористеҳсоли захираҳои молиявӣ тавассути омӯзиши бартариҳои рушди илму техника алоқаманд аст. Таҳлил нишон медиҳад, ки рақобатпазирии корхонаҳо дар бахши аграрӣ аз сатҳи истифодаи афзалиятҳои илм ва технология барои ҳама марҳилаҳо, аз ташкили тадқиқоти илмӣ оғоз карда, то азхудкунии самараи онҳо дар амалия вобаста аст.

Раванди инноватсионӣ ҳангоми истеҳсоли маҳсулоти бахши аграрӣ бояд ҳамчун

системаи ягонае баррасӣ гардад, ки мубаддалгардонии дастовардҳои илмиро ба технологияи самараноки истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ифода намояд. Зеро, имрӯз, дар раванди пешрафти таърихӣ, илм ба як ниҳоди муҳимтарини иҷтимоӣ, ба як қувваи бузурги истеҳсолие табдил ёфтааст, ки ҳолат, дурнамо ва рушди тамоми соҳаҳои истеҳсолот ва фарҳангро муайян мекунад.

АДАБИЁТ

1. Абрамов Б.А. Коллективизация сельского хозяйства великая революция в социально-экономических отношениях и во всем укладе жизни крестьянства / Б.А. Абрамов. -М., 1967.
2. Азизова М.З. Зарубежный опыт сельскохозяйственной кооперации и ее применение в аграрном секторе Таджикистана / М.З. Азизова // Вестник ТНУ. –Душанбе: Сино, 2012. –С.7-13.
3. Буздалов И.Н. Возрождение кооперации / И.Н. Буздалов. –М.: Экономика, 1990. -С.110-111.
4. Вазъи иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон: январ-декабри соли 2018 // Маҷмӯаи омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе, 2019. –С.11.
5. Ващенко А.Н. Теоретические и методологические развития основы сельской кооперации: мотивация, организация и управление / А.Н. Ващенко // Региональные проблемы преобразования экономики. - 2014. - №3. -С.78-91.
6. Давлатов К.К. Развитие кооперации и интеграции в АПК Республики Таджикистан / К.К. Давлатов. - Воронеж: Истоки, 2008.
7. Қарори Ҳукумати ҶТ дар бораи “Консепсияи пешрафти инноватсионии КАС Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз 3 марти 2014 с. -№114.
8. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми октябри соли 2016, №392 дар бораи “Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030”.
9. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи кооперативҳо” аз 22 июли соли 2013. -№991.
10. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи кооперативҳои истеҳсолӣ” аз 2 декабри соли 2002. -№68.
11. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи кооператсияи матлубот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 13 марти соли 1992. Ахбори Шӯрои Олии ҶТ, с.1992. -№7.
12. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сармоягузориҳои хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 10 марти соли 1992.
13. Серова Е.В. Сельскохозяйственная кооперация в СССР / Е.В. Серова. -М.: Агропромиздат, 1991. –С.119.

ДАСТГИРИИ ДАВЛАТИИ РУШДИ КООПЕРАТСИЯИ ХОҶАГИИ КИШЛОҚ ДАР БАХШИ АГРАРӢ

Дар мақолаи мазкур муаллиф ба яке аз масъалаҳои асосие, ки дар таъмини амнияти озуқавории кишвар нақши муассир дорад, аҳамияти аввалиндараҷа дода, равандҳои дастгирӣ ва рушди кооператсияи хоҷагии қишлоқро дар бахши аграрӣ мавриди баррасӣ қарор дода ҷанбаҳои дастгирии сатҳи институтсионалиро ҳамчун ҳадафи асосии худ гузоштааст. Ғайр аз ин, дар мақолаи мазкур бештар таваҷҷуҳ ба сатҳи дастгирии давлатии рушди кооператсияи хоҷагии қишлоқ дар бахши аграрӣ дода шуда, роҳҳои алтернативии ин соҳа мавриди таҳқиқи ҳамаҷониба қарор гирифтааст. Муаллиф ба қадри имконпазир роҳҳои ҳалли мушкилоти соҳаи кооператсияи хоҷагии қишлоқро дар бахши аграрӣ аз тарафи давлат пешбинӣ намуда, истифодаи воқеии онро дар шароити имрӯзаи иқтисодиёти кишвар ба таври назаррас пешниҳод намудааст. Раванди инноватсионӣ ҳангоми истеҳсоли маҳсулоти бахши аграрӣ бояд ҳамчун системаи ягонае баррасӣ гардад, ки мубаддалгардонии дастовардҳои илмиро ба технологияи самараноки истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ифода намояд. Зеро, имрӯз, дар раванди пешрафти таърихӣ, илм ба як ниҳоди муҳимтарини иҷтимоӣ, ба як қувваи бузурги истеҳсолие табдил ёфтааст, ки ҳолат, дурнамо ва рушди тамоми соҳаҳои истеҳсолот ва фарҳангро муайян мекунад.

Калидвожаҳо: кооператсияи хоҷагии қишлоқ, мақомоти идоракунӣ, самаранокии истеҳсолот, сармоягузорӣ, хароҷотҳои трансаксионӣ, танзими иқтисодӣ, захираҳои такрористеҳсолӣ.

ГОСУДАРСТВЕННАЯ ПОДДЕРЖКА РАЗВИТИЯ АГРАРНОЙ КООПЕРАЦИИ В СЕЛЬСКОХОЗЯЙСТВЕННОМ СЕКТОРЕ

В данной статье автор уделяет особое внимание одному из ключевых вопросов, играющих важную роль в обеспечении продовольственной безопасности в стране, обсуждает процессы поддержки и развития сельскохозяйственной кооперации в аграрном секторе и считает институциональную поддержку основной целью развития данной отрасли. Кроме того, в данной статье рассматривается уровень государственной поддержки сельскохозяйственной кооперации в аграрном секторе и исследуются альтернативные пути данной отраси. Автор, также предусматривает пути решения государством проблем аграрной кооперации в аграрном секторе и существенно предлагает ее реальное использование в современных экономических условиях страны. Инновационный процесс при производстве продукции аграрной отрасли должна рассматриваться как единая система, которая выражает преобразование научных достижений на эффективные технологии производства сельскохозяйственной продукции. Так как сегодня в процессе исторического прогресса наука превратиласть в одно из важных социальных составляющих, огромную производственную силу, и определяет состояние, перспективы и развитие всех отраслей экономики и культуры.

Ключевые слова: сельскохозяйственная кооперация, управление, эффективность производства, инвестиции, трансакционные издержки, экономическое регулирование, возобновляемые ресурсы.

STATE SUPPORT FOR THE DEVELOPMENT OF AGRARIAN COOPERATION IN THE AGRICULTURAL SECTOR

In this article, the author gives priority to one of the key issues that play an important role in ensuring food security in the country, discusses the processes of support and development of agricultural cooperation in the agricultural sector and leaves aside institutional support. In addition, this article examines the level of state support for the development of agricultural cooperation in the agricultural sector and examines alternative ways in this area. The author, as far as possible, envisages ways of solving the agrarian cooperation in the agricultural sector by the state and essentially proposes its real

use in the current economic conditions of the country. The innovation process in the production of agricultural products should be considered as a single system that expresses the transformation of scientific achievements into effective technologies for the production of agricultural products. Since today, in the process of historical progress, science has turned into one of the important social components, a huge productive force, and determines the state, prospects and development of all sectors of the economy and culture.

Keywords: agricultural cooperation, management, production efficiency, aggregation, investments, alternatives, transaction costs, economic regulation, renewable resources.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Давлатзода Баҳрулло Раҳмон*** - Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, муаллими калони кафедраи иқтисодиёти ҷаҳон ва тиҷорати байналмилалӣ. **Суроға:** 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯчаи Нахимов, 64/14. Телефон: **909-22-58-58**

Сведения об авторе: ***Давлатзода Бахрулло Рахмон*** - Таджикский государственный финансово-экономический университет, кандидат экономических наук, старший преподаватель кафедры мировой экономики и международной торговли. **Адрес:** 734067, Республика Таджикистан, г.Душанбе, улица Нахимова 64/14. Телефон: **909-22-58-58**

Information about the author: ***Davlatzoda Bahrullo Rahmon*** - Tajik State University of Finance and Economics, Candidate of Economic Sciences, Senior Lecturer at the Department of World Economy and International Trade. **Address**: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 64/14 Nakhimov street. Phone: **909-22-58-58**

УДК 331.5.331.52(575.3)

ТАНЗИМИ ДАВЛАТИИ ШУҒЛИ АҲОЛӢ ВА БОЗОРИ МЕҲНАТ ДАР БАХШҲОИ АФЗАЛИЯТНОКИ ИҚТИСОДИ МИЛЛӢ

Маҷидзода Д.М., Искандаров Ҳ.Ҳ.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Тамоюли мавҷудаи шуғл ва бекорӣ дар бозори меҳнат, бахуссус барои аҳолии деҳот, аҳамияти истисноиро дар сатҳи иқтисоди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон касб намудааст. Хусусиятҳои геоиқтисодии ҷумҳурӣ шаҳодат аз он медиҳанд, ки 93%-и ҳудуди ҷумҳуриро кӯҳҳо ташкил дода, аз шумораи умумии аҳолӣ 73%-и онҳо дар деҳот сукунат доранд ва дар баробари ин қисмати зиёди аҳолиро ҷавонони то синни 34 сола ташкил медиҳанд.

Тадқиқи категорияҳои гуногунҷанбаи бозори меҳнат, шуғл ва бекорӣ ҳамчун падидаи иҷтимоӣ ва ҷараёнҳои иқтисодӣ ба он хотир мубрам ва рӯзмарра ҳисобида мешавад, ки ба хотири ҷустуҷӯи роҳҳои алтернативии таъмини шаҳрвандон бо ҷойҳои корӣ ва илова бар ин бе таъмини шуғли аҳолӣ, ҳадафрас шудан ба натиҷаҳои назаррас дар деҳот ва соҳаҳои алоҳидаи он, дар маҷмӯъ, ногузир аст.

Чуноне ки таҷриба нишон медиҳад, солҳои аввали бозсозиҳои иқтисодӣ иқтисодиёти миллии Тоҷикистон бо таназзули соҳаҳои истеҳсолот ва сатҳи зиндагии аҳолӣ на танҳо дар шаҳр, балки дар деҳоти кишвар низ пайгирӣ мешуд.

Феълан дар Ҷумҳурии Тоҷикистон раванди инкишофёбии иқтисодиёт ба мушоҳида мерасад, ки чунин тамоюл ба раванди ташаккулёбии синфҳои нави иҷтимоӣ, аз ҷумла аҳолии табақаи камбизоат, синфи миёна ва сарватманд, ки яке аз омилҳои асосии устувории иқтисодиёт маҳсуб меёбанд, арзёбӣ карда мешавад. Аз ин хотир, тадқиқотбарии комплексии муносибатҳои меҳнатӣ на танҳо аҳамияти иҷтимоиву иқтисодӣ, балки сиёсиро низ касб намуда, он ба инкишофи муносибатҳои иқтисодӣ дар ҳамаи соҳаҳову бахшҳои иқтисоди миллӣ, бахуссус дар комплекси агарарии Ҷумҳурии Тоҷикистон, афзалият пайдо мекунад.

Воқеан, сиёсати бозори меҳнат инъикоскунандаи рушди иқтисодии давлат буда, барои таъмини он ба мақсад мувофиқ аст, ки шароитҳои зарурие омода карда шаванд, ки вазифаҳои асосии фаъолияти иқтисодии давлатро ташаккул медиҳанд.

Маҳз ҳалли мушкилоти бозори меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ аҳамияти ҳаётии онҳоро баланд бардошта, дар шароити ҷумҳурии мо шуғли аҳолии деҳот нишондиҳандаи муҳимми сатҳи тараққиёти давлат маҳсуб меёбад.

Чунин ҳолат тадқиқотбарии саривақтиро дар самти ошкор намудани сабабҳои иқтисодву иҷтимоӣ, ки ба таъмини мунтазами аҳолии деҳот бо ҷойҳои корӣ машғул мебошад, тақозо мекунад. Вазъи ба вуқӯъ омадаи муосири иҷтимоӣ ва иқтисодии аҳолии деҳот муаммоҳои бозори меҳнат ва шуғли аҳолӣ, ҳамчунин, равандҳои ташаккулёбии онҳоро дар иқтисоди бозорӣ муаяйн мекунад.

Бозори меҳнат ва шуғли аҳолӣ мавқеи махсусро дар иқтисодиёти давраи гузариш ишғол менамояд, ки қисмати зиёди падидаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва демографие, ки дар

иқтисодиёти муосир ба вуҷуд меоянд, ҷузъи ҷудонашавандаи иқтисодиёт ва бо ин васила нақши муҳимро дар низоми такрористеҳсолоти ҷамъиятӣ ишғол менамоянд [2,с.17].

Бозори меҳнат ҳамчун унсури низоми мубодила баромад мекунад. Мувофиқан дар шароити феълӣ бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи инкишофу такмилёбӣ қарор дорад, ки он дар заминаи амалӣ намудани хариду фурӯши қувваи корӣ ва муносибатҳои шуғл, ки махсусиятҳои модели иқтисоди миллиро ба инобат мегирад. Бо дарназардошти гуфтаҳои боло зарур аст, ки таҳлили комплексии сохтори соҳавии шуғли аҳолӣ, андозагирии миқёси бекории ниҳонӣ, суръати афзоиши шуғл дар бахши ғайрирасмии иқтисодиёт, фаъолнокии пасти қувваи корӣ дар низоми миллии бозори меҳнат, ки таҳавуллоти назаррасро таи даҳсолаи охир гузаронида, дар ин замина тадқиқотҳои махсуси соҳавиро ба миён меоварад, гузарониданида шавад.

Муаммоҳои марбут ба муносибатҳои меҳнатӣ, бозори меҳнат ва шуғл дар тадқиқотҳои зиёде аз олимони иқтисодӣ бахшида шудааст. Бо вуҷуди ин муаммоҳои танзими муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ дар деҳоти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти амалисозии консепсияи шуғли маҳсулнок то ҳол дар сатҳи зарурӣ тадқиқ нагардидааст. Сарфи назар аз ин ба таври зарурӣ тамоюли воридшавии ҷараёнҳои иҷтимоиву иқтисодӣ дар деҳоти ҷумҳурӣ ошкор нагардида, ба таври системавӣ иқтидори шуғли аҳолии ҳудудҳои деҳоти ҷумҳурӣ мавриди омӯзиш қарор нагирифта, арзёбии комплексии шаклҳои мавҷудаи ташкили меҳнат баҳо дода нашуда, бахшҳои бартаридоштаи пешниҳоди қувваи корӣ бо дарназардошти рушди шаклҳои шуғли ғайрихоҷагии қишлоқ ва ғайра диққати зарурӣ дода нашудааст. Маҳз омилҳои мазкур аҳамияти илмӣ-амалии тадқиқоти мазкурро дар ҳалли вазифаҳои стратегии хос ба ташаккулёбии иқтисодиёти инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи дарозмуддат муаяйн намуд.

Инкишоф ва тараққиёти иқтисодиёти дилхоҳ давлат ва ҷамъият, дар маҷмӯъ бо сатҳи муаяйни сохтор ва шумораи аҳолӣ, инчунин, бо захираҳои меҳнатии кишвари мазкур вобаста аст. Аҳолӣ, дар навбати аввал, ин сарчашмаи мустақими захираҳо барои бозори меҳнат, ки пешбарандаи муносибатҳои муқарраргардидаи иқтисодӣ, дар ҳолати дуввум бошад, қисми аҳолии қобилияти меҳнатидоштаи он ба сифати омили субъективӣ ва шахсии истеҳсолот баромад мекунад.

Меҳнат раванди дарки фаъолияти оқилонаи одамон аст, ки бо кумаки он шакливазкунии объектҳо ва захираҳои табиӣ, инчунин, мутобиқшавии он барои қаноатмандгардонии эҳтиёҷоти аҳолӣ сурат мегирад.

Шуғли аҳолӣ ҳамчун падидаи муносибатҳои иқтисодӣ на танҳо моҳияти иқтисодии дар низоми муносибатҳои муосири иқтисодӣ дошта, балки вобаста аз характер ва сатҳи таъмини кормандон бо ҷойҳои корӣ он ҳамчун категорияест, ки низоми комплексӣ дошта, фарогирандаи маҷмӯи рафтори инсонии дар ҷанбаи иҷтимоӣ ба талаботҳои ҷомеаи муосир ҷавобгубударо дар назар дорад [9,с.20]. Бинобар ин шуғли аҳолӣ сатҳи ҷалби аҳолиро ба меҳнат тавсиф ва вазъияти онро дар давраи таҳлилшаванда муаяйн мекунад.

Мафҳуми шуғли аҳолӣ дар навбати худ мафҳуми «қувваи корӣ»-ро ташаккул медиҳад. Қувваи корӣ ин маҷмӯи имкониятҳои ҷисмонӣ ва равонӣ, сарчашмаи табиии меҳнат, ки дилхоҳ индивид дар худ доштаро метавонанд дар ҷараёни истеҳсолот истифода гарданд, дар назар дорад. Дар навбати худ тадқиқи мафҳуми қувваи корӣ дар маҷмӯъ бо аҳолии қобилияти меҳнатӣ дошта, зарурати истифодаи истилоҳи дигари иқтисодӣ, ба мисли «захираҳои меҳнати»-ро истифода мекунанд.

Захираҳои меҳнатӣ ин маҷмӯи муайяни аҳолие, ки тавассути имкониятҳои зеҳнии худ, қобилияти бо шуғл таъмин намудан дар соҳаҳои истеҳсолоти моддӣ ва бахши хизматрасонӣ доранд, мебошад.

Ҳамин тариқ, захираҳои меҳнатӣ ин қувваи корӣ ки дорои қобилияти машғул шудан бо намудҳои муаяйни фаъолият дар истеҳсолот ва соҳаҳои ғайриистеҳсолии иқтисодиёт доранд, фаҳмида мешавад.

Дар адабиётҳои иқтисодӣ мафҳуми захираҳои меҳнатӣ бешак бо аҳолии қобилияти меҳнатӣ дошта тавсиф дода мешавад, ки дар он ҷо гуфта мешавад, «аҳолии қобилияти меҳнатӣ дошта, аҳолие мебошад, ки шумораи он нисбат ба шумораи аҳолии дар синну соли меҳнатӣ ба миқдори аҳолии пурра аз даст додаи қобилияти корӣ (инҳо маъюбони муҳорибаҳо, бемороне, ки муддатҳои тӯлони дар дармонгоҳҳо бистарианд ва маъюбоне, ки аз хурдӣ) ва ба шумораи нафарони фаъолияти меҳнатӣ надошта, ки дар таъминоти нафақаи имтиёзнок» қарор доранд, камтар аст. Ё ин ки, «аҳолии қобили меҳнатӣ дошта, ин маҷмӯи шахсоне, ки дар синну соли меҳнатӣ буда, бо имкониятҳои равонию ҷисмонии худ қобилияти дар ҷараёни меҳнатӣ иштирок карданро доранд».

«Сармояи инсонӣ дар иқтисодиёти транзитивӣ» чунин таърифро ифода мекунад: «захираҳои меҳнатӣ, як қисми аҳолии синну соли қобилияти меҳнатӣ дошта, ки дорои қобилияти зарурии ҷисмонву зеҳнӣ, дараҷаи муаяйни донишу тахассус ва ҳамзамон, шуғл дошта, дар хоҷагии халқ ва ҳамчунин, аҳолии қобилияти меҳнатӣ доштае, ки бо сабабҳои гуногун бекор мондаанд» [8,с.249].

Таҳлили адабиёти иқтисодӣ нишон медиҳад, ки арза дар бозори меҳнат муаяйнкунадаи чунин ҳолатҳо аст:

а) шаҳравандони бекоре, ки дар ҷустуҷӯи ҷойи корианд;

б) кормандоне, ки хоҳиши иваз намудани ҷойҳои корӣ доранд, ё ин ки хоҳиши ҷустуҷӯи кори нав «дуҷоя корӣ» дошта, дар ҳолатҳои аз ҷойи кори аввала маҳрум шудан;

в) нафароне, ки хоҳиши пайдо намудани ҷойи кориро, ҳамчун шуғли дуюм дар қатори ҷойи корӣ дошта ва ё дар фосилаи идомаи раванди таҳсил.

Тақозо бошад ба қувваи корӣ аз маҷмӯи омилҳои зерин бармеояд:

а) ҷойҳои холии мавҷуда дар бозори меҳнат;

б) шумораи кормандоне, ки корфармоёни худро қаноатманд насохта, бо ин васила ба ҷойи онҳо нафарони навро ҷустуҷӯ менамоянд.

Бешубҳа, дар ҳамаи давру замонҳо заминаи устувори инкишофи дилхоҳ давлат ин шиддати ҳадди аққалли иҷтимоии он, ки ба таври мустақим бо вазъи бозори меҳнат алоқаманданд, вобаста аст.

Ҳамин тариқ, таҳлили ақидаҳои ҷойдошта перомуни бозори меҳнат моро ба хулосае меорад, ки бозори меҳнат ҳамчун низоми муносибатҳои иҷтимоӣ (яъне, муносибатҳои озоду мутақобилаи инсонро ҳамчун корфармо ё корманд) ва меъёрҳои иҷтимоие, ки такрористеҳсол, истифода ва мубодилаи меҳнатро таъмин месозад, дар назар дошт.

Шароитҳои иҷтимоиву иқтисодӣ ин сатҳест, ки зарурияти ташаккулёбии воситаҳои муайян ва ё сохторро барои амалнамоӣ, солимнамоӣ ва батанзимдарории равандҳои бавуқӯъоянда дар низоми муносибатҳои иқтисодӣ дар назар дорад. Дар кишварҳои собиқ Шӯравӣ, вазъияти мазкур ҳамчун падидаи бозорӣ, пас аз барҳамхурии иқтисодиёти марказии нақшавӣ оғоз гардида, мутаносибан ба муаммоҳои шуғл ва бозори меҳнат ҳамчун категорияи сохти капиталистӣ, зарур буд, ки шароитҳои иҷтимоиву иқтисодии амалнамоии он бунёд карда шавад.

Ба андешаи мо, ба шароитҳои иҷтимоӣ-иқтисодии амалнамудани бозор дохил мешаванд:

1. Ягонагии стандартҳо, шароитҳои илмиву ассоснокгардидаи амалнамоии бозорҳо, дар асоси интихоби озоди намуди фаъолияти мушаххаси иқтисодӣ.

2. Ҳузур доштани фазои мукаммали иқтисодӣ ва ҳаракати озоду тағйирдиҳии маҳалли зист аз ҷониби шахрвандон.

3. Ташкили низоми босамар фаъолиятбарандаи низоми биржаи меҳнат.

4. Мавҷуд набудани маҳдудияти музди маош ва инчунин, мавҷудияти бозори манзил ва ҷойҳои корӣ.

5. Бешубҳа, танҳо бо шароитҳои иҷтимоиву иқтисодӣ, ҷиҳати асосноккунии илмии категорияи бозори меҳнат маҳдуд нагардида, балки зарур аст, ки ҷанбаҳои дигари сиёсиву иқтисодӣ ва бунёдии он, ба мисли сегменти бозори меҳнатро мавриди тадқиқ низ бояд қарор дод.

Сегментҳои ибтидоии бозори меҳнат, субъектоне маҳсуб меёбанд, ки бори нахуст ба ҳаёти меҳнатӣ дохил гардида, мутаносибан дорои ихтисоси махсуси касбӣ ва омодагии заруриро соҳибанд. Ҳамин тариқ, меҳнат ё ин ки фаъолияти меҳнатӣ манбаи муҳимми баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии зиндагонии мардум ба ҳисооб меравад. Бунёди муносибатҳои комилан ҷадиди меҳнатӣ зуд-зуд дар деҳоти кишвар эҳсос мегардад. Айни замон дар деҳоти кишвар муаммоҳои анъанавии иҷтимоӣ-меҳнатӣ, ба монанди меҳнати ҷисмонии вазнин, маҳдудияти фаъолияти меҳнатӣ, мавсими будани фаъолияти меҳнатӣ, сатҳи пасти даромад ва музди меҳнат, инфрастохтори сустараққикардаи иҷтимоиву истеҳсолӣ ва ғ., шиддат мегиранд.

Пас, омӯзиши сохтор ва хусусиятҳои асосҳои ибтидоӣ ва сегментии меҳнатӣ тибқи нақшаи овардашуда, мумкин аст, ки бо ҳам вобастагии ин сохторҳоро дар ҷараёни идоракунии бозори меҳнат дар деҳоти ҷумҳурӣ ошкор намуд. Дар ҳақиқати ҳол бошад, сохтори муаллифони пешкашгардидаи бозори меҳнат дар деҳоти ҷумҳурӣ зерқисми иқтисодӣ-иҷтимоии бозори меҳнати миллӣ ба шумор меравад, зеро он метавонад тавассути ҳамвобастагӣ бо мақомотҳои дигари давлатӣ муаммоҳои бозори меҳнат ва шуғли аҳолиро дар деҳот ва худи ҷумҳурӣ ба танзим дарорад.

Дар ҳақиқат, айни замон дар деҳоти кишвар ба таври кам ё ин ки техникаи хоҷагии қишлоқ бо сабабҳои хӯрдашавӣ ё аз сабаби мавҷуд набуданаш истифода намегардад, пас, меҳнати ноустувор ҳамчун шакли нави меҳнат истифода мегардад.

Ҳамин тариқ, сохтори бозори меҳнат маҷмӯи фаъолиятро дар дохили корхона фаро гирифта, ба ҳаракати қувваи корӣ дар худи корхона, бодарназардошти омодакунӣ, бозомӯзӣ ва бунёди сохтори муайянро аз рӯйи тахассусу касби муаяйнро дар дохили корхона фаро мегирад. Ҷойгиркунии қувваҳои корӣ дар корхонаҳо, ки сохтори иерархӣ доранд, аз рӯйи шакли амудӣ ва уфуқӣ муайян карда мешаванд. Дар сатҳи корхона нафароне, ки аз рӯйи шакли амудӣ вазифа ишғол мекунанд, ҷойи кории муътадил ва ба сифати сардорони шуъбаҳои гуногун фаъолият мекунанд. Аз рӯйи шакли уфуқӣ бошад, тамоюли ҷойгиркунии қувваҳои корӣ нисбатан бо усулҳои содатар, ки барои ҳалли мушкилоти ҷойгиркунии қувваи корӣ истифода мегардад.

Субъектони бозори меҳнатро қувваҳои корӣ, корхонаҳо, хоҷагиҳои хонаводагӣ, давлат ва иттифоқҳои касаба ташкил медиҳанд. Субъектони мазкури бозори меҳнатро метавон ба се гуруҳ ҷудо намуд:

1. *Субъектони тақозо ё ин ки истеъмол*: якумин, чун корхонаҳои расман ба қайдгирифташуда ва субъектони хоҷагидории шаклҳои моликияташон гуногун (давлатӣ, маҳаллӣ ва хусусӣ) ва андозаҳояшон гуногун (азим, миёна, хурд): дуввумин, ҳамчун фаъолияти соҳибкории ғайрирасмӣ, ки тавассути усулҳои миқдорӣ нисбатан баҳодиҳии онҳо мушкил аст.

Дар бозори меҳнат тақозо ҳамчунин функсияҳои бо ҳам наздикро, ки ҷанбаҳои миқдории онро тавсиф медиҳад, яъне ин сатҳи талаботи қувваи корӣ дар корхонаҳо ва таъмин бо ҷойҳои корӣ вобаста ба пешниҳоди ҷойҳои нави корӣ.

2. *Субъектони арза*- ин шумораи умумии аҳолии фаъолияти меҳнатӣ дошта, ки аз рӯйи критерияҳои зерин муайян карда мешавад:

а) мувофиқати гуногунии синну солӣ ва қобилияти саломатии пурра;

б) аз сатҳи маълумотнокӣ, мутобиқ ба стандартҳои миёна, махсус ва олӣ;

в) ба таври даврӣ гузаштан аз тайёрии тахассусӣ ва бозомӯзӣ;

г) мавҷуд будани ҳуҷҷатҳои тасдиққунанда оид ба маълумоти олии касбӣ.

Тибқи критерияҳои мазкур метавон қайд намуд, ки бозори беруна пуррагардонӣ, хизматрасонӣ ва истифода намудани меҳнати муҳоҷиронро дар бар мегирад.

Дар марҳилаи аввали раванди муҳоҷират, талабот ба сармутахассисон чандон ба аназар намерасид, зеро ки кишварҳои хориҷии қабулкунандаи қувваи корӣ муҳоҷирони меҳнатиро новосбата аз тахассус ва касбият дар ҷойҳои кории начандон омодагии касбӣ ва донишҳои соҳавиро талабкунанда, истифода мебурданд. Раванди мазкур талаботро ба қувваи корӣ ва кормандони алоҳида ба вуҷуд меорад. Инчунин, дар рафти ташаккулёбии раванди зикргардида ва захираҳои меҳнатӣ, хоҷагии қишлоқ ҳамчун яке аз соҳаҳои асосии иқтисодиёти ҷумҳуриамон аз дигар соҳаҳои мавҷуда фарқ мекунад, аз ин хотир ин хусусиятро низ бояд ба инобат гирифт. Хусусиятҳои он айни замон яке аз асосҳои ин гуногунрангии соҳа, ки тахассуснокӣ ва миқёси истеҳсолотро дар бахшҳои дигари хоҷагии қишлоқ муйян мекунад. Охирин бошад, дар ташаккули гуногуншаклии талабот ба кормандон, бахусус дар махсусияти сохтори касбии он вобаста аст. Бешубҳа, кормандони хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) ва хоҷагиҳои хонаводагӣ бояд дорои қобилиятҳои «универсиалӣ» дошта бошанд, зеро ки дар ин хоҷагиҳо тақсимоти меҳнати амиқ вуҷуд дорад.

Такмилдиҳии тавсифи тахассусӣ-касбии қувваи корӣ барои рафъи яке сабабҳои асосии бекорӣ- мувофиқат накардани тавсифоти сифатии ҷойҳои холӣ ва бекорон мусоидат кунад. Барои ин фаъолияти сохторҳои хадамоти шуғл дар бахши омодакунии касбӣ ва бозомӯзиши кадрӣ аз шумораи шахрвандони деҳоти ҷумҳурӣ, бояд ба коҳиш додани сатҳи камбизоатӣ ва такмилдиҳии ҳайати тахассусӣ-касбии иқтидори меҳнатии кишвар сафарбар карда шавад. Дар ин ҷо бояд тазаккур дод, ки камбизоатӣ дар шароити муосир метавонад ба таври манфӣ ба раванди истифодаи оқилонаи иқтидори иқтисодии ҳудудҳои деҳоти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсир расонад.

Вазъияти иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин аст, ки дар солҳои наздик таъсиси ҷойҳои нави кориро то 300 ҳаз. нафар дар миқёси ҷумҳурӣ ва субъектони бахши аграрӣ пешбинӣ менамоянд. Раванди бунёди сохторҳои бозорӣ характери пешравиро касб намудааст, ки шумораи зиёди кормандони сифатан ба талаботи имрӯза ҷавобгӯйро талаб мекунад. Ҳолати мазкур имкон намедиҳад, ки ба таври воқеӣ дурнамои талаботро ба қувваи корӣ, аз ҷумла дар сатҳи касбӣ-тахассусӣ, пешгӯи намуд, аз ин рӯ, дар хоҷагии қишлоқ айни замон зарур аст, ки кумакро ба нафарони мушаххас, ки дар ҷараёни ивази тахассус ва ҷойи кор ё ҳолатҳои аз даст додани саломатӣ бекор мондаанд, равона сохт.

Дар чунин шароит фаъолияти Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар аксар маврид муайянкунандаи амалисозии сиёсати шуғл ва истифодаи имкониятҳои низоми омодакунӣ, бозомӯзиш ва самтгирии касбӣ ба шумор меравад, ки ба Ҳукумати ҷумҳурӣ имконият медиҳад, ки ба таври воқеӣ ба миқёси захиракунии қувваи корӣ ва коҳиши бекорӣ мусоидат намояд. Давлат бозори меҳнатро тавассути фишангҳои давлатии сиёсати иқтисодӣ (сатҳи андозбандии даромадҳои меҳнатӣ, музди меҳнати минималӣ, сиёсати шуғл, таъсиси марказҳои давлатии шуғли аҳолӣ ва ғ.) ба танзим медарорад.

Унсури муҳимми татбиқи бозсозиҳо дар мамлакат, ин ислоҳоти муносибатҳои иҷтимоиву меҳнатӣ, ки ба талаботҳои вазъи бозорӣ, бахуссус дар деҳоти кишвар ҷавобгӯ бошанд, арзёбӣ мегарданд.

Дар маҷмӯъ, татбиқи самтҳои асосии асоснокгардида ва таҳиягардидаи консепсияи шуғли маҳсулноки аҳолии маҳалли деҳот, ки такмили механизми танзими давлатии бозори меҳнат ва шуғли аҳолиро пешбинӣ менамояд, ба таъмини рушди иқтисодӣ ва баландбардории сатҳи ҳаёти аҳолӣ дар даврaҳои пешбинишаванда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат хоҳад кард.

АДАБИЁТ

1. Барфиев К.Х. Статистический анализ структуры расходов населения как основной показатель уровня жизни / К.Х. Барфиев, С.С. Мирзоев, Ф.М. Ахмадов // Таджикистан и современный мир. - 2019. -№4(67). -С.191-206.
2. Искандаров Х.Х. Методологические основы обеспечения конкурентоспособности работников на рынке труда / Х.Х. Искандаров // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. -Душанбе: Сино, 2016. -№2/4(204). -С.16-21.
3. Искандаров Х.Х. Эффективность системы подготовки кадров и развития потенциала трудовых ресурсов / Х.Х. Искандаров, Р.Ф. Неъматов // Вестник Таджикского государственного национального университета. Серия: Экономика. -Душанбе: Сино, 2007. -№1(33). -С.219-225.
4. Медведев А.В. Современные подходы к формированию кадрового потенциала для устойчивого развития сельских территорий / А.В. Медведев // Вестник Российской Академии Естественных наук. Серия экономическая. – 2010. -№2. -С.52-54.
5. Статистический ежегодник Республики Таджикистан. -Душанбе: АСПРТ, 2017. -480 с.
6. Устаев Р.М. Развитие инновационного потенциала человеческого капитала в региональной экономике: автореф. дисс. ... канд. экон. наук / Р.М. Устаев. -Ставрополь, 2016. -22 с.
7. Федченко А.А. Оценка влияния человеческого капитала на уровень средней заработной платы в регионе /А.А. Федченко, С.М. Полухина // Современные проблемы экономики и менеджмента/матер.межд. науч. прак. конфер. (г. Воронеж 28. 10. 2016 г.). -Воронеж, 2016. -С.311-315.
8. Ходиев Д.А. Анализ системы подготовки кадров аграрного профиля в Республике Таджикистан / Д.А. Ходиев, Х.Х. Искандаров // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. -Душанбе, 2017. -№2/4. -Ч.2. -С.13-20.
9. Ходиев Д.А. Человеческий капитал и кадровое обеспечение в сельском хозяйстве / Д.А. Ходиев, Х.Х. Искандаров // Инновационные доминанты социально-трудовой сферы: экономика и управление. Материалы ежегод. межд. науч. прак. конф. (г. Воронеж). -Воронеж, 2016. -С.246-251.

ТАНЗИМИ ДАВЛАТИИ ШУҒЛИ АҲОЛӢ ВА БОЗОРИ МЕҲНАТ ДАР БАХШҲОИ АФЗАЛИЯТНОКИ ИҚТИСОДИ МИЛЛӢ

Мувофиқи ақидаи муаллифон нақши калидиро дар бозори меҳнат, маҷмӯи компонентҳои бозорӣ, ки маҳз зери таъсиррасонии онҳо раванди бавуқӯъомадаи бозори мазкур дар ҷумҳурӣ ба танзим дароварда мешавад. Тадқиқи категорияҳои гуногунҷанбаи бозори меҳнат, шуғл ва бекорӣ ҳамчун падидаи иҷтимоӣ ва ҷараёнҳои иқтисодӣ ба он хотир мубрам ва рӯзмара ҳисобида мешавад, ки ба хотири ҷустуҷӯи роҳҳои алтернативии таъмини шаҳрвандон бо ҷойҳои корӣ ва илова бар ин бе таъмини шуғли аҳолӣ, ҳадафрас шудан ба натиҷаҳои назаррас дар деҳот ва соҳаҳои алоҳидаи он дар маҷмӯъ ногузир аст. Муаллифон пешниҳод менамоянд, ки воқеан сиёсати бозори меҳнат инъикоскунандаи рушди иқтисодии давлат буда, барои таъмини он ба мақсад мувофиқ аст, ки шароитҳои зарурие омода карда шаванд, ки вазифаҳои асосии фаъолияти иқтисодии давлатро ташаккул медиҳанд.

Калидвожаҳо: меҳнат, шуғл, бозори меҳнат, иқтисодиёт, истеҳсолот, сиёсати бозори меҳнат, муносибатҳои меҳнатӣ.

ГОСУДАРСТВЕННОЕ РЕГУЛИРОВАНИЕ ЗАНЯТОСТИ И РЫНКА ТРУДА В ПРИОРИТЕТНЫХ СЕКТОРАХ НАЦИОНАЛЬНОЙ ЭКОНОМИКИ

По мнению авторов, ключевую роль на рынке труда играет совокупность рыночных составляющих, под влиянием которых регулируется текущий процесс этого рынка в стране. Изучение различных категорий рынка труда, занятости и безработицы как социального явления и экономических процессов считается актуальным для поиска альтернативных способов обеспечения граждан рабочими местами и, кроме того, обеспечения значительной занятости сельских районов. Авторы предполагают, что политика на рынке труда фактически является отражением экономического развития государства, и для обеспечения целесообразности создания необходимых условий, формирующих основные задачи экономической деятельности государства.

Ключевые слова: труд, занятость, рынок труда, экономика, производство, политика рынка труда, трудовые отношения.

STATE REGULATION OF EMPLOYMENT AND LABOR MARKET IN PRIORITY SECTORS OF THE NATIONAL ECONOMY

According to the authors, the key role in the labor market is played by the aggregate of market components, under the influence of which the current process of this market in the country is regulated. The study of various categories of the labor market, employment and unemployment as a social phenomenon and economic processes is considered relevant for finding alternative ways of providing citizens with jobs and, in addition, without providing significant employment, rural areas and their individual sectors as a whole are inevitable. The authors suggest that the labor market policy is in fact a reflection of the economic development of the state, and to ensure the feasibility of creating the necessary conditions that form the main tasks of the economic activity of the state.

Keywords: labor, employment, labor market, economy, production, labor market policy, labor relations.

Маълумот дар бораи муаллифон: ***Маҷидзода Давлатбахт Маҷид*** **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи иқтисоди миллӣ**. Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **987-17-06-55.** E-mail: **ndavlatbakht@mail.ru**
Искандаров Ҳофиз Ҳакимович - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи идоракунии захираҳои инсонӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992) 988-28-60-05.** E-mail: **hofiz.iskandarov@mail.ru**

Сведения об авторах: ***Маджидзода Давлатбахт Маджид*** **–** Таджикский национальный университет, кандидат экономических наук, доцент кафедры национальной экономики. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **987-17-06-55.** E-mail: **ndavlatbakht@mail.ru**
Искандаров Хофиз Хакимович **-** Таджикский национальный университет, кандидат экономических наук, доцент кафедры управления человеческими ресурсами. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 988-28-60-05.** E-mail: **hofiz. iskandarov@mail.ru**

Information about the authors: ***Majidzoda Davlatbakht Majid*** - Tajik National University, Candidate of Economic Sciences, Associate Professor of the Department of National Economy. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Telephone: **987-17-06-55**. E-mail: **ndavlatbakht@mail.ru**
Iskandarov Khofiz Khakimovich - Tajik National University, Candidate of Economic Sciences, Associate Professor of the Department of Human Resource Management. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: **(+992) 988-28-60-05**. E-mail: **hofiz. iskandarov@mail.ru**

УДК 330.34(575.3)

ТАҲЛИЛИ ВАЗЪИ РУШДИ СОҲИБКОРИИ ХУРД ВА МИЁНА ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН (СОЛҲОИ 2010-2018)

Ғафорзода Ҷ.Ғ., Сабуров С.С.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ

Сиёсати рушди фаъолияти соҳибкорӣ, аз ҷумла соҳибкории хурду миёна, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ташаббуси бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва кӯшишҳои пайгиронаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тарҳрезӣ шудааст. Дар нутқу баромадҳои Сарвари давлат, Паёмҳои ҳарсола ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, вохӯриҳо бо соҳибкорони ватанию хориҷӣ бо иштироки васеи аъзоёни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазъи соҳибкорӣ, имтиёзҳои ҷорӣ кардаи давлат, зарурат ва роҳҳои самарабахши инкишофи ин бахши иқтисодиёт мавриди муҳокима қарор дода мешаванд. Аз ҷумла Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин иброз доштаанд: «Хусусан дар сатҳи олӣ, яъне Шӯрои машваратии назди Президент оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ, баррасӣ гардидани масъалаҳои марбут ба соҳибкориву сармоягузорӣ гувоҳи равшани дастгириву пуштибонии Ҳукумат дар ин самт мебошад. Ин аст, ки тайи солҳои охир саҳми бахши хусусӣ дар ҷодаи фароҳам овардани ҷойҳои нави корӣ, истеҳсоли маҳсулоти ниёзи мардум ва умуман ҷиҳати рушди иқтисодӣ ва пешрафту ободонии мамлакат хеле назаррас гардидааст.

Муҳимтар аз ҳама, рушди бахши хусусӣ, аз ҷумла соҳибкории хурду миёна дар соҳаҳои истеҳсолӣ ҳамчун василаи асосии бартарафсозии оқибатҳои манфии буҳронҳо ва пешрафти иқтисодиёти миллии ҳар кишвар маҳсуб меёбад.

Таърихи даҳсолаи охири соҳибистиқлолии давлатамон нишон медиҳад, ки мардуми мо дар самти рушди фаъолияти соҳибкориву сармоягузорӣ таҷрибаи зиёд андухтааст. Дар баробари ин, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва сохтору мақомоти марбутаро зарур аст, ки минбаъд низ аз таҷрибаи мамлакатҳои тараққикарда, ки ҳаҷми асосии истеҳсоли Маҷмӯи Маҳсулоти Дохилӣ ва шуғли аҳолӣ ба бахши хусусии онҳо рост меоянд, ҳамаҷониба истифода намуда, ҳамзамон бо ин, ҳангоми банақшагирии

бунёди иншооти истеҳсолӣ ба имкониятҳо ва талаботи воқеии кишварамон такя намоянд» [16].

Саъю талошҳои давлат бо роҳи ҷорӣ кардани ислоҳоти иқтисодӣ, сиёсати дар амал татбиқ намудани чорабиниҳои ғайридавлатӣ ва хусусигардонии моликият, содатар кардани тартиботи бақайдгирии субъектҳои соҳибкорӣ тавассути «равзанаи ягона» дар идораҳои андоз ва гумрук, аз байн бурдани нуқсону камбудиҳо дар ин ҷода, аз қабили татбиқи амалии сабукиҳои андозсупорӣ, маблағгузорӣ, кам кардани миқдори иҷозатдиҳӣ барои пешбурди фаъолияти иқтисодӣ, такмил додани низоми ҳуқуқию меъёрӣ боис шуданд, ки соҳибкории хурду миёна дар кишвар тамоюли афзоиш пайдо кунад.

Ҷараёни хусусигардонии моликияти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чун тадбири зарурӣ барои рушди ин бахши муҳимму ояндадори кишвар соли 1991-ум оғоз ёфт.

16 майи соли 1997 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хусусигардонии моликияти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул шуд. Ин қонун асосҳои ташкилӣ, ҳуқуқӣ ва иқтисодии муносибати моликиятро ба воситаҳои истеҳсолот, хусусигардонии моликияти давлатӣ дар асоси талаботи иқтисоди бозорӣ дар кулли соҳаҳои иқтисодиёти кишвар – саноат, кишоварзӣ, савдо, хӯроки омма, нақлиёт, сохтмон ва дигар бахшҳои истеҳсолию хизматрасонӣ ба роҳ монд.

Дар тӯли солҳои соҳибистиқлолӣ корҳои зиёде дар роҳи таъмини инкишофи шаклу намудҳои фаъолияти соҳибкорӣ, хусусан соҳибкории хурду миёна дар Тоҷикистон ба анҷом расонида шуданд.

Тибқи муқаррароти қонунҳои амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, субъектҳои соҳибкории хурд шахси ҳуқуқие мебошанд, ки шумораи миёнаи кормандони онҳо дар давраи соли тақвимӣ на зиёдтар аз 30 нафар, барои соҳаи кишоварзӣ то 50 нафар муқаррар карда шудааст.

Субъектҳои соҳибкории миёна низ субъектҳои ҳуқуқие мебошанд, ки шумораи миёнаи кормандон дар давраи соли тақвимӣ аз 30 то 100 нафар, вале барои истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ аз 50 то 200 нафар мебошад.

Субъектҳои соҳибкории калон ё бузург бошанд, шахси ҳуқуқие мебошанд, ки шумораи миёнаи кормандон дар давраи соли тақвимӣ зиёда аз 100 нафар мебошад.

Дар доираи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» дастгирии соҳибкории хурд ин тавр амалӣ мегардад:

- бо истифодаи меҳнати кироя;
- бе истифодаи меҳнати кироя;
- бо таъсиси шахси ҳуқуқӣ;
- бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ.

Бояд таъкид кард, ки соҳибкории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ду шакл татбиқи худро ёфта истодааст:

1. **Соҳибкории инфиродӣ** – чун фаъолияти шахси воқеӣ (яъне шаҳрванд) мебошад, ки бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ аз номи худ ва таваккалона бо масъулияти амволии худ, ба гирифтани фоида (даромад) равона карда шудааст.
2. **Соҳибкории шахси ҳуқуқӣ** – фаъолияти мустақили ба таври таваккалӣ таъсис додани корхона (ташкилот) аст, ки барои амалӣ гаштан ва мунтазам ба даст овардани фоида аз истеҳсолу фурӯши мол, иҷрои кор ва хизматрасонӣ бо роҳи истифодаи молу мулк равона карда шудааст.

Таҳлилҳои ҳолати муосири соҳибкории инфиродӣ дар Тоҷикистон тӯли солҳои 1991-2017 (ҷадвали 1) нишон дод, ки миқдори соҳибкорони инфиродӣ сол то сол рӯ ба афзоиш дошта, аз 8,3 ҳазор нафари соли 1991-ум ба 243,8 ҳазор нафар дар соли 2017-ум расидааст. Яъне, дар ин давра 30,1 маротиба зиёд гаштааст. Аз ин теъдод соҳибкорон дар соли 2015, 35,8 ҳазор нафар дар соҳаи савдо фаъолият доранд.

Ҷадвали 1. Шумораи шаҳрвандоне, ки ба фаъолияти инфиродӣ машғуланд (аз рӯйи шаҳодатнома ва патент)

Table 1. Number of citizens engaged in individual activity (according to the certificate and patent)

	1991	1995	2000	2013	2018
Ҳамагӣ, дар ҷумҳурӣ ҳазор нафар	8,1	18,9	62,2	94,3	24,8
аз ҷумла: Савдо ва хӯроки омма	-	-	77,0	-	35,8

Сарчашма: Тоҷикистон: 25-соли истиқлолияти давлатӣ: Маҷмӯаи оморӣ. - Душанбе, 2016. - С.243.

Шахсони ҳуқуқие, ки чун намуди соҳибкории хурд дар соҳаи кишоварзӣ фаъолият доранд, ба шарофати амалӣ гаштани тадбирҳои судманди ислоҳоти иқтисодӣ тамоюли рушди мунтазам доранд.

Ҷадвали 2. Нишондиҳандаҳои теъдод ва хоҷагиҳои бақайдгирифташудаи деҳқонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (1995-2018)

Table 2. Indicators of the number and registered dehkan farms in the Republic of Tajikistan (1995-2018)

	1995	2000	2005	2013	2018
Теъдоди умумӣ, воҳид	1750	12074	23101	51372	130176
Замини истифодаи кишоварзӣ, ҳаз. гектар	17,3	1395,5	2380,6	2682,7	2557,1
Андозаи миёнаи масоҳати замин, гектар	9,9	115,6	130,1	52,2	19,6

Сарчашма: Тоҷикистон: 25-соли истиқлолияти давлатӣ: Маҷмӯаи оморӣ. - Душанбе, 2016. - С.24.

Чи тавре ки аз ҷадвали 2 аён мегардад, теъдоди хоҷагиҳои деҳқонӣ аз 1750 адади соли 1995, дар соли 2018-м ба 130176 адад расид ё 74,4 маротиба афзуд. Масоҳати замини истифодашаванда ба ҳисоби (ҳаз. гектар) мутаносибан 147,8 ва андозаи миёнаи он бо ҳисоби гектар дар ин давра 2,0 маротиба зиёд шудааст.

Тамоюли тағйирёбии нишондиҳандаҳои асосии фаъолияти корхонаҳои хурд, ки мақоми шахси ҳуқуқиро доранд, дар Тоҷикистон солҳои 1991-2015 дар ҷадвали 3 нишон медиҳем.

Ҷадвали 3. Нишондиҳандаҳои асосии фаъолияти корхонаҳои хурд, ки бо соҳибкорӣ машғуланд ва мақоми шахси ҳуқуқиро доранд

Table 3. Main indicators of activity of small enterprises engaged in entrepreneurship and having the status of a legal entity

	1991	1995	2000	2005	2013	2014	2015	2016	2017	2018
Шумораи корхонаҳои хурди амалкунандаи машғули соҳибкорӣ, дар охири сол	2573	3390	1342	1669	2865	3367	3890	4810	5394	5176
Шумораи кормандон, ҳаз. нафар	59,4	38,4	14,8	17,2	19,9	18,7	19,6	27,5	30,2	28,4
Аз он ҷумла										
- дуҷоякорон, ҳаз. нафар	7,5	2,4	2,3	1,7	4,3	4,1	4,0	5,1	6,7	6,9
Фонди музди меҳнат (аз ҷумла дуҷоякорон), миллион сомонӣ	248,8	0,5	2,4	19,3	92,3	133,3	177,9	249,4	318,5	329,1
Даромад аз фурӯши маҳсулот (кор, хизмат) дар як сол, миллион сомонӣ	803,8	0,1	2,5	9,1	1836,2	2363,2	2849,9	4271,1	5501,6	6170,9
Аз он ҷумла бевосита ба аҳолӣ фурӯхташуда, миллион сомонӣ	168,8	0,1	2,5	9,1	17,8	31,4	38,3	100,8	447,0	280,3

Аз нишондодҳои дар ҷадвали 3 овардашуда ба назар мерасад, ки шумораи умумии онҳо аз 2556 адади соли 1991 ба 5176 адад дар соли 2018 расидааст. Дар ин муддат шумораи миёнаи кормандон (бе ҳамкорони иловагӣ) дар соли 2015-м ба 28436 нафар баробар буд (соли 1991-ум – 51999) нафар.

Даромад аз фурӯши маҳсулот (кор, хизмат) дар як сол бо ҳисоби миллион сомонӣ дар соли 2018 маблағи 6170,9 млн сомониро ташкил дод (с. 2000-м = 435,2 млн сомонӣ,) фонди музди меҳнат ҳам дар ин давра аз 2,4 млн сомонӣ соли 2000 то 329,1 млн сомонӣ дар соли 2018 расид.

АДАБИЁТ

1. Баканов М.И. Теория анализа хозяйственной деятельности / М.И. Баканов, А.Д. Шеремет. -М.: Финансы и статистика, 2000.
2. Давлатов М.С. Хусусигардонӣ дар Тоҷикистон, таҷриба ва пешомадҳо / М.С. Давлатов. -Душанбе, 2000.
3. Дракер П.Ф. Инновация и предпринимательство / П.Ф. Дракер. -М., 1992.
4. Дракер П.Ф. Рынок: как войти в дилеры. Практика и принципы / П.Ф. Дракер. -М., 1992.
5. Жилинский С.Э. Предпринимательское право / С.Э. Жилинский. -М.: Норма-Инфра-М, 2001.
6. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 сентябри соли 2012, №901 (аз 26.12.2005. №114, аз 28.07.2006. №193, аз 22.12.2006. №219, аз 5.03.2007. №239, аз 30.07.2007. №306, аз 20.03.2008. №376, аз 18.06.2008. №397, аз 26.03.2009. №493, аз 19.05.2009. №525, аз 3.12.2009. №571).
7. Комилов С.Ҷ. Алифбои бизнес / С.Ҷ. Комилов. -Душанбе: Диловар, 2003.
8. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи корхона”. -Душанбе, 1991.

9. Краткий курс лекций по дисциплине «Организация предпринимательской деятельности» в эл. виде. Режим доступа: локальная сеть ГИЭИ ИжГТУ.
10. Курс экономической теории / под ред. М.Н. Чепурина, Е.А. Киселевой. –Киров, 2000.
11. Қонуни ҶТ «Дар боари ғайридавлатикунонӣ ва хусусигардонии моликияти давлатӣ», 214.02.91 ва бо тағйиротҳо аз 04.11.95 // Садои мардум, 28.11.95.
12. Қонуни ҶТ «Дар боари моликият дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», 14.12.96 // Садои мардум, 11.01.97.
13. Қонуни ҶТ «Дар бораи инвеститсияҳои хориҷӣ». 10.03.92 // Садои мардум, 16.04.92.
14. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе, 22.12.2016.
15. Фаррух Р. Асосҳои соҳибкорӣ: Маводи таълимӣ / Фаррух Р. -Душанбе: Ирфон, 2009. -109 с.
16. [Манбаи электронӣ]. Реҷаи дастрасӣ: http://sadoimardum.tj/president/dastgirii-so-ibkorii-hurdu-miyona-omili-mu-imi-peshraft-meboshad/ (санаи истифодабарӣ 1.03.2020).

ТАҲЛИЛИ ВАЗЪИ РУШДИ СОҲИБКОРИИ ХУРД ВА МИЁНА ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН (СОЛҲОИ 2010-2018)

Дар мақолаи мазкур вазъи рушди соҳибкории хурд ва миёна дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Муаллифон аз ҷумла қайд менамояд, ки сиёсати рушди фаъолияти соҳибкорӣ, аз ҷумла соҳибкории хурду миёна, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ташаббуси бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва кӯшишҳои пайгиронаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тарҳрезӣ шудааст. Дар нутқу баромадҳои Сарвари давлат, Паёмҳои ҳарсола ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, воҳӯриҳо бо соҳибкорони ватанию хориҷӣ бо иштироки васеи аъзоёни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазъи соҳибкорӣ, имтиёзҳои пешниҳод намудаи давлат, зарурат ва роҳҳои самарабахши инкишофи ин бахши иқтисодиёт мавриди муҳокима қарор дода мешаванд. Инчунин, муаллифон иброз менамоянд, ки корҳои зиёде дар роҳи таъмини инкишофи шаклу намудҳои фаъолияти соҳибкорӣ, хусусан соҳибкории хурду миёна дар Тоҷикистон анҷом дода шудаанд. Дар мақола аз ҷумла қайд гардидааст, ки саъю талошҳои давлат бо роҳи ҷорӣ кардани ислоҳоти иқтисодӣ, сиёсати дар амал татбиқ намудани чораҳои ғайридавлатӣ ва хусусигардонии моликият, содатар кардани тартиботи бақайдгирии субъектҳои соҳибкорӣ тавассути «равзанаи ягона» дар идораҳои андоз ва гумрук, аз байн бурдани нуқсону камбудиҳо дар ин ҷода, аз қабили татбиқи амалии сабукиҳои андозсупорӣ, маблағгузорӣ, кам кардани миқдори иҷозатдиҳӣ барои пешбурди фаъолияти иқтисодӣ, такмил додани низоми ҳуқуқию меъёрӣ боис шуданд, ки соҳибкории хурду миёна дар кишвар тамоюли рушд пайдо кунад.

Калидвожаҳо: соҳибкорӣ, хусусигардонӣ, молия, қонун, ғайридавлатӣ, таваккал, соҳибкории хурду миёна, моликияти давлатӣ, иқтисодиёт, андоз.

АНАЛИЗ РАЗВИТИЯ МАЛОГО И СРЕДНЕГО БИЗНЕСА В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН (2010-2018)

В данной статье рассматривается ситуация с развитием малого и среднего бизнеса в Республике Таджикистан. Авторы, в частности, отмечают, что политика развития бизнеса, в том числе малого и среднего бизнеса в Республике Таджикистан, была инициирована Основоположником мира и национального единства - Лидером нации, Президентом Республики Таджикистан Эмомали Рахмоном и Правительством Таджикистана. Выступления Президента, ежегодные послания Маджлиси Оли Республики Таджикистан, встречи с отечественными и зарубежными предпринимателями с широким участием членов Правительства Республики Таджикистан, касались состояния предпринимательства, льгот, предоставляемых государством, необходимости эффективных путей развития этого сектора. Авторы также отмечают, что проделана большая работа по обеспечению развития форм и видов предпринимательской деятельности, особенно малого и среднего бизнеса в Таджикистане. В статье, в частности, отмечается, что усилия правительства по реализации экономических реформ, реализации негосударственных мер и приватизации собственности, упрощают процедуру регистрации субъектов предпринимательства через «единое окно» в налоговой и таможенной администрации. Учет недостатков в этой сфере, таких как введение налоговых льгот, финансирование, сокращение разрешений на хозяйственную деятельность, совершенствование нормативно-правовой системы, привел к развитию малого и среднего бизнеса в стране.

Ключевые слова: предпринимательство, приватизация, финансы, право, неправительственные организации, риск, малый и средний бизнес, государственная собственность, экономика, налог.

ANALYSIS OF THE DEVELOPMENT OF SMALL AND MEDIUM BUSINESSES IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN (2010-2018)

This article examines the situation with the development of small and medium-sized businesses in the Republic of Tajikistan. The authors, in particular, note that the policy of business development, including small and medium-sized businesses in the Republic of Tajikistan, was initiated by the Founder of Peace and National Unity - the Leader of the Nation, President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon and the Government of Tajikistan. Speeches of the President, annual messages of the Majlisi Oli of the Republic of Tajikistan, meetings with domestic and foreign entrepreneurs with the broad participation of members of the Government of the Republic of Tajikistan, the state of entrepreneurship, benefits provided by the state, necessity and effective ways of developing this sector. The authors also note that a lot has been done to ensure the development of forms and types of entrepreneurial activity, especially small and medium-sized businesses in Tajikistan. The article, in particular, notes that the government's efforts to implement economic reforms, policies to implement non-state measures and privatization of property, simplify the procedure for registering business entities through a “single window” in the tax and customs administration, as well as eliminate them. Shortcomings in this area, such as the introduction of tax incentives, financing, reduction of permits for economic activities, improvement of the regulatory system, led to the development of small and medium-sized businesses in the country.

Keywords: entrepreneurship, privatization, finance, law, non-governmental organizations, risk, small and medium-sized businesses, state property, economy, tax.

Маълумот дар бораи муаллифон: ***Ғафорзода Ҷонона Ғафор*** **-** Донигоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ, номзади илмҳои иқтисодӣ, мудири кафедраи иқтисодиёт ва идоракунӣ. **Суроға:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121. Телефон: **000-33-99-77**
Сабуров Сулаймон Сафарович **-** Донигоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ, магистри курси 2-юми кафедраи иқтисодиёт ва идоракунӣ. **Суроға:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121. Телефон: **931-01-86-86**

Сведения об авторах: ***Гафорзода Джонона Гафор*** - Таджикский государственный педагогический университет им. Садриддина Айни, кандидат экономических наук, заведующая кафедрой экономики и управления. **Адрес:** 734003, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 121. Телефон: **000-33-99-77**
Сабуров Сулаймон Сафарович - Таджикский государственный педагогический университет им. Садриддина Айни, 2 курс, магистр кафедры экономики и управления. **Адрес:** 734003, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 121. Телефон: **931-01-86-86**

Information about the authors: ***Gaforzoda Jonona Gafor*** - Tajik State Pedagogical University named after Sadriddina Aini, Candidate of Economic Sciences, Head of the Department of Economics and Management. **Address**: 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 121. Phone: **000-33-99-77**
Saburov Sulaimon Safarovich - Tajik State Pedagogical University named after Sadriddina Aini, 2nd year Master of Science, Department of Economics and Management. **Address**: 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 121. Phone: **931-01-86-86**

УДК 338.27

СОҲАИ ЭНЕГЕТИКАИ ТОҶИКИСТОН: НАҚШ, ТАҲЛИЛ ВА ДУРНАМО ДАР ПАСМАНЗАРИ РУШДИ РАҚОБАТПАЗИРӢ ВА ИҚТИДОРИ СОДИРОТӢ

Раупов К.С.
Донишкадаи политехникии донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи акад. М.С. Осимӣ

Неруи барқ барои пешрафти иқтисодиёт, таъмини аҳоли бо ҷойи кор, рафъи камбизоатӣ, умуман, таъмини рӯзгори шоистаи шаҳрвандон дар ҳар мамлакат як чизи заруриест, ки шахси ҳозиразамон ҳаёти худро бе он тасаввур карда наметавонад.

Тоҷикистон бо истифода аз заҳираҳои фаровони обии худ барои таъмини пайвастаи соҳаҳои истеҳсолии иқтисодӣ ва аҳолӣ бо барқ дар ҳама фаслҳои сол ин ҷониб ҷаҳду талош менамояд.

Соҳаи энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз соҳаҳои пешрафтаи иқтисодиётӣ Тоҷикистон мебошад. Тоҷикистон захираҳои зиёди гидроэнергетикӣ дорад, ки ба 527 миллиард кВт.соат дар як сол баробар аст [8]. Мувофиқи нақшаи техникӣ, захираҳои гидроэнергетикии Тоҷикистон барои рушд 317 млрд.соат дар як сол истеҳсол карда метавонад, ки аз он танҳо 4-5% истифода шуда истодааст. Тоҷикистон аз рӯи иқтидори гидроэнергетикии худ, баъд аз мамлакатҳои Чин, Россия, ИМА, Бразилия, Заир, Ҳиндустон ва Канада дар ҷаҳон ҳаштум ҷойро ишғол мекунад (ҷадвали 1).

Ҷадвали 1. Нишондиҳандаҳои иқтидори бузурги захираҳои гидроэнергетикии мамлакатҳо
Table 1. Countries with significant potential for hydropower resources

Давлатҳо	Иқтидори захираҳо, млрд. кВт.соат/сол	Талаботи дохилӣ, млрд. кВт.соат/сол	Иқтидори содиротӣ, млрд. кВт.соат/сол
Чин	1923,3	6000,0	-4076,7
Россия	1670,0	740,0	930,0
ИМА	1285,1	1300,0	-14,9
Бразилия	1166,6	795,0	371,6
Заир	774,0	195,0	579,0
Ҳиндистон	736,2	4575	-383,8
Канада	631,7	136,5	495
Тоҷикистон	527	30	497

Сарчашма: Л.В. Шкваря, В.И. Русакович, К.С. Раупов. Республика Таджикистан в условиях глобализации: новые возможности и вызовы: Монография. – Худжанд: “Меъроч”,- 2016. -396 с.

Аз маълумотҳои дар ҷадвали 1 овардашуда истифода бурда, расми 1 тартиб медиҳем, ки дар он иқтидори бузургии захираҳои гидроэнергетикии мамлакатҳо тасвир шудааст (расми 1).

Аз рӯи нишондиҳандаҳои иқтидори бузурги захираҳои гидроэнергетикии мамлакатҳои ҷаҳон Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷойи ҳаштум қарор дорад. Иқтидори захироҳои гидроэнергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар умум 527 млрд. кВт. соат дар як сол буда, талаботи дохилӣ 30 млрд. кВт.соат дар як сол (пуррагии таъминоти аҳолӣ бо

қувваи барқ) мебошад. Боқимонда 497 млрд. кВт.ст/сол-ро метавонад ба мамлакатҳои Чин, Россия ва Ҳиндустон, ки ба қувваи барқ эҳтиёҷот доранд содирот кунад.

Рас. 1. Нишондиҳандаҳои иқтидори бузурги захираҳои гидроэнергетикии мамлакатҳо, млрд. кВт.соат дар як сол

Pic. 1. Countries with significant potential for hydropower resources, billion kWh per year



Дар асоси нишондиҳандаҳои оморӣ барои аниқтар муайян намудани вазни хоси дарёҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумотҳоро дар намуди расм тасвир мекунем (расми 2).

Рас. 2. Вазни хоси иқтидори захираҳои гидроэнергетикии дарёҳои Тоҷикистон, бо фоиз

Pic. 2. Specific weight of the hydropower resources of the rivers of Tajikistan, in per cent



Аз нишондиҳандаҳои расми 2 маълум мешавад, ки иқтидори захираҳои гидроэнергетикии дарёҳои Тоҷикистон хеле зиёд мебошад, дарёи Панҷ 97,6 млрд. кВт, Вахш 64,3 млрд. кВт, Обихингоб 17,6 млрд кВт, Сурхоб 14,7 млрд кВт, Кофарниҳон 125 млрд. кВт, Зарафшон 10,6 млрд. кВт ва дигар дарёҳои кишвар 188,1 млрд. кВт. мебошад. Аз ин дарёҳо Вахш захираҳои зиёди гидроэнергетикӣ дорад, ки дар ин дарё неругоҳҳои баркӣ-обии (минбъад НБО) Роғун, Норак, Сангтӯда-1 ва дигар НБО-ҳо сохта шудаанд [10]. Неругоҳҳои баркӣ-обӣ манбаи асосии энергетикии кишвар мебошанд (ҷадвали 2).

Аз нишондиҳандаҳои ҷадвали 2 истифода бурда, нишондиҳандаҳои иқтидори НБО-ҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар расм тартиб медиҳем (расми 3).

Айни замон дар Тоҷикистон 11 неругоҳи калон ва миёна мавҷуд аст, инчунин, қариб 300 адад неругоҳҳои барқии хурд низ бо иқтидори 132 мВт вуҷуд дорад [4]. Яке аз калонтарин неругоҳҳои баркӣ-обии кишвар Норак мебошад, ки дар дарёи Вахш ҷойгир буда, дорои 9 агрегат ва бо иқтидори 3000 мВт истеҳсоли миёнаи солонаи он 11,2 млрд. кВт.соат дар як сол баробар мебошад. Дар поёни НБО-и Норак НБО-и Бойғозӣ ҷойгир аст, ки бо иқтидори 600 мВт ва иқтидори солонаш 2,5 млрд.кВт.соат дар як сол мебошад. Дар шимоли ҷумҳурӣ дар дарёи Сир Неругоҳи обии баркӣ Қайроққум бо иқтидори 126 мВт ҷойгир аст, ки аҳамияти он барои минтақа хеле муҳим аст [10].

Ҷадвали 2. Нишондиҳандаҳои иқтидори неругоҳҳои барқӣ-обии Ҷумҳурии Тоҷикистон
Table 2. Potential indicators of the hydroelectric power station of the Republic of Tajikistan

Номҳои НБО-ҳо	Иқтидори солонаи НБО, млрд кВт.с/сол	Иқтидори солонаи НБО, бо %
Роғун	13,1	4,13
Норак	11,2	3,5
Сангтӯда – 1	3,5	1,1
Сангтӯда – 2	1,2	0,37
Қайроққум	0,6	0,18
Помир	0,2	0,06
Хоруғ	0,1	0,03
Бойғозӣ	2,5	0,78
Шӯроб	2,1	0,66
Андероб	3,3	1,04
Рӯшон	8,4	2,6
Даштиҷум	9,8	3,09
Дигар НБО-ҳо	261,36	82,45
Ҳамагӣ	317	100

Сарчашма: Википедия. [Манбаи электронӣ]. URL: https://ru.wikipedia.org (санаи мурочиат: 25.12.2019)

Давлат рушди энергетикии худро ба самтҳои зерин равона кардааст, ки ин идомаи сохтмони Неругоҳи барқӣ-обии Роғун мебошад. Лоиҳаи мазкур дар замони Шӯравӣ оғоз ёфта буд. Дар соли 2028 ба пуррагӣ ба итмом расидани Неругоҳи барқӣ-обии Роғун он дар байни неругоҳҳои барқӣ-обии ҷаҳон бо баландии 335 метр ҷои аввалро ишғол мекунад [4] (расми 4).

Расми 3. Вазни хоси иқтидори НБО-ҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо фоиз
Pic.3. Hydroelectric power station Republic of Tajikistan, in percent



Расми 4. Нишондиҳандаҳои неругоҳҳои барқӣ-обии ҷаҳон
Pic.4. World hydro power indicators



Дар асоси маълумотҳои оморӣ нишондиҳандаҳои воқеъи электроэнергетикиро ва тавозуни савдои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар намуди ҷадвал тасвир мекунем (ҷадвали 3).

Ҷадвали 3. Динамикаи нишондиҳандаҳои электроэнергетикӣ ва тавозуни савдои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2015-2017, млрд. кВт/сол
Table 3. Dynamics of electric energy indicators and foreign trade balance of the Republic of Tajikistan for 2015-2017, bln. kWh / year

Нишондиҳандаҳо	Солҳо			Суръати афзоиш дар соли 2017/15	
	2015	2016	2017	мутлақ	нисбӣ, %
Истеҳсоли электроэнергия, млрд.кВт.ст/сол	15,9	17,2	18,1	2,2	113,8
Талаботи дохилӣ, млрд. кВт.ст/сол	14,69	14,87	15,04	0,35	102,4
Воридот, млрд. кВт.ст/сол, ҳамагӣ	0,11	0,10	0,091	-0,01	82,72
Аз он ҷумла воридот:					
Қирғизистон, млрд. кВт.ст/сол	0,089	0,093	0,074	-0,015	83,14
Дигар мамлакатҳо, млрд. кВт.ст/сол	0,021	0,007	0,017	-0,004	80,95
Содирот, млрд. кВт.ст/сол, ҳамагӣ:	1,01	2,23	2,07	1,06	104,9
Аз он ҷумла содирот:					
Афғонистон, млрд. кВт.ст/сол	0,60	1,42	1,86	1,26	310
Қирғизистон, млрд. кВт.ст/сол	0,38	0,57	0,64	0,26	168,4
Дигар мамлакатҳо	0,03	0,24	0,468	0,438	146

Сарчашма: Раёсати агентии омори назди президентии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Манбаи электронӣ]. URL: https://stat.tj (санаи мурочиат: 25.12.2019)

Аз рӯйи нишондиҳандаҳои ҷадвали 3 маълум гардид, ки истеҳсоли электроэнергияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2017 нисбат ба соли 2015 13,8% зиёд шудааст, ки ин тамоюл сол ба сол зиёд шуда истодааст. Чумҳурии Точикистон сол ба сол истеҳсоли электроэнергияро зиёд намуда истодааст, ки он барои ба пурраги таъмин намудани аҳолии кишвар ва зиёд намудани содирот кифоят мекунад.

Дар асоси нишондиҳандаҳои ҷадвали 3 барои пурра муайян намудани тамоюли воридот ва содироти электроэнергияи Ҷумҳурии Тоҷикистон расмро тартиб медиҳем (расми 5).

Расми 5. Динамикаи нишондиҳандаҳои воридот ва содироти электроэнергияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2015-2017, бо млрд.кВт.ст/сол
Pic.5. Dynamics of import and export electricity of the Republic of Tajikistan for the period of 2015-2017, bln. kWh / year



Аз рӯи нишондиҳандаҳои ҷадвали 3 ва расми 5 маълум шуд, ки тамоюли воридоти электроэнергия ба Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2017 нисбат ба соли 2015 17,3% кам гардидааст. Содироти электроэнергия дар соли 2017 нисбат ба соли 2015 1,96 млрд. кВт.соат зиёд шудааст, ки ин тамоюл дар солҳои охир зиёд шуда истодааст (ҷадвали 4).

Дар асоси нишондиҳандаҳои ҷадвали 4 қисми ҳисоби амалиётҳои ҷорӣ, аз он ҷумла барои муайян намудани тамоюли сохтори содироти электроэнергия дар намуди расм оварда мешавад (расми 6).

Ҷадвали 4. Динамикаи нишондиҳандаҳои қисми ҳисоби амалиётҳои ҷорӣ ва сохтори содироти электроэнергия дар солҳои 2014-2017, бо ҳаз.долл. ИМА
Table 4. Dynamics of indicators of the current transactions and structure of electricity export for 2014-2017, USD thousand

№	Нишондиҳандаҳо	Солҳо			
		2014	2015	2016	2017
I.	Ҳисоби амалиёти ҷорӣ	-258298,7	-484073,0	-264740,3	150599,8
1.	Молҳо ва хизматрасониҳо	-3306971,8	-2508369,6	-2050480,6	-1638943,8
1.1.	Содирот	836264,7	810640,8	923036,1	1124964,7
Аз он ҷумла:					
1.1.1.	*Электроэнергия*	*101350,0*	*121200,0*	*156100,0*	*207760,0*
1.1.2.	Ва дигар	734914,7	869440,8	766936,1	917204,7
1.2.	Воридот	4143236,6	3319010,5	2973516	2763908,5
II.	Даромадҳои якумдараҷа	2183795,9	1526221,9	1213552,6	1207115,6
III.	Даромадҳои дуюмдараҷа	864877,3	498,074,8	572187,7	582428,0

Сарчашма: Бонки Милии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Манбаи электронӣ]. URL: https://www.nbt.tj (санаи мурочиат: 03.01.2020)

Расми 6. Динамикаи нишондиҳандаҳои қисми ҳисоби амалиётҳои ҷорӣ ва содироти электроэнергия дар солҳои 2014-2017, бо ҳаз.долл. ИМА
Pic. 6. Dynamics of indicators of the current transactions and export of electricity for 2014-2017, USD thousand



Аз руйи нишондиҳандаҳои ҷадвали 4 ва расми 6 хулоса баровардан мумкин аст, ки дар 4 соли охир ҳисоби амалиётҳои ҷорӣ ва содироти электроэнергия тамоюли болоравиро нишон дода истодааст. Ҳисоби амалиётҳои ҷорӣ дар соли 2014 258298,7 ҳазор доллари ИМА баробар буд, ки дар соли 2015 ин нишондиҳандаи манфӣ ба 484073,0 ҳазор доллари ИМА зиёд шуд. Дар соли 2017 ин нишондиҳанда ба 150599,8 ҳазор доллари ИМА баробар шуд, ки нисбат ба соли 2014 тамоюли болоравиро дорад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои охир содироти электроэнергияро ба давлатҳои хамсоя зиёд намуда истодааст, ки бо нархи 0,07 доллари ИМА содирот мешавад [5]. Дар соли 2014 содироти электроэнергия 101350,0 ҳазор доллари ИМА баробар шуд. Дар соли 2015 ин ишондиҳанда боз зиёд шуд, ки ба 121200,0 ҳазор доллари ИМА баробар шуд. Тамоюли содироти электроэнергия дар соли 2017 нисбат ба соли 2014 ба 204,9% афзуд.

Аз маълумотҳои солҳои гузашта истифода бурда, тамоюли содироти электроэнергияи солҳои ояндаро пешгӯйи мекунем ва раванди мазкурро дар барномаи Excel ҳисоб намуда, дар расми зерин нишон медиҳем (расми 7).

Дар расми 7 нишондиҳандаҳои содироти электроэнергия оварда шудааст, ки аз ин нишониҳандаҳо истифода бурда таъсири содироти электроэнергияро ба ҳисоботҳои амалиёти ҷорӣ муайян намудем (расми 8).

Расми 7. Динамикаи пешгӯйии нишондиҳандаҳои содироти электроэнергия дар солҳои 2014-2022, бо млн. доллари ИМА

Pic. 7. Forecast Dynamics of electricity export indicators for 2014-2022, mln. US dollars



Расми 8. Динамикаи нишондиҳандаҳои ҳисоботҳои амалиёти ҷорӣ дар солҳои 2014-2022, бо млн.долл. ИМА

Pic. 8. Dynamics of current accountability indicators for the period from 2014 to 2022, with million dollars USA



Аз рӯи маълумотҳои расми 8 нишондиҳандаҳои содироти электроэнергия аз расми 7 нишондиҳандаҳои ҳисоботҳои амалиёти ҷориро дар ҷадвали зерин меорем (ҷадвали 5).

Ҷадвали 5. Динамикаи нишондиҳандаҳои қисми ҳисоби амалиётҳои ҷорӣ ва содироти электроэнергия дар солҳои 2014-2022, бо млн.доллари ИМА

Table 5. Dynamics of indicators of the current transactions and export of electricity in 2014-2022, USD Million

Нишондиҳандаҳо	Солҳо								
	2014	2015	2016	2017	2018	2019	2020	2021	2022
Ҳисоби амалиёти ҷорӣ	-258,3	-484,1	-264,7	150,6	234,4	301,9	336,6	481,2	625,8
Содирот	836,3	810,6	923,1	1124,9	1168,3	2036,2	2964,2	3761,9	4559,7
Электроэнергия	101,3	121,2	156,1	207,7	235,1	488,7	711,4	902,8	1094,3

Сарчашма: Бонки Милии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Манбаи электронӣ]. URL: https://www.nbt.tj (санаи мурочиат: 02.02.2020)

Дар ҷадвали 5 нишондиҳандаҳои қисми ҳисоби амалиётҳои ҷорӣ ва сохтори содироти электроэнергия оварда шудааст, ки аз ин нишондиҳандаҳо истифода бурда ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки ҳисоби амалиётҳои ҷорӣ то соли 2016 дар ҳолати манфӣ қарор дошт. Ин нишондиҳанда аз соли 2017 сар карда ба ҳолати мусбӣ гузашт, ки соли 2018 ба кор даромадани агрегати якуми НБО-и Роғун асос гардид. Дар оянда ба кор даромадани агрегатҳои НБО-и Роғун, содироти электроэнергияро зиёд карда, ба ҳисоботи амалиёти ҷорӣ таъсири худро мерасонад. Чи қадаре ки содироти электроэнергия зиёд гардад ҳисоботи амалиётҳои ҷорӣ низ меафзояд.

АДАБИЁТ

1. Блудова С.Н. Анализ мирового опыта стимулирования и содействия развитию внешнеэкономической деятельности / С.Н. Блудова // Российский внешнеэкономический вестник. - 2007. - №5. -С.38-45.
2. Бонки Милии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Манбаи электронӣ]. URL: https://www.nbt.tj (санаи мурочиат: 03.01.2020)
3. Васютченко И.Н. Государственная поддержка экспорта / И.Н. Васютченко // Мировой опыт. - 2010. -Т.8. -№1-3. -С. 249.
4. Википедия. [Электронный ресурс]. URL: https://ru.wikipedia.org (дата обращения: 25.12.2019).
5. Косоуров В.С. Зарубежный опыт государственной поддержки экспорта продукции и услуг / В.С. Косоуров // Бюллетень Счетной палаты РФ. - 2010. - №6(150). -С. 112.
6. Лукиных О.А. Совершенствования системы государственной поддержки экспорта в зарубежных странах / О.А. Лукиных // Российский внешнеэкономический вестник. - 2008. - №5. - С. 63-79.
7. Раёсати агентии омори назди президентии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Манбаи электронӣ]. URL: https://stat.tj (санаи мурочиат: 25.12.2019).
8. Шквария Л.В. Республика Таджикистан в условиях глобализации: новые возможности и вызовы: Монография / Л.В. Шквария, В.И. Русакович, К.С. Раупов. -Худжанд: Меъроч, 2016. – 396 с.
9. Энергетика [Электронный ресурс]. URL: http://www.energyprojects.tj/index.php/tj (дата обращения: 22.02.2019).
10. Энергетика Таджикистана [Электронный ресурс]. URL: http://www.tajik-gateway.org (дата обращения: 25.12.2019).

СОҲАИ ЭНЕГЕТИКАИ ТОҶИКИСТОН: НАҚШ, ТАҲЛИЛ ВА ДУРНАМО ДАР ПАСМАНЗАРИ РУШДИ РАҚОБАТПАЗИРӢ ВА ИҚТИДОРИ СОДИРОТӢ

Мақолаи мазкур ба омӯзиши соҳаи энергетика равона карда шудааст, ки дар он нақши соҳа дар густариши иқтидори содиротӣ вобастагии зич дорад ва низ барои рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи хеле муҳим мебошад, баррасӣ шудааст. Муаллиф қайд менамояд, ки муҳиммияти содирот ҳамчун омили устуворсозӣ ва нигоҳдории истеҳсолоти миллӣ, манбаи пулӣ барои таъмини эҳтиёҷоти дохилии иқтисодиёт хеле баланд аст. Инчунин муаллиф ба он ишора менамояд, ки мақсади асосӣ дар асоси маълумотҳои оморӣ муайян намудани иқтидори бузурги захираҳои гидроэнергетикии мамлакатҳои бузург, аз он ҷумла Тоҷикистон, иқтидори неругоҳҳои барқӣ-обии Тоҷикистон, тамоюли рушди тавозуни савдои хориҷӣ дар пасманзари содироти электроэнергия ва вобастагии тавозуни пардохт дар қисмати ҳисоби амалиётҳои ҷорӣ бо содирот, мебошад. Қобили зикр аст, ки тибқи арзёбии созмонҳои байналмилалӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи фоизи истеҳсоли «энергияи сабз», яъне, неру аз ҷиҳати экологӣ тоза ба қатори шаш кишвари пешсафи сайёра шомил гардида, имрӯз истеҳсоли ин намуди энергия дар кишвари мо 98%-ро ташкил медиҳад.

Калидвожаҳо: иқтидор, содирот, соҳа, энергетика, нақш, таҳлил, рақобатпазирӣ, таъмин.

ЭНЕРГЕТИЧЕСКАЯ ОТРАЛЬ ТАДЖИКИСТАНА: РОЛЬ, АНАЛИЗ И ПЕРСПЕКТИВА РАЗВИТИЯ В КОНТЕКСТЕ КОНКУРЕНТОСПОСОБНОСТИ И ЭКСПОРТНОГО ПОТЕНЦИАЛА

В статье основное внимание уделяется исследованию энергетического сектора, в котором роль сектора тесно связана с развитием экспортного потенциала, а также является очень важным вопросом экономического развития Республики Таджикистан. Автор отмечает, что значение экспорта как фактора стабилизации и поддержания национального производства, источника денег для удовлетворения внутренних потребностей экономики очень велико. Также автор указывает на то, что основной целью данной статьи является определение потенциала гидроэнергетических ресурсов крупных стран, в том числе и Таджикистана, потенциала гидроэлектростанций Таджикистана, тенденций внешнеторгового баланса в разрезе экспорта электроэнергии и зависимость платежного баланса от текущих операций его экспорта. Следует отметить, что, по оценкам международных финансовых организаций, Республика Таджикистан по процентному содержанию «зеленой энергии», т.е. экологически чистой энергетики, входит в шестерку стран мира, сегодня производство этого вида энергии в нашей стране составляет 98%.

Ключевые слова: потенциал, экспорт, промышленность, энергетика, роль, анализ, конкурентоспособность, перспектива.

ENERGY INDUSTRY OF TAJIKISTAN: ROLE, ANALYSIS AND PROSPECTS OF DEVELOPMENT IN THE CONTEXT OF COMPETITIVENESS AND EXPORT POTENTIAL

The article focuses on the study of the energy sector, in which the role of the sector is closely related to the development of export potential, and is also a very important issue of economic development of the Republic of Tajikistan. The author notes that the importance of exports as a factor in stabilizing and maintaining national production, as a source of money for meeting the domestic needs of the economy is very high. The author also points out that the main purpose of this article is to determine the potential of hydropower resources of large countries, including Tajikistan, the potential of hydropower plants in Tajikistan, trends in the foreign trade balance in the context of electricity exports and the dependence of the balance of payments on current export operations. It should be noted that, according to the estimates of international

financial organizations, the Republic of Tajikistan in terms of the percentage of "green energy", i.e. clean energy, one of the six countries in the world, today the production of this type of energy in our country is 98%.

Keywords: potential, export, industry, energy, role, analysis, competitiveness, perspective.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Раупов Комилҷон Самиевич*** - Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М.С. Осимӣ, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи молия ва қарз. **Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, хиёбони Исмоили Сомонӣ, 226. E-mail: **komiljon001@mail.ru**. Телефон: (**+992) 928-00-05-15**

Сведения об авторе: ***Раупов Комилджон Самиевич*** - Политехнический институт Таджикского Технического университета имени академика М. Осими в г. Худжанде, кандидат экономических наук, доцент кафедры финансов и кредита. **Адрес**: 735700, Республика Таджикистан, Худжанд, проспект И. Сомони, 226. E-mail: **komiljon001@mail.ru**. Телефон: (**+992) 928-00-05-15**

Information about the author: ***Raupov Komildzhon Samievich*** - Polytechnic Institute of the Tajik Technical University named after academician M. Osimi in Khujand, candidate of economic sciences, associate professor of the department of finance and credit. **Address**: 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, I. Somoni Avenue, 226. E-mail: **komiljon001@mail.ru.** Phone: (**+992) 928-00-05-15**

УДК 657.6

ХУСУСИЯТҲОИ ГУЗАРОНИДАНИ САНҶИШИ АУДИТОРИИ ҲУҶҶАТҲОИ УМУМӢ

Тоҳирова Р.С., Шоймардонов С.Қ.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Ҳар як корхона новобаста аз шакли ташкилӣ-ҳуқуқӣ ва манбаъҳои маблағгузорӣ дар асоси ҳуҷҷатҳои муассисии махсус бунёд шуда, фаъолият менамояд. Ин ҳуҷҷатҳо, воқеан, намои ҳуқуқии корхонаро ифода намуда, вайро чун субъекти хоҷагидорӣ муаррифӣ менамоянд. Бинобар ин, яке аз марҳилаҳои асосӣ ва аввалин дар раванди аудит ин санҷиши ҳуҷҷатҳои умумии корхонаи аудитшаванда мебошад.

Дар адабиёти илмии соҳаи назорати молиявӣ ва аудит интишорот оид ба омӯзиши хусусиятҳои гузаронидани санҷиши аудитории ҳуҷҷатҳои умумии корхонаи аудитшаванда камшумор мебошанд. Дар онҳо паҳлуҳои алоҳидаи гузаронидани санҷиши аудитории ҳуҷҷатҳои умумии корхона, чун хусусиятҳои бастани шартнома оид ба гузаронидани аудит [17,с.46-51], аудити сиёсати баҳисобгирӣ [2,с.57-66], аудити бунёдгардӣ ва истифодабарии сармояи худӣ [11,с.38-44] баррасӣ гардидаанд. Вале дар адабиёти ватании соҳа таҳқиқот оид ба масъалаҳои гузаронидани санҷиши аудитории ҳуҷҷатҳои умумии корхона ба назар намерасанд.

Аз натиҷаи таҳқиқи интишорот оид ба масъалаҳои аудити ҳуҷҷатҳои умумӣ ба мо маълум гардид, ки муҳаққиқон самти мазкури санҷиши аудитириро бо номҳои гуногун муаррифӣ ва баррасӣ менамоянд. Масалан, А.Д. Шеремет ва В.П. Суйтс [15,с.366] ин бахши аудитро чун “санҷиши аудитории ҳуҷҷатгузории умумии субъекти хоҷагидорӣ” номида, муҳтавои онро чунин муайян кардаанд:

- санҷиши ҳуҷҷатҳои барои оғози санҷиши аудиторӣ пешниҳоднамудаи мизоҷ;
- баҳодиҳии сохтори ташкилӣ, сохтори идоракунӣ, пояҳои меъёрӣ, ҳуҷҷатҳои муассисӣ, сиёсати баҳисобгирӣ ва шартномаҳо;
- санҷиши аудитории ташкили низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ва риояи принсипи беистии фаъолият.

С.М. Бичкова ва Т.Ю. Фомина самти санҷиши сиёсати баҳисобгириро аз доираи аудити ҳуҷҷатҳои умумии корхона берун бароварда, онро чун “аудити ҳуҷҷатҳои муассисӣ ва амалиёт бо сармоя” номгузорӣ кардаанд [3,с.159]. Ҳамин тарзи равиш ба муҳтавои санҷиши аудитории ҳуҷҷатҳои умумиро муаллифон Г.А. Юдина ва М.М. Черних низ ҷонибдорӣ намудаанд [16,с.146].

В.И. Подолский аудити ҳуҷҷатҳои умумиро чун марҳилаи аввалии аудити амалӣ баррасӣ намуда, дар муҳтавои он гузаронидани санҷиши аудитириро бо чунин самтҳои асосӣ нишон додааст [13,с.303]:

1. Санҷиши ҳуҷҷатҳои муассисӣ ва ҳисобикуниҳо бо муассисон.
2. Экспертизаи шартномаҳои хоҷагӣ ҷиҳати мувофиқат бо қонунгузорӣ;
3. Экспертизаи сиёсати баҳисобгирии корхона.

Ба пиндори мо, тарзи равиши В.И. Подолский ҷиҳати баррасӣ ва муҳтавои санҷиши аудитории ҳуҷҷатҳои умумии корхона нисбатан мақбул мебошад.

Санҷиши аудитории ҳуҷҷатҳои умумӣ барои изҳори ақидаи аудитор оид ба саҳеҳии ҳисоботи молиявии корхонаи аудитшаванда, дурустии пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ

дар давраи ба санҷиш фарогирифташаванда ва мувофиқати далелҳои фаъолияти хоҷагидории корхона бо қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти муҳим дорад. Мақсад ва вазифаҳои он дар ин маврид ба тасдиқ намудани қонунӣ будани фаъолияти корхона, саҳеҳии маълумоти дар ҳуҷҷатҳои умумии он дарҷгардида ва ташаккули тасаввурот оид ба сатҳи пуррагии ахбори дар онҳо пешкашшуда нигаронида шудаанд.

Аудити ҳуҷҷатҳои умумии корхона метавонад аз боиси якчанд омилҳои бо ошкоршавии қонунвайронкуниҳо дар фаъолияти корхона алоқаманд ва ё ҳангоми пайдо шудани шубҳа ҷиҳати қонунӣ будани фаъолияти корхона гузаронида шавад. Ба талаботи қонунҳои амалкунанда мувофиқат намудани ҳуҷҷатҳои умумӣ қонунӣ будани фаъолияти корхонаро тасдиқ мекунад. Мақсади аудити ҳуҷҷатҳои умумии корхона санҷиши асосҳои фаъолияти он аз лаҳзаи таъсис шудан мебошад. Ҷиҳатҳои муҳимми санҷиши аудитории ҳуҷҷатҳои умумии корхона инҳо мебошанд: пуррагӣ ва саривақтии нигориши ҳуҷҷатҳои барои пешбурди фаъолият зарурӣ; тасдиқ намудани анҷомдиҳии ҳама ҳисобикуниҳо бо муассисон ҳангоми бунёдшавии сармояи оинномавӣ; риояи қонунгузории андоз. Бояд қайд кард, ки вобаста аз ҷиҳатҳои мазкур аудити ҳуҷҷатҳои умумии корхона гузаронидани санҷишро бо назардошти шакли ташкилӣ-ҳуқуқӣ, шакли моликият, ҳайати соҳибмулкон, мақоми ташкилӣ ва хосиятҳои фаъолияти корхона пешбинӣ менамояд.

Хусусияти аудити ҳуҷҷатҳои умумии корхона дар он ифода меёбад, ки аз як ҷониб, дар раванди гузаронидани ин гуна санҷиш ягон хел душвории иловагӣ ба миён намеояд, аз ҷониби дигар, ба аудитор зарур аст, ки санҷиши ҷиддии ҳисобикуниҳо бо муассисон ва дурустии андозбандии ин гуна ҳисобикуниҳоро гузаронад. Дар навбати худ, ҳисобикуниҳо бо муассисони худ бевосита ба мустақилияти амволии корхона рабт доранд, ки ин заминаҳоро барои ҳар гуна суйиистеъмолкуниҳо аз ҷониби роҳбарияти корхонаи санҷидашаванда фароҳам меорад, бинобар ин, онҳо диққати аудиторро ба худ бештар ҷалб менамоянд. Ба ғайр аз ҳуҷҷатҳои муассисии корхона, аудитор, инчунин, ҳуҷҷатҳоеро аз санҷиш мегузаронад, ки бо баҳисобгирии муҳосибии ҳисобикуниҳо бо муассисон ва сиёсати баҳисобгирии корхона алоқаманд мебошанд.

Ҳама ҳуҷҷатҳои барои аудит пешкашшуда ҷиҳати мутобиқат бо талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва саривақт тартибдиҳии худ санҷида мешаванд. Ҳуҷҷатҳои санҷидашаванда инҳо мебошанд: шаҳодатномаҳо дар бораи ҳуқуқ ба моликияти амволи ба сифати саҳм ба сармояи оинномавӣ гузошташуда, шаҳодатномаҳо дар бораи бақайдгирии корхона дар мақомоти андоз, мақомоти ҳифзи иҷтимоӣ ва омор, феҳристи муассисон, иқтибосҳо аз суратҷаласаҳои маҷлисҳои умумии муассисон, ҳар гуна иҷозатномаҳо барои машғул шудан ба намудҳои алоҳидаи фаъолият, маълумоти баҳодиҳии саҳмҳои ба сармояи оинномавӣ гузошташуда ва дигарҳо. Воқеан, худи санҷиши аудиторӣ ҳам аз санҷиши мумайизонаи ана ҳамин ҳуҷҷатҳо шуруъ мешавад.

Самти аввалӣ ва муҳимтарини аудити ҳуҷҷатҳои умумӣ санҷиши аудитории ҳуҷҷатҳои муассисӣ мебошад. Ин санҷиш имкон медиҳад, ки ҳаҷми минбаъдаи корҳои санҷишии бо хусусиятҳои фаъолияти корхона алоқаманд муайян карда шавад. Санҷиши аудиторӣ дар ин маврид бо ду самти асосӣ ба ҷо оварда мешавад [12,с.60]:

- муқаррар намудани мавҷудияти ҳуҷҷатҳои муассисӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои ҳуқуқмуайянкунанда, чун оиннома ва тағирот ба он, шартномаи муассисӣ, суратҷаласаҳои маҷлисҳои муассисон, шаҳодатномаҳо дар бораи бақайдгирӣ, иҷозатномаҳо, шартномаҳо;
- экспертизаи ҳуҷҷатҳои муассисӣ ҷиҳати мувофиқати онҳо бо меъёрҳои қонунгузории амалкунанда, инчунин, дар онҳо мавҷуд будани маълумоти инъикоскунандаи хусусиятҳои фаъолияти субъекти хоҷагидорӣ ва пуррагии онҳо.

Илова бар ин ҳангоми омӯзиши ҳуҷҷатҳои муассисӣ аудитор, ҳамзамон, якчанд масъалаҳоро ҳал менамояд: ҳайати муассисони корхонаро муайян мекунад, бузургии сармояи оинномавиро барои минбаъд муқоиса кардани он бо маълумоти баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ муайян менамояд, маълумоти барои пур кардани ҳуҷҷатҳои корӣ ва тартибдиҳии хулосаи аудиторӣ заруриро ҷамъоварӣ мекунад [4,с.47].

Ахбори дар рафти экспертизаи ҳуҷҷатҳои муассисӣ гирифтаи аудитор метавонад ҳангоми санҷиши бахшҳои дигари амалиёти баҳисобгирӣ ба кор бурда шавад. Бино бар ин, дар ҳуҷҷатҳои кории аудитор бояд таъсири ахбори гирифташуда ба бунёдшавии ақидаи аудитор муайян карда шавад.

Аудитор барои аз ҷониби корхонаи санҷидашаванда риоя нагардидани талаботи қонунгузорӣ масъул нест, вале вай бояд шаҳодатҳои муносиби басандаи риоягардии ин ё он санадҳои меъёриро, ки ба фикри аудитор ба муайянкунии бузургиҳои муҳим ва кушодадиҳии ахбор дар ҳисоботи молиявӣ таъсир мерасонанд, дарёфт намояд. Бино бар

ин, дар оғози санҷиши аудиторӣ ба хотири муайян намудани мувофиқати ҳуҷҷатҳои муассисӣ бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон нусхаҳои аслии ҳуҷҷатҳо аз санҷиш гузаронида мешаванд [14,с.296].

Пас аз экспертизаи ҳуҷҷатҳои муассисӣ санҷиши дурустии инъикоси сармояи оинномавӣ дар баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявии корхонаи аудитшаванда ба ҷо оварда мешавад. Бо ин мақсад аудитор маълумоти ҳуҷҷатҳои муассисӣ ва қарорҳои муассисонро, ки ба масъалаҳои гузориш, баҳодиҳӣ, баҳисобгирӣ, саривақтии воридшавӣ ва амалҳои бунёдшавии сармояи оинномавӣ дахл мекунанд, бо ҳам муқоиса менамояд. Тибқи қоидаҳои умумӣ сармояи оинномавӣ метавонад аз ҷониби муассисон дар муддати то як сол аз рӯзи бақайдгирии давлатии корхона пурра пардохт карда шавад [8]. Дар ҷамъиятҳои саҳомӣ андоза ва тартиби пардохт кардани саҳмияҳо бо шартномаи муассисӣ муайян карда мешавад [9].

Баҳисобгирии муҳосибии бунёдшавӣ ва тағйирёбии сармояи оинномавӣ дар ҳисоби 33000 “Сармояи эълоншуда (оинномавӣ)” бурда мешавад: бо кредити ин ҳисоб амалиёт оид ба бунёдшавӣ ва зиёдшавии сармояи оинномавӣ, бо дебети он – камшавии сармояи оинномавӣ дар ҳолатҳои бо қонунгузорӣ ва ҳуҷҷатҳои муассисии корхона пешбинишуда инъикос карда мешавад. Аудитор бояд дар хотир дошта бошад, ки бақияи умумии маблағҳо дар кредити ҳисоби мазкур наметавонад аз бузургии сармояи оинномавӣ, ки дар ҳуҷҷатҳои муассисӣ муқаррар карда шудааст, кам бошад. Гузоштани саҳмҳо ба сармояи оинномавии корхона аз ҷониби муассисон ҳам бо пул ва ҳам дар шакли ғайрипулӣ (воситаҳои асосӣ, дороиҳои ғайримоддӣ, ашё) имкон дорад.

Дар санаи бақайдгирии корхона ҳама саҳмҳои бақайдгирифташудаи корхона бо дебети ҳисоби 10601 “Қарздории муассисон, ки ҳангоми таъсиси шахси ҳуқуқӣ ба вуҷуд меояд” ва кредити ҳисоби 33000 “Сармояи эълоншуда (оинномавӣ)” баҳисоб гирифта мешаванд. Пардохт кардани саҳмҳо дар шакли пулӣ бо дебети ҳисоби 10210 “Ҳисобҳо бо асъори миллӣ” ва кредити ҳисоби 10601 “Қарздории муассисон, ки ҳангоми таъсиси шахси ҳуқуқӣ ба вуҷуд меояд” инъикос карда мешавад. Пардохти саҳмҳо бо воситаҳои асосӣ ё дороиҳои дигар бо дебети ҳисобҳои баҳисобгирии воситаҳои асосӣ ё ҳисобҳои баҳисобгирии дороиҳои дигар ва кредити ҳисоби 10601 “Қарздории муассисон, ки ҳангоми таъсиси шахси ҳуқуқӣ ба вуҷуд меояд” инъикос карда мешавад [5,с.392].

Аудитор ҳуҷҷатҳои аввалӣ оид ба гузоришҳо ба сармояи оинномавиро омӯхта, натиҷаҳои санҷишро дар ҷадвали корӣ нигориш мекунад. Маълумоти ҷадвал имкон медиҳанд, ки минбаъд вақт ва маблағи саҳмҳои гузошташуда назора карда шуда, бо нишондиҳандаҳои дар ҳуҷҷатҳои муассисӣ ва қарорҳои суратҷаласавии муассисон муқарраргардида муқоиса карда шаванд.

Марҳилаи дигари аудити ҳуҷҷатҳои умумӣ ин санҷиши ҳисобикуниҳо оид ба даромадҳо аз иштирок дар корхона мебошад. Тақсим кардани фоидаи корхона ба иштирокчиён бо дебети ҳисоби 33200 “Фоидаи тақсимнашуда” ва кредити ҳисоби 22250 “Дивидендҳои пардохтшаванда” инъикос карда мешавад. Дар ҳолатҳое, ки дар давраи баррасишаванда корхона фоида нагирифтааст, ё андозаи фоида барои ба муассисон пардохт кардани даромад басанда нест, ҳисобузамкунии даромадҳо ба иштирокчиён бо дебети ҳисоби 33310 “Сармояи захиравӣ” ва кредити ҳисоби 22250 “Дивидендҳои пардохтшаванда” инъикос шуда метавонад. Агар гирандагони даромад (иштирокчиён) кормандони худи корхона бошанд, пас ҳисобузамкунии даромадҳо бо кредити ҳисоби 22210 “Музди меҳнати пардохтшаванда” инъикос карда мешавад.

Дар марҳилаи ниҳоии санҷиши ҳуҷҷатҳои муассисӣ ва ҳисобикуниҳо бо муассисон санҷиши андозбандии амалиёти бунёдшавии сармояи оинномавӣ ва ҳисобикуниҳо бо иштирокчиён гузаронида мешавад. Маҷмӯи амалҳои аудиторӣ дар ин самт муқаррар кардани далелҳои дурустии ҳисобузамкунии андозҳо, гузаронидан ва боздошт кардани андозҳои дар манбаи пардохт боздоштшаванда (андоз аз даромади шахсони воқеӣ ва андоз аз дивиденд) ва дигар пардохтҳои ҳатмиро дар бар мегирад. Санҷиши саривақтӣ ва пуррагии ҳисобузамкунии андозҳо аз даромади иштирокчиён метавонад бо роҳи муқоисакунӣ ва бозҳисобкунии маълумоти ҳисобҳои 22210 “Музди меҳнати пардохтшаванда”, 22230 “Андоз аз даромади шахсони воқеӣ”, 22250 “Дивидендҳои пардохтшаванда” ба ҷо оварда шавад.

Самти дуюми аудити ҳуҷҷатҳои умумӣ - экспертизаи шартномаҳои хоҷагӣ, ҷиҳати мувофиқат бо қонунгузорӣ асосан дар се марҳила ба ҷо оварда мешавад [7,с.177]:

1. санҷиши баста шудан / баста нашудани шартнома;
2. санҷиши қонунӣ будан / қонунӣ набудани аҳд;
3. санҷиши муҳлати амали шартнома.

Дар натиҷаи марҳилаи аввалӣ муайян карда мешавад, ки, воқеан, шартнома баста шудааст ва дар асоси он чи гуна ҳуқуқу уҳдадориҳои ҷонибҳо пайдо шудаанд. Тибқи муқаррароти банди 1 моддаи 457 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон шартнома аз лаҳзаи баста шуданаш эътибор пайдо мекунад ва иҷрои он барои тарафҳо ҳатмӣ мегардад. Дар навбати худ, банди 1 моддаи 464 кодекси мазкур муқаррар мекунад, ки шартнома басташуда ҳисобида мешавад, агар байни тарафҳо мутобиқи шакли дар ҳолатҳои зарурӣ талабшаванда доир ба ҳама шартҳои муҳимми шартнома созиш ба даст омада бошад [6]. Ҳамин тавр, дар марҳилаи аввалии экспертизаи шартномаҳои хоҷагӣ аудитор бояд шакли шартномаро баҳо диҳад ва мавҷудияти ҳама шартҳои муҳими онро аз санҷиш гузаронад. Дар ин маврид аудитор бояд ба он диққат диҳад, ки қонунгузорӣ ҷиҳати намудҳои муайяни аҳдҳо (аҳдҳо бо молу мулки ғайриманқул) амали бақайдгирии давлатиро пешбинӣ намудааст.

Марҳилаи дуюми экспертизаи шартномаҳои хоҷагӣ ин санҷиши қонунӣ будани аҳд мебошад. Зарурати гузаронидани ин гуна санҷиш аз муқаррароти моддаи 192 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеояд. Тибқи меъёри моддаи мазкур аҳди беэътибор, ба истиснои оқибате, ки бо беэътибории он алоқаманд аст, боиси оқибати ҳуқуқӣ намегардад ва аз лаҳзаи баста шуданаш беэътибор мебошад. Бинобар ин, агар ҳангоми таҳлили шартномаи аллакай басташуда маълум гардад, ки ин гуна шартнома дорои аломатҳои беэътиборӣ аст, аудитор бояд ҷиҳати тасдиққунии саҳеҳии моддаҳои алоҳидаи ҳисоботи молиявӣ, ки бо ин гуна аҳд асос ёфтаанд, муносибати ҷиддӣ намояд [6].

Дар марҳилаи ниҳоии экспертизаи шартномаҳо - санҷиши муҳлати амали шартнома, аудитор бояд нисбат ба ҳар як аҳд муайян кунад, ки дар кадом муҳлат шартнома амал кардааст / амал мекунад. Агар маълум шавад, ки дар баҳисобгирии муҳосибӣ бо ишорат ба шартнома амалиёте инъикос гардидааст, ки аз давраи амали ин шартнома берун баромадааст, аудитор бояд дар бораи дурустии инъикоси далели фаъолияти хоҷагидорӣ ақидаи касбии худро бунёд намояд.

Самти сеюми аудити ҳуҷҷатҳои умумӣ экспертизаи сиёсати баҳисобгирии корхона мебошад. Мақсади экспертизаи сиёсати баҳисобгирии корхонаи санҷидашаванда изҳор намудани ақида оид ба пуррагии кушода додани ахбори зарурӣ дар сиёсати баҳисобгирӣ ва мувофиқати он ба талаботи қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрӣ, риоягардии муқаррароти вай ҳангоми омодакунии ҳисоботи молиявӣ мебошад.

Дар Низомномаи баҳисобгирии муҳосибии 1/99 “Сиёсати баҳисобгирии корхона” (Фармоиши Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 сентябри соли 1999, №135) асосҳои бунёдсозӣ (интихоб, асосноккунӣ) ва кушодадиҳии сиёсати баҳисобгирии корхона муқаррар карда шудаанд. Сиёсати баҳисобгирӣ принсипҳо, пояҳо, созишҳо, қоидаҳо ва таомулҳои махсусе мебошанд, ки корхона онҳоро барои омодакунӣ ва пешкашкунии ҳисоботи молиявӣ қабул намудааст [10].

Аудитор бояд ба дурустии бунёдсозӣ ва истифодабарии муқаррароти сиёсати баҳисобгирӣ диққат диҳад. Вазифаи аудитор таҳлилу баҳодиҳии унсурҳои умумӣ ва мушаххаси сиёсати баҳисобгирӣ ва инъикоскунии ҳамаи ин дар бахши таҳлилии хулосаи аудиторӣ мебошад. Аудитор, пеш аз ҳама, бояд мавҷудияти фармони роҳбари корхонаро оид ба тасдиққунии сиёсати баҳисобгирӣ равшан намояд. Ҳангоми ошкор шудани далелҳои тағйирдиҳии сиёсати баҳисобгирӣ аудитор бояд асоснокии онҳоро санҷад.

Бояд қайд кард, ки тағйирдиҳии сиёсати баҳисобгирӣ дар ҳолатҳои тағйирёбии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ё санадҳои меъёрии мақомоти танзимкунандаи баҳисобгирии муҳосибӣ, аз тарафи корхона таҳия шудани тарзҳои нави пешбарии баҳисобгирии муҳосибӣ ва тағйирёбии назарраси шароити фаъолияти корхона иҷозат дода мешавад.

АДАБИЁТ

1. Барфиев К.Х. Эффективность системы внутреннего контроля (аудита) на предприятиях агропромышленного комплекса / К.Х. Барфиев // Аудит и финансовый анализ. – 2015-. №4. -С.152-154.
2. Богдашкин Ю.Н. Методика аудита учетной политики / Ю.Н. Богдашкин // Вестник Волжского университета имени В.Н. Татищева. - 2014. -№1(30). -С.57-66.
3. Бычкова С.М. Практический аудит / С.М. Бычкова, Т.Ю. Фомина; под ред. С.М. Бычковой. -3-е изд., перераб. и доп. -М.: Эксмо, 2009. -176 с.
4. Грищенко А.В. Аудит уставного капитала и учредительных документов / А.В. Грищенко // Финансовые и бухгалтерские консультации. - 2007. -№3. -С.47-53.
5. Каримов Б.Ҳ. Баҳисобгирии муҳосибӣ. Китоби дарсӣ / Б.Ҳ. Каримов, М.Б. Каримиён, М.Б. Каримиён. - Душанбе: Ирфон, 2020. -444 с.
6. Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қисми 1. [Манбаи электронӣ]. URL: http://www.mmk.tj/ (санаи мурочиат: 05.06.2020).

7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд”. [Манбаи электронӣ]. URL: http://www.mmk.tj/ (санаи мурочиат: 05.06.2020).
8. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ”. [Манбаи электронӣ]. URL: http://www.mmk.tj/ (санаи мурочиат: 10.06.2020).
9. Кудрявцев М.А. Экспертиза хозяйственных договоров аудируемого лица в ходе проведения внешнего аудита / М.А. Кудрявцев, А.О. Лукичева // Аудит и финансовый анализ. - 2015. -№2. -С.177-181.
10. Низомномаи баҳисобгири муҳосибии 1/99 “Сиёсати баҳисобгирии корхона”. [Манбаи электронӣ]. URL: http://www.minfin.tj/ (санаи мурочиат: 10.06.2020).
11. Парасоцкая Н.Н. Аудит собственного капитала предприятия / Н.Н. Парасоцкая // Все для бухгалтера. - 2010. -№8(248). -С.38-44.
12. Парушина Н.В. Аудит уставного капитала и расчетов с учредителями / Н.В. Парушина // Аудиторские ведомости. - 2006. -№1. -С.60-70.
13. Подольский В.И. Аудит: Учебник / В.И. Подольский, А.А. Савина. -М.: Издательство Юрайт, 2011. -605 с.
14. Тоҳирова Р.С. Аудит. Китоби дарсӣ / Р.С. Тоҳирова. -Душанбе: Ирфон, 2018. -582 с.
15. Шеремет А.Д. Аудит: Учебник / А.Д. Шеремет, В.П. Суйц. -М.: ИНФРА-М, 2006. -448 с.
16. Юдина Г.А. Основы аудита: учебное пособие / Г.А. Юдина, М.Н. Черных. -М.: КНОРУС, 2006. -296 с.
17. Юнусова Д.А. Особенности заключения договора о проведении аудита / Д.А. Юнусова // УЭПС: управление, экономика, политика, социология. - 2018. -№3. -С.46-51.

ХУСУСИЯТҲОИ ГУЗАРОНИДАНИ САНҶИШИ АУДИТОРИИ ҲУҶҶАТҲОИ УМУМӢ

Аудитор пеш аз оғози санҷиши аудиторӣ, то тартибдиҳии мактуб-ухдадорӣ ва бастани шартнома барои гузаронидани санҷиши аудиторӣ экспертизаи пешакии вазъи корҳои мизоҷро мегузаронад. Дар ин маврид, дар асоси ҳуҷҷатҳо оид ба корхонаи мизоҷ маълумоти умумӣ дар бораи соҳаи фаъолияти корхона ва муҳити фаъолияти он ҷамъоварӣ шуда, омӯхта мешаванд. Дар марҳилаи аввалии аудити мустақили берунӣ, пеш аз ҳама, санҷиши ҳуҷҷатҳои умумии корхона гузаронида мешавад. Ин санҷиш дар се самт – санҷиши ҳуҷҷатҳои муассисӣ ва ҳисобикуниҳо бо муассисон, экспертизаи шартномаҳои хоҷагӣ ҷиҳати мувофиқат бо қонунгузорӣ ва экспертизаи сиёсати баҳисобгирии корхона ба ҷо оварда мешавад. Дар адабиёти илмии соҳаи назорати молиявӣ ва аудит ҷиҳатҳои амалии гузаронидани санҷиши аудиторӣ ба андозаи басанда таҳқиқ нашудаанд. Аудити ҳуҷҷатҳои умумии корхона яке аз ҳамин гуна масъалаҳо мебошад, ки мавзӯи таҳқиқи мақолаи мазкурро ташкил додааст. Дар мақола сатҳи омӯзиши масъалаҳои гузаронидани аудити ҳуҷҷатҳои умумӣ дахлдошта муайян карда шудааст. Нуқтаҳои назари муҳаққиқон доир ба баррасӣ ва муҳтавои аудити ҳуҷҷатҳои умумӣ таҳлил карда шудаанд. Хусусиятҳои гузаронидани санҷиши ҳуҷҷатҳои муассисӣ ва ҳисобикуниҳо бо муассисон, экспертизаи шартномаҳои хоҷагӣ ва сиёсати баҳисобгирии корхонаи аудитшаванда муайян карда шудаанд. Самтҳои умумӣ ва марҳилаҳои гузаронидани санҷиши аудитории ҳуҷҷатҳои умумии корхона ошкор ва таҳқиқ карда шудаанд. Тасдиқ карда шудааст, ки санҷиши аудитории ҳуҷҷатҳои умумӣ барои изҳори ақидаи аудитор оид ба саҳеҳии ҳисоботи молиявии корхонаи аудитшаванда, дурустии пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ дар давраи ба санҷиш фарогирифташаванда ва мувофиқати далелҳои фаъолияти хоҷагидории корхона бо қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти муҳим дорад.

Калидвожаҳо: ҳуҷҷатҳои муассисӣ, аудити ҳуҷҷатҳои умумӣ, санҷиши аудиторӣ, санҷиши ҳуҷҷатҳои муассисӣ, санҷиши ҳисобикуниҳо бо муассисон, экспертизаи шартномаҳои хоҷагӣ, экспертизаи сиёсати баҳисобгирӣ, изҳори ақидаи аудитор, аудити бунёдшавии сармояи оинномавӣ.

ОСОБЕННОСТИ ПРОВЕДЕНИЯ АУДИТОРСКОЙ ПРОВЕРКИ ОБЩИХ ДОКУМЕНТОВ

До начала аудиторской проверки и до составления письма-обязательства о проведении аудиторской проверки аудитор проводит предварительную экспертизу состояния дел клиента. При этом на основе представленных документов собирается и изучается общая информация о сфере деятельности и среде предприятия клиента. На начальном этапе независимого внешнего аудита прежде всего проводится проверка общих документов предприятия. Данная проверка проводится в трех направлениях – проверка учредительных документов и расчетов с учредителями, экспертиза хозяйственных договоров на предмет соответствия законодательству и экспертиза учетной политики предприятия. В научной литературе по финансовому контролью и аудиту недостаточно исследованы практические аспекты проведения аудиторской проверки. Аудит общих документов предприятия является одной из таких задач, которые составляют предмет исследования данной статьи. В статье определена степень изучения вопросов, связанных с аудитом общих документов. Анализированы различные точки зрения исследователей о рассмотрении и содержании аудита общих документов. Определены особенности проведения аудиторской проверки учредительных документов и расчетов с учредителями, экспертизы хозяйственных договоров и экспертизы учетной политики предприятия. Выявлены и исследованы общие направления и этапы проведения аудиторской проверки общих документов. Утверждено, что аудиторская проверка общих документов имеет важное значение для выражения мнения аудитора о достоверности финансовой отчетности аудируемого предприятия, правильности ведения бухгалтерского учета в охватываемом аудиторской проверкой периоде и соответствия фактов хозяйственной деятельности предприятия действующему законодательству Республики Таджикистан.

Ключевые слова: учредительные документы, аудит общих документов, аудиторская проверка, проверка учредительных документов, проверка расчетов с учредителями, экспертиза хозяйственных договоров, экспертиза учетной политики, выражение мнения аудитора, аудит формирования уставного капитала.

FEATURES OF CONDUCTING AN AUDIT INSPECTION OF GENERAL DOCUMENTS

Prior to the start of the audit and prior to the drafting of the letter of engagement to conduct the audit, the auditor conducts a preliminary examination of the client's state of affairs. At the same time, on the basis of the submitted documents, general information about the field of activity and the environment of the client's enterprise is collected and studied. At the initial stage of an independent external audit, first of all, the general documents of the enterprise are checked. This check is carried out in three directions - verification of constituent documents and settlements with founders,

examination of business contracts for compliance with legislation and examination of the accounting policy of the enterprise. In the scientific literature on financial control and audit, the practical aspects of conducting an audit have not been sufficiently studied. The audit of general documents of the enterprise is one of such tasks, which is the subject of this article. The article defines the degree of study of issues related to the audit of general documents. Various points of view of researchers on the review and content of the audit of general documents are analyzed. The features of the audit of the constituent documents and settlements with the founders, the examination of business contracts and the examination of the accounting policy of the enterprise have been determined. The general directions and stages of the audit of general documents are identified and investigated. It was approved that the audit of general documents is important for the auditor's opinion on the reliability of the financial statements of the audited enterprise, the correctness of accounting in the period covered by the audit and the compliance of the facts of the enterprise's economic activities with the current legislation of the Republic of Tajikistan.

Keywords: constituent documents, audit of general documents, audit, verification of constituent documents, verification of settlements with founders, examination of business contracts, examination of accounting policy, expression of the auditor's opinion, audit of the formation of authorized capital.

Маълумот дар бораи муаллифон: ***Тоҳирова Раҷабмо Сафаровна*** **–** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва аудит. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17. E-mail: **moh-72@mail.ru.** Телефон: **(+992) 935-32-08-36**
Шоймардонов Сафаралӣ Қурбоналиевич - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи баҳисобгири бухгалтерӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17. Телефон: **988-98-98-26**

Сведения об авторах: ***Тохирова Раджабмо Сафаровна*** – Таджикский национальный университет, кандидат экономических наук, доцент кафедры экономического анализа и аудита. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. E-mail: **moh-72@mail.ru**. Телефон: **(+992) 935-32-08-36**
Шоймардонов Сафарали Курбоналиевич - Таджикский национальный университет, кандидат экономических наук, доцент кафедры эбухгалтеского учета. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **988-98-98-26**

Information about the authors: ***Tohirova Rajabmo Safarovna*** - Tajik National University, Candidate of Economic Sciences, Associate Professor of the Department of Economic Analysis and Audit. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 17. E-mail: **moh-72@mail.ru.** Phone: **(+992) 935-32-08-36**
Shoimardonov Safarali Kurbonalievich - Tajik National University, Candidate of Economic Sciences, Associate Professor of the Department of E-Accounting. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 17. Phone: **988-98-98-26**

УДК:341.98

МЕЖДУНАРОДНО-ПРАВОВЫЕ ОСНОВЫ ЗАКРЕПЛЕНИЯ ПОРЯДКА ОРГАНИЗАЦИИ И ДЕЯТЕЛЬНОСТИ СУДЕБНОЙ ВЛАСТИ

Диноршоев А.М., Мирзамонзода Х.М.
Таджикский национальный университет

В системе нормативных актов, регулирующих деятельность судебной власти, особое место отводится нормам международного права. Статья 10 Конституции Республики Таджикистан закрепляет, что «международные правовые акты, признанные Таджикистаном, являются составной частью правовой системы республики. В случае несоответствия законов республики признанным международным правовым актам, применяются нормы международных правовых актов» [5]. Как отмечают отечественные авторы, «данное положение Конституции Республики Таджикистан отражает две основные тенденции, которые присущи конституциям нового поколения. Во-первых, усиливающееся влияние глобализации и интернационализации современного мира на различные положения конституций государства, а во-вторых – повышение роли общепризнанных принципов и норм международного права» [4]. Действительно как показывает практика последнего десятилетия, современное международное право оказывает все более сильное влияние на развитие национального права. Идеи примата международного права означают, что государство не вправе игнорировать нормы и принципы международного права и рассматривать их как свод политических деклараций, которые не обязательно выполнять, как это было в недавнем прошлом. Вместе с тем и нормы международного права не должны использоваться для ослабления суверенитета государств: их основная цель состоит в поддержке и поощрении дальнейшего развития взаимосвязи международного и национального права.

Значение международно-правовых документах заключается в том, что в них устанавливаются определенные стандарты, в соответствии с которыми государство выстраивает свои политические, экономические, социальные и иные отношения, а также формирует свою правовую систему. Так, ряд отечественных авторов исследуя данный вопрос отмечают, что «международные стандарты - это нормы современного международного права, предусматривающие общедемократические требования и обязанности для государств, которые они должны с учетом особенностей своего конституционного строя, национального и экономического развития и т.д. воплотить и конкретизировать в своих правовых системах [3]. Более широкую трактовку даёт Б.А. Сафарзода, который указывает, что «международные стандарты – это правовая категория, определяющая группу нормативных и декларационных положений, признаваемых и принятых международным сообществом государств, которые, независимо от степени жесткости, в силу универсальности и необходимости являются эталоном для государств и основанием непосредственного применения во внутреннем законодательстве государства» [10]. Из приведенных определений можно сделать вывод, что международные стандарты– это общепризнанные требования в конкретной области, которые отражены в различных международных документах, соблюдение и реализация которых являются обязательными для государств.

Исследуя международно-правовую регламентацию деятельности судебных органов, следует указать, что она направлена на решение двух вопросов. Во-первых, в международных документах устанавливаются требования и стандарты обеспечения независимости судов, а во-вторых, обеспечение доступа к судебным органам граждан, т.е. права на судебную защиту как субъективное право граждан.

Так, международно-правовые стандарты, призванные обеспечить независимость судей, включают гарантии, связанные с отбором, назначением и продвижением судей по должности. Например, в статье 14 МПГПП устанавливается, что «каждый имеет право при рассмотрении любого уголовного обвинения, предъявляемого ему, или при определении его прав и обязанностей в каком-либо гражданском процессе, на справедливое и публичное разбирательство дела компетентным, независимым и беспристрастным судом, созданным на основании закона» [8]. В Основных принципах независимости судебных органов ООН, независимость судебных органов гарантируется государством и закрепляется в конституции или законах страны, а «все государственные и другие учреждения обязаны уважать и соблюдать независимость судебных органов» [7]. Достаточно подробно толкование указанных норм даётся Комитетом ООН по правам человека, который в своих Замечаниях общего порядка №32 указывает, что «требование независимости судебных органов, неотъемлемое от права на

справедливое судебное разбирательство, относится не только к фактической свободе от политического вмешательства, но и к «порядку и условиям назначения судей и гарантиям их несменяемости до достижения установленного законом возраста выхода в отставку или же истечения срока их полномочий в тех случаях, когда такие сроки предусмотрены; условиям, регулирующим продвижение по службе, перевод, приостановление их деятельности и прекращение их функций» [6]. Комитет пояснил, что «понятие справедливого судебного разбирательства включает гарантию справедливого и публичного разбирательства. Справедливость судебного разбирательства предполагает отсутствие любого прямого или непрямого влияния, давления, запугивания или вмешательства с чьей бы то ни было стороны и по любым мотивам» [6].

В свою очередь, международная регламентация права на судебную защиту устанавливает требования по организации беспристрастного и справедливого судопроизводства. В частности, во Всеобщей Декларации прав человека в статьях 7-11 устанавливаются высокие стандарты организации и функционирования судебной власти, к числу которых можно отнести следующие - принцип равенства всех перед законом и равную защиту законом без дискриминации, право на эффективное восстановление в правах компетентными национальными судами, фундаментальные (основные) права человека в сфере судебной защиты (например, право на публичное (гласное) рассмотрение дела с соблюдением всех требований справедливости; презумпция невиновности и т.д. [8]. Как указывают ряд отечественных и зарубежных авторов, «установленные в Декларации права, обязательства государства, запреты имплементируются в национальном законодательстве в систему основных прав человека в сфере судебной защиты, принципов организации и функционирования судебной власти, являются основой для установления принципов судопроизводства» [1].

Указанные в ВДПЧ положения раскрываются в МПГПП. Названный Пакт в развитии принципа презумпции невиновности и принципа уважения достоинства личности установил право лица на информацию о том, в чем оно обвиняется, право на разбирательство в суде, который мог безотлагательно вынести постановление относительно законности его задержания и распорядиться о его освобождении, если задержание незаконно (ст. 14).

В тексте Пакта получили свое закрепление и развитие универсальное право на справедливое и публичное разбирательство дела компетентным, независимым и беспристрастным судом; право на публичное (гласное) провозглашение любого судебного постановления, за исключением случаев, предусмотренных законом (охраняемая законом тайна, интересы несовершеннолетних и др.); право на возможность подготовки своей защиты и эффективную защиту своей позиции в суде и др. (ст. 14).

Особое значение названный Пакт имеет в связи с тем, что именно в нем получили свое закрепление на международном уровне права в сфере судебной защиты***:*** право на судебное разбирательство в разумный срок и право на пересмотр судебного решения (ст. 9).

Отмеченные права в национальном законодательстве должны являться основой для формулирования принципов организации судебной системы и судопроизводства, установления норм, более четко регулирующих сроки судопроизводства, основания для пересмотра судебного решения, инстанционность обжалования судебных решений.

Помимо указанных международных документов вопросы, связанные со справедливым судопроизводством, регулируются и в специализированных международных документах по правам человека, в частности в таких документах, как Международная конвенция о ликвидации всех форм расовой дискриминации, Конвенция против пыток и других жестоких, бесчеловечных или унижающих человеческое достоинство видов обращения и наказания, Конвенция о правах ребенка. В частности, Конвенция по правам ребенка предусматрвает, что в отношении детей должны распространятся следующие гарантии: презумпция невиновности, безотлагательное принятие решения по рассматриваемому вопросу компетентным, независимым и беспристрастным органом или судебным органом и т.д.

Суть универсального принципа вытекает из международно-правовых обязательств РТ в сфере борьбы с преступностью. Так, согласно п. «а» ч.2 ст. 15 УК РТ: Иностранные граждане и лица без гражданства, не проживающие постоянно в Республике Таджикистан, подлежат ответственности по УК РТ за преступления, совершенные вне ее пределов, если ими совершено преступление, предусмотренное нормами международного права, признанные Республикой Таджикистан или межгосударственными договорами и соглашениями.

Таким образом, при подписании межгосударственных договоров и соглашений Таджикистан берёт на себя обязательство привлечь к уголовной ответственности и наказывать иностранных граждан и лиц без гражданства за совершение определённых преступлений.

ЛИТЕРАТУРА

1. Конституция Республики Таджикистан от 6.11. 1994. [Электронный ресурс]: http://base.mmk.tj (дата обращения: 25.10.2020).
2. Закон Республики Таджикистан «О Государственной границе Республики Таджикистан». [Электронный ресурс]: http://base.mmk.tj/view_sanadhoview.php?showdetail=&sanadID=54 (дата обращения: 25.10.2020).
3. Амиров А.А. Академияи Вазорати корҳои дохилии ҶТ. Сиёсати ҷиноятӣ дар ҷодаи тамоюлҳои муосири ҷаҳони / А.А. Амиров //Маводи конференсияи байналмилалии илми-амалӣ бахшида ба 20-солагии Кодекси ҷиноятии ҶТ. 25.05.2018. -С.28-29.
4. Амиров А.А. Баъзе масъалањои амали ќонуни љиноятї дар макон / А.А. Амиров // Паёми ДМТ. – 2019. -№6. –С.256-260.
5. Амиров А.А. Материалы республиканской научно-практической конференции на тему: Роль судебной экспертизы при расследовании преступлений. 2018. С.86-87.
6. Амиров А.А. Права человека: проблемы, пути решения и перспективы / А.А. Амиров // Материалы международной научно-практической конференции, посвященной празднованию дня принятия Всеобщей декларации прав человека / Под редакцией кандидата юридических наук, доцента Рахмон Д.С. - Душанбе: Типография ТНУ, 2019. -С.384-397.
7. Амиров А.А. Ҳафтаи илм. Маводи конференси ҷумҳуриявии илми-назариявии айати устодону кормандони ДМТ бахшида ба Даҳсолаи байналмилалии амал “об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028”, “соли рушди сайёҳи ва ҳунарҳои мардуми” “140-солагии Қаҳрамони Тоҷикистон Садриддин Айни” ва “70-солагии ДМТ”. 2018. С.382-383.
8. Зюбанов Ю.А. Действие уголовного закона в пространстве (опыт сравнительного анализа уголовного законодательства стран СНГ): дис. … к.ю.н: 12.00.08 / Ю.А.Зюбанов. – Москва, 2001. -С.198.
9. Петрова И. А. Уголовный закон и пределы его действия: учебное пособие / И. А. Петрова. - Моск. гос. юрид. ун-т имени О. Е. Кутафина (МГЮА), Сев.-Зап. Ин-т (филиал) ун-та им. О.Е.Кутафина (МГЮА). – Вологда: Фонд развития филиала МГЮА имени О.Е. Кутафина в г. Вологде, 2018. – 220 с.
10. Сафарзода А.И. Уголовно-правовая охрана предпринимательской деятельности в Республике Таджикистан: дисс. ... д.ю.н./ А.И. Сафарзода. – Душанбе, 2018. - С.396.
11. Сафаров А.И. Коррупционные преступления в сфере предпринимательской деятельности по законодательству Республики Таджикистан / А.И.Сафаров // Вестник университета (Российско-Таджикский (славянский) университет). – 2015. – №4(51). –Т.1. – С.20-24.
12. Фиалковская И.Д. - Коррупция: понятие, признаки, виды / И.Д. Фиалковская //Вестник Нижегородского университета им. Н.И. Лобачевского. -2018. -№ 1. -С. 137–142.
13. Шарипов Т.Ш. Ҳуқуқи ҷиноятӣ (Қисми умумӣ) / Т.Ш. Шарипов, А.И.Сафарзода, З.А. Камолов [ва диг.]. – Душанбе, 2019. – 223с.
14. Ревин В.П. Уголовное право Таджикистана. Общая часть: учебник / под ред. В.П. Ревина, Х.С. Сафарова. – Душанбе-Москва, 2010. – 359.
15. Ҳуқуқи ҷиноятӣ бо истифода аз усули интерактиви (Қисми умумӣ). Китоби дарсӣ / Т.Ш. Шарипов, А.И. Сафаров, Ш.Н. Саидов. – Душанбе. 2016. С.494.

АМАЛИ ҚОНУНИ ҶИНОЯТӢ НИСБАТИ ҶИНОЯТҲО БА МУҚОБИЛИ МОЛИКИЯТ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар мақолаи мазкур дар бораи амали қонуни ҷиноятӣ дар макон нисбати ҷиноятҳо ба муқобили моликият дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сухан меравад. Имрӯз таҷовуз ба моликият таҳдиди калони иҷтимоиро ба вуҷуд оварда, яке аз шартҳоест, ки ба рушди самаранокии иқтисодиёти давлат монеа эҷод мекунад. Аз ин рӯ, таҳияи механизмҳои ҳуқуқии муқовимат бо ин ҷиноят ба як масоили муҳим ва таъхирнопазири рушди ҷомеаи муосир ва давлат табдил меёбад. Дар асоси таҳлили қонунгузории ҷории ҷиноятӣ, санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ва омӯзиши адабиётҳои илмӣ, муаллиф ба чунин хулоса омадааст, ки қонуни ҷиноятӣ нисбат ба ҳама ҷиноятҳое, ки ба муқобили моликият ҳам дар қалamрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳам берун аз он содир мешаванд, амал мекунад.

Калидвожаҳо: қонуни ҷиноятӣ, амал, макон, моликият, принсип, ҷавобгарии ҷиноятӣ, содиршавии ҷиноят.

ДЕЙСТВИЕ УГОЛОВНОГО ЗАКОНА В ОТНОШЕНИИ ПРЕСТУПЛЕНИЙ ПРОТИВ СОБСТВЕННОСТИ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

В данной статье речь идёт о действии уголовного закона в отношении преступлений против собственности в Республике Таджикистан. Сегодня посягательство на собственность представляет собой серьезную социальную угрозу и является одним из самых серьезных условий, препятствующих эффективному развитию экономики государства. Поэтому разработка правовых механизмов борьбы с данным преступлением станет важным и актуальным вопросом в развитии современного общества и государства. На основе анализа действующего уголовного законодательства, международно-правовых актов и изучения научных литератур, автор приходит к выводу, что уголовный закон действует в отношении всех преступлений против собственности, совершаемых как на территории Республики Таджикистан, так и за её пределами.

Ключевые слова: уголовный закон, действие, пространство, собственность, принцип, уголовная ответственность, совершение преступления.

EFFECT OF THE CRIMINAL LAW IN RELATION TO CRIMES AGAINST PROPERTY IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN.

In this article, we are talking about the operation of the criminal law in space in relation to crimes against property in the Republic of Tajikistan. Today, encroachment on property is a serious social threat and is one of the most serious conditions that impede the effective development of the state's economy. Therefore, the development of legal mechanisms to combat this crime will become an important and urgent issue in the development of modern society and the state. Based on the analysis of the current criminal legislation, international legal acts and the study of scientific literature, the author comes to the conclusion that the criminal law applies to all crimes against property committed on the territory of the Republic of Tajikistan and abroad.

Keywords: criminal law, action, space, property, principle, criminal responsibility, commission of a crime.

Маълумот дар бораи муаллифон: ***Шарипов Рустам Исмоилхонович*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносӣ. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Тел: **918-33-41-40**
Амиров Азизҷон Азаматович – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ассистенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносӣ. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: (**+992) 918-83-43-89**. E-mail: **azizjon-amirov@mail.ru**

Сведения об авторах: ***Шарипов Рустам Исмоилхонович*** – Таджикский национальный университет, кандидат юридических наук, доцент кафедры уголовного права и противодействия коррупции юридического факультета. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 918-33-41-40**
Амиров Азизджон Азаматович – Таджикский национальный университет, ассистент кафедры уголовного права и противодействия коррупции юридического факультета. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: (**+992) 918-83-43-89**. E-mail: **azizjon-amirov@mail.ru**

Information about the authors: ***Sharipov Rustam Ismoilkhonovich*** - Tajik National University, Candidate of Legal Sciences, Associate Professor of the Department of Criminal Law and Anti-Corruption of the Faculty of Law. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 17. Phone: **(+992) 918-33-41-40**
Amirov Azizjon Azamatovich – Tajik national University, assistent of the Department of criminal law and anti-corruption of the faculty of law. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 17. Phone: (**+992) 918-83-43-89.** E-mail: **azizjon-amirov@mail.ru**

УДК: 342.4(575.3)

КОНСТИТУЦИОННАЯ РЕГЛАМЕНТАЦИЯ ПОРЯДКА ОРГАНИЗАЦИИ И ДЕЯТЕЛЬНОСТИ СУДЕБНОЙ ВЛАСТИ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

Мирзамонзода Х.М.
Таджикский национальный университет

В Республике Таджикистан основы организации и деятельности судебной власти закреплены в Конституции Республики Таджикистан и конкретизированы в развивающих ее положения нормативных правовых актах, в частности конституционных законах РТ: «О судах Республики Таджикистан» и «О Конституционном суде Республики Таджикистан», Уголовно-

процессуальный кодекс РТ, Экономический процессуальный кодекс, Процессуальный кодекс об административных правонарушениях РТ, законы РТ «О третейских судах», «О государственной защите участников уголовного судопроизводства» и т.д. Все перечисленные документы регламентируют статус судебных органов в Таджикистане, их организацию и порядок деятельности, а также правила и процедуры конституционного, уголовного, административного и экономического судопроизводства в Таджикистане. При этом следет указать, что данные нормативные акты регулируют определенные особенности, связанные с осуществлением того или иного вида судопроизводства. Так, К.Н. Холиков изучая вопрос о правовой регламентации деятельности Конституционного суда, указывает, что «система нормативно-правовых актов Республики Таджикистан о Конституционном суде представляет собой совокупность нормативно-правовых актов, посвященных непосредственно Конституционному суду, как единственному специализированному судебному органу конституционного контроля, осуществляющему высшую форму конституционного контроля, а также правила конституционного судопроизводства в стране» [9].

Указанные нормативные акты, регулирующие деятельность судебных органов в Таджикистане, исходя из признанной в науке классификации, в зависимсоти от их юридической силы можно подразделить на следующие виды: – Конституция Республики Таджикистан; международно-правовые акты; конституционные законы; текущие законы и кодексы; подзаконные акты.

Главенствующее место в системе нормативных актов, регулирующих деятельность судов, отводится Конституции Республики Таджикистан от 6.11.1994 года, в которий содержатся фундаментальные положения относительно организации и деятельности судебной власти и судебной системы.

Изучая вопросы регламенатации порядка организации и деятельности судебных органов в Конституции государства, ученые дают различные основания для их классификации. Так, К.Н. Холиков делит нормы Конституции Таджикистана, регулирующие судебную власть на общие, специальные и отсылочные[9].Общие конституционные нормы, как правило, относятся ко всем судебным органам Республики Таджикистан (судам общей юрисдикции и специализированным судебным органам). Общие нормы и специальные нормы, касающиеся специализированных судебных органов, содержатся в гл.8 Конституции Республики Таджикистан 1994 г., которая называется «Суд». Она включает 9 статей Конституции (ст.84-92) [4,с.55-57]. Ст. 84, 87, 88, 90, 91 Конституции являются общими нормами и касаются всех судов. Общая норма содержится и в ст.9, которая закрепляет принципы разделения властей (на законодательную, исполнительную и судебную), и в ст.10, закрепляющий принцип верховенства Конституции. В вышеназванных статьях Конституции содержатся нормы, которые закрепляют независимость судебной власти, предназначение ее органов, осуществление судебной власти Конституционным судом и другими судами Республики Таджикистан, срок полномочий судей, их неприкосновенность, независимость и подчинение только Конституции и закону, коллегиальность и единоличность в рассмотрении дел, запрещение на создание чрезвычайных судов, язык судопроизводства, запрет судьям занимать другую должность, быть депутатом представительных органов, членом политических партий и объединений, заниматься предпринимательской деятельностью за исключением научной, творческой и педагогической деятельности [5].

В качестве специальной нормы, К.Н. Холиков выделяет положения содержащиеся в ст.89 гл.8 Конституции, которая регулирует деятельность Конституционного суда Республики Таджикистан. Кроме того, об этом органе говорится и в ряде других статей Конституции Республики Таджикистан, в частности в ст. 10, 56 (п.2 и 3), 69 (п.8) и 72 [9].

К отсылочной норме К.Н. Холиков относит положения ч.3 статьи 84 Конституции, в которой говорится о необходимости принятия конституционного закона, определяющего организацию и порядок деятельности Конституционного суда.

Другую классификацию предлагают И.А. Алешкова, И.А. Дудко, Н.А. Марокко. Они конституционные предписания, касающиеся организации и функционирования судебной власти, подразделяют на три группы:

- Предписания, определяющие конституционно-правовую природу судебной власти и принципиальные аспекты организации судебной власти;
- Предписания, закрепляющие аспекты судопроизводства;
- Предписания, закрепляющие аспекты статуса судьи [1,с.40-51].

К первой группе указанные авторы относят следующие конституционные положения - принцип осуществления правосудия только судом, положения, регулирующие порядок

организации Конституционного суда, Верховного суда. Вторую группу составляют положения, в которых указываются виды судопроизводств - конституционное, гражданское, административное и уголовное, принципы судопроизводства - равенства и состязательности сторон, открытости и гласности судопроизводства, а также принципы - гарантии: презумпция невиновности, запрет повторного осуждения за одно и то же преступление. Третью группу составляют положения о требованиях к кандидатам на должность судьи и принципы - несменяемость и неприкосновенность судей и их гарантии [1,с.40-51].

Т.Я Замятина, в свою очередь, даёт следующую классификацию конституционных норм, регулирующих порядок организации и деятельности судебной власти:

1) нормы, закрепляющие судебную власть в качестве самостоятельной ветви государственной власти;

2) нормы, предусматривающие непосредственную судебную защиту конкретных прав и свобод человека и гражданина;

3) основы, определяющие органы судебной власти, их систему и правовой статус;

4) основы, закрепляющие правовой статус судей;

5) норма, закрепляющая формы осуществления судебной власти;

6) принципы судопроизводства;

7) финансовая основа [3].

В контектсте исследуемого вопроса, считаем целесообразным проанализировать конституционные нормы для полного и всестороннего исследования конституционно-правовой основы организации и деятельности судов. Как нами не раз было подчеркнуто, Конституция Республики Таджикистан устанавливает, что Таджикистан -правовое государство (ст.1), а государственная власть осуществляется на основе ее разделения на законодательную, исполнительную и судебную (ст. 9). Согласно части 2 статьи 84 Конституции РТ, Конституционный суд, Верховный Суд, Высший экономический суд, Военный суд, Суд Горно-Бадахшанской автономной области, суды областей, города Душанбе, городов и районов, Экономический суд Горно-Бадахшанской автономной области, экономические суды областей и города Душанбе, осуществляют судебную власть в Таджикистане.

Вместе с тем Конституция РТ содержит нормы, определяющие основные начала (принципы) организации и деятельности судебных органов (требования к кандидатам на должность судьи всех судов РТ, осуществления правосудия только судом, независимость судей и их подчинение только закону, гласность судопроизводства, состязательность и равноправие сторон, язык судопроизводства, равноправия всех перед законом и судом, неприкосновенность личности, неприкосновенность жилища), порядок избрания и назначения судей и их правовое положение [2,с.14].

Конституция Республики Таджикистан провозглашает, что судьи в своей деятельности независимы, подчиняются только Конституции и закону. Такое положение Конституции гарантирует и обеспечивает судей судов Республики Таджикистан, в том числе и судей судов общей юрисдикции, чтобы предупредить произвол в деятельности других ветвей государственной властей и реально защитить права и свободы граждан, их объединений, общества в целом и государства.

В Конституции Республики Таджикистан закреплена норма, имеющая прямое отношение к судам, предусматривающая гарантии судебной защиты (ст.19). Конституционное положение судебной защиты, предусмотренной ст.19 гарантирует каждому (не только гражданами Таджикистана, но иностранным гражданам и лицам без гражданства) судебную защиту их прав и свобод. Судебная защита, как и гарантия, означает, что, если с одной стороны - это право каждого обращаться в суд за защитой своих прав и законных интересов, с другой стороны - это обязанность суда рассмотреть и разрешить это обращение. Процедура осуществления судебной защиты осуществляется как процессуальная деятельность, которая устанавливается нормами процессуальных законодательств.

Анализируя нормы Конституции Республики Таджикистан, можно утверждать, что по смыслу и содержанию следующие нормы выступают в качестве принципов судопроизводства в судах: единство системы органов судебной власти, осуществление правосудия только судом, судебная защита, независимость судей, равенство всех перед законом и судом, открытое разбирательство дел во всех судах, презумпция невиновности, гласность, состязательность судопроизводства, язык судопроизводства, единоличное и коллегиальное рассмотрение дел и так далее.

Конституционные нормы, предусматривающие требования к кандидатам на должность судьи (ст.85,89), порядок их назначения (ст.86) или избирания (ст. ст. 69 и ст.56), полномочия

других ветвей государственной власти в формировании судейского корпуса (ч.ч. 8 и 12 ст.69 и ч.2 ст.56) также подтверждают высокую роль Конституции в организации и деятельности судов общей юрисдикции Республики Таджикистан

Таким образом, на основе представленных позиций и изучения положений Конституции Республики Таджикистан, мы пришли к выводу, что конституционное закрепление основ организации и деятельности судебных органов имеет следующие особенности. Во-первых, нормы, закрепляющие правовые основы организации и деятельности судебной власти содержатся в различных главах Конституции Таджикистана. Так, конституционные нормы о судебной власти помимо главы 8 «Суд» содержатся в главе 1 «Основы конституционного строя», главе 2 «Права, свободы, основные обязанности человека и гражданина», главе 3 «Маджлиси Оли», главе 4 «Президент». Ни один другой правовой институт не имеет такой «разбросанности». Это говорит также о взаимопроникновении данных институтов, а значит, и властей. Во-вторых, деятельность судебной власти имеет выраженную направленность на защиту прав и свобод граждан. Как отмечают отечественные и зарубежные авторы, «судебная защита, будучи государственной, юридической, является наиболее эффективным из всех выработанных мировой практикой способом охраны прав личности. Уровень судебной защиты – основной показатель правового характера государства и демократичности общества» [8,с.164-169]. Так, из 33 статей Конституции, регулирующих правовое положение личности, в 7 непосредственно предусмотрена их судебная защита. В-третьих, основы организации и деятельности органов судебной власти имеют наиболее полную детализацию по сравнению с нормами, посвященными другим ветвям власти. В-четвертых, в Конституции наиболее полно определён правовой статус должностных лиц судебных органов - судей, чего нельзя сказать о конституционном статусе должностных лиц законодательной и исполнительной власти. Тем самым законодатель ещё раз подчеркнул значимость судебной власти, необходимость её независимости.

Исходя из вышеизложенного, можно заключить, что конституционная регламентация порядка организации и деятельности судебной власти и судебной системы подразумевает закрепление основополагающих положений в Конституции, определяющих сущность судебной власти как особой формы деятельности государства, правовое положение её органов и должностных лиц, принципы их организации и деятельности.

ЛИТЕРАТУРА

1. Алешкова И. А. Конституционные основы судебной власти: Курс лекций для бакалавров / И. А.Алешкова, И.А.Дудко, Н.А. Марокко. -М.: РГУП, 2015. – С.40-51.
2. Гафуров Х.М. Судебная система Республики Таджикистан: сравнительно-правовой анализ: автореф. дисс…канд.юрид.наук / Х.М. Гафуров. - М., 2006. -С.14.
3. Замятина Т.А. Конституционные основы судебной власти. [Электронный ресурс]. - Режим доступа: https://http://media.miu.by/files/store/items/uses/xvii/mim_uses_xvii_31032.pdf. (Дата обращения: 10.12.2020 г.).
4. Конституция Республики Таджикистан 1994 года, с последующими изменениями и дополнениями от 26 сентября 1999 г. и 22 июня 2003 г. -Душанбе, 2003. -С.55-57.
5. Конституция РТ от 6.11.1994 г., с посл. измен. и доп. // Адлия: Централиз. банк правовой информации РТ. Версия 6.0. / М-во юстиции РТ. - Душанбе, 2017. – 1 электрон. опт. диск (CD - ROM).
6. Лившиц Р.З. Теория права. -С. 164–169.
7. Люшер Ф. Конституционная защита прав и свобод личности / Ф.Люшер. - М., 1993. -С. 15
8. Риздаль Р. Выступление на IV внеочередном всероссийском съезде судей председателя Европейского суда по правам человека // Энтин М.Л. Международные гарантии прав человека. -М., 1997. -С. 5; Люшер Ф. Конституционная защита прав и свобод личности. -М., 1993. -С. 15; Лившиц Р.З. Теория права. -С. 164–169.
9. Холиков, К.Н. Конституционный суд и конституционное судопроизводство в Таджикистане / К.Н. Холиков. - Душанбе, 2014.

ТАНЗИМИ КОНСТИТУТСИОНИИ ТАРТИБИ ТАШКИЛ ВА ФАЪОЛИЯТИ ҲОКИМИЯТИ СУДӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар мақола муаллиф танзими конститутсионии тартиби ташкил ва фаъолияти ҳокимияти судиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ намудааст. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон асосҳои ташкил ва фаъолияти ҳокимияти судӣ дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳким гардида, дар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии муқаррароти онро инкишофдиҳанда аниқ карда шудаанд. Муаллиф қайд менамояд, ки ҷойгоҳи асосӣ дар низоми санадҳои меъёрӣ, ки фаъолияти судҳоро танзим менамоянд, ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6.11.1994 сол нисбат дода мешавад, ки дар он муқаррароти бунёдӣ нисбати ташкил ва фаъолияти ҳокимияти судӣ ва низоми судӣ ҷой дорад. Меъёрҳои конститутсионие, ки талаботро нисбати номзадон ба вазифаи судя (моддаҳои 85,89), тартиби таъин (моддаи 86) ва ё интихоби онҳо (моддаҳои 69 ва 56), ваколати дигар шохаҳои ҳокимият дар ташкили корпуси судӣ (қ. 8 ва 12 м.69 ва қ.2 моддаи 56) пешбинӣ менамоянд, инчунин нақши олии Конститутсияро дар ташкил ва фаъолияти судҳои дорои салоҳияти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ менамоянд. Бо дарназардошти гуфтаҳои боло метавон хулосабарорӣ намуд, ки танзими конститутсионии тартиби ташкил ва фаъолияти ҳокимияти судӣ таҳкими муқаррароти асосии Конститутсияро дар назар дорад, ки моҳияти ҳокимияти судиро ҳамчун шакли махсуси фаъолияти

давлат, вазъи ҳуқуқии мақомоти он ва шахсони мансабдор, принсипҳои ташкили фаъолияти онҳо муайян менамояд.

Калидвожаҳо: асосҳои ташкил ва фаъолияти ҳокимияти судӣ, моҳияти ҳокимияти судӣ, ташкил ва фаъолияти судҳо, меъёрҳои конститутсионӣ.

КОНСТИТУЦИОННАЯ РЕГЛАМЕНТАЦИЯ ПОРЯДКА ОРГАНИЗАЦИИ И ДЕЯТЕЛЬНОСТИ СУДЕБНОЙ ВЛАСТИ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

В статье автором подвергнута рассмотрению конституционная регламентация порядка организации и деятельности судебной власти в Республике Таджикистан. В Республике Таджикистан основы организации и деятельности судебной власти закреплены в Конституции Республики Таджикистан и конкретизированы в развивающих ее положения нормативных правовых актах. Автор отмечает, что главенствующее место в системе нормативных актов, регулирующих деятельность судов, отводится Конституции Республики Таджикистан от 6.11.1994 года, в который содержатся фундаментальные положения относительно организации и деятельности судебной власти и судебной системы. Конституционные нормы, предусматривающие требования к кандидатам на должность судьи (ст.85,89), порядок их назначения (ст.86) или избирания (ст. ст. 69 и ст.56), полномочия других ветвей государственной власти в формировании судейского корпуса (ч.ч. 8 и 12 ст.69 и ч.2 ст.56) также подтверждают высокую роль Конституции в организации и деятельности судов общей юрисдикции Республики Таджикистан. Исходя из вышеизложенного, можно заключить, что конституционная регламентация порядка организации и деятельности судебной власти и судебной системы подразумевает закрепление основополагающих положений в Конституции, определяющих сущность судебной власти как особой формы деятельности государства, правовое положение её органов и должностных лиц, принципы их организации и деятельности.

Ключевые слова: основы организации и деятельности судебной власти, сущность судебной власти, организация и деятельность судов, конституционные нормы.

CONSTITUTIONAL REGULATIONS OF ORGANIZATION AND ACTIVITIES OF THE JUDICIAL POWER IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

In the article, the author examines the constitutional regulation of the order of organization and activity of the judiciary in the Republic of Tajikistan. In the Republic of Tajikistan, the foundations of the organization and activity of the judiciary are enshrined in the Constitution of the Republic of Tajikistan and are concretized in normative legal acts that develop its provisions. The author notes that the dominant place in the system of normative acts regulating the activities of the courts is assigned to the Constitution of the Republic of Tajikistan dated November 6, 1994, which contains fundamental provisions regarding the organization and operation of the judiciary and the judicial system. Constitutional norms stipulating requirements for candidates for the office of a judge (Articles 85, 89), the procedure for their appointment (Article 86) or election (Articles 69 and 56), the powers of other branches of state power in the formation of the judiciary (parts 8 and 12 of article 69 and part 2 of article 56) also confirm the high role of the Constitution in the organization and operation of courts of general jurisdiction of the Republic of Tajikistan. Based on the foregoing, we can conclude that the constitutional regulation of the order of organization and activity of the judiciary and the judicial system implies the consolidation of fundamental provisions in the Constitution that define the essence of the judiciary as a special form of state activity, the legal status of its bodies and officials, the principles of their organization and activities.

Key words: fundamentals of the organization and activity of the judiciary, the essence of the judiciary, the organization and activity of courts, constitutional norms.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Мирзамонзода Хайрулло Мирзамон*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17

Сведения об авторе: ***Мирзамонзода Хайрулло Мирзамон*** – Таджикский национальный университет, кандидат юридических наук, доцент кафедры судебного права и прокурорского надзора. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17

Information about the author: ***Mirzamonzoda Khairullo Mirzamon*** – Tajik National University, candidate of legal sciences, associate professor of the Department of Judicial Law and Prosecutorial Supervision. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki avenue, 17

УДК: 343.137.5

ФУНКСИЯҲОИ ПРОКУРОР ДАР ДАВРАИ ТАФТИШОТИ ПЕШАКӢ АЗ РӮЙИ ПАРВАНДАҲОИ ҶИНОЯТӢ

Маҳмудов И.Т.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Яке аз самтҳои асосии фаъолияти давлатӣ, ки пеш аз ҳама, зарурати ҳимоя ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро рӯйи кор меорад, ин соҳаи мурофиаи судии ҷиноятӣ ба ҳисоб меравад. Зеро мувофиқи қонунгузории мурофиавии ҷиноятии амалкунанда дар ҷараёни оғози парвандаи ҷиноятӣ, рафти таҳқиқ, тафтиши пешакӣ ва муҳокимаи судии парвандаи ҷиноятӣ имконияти васеи маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд ҷой дорад. Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ ба субъектони дахлдори пешбурди мурофиаи ҷиноятӣ ваколат додааст, ки дар ҳолатҳои бо кодекс пешбинишуда нисбати доираи муайяни иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ чораҳои

маҷбуркунии мурофиавии ҷиноятиро татбиқ намоянд. Гузашта аз ин, дар ҷараёни гузаронидани амалҳои алоҳидаи тафтишӣ боз ҳам эҳтимолияти дахолат кардан ба чунин ҳуқуқҳои конститутсионии шахс, аз қабили дахлнопазирии шахс ва манзил, маҳрамияти мукотиба, суҳбатҳои телефонӣ, муросилот ва мухобироти шахс, дахлнопазирии ҳаёти шахсӣ, шаъну шараф, озодии мусоифрат ҷой доранд. Бинобар ин, дар мурофиаи судии ҷиноятӣ низоми кафолатҳое ҷой доштанашон зарур ва муҳим аст, ки барои таъмини воқеии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, қонунӣ гузаронидани амалҳои тафтишӣ ва мурофиавӣ, баррасии холисона ва одилонаи парвандаи ҷиноятӣ дар суд мусоидат намоянд. Яке аз кафолатҳои муҳимми таъмини қонуният ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар мурофиаи судии ҷиноятӣ ин падидаи иштироки прокурор дар мурофиаи судии ҷиноятӣ ба ҳисоб меравад. Таъйиноти конститутсионии мақомоти прокуратура мувофиқи муқаррароти моддаи 93-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон назорати риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳо дар ҳудуди Тоҷикистон муқаррар шудааст. Мувофиқи моддаи 1-и Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми ягонаи марказонидашуда мебошад, ки дар доираи ваколатҳои худ риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳоро дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон назорат мекунад. Дар қисми 2-и моддаи мазкур зикр мешавад, ки Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон инчунин дигар вазифаҳоеро, ки Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни конститутсионии мазкур ва дигар қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ кардаанд, иҷро менамояд. Пас, прокуратура дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баробари функсияи назорати прокурорӣ, инчунин дигар функсия ва вазифаҳоеро, ки қонунгузорӣ муқаррар кардааст, анҷом медиҳад. Қайд кардан бамаврид аст, ки калимаи «функсия» дар қонунгузории амалкунанда истифода нашудааст. Таҳлили қонунгузорӣ дар бораи прокуратура ва қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ нишон медиҳад, ки дар он бештар калима ва ибораҳои «вазифаҳои прокуратура», «самтҳои асосии фаъолияти прокуратура» ва «таъйинот» истифода мешаванд. Аз ин рӯ, дар аксарияти маврид ибораи функсияҳои прокурор маънои вазифа ва самтҳои асосии фаъолияти прокурорро дар мурофиаи судии ҷиноятӣ ифода карда, истифодаи он бо ҳамин ном қобили қабул аст.

Таҷрибаи ҷаҳонии таъсис ва фаъолияти мақомоти прокуратура дар кишварҳои мухталиф, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки прокуратура аз замони таъсис то кунун ҳамеша ба пешбурди истеҳсолоти парвандаҳои ҷиноятӣ робитаи зич ва устувор дорад. Чунин алоқамандӣ аз як қатор омилҳо вобастагӣ доранд. Ба он, пеш аз ҳама, дохил мешаванд низом ва режими сиёсии давлат, дараҷаи икишофи иҷтимоӣ-иқтисодии кишвар, махсусиятҳои миллӣ, сатҳи инкишофи падидаҳои ҳуқуқӣ, менталитети мардум, воқеияти ҳуқуқӣ ва ғ. Ин омилҳои умумииҷтимоӣ дар умум зарурияти иштироки прокурорро дар мурофиаи судии ҷиноятӣ рӯйи кор овардаанд. Омили дигар ин хусусияти оммавӣ доштани мурофиаи ҷиноятӣ, яъне аз номи давлат амалӣ кардани он ба ҳисоб меравад. Азбаски айбдорӣ аз номи давлат (ба истиснои парвандаҳои айбдории хусусӣ) пешбарӣ мешавад, пас зарурати дар суд дастгирӣ кардани он бояд аз ҷониби шахси мансабдоре ба роҳ монда шавад, ки нисбат ба судшаванда беғараз бошад, асоснокӣ ва қонунӣ будани айби давлатӣ, риояи ҳуқуқу озодиҳои на танҳо ҷабрдида, балки судшавандаро низ таъмин намояд. Ба сифати чунин шахси мансабдор ба назари мо, танҳо прокурор баромад карда метавонад. Муфаттиш ва таҳқиқбаранда низ намояндаи давлат ба ҳисоб мераванд. Вале азбаски тафтишоти пешакиро оид ба парванда анҷом додаанд, эҳтимол аст, ки онҳо холисона айби давлатиро дастгирӣ намуда, ин функсияи прокурорро дар ин самт ба таври дахлдор иҷро намоянд. Дар шароити муосир бе иштироки прокурор мурофиаи судии ҷиноятиро тасаввур кардан имконнопазир аст. Прокурор ягона иштирокчие ҳаст, ки метавонад дар тамоми даврaҳои мурофиаи ҷиноятӣ иштирок намуда, барои таъмини қонуният ва таъмини ҳуқуқу озодиҳои иштирокчиёни мурофиа мусоидат намояд. Ба шарофати Истиқлолияти давлатӣ дар ҳаёти ҳуқуқии ҷомеаи Тоҷикистон дигаргуниҳои куллӣ ба вуқӯъ пайвастанд. Баъд аз касби Истиқлолияти давлатӣ ва роҳи бунёди давлати демокративу ҳуқуқбунёдро пеша намудани Тоҷикистон заминаҳои ташкилӣ ва ҳуқуқии иштироки прокурор дар мурофиаи ҷиноятӣ тақвият ёфтанд. Соҳибихтиёрии давлатӣ имкон фароҳам овард, ки қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ бо дарназардошти арзишҳои пазируфтаи байналмилалӣ, шароити нави давлатдорӣ ва воқеияти нави ҳуқуқии кишвар таҳия ва қабул карда шавад. Дар заминаи чунин навгониҳо соли 2009 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд КМҶ ҶТ) дар таҳрири нав қабул карда шуд, ки аз 1-уми апрели соли 2010 ба ҳукми амал қонун [7]. Яке аз дастовардҳои муҳимми Кодекс ин таъмини шароити арзанда барои баҳсу мунозираи воқеӣ ва баробарии тарафҳо ба ҳисоб меравад. Яъне, прокурор

имкон пайдо кард, ки ҳамчун иштирокчии баробарҳуқуқи мурофиа ва намояндаи тарафи айбдорӣ мавриди таҳқиқи ҳолатҳои кор ва пешниҳоди далелҳо дар суд фаъолона иштирок намояд. Аз нигоҳи кодекси амалкунанда ба таври ҷиддӣ ваколатҳои прокурор ва суд дар мурофиаи ҷиноятӣ бознигарӣ шуда, ҳудуди иштироки суд дар мурофиаи ҷиноятӣ амалан васеъ гашт. Дар маҷмӯъ, қабули КМҶ ҶТ дар таҳрири нав ба ҷудошавӣ ва мустақилияти функсияҳои мурофиавии таъқиботи ҷиноятӣ, ҳимоя ва баррасии парванда дар суд мусоидат намуд.

Дар натиҷаи амалишавии ислоҳотҳои судӣ-ҳуқуқӣ дар кишвар, тарзи маъруфи ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд эътироф шудани мурофиаи ҷиноятӣ ва ба ҳайси принсипҳои калидии мурофиаи ҷиноятӣ пазируфта шудани баҳсу мунозира ва баробарии тарафҳо, эҳтимолияти бегуноҳӣ асосҳои бунёдии мурофиаи ҷиноятӣ куллан тағйир ёфтанд [8,с.247-248].

Дар робита ба ин масъала профессор Искандаров З.Ҳ. бамаврид ишора кардаанд, ки акнун дар мурофиаи ҷиноятӣ аз ҷониби мақомоти дахлдори давлатӣ пурра, ҳаматарафа ва объективона тадқиқ намудани ҳолатҳои кори ҷиноятӣ ҳамчун усули ягонаи барқарор намудани ҳақиқат ва адолат истифода нашуда, мубоҳиса чун дастоварди пешқадамтари инсоният баҳри ҳаллу фасли ҷавобгарии шахс, ки худ баҳснок аст, чун тарзи баамалбарории адолати судӣ ва расидан ба адолати иҷтимоӣ истифода карда мешавад [5,с.15].

Ба назари мо, омилҳои асосие, ки дар шароити кунунӣ ногузир иштироки прокурорро дар мурофиаи судии ҷиноятӣ рӯйи кор меоранд, инҳо зарурати таъмини қонуният дар мурофиаи ҷиноятӣ, ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои иштирокчиёни мурофиа ва мубоҳисавӣ будани мурофиаи судӣ мебошанд. Бинобар ин, иштироки прокурор дар мурофиаи судии ҷиноятӣ ҳамеша аз самтҳои афзалиятноки фаъолияти мақомоти прокуратура боқӣ мемонад.

Бояд қайд намуд, ки дар илми мурофиаи ҷиноятӣ ва назорати прокурорӣ аз ҷониби доираи муайяни олимони ватанӣ ва хориҷ масъалаи мазмун, моҳият ва низоми функсияҳои мурофиавии прокурор дар даврaҳои тосудии мурофиаи ҷиноятӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд.

Дар фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқ функсияҳои мурофиаи ҷиноятӣ – самтҳои асосии бо қонун муқаррагардидаи фаъолияти субъектони мурофиавӣ, ки аз рӯйи нақш ва таъйиноти онҳо ба амал бароварда мешавад, маънидод шудааст [8,с.494].

Дар адабиётҳои илмӣ ва таълимӣ низ, дар маҷмӯъ, дар зери мафҳуми функсияҳои прокурор чунин самти фаъолияти ӯ фаҳмида мешавад, ки таъйиноти иҷтимоии прокуратураро ифода намуда, дорои вазифа, предмет, ваколат ва воситаҳои ҳуқуқии назоратӣ мебошад [9,с.65].

Дар иртибот ба ин масъала олими рус В.Б. Ястребов бар он назар аст, ки функсияҳои прокурор дар мурофиаи ҷиноятӣ уҳдадории иҷрои самтҳои муайяни фаъолияти мурофиавӣ аз ҷониби шахси мансабдори мақомоти прокуратураро дар назар дорад, хусусияти давлатӣ-ҳуқуқии таъйиноти прокуратураро дар самти таъмини қонунӣ будани тафтишот ва баррасии парванда дар суд ифода менамояд. Функсияҳои прокурор дар ҷодаи муайян намудани вазъи ҳуқуқии прокурор ҳамчун иштирокчии мурофиаи ҷиноятӣ саҳми бориз доранд. Ба назари ӯ, нишонаҳои асосие, ки функсияҳои прокурорро тавсиф менамоянд, инҳоянд: 1) аз ҷониби қонун эътироф шудани он; 2) алоқамандии он ба ҳалли вазифаҳои мурофиаи ҷиноятӣ; 3) хусусияти мурофиавӣ-ҳуқуқӣ доштани он; 4) хусусияти истисноӣ доштани фаъолият оид ба таъмини он, ки имконияти аз ҷониби дигар сохторҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ анҷом додан онҳоро истисно менамояд. Функсияҳои прокурор дар мурофиаи ҷиноятӣ ба мисли мурофиаи ҷиноятӣ дар як рӯзу ду рӯз ташаккул наёфта, барои расидан ба имрӯз роҳи дарозу пурпечутоби таърихиро тай кардааст [14,с.619].

Мувофиқи нуқтаи назари олими рус Тушев А.А., функсияҳои мурофиавии ҷиноятии прокурор - ин уҳдадории (ваколати) хусусияти умумидоштаи тибқи қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ ба зиммаи ӯ вогузоршуда ба хотири иҷрои вазифаҳо ва ба даст овардани мақсадҳои мушаххаси мурофиаи ҷиноятӣ мебошад [10,с.54].

Дар асл таҳлили қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки ҳар як иштирокчии мурофиа барои иҷрои вазифа ва ё мақсади муайян ҷалб шуда, онро ба воситаи шакл, восита ва усулҳои гуногуни мурофиавӣ анҷом медиҳад. Қобили қайд аст, ки прокурор низ дар даврaҳои гуногуни мурофиаи ҷиноятӣ функсияҳои муайянро анҷом медиҳад. Бо иваз шудани даврaҳои мурофиаи ҷиноятӣ ва пешбурди парвандаи ҷиноятӣ аз марҳила ба марҳилаи дигар, мазмуни функсияҳои прокурор низ

тағйир меёбанд. Аз ин рӯ, мафҳуми пешниҳоднамудаи муаллиф дар робита ба функсияҳои мурофиавии прокурор қобили қабул мебошад.

Ҳамзамон, ӯ бар чунин назар аст, ки мувофиқи қонунгузории амалкунанда прокурор дар мурофиаи ҷиноятӣ функсияҳои зеринро амалӣ менамояд:

1) мубориза бо ҷиноятқорӣ;

2) назорати иҷрои қонунҳо дар фаъолияти мурофиавии мақомоти таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ;

3) ҳимояи ҳуқуқ;

4) таъқиботи ҷиноятӣ;

5) роҳбарии фаъолияти мурофиавии муфаттиш, таҳқиқбаранда ва мақомоти таҳқиқ оид ба оғози парвандаи ҷиноятӣ ва тафтиши ҷиноят;

6) ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ оид ба оғози парвандаи ҷиноятӣ ва тафтиши ҷиноят [10,с.59].

Дар таҳқиқоти диссертатсионии худ Ержипалиев Д.И. қайд менамояд, ки дар давраҳои тосудии мурофиаи ҷиноятӣ прокурор функсияи таъқиботи ҷиноятӣ ва назорати фаъолияти мурофиавии мақомоти тафтишоти пешакиро анҷом медиҳад [4,с.72-73].

Ӯ ҳамзамон функсияи таъқиботи ҷиноятиро нисбат ба функсияи назорати прокурорӣ дуюмдараҷа ва аз он ҳосилшуда ҳисобида, чунин мешуморад, ки амалишавии он ба як мақсади ягона - риоя ва таъмини қонуният дар мурофиаи судии ҷиноятӣ тобеъ аст. Ҳангоми тасдиқи хулосаи айбдорӣ бо парвандаи ҷиноятӣ прокурор асоснокӣ ва ваҷҳнокии хулосаҳои мақомоти мақомоти тафтишоти пешакиро санҷида, ба далеҳо баҳо медиҳад, то ин ки парванда мавриди баррасии судӣ қарор гирифта, нисбат ба он санади қонунӣ, асоснок ва одилона қабул карда шавад [4,с.71].

Ба андешаи Халиулин А.Г., таносуби функсияҳои мазкур дар давраҳои тосудии мурофиаи ҷиноятӣ бори дигар воқеияти хулоса ва андешаҳои дар адабиётҳои илмӣ ҷойдоштаро, дар он хусус, ки таъқиботи ҷиноятӣ дар муносибат ба функсияи назорати прокурорӣ функсияи иловагӣ мебошад, тасдиқ менамояд [12,с.23].

Ба андешаи як гурӯҳ олимони варзидаи рус К.И. Амирбеков, С.Е. Егоров ва А.Г. Халиулин, дар давраҳои тосудии мурофиаи ҷиноятӣ самти асосӣ ва ягонаи фаъолияти прокуратураи ватанӣ ба мисли пешин ҳамчун назорати тафтишоти пешакӣ боқӣ мемонад [1,с.72].

Ба андешаи профессор Искандаров З.Ҳ., прокуратура дар шароити муосир дар мурофиаи ҷиноятӣ он мавқееро соҳиб аст, ки пеш аз ҳама, он бо дарназардошти функсияи конститутсионии прокуратура асос меёбад. Мавсуф ишора менамояд, ки мақомоти прокуратура аз оғози таъсис то кунун функсияи назорати иҷрои қонунҳоро амалӣ менамояд. Прокуратура ягона мақомоти давлатиест, ки назорати иҷрои қонунҳо мазмун, моҳият ва асоси фаъолияти онро ташкил медиҳад. Ба назари ӯ, дигар функсияҳои прокуратура функсияҳои мусоидаткунанда ба ҳисоб мераванд [6,с.71-72].

Ба андешаи Р.Р. Юлдошев, муҳимтарин функсияҳои прокурор дар мурофиаи ҷиноятӣ ин таъқиботи ҷиноятӣ, назорати иҷрои қонунҳо аз тарафи мақомоте, ки таҳқиқу тафтиши пешакиро анҷом медиҳанд ва назорати риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар давраҳои тосудии мурофиаи ҷиноятӣ ташкил медиҳанд. Ӯ чунин мешуморад, ки функсияи таъқиботи ҷиноятии оммавӣ дар ду қисмати мустақил: давраҳои тосудӣ ва судӣ амалӣ мешавад. Дар давраҳои тосудӣ бо роҳи оғози парванда ва тафтиши он ва дар марҳилаҳои судии мурофиаи ҷиноятӣ бошад, бо роҳи дастгирии айби давлатӣ дар суди марҳилаи якум ва овардани эътироз нисбат ба санадҳои судӣ ба судҳо марҳилаҳои болоӣ [13,с.216-222].

Мувофиқи нуқтаи назари Ҷонаков А.А., ҷиҳати таъмини волоияти қонун, таҳкими қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ, манфиати давлату ҷомеа набояд роҳи аз иҷрои функсияҳои ба мақомоти прокуратура хос озод кардани прокурорро интихоб намуд. Прокуратура ҳамчун мақомоти махсусгардонидашудаи назорати иҷрои қонунҳо бо дарназардошти таъйиноти хеш бояд функсияи назорати иҷрои қонунҳо ва таъқиботи ҷиноятиро (айбдориро) доро бошад [3,с.144-145].

Бояд зикр намуд, ки дар умум тамоми андешаҳои дар боло овардаи олимон ва мутахассисони соҳа асоси воқеӣ дошта, қобили дастгирӣ ва эҳтиром аст.

Натиҷаи таҳлил ва омӯзиши қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз он шаҳодат медиҳад, ки таъйинот, самтҳои фаъолият ва функсияҳои прокурор дар давраҳои тосудии мурофиаи судии ҷиноятӣ дар моддаҳои 30,31 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва моддаҳои 26, 36, 150, 168, 247 ва 248-и Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври возеҳу равшан баён шудаанд.

Ҳамзамон, шаклу усулҳои амалисозии функсияҳои прокурор дар давраҳои тосудии мурофиаи ҷиноятӣ дар фармонҳои Прокурори генералии Тоҷикистон «Дар бораи ташкили назорати прокурорӣ оид ба риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳо ҳангоми таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ» аз 15 феврали соли 2016 таҳти №25 ва «Дар бораи пурзӯр намудани назорати прокурорӣ оид ба риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар ҷараёни пешбурди таҳқиқ, тафтиши пешакӣ ва ба амал баровардани адолати судӣ» аз 15 феврали соли 2016 таҳти №30 ба таври мушаххас пешбинӣ шудаанд.

Аз ҷумла, дар моддаи 36-и КМҶ ҶТ самтҳои асосии фаъолият ва функсияҳои прокурор дар давраҳои тосудии мурофиаи ҷиноятӣ ба таври зайл муқаррар шудаанд: «Прокурор шахси мансабдори давлатӣ буда, …дар ҳамаи давраҳои мурофиаи ҷиноятӣ таъқиби онро таъмин менамояд. Прокурор назорати риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳоро аз ҷониби мақомоти таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ амалӣ менамояд…».

Аз таҳлили Кодекси мурофиавии ҷиноятии кишвар чунин хулоса кардан мумкин аст, ки вобаста ба давраҳои мурофиаи ҷиноятӣ функсияҳои прокурор тағйир меёбанд. Масалан, дар давраҳои оғози парвандаи ҷиноятӣ ва тафтишоти пешакӣ прокурор функсияҳои назорати прокурорӣ ва таъқиботи ҷиноятиро анҷом медиҳад. Ҳамзамон, новобаста аз мавқеи мурофиавии иштирокчиёни мурофиа дар давраҳои тосудии мурофиаи ҷиноятӣ прокурор ҳуқуқу озодӣ ва манфиатҳои қонунии онҳоро ҳимоя намуда, барои барқарор намудани ҳуқуқҳои поймолшуда чораҳои дахлдор меандешад.

Мазмуну моҳияти функсияи назорати прокурориро оид ба иҷрои қонунҳо аз ҷониби мақомоти тафтишоти пешакӣ, дар асосҳои доимӣ ба амал баровардани фаъолият ҷиҳати риояи ҳуқуқ ва озодиҳои иштирокчиёни мурофаи судии ҷиноятӣ, бо тартиби муқарраркардаи қонунгузорӣ баррасӣ ва ҳалли аризаву маълумот оид ба ҷиноят ва рафти тафтишот, қонунӣ будани қарорҳои мурофиавии қабулнамудаи мақомоти таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ, андешидани чораҳо ҷиҳати бартараф кардани қонуншиканиҳои рухдода, барқарор намудани ҳуқуқ ва озодиҳои вайроншуда, инчунин бартараф намудани шарту ҳолатҳое, ки ба он мусоидат намудаанд ва андешидани чораҳо бо мақсади ба ҷавобгарӣ кашидани шахсони гунаҳкори масъул тибқи талаботи қонун пешбинишударо ташкил медиҳад.

Дар баробари функсияи назорати прокурорӣ, ҳамзамон, функсияи таъқиботи ҷиноятӣ низ аз функсияҳои муҳимми прокурор дар давраҳои тосудии мурофиаи ҷиноятӣ ба ҳисоб меравад.

Таҳлили меъёрҳои Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки нишонаҳои асосии таъқиботи ҷиноятӣ инҳо ба ҳисоб мераванд: таъқиботи ҷиноятӣ фаъолияти мурофиавии мақомоти тафтиши пешакӣ, таҳқиқ, прокурор мебошад; таъқиботи ҷиноятӣ дар маҷмӯъ хусусияти айбдоркуниро дорад; таъқиботи ҷиноятӣ ба таври истисно танҳо аз ҷониби мақомоти дахлдор ва шахсоне, ки ба тарафи айбдорӣ хосанд, ба амал бароварда мешавад; таъқиботи ҷиноятӣ ин фаъолияти мақсаднок бо мақсади ошкор намудани гумонбаршуда, айбдоршаванда, судшаванда, маҳкумшуда дар содир кардани ҷинояти бо Кодекси ҷиноятӣ манъшуда мебошад.

Ҳамин тариқ, бояд қайд намуд, ки таъқиботи ҷиноятӣ ҳамчун функсияи мақомоти прокуратура амалҳои зеринро дар бар мегирад: оғози парвандаи ҷиноятӣ нисбати шахси мушаххас, аз ҷониби прокурор ба ҷавобгарӣ кашидани шахс ба сифати айбдоршаванда, тасдиқи хулосаи айбдорӣ аз ҷониби прокурор ва ба суд барои баррасӣ фиристодани он, дастгирии айби давлатӣ дар суд.

Андешае ҷой дорад, ки назорати прокурорӣ ва таъқиботи ҷиноятӣ ду функсияи мустақили баробаразише мебошанд, ки дар давраҳои тосудии мурофиаи ҷиноятӣ аз ҷониби прокурор ба амал бароварда мешаванд. Ҳар кадом аз функсияҳои ишорашуда аз нигоҳи доштани вазифаҳои хос, предмет, объект, мазмун ва ҳадди он, инчунин воситаҳои ҳуқуқии амалишавии онҳо фарқ мекунанд. Омилҳои онҳоро аз ҳамҷудокунанда вазифа, предмет, объект, мазмун ва ҳудуди амал ба ҳисоб мераванд [2,с.59].

Ҳамин тариқ, дар асоси таҳлили қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон метавон чунин функсияҳои прокурорро дар давраҳои тосудии мурофиаи ҷиноятӣ ҷудо намуд: функсияи назорати риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳо аз ҷониби мақомоти таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ; функсияи таъқиботи ҷиноятӣ; функсияи ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои иштирокчиёни мурофиа.

АДАБИЁТ

1. Амирбеков К.И. Функции прокуратуры России в уголовном судопроизводстве / К.И. Амирбеков, С.Е. Егоров, А.Г. Халиулин // Вестник Академии Генеральной прокуратуры Российской Федерации. -М., 2011. -№6(26). -С. 72.

2. Буланова Н.В. Прокурор в досудебных стадиях уголовного судопроизводства Российской Федерации: монография / Н.В. Буланова. - М.: Юрлитинформ, 2015. -С.59.
3. Джонаков А.А. За сохранение функций органов прокуратуры Таджикистана / А.А.Джонаков //Законность. Теоретический и научно-практический журнал Генеральной прокуратуры РТ. Юбилейний номер. -2009. -№ 1. -С.144-145.
4. Ержипалиев Д.И. Прокурор как участник уголовного судопроизводства со стороны обвинения в досудебных стадиях: дис. … канд. юрид. наук / Д.И. Ержипалиев. - М., 2013. -С. 72-73.
5. Искандаров З.Ҳ. Нақши Конститутсия дар инкишофи ҳуқуқи судӣ / З.Ҳ. Искандаров // Нақши Конститутсия дар инкишофи соҳаҳои ҳуқуқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (маводҳои конфронси илмӣ-назариявӣ бахшида ба 17-солагии қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон). – Душанбе: Эксклюзив, 2012. - С. 15.
6. Искандаров З.Х. Роль прокуратуры в обеспечении прав и свобод человека в досудебной стадии уголовного процесса Республики Таджикистан: история и современность / З.Х. Искандаров, З.Х. Искандаров // Правовая жизнь (научно-информационный журнал). - Душанбе, 2017. - № 4 (20). - С. 71-72.
7. Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Дар таҳрири аз 3 декабри соли 2009. -Душанбе, 2010.
8. Маҳмудов И.Т. Моҳият ва самтҳои асосии иштироки прокурор дар суд мавриди баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ / И.Т. Маҳмудов //Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ). -2018. -№ 4. -С. 247-248.
9. Рябцев В.П. Функции и направления деятельности органов прокуратуры / Прокурорский надзор в Российской Федерации: Учебник / В.П. Рябцев. - М.: Юристъ, 2000. -С.65. Прокурорский надзор в Российской Федерации: Учебник / Под. ред. А.А. Чувилева. -М.: Юристъ, 2001. -С. 65.
10. Тушев А.А. Прокурор в уголовном процессе Российской Федерации: система функций и полномочий: дис. … д-ра юрид. наук / А.А. Тушев. - Краснодар, 2006. -С. 54.
11. Фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқ / Зери таҳрири академики Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илми ҳуқуқ, профессор Маҳмудов М.А. -Душанбе: Эр-граф, 2004. -620 с. (нашри дуюм). - С. 494.
12. Халиулин А.Г. Уголовное преследование как функция прокуратуры: автореф. дис. … д-ра юрид. наук / А.Г. Халиулин. - М., 1997. -С. 23.
13. Юлдошев Р.Р. Прокурорский надзор и уголовное преследование в Таджикистане // Прокуратура: вчера, сегодня, завтра (Сухаревские чтения) / Р.Р. Юлдошев //сб. материалов II Междунар. науч.-практ. конф. (г. Москва, 7 октября 2016 г.) под общ. ред. О.С. Капинуса; (под науч. ред. А.Ю. Винокурова; сост. Е.Ю. Алхутова, И.А. Васькина, Н.А. Кулакова); Акад. Ген. Прокуратуры Рос. Федерации. -М., 2017. -С.216-222.
14. Ястребов В.Б. Функции прокурора в уголовном судопроизводстве (былое и современность: некоторые уроки судебной реформы 1864 году) / В.Б. Ястребов // Актуальные проблемы российского права. -2014. -№4(41). -С.619.

ФУНКСИЯҲОИ ПРОКУРОР ДАР ДАВРАИ ТАФТИШОТИ ПЕШАКӢ АЗ РӮЙИ ПАРВАНДАҲОИ ҶИНОЯТӢ

Дар мақола функсияҳои прокурор дар давраи тафтишоти пешакӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ аз нуқтаи назари илмӣ ва қонунгузорӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шудаанд. Муаллиф қайд менамояд, ки яке аз кафолатҳои муҳимми таъмини қонуният ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар мурофиаи ҷиноятӣ ин падидаи иштироки прокурор ба ҳисоб меравад. Омилҳои асосие, ки дар шароити кунунӣ ногузир иштироки прокурорро дар мурофиаи ҷиноятӣ рӯйи кор меоранд, зарурати таъмини қонуният дар мурофиаи ҷиноятӣ, ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои иштирокчиёни мурофиа ва мубоҳисавӣ будани мурофиаи судӣ мебошанд. Дар асоси таҳлили қонунгузории амалкунанда муаллиф бар он назар аст, ки прокурор дар мурофиаи судии ҷиноятӣ функсияҳои зеринро анҷом медиҳад: функсияи назорати прокурорӣ; функсияи таъқиботи ҷиноятӣ; функсияи ҳимояи ҳуқуқ. Мазмуну моҳияти функсияи назорати прокурориро дар давраи тафтишоти пешакӣ ин аз ҷониби мақомоти тафтишоти пешакӣ дар асосҳои доимӣ ба амал баровардани фаъолият ҷиҳати риояи ҳуқуқ ва озодиҳои иштирокчиёни мурофаи судии ҷиноятӣ, бо тартиби муқарраркардаи қонунгузорӣ баррасӣ ва ҳалли аризаву маълумот оид ба ҷиноят ва рафти тафтишот, қонунӣ будани қарорҳои мурофиавии қабулнамудаи мақомоти таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ, андешидани чораҳо ҷиҳати бартараф кардани қонуншиканиҳои рухдода, барқарор намудани ҳуқуқ ва озодиҳои вайроншуда, инчунин бартараф намудани шарту ҳолатҳое, ки ба он мусоидат намудаанд ва андешидани чораҳо бо мақсади ба ҷавобгарӣ кашидани шахсони гунаҳкори масъул тибқи талаботи қонун пешбинишударо ташкил медиҳад.

Калидвожаҳо: мурофиаи ҷиноятӣ, тафтишоти пешакӣ, функсияҳои прокурор, давраҳои тосудӣ, назорати прокурорӣ, таъқиботи ҷиноятӣ, ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд.

ФУНКЦИИ ПРОКУРОРА В СТАДИИ ПРЕДВАРИТЕЛЬНОГО РАССЛЕДОВАНИЯ ПО УГОЛОВНЫМ ДЕЛАМ

В статье с научной точки зрения и законодательства исследуются функции прокурора в досудебных стадиях уголовного процесса. Автор, в целом, отмечает, что одним из важнейших гарантий обеспечения законности и охраны прав и свобод человека и гражданина в уголовном процессе выступает институт участия прокурора. Основными факторами, которые обуславливают необходимость участия прокурора в уголовном процессе, являются необходимость обеспечения законности в уголовном процессе, защиты прав и свобод человека и гражданина, а также состязательность уголовного процесса. На основе анализа норм действующего законодательства автор считает, что прокурор в досудебных стадиях уголовного выполняет следующие функции: функции прокурорского надзора; функции уголовного преследования; правозащитные функции. Сущность и содержание функций прокурорского надзора в стадии предварительного расследования составляет деятельность органов дознания и предварительного следствия на постоянной основе по соблюдению прав и свобод участников уголовного судопроизводства, установленного порядка разрешения собщений о преступлениях и проведении расследования, законность принимаемых органами дознания и предварительного следствия процессуальных

решений, принятие предусмотренных законом мер к устранению допущенных нарушений, восстановлению нарушенных прав и свобод, а также устранению условий и обстоятельств, им способствующих, и принятию мер к привлечению виновных должностных лиц к предусмотренной законом ответственности.

Ключевые слова: уголовный процесс; предварительное расследование; функции прокурора; досудебные стадии; прокурорский надзор; уголовное преследование; защита прав и свобод человека и гражданина.

FUNCTIONS OF THE PROSECUTOR DURING THE PRELIMINARY INVESTIGATION IN CRIMINAL CASES

The article examines the functions of the prosecutor in the pre-trial stages of the criminal process from a scientific point of view and legislation. On the whole, the author notes that one of the most important guarantees of ensuring the legality and protection of human and civil rights and freedoms in the criminal process is the institution of the participation of the prosecutor. The main factors that determine the need for the participation of the prosecutor in the criminal process are the need to ensure the rule of law in the criminal process, the protection of human and civil rights and freedoms, as well as the adversarial nature of the criminal process. Based on the analysis of the norms of the current legislation, the author believes that the prosecutor in the pre-trial stages of the criminal performs the following functions: functions of prosecutor's supervision; functions of criminal prosecution; human rights function. The essence and content of the function of prosecutorial supervision at the stage of preliminary investigation is the activity of the bodies of inquiry and preliminary investigation on an ongoing basis to respect the rights and freedoms of participants in criminal proceedings, the established procedure for resolving reports of crimes and conducting an investigation, the legality of procedural decisions taken by the bodies of inquiry and preliminary investigation, the adoption of measures provided for by law to eliminate the violations committed, restore violated rights and freedoms, as well as eliminate conditions and circumstances that contribute to them, and take measures to bring the guilty officials to responsibility provided for by law.

Keywords: criminal procedure; preliminary investigation; functions of a prosecutor; pre-trial stages; prosecutor supervision; criminal prosecution; protection of human and civil rights and freedoms.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Маҳмудов И.Т.*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, мудири кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории факултети ҳуқуқшиносӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон **(+992) 935-04-43-52.** E-mail: **1978_mahmudov@mail.ru**

Сведения об авторе: ***Махмудов И.Т.*** **–** Таджикский национальный университет, кандидат юридических наук, доцент, заведующая кафедрой судебного права и прокурорского надзора юридического факультета. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон **(+992) 935-04-43-52.** E-mail: **1978_mahmudov@mail.ru**

Information about the author: ***Makhmudov I.T.*** - Tajik National University, Candidate of Juridical Sciences, Associate Professor, Head of the Department of judicial law and prosecutor's supervision of law faculty. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki avenue, 17. Phone: **(+992) 935-04-43-52.** E-mail: **1978_mahmudov@mail.ru**

УДК: 347.167

ҲУҚУҚУ УҲДАДОРИҲОИ ҲАМСАРОН НИСБАТ БА ҲАМДИГАР ДАР НИЗОМИ ҲУҚУҚИ ИСЛОМӢ

Аминҷонов А.Х.
Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав

Амали низоми ҳуқуқи исломӣ дар сарзамини Тоҷикистон таърихи беш аз ҳазорсола дорад ва новобаста аз он, ки дар қонунгузории имрӯзаи ҷумҳурӣ ба он хусусияти расмӣ дода нашудааст, риояи меъёрҳои ҳуқуқи исломӣ аз ҷониби шаҳрвандон хеле зиёд ба чашм мерасад. Аз ин рӯ, донистани ҳуқуқу уҳдадориҳои дар ин низоми ҳуқуқӣ пешбинишуда аз ҷониби ҳамсарон аз манфиат холӣ набуда, метавонад мушкилоти зиёди муносибатҳои оилавиро рафъ намояд, ҳамчунин ба устувории никоҳ, суботи оила ва оромии ҷомеа таъсири мусбии худро расонида, дар пешгирии поймолшавии ҳуқуқу манфиатҳои аъзоёни оила ва зиёд гардидани масъулиятшиносии тарафҳо дар муносибатҳои оилавӣ нақши боризи худро мегузорад.

Сарчашмаҳои ҳуқуқи исломӣ дорои меъёрҳои зиёде мебошанд, ки ба муқаррар намудани ҳуқуқу уҳдадориҳои ҳамсарон равона карда шудаанд ва чунин меъёрҳо, пеш аз ҳама, дар китоби Қуръон ва ҳадисҳои пайғамбари ислом Муҳаммад (с), ки сарчашмаи аввалиндараҷа дар низоми ҳуқуқи исломӣ ба ҳисоб мераванд, дида мешаванд. Масалан, дар Сураи "Нисо" ояти 34 чунин омадааст: "Мардон – ба сабаби он ки Худо баъзе одамиёнро бар баъзе бартарӣ додааст; ва ба сабаби он ки аз амволашон харҷ карданд, бар занон корандеш шудаанд. Пас занони некукор фармонбардоранд ва дар ғайбат (-и шавҳар) он чиро нигоҳдорандаанд, ки Худо онро нигоҳ доштааст. Ва он занонеро, ки аз саркашиашон тарс доред, панд диҳед, ва пас, дар хобгоҳ онҳоро тарк кунед (яъне: мубошират макунед) пас, онҳоро бизанед ва агар ба шумо фармонбардорӣ карданд, пас, бар онҳо (-и ситам) маҷӯед. Ба дурустӣ, ки Худо Баландмартабаи Бузургқадр аст" [4].

Мардон дар шариат уҳдадоранд, ки занонро нигоҳубин кунанд ва бо нафақа нигаҳ доранд. Зеро мардон, табиатан, абаркудраттаранд нисбат ба занон. Занҳо дар оила бояд дар тобеияти мардон бошанд. Зан бояд ҳофиз ва амини ҳуқуқ ва амволи шавҳар бошад. Ва занҳое, ки мардонро гӯш намекунанд онҳоро бо насиҳат тарбия кардан лозим, агар гӯш надиҳанд мумкин аст шалоқ задан. Андар нозили ин оят нақл аст, ки Саъд ибни Рабиъи Ансорӣ (яке аз саҳобаҳо - Ф.Т. ва Е.Х.) занаш Ҳабиба духтари Зайдро барои итоат накарданаш зад. Падараш ӯро назди Пайғамбар (с) овард. Пайғамбар гуфт шавҳарашро қасос кунад, чун барои ин кор баргашт ба Муҳаммад ин оят нозил шуд.

Пайғамбар (с) фармуд ӯро баргардонданд ва гуфт, мо чизе хостем, Худо амри дигаре ирода кард ва он чи иродаи Худост, хайр аст. Пас қасос бартараф шуд [6,с.116].

Меъёрҳои ҳуқуқии ҳадис нисбат ба дигар соҳаҳои ҳуқуқ дар соҳаи ҳуқуқи оилавӣ бештар дида мешаванд ва ҳуқуқу уҳдадориҳои аъзоёни оиларо муайян намуда, муносибатҳои ҳуқуқии оилавиро ба танзим медароранд. Азбаски зану шавҳар аз аъзоёни фаъоли оила ҳастанд, меъёрҳои ҳуқуқии ҳадис нисбати онҳо ҳуқуқу уҳдадориҳои муайянро муқаррар кардаанд, то ки як тараф натавонад ба поймол гаштани ҳуқуқу манфиатҳои тарафи дигар боис гардад ва баръакс зану мард тавонанд дар пойдориву устувории оила саҳмгузор буда, дар тарбия ва амалигардонии ҳуқуқҳои кӯдакон нақши ҳалкунандаро иҷро намоянд. Ба даст гирифтани чунин оила, нигаҳдошти чунин тартибот воқеан бе ҳаққи баробару адолатнокии тарафайн, ки дар ҳуқуқу уҳдадориҳои зану шавҳар асос ёфтааст, номумкин аст. Чунин зербиноро Паёмбари ислом (с) хуб дарк намуда, дар ҳадисе, ки дар маҷмӯаи Тирмизӣ дар боби никоҳ аз номи Умар ибинни Аббос оварда шудааст, таъкид кардаанд: “Шумо бар занонатон ҳаққе доред ва занони шумо бар шумо ҳаққе доранд” [3,с.253]. Аз мазмуни ҳадис бармеояд, ки зан ва мард нисбат ба ҳамдигар дорои ҳуқуқҳо мебошанд, вале дар он мушаххас нишон дода нашудааст, ки кадом ҳуқуқҳоро доранд ва мушаххасоти ин дар ҳадиси дигар, ки дар маҷмӯаи Абудовуди Сиҷистонӣ аз номи Муовия ибини Хайдат ривоят шудааст, пешбинӣ шуда, дар ҳадис чунин омадааст: “Ё расулуллоҳ (с), занони мо бар мо чӣ ҳаққе доранд? Фармуд: Ин ки чун таом хӯрдӣ, таомашон диҳӣ ва чун либос пӯшӣ, либос бипӯшонӣ ва ба сурати зан сила мазан ва ба ӯ нагӯ Худо туро зишт созад ва ҷуз дар хона аз ӯ дурӣ макун, яъне ҳар гоҳ хости барои таъдибаш аз ӯ дурӣ кунӣ, тарки ҳамбистариашро ҷуз дар хона макун” [3,с.453]. Дар ҳадиси мазкур аниқ ва равшан доираи рафтору уҳдадориҳои марду зан дар муқобили ҳамдигар нишон дода шуда, ҳудудҳои ҳуқуқи мард аниқ шудаанд. Аз назари Холиқзода А.Ғ., дар асоси ин ҳадис мард дар ҳуқуқи исломӣ чунин уҳдадориҳо дорад:

1. занҳои худро аз лиҳози таом ва ғизо таъмин намоянд. Он таом ва ғизое, ки мард истеъмол менамояд, бояд бо ҳамсари худ насиб бинад;
2. зани худро бо либосу ҷиҳоз таъмин намояд;
3. ба рӯйи зан сила назанад;
4. сухани қабеҳ дар ҳаққи ӯ нагӯяд.
5. аз ӯ дурӣ берун аз хонаи худ наҷӯяд. Дар оила муноқишае сар занад ҳам, мард бояд дар хонаи худ бошад. Ҳамин тавр, ҳадис ҳуқуқҳои моликиятӣ, маънавӣ ва оилавии занро ҳифз менамояд [8,с.112].

Ҳимояи ҳаққи зан аксаран дар ҳадисҳо тарозуеро мемонад, ки тавассути он адлу адолат, муъминию накуномии мардонро муайян мекунанд. Дар ҳадис омада, ки беҳтарини шумо онҳоеанд, ки ба занонашон равияи накутар доранд [7,с.254].

Дар баробари ин, ҳадисҳо ҳуқуқҳои зиёди шавҳаронро бар занон муқаррар кардаанд:

1. Бо амри мард ба бистари ӯ даромадани зан. Яъне зан мутобиқи ҳадис уҳдадор аст, ки ба амри мард тобеъ бошад. (Ниг. Ҳадиси 281. Нававӣ. Ҷ.1). Воқеан, зан дар сурати надоштани узр ба таваҷҷуҳ ва ниёзҳои шавҳар, тобеъ аст.
2. Зан бе иҷозаи мард рӯзаи нофила (зиёдати) гирифта наметавонад, бе иҷозаи шавҳар ба хона каси бегонаро бояд роҳ надиҳад (Ҳадиси 282. Нававӣ. Ҷ.1.-Саҳ. 256).
3. зан уҳдадор аст, ки хонаро ба накуӣ нигоҳубин намояд, фарзандонро тарбия кунад;
4. зан уҳдадор аст, ки ба суханони шавҳар итоат намояд;
5. зан ба шавҳараш содиқ бошад ва хиёнат накунад [8,с.112-114].

Аз рӯйи уҳдадориҳое, ки бар уҳдаи зан гузошта шудаанд, ӯ дар баробари итоат ба мард ва тарбияи фарзандон, инчунин ба накуӣ иҷро намудани корҳо ва нигоҳубини хона масъул аст. Ҳамчунин, аз зан содиқ будан ба шавҳар ва хиёнат накардан ба ӯ талаб карда шудааст. Чуноне мушоҳида менамоем, масъулияти бар дӯши занон гузошташуда онҳоро водор менамояд, ки асосан дар муҳити хона бошанд ва воқеан муҳити хона барои зан бисёр мувофиқ буда, барои тарбияи фарзандон ва танзими тартибот дар хона мусоид аст.

Дар ҷаҳони муосир баъзе донишмандони Ғарб пас аз ба бозори меҳнат баровардани занон ва аз рисолати хонаводагии худ маҳрум кардани онҳо изҳори пушаймонӣ баён намудаанд. Масалан, коршиноси амрикоӣ доктор Эйда Олин бар он назар аст, ки сабаби тамоми бухронҳои оилавӣ дар Амрико ва рози бисёри ҷиноятҳо дар ҷомеа он аст, ки зан ба хотири афзудани даромадҳои оилавӣ хонаро тарк кард. Дар натиҷа даромадҳо зиёд гардиданд, вале савияи ахлоқ паст шуд. Таҷрибаҳо собит намудаанд, ки бозгашти зан ба ҳарими хонавода роҳи ягонаи наҷоти насли нав аз ин таназзуле мебошад, ки бо суръат дар он пеш меравад [1,с.309-310]. Ҳамин тавр, омӯзиши мавзӯъ нишон дод, ки яке аз хусусиятҳои низоми ҳуқуқи исломӣ дар танзимнамоии муносибатҳои соҳаи ҳуқуқи оилавӣ, махсусан, дар муқаррар намудани мавқеъ ва ҳуқуқу уҳдадориҳои зану шавҳар дар он аст, ки ба ҳардуи ин субъектҳо дар баробари ҳар як ҳуқуқ уҳдадориҳоеро низ пешбинӣ менамояд, ки ба табиати ҷинсии онҳо мувофиқ аст. Берун аз имкониятҳои шахс муқаррар кардани уҳдадориҳо наметавонад натиҷаи хубе ба бор орад, аз ин рӯ бо назардошти имкониятҳои ҷинсӣ пешбинӣ намудани уҳдадорӣ ва масъулиятҳо ба мақсад мувофиқ аст.

АДАБИЁТ

1. Абдулкарим Зайдон. Ал-муфассал фӣ аҳкоми-л-маръатива-л-байти-л-муслим. – Бейрут, 1417ҳ. (1977). – Ҷ.4. – С. 309, 310.
2. Боқизода А. Фиқҳи исломӣ бар асоси мазҳаби Ҳанафӣ. – Лоҳур, 2011.
3. Имом Абӯзакариё Яҳё ибини Шарафи Нававии Димишқӣ. Риёз -ас- солиҳин. -Порис, Лоҳур, 1993. -Ҷ.1. (Форсӣ-арабӣ)
4. Ислам. Энциклопедический словар. -М.: Наука, 1991. -С-116.
5. Қуръони карим. Сураи “Нисо” Ояти 34.
6. Марғелонӣ А. Ҳидоя. – Душанбе: Ирфон, 2013.
7. Тирмизӣ. Китоб-ун-никоҳ. -1120.
8. Холиқов А.Ғ. Ҳуқуқи исломӣ (васоити таълимӣ) / А.Ғ. Холиқов. – Душанбе, 2003. - С. 112.
9. Шаҳобӣ М. Адвори фиқҳ. –Теҳрон, 1367 ҳ. ҷ.2. - С.171.

ҲУҚУҚУ УҲДАДОРИҲОИ ҲАМСАРОН НИСБАТ БА ҲАМДИГАР ДАР НИЗОМИ ҲУҚУҚИ ИСЛОМӢ

Вазъи ҳуқуқии зану шавҳар дар муносибатҳои оилавӣ аз назари ҳуқуқи исломӣ дар сарчашмаҳои ҳуқуқии ин низоми ҳуқуқ пешбинӣ гардида, барои ҳар кадоми онҳо ҳуқуқ ва уҳдадориҳои мушаххас муқаррар карда шудаанд. Агар зан уҳдадор шуда бошад, ки ба шавҳараш итоат намояд ва фарзандонро ба накуӣ тарбият кунад, мард, дар навбати худ, ба таъмини аъзоёни оила бо хонаву либос, хӯроку паноҳгоҳ ва ғ. масъул гаштааст. Тамоми меъёрҳои ҳуқуқии муқарраркунандаи ҳуқуқ ва уҳдадориҳои ҳамсарон дар оила онҳоро ба суботу оромӣ, дар роҳи дуруст тарбия намудани фарзандон, эҳтиром ва риояи ҳуқуқи ҳамдигар, устувор нигоҳ доштани никоҳ ва ҳифзи оила ҳидоят намудаанд.

Калидвожаҳо: мард, зан, уҳдадорӣ, масъулият, ҳамсарон, фарзанд, ҳадис, оят, оила, ҷинс, ҳуқуқи исломӣ, сарчашмаҳои ҳуқуқ.

ПРАВОВЫЕ ОБЯЗАТЕЛЬСТВА СУПРУГОВ ПО ОТНОШЕНИЮ ДРУГ К ДРУГУ В СИСТЕМЕ ИСЛАМСКОГО ПРАВА

Правовое состояние жены и мужа в семейных отношениях, с точки зрения исламского права предусматривается в правовых источниках системы права, каждому из них установлены конкретные права и обязанности. Если жена обязана подчиняться своему мужу и воспитывать в своих детей с соблюдениемдобрых начал, то муж, в свою очередь, ответственен за обеспечение своей семьи жильём, одеждой, питанием и др., все правовые нормы, установленные правом и обязанностью супругов в семье, направляют их к миру и спокойствию, правильному воспитанию детей, уважению и соблюдению прав друг друга, устойчивому сохранению брака и защите семьи.

Ключевые слова: мужчина, женщина, обязательство, ответственность, супруги, дети, хадис, аят, семья, род, исламское право, источники права.

LEGAL OBLIGATIONS OF THE SPOUSES IN RELATIONSHIP TO EACH OTHER IN THE SYSTEM OF ISLAMIC LAW

The legal status of a wife and husband in family relations from the point of view of Islamic law is provided for in legal sources and the system of law, each of them has specific rights and obligations. If a wife is obliged to obey her husband and bring up good principles in her children, then the husband, in turn, is responsible for providing his family with housing, clothing, food, etc. all the legal norms established by the right and duty of spouses in the family directs them to peace and tranquility, correct upbringing of children, respect and observance of each other's rights, sustainable preservation of marriage and protection of the family.

Keywords: man, woman, obligation, responsibility, spouses, children, hadith, ayat, family, clan, Islamic law, sources of law, Prophet.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Аминҷонов Абдураззок Худойшукурович*** – Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, омӯзгори кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ. **Суроға:** 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67**.** Телефон: **(+992) 933-79-80-84**

Сведения об авторе: ***Аминжонов Абдураззок Худойшукурович*** –Бохтарский государственный университет имени Носира Хусрава, кандидат юридических наук, преподаватель кафедры прав человека и сравнительного правоведения. **Адрес:** 735140, Республика Таджикистан, город Бохтар, улица Айни, 67. Телефон: **933-79-80-84**

Information about the author: ***Aminjonov Abdurazzok Khudoyshukurovich*** –Bokhtar State University named after Nosir Khusrav, Candidate of Law, Lecturer at the Department of Human Rights and Comparative Law. **Address:** 735140, Republic of Tajikistan, Bokhtar city, Aini street, 67. Phone: **(+992) 933-79-80-84**

УДК: 34.04

МАСОИЛИ МУБРАМИ ТАРАФИ ОБЪЕКТИВИИ ВАЙРОН КАРДАНИ ҚОИДАҲОИ ҲАРАКАТ ДАР РОҲ ВА ИСТИФОДАИ ВОСИТАҲОИ НАҚЛИЁТ

Сафарзода А.И., Нарзуллозода С.С.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,
Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон

Мусаллам аст, ки яке аз унсурҳои таркиби ҷиноятро тарафи объективии ҷиноят ташкил медиҳад. Аҳамияти ҳуқуқии тарафи объективии ҷиноят дар он аст, ки он ба ҳайси асоси ҷавобгарии ҷиноятӣ баромад намуда, барои бандубасти ҷиноят ва тафриқагузории як ҷиноят аз таркиби ҷиноятҳои ба он монанд хизмат менамояд. Нодуруст таҳлил намудани аломатҳои тарафи объективии ҷиноят метавонад боиси ғайриқонунӣ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан ё озод намудани шахс аз он гардад. Тавре Ҳ.С. Ҳусейнов иброз менамояд, «бе тарафи объективии ҷиноят умуман мавҷуд будани ҷиноятро ҳатто тасаввур кардан ҳам ғайриимкон аст» [23,с.55].

Аз рӯйи конструксияи тарафи объективӣ, ҷинояти дар м. 212 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - КҶ ҶТ) пешбинишуда таркиби моддӣ ба шумор меравад. Дар иртибот ба ин, аломатҳои асосии тарафи объективии таркиби ҷинояти м. 212 КҶ ҶТ аз инҳо иборат аст:

- кирдори (ҳаракат ё беҳаракатии) ба ҷамъият хавфнок - дар шакли вайрон кардани қоидаҳои ҳаракат дар роҳ ё вайрон кардани қоидаҳои истифодаи воситаҳои нақлиёт;
- оқибати ба ҷамъият хавфнок (аз беэҳтиётӣ расонидани зарари миёна ё вазнин ба саломатӣ ё боиси марги як ё якчанд инсон);
- алоқаи сабабӣ байни кирдорҳои ба ҷамъият хавфнок ва оқибатҳои он, ки дар қонун пешбинӣ шудааст [6,с.257].

Диспозитсияи моддаи тадқиқшаванда бланкетӣ буда, барои муайян кардани ин қоидаҳо ба санадҳое, ки бехатарии ҳаракат дар роҳ ва истифодаи воситаи нақлиётро танзим менамоянд, муроҷиат кардан зарур аст. Дар санадҳои мазкур мафҳуми вайрон кардани қоидаҳои ҳаракат дар роҳ мавҷуд набуда, шаклҳои вайрон кардани он муайян карда шудааст.

Дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ бошад, мафҳуми вайрон кардани қоидаҳои ҳаракат дар роҳ ба таври гуногун иброз гардидааст. Масалан, вайрон кардани қоидаҳои ҳаракат дар роҳ – иҷро накардан ё номатлуб ба ҷо овардани қоидаҳои идораи воситаҳои нақлиёти механикӣ, инчунин содир намудани кирдори бо Қоидаҳои ҳаракат дар роҳ манъшуда мебошад [21,с.792].

Зери мафҳуми ҳаракат дар роҳ – маҷмӯи муносибатҳое, ки дар раванди ҷойивазкунии одамон ва бор тавассути воситаҳои нақлиёт ё бе онҳо дар ҳудуди роҳҳои автомобилгард ба вуҷуд меоянд, фаҳмида мешавад [1,с.3].

Дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бехатарии ҳаракат дар роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиётро танзим менамоянд, мафҳуми қоидаҳои истифодаи воситаҳои нақлиёт ҷой надорад. Дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ бошад, он ба таври гуногун зикр гардидааст. Бархе бар он назаранд, ки зери мафҳуми бехатарии истифодаи воситаҳои нақлиёт – маҷмӯи чораҳо, ки ҳолати дурусти техникии нақлиёт ва риояи қоидаҳои муқарраргардидаи истифодабариро бо мақсади таъмини бехатарии фаъолияти онҳо таъмин менамоянд, фаҳмида мешавад [18,с.49]. Дигарон бошанд, истифодаи онро барои интиқоли бор ва одамон мефаҳманд [19,с.50].

Оид ба шакли содиршавии кирдори ҷинояти мазкур дар адабиёти ҳуқуқӣ андешаи ягона ҷой надорад. Баъзе олимон иброз менамоянд, ки ҷинояти мазкур дар бисёр мавридҳо аз беҳаракатӣ, ки дар иҷро накардани қоидаҳои ҳаракат дар роҳ зоҳир мегардад, содир мешавад [18,с.52]. Аммо қайд намудан муҳим аст, ки дар шакли алоҳида ҷудо намудани ҳаракат ё беҳаракатӣ ҳангоми идоракунии воситаҳои нақлиёт мушкил аст. Дар иртибот ба ин бояд зикр кард, ки аксар вақт кирдор дар шакли омехта содир мешавад. Масалан, шахс дидаю дониста воситаи нақлиётеро идора менамояд, ки нуқсони техникӣ дорад, аммо барои бартараф намудани он чора намеандешад. Аз ин лиҳоз, ҷонибдорӣ намудани нуқтаи назари олимоне, ки ҷинояти тадқиқшавандаро ҳам дар шакли ҳаракат ва ҳам беҳаракатӣ эътироф менамоянд, мақсаднок мешуморем [17,с.573;

5,с.119]. Вобаста ба ин масъала В.И. Неверов дуруст қайд менамояд, ки агар хуб назар афканем, пас маълум мегардад, ки дар ин ҷиноят ҳаракат ва беҳаракатӣ якранг буда, ба ҳам зич алоқаманданд, зеро дар паси ҳар як ҳаракат беҳаракатӣ низ истодааст ва ё баръакс [16,с.63-64].

Намудҳои қоидавайронкунӣ вобаста ба ҳаракат дар роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт гуногун буда, ҳар яки он дар Қоидаҳои ҳаракат дар роҳ (минбаъд – ҚҲР) ба таври мушаххас танзим гардидааст. Қайд намудан лозим аст, ки дар умум омӯзиши парвандаҳои ҷиноятӣ бо м. 212 КҶ ҶТ нишон медиҳад, ки ҷинояти мазкур дар амалия бештар дар се шакли (намуди) зерин содир мегардад:

Ҷадвали 1

Шумораи ҷинояти м. 212 КҶ ҶТ вобаста ба намудҳои вайрон кардани қоидаҳои ҳаракат дар роҳ	**Умумӣ (129/100%)**	
1) Баланд намудани суръати ҳаракат зиёда аз маҳдудиятҳои муқарраргардида, ҳангоми ба вуҷуд омадани хатар барои ҳаракат надидани чорабиниҳои саривақтӣ барои паст кардани суръат то ба ҳолати боздоштани воситаи нақлиёт	104	80,62
2) Итоат накардан ба ишораи чароғаки роҳнамо, ишораи танзимгар, роҳ надодан ба пиёдагардон ҳангоми убури роҳи танзимшаванда	7	5,43
3) Идораи воситаи нақлиёт дар ҳолати мастӣ, дар натиҷаи истеъмоли маводи мухаддир, моддаҳои психотропӣ ва монанди онҳо, моддаҳои заҳрнок ё дигар моддаи мадҳушкунанда	5	3,88

Дар адабиёти ҳуқуқӣ нуқтаи назаре дида мешавад, ки оё барои ба ҷавобгарӣ кашидани шахс танҳо вайрон кардани қоидаҳои бехатарии ҳаракат басанда аст ё он бояд дар якҷоягӣ бо вайрон намудани қоидаҳои истифодаи нақлиёт содир гардад? Вобаста ба ин масъала тадқиқоти мутахассисон нишон медиҳад, ки дар амалияи судӣ баъзе прокуророн эътироз намудаанд, ки шахсоне, ки дар алоҳидагӣ яке аз ин қоидаҳои зикршударо вайрон намудаанд, аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод карда шаванд. Аммо суд эътирози онҳоро қаноатманд нагардонидааст. Инро бо он асоснок намудааст, ки дар қонуни ҷиноятии пеш амалкунанда миёни ибораи вайрон кардани «қоидаҳои бехатарии ҳаракат» ва ибораи «истифодаи нақлиёт» пайвандаки «ва» мустаҳкам гардида буд [22,с.64; 18,с.50].

Кодекси ҷиноятии амалкунанда ба ин масъала нуқта гузошт. Зеро дар номи м. 212 КҶ ҶТ пайвандаки «ва» байни ибораҳои вайрон кардани қоидаҳои ҳаракат дар роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт ҷойгир шуда бошад ҳам, валекин дар диспозитсияи модда ба ҷойи он пайвандаки «ё» мустаҳкам гардидааст. Ин далолати он аст, ки ҷавобгарии ҷиноятӣ барои вайрон кардани яке аз қоидаҳои болозикр низ ба миён меояд.

Агар дар натиҷаи вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт, кирдор аз якчанд ҳаракат ва ё беҳаракатӣ иборат бошад ва ба якчанд объект зарар расонад, он гоҳ кирдорҳои мазкур ҳамчун маҷмӯи ҷиноят бандубаст карда мешаванд.

Дуюм, аломати ҳатмии тарафи объективии ҷинояти дар м. 212 КҶ ҶТ пешбинишуда, ин оқибати ҷинояти дар қонун муайяншуда мебошад. Оқибатҳои ҷинояти м. 212 КҶ ҶТ – расонидани зарари миёна ба саломатии инсон (қ. 1), марги шахс ё боиси расонидани зарари вазнин ба саломатии инсон (қ. 2), марги ду ё зиёда шахсон (қ.3), аз тарафи шахси дар ҳолати мастӣ қарордошта ё шахсе, ки ҳуқуқи идора кардани воситаҳои нақлиётро надорад, боиси марги инсон ё расонидани зарари вазнин ба саломатӣ (қ. 4) ва аз тарафи шахси дар ҳолати мастӣ қарордошта ё шахсе, ки ҳуқуқи идора кардани воситаҳои нақлиётро надорад, боиси марги ду ва ё зиёда шахсон (қ. 5) муқаррар гардидааст.

Дар сурати фаро нарасидани оқибатҳои дар ин модда пешбинишуда ҷавобгарӣ на бо м. 212 КҶ ҶТ, балки бо м. 310 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаро мерасад [2].

Ғайр аз ин, дар ҳолате ки, агар дар натиҷаи вайрон кардани қоидаҳои ҳаракат дар роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт худи ронанда дучори садама гардида, ба саломатияш оқибатҳои болозикр ворид шаванд, ҷавобгарии ҷиноятӣ истисно мегардад [11,с.49; 17,с.579].

Диспозитсияи ҷинояти мазкур ҳаволакунанда буда, дар он мафҳумҳои зарари миёна ва вазнин ба саломатӣ оварда нашудаанд. Мафҳуми зарари миёна ба саломатӣ дар м. 111 ва зарари вазнин бошад, дар м. 110 КҶ ҶТ муқаррар гардидааст.

Мувофиқи маълумоти омории Сармаркази иттилоотӣ – таҳлилии ВКД, ҷинояти вайрон кардани қоидаҳои ҳаракат дар роҳ ва истифодаи воситаи нақлиёт, ки боиси расонидани зарари миёна ба саломатии шахс гардидааст (қ. 1 м. 212 КҶ ҶТ), дар солҳои 2010-2019 ҳамагӣ 4592 адад ба қайд гирифта шудааст [20].

Зикр намудан бамаврид аст, ки расонидани зарари миёна ба саломатии ду ва ё зиёда шахсон дар м. 212 КҶ ҶТ мустаҳкам нагардидааст. Лекин ҳолати мазкур дар Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тағрибаи судӣ оид ба ҷиноятҳои вайрон кардани қоидаҳои ҳаракат дар роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт, инчунин ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаҳои нақлиёт бидуни мақсади тасарруф» танзим шудааст. Тибқи қарори мазкур мавриди вайрон кардани қоидаҳои ҳаракат дар роҳ ё истифодаи воситаҳои нақлиёт аз беэҳтиётӣ дар як вақт ба саломатии як ё якчанд шахс зарари миёна расонида шуда бошад, шахси гунаҳгор бо қ. 1 м. 212 КҶ ҶТ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад.

Оқибатҳои дигари ҷинояти баррасишавандаро расонидани зарари вазнин ба саломатии инсон ё марги инсон (қ. 2) ва марги ду ё зиёда инсон (қ. 3) ташкил медиҳад. Омӯзиши м. 212 КҶ ҶТ нишон медиҳад, ки дар он ҷавобгарӣ барои фаро расидани марги ду ё зиёда инсон ҷой дорад (қ. 3), аммо барои расонидани зарари вазнин ба саломатии ду ё зиёда инсон муқаррароти махсус ҷой надорад. Дар амалия зиёд ҳолатҳое ба назар мерасанд, ки дар натиҷаи содир намудани ҷинояти таҳлилшаванда зарари вазнин ба саломатии ду ё зиёда инсонҳо расидааст ва кирдорҳои мазкурро бо қ. 2 м. 212 КҶ ҶТ бандубаст намудаанд [8].

Мувофиқи маълумоти омории Сармаркази иттилоотӣ – таҳлилии ВКД ҷинояти тадқиқшаванда, ки боиси марги инсон ё расонидани зарари вазнин ба саломатии шахс (қ. 2 м. 212 КҶ ҶТ) ё боиси марги ду ё зиёда инсон гардидааст (қ. 3 м. 212 КҶ ҶТ) дар солҳои 2010-2019 ҳамагӣ 5026 адад ба қайд гирифта шудааст [20].

Дигар оқибатҳои м. 212 КҶ ҶТ пешбинигардида ин дар ҳолати мастӣ ё надоштани ҳуқуқи идораи воситаи нақлиёт вайрон кардани қоидаҳои ҳаракат дар роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт, ки боиси марги инсон ё расонидани зарари вазнин ба саломатии инсон (қ. 4) ва боиси марги ду ё зиёда шахс гардидааст (қ. 5) мебошад.

Мутобиқи сархати (б) банди 12 Қоидаҳои ҳаракат дар роҳҳо ба ронанда манъ карда мешавад, ки дар ҳолати мастӣ (мастӣ аз шароб, маводи нашъаовар ва монанди инҳо), таҳти таъсири доруҳое, ки таассур ва диққатро суст мекунанд, дар ҳолати беморӣ ё хастагӣ, ки ба бехатарии ҳаракат таҳдид менамояд, воситаи нақлиётро идора намояд [3].

Дар амалияи тафтишотӣ–судӣ ҳолатҳое ба назар мерасанд, ки ҳангоми дар ҳолати мастӣ содир намудани кирдори дар м. 212 КҶ ҶТ пешбинишуда, ки боиси марги инсон ё расонидани зарари вазнин ба саломатии инсон мегардад, ҷой дорад. Масалан, шаҳрванд Х.Л.Ғ. санаи 03.11.2017 сол тахминан соати 23:40 дақиқа автомашинаи тамғаи «Опел-астра», рақами қайди давлатиаш 0000 ДД 01-ро, дар ҳолати мастӣ ва бе доштани ҳуқуқи идораи воситаи нақлиёт бо суръати зиёда аз 80 км/соат идора карда, талаботи бандҳои 132 ва 133 ҚҲР-ро дағалона вайрон намуда, пиёдагард Р.С.Т-ро зада аз пой афтонида, аз ҷойи ҳодиса ғайб мезанад, ки пиёдагард Р.С.Т. дар ҷойи ҳодиса ба ҳалокат мерасад. Мувофиқи хулосаи ташхиси тиббӣ-судӣ №64 аз 10.11.2017 сол ҷабрдида Р.С.Т дар натиҷаи садамаи нақлиётӣ ҷароҳатҳое мегирад, ки боиси ҳалокати ӯ гардидааст. Ҳамин тариқ, суди ноҳияи Рӯдакӣ кирдори судшаванда Х.Л.Ғ.-ро бо қ. 4 м. 212 ва қ. 2 м. 127 КҶ ҶТ бандубаст намудааст [7]. Ба ҳамин монанд ҳолат дар парвандаҳои ҷиноятии омӯхташуда дида мешавад [9].

Сеюм аломати ҳатмии тарафи объективии м. 212 КҶ ҶТ ин робитаи сабабӣ миёни вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ё истифодаи воситаҳои нақлиёт ва фаро расидани оқибатҳои он мебошад. Муайян намудани робитаи сабабӣ дар ҷинояти мазкур яке аз мушкилиҳои ҷиддиро на танҳо дар байни олимон, балки дар миёни амалияи тафтишотӣ – судӣ ба бор овардааст. Мушкилӣ дар он зоҳир мегардад, ки аз як тараф ба фаро расидани оқибатҳои ҷинояти мазкур омилҳои гуногун (масалан, ҳаракатҳои ҷабрдидагон, нуқсонҳои техникӣ, хусусиятҳои шароити (вазъияти) роҳ, таъсири қувваҳои табиат ва ғ.) таъсир мерасонанд, ки тибқи тадқиқотҳои махсуси мутахассисон шумораи чунин омилҳо то 250 [10,с.63; 13,с.30; 14,с.221] ва аз он ҳам зиёдтар [15,с.63; 19,с.58] мебошад. Аз тарафи дигар, барои дуруст муайян намудани робитаи сабабӣ дар аксари ҳолат аз кормандони мақомоти таҳқиқ, тафтишот ва судҳо донишҳои иловагиро дар соҳаи бехатарии ҳаракат, истифодабарии воситаҳои нақлиёт ва дигар соҳаҳо талаб менамояд, ки чунин донишҳо бевосита ба фаъолияти ҳуқуқии онҳо алоқамандӣ надоранд.

Мушкилии дигар он аст, ки дар ҷиноятҳои қасдона муайян намудани робитаи сабабӣ чун қоида душвор нест, зеро ҳаракати бо мақсади муайян содиршуда ба натиҷаи дилхоҳ оварда мерасонад. Аммо дар ҷиноятҳои беэҳтиётӣ бошад, мақсад ва натиҷаи ҷиноят дар ягон ҳолат ба якдигар мувофиқ намеоянд.

Муайян намудани робитаи сабабӣ дигар душвориҳоро низ дорад, ки ҳамеша таваҷҷуҳи олимонро ба худ ҷалб менамояд [15,с.64]. Аммо новобаста аз чунин душвориҳо

муҳиммияти муайян намудани робитаи сабабӣ дар бандҳои 1, 3, 4 ва 5 Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №28 аз 18 декабри соли 2009 дарҷ гардидааст. Мутобиқи б. 5-и қарори болозикр, «диққати мақомоти таҳқиқ, тафтишоти пешакӣ ва судҳо ба он ҷалб карда шавад, ки ҳангоми санҷиши сабабҳои ба амал омадани ҳолати садамавӣ бояд муайян карда шавад, ки кадом бандҳои ҚҲР вайрон карда шудаанд ва кадом вайронкунӣ бо оқибатҳои дар м. 212 КҶ ҶТ пешбинишуда алоқаи сабабӣ доранд» [4,с.2].

Ба андешаи И.Я. Козаченко ва Е.А. Ишутин, кирдори шахс танҳо дар он ҳолат сабаби фаро расидани оқибат эътироф мешавад, ки агар он ба шартҳои зерин ҷавобгӯ бошад:

1. кирдор аз рӯйи вақт бояд пеш аз фаро расидани оқибат содир шуда бошад;
2. кирдор шарти зарурии (ҳатмии) фарорасии оқибати ҷиноят мебошад, яъне, сар задани чунин оқибатҳо бе содиршавии кирдор ғайриимкон аст.

Қайд намудан бамаврид аст, ки миёни муҳаққиқон доир ба масъалаи мавҷуд будани робитаи сабабӣ ҳангоми дар шакли беҳаракатӣ содир шудани ҷинояти баррасишаванда андешаи ягона вуҷуд надорад.

Масалан, аз диди В.Б. Малинин робитаи сабабӣ дар ҷиноятҳои беҳаракатӣ умуман мавҷуд нест, ҷавобгарӣ бошад, на аз расонидани зарар, балки барои аз худи беҳаракатӣ иҷро накардани уҳдадориҳо фаро мерасад.

Баъзе аз мутахассисони дигар бошанд, эътироф менамоянд, ки эҳтимолияти муқаррар намудани робитаи сабабӣ дар дар шакли беҳаракатӣ содир намудани ҷинояти тадқиқшаванда мавҷуд аст [12,с.5].

Мо ҷонибдори андешаи дуюм мебошем. Аммо ҷонибдории мо танҳо дар таркиби вайрон намудани қоидаҳои истифодабарии воситаҳои нақлиёт зоҳир мегардад.

Ҳамин тавр, дар асоси тадқиқоти тарафи объективии вайрон кардани қоидаҳои ҳаракат дар роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт ба чунин хулосаҳо омадан мумкин аст:

1. Дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ вобаста ба мафҳумҳои вайрон кардани қоидаҳои ҳаракат дар роҳ ва қоидаҳои истифодаи воситаҳои нақлиёт фикри ягона мавҷуд нест, ки ин метавонад боиси ба таври гуногун татбиқ намудани меъёрҳои қонуни ҷиноятӣ гардад. Дар баробари ин, дар санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки бехатарии ҳаракат дар роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиётро танзим менамоянд, мафҳумҳои болозикр муқаррар нагардида, танҳо шаклҳои он пешбинӣ шудаанд. Дар иртибот ба ин пешниҳод менамоем, ки бо мақсади ҳалли мушкилоти мазкур дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор мафҳумҳои зикршуда мустаҳкам карда шаванд.
2. Оид ба шакли содиршавии кирдори ҷинояти тадқиқшаванда миёни олимон назари ягона ҷой надошта, ҷонибдорӣ намудани нуқтаи назаре, ки он дар бисёр мавридҳо аз беҳаракатӣ содир мешавад, душвор аст. Зеро шакли кирдори ҷинояти мазкур омехта буда, дар алоҳидагӣ ҷудо намудани ҳаракат ё беҳаракатӣ ҳангоми идоракунии воситаҳои нақлиёт мушкил аст. Ғайр аз ин, дар ин ҷиноят ҳаракат ва беҳаракатӣ якранг буда, ба ҳам зич алоқаманданд ва дар паси ҳар як ҳаракат беҳаракатӣ низ истодааст ва ё баръакс.

АДАБИЁТ

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳаракат дар роҳ» аз 17 майи соли 2018. -№1533 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2018. -№5 моддаи 284; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон.
2. Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 31 декабри соли 2008 № 455 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с.2008. -№12, -қ. 1, -мод. 989. -мод. 990; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19.07.2019 с., -№1631.
3. Қоидаҳои ҳаракат дар роҳ: Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 июни соли 2017. -№323 // Адлия: Махзани мутамаркази иттилооти ҳуқуқии ҶТ. Версия 7.0 // Вазорати адлияи ҶТ. -Душанбе, 2020. -С.8.
4. Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти № 28 аз 18 декабри соли 2009 «Дар бораи тағрибаи судӣ оид ба ҷиноятҳои вайрон кардани қоидаҳои ҳаракат дар роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт, инчунин ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаҳои нақлиёт бидуни мақсади тасарруф»: [Манбаи электронӣ]. sud.tj›obshchaya-informatsiya/rayesati-sudi-oli/ (санаи мурочиат: 09 ноябри с.2020).
5. Афанасьев, М.В. Уголовная ответственность за нарушение правил дорожного движения и эксплуатации транспортных средств лицом, находящемся в состоянии опьянения: дис. … канд. юрид. наук: [12.00.08] / Афанасьев Максим Владимирович. -М., 2018. -195 с.
6. Бадалов Ш.К. Ҳуқуқи нақлиёт: Китоби дарсӣ / Ш.К. Бадалов, А.Д.Ғафуров, Д.С. Сафаров, А.И. Сафаров. -Душанбе, 2012. -269 с.
7. Бойгонии суди н Рудакӣ // Парвандаи ҷиноятии №1-45/18.
8. Бойгонии суди ш. Вахдат // Парвандаи ҷиноятии №1-298/19.
9. Бойгонии суди ш. Ҳисор // Парвандаи ҷиноятии №1-90/19.
10. Бохан, А.П. Уголовная ответственность за нарушение правил дорожного движения и эксплуатации транспортных средств [Текст]: дис. … канд. юрид. наук: 12.00.08 / Андрей Петрович Бохан. -М., 2003. -211 с.

11. Бохан, А.П. Преступления против безопасности движения и эксплуатации транспорта: учебное пособие / А.П. Бохан, С.А. Алтухов. -Ростов н/Д, 2016. -С.49.
12. Габдрахманов, А.Ш. Преступления против безопасности движения и эксплуатации транспорта (уголовно-правовые и криминологические аспекты): автореф. дис. ...канд. юрид. наук / А.Ш. Габдрахманов. -М., 2007.
13. Замосковец, П.В. Квалификация транспортных преступлений органами внутренних дел / П.В.Замосковец, А.И. Коробеев. -Хабаровск, 1988. -С.30.
14. Клочков, В.В. Вопросы борьбы с неосторожной преступностью // Современные проблемы уголовного права. Сборник науч. Трудов / В.В. Клочков. -М., 1981. -С.221.
15. Малинин, В.Б. Проблемы установления причинной связи в судебно–следственной практике: Монография / В.Б. Малинин. -СПб.: Санкт–Петербургский университет МВД России, 1999. -146 с.
16. Неверов, В.И. Нарушение правил дорожного движения и эксплуатации транспортных средств [Текст]: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.08. / Неверов Виталий Иванович. – Саратов, 2007. -243 с.
17. Полный курс уголовного права: В 5 т. / Под ред, докт. юрид. наук, проф., заслуженного деятеля науки РФ А.И. Коробеева. Т. IV: Преступления против общественной безопасности. -СПб.: Издательство Р. Асланова «Юридический центр Пресс», 2008. -674 с.
18. Рублев, А.Г. Уголовная ответственность за нарушение правил дорожного движения и эксплуатации транспортных средств: дис. ... канд. юрид. наук / А.Г. Рублев. -Екатеринбург, 2006. -227 с.
19. Собин, Д.В. Противодействие нарушениям правил дорожного движения и эксплуатации транспортных средств (ст. 264, 264^1 УК РФ): проблемы построения составов преступлений, пенализация и предупреждения: дис. … канд. юрид. наук [12.00.08] / Собин Дмитрий Владимирович. -Краснодар, 2020. -187 с.
20. Таҳлил ва маълумоти оморӣ ҷиҳати баҳисобгирии ягонаи ҷиноятҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Сармаркази иттилоотӣ–таҳлилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе, 2010-2019.
21. Уголовное право России. Общая и особенная части: учебник / под ред. И.М. Мацкевича, Н.Г. Кадникова. – Союз криминалистов и криминологов, Криминологическая библиотека, Российский криминологический взгляд, 2015. -990 с. – (Библиотека журнала «Союз криминалистов и криминологов»).
22. Федорченко, М.В. Нарушение правил дорожного движения и эксплуатации транспортных средств: уголовно-правовой и криминологический аспекты: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.08 / М.В. Федорченко. -Н-Новгород, 2004. -210 с.
23. Ҳусейнов, С.Ҳ. Таркиби ҷиноят (дастури таълимӣ) / С.Ҳ. Ҳусейнов. -Душанбе: ЭР-граф, 2013. -231 с.

МАСОИЛИ МУБРАМИ ТАРАФИ ОБЪЕКТИВИИ ВАЙРОН КАРДАНИ ҚОИДАҲОИ ҲАРАКАТ ДАР РОҲ ВА ИСТИФОДАИ ВОСИТАҲОИ НАҚЛИЁТ

Мақола ба масоили танзими тарафи объективии вайрон кардани қоидаҳои ҳаракат дар роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт аз рӯйи Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шуда, дар он аҳамияти ҳукуқии тарафи объективии ҷинояти мазкур кушода шудааст. Доир ба ин мавзӯъ нуқтаи назари олимони гуногун оварда шуда, вобаста ба ҳар яки онҳо муаллиф диди худро баён намудааст. Дар баробари ин, маълумотҳои оморӣ оиди шумораи ҷиноятҳои содиршуда ва пешбининамуда моддаи 212 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба намудҳои вайрон кардани қоидаҳои ҳаракат дар роҳ дарҷ шуда, бештар дар кадом шакл ҷинояти мазкур содир мегардад, муайян гардидааст. Ҳамзамон, дар мақола парвандаҳои ҷиноятӣ доир ба мавзӯи болозикр мавриди таҳлил қарор гирифта, баъзе мушкилиҳое, ки дар амалия доир ба баҳогузории ҷинояти тадқиқшаванда дида мешаванд, муайян карда шудаанд. Дар хулоса муаллифон баъзе нуқсонҳои қонунгузорӣ, аз қабили мавҷуд набудани мафҳумҳои «вайрон кардани қоидаҳои ҳаракат дар роҳ» ва «қоидаҳои истифодаи воситаҳои нақлиёт»-ро ошкор намуда, ғайриодилона баҳогузорӣ намудани қонунгузорро ҳангоми фаро расидани оқибатҳои гуногун аз содиршавии ҷинояти мазкур муайян намуда, роҳҳои бартараф намудани онҳоро пешниҳод намудаанд.

Калидвожаҳо: қоидаҳои ҳаракат дар роҳ, истифодаи воситаҳои нақлиёт, оқибати ҷиноят, робитаи сабабӣ, кирдор.

АКТУАЛЬНЫЕ ПРОБЛЕМЫ ОБЪЕКТИВНОЙ СТОРОНЫ НАРУШЕНИЯ ПРАВИЛ ДОРОЖНОГО ДВИЖЕНИЯ И ЭКСПЛУАТАЦИИ ТРАНСПОРТНЫХ СРЕДСТВ

В статье рассматриваются проблемы регулирования объективной стороны нарушения правил дорожного движения и использования транспортных средств в соответствии с Уголовным кодексом Республики Таджикистан, раскрывается юридическое значение объективной стороны этого преступления. Представлены взгляды ученых на представленную тему, авторами высказывается собственное мнение относительно этих точек зрения. При этом приводятся статистические данные о количестве совершенных преступлений, предусмотренных статьей 212 Уголовного кодекса Республики Таджикистан в зависимости от видов нарушений правил дорожного движения и их форм, в которых это преступление чаще всего совершается. В то же время, в статье анализируются уголовные дела по указанной теме и выявляются некоторые трудности, встречающиеся в практике при оценки расследуемых преступлений. В заключении авторы выявили некоторые недостатки в законодательстве, такие, например, как отсутствие понятий «нарушение правил дорожного движения» и «правила использования транспортных средств», показав ошибочную оценку законодателя при определении различных последствий совершения вышеназванного преступления, предложили свое мнение относительно устранения данных проблем.

Ключевые слова: правила дорожного движения, эксплуатация транспортных средств, последствия преступления, причинная связь, деяние.

CURRENT PROBLEMS OF THE OBJECTIVE SIDE VIOLATIONS OF THE RULES OF THE ROAD TRAFFIC AND THE USE OF VEHICLES

The article discusses the problems of regulating the objective side of violation of traffic rules and the use of vehicles in accordance with the Criminal Code of the Republic of Tajikistan, reveals the legal significance of the objective side of this crime. The views of scientists on the topic presented are presented, the authors express their own opinion regarding these points of view. At the same time, statistical data are provided on the number of crimes committed, provided for by Article 212 of the Criminal Code of the Republic of Tajikistan, depending on the types of traffic violations

and their forms in which this crime is most often committed. At the same time, the article analyzes criminal cases on this topic and identifies some of the difficulties encountered in practice when assessing the crimes under investigation. In conclusion, the authors identified some shortcomings in the legislation, such as the absence of the concepts of "violation of traffic rules" and "rules for the use of vehicles", showing an erroneous assessment of the legislator in determining the various consequences of committing the above-mentioned crime, offered their opinion on how to eliminate these problems.

Keywords: traffic rules, vehicle operation, consequences of a crime, causation, action.

Маълумот дар бораи муаллифон: ***Сафарзода Анвар Ислом*** **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, мудири кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсия. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992) 905-88-63-63.** E-mail: **anvar_safarov85@mail.ru**
Нарзуллозода Сухроб Саидаҳмад – Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, Омӯзгори калони кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва психологияи факултети №2, майори милитсия. **Суроға:** 734012, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи М. Мастонгулов, 3. Телефон: **918-18-68-63.** E-mail: **n.suhrob-92@mail.ru**

Сведения об авторах: ***Сафарзода Анвар Ислом*** **–** Таджикский национальный университет, доктор юридических наук, профессор, заведующий кафедрой уголовного права и противодействия коррупции. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **905-88-63-63**. E-mail: **anvar_safarov85@mail.ru**
Нарзуллозода Сухроб Саидахмад – Академия МВД Республики Таджикистан, старший преподаватель кафедры уголовного права, криминологии и психологии факультета №2, майор милиции. **Адрес:** 734012, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. М. Мастонгулова, 3. Телефон: **(+992) 918-18-68-6**3. E-mail: **n.suhrob-92@mail.ru**

Information about the authors: ***Safarzoda Anwar Islom*** - Tajik national University, doctor of law, Professor, head of the Department of criminal law and anti-corruption. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: **(+992) 905-88-63-63.** E-mail: **anvar_safarov85@mail.ru**
Narzullozoda Suhrob Saidahmad - Academy of the Ministry of Internal Affairs of the Republic of Tajikistan, senior lecturer of the Department of Criminal Law, Criminology and Psychology of Faculty No. 2, Major of Police. **Address**: 734012, Republic of Tajikistan, Dushanbe, st. M. Mastongulov, 3. Phone**: 918-18-68-63.** E-mail: **n.suhrob-92@mail.ru**

УДК: 343.533

НАМУДҲОИ ЗӮРОВАРӢ ДАР ОИЛА

Ғафорова Ш.А.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Таҳлили назариявии мушкилоти зӯроварӣ, пеш аз ҳама, омӯзиши ҳамаҷонибаи генезиси рафтори зӯроварона, хушунат ва хашму ғазабро тақозо менамояд. Ин яке аз ҷанбаҳои муҳимтарини мушкилот аст. Назарияҳои зиёде ба масоили зӯроварӣ бахшида шудаанд. Мувофиқи яке аз он рафтори пурхашму ғазаби инсон, ки дар ҳолати ҷанг, ҷиноят ва дигар намудҳои рафтори харобиовар зоҳир меёбад, дар зери таъсири муҳити зист ташаккул меёбад ва асосан натиҷаи раванди иҷтимоишавии вайроншуда аст [1].

Маҳаки асосии назарияи дигари олимон аз он иборат аст, ки хушунат ва хашму ғазаб ин ғаризаи модарзодии рафтори шахс аст [10,с.8].

Ба ақидаи мо, тафсири зӯроварӣ ва ҷинояти зӯроваронае, ки Ю.М. Антонян пешниҳод кардааст, ҷолиби диққат хоҳад буд, ки хашму ғазабро хусусияти табиӣ мепиндорад. Хашму ғазаби табиӣ дар ҳаёти иҷтимоӣ чун зӯроварӣ зоҳир мегардад, ки ҳамзамон, метавонад дидаю дониста бераҳмона ва хушунатомез бошад [2,с.6-11].

Вобаста ба имкони пешгирии зӯроварӣ, танзими он тибқи тарзу тариқи мутамаддин низ фикру афкори мухталиф, баъзан комилан ба ҳамдигар мухолиф баён карда мешаванд. Дар замони охир аксар олимон, ки ба таҳлили шаклҳои рафтори зӯроварона машғул ҳастанд, чунин меҳисобанд, ки мушкилоти зӯроварӣ дар ҷомеа абадист, бартарафсозии он имконнопазир аст, бинобар ин, танзими зӯровариро омӯхта, сатҳи зуҳуроти онро дар ҷомеа коҳиш додан зарур дониста мешавад [5].

Дар байни маҷмӯи фанҳои ҳуқуқӣ зӯроварӣ (ҷинояти зӯроварона) бевосита мавзӯи омӯзиши ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология дониста шудааст.

Дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ба ҷиноятҳои зӯроварона ҷиноятҳое дохил карда мешаванд, ки дар он зӯроварӣ аломати ҳатмӣ, алтернативӣ ё факултативӣ аст. Дар ҳама ҳолатҳое, ки зӯроварӣ ба ҷанбаи объективии ҷинояти дахлдор мансуб дониста мешавад, чунин ҷиноят чун ҷинояти зӯроварона фаҳмида мешавад. Саволе ба миён меояд, ки оё ҳамаи ҷиноятҳои бо зӯроварӣ алоқаманд бударо ба ҷумлаи ҷиноятҳои зӯроварона метавон дохил кард ва ё не?

Дар адабиёти криминологӣ якчанд усулу равиш ҷиҳати муайян кардани доираи ҷиноятҳои зӯроварона вуҷуд дорад. Баъзеҳо ба гурӯҳи ҷиноятҳои зӯроварона фақат

ҷиноятҳои дидаю дониста бар зидди ҳаёт, ҳама намуди зараррасониро ба саломатӣ ва таҷовуз ба номусро нисбат медиҳанд. Чанде аз муаллифон боварӣ доранд, ки ба ҷиноятҳои зӯроварона авбошӣ, инчунин, ғоратгарӣ ва роҳзании зӯроварона ҳам қисман мансубанд [9]. Аммо аз сабаби он ки мавзӯи тадқиқотии мо хушунати оилавиро фаро мегирад, таҳлили кирдорҳои хусусияти зӯроваридоштае, ки дар муҳити оилавӣ содир мегарданд, аҳамияти муҳим доранд. Зеро оила ячейкаи асосии ҷамъият ба ҳисоб рафта, аз муносибатҳои дар он пайдошаванда, инкишофи ҷомеа вобастагӣ дорад. Таъсир ва оқибатҳои зӯроварӣ дар оила барои тамоми аъзоёни оила зарари барқарорнашавандаро мерасонад, ки афсӯс чунин вазъият аз ҷониби ҷомеа ба таври дахлдор баҳо дода намешавад. Зӯроварӣ дар оила на танҳо ба буҷети оила, инчунин ба буҷети давлатӣ низ зиёни калонро мерасонад. Масалан, ҳангоми расонидани кумаки тиббӣ ва барқароршавии психологӣ, тафтиши ҷиноят ё ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, ҷазои гунаҳкорон ва ғайра.

Аслан, дарки ҷинояти зӯроварона чандон душвор нест. Хусусияти фарқкунандаи ин гурӯҳи ҷиноятҳои хавфнокро ин зӯроварии ҷисмонӣ ё рӯҳӣ бар ҷабрдида ташкил медиҳад, ки он дар натиҷа боиси марг, зарари ҷисмонӣ ва рӯҳӣ ба саломатӣ метавонад гардад.

Тафовут дар усулу равиши муайянсозии доираи ҷиноятҳои зӯроварона аз ҳадафҳои таҳқиқоти гузаронидашуда ва мазмуну моҳияте, ки ба мафҳуми тарзи зӯроваронаи содир кардани ҷиноят ва умуман зӯроварӣ дохил менамоянд, вобаста аст. Дар таҳлили шаклҳои зӯроварӣ: таҳқиқи зӯроварии ҷисмонӣ ва рӯҳӣ ниҳоят муҳим дониста мешавад. Ба ғайр аз зӯроварии ҷисмонӣ ва рӯҳӣ як қатор санадҳои ҳуқуқӣ ва олимони соҳаи ҳуқуқ дигар шаклҳои хушунатро муайян намудаанд, ки бо мазмуну моҳияти ҳуқуқиашон аз ҳамдигар фарқ карда мешаванд. Муаллифон оиди мафҳуми шаклҳои зӯроварӣ ақидаҳои гуногун доранд [13,с.11].

Зӯроварии ҷисмонӣ ин таъсири ба ҷамъият хавфнок ва ғайриқонунӣ ба организми шахси дигар аст, ки барои расонидани зарар ба неъмати ҷисмониаш равона карда шудааст. Зӯроварии ҷисмонӣ боиси ягон оқибати аёне метавонад нагардад, ҳамзамон, ба зарари ҷисмонӣ ё марг метавонад оварда расонад, аммо дар ҳар ҳолат зарари муайянеро ба саломатӣ мерасонад [2].

Муайян намудани мазмуни зӯроварии рӯҳӣ ва таркиби ҷиноятҳои бо истифодаи зӯроварии рӯҳӣ алоқаманд буда, ки ба категорияи ҷиноятҳои зӯроварона метавонанд ворид карда шаванд, мушкилтар аст.

Одатан, ба зӯроварии рӯҳӣ «таҳдиди куштор ё расонидани зарари вазнинро ба саломатӣ» мансуб медонанд. Дар ин маврид зери таҳдиди истифодаи зӯроварӣ чун таҳдид, тарсонидани ҷабрдида бо истифодаи зӯроварии ҷисмонӣ фаҳмида мешавад.* Ин нуқтаи назари маъмул (ва аз баъзе ҷиҳат расмӣ) аст, аммо нуқтаи назари ягона дар мавриди дарку фаҳмиши зӯроварӣ нест. Баъзе муаллифон пешниҳод мекунанд, ки зӯроварии рӯҳӣ фақат бо таҳдиди истифодаи зӯроварии ҷисмонӣ вобаста дониста нашавад. Зӯроварии рӯҳӣ дар ҳолатҳое низ метавонад ҷой дошта бошад, ки таҳдиди ошкорои истифодаи қувваи ҷисмонӣ мавҷуд нест [3,с.522-534].

Гаухман Л.Д. чунин меҳисобад, ки ҳангоми таҳдиди бо расонидани зарари ҷисмонӣ алоқаманд набуда, таҳдид ба шахсият низ вуҷуд надорад, зеро ки чунин таҳдид ба саломатӣ ва дахлнопазирии ҷисмонӣ зарар намерасонад [6,с.31-32]. Сердюк Л.В. ба ин изҳорот эътироз оварда, чунин арз менамояд, ки объекти асосии ҳама гуна таҳдид ин муносибатҳои ҳуқуқии бо рӯҳи инсон, аммо на бо дахлнопазирии ҷисмонии он алоқаманд буда, мебошанд. Ба рӯҳи инсон на фақат таҳдиди истифодаи зарари ҷисмонӣ, балки таҳдиди суиқасд ба дигар манфиатҳои он низ таъсир мерасонад, аксар вақт чунин таҳдид на камтар аз саломатӣ ё ҳатто худи ҳаёти инсон муҳиму арзишманд аст (масалан, шаъну шараф, озодии шахс ва ифодаи иродаи шахс). Зиёда аз ин, зӯроварии рӯҳӣ ин на фақат таҳдид аст. Таъсири зӯроварона ба рӯҳ, инчунин, тавассути таҳқир, туҳмат ва шаклҳои дигар сурат мегирад, ки осеби рӯҳиро метавонад ба бор орад ё озодии баёни иродаи шахсро маҳдуд кунад, бо мақсадҳои ба ҷамъият хавфнок истифода шаванд [7,с.5].

Зӯроварии рӯҳӣ кирдоре мебошад, ки дар расонидани осеби равонӣ (рӯҳӣ) ифода ёфтааст ва оқибати он на фақат метавонад зарари воқеии расонидашуда ба психикаи шахс бошад, балки эҳтимоли расонидани зарари ҷисмонӣ низ вуҷуд дорад [11,с.6]. Дар

*Дар мавриди он ки ба мафҳуми таҳдид низ кадом мазмунро ворид кардан лозим аст, фикру ақидаи ягона вуҷуд надорад. Масалан, Левертова Р.А. зӯроварии рӯҳиро бо ҳар гуна таҳдид шабеҳ медонад.Ниг.: Левергова Р.А. Ответственность за психическое насилие по советскому уголовному праву: Мазмуни мухтасари рисолаи номзади илми ҳуқуқ. -М., 1972. Гаухман Л.Д., Стерехов Н.В., Кригер Г.Л. онро то таҳдиди расонидани зарари ҷисмонӣ боз ҳам маҳдудтар мегардонанд. Ниг.: Гаухман Г.Д. Насилие как средство совершения преступления. -М., 1974; Стерехов Н.В. Ответственность за угрозу по советскому уголовному праву. Мазмуни мухтасари рисолаи номзади илми ҳуқуқ. - Свердловск 1972; Кригер Г.Л. Ответственность за разбой. -М., 1968.

натиҷаи расонидани ин намуди зӯроварӣ озодии баёни иродаи шахс маҳдуд мегардад. Аз ин рӯ, зӯроварии рӯҳӣ ба ғайр аз аломате, ки бо таҳдиди истифодаи қувваи ҷисмонӣ алоқаманд аст, бо чунин аломатҳо, аз қабили осеби равонӣ ва маҳдуд кардани озодии баёни ирода, сарфи назар аз воқеан расонидани зарари ҷисмонӣ тавсиф карда мешавад.

Пас саволи зерин мувофиқи мақсад дониста мешавад – Кадом таркиби ҷиноят дар қонунгузории ҷиноятӣ инчунин ба категорияи ҷиноятҳои зӯроварона дохил мешаванд? Старков О.В. ба ҷиноятҳои зӯроварона (ба ғайр аз таҳдиди куштор ва расонидани зарари вазнин ба саломатӣ) – тамаъҷӯӣ, ҳама намуди маҷбурсозӣ (масалан, маҷбур сохтани зан ба алоқаи ҷинсӣ), таҳқир ва туҳмат, ҳабси ғайриқонуниро дохил менамояд [12,с.33-35]. Ҳамин тавр, зӯроварии рӯҳиро ҳамчун таъсири ба ҷамъият хавфнок ва ғайриқонунӣ ба рӯҳи инсон, ки бар хилофи иродааш ё сарфи назар аз иродааш амалӣ карда мешавад ва қодир аст, ки озодии баёни иродаро бартараф созад ё осеби рӯҳӣ расонад, муайян кардан мумкин аст.

Зӯроварии ҷисмонӣ ва рӯҳӣ бо ҳам зич алоқаманданд. Ҳангоми содир кардани зӯроварии ҷисмонӣ нисбат ба шахс, осеби равонӣ ҳам ба ин шахс расонида мешавад. Истифодаи зӯроварии рӯҳӣ, ҳатто дар сурати набудани ихтилоли ҷисмонии возеҳ ифодаёфта, ҳамеша боиси тағйироти ҷудогонае мегардад, ки дар бадани инсон ночиз аст.

Бо дарназардошти мафҳумҳои зӯроварии ҷисмонӣ ва рӯҳӣ, ҷиноятҳои зӯроваронаро ҳамчун ҳама гуна кирдорҳои ба ҷамъият хавфнок ва мухолифи қонуни ҷиноятӣ, бо роҳи расонидани зарари ҷисмонӣ, осеби равонӣ иҷро гардидаанд, муайян кардан мумкин аст.

Қобили тазаккур аст, ки ҳангоми муайяннамоии шаклҳои зӯроварӣ дар таълимоти ҳуқуқии ватанӣ чунин шаклҳои зӯроварӣ, ба монанди зӯроварии шаҳвонӣ ва зӯроварии иқтисодӣ мустақиман ҷудо карда шудаанд. Тибқи таҳлили мафҳумҳои шаклҳои зӯроварии зикргардида маълум мегардад, ки зӯровари шаҳвонӣ, зӯроварие мебошад, ки ба озодии ҷинсӣ ва дахлнопазирии ҷинсии шахс таъсир мерасонад.

Дар натиҷаи таъсири зӯроварии иқтисодӣ бошад, асосан ҳуқуқҳои молумулкии шахс зарар мебинанд. Аммо қайд намудан лозим аст, ки оқибати кирдори зӯроваронаи ҳам шаҳвонӣ ва ҳам иқтисодӣ асосан таъсиррасонӣ ба ҷисм ва ё рӯҳи (психикаи) шахс мебошад. Масалан, ба худкушӣ расонидан- на фақат ба саломатии зан, балки ба шаъну шарафи зан низ таъсир мерасонад, дар баробари ин, хусусиятҳои зӯроварии ҷисмонӣ ва рӯҳиро ҳам дорад.

Намудҳои асосии зӯроварӣ, ки аксар вақт нисбат ба шахсони алоҳида истифода мешаванд ва омилҳое, ки ба содир шудани ҷиноят мусоидат мекунанд, фарқ мекунанд. Ба ибораи дигар, ҳар як намуди мушаххаси зӯроварӣ як мушкили мустақил бо хусусиятҳои мушаххас мебошад. Сабабҳо, шартҳо, шаклҳои зуҳуроти зӯроварӣ, оқибатҳои амалҳои зӯроварӣ вобаста ба объект хусусиятҳои хосси худро хоҳанд дошт. Чораҳои махсуси пешгирикунанда, механизмҳои ҳалли ҳолатҳои мушаххас низ гуногун хоҳанд буд. Аз ин рӯ, омӯзиши ҳар се ҷанбаи мушкилот дар ҳамбастагӣ, вобастагии мутақобила, равшан сохтани умумӣ ва хусусият вазифаи сатҳи дигар аст.

Дар охир хулоса кардан мумкин аст, ки намудҳои зӯроварӣ дар оила ба чунин гурӯҳҳо тақсим карда мешаванд: зӯроварии ҷисмонӣ, рӯҳӣ, шаҳвонӣ, иқтисодӣ.

АДАБИЁТ

1. Абрамова А.А. Агрессивность при депрессивных расстройствах / А.А. Абрамова. -М., 2005. -153 с.
2. Антонян Ю.М. Преступная жестокость / Ю.М. Антонян. - М.,1994. -217 с.
3. Владимиров В.А. Квалификация преступлений против личной собственности / В.А. Владимиров. - М., 1968. -С. 83; Гаухман Л.Д. Проблемы уголовно-правовой борьбы с насильственными преступлениями в СССР / Л.Д. Гаухман. - Саратов, 1981. -С.30; Гаухман Л.Д. Насилие как средство совершения преступлений / Л.Д. Гаухман. – М., 1974. -С.75-80.
4. Безверхов А.Г. Соотношение категорий «насилие» и «угроза» в современном уголовном праве России / А.Г. Безверхов, Ю.С. Норвартян // Вестник СПбГУ.Право. - 2018. -т.9. Нашри 4. -534 с.
5. Гилинский Я. Социальные конфликты: экспертиза, прогнозирование, технологии разрешения / Я.Гилинский, Ю.М. Антонян //сб. статей. -М., 1995. -112 с.
6. Гаухман Л.Д. Борьба с насильственными посягательствами / Л.Д. Гаухман. –М., 1969. -120 с.
7. Костров Г.К. Уголовно-правовое значение угрозы: Мазмуни мухтасари рисолаи номзади илми њуќуќ / Г.К. Костров. - М.,1970. -163 с.
8. Лалаянц Э.М. Убийство начинается в нейроне / Э.М. Лалаянц //Литературная газета. -1994. -№35. 31 август; Румянцева Г. Агрессия и аутоагрессия / Г. Румянцева // Насилие в современном мире. -СПб., 1997; Хеккаузен Х. Мотивация и деятельность / Х. Хеккаузен. -М., 1986. -ч.1; Человек против человека. Преступное насилие /Зери таҳрири Антонян Ю.М. -СПб., 1994; Гилинский Я. Homo homini lupus est // Насилие в современном мире. -СПб., 1997. -С.12-13.
9. Личность преступника. -М., 1971. -С.107; Лубшев Ю. Выявление судом обстоятельств, способствующих совершению насильственных преступлений // Сов.юстиция. - 1972. -№14. -С.8; Доронин Г.Н. Личность несовершеннолетних, осужденных за насильственное преступление / Г.Н. Доронин. -Томск, 1980. -С.5; Криминология / Зери таҳрири Н.Ф. Кузнецова, Г.М. Миньковский. -М., 1994. -С.236-237.

10. Насилие, агрессия, жестокость. –М., 1990.
11. Сердюк Л.В. Психическое насилие как предмет уголовно-правовой оценки следователем / Л.В. Сердюк. - Волгоград, 1981. -С.6.
12. Старков О.В. Бытовые насильственные преступления / О.В. Старков. - Рязань, 1992. -С.33-35.
13. Симонов В.И. Преступное насилие: понятие, характеристика и квалификация насильственных посягательств на собственность / В.И. Симонов, В.Г. Шумихин. - Пермь,1992. -119 с.

НАМУДҲОИ ЗӮРОВАРӢ ДАР ОИЛА

Намудҳои асосии зӯроварӣ, ки аксар вақт нисбат ба шахсони алоҳида истифода мешаванд ва омилҳое, ки ба содир шудани ҷиноят мусоидат мекунанд, фарқ мекунанд. Ба ибораи дигар, ҳар як намуди мушаххаси зӯроварӣ як мушкили мустақил бо хусусиятҳои мушаххас мебошад. Сабабҳо, шартҳо, шаклҳои зуҳуроти зӯроварӣ, оқибатҳои амалҳои зӯроварӣ вобаста ба объект хусусиятҳои хосси худро хоҳанд дошт. Чораҳои махсуси пешгирикунанда, механизмҳои ҳалли ҳолатҳои мушаххас низ гуногун хоҳанд буд. Аз ин рӯ, таҳлили ҳамаҷонибаи криминологии намудҳои зӯроварии дар оила содиршаванда дар алоҳидагӣ ва алоқамандии онҳо нисбати якдигар мувофиқи мақсад мебошад. Аз таҳлили мақолаи мазкур чунин хулосабарорӣ кардан мумкин аст, ки ҳар як намуди зӯроварӣ ба худ хусусияти хос дошта, дар таҳлили ҷиноятҳои дар оила содиршаванда нақши мушаххасро мебозанд.

Калидвожаҳо: зӯроварӣ дар оила, намудҳо, зӯроварии рӯҳӣ, ҷисмонӣ, ҷиноят, оила, назарияҳо, таҳлили криминологӣ, хушунат.

ВИДЫ НАСИЛИЯ В СЕМЬЕ

Основные типы насилия, которые часто используются против отдельных лиц, и факторы, способствующие совершению преступления, различаются. Другими словами, каждый конкретный тип насилия является самостоятельной проблемой с определенными характеристиками. Причины, условия, формы насилия, последствия насильственных действий в зависимости от объекта будут иметь свои особенности. Специальные меры профилактики, механизмы решения конкретных случаев тоже будут разными. В связи с этим необходимо провести комплексный криминологический анализ видов насилия, совершаемых в семье, по отдельности и их связям друг с другом. Из анализа данной статьи можно сделать вывод, что каждый вид насилия имеет свои особенности и играет определенную роль в анализе преступлений, совершаемых в семье.

Ключевые слова: насилие в семье, виды психологического насилия, физическое насилие, преступление, семья, теории, криминологический анализ, насилие.

TYPES OF DOMESTIC VIOLENCE

The main types of violence that are often used against individuals and the factors contributing to the commission of a crime vary. In other words, each specific type of violence is an independent problem with certain characteristics. The reasons, conditions, forms of violence, the consequences of violent actions, depending on the object, will have their own characteristics. Special preventive measures, mechanisms for solving specific cases will also be different. In this regard, it is necessary to conduct a comprehensive criminological analysis of the types of violence committed in the family, separately and their relationship with each other. From the analysis of this article, we can conclude that each type of violence has its own characteristics and plays a role in the analysis of crimes committed in the family.

Keywords: domestic violence, types, psychological violence, physical violence, crime, family theory, criminological analysis, violence.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Ғафорова Шаҳноза Абдуҷабборовна*** **–** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, унвонҷӯи кафедраи криминалистика ва экспертизаи судӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **985-76-66-66**

Сведения об авторе: ***Гафорова Шахноза Абдуджабборовна*** – Таджикский национальный университет, соискатель кафедры криминалистики и судебной экспертизы. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, пролспект Рудаки, 17. Телефон: **985-76-66-66**

Information about the author: ***Gaforova Shakhnoza Abdujabborovna*** - Tajik National University, applicant for the Department of Criminalistics and Forensic Science. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki prospect, 17. Phone: **985-76-66-66**

УДК: 340.131(575.3)

“ҚОНУННОМАИ СОСОНИЁН” ҲАМЧУН САРЧАШМАИ ТАЪРИХӢ ВА ҲУҚУҚӢ

Ҳоҷиев М.С.
Донишгоҳи давлатии Данғара

Дар омӯзиши низоми ҳуқуқии давлати Сосониён “Қонунномаи Сосониён” нақши муҳим дорад, ки ягона мероси давраи ҳукмронии Сосониён буда, аз маҷмӯи қарорҳои ҳуқуқӣ иборат аст. Маҷмӯаҳои ҳуқуқӣ ҳамчун дастурамал ва роҳнамо барои фаъолияти судӣ тартиб дода мешуданд ва таъйиноти онҳо на танҳо бо интихоби масъалаҳои зикргардида, ки дар он таҷассум гардидаанд, балки бо сарчашмаҳои асосӣ муайян карда мешаванд.

Қарорҳо ва масъалаҳои судӣ, ки дар “Қонунномаи Сосониён” ҷамъоварӣ карда шудаанд, соҳаҳои мухталифи ҳуқуқиро фарогир мебошанд. Дар маҷмӯа масъалаҳои

мухталиф, ба монанди муносибатҳои молумулкӣ ва уҳдадорӣ, шаклҳои ҷамъиятӣ ва идоравӣ, ташкили мурофиаи судӣ, ба расмият даровардани ҳуҷҷатҳои ҳуқуқӣ, масъалаҳои муносибатҳои оилавӣ, шаклҳои никоҳ, бастани шартнома ва истифодаи навъҳои гуногуни он, масъалаҳои мерос ва меросгирӣ, парастории, ҷиноятқорӣ ва ҷазо ҷамъоварӣ карда шудаанд. Бо истифода аз маълумотҳои "Қонунномаи Сосониён" имконияти таҷассуми пурраи низоми ҳуқуқии давлати Сосониён таъмин карда мешавад.

"Қонунномаи Сосониён" дар доираҳои илмӣ, дар адабиёти илмӣ бо номҳои гуногун, ба монанди "Қонуни мадании зардуштиён", "Мотикони ҳазор додистон (дадастон)", "Китоби ҳазор қарорҳои судӣ" ва ғайраҳо ёдовар мешавад. Оид ба мавҷудияти чунин як мероси муҳимми мардуми тоҷику форс – "Қонунномаи Сосониён" аврупоиён тариқи асарҳои таҳқиқотчии эронишинос – Ҷ. Дарместетер соли 1887 ошноӣ пайдо намуданд. Соли 1973 муҳаққиқи арманӣ тарҷумаи русии "Қонунномаи Сосониён"-ро ба чоп расонид, ки дар асоси он хонандагони русзабон бо ин мероси пуразриши тоҷику форс шинос шуданд. Мардуми тоҷику форс, пас аз тарҷума гардидани Қонунномаи Сосониён аз тарафи Мубад Рустами Шаҳзодӣ соли 1949 имконият пайдо намуданд, ки бо матни комили он ошноӣ пайдо намоянд [6,с.6-7].

Оид ба таърихи тартиб дода шудани "Қонунномаи Сосониён" баҳсу мунозираҳо то ба имрӯз идома доранд. Як қатор муаллифон бо такя ба номи ҳуқуқшинос Юан Ҷам, ки дар матн оварда шудааст, изҳор менамоянд, ки Қонунномаи Сосониён дар асри IX тартиб дода шудааст, зеро ин ҳуқуқшинос дар асри IX умр ба сар бурдаст [10,с.116-117]. Гурӯҳи дигари муаллифон бошанд, ин мавқеъро рад намуда, қайд менамоянд, ки бо мувофиқ омадани як ном, наметавонем, таърихи тартиб дода шудани чунин як сарчашмаи бузурги ҳуқуқиро ба қафо, ба давраи баъдӣ гузорем [9,с.63].

Муҳаққиқи тоҷик А.Ғ.Холиқзода қайд менамояд, ки "Қонунномаи Сосониён" ифодагари сохтори ҷамъиятӣ ва давлатии Сосониён аст, меъёрҳои он сохтори маъмурӣ ва ҳудудии ин салтанатро инъикос мекунанд. Дар матни Қонуннома амру фармонҳои шоҳони Сосонӣ - Қубод, Хусрав ва Анӯшервон оварда шудааст, ки баъд аз пошхӯрии салтанати Сосониён ҷамъоварӣ ва ба таври маҷмӯаи алоҳида муттаҳид намудани онҳо аҳамият надорад [6,с.5].

Дар дебочаи матни Қонуннома, муаллиф танҳо номи худ - Фаррухмард писари Баҳром, инчунин номи маҷмӯаи худ – "Китоби ҳазор қарори судӣ"-ро баён намудааст. Муаллифи "Қонунномаи Сосониён" дар давраи Хусрави II зиндагӣ намудааст. Маълумоти дигар оиди муаллиф ва давраи тартиб додани шудани Қонуннома дарҷ нагардидааст. Ба ҳар ҳол дар қисматҳое, ки то ба мо расидаанд, нисбати ин масъала маълумоте ҷой надорад.

Таҳқиқотчӣ А.Г. Периханян қайд менамояд, ки нишонаи муайян намудани замони фаъолияти муаллиф ва тартиб додани Қонуннома, хотиррасон гардидани шахсони таърихӣ, аз он ҷумла шоҳон, инчунин санаи ҳуҷҷатҳо, ки дар бойгонӣ ва мақомоти судии шаҳри Ғур нигоҳ дошта мешаванд, ба ҳисоб мераванд. Санаи охирини истифодаи ҳуҷҷатҳо, ки дар Қонуннома дарҷ гардидааст, соли бисту шашуми ҳукмронии Хусрав ба ҳисоб меравад, ки ба соли 615 мувофиқ аст. Қонунномаи Сосониён, тақрибан соли 620 навишта шудааст, муаллифи он Фаррухмард писари Баҳром дар шаҳри Ғур, музофоти Арташаҳри Хварре зиндагӣ намуда, ҳамасри шоҳ Хусрави II буд [3,с.13-15].

Таҳлили бандҳо ва меъёрҳои Қонуннома нишон медиҳад, ки то замони мо аз 44 фасл, танҳо 31 фасл омада расидааст. Аз 31 фасл чанд фасли дигар попурра аст. Шумораи умумии бандҳо ба 866 мерасад, лекин, мутаассифона, ин бандҳо низ пурра нестанд. Дар Қонуннома ба якчанд фасл як қатор шарҳҳои иловагӣ омадаанд. Метавон қайд намуд, ки эҳтимолан миқдори меъёрҳои Қонуннома ба ҳазор мерасад ва аз ин ҷост ки дар номгузории он "ҳазор" истифода карда шудааст [6,с.9].

Муҳаққиқи тоҷик А.Ғ. Холиқзода, дар асоси таҳлили матнҳои Қонуннома ба чунин хулоса омадааст, ки Қонуннома сарчашмаи нодири илми ҳуқуқшиносӣ, ки аз забони ҳуқуқдонҳои машҳури форсу тоҷик дар замони хеле дури таърихӣ сурат гирифта, аҷиб ва диққатҷалбкунанда аст. Тарзи навиштани меъёр, услуби ибрози мақсад, сифати талаботи ҳуқуқӣ ва забони он хеле ҳайратовар ва дар сатҳи баланди маърифати ҳуқуқӣ қарор дорад [6,с.14-15].

Дар ин самт метавон фасли якуми Қонунномаро ёдовар шуд, ки дар он масъалаи шоҳидӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Дар доираи ин фасл рафтори шоҳид дар мурофиаи судӣ, тарзи гувоҳӣ додан ва ҳолати тарафи даъво ба пуррагӣ шарҳ дода шудаанд. Сипас масъалаи мазкур аз тарафи ҳуқуқдонони мухталиф баррасӣ гардида, нисбати роҳи дурусти ҳалли он ақидаҳо пешниҳод карда шудаанд. Масалан, дар ҷое чунин навишта шудааст, ки ҳар гоҳ касе, ки аз тарафи Фаризвон дастгир нашуда ва

шахсан бо иродаву майли худ назди довар ҳозир гардад ва гӯяд: Ман фалон касро куштаам. Ҳар гоҳ шоҳиде, ки гуфтори ӯро таъкид кунад ё далеле бар ҷурми ӯ мавҷуд набошад, чунин касро бояд қотил қаламдод кард, вале набояд ҳеҷ гуна иқдомеро то кашфи далоили субути ҷурм бар алайҳи ӯ, ба амал оварад [6,с.76-77].

Чунин мешуморем, ки дар ин давра ҷой доштани чунин як меъёри ҳуқуқӣ, ки то пурра исбот нагардидани гуноҳ, бо шоҳидон тасдиқ нагардидани гуноҳи содиршуда, ҷазое пешбинӣ накардан, шоҳиди як навъ маърифати баланди ҳуқуқии мардуми тоҷику форс ба ҳисоб меравад.

Роҳҳои воқеии ҳалли масъалаҳои нозуки ҳуқуқӣ, ба монанди ба инобат нагирифтани шаҳодати зан бар муқобили шавҳар ё баръакс, интихоби вакил дар муомилот ва муҳокимот, шаҳодат надодани вакил ба муқобили муваккили худ, тартиби ҳимояи амвол дар даъво, тартиби ҳуқуқии эътироф ва ҳимояи моликияти шарикона, радди судя аз ҷониби ҷавобгар, озодии ақди никоҳ, ҳуқуқи баробари зану мард ба талоқ, ҳимояи мақоми ҳуқуқии моликияти шахсӣ ва якҷояи зану шавҳар, вазифаҳои додвар ҳангоми қабул ва баррасии парванда, танзими ҳуқуқии вазифаи иштирокчиёни мурофиаи судии оморгар, ҳисобдор, шиҳна, вакил ва дигарон нишон медиҳад, ки дар ин давра як низоми мукаммали ҳуқуқӣ амал менамуд, ки дорои таҷрибаи волои низоми додварӣ, ҳуқуқшиносон шиноҳта ва баландмартабаи касбӣ ва ҳам системаи идораи пешрафта ва ҷаҳонӣ будааст [6,с.16].

Аз матни Қонуннома маълумоти мушаххас оид ба низоми идоравии империяи Сосониён, мавҷудияти низомнома ва дастурҳои идоракунии шоҳони Сосонӣ, ба монанди “Китоб дар бораи вазифаи мансабдорони давлатӣ”, “Китоб дар бораи вазифаҳои муғон” ва ғайраҳо, ки бо мухр ба тамоми шаҳру музофотҳо фиристода мешуданд, маълумоти мушаххас пайдо менамоем.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар тартиб додани “Қонунномаи Сосониён” аз сарчашмаҳои мухталиф истифода карда шудааст. Дар ин самт метавон қайд намуд, ки дар тартиб додани “Қонунномаи Сосониён” маҷмӯаҳои ҳуқуқии мавҷуда васеъ истифода гардидаанд, ки номи онҳо дар худи қонуннома зикр гардидааст.

Дар асоси таҳлили матни Қонуннома, асосан ду гурӯҳи сарчашмаҳо ҷудо карда мешавад. Гурӯҳи якуми сарчашмаҳо муқаррароти аъанавии ҳуқуқӣ, ки дар наскҳои ҳуқуқии Авесто, махсусан, дар шарҳу эзоҳоти паҳлавӣ ба ин наскҳо қайд гардидаанд, таҷассум менамоянд.

“Авесто” ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқи амалкунанда дар давраи Сосониён дар тартиб додани “Қонунномаи Сосониён” истифода гардидааст. Қайд намудан зарур аст, ки тамоми маҷмӯаҳои судӣ, аз он ҷумла “Қонунномаи Сосониён” бо истифода аз ин сарчашмаи ҳуқуқӣ тартиб дода шудааст, яъне меъёрҳои ҳуқуқии муқаррарнамудаи “Авесто” дар ин маҷмӯа ҷой дода шудаанд.

Меъёрҳои дар Қонуннома овардашуда дар асрҳои VI-VII мавриди истифода қарор дода шудаанд, лекин оғози мавҷудият ва марҳилаи амали ин меъёрҳо ба замони ҳуқуқи Эрон ва Тӯрони бостон, даврони авестоӣ, ба марҳилаи ҳукмронии Ҳохоманишиён рафта мерасад. Аксарияти меъёрҳои Қонуннома аз китоби Вандидод – Қонуни зидди бадӣ – қисмати ҳуқуқии “Авесто” гирифта шудаанд, ки аз ҳазорсолаи дуюм ва якуми пеш аз милод сарчашма мегиранд. Дар ин самт, муносибатҳои оилавӣ, шаклҳои никоҳи подшоҳзан, ситарзан ва чокарзан, меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятии маргарзон, навъҳои шартнома, ҳуқуқи ворисон мувофиқи мақоми зан дар оила аз назари шаклҳои никоҳ ва ғайраҳо то умқи таърихи бостон мерасад.

Дигар аз меъёрҳои умумии ҳуқуқӣ, урфу одат ва анъанаҳои зиндагии мардум ва махсусан бардагон, истилоҳоти ҳуқуқӣ ва коргузории давлатӣ бо мурури замон ба маданият ва анъанаи юнониён омезиш ёфта, рӯ ба таҳаввул ниҳод, ки нишони он дар баъзе меъёрҳои Қонуннома мушоҳида карда мешавад [6,с.10].

Гурӯҳи дуюми сарчашмаҳо аз қарорҳои судии қабулшуда, ақидаи ҳуқуқдонҳои машҳур иборат аст. Муаллифи Қонуннома ба обрӯву эътибори шарҳдиҳандагон такя намуда, қариб чил номи шарҳдиҳандагони маъруфро номбар намудааст. Ҳуқуқшиносон ва радони машҳур, мисли Мороспанд, Баҳром, Озодмард, Сиёвахш, Моҳёр Моҳвандон, Ҷомосп ва дигарон чандин маротиба дар матн ёдоварӣ шуда, аз номи онҳо тартибу усули дуруст ва адолатноки ҳалли масъалаи ҳуқуқӣ пешниҳод гардидааст [6,с.9].

Дар Қонуннома фикру мулоҳизаи ҳар як ҳуқуқшинос, ки оварда шудааст, роҳи воқеан дурусти ҳалли масъала ва муаммоҳои ҳуқуқиро дар пояи баланд пешниҳод менамояд. Аз ин хотир, метавон қайд намуд, ки онҳо ҳамчун шахсиятҳои ҳуқуқӣ, ба монанди ҳуқуқшиносони римӣ Ситсерон, Юстиниан, Гай ва дигарон дар рушди илм ва ҳаёти ҳуқуқии салтанатҳои форсӣ нақши муассир бозидаанд. Эҳтироми онҳо дар дарбори

салтанатҳои форс, ёдоварӣ аз онҳо дар сарчашмаҳои ҳуқуқӣ худ ба сифати меъёри ҳуқуқ пешниҳод шудани афкори ҳуқуқӣ ва хулосаҳои меъёрии онҳо гувоҳи ин гуфтаҳост [6,с.10].

Дар Қонуннома ҳолатҳое вомехӯранд, ки як шарҳдиҳанда ё ҳуқуқшинос ба ақидаи ҳуқуқшиноси дигар такя менамояд, ки пештар ба масъалаи мазкур равшанӣ андохтааст. Илова бар ин, ҳуқуқдони дуюм, дар ҳалли масъалаи мушаххас ба нафари сеюм такя намудааст, ки имконият медиҳад пайдарпайии хронологии як қатор шарҳҳо муайян карда шавад.

Ҳамин тариқ, метавон қайд намуд, ки “Қонунномаи Сосониён” сарчашмаи таърихӣ ва ҳуқуқӣ ба ҳисоб меравад, ки дар асоси он метавон низоми ҳуқуқии даврaи Сосониёнро тасаввур намуд.

АДАБИЁТ

1. Гафуров, Б.Г. Таджики. Древнейшая, древняя и средневековая история / Б.Г. Шафуров. –Душанбе: Ирфон, 1989. -Кн. 2. -476 с.
2. Дьяконов М.М. Очерки истории древнего Ирана / М.М. Дьяконова. -М., 1961. -444 с.
3. Переханян А.Г. Сасанидский Судебник. “Книга тысячи судебных решений”/ А.Г. Переханян. –Ереван, 1973. -573 с.
4. Периханян А.Г. Общество и право Ирана в парфянский и сасанидский периоды / А.Г. Переханян. - М., 1983. -383 с.
5. Фарухмарди Бахромон, Мотикони хазор дотситон (Тысяча судебных решений); пер.с пахлев.на перс. – Тегеран: Наука, 2011. -672 с.
6. Холиқов А.Г. Мухтасари қонунномаи Сосониён / А.Г. Холиқов. -Душанбе: ЭР-граф, 2015. -156 с.
7. Халиков А.Г. Правовая система зороастризма (древнее право) / А.Г. Холиков. –Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2005. - 488 с.
8. Халиков А.Г. Общая характеристика Авесты как источника зороастрийского права / А.Г. Холиќов // Бизнесс в законе. -2013. -№6. –С. 9-14.
9. Boyce M. Middle Persian literature. Handbuch d.Orientalistik. von B.Spuler, I Abt. Bd.2 Abschhnitt, Leif. I. Leiden-Koln, 1968.
10. Darmeeter T. Revue Critique d’Histoire et de Litterature. Nouv.serie, t. XXIV, 1887.

“ҚОНУННОМАИ СОСОНИЁН” ҲАМЧУН САРЧАШМАИ ТАЪРИХӢ ВА ҲУҚУҚӢ

Дар мақолаи мазкур “Қонунномаи Сосониён” ҳамчун сарчашмаи таърихӣ ва ҳуқуқӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Муаллиф қайд менамояд, ки дар даврaҳои гуногуни таърихӣ маҷмӯаҳои ҳуқуқие тартиб дода шудаанд, ки ҳамчун дастурамал ва роҳнамо барои фаъолияти судӣ ва ҳалли дигар масъалаҳои ҳуқуқӣ мавриди истифода қарор дода мешуданд. “Қонунномаи Сосониён” аз ҷумлаи чунин маҷмӯаҳо мебошад, ки дар он масъалаҳои мухталиф, ба монанди муносибатҳои молумулкӣ ва уҳдадориҳо, шаклҳои ҷамъиятӣ ва идоравӣ, ташкили мурофиаи судӣ, ба расмият даровардани ҳуҷҷатҳои ҳуқуқӣ, масъалаҳои муносибатҳои оилавӣ, шаклҳои никоҳ, бастани шартнома ва истифодаи навъҳои гуногуни он, масъалаҳои мерос ва меросгирӣ, парастории, ҷиноятқорӣ ва ҷазо ҷамъоварӣ карда шудаанд. Аз матни “Қонунномаи Сосониён” метавон оид ба масъалаҳои мухталифи низоми идоравии Сосониён, мавҷудияти низомнома ва дастурҳои идоракунии шоҳони Сосонӣ, роҳу воситаҳои ҳалли масъалаҳои ҳуқуқӣ маълумоти мушаххасро ба даст овард. Муаллиф қайд менамояд, ки дар тартиб додани “Қонунномаи Сосониён” аз сарчашмаҳои гуногуни таърихиву ҳуқуқӣ истифода шудааст, ки аҳамияти таърихиву ҳуқуқии онро афзун менамояд. “Қонунномаи Сосониён” сарчашмае ба ҳисоб меравад, ки дар асоси он метавон низоми ҳуқуқии даврaи Сосониёнро тасаввур намуд.

Калидвожаҳо: сарчашмаи таърихӣ, сарчашмаи ҳуқуқӣ, Қонунномаи Сосониён, давлати Сосониён, “Авесто”, муносибатҳои оилавӣ, мурофиаи судӣ, муносибатҳои молумулкӣ, меъёри ҳуқуқӣ, маҷмӯаҳои ҳуқуқӣ.

“САСАНИДСКИЙ СУДЕБНИК” КАК ИСТОРИЧЕСКИЙ И ПРАВОВОЙ ИСТОЧНИК

В данной статье рассматривается «Сасанидский Судебник как исторический и правовой источник. Автор отмечает, что в разные исторические периоды составлялись юридические сборники, которые использовать как руководящие принципы и инструкции по судебным и другим правовым вопросам. Сасанидский Судебник является сборником, который охватывает широкий круг вопросов, включая имущественные отношения и обязательства, публичные и административные формы, судебные разбирательства, правовые документы, семейные отношения, формы брака, заключение договоров и использование различных форм их разновидности, вопросы наследования, опеки, преступления и наказания. Из текста Сасанидского Судебника можно найти конкретную информацию по различным вопросам административной системы Сасанидов, существованию постановлений и указаний сасанидских царей, путей и средств решения юридических вопросов. Автор отмечает, что при составлении «Сасанидского Судебника» использовались различные историко-правовые источники, что повышает его историко-правовое значение. Сасанидский Судебник является источником, на основе которого можно представить правовую систему периода Сасанидов.

Ключевые слова: исторический источник, правовой источник, Сасанидский Судебник, государство Сасанидов, Авеста, семейные отношения, судебный процесс, имущественные отношения, правовые нормы, сборники законов.

“SASSANID CODE OF LAWS” AS A HISTORICAL AND LEGAL SOURCE

This article examines the "Sassanian Code of Laws” as a historical and legal source. The author notes that in different historical periods legal compilations were compiled, which are used as guidelines and instructions on judicial and other legal issues.The Sassanid Code of Laws is a collection that covers a wide range of issues, including property relations and obligations, public and administrative forms, court proceedings, legal documents, family relations, forms of

marriage, the conclusion of contracts and the use of various forms of its variety, issues of inheritance, guardianship, crime, and punishment. From the text of the Sassanid Code of Law one can find specific information on various issues of the Sassanid administrative system, the existence of decrees and instructions of the Sassanid kings, ways and means of solving legal issues. The author notes that when compiling the "Sassanid Code of Laws" various historical and legal sources were used, which increases its historical and legal significance. The Sassanid Code of Law is a source on the basis of which the legal system of the Sassanid period can be presented.

Keywords: historical source, legal source, Sassanid Code of Law, Sassanid state, Avesta, family relations, legal process, property relations, legal norms, collections of laws.

Маълумот дар бораи муаллиф*: Ҳоҷиев Муҳиддин Соҳибқулович* -Донишгоҳи давлатии Данғара, омӯзгори кафедраи фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ. **Суроға:** 735320, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Данғара, кӯчаи Шарифов, 3. Телефон: **883-08-11-01**

Сведения об авторе: ***Ходжиев Мухиддин Сохибкулович*** - Дангаринский государственный университет преподаватель кафедры правозащитной деятельности**. Адрес:** 735320, Республика Таджикистан, Дангара, улица Шарифова, 3. Телефон: **883-08-11-01**

Information about the author: ***Khodzhiev Mukhiddin Sohibkulovich*** - Dangara State University, lecturer at the Department of Human Rights Activity. **Address**: 735320, Republic of Tajikistan, Dangara, Sharifova street, 3. Phone: **883-08-11-01**

УДК: 347.734(575.3)

ТАЪРИХИ ИНКИШОФИ ҚОНУНГУЗОРИИ БОНКИИ ТОҶИКОН ДАР АҲДИ ҚАДИМ ВА АСРҲОИ МИЁНА

Мазарифов М.К.
Академияи идоракунии давлатии назди Президенти ҶТ

Таърихи қонунгузории бонкӣ бо мафҳуми «бонк» алоқаманд аст, ки аз калимаи италиявии «banco» гирифта шуда, маънои «миз»–ро дорад [9,с.145]. Дар асрҳои миёна вобаста ба гуногунии низоми тангаҳо касби мубодилачӣ рушд намуд. Баъдан ба онҳо барои нигоҳдорӣ пул дода мешуд ва онҳо супориши ҳисоббаробаркуниро низ иҷро менамуданд. Нуқтаҳои мубодилачиён дар ҳудуди бозорҳо ҷойгир буд, ки мизи онҳо бо матои сабз пӯшонида шуда буд ва дар болои он савдо мекарданд. Мубодилачиён дар Италия оҳиста–оҳиста бонкдор banchiere (аз италиявии banco – миз) ном гирифтанд.

Аввалин санади меъёрии танзимкунандаи фаъолияти бонкҳо Декрет дар бораи таъсиси бонки ҷамъиятӣ бо номи Banco della Piaza de Rialto буд, ки аз ҷониби Сенати Ҷумҳурии Венетсия соли 1584 қабул гардид ва фаъолияти бонкиро аввалан инҳисори ҷумҳурӣ ва баъдан фаъолияти озоди бахши хусусӣ низ эълон намуд.

Мамлакатҳои Осиё низ бо мол ва саводои худ дар таърих машҳур мебошанд. Таърихшиносон тасдиқ менамоянд, ки дар асри XX пеш аз милод дар Чини қадим муроҷиати чекӣ вуҷуд дошт ва аз ин бармеояд, ки созишномаи тасдиқшудаи шифоҳӣ ё хаттӣ мавҷуд буд, ки тавассути меъёрҳои ҳуқуқӣ ба танзим дароварда мешуд.

Пайдоиши муносибатҳои пулиро метавон ҳамчун заминаи пайдоиши фаъолияти бонкӣ ва танзими ҳуқуқии он эътироф намуд.

Бонкҳо ин ташкилотҳои махсуси иқтисодӣ мебошанд, ки бо ҷамъ кардани воситаҳои пулӣ, пешниҳоди қарз, гузаронидани ҳисоббаробарсозӣ, муомилот бо қоғазҳои қиматнок ва дигар амалиёт машғул мешаванд. Онҳо маҳсули тараққиёти муносибатҳои молӣ–пулӣ мебошанд. Маҳз бонкҳо фишангҳои иқтисодиёт ва савдоро дар дасти худ ҷамъ менамоянд ва дар навбати худ, талаботҳои зиёдшудаистодаро ба сармоя қонеъ менамоянд. Дар натиҷа, бонкҳо бо ин гуна амалҳои худ барои рушди ҳам савдо ва ҳам тамоми иқтисодиёт мусоидат мекунанд.

Рушди иқтисодиёти Тоҷикистони соҳибистиқлолро бе бонк ва фаъолияти бонкӣ тасаввур кардан ғайриимкон аст. Имрӯзҳо бонкҳои ҷумҳурӣ барои пешрафти тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъият хизмат мекунанд.

Ба ақидаи П.З. Мирзоев, бонкҳо яке аз звеноҳои марказии низоми сохторҳои бозорӣ буда, сабаби пайдоиши бонкҳо ва низоми бонкӣ, пеш аз ҳама, инкишофёбии ҷомеа ва муносибатҳои иқтисодӣ, аз ҷумла тақсимоти меҳнат, зиёдшавии муносибатҳои пулию молӣ ва қарзӣ буд [1,с.20]. Аввалин бонкҳо дар ҳудуди Тоҷикистони муосир дар даврaи шӯравӣ пайдо шуда бошанд ҳам, аммо амалиёти ҷудогонаи бонкӣ дар давлатҳои қадимаи тоҷикон васеъ истифода мешуданд. Аввалин бонкҳо дар шароити ҷамъияти феодалӣ пайдо шудаанд, ки функсияи асосии онҳо нигоҳдории пул ё металлҳои қиматбаҳо ба шумор мерафт [2,с.26]. Лекин амалиёти бонкӣ аллакай дар даврaи ҷамъияти ғуломдорӣ ҷой доштанд. Дар ин давра вазифаи асосии онҳо дар нигоҳдории пулҳо, металлҳои

қиматбаҳо вобаста буданд. Дар Юнон ин вазифаро коҳинони динӣ дар ибодатхонаҳо иҷро мекарданд [3,с.83].

Дар давраи қадим баъзе идораҳое мавҷуд буданд, ки функсияҳои алоҳидаи бонкиро иҷро мекарданд. Дар адабиётҳо оид ба мавҷуд будани чунин идораҳо дар давлатҳои Бобулистони қадим, Юнони қадим, Мисри қадим, Рими қадим ишораҳо мавҷуданд. Ин идораҳо функсияҳои гуногуни бонкиро иҷро менамуданд. Аз иҷрои амалиётҳои комиссионӣ оид ба хариду фурӯш ва пардохти маблағ сар карда то қарздиҳӣ ва дигар намудҳои амалиётҳоро анҷом медоданд. Дар Бобулистон, ки ба ақидаи баъзе олимон бори аввал пул ва низоми пулӣ пайдо шудааст, дар асри VI пеш аз милод аллакай гӯё бонкдорон мавҷуд буданд. Тахминан дар асри IV пеш аз милод дар Юнон гӯё бонкҳои махсусгардонидашуда ба вуҷуд омада буданд. Пайдоиш ва паҳншавии бонкҳоро дар Миср ба замони Искандари Мақдунӣ вобаста мекунанд. Дар Рим бошад, бонкҳо тахминан асри III пеш аз милод ташкил шудаанд [4,с.61].

Вобаста ба пайдоиши аввалин муассисаҳои бонкӣ нуқтаи назари ягона вуҷуд надорад ва то ҳол вақти муайяну мушаххаси пайдоиши бонкҳо аз тарафи ягон муҳаққиқ пешниҳод карда нашудааст. Ҳеҷ як таҳлилгар ва олим ба таври аниқ замон ва макони аниқи пайдоиши бонкҳоро пешниҳод карда наметавонад, чунки бебаҳс анҷом додани амалиётҳои бонкӣ таърихи қадима доранд ва дар марҳилаи таърихии тӯлонӣ муомилот вобаста ба нигоҳдории пул, металлҳои қиматбаҳо аз тарафи сохтор ва муассисаҳои гуногун анҷом дода мешуд. Таҳқиқотҳои муосир нишон медиҳанд, ки яке аз унсурҳои аввалини фаъолияти бонкӣ дар як вақт дар Юнони қадим ва Бобулистон тақрибан 2300 сол пеш аз мелод пайдо шудааст. Дар ин давлатҳо савдо ривоҷ ёфта буд, бинобар ин дар ин давлатҳо маротибаи аввал ширкатҳои тиҷоратӣ арзи вуҷуд кардаанд. Ин ширкатҳо дар як навбат фаъолияти бонкӣ амалӣ менамуданд, яъне қарз медоданд ва амалиёти мубодиларо, ки таҳти ҳимояи фармони шифоҳӣ ё хаттии ҳокимият қарор мегирифт, амалӣ мекарданд [5,с.245].

Мамлакатҳои Осиё низ бо мол ва савдои худ дар таърих машҳур мебошанд ва дар онҳо муомилот рушд карда буд. Таърихшиносон тасдиқ менамоянд, ки дар асри XX пеш аз милод дар Чини қадим муроҷиати чекӣ вуҷуд дошт ва аз ин бармеояд, ки созишномаи тасдиқшудаи шифоҳӣ ё хаттӣ мавҷуд буд, ки тавассути меъёрҳои ҳуқуқӣ ба танзим дароварда мешуд.

Пайдоиши муносибатҳои пулиро метавон ҳамчун заминаи пайдоиши фаъолияти бонкӣ ва танзими ҳуқуқии он эътироф намуд.

Минбаъд давра ба давра муомилоти пулиро коҳинон, яъне “корпоратсияҳо”-е, ки ба ивази ширкатҳои савдоӣ ба вуҷуд омада буданд, амалӣ менамуданд. Вазифаи асосии “корпоратсияҳо” пайдо кардани манбаъҳои маблағгузории маъбад ба ҳисоб мерафт. Коҳинон аз муомилот фоидаи худро ба даст меоварданд ва он тибқи ваколатҳо аз тарафи давлат ва ҷомеа муайяншуда истифода мекарданд. Эътимоднокӣ ва кафолатнокии баланд аз тарафи давлат тибқи меъёрҳои ҳуқуқ кафолат дода мешуд, ки ин шарти муҳимми дастгирии муроҷиати пулӣ ва баланд гардидани эътимод ба амалиётҳои бонкӣ ба шумор мерафт. Ба сифати эквивалент барои муомилоти бонкӣ тилло ва нуқраро истифода менамуданд. Намудҳои нави кредит, аз ҷумла, “рибо” бо фоизи баланд ва “таҳти гарави молу мулк” пайдо шуд, ки тибқи ин агар қарз барагардонида намешуд, молу мулк ба моликияти калисо мегузашт.

“Корпоратсияҳо” дар он давра ҳама имкониятҳои мавҷудаи муомилоти пулӣ, аз ҷумла, ҳисоббаробаркунӣ-хазинавӣ, пардохтӣ-гардишӣ ва амалиёти қарзиро анҷом медоданд ва онҳо қоидаҳои устувори қонунгузории бонкиро эҷод намуда, онҳоро бо роҳи ворид намудани ислоҳот такмил доданд, ба ин васила дар пайдоиши ҳуқуқ ва қонунгузории бонкӣ саҳм гузоштанд.

Бо афзоиши сарвати коҳинон ва қудрати ҳарбии онҳо давлатҳо оид ба тадриҷан барҳам додани инҳисори маъбадҳо вобаста ба баамалбарории муомилоти бонкӣ андеша намуданд. Ва бо ҳамин мақсад тахминан асри VII пеш аз милод давлатҳо ба ҷамъ намудани тангаҳои металлӣ, бо мақсади стандартизатсия, пулсозӣ ва назорати қонунии ҳамаи намудҳои муомилот оғоз намуданд. Пайдоиши пул ба рушди саводо ва муносибатҳои байни давлатҳо мусоидат намуд. Пул функсияи аслии худро, ба монанди ченаки арзиш, воситаи муомилот, пардохт ва ҷамъоварӣ амалӣ менамояд. Алоқаҳои нави иқтисодии миёни давлатҳо ва гардиши доимии пул давлатҳоро ба ташкили стандартҳои байнидавлатӣ ва меъёрҳои молиявии танзими муносибатҳои пулӣ, дар алоҳидагӣ ташкили қонунгузории бонкӣ дар соҳаи муносибатҳои саводоӣ-бонкии байни давлатҳо водор намуд.

Ҳар сол талабот ба қарз зиёд мегардид, ки ин талаб менамуд, ки дигар шахсон ба фаъолияти бонкӣ машғул гарданд. Масалан, бонкдорон юнонӣ-трапезитҳо дар асри V пеш аз милод бо махсусиятҳои хоссаи худ (коргузорӣ ва баҳисобгирӣ) вуҷуд доштанд. Бонкдорон юнонӣ бо дигар хизматгорон корҳоро пеш мебурданд ва ҳамаи амалиётҳо бо тартиби ҳатмӣ дар китобҳои савдо, сабти қатъии амонатҳо, ҳаҷми пасандозҳо, номи амонатгузорон ва шахсоне, ки пасандозро қабул менамуданд, дарҷ карда мешуданд. Ин тартиби пешбурди амалиётҳои бонкиро метавон ҳамчун стандартҳои ҳатмии ҳуқуқии бонкии юнониён эътироф намуд [6,с.25].

Ҳамзамон, Юнони қадим ҳуқуқи бонкии худро ба Миср овард ва дастнависҳо оид ба ташкили бонкҳои Миср вуҷуд доранд, ки онҳо бо фармони Искандари Мақдунӣ ташкил гардидаанд, ки онҳо “Бонкҳои шоҳӣ” ном доштанд. Ин бонкҳоро юнониҳо бо мақсади ба мисриҳо нишон додани қонунгузорӣ ва тартиби мукаммали бонкии худ идора менамуданд.

Дар адабиёти илмӣ қайд карда мешавад, ки дар Рими қадим фаъолияти бонкӣ ва ҳуқуқи бонкӣ дар асри III пеш аз милод аз Юнони қадим омадааст. Бонкҳои римиро “Мензарҳо” ва бонкдоронро “Аргентарҳо” ном мебурданд. Ба монанди юнониён, бонкдорони римӣ меъёрҳои ҳуқуқӣ ва махсусиятҳои танҳо баъзе аз амалиётҳои бонкиро муқаррар намуда буданд. Хусусияти фарқкунандаи бонкдорони римӣ дар ташкилот ва гузаронидани ауксион, ки дар онҳо молу мулки ба гарав гузошташуда фурӯхта мешуд ва маблағи комиссионӣ гирифта мешуд, зоҳир мегардид. Бонкҳои давлатӣ дар Рими қадим танҳо дар давраи Империяи бузурги римӣ ба вуҷуд омаданд. Фаъолияти бонкии онҳо ба молу мулки давлатӣ, меъёрҳои ҳуқуқ ва андозбандӣ алоқамандии зич дошт.

Бо пайдоиши Роҳи бузурги Абрешим (яъне аз асри II то милод) амалиёти саррофӣ (сарроф-калимаи арабӣ, маънояш ивазкунандаи пул, баҳодиҳандаи сангҳои қиматбаҳо, донанда ва эксперти нишонаҳои пулӣ, ки пулҳои ҳақиқиро аз қалбакӣ фарқ карда метавонад) дар як қатор давлатҳои Осиё, аз он ҷумла дар ҳудуди давлатҳои тоҷикон ривоҷ ёфта буд. Масалан, дар Бухоро, иншооти махсус сохта шуда буд, ки номи онро Тоқ меномиданд ва дар он ҷо саррофон ҷамъ шуда, амалиёти ивазкуниро мегузарониданд. Вазифаи асосии саррофон ивази пул бошад ҳам, онҳо инчунин дигар вазифаҳоро иҷро менамуданд. Масалан, дар бисёр давлатҳои Осиёи Марказӣ, системаи чекҳо тараққӣ ёфта буданд. Дар давраи Сомониён, дар амалиёти савдо ба ғайр аз тангаҳо, дар асри X чекҳои махсус истифода мешуданд. Ин амалиёт ба таври зерин ташкил карда мешуд: пулҳоро савдогарон дар ҷойҳои махсус ба саррофони боваринок месупориданд ва ба ивази он чек мегирифтанд ва пули худро дар асоси ин чек дар ҷойи муқарраршуда мегирифтанд, ҳатто дар ҳудуди дигар давлатҳо. Ба ғайр аз амалиёти саррофӣ ва системаи чекҳо дар давлатҳои тоҷикон системаи пешпардохт вуҷуд дошт. Ин система дар «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ ҳамчун «пешдод» оварда шудааст [7,с.85]. Дар асарҳои файласуф Абӯҳамид Ғазолӣ системаи пешпардохт ҳамчун «салам» (калимаи арабӣ, маънояш пешпардохт) инъикос ёфтааст. Ғазолӣ ҳатто дах шарти ташкили амалиёти саламро нишон додааст, яъне пешпардохти молҳое, ки ҳоло истеҳсол нашудаанд [8,с.23-24]. Ин ва дигар амалиёте, ки имрӯз бонкҳои тиҷоратӣ дар тамоми ҷаҳон истифода мебаранд, дар аввалин давлатҳои тоҷикон васеъ истифода мешуданд.

Таърихи пайдоиш ва инкишофи бонкдорӣ, ташкили низоми бонкии мамлакат ба пайдоиши пул ва муомилоти пулӣ алоқаманд аст.

Муомилоти пулӣ дар қаламрави Тоҷикистон минбаъд дар аҳди Искандари Мақдунӣ ва Селевкиён (асри IV - миёнаи асри III то милод) рушд пайдо кард.

Зикри ин матлаб муҳим аст, ки дар давраи ҳукмронии Антиохи I (ибтидои асри III то милод) дар Бохтар сиккахона амал мекард, ки дар он тангаҳои калони нукрагӣ (тетрадрахма) бо ному тасвири шоҳ сикка зада мешуд. Шукуфоии бештари муомилоти пулӣ дар қаламрави Тоҷикистон ба давраи мавҷудияти давлати Юнонӣ - Бохтарӣ (асрҳои III-II то милод) тааллуқ дорад.

Дар аҳди Кӯшониён рушди муомилоти пулӣ идома ёфт ва хусусиятҳои нави маҳаллӣ пайдо кард. Тангаҳо дар он айём аз тилло, нукра ва мис сикка зада мешуданд. Дар қаламрави Тоҷикистони қадим бештар аз 20 хазинаи тангаҳои кӯшонӣ бозёфт гардидааст.

Дар тангаҳои кӯшонӣ тасвирҳое, ки бо дини зардуштӣ робита доштанд, бартарӣ пайдо намуда буданд. Дар айни замон шоҳони кӯшонӣ сиёсати муътадили ҳамоии мазҳабиро амалӣ намуда, дар тангаҳои худ тасвири худои ҳиндувон Шива ва ҳамчунин Буддоро ҷой дода буданд. Онҳо халқу фарҳангҳои мухталифро муттаҳид намуда буданд, ки дар шароити ҳамзистии осоишта инкишоф меёфтанд.

Дар асрҳои миёна муомилоти пулӣ дар давраи нахустин давлати мутамаркази тоҷикон - Сомониён дар асрҳои IX-X то авҷи аълои тараққиёти худ расид. Дар ин замон дар бештар аз 30 шаҳри Мовароуннаҳру Хуросон сиккахонаҳо амал мекарданд.

Дирҳамҳои Сомонӣ на танҳо дар ҳудуди ин давлат, балки фаротар аз қаламрави он дар муомилот қарор доштанд.

Рушди минбаъдаи муомилоти пулӣ дар Осиёи Миёна ба давраи Темуриён (асри XV) рост меояд. Хазинаҳои бузурги тангаҳои мисини Темуриён дар Душанбе, Хуҷанд, Ҳисор, Регар ва маҳалҳои дигар бозёфт гардидаанд.

Сикказании танга дар қаламрави Осиёи Миёна то соли 1920 идома ёфт. Бароришн нахустин пулҳои коғазӣ дар қаламрави Осиёи Миёна, ки мисли сиккаҳои нуқра «танга» ном доштанд, ба солҳои охири ҳукмронии амири охирини Бухоро Саид Олимхон рост меояд. Пулҳои коғазӣ бо арзиши 20, 50 100, 300, 500, 1 000, 2 000, 5 000, 10 000 танга ба муомилот бароварда шуда буданд.

Дар асрҳои миёна вобаста ба гуногунии низоми тангаҳо касби мубодилачӣ рушд намуд. Марказҳои мубодилачиён дар ҳудуди бозорҳо ҷойгир буд, ки мизи онҳо бо матои сабз пӯшонида шуда буд ва дар болои он савдо мекарданд. Ҳисоббаробаркунӣ тавассути дар китоби бонкдор дарҷи ҳисобии як нафар ба ҳисоби нафари дигар сурат мегирифт, ки воситаи беҳтарини пардохт эътироф мешуд ва ҳама гуна нороҳатии баҳодиҳӣ, интиқол, азнавҳисобкунии тангаҳои гуногунро аз байн бурд [10,с.89].

АДАБИЁТ

1. Мирзоев П.З. Ҳуқуқи бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Васоити таълимӣ (Маҷмӯи лексия ва масъалаҳои амалӣ) / П.З. Мирзоев. – Душанбе: ЭР-граф, 2014.
2. Хотамов Н.Б. История банков и предпринимательства в Средней Азии (60-е гг. XIX в. – 1917г.) / Н.Б. Хотамов. – Душанбе: ЭР-граф, 2014.
3. Раҳмонов, Р.В. Аз таърихи бонкдории тоҷикон / Р.В. Раҳмонов // Ахбори ДДҲБСТ. - 2009. -№1 (37).
4. Давлатов, И.Х. Становление и развитие банковской системы Таджикистана / И.Х. Давлатов. – Душанбе: Ирфон, 2005.
5. Банковское законодательство: Учебное пособие для вузов / под ред. проф. Е.Ф. Жукова. – М.: Юнити-Дана, 2012.
6. Тедеев А.А. Банковское право. Учебник. 4-е издание М.:МПСИ; Воронеж: МОДЭК. 2011.
7. А.Фирдавсӣ. Шоҳнома. – Душанбе, 1985.
8. Каримов У. Андешаҳои иқтисодию бозоргонии Абӯҳамиди Ғазолӣ (дастури таълимӣ) / У.Каримов. – Душанбе, 2001.
9. Саркисян А.Ж. История Российского законодательства об ответственности за незаконную банковскую деятельность досоветского периода / А.Ж. Саркисян, А.И. Антошина // Вестник Московского университета МВД России. – М., 2009. -№ 5.
10. Залшупин А.С. Энциклопедия банкового дела / А.С.Залшупин. – СПб., 1904.

ТАЪРИХИ ИНКИШОФИ ҚОНУНГУЗОРИИ БОНКИИ ТОҶИКОН ДАР АҲДИ ҚАДИМ ВА АСРҲОИ МИЁНА

Дар мақола таърихи инкишофи қонунгузории бонкии тоҷикон дар аҳди қадим ва асрҳои миёна мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Мусаллам аст, ки пайдоиш ва инкишофи бонкдорӣ ва ташкили низоми бонкӣ ба пайдоиши пул ва муомилоти пулӣ алоқаманд аст. Дар ин замина, муомилоти пулӣ дар қаламрави Тоҷикистони таърихӣ, аз ҷумла Селевкиёну Кушониён, Юнону Бохтар ба таҳлил фаро гирифта шудааст (асри IV - миёнаи асри III то милод). Инчунин, мавҷудияти сиккахона ва сикка задан бо ному тасвири шоҳон (аз тилло, нуқра ва мис) дар аҳди қадим ва асрҳои миёна, рушди муомилоти пулӣ мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. Тавре ки аз илми таърих маълум аст, дар қаламрави Тоҷикистони қадим бештар аз 20 хазинаи тангаҳои кӯшонӣ бозёфт гардидааст. Дар асрҳои миёна бошад, муомилоти пулӣ дар давраи нахустин давлати мутамаркази тоҷикон - Сомониён ба авҷи аълои тараққиёти худ расид. Сиккаҳои давлати Сомониён на танҳо дар ҳудуди ин давлат, балки фаротар аз қаламрави он дар муомилот қарор доштанд.

Калидвожаҳо: бонк, қонунгузории бонкӣ, пул, муомилоти пулӣ, сиккахона, танга, Тоҷикистони таърихӣ, аҳди қадим, асрҳои миёна.

ИСТОРИЯ РАЗВИТИЯ ТАДЖИКСКОГО БАНКОВСКОГО ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВА В ДРЕВНОСТИ И СРЕДНЕВЕКОВЬЕ

В статье анализируется история развития таджикского банковского законодательства в древности и средневековье. Очевидно, что возникновение и развитие банковского дела и становление банковской системы связаны с возникновением денег и денежного обращения. В этом процессе анализируется денежное обращение на территории исторического Таджикистана, включая государства Селевкидов, Кушанов, Греции и Бактрии (IV век - середина III века до нашей эры). Также изучалось существование чеканки и чеканки с именами и изображениями королей (из золота, серебра и меди) в древние и средневековые времена, развитие денежного обращения. Как известно из исторической науки, на территории древнего Таджикистана обнаружено более 20 кладов кушанских монет. В средние века денежное обращение достигло своего пика в первый период централизованного таджикского государства - Саманидов. Монеты государства Саманидов находились в обращении не только на территории этого государства, но и за его пределами.

Ключевые слова: банк, банковское законодательство, деньги, денежное обращение, монетный двор, монета, исторический Таджикистан, древний завет, средневековье.

THE HISTORY OF THE DEVELOPMENT OF TAJIK BANKING LEGISLATION IN ANTIQUITY AND THE MIDDLE AGES

The article analyzes the history of the development of Tajik banking legislation in antiquity and the Middle Ages. It is obvious that the emergence and development of banking and the formation of the banking system are associated with the emergence of money and money circulation. This process analyzes the circulation of money in the territory of historical Tajikistan, including the Seleucids, Kushans, Greece and Bactria. (IV century - mid-III century BC). The existence of minting and minting with the names and images of kings (made of gold, silver and copper) in ancient and medieval times, the development of monetary circulation was also studied. As is known from historical science, more than 20 treasures of Kushan coins were discovered on the territory of ancient Tajikistan. In the Middle Ages, money circulation reached its peak in the first period of the centralized Tajik state - the Samanids. The coins of the Samanid state were in circulation not only on the territory of this state, but also outside it.

Keywords: bank, banking legislation, money, monetary circulation, mint, coin, historical tajikistan, ancient covenant, middle ages.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Мазарифов Манучехр Каримҷонович*** - Академияи хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, унвонҷӯй. **Суроға:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33. Телефон: **985-40-48-48.** E-mail**: manu_0596@mail.ru**

Сведения об авторе: ***Мазарифов Манучехр Каримджонович*** - Академия государственной службы при Президенте Республики Таджикистан, соискатель. **Адрес:** 734003, Республика Таджикистан, г.Душанбе, улица Саида Носира, 33. Телефон: **985-40-48-48**. E-mail**: manu_0596@mail.ru**

Information about the author: ***Mazarifov Manuchehr Karimjonovich*** - Academy of Civil Service under the President of the Republic of Tajikistan, applicant. **Address**: 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Said Nosira street, 33. Phone: **985-40-48-48**. E-mail: **manu_0596@mail.ru**

УДК 341.1

БАЪЗЕ ЧОРАҲОИ ТАШКИЛӢ-ҲУҚУҚИИ ПЕШГИРИИ КОРРУПСИЯ

Дӯстов С.А., Элмуродов Ч.З.
Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Чи тавре ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон санаи 26-уми ноябри соли 2019 таъкид намуданд, «дар кишвари мо ҷиҳати пешгирӣ ва аз байн бурдани омилҳои коррупсионӣ ва тавсеаи ҳамкориҳои давлат бо ҷомеаи шаҳрвандӣ заминаҳои дахлдори ҳуқуқиву сохторӣ фароҳам оварда шудаанд. Бо вуҷуди ин, таҳлили муроҷиатҳои шаҳрвандон нишон медиҳад, ки фаъолияти баъзе мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдори онҳо дар ин самт ҳанӯз ҳам ба талабот ҷавобгӯй нест. Бинобар ин, роҳбарони вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунии шаҳраку деҳотро зарур аст, ки ба масъалаи интихобу ҷобаҷогузории дурусти кадрҳо, тарбияи онҳо дар рӯҳияи поквиҷдонӣ ва муносибати боэҳтиром ба шаҳрвандон эътибори аввалиндараҷа диҳанд» [4,с.15].

Бо мақсади дар амал татбиқ намудани дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бобати баланд бардоштани боварии аҳолӣ ба мақомоти давлатӣ ва афзоиши самаранокии мубориза бар зидди коррупсия зарур аст, ки фаъолият дар ин самт бо ҷалби васеи ҳамаи табақаҳои ҷомеа ба роҳ монда шавад.

Тавре маълум аст муқовимат бо коррупсия бо роҳҳои гуногун амалӣ мешавад. Яке аз ин роҳҳои муфид ин чораҳои пешгирии муқовимат бо ин зуҳуроти номатлуб мебошад.

Бояд қайд кард, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон асосҳои пешгирии коррупсия, маҷмӯи чораҳои таъсиррасониеро дар бар мегирад, ки дорои ҷанбаҳои гуногун мебошад. Пеш аз ҳама, чунин чораҳо бо роҳи ба ҷавобгарии ҷиноятӣ, маъмурӣ ва интизомӣ кашидани шахсоне, ки ба кирдорҳои коррупсионӣ даст мезананд, инчунин таҳлилу бартараф кардани сабаб ва шароитҳои мусоиде, ки ба содиршавии ҳуқуқвайронкунии коррупсионӣ боис мегарданд амалӣ карда мешаванд [6,с.57].

Таҷрибаи давлатҳои ҷаҳон нишон медиҳанд, ки яке аз омилҳои паст кардани коррупсия ин дуруст ба роҳ мондани чораҳои пешгирии ин зуҳуроти номатлуби аср мебошад. Гузашта аз ин, маълум аст, ки ба василаи роҳандозӣ намудани ин чораҳо то андозае кам кардани амалҳои коррупсионӣ имконпазир буда, ҷомеаи ҷаҳон дар ин самт ба муваффақиятҳои назаррас ноил гаштааст.

Ба ақидаи муҳаққиқон С. Алексеев, Ю. Алексеева, се чораи ташкилии маъмул ё эҳтимолии коҳиш додани сатҳи кирдорҳои коррупсионро ҷудо кардан мумкин аст. Аввалан, пурзӯр кардани меъёрҳои сазодиҳандаи қонунгузории ҷиноятӣ ва маъмурӣ ва татбиқи онҳо дар амал. Дувум, ҷорӣ намудани механизмҳои иқтисодие, ки ба шахсони

мансабдор имкон диҳад, то дигар даромадҳои иловагии худро дар асоси меъёрҳои қонунҳои ҷорӣ афзоиш диҳанд. Сеюм, нақши бозорҳо ва рақобати озод тақвият дода шавад. Ҳамзамон, дигар роҳе, ки ба ин чораҳо мусоидат менамояд, аз байн бурдани такрори хизматрасониҳо аз ҷониби мақомоти давлатӣ маҳсуб мешавад [3,с.79].

Мусаллам аст, ки чораҳои пешгирии коррупсия ҳамчун воситаи самараноки эътирофгардида, харочоти камтарро нисбат ба тафтишоти ҳуқуқвайронкуниҳои коррупсионӣ талаб мекунад. Аз ин лиҳоз зарур аст, ки бо инкишофёбии муносибатҳои ҷамъиятӣ чораҳои нисбатан нави мувофиқро, ки воқеан садди роҳи пешгирии кирдорҳои коррупсионӣ мешаванд, дар мамлакат роҳандозӣ карда, чораҳо ва механизмҳои заифе, ки сабаб ва омилҳои коррупсиониро пешгирӣ карда наметавонанд, бо чораҳои нисбатан нав иваз намоем.

Дар ин самт инчунин зарур аст диққати асосӣ ба поктинатии кадрҳо ва шаффофият дар интихоби онҳо дода шуда, ҳисоботдиҳии институтҳои давлатӣ дар назди ҷомеаи шаҳрвандӣ, таҳлили хавфҳои коррупсия, аз ҷумла аудити фаъолият ҳамчун худбаҳогузории идоравӣ, санҷишҳои махсуси интихобии вазорату идораҳо ҷиҳати аз тарафи онҳо иҷро намудани барномаҳои миллӣ ва идоравӣ-соҳавии зиддикоррупсионӣ, ки яке аз талаботҳои муҳимми ҷомеаи ҳуқуқбунёд дар самти пешгирии коррупсия маҳсуб меёбад, ба роҳ монда шавад.

Дар шароити муосир роҳандозӣ намудани чораҳои нисбатан нав ҷиҳати муқовимат бо коррупсия ва зарурати ошкор намудани соҳаҳои бештар ба хавфҳои коррупсия гирифторшуда ба миён омадааст. Аз ин ҷиҳат зарур аст, ки сабаб ва шароитҳои ба коррупсия ҳамчун ҳодисаи низомнок мусоидаткунанда аниқ омӯхта шуда, тадбирҳои дахлдор оид ба бартараф кардани ин сабабҳо андешида шаванд.

Дигар масъалаи муҳим дар шароити муосир ин дар сатҳи мақомоти ҳокимияти давлатӣ гузаронидани мониторинги ҳолати муқовимат ба коррупсия аз ҷониби мақомоти назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Барои муваффақ гаштан ҷиҳати амалишавӣ дар муқовимат бо коррупсия гузаронидани таҳлили хавфҳои коррупсия дар соҳаҳое, ки бештар ба оқибатҳои коррупсионӣ гирифтор шудаанд, зарур буда, ҳамзамон раванди амалишавии стандартҳои байналмилалии зиддикоррупсионӣ, стратегияи миллии зиддикоррупсионӣ ва барномаҳои идоравии зиддикоррупсионӣ бояд назорат бурда шавад.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба зуҳуроти коррупсия ҳамчун падидаи хатарнок иттилои ҳамаҷониба дошта, пайваста чораҳои муассирро доир ба пешгирии он меандешад ва ҳамеша бо он дар муқовимати ҷиддӣ қарор дорад. Ба андешаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, «чунин як падидаи манфӣ ҳамчун коррупсия дар пешрафти ҷомеаи мо яке аз монеаҳои хеле ҷиддӣ мебошад. Мо бояд тамоми омилҳо ва сабабҳои зуҳури коррупсияро ҳамаҷониба омӯхта, таҳлил намоем ва тамоми қувваҳои солими ҷомеаро барои пешгирии ин зуҳурот ва поён овардани шиддати он сафарбар намоем» [7,с.1].

Бо назардошти хусусиятҳои кирдорҳои коррупсионӣ ва мушкилоти муқовимат ба ин зуҳуроти нанговар дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10-уми январи соли 2007 таҳти №143 Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шудааст.

Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади пешгирии коррупсия, мақомоти махсус ва як қатор санадҳои байналмилалӣ, қонунҳо, стратегияҳо ва лоиҳаҳои мушаххасро таъсис ва қабул намуда, барои даврaҳои нисбатан дарозмуддат қабул намудааст, ки то андозае барои пешгирӣ кардани ин зуҳурот мусоидат намудаанд.

Яке аз ин санадҳои муҳимми байналмилалӣ, Конвенсияи Созмони Милали Мутаҳид аз 31 октябри соли 2003 оид ба мубориза бо коррупсия ба шумор меравад, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон 16.04.08 ба он ҳамроҳ гаштааст.

Баъди истиқлолияти комили сиёсӣ ба даст овардан, оид ба масъалаи пешгирии кирдорҳои коррупсионӣ Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 июли соли 1999 таҳти №1262 «Дар бораи тадбирҳои иловагии пурзӯр намудани мубориза бар зидди ҷиноятқорӣ дар соҳаи иқтисод ва коррупсия (ришвахӯрӣ)» ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия» (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон) аз 10 декабри соли 1999 ва баъдан 25 июли соли 2005 Қонуни мазкур бо дарназардошти уҳдадориҳои байналмилалӣ дар таҳрири нав қабул карда шуд, ки ин иқдомҳо барои ташаккули минбаъдаи чораҳои пешгирии муқовимат бо коррупсия дар кишвар самараи дилхоҳ ба бор оварданд.

Тибқи муқарроти моддаи 8 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия» дар ҷумҳурӣ як қатор чораҳои назорати молиявӣ оид ба пешгирии

коррупсия муқаррар карда шудаанд. Қонун муқаррар менамояд, ки довталабони мансабҳои давлатӣ дар мавриди таъйин ва интихоб ба мансаб ва шахсони ба иҷрои вазифаҳои давлатӣ ваколатдор ҳар сол бояд ба мақомоти андози ҷойи истиқоматашон бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи даромадҳояшон эъломия пешниҳод менамоянд.

Мақоми давлатие, ки ҳуқуқи ба вазифаи давлатӣ таъйин, интихоб ва аз он озод намуданро дорад, ҳуқуқ дорад дар мавриди ба мансаб таъйин ё интихоб намудани шахсон ва аз шахсони мансабҳои давлатиро ишғолкунанда соле як маротиба маълумоти зеринро талаб намояд: а) дар бораи даромадҳои аз тамоми манбаъҳо гирифтаи шахсони мансабдор; б) амволи ғайриманқул ва манқули арзишашон дар алоҳидагӣ зиёда аз ду ҳазор нишондиҳанда барои ҳисобҳо, аз ҷумла молу мулки берун аз қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон воқеъбуда ё муваққатан дар ихтиёри шахси дигар буда бо нишон додани арзиш ва суроғаи он; в) дар бораи пасандозҳои бонкӣ, аз ҷумла дар бонкҳои хориҷӣ доштаашон ва коғазҳои қиматноке, ки шахсан ё ҳамроҳи дигарон ихтиёрдорӣ мекунанд; г) дар бораи иштироки бевосита ё бавосита ба сифати саҳмгузор ё иштирокчии ширкату ҷамъиятҳо, хоҷагиҳои деҳқонӣ, дигар субъектҳои хоҷагидор ва фондҳо бо нишон додани шакли иштирок ва фоизи моликият дар онҳо; ғ) дар бораи қарзҳои ҳаҷмашон бештар аз 500 нишондиҳанда барои ҳисобҳо ва дигар уҳдадориҳои молиявӣ, аз ҷумла дар хориҷа; д) маълумот оид ба амволи аъзои оила [6].

Қайд намудан зарур аст, ки пешниҳод накардан ё пешниҳод кардани маълумоти нопурра ва носаҳеҳе, ки дар қисми 2 моддаи 8 Қонуни зикргардида пешбинӣ гардидаанд, агар дар ин кирдор таркиби ҷиноят ҷой надошта бошад, барои рад кардан ба мансаб таъйин ё интихоб намудан ё аз мансаб озод намудан асос мегарданд.

Ҳамзамон, қонунгузор ҷиҳати пешгирии омилҳои коррупсионӣ барои таъйин ё интихоб намудан ба мансабҳои давлатӣ ва мансабҳои ба онҳо баробаркардашуда як қатор чорабиниҳо ва мамониатҳоро муқаррар кардааст, ки шахс дар чунин мавридҳо наметавонад ба мансабҳои давлатӣ ё мансабҳои ба онҳо баробар кардашуда таъйин ё интихоб шавад ё дар чунин вазифаҳо фаъолияти корӣ дошта бошад: а) мавҷудияти доғи судӣ барои ҷинояти баркасдона содир намуда, агар ин доғи судӣ аз байн нарафта ё аз рӯйи тартиби муқарраркардаи қонун бардошта нашуда бошад; б) ғайри қобили амал эътироф кардан ё маҳдуд намудани қобилияти амали шахс бо қарори суд; в) надоштани таҳсилот, ихтисос ё собиқаи корӣ дахлдоре, ки мавҷудияти онҳо мувофиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои вазифаи мазкур ҳатмӣ мебошанд; г) бевосита дар итоат, таҳти назорат ё ҳисоботдиҳанда будани мансаби ишғолшаванда ё ишғолнамудаи ӯ ба мансабҳое, ки онро хешовандони наздики ӯ ишғол кардаанд; ғ) дар сурати шаҳрванди давлати хориҷӣ ё шахси бешаҳрванд будан, ба истиснои ҳолатҳое, ки агар роҳ додани чунин шахсон ба хизмати давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ гардида бошанд.

Дар сурати риоя накардани мамониатҳои пешбинишуда қарори ба мансаб таъйин ё интихоб шудани шахс бо эътироз ё пешниҳоди прокурор ё бо ташаббуси худи мақоми қарорро қабулкарда ё мақоми болоӣ бекор карда мешавад.

Ҳангоми ба миён омадани мамониатҳои номбурда дар давоми иҷрои мансаби давлатӣ ё мансаби ба он баробар кардашуда бо пешниҳоди ҳамин мақомот дар муҳлати на дертар аз се моҳ корманд ба мансаби дигари мувофиқ гузаронида мешавад.

Дар ҳолати мавҷуд набудани имконияти ба дигар мансаб гузаронидани корманд ё аз гузаштан ба мансаби дигар норозӣ будани ӯ ё ба миён омадани дигар мамониати хизмати давлатиро истиснокунанда корманд аз мансаб озод карда мешавад.

Бояд дар назар дошт, ки коррупсия яке падидаҳои хатарноки глобалӣ мебошад. Бо мақсади муқовимат бо ин мушкилот Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шабакаи зиддикоррупсионии Созмони ҳамкориҳои иқтисодӣ ва рушд дохил гардид ва дар доираи Нақшаи Истамбулии амалҳо оид ба мубориза бо коррупсия корҳои зиёдеро вобаста ба такмили қонунгузорӣ ва қабули нақшаву барномаҳои давлатӣ дар ин самт амалӣ намуд.

Бо ин мақсад Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони соҳибистиқлолии кишвар ду маротиба Стратегияи миллии муқовимат бо коррупсияро қабул кардааст, ки дар онҳо чорабиниҳои зарурии хусусияти ташкиливу ҳуқуқӣ, иқтисодиву иҷтимоӣ ва маърифативу фарҳангидошта роҷеъ ба муқовимат бо коррупсия пешбинӣ гардидаанд.

Бо мақсади ташкил ва амалӣ намудани чорабиниҳои маҷмӯии пешгирӣ ва муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, бартараф намудани сабабу шароитҳои ба коррупсия мусоидаткунанда ва ҷалби васеи иштироки ҷомеаи шаҳрвандӣ дар мубориза бо коррупсия бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14 декабри соли 2010

Шӯрои миллии муқовимат ба коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун мақоми умумимиллии машваратӣ, мутобиқсозандаи фаъолияти мақомоти давлатӣ ва ҷалби ҷомеаи шаҳрвандӣ ҷиҳати амалигардонии чораҳои пешгирӣ ва муқовимат бо коррупсия таъсис дода шуд [6,с.15].

Баъдан бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.08 соли 2013 таҳти №1504, бори дуюм Стратегияи муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2020 қабул карда шуд, ки ҳадафи он муқовимат бо коррупсия дар тамоми қаламрави кишвар маҳсуб мешавад.

Маълум аст, ки ҷараёни решакан кардани коррупсия ва сабабу омилҳои ба он алоқаманд, пеш аз ҳама, ба ташаккули давлати муосири демократӣ, ҳуқуқбунёд, ташкили ҷомеаи шаҳрвандӣ, фароҳам овардани шароити зиндагии арзанда барои шаҳрвандон ва фаъолияти озоди иқтисодию соҳибкорӣ, инчунин масъулиятшиносӣ дар иҷрои вазифаҳои давлатӣ вобаста аст. Бинобар ин, ба ақидаи мо, якчанд чораҳои нисбатан самаронки мубориза бо коррупсияро дар шароити кунунии кишвар роҳандозӣ кардан мумкин аст, ки то андозае ба коҳиш ёфтани хавфи коррупсия мусоидат менамоянд:

- ✓ тарбия ва интихоби дурусти кадрҳои оянда ва омода будани онҳо барои муқовимат бо коррупсия;
- ✓ бо шароити бозорӣ мувофиқ сохтани музди меҳнат;
- ✓ ба таври пурра гузаштан ба хизматрасониҳои электронӣ дар тамоми соҳаҳо;
- ✓ муҳайё сохтани ҷойҳои корӣ нав ва ба шуғл фаро гирифтани шаҳрвандони қобили меҳнат;
- ✓ ҳавасмандгардонии аҳолӣ ҷиҳати ҳамкорӣ бо мақоми ваколатдори давлатӣ дар мубориза бо коррупсия;
- ✓ пурзӯр кардани ҷавобгарии ҷиноятӣ, аз ҷумла таъйин намудани ҷазои махсусан вазнин нисбати содиркунандагони кирдорҳои коррупсионӣ.

АДАБИЁТ

1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6.11.1994 бо тағйироту иловаҳо. -Душанбе, 2016.
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия» аз соли 2005, №12.
3. Алексеев С.Л. Учебное пособие «Основы ан-тикоррупционного права» / С.Л. Алексеев, Ю.С. Алексеева / Под ред. А.Ю. Епихина, д-р. юрид. наук, профессора. -Казань: ЧОУ ВО «Академия социального образования», 2015. -184 с.
4. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе, 2019.
5. Сиёсати зиддикоррупсионӣ. Воситаи таълимӣ / Зери таҳрири Ф.Р. Шарифзода, С.Ҳ. Ҳусейнзода. - Душанбе: Ирфон, 2018. - 800 с.
6. Стратегияи муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2020. -Душанбе, 2013.
7. Эмомалӣ Раҳмон. Баҳри волоияти қонун, манфиатҳои давлат ва ҳуқуқи шаҳрвандон. Маърӯза дар ҷамъомади кормандони мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ бахшида ба 80-солагии мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон // «Народная газета», соли 2005. - №1.

БАЪЗЕ ЧОРАҲОИ ТАШКИЛӢ-ҲУҚУҚИИ ПЕШГИРИИ КОРРУПСИЯ

Дар мақолаи мазкур роҷеъ ба чораҳои ташкилию ҳуқуқии пешгирии коррупсия дар шароити кунунӣ сухан меравад. Қайд карда шудааст, ки роҳҳои муқовимат бо коррупсия гуногун буда, ҳар яке то андозае дар пешгирии коррупсия нақши худро доранд, аммо пешгирии коррупсия яке аз роҳҳои самаранок ва муфид дар мубориза бо ин падидаи номатлуб ба шумор меравад. Ҳамзамон қайд карда шудааст, ки чораҳои пешгирии коррупсия нисбат ба дигар роҳҳои муқовимат бо он муфидтар буда, барои рушди ҷомеа ва ташаккули шахсият низ нақши аввалиндараҷа дорад. Дар мақола инчунин тадбирҳои андешидаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати пешгирии коррупсия ва як қатор нуқтаҳои назар ҷиҳати паст кардани сатҳи коррупсия нишон дода шудааст. Қайд карда шудаанд, ки аз ҳама роҳҳои самарабахш ҷиҳати решакан кардани ин падидаи номақбул, гузаштан ба шакли хизматрасониҳои электронӣ дар ҳама соҳаҳои ҳаёти ҷомеа мебошад.

Калидвожаҳо: чораҳои пешгирӣ, коррупсия, мубориза бо коррупсия, падидаи номатлуб, Стратегияи муқовимат ба коррупсия, кирдорҳои коррупсионӣ, ҳуқуқвайронкуниҳои коррупсионӣ, Фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунгузории зиддикоррупсионӣ, санадҳои байналмилалӣ.

НЕКОТОРЫЕ ОРГАНИЗАЦИОНО-ПРАВОВЫЕ МЕРЫ ПРЕДОТВРАЩЕНИЯ КОРРУПЦИИ

В данной статье рассматриваются организационо-правовые меры по предотвращению коррупции в современных условиях. Отмечается, что существуют различные способы борьбы с коррупцией, каждый из которых в определенной степени играет роль в снижении уровня коррупции, но предотвращение коррупции является одним из наиболее эффективных и полезных способов борьбы с этим нежелательным явлением. В то же время меры по предупреждению коррупции более эффективны, чем другие способы борьбы с ней, а также играют ключевую роль в развитии общества и формировании личности. В статье изложены меры, принятые Республикой Таджикистан для предотвращения коррупции, указан ряд точек зрения по снижению уровня коррупции. Подчеркивается,что наиболее действенный способ искоренить коррупцию -это переход на электронные услуги во всех сферах жизни. Также в статье отмечается, что для снижения уровня коррупции, прежде всего, необходимо вызвать ненависть к данному явлению у подрастающего поколения. Работу в этом направлении следует начинать, прежде всего, в детских садах и средних школах, потому что сегодня как психологически, так и педагогически

молодые люди и подростки должны быть в определенной степени информированы о последствиях этого явления и его опасностях для общества.

Ключевые слова: профилактические меры; коррупция; борьба с коррупцией; нежелательное явление; антикоррупционная стратегия; коррупционные практики; коррупционные правонарушения; указы Президента Республики Таджикистан; антикоррупционное законодательство; международные инструменты.

SOME ORGANIZATIONAL AND LEGAL MEASURES FOR PREVENTING CORRUPTION

This article discusses the organizational and legal measures to prevent corruption in modern conditions. It is noted that there are various ways to combat corruption, each of which plays a role in reducing the level of corruption to some extent, but preventing corruption is one of the most effective and useful ways to combat this undesirable phenomenon. At the same time, measures to prevent corruption are more effective than other methods of fighting it, and also play a key role in the development of society and the formation of personality. The article describes the measures taken by the Republic of Tajikistan to prevent corruption, indicates a number of points of view to reduce the level of corruption. It is emphasized that the most effective way to eradicate corruption is the transition to electronic services in all spheres of life. Also, the article notes that in order to reduce the level of corruption, first of all, it is necessary to arouse hatred of this phenomenon among the younger generation. Work in this direction should be started, first of all, in kindergartens and secondary schools, because today, both psychologically and pedagogically, young people and adolescents should be, to a certain extent, informed about the consequences of this phenomenon and its dangers for society.

Keywords*:* preventive measures; corruption; the fight against corruption; an undesirable phenomenon; anti-corruption strategy; corruption practices; corruption offenses; decrees of the President of the Republic of Tajikistan; anti-corruption legislation; international instruments.

Маълумот дар бораи муаллифон*: Дӯстов Сулаймон Абдуллоевич* - Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, ассистенти кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикорруптсионӣ. **Суроға:** 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯчаи Нахимов, 64/14. Телефон: **918-28-21-48**. E-mail**: slaimon.86@bk.ru**
Элмуродов Чеҳрон Зарифович - Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, ассистенти кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикорруптсионӣ. **Суроға:** 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯчаи Нахимов, 64/14. Телефон: **911-03-72-52**. E-mail: **Chehron.94@mail.ru**

Сведения об авторах: ***Дустов Сулаймон Абдуллоевич*** - Таджикский государственный финансово-экономический университет, ассистент кафедры экономического финансового и антикоррупционого права. **Адрес:** 734067, Республика Таджикистан, г.Душанбе, улица Нахимова 64/14. Телефон: **918-28-21-48**. E-mail**: slaimon.86@bk.ru**
Элмуродов Чехрон Зарифович - Таджикский государственный финансово-экономический университет, ассистент кафедры экономического финансового и антикоррупционого права. **Адрес:** 734067, Республика Таджикистан, г.Душанбе, улица Нахимова 64/14. Телефон: **911-03-72-52**. E-mail: **Chehron.94@mail.ru**

Information about the authors: ***Dustov Sulaimon Abdulloevich*** **-** Tajik State Finance and Economics University, assistant of the Department of Economic, Financial and Anti-Corruption Law. **Address:** 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 64/14 Nakhimov street**.** Phone**: 918-28-21-48.** E-mail: **slaimon.86@bk.ru**
Elmurodov Chekhron Zarifovich **-** Tajik State Finance and Economics University, assistant of the Department of Economic, Financial and Anti-Corruption Law**. Address:** 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 64/14 Nakhimov street. Phone**: 911-03-72-52.** E-mail: **Chehron.94@mail.ru**

УДК: 342.52

МАФҲУМИ ВАСЕЪ ВА МАҲДУДИ ҚОНУНГУЗОРӢ

Давлатзода Шуҳрат Шерафган
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Ба андешаи В.Д. Рузанова, мафҳуми қонунгузорӣ ҳамчун маҷмӯи қонунҳо, ки дар бисёр ҳолатҳо қувваи танзимнамоии ҳалли масъалаҳои воқеии муносибатҳои ҷамъиятиро доро мебошад, таъриф дода мешавад [10,с.111]. Дар ҳама ҳолат қонун дорои қувваи ҳуқуқӣ буда, танзимкунандаи муносибатҳои ҷамъияти мебошад. Тамоми муносибатҳои муҳимми ҷамъиятӣ бо ин ё он қонунҳо танзим мегарданд. Қувваи қонунии санадҳои меъёрӣ–ҳуқуқӣ муқаррар гардида, хусусияти расмиро ба худ касб менамояд. Аз ҳамин лиҳоз, дар танзимнамоии муносибатҳои муҳимми ҷамъияти нақши қонунҳо дар зинаи аввал қарор дошта, онҳо ифодакунандаи манфиатҳои давлативу ҷамъиятӣ мебошанд.

Дар ҳаёти ҷамъиятӣ, муносибатҳои ҷамъиятӣ тавассути меъёрҳои ҷамъиятӣ танзим мегардад. Аз ҳамин лиҳоз муносибатҳои муҳимми ҷамъиятиро қонунҳо танзим менамоянд. Аз ин бармеояд, ки қонун дар ҳаёти ҷамъиятӣ нақши аввалиндараҷаро доро буда, барои танзими муносибатҳои муҳимми ҷамъиятӣ хизмат менамояд. Он муносибатҳое, ки дар ҷамъият муҳиммиятро касб менамоянд, барои танзимнамоӣ воситаи расмиро талаб менамоянд. Ин воситаи танзимнамоӣ худи қонун аст, ки шакли расмии ифодаёбӣ дорад. Қонунҳо вобаста ба хусусиятҳои хосси худ дар танзимнамоии муносибатҳои муҳимми ҷамъиятӣ, аз дигар меъёрҳои танзимнамоии муносибатҳои ҷамъияти фарқ менамоянд. Худи ҷамъият танзимсозандаи муносибатҳои худи ҷамъият

аст. Инчунин, муносибатҳои ҷамъиятӣ тавассути меъёрҳои ахлоқӣ, одатӣ, маънавӣ, урфу одат, динӣ, ҳуқуқӣ ва дигар меъёрҳои ҷамъиятӣ танзим карда мешаванд.

Гурӯҳи сеюми муаллифон аз мавқеи созишии фаҳмиши таърифи васеъ ва маҳдуди мафҳуми «қонунгузорӣ» ҷонибдорӣ намуда, пешниҳод менамоянд, ки қонунгузорӣ на танҳо ҳамчун маҷмӯи қонунҳо, балки боз санадҳои меъёрӣ–ҳуқуқии мақомотҳои олии давлатӣ фаҳмида шавад. Чи тавре ки В.К. Бабаев қайд менамояд: «Қонунгузорӣ – маҷмӯи санадҳои меъёрӣ – ҳуқуқӣ мебошад, ки аз ҷониби мақомотҳои олии давлатӣ ва идоракунӣ бароварда шудааст» [1,с.313]. Дар ин ҳолат қонунгузорӣ дар худ, якум, қонун ва дигар санадҳои меъёрии мақомоти олии намояндагӣ ва ё мақомоти ҳокимияти қонунгузорӣ, фармонҳои Президенти Федератсияи Россия ва санадҳои меъёрии Ҳукумати Федератсияи Россияро фаро мегирад [1,с.314]. Ба андешаи Р.З. Лившитс, қонунгузорӣ ба маънои маҳдудаш «танҳо қонун ва дигар санадҳои қонунгузориро (қарорҳо), ки аз ҷониби парламент қабул мешаванд» дар бар мегирад [7,с.112].

Аз чунин андешаву нуқтаҳои назари муаллифон, маънои маҳдуди қонунгузорӣ бармеояд, ки он танҳо ба фаъолияти қонунгузорӣ бахшида шудааст. Ин ҷо танҳо фаъолияти парлумон ё худ мақомоти олии намояндагӣ, ки ба омодасозӣ, қабул, тағйир ва қатъ намудани қонунҳо ва дигар санадҳо фаъолияташон равона шудааст, бахшида мешавад. Инчунин, фаъолияти дигар мақомотҳои олии давлатӣ низ дар самти фаъолияти қонунгузорӣ ба инобат гирифта шудааст. Аз қабили Ҳукумат, Президент ва дигар мақомотҳои давлатӣ, ки дар асоси қонун салоҳияти қонунгузориро доро буда, фаъолияти қонунгузориро дар доираи салоҳияташон амалӣ менамоянд. Ин ҷо номгӯйи мақомотҳои олии давлатӣ бениҳоят васеъ буда, нишон додани ҳар яке аз ин мақомотҳо вобаста ба таъйиноташон ва мавқеашон хеле душвор аст. Танҳо мо метавонем, ки аз рӯйи таҷзияи ҳокимияти давлатӣ онҳоро номбар намоем. Ҳар як муаллиф ин мақомотҳоро бо дарназардошти манфиатҳои худ номбар менамояд. Бояд қайд намуд, ки мақомотҳои олии давлатӣ ҳангоми амалигардонии салоҳияти қонунгузории худ қонун ва дигар санадҳои қонунгузориро қабул менамоянд. Ба иборае дигар, ба санадҳои меъёрии қонунгузорӣ мо метавонем қарор, фармоиш, амру таъйинот ва диг. дохил намоем. Мафҳуми дигар санадҳои меъёрии қонунгузорӣ васеъ буда, фаъолияти мураккаби қонунгузории мақомотҳои олии давлатиро талаб менамояд, чунки худ мақомоти олии давлатӣ мураккаб мебошад ва аз ҳамин лиҳоз фаъолияти қонунгузории он низ мураккаб мегардад. Мақомотҳои олии давлатӣ ҳангоми амалӣ намудани фаъолияти қонунгузории худ бояд дар доираи муқаррарнамудаи салоҳиятҳои худ фаъолияташро ба роҳ монда, аз чорчӯбаи қонун набароянд. Дар сурати баромадан аз доираи салоҳиятҳои муайяннамудаи қонун фаъолияти ин гуна мақомотҳои олии давлатӣ ғайриқонунӣ эътироф гардида, самаранокии қонунҳоро таъмин карда наметавонад. Ё худ ҳангоми амалигардонии фаъолияти қонунгузорӣ ба салоҳиятҳои дигар мақомоти давлатӣ дахолат намуда, манфиатҳои мақомотҳои давлатиро халалдор месозад. Ҳамаи мақомотҳои олии давлатӣ уҳдадор мебошанд, ки дар доираи салоҳияти муқаррарнамудаи қонун фаъолияташонро амалӣ намоянд.

Гурӯҳи чоруми муаллифон дар як вақт фаҳмиши ҷамъбастиро оиди фаҳмиши васеъ ва маҳдуди қонунгузорӣ пешниҳод намуда, аз он ҷонибдорӣ менамоянд. Ҳамин тариқ, А.С. Пиголкин дар мафҳуми қонунгузорӣ ба маънои васеъ - санадҳои ҳуқуқие, меъёрҳои ҳуқуқиро ба вуҷуд меоранд ва дар фаҳмиши маҳдуд – танҳо қонун ва санадҳои меъёрии Президент ва Ҳукуматро дохил менамояд [9,с.329]. В.А. Толстик дар зери мафҳуми қонунгузорӣ дар як вақт шакли берунаи мазмуни ҳуқуқӣ, сохти санадҳои мақомоти олии ҳокимиятӣ ва идоракунӣ, санадҳои парлумон ва маҷмӯи қонунҳоро мефаҳмад [12,с.318-319].

Ба андешаи Р.Ш. Сотиволдиев, қонунгузорӣ дар фаҳмиши маҳдуд – ин «маҷмӯи қонунҳо» ва дар фаҳмиши васеъ – ин «маҷмӯи қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрӣ – ҳуқуқӣ (санадҳои зерқонунӣ: фармонҳои сарвари давлат, қарорҳои ҳукумат, санадҳои мақомотҳои идоракунӣ, мақомотҳои худидоракунии маҳалӣ ва диг.)» мебошад [11,с.292-293].

Дар ин ҷо муаллифон кӯшиш намудаанд, ки дар фаҳмиши васеъ қонунгузорӣ мафҳумеро пешниҳод намоянд, ки тамоми паҳлуҳои қонунгузориро фаро гирад. Аз хотире, ки фаъолияти қонунгузорӣ васеъ аст, самту паҳлуҳои гуногуни ҳаётиро фаро мегирад ва субъектони салоҳиятдори давлатӣ (мақомоту шахсони мансабдори давлатӣ) ин фаъолият низ хеле зиёд аст. Р.Ш. Сотиволдиев фаҳмиши қонунгузориро дар маънои васеъ пешниҳод намудааст, ки паҳлуҳои гуногуни ин фаъолиятро фаро мегирад. Дар ин ҷо муаллиф фаъолият ва санадҳои қабулкунандаи субъектони фаъолияти қонунгузориро тибқи муқаррароти қонунгузорӣ ва дар доираи салоҳияташон нишон додааст ва ин низ аз

назари банда дуруст аст. Р.Ш. Сотиволдиев ҳангоми пешниҳод намудани мафҳуми қонунгузорӣ дар фаҳмиши маҳдуд танҳо маҷмӯи қонунҳоро пешниҳод намудааст, ки дигар самтҳои қонунгузорӣ аз ин мафҳуми пешниҳод намуда берун мемонад. Муаллиф дар ин ҷо танҳо маҷмӯи қонунҳоро пешниҳод намуда, дигар санадҳои меъёрӣ – ҳуқуқӣ, ки дар раванди амлигардонии фаъолияти қонунгузории мақотоҳои олии давлатӣ қабул мегардад, аз мафҳуми пешниҳодгардида берун мемонад. Ин гуна андешаро тамоми муаллифон низ ҷонибдорӣ менамоянд. Мафҳуми пешниҳодкардаи Р.Ш. Сотиволдиев аз нигоҳи таҳқиқоти илмӣ – назариявӣ мукаммал мебошад.

Н. Тоҳиров чунин таърифи мафҳуми «қонунгузорӣ»-ро пешниҳод менамоянд: маҷмуи қонунҳо ва санадҳои зерқонунӣ, маҷмӯи қонунҳо, санадҳои Президент ва Ҳукумат, маҷмӯи ҳамаи санадҳои меъёрӣ, маҷмӯи қонунҳо [13,с.63-65].

А.Р. Нематов чунин меҳисобад, ки аз як тараф, таъриф додани қонунгузорӣ ҳамчун маҷмӯи қонунҳо метавонад нуфузи қонунҳоро баланд бардорад ва аз тарафи дигар, «метавонад ба афзоиши миқдории қонунҳо ва пастравии нуфузи қонунҳои пешина оварда расонад» [8,с.128,124].

Андешаи пешниҳоднамудаи ин муаллифон баёнгари он аст, ки бо мурури афзоиши қонунҳо сифати қонунҳои нав қабулшуда ба талаботҳои ҳаёти ҷамъиятӣ мувофиқ буда, аз қонунҳои пештар қабулшуда бартарӣ доранд. Инчунин онҳо имконият медиҳанд, ки қонунҳоро мукаммал гардонида, ба талаботи ҳаёти ҷамъиятӣ мувофиқ гардонида қабул намоянд. Ҳамчун маҷмӯи қонунҳо таъриф додани мафҳуми қонунгузорӣ нуфузу эътибори қонунҳоро дар ҳаёти ҷамъиятӣ баланд менамояд. Ин низ аз он шаҳодат медиҳад, ки дар ҷамъият нақши қонун ва дигар санадҳои меъёрӣ – ҳуқуқӣ дар ҷойи аввал буда, муносибатҳои муҳимми ҷамъиятиро мавриди танзим қарор медиҳад. Чунки худ қонун ва дигар санадҳои меъёрӣ–ҳуқуқӣ аз ҷониби субъектони босалоҳияти давлатӣ дар доираи ваколаташон қабул гардида, ифодакунандаи манфиатҳои ҳаёти ҷамъиятӣ мебошанд ва ба талаботҳои ҳаётӣ ва ба пешрафти муносибатҳои ҷамъиятӣ ҷавобгӯ аст. Тамоми қонунҳо ва дар маҷмӯъ тамоми санадҳои меъёрӣ–ҳуқуқӣ ва дигар санадҳои меъёрӣ зерқонунӣ бо дарназардошти манфиатҳои ҷамъиятӣ қабул гардида, дар ҳаёти ҷамъиятӣ нақши аввалидараҷаро соҳиб мегарданд ва муносибатҳои муҳимми ҷамъиятиро мавриди танзимнамоӣ қарор медиҳанд.

Ҳамин тариқ, мувофиқи моддаи 1 Кодекси мурофиаи граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон: «Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи мурофиаи судии гражданӣ ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва иборат аз Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон», ҳамин Кодекс, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин санадҳои байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, асоснок карда шудааст» [2]. Чи тавре ки муаллифони «Тафсири кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон», иброз намудаанд, «дигар санадҳои меъёрӣ, ки қонунгузории мурофиавии гражданиро ташкил медиҳанд», Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳо», «Дар бораи суди конститутсионӣ», «Дар бораи мақомоти прокуратура», инчунин санадҳои байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст ва нисбат ба санадҳои меъёрӣ–ҳуқуқии миллӣ бартарӣ доранд, дохил мешавад, эзоҳ медиҳанд [14,с.6-8]. Дар ин ҷо муаллифони тафсири ин қонун кӯшиш намудаанд, ки моҳияти «дигар санадҳои меъёрӣ»-ро шарҳ диҳанд. Ҳангоми муайян намудани ин мафҳум, пеш аз ҳама, аз сарчашмаҳои ҳуқуқӣ истифода намуда, бо ин сарчашмаҳо андешаҳои худро қонунӣ гардонидаанд. Чи хеле ки ба ҳамагон маълум аст, заминаи расмӣ–қонунии тамоми фаъолият аз санадҳои меъёрӣ–ҳуқуқӣ сарчашма гирифта, амалӣ гардонида мешаванд. Муаллифон низ ҳангоми эзоҳ додани ин истилоҳ аз сарчашмаи қонунгузорӣ васеъ истифода намудаанд.

Мувофиқи қисми 1 моддаи 2 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон: «Қонунҳои гражданӣ ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз ҳамин Кодекс, дигар қонунҳо ва аз санади дигари қонуние иборатанд». Мувофиқи қисми 2 ҳамин модда: «Вазорату идораҳо ва мақомоти дигари давлатӣ тибқи ҳолатҳо ва дар доираи пешбининамудаи ҳамин Кодекс, дигар қонунҳо ва санади дигари қонунгузорӣ метавонанд санади танзимкунандаи муносибатҳои гражданиро нашр намоянд» [3].

Мувофиқи моддаи 3 Кодекси оилавии Ҷумҳурии Тоҷикистон: «Қонунҳои оила мувофиқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ин Кодекс, дигар қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки мутобиқи он ғабул гардидаанд, иборат мебошанд» [4].

Чунин ҳолати монандро дар тамоми Кодексҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон мушоҳида кардан мумкин аст. Мувофиқи моддаи 2 Кодекси меҳнатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар

зери мафҳуми қонунгузории меҳнатӣ, санадҳо – созишномаҳо, шартномаҳои меҳнатӣ, коллективӣ ва дигар санадҳои меъёрии локалии дар соҳаи меҳнатӣ илова карда шудаанд. Манбаъҳои танзимкунандаи муносибатҳои меҳнатӣ ва муносибатҳои ба онҳо вобаста инҳо мебошанд:

1) Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон;

2) Кодекси мазкур;

3) қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон;

4) санадҳои ҳуқуқии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ;

5) санадҳо – созишномаҳо: созишномаҳои генералӣ, соҳавӣ (тарифӣ), минтақавӣ (вилоятӣ, ноҳиявӣ шаҳрӣ);

6) шартномаҳои коллективӣ ва дигар санадҳои меъёрии дохилӣ (локалӣ) оид ба меҳнат (қоидаҳои дохилии меҳнат, ҷадвали рухсатиҳо, инчунин фармонҳо, амрҳо, нишондодҳо ва дигар санадҳое, ки роҳбари ташкилот дар доираи салоҳияти худ мебарорад);

7) санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф кардааст [5].

Дар ин ҷо ба ғайр аз санадҳои меъёрӣ–ҳуқуқӣ шартномаву созишномаҳои меҳнатӣ ва коллективӣ илова карда шудаанд, ки дар муносибатҳои меҳнатӣ васеъ истифода мегарданд. Дар ин ҷо мафҳуми васеи қонунгузорӣ истифода мегардад. Дар баробари санадҳои меъёрӣ–ҳуқуқӣ инчунин дигар санадҳои зерқонунӣ ва созишномаву шартномаҳо ба сифати заминаи қонунии қонунҳо баромад менамоянд. Маънои васеи қонунгузорӣ дар ин ҳолат муайян карда нашуда, ҳар як самт фаҳмиши васеъро дар доираи манфиатҳои хеш дар назар дорад ва метавонанд онро аз мафҳуми ҷойдошта васеътар маънидод кунанд.

Аз ҳамаи кодексҳои амалкунанда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо дар дутои он -дар Кодекси ҷиноятӣ ва Кодекси мурофиаи ҷиноятӣ фаҳмиши маҳдуди қонунгузорӣ истифода мегардад. Ҳамин тариқ, мувофиқи моддаи 1 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳамин Кодекс иборат аст. Қонунҳои наве, ки ҷавобгарии ҷиноятиро пешбинӣ менамоянд, ба Кодекси ҷиноятӣ бояд дохил карда шаванд. Ҳамин Кодекс ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва принсипу меъёрҳои умумиэътирофшудаи ҳуқуқи байналмилалӣ асос меёбад» [6].

АДАБИЁТ

1. Бабаев В.К. Правотворчество // Общая теория права: курс лекций / В.К. Бабаев, В.А. Туманов, Н.И. Матузов и др.; под ред. В.К. Бабаева. -Н. Новгород, 1993. -С. 313.
2. Кодекси мурофиаи граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2008. - №1, ч. 1. - Ст. 6, 7; 2010. - №1. – Ст. 6.
3. Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон // Ахбори Маҷлиси Олӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 1999. -№6. - Ст. 153; 2001. -№7. -Ст. 508; 2002. -№4, ч. 1. -Ст. 170; 2005. -№3. -Ст. 125; 2006. -№4 -Ст. 193; 2007. -№5 -Ст. 356; 2010. -№3 -Ст. 156; №12, ч. 1. -Ст. 802.
4. Кодекси оилавии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. -1998. -№22. - Ст. 303; 2006. -№4. -Ст. 196; 2008. -№3. -Ст. 201; 2010. -№7. -Ст. 546.
5. Кодекси меҳнатии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 1997, №9, мод.112; соли 1998, №23-24, мод. 340; соли 1999, №5, мод. 69; соли 2002, №4 қ-1, мод. 185; соли 2004, №5, мод. 337; соли 2006, №3, мод.152; №4, мод. 195).
6. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 1998. -№9. - Ст. 68; №22. -Ст. 306; 1999. -№12. -Ст. 316; 2001. -№4. -Ст. 149, 167; 2002. -№11. -Ст. 675, 750; 2003. -№8. - Ст. 456, 468; 2004. -№5. -Ст. 346; №7. -Ст. 452, 453; 2005. -№3. -Ст. 126; №7. -Ст. 399; №12. -Ст. 640; 2007. - №7. -Ст. 665; 2008. №1. -Ст. 3; №6. -Ст. 389, 444, 447; №10. -Ст. 803; №12, ч. 1. -Ст. 986; №12, ч. 2. - Ст. 992; 2009. -№3. -Ст. 80; №7-8. -Ст. 501; 2010. -№3. -Ст. 155; №7. -Ст. 550; 2011.
7. Лившиц Р.З. Теория права. – М., 1994. –С.112.
8. Нематов А.Р. Правотворчество в Республике Таджикистан - С. 124.
9. Пиголкин А.С. Подготовка проектов нормативных актов. (Организация и методика). – М., 1968. – С. 329.
10. Рузанова В.Д. К вопросу об определении понятий «законодательство» и «предмет закона» // Правотворчество и технико-юридические проблемы формирования системы российского законодательства в условиях глобализации / под общ. ред. С.В. Полениной, В.М. Баранова, Е.В. Скурко. - С. 111.
11. Сативалдыев Р.Ш. Теория государства и права: учебник. -Душанбе: Империал-Групп, 2009. -С.292-293.
12. Толстик В.А. Проблемы понимания термина «законодательство» в контексте систематизации нормативных правовых актов // Систематизация законодательства в России / под ред. В.М. Баранова, В.Г. Графского, С.В. Колдана. – М. - Н. Новгород - Екатеринбург, 2008. -С.318-319.
13. Тахиров Н. Конституция 1994 года: развитие законодательной деятельности в Республике Таджикистан // Известия Академии наук Республики Таджикистан. -Душанбе, 2003. -№3. -С. 63-65.
14. Тафсири Кодекси мурофиаи граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон – Душанбе : Эр-граф, 2013. -С. 6-8.

МАФҲУМИ ВАСЕЪ ВА МАҲДУДИ ҚОНУНГУЗОРӢ

Дар мақола муаллиф мафҳуми васеъ ва маҳдуди қонунгузориро баррасӣ намудааст. Истилоҳи «қонунгузорироо» метавон бо мафҳуми васеъ ва маҳдуд истифода намуд. Зери қонунгузорӣ бо мафҳуми

маҳдуд раванди баровардани қонунҳои давлат (қонунэҷодкунӣ), инчунин маҷмӯи худи қонунҳо фаҳмида мешаванд. Бо мафҳуми васеъ зери қонунгузорӣ тамоми маҷмӯи санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ (қонунҳо ва санадҳои зерқонун) фаҳмида мешавад, ки дар давлат амал мекунанд ва муносибатҳои ҷамъиятиро танзим менамоянд. Аз ин ҷост дарки системаи қонунгузорӣ ҳамчун системаи тамоми санадҳои амалкунандаи меъёрию ҳуқуқӣ (қонунҳо ва санадҳои зерқонун). Аз ҳамаи кодексҳои амалкунанда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо дар дутои он -дар Кодекси ҷиноятӣ ва Кодекси мурофиаи ҷиноятӣ фаҳмиши маҳдуди қонунгузорӣ истифода мегардад. Ҳамин тариқ, мувофиқи моддаи 1 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳамин Кодекс иборат аст. Қонунҳои наве, ки ҷавобгарии ҷиноятиро пешбинӣ менамоянд, ба Кодекси ҷиноятӣ бояд дохил карда шаванд. Ҳамин Кодекс ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва принсипу меъёрҳои умумиэътирофшудаи ҳуқуқи байналмилалӣ асос меёбад

Калидвожаҳо: қонунгузорӣ, мафҳуми васеъ ва маҳдуди қонунгузорӣ, маҷмӯи системаи санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, санадҳои амалкунандаи меъёрию ҳуқуқӣ.

ШИРОКОЕ И УЗКОЕ ПОНЯТИЕ ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВА

В статье автором рассматривается широкое и узкое понятие законодательства. Термин «законодательство» может употребляться в широком и узком смыслах. Под законодательством в узком смысле понимают процесс издания законов государства (законотворчество), а также совокупность самих законов. В широком смысле под законодательством понимается вся совокупность системы нормативных правовых актов (законов и подзаконных актов), действующих в государстве и регулирующих общественные отношения. Отсюда и понимание системы законодательства как системы всех действующих нормативно-правовых актов (законов, подзаконных актов). Из всех действующих кодексов в Республике Таджикистан только в двух - Уголовном кодексе и Кодексе уголовного судопроизводства используется узкое понятие законодательства. Поэтому, в соответствии со статьей 1 Уголовный кодекс Республики Таджикистан, Уголовный закон Республики Таджикистан состоит из данного Кодекса. Новые законы, которые предусматривают уголовную ответственность, должны быть внесены в Уголовный кодекс. Данный Кодекс основывается из общепринятых принципов и норм международного права.

Ключевые слова: законодательство, широкое и узкое понятие законодательства, совокупность системы нормативных правовых актов, действующие нормативно-правовые акты.

BROAD AND NARROW CONCEPT OF LEGISLATION

In the article, the author examines the broad and narrow concept of legislation. The term "legislation" can be used in broad and narrow senses. Legislation in the narrow sense is understood as the process of issuing laws of the state (lawmaking), as well as the totality of the laws themselves. In a broad sense, legislation is understood as the entire totality of the system of normative legal acts (laws and by-laws) in force in the state and regulating public relations. Hence the understanding of the system of legislation as a system of all existing normative legal acts (laws, bylaws). Of all the existing codes in the Republic of Tajikistan, only two - the Criminal Code and the Code of Criminal Procedure - use a narrow concept of legislation. Therefore, in accordance with Article 1 of the Criminal Code of the Republic of Tajikistan, the Criminal Law of the Republic of Tajikistan consists of this Code. New laws that provide for criminal liability should be introduced into the Criminal Code. This Code is based on generally accepted principles and norms of international law.

Key words: legislation, broad and narrow concept of legislation, the totality of the system of normative legal acts, existing normative legal acts.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Давлатзода Шуҳрат Шерафган*** - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илми ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **987-12-03-03**

Сведения об авторе: ***Давлатзода Шуҳрат Шерафган*** – Таджикский национальный университет, кандидат юридических наук, доцент кафедры теории и истории государства и права. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **987-12-03-03**

Information about the author: ***Davlatzoda Shukhrat Sherafgan*** - Tajik National University, Candidate of Legal Sciences, Associate Professor of the Department of Theory and History of State and Law. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: **987-12-03-03**

УДК 34:616.5

ЧОЛИШҲОЕ БАР ВАЗЪИЯТИ ПЕШҶИНОӢ ДАР ҶУРМШИНОСӢ

Ораш Шаҳирпур, Бисмиллоҳ Матин
Донишгоҳи ал-Берунӣ, Ҷумҳурии Исломии Афғонистон

Вазъияти пешҷиноӣ яке аз мабоҳиси ҷадид, корбурдӣ ва зоҳирӯан ҳамапазир дар илми ҷурмшиносӣ аст. Ин ки таърихчаи пайдоиши ин вазъият ба куҷо бармегардад, илзоман бояд таърихи зуҳури ҷурмшиносиро мутолиа кард. Қидмати илми ҷурмшиносӣ зиёд нест. барои нахустин бори истилоҳи ҷурми шиносии тавассути олими машҳури фаронсавӣ Topinard дар соли 1879 дар китобе таҳти номи «Инсоншиносӣ» ба кор бурда шудааст [8,с.17]. Шаш сол баъд, дар соли 1885, Р.Гарофало қозии Италия аввалин бор китоберо таҳти унвони ҷурмшиносӣ мунташир кард [1,с.14]. Баъдҳо ҷурмшиносӣ ба ҳайси як илми мустақил дар ҳавзаи улуми ҷиноӣ матраҳ шуд ва шохаҳои ин илм густариш ёфт. Якӣ аз шохаҳои илми ҷурмшиносӣ, ҷурмшиносии пешгирӣ аст.

Вазъияти пешҷиноӣ ва тадобири пешниҳодии он барои таъмини амнияти аъмолкунандаҳои онҳо ин масаъларо матраҳ мекунад ки дар мавриди чолишҳое, ки аз равзанаи илми ҷурмшиносӣ, ҳуқуқи башарӣ, қонуни исломӣ ба он тадобир вориданд, баррасӣ шаванд.

Чолишҳо бар вазъияти пешҷиноӣ (пешгирӣ) дар ҷурмшиносии пешгирӣ. Муртакиби ҷурм ба унвони шахсе, ки тасмимгиранда ва анҷомдиҳанда бо вуҷуди ҳамаи тадобири пешгирии иҷтимоӣ, метавонад тасмим ба иртикоби ҷурм бигирад бояд назорат карда шавад. Дар таолиму дастуроти исломӣ илова бар талош дар заминаи фарҳангсозӣ ва қарордоди инсонҳо дар масири ҳидояту растагорӣ, роҳкориҳои ғайриҷазоии боздорандае ҷиҳати боздоштани фарди мусаммам ба иртикоби ҷурм дар назар гирифта шудааст. Гоҳе ин роҳкориҳо ба эҷоди маҳдудиятҳое нисбат ба афрод низ мунтаҳӣ мешавад, то ҳадде ки мумкин аст фард дар маърази ҷурм ба далели вуҷуди қароину имороти қавӣ алайҳи вай мабнӣ бар аъмолкунандаҳои тадобирии пешгирона, метавон чолишҳое ба ин тадобир эрод намуд. Барои баҳс перомуни чолишҳо фарорӯйи вазъияти пешҷиноӣ лозим аст, то эродҳои матраҳшударо аз равзанаҳои ҷурмшиносӣ , ҳуқуқи башар, қонуни исломӣ дар унвонҳои ҷудогона ба баррасӣ бигирем.

Чолишҳои ҷурмшиносӣ бар вазъияти пешҷиноӣ. Аз дидгоҳи ҷурмшиносӣ бисёрии тадобири пешгирона аз вазъияти пешҷиноӣ ва короии онҳо бо маҳдудиятҳои мухталиф мувоҷеҳ аст. Бархе аз ин маҳдудиятҳо ба навъи ҷароим, афроду тобеони пешгирӣ (навъи базаҳкорон) шеваҳои мавриди истифода дар пешгирӣ, аз лиҳози имкони истифода аз онҳо дар сатҳи густарда ва на ба сурати озмоишӣ, ҳазинаҳои бакоргирии тадобири мухталифу бархе дигар аз маҳдудиятҳо ба ҳавзаи ҳуқуқу озодиҳои фардӣ марбут мешаванд [2,с.133]. Маҳдудиятиҳое ки аз ин дидгоҳ бар вазъияти пешҷиноӣ ворид мешаванд, дар зайл оварда мешаванд:

1. *Маҳдудият дар навъи ҷароим*, ин ки ҳамаи аъмоли муҷримона санҷида шуда, бо мабнои арзёбии қаблӣ ё созмонёфта иртикоб меёбанд, саҳеҳ нест, зеро бисёре аз ҷароим бидуни барномарезӣ ва муҳосибаи монанд, кисабурӣ ва ё ҷароими ғайриамдии монанди ҳодисоти трафики воқеъ ммешаванд [7,с.2075]. Биноан, ҳамаи ҷурмҳо аз раҳгузари ҷурмшиносии пешгирона қобили пешгирӣ нестанд. Аз бархе ҷурмҳо фақат бо саркӯбу ҷазо метавонад он ҳам аз тариқи иқдомоти пулис пешгирӣ кунад. Монанди иқдомоти кунунии нисбат ба бархе аз ашколи мухталифи терроризм [2,с.133]. Барои таъмини амнияти фардӣ ва ҷамъӣ вазъи қоидаҳои пешгиронаи зиёд мутмаин нест.
2. Маҳдудияти нисбат ба афрод. Мунтақидони назарияи вазъияти пешҷиноӣ бар он бовaранд, ки ҷурм маҳсули интихоби ақлонӣ нест, то битавон аз иртикоби он пешгирӣ намуд. Масалан, беморони равонӣ таҳти таъсири як фишори дарунии шадид муртакиби ҷурм мешаванд, назарияи интихоби ақлонии ҷурми ҷамъӣ бо амали ин гурӯҳ иртибот надорад. Иддае аз афрод нисбат ба равишҳои пешгирӣ ҳассос мебошанд, иддае низ вуҷуд доранд, ки хоҳ ба далели рӯҳӣ, хоҳ бо далели навъи шахсият, хоҳ ба далели тасмимгирии лаҳзаияшаон нисбат ба иқдомоти пешгирона вокуниш нишон намедиҳанд.
3. Маҳдудияти тактикаҳо. Ҳамаи равишҳо муносиб намебошанд, аз сӯе бархе равишҳо таъсири номатлубе нисбат ба бархе муҷримини билқуввa доранд. Равишҳои пешгирона гоҳе эҳсоси маснӯии амниятро дар байни мардум тазриқ мекунанд.
4. Ҷобаҷойии ҷурм. Асоси вазъияти пешҷиноӣ ҳазф ё коҳиши фурсати иртикоби ҷурм аст. Аммо бояд таваҷҷуҳ дошт, ки аз байн рафтани як фурсат, ангезаи муҷримона ё илали муассири дигар дар иртикоби ҷурмро аз миён намебарад, мумкин аст муҷрими билқуввa ба дунболи фурсати муносиби дигар барои иртикоби ҳамон ҷурм ё ҷурми дигар бошад. Бисёр аз мунтақидони вазъияти пешҷиноӣ , муътақиданд ки тадобири марбут ба вазъияти пешҷиноӣ дар ҳамон замону ҳамон макон тавсия шуда, иҷро ва натиҷабахш буда ва осори перомунӣ надорад. Ин навъи пешгирӣ мухтас ба мақтаи замонии хос буда ва то замоне ки иқдомоти тақвияткунандаи омоҷи ҷурм вуҷуд дорад, осори пешгиронаи он қобили таввaҷуҳ нест.
5. Маҳдудиятҳои ҳазина. Оё афзоиши васоилу шеваҳои таъмини амният ба таври муассир амнияти мардумро таъмин хоҳанд кард? Ҳазинаҳои таъмини амният ба таври муассир дар дунё бавижа аз ҳудуди ду даҳа пеш дар кишварҳои аврупоӣ дар ҳоли афзоиш аст, ки албатта, ин амри ҳамешаи мусоид ба рифоҳи оммаи мардумӣ намебошад [2, с.136]. Он чи дар вазъияти пешҷиноӣ ҳарфи нахустро мезанад, ҳазина аст, ба тавре ки пешгирӣ мусталзами сармоягузорӣ аст. Масалан, насби дуздгир дар моторҳо як ҳазинаи изофӣ бар молики мотор таҳмил мекунад ва ё насби дурбину истихдоми саройдорӣ мутазамини ҳазина аст, ки мумкин аст тамоми аҳолии апартамент қодир ба пардохти он набошад.

Чолишҳои ҳуқуқи башарӣ бар вазъияти пешҷиноӣ. Андешаи риояи ҳуқуқи башар таърихи тӯлонӣ дорад. Аммо, баҳси ҳуқуқи башар баъд аз соли 1948 милодӣ бештар аз

ҳар вақти дигар матраҳ шуд ва бо пазириши Эъломияи ҷаҳонии ҳуқуқи башар тавассути инсонҳо баъд аз тасвиби он имрӯзаи мабоҳиси ҳуқуқи башариро хеле арзишманд кардааст. Ҳуқуқи мундариҷ дар ин Эъломия чи қадр монеъ барои вазъияти пешҷиноӣ дорад, дар зайл баррасӣ менамоем:

Вазъияти пешҷиноии ноқизи ҳарими хусусии инсонҳо. Яке аз мабоҳиси асосӣ, ки ҳамеша бо рушди ҷомеаи башарӣ ҷойгоҳи хосе барои худ таъйин кардааст, ҳарими хусусии афрод ё ҳамон ҳаққҳи хилвати инсонҳост. Дар асл ин ҳақ хатти сурхи инсонҳо шуда ва меъёри робита барои инсонҳо шинохта мешавад ва ин ҳақ дар Эъломияи ҷаҳонии ҳуқуқи башар ба қарори зайл дарҷ шудааст: «Зиндагонии хусусӣ ё умури хонаводагӣ ё маҳалли сукунат, ё муросилоти касе набояд дар маърази дахолати худсарона воқеъ шавад. Низ ба ҳайсияту ҳасани шуҳрати ҳеҷ кас наметавон ҳамла кард. Ҳар кас ҳақ дорад дар ин гуна дахолатҳо ё ин гунаи таҷовузҳо, аз пуштибонии қонунӣ бархӯрдор бошад» [13].

Дида мешавад, ки вазъияти пешҷиноии озодиҳои афродро аз тариқи таҳдиди фазоии умумӣ ва муҳитҳои мавриди назар бо ҳузури авомилу ниҳодҳои давлатии хусусии мутавалліӣ ва мутахассиси амнияту ниҳодҳои мушорикатии маҳаллӣ маҳдуд мекунад. Аз ин рӯ, аз он ҷо ки дар ин навъи пешгирӣ асл бар назорати рафтору ҳаракоти афрод буда ва ба кайфияти зиндагии хусусии афрод муртабит аст, ҳуқуқи инсонҳо хадишадор мешавад [с.583] (наҷафии абрндоӣодӣ, 1382 : ۵۸۳).

Чолишҳои қонунӣ бар вазъияти пешҷиноӣ низомҳои ҳуқуқии кишварҳо бар мабнои қоидаҳои ҳуқуқи башарӣ, исломӣ, ахлоқӣ ва урфӣ асосгузорӣ шудааст. Дар аксарияти қонуни асосии кишварҳои ҷаҳон талош шудааст, то қоидаҳоеро, ки хости инсонҳо мебошанд, инъикос кунанд. Ба гунаи мисол, ҳаққҳи тасовии атбоъ дар баробари қонун, ҳаққҳи зиндагӣ ба ҳайси ҳаққҳи илоҳӣ, ҳаққҳи озодии гаштугузор, ҳаққҳи эҳтиром ба каромати инсонӣ, ҳаққи мамнуияти таъзиб, ҳаққи мамнуияти шиканҷа дар замони муҳокима, ҳаққи интихоб кардану интихоб шудан, ҳаққи доштани вакили мудофеъ дар замони мазнуният ва иттиҳом, ҳаққи озодии баён, ҳаққи масунияти маскан, ҳаққи озодии сафар ба нуқоти кишвару ҷаҳон, ҳаққи таълиму тарбия, ҳаққи кор, ҳаққи дастрасӣ ба иттилоот, ҳаққи ташкили хонавода ва ғайра.

Чолишҳои ҳуқуқӣ бар вазъияти пешҷиноӣ. Ҳаққи ёдшуда дар низоми ҳуқуқии Афғонистони аам аз қонуни асосӣ ва қавонини одӣ тасҷиланд ва мавриди ҳимоят мебошанд. Қонуни асосии Афғонистон дар фасли дувуми худ зери унвони ҳуқуқи асосӣ ва ваҷоиби атбоъ аз моддаи 22 то 59-ро ба худ ихтисос додааст. Ин фасл дорои 38 модда аст, ки ҳама ба ҳуқуқи асосӣ ва ваҷоиби атбоъ пардохтааст. Қонуни асосӣ мабно барои қавонини одии кишвар мебошад. Қонуни иҷрооти ҷазоӣ бо эҳтиёт ба ҳуқуқи мундариҷ дар фасли дувуми Қонуни асосӣ пардохтааст, то мабодо дар фароянди расидагии даъвоии ҷазоии мавриди беҳурматӣ қарор гиранд. Моддаи ҳафтуми қонуни иҷрооти ҷазоӣ дар ин замина ҳукми мушаххасе дорад. Аз миёни ҳуқуқи асосии атбоъ дарҷшуда дар Қонуни асосии кишвар ҳаққи якка бештар аз дигар ҳуқуқ дар маърази нақз бо татбиқ шудани тадобири вазъияти пешҷиноӣ қарор доранд, ҳаққи озодии афрод аст. Ин ҳақ дар Қонуни асосӣ чунин пешбинӣ шудааст: «Озодӣ ҳаққи табиии инсон аст. Ин ҳақ ҷузъи озодии дигарон ва масолеҳи омма, ки тавассути қонун танзим мегардад, ҳудуд надорад» [6].

Дида мешавад, ки дар ин замина ҳеҷ қонуне вуҷуд надорад ва теъдоде аз инсонҳо ба далели ноамнӣ дар ҷомеа ва хатарҳои эҳтимолии нисбат ба худашон озодии дигаронро салб менамоянд. Ағлаби тадобире, ки аъмол мешаванд ва боиси салби озодӣ ва нақзи моддаи 23 Қонуни асосиро менамоянд, шомили роҳбандиҳои ғайризарурӣ ба манзури убури мақомҳо аз хиёбонҳои шаҳр, масдуд кардани кӯчаҳо ва роҳи равуои умумӣ тавассути мақомоти давлатӣ ва ғайридавлатӣ, насби камераҳои мадорбста дар муҳит (хориҷи хонаи худ) ва назора кардани рафторҳои инсонҳои солиму ғайрисолм, аз ҷумлаи тадобириеанд, ки бештар аз ҳар чизи дигар озодиҳои инсонҳоро маҳор мекунанд.

Чолишҳои исломӣ бар вазъияти пешҷиноӣ. Пешгирӣ аз ҷурм ҳамвора яке аз мавзӯоти асосӣ ва муҳим дар зиндагии башарӣ будааст, ки дар тӯли таърих ба шеваҳои мухталиф аъмол гардидааст. Дар ҷавомеи гузашта ғолибан муҷозот ба унвони танҳо роҳкории мубориза алайҳи ҷурм ва ба таъбири саҳеҳтар, муҷрим талаққӣ мешуд ва шиддату қотеият дар иҷрои онро муҷиби коҳиши муҷримият медонистанд. Албатта, дар макотиби илоҳӣ шеваҳои тарбиятӣ илова бар ҷазоҳо мавриди таъкид будааст. Дар авоили қарни нуздаҳум бо тағйири нигариш ба падидаи муҷримона дар Аврупо, авомили вуқӯи ҷурм мавриди таввақуҳ қарор гирифт ва макотиби ҷурмшиносӣ ва дифои иҷтимоии назариёти марбут ба ҷурму муҷримро иброз намуданд. Яке аз шеваҳои пешгирӣ аз ҷурм, пешгирии вазъе аст, ки бо тағйири вазъияти фард ё шароити муҳити монанди замону макон дар садад аст аз иртикоби ҷурм тавассути фарди мусаммам ба анҷоми ҷурм ҷилавгирӣ кунад.

Ин ки тадобир чи қадар бо рӯҳияи ҳуқуқии инсонҳо мундариҷ дар дини ислом ҳамхонӣ надорад, баррасӣ мешавад. Ҳадаф аз пешгирии вазъӣ эҷоди вазъияте аст, ки дар он муҷрим ба рағми тасмим ба иртикоби амали муҷримона аз муҳаққақ намудани қасди худ нотавон гардад. Ин навъи пешгирӣ бо се амр муртабит аст: муртакиби ҷурм, мутазаррир аз ҷурм ва авзоъ ва аҳволу муҳити иртикоби ҷурм. Муртакиби ҷурм ба унвони меҳвари аслии ҷараёни вуқӯи амали муҷримона дар тӯли таърих ҳадафи мубориза алайҳи падидаи муҷримона будааст. Дар низоми ҳуқуқии исломӣ ду мавзӯъ аз якдигар тафкик шудааст:

1. Зиндагии хусусӣ ва шахсии афрод ҳар гуна таҷассус ва аъмоли маҳдудият мамнуъ аст. Ҳеҷ фарде ҳақ надорад дар манозили афрод таҷассус намояд. Худованд дар Қуръони карим дар сураи «Ҳаҷарот» ояи 11 мефармоядад: «Эй аҳли имон, аз бисёр пиндорҳо дар ҳаққи якдигар иҷтиноб кунед, ки бархе занну пиндорҳо маъсият аст ва низ ҳаргиз аз ҳоли дарунии ҳам таҷассус накунед ва ғайбати якдигар раво мадоред, ҳеҷ як аз шумо оё дӯст медорад, ки гӯшти бародари мурдаи худро хӯрад? Албатта, кароҳату нафрат аз он доред, пас бидонед, ки масали ғайбати муъмин ба ҳақиқат ҳамин аст ва аз Худо парво кунед, ки Худо бисёр тавбапазиру меҳрубон аст».

2. Он ҷо ки пояи масолеҳи иҷтимоӣ дар миён бошад, назорат бидуни ҳеҷ мусомеҳа эъмол мешавад. Бозрасии ниҳонӣ ва назорати давлатӣ дар бисёре аз ҷароим, монанди иртишо, ихтилос, боҷхоҳӣ, аъмоли нуфузи нораво, боздошти ғайриқонунӣ ва монанди он, ки маъмулан аз тарафи коркунони давлат анҷом мегирад, мавриди таъкиди сиёсати ҷиноии исломӣ аст.

Аз вижагиҳои сиёсати ҷиноии исломӣ мушорикат мардум аст. Таклифи ҳамагонии амр ба маъруфу наҳӣ аз мункар дар заминаи пешгирӣ аз вуқӯи ҷароим ибрози аксуламал дар баробари он, якояки шаҳрвандонро дар муқобили рафтори якдигар масъул ва нозир қарор додааст.

Пас аз баррасии мавзӯъ равшан мешавад, ки тадобири пешгиронаи матруҳа тавассути ҷурмшиносон натоиҷи мусбату қонеъкунанда барои аъмолкунандаҳои он дора. Бо вуҷуди мақбулияти он барои аъмолкунанда ин тадобир аз равзанаҳои мутафовит мавриди нақд қарор гирифта метавонад. Он чи миёни ҳуқуқи башар, қонуну омӯзаҳои исломӣ нуқтаи иштирок аст, ҳаққи озодии инсонҳост. Озодии инсонҳо иҷоза намедиҳад, то он ба баҳонаҳои мухталиф нақз гардад.

АДАБИЁТ

1. Дониш, Тоҷзамон. Муҷрим кист? Ҷурмшиносӣ чист? – Теҳрон: Кайҳон, 1390. Чопи чаҳорум.
2. Иброҳимӣ, Шаҳром. Ҷурмшиносии пешгирӣ. – Теҳрон: Мизон, 1391. Чопи дувум.
3. Калинӣ, Муҳаммади ибни Яъқуб. Ал-Кофӣ. Дорулкитоб-ал-исломия, 1363. – Ҷ.2.
4. Киноӣ, Меҳдӣ. Мабонии ҷурмшиносӣ. – Теҳрон, 1392.
5. Қуръони карим.
6. Қонуни асосии Афғонистон. – 1382.
7. Наҷафии Абарандободӣ, Алӣ Ҳусайн. Кайфаршиносӣ. - Теҳрон: Маҷд, 1387. Чопи 8.
8. Сарварӣ, Абдулбасир. Криминоложи. – Кобул: Рисолат, 1389. Чопи аввал.
9. Сафорӣ, Алӣ. Кайфаршиносӣ. – Теҳрон: Ҷангал, 1391. Чопи 21.
10. Файз, Аливизо. Муқорина ва татбиқ дар ҳуқуқи ҷазои умумии ислом. – Теҳрон: Интишороти Вазорати фарҳангу иршоди исломӣ, 1390.
11. Хоналӣ Пури Воҷаргоҳ Сакина. Пешгирии фаннӣ аз ҷурм. – Теҳрон: Мизон, 1390. Чопи аввал.
12. Ҳаромилӣ, Муҳаммад ибни ал-Ҳасан. Васоил-аш-шиа. – Теҳрон, 1397. – Ҷ. 18.
13. Эъломияи ҷаҳонии ҳуқуқи башар.

ҶОЛИШҲОЕ БАР ВАЗЪИЯТИ ПЕШҶИНОӢ ДАР ҶУРМШИНОСӢ

Пешгирӣ аз ҷурм ҳамвора яке аз мавзӯоти асосӣ ва муҳим дар зиндагии башар буд, ки дар тӯли таърих ба шеваҳои мухталиф аъмол гардидааст. Дар ҷомеаи муосир, ҷурмшиносӣ ба ҳайси як илми ҷиноии ғайриҳуқуқӣ матраҳ буда, ки дар тамоми донишгоҳҳо тадрис мегардад ва илми ҷурмшиносӣ дорои шохаҳои мухталиф аст. Яке аз шохаҳои он зери унвонии ҷурмшиносии пешгирӣ қобили дастрас мебошад. Дар ҷурмшиносии пешгирӣ вазъияти пешҷиноии яке аз роҳҳои муайян кардани ҷомеа пиндошта мешавад ва ин вазъияти пешҷиноӣ яке аз анвои пешгириҳо буда, ки ҷурмшиносон онҳоро пешниҳод кардаанд. дар аксарият аз китобҳо ва мақолаҳои муртабит ба ҷурмшиносӣ ин навъи пешгириро ба ду исм - вазъияти пешҷиноӣ ва ё пешгирии вазъӣ аз ҷурм ёд мекунанд. «Вазъияти пешҷиноӣ ба тадбирҳое, ки тағйир дар мавқеиятҳои хос, ки эҳтимоли иртикоби ҷурм дар он зиёд аст, ба манзури душвор кардан, пурхатар кардан ё ҷозибазудоӣ барои касоне, ки қасди иртикоб доранд, итлоқ мешавад». Ин навъи пешгирӣ дар зоҳир хелеи ҷаззоб, дорои натоиҷ барои аъмолкунандаҳои он буда, аз ин равзана қобили қабул барои аксарият менамояд.

Калидвожаҳо: пешгирӣ, ҷиноӣ, тадобир, ҷурм, муртакиб, маҳкум, ҷурмшиносӣ.

ТРУДНОСТИ ПРЕДУПРЕЖДЕНИЯ ПРЕСТУПНОСТИ И ПРОФИЛАКТИКА ПРЕСТУПЛЕНИЙ

Данная статья посвящена рассмотрению проблем предупреждения преступности и профилактики преступлений, которые являются важнейшей составляющей частью борьбы с преступностью. Задачей предупреждения преступлений является профилактическая деятельность, разработка путей и способов планомерного воздействия на причины и условия, способствующие совершению преступлений с целью искоренения преступности. Автор отмечает, что современное развитие криминологической теории

предупреждения преступности связано с формулированием научно-практической концепции стратегии борьбы с преступностью. Также содержание борьбы с преступностью определяется уголовной политикой государства, так как борьба с преступностью являетя государственной и общественной деятельностью, направленной на устранение криминогенных факторов и предотвращение преступности, раскрытие и расследование преступлений; розыск преступников, исправление лиц, совершивших преступление и устранение последствий от совершения преступлений.

Ключевые слова: предотвращение, преступность, меры, преступление, совершивший преступление, осуждение, криминалистика

DIFFICULTIES OF CRIME PREVENTION AND CRIME PREVENTION

This article is devoted to the consideration of the problems of crime prevention and crime prevention, which are the most important part of the fight against crime. The task of crime prevention is preventive activities, the development of ways and means of systematic impact on the causes and conditions conducive to the commission of crimes in order to eradicate crime. The author notes that the modern development of the criminological theory of crime prevention is associated with the formulation of a scientific and practical concept of a strategy for combating crime. Also, the content of the fight against crime is determined by the criminal policy of the state, since the fight against crime is a state and public activity aimed at eliminating criminogenic factors and preventing crime, disclosing and investigating crimes; search for criminals, correction of persons who have committed a crime and elimination of the consequences of committing crimes.

Keywords: prevention, crime, measures, crime, the perpetrator, conviction, forensics

Маълумот дар бораи муаллифон: ***Ораш Шаҳирпур*** – Донишкадаи ҳуқуқ ва улуми сиёсии Донишгоҳи ал-Берунӣ, узви департаменти ҳуқуқи ҷазоӣ ва сиёсатшиносӣ.
Бисмиллоҳ Матин - Донишкадаи ҳуқуқ ва улуми сиёсии Донишгоҳи ал-Берунӣ, узви департаменти ҳуқуқи ҷазоӣ ва сиёсатшиносӣ.

Сведения об авторах: ***Ораш Шахрипур*** – Университет Аль-Беруни, Институт правовых и политических наук, член департамента правового наказания и политологии.
БисмиллохМатин Университет Аль-Беруни, Институт правовых и политических наук, член департамента правового наказания и политологии.

Information about the authors: ***Orash Shahripour*** - Al-Beruni University, Institute of Legal and Political Science, member of the Department of Legal Punishment and Political Science.
BismillohMatin - University of Al-Beruni, Institute of Legal and Political Science, member of the Department of Legal Punishment and Political Science.

УДК: 378.4

СИФАТИ ХИЗМАТРАСОНӢ ДАР СОҲАИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБӢ

Муминзода Н.И.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Категорияи асосие, ки дар хизматрасониҳои таълимӣ дар соҳаи таҳсилоти олии касбӣ истифода мешавад, мафҳуми «сифати хизматрасониҳо» мебошад. Дар қонунгузорӣ мафҳуми ягонаи «сифати хизматрасониҳо» вуҷуд надорад ва, мутаассифона, механизмҳои матлуби сифати хизматрасониҳои таълимӣ дар соҳаи таҳсилоти олии касбӣ ҳамчун муҳимтарин намуди хизматрасониҳо коркард нашудаанд. Муҳиммияти сифати чунин хизматрасониҳо аз омода намудани мутахассисони соҳибкасб иборат аст, ки минбаъд ҳуқуқи машғул шудан ба тахассуси гирифтаашонро соҳиб мегарданд.

Дар Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» аз 9 декабри соли 2004 таҳти №72 [5] муқаррар карда шудааст, ки қонунгузорӣ чӣ гуна баҳо гузоштан ба «сифати» мол, кор ва хизматрасониро муайян менамояд. Ҳамин тариқ, мутобиқи м. 6 Қонуни мазкур фурӯшанда (истеҳсолкунанда, иҷрокунанда) уҳдадор аст ба истеъмолкунанда моле диҳад (кореро иҷро намояд, хизмате расонад), ки сифат ва миқдори он ба шартнома мувофиқ бошад.

Ҳангоми дар шартнома мавҷуд набудани шартҳо оид ба сифати мол (кор, хизматрасонӣ) фурӯшанда (иҷрокунанда) уҳдадор аст барои мақсадҳое, ки чунин мол (кор, хизматрасонӣ) одатан истифода мешавад, ба истеъмолкунанда мол диҳад (корро иҷро намояд, хизмат расонад). Агар фурӯшанда (иҷрокунанда) ҳангоми бастани шартнома доир ба мақсадҳои мушаххаси харидории мол (иҷрои кор, хизматрасонӣ) аз ҷониби истеъмолкунанда огоҳ шуда бошад, фурӯшанда (иҷрокунанда) уҳдадор аст, то ба истеъмолкунанда молеро диҳад (кореро иҷро намояд, хизмате расонад), ки он мувофиқи ин мақсадҳо барои истифода коршоям бошад.

Баҳисобгирии мол (кор, хизматрасонӣ)-и ҳаққонӣ гирифтаи истеъмолкунанда (кору хизмати ҳаққонӣ барояш иҷрокарда)-ро фурӯшанда бо воситаҳои ченаке, ки мақомоти давлатии стандартизатсия ва метрология санҷида, тамға задаанд, таъмин менамояд. Ин асбобу анҷомҳо ва дигар асбобу анҷомҳои ҳисобгирии инфиродии миқдори моли

гирифтаи истеъмолкунанда (кору хизмати расонида) моликияти фурӯшанда (истеҳсолкунанда, иҷрокунанда) буда, аз тарафи онҳо хизматгузорӣ мешавад.

Агар фурӯшанда (истеҳсолкунанда, иҷрокунанда) ба истеъмолкунанда назар ба миқдори пешбининамудаи шартнома камтар мол супурда (кору хизматро ба ҷо оварда) бошад, пас, фурӯшанда (истеҳсолкунанда, иҷрокунанда) уҳдадор аст, зарари аз ин гирифтани истеъмолкунандаро пурра ҷуброн намояд, ба шарте ки дар шартнома тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад.

Дар шартнома пешбинӣ намудани шартҳое, ки ҳуқуқҳои истеъмолкунандаро нисбат ба ҳуқуқҳои муқарраркардаи қонунгузорӣ маҳдуд месозанд, манъ аст. Аммо меъёрҳои фавқуззикри Қонуни зикршуда мафҳуми возеҳи истилоҳи «сифат»-ро дар бар намегиранд ва онро нисбат ба мол, кор ва хизматрасонӣ дар алоҳидагӣ ҷудо намекунад, гарчанде ки ҳамчун объекти ҳуқуқҳои граждани онҳо аломатҳои гуногунро нишон дода, ба таври гуногун талаботи субъекти ҳуқуқи граждариро қонеъ менамоянд. Ба ғайр аз ин, меъёрҳои Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» баҳри истифода дар муносибатҳои қарордодӣ пешбинӣ гардидааст, ҳол он ки расонидани хизматҳои таълимӣ метавонад ҳам дар доираи қарордодҳои басташуда миёни иҷрокунанда ва дархосткунанда ва ҳам берун аз соҳаҳои танзими муносибатҳои қарордодӣ истифода бурда шаванд. Барои ҳамин, дарк намудани чигунагии сифати хизматрасониҳои таълимӣ зарур аст.

А.В. Гридина бар он назар аст, ки «дилхоҳ кӯшиши таъриф кардани категорияи «сифати молҳо, иҷрои корҳо ва хизматрасониҳо» бе дарназардошти дарки ин падидаи мураккаб номуваффақ буда, оқибат нокомӣ ба бор меорад» [3,с.12]. Дар илми фалсафа сифат яке аз шумораи асосии категорияҳои материализми диалектикӣ маҳсуб меёбад. Ҳангоми баррасии ин мафҳум мебояд дар назар дошт, ки новобаста аз он ки мо чи гуна ашё (ё падида)-ро мавриди таҳқиқ қарор надиҳем, он ашё, ҳатман, махсусияти сифатӣ дорад. Сифат хосси ашё ва маълумот оид ба ин ашё мебошад, на ин ки ашёи дигар ва ин аз дигар ашёҳо фарқ карда мешавад.

Мушаххасии ашё, ягонагии он, устувории нисбӣ ва яклухтии он, ҳама дар якҷоягӣ сифати ашёро муаррифӣ менамоянд. Ба шарофати сифат ҳар як ашё вуҷуд дошта, ҳамчун як чизи фарқкунанда аз дигар ашёҳо дарк карда мешавад ва аломатҳои он низ бараъло зоҳир мегарданд.

Мавриди зикр аст, ки аломатҳои ин ё он ашё хусусиятҳои якхела надошта, яке аз онҳо муҳим буда, дигараш бошад, дуюмдараҷа мебошад. Фарқи онҳо дар он аст, ки худ ба худ мавҷуд набудани махсусиятҳои аломатҳои аввалия дар ашё онҳоро аз муайянии сифатан мушаххас маҳрум месозанд ва дар сурати нобудшавӣ, камшавӣ ё афзуншавии хусусиятҳои дуюмдараҷа ашё ё падида дар ҳолати худ боқӣ мемонад, яъне сифатан тағйирнаёбанда боқӣ мемонад [3,с.12]. Арасту қайд кардааст, ки «сифат аломати зоҳиршавандае мебошад, ки як мафҳумро аз мафҳуми дигари хосси якҷинсбуда бо махсусиятҳои худ фарқ мекунонад» [1,с.95].

Доир ба мафҳуми сифат андешаҳои гуногуне дар илм ироа гардидаанд. Баъзе олимон дар асоси таҳлили таърифҳои мавҷуда ба он натиҷа расиданд, ки таърифҳои ироагардидаи мафҳуми сифат, ҳам аз нигоҳи мазмуну муҳтаво ва ҳам аз назари ифодаи комили хусусияти ашёҳои мавриди назар метавонанд ба се гурӯҳ ҷудо карда шаванд: рамзӣ, нуфузӣ, ҳамбастагӣ. Ба гурӯҳи аввал он таърифҳое, ки сифати ашёҳо ва падидаҳоро аз ҷиҳати кадом як (бартарият) арзиши масрафи онҳо, ки бешубҳа афзалият дорад, шомил карда мешавад; ба гурӯҳи дувум бошад, он таърифҳое мансубанд, ки сифати ашёҳоро дар маҷмӯи махсусиятҳои масрафи онҳо баҳогузорӣ мекунад; гурӯҳи савум бошад, фарогири таърифҳоест, ки сифати ашёҳоро аз рӯйи ҷамъи махсусияти арзиши масрафи онҳо муайян месозад [2,с.60-67].

Ин нуқтаи назарро А.М. Запорожетс инкор намуда, ба он ишора намудааст, ки дар аксар маврид ин таърифи мафҳуми сифат баҳснок ва мантиқан нодуруст аст. Сифатҳои рамзӣ ва нуфузӣ аз ҷониби муаллифон аз нуқтаи назари арзиши масрафи онҳо муайян гардидаанд [4,с.8-9]. Ба андешаи ӯ, нуқтаи назари А.С. Гусаров, ки се намуди сифати маҳсулотро вобаста ба андозаи таъсири ин ва ё он шароити таъмини онҳо пешниҳод намудааст, саҳеҳтар аст.

Намуди аввал аз сифати қувваи корӣ ва шартҳои истифодаи он; дувум аз таркиби маҳсулот ва технологияи истеҳсоли он, сеюмӣ бошад, аз ҷинси маҳсулот иборат аст. Чунин муносибат, ба ақидаи А.М. Запорожетс, гарчанде комилан мазмуни мафҳуми сифатро ошкор накунад ҳам, дар бораи кӯшиши тавзеҳ додани роҳҳо ва усулҳои генетикии ба даст овардани сифати қобили қабул имкон намедиҳад [4,с.15].

Аммо Д.С. Львов, В.И. Седов ва дигар олимони соҳаи иқтисод мафҳуми сифатро бо мафҳуми «арзиши масраф» шабеҳ дониста, қайд мекунанд, ки «сифати маҳсулот маҷмӯи махсусиятҳо ва ҳолати маҳсулоти меҳнат буда, дар навбати худ, арзиши масрафи маҷмӯи хусусиятҳои фоидаовар низ мебошад» [10,с.8]. Мутобиқи андешаи муаллифони номбурда, ҳардуи ин назар баробар буда, ҳаққи ҳастӣ доранд. Баъзе олимони иқтисоддон бар он назаранд, ки аз нуқтаи назари рақобатпазирӣ сифати маҳсулот ба ду тартиб ҷудо мешавад: таъйин аз фоидаи пурсамар, истифодаи каммасраф.

Сифати мол, кор ва хизматрасонӣ, бешубҳа, ба мафҳумҳои бисёрҷанба мансуб аст. Дар адабиёти махсус зиёда аз дусад тафсири мафҳуми «сифат» вуҷуд дорад. Қайд кардан зарур аст, ки бисёре аз олимони ҳуқуқшиноси даврони шӯравӣ ҳангоми таъриф додани мафҳуми сифат аз нуқтаи назари ҳуқуқӣ ба меъёрҳо ва шароити техникӣ нақши аввалиндараҷаро мансуб медонанд, ки пеш аз ҳама, ба назари мо, бо сабаби дар он замон афзалият доштани танзими давлатии муносибатҳои иқтисодӣ ба миён омадааст, ки дар он замон ба қарордод нақши дувумдараҷа дода мешуд. Зимни баррасии масъалаи муайян кардани мафҳуми сифат, пеш аз ҳама, ба саволи «ҷудо кардани мафҳуми сифати маҳсулот дар соҳаҳои алоҳида (техникӣ, иқтисодӣ, ҳуқуқӣ ва ғайра) қобили мақсад аст ва ё ҷудо намудани сифати маҳсулот ҳамчун «таҷаммӯи» ягонаи сифат зарур аст [3,с.18].

Масалан, агар аз нигоҳи иқтисод назар афканем, дар ин маъно «сифат маҷмӯи хусусияти фоидаовари ашё ва аломатҳои асосии он мебошад, ки боиси қонеъ гардонидани талаботҳои мушаххаси ҷомеа мегардад» [12,с.22].

Мувофиқи нуқтаи назари П.З. Мирзоев, сифат маҷмӯи аломатҳо, хусусиятҳои молҳо, корҳо ва хизматрасониҳо буда, сабаби қонеъ гардонидани талабот, дархости истеъмолкунандагон гардида, ба таъйин ва талаботи нишондодашуда мутобиқ мебошад. Мол маҳсули фаъолиятест, ки баҳри мубодила ва фурӯш ба бозор бароварда мешавад. Кор дилхоҳ фаъолиятест, ки бо лоиҳакашӣ, сохтмон, тармиму таҷдид (реконструксия), вайрон кардан (канда кӯчонидан), таъмир ё азнавсозии бино, иншоот ва объектҳо, инчунин омодакунии майдони сохтмонӣ, кофта баровардани замини сахт, бардоштани иншоот, васлкунӣ ва танзими дастгоҳҳо, корҳои ороишӣ, инчунин пармакунӣ, корҳои геодезӣ, сабти радифӣ, таҳқиқоти сейсмологӣ марбут мебошад. Хизматрасонӣ натиҷаи фаъолияти зеҳнӣ буда, ба тағйироти неъматҳои моддӣ ҳеҷ рабте надорад [11,с.208-215].

Ҳамин тариқ, аз баррасии адабиёти ҳуқуқӣ дар ин замина чунин хулосаҳоро бардошт намудем:

Аввалан, дар адабиёти ҳуқуқӣ таърифи мафҳуми «сифат»-ро ба василаи мафҳуми «хусусият» вохӯрдан мумкин аст.

Дувум, баъзе олимон сифатро ҳамчун мутобиқати хусусиятҳои маҳсулот, ки дар санадҳои меъёрӣ ва шартҳои қарордод омадааст, мавриди баррасӣ қарор додаанд.

Сеюм, дар асарҳои баъзе муаллифон мафҳуми «сифат» дар ҳамбастагӣ бо арзиши истеъмолӣ ва талаботи ҷомеа баррасӣ мегардад. Зери мафҳуми арзиши истеъмолӣ фоида, манфиат, қобилияти қонеъ намудани талаботҳои инсонӣ ба сифати василаи истеҳсолот ва ашёҳои мавриди истифода ё сифати хизматрасониҳо фаҳмида мешавад. Олимони соҳаи иқтисодиёт бар он назаранд, ки сифати мол ба воситаи хусусиятҳои табиии мол зоҳир гардида, муносибатҳои муайяни истеҳсолиро нишон медиҳанд, манфиати молро барои ҷомеа мушаххас месозанд. Сифат бо арзиши истеъмолӣ ҳаммаъно нест. Хусусиятҳои гуногуне, ки ашёҳои гуногун доранд, ба онҳо имкон медиҳанд, ки дар сатҳи гуногун талаботҳоро қонеъ созанд. Дар арзишҳои гуногуни истеъмолӣ, ки талаботи инсонро қонеъ менамоянд, маҷмӯи корҳои фоидаоваре зоҳир мегарданд, ки ҳамон тавр гуногун ва фарқкунанда буда, ба гурӯҳҳо, зергурӯҳҳо, намудҳои гуногун ҷудо карда мешаванд. Яъне, тақсимоти ҷамъиятии меҳнат ба миён меояд, ки шароити будубоши истеҳсоли маҳсулотро таъмин намуда, сабаби афзоиши талабот мегардад ва ба рушду такомули минбаъдаи он мусоидат менамояд.

Аз нуқтаи назари ҳуқуқи граждани, метавон сифати муносиб ё номуносиб, сода (сифати маҳсулот барои мақсади истифодаи маъмулӣ) ва махсуси (сифати маҳсулоте, ки аз истифодаи маъмулӣ фарқ карда мешавад) маҳсулотро баҳо гузошт.

Қонунгузории ватанӣ муддати зиёд аст, ки бо мақсади ба талабот ҷавобгӯ гардидани молу маҳсулот (кор ва хизматрасониҳо) сифати меъёриро муқаррар карда истодааст. Санадҳои меъёриву ҳуқуқие, ки тайи солҳои охир қабул гардидаанд, зина ба зина аз мафҳуми «сифати меъёрӣ» даст кашида, ба дигар талаботи меъёрӣ мутобиқ шуда истодаанд. Масалан, дар м. 20 Қонуни ҶТ «Дар бораи алоқаи почта» аз 1 августи соли 2003 таҳти №39 [6] омадааст, ки талаботи асосӣ ба сифати хизматрасониҳои почтавӣ инҳоянд: баробарҳуқуқ ба ҳамаи истифодабарандагон; аз ҷониби муассисаҳои давлатии алоқаи почта таъмин намудани кори объектҳои алоқаи почта бо реҷаи мусоид барои

истифодабарандагони хизматрасониҳои алоқаи почта, бо назардошти имкони хосси технологии алоқаи почта; аз ҷониби операторони алоқаи почта таъмин намудани хизматрасониҳои сифатан беҳтари алоқаи почта мутобиқ ба талаботи меъёрҳои байналмилалӣ; таъмин намудани истеъмолкунандагони алоқаи почта бо иттилооти саривақтӣ оид ба хизматрасониҳои почта. Талабот ба сифати хизматрасониҳо, ки операторони шабакаи алоқаи почта пешниҳод мекунанд, аз тарафи мақомоти масъули танзими алоқа дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад. Талабот ба сифати алоқаи почта дар асоси талаботи истифодабарандагон, рушди шароити техникӣ, иҷтимоиву иқтисодӣ дар ҶТ муқаррар карда мешавад.

Қонуни ҶТ «Дар бораи адабиёти таълимӣ» аз 26 июли соли 2014 таҳти №1122 [7] санҷиши сифати адабиёти таълимӣ ҳамчун баҳогузорӣ ба мутобиқати адабиёти таълимӣ бо меъёрҳои давлатии таҳсилот, талаботҳои тасдиқгардида ба сатҳи омодагии хатмкунандагон, дастовардҳои илми муосир бо назардошти барномаи таълимӣ ва имконияти худомӯзӣ, инчунин талаботҳое, ки ба сохтор ва дастгоҳи методии адабиёти таълимӣ мутобиқи хусусиятҳои синнусолӣ ва равонии муҳассилин пешбинӣ гардидаанд.

Аз ин лиҳоз, метавон ба хулосае омад, ки дар қонунгузории муосир сифати хизматрасониҳо, чун қоида, ба воситаи мутобиқати хусусияти хизматрасониҳо ба талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, санадҳои локалии ташкил аз дастуроти қарордод муайян карда мешаванд, гарчанде ки талабот доир ба мутобиқати молҳо (корҳо, хизматрасониҳо), меъёрҳо ҳам дар баъзе санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ мавҷуданд. Дар ин ҷо санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳаи таҳсилоти олии касбӣ истисно нестанд.

Ҳамин тариқ, қайд кардан зарур аст, ки меъёрҳои байналмилалӣ ва қонунгузории хориҷӣ ҳангоми муайян кардани моҳияти категорияи ҳуқуқии «сифати молҳо (корҳо, хизматрасониҳо)» ба аломати мутобиқати молҳо (корҳо, хизматрасониҳо), талаботи истеъмолкунандагон, таваҷҷуҳи хос зоҳир мекунанд, ҳол он ки санадҳои меъёрии ҳуқуқии ҶТ зери мафҳуми молҳо (корҳо, хизматрасониҳо), пеш аз ҳама, ҷавобгӯ будан ба талаботҳои дар меъёрҳо, регламентҳо ва дигар санадҳои ҳуқуқӣ дарҷгардида фаҳмида мешавад. Дар соҳаи таҳсилоти олии касбӣ талаботи асосӣ ба сифати хизматрасониҳои таълимӣ дар меъёрҳои таълимӣ (меъёрҳои давлатии таълимии ба таври мустақил муқарраргардида аз ҷониби донишгоҳҳои таҳқиқотии илмӣ) дарҷ гардидааст. Зимни таърифи мафҳуми «сифати молҳо (корҳо, хизматрасониҳо)» ду аломати асосиро ба назар гирифтан зарур аст: мутобиқати хусусияти молҳо (корҳо, хизматрасониҳо) бо талаботи санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ ва мутобиқати онҳо бо талаботи истеъмолкунандагон.

Мутобиқи м. 1 Қонуни ҶТ «Дар бораи маориф» аз 22 июли соли 2013 таҳти №1004 [8] сифати таълим ин тарзи ташкили дуруст ва самараноки раванди таълим аст, ки дар натиҷаи он шахс соҳиби таҳсилот мегардад, дар ҳолеки идоракунии сифати таълим маҷмӯи нишондодҳои давлатии стандартҳои таълимӣ ва талаботи давлатӣ маҳсуб меёбад. Идоракунии сифати таълим сиёсати ягонаи давлатиро дар соҳаи маориф татбиқ намуда, низоми ягонаи миллии баҳогузории сифати таълимро муайян ва самаранокии онро таъмин менамояд. Идоракунии сифати таълим бо усулҳои дохилӣ ва берунаи баҳогузорӣ дар асоси натиҷагирӣ аз мониторинг ва қабули қарорҳои идорашаванда дар муассисаҳои таълимӣ ба роҳ монда мешавад [8, м. 27].

Дар системаи санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ дар соҳаи таҳсилот мутобиқат ба талаботи истеъмолкунандагони хизматрасониҳои таълимӣ ба мушоҳида мерасад. Баҳогузорӣ ба хизматрасониҳоро дар соҳаи таҳсилоти олии касбӣ дар ниҳоят корфармоёни истеъмолкунандагони хизматрасониҳои таълимӣ амалӣ месозанд, ки на танҳо ба ҷиҳати назариявии омодагии сатҳи тахассусии кормандоне, ки ба кор қабул кардаанд, балки ба донишҳо ва малакаи амалии онҳо, ки дар стандартҳои таълимии насли саюум дар ифодаи масъулиятшиносии касбӣ, ки бояд муҳассилин биомӯзанд, таваҷҷуҳи хосса зоҳир мекунанд.

Ҷиҳати такмили қонунгузории ҶТ ҳангоми таҳлили масъалаи мазкур чунин пешниҳод карда мешавад, ки м. 2 Қонуни ҶТ «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ» аз 19 майи соли 2009 таҳти №531 бо мафҳуми «Сифати хизматрасониҳо дар соҳаи таҳсилоти олии касбӣ» илова карда шавад.

Ҳамзамон пешниҳод карда мешавад, ки дар м. 798 КГ ҶТ (қисми дуюм) аз 11 декабри соли 1999 таҳти №884 баъди иборaи «хизматрасониҳо ҷиҳати омӯзиш» дар қавсайн иборaи «хизматрасониҳои таълимӣ» илова карда шавад. Пешниҳод карда мешавад, ки м. 2 Қонуни ҶТ «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ» бо мафҳуми «Таҷрибаи таълимӣ ва истеҳсолӣ» илова карда шавад. Пешниҳод карда мешавад, ки дар қ. 3, м. 802 КГ ҶТ, матни муҳтавои зериндошта илова карда шавад: «Дар ҳолатҳои муқарранамудаи қонунгузорӣ дар мавриди

имконнопазир будани иҷрои шартнома бо айби иҷрокунанда ба миён омада бошад, иҷрокунанда ба фармоишгар арзиши хизматҳои нарасонидаро мутобиқи шартнома ва зарараре, ки зимни иҷро нагардидани уҳдадориҳо расонида шудааст, пурра ҷуброн менамояд».

Дар ин марҳила усулҳои инноватсионии таълим ба беҳтаршавӣ ниёз доранд. Ин раванд ҳамаи сохтори маориф, махсусан раванди таълимро бояд фаро бигирад. Бори дигар таъкид менамоем, ки сифати таълим дар ҳоли ҳозир яке аз масъалаҳои мубрам ва ҳассос маҳсуб ёфта, рақобатпазирии донишгоҳҳоро таъмин менамояд, ба рушду такомули муассисаҳои олии касбӣ мусоидат менамояд.

Сифати хизматрасониҳо дар соҳаи таҳсилоти олии касбӣ маҷмӯи нишондодҳои меъёрҳои давлатии таълимӣ ва талаботи давлатӣ баҳри омода кардани донишҷӯ (бакалавр, магистр) бо дарназардошти талаботи бозори меҳнат ба шумор меравад. Ҳамзамон, сифати таълим аз татбиқи системаи мустақили баҳогузорӣ ба тахассус иборат мебошад, ки дар он талаботҳо оид ба таҳияи стандартҳои тахассусӣ, татбиқи усулҳои инноватсионии таълим, механизмҳо ва принсипҳои гузаронидани аудити дохилӣ, усулҳои баҳогузории мустақилона ба сифати таълим, масоили аккредитатсияи барномаҳои муосири таълимӣ дархост карда мешаванд. Ҳар яке аз онҳо, дар навбати худ, ба омодагии мутахассисони оянда таъсир гузошта, сифати таълимро оид ба ҳар кадоме аз ихтисосҳо беҳтар мегардонад». Пешниҳод менамоем, ки мафҳуми сифати хизматрасониҳои таълимӣ дар соҳаи таҳсилоти олии касбӣ ҳамчун маҷмӯи нишондодҳои стандартҳои давлатӣ ва талабот доир ба омодагии донишҷӯён (бакалавр, магистр) бо дарназардошти бозори меҳнат муайян карда шавад.

АДАБИЁТ

1. Аристотель. Метафизика / Аристотель. -Л.: Соцэкгиз, 1934. -447 с.
2. Гличев А.В. Что такое качество? / А.В. Гличев, В.Н. Панов, Г.Г. Азгальдов. -М.: Экономика, 1968. -167 с.
3. Гридин А.В. Гражданско–правовые способы обеспечения качества товаров, работ и услуг: дис. ... канд. юрид. наук / А.В. Гридин. -Краснодар, 2006. -212 с.
4. Запороэюец А.М. Правовые проблемы обеспечения качества продукции / А.М. Запороэюец. -Харьков: Выща школа, Изд–во при ХГУ, 1989. -151 с.
5. Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» аз 9 декабри соли 2004 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. / [Манбаи электронӣ]. URL: http: www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 17.09.2019).
6. Қонуни ҶТ «Дар бораи алоқаи почта» аз 1 августи соли 2003 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. / [Манбаи электронӣ]. URL: http: www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 17.09.2019).
7. Қонуни ҶТ «Дар бораи адабиёти таълимӣ» аз 26 июли соли 2014 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. / [Манбаи электронӣ]. URL: http: www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 17.09.2019).
8. Қонуни ҶТ «Дар бораи маориф» аз 22 июли соли 2013 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. / [Манбаи электронӣ]. URL: http: www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 17.09.2019).
9. Қарори Ҳукумати ҶТ аз 3 марти соли 2014, № 145 «Дар бораи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон» [Манбаи электронӣ]. // http://base.spinform.ru/show_doc.fwx?rgn=66731 (санаи муроҷиат: 2.09.2019).
10. Львов Д.С. Стандарт и качество. Экономический аспект проблемы / Д.С. Львов, В.К. Седов, В.М. Сиськов. -М.: Изд-во стандартов, 1970.
11. Мирзоев П.З. Оид ба масъалаи мафҳуми категорияи сифат, кор ва хизматрасониҳо / П.З.Мирзоев // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – 2013. -№6/2(55). -С. 208-215.
12. Огрызков В.М. Основы правового регулирования качества продукции / В.М. Огрызков. -2-е изд. -М.: Стандартов, 1976. -352 с.

СИФАТИ ХИЗМАТРАСОНӢ ДАР СОҲАИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБӢ

Дар мақола сифати хизматрасонӣ ҳамчун категорияи ҳуқуқӣ дар фаъолияти хизматрасониҳои таълимӣ дар соҳаи таҳсилоти олии касбӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Сараввал муаллиф талош намудааст, то сифатро аз нигоҳи фалсафӣ-ҳуқуқӣ шарҳу тавзеҳ диҳад, чаро ки тибқи меъёрҳои таъйиннамудаи қонун дар ин самт мафҳуми возеҳи истилоҳи «сифат» нисбат ба мол, кор ва хизматрасонӣ дар алоҳидагӣ ҷудо карда нашудааст, гарчанде ҳамчун объекти ҳуқуқҳои граждани онҳо аломатҳои гуногунро нишон дода, ба таври гуногун талаботи субъекти ҳуқуқи гражданиро қонеъ менамоянд. Ба таъкиди муаллиф сифати хизматрасониҳо дар соҳаи таҳсилоти олии касбӣ маҷмӯи нишондодҳои меъёрҳои давлатии таълимӣ ва талаботи давлатӣ баҳри омода кардани донишҷӯ (бакалавр, магистр) бо дарназардошти талаботи бозори меҳнат ба шумор меравад. Сифати таълим аз татбиқи системаи мустақили баҳогузорӣ ба тахассус иборат мебошад, ки дар он талаботҳо оид ба таҳияи стандартҳои тахассусӣ, татбиқи усулҳои инноватсионии таълим, механизмҳо ва принсипҳои гузаронидани аудити дохилӣ, усулҳои баҳогузории мустақилона ба сифати таълим, масоили аккредитатсияи барномаҳои муосири таълимӣ дархост карда мешаванд. Дар мақола пешниҳодҳои судманд ҷиҳати баланд бардоштани сифати хизматрасонӣ дар фаъолияти хизматрасониҳои таълимӣ дар соҳаи таҳсилоти олии касбӣ ироа гаштаанд.

Калидвожаҳо: сифат, хизматрасонӣ, таълим, таҳсилоти олии касбӣ, ҳуқуқ, мутахассис, донишгоҳ.

КАЧЕСТВО ОБРАЗОВАТЕЛЬНЫХ УСЛУГ В СФЕРЕ ВЫСШЕГО ОБРАЗОВАНИЯ

В статье рассматривается качество услуг как правовая категория в деятельности образовательных услуг в сфере высшего образования. Изначально автор пытался объяснить качество с философско-правовой точки зрения, поскольку согласно нормам, установленным законодательством в этой сфере, четкое понятие «качество» применительно к товарам, работам и услугам не разделяется, хотя они являются отдельными объектами, проявляющими разные особенности и по-разному удовлетворяющие требованиям субъекта гражданского права. По мнению автора, качество услуг в сфере высшего образования - это совокупность государственных образовательных стандартов и государственных требований к подготовке студентов (бакалавриат, магистратура) с учетом потребностей рынка труда. Качество образования складывается из реализации независимой системы оценки квалификаций, которая включает требования к разработке профессиональных стандартов, внедрения инновационных методов обучения, механизмов и принципов внутреннего аудита, методов независимой оценки качества образования, аккредитации программ. В статье содержатся полезные предложения по повышению качества образовательных услуг в сфере высшего образования.

Ключевые слова: качество, сервис, образование, высшее образование, право, специалист, вуз.

QUALITY OF EDUCATIONAL SERVICES IN THE FIELD OF HIGHER EUCATION

The article examines the quality of services as a legal category in the activities of educational services in the field of higher education. Initially, the author tried to explain quality from a philosophical and legal point of view, since according to the norms established by legislation in this area, the clear concept of "quality" in relation to goods, works and services is not shared, although they are separate objects. showing different characteristics and in different ways meeting the requirements of the subject of civil law. According to the author, the quality of services in the field of higher education is a combination of state educational standards and state requirements for the preparation of students (bachelor's, master's), taking into account the needs of the labor market. The quality of education consists of the implementation of an independent system for assessing qualifications, which includes requirements for the development of professional standards, the introduction of innovative teaching methods, mechanisms and principles of internal audit, methods of independent assessment of the quality of education, and program accreditation. The article offers useful suggestions for improving the quality of educational services in the field of higher education.

Keywords: quality, service, education, higher education, law, specialist, university.

Маълумотнома дар бораи муаллиф: ***Муминзода Нозим Исмат*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, муаллими калони кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷоратии факултети ҳуқуқшиносии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон**: (+992) 931-19-33-33**

Сведения об авторе: ***Муминзода Нозим Исмат*** - Таджикский национальный университет, кандидат юридических наук, старший преподаватель кафедры предпринимательства и бизнеса. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон**: (+992) 931-19-33-33**

Information about the author: ***Muminzoda Nozim Ismat*** - Tajik National University, PhD in Law, Senior Lecturer at the Department of Entrepreneurship and Business. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: **(+992) 931-19-33-33**

СИЁСАТШИНОСӢ – ПОЛИТОЛОГИЯ

УДК: 321.022

ИНЪИКОСИ ЭҲЁИ ДАВЛАТДОРИИ МИЛЛӢ, ТАҲКИМИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ ДАВЛАТӢ ВА ДУРНАМОИ РУШДИ ТОҶИКИСТОН ДАР КИТОБИ «УФУҚҲОИ ИСТИҚЛОЛ»

Сафарализода Х.Қ.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Ҳифзи истиқлолияти давлатӣ, таҳкими давлатдории миллӣ, дар рӯҳияи ватандӯстию худшиносии миллӣ тарбия намудани ҷавонон ва наврасон, муайян намудани дурнамои ҳимояи манфиатҳои миллии Тоҷикистон, тарғибу ташвиқи дастовардҳои мамлакат ва дарёфти роҳу воситаҳои ҳалли мушкилиоти ҷамъиятӣ яке аз масъалаҳои муҳимтарини ҳаёти сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлол маҳсуб меёбанд. Масъалаҳои мазкур арзишҳое мебошанд, ки амалишавии ормонҳои миллӣ аз сатҳу сифати онҳо вобастаанд. Ҳар як сиёсатшинос бояд дар таҳқиқоти худ бо дарназардошти арзишҳои номбаршуда ба омӯзиши масъалаи мавриди назари худ машғул гардад ва барои ҳифзи онҳо саҳми худро гузорад. Таҳлили асарҳои илмии сиёсатшиносони кишварҳои рушдёфтаи олам, аз ҷумла олимони ИМА, Фаронса, Олмон, Англия, Ҷопон ва ғайраҳо нишон медиҳад, ки таҳқиқоти илмии онҳо пурра дар доираи манфиатҳои миллии кишвари хеш гузаронида шуда, назарияҳои аз ҷониби онҳо пешниҳодгардида барои ҳалли масъалаҳои актуалии ҳаёти сиёсии ин кишварҳо нигаронида шудаанд. Ҳатто баҳсу мунозираҳоеро мушоҳида намудан мумкин аст, ки дар онҳо мавқеи илмӣ ва назарияҳои сиёсии якдигар бинобар сабаби мувофиқат накардан ба воқеиятҳои ҷомеаи онҳо инкор ва ё корношоям дониста мешаванд. Дар ин маврид хулосаи мо ин аст, ки ҳар як сиёсатшиноси ватанӣ таҳқиқоти худро бо мақсади таҳкими давлатдории миллӣ, ҳимояи арзишҳо ва манфиатҳои миллӣ, дарёфти роҳу усулҳои ҳалли мушкилоти ҷамъиятӣ, таъмини рушди ояндаи мамлакат ва дурнамои таъмини амнияти миллӣ бояд анҷом диҳад.

Ғайр аз ин, таҳлилу баррасии таърихи сиёсии Тоҷикистон, ба инобат гирифтани эҳёи давлатдории миллӣ, дастовардҳои даврони соҳибистиқлолии кишвар ва муайян намудани дурнамои рушди мамлакат қолабҳои самтдиҳандаи таҳқиқоти илмӣ бояд интихоб гарданд. Дар китоби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Уфуқҳои истиқлол» масъалаҳои мазкур таҳлилу баррасӣ гардида, барои сиёсатшиносон ва ҷомеашиносон намунаи интихоби самти дурусти баррасии масъалаҳои миллию сиёсӣ ба шумор мераванд. Муайян намудани сохтори мантиқии китоби мазкур, асоснок кардани аҳамияти назариявӣ ва амалии он барои муҳаққиқон ва қишрҳои гуногуни ҷомеа, бори дигар ёдоварӣ намудани раванди мушкили эҳёи давлатдории миллӣ дар Тоҷикистон, рӯнамоӣ кардани дастовардҳо ва бурду бохти мамлакат дар солҳои истиқлолият ва нишон додани дурнамои ҳалли масъалаҳои ҷойдошта мақсаду вазифаҳои ин мақоларо ташкил медиҳанд.

Китоби «Уфуқҳои истиқлол» аз сарсухан, панҷ боб ва охирсухан иборат мебошад. Дар боби якуми китоб солҳои ҷанги шаҳрвандӣ, нооромиҳои сиёсӣ, мушкилиҳои асосии раванди ба даст омадани оштии миллӣ ва таҳкими пояҳои истиқлолияти давлатӣ таҳлилу баррасӣ мегарданд. Ин қисми китоб дар сатҳи баланди назариявӣ таҳия гардида, бобҳои минбаъдаи китобро, ки дарбаргирандаи таҳлили эмпирикӣ мебошанд, тобеи худ мегардонад.

Дар бобҳои навбатии китоб соҳаҳои ҳаётан муҳимми мамлакат, аз қабили соҳаҳои иқтисодиёт, иҷтимоиёт, фарҳанг, амнияти миллӣ, сиёсати хориҷӣ ва ғ. дар шароити солҳои душвори нооромиҳои сиёсии мамлакат ва рушди минбаъдаи онҳо таҳлил гардида, дастовардҳои ин соҳаҳо бо мисолҳои мушаххас ва факту рақамҳо нишон дода мешаванд. Омӯзиши ин қисми китоб нишон медиҳад, ки таҳлили соҳаҳои гуногуни мамлакат дар тӯли 25 соли давраи истиқлолият бо дарназардошти се масъала анҷом дода шудааст: **якум,** нишон додани вазъи соҳа дар солҳои душвори ҷанги шаҳрвандӣ; **дуюм,** нишон додани дастовардҳои соҳаи мушаххас дар солҳои истиқлолият; **сеюм,** таваҷҷуҳ зоҳир намудан ба мушкилиҳое, ки дар оянда бояд ҳаллу фасл карда шаванд.

Дар китоб ба масъалаи сабабҳои сар задани ҷанги шаҳрвандӣ диққати махсус дода шудааст. Дар робита бо ин масъала бояд гуфт, ки дар атрофи сабабҳои оғоз гардидани ҷанги шаҳрвандии Тоҷикистон андешаҳои мухталиф мавҷуданд. Олимону муҳаққиқоне, ки ба омӯзиш ва таҳқиқи ҷанги шаҳрвандии Тоҷикистон машғул шудаанд, сабабҳои сар задани ин низоъро ба таври гуногун нишон медиҳанд. Аммо дар китоби «Уфуқҳои истиқлол» ба баҳси ин масъала нуқта гузошта шудааст. Чунончӣ, дар китоб қайд

мегардад, ки «баробари ба даст омадани Истиқлолияти давлатӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон бар асари мудохилаи ошкор аз хориҷи кишвар, ки зери шиори демократикунонии ҷомеа сурат гирифт, ба гирдоби мухолифатҳои шадиди дохилӣ гирифтор шуда, ин раванд ба ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ ва фоҷиаи бародаркушӣ оварда расонид» [5,с.7]. Дар алоқамандӣ бо ин бояд гуфт, ки бо дахолати бадхоҳони миллат ва мудохилаи хориҷӣ ба амал омадани бетартибиҳои сиёсӣ воқеияти сиёсӣ мебошад ва онро дар ҳар як марҳилаи таърихӣ ва дар ҳар давру замон мушоҳида намудан мумкин аст. Имрӯзҳо низ чунин дахолати хориҷиро дар кишварҳои гуногуни олам дар мисоли ташкил намудани инқилобҳои ранга, тазоҳуроти оммавӣ, ба амал баровардани табаддулоти давлатӣ, анҷом додани ҷангҳои иттилоотию психологӣ ва ғайраҳо дидан мумкин аст. Аз ин рӯ, бо дахолати хориҷӣ ба сари сокинони кишвар таҳмил гардидани ҷанги шаҳрвандӣ воқеияти бебаҳс аст. Ғайр аз ин, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронии худ дар вохӯрӣ бо олимони кишвар, ки 18-уми марти соли 2020 баргузор гардида буд, таъкид намуданд, ки «олимони мо бояд сабабу омилҳои онро (яъне, ҷанги шаҳрвандиро) таҳқиқ кунанд, то ки чунин хатоиҳо дар оянда такрор нашаванд» [3].

Дар китоб дар бораи оқибатҳо ва хавфу хатари ҷанги шаҳрвандии Тоҷикистон далелҳои мушаххас нишон дода шудаанд, ки барои асоснок намудани мушкилиҳои ин давраи мураккаб ва барои нишон додани вазъи нооромии солҳои аввали соҳибистиқлолии кишвар нигаронида шудаанд. Дар натиҷаи ба амал омадани низоъҳои мусаллаҳона зиёда аз 1 млн нафар тарки ватан намуда, беш аз 150 ҳазор кас ҳалок гардиданд. Хисороти моддии ҷанг 10 млрд доллари амрикоӣ нишон дода мешавад. Инчунин, фалаҷ гардидани ниҳодҳои давлатӣ ва дар ин давра авҷ гирифтани ҷинояту ҷиноятқорӣ ҳамчун оқибатҳои ҷанги шаҳрвандӣ дониста шудааст. Яке аз оқибатҳои мудҳиши ин ҷанг даҳсолаҳо ба қафо бурдани кишвар дониста мешавад. Воқеан ҳам ҷанги шаҳрвандӣ ва низоъҳои мусаллаҳона оқибатҳои харобиовар доранд ва соҳаҳои гуногуни ҷомеаро аз рушду инкишоф бозмедоранд. Ин воқеияти бебаҳс аст, ки ба Ҷумҳурии Тоҷикистон низ тааллуқ дорад. Ба насли калонсоли кишвар ва махсусан ба сокинони минтақаҳои нооромии солҳои ҷанги шаҳрвандӣ маълум аст, ки дар он шабу рӯз гурӯҳҳои ҷиноятии силоҳбадаст сокинонро чи гуна азият медоданд ва онҳоро ғорат мекарданд. Чунин ҳолат аз фалаҷ ва ноустувор будани ниҳодҳои давлатӣ дарак медод. Чунин гурӯҳҳои муташаккили ҷиноӣ ва дастаҳои силоҳбадаст дар охири солҳои 90-ум баъди пуркувват гардидани сохторҳои қудратии давлат аз байн бурда шуданд.

Тӯли солҳои охир таҳқиқот дар мавриди муайян намудани оқибатҳои ҷанги шаҳрвандӣ аз ҷониби олимону донишмандони гуногун анҷом ёфта истодаанд. Чунончи, олими амрикоӣ С. Патрик дар таҳқиқоти худ исбот менамояд, ки ҷанги шаҳрвандӣ сабаби тавсеа ёфтани бемориҳои сироятӣ, афзоиши ҷиноятҳои муташаккил ва терроризми фаромиллӣ мегардад [6]. Оқибатҳои ногувори ҷанги шаҳрвандиро инчунин дар таҳқиқоти олимони дигари амрикоӣ В. Паул ва М. Барри низ мушоҳида намудан мумкин аст [7]. Олимони мазкур қайд менамоянд, ки дар шароити ба амал омадани ҷанги шаҳрвандӣ на танҳо имконияти пешгирӣ намудани бемориҳои сироятӣ аз байн меравад, балки дар чунин шароит бемориҳои нав пайдо мегарданд. Дар солҳои ҷанги шаҳрвандии Тоҷикистон низ чандин ҳолати ба амал омадани бемориҳои сироятӣ ва ба бемориҳои ҳалокатовар сироятёбии аҳолии осоишта ба амал омада буд. Ҳамаи ин ва дигар мушкилиҳои дар боло номбаргардида, бори дигар аз он шаҳодат медиҳанд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон эҳёи давлатдории миллии худро дар шароити ниҳоят вазнин оғоз намуд. Ғайр аз ин, дар шароити баамалоии ҷанги шаҳрвандӣ хатари нестшавии давлат ва парокандашавии миллат низ ба амал меояд.

Ба вуҷуд омадани таҳдидҳо ба якпорчагии Тоҷикистон ва хатари нестшавии давлату парокандашавии миллат низ дар китоб ишора шудаанд. Дар мавриди ҷудоихоҳӣ иброз мегардад, ки «дар нахустин рӯзҳои Истиқлолияти давлатӣ масъалаи ҳифзи тамомияти арзии давлат ҳам яке вазифаҳои аввалиндараҷаи мо буд, зеро дар он рӯзҳои мудҳиш баъзе неруҳои дохилӣ ва хориҷӣ аллакай нақшаи тақсими Ҷумҳурии Тоҷикистони ягона ва аз таркиби кишвари мо ҷудо намудани вилояту ноҳияҳои алоҳидаро дар сар доштанд. Ин хатари ҷиддӣ ба шарофати ваҳдату ҳамдилӣ ва дастгирии мардуми шарифи кишварамон бартараф гардид» [5,с.10].

Дар мавриди нооромиҳои сиёсӣ ва мушкилии идоракунии давлатӣ Президенти кишвар андешаҳои нишонрас баён намудаанд. Дар ин бобат ба таври зерин ифода намудани чунин вазъ хеле таъсирнок аст: «Дар замоне, ки оташи ҷанги шаҳрвандӣ пайкари Ватанро месӯхт, ба зимма гирифтани масъулияти роҳбарӣ ва наҷоти давлат кори басе мушкил буд. Аз ин рӯ, вақте Иҷлосияи тақдирсози Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд баргузор мешуд, бисёриҳо на танҳо масъулияти сарварии

давлат, балки ҳатто масъулияти роҳбарии вазорату идораҳои давлатиро низ ба зимма гирифтан намехостанд» [5,с.9].

Бояд гуфт, ки яке аз мушкилиҳои асосии солҳои ҷанги шаҳрвандӣ масъалаи ҳалли низоъ ба шумор мерафт, ки он аз иродаи ҷонибҳои бо ҳам мухолиф ва тарзи баргузории гуфтушунидҳо вобаста буд. Мушкилиҳо ва монеаҳои раванди расидан ба оштии миллӣ низ дар китоб баён гардида, баҳсу мунозираҳои тӯлонии ҷонибҳои даргир дар атрофи тағйир додани сохтори конститутсионии давлат хеле хуб нишон дода шудаанд. Дар ин маврид иброз мегардад, ки «тайи фаъолияти Комиссияи оштии миллӣ масъалаи аз Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бардоштани мафҳуми “дунявӣ” яке аз муҳимтарин ва тӯлонитарин баҳсҳои ҷонибҳо буд. Ҳудуди 30 ҷаласаи кории ин ниҳод танҳо дар атрофи ҳамин масъала доир шуд. Вале мо исрор доштем, ки интихоби таърихии мардуми Тоҷикистон бояд дар Конститутсияи кишвар боқӣ монад, зеро сохти давлатдории дунявӣ ҳаргиз моҳияти зиддидинӣ надошта, баръакс, барои рушди озодонаи дин ва татбиқи дурусти асли озодии виҷдон барои ҳамаи шаҳрвандон шароити мусоид фароҳам меовард» [5,с.17]. Воқеан ҳам, ба инобат гирифтани ин масъала барои ҳар як шаҳрванди Тоҷикистон, махсусан барои олимону муҳаққиқони ватанӣ хеле муҳим мебошад. Дар китоб масъалаи афзалиятҳои давлати дунявӣ ва зарурати ташаккул додани он хеле хуб асоснок карда шудааст. Ин қисми китоб метавонад дар раванди таълим барои нишон додани хусусиятҳои муҳимми ҷомеаи мутамаддин ва муайян намудани дурнамои рушди сиёсии кишвар истифода гардад. Дар маҷмӯъ, омӯзиш ва таҳлили боби якуми китоби «Уфуқҳои истиқлол» имкон медиҳад, ки мо дар бораи равандҳои сиёсии даҳсолаи аввали Тоҷикистони соҳибистиқлол маълумоти возеҳу равшан пайдо намуда, сабабҳои сар задани ҷанги шаҳрвандӣ, оқибатҳо ва мушкилиҳои онро бо далелҳои раднопазир дарёфт намоем.

Дар ҳошияи ин гуфтаҳо ба хотир овардани суханҳои Арасту хеле бамаврид аст. Донишманди Юнони қадим Арасту дар китоби худ «Политика» иброз медорад, ки «таърих сарчашмаи ифтихор аст, на ин ки тақлид» [1,с.45]. Ба дурустии ин суханҳо ҳеҷ шакку шубҳае нест. Аммо дар баробари сарчашмаи ифтихор будани таърих, инчунин онро сарчашмаи ибратомӯз низ номидан мумкин аст. Миллатҳо ва давлатҳои миллӣ аз таърихи дуру наздики худ бояд сабақ омӯзанд ва он хатоҳо ва иштибоҳҳоеро, ки дар гузашта ҷой доштанд, бояд такрор накунанд. Дар ин маврид боби якуми китоби «Уфуқҳои истиқлол» бори дигар аз он шаҳодат медиҳад, ки мо бояд дахолати неруҳои хориҷӣ ва амалу рафтори бадхоҳони миллатро, ки дар солҳои аввали истиқлолият анҷом дода буданд, ҳеҷ гоҳ фаромӯш насозем ва дар оянда нагузорем, ки чунин ҳолатҳо боз такрор шаванд. Шояд баъзеҳо масъалаи дахолат намудан ба кори давлатҳои дигар ва тағйир додани сарнавишти миллатҳои дигарро он қадар ҷиддӣ нашуморанд, аммо, мутаассифона, ин гуна равандҳо ҳамарӯза сурат мегиранд. Аз ин рӯ, минбаъд барои роҳбарияти сиёсии мамлакат, сокинони кишвар ва шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон зиракии сиёсӣ, рисолати давлатдорӣ ва маданияти баланди сиёсӣ ҷиҳати ҳифзу бақои давлатдории миллӣ зарур дониста мешавад.

Бояд гуфт, ки ба ҳар як давлат аз рӯзҳои аввали ба даст овардани истиқлолият хатари нестшавӣ таҳдид менамояд. Аз ин рӯ, таъсири ин хатару таҳдидҳо марҳила ба марҳила ба воситаи таҳкими истиқлолияти давлатӣ, таъмини рушди иқтисодию сиёсии мамлакат ва созандагию ободонӣ коҳиш дода мешавад. Дар китоби «Уфуқҳои истиқлол» аз хатари нестшавӣ нақот ёфтани давлатдории миллии тоҷикон муҳимтарин дастоварду комёбиҳои даврони соҳибистиқлолӣ дониста мешавад. Дар ҳақиқат асли масъала низ дар ҳамин аст. Асоси ҳама гуна давлатдориро истиқлолияти давлатӣ ташкил медиҳад ва аз даст додани он (яъне аз даст додани иродаи сиёсӣ ва мустақлияти сиёсӣ) аз даст додани давлатро ифода менамояд. Бинобар ин, барои Тоҷикистон ва тоҷикистониён истиқлолияти давлатӣ ва таҳкими пояҳои он манфиати ҳаётан муҳим ва ҳатто манфиати аввалиндараҷа ба шумор меравад.

Дар бобҳои II-IV китоб аслан сухан дар атрофи рушди соҳаҳои гуногуни ҷомеа ва дастовардҳои онҳо меравад. Дар баробари ин, дар мавриди баҳогузории дастовардҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои истиқлолият ба инобат гирифтани бархӯрдҳои доираҳои гуногун хеле муҳим аст. Масалан, дар бисёре аз мавридҳо пайравон ва фаъолони ташкилотҳои террористию экстремистӣ ва як зумра доираҳои илмии дохилию хориҷӣ ба дастовардҳои даврони соҳибистиқлолии кишвар баҳои ғайривоқеӣ медиҳанд ва ба ин васила афкори ҷамъиятиро дигар кардан мехоҳанд ва мутаассифона, дар дохили мамлакат низ ҳастанд нафароне, ки ҳанӯз ҳам ба воқеиятҳои сиёсии Тоҷикистон ба таври дуруст сарфаҳм нарафтаанд.

Якум, бояд дар назар дошт, ки дах соли аввали солҳои соҳибистиқлолӣ пурра барои расидан ба оштии миллӣ, хотима додани ҷанги шаҳрвандӣ, барқарор намудани тартиботи ҷамъиятӣ, баргардонидани гурезаҳо, барқарор намудани хисороти низои сиёсӣ сипарӣ гардидааст. Дар баробари ин, кишвар даҳсолаҳо ба қафо монд. Аммо ин воқеиятро қасдан нодида мегиранд ва таърихи дастовардҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва давлатдории миллии Тоҷикистонро нодуруст шарҳ медиҳанд.

Дуюм, чи гунае ки худи Пешвои миллат дар китобашон иброз медоранд, дар солҳои ҷанги шаҳрвандӣ бисёриҳо на танҳо масъулияти сарварии давлат, балки ҳатто масъулияти роҳбарии вазорату идораҳои давлатиро низ ба зимма гирифтан намехостанд, ки ин ҳолат бори дигар аз нооромиҳои сиёсии кишвар дарак медод.

Сеюм, агар хисороти моддии ҷанги шаҳрвандӣ дар як муддати кӯтоҳ барқарор шуда бошад, хисороти маънавии онро ҷуброн кардан кори осон нест ва вақти тӯлониро металабад. Масалан, дар солҳои ҷанги шаҳрвандӣ чи қадар мутахассисон аз ватан рафтанд, як қисми онҳоро тариқи суиқасд ба ҳалокат расониданд, ки ин фоҷиаи миллӣ мебошад. Бинобар ин, рушди минбаъдаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баробари иродаи сиёсии роҳбарияти мамлакат, инчунин аз мутахассисони оянда, сатҳу сифати ҷаҳонбинии сиёсию стратегии онҳо вобаста мебошад.

Дар китоби «Уфуқҳои истиқлол» дар он бобҳое, ки Президенти мамлакат соҳаҳои гуногуни кишварро таҳлилу баррасӣ менамоянд, дар баробари дастовардҳо дар аксар маврид ба мушкилиҳои ҷойдошта низ ишора мекунанд. Чунин ҳолат маънои онро дорад, ки мо бояд аз дастовардҳои худ қаноатманд нашавем ва барои расидан ба марҳилаҳои навбатии рушду инкишофи Тоҷикистони азизамон талош варзем. Дар ин маврид суханҳои Пешвои миллат бо як қонунияти геополитикӣ ва яке аз меъёрҳои муҳимтарини давлатдорӣ мувофиқат менамоянд. Ин қонуниятро «гедонизм» меноманд, яъне қаноат кардан ва аз муваффақиятҳои худ қонеъ будан. Дар илми геополитика исбот гардидааст, ки қаноат кардан, яъне ҳамон гедонизм, пояҳои давлатро заиф мегардонад. Масалан, сиёсатшиноси амрикоӣ З.Бжезинский иброз медорад, ки ҳамаи абарқудратҳо ва империяҳои дар тӯли таърих мавҷуда аз дастовардҳои худ қаноатманд шуда, равандҳои сиёсии дар оянда баамалояндаро ба инобат нагирифтанд ва дар натиҷа рӯ ба завол ниҳода, аз байн рафтанд [2,с.28-29].

Сиёсатшиноси машҳури амрикоӣ С. Хантингтон иброз медорад, ки кишварҳои тағйирёбанда (модернизатсияшаванда), яъне кишварҳое, ки аз як сохтор ба сохтори дигар гузаштаанд ва ё гузашта истодаанд, ҳам аз лиҳози сиёсӣ ва ҳам аз лиҳози иқтисодӣ заифанд. Масъалаи бақои ин кишварҳо ва рушди минбаъдаи онҳо аз он вобаста аст, ки то кадом андоза барои ҳифзи истиқлолияти давлатӣ ва таҳкими давлатдории миллӣ талош меварзанд [4]. Ин гуфтаҳо дар мисоли воқеаҳои солҳои аввали истиқлолияти давлатӣ исботи худро пайдо намуданд. Аммо таҳлили раванди ташаккулёбии давлатдории миллӣ дар Тоҷикистон нишон медиҳад, ки мо дар ин муддат аз лиҳози сиёсӣ тавоно гардидем ва ниҳодҳои давлатӣ то дараҷаи зарурӣ рушд намуданд ва акнун бояд рушди иқтисодӣ ва рушди саноатии кишварро ҷоннок гардонем. Таҳлилҳое, ки дар китоби «Уфуқҳои истиқлол» оварда шудаанд, бори дигар гувоҳи онанд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон новобаста аз солҳои мушкили нооромиҳои сиёсӣ тавонист, ки дар як муддати кӯтоҳ на танҳо рушди ниҳодҳои давлатиро таъмин созад, балки дар самти рушди иқтисодӣ низ ба дастовардҳои назаррас ноил гардад. Дар ин маврид ба хотир овардани «гедонизм» ва оқибатҳои он, яъне аз дастовардҳои миллию сиёсӣ қаноатманд нашудан бояд стратегияи меҳварӣ бошад. Хушбахтона, тамоюлоти муайян намудани дурнамои рушд ва қабул гардидани стратегияҳои дарозмуддат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гувоҳи онанд, ки дар мамлакат баҳри таъмини рушди минбаъдаи кишвар ва барои гузаштан ба марҳилаҳои навбатии рушду инкишоф талошҳои назаррас анҷом ёфта истодаанд. Қабули Стратегияи миллии рушди Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ва чаҳор ҳадафи стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон гувоҳи ин гуфтаҳо мебошанд.

Дар маҷмӯъ, баъди таҳлилу баррасии муҳтавои асосии китоб ба хулосае омадан мумкин аст, ки дар боби якуми он аслан сухан дар бораи истиқлолияти давлатӣ ва дар бобҳои минбаъдаи китоб, ки тобеи боби якум ҳастанд, истиқлолияти миллӣ меравад. Ба андешаи мо, истиқлолияти давлатӣ ин мавқеи давлат ва истиқлолияти миллӣ ин ҳолати кишвар ва дар кадом марҳилаи рушду инкишоф қарор доштани он мебошад. Истиқлолияти давлатӣ, ки онро дар кишварҳои ғарбӣ «суверенитети давлатӣ» меноманд, дар дохили кишвар эълон мегардад ва дар хориҷи кишвар онро эътироф менамоянд. Аммо истиқлолияти миллӣ, ки он ифодагари сатҳи вобастагии кишвар аз давлатҳои дигар аст, ба воситаи рушди соҳаҳои гуногуни мамлакат таҳким меёбад. Аз ин рӯ, боби якуми китоби «Уфуқҳои истиқлол», ки масъалаҳои мухталифи бақои давлатдории миллиро фаро

мегирад, тараннумгари ҳифзи истиқлолияти давлатӣ (суверенитети давлатӣ) ва бобҳои минбаъдаи китоб, ки нишондиҳандаҳои рушду инкишофи соҳаҳои гуногуни мамлакатро дар бар мегирад, ифодагари ташаккули истиқлолияти миллии Тоҷикистон мебошад.

Дар мавриди таърихи ҷанги шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон китобҳои гуногун ва баъзан дорои маълумоти мухолифи якдигар ва ҳатто инкоркунандаи воқеиятҳои он давраи мушкил ба табъ расидаанд. Масалан, муҳаққиқони рус кӯшиш намудаанд, ки саҳми Федератсияи Россияро дар ин раванд аввалиндараҷа нишон диҳанд. Онҳое, ки ҷонибдори идеологияи Иттиҳоди мухолифини тоҷик буданд, кӯшиш намудаанд, ки ҳамаи муваффақиятҳоро аз талошҳои худ вобаста донанд ва зимнан саҳми неруҳои ҳукуматиро дар бисёре аз мавридҳо нодида гирифтаанд. Ғайр аз ин, баъзе муҳаққиқони хориҷӣ бо такя ба факту далелҳои носаҳеҳи ВАО-и хориҷӣ ба таърихи сиёсии Тоҷикистон баъзан баҳои ғайривоқеӣ додаанд ва ҳанӯз ҳам ин тамоюлот идома дорад. Чунин вазъ ба насли наврас ва ҷавонон имконият намедиҳад, ки оид ба воқеиятҳои солҳои аввали ба даст овардани истиқлолият маълумоти саҳеҳ ва дуруст пайдо намоянд ва ин аст, ки мутаассифона, баъзе аз ҷавонон ҳанӯз ҳам ба раванди давлатдории миллӣ ва таҳкими пояҳои истиқлолияти давлатӣ сарфаҳм нарафтаанд.

Китоби «Уфуқҳои истиқлол», пеш аз ҳама, имконият медиҳад, ки ҷавонон дар бораи сабабҳои ҷанги шаҳрвандӣ, заминаҳои асосии ба даст омадани оштии миллӣ ва ваҳдати миллӣ, интихоби дурусти сохтори конститутсионии давлат, таҳдиду хатарҳо ба манфиатҳои ҳаётан муҳимми давлату миллат ва монанди инҳо маълумоти воқеӣ ва объективӣ пайдо намоянд. Дар маҷмӯъ, дар китоби мазкур тамоми мушкилиҳо ва дастовардҳои даврони соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил гардида, ба таври возеҳ ва бо факту рақамҳои расмӣ асоснок карда шудаанд.

АДАБИЁТ

1. Аристотель. Политика / Аристотель. Пер. с древнегреч. С. Жебелева. –М.: Эксмо, 2018. – 384 с.
2. Бжезинский З. Великая шахматная доска: господство Америки и ее геостратегические императивы / З. Бжезинский. Пер. с англ. – М.: Изд-во АСТ, 2015. –702 с.
3. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар вохӯрӣ бо олимони кишвар, 18.03.2020. [Электронный ресурс].URL: http://president.tj/node/22643 (санаи истифодабарӣ: 25.10.2020).
4. Хантингтон С. Политический порядок в меняющихся обществах / С. Хантингтон. Пер. с англ. –М.: Прогресс-традиция, 2004. –480 с.
5. Эмомалӣ Раҳмон. Уфуқҳои истиқлол. –Душанбе: Ганҷ, 2018. –436 с.
6. Patrick S. Civil Wars & Transnational Threats: Mapping the Terrain, Assessing the Links // Daedalus. –2017. –№ 146 (4). –P.45-58. DOI: 10.1162/DAED_a_00458
7. Paul W., Barry M. Civil War & the Global Threat of Pandemics // Daedalus. - 2017. -№146(4). -P.71-84. DOI: 10.1162/DAED_a_00460.

ИНЪИКОСИ ЭҲЁИ ДАВЛАТДОРИИ МИЛЛӢ, ТАҲКИМИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ ДАВЛАТӢ ВА ДУРНАМОИ РУШДИ ТОҶИКИСТОН ДАР КИТОБИ «УФУҚҲОИ ИСТИҚЛОЛ»

Дар мақолаи мазкур ҷанбаҳои муҳимтарини китоби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ -Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Уфуқҳои истиқлол» нишон дода шуда, дар заминаи хулосаҳо ва баррасиҳои дар он ҷойдошта зарурият ва муҳиммияти таҳкими истиқлолияти давлатӣ, шарту шароити бақои давлату миллат ва дурнамои рушди Тоҷикистон рӯнамоӣ карда шудаанд. Дар баробари ин, дар мақола арзиши илмию назариявии китоб, аҳамияти амалии хулосаҳои он ва нуктаҳои муҳимтарини баёнгардида нишон дода шудаанд. Муайян намудани сохтори мантиқии китоб, асоснок кардани аҳамияти назариявӣ ва амалии он барои муҳаққиқон ва қишрҳои гуногуни ҷомеа, бори дигар ёдоварӣ намудани раванди мушкили эҳёи давлатдории миллӣ дар Тоҷикистон, рӯнамоӣ кардани дастовардҳо ва бурду бохти мамлакат дар солҳои истиқлолият ва нишон додани дурнамои ҳалли масъалаҳои ҷойдошта мақсад ва вазифаҳои ин мақоларо ташкил медиҳанд. Китоби «Уфуқҳои истиқлол» аз сарсухан, панҷ боб ва охирсухан иборат мебошад. Боби якум дар сатҳи баланди назариявӣ таҳия гардида, бобҳои минбаъдаи китобро, ки дарбаргирандаи таҳлили эмпирикӣ мебошанд, тобеи худ мегардонад. Омӯзиши бобҳои II-IV нишон медиҳад, ки таҳлили соҳаҳои гуногуни мамлакат дар тӯли 25 соли даврои истиқлолият бо дарназардошти се масъала анҷом дода шудааст: якум, нишон додани вазъи соҳа дар солҳои душвори ҷанги шаҳрвандӣ; дуюм, нишон додани дастовардҳои соҳаи мушаххас дар солҳои истиқлолият; сеюм, таваҷҷуҳ зоҳир намудан ба мушкилиҳое, ки дар оянда бояд ҳаллу фасл карда шаванд.

Калидвожаҳо: уфуқҳои истиқлол, истиқлолияти давлатӣ, давлатдории миллӣ, ваҳдати миллӣ, дурнамои рушди Тоҷикистон, давлати дунявӣ, амнияти миллӣ, сохтори конститутсионии давлат.

ОТРАЖЕНИЕ ВОЗРОЖДЕНИЯ НАЦИОНАЛЬНОЙ ГОСУДАРСТВЕННОСТИ, УКРЕПЛЕНИЯ ГОСУДАРСТВЕННОЙ НЕЗАВИСИМОСТИ И ПЕРСПЕКТИВЫ РАЗВИТИЯ ТАДЖИКИСТАНА В КНИГЕ «ГОРИЗОНТЫ НЕЗАВИСИМОСТИ»

В данной статье показаны важнейшие аспекты книги Основателя мира и национального единства, Лидера нации, Президента Республики Таджикистан Эмомали Рахмона «Горизонты независимости». На основе его выводов и обсуждений подчеркивается необходимость и важность укрепления государственной независимости, условия для выживания государства и нации и перспективы развития Таджикистана. В то же время в статье показаны научная и теоретическая ценность книги, практическая значимость ее выводов и наиболее важные

высказанные моменты. Определение логической структуры книги, обоснование ее теоретической и практической значимости для исследователей и различных слоев общества, рассмотрение непростого процесса возрождения национальной государственности в Таджикистане, освещение достижений страны за годы независимости составляют задачи этой статьи. Книга «Горизонты независимости» состоит из введения, пяти глав и заключения. Первая глава написана на высоком теоретическом уровне, а последующие главы книги, содержащие эмпирический анализ, подчинены ей. Изучение глав II-IV показывает, что анализ различных секторов страны за 25 лет независимости проводился с учетом трех вопросов: во-первых, чтобы показать ситуацию в этом секторе в тяжелые годы гражданской войны; во-вторых, показать достижения конкретной отрасли за годы независимости; в-третьих, сосредоточить внимание на проблемах, которые необходимо решать в будущем.

Ключевые слова: горизонты независимости, государственная независимость, национальная государственность, национальное единство, перспективы развития Таджикистана, светское государство, национальная безопасность, конституционное устройство государства.

REFLECTION OF THE RESTORATION OF THE NATIONAL STATEHOOD, STRENGTHENING OF STATE INDEPENDENCE AND THE PROSPECTS OF THE DEVELOPMENT OF TAJIKISTAN IN THE BOOK «UFUKHOI ISTIQLOL»

In this article shows the most important aspects of the book «Ufukhoi istiqlol» by the Founder of Peace and National Unity, Leader of the Nation, President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon. On the basis of his conclusions and discussions, the need and importance of strengthening state independence, the conditions for the survival of the state and the nation, and the prospects for the development of Tajikistan are emphasized. At the same time, the article shows the scientific and theoretical value of the book, the practical significance of its conclusions and the most important points expressed. Determining the logical structure of the book, substantiating its theoretical and practical significance for researchers and various strata of society, recalling the difficult process of reviving national statehood in Tajikistan, highlighting the country's achievements over the years of independence are the objectives of this article. The book «Ufukhoi istiqlol» consists of an introduction, five chapters and a conclusion. The first chapter is written at a high theoretical level, and the subsequent chapters of the book containing empirical analysis are subordinate to it. A study of chapters II-IV shows that the analysis of various sectors of the country for 25 years of independence was carried out taking into account three questions: first, to show the situation in this sector during the difficult years of the civil war; secondly, to show the achievements of a particular industry over the years of independence; third, focus on problems that need to be addressed in the future.

Keywords: horizons of independence, state independence, national statehood, national unity, development prospects of Tajikistan, secular state, national security, constitutional structure of the state.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Сафарализода Хуҷамурод Қуддусӣ*** **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, докторанти кафедраи равандҳои сиёсӣ дар Тоҷикистон. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail: **quddusov@mail.ru**. Телефон: **(+992) 988-12-73-83**

Сведения об авторе: ***Сафарализода Худжамурод Куддуси*** **-** Таджикский национальный университет, докторант кафедры политических процессов в Таджикистане. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки, 17. E-mail: **quddusov@mail.ru**. Телефон: **(+992) 988-12-73-83**

Information about the author: ***Safaralizoda Khujamurod Quddusi*** **-** Tajik National University, doctoral student of the Department of Political Processes in Tajikistan. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 17 Rudaki Ave. E-mail: **quddusov@mail.ru**. Phone: **(+992) 988-12-73-83**

УДК: 321.007

ТАҲҚИҚОТИ СИЁСАТИ ДАВЛАТИИ КАДРҲО ДАР СИЁСАТШИНОСИИ МУОСИР

Нуриддин П.Р.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Рушди илми сиёсатшиносӣ ва тавсеаи доираи масъалаҳо ва равияҳои он, ҳамчунин афзоиши теъдод ва сиёсишавии дастгоҳи идорӣ асоси методологии таҳқиқи сиёсати давлатии кадрҳоро дар шароити имрӯза ташкил медиҳад.

Аз таҳлили раванди ташаккул ва рушди сиёсати давлатии кадрҳо метавон дар бораи таъсири ҳизбҳо, ҳаракатҳо ва гурӯҳҳои сиёсӣ ба дастгоҳи идории муосири сиёсишуда хулоса баровард. Дастгоҳи идорӣ ҳам ба пешбурди мансабдорон дар вазифаҳои давлатӣ ва ҳам ба муайян намудани сиёсати давлат манфиатдор аст. Бинобар ин, на танҳо мансабдорони алоҳида, балки тамоми элитаи сиёсию идорӣ якдилона аз ҳизбҳои муайян ва номзадони худ ба вазифаҳои баланди давлатӣ тарафдорӣ мекунанд. Канорагирӣ аз «намунаи классикии идорӣ»-и веберӣ тамоюли назарраси ҷаҳонӣ гардидааст. Дар ҷаҳони муосир фаъолияти дастгоҳи давлатӣ мазмуни навро ба худ мегирад. Талабот ба давлат меафзояд, ки ин дар навбати худ маънои талаботи нав ба сиёсати кадрии ниҳодҳои сиёсии мазкурро дорад. Илми сиёсатшиносӣ дар роҳи дарки масъалаи ташаккул ва замонасозии сиёсати кадрӣ қадамҳои аввалинро мегузорад. Ин барои тарҳрезии тавсияҳои дахлдор оид ба такмили он ба мақсади баланд бардоштани муассирии ҳокимияти сиёсӣ ва идоракунӣ зарур аст [8,с.84-85].

Ҳангоми таъйиноти кадрӣ ба вазифаҳои мақомоти давлатӣ ва хизмати давлатии шаҳрвандӣ ҳатман на танҳо сифатҳои шахсӣ ва касбии номзад, балки дараҷаи садоқати ӯ ба сиёсати роҳбари давлат ба назар гирифта мешавад.

Ҷустуҷӯи роҳҳои ҳалли масъалаи таҳқиқшаванда боиси пайдоиши навъҳои гуногуни такмили сиёсати давлатии кадрҳо гардид, ки гоҳо ҷанбаи тамоман зидди якдигар доранд, ё ба андешаи профессор А.И. Турчинов, боиси «ихтилофи равияҳо» гардид [20,с.29-36]. Дар натиҷа, масъалаи ислоҳоти сиёсати давлатии кадрҳо баҳси зиёдро ба вуҷуд овард.

Ҷанбаи аввали баҳси кадрӣ дар сиёсатшиносии муосир зиддияти давлат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ чун иштирокчиёни сиёсати давлатии кадрҳо гардид. Тарафдорони равиши мазкур намунаи анъанавии бюрократии идоракунии давлатро дар маҷмӯъ ва интихоби кадрҳоро дар алоҳидагӣ танқид карданд. Онҳо роҳи ҳалли масъаларо дар тақвияти назорати равандҳои кадрӣ аз ҷониби ҷомеаи шаҳрвандӣ медиданд. Ба ақидаи профессор В.Г. Смолков, «инҳисори низоми сиёсию идорӣ ба ҳокимият, моликият ва идеология монеаи тағйиротҳои пешқадам мегардад» [16].

Дар ёддоштҳои асосгузори Идораи марказии истихоботии Иёлоти Муттаҳидаи Америка А. Даллес гуфта мешавад, ки «бисёр ашхоси шоиста фаъолияти худро аз истихборот оғоз кардаанд» (В.А. Крючков, Л.В. Шебаршин, А. Даллес, М. Волф, В.В. Путин – *П.Р.*). Бинобар ин, ба ақидаи мо, мулоҳизоти Ф.А. Хайекро набояд берун аз доираи «ҷанги сард» арзёбӣ кард, ки ғояи он ба навиштаҳои ӯ таъсири ҷиддӣ расонидааст.

Намояндагони намоёни ақидаи либералӣ М. Ҷилас ва М.С. Восленский [5] мебошанд. Рӯҳияи танқидии ин муаллифон аз сохти сотсиалистӣ аз мавқеи муртадии [11] онҳо бармеояд. Онҳо шарҳи сатҳии таърихиро истифода бурда, кӯшиш кардаанд, ки моҳияти сиёсати давлатии кадрҳои Иттиҳоди Шӯравиро бо мафҳумҳои «истибдоди шарқӣ», «тарзи истеҳсолоти осиёӣ», «аксуламали заминдорӣ» ва ғайра шарҳу эзоҳ диҳанд. Ба ақидаи М.С. Восленский, табақаи куҳнаи идории сиёсӣ чун феҳрист зуҳур намуда, диктатураи худро барқарор менамояд, тавре ки аввалаасоси онро мо дар истибдоди динии осиёӣ мебинем [5].

Онҳо асири тасаввуроти сарбастаи ғарбии худ шуда, қобилияти арзёбии воқеии вазъияти Иттиҳоди Шӯравиро аз даст дода, содадилона чунин мешумориданд, ки барои бартараф намудани ин тамоюлот амалисозии замонасозӣ аз рӯйи намунаи Ғарб кофӣ аст. Ҷараёни минбаъдаи ҳодисаҳо дар оғози асри XXI исбот намуд, ки нусхабардории содаи таҷрибаи бегонаи сиёсати давлатии кадрҳо, ҳатто таҷрибаи кишварҳои рушдёфтаи Аврупои Ғарбӣ, барои танзими масъалаҳои ташаккул ва тақвияти элитаи нави сиёсӣ, хизмати давлатӣ ва идораи давлатӣ дар фазои пасошӯравӣ кофӣ нест.

Зиёда аз ин, М. Ҷилас ва М.С. Восленский мушоҳида накарданд ё намехостанд мушоҳида кунанд, ки кишварҳои ғарбӣ низ бо ҳамон масъалаҳои маъмуриятсозии ҷомеа дар миқёси бештар дучор шудаанд. Масалан, агар дар солҳои 1980 дар Иттиҳоди Шӯравӣ теъдоди феҳрист 750 000 нафарро ташкил дода бошад [5], яъне камтар аз 1% аҳолӣ, пас, дар «Иёлоти Муттаҳидаи Америка дар дар тамоми сатҳҳои давлатдорӣ шумораи фақат ашхоси идории шаҳрвандӣ ба 17,3 млн нафар расид, яъне 15% тамоми кормандони кирояро ташкил медод». Тахминан ҳамин теъдод дар дастгоҳи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ фаъолият мекарданд, яъне умуман дар дастгоҳи давлатӣ бештар аз 10% аҳолӣ фаъолият мекарданд. Аз рӯйи арзёбии А.А. Зиновев, «соли 2000 шумораи хизматчиёни давлатӣ ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Иёлоти Муттаҳидаи Америка ва кишварҳои Иттиҳоди Аврупо аз 15 то 30%–и шаҳрвандони машғул ба корро ташкил дод» [5].

Сабаби маъмуриятсозии ҷомеаи коммунистӣ ва ғайрикоммунистӣ марҳалаи сифатан нави рушди иҷтимоии онҳо мебошад, на хусусиятҳои низоми сиёсии онҳо.

Олимони америкоӣ Р.Ч. Миллс, Ф. Ҳантер, С.Н. Паркинсон [13] низ ҳамин гуна мавқеъ доштанд. Масалан, Р.Ч. Миллс бар ин назар аст, ки дар натиҷаи такмили иҷтимоӣ ва саноатикунонӣ пайомади манфии синфи ҳукмрон зоҳир мешавад, яъне афзудани марказонидашавии ҳокимият, мудирияти элитарӣ, ташаккули синфи ягонаи ҳоким, ки ӯ онро «элитаи ҳукмрон» номидааст [13]. Ба ақидаи Р.Ч. Миллс, мо дар чунон даврае таърихӣ умр ба сар мебарем, ки заминаи тағйироти таърихӣ қабул кардан ё набудани қарорҳо оид ба муҳимтарин масъалаҳои элитаи аз нигоҳи маъмурӣ созмонёфта гардид.

Хулосаи Р.Ч. Миллс ва дигар намояндагони мактаби сиёсатшиносӣ иборат аз он аст, ки равандҳои кадрии ташаккули синфи ҳукмрон маънои мубодилаи кадр байни элитаҳои гуногун ва дар доираи худ маҳдуд мондани синфи ҳукмронро дорад.

Дар натиҷаи омӯзиши динамикаи равандҳои кадрӣ, С.Н. Паркинсон ба як силсила хулосаҳои боарзиши таҷрибавӣ расидааст. Масалан, сарфи назар аз фурӯпошии

Империяи мустамликадории Британия дар давраи солҳои аз 1935 то 1954, теъдоди воҳидҳои вазорати мустамликаҳои Британияи Кабир дар таносуб бо андозаи мулкҳои мустамликавӣ афзудааст: дар соли 1935 дар вазорат 372 нафар, соли 1939 – 450 нафар, соли 1943– 817 нафар, соли 1947– 1139 нафар, соли 1954 – аллакай 1661 нафар кор кардаанд [8].

Далелҳои мазкури таҷрибавӣ ба С.Н. Паркинсон имкон доданд, ки чунин қонуни иҷтимоиро шаклбандӣ намояд, ки «шумораи хизматчиён ва ҳаҷми кор комилан бо якдигар алоқаманд нестанд» [13]. Афзоиши ногузири дастгоҳи идориро ӯ дар хусусияти стратегияи мансабдорони ба усули назарияи интихоби муносиб асосёфта мебинад. Масалан, стратегияи зиёд кардани шумораи тобеон–зердастон барои мақоми баландтарро дар низоми идорӣ ишғол намудан амалӣ мегардад: 1) мансабдорон кӯшиш мекунанд зердастони худро бештар намоянд, на рақибонашонро; 2) мансабдорон барои якдигар кор пайдо мекунанд.

Ба ақидаи Р.Ф. Латипов, ба афзоиши теъдоди дастгоҳи идорӣ то андозае омили сиёсӣ ва зиёд шудани мутахассисони дорои маълумоти олии касби гуманитарӣ таъсир мерасонад. Барои роҳ надодан ба таркиши иҷтимоӣ бо оқибатҳои ғайричашмдошти сиёсӣ, ҳукмрони Америка, Иттиҳоди Аврупо ва Россия қарорро дар бораи бартараф намудани масъалаи шуғл аз ҳисоби афзоиши воҳиди дастгоҳи давлатӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ қабул кардаанд. Ворид намудани миллионҳо шаҳрвандони бештар фаъол ба низоми идорӣ имконият дод, ки рафтори сиёсии онҳо назорат карда шавад [8,с.89-90].

Л.Ҷ. Питер масъалаи шаклгирӣ ва замонасозии дастгоҳи кадрҳоро аз нуқтаи назари дараҷаи мансабҳо баррасӣ кардааст. Ӯ дар асарҳои худ таъкид намудааст, ки дар дараҷаи мансабҳо «ҳар як фард майл дорад, ки то сатҳи ғайрисалоҳиятӣ барояд» [15,с.94].

Ба ибораи дигар, дар шароити низоми меритократии [9] интихоби кадрҳо ҳар як мансабдор мутобиқи қобилияти худ дар дараҷаи мансабҳо то вазифаи муайян мерасад. Дар ҳадди ин қобилиятҳо корманд натиҷабахшии худро аз даст медиҳад ва баъд аз ин пешравии ӯ аз рӯйи зинаҳои мансаб қатъ мегардад, чунки ӯ ба интиҳои сифатҳои зеҳнӣ ва кории худ расидааст. Дар натиҷа, тамоми мавқеи олии зинаи мансабҳо ҳокимияти идориро ашхоси салоҳиятнадошта барои сатҳи вазифавии худ ишғол мекунанд. Дар айни замон, Л.Ҷ. Питер чунин мешуморид, ки мавҷудияти айнии монеаҳо ва бартариҳои синфӣ, ки барои табақаҳои пойин ишғоли вазифаҳои олии давлатиро мушкил месозад, ба он мусоидат мекунад, ки салоҳияти идории зинаи миёна ва поин бо талаботи вазифа мутобиқ шавад, ки ин давлатро аз вайроншавии пурра наҷот медиҳад [15,с.154].

Баҳси аввалро ҷамъбаст карда, метавон таъкид кард, ки моҳияти масъала зарурати ба назар гирифтани мавқеи шаҳрвандон барои замонасозии сиёсати давлатии кадрҳо мебошад. Дар ин иртибот Б. Сиприс навиштааст: «Агар ҷомеа чизеро мисли давлат, ё беҳтар аз давлат хуб иҷро карда тавонад, бояд онро анҷом диҳад» [24,с.14].

Ба ақидаи мо, бо чунин андеша метавон розӣ шуд, чунки барои фаъолияти муносиби ҳокимияти давлатӣ ва идоракунӣ ҷомеаи шаҳрвандӣ бояд дар раванди кадрӣ мавқеи калидиро ишғол намояд. Табиист, ки дар шароити муосир таъйини кадрҳо бе мувофиқат бо ақидаи аксарияти шаҳрвандон бо усулҳои демократӣ созгор нест, аммо афкори ҷамъиятӣ набояд давлатро дар сиёсати кадрҳо дар мақомоти ҳокимият иваз намояд. Маълум аст, ки ҷомеаи шаҳрвандӣ якхела ва яксон нест, ҳадафи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ мухталиф аст, бинобар ин, ҳуқуқи афзалиятноки таҳия ва татбиқи шакли сиёсати кадрҳо бояд ба давлат тааллуқ дошта бошад.

Ҷанбаи дувуми баҳс дар атрофи масъалаи сиёсати давлатии кадрҳо ба сиёсатшиносон–элиташиносон тааллуқ дорад. Байни намояндагони ин самт масъалаи сиёсати давлатии кадрҳоро аз нуқтаи назари интихоби кадрӣ омӯхтаанд (ворид намудан, табдил намудан, хориҷ намудан, чун «ҳаракати элита» ифода ёфтаанд). Элиташиносон дастгоҳи идориро чун яке аз воситаҳои асосии ивазкунии элитаи сиёсӣ баррасӣ менамоянд.

Элиташиносон ба ин нукта ишора кардаанд, ки чунин тамоюл таҳдиди воқеӣ ва эҳтимолӣ барои ақибмондагии ҷомеа, тамомияти арзии давлат ва риояи ҳуқуқи инсон ва шаҳрвандро дар худ ниҳон дорад.

Ҷанбаи севуми баҳси кадрӣ ба масъалаҳои таносуби давлат ва тиҷорат бахшида шудааст. Муҳимтарин тамоюли баҳси кадрии муосир назарияи «governance» *(«идоракунӣ»)* мебошад, ки дар Ғарб васеъ ривоҷ ёфтааст. Тавре Б. Морозова қайд менамояд, «governance» – яъне идоракунӣ бе мудирият, аз байн бурдани зинабандии анъанавии маъмурӣ, интиқоли салоҳиятҳои давлат ба ниҳодҳои иҷроияи нимадавлатӣ мебошад [10,с.1235]. Ба андешаи онҳо, идоракунии самаранок бояд ба ғайримарказонидани сохтор ва вазифаҳои иҷрошаванда асос ёбад. Л.В. Сморгунов

таъкид менамояд, ки заминаи чунин шакли идоракунӣ музокирот, гузашт ва созиш байни сохторҳои давлатӣ ва ғайридавлатии раванди қабули қарорҳои муҳим мебошад. Дар ин иртибот «governance» *(«идоракунӣ»)* бо маъмурияти анъанавии «government» *(«ҳукуматӣ»)* дар зиддият қарор мегирад ва нақши намунаи навини сиёсати давлатии кадрҳоро, ки ба муассирии бештари ҳокимияти сиёсӣ ва идоракунӣ мусоидат мекунад, мебозад.

Чунин тарафи баррасии масъала на асоси идоракунӣ, балки сиёсӣ дорад. Ба ақидаи сиёсатшиносон ва ҷомеашиносон дар солҳои 1990 раванди ташаккули ҳокимияти мутлақ дар натиҷаи «пайванди ҳокимият ва тиҷорати бузург» ба вуҷуд омадааст» [7,с.375].

Дар фазои пасошӯравӣ бисёр вақт мавридҳое мешуданд, ки роҳбари муассисаи калон ё соҳаи пешбар нисбат ба роҳбари ҳокимияти иҷроия симои бонуфузтар буд. Табиист, ки тиҷорат чун иштирокчии сиёсӣ саъю талош мекард, ки назоратро на танҳо аз болои вакилон, балки аз болои мудирияти давлатӣ барқарор намояд.

Хусусиятҳои фарқкунандаи сиёсати давлатии кадрии «governance» *(«идоракунӣ»)* чунинанд:

– ғайримарказонидани идоракунии равандҳои кадрӣ. Дар Иёлоти Муттаҳидаи Америка «пас аз он ки вазоратҳо ва идораҳо ҳуқуқи бештарро барои арзёбии меҳнати хизматчиён ва пардохти музди меҳнати онҳо дарёфт карданд, дастгоҳи президент батадриҷ «вазифаи худ, яъне як навъ «шуъбаи кадрҳои» марказиро аз даст дод»;

– даст кашидан аз тартиботи идоракунии равандҳои кадрӣ, ки мутобиқи он асоси қарорҳои кадриро на дастурамалҳо, балки фаҳмиши зеҳнии роҳбар дар бобати самаранокии ин ё он қарор ташкил медиҳад. Дар Иёлоти Муттаҳидаи Америка «аз меъёрҳо ва дастурамалҳои умумифедералӣ оид ба масъалаҳои кадрҳо даст кашиданд». Сиёсатшиноси америкоӣ Д. Уолкер чунин мешуморад, ки идоракунии кадрҳо бояд минбаъд низ бо роҳи даст кашидан аз тартиботи шадид ва бекор кардани бисёр меъёрҳо ва дастурамалҳо пеш равад;

– вогузор намудани ҳалли як силсила вазифаҳои сиёсати кадрҳо ба уҳдаи ташкилотҳои тиҷоратӣ ва аз ин ҳисоб кам кардани воҳиди дастгоҳи идоравӣ.

Тибқи ғояи «governance» *(«идоракунӣ»)* давлатҳои муосир аз миқдори азими вазифаҳои ба уҳдаи онҳо гузошташуда як навъ фишор эҳсос мекунанд ва бе интиқоли як қисмати салоҳият ба созмонҳои ғайридавлатӣ онҳо тавони ҳаллу фасли ин вазифаҳоро надоранд [8,с.97].

Сиёсатшиноси фаронсавӣ К. Куин чунин мешуморад, ки дар Иёлоти Муттаҳидаи Америка ва Иттиҳоди Аврупо падидаи усулан нав – «буҳрони қонунӣ будани мудохилаи давлат» ба вуҷуд омадааст [22,с.29]. Ақидаи аксарият сиёсатшиносони Ғарбро, дар омӯзиши сиёсати давлатии кадрҳо муҳаққиқони фаронсавӣ А. Ҳейҷвиш ва В. Мартин чунин баён кардаанд: «Ҳар андоза бахши хусусӣ соҳаи хизматрасониро, ки пештар салоҳияти давлат буд, васеътар фаро гирад, ба ҳамон андоза ҳудуд байни манфиатҳои хусусӣ ва ҷамъиятӣ зудтар аз байн меравад» [22,с.29]. Ба ақидаи ин муаллифон, вазифаи интихоб ва таъйини кадрро қисман метавон ба уҳдаи сохторҳои хусусӣ вогузор кард, ки ин ба баланд бардоштани муассирии ҳокимияти сиёсӣ ва идоракунӣ мусоидат мекунад.

Масъалаи интиқоли баъзе вазифаҳои мақомоти ҳокимият ба дигар ташкилотҳои тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратӣ дар назарияи замонасозии хадамоти давлатии як қатор давлатҳо ҷой дорад. Ба ақидаи Л.А. Василенко «бояд шабакаҳои махсус – ниҳодҳои кадрии тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратӣ ташкил карда шаванд. Барои таъсиси чунин ниҳодҳо бояд худи давлат манфиатдор бошад, агар интихоби кадрҳо аз рӯйи усули «дӯст, бародар ё домод» ҷой надошта бошад» [4,с.147]. Ин ташкилотҳо бо вазоратҳо дар бобати иҷрои супоришҳои давлат шартнома мебанданд. Худи кормандони чунин ташкилотҳо, ба ғайр аз роҳбар ва шояд муҳосиб, дигарон хизматчиёни давлатӣ маҳсуб намешаванд ва кормандони одии кироя ба шумор мераванд.

Ба маълумоти А.В. Оболонский, дар Англия пас аз интиқоли як қатор вазифаҳои давлатӣ ба бахши ғайридавлатӣ, «тақрибан сеяки дастгоҳи давлатӣ коҳиш ёфт» [12,с.158].

Дар айни замон, аз нуқтаи назари муассирии идоракунии «давлатҳои хурд», назарияи «governance» *(«идоракунӣ»)* дар соҳаи сиёсати давлатии кадрҳо маъно надорад. Комилан равшан аст, ки соҳибкоре, ки вазифаи давлатиро дар соҳаи сиёсати давлатии кадрҳо иҷро мекунад, монанди мансабдори касбӣ ба фасод дода мешавад, шояд бештар аз он, чунки бар хилофи мансабдори касбӣ, назорат ба даромади соҳибкор имконнопазир аст. Ва этикаи касбии хизмат ба ҷомеаи маъмурии анъанавии веберӣ бо этикаи ҳатто соҳибкори поквиҷдон созгор ва мувофиқ нест. Ғайр аз ин, коҳиши сатҳи касбияти дастгоҳи давлатӣ ногузир аст [8,с.99].

Ҷанбаи чоруми баҳси кадрӣ дар сиёсатшиносии муосир масъалаҳои ҷаҳонишавии сиёсати давлатии кадрҳоро дар бар мегирад. Директори Маркази омӯзиши рушди иҷтимоию иқтисодӣ дар Женева Р. Сэнер ишора менамояд, ки «дигаргуниҳои вобаста ба баланд бардоштани муассирии идоракунӣ ва байналмилалишавии хизмати давлатӣ равшантар ба назар мерасанд» [19,с.85]. Р. Сэнер чунин мешуморад, ки беҳбудии давлат ба андозаи зиёд аз сармоягузорони фаромиллӣ вобаста аст. Дар ин иртибот, сиёсати давлатии кадрҳо бояд ба хизмати давлатӣ онҳоеро ҷалб намояд, ки «қобилияти татбиқ кардани ин ё он меъёрҳоро нисбат ба сармоягузорони ҳам маҳаллӣ ва ҳам хориҷӣ ба таври яксон, шаффоф ва беғаразона дошта бошанд» [19,с.86]. Агар ин талабот иҷро карда нашавад, он гоҳ сармоягузорони хориҷӣ дар дигар ҷойҳо маблағгузорӣ хоҳанд кард.

Ҷаҳонишавӣ ва рушди технологияи иттилоотӣ ҷалби неруи кории хориҷиро ба хизмати давлатӣ имконпазир месозад. Рақобат барои пайдо кардани хизматчиёни варзида ва баландихтисос дигар бо марзи миллӣ маҳдуд нашуда, берун аз он мебарояд.

Сиёсатшиносони англис К. Ҳуд, М. Лоҷ ва К. Клиффорд қайд менамоянд, ки «мавридҳое маълуманд, ки хизматчиёни давлатӣ барои кор дар дастгоҳи ҳукумати давлатҳои дигар ба маъмурият фиристода мешуданд, гарчи чунин мавридҳо кам ба назар мерасанд» [23,с.105]. Дар Германия чунин таҷрибаи кадрӣ тибқи қонун дар бораи хизмати давлатӣ манъ гардидааст, аммо хадамоти давлатии Британияи Кабир метавонад мутахассисони хориҷиро қабул намояд. Р. Сэннер ояндабинӣ менамояд, ки вақте бозори неруи кор ғайританзим шавад, «маъмурияти давлатӣ, ки шароити беҳтари корро пешниҳод менамояд, метавонад кадрҳои варзида, қобилиятнок ва содиқ ба кори худро ҷалб намояд» [19,с.91].

Дар ин иртибот Р. Сэннер ба хизматчиёни давлатӣ тавсия медиҳад, ки «бо ҳамкорони худ дар кишварҳои дигар робита барқарор намуда, мубодила анҷом диҳанд» [19,с.89]. Ба ҷумлаи талаботи ихтисосӣ ба хизматчии муосири давлатӣ Р. Сэннер ҳамчунин «донистани забонҳои хориҷӣ, доштани қобилияти таҳлили глобалӣ; дониши бунёдӣ дар соҳаи ҳуқуқи байналмилалӣ, тартиби қабули қарорҳо ва қонунҳои сиёсии байналмилалӣ; доштани қобилияти музокира кардан дар сатҳи байналмилалӣ; доштани қобилияти барқарор намудани алоқа ва тамоси байналмилалӣ; қобилияти кор бо гурӯҳҳои байналмилалӣ ва роҳбарӣ ба онҳо»-ро [19,с.90] дохил кардааст.

Ғояи ҷаҳонишавии сиёсати давлатии кадрҳо ва корҳои илмии вобаста ба он дар натиҷаи заиф шудани давлати миллӣ ба вуҷуд омадааст. Созмонҳои глобалӣ, иттиҳодияҳои фаромиллӣ ва бонкҳо (Фонди байналмилалии асъор, Созмони умумиҷаҳонии савдо, Созмони Аҳдномаи Атлантикаи Шимолӣ, «Маҳфили Рим» ва ғайра ба истисмори бемаҳдуди захираҳои табиӣ ва инсонии Сайёра ба нафъи худ манфиатдоранд. Аммо давлати миллӣ дар ин роҳ монеаи айнӣ мебошад. Дар навбати худ, тавре ки Р. Сэннер таъкид менамояд, ҷанбаи муҳимми аз байн бурдани давлатҳои соҳибихтиёр иваз кардани маъмурияти миллӣ ба «шаҳрвандон бо ҷаҳонбинии глобалӣ мебошад, ки хеле боибтикор буда, омодаанд на бо даст, балки «бо пойҳои худ раъй диҳанд», агар шароит ва услуби роҳбарӣ онҳоро қаноат накунонад» [19,с.91]. Тавре ки таҷрибаи сиёсии бисёр давлатҳо (давраи Б. Елсин дар Россия, М. Саакашвили дар Гурҷистон, П. Порошенко дар Украина) нишон медиҳад, натиҷабахшии «меҳмонони» хориҷии маъмурӣ» хеле манфӣ будааст.

Дар натиҷа, ҷаҳонишавии сиёсати давлатии кадрҳо дар мақомоти ҳокимият бо вазифаҳои сиёсии рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ ва амнияти давлатӣ дар зиддият қарор мегирад ва ба баланд бардоштани самаранокии ҳокимияти давлатӣ ва идоракунӣ таъсири манфӣ мерасонад.

Дар айни замон, унсури марказии мулоҳизаҳои сиёсӣ оид ба сиёсати давлатии кадрҳо дарки нави нақши давлат чун ниҳоди марказии сиёсати давлатии кадрҳо мебошад. Ба ақидаи В.А. Сулемов, бар хилофи хостаҳои либералҳо, давлат чун ниҳоди пешбари идоракунии иҷтимоӣ, такягоҳи фаъолияти ҳаётии ҷомеа боқӣ мемонад. Сиёсати давлатии кадрҳо аз тарафи давлат, Президент, мақомоти олии ҳокимияти давлатӣ бо дарназардошти манфиатҳои халқ назорат карда мешавад [18,с.124-125]. Равияи мазкурро метавон самти давлатӣ номид.

Дар маркази диққати намояндагони равияи самти давлатии сиёсати кадрҳо масъалаҳои омӯзиши касбии кормандони хадамоти давлатӣ ва маҳаллӣ қарор дорад.

Таҳлили андешаи муосири сиёсӣ нишон медиҳад, ки меҳвари баҳси масъала дар бораи нақш ва вазифаҳои давлат чун иштирокчии асосии сиёсати кадрҳо дар мақомоти ҳокимият мебошад.

Ба сифати алтернативаи ниҳоди давлат намояндагони мактабҳои гуногуни сиёсӣ андешаро дар бораи интиқоли як қисми вазифаҳои сиёсӣ дар соҳаи сиёсати давлатии

кадрҳо ба ҷомеаи шаҳрвандӣ, ҷомеаи соҳибкорӣ, элитаи сиёсӣ ва ниҳодҳои ҷаҳонии сиёсӣ пешниҳод менамоянд. Сабаби чунин ҷанбаи муҳокимаи кадрӣ аз байн рафтани низоми сиёсии Вестфал буд, ки натиҷааш аз байн рафтани мақоми бартарии давлати миллӣ чун иштирокчии сиёсӣ гардид. Дар натиҷа, дар атрофи масъалаи фаъолияти сиёсати давлатии кадрҳо муҳокимаи гуногунҷанбаи сиёсӣ ташаккул дода шуд, ки номутобиқатии манфиатҳои сиёсии иштирокчиёни рақобаткунанда – ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, ниҳодҳои байналмилалӣ, тиҷорат, элитаи сиёсӣ ва элитаи этникиро гирифта, андешаи М. Веберро дар бораи инҳисори давлатии сиёсати кадрҳо зери шубҳа гузоштанд [8,с.103-104].

Иштирокчиёни навини сиёсӣ зимни танқиди нуқсонҳои сиёсати давлатии кадрҳои анъанавӣ, барои ишғоли фишангҳои назорати сиёсати давлатии кадрҳо ва худро ба ҷойи давлат қарор додан саъю талош мекунанд, то ин ки манфиатҳои сиёсӣ ва иқтисодии худро амалӣ созанд, на манфиатҳои шаҳрвандон ва на рушди инноватсионии ҷомеаро. Тарҳрезии усулан тарзи нави рушди сиёсати давлатии кадрҳо барои Тоҷикистони муосир ҳаётан муҳим аст, аммо маҳз чун як қисми сиёсати давлатӣ. Имрӯз дарки нави ақидаҳои М. Вебер ва тарҳрезии намунаи нави сиёсати давлатии кадрҳо бо усулҳои ҷалби лаёқатмандон зарур аст.

Сиёсати давлатии кадрҳо ба ғайр аз вазифаҳои идоракунӣ, вазифаҳои муҳимми сиёсиро низ ҳал менамояд, ки дар таҳқиқоти П. Сорокин, Т. Парсонс, Д. Истон, Г. Алмонд, К. Дойч ва ғайра илман асоснок шудааст.

Ба ақидаи Т. Парсонс, вазифаи якуми муҳимми низоми сиёсӣ ҳифзи субот мебошад, ки барои амалисозии он бояд низом интихоби элитаи сиёсӣ ва маъмуриро анҷом диҳад [14,с.701]. Элитаи сиёсӣ–маъмурӣ бояд қобилияти интихоби онҳоеро, ки дорои сифатҳои зеҳнӣ, ахлоқӣ ва кории барои низом зарурӣ ва умуман, тарафдори низомро дошта бошад. Дар акси ҳол, таназзули дохилии низом ё харобшавии он таҳти таъсири омилҳои хориҷӣ ногузир буда, тамомияти ҷомеаро ба хатар мегузорад. Метавон чунин натиҷагирӣ кард, ки равандҳои кадрии давлат чун ҳастаи сохтори сиёсӣ натиҷаи дигаргуниҳои низоми кадрии ҳокимияти давлатии низоми муайяни таърихӣ мебошад.

Вазифаи дувуми муҳимми интихоби кадрии низоми сиёсӣ тартиботи ҳуқуқии он, яъне ниҳодсозии раванди мазкур мебошад. Ба ибораи дигар, сиёсати давлатии кадрҳо чун шакли ниҳодшудаи идоракунии сиёсӣ дар доираи сохтори сиёсӣ зоҳир мешавад.

Вазифаи севуми муҳимми низоми сиёсӣ дар қонунӣ будани қарорҳои қабулкардаи давлат дар соҳаи интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳо мебошад.

Вазифаи чоруми суботи низоми сиёсии устуворро метавон мутобиқ шудани он бо муҳити беруна номид. Т. Парсонс таъкид менамояд, ки низом устувор ва нисбатан барбарвазн дар сурате буда метавонад, ки хусусиятҳои раванди он бетағйир бошанд [14,с.700].

Дар шароити муосир мудохила кардан дар сиёсати кадрии давлатҳои заифтар амалияи одии абарқудратҳо гардидааст. Мисоли равшани чунин амалия созмондиҳии «инқилобҳои ранга» дар Украина, Гурҷистон ва Қирғизистон мебошад.

Бинобар ин, ҳар як низоми сиёсӣ саъю талош мекунад, ки таъсироти омилҳои хориҷӣ дар соҳаи сиёсати кадриро ҳадди ақал кам намояд ва агар имконият бошад, ба сифр расонад. Яке аз роҳҳои самарабахши ҳадди ақал кардани таъсироти омили хориҷӣ ниҳодсозии сиёсӣ–ҳуқуқӣ мебошад, ки бо дарназардошти он сиёсати давлатии кадрҳо фаъолият мекунад. Масалан, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қонунҳои конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» ва ғайра, ишғоли вазифаи муайяни давлатӣ барои шаҳрвандони хориҷиро манъ кардаанд. Барои мисол, тибқи моддаи 16-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ», яке аз ҳолатҳое, ки ба хизмати давлатӣ қабул намудани шаҳрванд ва дар хизмати давлатӣ будани хизматчии давлатиро истисно мекунанд, ин агар шаҳрвандии давлати дигарро дошта бошад. Дар ин иртибот, яке аз вазифаҳои ҳокимияти сиёсӣ иборат аз назорати риояи «қоидаи бозӣ»–и муқарраршудаи иштирокчиёни асосии раванди кадрӣ мебошад. Вазифаи мазкур ба уҳдаи ниҳодҳои низоми сиёсӣ вогузор гардидааст, ки бояд вазифаи назорат ба суботро иҷро намоянд. Таркиби мақомоти назораткунанда метавонад гуногун бошад: дастгоҳи ёрдамчиён (мушовирон) оид ба масъалаҳои кадрҳои дастгоҳи иҷроияи Президент; мақомоти амнияти давлатӣ (КДАМ, ХАФ, БФТ); мақомоти ҳифзи ҳуқуқ (прокуратура) ва ғайра.

Мураккабӣ ва бисёрҷанба будани сиёсати давлатии кадрҳо дар соҳаи фаъолияти касбии кормандони хадамоти давлатӣ оид ба иҷрои салоҳияти мақомоти давлатӣ таҳлили амиқи заминаҳои назариявӣ–методологии шаклгирӣ ва таҳаввулоти онро талаб менамояд.

АДАБИЁТ

1. Америкулов Н. Жузы в социально-политической жизни Казахстана [текст] / Н. Америкулов // Центральная Азия и Кавказ. – 2000. – № 3. – С. 21-33.
2. Атаманчук Г.В. Конституционные основы государственной службы и кадровой политики [текст] / Г. В. Атаманчук. – М.: РАГС, 1997.
3. Ашин Г.К. Образовательная и кадровая политика как факторы формирования элиты (отечественный и зарубежный опыт). [текст] / Г.К. Ашин. В.Г. Игнатов, А.В. Понеделков. -Ростов н/Д.: СКАГС, 2007. -С.466–467.
4. Василенко Л.А. Аутсорсинг – инновационная кадровая технология государственной службы [текст] / Л.А. Василенко. – М.: Наука, 2007. – С. 147.
5. Восленский М.С. Номенклатура. Господствующий класс Советского Союза. [текст] / М.С. Восленский. -М.: Советская Россия. МП «Октябрь», 1991. – 624 с.
6. Джунушалиев Д. Трайбализм и проблемы развития Кыргызстана [текст] / Д. Джунушалиев, Д. Плоских // Центральная Азия и Кавказ. – 2000. – № 3.
7. Крыштановская О.В. Анатомия российской элиты [текст] / О.В. Крыштановская. -М.: Захаров, 2005. -С. 99.
8. Латыпов Р.Ф. Государственная кадровая политика в постсоветской России: политические функции, модели, воздействие на эффективность политической власти и управления: дис. … д-ра полит. наук / Р.Ф. Латыпов. -М., 2010. -С. 88.
9. Меритократия (айнан. «ҳокимияти арзандаҳо», аз лот. Meritus – арзанда ва аз юнони қадим. Κράτος – ҳокимият, идоракунӣ) – усули идоракунӣ, ки тибқи он мансабҳои роҳбарикунандаро бояд одамони бештар қобилиятнок, сарфи назар аз баромади иҷтимоӣ ва вазъияти молии онҳо, ишғол намоянд.
10. Морозова Б. Нужны ли госслужащим политические знания? [текст] / Б. Морозова // Государственная служба. -2008. -№5. -С.123.
11. Муртад – диссидент. Луғати русӣ–тоҷикӣ. -М.: Руский язык, 1985. – С.217.
12. Оболонский А.В. Бюрократия для XXI века? Модели государственной службы : Россия, США, Англия, Австралия. [текст] / А.В. Оболонский – М. : Дело, 2002. С. 158.
13. Паркинсон С.Н. Законы Паркинсона. [текст] / С.Н. Паркинсон. – Минск: Попурри, 2002. – С. 8.
14. Парсонс Т. О структуре социального действия. [текст] / С.Н. Паркинсон. -М.: Академический Проект, 2002. – С.701.
15. Питер Л.Дж. Закон Мерфи: Мерфология – общая и частная. Принцип Питера, или Почему дела всегда идут вкривь и вкось. [текст] / Л. Питер – Минск : Попурри, 1999. -С. 94.
16. Смольков В.Г. Бюрократия и бюрократизм. [текст] / В.Г. Смольков. – М.: РАГС, 2006. -С. 41.
17. Сморгунов Л.В. Сравнительный анализ политико-административных реформ: от нового государственного менеджмента к концепции «governance» [текст] / Л.В. Сморгунов // Полис. – 2003. – № 4. -С. 12-20.
18. Сулемов В.А. Государственная кадровая политика в современной России: теория, история, новые реалии: моногр. 2-е изд. [текст] / В.А. Сулемов. – М.: РАГС, 2006. – С. 124–125.
19. Сэнер Р. Профессионализм лидеров в условиях глобализации [текст] / Р. Сэнер // Государственная служба за рубежом. Эффективность кадрового менеджмента. Реферат. бюл. – М.: РАГС, 2002. – С. 85.
20. Турчинов А.И. Проблемы теории и методологии государственного управления и государственной службы [текст] / А.И. Турчинов // Государственная служба. – 2008. -№5. -С.29-36.
21. Турчинов А.И. Профессионализация и кадровая политика: проблемы развития теории и практики. Монография. [текст] / А.И. Турчинов. -М.: Московский психолого-социальный ин-т. Флинта, 1998.
22. Хейджвиш А. Роль кадрового менеджмента в модернизации государственного управления во Франции [текст] / А. Хейджвиш В. Мартин // Государственная служба за рубежом. Эффективность кадрового менеджмента. Реферат. бюл. -М.: РАГС, 2002. -С. 29.
23. Худ К. Компетентность государственных служащих (На примере Англии и Германии) [текст] / К. Худ, М. Лодж, К. Клифорд // Государственная служба за рубежом. Эффективность кадрового менеджмента. Реферат. бюл. -М.: РАГС, 2002. -105 с.
24. Циприс Б. Современное государство – современное управление [текст] / Б. Циприс // Государственная служба за рубежом. Эффективность кадрового менеджмента. Реферат. бюл. -М.: РАГС, 2002. -С.14-24.

ТАҲҚИҚОТИ СИЁСАТИ ДАВЛАТИИ КАДРҲО ДАР СИЁСАТШИНОСИИ МУОСИР

Таваҷҷуҳи муҳаққиқон-сиёсатшиносон ба масъалаи ташаккул ва такмили сиёсати давлатии кадрҳо меафзояд. Аммо дар ин соҳа ҳанӯз бисёр масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ ҷой доранд, ки ба таҳлили илмӣ эҳтиёҷ доранд. Дар раванди таҳқиқ муаллиф асарҳои намояндагони мактабҳои илмии гуногун дар соҳаи сиёсати кадрҳо ва идоракунӣ, технологияҳои иҷтимоӣ, назарияҳои ҷомеашиносиро бо дарназардошти шароити таърихӣ ва самтҳои муосири сиёсати давлатии кадрҳо дар шароити рушди ҷомеа мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор додааст. Ҳамзамон, аз таҳлили раванди ташаккул ва рушди сиёсати давлатии кадрҳо метавон дар бораи таъсири ҳизбҳо, ҳаракатҳо ва гурӯҳҳои сиёсӣ ба дастгоҳи идории муосири сиёсишуда хулоса баровард. Дастгоҳи идорӣ ҳам ба пешбурди мансабдорон дар вазифаҳои давлатӣ ва ҳам ба муайян намудани сиёсати давлат манфиатдор аст. Бинобар ин, на танҳо мансабдорони алоҳида, балки тамоми элитаи сиёсию идорӣ якдилона аз ҳизбҳои муайян ва номзадони худ ба вазифаҳои баланди давлатӣ тарафдорӣ мекунанд. Канорагирӣ аз «намунаи классикии идорӣ»-и веберӣ тамоюли назарраси ҷаҳонӣ гардидааст. Дар ҷаҳони муосир фаъолияти дастгоҳи давлатӣ мазмуни навро ба худ мегирад. Талабот ба давлат меафзояд, ки ин, дар навбати худ, маънои талаботи нав ба сиёсати кадрии ниҳодҳои сиёсии мазкурро дорад. Илми сиёсатшиносӣ дар роҳи дарки масъалаи ташаккул ва замонасозии сиёсати кадрӣ қадамҳои аввалинро мегузорад. Ин барои тарҳрезии тавсияҳои дахлдор оид ба такмили он ба мақсади баланд бардоштани муассирии ҳокимияти сиёсӣ ва идоракунӣ зарур аст.

Калидвожаҳо: сиёсати давлатии кадрҳо, таҳқиқот, сиёсатшиносӣ, таҳлил, идоракунӣ, ҳокимият, маъмурӣ.

ИССЛЕДОВАНИЯ ГОСУДАРСТВЕННОЙ КАДРОВОЙ ПОЛИТИКИ В СОВРЕМЕННОЙ ПОЛИТОЛОГИИ

Внимание исследователей-политологов к проблеме становления и формирования государственной кадровой политики возрастает, но в этой области имеются еще много теоретических и практических вопросов, требующих решения. В процессе разработки исследования автор изучал труды представителей различных научных школ в области кадровой политики и управления персоналом, социальных технологий, теории социологии организаций, учитывая исторические условия и современные направления в области модернизации государственной кадровой политики в условиях развития общества. Одновременно, анализ процесса формирования и развития государственной кадровой политики приводит к выводу о влиянии различных политических партий, движений и групп давления на современную политизированную бюрократию. Бюрократия заинтересована как в продвижении чиновников на государственные должности, так и в определении политики государства. Следовательно, не только отдельные чиновники, но и вся административно-политическая элита сплочённо выступает за определённые партии, поддерживая лиц, выдвигающих свои кандидатуры на высшие государственные должности. Заметной мировой тенденцией стало отклонение от веберовской «классической модели бюрократии», произошел процесс падения вертикальной мобильности кадров в государственном аппарате. В современном мире функционирование государственного аппарата несет новое содержание. Возрастают требования к государству, что в свою очередь предполагает новые запросы к кадровой политике данного политического института. Политологическая наука предпринимает первые шаги в деле осмысления вопроса становления и модернизации кадровой политики. Это необходимо для разработки соответствующих рекомендаций по её усовершенствованию в целях повышения эффективности политической власти и управления.

Ключевые слова: государственная кадровая политика, исследование, политология, анализ, управление, власть, бюрократия.

RESEARCH OF STATE PERSONNEL POLICY IN MODERN POLITICAL SCIENCE

The attention of political scientists to the problem of the formation and formation of state personnel policy is increasing, but there are still many theoretical and practical issues that need to be addressed in this area. In the process of developing the study, the author studied the works of representatives of various scientific schools in the field of personnel policy and personnel management, social technologies, the theory of sociology of organizations, taking into account historical conditions and modern trends in the field of modernization of state personnel policy in the context of society development. At the same time, the analysis of the process of formation and development of the state personnel policy leads to the conclusion about the influence of various political parties, movements and pressure groups on the modern politicized bureaucracy. The bureaucracy is interested both in promoting officials to public positions and in determining the policy of the state. Consequently, not only individual officials, but also the entire administrative and political elite are United in favor of certain parties, supporting those who nominate their candidates for the highest state positions. A noticeable global trend was the deviation from Weber's «classical model of bureaucracy», there was a process of falling vertical mobility of personnel in the state apparatus. In the modern world, the functioning of the state apparatus has a new content. Demands on the state are increasing, which in turn implies new demands on the personnel policy of this political institution. Political science takes the first steps in understanding the issue of formation and modernization of personnel policy. This is necessary for the development of appropriate recommendations for its improvement in order to increase the effectiveness of political power and governance.

Keywords: state personnel policy, research, political science, analysis, management, power, bureaucracy, etc.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Нуриддин Парвин Раймалихон*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои сиёсӣ, дотсенти кафедраи муносибатҳои байналхалқӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E–mail: **panurama@mail.ru**

Сведения об авторе: ***Нуриддин Парвин Раймалихон*** **–** Таджикский национальный университет, кандидат политических наук, доцент кафедры международных отношений. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. E–mail**: panurama@mail.ru**

Information about the author: ***Nuriddin Parvin Raimalikhon*** **–** Tajik national university, candidate of political science, associate professor of the Department of international relations. **Address:** 17, Rudaki Avenue, Dushanbe, 734025, Tajikistan. E–mail: **panurama@mail.ru**

УДК: 323.3

МУҲИММИЯТИ ОМӮЗИШИ ФАННИ СИЁСАТШИНОСӢ ДАР РАВАНДИ ИҶТИМОИСОЗИИ СИЁСӢ

Саидзода Ш.Ш.
Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон

Иҷтимоисозии сиёсии шахс раванди мураккаб ва дурудароз мебошад. Он аз давраи кӯдакӣ дар муҳити оила оғоз гардида, то охири умр давом меёбад. Кӯдак аввалин тасаввурот ва донишҳои сиёсиро аз рафтору муносибати волидон ва андешаҳои онҳо нисбати сиёсат, давлат, президент ва дигар масъалаҳои сиёсӣ меомӯзад. Маҳз он донишҳои сиёсӣ ҳамчун асоси ҷаҳонбинии сиёсӣ оид ба ҷомеа ва давлат инкишоф ёфта, ӯро ба марҳилаҳои дигари иҷтимоисозӣ омода менамоянд. Бинобар ин, падару модар дар инкишофи минбаъдаи ҷиҳатҳои иҷтимоиву сиёсии кӯдак нақши назаррас доранд.

Аҳамияти иҷтимоисозии сиёсӣ барои ҳифзи системаи сиёсии ҷомеа, қабл аз ҳама, ба ташаккули насли нав вобаста буда, онҳоро ба меъёрҳои идеологӣ, арзишҳо ва қоидаҳои рафтори қаблан муқарраршуда мутобиқ менамояд [18,с.73]. Иҷтимоисозии сиёсӣ, ки раванди тарбияи сиёсии шаҳрвандонро фаро мегирад, дар давлатҳои имрӯзаи демократӣ масъалаи муҳим ба ҳисоб меравад. Зеро суръати рушди давлат, иқтидори он ва пешрафти демократия дар робита ба маърифатнокӣ ва дараҷаи фаъолнокии сиёсии шаҳрвандон, махсусан ҷавонон, ба вуҷуд меояд. Муҳаққиқон иҷтимоисозии сиёсиро ба таври гуногун шарҳ додаанд, ки онҳо, дар умум, аз ҳар ҷиҳат моҳияти ин мафҳумро равшан месозанд. Олими рус Рубчевский К.В. иҷтимоисозии сиёсиро “ҳамчун раванди аз ҷониби шахс аз худ намудани таҷрибаи иҷтимоӣ ва сиёсии аз тарафи ҷомеа андӯхташуда, ки дар анъанаҳои фарҳангӣ, арзишҳои гурӯҳӣ ва коллективӣ, дар меъёрҳо ва мақому нақшҳои рафтор якҷо шудааст», маънидод менамояд [13,с.149]. Дар ин ҷо иҷтимоисозии сиёсӣ ба маънои аз худ кардан оварда шудааст, ки он ба таври пурра маънои иҷтимоисозии сиёсиро равшан намесозад. Зеро, иҷтимоисозии сиёсӣ на танҳо раванди аз худ намудан, ҳамчунин ворид шудан ва мутобиқ гардидан ба низоми сиёсӣ мебошад. Олими дигар – Зуляр Р.Ю. меҳвари иҷтимоисозиро унсури сиёсӣ меҳисобад. Ба андешаи номбурда мувофиқем: “Иҷтимоисозии сиёсӣ бештари вақт ҳамчун раванди фаъолона аз тарафи инсон аз худ намудани арзишҳои идеологӣ, сиёсӣ ва меъёрҳои ҷомеа, ки рафтори шахсро дар низоми сиёсии ҷомеа муайян мекунад, дониста мешавад. Дар раванди иҷтимоисозии сиёсӣ фаъолнокии иҷтимои-сиёсии шахс ташаккул меёбад” [2,с.62]. Олими дигари рус Олшанский Д.В. иҷтимоисозии сиёсиро “раванди баҳамтаъсиррасонии фард ва низоми сиёсӣ, мақсади онро одатнамоии шахс ба низоми мазкур ва табдил додани фард ба шаҳрванд меҳисобад” [11,с.117]. Мутобиқи ин назария, иҷтимосозии сиёсӣ як воситаи ба шаҳрванд табдил додани шахс мебошад, ки бо ин восита на танҳо арзишҳои ҷомеа пазируфта мешаванд, балки тавассути он шаҳрванд ба субъекти фаъоли ҷомеа ва давлат табдил меёбад.

Аз назари олимон, иҷтимоисозии сиёсӣ, аз як тараф, барои ба шаҳрванд табдил ёфтани фард мусоидат намояд, аз ҷониби дигар, он омили иҷтимоисозии фард бо мақсади дар ниҳоди шахс ташаккул додани меъёрҳои сиёсӣ-иҷтимоӣ, арзишҳо ва қоидаҳои дар ҷомеа мақбул омили муҳимми ҳамгироӣ ва субот мебошад [17,с.128]. Аз як ҷониб, раванди иҷтимоисозии сиёсии насли наврас ва ҷавонон бо роҳи аз худ кардани тарзи рафтори аъзоёни ҷомеа сурат гирад, аз тарафи дигар, он тавассути омӯзиши фанҳои ҷомеашиносӣ, аз ҷумла сиёсатшиносӣ, сурат мегирад. Фанни сиёсатшиносӣ ҷаҳонбинии сиёсии шахсро ташаккул дода, масъалаҳои асосии ҳаёти сиёсии ҷомеаро таълим медиҳад. Ба таври дигар гӯем, бо омӯзиши ин фан шахс моҳияти падидаҳои сиёсиро ба таври илмӣ-мантиқӣ аз худ намуда, ҳамчун шаҳрванд барои дар ҳаёти сиёсии давлат иштироки фаъолона пеш бурдан дониши зарурӣ пайдо менамояд. Лекин бидуни омӯзиши сиёсатшиносӣ низ шахс ба сиёсат кашида мешавад ва хоҳу нохоҳ зери таъсири сиёсат қарор мегирад.

Мо чунин фарзияро пешниҳод менамоем, ки омӯзиши фанни сиёсатшиносӣ на танҳо ба боло рафтани донишу маърифати сиёсии ҷавонон, ҳамчунин, ба инкишофи низоми демократии давлат, ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ ва иҷтимоисозии сиёсии шахс мусоидат намуда, садди гаравиши ҷавонон ба созмонҳои ифротӣ мегардад. Аз нигоҳи мо, шаҳрвандон ҳарчи бештар соҳибмаърифату соҳибкасб бошанд, ҳамон андоза давлат аз ҷиҳати сиёсиву иқтисодӣ пуриқтидор шуда, татбиқи стратегияву барномаҳои давлатӣ ҳамон андоза имконпазир мегардад.

Маориф дар радифи дигар институтҳои иҷтимоӣ дар раванди иҷтимоисозии сиёсӣ саҳми чашмрас дошта, таъминкунандаи суботи иҷтимоӣ, ягонагӣ ва омодакунандаи мутахассисони соҳаҳои мухталифи ҳаёти ҷомеа ба ҳисоб меравад. Аз нигоҳи муҳаққиқон, дар раванди иҷтимоисозии сиёсӣ маориф аз ҳама нақши асосӣ дорад [4,с.37]. Маориф ҳамчун институти иҷтимоӣ дар раванди рушди ҷомеа нақши муассир дорад. Рушди пайдарпайи ҷомеа бе аз худ кардани арзишҳои моддӣ ва маънавӣ, дониш, таҷриба ва анъанаҳои мероси наслҳои пешин номумкин мебошад.

Низоми маорифи амалкунанда дар ҳар давраи таърихӣ аз як ҷониб, боиси аз тарафи одамон, қабл аз ҳама, ҷавонон аз худ намудани системаи донишҳо, малакаву маҳоратҳо, аз ҷониби дигар, омода намудани инсон ба ҳаёти мустақилона, ба меҳнат ва фаъолияти ҷамъиятӣ мебошад [21,с.298].

Соҳаи маориф дар раванди иҷтимоисозии сиёсӣ мақоми хосса дошта, он аз хусусиятҳои зерин иборат мебошад:

1. Наврасону ҷавонон солҳои тӯлонӣ ба таълиму тарбия фаро гирифта мешаванд (11 сол мактаби миёна, 4 сол мактаби олӣ).

2. Марҳилаи асосии ташаккулёбии ҷиҳатҳои маънавии шахс давраи таҳсил дар мактаби миёна ва олӣ ба ҳисоб меравад. Зеро дар ин давра ба насли наврас фанҳое омӯзонида мешавад, ки онҳо зербинои ташаккулиёбии маданияти сиёсӣ мегарданд.

3. Аз рӯйи кадом модел ва дар кадом рӯҳия пеш рафтани раванди иҷтимоисозии сиёсии ҷавонон ва ташаккули маданияти сиёсии онҳо аз рӯйи сиёсати давлат дар соҳаи маориф шакл мегирад.

Бинобар ин, маориф соҳаи муҳимтарини ҳаёти ҷомеа ба ҳисоб рафта, тақдири минбаъдаи ҷомеа ва рушди ояндаи кишвар аз сифати таълиму тарбия дар мактабҳои миёна ва олӣ вобастагии зиёд дорад.

Дар самти боло рафтани дониши сиёсии шаҳрвандон, махсусан ҷавонон, нақши таълими илмҳои ҷомеашиносӣ, аз ҷумла сиёсатшиносӣ, ки дар тамоми коллеҷу мактабҳои олӣ ҳамчун фанни алоҳида таълим дода мешавад, бисёр назаррас мебошад. Таълими сиёсатшиносӣ барои ташаккул ва инкишофи маърифати сиёсии ҷавонон нақши назаррас дорад. Ҷавонони донишҷӯ тавассути омӯзиши фанни сиёсатшиносӣ оид ба пайдоиши сиёсат, давлат, сарвари сиёсӣ, шуури сиёсӣ, маданияти сиёсӣ, элитаи сиёсӣ, ҳокимият, парламент, демократия, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва дигар масъалаҳои вобаста ба сиёсат ва давлат маълумоти зарурӣ ба даст меоранд.

Дар муқоиса бо дигар гурӯҳи ҷавонон, донишҷӯён гурӯҳи фаъол, зудҳаракат ва ояндабину ояндасоз мебошанд, ки тақдири минбаъдаи давлат аз дониш, сатҳи касбияту маърифати сиёсиву ҳуқуқии онҳо сахт вобаста мебошад. Дар ҷомеаи муосир дар муқоиса бо дигар гурӯҳи ҷавонон донишҷӯён шаклдиҳандаи тарзи рафтору муносибати иҷтимоӣ буда, суботи ҷомеа, ваҳдату ягонагӣ, рушди ҷомеа ва пешрафти соҳаҳои гуногун аз онҳо вобастагии зиёд дорад.

Гарчанде шахс бо роҳҳои гуногун ҷаҳонбинии сиёсии хешро ташаккул медиҳад, аммо дар сиёсатшиносӣ масъалаҳои сиёсӣ ба таври ҳамаҷониба баррасӣ мегарданд ва ба муҳассилин донишҳои зарурии сиёсӣ омӯзонида мешаванд. Дар мактабҳои олӣ донишҷӯёни тамоми ихтисосҳо бо омӯзиши фанни сиёсатшиносӣ ҷаҳонбинӣ ва дониши сиёсии хешро афзун карда, асли моҳияту табиати сиёсатро ба таври кофӣ дарк менамоянд. Дар баробари омӯзиши фанни сиёсатшиносӣ ҷавонони донишҷӯ дар чорабиниҳои ҷамъиятиву сиёсӣ иштирок намуда, ҳам ба таври назариявӣ ва ҳам амалӣ донишу таҷрибаи иҷтимоиву сиёсӣ пайдо менамоянд. Хусусусияти иҷтимоисозии сиёсии донишҷӯён низ маҳз дар ҳамин зоҳир мегардад.

Аз ибтидо мавзӯи баррасишавандаи фанни сиёсатшиносӣ – сиёсат ҳамчун падидаи ҷамъиятӣ унвон гирифтааст, ки он дар ташаккули дониши сиёсии базавии шахс оид ба сиёсат мақоми басо назаррас дорад. Дар ин мавзӯъ моҳият ва таркиби сиёсат, мафҳуми сиёсат, пайдоиш ва инкишофи сиёсат, сиёсат ҳамчун соҳаи фаъолияти институтҳои сиёсӣ, сиёсат ҳамчун мубориза барои ҳокимият, сиёсат ҳамчун идоракунии соҳаи фаъолияти ҷамъиятӣ, сиёсат ҳамчун раванди қабули қарорҳои умумииҷтимоӣ, сиёсат ҳамчун санъати роҳбарӣ, объект ва субъекти сиёсат, алоқамандии сиёсат бо дигар соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ, сиёсат ва иқтисодиёт, сиёсат ва фарҳанг, сиёсат ва ахлоқ, сиёсат ва дин, навъҳои ҷудогонаи сиёсат, сиёсати иқтисодӣ, иҷтимоӣ, миллӣ, фарҳангӣ, демографӣ, низомӣ, вазифаҳои сиёсат ва ғайра мавриди омӯзиш қарор дода мешаванд. Бо таълими мавзӯи аввали фан донишҷӯён сиёсатро ба сифати соҳаи муҳимми ҳаёти ҷомеа, алоқамандӣ ва таъсири байниҳамдигарии сиёсатро бо соҳаҳои дигари ҳаёти ҷамъиятӣ меомӯзанд. Масъала дар он аст, ки бе дарки амиқи мавзӯи мазкур омӯзиши дигар мавзӯъҳои сиёсатшиносӣ душвор ва нокомил мегардад. Зеро мавзӯи сиёсат ҳамчун падидаи ҷамъиятӣ сиёсатро ба сифати соҳаи муҳимми ҳаёти ҷомеа баррасӣ намуда, аҳамияти онро дар ҳаёти шахс, ҷомеа ва давлат нишон медиҳад. Бидуни дарки дурусти мафҳум ва моҳияти сиёсат фаҳмиши пурраи мавзӯи ҳокимият, давлат, сарвари сиёсӣ, элитаи сиёсӣ, маданияти сиёсӣ, интихобот, равандҳои сиёсӣ, демократия, ҷомеаи шаҳрвандӣ, сиёсати хориҷӣ ва муносибатҳои байналхалқӣ имконнопазир аст. Ба андешаи мо, ҳангоми таълими мавзӯи якуми фанни сиёсатшиносӣ – сиёсат ҳамчун падидаи ҷамъиятӣ бо масъулияти баланд ва ҷиддият ба донишҷӯён фаҳмонидани он бисёр муҳим ба назар мерасад. Зеро бо шинохти дурусти табиат, моҳият ва падидаи сиёсӣ дарки дигар масъалаҳои ба сиёсат алоқаманд имконпазир ва осон мегардад. Чунин таваҷҷуҳ нисбати омӯзиши мавзӯи якуми фанни сиёсатшиносӣ асло ба маънои он нест, ки дигар мавзӯъҳо дар ташаккули дониши сиёсии шахс камаҳамиятанд, балки сухан дар бораи он меравад, ки шинохту маърифати дурусти сиёсат ҳамчун падидаи ҷамъиятӣ дар омӯзиши дигар масъалаҳои сиёсӣ кумак менамояд.

Вобаста ба масъалаи иҷтимоисозии сиёсии шахс, гарчанде омӯзиши ҳамаи мавзӯъҳо ба болоравии маърифати сиёсии донишҷӯён кумак мекунад, вале бо назардошти

ташаккули демократия ва ҷомеаи шаҳрвандӣ омӯзиши баъзе аз мавзӯъҳои фанни сиёсатшиносӣ мубрамияти хосса касб менамояд. Махсусан мавзӯъҳои давлат, ҳокимияти сиёсӣ, демократия, ҷомеаи шаҳрвандӣ, ҳизбҳои сиёсӣ, режими сиёсӣ, интихобот, сиёсат ва ВАО, ҷаҳонишавӣ ва назарияи геополитикии олам.

Рушди низоми сиёсии демократӣ ва инкишофи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд беш аз ҳама водор намуд, ки ҳар чи бештар одамон донишҳои сиёсии худро тақвият бахшанд. Махсусан сарчашмаи ҳокимият эътироф гардидани мардум ва ҳуқуқҳои сиёсии онҳо нисбати иштирок дар интихобот ба ҳайси интихобкунанда ва интихобшаванда, таъсиси ҳизбҳои сиёсӣ ва аъзо гардидан ба ҳизби сиёсӣ, ҳуқуқи ташкил ва иштирок намудан дар роҳпаймоӣ ва гирдиҳамоиҳо ва ғ. водор намуд, ки мардум баробари дигар донишҳо аз маърифати сиёсӣ бархӯрдор гарданд.

Бартарии омӯзиши фанни сиёсатшиносӣ дар раванди иҷтимоисозии сиёсӣ аз он иборат аст, ки донишҷӯ ҳангоми омӯзиши фанни сиёсатшиносӣ на танҳо бо он масъалаҳое ошно мешавад, ки дар оянда рӯ ба рӯ мегардад, балки ҳодисаҳои сиёсии гузаштаро аз рӯйи категорияҳо ва қонуниятҳои сиёсӣ дарк намуда, ояндаи ҳаёти ҷомеаро вобаста ба вазъи имрӯзаи сиёсии ҷомеа пешбинӣ менамояд. Категория ва қонуниятҳои сиёсӣ сабабу натиҷа ва тарзи амалкарди субъектони сиёсӣ, фаъолияти ҳокимият, тағйиротҳои сиёсӣ ва ҳодисаҳои сиёсиро аз рӯйи назарияҳо асоснок менамояд. Баробар ин, дар илми сиёсии муосир боз масъалаҳое ба миён меоянд, ки он шояд ба таври алоҳида аз фанни сиёсатшиносӣ ба донишҷӯён дарс дода нашавад ва донистани он асосан ба олимон ва мутахассисони соҳаи идораи давлатӣ, ки ҳамарӯза бо сиёсат сарукор доранд, зарур мебошад. Мисол, даҳсолаи охир мафҳумҳои нави сиёсӣ ба монанди «неруи нарм», «неруи сахт», «неруи фаъол», «неруи ҳушманд» [10,с.10-22] пайдо гардидаанд, ки онҳо ба тактика ва стратегияи фаъолияти ҳокимият вобаста мебошанд. Пайдоиши чунин мафҳумҳо, аз як ҷониб, нишонаи торафт мураккаб шудани ҳаёти сиёсӣ ва муносибатҳои сиёсӣ бошад, аз тарафи дигар, аломати рушди илми сиёсӣ ба ҳисоб меравад.

Донишҷӯён дар раванди иҷтимоишавии сиёсӣ дар мактаби олӣ қоидаҳои муҳимро меомӯзанд: донишҳои сиёсии зарурӣ, арзишҳои сиёсӣ ба даст оварда, меъёрҳоеро дар худ ташаккул медиҳанд, ки онҳо шахсро барои дарки дурусти ҳодисаи сиёсӣ, бовар кардан ва ё накардан, ҳусни таваҷҷуҳ доштан ва ё надоштан, розӣ шудан ва ё нашудан ба ҳар гуна даъватҳои сиёсӣ ва ғ. одат мекунонанд [15,с.101]. Бо омӯзиши фанни сиёсатшиносӣ дар донишҷӯён дониши сиёсие ташаккул меёбад, ки бо ин роҳ назари шахс нисбати падидаву ҳодисаҳои сиёсӣ дигаргун гашта, ӯро аз хатои сиёсӣ намудан бозмедорад, зеро, омӯзиши мавзӯъҳои фанни мазкур ҷаҳонбинии сиёсии ҷавонони донишҷӯро инкишоф дода, онҳоро ба огоҳона муносибат намудан дар равандҳои сиёсӣ омода менамояд.

Ба андешаи олимон, донишҳо ва маҳоратҳои сиёсӣ барои ҷавонони донишҷӯ ҳамчун дар оянда ташаккулдиҳандаи элитаи кишвар, ки минбаъд дар парламент, мақомоти маҳаллии ҳокимият, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ фаъолият пеш хоҳанд бурд, зарурӣ ба ҳисоб меравад [6,с.211].

Аз сабаби он ки ҳадафи иҷтимоисозии сиёсӣ мутобиқ гардонидани шахс ба муҳити системаи сиёсӣ мебошад, он бе омӯзиш ва маърифати қонуниятҳо ва категорияҳои илми сиёсӣ ва хусусиятҳои ҳаёти сиёсӣ имконнопазир аст. Маърифати сиёсӣ – ҷузъи таркибии раванди иҷтимоисозии сиёсӣ мебошад. Бе шинохт ва дарку маърифати қоидаву арзишҳои сиёсӣ шахс ба талаботи системаи сиёсӣ мутобиқ гардида наметавонад. Гарчанде шахс аз давраи хурдсолӣ давра ба давра аз қоидаҳои ҳаёти сиёсии ҷомеа огоҳ гардида, вориди муносибатҳои ҷамъиятӣ мешавад, вале он донише, ки бо таълими фанни сиёсатшиносӣ ба даст оварда мешавад, ҷояшро дигар институтҳои иҷтимоисозии сиёсӣ – оила, мактаб, артиш гирифта наметавонанд. Тавассути фанни сиёсатшиносӣ донишҳое таълим дода мешаванд, ки онҳо барои шинохти дурусти мафҳумҳои сиёсат, давлат, ҳокимият ва иштироки сиёсии шаҳрванд дар ҳаёти давлат ва ба ҳайси субъекти сиёсӣ пеш бурдани фаъолияти сиёсӣ кумак менамоянд. Донишҳои сиёсии касбшуда дар баробари донишҳои аз ҳар гуна сарчашмаҳои дигар бадастомада аз он ҷиҳат фарқ менамоянд, ки шахс моҳияти сиёсат, қонуниятҳои сиёсӣ ва бо кадом тарз бархӯрд намудан бо сиёсат, чи тавр ва дар кадом маврид истифода намудани дониши сиёсиро меомӯзад.

Ҷавонони донишҷӯ ҳам бо роҳи донишомӯзӣ ва ҳам бо роҳи иштирок дар кори созмонҳои ҷамъиятии ҷавонон, чорабиниҳои сиёсӣ-ҷамъиятӣ донишу малакаи сиёсӣ касб менамоянд. Ҳамчунин, омилҳое ҳастанд, ки барои ташаккули ҷиҳатҳои сиёсии онҳо монеа мегарданд. Олими рус Киреева Н.Н. монеаи асосии иҷтимоишавии сиёсии ҷавонони донишҷӯро дар омилҳои зерин мебинад: «Аз ҷиҳати иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва мақому мавқеи сиёсӣ ба волидон вобаста будан, нотавонии мустақилона қабул намудани қарорҳои ҳаётан муҳим, зиддият дар ақида ва мавқеъгириҳо, набудани таҷрибаи сиёсӣ, сатҳи пасти

фарҳанги расонаӣ, инкишоф наёфтани институти иҷтимоисозии сиёсӣ, набудани сиёсати давлатии самарабахши соҳаи ҷавонон ва гуногунии агентҳои иҷтимоисозӣ (ҳамсол, аъзои оила ва ғ.)» [3,с.41]. Монеаҳои зикршуда хосси аксарияти кишварҳои пасошӯравӣ буда, онҳо бо пош хӯрдани давлати Шӯравӣ алоқаманд мебошанд. Зеро, баробари пошхӯрии ин давлати бузург модели пешинаи иҷтимоисозии сиёсӣ низ аз байн рафт, яъне амалан фаъолияти институтҳои иҷтимоисозии сиёсӣ мутобиқ ба муқаррароту талаботи пешин имконнопазир гардид.

Имрӯз дар шароити рушди арзишҳои демократӣ таълими фанни сиёсатшиносӣ сол аз сол аҳамияти бештар касб менамояд. Махсусан беш аз пеш доман паҳн намудани идеологияҳои сиёсии ифротӣ, экстремизм, терроризм, ҷангҳои иттилоотӣ ва рушди технологияи иттилоотию коммуникатсионӣ давлатро водор менамояд, ки сатҳи маърифати сиёсии шаҳрвандон ва зиракиву ҳушёрии сиёсии онҳо боло бардошта шавад. Зеро, яке аз сабабҳои ба доми фиреби сиёсии созмонҳои ифротӣ афтодани шаҳрвандон ин ҳамон паст будани сатҳи маърифати сиёсӣ мебошад. Ба андешаи муҳаққиқон, дар муқобили доноӣ ва амалкарди бадхоҳон фақат тавассути такя кардан ба илм, маърифат, усули шинохти аъмоли зиддимиллӣ, ҳушёриву зиракии сиёсӣ ва истодагарии мақсаднок ғолиб омадан мумкин аст [22,с.77].

Имрӯз дар шароити Тоҷикистон мавзӯи ҳушёрӣ ва зиракии сиёсии шаҳрвандон, хостаи ҷавонон, нисбат ба ҳар ҷомеаи дигар аҳамияти хосса дорад. Зеро, дар солҳои аввали соҳибистиқлолии кишвар сар задани ҷанги шаҳрвандӣ ин иштибоҳи сахти сиёсӣ буд ва тоҷикон фирефтаи бегонагон гардиданд, ки дар натиҷаи он Тоҷикистон даҳсолаҳо аз лиҳози иҷтимоиву иқтисодӣ қафо монд ва ҷомеаи тоҷик талафоти зиёди моливу ҷонӣ дод [14,с.99]. Вақте мавзӯъ ва масъалаи сиёсӣ ба таври сатҳӣ фаҳмида шуда, он ҳаматарафа таҳлил ва дуруст дарк карда намешавад, он гоҳ шахс ғайриогоҳона ба доми фиреби сиёсӣ меафтад. Дар давлати демократӣ сатҳи фаъолнокии шаҳрвандон нисбат ба ҳар низоми дигар бисёр муҳим мебошад. Ба андешаи олимон, сиёсатшиносӣ ҳамчун фанни муосир ва муназзами низоми ҳокимияту давлатдорӣ рӯз то рӯз мавқеъ ва нуфузи хешро мустаҳкам намуда, барои рушду инкишофи ҷомеа зарурияти қавӣ пайдо намудааст [5,с.11]. Шаҳрвандон ҳамчун субъекти сиёсӣ дар ҳаёти сиёсӣ ширкат намуда, ҳам таъсири худро ба равандҳои сиёсӣ мерасонанд ва ҳам зери таъсири ҳар гуна ҳодисаву падидаҳои сиёсӣ қарор мегиранд. Ин иштироки фаъолонаи мардум дар сиёсат бе дониши сиёсиву ҳуқуқӣ ҳам ба худи шахс ва ҳам ба давлат хатар дорад. Зеро, бемаърифатӣ метавонад, ба ҷойи пеш бурдани корҳои созандагӣ боиси заиф намудани суботи сиёсии ҷомеа ва гаравиш ба созмонҳои ғайриқонунӣ ва ифротгаро гардад.

Дар доираи фанни сиёсатшиносӣ таълими масъалаи плюрализм (гуногунандешӣ), ки он яке аз принсипҳои демократия дар рушди ҷомеа мебошад, торафт аҳамияти бештар касб менамояд. Дарки плюрализми сиёсӣ аз ҷониби донишҷӯён онҳоро дар рӯҳияе тарбият менамояд, ки гуногунандешӣ ва самтгирии мухталифи идеологиро дар ҷомеа таҳаммул намоянд. Чун дар ҷомеае, ки гуногунандешии сиёсӣ нест, он монеаи на танҳо рушди демократия, ҳамчунин заминаи ташаккули ақидаҳои тундгароиву ифротгароӣ ва аз байн рафтани фарҳанги таҳаммулпазирӣ мегардад. Эҳтиром надоштан ба ҳуқуқи дигарон ва бо роҳи зӯрӣ бор намудани ақидаи сиёсиву динӣ яке аз сабабҳои зуҳури ифротгароӣ ва заминаи асосии шикасти суботи сиёсии ҷомеа мебошад. Мутаассифона, мо бояд иқрор шавем, ки ҳанӯз ҳам дар ҷомеаи мо қувваҳое ҷой доранд, ки мехоҳанд, идеологияи маҳдуди худро, ки бар манфиатҳои гурӯҳиашон асос ёфтааст, бидуни эътирофи назару андеша ва ҷаҳонбинии аз эшон фарқкунанда ба мардум иҷборан таҳмил намоянд. Маърифати сиёсии гурӯҳҳои мазкур хеле маҳдуд буда, дар муносибат бо ҷомеа на аз илму маърифат, балки бештар аз эҳсосот кор мегиранд [16,с.163]. Ташаккул наёфтани фарҳанги таҳаммулпазирӣ ва ба доми фиреби сиёсӣ афтодани баъзе аз ҷавонон боиси дар ҷомеа қувват гирифтани созмонҳои ифротӣ мегардад. Аз ин рӯ, таълими фанни мазкур бояд тарзе пеш равад, ки донишҷӯён аз мавзӯи демократия бардоштҳои зарурӣ гирифта, ҳамчун сарчашмаи таҳкимбахши суботи сиёсӣ ва амнияти миллии кишвар инкишоф ёбанд. Танҳо дар ин ҳолат таълими фанни сиёсатшиносӣ дар раванди иҷтимоисозии сиёсии ҷавонон нақши воқеии худро дуруст анҷом медиҳад.

Ҳадафи асосии таълими фанни мазкур на танҳо ташаккули дониши сиёсии ҷавонони донишҷӯ, ҳамчунин табдил додани онҳо ба шаҳрванди соҳибмаърифат ва иштирокчии фаъоли сиёсӣ мебошад. Шаҳрванде, ки аз рӯйи донишу таҷриба ва манфиатҳои шахсӣ, ҳизбӣ ба сиёсат бештар пайваста, ба равандҳои сиёсии ҷомеа таъсири назаррас мегузорад. Чунин шаҳрванд дар ҳифзи суботи сиёсӣ, амнияти миллӣ ва дар рушди минбаъдаи ҷомеа ва давлат саҳми арзандаи худро мегузорад. Ҳадафи давлат дар самти маориф низ маҳз

тарбияи насли худшиносу худогоҳ, ватандӯст ва омода намудани мутахассисони ҷавобгӯ ба талаботи замони муосир мебошад.

Дар шароити муосири ҷомеаи демократӣ масъалаи маърифати сиёсии шаҳрвандон дар муқоиса аз низомҳои тоталитарӣ, ки дар он идеологияи ягонаи расмӣ амал менамуд, ба ташаккули ҷаҳонбинии нав алоқаманд буда, он бо арзишҳои демократия – озодӣ, таҳаммулпазирӣ ва ғ. асос ёфтааст.

Хулоса, пешрафти давлат бо дараҷаи маърифатнокии сиёсӣ, касбият ва сатҳи фаъолнокии шаҳрвандон дар корҳои ҷамъиятиву давлатӣ вобаста буда, бе рушди ҷиҳатҳои маънавии шаҳрвандон таъмини рушди босуботи соҳаҳои ҳаёти ҷомеа имконнопазир аст. Маҳз бо баланд бардоштани сифати таълим, дар навбати худ, таълими дурусти фанни сиёсатшиносӣ, бедор намудани шавқу рағбати ҷавонон ба ҳаёти сиёсӣ ва раванди идоракунии давлат, иштироки онҳо дар корҳои ҷамъиятӣ-сиёсӣ, аз ҷумла дар маъракаҳои сиёсӣ, боиси инкишофи арзишҳои демократӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ гардида, ба рушди босуръати ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеа мусоидат менамояд.

АДАБИЁТ

1. Зокиров Г.Н. Сиёсатшиносӣ. Китоби дарсӣ барои донишҷӯёни мактабҳои олӣ. Нашри сеюми такмилёфта/ Г.Н. Зокиров. – Душанбе: Эр-граф, 2010. – 520 с.
2. Зуляр Р.Ю. Политическая социализация студенчества как неотложная проблема современной России / Р.Ю.Зуляр // Вестник Забайкальского государственного университета. – 2009. – № 4. – С. 61-66.
3. Киреева Н.Н. Влияние информационной культуры на политическую социализацию молодежи / Н.Н.Киреева // Вестник Челябинского государственного университета. –2013. –№38(329). –С.39-42.
4. Колобова С.А. Политическая социализация граждан в условиях модернизации Российской Федерации / С.А.Колобова // Власть. –2009. – №9. – С. 37.
5. Маҳмадов А.Н. Сиёсатшиносӣ. Китоби дарсӣ барои донишҷӯёни мактабҳои олӣ / А.Н. Маҳмадов. – Душанбе: ДМТ, 2010. – 288 с.
6. Мирясова, О.А. Политическая социализация молодежи в процессе участия в протестных движениях / О.А. Мирясова // Мониторинг общественного мнения. – 2010. – №5(99). – С. 216-220.
7. Муҳаббатов А. Инкишофи системаи бисёрҳизбӣ дар раванди тағйирёбии ҷомеа / Тоҷикистон дар масири истиқлолият ва таҳдидҳои нави ҷаҳонӣ / А.Муҳаббатов //Маводи конференсияи илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ (Душанбе, 5-6-уми январи 2017). – Душанбе, ДМТ, 2017. – С. 3-11.
8. Муҳаббатов А. Сиёсатшиносӣ (китоби дарсӣ барои донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ) / А.Муҳаббатов. Нашри дуюми такмилёфта. – Душанбе: Истеъдод, 2013. – 392 с.
9. Муҳаммад А.Н. Сиёсатшиносӣ. Китоби дарсӣ барои донишҷӯёни факултетҳои ғайриихтисоси муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ / А.Н. Муҳаммад, М.У. Хидирзода, Х.Қ. Сафарализода. -Душанбе: Паёми ошно, 2018. -416 с.
10. Муҳаммадзода П.А. Неруи ҳушманд ва дурнамои ҳимояи манфиатҳои миллӣ / П.А.Муҳаммадзода, Х.Қ. Сафарализода //Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. – 2020. – №2(70). – С. 10-22.
11. Ольшанский, Д.В. Основы политической психологии / Д.В. Ольшанский. -Екатеринбург: Деловая книга, 2001. -496 с.
12. Пӯлотов Ҳ. Сиёсатшиносӣ: Дастури таълимӣ барои донишҷӯёни мактабҳои олӣ ва миёна. Нашри 2, бо такмил ва тавзеҳот / Ҳ. Пӯлотов, А. Пӯлотов. – Душанбе, 2002. – 264 с.
13. Рубчевский, К.В. Социализация личности: интериоризация и социальная адаптация /К.В. Рубчевский // Общественные науки и современность. – 2003. – № 3. – С. 147-151.
14. Саидзода Ш.Ш. Ҷавонон – омили ҳастии миллат ва таҳкими давлат. – Хуҷанд: Ношир, 2019. – 230 с.
15. Силантьева В.А. Вузовское образование в системе политической социализации / В.А. Силантьева, Н.В. Гамидова //Научный Вестник ЮИМ. – №1. – 2015. – С. 99-101.
16. Фаттоҳзода С.С. Давлат, сиёсат, ҷомеа / С.С. Фаттоҳзода, Б. Ҳамдамов, С. Саидов. -Хуҷанд, 2018. -616 с.
17. Федоренко, А.В. Политическая социализация в современной России и проект «коммуникативной демократии» / А.В. Федоренко // Вестник РУДН. – 2005. – № 8. – С. 128-134.
18. Хенсон Д. Глобальная модель политической социализации / Д. Хенсон // Политическая лингвистика. – 2007. -Вып. 2. -С.73.
19. Холиқӣ А. Сиёсатшиносӣ: мафҳуму назарияҳо ва ҷадвалҳои мантиқӣ / Холиқӣ А., Ҷ. Ҷӯрабоев. – Хуҷанд: Ношир, 2013. – 516 с.
20. Шаъбонов Н.Н. Особенности формирования политической культуры студенческой молодежи в процессе трансформации общества (Опыт Республики Таджикистан) / Н.Н. Шаъбонов. – Душанбе: ТНУ, 2015. – 184 с.
21. Шоисматуллоев Ш. Таджикистан в зеркале преемственности и смены поколений / Ш.Шоисматуллоев. -2-е издание. – Душанбе: Ирфон, 2008. – 320 с.
22. Ятимов Саймумин. Миллат, илм, амният / С. Ятимов. – Хуҷанд: Ношир, 2019. – 384 с.

МУҲИММИЯТИ ОМӮЗИШИ ФАННИ СИЁСАТШИНОСӢ ДАР РАВАНДИ ИҶТИМОИСОЗИИ СИЁСӢ

Дар мақола масъалаи мақоми омӯзиши фанни сиёсатшиносӣ дар раванди иҷтимоисозии сиёсӣ мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Фанҳои ҷамъиятӣ, аз ҷумла сиёсатшиносӣ, дар инкишофи донишҳои сиёсӣ, маданияти сиёсӣ ва умуман тарбияи сиёсии ҷавонони донишҷӯ таъсири назаррас доранд. Маҳз дар фанни сиёсатшиносӣ он мавзӯъҳое баррасӣ мегарданд, ки бевосита бо сохтори давлат, режими сиёсӣ, низоми сиёсӣ, мавҷудият ва фаъолияти институтҳои сиёсӣ, аз ҷумла ҳизби сиёсӣ, демократия, ҷомеаи шаҳрвандӣ, интихобот, таъсири воситаҳои ахбори омма дар раванди идоракунии давлат, масъалаҳои глобалии ҷаҳони муосир, сохтори муносибатҳои байналмилалӣ алоқаманд буда, онҳо дар инкишофи ҷаҳонбинии сиёсии ҳар шаҳрванд нақши муайян мегузоранд. Аз назари муаллиф, дар шароити низоми

сиёсии демократӣ, таълими дурусти фанни сиёсатшиносӣ дар мактабҳои олӣ ба боло рафтани маърифати сиёсии шаҳрвандон, пеш аз ҳама ҷавонон ва пешгирии онҳо аз гаравидан ба созмонҳои ифротӣ ва ба раванди самараноки иҷтимоисозии сиёсии шаҳрвандон мусоидат менамояд. Ҷавонон дар ин марҳила дар баробари омӯзиши фанни сиёсатшиносӣ ҳамзамон бо амалияи сиёсӣ ошно гардида, тавассути иштирок дар чорабиниҳои ҷамъиятӣ-сиёсӣ таҷрибаи сиёсӣ касб менамоянд. Пешниҳод мегардад, ки барои ҳарчи дуруст омӯхтани ҳаёти сиёсӣ машғулиятҳои амалӣ-семинарии фанни сиёсатшиносӣ қувват бахшида шуда, барои аз тарафи муҳассилин ташкил намудани чорабиниҳои ҷамъиятӣ-сиёсӣ шароит фароҳам оварда шавад.

Калидвожаҳо: таълими фанни сиёсатшиносӣ, иҷтимоисозии сиёсӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон, низоми сиёсии демократӣ, ҷавонони донишҷӯ, маърифати сиёсӣ.

ВАЖНОСТЬ ИЗУЧЕНИЯ ПОЛИТОЛОГИИ В ПРОЦЕССЕ ПОЛИТИЧЕСКОЙ СОЦИАЛИЗАЦИИ

В статье анализируются место и роль предмета политологии в процессе политической социализации. Общественные науки, в том числе политология, значительно влияют на развитие политического знания, политической культуры и в целом, на политическое воспитание студенческой молодёжи. Именно политология изучает такие политические категории, как государства, политический режим, политическая система, политические институты, политические партии, демократия, гражданское общество, выбор, влияние средств массовой информации на процесс управления государством, глобальные мировые проблемы международных отношений, что играет заметную роль в процессе формирования политического мировоззрения граждан. В условиях демократического общества правильное изучение предмета политологии и других общественных наук в вузах способствует повышению политической грамотности молодёжи, эффективной политической социализации граждан и является преградой для вовлечения молодёжи в террористические и экстремистские организации. В период обучения в вузе молодёжь наряду с получением политических знаний также знакомится с политическими реалиями и путём участия в общественно-политических мероприятиях приобретает политические навыки. Автор предполагает, что для улучшения политических знаний молодёжи и активизации её участия в процессе государственного управления необходимо усилить практические и семинарские занятия и дать возможность учащимся самостоятельно организовывать и участвовать в общественно-политических мероприятиях.

Ключевые слова: политология, политическая социализация, Республика Таджикистан, демократическая политическая система, студенческая молодёжь, политическая грамотность.

THE INPOVTENCE OF STUYING "POLITICAL SCIENCE" IN THE PROCESS OF POLITICAL SOCIALIZATION

The article analyzes the place and role of the Political Science in the process of political socialization. Social Sciences, including political science, significantly influence the development of political consciousness, political culture and in general the political education of students. Political science studies such political categories as the state, political regime, political system, political institutions, political parties, democracy, civil society, election systems, the influence of the media on the process of government, global problems, international relations, which plays a significant role in the formation of the political outlook and consciousness of citizens. In a democratic society, proper study of the subject of Political Science and other social sciences in higher education institutions contributes to improving of political literacy of young generation, effective political socialization of citizens, and playsas is a barrier to the involvement of young people in terrorist and extremist organizations. By studying politics at the university, young generation, along with gaining political knowledge, also get acquainted with political practices and acquire political skills by participating in socio-political events. The author suggests that in order to improve the political knowledge of young generation and develop their participation in the process of public administration it is necessary to strengthen practical and seminar classes and give students the opportunity to independently organize and participate in socio-political events.

Keywords: political science, political socialization, Republic of Tajikistan, democratic political system, student youth, political education.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Саидзода Шӯҳрат Шукур*** **–** Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, мудири кафедраи сиёсатшиносӣ. **Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Хуҷанд, мрн. 17, хонаи 1. Телефон: **(+992) 939-38-88-66.** E-mail: **shuhratst@mail.ru**

Сведения об авторе: ***Саидзода Шухрат Шукур*** **–** Таджикский государственный университет права, бизнеса и политики, заведующий кафедрой политологии. **Адрес:** 735700, Республики Таджикистан, город Худжанд, 17 мкр-н, дом 1. Телефон: **(+992) 939-38-88-66.** E-mail: **shuhratst@mail.ru**

Information about the author: ***Saidzoda Shukhrat Shukur*** **–** Tajik State University of Law, Business and Policy, Head of the politology department under the TSULBP. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand city, 17 microdistrict, house 1. Phone: **(+992) 939-38-88-66.** E-mail: **shuhratst@mail.ru**

УДК: 321.022

АМНИЯТИ ИТТИЛООТӢ ҚИСМИ ҶУДОНАШАВАНДАИ АМНИЯТИ МИЛЛӢ

Холиқов Ф.А.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Амният доимо яке аз муҳимтарин ҳадафҳо ва ниёзҳои ҷомеа ва давлат ба шумор меравад. Рушди тамаддуни инсонӣ ҳамеша бо рафъи таҳдидҳои гуногуни табиӣ, иҷтимоию сиёсӣ, технологӣ ва ғайраҳо алоқаманд аст. Яъне, яке аз шартҳои муҳимми мавҷудият ва рушди ҷомеа ва давлат амният маҳсуб меёбад. Масъалаи амният дар маркази таваҷҷуҳи олимони даврaҳои гуногуни таърихӣ қарор гирифтааст. Дар замони

муосир бошад, аз ҳама бештар ба ин масъала файласуфон, сиёсатшиносон, муаррихон ва ҳуқуқшиносон таваҷҷуҳ зоҳир менамоянд.

Афлотун муътақид буд, ки давлат бояд диққати худро ба низоми сиёсие равона созад, ки амнияти онро таъмин мекунад. Арасту роҳи таъмини амнияти ҷомеа ва давлатро дар ташаккули фарҳанги иҷтимоию сиёсии шаҳрвандон медид. Мутафаккири италиявӣ Н.Макиавелли изҳор медорад, ки таҳдидҳо ба давлат аз дохил (аз ҷониби шаҳрвандон) ва аз хориҷ (аз ҷониби ҳамсояҳои пурқудрат) вуҷуд доранд. Вай боварӣ дошт, ки таҳдидҳои берунаро бо ёрии артиши хуб ва ҳампаймонҳои боэътимод бартараф кардан мумкин аст. Ба гуфтаи ӯ, агар таҳдидҳои хориҷӣ бартараф карда шаванд, амнияти дохилиро нигоҳ доштан имконпазир аст [12,с.66]. Файласуфи фаронсавӣ Ж.Ж.Руссо мафҳуми «соҳибихтиёрии халқ»-ро ба назарияи «рушди ҷомеа» ворид кард. Ин мафҳум на танҳо рушди озод ва мустақили одамон, балки амнияти ҷомеаро низ дар назар дорад [5].

Мафҳуми «амнияти миллӣ» бошад, бори аввал дар паёми президенти ИМА Теодор Рузвелт ба Конгресс дар соли 1904 истифода шудааст. Аммо ин истилоҳ танҳо соли 1947 мақоми расмиро ба даст овард. Худи ҳамон сол Иёлоти Муттаҳидаи Амрико Қонуни амнияти миллиро қабул кард. Маҳз дар асоси ин қонун бори аввал Шӯрои амнияти миллии ИМА ва Идораи марказии истихборот таъсис дода шуданд.

Соли 1994 СММ муносибати навро ба мафҳуми «амният» барои асри XXI пешниҳод кард: минбаъд амният на танҳо ба кишвар, балки ба мардум низ дахл дорад; амният на танҳо тавассути доштани қудрати ҳарбӣ, балки тавассути ноил шудан ба рушду инкишоф низ ба даст оварда мешавад; амният на танҳо ба давлат, балки ба шахс ва ниҳодҳои ҷамъиятӣ низ мутааллиқ аст; амният ҳолати ҳимоятшавандагӣ на танҳо аз муноқишаҳои байни давлатҳо, балки байни миллатҳо низ мебошад [7,с.42].

Дар консепсияҳои муосир амният ҳамчун сатҳи ҳимояи манфиатҳои ҳаётан муҳимми шахс, ҷомеа ва давлат аз таҳдидҳои дохилӣ ва хориҷӣ тавсиф карда мешавад. Манфиатҳои ҳаётан муҳим маҷмӯи ниёзҳои шахс, ҷомеа ва давлатро дар бар мегиранд, ки фаъолияти самаранок ва рушди устуворро таъмин мекунанд [21,с.44].

Манфиатҳои шахс аз татбиқи ҳуқуқу озодиҳои конститутсионӣ, таъмини амнияти шахсӣ, баланд бардоштани сатҳи зиндагӣ, рушди ҷисмонӣ, маънавӣ ва зеҳнӣ иборатанд.

Манфиатҳои ҷомеа чунин масъалаҳо, ба монанди таъмини демократия, ташкили давлати ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ, ноил шудан ба ризоияти ҷамъиятӣ ва беҳтар намудани фазои маънавии ҷомеаро дар бар мегиранд.

Манфиатҳои давлат дахлнопазирии сохтори конститутсионӣ, соҳибихтиёрӣ ва тамомияти арзӣ, суботи сиёсӣ, устувории иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, волоияти қонун ва тартиботи ҷамъиятӣ, рушди ҳамкориҳои мутақобилан судманди байналмилалиро дар бар мегиранд. Ҳамин тариқ, ҳимояи манфиатҳои шахс, ҷомеа ва давлат дар мафҳуми «амнияти миллӣ» ифода меёбад.

Асоси соҳибихтиёрии ҳар як давлат амнияти миллии он мебошад. Аз ин рӯ, таъмини амнияти миллӣ яке аз муҳимтарин вазифаҳои давлат маҳсуб меёбад. Кишварҳое, ки амнияти миллиро таъмин карда наметавонанд, соҳибихтиёрии худро аз даст медиҳанд ва сиёсати дохилӣ ва хориҷии онҳоро кишварҳои дигари қудратмандтар муайян мекунанд. Амнияти миллии ҳар як давлат қисми ҷудонопазири амнияти байналмилалӣ низ мебошад [20,с.27].

Хусусияти фарқкунандаи ҳама гуна донишҳои илмӣ, аз ҷумла оид ба таъмини амнияти миллӣ, аз назарияе иборат аст, ки тибқи он консепсия, роҳу усул ва ниҳоятан, эътиқоди таъмини амният то кадом андоза ҷанбаи амалӣ дорад. Назарияе, ки дар равандҳои муҳимми таъмини амнияти миллӣ дар таҷриба санҷида шуда, маҳз тавассути он миллат ба сулҳу субот ва кишвар ба рушду нумӯ расидааст, на танҳо маълумоти илмӣ, балки мояи ифтихор ва ҳимояи он сазовор ба ҷоннисориҳост [18,с.23-24].

Амнияти миллӣ ҳамчун системаи мураккаб ва бисёрсатҳа тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятиро фаро мегирад. Ҳар як соҳаи фаъолият, дар навбати худ, манфиатҳои ҳаётан муҳим ва таҳдидҳои гуногунро доро мебошанд. Аз ин рӯ, амнияти миллиро аз рӯйи соҳаҳои фаъолият ба намудҳои гуногун тақсим намудан мумкин аст. Чунончи, амнияти сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, ҳарбӣ, иттилоотӣ, экологӣ, илмию технологӣ, фарҳангию маънавӣ ва ғ.

Соҳаҳои гуногуни амнияти миллӣ бо ҳам алоқаманданд ва яке бе дигаре таъмин карда намешавад. Ба ибораи дигар, рушди ҳар як соҳаи фаъолият ва ҳимояи манфиатҳои ҳаётан муҳимми он аз рушди соҳаҳои дигар вобаста аст ва ҳамзамон ба якдигар метавонанд то андозае таъсири манфӣ расонанд. «Ҳар як соҳа барои таъмини амнияти соҳаҳои дигар шарту шароит фароҳам меоварад; ҳар як соҳа ҳамзамон метавонад ба сифати сарчашмаи таҳдид баромад намояд. Дар шароите, ки як соҳаи мушаххас ҳамчун

сарчашмаи таҳдид баромад менамояд, он дигар наметавонад манбаи таъмини амният ва шарту шароити таъмини амнияти соҳаҳои дигар бошад» [13,с.46]. Дар мақолаи мазкур амнияти иттилоотӣ ҳамчун қисми ҷудонашавандаи амнияти миллӣ ва муҳиммияту зарурияти он барои таъмини амнияти соҳаҳои дигари ҳаёти ҷамъиятӣ нишон дода мешавад. Махсусан, дар шароити рушди технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ (минбаъд ТИК) ва ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ вобастагии амнияти дигар соҳаҳо аз амнияти иттилоотӣ давра ба давра афзун мегардад.

Амнияти иттилоотӣ ҳолати ҳимоятшавандагии манфиатҳои ҳаётан муҳимми шахс, ҷомеа ва давлат дар соҳаи иттилоот мебошад, ки сатҳи ҳимояи онҳоро аз таҳдидҳои дохилӣ ва хориҷӣ инъикос мекунад [11,с.74]. Ба ибораи дигар, амнияти иттилоотӣ ин муҳофизати иттилоот ва системаҳои иттилоотӣ аз дастрасии ғайриқонунӣ, беиҷозат тағйир додан, нобуд сохтан ва ё вайрон кардани онҳо мебошад, то ки махфият, дурустӣ ва дастрасии онҳо таъмин карда шавад [1,с.41]. Масалан, агар амнияти иттилоотиро дар шароити амалишавии ҷангҳои иттилоотӣ тасаввур намоем, гуфтаҳои болоро ба осонӣ мушоҳида кардан мумкин аст. Дар чунин шароит субъекти таҳдид бо мақсади тағйир додани манзараи иттилоотии ҷомеа афкори ҷамъиятиро ҳамчун объекти рамзӣ интихоб намуда, барои тағйир додани тасаввуроти онҳо ва коҳиш додани эътибори давлату ҳукумат на танҳо ба паҳн намудани иттилооти ғайрирасмӣ ва ғайриқонунӣ машғул мешаванд, балки ғайриқонунӣ барои дастрас намудани иттилооти махфӣ, тағйир додани мундариҷаи иттилооти расмӣ ва дастнорас гардонидани онҳо кӯшиш менамоянд.

Дар соҳаи иттилоот як қатор масъалаҳо, аз қабили дастрасии иттилооти расмӣ, истифодаи онҳо барои таъмини рушди ҷисмонӣ, маънавӣ ва зеҳнии инсон, инчунин ҳифзи маълумоти шахсӣ ба манфиатҳои шахс дохил мешаванд.

Манфиатҳои ҷомеа дар соҳаи иттилоот иборатанд аз таъмини манфиатҳои шахс дар ин самт, таҳкими демократия, волоияти қонун ва ба даст овардани ҳамбастагии ҷамъиятӣ.

Манфиатҳои давлат дар соҳаи иттилоот аз рушди устувор ва ҳамоҳангии инфрасохтори иттилоотии кишвар, фароҳам овардани шароит барои татбиқи ҳуқуқҳои конститутсионии шаҳрвандон дар соҳаи иттилоот, ҳифзи манбаъҳои иттилооти давлатӣ аз дахолати ғайриқонунӣ, амнияти системаҳои иттилоотӣ ва телекоммуникатсионӣ иборат мебошанд.

Дар шароити рушди босуръати ТИК, афзоиш ёфтани афзалияти истифодаи онҳо дар тамоми соҳаҳои ҷомеа ва дар натиҷа ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ алоқамандии амнияти иттилоотӣ бо амнияти миллӣ ва ҷузъҳои алоҳидаи онро хеле зиёд мегардонад. Аз ин рӯ, дар шароити кунунии рушди давлатдорӣ ва дар раванди таҳкими суботи сиёсӣ масъалаи амнияти миллӣ ниҳоят мураккаб ва гуногунҷабҳа гардидааст. Айни замон тамоми соҳаҳои амнияти миллиро бе унсурҳои иттилоотӣ тасаввур намудан ғайриимкон аст. Бинобар ин, технологияҳои иттилоотию коммуникатсионии замони муосир дар таъмини амнияти миллӣ ва суботи сиёсӣ нақши муҳим мебозанд. Ин аст, ки ҳамаи кишварҳои пешрафта барои таъмини сатҳи баланди амнияти миллӣ ба рушди инфрасохтор ва системаҳои гуногуни иттилоотӣ диққати махсус медиҳанд.

Сатҳи иттилоотонии ҷомеа ва мавҷудияти иттилооти боэътимод дар бораи вазъи соҳаҳо, махсусан, дар мавриди рушди равандҳои иқтисодӣ, сиёсӣ ва иҷтимоӣ, иттилоот дар бораи рушди ояндаи мамлакат аз қобилияти мақомоти давлатӣ ва тамоми ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ вобаста мебошад. Махсусан, мақомоти давлатӣ барои таҳия ва татбиқи қарорҳои муҳимми соҳаҳои ҳаётан муҳимми мамлакат бояд бо роҳи иттилоотонии ҷомеа амал намояд, зеро дар шароити ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ дар самти таъмини рушди устувор ва амнияти ҷомеа иттилооти дақиқ, саривақтӣ ва дорои аҳамияти стратегӣ нақши ҳалкунанда дорад. Бо дарназардошти чунин вазъ гуфтан мумкин аст, ки амнияти иттилоотӣ нисбат ба дигар ҷузъҳои амнияти миллӣ афзалияти бештар пайдо менамояд. Дар ҷомеаи иттилоотӣ тамоми соҳаҳои фаъолияти инсонӣ оҳиста-оҳиста дар фазои иттилоотӣ гузаронида мешаванд, равандҳои иттилоотӣ муносибатҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ, ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва ғайраро фаро мегиранд. Дар баробари чунин пешрафт ва дигаргунӣ инчунин хавфу хатари ба амал омадани ҷиноятҳои иттилоотӣ, аз қабили киберҷиноятҳо ва афзоиши таъсири таҳдидҳои иттилоотӣ, ба монанди кибертерроризм, киберэкстремизм, ҷангҳои иттилоотию психологӣ ва ғ. зиёд мешаванд.

Пеш аз ҳама, алоқамандии амнияти иттилоотӣ ва амнияти иҷтимоию сиёсиро ёдовар гардидан хеле муҳим аст. Зеро дар замони муосир таъмини суботи сиёсӣ ва тартиботи ҷамъиятӣ аз амнияти иттилоотӣ вобастагии зиёд доранд. Амнияти иҷтимоию сиёсӣ ба монанди амнияти иттилоотӣ яке аз ҷузъҳои муҳимтарини амнияти миллӣ ба шумор

мераванд. Сатҳи амнияти иҷтимоӣ-сиёсӣ нишондиҳандаи бевоситаи фаъолияти ҳокимияти давлатӣ мебошад. Яъне, вайрон кардани амнияти иҷтимоӣ-сиёсӣ маънои фалаҷ гардонидани идоракунии давлатӣ, ташкил намудани бетартибиҳо ва аз байн бурдани суботи сиёсиро дорад. Дар кадом вазъ қарор доштани соҳаҳои дигари амнияти миллӣ аз сатҳи амнияти иҷтимоӣ-сиёсӣ низ вобаста аст. Бе амнияти иҷтимоӣ-сиёсӣ ва суботи сиёсӣ дар ягон кишвар амнияти ҳарбӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, маънавӣ ва ғайра буда наметавонад.

Аз нигоҳи шароити дохилӣ амнияти сиёсӣ маънои устувории низоми иҷтимоию сиёсии ҷомеа, манфиатҳои асосии ҳама гурӯҳҳои иҷтимоӣ, ҳуқуқ ва озодиҳои муқаррарии инсон, набудани низоъҳои иҷтимоию сиёсиро дорад [17,с.46].

Аз нигоҳи шароити беруна, амнияти иҷтимоӣ-сиёсӣ сатҳи ҳимояи сохти конститутсионии кишвар, соҳибихтиёрӣ, тамомияти арзӣ ва манфиатҳои миллӣ дар арсаи байналмилалӣ аз ҷониби ҳокимияти давлатӣ мебошад.

Амнияти иҷтимоӣ-сиёсӣ инчунин шарти татбиқи принсипҳои адолати иҷтимоӣ дар ҷомеа, таъмини шаҳрвандон бо ҳадди ақали ҳифзи иҷтимоӣ ва сатҳи баланди зиндагӣ мебошад. Таъмини амнияти иҷтимоию сиёсӣ, дар асл, кафили суботи иҷтимоию сиёсии ҷомеа ба шумор меравад.

Дар замони муосир ТИК ҳам дар таъмин ва ҳам дар вайрон кардани амнияти иҷтимоӣ-сиёсӣ нақши муассир доранд. Масалан, як қатор ҳуқуқу озодиҳои бунёдии инсон, аз ҷумла ҳуқуқ ба таҳсил, озодии сухан, озодии иттилоот, озодии эҷодкорӣ, ҳуқуқи иштирок дар идораи давлатӣ, ҳуқуқи шикоят, ҳуқуқ ба дахолатнопазирӣ, ҳуқуқ ба бехатарӣ, баробарӣ, ҳуқуқи моликият, қонуни манзил, қонуни издивоҷ, қонуни меҳнат, ҳуқуқи истироҳат, ҳуқуқ ба амнияти иҷтимоӣ ва ғайраҳо ба воситаи истифодаи ТИК хубтару беҳтар ҳимоя мегарданд. Аммо дар баробари ин, бо мақсади аз байн бурдани суботи сиёсӣ ва ё ҳадалимкон халал расонидан ба он як қатор падидаҳои номатлуб, аз қабили ҷангҳои иттилоотӣ, инқилобҳои ранга, табаддулоти давлатӣ, тазоҳуроти оммавӣ, назарфиребӣ, барангехтани кинаю адовати миллию мазҳабӣ, тундгароӣ ва ифротгароии динию сиёсӣ ва ғайраҳо дар заминаи истифодаи ТИК ба амал бароварда мешаванд. Чунин ҳолат дар таҳқиқоти баъзе олимон парадокси амнияти иттилоотӣ номида шудааст [6].

Муҳимтарин объекти амнияти иҷтимоию сиёсӣ сохтори конститутсионии давлат ва рушди худи ҳукумат мебошад. Системаи муосири идоракунии давлатӣ, ки бо истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ташаккул ёфта истодааст, муҳимтарин унсури амнияти иттилоотии ҳукумати типи нав, яъне ҳукумати электронӣ мебошад. Бояд ёдовар шуд, ки инфрасохтори технологӣ, интиқоли ҳуҷҷатҳои электронӣ, низоми имзои электронӣ, ҳифзи сирри давлатӣ, маълумоти шахсӣ, таъмини дастрасии шаҳрвандон ба захираҳои иттилооти оммавӣ ва хизматрасониҳои электронӣ унсурҳои асосии ҳукумати электронӣ дониста мешаванд, ки онҳо, дар навбати худ, дар шароити ташаккулёбии ҳукумати электронӣ яке аз вазифаҳои муҳимтарини амнияти иттилоотӣ маҳсуб меёбанд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ бо ин мақсад ҳанӯз соли 2011 Консепсияи ташаккули ҳукумати электронӣ қабул гардида буд. Соли 2012 Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми солонаи худ ба Маҷлиси Олии кишвар дар мавриди афзалиятҳои ташаккули ҳукумати электронӣ чунин андешаронӣ намуда буданд: «Кишварҳое, ки дар татбиқи технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ ва рушди ҳукумати электронӣ ба пешравиҳои назаррас ноил гардидаанд, пеш аз ҳама, ба масъалаҳои омода намудани кадрҳои баландихтисоси ин соҳаи муҳим, рушди инфрасохтори иттилоотӣ, зина ба зина баланд бардоштани сатҳи дониши хизматчиёни давлатӣ ва татбиқи усулҳои идоракунии электронӣ диққати зарурӣ медиҳанд» [16]. Ҳамин тариқ, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ раванди ташаккули ҳукумати электронӣ оғоз гардидааст ва дар ояндаи наздик бо рушди инфрасохтори иттилоотии ҳукумат масъалаи таъмини амнияти иттилоотии он низ бояд хеле ҷиддӣ ба роҳ монда шавад.

Муҳофизати истиқлолият, соҳибихтиёрӣ, тамомияти арзӣ, сохти конститутсионии давлат, манфиатҳои миллии халқ ва кишвар, ҳуқуқ ва манфиатҳои инсон, ҷомеа ва давлат аз таҳдидҳои ҳарбӣ ва иҷтимоию сиёсӣ, инчунин безараргардонии дигар таҳдидҳо яке аз вазифаҳои асосии давлат дар таъмини амнияти ҳарбӣ мебошад. Дар зери таъсири ин тамоюлот нақши омили иттилоотӣ дар сохторҳои низомии кишварҳои пешрафта меафзояд. Ин кишварҳо аз имкониятҳои васеи технологияҳои иттилоотӣ барои афзоиши қудрати ҳарбии худ ва таҳкими системаҳои мудофиавӣ самаранок истифода мебаранд [3]. Пеш аз ҳама, системаи давлатии ҳифзи иттилоот ҳамчун сохтори мураккаб дар қатори дигар ҷузъҳои амнияти миллӣ, инчунин ҳифзи иттилооти ҳарбиро низ дар бар мегирад. Аммо дар баробари ин, дар замони муосир иқтидори технологияҳои иттилоотӣ барои

иҷрои вазифаҳои гуногуни ҳарбию ҷангӣ ба таври васеъ истифода мешавад. Аз ҷумла, ҷамъоварии иттилооти ҳарбӣ дар бораи вазъи кунунӣ ва интиқоли он аз матн ба шакли графикӣ (криптография), интиқоли иттилооти графикӣ ба мақомоти болоӣ, табдил додани иттилооти графикӣ ба матн, коркарди иттилоот, арзёбӣ ва қабули қарорҳои дахлдор, нусхабардории қарорҳо ва фиристодани онҳо ба қисмҳои ҳарбии маҳаллӣ ва аз нав фиристодани онҳо.

Раванди омодасозии фаврӣ ва тағйир додани харитаҳои ҳарбӣ, ки яке аз ҳуҷҷатҳои асосии ҷангӣ мебошад, низ мустақиман тавассути технологияҳои иттилоотӣ амалӣ карда мешавад. Ин харитаҳо ба тасаввуроти фасеҳ ва дақиқи вазъияти кунунии тактикӣ имкон медиҳанд. Робототехникаи фосилавӣ ва ҳавопаймоҳои бесарнишин дар артиши муосир бо мақсади иктишоф ва дигар ҳадафҳо ба таври васеъ истифода бурда мешаванд. Татбиқи бомуваффақияти чунин равандҳо, пеш аз ҳама, сатҳи баланди амнияти иттилоотиро талаб мекунад. Бо ин мақсад дар як қатор кишварҳо воҳидҳои махсуси ҳарбӣ - неруҳои киберӣ ё худ киберартиш ташкил карда мешаванд, ки заминаи асосии онҳоро дар баробари шароити моддию техникӣ инчунин неруи инсонӣ ташкил медиҳад [9]. Яъне, омода намудани мутахассисоне, ки аз уҳдаи истифода намудани технологияҳои навин баромада тавонанд, яке аз масъалаҳои ҳалталаби ин соҳа мебошад.

Яке аз масъалаҳои марбут ба унсурҳои иттилоотии амнияти ҳарбӣ ҷангҳои иттилоотӣ мебошанд [2]. Агар ба таърих назар афканем, мебинем, ки дар ҳар давра дар баробари амалиёти ҳарбӣ аз силоҳи иттилоотӣ ва ҳуҷумҳои иттилоотӣ низ истифода бурда мешуданд. Тарафе, ки ин усулро бомуваффақият истифода мебарад, барои ноил шудан ба ҳадаф имкониятҳои иловагӣ дорад. Аз нимаи дуюми асри ХХ технологияҳои ҷанги иттилоотӣ ҳангоми гузаронидани амалиёти ҳарбӣ фаъолтар ва бомуваффақият истифода мешаванд. Ин ба рушди ТИК ва имкониятҳои нави он вобаста аст.

Яке аз ҳадафҳои асосии ҷанги иттилоотӣ, ки дар баробари амалиётҳои ҳарбӣ гузаронида мешавад, паҳн кардани иттилооти бардурӯғи иғвоангез дар байни низомиён ё аҳолии тарафи муқобил ва ошуфта кардани рӯҳияи онҳо аст. Технологияҳои иттилоотии замони муосир барои амалӣ намудани чунин ҳадафҳо имкониятҳои зиёд фароҳам овардааст. Дар ин робита, яке аз вазифаҳои асосии амнияти иттилоотӣ омодагӣ ба ҷанги иттилоотӣ ва андешидани чораҳои зарурӣ барои пешгирии онҳо дар ҳолати таҳдиди воқеӣ мебошад.

Дар раванди баамалоии ҷангҳои иттилоотӣ васоити ахбори омма ва ниҳодҳои фарҳангию маърифатӣ нақши калидӣ мебозанд. Аз ин рӯ, робитаи амнияти иттилоотӣ ва фазои иттилоотию маънавии ҷомеаро махсус бояд таъкид намуд. Гузашта аз ин, масъалаи таъмини амнияти иттилоотӣ бо фаъолияти васоити ахбори омма робитаи зич дорад. Зеро ВАО яке аз унсурҳои муҳимтарини системаи амнияти миллӣ буда, дар таъмини суботи сиёсӣ аҳамияти махсус дорад. Ҳар гуна иттилооти ғаразнок ва иғвоангезе, ки дар ВАО паҳн карда мешавад, метавонад барои амнияти миллӣ, суботи иҷтимоию сиёсӣ дар кишвар мушкилоти ҷиддӣ эҷод кунад [4].

Азбаски объекти фаъолияти ВАО иттилоот мебошад, фаъолияти ин соҳа бевосита дар доираи амнияти иттилоотӣ бояд баррасӣ гардад. Вазифаи асосии амнияти иттилоотӣ дар робита бо ВАО ҳимояи манфиатҳои миллӣ мебошад. Ҳам ВАО-и давлатӣ ва ҳам ғайридавлатии ватанӣ бояд фаъолияти худро барои ҳимояи манфиатҳои миллӣ ва пешгирии таҳдидҳои дохилию хориҷӣ амалӣ намоянд. Дар мавриди ВАО-и хориҷӣ бошад андешаҳои гуногун мавҷуданд ва умуман ҳамаи онҳо ифодагари манфиатҳои субъектҳои мушаххас мебошанд. Дар ин маврид олимони ватанӣ низ андешаҳои худро бамаврид иброз намудаанд. Чунончи, дар ин бора ишора мешавад, ки «аксари ВАО-и мустақил аз ҷониби созмонҳо ва давлатҳои хориҷӣ маблағгузорӣ шуда, манфиатҳои онҳоро ифода менамоянд» [14,с.351]. Аз ин рӯ, яке аз нишондиҳандаҳои сатҳи амнияти иттилоотии ВАО муқовимати он ба амалиёти ҷанги иттилоотӣ аст. Барои таъмини устуворӣ дар ин самт заминаи зарурии технологӣ ва захираҳои инсонӣ талаб карда мешаванд. Бояд донишгоҳу донишкадаҳои мамлакат хабарнигоронро тавре омода созанд, ки онҳо таҳдиду хатарҳои иттилоотӣ ва манфиатҳои миллии кишварро шинохта тавонанд. Гузашта аз ин, замоне фаро расидааст, ки барои соҳаҳои ҳаётан муҳим ва дорои аҳамияти стратегӣ хабарнигорони соҳавӣ омода карда шаванд ва дар раванди таълим ба онҳо фанҳои амнияти миллӣ, амнияти байналхалқӣ, манфиатҳои миллӣ, таҳдидшиносӣ, бархӯрди манфиатҳои геополитикӣ, ҷангҳои иттилоотӣ ва монанди инҳо таълим дода шаванд. Аз ҷумла, дар шароити кунунӣ ҳар як давлат ба хабарнигорони сиёсӣ, иқтисодӣ, ҳарбӣ, психологӣ, иҷтимоию фарҳангӣ хеле зиёд ниёз дорад. Ғайр аз ин, дар заминаи факултетҳои журналистика ташкил намудани ихтисосҳои журналистикаи сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ, ҳарбӣ ва ғайраҳо зарурати давру замон аст. Формати омода намудани

хабарнигорон аз рӯйи стандартҳои шӯравӣ дигар наметавонад талаботи маънавии ҷомеаро қонеъ созад ва ба воситаи онҳо дар сатҳи зарурӣ ҳимоя намудани манфиатҳои миллӣ низ хеле мушкил аст. Махсусан, дар ҳолатҳои фавқулода вазифа ва аҳамияти ВАО меафзояд. Зеро дар чунин шароит ба шаҳрвандон ва ҷомеа иттилооти саривақтӣ, мукаммал ва боэътимод додан лозим аст, то тамоюлҳои манфӣ, аз қабили ошуфтагӣ, ноумедӣ ва ғайра аз байн бурда шаванд. Ба хотир овардани вазъи иттилоотии баамаломадаи моҳҳои май ва июни соли 2020 дар мавриди паҳншавии бемории КОВИД-19 бамаврид аст. Он замон ташкилотҳои экстремистию террористӣ, аз қабили «Гурӯҳи 24», собиқ «Ҳизби наҳзати исломӣ», ташкилоти бо ном «Паймони миллии Тоҷикистон» ва зершохаҳои онҳо бо паҳн намудани иттилооти бардурӯғ ва иғвоангез ба шуури ҷамъиятӣ таъсиррасонӣ намуда, дар ҷомеа мехостанд фазои тарсу ноумедиро ба вуҷуд оваранд. Аз ин нуқтаи назар, яке аз вазифаҳои асосии амнияти иттилоотӣ дар соҳаи ВАО ин дастрасӣ ба манбаъҳои иттилоотии дуруст, саҳеҳ ва саривақтӣ мебошад. Гузашта аз ин, тавсеаи шабакаи Интернет, махсусан шабакаҳои иҷтимоӣ, қонеъ кардани эҳтиёҷоти иттилоотии одамон ба таври фаврӣ, ташаккули журналистикаи шаҳрвандӣ таъмини амнияти иттилоотиро дар ин самт боз ҳам мушкилтар мекунад. Дар чунин вазъ, имконияти содир кардани ҷиноятҳои гуногуни иттилоотӣ зиёд мешавад.

Дар натиҷаи ба амал омадани ҳуҷумҳои иттилоотӣ, пеш аз ҳама, амнияти фарҳангӣ, маънавӣ ва психологии ҷомеа зарару зиён мебинанд. Амнияти фарҳангӣ ва маънавӣ ин сатҳи ҳифзи шуури ҷамъиятӣ ва солимии маънавии мардум, ҳимояи арзишҳои ахлоқии ҷомеа ва тарзи ҳаёти ҷамъиятӣ аз таъсири таҳдидҳои дохилӣ ва берунӣ мебошад. Вазифаи давлат дар ин самт таъмини ҳифзи меъёрҳои ахлоқӣ, ҳимояи дину мазҳабҳои анъанавӣ ва анъанаҳои миллию фарҳангӣ, анъанаҳо ва арзишҳои таърихӣ мебошад [10].

Хубтару беҳтар гардонидани заминаи моддию техникӣ, оммавигардонӣ ва рушди маҳсулоти кинематографӣ ва чопӣ, ба талаботи давру замон ҷавобгӯ гардонидани фаъолияти табъу нашр, барномаҳои телевизион ва радио, мундариҷаи интернетӣ, ки арзишҳои миллӣ ва маънавиро дар бар мегиранд, таъмини дастрасии аҳолӣ, ташкили фармоишҳои давлатӣ оид ба баланд бардоштани ҳаҷм ва сифати чунин маҳсулот, сайёҳии фарҳангию маърифатӣ ва ғ. масъалаҳое муҳиме мебошанд, ки барои ҳалли онҳо чораҳои иловагӣ андешидан лозим аст. Дар баробари ин, бо мақсади таъмини амнияти фарҳангӣ ва маънавӣ филмҳо ва сериалҳо, барномаҳои телевизионӣ, маводҳои видеоӣ, китобҳои электронӣ ва дигар маъхазҳои рақамӣ, ки дар кишварҳои гуногун истеҳсол мешаванд, мустақиман ба объекти муҳимтарини амнияти иттилоотӣ табдил меёбанд.

Таъмини амнияти иттилоотии кишвар дар соҳаҳои фарҳанг ва маънавиёт аз истифодаи як қатор ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии марбут ба рушд, ташаккул ва рафтори шахс - ҳуқуқҳои иттилоотӣ, арзишҳои фарҳангию ахлоқӣ, анъанаҳо ва меъёрҳои таърихӣ вобаста аст. Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки равандҳои мусбат ва манфии дар соҳаи фарҳанг баамаломада дар замони муосир тавассути технологияҳои иттилоотӣ ва васоити электронӣ сурат мегиранд. Барои коҳиш додани таъсири таҳдидҳои дар ин соҳа зоҳиршаванда анҷом додани корҳои зерин хеле муҳим дониста мешаванд: фароҳам овардани шароити иҷтимоию иқтисодӣ барои фаъолияти эҷодӣ ва фаъолияти муассисаҳои фарҳангӣ; ҳифзи мероси фарҳангии минтақаҳо ва ақаллиятҳои миллӣ ва дастгирии ташаббусҳои ин соҳа; истифодаи шаклҳо ва усулҳои мутамаддини назорати ҷамъиятӣ оид ба ташаккул ва рушди арзишҳои ахлоқӣ дар ҷомеа, ки ба манфиатҳои миллии кишвар ҷавобгӯ мебошанд; таҳияи механизмҳои ҳуқуқӣ-ташкилӣ оид ба пешгирии таъсири манфии иттилоотӣ-равонӣ, ки ба шуури ҷамъиятӣ таъсир мерасонанд, инчунин оид ба ҳифзи арзишҳои ахлоқӣ ва таърихӣ; пешгирии барномаҳои телевизионӣ, радиоӣ ва манбаъҳои интернетие, ки хушунат, бераҳмӣ ва дигар рафтори бадахлоқонаро таблиғ мекунанд; пешгирии фаъолияти ташкилотҳои миссионерии хориҷӣ дар ҳудудҳои кишвар.

Дар мавриди робитаи илм бо амният, махсусан алоқамандии адабиёт бо амнияти миллӣ сиёсатшиноси тоҷик С.С. Ятимов андешаҳои хеле ҷолиб иброз намудаанд. Ба қавли ӯ, «адабиётшиносӣ имкон дорад, мисли замони гузашта аз ганҷинаи адабиёти классикии тоҷик барои таҳкими давлатдории миллӣ ва амнияти миллӣ тахассусмандона, бо масъулияти бузурги рукнҳои конститутсионӣ истифода кунад. Дараҷаи таъмини амнияти миллӣ бо тамоми роҳу восита наздик гаштан ба илм, маориф ва фаҳми воқеии равандҳои ҷамъиятӣ мебошад. Бе адабиёт расидан ба ин мақсад номумкин аст» [18,с.31-32].

Ғайр аз ин, суботи сиёсӣ ва таъмини амнияти миллӣ дар аксар маврид аз рушди иқтисодӣ ва пешрафти илмию техникӣ низ вобаста мебошад. Аммо дар замони муосир рушди иқтисодӣ ва таъмини амнияти иқтисодии кишварро бе истифодаи технологияҳои

итилоотӣ ва дастовардҳои нави илму техника тасаввур намудан ғайриимкон аст. Дар ин раванд робитаи амнияти иттилоотӣ бо амнияти иқтисодӣ низ хеле ҷиддӣ гардида истодааст. Ба ибораи дигар, таъмини амнияти иқтисодӣ аз сатҳу сифати амнияти иттилоотӣ вобаста шудааст. Амнияти иқтисодӣ вазъияте мебошад, ки иқтисодиёт ва бахшҳои гуногуни он (молия, бонкдорӣ, сармоягузорӣ, андозбандӣ ва ғ.) сатҳи зарурии маҳсулоти миллиро барои мавҷудият ва рушди мустақили кишвар таъмин мекунанд [8,с.89]. Таъмини амнияти иқтисодӣ кафолати соҳибихтиёрии кишвар, яке аз шартҳои асосии субот, фаъолияти муътадили ҷомеа ва ба даст овардани муваффақиятҳои нав мебошад. Бе амнияти иқтисодӣ дар сатҳи зарурӣ таъмин намудани амнияти миллӣ аз имкон берун аст. Аз ин рӯ, амнияти иқтисодӣ яке аз муҳимтарин афзалиятҳои давлат ба ҳисоб меравад.

Тӯли ду даҳсолаи охир технологияҳои иттилоотӣ, аз ҷумла технологияҳои интернетӣ, менеҷменти электронӣ, молия, инфрасохтори техникӣ, истеҳсолот, хизматрасонии маишӣ ва ғайраҳо дар миқёси васеъ татбиқ карда мешаванд. Дар зери таъсири ин технологияҳо, соҳаҳои анъанавии фаъолият, аз қабили бонкдорӣ, идоракунии давлатӣ, тандурустӣ, маориф, васоити ахбори омма, нақлиёт, коммуникатсия бо тағйироти ҷиддӣ рӯ ба рӯ мешаванд. Бо афзоиши нақши технологияҳои иттилоотӣ дар соҳаҳои иқтисодӣ, масъалаҳои амнияти иттилоотӣ барои бахши иқтисод муҳимтар мешаванд.

Асоси иқтисодиёти навро иттилоот ва дониш ташкил медиҳанд. Иттилоот ва дониш аллакай дар байни омилҳои асосии истеҳсолот ва хизматрасонӣ муҳим гардидааст. Аммо яке аз самтҳои муҳимтарини амнияти иқтисодӣ амнияти инфрасохтори он мебошад. Амнияти инфрасохтор ҳолати таъмини фаъолияти муназзам ва рушди инфрасохтори хоҷагии халқ мебошад. Таъмини муттасилӣ дар ин самт, татбиқи устувор ва самараноки равандҳои истеҳсолоти ҷамъиятӣ дониста мешавад. Ҳадафи таъмини амнияти инфрасохторӣ таъмини истеъмолкунандагон бо хадамоти инфрасохторӣ ва ҳифзи маҳсулот, инчунин фароҳам овардани шароити зарурии ибтидоии инфрасохторӣ барои фаъолияти устувори системаи иқтисодии кишвар дар ҳолати таҳдидҳои дохилӣ ва хориҷӣ ба манфиатҳои муҳимми иқтисодӣ дониста мешавад. Гузашта аз ин, дар шароити рушди иқтисодиёти электронӣ ва ба роҳ мондани хизматрасониҳои электронии соҳаи иқтисодиёт масъалаи таъмини амнияти иттилоотии ин соҳа дар мадди аввал қарор мегирад.

Тӯли солҳои охир бо истифодаи ҳамаҷонибаи технологияҳои иттилоотӣ дар соҳаҳои инфрасохтори иқтисодӣ тағйироти назарраси сифатӣ ба амал омада истодаанд. Онҳое, ки дар ин самт саҳлангорӣ мекунанд, на танҳо дар бозори ҷаҳонӣ, балки дар бозори иқтисодии дохилӣ рақобатпазирии худро аз даст медиҳанд. Аз ин рӯ, куҳнашавӣ ва ақибмонии технологии заминаҳои моддию техникии инфрасохтори иқтисодӣ таҳдиди ҷиддӣ ба амнияти иқтисодӣ ва махсусан, монеаи ҷиддӣ ба пешрафти иқтисодӣ мебошад. Бо истифодаи самарабахши технологияҳои иттилоотӣ заминаҳои моддию техникии анъанавӣ ва ақибмонии технологиро бартараф кардан мумкин аст.

Ҷанбаи дигари муҳимми амнияти иқтисодӣ амнияти истеҳсолот мебошад. Бехатарии саноатӣ ин сатҳи ҳимояи манфиатҳои иқтисодӣ дар соҳаи истеҳсолот аст. Мақсад аз таъмини бехатарии истеҳсолот фароҳам овардани шароит барои фаъолияти муътадили сохторҳои истеҳсолӣ ва баровардани маҳсулоти рақобатпазир бо истифодаи самараноки ҳама захираҳои мавҷуда мебошад.

Бо ин мақсад солҳои охир раванди иттилоотонии босуръати соҳаҳо ва хизматрасониҳои анъанавӣ идома дорад. Технологияҳои иттилоотӣ, аз ҷумла гардиши ҳуҷҷатҳои электронӣ дар идоракунии корхонаҳо, равандҳои истеҳсолӣ ва зимни пешниҳоди хизматрасонӣ истифода мешаванд. Инчунин, дар корхонаҳо пойгоҳҳои гуногуни иттилоотӣ ташкил карда мешаванд, ки асоси онҳоро системаҳои иттилоотӣ ташкил медиҳанд. Ҳамаи ин дигаргуниҳо ва таъмини бехатарии онҳо ҳамчун объектҳои амнияти иттилоотӣ дониста мешаванд. Аз ин рӯ, аҳамияти амнияти иттилоотӣ дар корхонаҳои истеҳсолӣ ва махсусан, дар соҳаи иқтисодиёти рақамӣ дар мадди аввал меистад.

Дар зери таъсири технологияҳои иттилоотӣ, алалхусус Интернет, раванди рақамисозӣ ва рушди иқтисодиёти электронӣ бо суръати баланд ҷараён дорад. Яъне, бо ёрии воситаҳои муосири техникӣ инсон на бо ашёи воқеӣ, балки бо тасвирҳо ва аломатҳои онҳо ҳамкорӣ мекунад. Раванди рақамисозӣ асосан дар системаҳои молия ва пул мушоҳида мешавад. Аз ҷумла, пулҳои электронӣ пулҳои коғазӣ ва металлиро иваз мекунанд, пардохтҳои ғайринақдӣ пардохтҳои нақдиро иваз мекунанд, системаҳои пардохтҳои электронӣ ташаккул меёбанд ва рушд мекунанд. Дар чунин шароит амнияти молиявӣ яке аз ҷузъҳои муҳимми амнияти иқтисодӣ дониста мешавад. Амнияти молиявӣ

амалан ба ҳама соҳаҳои фаъолияти иқтисодии кишвар таъсир мерасонад. Яъне, амнияти молиявӣ омили муҳимми фаъолияти муътадили тамоми системаи муносибатҳои иқтисодӣ дар кишвар мебошад. Таъмини амнияти молиявии кишвар бо татбиқи дурусти сиёсати буҷетӣ, пулӣ ва қарзӣ алоқаманд аст.

Дар баробари афзалиятҳои истифодаи технологияҳои иттилоотӣ, инчунин мушкилиҳо ва таҳдидҳои онро низ барои рушди иқтисодӣ ёдовар шудан зарур аст. Дар ин самт, киберҷиноятҳо яке аз таҳдидҳои асосӣ барои фаъолияти муътадили иқтисодиёт маҳсуб меёбанд, ки дар шароити муосир ва махсусан бо рушди иқтисодиёти электронӣ ва рақамӣ рӯ зиёд ба назар мерасанд. Таҳдиди дигари ҷиддӣ ба амнияти иттилоотӣ ин пешниҳод накардани иттилооти боэътимод ё пинҳон доштани иттилоот дар бораи фаъолияти тиҷоратии худ, инчунин мавҷуд набудани заминаи меъёрӣ мебошад, ки масъулияти онҳоро барои хусусиятҳои истеъмолии маҳсулоти худ муайян мекунад.

Дар бораи алоқамандии амнияти иттилоотӣ бо амнияти энергетикӣ ҳаминро бояд ёдовар шуд, ки дар замони муосир амнияти энергетикӣ яке аз самтҳои муҳимми амнияти миллӣ ба ҳисоб меравад. Истифодаи ТИК дар ҳама соҳаҳои фаъолият, аз ҷумла дар раванди ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ аз нерӯи барқ сарчашма мегиранд. Баръакси ҷомеаҳои аграрӣ ва саноатӣ, ҷомеаи иттилоотӣ як марҳилаи рушд аст, ки комилан ба неруи барқ вобаста аст. Аз ин рӯ, яке аз масъалаҳои муҳим дар бунёди ҷомеаи иттилоотӣ таъмини амнияти энергетикӣ ва энергияи бехатар мебошад. Дар натиҷаи қатъ гардидани интиқоли неруи барқ, фаъолияти соҳаҳои ҷамъиятӣ, истеҳсолот ва хизматрасонӣ метавонад фалаҷ шавад, ки дар натиҷаи он зарари калони молиявӣ расонида мешавад.

Дар маҷмӯъ, энергетика яке аз самтҳои стратегӣ мебошад, ки татбиқи тадбирҳои махсуси ҳамаҷонибаро барои таъмини амнияти иттилоотӣ талаб мекунад. Объекти асосии муҳофизат дар соҳаи энергетика иттилоот нест, балки раванди технологӣ ва системаи идоракунӣ мебошад. Дар ин муҳит, системаи амният бояд таъминоти раванди технологӣ, фаъолияти доимӣ ва самаранокии идоракуниро таъмин кунад. Аҳамияти амнияти иттилоотӣ дар соҳаи энергетика аз рӯйи натиҷаҳои татбиқи таҳдидҳои кибернетикии дахлдор муайян карда мешавад. Ин на танҳо аз даст додани молу мулк ё обрӯ, балки зарари саломатии шахрвандон, зарари экологӣ, зарари ҷиддӣ ба инфрасохтори ҳарбӣ, иқтисодӣ, нақлиёт, коммуникатсия ва иҷтимоӣ, фалаҷ шудани фаъолият дар ҳама соҳаҳо мебошад. Ин аст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон расидан ба истиқлолияти энергетикӣ яке аз ҳадафҳои стратегии давлату ҳукумат эълон гардидааст.

Дар замони муосир амнияти озуқаворӣ ба яке аз самтҳои афзалиятноки таъмини амнияти миллӣ табдил ёфтааст. Аз ҷумла, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмини амнияти озуқаворӣ яке аз ҳадафҳои стратегии давлату ҳукуматро ташкил медиҳад. Дар шароити муосир таъмини амнияти озуқаворӣ бе истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ғайриимкон мебошад. Дар айни замон технологияҳои иттилоотӣ барои таъмини амнияти озуқаворӣ васеъ истифода бурда мешаванд. Тамоми маълумоти зарурӣ барои татбиқи фаъолияти кишоварзӣ тавассути технологияҳои навин пешниҳод карда мешавад: моделҳои агробизнес, маълумот дар бораи обу ҳаво, маълумот дар бораи хадамоти кишоварзӣ ва агротехникӣ, тақвимҳо ва ғайра [19].

Имкониятҳо, ба монанди мушоҳида ва мониторинги воқеии иншооти кишоварзӣ, равандҳое, ки дар он ҷо рух медиҳанд, ҷамъоварии иттилооти фаврӣ ва дақиқ аз ин иншоот тавассути сенсорҳо, таҳлил ва қарорҳои идоракунӣ барои таъмини амнияти манбаъҳои хӯрокворӣ ва оби нӯшокӣ муҳиманд. Чунин системаҳои иттилоотии таҳлилӣ ҳамчун як объекти умумии амнияти озуқаворӣ ва амнияти иттилоотӣ амал мекунанд [22].

Мониторинги мунтазами захираи хӯрокворӣ яке аз тадбирҳои муҳим барои таъмини амнияти озуқаворӣ мебошад. Вазифаи асосии амнияти иттилоотӣ дар соҳаи амнияти озуқаворӣ таъмини пуррагӣ, махфият ва дастрасии иттилоот барои сохторҳои идоракунии дахлдор, тасмимгирандагон ва истеъмолкунандагон мебошад.

Дар баробари ин, масъалаҳои дигари муҳим барои амнияти озуқаворӣ ва амнияти иттилоотӣ мавҷуданд: мусодираи ғайриқонунӣ ва ифшои иттилооти хӯрокворӣ, нобуд сохтани он, тақаллуб ва дасткорӣ кардани чунин иттилоот ва ғайра. Агентҳои хориҷӣ, киберҷинояткорон, кормандони норозӣ ва ҷосусони ширкатҳои рақиб метавонанд омилони ин гуна таҳдидҳо бошанд.

Ташаккул ва рушди соҳаи кишоварзии электронӣ нақши амнияти иттилоотиро дар бахши хӯрокворӣ боз ҳам баланд мебардорад. Кишоварзии электронӣ банақшагирӣ, таҳия ва истифодаи усулҳои инноватсионии истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсиониро дар растанипарварӣ, чорводорӣ, моҳидорӣ, хоҷагии ҷангал ва хоҷагии об дар бар мегирад. Ба маънои васеъ, кишоварзии электронӣ масъалаҳоеро ба монанди истифодаи технологияҳои дахлдор, самтҳои фаъолият, дастгирии таҳия ва

татбиқи меъёрҳо ва стандартҳо, рушди иқтидор, таълим ва паҳн намудани донишро фаро мегирад.

Дар шароити рушди ҷомеаи иттилоотӣ ва иқтисодиёти электронӣ аҳамияти илм ва технология барои амнияти миллӣ меафзояд. Иқтидори иқтисодӣ ва ҳарбии ҳар як давлат аз иқтидори илмию техникии он вобаста аст. Айни замон кишварҳои аз ҷиҳати илмӣ ва технологӣ пешрафта аз ҷиҳати сиёсӣ, иқтисодӣ, низомӣ, фарҳангӣ ва ғайра дар миқёси ҷаҳонӣ ҷойҳои аввалро ишғол менамоянд. Онҳо инчунин дар ин соҳаҳо мавқеи пешсафро ишғол намуда, имконият доранд, ки ба кишварҳои дигар дар ин соҳаҳо ба таври назаррас таъсир расонанд. Гузашта аз ин, ҳалли мушкилиҳои мавҷуда, расидан ба ормонҳои миллӣ, ҳимояи манфиатҳои миллӣ аз таҳдидҳои дохилию хориҷӣ аз иқтидори илмию технологии кишвар вобаста аст. Бинобар ин, илм ва технология дар таъмини амнияти миллӣ дар ҳама соҳаҳо нақши асосӣ доранд ва зарурати таъмини амнияти онҳо рӯз то рӯз меафзояд. Аз ҷумла, зарурати дар соҳаи амнияти иттилоотӣ ҳимоя кардани фаъолияти илмӣ-техникӣ зиёд аст. Дар ин маврид тамоюлоти манфии зиёдеро номбар намудан мумкин аст, ки дар шароити баамалоии инқилобҳои иттилоотӣ ва рушди технологияҳои иттилоотӣ ба амал омада, ба амнияти миллии кишвар мустақиман таъсири манфӣ мерасонанд. Чунончи, кӯшиши кишварҳои пешрафтаи хориҷӣ барои дастрасии ғайриқонунӣ пайдо намудан ба захираҳои илмӣ ва техникии миллӣ; маҳдуд кардани рушди неруи илмӣ-техникии миллат тавассути фароҳам овардани шароити имтиёзнок барои маҳсулоти илмӣ ва технологии хориҷӣ дар бозори маҳаллӣ; татбиқи ҷосусии саноатӣ дар дохили кишвар аз ҷониби ташкилотҳои давлатӣ ва тиҷоратии хориҷӣ; ҷалби олимон ва мутахассисони умедбахше, ки дар соҳаҳои стратегии муҳимми кишвар кор мекунанд, тавассути ҳавасмандкунии иҷтимоию иқтисодӣ ба кишварҳои хориҷӣ; кам шудани сатҳи маблағгузории фаъолияти илмию техникӣ; коҳиш ёфтани таваҷҷуҳи ҷавонон ба соҳаҳои илмӣ ва технологӣ дар натиҷаи коҳиш ёфтани нуфузи соҳа; норасоии иқтидори истеҳсолии маҳсулоти рақобатпазир дар соҳаи технологияҳои иттилоотӣ ва дигар технологияҳои баланд, ки истиқлолияти технологии кишварро таъмин мекунанд; мавҷудияти мушкилоти ҷиддӣ дар соҳаи ҳифзи моликияти зеҳнӣ ва ғайраҳо ба онҳо мисол шуда метавонанд [15].

Ҳамаи ин масъалаҳоро ба воситаи низоми маориф бартараф намудан мумкин аст. Аз ин рӯ, рушди системаи маориф барои амнияти миллӣ хеле муҳим аст. Яъне, дар таъмини амният омили инсонӣ дар мадди аввал қарор дорад. Системаи маориф дар ташаккули неруи инсонӣ, шахсият, ташаккули ҷаҳонбинӣ, арзишҳои миллию маънавӣ, рӯҳияи ватандӯстӣ нақши асосӣ мебозад. Аз ин рӯ, бе шакку шубҳа яке аз асосҳои стратегии системаи амнияти миллӣ ба таҳсилот марбут аст.

Барои беҳтар намудани сифати таълим ва омода намудани мутахассисони касбӣ мундариҷаи китобҳои дарсӣ, васоити таълимӣ, дарсҳои омӯзгорон бояд ба талаботи амнияти миллӣ ва амнияти иттилоотӣ ҷавобгӯ бошанд. Раванди таълим бояд аз таблиғи ҳама гуна мавзӯъҳои бо қонун манъшуда эмин бошад.

Рақамисозии китобҳои дарсӣ, васоити таълимӣ ва китобхонаҳо, пайдоиши китобҳои дарсии электронӣ ва мавҷудияти манбаъҳои иловагии дониш ва иттилооте, ки донишҷӯён дар муҳити интернет истифода мебаранд ва аз назорати системаи таҳсилот берунанд, масъалаҳои марбут ба амниятро боз ҳам мушкилтар мекунанд. Аз ин рӯ, амнияти иттилоотӣ дар системаи таълим нақши хеле муҳим дорад.

Яке аз унсурҳои асосии таъмини амнияти боэътимоди иттилоотӣ тайёр кардани мутахассисони баландихтисоси ин соҳа мебошад, ки метавонанд дониши ҳудро дар шароити воқеӣ ба кор баранд ва ба таҳдидҳои киберӣ зуд посух диҳанд. Дар айни замон, дар бозори ҷаҳонии меҳнат ба мутахассисони амнияти иттилоотӣ талабот зиёд аст.

Ғайр аз ин, дар замони муосир фаъолияти боэътимоди соҳаи тандурустиро низ бе амнияти иттилоотӣ тасаввур кардан номумкин аст. Ҳадафҳои стратегии амнияти миллӣ дар соҳаи тандурустӣ инҳоянд: дароз кардани умр, коҳиш додани маъюбӣ ва фавт; расонидани кумаки аввалияи тиббию санитарӣ ва ёрии тиббии технологии баланд; такмил додани стандартҳои ёрии тиббӣ; зиёд кардани назорат аз болои сифат, самаранокӣ ва бехатарии доруҳо, ҳифзи боэътимоди ҳуқуқи беморон ва ғайра.

Таҳвияти амнияти миллӣ дар соҳаи тандурустӣ баланд бардоштани сифат ва дастрасии хизматрасониҳои тиббиро бо истифодаи ТИК, дастгирии давлатии таҳқиқоти ояндадори дорусозӣ, биотехнология ва нанотехнология, такмил додани механизмҳои иқтисодӣ ва таҳкими заминаи моддию техникии рушди ин соҳаро тақозо мекунад.

Тибби электронӣ, системаҳои киберфизикӣ ва кибербиологӣ бо истифодаи ТИК дар соҳаи фаъолияти тиббӣ ташаккул меёбанд. Аз ҷумла, хадамоти тиббии дурдаст пешниҳод карда мешаванд, ба шаҳрвандон кортҳои саломатии электронӣ дода мешаванд,

имкониятҳои ТИК дар равандҳои ташхис ва амалҳои ҷарроҳӣ васеъ истифода мешаванд. Дар натиҷаи рушди босуръати иттилоотӣ сатҳи вобастагии системаи тандурустӣ, ташаккули тибби электронӣ аз ТИК ва амнияти иттилоотӣ меафзояд.

Дармонгоҳҳо, марказҳои тиббӣ ва дигар муассисаҳои тандурустӣ миқдори зиёди маълумоти шахсии аз ҷониби қонун ҳифзшудаи беморонро ҷамъоварӣ мекунанд. Бисёр ҳуҷҷатҳо ба категорияи ҳуқуқии "сирри табиб" дохил мешаванд. Ин маълумот ва ҳуҷҷатҳо айни замон дар шакли электронӣ, дар системаҳои гуногуни иттилоотӣ гардиш мекунанд, дар базаҳои алоҳида нигоҳдорӣ ва таҳлил карда мешаванд. Муассисаҳои тиббӣ ба низоми идоракунии ҳуҷҷатҳои электронӣ мегузаранд ва системаи электронии сабти номи беморон ташаккул меёбад. Бояд қайд кард, ки маълумотҳои тиббӣ дар байни маълумоти шахсӣ категорияи ҳассос мебошанд.

Дар маҷмӯъ, рушди технологияҳои иттилоотӣ, ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ ва ба амал омадани раванди ҷаҳонишавӣ давлатҳои миллиро бо мушкилиҳо ва таҳдиду хатарҳои нав рӯ ба рӯ намуда истодаанд. Робитаи амнияти иттилоотӣ бо амнияти миллӣ низ, пеш аз ҳама, бо рушди бемайлони ТИК ва таъсири манфии онҳо ба амнияти миллии кишвар алоқаманд мебошад.

Ҳамин тариқ, дар шароити рушди босуръати ТИК, ташаккули ҳукумати электронӣ ва рушди ҷомеаи иттилоотӣ барои таъмини амнияти миллӣ масъалаи амнияти иттилоотӣ бояд бо диди нав мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор дода шавад. Амнияти иттилоотӣ на танҳо яке аз ҷузъҳои амнияти миллӣ дониста шавад, балки алоқамандии он бо соҳаҳои дигар ва махсусан вобастагии таъмини амнияти онҳо аз амнияти иттилоотӣ бояд ба инобат гирифта шавад. Ғайр аз ин, дар шароити муосир бо усулҳои анъанавӣ амнияти миллиро таъмин кардан ғайриимкон аст. Чи гунае ки ҷомеаи анъанавӣ ҷойи худро ба ҷомеаи иттилоотӣ медиҳад, амнияти анъанавӣ низ шакли худро дар зери таъсири омилҳои иттилоотӣ ва технологияҳои иттилоотӣ пурра дигаргун менамояд. Бо дарназардошти дигаргуниҳои технологии замони муосир ва дар заминаи таҳлили хусусиятҳои иттилоотии ҷузъҳои гуногуни амнияти миллӣ ва алоқамандии байниҳамдигарии онҳо бо амнияти иттилоотӣ нишон медиҳад, ки мафҳумҳои «амнияти миллӣ» ва «амнияти иттилоотӣ» дигар аз ҷиҳати мазмун ва моҳият чандон фарқ намекунанд. Ҳама ҷузъҳои амнияти миллӣ объекти амнияти иттилоотӣ мегарданд. Чунин вазъ дар назди ҷомеашиносону сиёсатшиносон вазифаҳои навро пеш гузошта, аз онҳо эҷоди консепсия ва назарияҳоеро, ки мутобиқ ба шароити муосиранд, тақозо менамояд.

АДАБИЁТ

1. Алпеев, А.С. Терминология безопасности: кибербезопасность, информационная безопасность [текст] / А.С. Алпеев // Вопросы кибербезопасности. –2014. –№5 (8). –С.39-43.
2. Бартош, А.А. Информационная война как угроза национальной безопасности России [текст] / А.А. Бартош // Дипломатическая служба. –2016. –№4. –С.58-67.
3. Бураева, Л.А. Кибербразведка и ее использование мировыми странами на современном этапе [текст] / Л.А. Бураева // Проблемы в российском законодательстве. – 2019. –№3. –С.149-161.
4. Головин, Ю.А. Возрастание роли СМИ в обеспечении информационной безопасности [текст] / Ю.А. Головин, А.Н. Орлов // Знание. Понимание. Умение. – 2013. –№2. –С.147-152.
5. Гройсберг, А.И. Развитие теории суверенитета Ж.Ж. Руссо в годы французской буржуазной революции [текст] / А.И. Гройсберг // Вестник Пермского университета. Юридические науки. –2015. –№ 1 (27). –С.8-17.
6. Гусева, Е.П. Проблемы и парадоксы информационной безопасности в современном менеджменте [текст] / Е.П. Гусева // Экономика, статистика и информатика. Вестник УМО. – 2014. –№2. –С.203-207.
7. Евтихевич, Н.С. Концепция «Безопасности личности и общества»: канадский подход [текст] / Н.С. Евтихевич, Е.В. Исраелян // Пути к миру и безопасности. – 2013. –№ 1 (44). –С.38-51.
8. Зибарев, М.В. Экономическая безопасность: учебное пособие [текст] / М.В. Зибарев. -Орск: ОГТИ, 2010. -175с.
9. Кибермармия США: роботанки присоединятся к робосамолетам уже в 2020 году [электронный ресурс]. –URL: http://cyber-safety.ru/2019/07/kiberarmiya-ssha-robotanki-prisoedinyatsya-k-robosamoletam-uzhe-v-2020-godu/ (дата обращения: 26.10.2020 г.)
10. Коваленко, Т.В. Культура как фактор национальной безопасности: концептуальные и стратегические аспекты [текст] / Т.В. Коваленко // Журнал Института наследия. – 2018. –№1 (12). –С.3-11.
11. Крылова, И.А. Проблема информационной безопасности в век глобализации [текст] / И.А. Крылов // Век глобализации. – 2019. –№3. –С.73-79.
12. Макиавелли, Н. Государь. О военном искусстве. Пер. с итал. Г. Муравьевой. –М.: Изд-во «АСТ», 2019. – 416 с.
13. Махмадов, А.Н. Национальная безопасность: Учебное пособие [текст] / А.Н. Махмадов, Х.К. Сафарализода. – Душанбе, 2019. – 224 с.
14. Махмадов, А.Н. Политология: учебник [текст] / А.Н. Махмадов, М.У. Хидирова, Х.К. Сафарализода. – Душанбе: Паёми ошно, 2018. –416 с.
15. Миндели, Л.Э. Обеспечение национальной безопасности в сфере науки, технологий и образования [текст] / Л.Э. Миндели // Этап: экономическая теория, анализ и практика. – 2012. –№4. –С.81-95.
16. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 20.04.2012 [манбаи электронӣ]. –URL: http://president.tj/node/1084 (санаи истифодабарӣ: 25.10.2020)

17. Рукинов, В.А. Безопасность: политический и социальный аспекты. Монография [текст] / В.А. Рукинов. –СПБ., 2016. –420 с.
18. Ятимов, С.С. Илм ва амният. Монография [матн] / С.С. Ятимов. –Душанбе: Ганљ нашриёт, 2019. – 192 с.
19. Aker J.C., Ghosh I., Burrell J. The promise (and pitfalls) of ICT for agriculture initiatives // Agricultural Economics. – 2016. – Vol. 47. – No. S1. –P. 35-48.
20. Buzan B., Wæver O. Regions and powers. The structure of international security. Cambridge University Press, 2003. – 598 p.
21. Jack A. A national security staff for the 21st century. Strategic Studies Institute, 2012. – 160 p.
22. Mohanraj I., Ashokumar K., Naren J. Field monitoring and automation using IoT in agriculture domain // Procedia Computer Science. – 2016. – Vol. 93. –P. 931-939.

АМНИЯТИ ИТТИЛООТӢ ҚИСМИ ҶУДОНАШАВАНДАИ АМНИЯТИ МИЛЛӢ

Дар раванди рушди технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ як қатор таҳдиду хатарҳое пайдо мешаванд, ки ба амал омадани онҳо аз инқилобҳои технологии замони муосир вобастаанд. Дар чунин шароит на танҳо таъмин намудани амнияти иттилоотӣ афзалияти зиёд пайдо менамояд, балки таъмини амнияти соҳаҳои дигар низ аз он вобаста мешавад. Зеро рушди соҳаҳои гуногуни ҷомеаро дар шароити ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ бе истифодаи технологияҳои навин тасаввур намудан ғайриимкон аст. Аз ин рӯ, робитаи амнияти иттилоотӣ бо соҳаҳои дигар таъмини амнияти иттилоотии онҳоро ба вуҷуд меоварад. Дар маҷмӯъ, амнияти иттилоотӣ дар шароити муосир бо ҳамаи соҳаҳои дигари амният алоқамандӣ пайдо намуда, унсури муҳимтарини системаи амнияти миллӣ ба шумор меравад. Дар мақолаи мазкур амнияти иттилоотӣ ҳамчун қисми ҷудонашавандаи амнияти миллӣ ва муҳиммияту зарурияти он барои таъмини амнияти соҳаҳои дигари ҳаёти ҷамъиятӣ нишон дода шудааст. Дар робита бо ин, амнияти иттилоотӣ на танҳо яке аз ҷузъҳои амнияти миллӣ дониста мешавад, балки алоқамандии он бо соҳаҳои дигар ва махсусан вобастагии таъмини амнияти онҳо аз амнияти иттилоотӣ нишон дода шудааст. Баррасии ин масъала муайян менамояд, ки дар шароити муосир бо усулҳои анъанавӣ амнияти миллиро таъмин кардан ғайриимкон аст. Чи гунае ки ҷомеаи анъанавӣ ҷойи худро ба ҷомеаи иттилоотӣ медиҳад, амнияти анъанавӣ низ шакли худро дар зери таъсири омилҳои иттилоотӣ ва технологияҳои иттилоотӣ пурра дигаргун менамояд. Аз ин рӯ, таҳлилу таҳқиқи амнияти иттилоотӣ бо диди нав ва муайян намудани алоқамандии он бо соҳаҳои дигари амнияти миллӣ имкон медиҳад, ки манфиатҳои ҳаётан муҳимми мамлакат аз таҳдидҳои дохилию берунӣ ҳимоя карда шаванд.

Калидвожаҳо: амнияти иттилоотӣ, амнияти миллӣ, таҳдидҳо, амнияти иҷтимоию сиёсӣ, суботи сиёсӣ, вобастагии иттилоотӣ, осебпазирии иттилоотӣ, ҷомеаи иттилоотӣ.

ИНФОРМАЦИОННАЯ БЕЗОПАСНОСТЬ - НЕОТЪЕМЛЕМАЯ ЧАСТЬ НАЦИОНАЛЬНОЙ БЕЗОПАСНОСТИ

В процессе развития информационно-коммуникационных технологий и формирования информационного общества появляются новые вызовы и угрозы, проявление которых связано с новыми технологическими революциями. В таких условиях не только приоритетным является обеспечение информационной безопасности, но и появляются зависимость обеспечения безопасности других сфер общественной жизни от степени информационной безопасности. Так как без использования новых информационных технологий в современных условиях невозможно обеспечить развитие всех сфер человеческой деятельности. Поэтому взаимосвязь информационной безопасности с другими сферами общества требует обеспечения их информационной безопасности. В целом, информационная безопасность в современных условиях связана с другими сферами общества и является важным компонентом системы национальной безопасности. В данной статье информационная безопасность представляется как неотъемлемая часть национальной безопасности и показывается ее важность для обеспечения безопасности других сфер общественной жизни. В этом контексте, информационная безопасность не только представляется как структурный элемент национальной безопасности, но и показывается ее взаимосвязь с другими сферами общества и особенно зависимость развития этих сфер от информационной безопасности. Рассмотрение этого вопроса показывает, что в современных условиях невозможно обеспечить национальную безопасность традиционными методами. Как традиционное общество уступает место информационному, так и традиционная безопасность полностью меняет свою форму под влиянием информационных факторов и информационных технологий. Таким образом, анализ и исследование информационной безопасности с новой точки зрения и определение ее взаимосвязи с другими сферами национальной безопасности позволят защитить жизненноважные интересы страны от внутренних и внешних угроз.

Ключевые слова: информационная безопасность, национальная безопасность, угрозы, социально-политическая безопасность, политическая стабильность, информационная зависимость, информационная уязвимость, информационное общество.

INFORMATION SECURITY IS AN INTEGRAL PART OF NATIONAL SECURITY

In the process of development of information and communication technologies and the formation of the information society, new challenges and threats emerge, the manifestations of which are associated with new technological revolutions. In such circumstances, not only the priority is to ensure information security, but there is also a dependence of ensuring the security of other spheres of public life on the degree of information security. Since, it is impossible to ensure the development of all spheres of human activity without the use of new information technologies in the modern context. Therefore, the interconnection of information security with other spheres of society requires ensuring their information security. In general, information security in the modern context is associated with other spheres of society, and is an important component of the national security system. This article presents information security as an integral part of national security and shows its importance for ensuring the security of other spheres of public life. In this context, information security is not only presented as a structural element of national security, but also correlated with other spheres of society and especially the dependence of the development of these fields on information security. Review and study of this issue displays that in modern conditions it is impossible to ensure national security with traditional methods.

As the traditional society gives way to information society, so and traditional security completely changes its form under the influence of information factors and information technologies. Thus, analyzing and researching information security from a new point of view and determining its relationship with other spheres of national security would allow to protect the country's vital interests from internal and external threats.

Keywords: information security, national security, threats, socio-political security, political stability, information dependence, information vulnerability, information society.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Холиқов Фирдавс Алиевич*** **-** Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ, унвончӯи кафедраи сиёсатшиносӣ. **Суроға:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121. Телефон: (**+992) 937-44-33-33.** E-mail**: firdavs.holikov2016@gmail.com**

Сведения об авторе: ***Холиков Фирдавс Алиевич*** - Таджикский государственный педагогический университет имени Садриддин Айни, соискатель кафедры политологии. **Адрес**: 734003, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 121. Телефон: (**+992) 937-44-33-33.** E-mail**: firdavs.holikov2016@gmail.com**

Information about the author: ***Kholikov Firdavs Alievish*** - Tajik State Pedagogical University, Applicant for an academic degree of the Department of Political Science. **Address:** 734003, Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 121. Phone: (**+992) 937-44-33-33.** E-mail**: firdavs.holikov2016@gmail.com**

УДК: 327.51

ЭЪТИРОЗИ СИЁСӢ ҲАМЧУН ШАКЛИ ЗОҲИРШАВИИ ИШТИРОКИ ОППОЗИТСИОНӢ

Назриев К.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Оппозитсияи сиёсӣ дар раванди сиёсӣ ҳамеша мавҷудияти сиёсии худашро намоиш медиҳад. Мавҷудияти сиёсии оппозитсия инъикоси худашро дар фаъолияти сиёсӣ пайдо менамояд. Фаъолияти сиёсии оппозитсия як ҷузъи муҳимми раванди сиёсӣ маҳсуб мешавад. Вале дар баъзе мавридҳо оппозитсияи сиёсиро зарур меояд, то иштироки махсуси сиёсиро пеша намояд. Ин ҳолат бо ҷалби ҷонибдорони ҳизбҳои сиёсӣ ё шаҳрвандон сурат мегирад. Иштироки оппозитсияи сиёсиро метавон як шакли тазоҳуроти сиёсӣ унвон кард. Аз он хотире ки ин мавридҳо дар раванди сиёсӣ нодир маҳсуб мешаванд, иштироки сиёсии оппозитсия низ муҳим арзёбӣ мегардад. Ба ин тартиб, иштироки оппозитсионӣ ҳамчун эквиваленти эътирози сиёсӣ дида баромада мешавад.

Дар бисёр маврид зери эътирози сиёсӣ «иҷронакунии бошууронаи қоидаҳоеро меноманд, ки режими сиёсӣ муқаррар намудааст» ё «амали ғайриконвенсиалие фаҳмида мешавад, ки ба қонунҳо ва меъёрҳои анъанавии режим мувофиқат намекунанд». В. В. Сафронов эътирози сиёсиро ҳамчун навъи рафтори сиёсӣ дида мебарояд. Иқдоми эътирози сиёсиро дар шакли «аксияе, ки дар чорчӯбаи протседураи демократӣ сурат мегирад» ва «зӯрие, ки ба тағйири режими равона шудааст» дида мебарояд [7,с.25]. Чунин шакли муносибат дар адабиёти сиёсии ғарбӣ дида мешавад, ки тибқи он рафтори эътирозӣ ҳамчун ба сифати амали ғайриконвенсионалӣ баҳо дода мешавад [12,с.45].

Яке аз муносибатҳои маъруф нисбати тафсири эътироз характери меъёрӣ дорад. Муносибати «меъёрӣ» бо номи А. Марш [13] алоқаманд аст. Дар чорчӯбаи муносибати мазкур эътироз ҳамчун шакли «ғайрианъанавӣ»-и рафтори сиёсӣ муайян карда мешавад. Дар зери падидаи эътироз бисёр вақт рафтори дар шакли амали ғайриконвесионалӣ зоҳиршуда фаҳмида мешавад, ки ба қонунҳои мавҷуда ва меъёрҳои анъанавии режим, ки танзимкунандаи рафтори сиёсӣ мебошанд, мувофиқат намекунад. Эътироз ҳамчун шакли «ғайрианъанавӣ»-и рафтори сиёсӣ дида баромада мешавад. Ба ин хотир меъёр ва нишондоди тафовути сиёсати анъанавӣ ва ғайрианъанавӣ дар маҷмӯъ, мавҷудият ва нобудии қоида ва қонуне мебошад, ки қобилияти намоиши манфиатҳои гурӯҳҳои мухталифро доранд.

Як зумра муҳаққиқоне, ки ба таҳқиқи рафтори эътирозӣ машғуланд, талош ба ин доранд, ки маҳдудияти муносибати «меъёрӣ»-ро бартараф намоянд. Барои шумораи зиёди шаҳрвандони демократияи комилшуда эътирози сиёсӣ ба амали муқаррарии иштироки сиёсӣ [16,с.6] табдил ёфтааст. Дар асоси ин доир ба «муътадилнамоии ғайриконвесионалӣ» хулоса бароварда мешавад.

Дар аввал шаклҳои фаъолнокие иҷозат дода мешуданд, ки характери қонунӣ дошта буданд. Таҳқиқот нишон дод, ки дар мамлакатҳои рушдёфтаи демократӣ онҳо бечунучаро бар беқонунӣ ҳукмфармоӣ доранд. Дар ин ҳолат, эътирози сиёсӣ ҳамчун шакли ғайриинститутсионалии иштирок баҳогузорӣ карда мешавад [15,с.42-50].

Муҳаққиқони амрикоӣ Ҷ. Ҷенкинс ва Б. Кладерманс эътирози сиёсиро ҳамчун «амали дастаҷамъӣ ё системаи амалҳои коллективӣ дида мебароянд, ки ба тағйири

системаи намояндагӣ ё ҳокимияти иҷроия, ки барандаи сиёсати давлатӣ аст, ё ба алоқамандии байни шаҳрванд ва давлат дар маҷмӯъ равона шудааст» [11,с.6]. Дигар муҳаққиқи америкоӣ – С. Тэрроу эътирози сиёсиро ҳамчун «истифодабарии амалҳои коллективии вайронкорона, ки нисбати институтҳо, элитаҳо, ҳукмронон ва дигар гурӯҳҳо барои ноилшавӣ ба баъзе ҳадафҳои коллективӣ ва талаби муътаризон анҷом дода мешавад» [4,с.144], баррасӣ менамояд.

Ҳамчунин, Д. Челпанова рафтори эътирозиро ҳамчун «шакли иштирок, ки дарбаргирнадаи реаксияҳои манфии оммавии субъектҳои иҷтимоӣ ба фаъолияти режими сиёсӣ, бо мақсади таъсир ба қабули қарор мебошад» [9,с.13] дида мебарояд. Баъзе муҳаққиқони дигар бар ин назаранд, ки мафҳуми эътирози сиёсӣ на танҳо фарогирандаи иқдомоти конфронтатсионӣ ва зӯроварӣ, балки аксияҳои конвесионалӣ мебошад, ки аз намоиш, гуруснанишинӣ оғоз карда, бо тазоҳуроти рамзӣ дар намуди барафрохтани парчам ё сӯзонидани билети ҳизбӣ хотима меёбад [4,с.144].

Чун анъана, эътирози сиёсӣ ҳамчун падида дар чорчӯбаи назарияи иштироки сиёсӣ дида баромада мешавад. Чуноне ки Е. В. Ефанова қайд менамояд, «эътироз – ин рафтори сиёсӣ, шакли иштироки шахс ва ё ҷамоа дар баамалбарории ҳокимияти сиёсӣ, ҳимояи манфиатҳои сиёсӣ тавассути амал ё беамалӣ мебошад» [2,с.30].

Таҳқиқот нишон медиҳад, ки дар мамлакатҳои рушдёфтаи демократӣ бечунучаро эътироз моҳияти ғайриқонуниро касб менамояд [16,с.6]. Эътирози сиёсӣ ҳамчун шакли бевоситаи ғайриинститутсионалии иштирок баҳо дода мешавад [15,с.1-2].

Эътирози сиёсӣ, ба андешаи А.И. Соловев, таъсири манфии фард ё гурӯҳ ба ҳолатии феълии ҷомеа, вазъияти сиёсӣ ё амалҳои мушаххаси ҳокимият маҳсуб мешавад [8,с.13]. Ҳамчунин, ба андешаи муҳаққиқ С.В. Поздняков, эътирози сиёсӣ мумкин аст дар намуди ногувории дохилии шаҳрванд ё ҷомеа, дар маҷмӯъ системаи сиёсӣ ё зоҳиршавии мушаххаси он арзи вуҷуд намояд [6,с.14].

Эътирози сиёсӣ – ин шакли муайяни ифодаи норозигӣ, муқобилият, ногувории курси сиёсии синфи ҳукмрон аст, ки бисёр вақт дар намуди иқдомҳои муайян, амалҳо, кирдори характери эътирозидошта зоҳир мешавад. Эътирози сиёсӣ, ин падидаи сиёсат, василаи сиёсии неруҳои тазоҳуроткунанда, ҳаракат, тамоюл аст, ки алайҳи ҷараёни ҳаёти сиёсӣ нигаронида шудааст. Эътирози сиёсӣ дар ҳар кадом системаи муносибатҳои сиёсӣ ба вуҷуд меояд, инкишофи ҳар кадом режими сиёсиро ҳамроҳӣ менамояд. Дар воқеъ, эътироз хусусияти реактивӣ дорад.

А.В. Дмитриев эътирози ҷамъиятиро чунин ташхис менамояд: «Эътирози ҷамъиятӣ – амали коллективии одамон, ки шакли намоишӣ касб намуда, бо мақсади рад кардани ин ё он падидаи ҷамъиятӣ ё рафтори ашхос роҳандозӣ мешавад. Тазоҳурот, чун қоида дар вазъиятҳои ниҳоӣ (экстремалӣ) зоҳир шуда, дар норозигӣ ва шиддатнокии психологӣ ифода мешавад. Одамон замоне барои манфиатҳои худ мубориза мебаранд ва воситаҳои самаранок ва бевоситаи мубориза бо ҳукумат поймол мешаванд, зуд-зуд мардум ҳамин шакли низоъро интихоб мекунанд» [1,с.509-510].

Бояд гуфт, ки эътирози сиёсӣ мумкин аст дар шаклҳои конвенсионалӣ ва ғайриконвесионалӣ ба миён ояд. Ҳамчунин, тазоҳуроти сиёсӣ шаклҳои фаъол, ба мисли (митинг, пикет) ва шакли ғайрифаъоли рафтори сиёсӣ (абсентеизм) дорад. Аломати асосии эътирози сиёсӣ на дараҷаи фаъолнокӣ, оммавӣ ё чорчӯбаи конвенсионалии рафтор, балки мавҷудияти амали манфӣ дар муносибат бо институтҳои сиёсӣ, сиёсати давлатӣ ё ҷанбаҳои алоҳидаи он мебошад.

Барои таҳқиқи эътирози сиёсӣ зарур аст, то шаклҳои асосии реаксияи эътирозӣ ба низом дароварда шавад. Чуноне маълум аст, ҳар кадом рафтори мушаххаси эътирозиро метавон ба конвенсионалӣ ва ғайриконвенсионалӣ ҷудо намуд. Ба сифати меъёри дуюми таснифот сатҳи фаъолнокии рафтори эътирозӣ баромад менамояд. Вобаста ба ин, ба навъбандии эътирози сиёсӣ, ки аз ҷониби У.Милбрайт коркард шудааст такя карда мешавад [14,с.79]:

1) шаклҳои конвенсионалии эътирози сиёсӣ бо сатҳи пасти фаъолнокӣ: а) абсентеизм, саркашии мақсаднок аз иштирок дар маъракаи интихоботӣ, муносибати манфӣ ба институти интихобот ва адами боварӣ ба имконияти таъсир расонидан ба курси сиёсӣ тавассути раванди интихоботӣ; б) мутолиа ва бархӯрдорӣ аз ВАО-и оппозитсионӣ, ширкат дар «шабакаҳои иҷтимоӣ»-и виртуалии самти эътирозидошта;

2) шаклҳои ғайриконвенсионалии эътирозӣ сиёсӣ бо сатҳи пасти фаъолнокӣ: имзонамоии баёнияҳои оппозитсионӣ, арзнома, муроҷиат ба ҳокимият. Ин яке аз шаклҳои осоиштаи эътироз ба ҳисоб меравад ва ба шакли ғайриконвесионалӣ шомил кардани он ба ин хотир аст, ки муроҷиати бевосита ба ҳокимият дар чорчӯбаҳои институтсионалии мавҷуда намеғунҷад;

3) шаклҳои конвенсионалии эътирози сиёсӣ бо сатҳи миёнаи фаъолнокӣ: а) сохтани контенти оппозитсионӣ дар «шабакаҳои иҷтимоӣ»; б) эътирози электоралӣ;

4) шаклҳои ғайриконвесионалии эътирози сиёсӣ бо сатҳи миёнаи фаъолнокӣ: а) созмон додани контенти экстремистӣ дар «шабакаҳои иҷтимоӣ»; б) ширкат варзидан дар намоиш ва митингҳои ғайримуҷоз; в) бойкот, ё намоишкорона қатъ намудани муносибат ҳамчун аломати эътироз; г) гуруснанишинӣ, ихтиёран ва мақсаднок маҳдуд намудани қабул кардани ғизо бо мақсади ноил шудан ба иҷроиши талаботи худ;

5) шакли конвенсионалии эътирози сиёсӣ бо сатҳи баланди фаъолнокӣ: а) ширкат дар кори ҳизбҳои оппозитсионӣ ва дар маъракаҳои интихоботӣ; б) ширкат намудан дар митингҳои оппозитсионӣ ва ҷамъомадҳо; в) муроҷиат ба сохторҳои ҳокимиятӣ ё ба намояндагии онҳо; г) фаъолӣ ба сифати ходими сиёсӣ (пешбарии номзадон), иштирок дар интихобот, роҳбарӣ ба ҷунбишҳои ҷамъиятӣ-сиёсӣ ё ҳизбҳо);

6) шакли ғайриконвесионалии эътирози сиёсӣ бо сатҳи баланди фаъолнокӣ: а) ширкат дар иқдомоти саркашии шаҳрвандӣ, истифодаи тактикаи эътирозӣ бо мақсади ҷалби таваҷҷуҳ ба беадолатӣ; б) напардохтани андозҳо; в) иштирок дар тасарруфи иншоот, муассиса; г) дасткашӣ аз холӣ кардани ҷойи кор; ғ) муҳосиракунии роҳҳо; д) ширкат дар аксияҳои ғайриосоишта ва террористӣ.

Ба сифати шаклҳои маъмули баргузории чорабиниҳои оммавии эътирозӣ, ки дар чорчӯбаи маданияти сиёсии мутамаддин шакл мегиранд, таснифоти Д. Алмонд ва С. Верба хизмат менамояд [10]:

1. Митинг, раҳпаймоӣ, намоиш. Баргузории чорабинии оммавӣ зери шиори оппозитсионӣ, шакли классикии тазоҳуроти муташаккили хиёбонӣ маҳсуб мешавад. Ташкилоти оппозитсионӣ барои тасдиқнамоии иддаои худ барои ширкат дар раванди қабули қарори давлатӣ, даъво барои ташаккули мақомоти ҳокимият, барои намоиши пуштибонии ҷамъиятӣ аз ғояҳои худ ба тазоҳурот мебарояд. Ба ин хотир аксарияти ҳизбҳои оппозитсонӣ талош меварзанд, ки дар тӯли сол, ақаллан шумораи ками баромадҳои оммавиро алайҳи ташаббусҳои ҳокимияти амалкунанда ва пуштибонии ғояҳои худ дошта бошанд.

2. Пикетикунонӣ, мумкин аст, дар ду намуд зоҳир шавад: - иттилоотӣ ё «гуфторӣ» (ҳадафаш густариши иттилоот оид ба объект) ва пикети сиёсӣ (ҳадафи он – арзи мавқеи сиёсӣ, ифодаи ошкорои тазоҳуроти шаҳрвандон ва ҷалби таваҷҷуҳи ВАО ва ҷомеа ба масъалаи гузошташуда мебошад).

3. Аксияи театрикунонидашуда – ин баёни мавқеи сиёсӣ ё ифодаи эътирози сиёсӣ дар шакли эҷодӣ бо истифодабарии реквизити театрӣ ё ҳунармандони ҳирфаӣ мебошад.

4. Аксияи «рахнакунанда» - амали сиёсии кӯтоҳмуддати театрикунонидашуда, ки бо маслиҳати пешакӣ аз ҷониби фаъолони сиёсӣ роҳандозӣ шуда, таваҷҷуҳи ҷомеа ва ВАО-ро ба масъала ҷалб карда, моҳиятан баромади рамзӣ ва маънии сиёсии ниҳонидошта маҳсуб мешавад.

5. PR-маневр–и хиёбонӣ – ин ташкили аксияи эътирозӣ дар чорчӯбаи чорабинии ҷамъиятӣ аст, ки аз ҷониби рақибони сиёсӣ роҳандозӣ мешавад. Мавриди зикр аст, ки технологияи созмон додани PR-аксияи –и хиёбонӣ ба таври васеъ на танҳо аз ҷониби оппозитсия дар муқовимат бо режими амалкунанда, балки баръакс, аз ҷониби намояндагони сохторҳои ҳукуматӣ барои беэътиборкунии амали ташкилоти оппозитсионӣ, ҳамчунин дар мубориза байни ҳизбҳои сиёсӣ низ истифода мешавад.

Дар навбати худ, эътирози сиёсӣ – ин шакли иштироки субъектҳои сиёсӣ аст, ки асоси онро ифодаи оммавии норозигӣ ба институтҳои сиёсӣ ё раванди сиёсӣ ташкил менамояд. Чунин ифоданамоии норозигӣ мумкин аст дар худ спектри васеи рафтори фаъоли эътирозиро дар намуди иштирок дар намоиш, митинг, бойкот, дар фаъолияти оппозитсионӣ, овоздиҳӣ алайҳи ҳамаи номзадон дар интихобот ё саркашӣ аз иштирок дар он дар шакли нигилизми сиёсӣ ва абсентеизми электоралӣ фаро гирад.

Якчанд навъи рафтори эътирозиро дида мебароянд: анъанавӣ, навъи бозӣ, виртуалӣ. Навъи эътирози анъанавӣ дар митинг ва пикетикунонӣ татбиқ мешавад, ки бо як қатор хусусиятҳои фарқкунандааш тафовут менамояд. Навъи классикии эътироз аз қувва, дурушт, дағалӣ ва муташаккилияти баромади оммавӣ фарқ менамояд. Навъи бозинамуди эътироз: бисёр аксияҳои эътирозии навъи мазкур ба ҳалли масъалаи муайян нигаронида нашуда, балки баҳри «худи худ» [5,с.115] созмон дода мешаванд. Намунаи барҷастаи чунин навъи эътироз – аксияи «Flash mob» маҳсуб мешавад. «Flash mob» ҳамчун реаксияи баръакси ҷомеа ба фарҳанги ҳукмрони ҷаҳони муосир мебошад. «Flash mob» - ин эътирози инсони муқаррарӣ (на гурӯҳи алоҳидаи муътаризон) аст, ки намояндаи синфи миёна маҳсуб мешавад. Аз рӯйи моҳияти худ «Flash mob» падидаи хавфнок набуда, иштирокчиёни он ягон талаб пешниҳод нанамуда, умуман қонунҳо

поймол намешаванд. Навъи виртуалии эътироз хосси ҷомеаи иттилоотӣ буда, бо ташаккулёбии киберфазо ба миён омадааст. Киберфазо имконият дод, ки рӯҳия ва мавқеи эътирозӣ бо дарназардошти дастовардҳои навъи инсоният дар соҳаи технологияи иттилоотӣ ва коммуникатсияву Интернет ифода карда шавад. Ба ин хотир аст, ки ба ин васила ифода кардани мавқеъ ва рӯҳияи эътирозиро кибертазоҳурот (баъзан, тазоҳуроти виртуалӣ) унвон намудаанд. Барои ин навъи эътироз ягон монеа вуҷуд надошта, метавонад ҳар замон гурӯҳҳо ва ё фарди алоҳида ғаразҳои сиёсии худро ифода намоянд.

Рафтори сиёсии эътирозӣ, дар навбати аввал, зери таъсири ихтилофи иҷтимоӣ-сиёсӣ шакл гирифта, сабаби он сиёсати носолими ҳокимият мебошад. Дар ин ҳолат дараҷаи даркнамоии субъектҳо муҳим аст. Аввалан, асоснокнамоии объективӣ ва ангезаҳои субъективии норозигӣ (аз чӣ норозӣ ҳастанд ва чӣ қонеъ намекунад). Дувумин, эътироз алайҳи кӣ ва кадом суроға нигаронида шудааст (аз кӣ норозӣ ҳастанд, кӣ гунаҳгор аст) [3,с.25]. Бо омилҳои мазкур дигар сабабҳо алоқаи зич доранд, ки муайянкунандаи шаклҳои мухталифи иштироки сиёсӣ, аз ҷумла рафтори эътирозӣ мебошанд. Гурӯҳи дуюми омилҳо ба аҳволи иҷтимоии сокинон дахл дошта, ин қабл аз ҳама коҳиш ёфтани иқтидори мутобиқшавии одамон дар натиҷи бераҳбатӣ, саркашӣ аз замонашавӣ ба шароити нави ҳаёт мебошад. Гурӯҳи сеюми омилҳо, инъикоскунандаи ҳолати материалии аҳолӣ, нишондиҳандаи ҳаммонандкунонии аҳолӣ ва қобилияти харидории даромадҳо мебошад.

Ҳамин тавр, дар дунёи мутамаддин чунин навъҳои тазоҳуроти оммавӣ статуси конститутсионӣ дошта, дар қонунҳои алоҳида шарту шароити онҳо мушаххас карда шудаанд:

- маҷлис - иштироки якҷояи шахсон дар ҷой ва вақти пешакӣ муайяншуда барои муҳокимаи ошкоро ва ҳал намудани масъалаи дорои аҳамияти ҷамъиятӣ ё баён намудани муносибати онҳо ба амали шахсон ва ё фаъолияти ташкилотҳо, рӯйдодҳои ҷамъиятию сиёсӣ ва иҷтимоӣ, инчунин ҳалли масъалаҳои ба манфиати умум дахлдошта;

- гирдиҳамоӣ - иштироки оммавии шахсон дар ҷой ва вақти пешакӣ муайяншуда барои баёни ошкоро ва ё муҳокимаи ақидаи ҷамъиятӣ оид ба мушкилоти мавҷуда, ҷалб намудани диққати ҷамъият ва мақомоти давлатӣ ба масъалаҳои ҷамъиятию сиёсӣ ва иҷтимоии ҳаёти шаҳрвандон, инчунин баёни иддао ба мақомоти ҳокимияти давлатӣ оид ба ин масъалаҳо;

- намоиш - ошкоро баён намудани ақидаи худ ё ақидаи умумӣ аз ҷониби як шахс ё гурӯҳи шахсон ва ё иддао намудан оид ба масъалаҳои ҳаёти ҷамъиятию сиёсӣ, норозигӣ ё дастгирии ягон ташаббус, амал ё мавқеи мақомоти давлатӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, шахсони мансабдор ё шаҳрвандон бо истифода аз плакатҳо, транспарантҳо ва ё дигар васоити ташвиқот ё бе истифодаи онҳо дар ҷой ва вақти пешакӣ муайяншуда;

- пикетгузорӣ - изҳори ошкорои манфиатҳои ҷамъиятию сиёсӣ, гурӯҳӣ, шахсӣ ва дигар манфиатҳо аз ҷониби шахс ё гурӯҳи шахсон ё баён намудани норозигӣ (бе роҳпаймоӣ), аз он ҷумла бо роҳи гуруснанишинӣ оид ба ягон масъала бо истифода ё бе истифодаи плакатҳо, транспарантҳо ва дигар воситаҳои ташвиқот бо ҷойгиршавии шахс ё гурӯҳи шахсон дар назди объекти пикетшаванда дар ҷой ва вақти пешакӣ муайяншуда;

- гуруснанишинӣ - қатъи мақсадноки истеъмоли озуқа ё намуди муайяни он аз ҷониби шахс ё гурӯҳи шахсон бо талаб ва даъвати тағйир додани муносибатҳои муайян ё баён намудани норозигӣ ба ягон амали мақомоти давлатӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, шахсони мансабдор ва шахсони алоҳида;

- роҳпаймоӣ - ҳаракати муташаккилонаи шахсон дар хатсайри пешакӣ муайяншудаи қисми пиёдагард ё мошингарди кӯча (роҳ), кӯчабоғ, хиёбон, майдон бо мақсади ҷалб намудани диққати мақомоти давлатӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, шахсони мансабдор ва ё шахсони дигар ба масъалаҳои муайян ё баён намудани норозигии худ ва ё дастгирии ин амалҳо ё қарорҳо;

- корпартоӣ - (аз итолиёвӣ/испанӣ *basta – басанда будан, кофӣ будан*) ё коршиканӣ – саркашии муташаккилонаи дастаҷамъӣ аз кор дар созмон ё муассиса бо ҳадафи мушарраф гардидан ба кадомин як талабот аз ҷониби корфармо ё ҳукумат маҳсуб мешавад. Корпартоӣ метавонад дар ҳолатҳои муайян аз ҷониби неруҳои сиёсӣ, хусусан оппозитсияи сиёсӣ бо ҷалби корпартоии одамон ва таъсир ба ҳукумат истифода гардад. Дар таҷрибаи сиёсии ҷаҳонӣ ҳолатҳои зиёди истифодабарии корпартоиро бо ҳадафҳои сиёсӣ дида мумкин аст.

Ба ҳамин тариқ, доир ба иштироки оппозитсионӣ масъала ба миён оварда, бевосита вориди баҳси тазоҳуроти сиёсӣ мегардем. Аз ҷониби дигар иштироки оппозитсионӣ танҳо иштирок дар тазоҳуроти сиёсӣ набуда, ширкат намудан дар интихобот ба ҷумлаи мушорикати сиёсӣ шомил мегардад. Тазоҳуроти сиёсӣ замоне ба миён меояд, ки неруҳои

оппозитсионӣ дар симои ҳизбҳои сиёсӣ аз натиҷа ё ҷамъбасти интихобот, тасмими сиёсии ҳукумат дар ин ё он бахш, фаъолнокӣ ё бефаъолиятии ҳукумат шадидан изҳори норозигӣ намоянд. Ин ҳолат метавонад, амали ҳукуматро дар чорчӯбаи самаранокӣ қарор диҳад. Вале замоне тазоҳуроти сиёсӣ хориҷ аз ин ҳадафҳо сурат мегирад, ба масоил на самимона, балки муғризона муносибат мешавад, тазоҳуроти сиёсӣ ҳамеша пайомади манфӣ дошта метавонад.

АДАБИЁТ

1. Дмитриев А.В. Социальный конфликт. Общее и особенное / А.В. Дмитриев. -М.: Гардарики, 2009. -С.509–510.
2. Ефанова Е.В. Молодежный экстремизм как форма политического протеста / Е.В. Ефанова // Власть. - 2011. - №8. -С.30–33.
3. Кинсбурский А.В. «Гражданские качели» в России: от массового протеста до поддержки реформ / А.В. Кинсбурский, М.Н. Топалов // Власть. -2006. -№5. -С. 25.
4. Костюшев В.В. Социологическое описание коллективных протестных действий: информационная база данных акций протеста (PRODAT-SPb) // Общественные движения в современной России: от социальной проблемы к коллективному действию / В.В. Костюшев, В.В. Горьковенко. -М.: Ин-т социологии РАН. 1999. -С.144-177.
5. Липовецки Ж. Эра пустоты: эссе о современном индивидуализме / Ж. Липовецки. -СПб., 2001. -С.115.
6. Поздняков С.В. Политический протест: автореф. дис. ... канд. полит. наук / С.В. Поздняков. -Ростов н/Д, 2002. -С.14.
7. Сафронов В.В. Потенциал протеста и демократическая перспектива / В.В. Сафронов // Журнал социологии и социальной антропологии. -1998. -Том 1. -№4. – С.25-31.
8. Соловьев А.И. Политология: Политическая теория, политические технологии. -М., 2000. URL: http://yourlib.net/content/view/948/22/.
9. Челпанова Д.Д. Характер и динамика протестной активности на юге России: автореф. дис. …канд. соц. наук / Д.Д. Челпанова. - Новочеркасск, 2011. -С. 13.
10. Almond G.A., Verba S. The Civic Culture: Political Attitudes and Democracy in Five Nations. Dewberry Park, London, New Delhi: Sage Publications, 1989, Ch. VI.
11. Jenkins J.S., Klandermans B. The Politics of Protest. Comparative Perspectives on State and Social Movements. Univ. of Minnesota Press: UCL Press. 1995. R.6.
12. Marsh A. Political Action in Europe and the USA. London, 1990. – C.45-52.
13. Marsh A. Protest and political consciousness. – L., 1977; Marsh A. Political action in Europe and the USA. – L.,1990.
14. Milbrath L.W. Political Participation. Chicago: Rand McNally, 1965. P. 79.
15. Political action: Mass participation in five Western democracies/ Barnes S.H., Kaase M.et al. – Beverly Hills, 1979. – P. 42-50; Verba S., Nie N., Kim J.-O. Participation and political equality: A seven-nation comparison. -Cambridge, 1978. – P. 1-2.
16. Roller E., Wessels B. Contexts of political protest in Western democracies: Political organization and modernity.– Berlin, 1998. P. 6-7.

ЭЪТИРОЗИ СИЁСӢ ҲАМЧУН ШАКЛИ ЗОҲИРШАВИИ ИШТИРОКИ ОППОЗИТСИОНӢ

Дар мақолаи мазур бевосита доир ба зоҳиршавии иштироки оппозитсионӣ ҳамчун эътирози оппозитсионӣ сухан меравад. Ба тариқи дигар, эътирози сиёсӣ метавонад ба сифати иштироки оппозитсонӣ баромад намояд. Муаллиф ба он кӯшидааст, ки аз ҷиҳати назариявӣ мазмун ва муҳтавои эътирози сиёсиро муайян намуда, ҷойгоҳи онро дар назарияи сиёсӣ ташхис намояд. Ҳамчунин сухан доир ба шаклҳои зоҳиршавии эътироз, иллат ва сабабҳои бавуҷудоии тазоҳурот рафта, тибқи парадигмаҳои мухталиф хусусиятҳои эътирози сиёсӣ муайян карда мешаванд. Дар мақола доир ба навъбандии эътирози сиёсӣ масъала ба миён оварда шуда, шаклҳои конвенсионалӣ ва ғайриконвенсиалии он дида баромада шудаанд. Эътирози сиёсӣ ҳамеша аксияи тазоҳуротии неруҳои алоҳида ва одамон нисбат ба иқдомҳои пешгирифтаи мақомоти давлатӣ ва махсусан ҳукумат маҳсуб мешавад. Он як шакли инъикоси рӯҳияи интиқодӣ нисбат ба система мебошад. Табиист, ки қабул кардани чунин иқдоми сиёсии эътирозӣ аз ҷониби элитаи сиёсӣ мушкил ба назар мерасад, вале дар ҷомеаи мутамаддин иштирок намудан дар эътирозҳои оммавӣ ҳуқуқи сиёсии шаҳрвандон маҳсуб мешавад. Ба ҳамин тариқ, меъёри конститутсионии кишварҳои мутамаддин ва аз ҷумла Тоҷикистон иштирок намудани шаҳрвандонро дар тазоҳуротҳои оммавӣ, ба мисли намоиш, гирдиҳамоӣ, роҳпаймоӣ ва маҷлис кафолат медиҳад. Масъалаи мазкур барои доираи илмие, ки ба масоили сиёсӣ таваҷҷуҳ доранд, бисёр муфид мебошад. Мавзӯи мазкур таҳқиқоти минбаъдаро тақозо менамояд.

Калидвожаҳо: эътирози сиёсӣ, иштироки оппозитсионӣ, оппозитсияи сиёсӣ, тазоҳуроти оммавӣ, иштироки конвенсионалӣ, иштироки ғайриконвенсионалӣ, митинг, роҳпаймоӣ, гирдиҳамоӣ, пикетикунонӣ, корпартоӣ, гуруснанишинӣ, рафтори эътирозӣ.

ПОЛИТИЧЕСКИЙ ПРОТЕСТ КАК ФОРМА ПРОЯВЛЕНИЯ ОППОЗИЦИОННОГО УЧАСТИЯ

В этой статье непосредственно рассматривается видимость участия оппозиции как протест оппозиции. В качестве альтернативы политический протест выступает как участие в оппозиции. Автор стремится теоретически определить содержание политического протеста и его место в политической теории. Речь также идет о формах протеста, факторах и причинах протестов, а специфика политических протестов определяется различными парадигмами. В статье поднимается вопрос о последовательности политических протестов, обсуждаются как традиционные, так и нетрадиционные формы. Политические протесты всегда были протестами определенных сил и отдельных лиц против действий государственных органов, особенно правительства. Это форма выражения критического отношения к системе. Естественно, может показаться, что политической элите сложно предпринимать такие политические действия, но в цивилизованном обществе участие в массовых протестах является политическим правом граждан. Таким образом, конституционная норма цивилизованных стран, в том числе Таджикистана, гарантирует участие граждан в публичных демонстрациях, таких как демонстрации,

митинги, шествия и собрания. Этот выпуск очень полезен для научного сообщества, которое интересуется политическими проблемами. Эта тема мало изучена и требует дополнительных исследований.

Ключевые слова: политический протест, участие оппозиции, политическая оппозиция, массовая демонстрация, условное участие, нетрадиционное участие, митинг, марш, митинг, пикет, забастовка, голодовка, протестное поведение.

POLITICAL PROTEST AS A FORM OF MANIFESTATION OF OPPOSITIONAL PARTICIPATION

This article directly examines the appearance of opposition participation as opposition protest. Alternatively, political protest can act as opposition participation. The author seeks to theoretically determine the content of political protest and its place in political theory. We are also talking about the forms of protest, factors and reasons for protests, and the specificity of political protests is determined by different paradigms. The article raises the question of the sequence of political protests, discusses both traditional and non-traditional forms. Political protests have always been protests of certain forces and individuals against the actions of state bodies, especially the government. This is a form of expressing a critical attitude towards the system. Naturally, it may seem that it is difficult for the political elite to take such political actions, but in a civilized society, participation in mass protests is a political right of citizens. Thus, the constitutional norm of civilized countries, including Tajikistan, guarantees the participation of citizens in public demonstrations such as demonstrations, rallies, processions and gatherings. This issue is very useful for the scientific community interested in political issues. This topic has been little studied and requires additional research.

Keywords: political protest, opposition participation, political opposition, mass demonstration, conventional participation, non-conventional participation, rally, march, rally, picket, strike, hunger strike, protest behavior.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Назриев К.Қ.*** - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ассистенти кафедраи сиёсатшиносӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **988-01-53-11**

Сведения об авторе: ***Назриев Карим Курбомадович*** - Таджикский национальный университет, ассистент кафедры политологии. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **988-01-53-11**

Information about the author: ***Nazriev Karim Kurbomadovich*** - Tajik National University, assistant of the Department of Political Science. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: **988-01-53-11**

УДК: 327.8

АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ ОМӮЗИШИ АМНИЯТИ ҲАРБӢ

Азиззода Ҳ.Ҷ.
Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳовaддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

Сарфи назар аз тағйироти амиқе, ки дар низоми муносибатҳои байналмилалӣ ба амал омада истодаанд, неруҳои ҳарбӣ ҳанӯз ҳам яке аз василаҳои муҳимми сиёсати байналмилалӣ маҳсуб меёбанд. Давлатҳои замони муосир чун анъана барои ҳимояи манфиатҳои ҳаётан муҳим ва амалӣ намудани ҳадафҳои стратегии худ неруҳои ҳарбиро истифода менамоянд. Аз ин рӯ, гуфтан мумкин аст, ки қудрати ҳарбӣ воситаи ҳимояи манфиатҳои бақодорӣ ба шумор рафта, ба рушди кишварҳо таъсири назаррас мерасонад ва амнияти онҳоро мустақиман ташаккул медиҳад.

Қобили зикр аст, ки масъалаи баланд бардоштани қудрати ҳарбӣ ва ташаккули неруҳои низомӣ таърихи қадима доранд ва аз даврaҳои қадим сар карда ба ин масъала мутафаккирону донишмандон таваҷҷуҳ зоҳир намудаанд. Аммо мушоҳида намудан мумкин аст, ки ҳамаи онҳо ба масъалаи санъати пешбурди ҷанг ва тартиби идора намудани артиш диққат додаанд. Масалан, асарҳои мутафаккири Хитои қадим Сун Тзи [9], мутафаккири италиявӣ Н. Макиавелли [5], олими немис К. Клаузевитс [2] ва дигарон ба ин гуфтаҳо мисол шуда метавонанд. Дар маҷмӯъ, гуфтан мумкин аст, ки олимону донишмандони даврaҳои гузаштаи таърихӣ диққати худро ба ҷанбаҳои гуногуни мавҷудият ва истифодаи қувваҳои мусаллаҳ равона карда буданд. Таҳқиқоти стратегӣ бошад, бештар ба мафҳумҳо ва усулҳои истифодаи воситаҳои ҳарбӣ таваҷҷуҳ зоҳир намуда, расидан ба ҳадафҳои сиёсиро вазифаи асосии неруҳои ҳарбӣ медонистанд. Илми ҳарбии классикӣ, баръакс, санъати ҷанг, роҳу усулҳои ташкил намудани ҷанг, мудофиаи ҳудудҳо, усулҳои истифодаи қувваеро таҳқиқ ва ҷустуҷӯ мекард, ки эҳтимолияти баланди пирӯзиро таъмин карда тавонанд. Дар давраи «ҷанги сард» дар соҳаи амният таҳқиқоти гуногун анҷом дода шуд, ки дар доираи онҳо минбаъд яке аз самтҳои муҳимми амниятро соҳаи низомӣ ва амнияти ҳарбӣ ташкил медиҳад. Айни замон бошад, амнияти ҳарбӣ дар аксар маврид ҳамчун воситаи асосии таъмини амнияти сиёсӣ дониста шуда, барои амалӣ намудани ҳадафҳои стратегии давлат ва ҳимояи манфиатҳои ҳаётан муҳимми мамлакат нигаронида шудааст.

Айни замон амнияти ҳарбӣ, ба монанди соҳаҳои дигари амният, дар доираи илмҳои гуногун таҳқиқ мегардад. Аз ҷумла илмҳои ҳарбӣ, илмҳои сиёсӣ, муносибатҳои байналмилалӣ ва ғайраҳо. Илмҳои ҳарбӣ ба таъминоти техникию технологии қувваҳои низомӣ, тактика ва стратегияи пешбурди ҷанг диққати аввалиндараҷа медиҳанд. Дар илмҳои сиёсӣ бошад, қувваҳои ҳарбӣ ва иқтидори ҳарбӣ ҳамчун воситаи ҳимояи манфиатҳои ҳаётан муҳимми мамлакат дониста мешаванд, ки бо ёрии онҳо, пеш аз ҳама, суботи сиёсӣ, якпорчагии марзу бум ва таҳкими истиқлолияти давлатӣ таъмин карда мешаванд. Дар муносибатҳои байналмилалӣ неруҳои ҳарбиро ҳамчун воситаи амалӣ намудани сиёсати хориҷӣ ва ҳимояи манфиатҳои хориҷии давлат медонанд.

Дар нимаи дуюми асри XX тасаввурот дар бораи амният дигар гардида, таҳлилу таҳқиқи амнияти объекти мушаххас ва дарёфти роҳу усулҳои таъмин намудани бехатарии он дар мадди аввал қарор гирифт, ки дар чунин шароит амнияти ҳарбӣ низ бо дарназардошти ин гуна баррасиҳо мавриди омӯзиш қарор дода шуд. Дар ин раванд дар муносибат ба амнияти ҳарбӣ андешаҳои гуногун баён гардидаанд. Чунончи, дар таҳқиқоти як гурӯҳ олимон зери мафҳуми «амнияти ҳарбӣ» қобилият ва қудрати мудофиавии давлат оид ба пешгирии ҳуҷумҳои ҳарбӣ ва рафторҳои агрессивӣ дониста шудааст [6]. Гурӯҳи дигари олимон моҳияти амнияти ҳарбиро таъмин намудани иҷроиши қарорҳои сиёсии давлат бо ёрии неруҳои ҳарбӣ медонанд [1]. Аммо дар замони муосир доираи фаҳмиши амнияти ҳарбӣ бо дарназардошти хусусиятҳои низоъ хеле васеъ гардидааст. Яъне, агар солҳои қаблӣ шаклҳои маъмулии низои байни давлатҳои миллӣ бештар ба назар мерасида бошад, айни замон муборизаи байни давлатҳо ва ташкилотҳои ғайридавлатӣ, ки дар аксар маврид дуюмин хусусияти террористию экстремистӣ доранд, бештар гардида истодааст.

Олимону муҳаққиқон барои муайян кардани амнияти ҳарбӣ кӯшиши зиёд кардаанд, аммо бо вуҷуди баровардани хулосаҳои зиёди муҳим, ки ба табиати амнияти ҳарбӣ алоқаманданд, ин таърифҳо ба андозае маҳдуданд. Инчунин, дар адабиёти байналмилалӣ муҳаққиқон ба моҳияти масъалаи мазкур бо дарназардошти воқеиятҳои замони муосир диққати кофӣ надодаанд. Ҳамин тариқ, ташаккул додани таърифи амнияти ҳарбӣ бо дарназардошти равандҳои сиёсию геополитикии замони муосир хеле муҳим аст.

Амнияти ҳарбӣ категорияе мебошад, ки асосан ба давлат марбут аст ва давлат, дар навбати худ, ҳамчун субъекти асосии таъмини амният ба шумор меравад. Ҳамин тариқ, муваффақиятҳои муҳимтарини илмию назариявӣ дар муносибат бо амнияти ҳарбӣ дар соҳаи сиёсатшиносӣ ба даст омадаанд. Дар соҳаи муносибатҳои байналмилалӣ баррасиҳо ва таҳлилҳо аслан дар бораи муносибатҳои байни давлатҳо анҷом мепазиранд ва аз ин рӯ, масъалаҳои марбут ба низоъҳои байни давлатҳо ва ташкилотҳои ғайридавлатиро қариб ки фаро намегиранд. Дар маҷмӯъ, мувофиқи назарияҳои пешниҳодгардида амнияти ҳарбии давлат бештар аз мавҷудияти субъект: давлат ва муҳити байналмилалии атрофи он ба даст меояд. Ин масъала инчунин бо мавҷудияти қувваҳои мусаллаҳ пайванди ногусастанӣ дорад. Инҳо унсурҳои бунёдии назарияи реалистии сиёсати байналмилалиро ташкил медиҳанд, ки моҳияти онро ҳимояи манфиатҳои бақодорӣ ва рушди иқтидори ҳарбию сиёсии давлат ташкил медиҳад [4].

Баррасии масъалаҳои марбут ба амният, ки дар натиҷаи кӯшишҳои кишварҳо барои таъмини амнияти худ ба амал омадаанд, ба амнияти ҳарбӣ таъсири назаррас мерасонанд. Дар асл, кишварҳо ноустувории зиёдро байни якдигар эҷод мекунанд, зеро ҳар як кишвар амалҳои худро ҳамчун мудофиа ва амалҳои дигаронро новобаста аз сабабҳои ба амал баровардани рафтори мушаххас ҳамчун рафтори таҳдидкунанда шарҳ медиҳанд.

Сарчашмаҳои таҳдиди ҳарбӣ дар доираи хусусиятҳои муҳити байналмилалӣ, ки қудрати ҳарбӣ яке аз воситаҳои асосии сиёсати байналмилалии давлатҳо мебошад, бояд таҳлил гарданд. Чунин зарурат асосан аз он сабаб аст, ки қудрати ҳарбӣ ягона абзорест, ки қодир аст унсурҳои давлати дигарро ҷисман нест кунад ё истифодаи шаклҳои дигари зӯровариро имконпазир гардонад. Ин қудрат танҳо тавассути мавҷудияти худ як воситаи хеле муассири таъсиррасонӣ ба амнияти кишварҳои дигар мебошад ва барои дигарон таҳдид эҷод мекунад. Ин гуна таҳдидҳоро мавҷудияти давлатҳое, ки муносибатҳои байналмилалии онҳо ба рафторҳои якҷониба ва ғаразнок асос ёфтаанд, зиёд мекунанд. Давлате, ки ин воқеиятро ҳангоми бастани иттифоқҳо ва имзои созишномаҳо оид ба назорати яроқ дарк мекунад, кӯшиш менамояд, ки амнияти худро фаъолона таъмин кунад. Қудрати ҳарбӣ, аллакай бо мавҷудияти худ, ба амнияти давлатҳои дигар таҳдид эҷод мекунад. Ин далелест, ки бисёр муаллифон ва як қатор ҳуҷҷатҳои расмии байналмилалӣ онро сарфи назар мекунанд.

Бояд эътироф кард, ки дар шароити муосир истифодаи қувва барои ҳалли баҳсҳои байналмилалӣ аз ҷониби қонунҳои байналмилалӣ манъ карда шудааст. Дар ин манъкунӣ

ҳолатҳои истисноӣ низ мавҷуданд. Қудрати низомӣ метавонад барои дифои дастаҷамъӣ ё худидоракунӣ ва бо ризоияти Шӯрои Амнияти СММ истифода шавад. Аз ин рӯ, ҳар як кишвар метавонад қувваҳои мусаллаҳро барои мудофиаи худ ба таври қонунӣ нигоҳ дорад.

Ин гуна фаҳму дарки моҳияти ин масъала аз мактаби илмии реалистӣ сарчашма мегирад ва он тавре ки маълум аст, комилан пессимистӣ мебошад. Фаҳмиши оптимистии ин масъала бештар дар мактаби илмии либерализм ва конструктивизм ташаккул ёфтааст. Аммо, дар таҷрибаи байналмилалӣ муносибати реалистӣ ҳанӯз ҳам заминаи асосӣ барои сохтани стратегияи амнияти миллӣ мебошад. Бо вуҷуди ин, давлатҳо одатан ба амалҳои зидди таҳдидҳои ҳарбӣ, масалан, консепсияи таносуби қудратҳо муқобилат мекунанд. Назарияҳои «боздоштани қувва» инчунин истифодаи васеъ доранд. Гузашта аз ин, бояд қайд кард, ки соҳаи амният ба оқибатҳои хатарноктарини таҳдидҳо ишора мекунад. Таҳдиди ҳарбӣ, дарвоқеъ, метавонад боиси аз даст рафтани соҳибихтиёрӣ ва тамомияти арзӣ гардад. Бинобар ин, давлатҳо хавфу хатарҳои аз ҳад зиёдро қабул карда наметавонанд ва ногузир ба истифодаи неруҳои ҳарбӣ рӯ меоваранд.

Вобаста ба хусусиятҳои амнияти ҳарбӣ ва муайян намудани сатҳи зоҳиршавии таҳдидҳои ҳарбӣ давлатҳо, одатан, давлатҳои дигари эҳтимолан хатарнокро бар асоси се омил баҳогузорӣ менамоянд: қобилият, ният ва вазъият [11,с.259-261].

Қобилият ҳамон имкониятҳои ҳарбие мебошад, ки онҳоро неруҳои ҳарбӣ дар ихтиёр доранд ва омодаанд, ки аз онҳо барои мудофиаи марзу бум ва анҷом додани дигар амалиётҳои ҳарбӣ истифода намоянд. Аммо ҳангоми баҳогузорӣ намудани таҳдидҳои ҳарбӣ низ қобилияти ҳарбии давлатҳои дигар ва махсусан, дар шароити муосир қобилияти ташкилотҳои террористию экстремистӣ ба инобат гирифта мешаванд.

Ният омили дуюми баҳогузорӣ намудани амнияти ҳарбӣ ва таҳдидҳои ин соҳаро дар бар мегирад. Яъне, рақибон то кадом андоза барои ҳамла омодаанд ва оё ин гуна ниятро доранд ва ё не. Дар ин маврид масъалаи мудофиа ва махсусан, таърифи онро баррасӣ намудан хеле зарур аст. Баъзеҳо онро дар шакли маҳдуд ҳамчун дифоъ аз қаламрав ва соҳибихтиёрӣ мефаҳманд; гурӯҳи дигар онро васеътар ҳамчун ҳимояи манфиатҳои миллӣ медонанд.

Дар ҳамин ҳол, бисёре аз кишварҳо, ки берун аз марзи худ мехоҳанд манфиатҳои миллии хешро пайгирӣ намоянд, ба неруҳои ҳарбӣ вазифаи пешбурди манфиатҳои миллиро бо тартиби муқарраркардаи ҳукуматҳои худ месупоранд. Дар чунин ҳолат, истифодаи қувваҳои мусаллаҳ, пеш аз ҳама, ба зарурати дастгирии манфиатҳои миллии як кишвар асос меёбад, на ба ҳимояи соҳибихтиёрӣ ва қаламрави он. Азбаски давлатҳо мафҳуми «амният»-ро барои нишон додани ҳифзи ҳама чизҳое, ки онҳо ҳамчун манфиатҳои ҳаётии худ меҳисобанд, истифода мебаранд, ин мафҳум танҳо тобишҳои мудофиавӣ дорад, ки ҳар як миллат омода аст ин манфиатҳоро аз дахолат бо истифодаи қувва ҳимоя кунад. Вобаста аз хусусияти консепсияи амният, фаъолияти давлат метавонад, дар маҷмӯъ, ба ҷомеаи ҷаҳонӣ ҳамчун мудофиа ва ё ҳуҷум намоён шавад.

Маълум аст, ки амнияти ҳарбӣ бояд бевосита бо фаҳмиши амният алоқаманд бошад. Дар асоси фаҳмиши муайяншудаи амният ҳамчун амнияти давлат, бояд эътироф карда шавад, ки амнияти ҳарбӣ шартест, ки дар замон тағйирёбанда аст ва қобилияти қонеъ гардонидани талаботи миллатро барои мавҷудият ва рушд муайян мекунад, сарфи назар аз мавҷудияти воқеӣ, ё таҳдидҳои потенсиалӣ.

Амнияти ҳарбӣ инчунин ба таъсири кишварҳои гуногун ва дигар ҷонибҳои манфиатдор, инчунин ба омилҳои экологие, ки ба соҳаи ҳарбӣ таъсир мерасонанд, дахл дорад. Дар навбати худ, ин ба қобилияти давлат барои қонеъ кардани эҳтиёҷоти иҷтимоии марбут ба мавҷудият ва рушди ин субъектҳо таъсир мерасонад.

Далели тағйирёбанда будани шароити амнияти ҳарбӣ аз бисёр омилҳо вобаста аст ва аз ин рӯ, гуфтан мумкин аст, ки амният низ як раванд аст. Ин ҳолат чунин маъно дорад, ки фаъолиятеро ба амал овардан лозим аст, ки ба самараи дилхоҳ оварда мерасонад. Субъектҳои амнияти ҳарбӣ кӯшиш менамоянд, ки таъсири манфии омилҳоро, ба ғайр аз фаъолияти худ, то ҳадди имкон кам кунанд. Аз сабаби хусусияти қаблан тавсифшудаи муҳити байналмилалӣ ва пеш аз ҳама, шубҳа ва хоҳиши давлатҳо барои таъмини манфиатҳои онҳо, ҳолати онҳо бидуни амали субъектҳои амнияти ҳарбӣ бадтар хоҳад буд. Аз ин рӯ, тавре ки дар организмҳои зинда, ки дар он ҷо фаъолияти доимии мақомоти дахлдор барои нигоҳ доштани ҳаёт зарур аст, дар мисоли амнияти ҳарбӣ аз ҷониби субъект барои нигоҳ доштани сатҳи мақбули амният фаъолияти доимӣ лозим аст. Ҳадафи ин фаъолият нигоҳ доштани сатҳи дилхоҳи амнияти низомӣ мебошад.

Аввалин унсури муҳимми системаи фаъолият, ки барои нигоҳ доштани сатҳи дилхоҳи амнияти ҳарбӣ зарур аст, бояд шакли идоракунӣ бошад. Ин масъала бояд ба

вазифаҳои идоракунии ташаккули рафтор ҷавобгӯ бошад. Фаъолияте, ки бо мақсади пешгирии таҳдидҳои низомӣ равона карда шудаанд, бояд ба дигар фаъолиятҳои давлат ҳамроҳ карда шавад. Онҳо инчунин бояд дар доираи қонунҳои амалкунандаи миллӣ ва байналмилалӣ бошанд ва самаранокии худро нишон диҳанд ва инчунин бисёр хусусиятҳои дигарро низ метавонанд фаро гиранд. Ин фаъолият маъмулан таҳти маҳдудиятҳои мухталиф гузаронида мешавад, муҳимтаринаш норасоиҳо ва сатҳи дастгирии мардум аз ин фаъолият мебошад.

Асоси ҳама гуна фаъолияти оқилона огоҳӣ аз вазъияте мебошад, ки давлат бо он дучор меояд. Ин огоҳӣ барои қабули қарорҳои оқилона дар бораи ҳама гуна амалҳое, ки бояд анҷом дода шавад, муҳим аст. Аз ин рӯ, ин огоҳӣ ҳама қарорҳои қабулшударо ташаккул медиҳад, ки бевосита ба фаъолияти субъект роҳнамоӣ мекунанд. Дар мавриди амнияти ҳарбӣ, як қисми муҳимми ин огоҳӣ донистани таҳдидҳои ҳарбӣ, алалхусус қобилияти ҳарбӣ ва ниятҳои душманон мебошад. «Барои дарки амнияти ҳарбӣ ва таҳдидҳои соҳаи мазкур шинохти табиати душман хеле муҳим аст. Одатан, дар соҳаи таъмини амнияти миллӣ душманро дар маъноҳои зерин ифода менамоянд: 1) бадхоҳ, мухолиф; 2) унвони давлате, ки (неруҳои ҳарбие, ки) дар муносибат бо вай амалиёти ҳарбӣ сурат гирифта истодааст ва ё эҳтимоли бо вай ба амал омадани бархӯрди ҳарбӣ имконпазир гаштааст; 3) унвони неруҳои ҳарбӣ ва дастаҳои ҳарбии бадхоҳ ва мухолиф» [8,с.89-90].

Ин гуна дониш натиҷаи кӯшиши назарраси давлатест, ки барои ошкор кардани ҳадафҳои ғаразнок ва иқтидори низомии ҳарифаш зарур аст. Бидуни ин маълумот, давлат наметавонад таҳдидҳои низомиро дуруст арзёбӣ кунад ва аз ин рӯ, барои муқобила бо он стратегияҳои мувофиқро интихоб кунад. Аз ин рӯ, яке аз унсурҳои асосии системаи фаъолият, ки барои нигоҳ доштани сатҳи дилхоҳи амнияти ҳарбӣ зарур аст, фаъолияти иттилоотии он мебошад.

Ин унсури системаи амнияти ҳарбӣ унсури дигари муҳимро ташаккул медиҳад. Яъне, шакли дигари фаъолият, ки барои безарар кардани таҳдидҳои ҳарбӣ истифода мешавад, моҳияти унсури навбатии амнияти ҳарбиро ташкил медиҳад. Мавҷудияти фаъолияти идоракунӣ ва фаъолияти иттилоотӣ, ки барои ба даст овардани огоҳии вазъ нигаронида шудаанд, имкон медиҳад, ки дониши боэътимод дар бораи таҳдидҳои ҳарбӣ ва муҳити зист ба даст оварда шавад ва қарорҳои оқилона оид ба амале, ки дар посух заруранд, қабул карда шаванд. Аммо, бояд як унсури дигари иҷроиши қарорҳо вуҷуд дошта бошад, ки ба амалисозии нақшаҳои тарҳрезишуда ва муқовимат ба таҳдидҳои низомӣ имкон диҳад.

Иҷроиши нақшаҳо ва стратегияҳои қабулшуда намуди фаъолиятҳоеро, ки ба муқобили таҳдиди ошкоршудаи ҳарбӣ нигаронида шудаанд, нишон медиҳад. Чунин фаъолиятро стратегияи худи субъект ва амалиётҳои ҳарбии мақомоти берунӣ ташаккул медиҳанд. Аз ин рӯ, амнияти ҳарбӣ равандест, ки дар он тағйироти доимӣ ба амал меоянд. Ин тағйирот функсияи фаъолияти давлат дар соҳаи ҳарбӣ ва тағйирот дар муҳити давлат мебошанд.

Бояд қайд кард, ки фаъолони муносибатҳои байналмилалӣ, ҳам ташкилотҳои давлатӣ ва ҳам ғайриҳукуматӣ (ғайридавлатӣ) то андозае аз муҳити атроф вобастагӣ доранд. Ин муҳит ба рафтор ва фаъолнокии онҳо таъсир мерасонад, ки дар натиҷа давлат метавонад ба таври ғайримустақим ба амалҳое, ки фаъолон дар муҳити байналмилалӣ анҷом медиҳанд, чорачӯӣ намояд. Аз ин рӯ, фаъолияти низомии давлат метавонад мустақиман ба ҷанбаҳои гуногуни кишвари дигар (ё ташкилоти ғайридавлатӣ) ё гирду атрофи он расидагӣ кунад.

Идоракунии амнияти ҳарбӣ фаъолиятҳоеро дар бар мегирад, ки барои ноил шудан ба сатҳи дилхоҳи амният анҷом дода мешаванд. Баррасиҳои пешниҳодшудаи амнияти ҳарбӣ ду самти асосии фаъолияти давлатро дар бар мегирад. Яке ба ҳолати дилхоҳи огоҳии сиёсӣ ва низомӣ дахл дорад, дигаре ҳадафи пешгирии таҳдидҳои низомиро ифода менамояд.

Вобаста ба соҳаи якуми амнияти ҳарбӣ, фаъолияти идоракунӣ бояд вазифаҳои дар самти банақшагирӣ ва гузаронидани чорабиниҳоеро, ки барои таъмини шароити мувофиқи огоҳии сиёсӣ ва ҳарбидошта заруранд, ба таври самаранок иҷро кунад. Дар соҳаи навбатии фаъолият, идоракунии амнияти ҳарбӣ бояд вазифаҳои марбут ба банақшагирӣ ва гузаронидани чорабиниҳои зидди таҳдидҳои ҳарбиро иҷро кунад. Ғайр аз ин, идоракунӣ инчунин бояд нақши ҳарбии машваратиро барои роҳбарияти олии давлат дар масъалаҳои амнияти ҳарбӣ иҷро кунад.

Шарти беҳтарин, албатта, фаҳмиши пурра дар бораи вазъ, яъне ба даст овардани як ҳолати шабеҳ ба бозии шоҳмот хоҳад буд. Бозингарон вазъияти дақиқ ё ҳолати воқеиро

мебинанд, ки ҳам дар майдони худ ва ҳам дар майдони рақиб мавҷуданд. Гарчанде онҳо ба фикр, мақсад ва мулоҳизаҳои рақиб дастрасӣ надоранд, аммо онҳо ҳар як ҳаракати рақибро мебинанд.

Мика Эндсли [12,с.42-43] ҳангоми эҷоди огоҳии вазъ се сатҳро нишон додааст:

Дарк. Қадами аввалини ба даст овардани огоҳии вазъ ин дарки мақом, сифатҳо ва динамикаи унсурҳои марбута дар муҳити атроф мебошад. Ҳамин тариқ, сатҳи одии огоҳии вазъ, равандҳои назорат, ошкор кардани нишонаҳо ва шинохти одиро дар бар мегирад, ки боиси огоҳии унсурҳои гуногуни вазъ (ашё, рӯйдодҳо, одамон, системаҳо, омилҳои муҳити атроф) ва ҳолатҳои кунунии онҳо мегардад (ҷойгоҳҳо, шароитҳо, режимҳо, амалҳо).

Фаҳмиш. Қадами навбатӣ дар ташаккули огоҳии вазъ аз таҷзияи унсурҳои ҷудошудаи сатҳи якум тавассути равандҳои шинохтан, тафсир ва арзёбӣ намудан иборат аст. Сатҳи дуюм ҳамгиро кардани ин маълумотро барои фаҳмидани он, ки ба ҳадафҳо ва вазифаҳои шахс чӣ гуна таъсир мерасонад, талаб мекунад. Ин таҳияи як тасвири ҳамаҷонибаи ҷаҳон ё он як қисми дунёро, ки барои шахс манфиатдор аст, дар бар мегирад.

Дурнамо. Сатҳи сеюм баландтарин вазъи огоҳӣ буда, аз қобилияти пешгӯии амалҳои оянда иборат аст. Ин сатҳ тавассути донистани мақом ва динамикаи унсурҳо, дарки вазъ ва баъдан тарҳрезии ин маълумот барои муайян кардани он, ки ба ҳолатҳои ояндаи муҳити амалиётӣ чӣ гуна таъсир мерасонад, ба даст оварда мешавад. Ҳамин тариқ, огоҳии вазъ, дарк ва фаҳмиши вазъи кунунӣ шинохти ҳолатҳои ояндаи онро дар бар мегирад. Он ҳангоми коркарди иттилоот ташаккул меёбад. Инчунин бояд қайд кард, ки огоҳии вазъ соҳаи маърифатии шуури одамон буда, на танҳо "дониш"-и системаҳои иттилоотиро, балки дониши фармондеҳон ва ҳайати шахсиро дар бар мегирад.

Мулоҳизаҳои марбут ба вазъи сиёсӣ ва ҳарбӣ ба он вобаста аст, ки бо мавҷудияти объективии қувваҳои мусаллаҳ дар муҳити байналмилалӣ чи равандҳое сурат гирифта истодаанд. Мавҷудияти ин неруҳо манбаи таҳдиди низомӣ ба муҳити дар он мавҷудбуда мебошад. Тавре ки аз номаш бармеояд, ин вазъ ҳам ҷузъҳои сиёсӣ ва ҳам ҳарбӣ дорад. Вазъи сиёсӣ, ки дар заминаи низомӣ дида мешавад, як қисми воқеияти мавҷудбуда мебошад, ки ҷанбаи сиёсӣ дорад ва бо қувваҳои мусаллаҳ алоқаманд аст.

Қувваи ҳарбӣ воситаи давлат барои иштирок дар сиёсати байналмилалӣ мебошад. Ихтиёрдории мустақими неруҳо дар доираи салоҳияти давлати дахлдор аст. Қувваҳои мусаллаҳ дар аксари кишварҳои ҷаҳон бозигароне мебошанд, ки қобилияти истифодаи зӯроварии ҳарбиро доранд, ки қатъиян мувофиқи иродаи маъмурии давлатии ин неруҳо татбиқ карда мешаванд. Артиш дар асл ташкилоте мебошад, ки соҳиби ягонааш давлат аст. Ин вазъ маънои онро дорад, ки ҳаҷм, сифат ва қобилияти қувваҳои мусаллаҳ, шаклҳо ва усулҳои истифодаи онҳо, инчунин самти рушди онҳоро ҳукумати он кишвар муайян мекунад. Аз ин рӯ, нигоҳ доштани дониши муосир дар бораи вазъи қувваҳои ҳарбӣ, ба монанди дарёфт кардани дониш дар бораи ниятҳо ва стратегияҳои рақибон, ки ин неруҳоро роҳнамоӣ мекунанд, бисёр муҳиманд. Аз ин рӯ, иктишоф (разведка) бояд ба ноил шудан ба огоҳии вазъи вобаста ба фаъолияти ҳам мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва ҳам вазъи неруҳои мусаллаҳи он, инчунин муҳити дастгирии онҳо ё нигоҳ доштани огоҳӣ аз вазъи сиёсӣ ва низомӣ равона карда шавад.

Фаҳмидани вазъи сиёсӣ ва ҳарбӣ ба татбиқи қадамҳои якум ва дуюми модели Эндсли мувофиқат мекунад. Қисми дигари муҳимтарини ин огоҳӣ донистани таҳдидҳои ҳарбӣ мебошад, ки ҳамчун арзёбии таҳдидҳои ҳарбӣ фаҳмида мешавад. Тавре ки қаблан қайд карда будем, ба гуфтаи Ф.Хартман, давлатҳо кишварҳои дигари эҳтимолан хатарнокро аз рӯйи се омил арзёбӣ мекунанд: қобилият, ният ва вазъият [11,с.259-261]. Баррасии вазъи сиёсӣ ва ҳарбӣ, пеш аз ҳама, бо мақсади муайян кардани огоҳии вазъ гузаронида мешавад ва унсурҳои ин вазъ унсурҳои ҳарбӣ ва сиёсӣ мебошанд.

Ғайр аз ин, вазъи қувваҳои мусаллаҳ бояд дар заминаи муҳити дохилӣ (дохили кишвар) ва берунӣ (муҳити давлат) дида шавад. Дар муҳити дохилӣ ба дастурҳои сиёсӣ ва инфрасохтори он бояд диққати махсус дода шавад. Муҳити берунӣ низ аз он ҷиҳат муҳим аст, ки он майдонест, ки ин неруҳо метавонанд амалиёти низомӣ анҷом диҳанд. Ғайр аз ин, дар муҳити беруна таъсироти гуногун ба амал меоянд, ки ба қувваҳои дар дохили мамлакат амалкунанда равона карда шудаанд. Бинобар ин, ҳангоми омӯзиши вазъи сиёсӣ омилҳои зерин бояд ба назар гирифта шаванд:

– хусусиятҳои фарҳанги сиёсии дар як кишвар ё миллати мушаххас мавҷудбуда;
– хусусиятҳои ҷаҳонбинӣ, дин ва идеологияи бартаридоштаи онҳо;
– хусусиятҳои манфиатҳои миллии кишвар;
– хусусиятҳои стратегияи амнияти кишвар;

– хусусиятҳои стратегияи ҳарбии кишвар;

– дарки таҳдидҳо ба амнияти давлат;

– муфид будани қобилияти ҳарбӣ барои таъмини манфиатҳои миллии як узви иттиҳоди байнидавлатӣ дар шароити мушаххаси геополитикӣ ва фарҳангӣ;

– имкониятҳои стратегии қудрати ҳарбии мавҷуда дар кишвар;

– қобилияти ташаккул додани иқтидори ҳарбӣ тавассути низоми арзишҳои иҷтимоию иқтисодии кишвар;

– хусусиятҳои доктринаи ҳарбии сатҳи стратегӣ ва амалиётӣ;

– хусусиятҳои геостратегӣ ва шароити экологии кишвар.

Дар маҷмӯъ, фаъолияти иктишофии давлатҳо барои қонеъ кардани ниёзҳои иттилоотии амнияти ҳарбии онҳо равона шудааст. Ин фаъолият тавассути ҷамъоварии маълумот бо мақсади гирифтани огоҳии сиёсӣ ва ҳарбӣ ва пешгирии чунин амалҳое, ки рақибон анҷом медиҳанд, гузаронида мешавад.

Эҳтиёҷоти мавҷуда ба огоҳии сиёсӣ ва ҳарбӣ зарурати ташкил ва нигоҳдории фаъолиятҳои марбут ба дарёфт ва такмили системаҳои коркарди иттилоотро ба вуҷуд меорад. Ин аз номи давлат андешидани чорабиниҳои муносиби молиявӣ ва ташкилиро талаб мекунад. Чунин тахмин кардан мумкин аст, ки асоси амнияти ҳарбӣ дониши сиёсӣ ва ҳарбӣ дар бораи таҳдидҳо ва роҳу усулҳои пешгирӣ намудани онҳо мебошад. Аксар вақт, аҳамияти ин мушоҳида асосан ба тамаркузи талошҳо барои хариди силоҳ коҳиш меёбад. Аммо, бидуни огоҳии дар боло зикршуда, ин хароҷот метавонанд ҳадди ақал бемақсад ба назар расанд. Кӯшишҳои иктишофӣ вобаста ба динамикаи вазъияти муосир бояд доимо нигоҳ дошта шаванд. Ин аст, ки ташхиси саривақтии нишонаҳои афзоиши таҳдидҳои ҳарбӣ имкон медиҳад, ки чораҳои ҳимоя аз таҳдидҳои ногаҳонӣ таъмин карда шаванд.

Дар назарияи муносибатҳои байналмилалӣ, манфиатҳо категорияе мебошанд, ки эҳтиёҷоти давлатро ифода мекунанд ва онҳо дар муайян кардани намуди ҳамкории давлат бо дигар давлатҳо хеле муҳим мебошанд. Манфиатҳо метавонанд давлатҳоро дар сатҳи ҳамкорӣ ё мубориза қарор диҳанд. Дарвоқеъ, фаъолияти як давлат омехтаи ҳамкорӣ ва мубориза аст. Вобастагии ду омил вобаста ба вазъ тағйир меёбад [13, с.69].

Нигоҳ доштани сатҳи дилхоҳи амният аз ҷониби давлат фаъолияти доимиро талаб мекунад. Ин фаъолият асосан барои муқобила бо таҳдиди ҳарбӣ ё воқеӣ пешбинӣ шудааст ва метавонад шакли низомӣ ё ғайринизомӣ дошта бошад. Ҳардуи инҳо метавонанд, дар навбати худ, шакли ҳамкорӣ ё муборизаро дар худ нигоҳ доранд. Фаъолияти ғайринизомӣ тамоми амалҳои ғайринизомии давлатро дар соҳаҳое, ба монанди иқтисод, молия, фарҳанг ва ғайра дар бар мегирад.

Фаъолиятҳое, ки дар соҳаи ҳарбӣ пеш аз ҳамлаҳои ҳарбӣ гузаронида мешаванд, чораҳои пешгириро дар бар мегиранд. Ҳадафи асосии он пешгирии пайдоиши ҳамлаи ҳарбӣ мебошад. Боздоштан на ҳамеша самаранок аст ва дар ин ҳолат ҳамлаи низомӣ зарур мешавад. Амалҳои ҳарбӣ бояд ҳадафи зуд саркӯб кардани ҳамлаи ҷорӣ ва барқарор кардани мақоми пеш аз ҳамла доштаро дар бар гиранд.

Фаъолияти дар боло тавсифшуда метавонад ҳамчун модели умумии фаъолияти амалии давлат, ки барои ноил шудан ва нигоҳ доштани сатҳи дилхоҳи амнияти ҳарбӣ анҷом дода мешавад, муайян карда шавад. Бинобар ин, ба унсурҳои зерини таҳдидҳои ҳарбӣ диққати зарурӣ бояд дод:

– сарчашмаи таҳдидҳои ҳарбӣ;

– субъекти таҳдидҳои ҳарбӣ;

– унсурҳои амалиёт барои муқовимат бо ин таҳдидҳо, аз ҷумла: боздоштани ҳамлаҳои эҳтимолӣ; иқтидори ҳамлаҳои пайдошуда; фаъолият бо эҷоди муқовимат барои решакан кардани омилҳои ҳамлаҳои ҳарбӣ.

Ҷузъҳои алоҳидаи қудрати давлатӣ, аз ҷумла қудрати ҳарбӣ бо назардошти хусусиятҳои худ, шакли истифодаи худро доранд. Аммо, онҳо метавонанд новобаста аз якдигар ҳам дар ҳамкорӣ ва ҳам дар мубориза истифода шаванд. Қудрати ҳарбиро дар тамоми намудҳои фаъолият, аз шаклҳои шадиди мубориза то ҳамкории амиқ татбиқ кардан мумкин аст.

Ҳамкории низомӣ метавонад шаклҳои мухталиф дошта бошад. Вобаста аз меъёре, ки мо қабул мекунем, шаклҳои зеринро ҷудо кардан мумкин аст: робитаҳои муваққатӣ, қарордодҳо ва созишномаҳои байналмилалӣ, амалҳо дар заминаи созмонҳои амнияти байналмилалӣ ва фаъолиятҳое, ки дар доираи дигар ташкилотҳои байналмилалӣ гузаронида мешаванд.

Ҳамкориҳои ҳарбӣ одатан дар муносибатҳои байналмилалӣ мавҷуданд ва яке аз роҳҳои асосии баланд бардоштани амнияти ҳарбии бисёр кишварҳо мебошад. Ҳатто

қудратҳои бузург, ба монанди Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, наметавонанд бидуни ҳамкориҳои низомии байналмилалӣ сатҳи дилхоҳи амнияти низомиро нигоҳ доранд. Ин ҳамкорӣ ҳам дар замони осоишта ва ҳам дар замони даргириҳои мусаллаҳона ва ҷангҳо зарур ва муҳим аст.

Аммо дар баробари ҳамкориҳои ҳарбӣ, инчунин муборизаҳои ҳарбӣ ва муноқишаҳои мусаллаҳонаро низ хеле зиёд мушоҳида намудан мумкин аст. Дар ҷустуҷӯи шаклҳои имконпазири мубориза дар соҳаи ҳарбӣ, бояд ба фанҳои марбут ба амнияти ҳарбӣ муроҷиат кард, ки аз ҷониби ҷомеаи илмӣ қабул карда мешаванд. Бешубҳа, яке аз ин фанҳо муносибатҳои байналмилалӣ мебошад. Дар ин фан, назарияи тавозуни қудрат, ки онро Дэвид Юм таҳия кардааст ва аз ҷониби муаллифони гуногун, ба монанди Ганс Моргентау такмил ёфтааст, то ҳол эътибор дорад. Дар бисёр ҳолатҳо, ин назария қудрати пурраи тавзеҳотиро нигоҳ медорад [7]. Тибқи гуфтаи реалистон, таносуби қудрат яке аз механизмҳои калидист, ки дар тӯли асрҳо барои ҳифзи озодии давлатҳо муҳим будааст [3].

Мафҳуми тавозуни қудрат дар як қатор сарчашмаҳои илмӣ баррасӣ карда шудааст. Мувофиқи таърифи умумитарин, агар зинда мондани як давлат ё чанд давлати заиф ба гегемония ё эътилофи давлатҳои қавитар таҳдид кунад, онҳо бояд қувваҳо барои бастани иттифоқи расмӣ дошта бошанд ва мустақилияти худро бо тавозун нигоҳ доранд. Механизми таносуби қувваҳо барои таъмин намудани вазъияте пешбинӣ шудааст, ки дар он қуввaҳои бозигарон мутобиқ карда мешаванд, то ки дар ҳолати мувозинат бошанд. Дар ин ҳолат, ҳеҷ як давлат ё эътилофи давлатҳо ба мавқеи расида наметавонанд.

Шакли бадтарини таҳдиди низомӣ ҳамлаи мусаллаҳона ба давлат аст. Сарфи назар аз хусусияти ҳамла, он одатан оқибатҳои стратегӣ дорад, ба монанди аз даст додани қаламрав, коҳиш ёфтани қобилияти таъмини манфиатҳои ҳаётан муҳимми миллӣ, қисман аз даст додани соҳибихтиёрӣ, ки рушди давлатро барои бисёриҳо бозмедоранд. Аз ин рӯ, ҳадафи асосии безарар кардани таҳдидҳои ҳарбӣ пешгирии ҳамлаҳои низомӣ ва истифодаи зӯроварии мусаллаҳона мебошад. Шакли дилхоҳи пешгирии он ин ҷилавгирӣ аст, ки ҳангоми самаранок амалӣ намудан, амалӣ шудани ҳамлаи мусаллаҳонаро пешгирӣ мекунад.

Аммо, боздоштан на ҳамеша самаранок аст ва метавонад ба ҳамлаи мусаллаҳона ба як давлат оварда расонад. Бо назардошти аҳамияти амнияти давлат, он бояд системаи муассири безарар кардани ҳамлаҳои эҳтимолии ҳарбиро бо назардошти қобилияти худ нигоҳ дорад. Моҳияти чунин система бояд қобилияти мустақиман боздоштан ё фалаҷ кардани ҳамлаи ҳарбии саркардаро ҳарчи зудтар ва барқарор кардани мақом аз вақти пеш аз ҳамла бошад. Ҳамлаҳои фалаҷкунанда, пеш аз ҳама, маънои мудофиаи муассирро дорад. Он метавонад шаклҳои гуногун дошта бошад, ба монанди манёвр ё мудофиаи мавқеӣ. Он инчунин метавонад шакли мудофиаи зиддиҳавоӣ, баҳрӣ, психологӣ ё ҳатто кибернӣ дошта бошад.

Мувофиқи Энсиклопедияи Британника, пешгирӣ стратегияи ҳарбиест, ки тавассути он як қудрат таҳдиди интиқомро барои пешгирии ҳамлаи рақиб истифода мекунад [10]. Тибқи гуфтаи Томас Шеллинг, боздорӣ ин таҳдидест, ки душманро аз коре бозмедорад [13]. Доштани қобилияти ҳарбӣ барои ҳамлаҳои стратегӣ матлуб аст, зеро инҳо метавонанд душманро маҷбур кунанд, ки ҳамлаҳои худро қатъ кунанд. Асос барои ба даст овардани самаранокӣ дар ғалаба кардани ҳамлаҳои ҳарбии рақиб қобилиятҳои омодагӣ ва таҳияшуда мебошад.

Ҳамин тариқ, омӯзиш ва таҳқиқи масъалаҳои калидии амнияти ҳарбӣ ва ҷанбаҳои консептуалии он нишон дод, ки ҳама гуна баррасии марбут ба амнияти ҳарбӣ аз системаи консептуалии омӯзиши амният бармеоянд. Азбаски соҳаҳои мазкур нисбатан ҷавонанд, зарурати таҳлили дастгоҳҳои консептуалии асосии соҳаи таҳқиқоти амният зарур аст. Тавре ки дар ҳама гуна илмҳо ва алалхусус дар соҳаи амният, миқдори зиёди мафҳумҳо мавҷуданд, дар аксар маврид дар баҳсҳои илмӣ дар муқобили ҳамдигар қарор мегиранд. Азбаски ҳеҷ яке аз онҳо пурра қаноатбахш набуд, зарур дониста шуд, ки бисёре аз онҳо таҳлил карда шаванд ва ҷузъҳои асосии онҳо таҷзия гарданд.

Дар ин таҳқиқот таъриф ва тавсифи хусусиятҳои бунёдии амният ва инчунин тавсифи умумии амнияти ҳарбӣ анҷом дода шуд. Амнияти ҳарбӣ соҳаи ҳаётан муҳимми фаъолияти давлатро дар бар мегирад, ки ба нигоҳ доштани сатҳи дахлдори амният оварда мерасонад.

Бешубҳа, чунин муқаррароти илмӣ ба назарияҳои дар соҳаҳои зикршудаи таҳқиқот асос ёфтааст, аммо онҳо танҳо ҳамчун хиштҳое хизмат мекунанд, ки барои пур кардани сохтори назариявии аллакай мавҷудбуда истифода мешаванд. Ҳамин тариқ, бо назардошти натиҷаҳои охирини илмҳои дигар, ки масъалаҳои ҳарбиро фаро мегиранд, сохтор ва мундариҷаи амнияти ҳарбӣ нишон дода шуд.

АДАБИЁТ

1. Гацко М.Ф. Военная безопасность в системе национальной безопасности России / М.Ф. Гацко // Стратегическая безопасность. – 2005. –№4 (33). –С.58-65.
2. Клаузевиц К. Принципы ведения войны / К. Клаузевиц; пер. с англ. Л.А. Игоревского. -М.: Центрполиграф, 2009. –220 с.
3. Кучеренко С.А. Суверенитет и интеграция в политическом реализме / С.А.Кучеренко // Политика: Анализ. Хроника. Прогноз (Журнал политической философии и социологии политики). – 2019. -№ 4 (95). -С. 53-66.
4. Ларина О.Г. Конфликт концепций безопасности: проблема военных интервенций / О.Г. Ларина, В.В. Иванова // Известия Юго-Западного государственного университета. Серия: история и право. - 2020. -Т.10. -№4. -С.170-176.
5. Макиавелли Н. Государь. О военном искусстве / Н. Макиавелли; пер с итал. Г.Муравьевой. -М.: АСТ, 2019. -416 с.
6. Ольшевский В.Г. Военная безопасность в системе национальной безопасности: особенности обеспечения в современных условиях / В.Г.Ольшевский // Научные итоги года: достижения, проекты, гипотезы. – 2014. -№4. –С.72-80.
7. Рожков А.А. Теоретическое наследие «Истории» Фукидида и политический реализм Ганса Моргентау / А.А. Рожков // Социально-гуманитарные знания. – 2018. – № 6. – С.307-312.
8. Махмадов А.Н. Национальная безопасность: Учебное пособие / А.Н. Махмадов, Х.К. Сафарализода. – Душанбе, 2019. – 224 с.
9. Сунь Цзы. Искусство войны. Пер. с англ. М.Михайлова. –М.: АСТ, 2019. – 160 с.
10. Deterrence: political and military strategy [electronic resource]. URL: http://www.britannica.com/EBchecked/topic/159558/deterrence (accesed: 11.11.2020)
11. Hartmann F. The Relations of Nations. London: Macmillan Publishing, 1978. – 704 p.
12. Mica E. Toward a theory of situation awareness in dynamic systems // Human Factors/ - 1995. - No. 1. - P.32-64.
13. Schelling T.C. Arms and Influence. – New Haven: Yale University Press, 1967. – P.69.

АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ ОМӮЗИШИ АМНИЯТИ ҲАРБӢ

Дар мақолаи мазкур моҳият ва хусусиятҳои муҳимми амнияти ҳарбӣ мавриди омӯзиш қарор дода шудаанд. Муаллиф, пеш аз ҳама, зарурият ва муҳиммияти амнияти ҳарбиро нишон дода, вазифаҳои сиёсию стратегии онро асоснок кардааст. Дар ҳар давру замон, аз ҷумла дар замони муосир неруҳои ҳарбӣ воситаи асосии ҳимояи манфиатҳои ҳаётан муҳимми мамлакат ба шумор рафта, барои таъмини суботи сиёсӣ, ҳифзи якпорчагии марзу бум, таҳкими истиқлолияти давлатӣ нигаронида шудаанд. Аз ин рӯ, ҳимояи манфиатҳои ҳаётан муҳим аз иқтидори ҳарбӣ ва таъмини амнияти ҳарбӣ вобастагии зиёд дорад. Инчунин, яке аз масъалаҳои муҳимтарини таъмини амнияти ҳарбӣ ин муайян намудани таҳдидҳои ҳарбӣ ва пешгирӣ кардани онҳо мебошад. Ҳам барои пешгирӣ кардани таҳдидҳои ҳарбӣ ва ҳам барои таъмини амнияти ҳарбӣ фаъолияти иттилоотию таҳлилӣ, ба даст овардани донишҳои зарурӣ дар бораи иқтидори ҳарбию сиёсии рақиб, ба амал баровардани ҳамкориҳои ҳарбӣ, иштирок дар иттиҳодияҳои банидавлатӣ ва созмонҳои байналмилалӣ, баланд бардоштани иқтидори ҳарбию мудофиавии кишвар зарур дониста мешавад. Инчунин, дар мақола шарту шароитҳои истифодаи қувваҳои ҳарбӣ, зарурати ташаккули он, вазифаҳои артиш, омилҳои сиёсию геополитикии неруҳои ҳарбӣ низ таваҷҷуҳ зоҳир намудааст. Дар шароити ба вуҷуд омадани ташкилотҳои ғайридавлатӣ, аз ҷумла ташкилотҳои террористию радикалӣ нақш ва мавқеи амнияти ҳарбӣ аз ҳарвақта дида бештар гардидааст.

Калидвожаҳо: амнияти ҳарбӣ, иқтидори ҳарбӣ, манфиатҳои ҳаётан муҳим, якпорчагии марзу бум, суботи сиёсӣ.

ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ ИССЛЕДОВАНИЯ ВОЕННОЙ БЕЗОПАСНОСТИ

В данной статье исследуются сущность и специфические особенности военной безопасности. Автор, прежде всего, подчеркивает необходимость и важность военной безопасности, обосновывает ее политические и стратегические цели. Во все времена, в том числе и в наше время, военные силы были основным средством защиты жизненно важных интересов страны и направлены на обеспечение политической стабильности, защиту территориальной целостности, укрепление государственной независимости. Следовательно, защита жизненно важных интересов во многом зависит от военного потенциала и военной безопасности. Также одним из важнейших вопросов обеспечения военной безопасности являются выявление и предотвращение военных угроз. Как для предотвращения военных угроз, так и для обеспечения военной безопасности необходимо проводить информационно-аналитическую деятельность, приобретать необходимые знания о военно-политических возможностях противника, военном сотрудничестве, участии в неправительственных организациях и международных организациях, повышать военный и оборонный потенциал. В статье также обращено внимание на условия использования вооруженных сил, необходимость их формирования, функции армии, политические и геополитические факторы вооруженных сил. В условиях появления неправительственных организаций, включая террористические и радикальные организации, роль и положение военной безопасности возросли как никогда.

Ключевые слова: военная безопасность, военный потенциал, жизненные интересы, территориальная целостность, политическая стабильность.

THEORETICAL FOUNDATIONS OF MILITARY SECURITY STUDIES

This article examines the essence and specific features of military security. The author, first of all, emphasizes the necessity and importance of military security, substantiates its political and strategic goals. At all times, including in our time, military forces were the main means of protecting the vital interests of the country and aimed at ensuring political stability, protecting territorial integrity, and strengthening state independence. Consequently, the protection of vital interests largely depends on military capabilities and military security. Also, one of the most important issues of ensuring military security is the identification and prevention of military threats. Both to prevent military threats and to ensure military security, it is necessary to conduct information and analytical activities, acquire the necessary knowledge about the military and political capabilities of the enemy, military cooperation, participation in non-governmental organizations

and international organizations, and increase military and defense potential. The article also draws attention to the conditions for the use of the armed forces, the need for their formation, the functions of the army, political and geopolitical factors of the armed forces. With the emergence of non-governmental organizations, including terrorist and radical organizations, the role and position of military security has grown more than ever.

Keywords: military security, military potential, vital interests, territorial integrity, political stability.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Азиззода Ҳафиз Ҷабор*** – Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, унвонҷӯи шуъбаи масоили сиёсии муносибатҳои байналмилалӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33.

Сведения об авторе: ***Азиззода Хафиз Джабор*** – Институт философии, политологии и права имени А.Баховаддинова Национальной академии наук Таджикистана, соискатель отдела политических проблем международных отношений. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 33.

Information about the author: ***Azizzoda Hafiz Jabor*** - Institute of Philosophy, Political Science and Law named after A.Bakhovaddinov of the National Academy of Sciences of Tajikistan, applicant for the Department of Political Problems of International Relations. 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 33.

УДК: 324.5(575.3)

ПАЁМИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БА МАҶЛИСӢ ОЛӢ ВА НАҚШИ ОН ДАР МУАЙЯН НАМУДАНИ ДУРНАМОИ РУШДИ ТОҶИКИСТОН

Муродализода Ҷамшед Муродалӣ
Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Дигаргунии сиёсӣ-иҷтимоӣ ва иқтисодӣ-фарҳангӣ дар солҳои охир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нишонаи амалӣ шудани сиёсати пешгирифтаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошад.

Яке аз хусусиятҳои асосии низоми сиёсии аксари кишварҳои пасошӯравӣ ин мақоми марказӣ доштани Президент дар сохтори мақомоти олии ҳокимияти давлатӣ ба ҳисоб меравад. Ташаббусҳои Президент дар самти фаъолияти қонунгузорӣ, ҳокимияти иҷроия ва ҳокимияти судӣ ба сифати таҳкимдиҳандаи пояҳои давлатдории миллии халқи тоҷик дар замони муосир ба ҳисоб меравад. Барои муайян намудани роҳҳои рушду тараққиёти давлат, Президент воситаҳои сиёсӣ-ҳуқуқии гуногунро истифода менамояд.

Ба сифати яке аз василаҳои муҳимми муайян намудани рушди давлат Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баромад менамояд.

Паём ҳуҷҷати барномавии дорои характери стратегӣ мебошад, ки ҳамасола аз ҷониби Президент ба мақоми қонунгузории кишвар ироа мегардад. Дар он моҳият ва сиёсати пешгирифтаи роҳбари давлат инъикос ёфта, дурнамои рушди давлат нишон дода шудааст. Ҳамчунин, дастовардҳои ноилшуда дар солҳои сипаришуда бо таҳлилҳои воқеӣ нишон дода шудаанд.

Паём ба сифати ҳуҷҷати барномавӣ, ҳамасола аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ ироа мегардад, ки дар он тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ ва сиёсати хориҷии кишвар ба таври возеҳ нишон дода шудаанд. Инчунин, Паём ҳамчун нишон аз давлату давлатдории муосири халқи тоҷик, ки дар он ҳамаи паҳлуҳои ҳаёти ҷомеа бо дарназардошти воқеияти зиндагӣ ва дурнамои рушди кишвар таҳлил мегарданд, баҳри баланд бардоштани фарҳанги сиёсӣ, тафаккури сиёсии шаҳрванд таъсири амиқи худро мегузорад. Зеро онро ҳамасола тавассути телевизонҳои давлатӣ ва дигар намуди воситаҳои ахбори омма шаҳрвандони мамлакат дастаҷамъона дар муассисаҳои гуногун ба таври мустақим гӯш мекунанд ва баъди ироаи он вакилони Маҷлиси намояндагон муҳтавои онро дар шаҳру ноҳияҳои мамлакат ба мардум мефаҳмонанд. Моҳияти иттилоотии Паём дар он аст, ки дар ин ҳуҷҷати муҳим иттилооти амиқ дар бораи натиҷаҳои татбиқи сиёсати давлат дар як соли тақвимӣ ва ё дар марҳилаи муайяни рушд батафсил ҷамъбаст ва пешниҳод карда мешавад.

Таҳлили Паёмҳои Президент нишон медиҳад, ки дигаргуниҳои куллӣ дар самти низоми идоракунӣ, рушди иқтисодиёт, иҷтимоиёт ва фарҳанг дар солҳои соҳибистиқлолӣ дар кишвар ба назар мерасанд.

Дар самти низоми идоракунии давлатӣ як қатор корҳо ба анҷом расонида шудаанд, ки боиси таҳкими пояҳои давлатдории муосири миллии мо гардидаанд. Пеш аз ҳама, таъсиси мақомоти қонунбарор Маҷлиси Олӣ иборат аз ду палата мебошад, ки дар замони соҳибистиқлолӣ дар низоми идоракунии давлатии мо нав мебошанд. Дар самти

ҳокимияти иҷроия таъсиси вазоратҳо ва кумитаҳои давлатӣ, кумитаҳо ва дигар мақомоти давлатии соҳавӣ бо дарназардошти низоми нави идоракунии давлатӣ мебошад. Махсусан дар самти хизматчиёни давлатӣ, ки пешбарандаи сиёсати давлатӣ ва муҳаррики асосии самаранокии идоракунии давлатӣ мебошанд, таъсиси мақоми ваколатдор дар самти хизмати давлатӣ – Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва барои тайёр кардан, такмили ихтисос ва таҷрибаомӯзии хизматчиёни давлатӣ – Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷумлаи онҳо мебошанд. Дар Паёми солонаи худ ба Маҷлисии Олӣ Президенти мамлакат чунин қайд намудаанд: “...Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо вуҷуди тағйирёбии вазъи сиёсиву иқтисодӣ ва амниятии ҷаҳон, дар роҳи пешрафти бемайлони иқтисодӣ, расидан ба ҳадафҳои стратегӣ ва ба ин васила таъмин намудани зиндагии шоистаи аҳолӣ бо қадамҳои устувор пеш меравад. Хотирнишон месозам, ки такмили низоми идоракунии давлатӣ ва пешниҳоди хизматрасониҳои босифат самти муҳимми ислоҳоти иқтисодӣ ба ҳисоб меравад. Ҳалли муваффақонаи масъалаҳои рушди минбаъдаи кишвар, пеш аз ҳама, бо самаранокии низоми идоракунӣ, баланд бардоштани масъулияти хизматчиёни давлатӣ, бартараф намудани монеаҳои сунъӣ ва таъмини шаффофияти фаъолияти мақомоти давлатӣ алоқаманд мебошад. Аз ин лиҳоз, Ҳукумати мамлакат бояд корҳоро дар самти такмили низоми идоракунии давлатӣ батадриҷ идома дода, асосҳои банақшагирии стратегиро дар сатҳи марказӣ ва маҳаллии идоракунӣ тарҳрезӣ ва амалӣ намояд” [2].

Дар яке аз паёмҳои худ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ доир ба дигаргуниҳои ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии кишвар қайд намуданд, ки дар раванди ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии мамлакатамон дигаргуниҳои зиёде падид омаданд. Низоми давлатдорӣ ва идоракунӣ то ҳадди имкон такмил гардида, худогоҳиву худшиносӣ, эҳсоси гарми ватандорӣ ва ифтихори миллии халқамон инкишоф ёфт. Ба шарофати сулҳу ваҳдат ва суботи сиёсӣ мо ба марҳилаи нави зиндагӣ - давраи созандагию бунёдкорӣ қадам гузоштем. Ба хотири пойдории истиқлолияти воқеии мамлакат бунёди як силсила иншоотҳои тақдирсоз ва сохтмонҳои бузурги дорои аҳамияти умумидавлативу байналхалқиро идома додем, ки онҳо пешомади кишварро дар асри XXI муайян менамоянд [3].

Сохтани давлати миллии тоҷикон дар шароити навин аз рӯйи ақл, хирад, дониш, тасаввурот ва таҳлили таҷрибаи амиқи таърихӣ, дидгоҳ ва арзёбии дурусти воқеияти зиндагии рӯзмарра, бо дарназардошти равандҳои геополитикии минтақа ва ҷаҳон аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба вуқӯъ пайваста, зина ба зина амалӣ гашта истодааст [8,с.5-6].

Ба қавли олими тоҷик С.Ятимов, аз рӯзҳои аввали ба уҳда гирифтани зимоми давлатдорӣ Пешвои муаззами миллат ду вазифаи асосии умумимиллиро эълом доштанд: таъмини сулҳу субот ва амнияти кишвар тавассути ислоҳоти иқтисодӣ – гузаштан ба механизми нави хоҷагидорӣ, давра ба давра беҳбуд бахшидани аҳволи иҷтимоии мардум мебошад [8,с.15].

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ҳадафмандона муайян намудани мақсадҳо ва самтҳои асосии рушди иқтисодию иҷтимоӣ имконият фароҳам овард, то сатҳи камбизоатиро дар кишвар марҳила ба марҳила паст намуда, рушди устувори соҳаҳои гуногуни иқтисодиёти кишвар таъмин карда шавад. Нишондиҳандиҳандаҳои оморӣ бори дигар собит месозанд, ки ҳамасола ба ҳисоби миёна 7 фоиз афзоиш ёфтани маҷмӯи маҳсулоти дохила ва то чор баробар зиёд шудани он натиҷаи сиёсати муваффақонаи иқтисодию иҷтимоии Ҳукумати кишвар буда, новобаста аз шароитҳои номусоиди молиявӣ, авҷи буҳронҳои молиявии ҷаҳонӣ аз имкониятҳои мавҷуда истифода бурда, дар роҳи таъмини зиндагии арзанда ба мардум устуворона пеш рафта истодааст [4,с.50-51].

Моҳияти маърифатии паём дар он аён мегардад, ки иттилооти эътимодноки гирифта ба ташаккули доираи донишҳои шаҳрвандон оид ба ҳаёти сиёсии ҷомеа ва фаъолияти давлату шахсони мансабдори он мусоидат мекунад. Ҷанбаи маърифатӣ яке аз василаҳои муҳимми таъсиррасон ба сатҳи маърифат ва фарҳанги сиёсии ҷомеа буда, ба шаклгирӣ ва устуворгардии низоми арзишии ҷомеа низ таъсири бевоситаи худро мерасонад.

Ҷанбаи сотсиализатсиякунонии сиёсии паём дар он аён мегардад, ки омӯзиши он ба дарки моҳияти равандҳои сиёсӣ ва хусусиятҳои хосси онҳо мусоидат намуда, шахс имконият пайдо мекунад, то муносибати худро мустақилона оид ба масъалаҳои мубрами рӯз, ки дар ҷомеа ҷой доранд, муайян кунад. Ин ҷанба аҳамияти махсуси сиёсӣ дорад, зеро маҳз тавассути он субъекти асосии сиёсат – шахс имконият пайдо мекунад, то дар шинохти ҳувияти худ дар ҷомеа муваффақ шавад, мансубияти худро ба ин ё он гурӯҳи

иҷтимоӣ муайян кунад, масъулият, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои худро дар назди ҷомеа ва давлат дарк намояд, баҳри амалӣ намудани онҳо кӯшиш намояд.

Рушду пешрафти тамоми соҳаҳо мебошад дар паёми соли 2019 ба таври пурра инъикос ёфтанаад. Паём ҳуҷҷатест, ки самти минбаъдаи рушди кишварро муайян мекунад. Дар ин бора Профессор Хидирзода М.У. чунин ибрози назар намудааст:

“... хусусияти ҷамъбастӣ ва натиҷагирӣ аз марҳилаи муайяни рушдро дошта, таҳлили нишондиҳандиҳандаҳо низ марҳилавӣ буданд. Чунончи, дар паём қайд гардид, ки дар ҳафт соли охир рушди иқтисодиёти кишвар ҳамасола ба ҳисоби миёна дар сатҳи 7% таъмин гардида, маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ аз 45,6 миллиард сомонӣ ба 78 миллиард афзоиш ёфта, ҳаҷми умумии даромади буҷет қариб ду баробар афзуда, аз 12 миллиард сомонии соли 2013 ба 23 миллиард сомонӣ баробар шуд. Даромади пулии аҳолӣ беш аз ду баробар ва музди меҳнати миёнаи як корманд 2,4 баробар афзоиш пайдо кард. Бақияи пасандозҳо дар низоми бонкии кишвар соли 2019 беш аз 9,5 миллиард сомониро ташкил карда, дар ҳафт соли охир 45% зиёд гардид” [5].

Аз таҳлилҳои овардашуда бармеояд, ки дигаргуниҳои дар тӯли ҳафт сол баамаломада, таъсири бевоситаи худро ба сатҳи зиндагии мардум расонидаанд, ки дар натиҷа нишондиҳандаи умумии фавт қариб ду баробар, аз ҷумла фавти кӯдакони синни то панҷсола 3,2 баробар кам шудааст. Дар ин давра аҳолии Тоҷикистон аз панҷуним миллион қариб ба 9,5 миллион нафар расида, беш аз 70% афзудааст. Сатҳи камбизоатӣ 27,5% паст шудааст. Лозим ба ёдоварист, ки яке аз ченакҳои рушди неруи инсонӣ ин дарозумрӣ ба шумор меравад. Чуноне дар Паёми Пешвои миллат қайд гардид, дар ин масъала низ дар кишвар дастовардҳои назаррас ба даст омада, сатҳу сифати зиндагии мардум хеле беҳтар гардида, дарозумрии миёнаи шаҳрвандон ба 73,5 сол боло рафтааст. Ин нишондиҳанда аз он далолат мекунад, ки сатҳи хизматрасониҳои иҷтимоӣ, аз он ҷумла хизматрасониҳои тиббӣ ва иҷтимоӣ беҳтар гардида, сифати зиндагӣ боло рафта истодааст ва дарозумрии миёнаи шаҳрвандон то 75 сол боло рафт. Ин натиҷагирӣ беҳуда набуд, зеро тавассути он ҳадафмандӣ ва самаранокии барномаи номзад ба Президенти кишвар барои 7 сол собит гашта, хусусияти прагматикӣ доштани он тасдиқ гардид. Ҳамчунин, ин нишондиҳандаҳо собит менамоянд, ки ҳадаф ва мақсади рушд дар Тоҷикистон ба масъалаи рушди неру ва захираҳои инсонӣ равона гардида, дар ин самт муваффақиятҳои назаррас ҳам ба даст оварда шудаанд [7,с.52];

Ҷанбаи суроғавӣ ва ё унвонии паём, ки дар вазифагузориҳои мушаххас ба Ҳукумат, мақомоти давлатӣ, вакилони Маҷлиси Олӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунии шаҳраку деҳот одатан нигаронида мешуд, васеътар гашта, дар назди ҷомеа ва ҳар як оила низ вазифаҳои мушаххас гузошта шуданд. Чунончи, вазифадоркуниҳо ба мақомоти мушаххаси ҷомеа нигаронида шуда бошанд ҳам, ҳар як шаҳрванди одӣ метавонад аз он нуқтаҳои махсус ба ӯ нигаронидашударо низ муайян намояд. Ин бошад, ҷанбаи сотсиализатсиякунонии паёмро боз ҳам пуркувват намуда, аҳамияти онро баҳри фаъолнамоӣ ва иштироки бошууронаи субъектҳои сиёсат дар раванди таҳкими давлатдорӣ баланд мебардорад. Ин нишонаи он аст, ки имрӯз таваҷҷуҳи роҳбарияти олии кишвар ба ташаббусҳои шаҳрвандӣ зиёд буда, баҳри дастгирӣ ва ҳавасмандгардонии онҳо тамоми чораҳо андешида мешаванд. Масалан, бори нахуст дар паёми имсола оид ба ташаббусҳои созандагию бунёдкоронаи шахсиятҳои алоҳида, ки дар татбиқи сиёсати созандаи роҳбарияти олии кишвар саҳми босазо гузоштанд, расман таъкид гашта, корҳои анҷомдодаи онҳо бо ибрози ному насабашон алоҳида таъкид карда шуданд. Аз он ҷумла, ташаббусҳои Бобоҷонов Муҳиб - сокини 80-солаи ноҳияи Рашт, соҳибкори ватанӣ Абдухалил Ғуломов, Ширкати “Чунгтсай Моҳир семент” махсус қайд гардиданд [1].

Ин амал нишонаи он аст, ки тарғиби фаъолияти бунёдкорона ҳамчун намунаи ибрат усули маъмулӣ дар тарбияи эҳсоси ватандӯстӣ ва ҳавасмандгардонии ташаббусҳои шаҳрвандӣ буда, баҳри боз ҳам густариш додани масъулияти шаҳрвандӣ нақши босазо дорад.

Вазифагузориҳо на танҳо барои як соли минбаъда, балки барои як бистсола низ пешбинӣ шуданд, чунончи эълон намудани солҳои 2020-2040 “Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф”. Ин ғоя, пеш аз ҳама, аз дарки зарурати иҷтимоии ҷомеа маншаъ гирифта, мақсади он ноил гаштан ба дастовардҳои назаррас дар соҳаҳои номбурда мебошад. Ба инобат бояд гирифт, ки дараҷаи маърифатнокӣ метавонад на танҳо ба сатҳ ва мавқеи иҷтимоии шахсияти алоҳида, балки ба рушди ҷомеа таъсири бевосита бирасонад. Воқеияти даврони имрӯза бори дигар собит намуда истодааст, ки ҳар як ҷомеае, ки дар меҳвари сиёсати худ донишу маърифат ва илму навовариҳоро қарор медиҳад, албатта, ба дастовардҳои муҳим дар пешрафти иқтисодию иҷтимоии худ ноил мегардад [5].

Таъмини баробарии гендерӣ ҳамчун самти афзалиятноки сиёсати иҷтимоии давлат, баланд бурдани сатҳи иштироки занон дар корҳои давлатию ҷамъиятӣ ҷиддан таъкид гашта, нишондиҳандаҳо низ дар самт муайян карда шуданд. Чунончи, яке аз онҳо зиёд намудани теъдоди занон дар мақомоти намояндагии сатҳи гуногун. Ин нуқта аҳамияти махсусан муҳим дорад. Зеро дар шароити авҷ гирифтани ҳаракатҳои занон дар ҷаҳон вобаста ба таъмини баробарии гендерӣ, рафъи хушунату зӯроварӣ нисбати онҳо ва ба инобат гирифтани эҳтиёҷоти иҷтимоии онҳо таъкиди ин нуқта нишонаи таваҷҷуҳи роҳбарияти давлат ба масъалаи мазкур мебошад. Ҳоло шумораи занон дар соҳаҳои маориф беш аз 70%, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ 67%, фарҳанг 51% ва дар сафи хизматчиёни давлатӣ 23,3%-ро ташкил медиҳанд.

Таваҷҷуҳи махсус ба боло бурдани худшиносии миллии ҷомеа тавассути корбарии бевосита бо оилаҳо, боло бурдани сатҳи маърифати оилаҳо. Иқдоми Пешвои миллат дар масъалаи тақдими китоби академик Б.Ғафуров ба ҳар як оилаи тоҷик аз номи роҳбари давлат эълон гашт, ки ин иқдомро метавон қадами ҷиддӣ баҳри таҳаввулоти маънавӣ дар ҷомеа номид. Зеро то ба имрӯз аз номи Сарвари давлат кумак ва туҳфаҳои гуногуни молӣ зиёд расонида шуда бошанд ҳам, тақдими китоб намунаи беҳтарин аст, ки ҳамзамон масъулияти оиларо низ дар ин самт баланд бардошта, баҳри густариши пояҳои маънавии ҷомеа заминаи устувор мегузорад [6].

Хулоса, Паёми Президент ҳуҷҷати муайянкунандаи самти рушди давлат мебошад. Таҳлили паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки онҳо ба сифати барномаи фаъолияти дарозмуддат барои тамоми ҷомеа нигаронида шуда, амалӣ намудани ҳадафу мақсадҳои дар он гузошташуда баҳри таҳкими давлатдории миллӣ, иқтидори иқтисодию иҷтимоии он, таъмини рушди неруи инсонӣ ва ҳамгироии иҷтимоии ҷомеа мусоидат менамоянд.

АДАБИЁТ

1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон // АМИТ «Ховар», 26.12.19.
2. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Аз 22 декабри соли 2017. [Манбаи электронӣ]. http://www.president.tj/node/16771
3. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Аз 22 декабри соли 2002. [Манбаи электронӣ]. http://www.president.tj.
4. Хидирзода М.У. Истиқлолият ва стратегияҳои муваффақ. –Душанбе, 2017, - С. 50-51.
5. Хидирзода М.У. Неруи зеҳнӣ – сармояи беҳтарини ҷомеа// «Ҳатлон», 11 марти соли 2016. - №10 (3047).
6. Хидирзода М.У. Паём ҳамчун шакли коммуникатсияи сиёсӣ. Маҷаллаи илмӣ-сиёсии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2020. - № 4. – С. 229-234.
7. Хидирзода М.У. Паёми рушди неруи инсонӣ // Истиқлолият ва стратегияҳои муваффақ. – Душанбе, 2017. -С.52.
8. Ятимов С. Паёми Пешвои миллат ва масъалаҳои рушди давлат / С. Ятимов. – Душанбе, 2019. -120 с.

ПАЁМИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БА МАҶЛИСИ ОЛӢ ВА НАҚШИ ОН ДАР МУАЙЯН НАМУДАНИ ДУРНАМОИ РУШДИ ТОҶИКИСТОН

Дар мақола доир ба нақши Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ дар самти муайян намудани дурнамои рушди Тоҷикистон дар солҳои соҳибистиқлолӣ сухан меравад. Дигаргуниҳои сиёсӣ-иҷтимоӣ ва иқтисодӣ-фарҳагӣ дар солҳои охир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баамаломада нишонаи амалӣ шудани сиёсати пешгирифтаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошад. Яке аз хусусиятҳои асосии низоми сиёсии аксари кишварҳои пасошӯравӣ ин мақоми марказӣ доштани Президент дар сохтори мақомоти олии ҳокимияти давлатӣ ва ҳамчун қувваи асосии пешрафти давлатмаҳсуб ёфтани ӯ ба ҳисоб меравад. Ташаббусҳои Президент дар самти фаъолияти қонунгузорӣ, ҳокимияти иҷроия ва ҳокмияти судӣ ба сифати таҳкимдиҳандаи пояҳои давлатдории милли халқи тоҷик дар замони муосир ба ҳисоб мераванд. Барои муайян намудани роҳҳои рушду тараққиёти давлат, Президент воситаҳои сиёсӣ-ҳуқуқии гуногунро истифода менамояд. Яке аз чунин воситаҳо Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Паём ҳуҷҷати барномавии дорои характери стратегӣ мебошад, ки ҳамасола аз ҷониби Президент ба мақоми қонунгузории кишвар ироа мегардад. Дар он моҳият ва сиёсати пешгирифтаи роҳбари давлат инъикос ёфта, дурнамои рушди давлат нишон дода шудааст. Ҳамчунин, дастовардҳои ноилшуда дар солҳои сипаришуда бо таҳлилҳои воқеӣ нишон дода шудаанд.

Калидвожаҳо: Паём, Президент, Маҷлиси Олӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигаргунӣ, давлат, ҷомеа, идоракунии давлатӣ, иқтисодиёт, дастовардҳо, афкори омма, фарҳанги сиёсӣ.

ПОСЛАНИЕ ПРЕЗИДЕНТА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН МАДЖЛИСИ ОЛИ И ЕГО РОЛЬ В ОПРЕДЕЛЕНИИ ПЕРСПЕКТИВЫ РАЗВИТИЯ ТАДЖИКИСТАНА

В статье исследуется роль Послания Президента Республики Таджикистан Маджлиси Оли в определении развития Таджикистана за годы независимости. Политические, социальные и экономико-культурные изменения в Республике Таджикистан за последние годы являются признаком реализации политики, проводимой Основоположником мира и национального единства - Лидером нации, Президентом Республики Таджикистан Эмомали Рахмоном. Одна из основных черт политической системы большинства постсоветских стран - центральное положение президента в высшем органе государственной власти и как ключевой силы в развитии государства. Инициативы Президента в области законодательной, исполнительной и судебной деятельности

рассматриваются как укрепление основ национальной государственности таджикского народа в Новое время. Для определения пути развития государства президент использует различные политические и правовые средства. Одним из таких средств является Послание Президента Республики Таджикистан Маджлиси Оли Республики Таджикистан. Послание - это стратегический документ, который президент ежегодно представляет в законодательный орган страны. Он отражает суть и политику, проводимую главой государства, и показывает перспективы развития страны. Достижения прошлых лет также были продемонстрированы с помощью анализа реального мира.

Ключевые слова: Послание, Президент, Маджлиси Оли, Республика Таджикистан, трансформация, государство, общество, государственное управление, экономика, достижения, общественное мнение, политическая культура.

MESSAGE FROM THE PRESIDENT OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN TO MAJLISI OLI AND ITS ROLE IN DETERMINING THE DEVELOPMENT OF TAJIKISTAN

The article examines the role of the Address of the President of the Republic of Tajikistan to Majlisi Oli in determining the development of Tajikistan over the years of independence. The political, social, economic and cultural changes in the Republic of Tajikistan in recent years are a sign of the implementation of the policy pursued by the Founder of Peace and National Unity - the Leader of the Nation, President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon. One of the main features of the political system of most post-Soviet countries is the president's central position in the highest body of state power and as a key force in the development of the state. The initiatives of the President in the field of legislative, executive and judicial activities are viewed as strengthening the foundations of the national statehood of the Tajik people in modern times. To determine the path of development of the state, the president uses various political and legal means. One of such means is the Address of the President of the Republic of Tajikistan to the Majlisi Oli of the Republic of Tajikistan. The message is a strategic document that the president submits annually to the country's legislature. It reflects the essence and policy pursued by the head of state, and shows the prospects for the country's development. The achievements of the past years have also been demonstrated through real-world analysis.

Keywords: Address, President, Majlisi Oli, Republic of Tajikistan, transformation, state, society, public administration, economy, achievements, public opinion, political culture.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Муродализода Ҷамшед Муродали-*** Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, унвонҷӯй. **Суроға:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33. E-mail: **jamshed-tj87@mail.ru.** Телефон: **985-84-28-87**

Сведения об авторе: ***Муродализода Джамшед Муродали*** - Академия государственного управления при Президенте Республики Таджикистан, соискатель. **Адрес**: 734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Саида Носира, 33. E-mail: **jamshed-tj87@mail.ru.** Телефон: **985-84-28-87**

Information about the author: ***Murodalizoda Jamshed Murodali*** - Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan, applicant. **Address**: 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Said Nosira street, 33. E-mail: **jamshed-tj87@mail.ru**. Phone: **985-84-28-87**

УДК: 321.015

НАҚШИ ИТТИЛООТ ДАР ИДОРАКУНИИ ҲАЁТИ СИЁСИИ МУОСИР

Каримов Р.И., Ахмадзода З.А., Муъминзода С.А., Хасанзода А.Х.
Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон,
Академияи идоракунии давлатии назди Президенти ҶТ

Дар замони муосир, ҷаҳони сиёсат пур аз ҳаводис, зиддияту мураккабиҳо буда, раванди идоракунии он низ мураккаб мегардад. Ин аст, ки масоили мавҷуда, ба низоми идоракунии ҳаёти сиёсӣ низ таъсир мерасонанд [1,с.352].

Ҳанӯз аз даврони бостон як қатор сиёсатмадорон ва донишмандон дар бораи василаю воситаҳои зиёдтари амалӣ кардани идоракунӣ, таълимоту андешаҳои хешро изҳор карда буданд.

Худи раванди идора кардан, аз як тараф, низоми мураккаб, аз тарафи дигар, пурмоҷаро мебошад, ки аз субъектҳо масъулияти ҷиддиро тақозо менамояд ва зарур аст, ки барандагони он бояд аз тамоми имкониятҳо истифода кунанд, то раванди мазкур самаранок гардад.

Мавриди зикр аст, ки субъекти асосии идоракунӣ маҳз давлат ва ниҳодҳои он ба ҳисоб мераванд ва дар давраи ҳозира ҳамаи давлатҳои миллӣ аз пайи он ҳастанд, ки тараққиёти кишвари хешро якҷоя бо амну адолат таъмин созанд. Вале, бояд дар назар гирифт, ки хусусан дар раванди ҷаҳонишавӣ чунин нияту кор дар танҳоӣ барои ҳама гуна субъектҳои сиёсӣ хеле душвор буда, ҳатто давлатҳои абаркудрати муосир, чун ИМА, Олмон, Чин ва ё Русия тавон ва имконияти дар алоҳидагӣ бартараф кардани ин мушкилотро надоранд. Муборизаи дастаҷамъӣ бар зидди терроризм, гурӯҳҳои мухталифи экстремистӣ, таъмин намудани бехатарии экологӣ, аз байн бурдани камбизоатӣ ва ғайраҳо ба ин манфиатҳои умумӣ мансуб мебошанд [2,с.55]. Зикр намудан зарур аст, ки ин манфиатҳо давлатҳоро бо ҳам пайваст мекунанд. Дар чунин ҳолат ҳатто гумон меравад,

ки давлатҳои миллӣ дар идоракунӣ нақш ва мақоми худро аз даст дода истодаанд. Албатта, эътирофи чунин вазъият ҳоло каме аз воқеият дур аст. Ҳодисаҳои олам гувоҳӣ медиҳанд, ки дар шароити муосир давлатҳои миллӣ ҳамчун актори муҳимми олами сиёсат баромад менамоянд. Дилхоҳ давлат таҳиягар ва танзимгари рушду инкишофи тамоми соҳаҳо дар ҷомеа маҳсуб ёфта, амаликунандаи сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ мебошад. Одамон то ба имрӯз ба чунин сохтори муҳимми сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ эътиқод кардаю боварӣ дошта, амалишавии талаботу манфиатҳои худро маҳз аз он мебинанд. Пас, метавон баён дошт, ки давлатҳои миллӣ то ба ҳол нақш ва мақоми муҳимро дар тамоми самтҳои ҳаёт соҳиб мебошанд. Лекин дар назар гирифтан муҳим аст, ки давлатҳои аз ҷиҳати рушд ақибмонда ниёз ба ҳама гуна ёрӣ ва мадади ташкилотҳои сиёсии минтақавию байналмилалиро дошта, маъмулан чунин ҳолат нуфузи онҳоро ҳам чун як ниҳоди сиёсӣ каме заиф месозад ва омилҳои хатарзо аз байн намераванд. Дар фарқият аз чунин ниҳодҳо, давлатҳои абарқудрат ҳеҷ гоҳ мақоми худро ҳамчун давлати миллӣ аз даст намедиҳанд ва бештар аз пайи мустаҳкам кардани манофеи худ дар олам мебошанд [3,с.3]. Аз ин хотир лозим аст дар давлатҳои ақибмонда ва рӯ ба рушд тамоми мушкилоти мавҷуда ҳарчи тезтар бартараф карда шаванд. Маъмулан, танҳо давлатҳои неруманди миллӣ пуштибон ва дар хизмати шаҳрвандони хеш дар дохил ва хориҷ аз он буда, сиёсати нисбатан устувор доранд.

Дар замони кунунӣ масири мухталифе ҷой дорад, ки дар рушду инкишофи мақоми давлатӣ ҳамчун як ниҳоди сиёсӣ саҳмгузоранд ва дар ин байн нақши иттилоот дар раванди идоракунии ҳаёти сиёсӣ низ хеле муҳим арзёбӣ мегардад.

Сари вақт огоҳӣ ёфтан, аз донишҳо ва фаровон истифода кардан, иттилоотро соҳиб гаштан, истифодаи самараноки он, таҳлил ва хулосагирӣ аз он ба давлатҳои муосир имкон медиҳанд, эҳсос намоянд, ки яке аз роҳҳои беҳтари идоранамоӣ ва ҳимояи манфиатҳои миллӣ маҳз ҳамин роҳ аст. Агар дар тамоми сатҳои идоракунии давлатӣ аз воситаҳои иттилоотӣ хуб истифода гардад, пас он амалест, ки шаҳрвандонро бо роҳбарони ҳукумату давлат наздиктар сохта, боварии мардумро нисбат ба худ боз ҳам мустаҳкам менамояд ва як далели он мавҷудияти ҳукумати электронист. Ҳукумати электронӣ хосси замони муосир буда, иттилоотро саривақт ба ду ҷониб, яке ба идоракунандагон ва дигареро ба аҳолӣ мерасонаду раванди идоранамоиро тақвият мебахшад [4,с.2].

Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки асоси ба амал баровардани ҳукумати электронӣ, пеш аз ҳама, боло бурдани сифати идоракунии давлатӣ ба ҳисоб меравад. Чунин ҳолат, дар навбати худ, шароите фароҳам меорад, ки дар маҷмӯъ ҷомеаи иттилоотӣ бунёд шавад. Дар чунин ҷомеа бошад иттилоот мавқеи муайянкунандаю бузург дорад. Умуман, иттилоот ва технологияҳои иттилоотӣ дар худ имкониятҳои бузурги идоракуниро доранд ва он ба рушди пешрафти ҳама соҳаҳо таъсири мусбати худро мерасонад [5,с.1]. Бояд дар назар дошт, ки маҳз иттилооти саҳеҳу дуруст имконият медиҳад, ки самтҳои гуногуни бо ном «идоракунӣ», аз ҷумла маҷбурнамоӣ, зӯрӣ, маҳдуднамоӣ ва ҳатто коруппсияро аз байн бубаранд ва ё онҳоро зина ба зина коҳиш диҳанду ахбороти гуногун ба идоракунандагон, асосан бо ВАО дастрас мегарданд.

Ҳоло ҳам радио, телевизион ва дигар ВАО дар раванди идоракунии ҳаёти сиёсӣ метавонанд хизмати бузург намоянд. Мавриди зикр аст, ки солҳои 60-90-уми асри пешин ё дар даврони ба ном «Буҳрони ҷанги сард», ки олами сиёсати ҷаҳонӣ ба ду лагер: сотсиалистӣ ва капиталистӣ тақсим шуда буд, ВАО барои ҳарду ҷониб вазифаҳои гуногунро иҷро мекард. Тарафҳои муқобил барои ба мақсад расидан аз онҳо хуб истифода бурданд. Дар шароити ҳозира ҳам ВАО, аз ҷумла радио ва телевизион, масъулияти муҳимро бар дӯш доранд. Аз дигар тараф роҳбарони давлатҳо ва сиёсатмадорон имкон меёбанд, ки тавассути онҳо, пеш аз ҳама, дар муколама бошанд. Ба ибораи дигар, ин роҳбарони вақт метавонанд аз фаъолияти худ тавассути ВАО шаҳрвандонро огоҳ сохта, дар баробари ин аз мушкилоти онҳо доимо ахбороти муҳим ва саривақтиро ба даст оранд. Ҳоло дар ҷомеаи мо, аслан радио ва телевизионҳои давлатӣ моҳияти идоранамоиро бештар инъикос карда, барои пешрафти маърифати халқ, шуури сиёсии онҳо, таблиғи идеяҳои миллӣ ва ғ. хизмат мекунанд. Аз ҳамин хотир, фикре мавҷуд аст, ки касе телевизион ва радиоро назорат менамояд, метавонад тамоми кишварро идора намояд. Ҳатто иддае аз олимон [6,с.76]. зикр карда буданд, ки радио новобаста ба густариш ва пайдо шудани шаклҳои нави ВАО (интернет ва садҳо шабакаҳои иҷтимоии дигар) на танҳо воситаи интишори ҳар гуна ахборот аст, балки он машваратчӣ, мубаллиғ, созмондеҳ низ мебошад. Лекин чунин нақшро тадриҷан Интернет гирифта, шаклҳои дигари ВАО ҳам барои мавқеияти зиёд талош доранд [7,с.3].

Дар шароити кунунӣ дар дохил ва муносибатҳои байни давлатҳо низ мушкилот ва монеаҳои зиёде мавҷуданд, ки онҳо баҳсҳои зиёдеро ба миён оварда, то ба муборизаҳои яроқнок рафта мерасанд. Дар ин самт зиёдтар нақш ва мақоми баҳси сиёсӣ хеле назаррас мебошад. Баҳсҳои сиёсӣ дар баробари хусусияти мусбат доштанаш, инчунин метавонад хусусияти манфиро низ дар худ инъикос карда, оқибатҳои харобиовар дошта бошад. Масалан, баҳсҳои сиёсӣ ва ба он ворид кардани сиёсатмадорону коршиносон ҳар гуна моҷаро ва зиддиятҳоро ба вуҷуд оварда, ҳатто самти инкишофро метавонад халалдор созанд ва ё дигаргун намоянд. Аммо баҳсҳои зиёди солим, ки махсусияти мусбат доранд, бештар дар амалияи давлатҳои мутараққӣ мушоҳида мешавад ва ин ҳолат ҳоло дар баъзе барномаҳои мубоҳисавии телевизионҳои Русия бо иштироки коршиносону сиёсатмадорон, намояндагони аҳзоби сиёсӣ ва ҳатто дипломатҳои давлатҳои мухталиф (чун барномаҳои «Шом бо В. Соловёв» ва «60 дақиқа») мушоҳида мекунем. Аз ин хотир, гуфтан бамаврид аст, ки дар давлатҳо вобаста ба низоми идоракуниашон баҳсҳо хусусияти гуногунро касб мекунанд.

Баҳсҳои зиёде дар соҳаҳои гуногуни олами сиёсат арзи ҳастӣ доранд, ки онҳо ҳалли худро тақозо доранд. Мавриди зикр аст, ки баҳсҳо, хусусан баҳси сиёсӣ, кӯтоҳмуддат ва дарозмудат мешаванд. Баҳсҳои сиёсии кӯтоҳмуддат бештар хусусияти муваққатӣ доранд. Яъне, баҳсҳои кӯтоҳмуддат тезтар ҳалли худро меёбанд. Баҳсҳои дарозмуддат бошанд, вақти тӯлониро талаб менамояду воқеияти авзои олам нишон медиҳад, ки сабаби асосии ҳамаи ин мушкилот дар муайяннамоии ҳақиқат аст ва ҳар тарафе ҳақиқатро аз нигоҳи худ шарҳ дода, мехоҳад манфиат бардорад. Баҳсҳои сиёсие, ки зиёдтар хатар эҷод менамоянд, ба инкишофи ҷомеа халал мерасонанд ва ҷанги таҳмилии шаҳрвандии Тоҷикистон дар охири асри гузашта ва моҷароҳои олам далели ин гуфтаҳост. Аммо бисёре аз моҷароҳои олам, бахусус ҷанги шаҳрвандии Тоҷикистон, дар заминаи баҳси сиёсӣ бартараф гашт. Оқибати баҳси сиёсӣ пеш аз ҳама, дар бисёр ҳолат аз дараҷаи маърифати субъектони раванди баҳс вобастагӣ дорад. Яъне, мубоҳисон бояд ба моҳияти масъала сарфаҳм раванд ва онҳо худ коршиноси масъала бошанд. Дар заминаи баҳс, пеш аз ҳама, бояд ба донишу таҷриба такя намуд. Ғазабу кина, кудурату адоват бояд як тараф гузошта шуда, масъалаҳо бо ақли солим ҳал шаванд. Маҳз бо далелҳои илмӣ ва ҳатто ғайриилмӣ ҳақиқат бояд ошкор гардад. Барандагони баҳс хусусан баҳси сиёсӣ бояд мутахассисони соҳаи сиёсат бошанд.

Ҳамин тавр, нақши иттилоот дар идоракунии ҳаёти сиёсии кишварҳо муҳим буда, имкон медиҳад, ки ҳама гуна масъалаҳои идоракунии давлатӣ ошкоро ва бо иштироки шаҳрвандон мавриди баррасӣ ва омӯзиш қарор гиранд.

АДАБИЁТ

1. Зокиров Г.Н. Донишномаи сиёсӣ / Г.Н. Зокиров. – Душанбе: Андалеб-Р, 2015. -Ҷилди III. – С.352.
2. Центральная Азия: геоэкономика, геополитика, безопасность /Редколл.: Р. М. Алимов, Ш. Р. Арифханов и др. - Т.: Шарк, 2002. – С. 55.
3. Маски народов мира. (Министр иностранных дел ФР С. Лавров – о внешней политике в эпоху коронавируса, биотерроризме и угрозе ядерной войны.) // АиФ. -№33 (2074), 2020 г. – С. 3.
4. Абдуллоев К. Нақши ВАО дар ташаккули афкори ҷомеа ва давраи комилан нав аз лиҳози сохтор ва услуби кор. [манбаи электронӣ]. URL. https://mvd.tj/index.php/tj/ruydodho/26787-na-shi-vao-dar-tashakkuli-afkori-omea-va-davrai-komilan-nav-az-li-ozi-sokhtor-va-uslubi-kor (санаи истифодабарӣ: 20.08.2020).
5. Ахмедов Ш. Нақши воситаҳои ахбори омма дар сиёсат. [Манбаи электронӣ]. URL. http://sadoimardum.tj/far-ang/na-shi-vosita-oi-ahbori-omma-dar-siyosat/(санаи истифодабарӣ: 20.08.2020).
6. Гуревич П.С. Советское радиовещание страницы истории / П.С. Гуревич, В.Н. Ружнеков. -М., 1976. –С.76.
7. Кондрашина Н.В. Интернет-технологии как инструмент взаимодействия политической власти и общества в современной России: автореф дисс. на соискание кан. полит. наук / Н.В. Кондрашина. -Астрахань, 2009. -С.3.

НАҚШИ ИТТИЛООТ ДАР ИДОРАКУНИИ ҲАЁТИ СИЁСИИ МУОСИР

Дар мақола мавқеъ ва нақши иттилоот дар ҳаёти сиёсии давлат мавриди омӯзиш ва таҳлили ҳамаҷониба қарор гирифта, таклифҳои мушаххаси илмӣ дар ин самт манзур гардидаанд. Муаллиф бештар нақши воситаҳои ВАО, аз ҷумла телевизор ва радиоро дар идоракунии кишвар муҳим арзёбӣ намуда, моҳияти воситаҳои мазкур дар низоми падидаи идоракунии ҳаёти сиёсӣ ба таври дақиқ ва асоснок муайян гардидааст. Воқеан, ҳоло дар ҷомеаи мо аслан радио ва телевизионҳои давлатӣ моҳияти идоранамоиро бештар инъикос карда, барои пешрафти маърифати халқ, шуури сиёсии онҳо, таблиғи идеяҳои миллӣ ва ғ. хизмат намуда истодаанд. Умуман, иттилоот ва технологияҳои иттилоотӣ дар худ имкониятҳои бузурги идоракуниро доранд ва он ба равнақи ҳама соҳаҳо таъсири мусбати худро мерасонад. Инчунин, муҳиммияти таҳқиқи масъалаи мазкур барои Ҷумҳурии Тоҷикистон бештар дар он ифода меёбад, ки ҳоло кишвари мо дар ҷараёни бунёди хукумати электронӣ қарор дорад. Дар иртибот ба ин, таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки асоси ба амал баровардани ҳукумати электронӣ, пеш аз ҳама, аз боло бурдани сифати идоракунии давлатӣ вобастагӣ дорад. Чунин ҳолат, дар навбати худ, шароите фароҳам меорад, ки дар маҷмӯъ ҷомеаи иттилоотӣ бунёд гардад, ки дар чунин ҷомеа иттилоот мавқеи муайянкунандаю бузург дорад. Ҳамин тавр, муаллиф бо назардошти асосҳои зикргардида омӯзиши масъалаи мазкурро дар доираи

илмҳои ҷомеашиносӣ, махсусан сиёсатшиносӣ ва дигар илмҳо муҳим арзёбӣ намуда, нуқтаҳои муҳимми илмро дар ин самт пешниҳод намудааст.

Калидвожаҳо: иттилоот, ВАО, ҳаёти сиёсӣ, истиқлолият, озодӣ, Осиёи Миёна, Тоҷикистон, шаҳрвандон**.**

РОЛЬ ИНФОРМАЦИИ В УПРАВЛЕНИИ СОВРЕМЕННОЙ ПОЛИТИЧЕСКОЙ ЖИЗНЬЮ

В статье всесторонне исследуются место и роль информации в политической жизни государства, представлены конкретные научные идеи и предложения в этой области. Автор подчеркивает важную роль средств массовой информации, в том числе телевидения и радио, в управлении страной, и четко обосновывается сущность этих средств в системе управления политической жизнью. Фактически, сегодня в нашем обществе в основном государственное радио и телевидение отражают суть управления, а также служат для продвижения просвещения людей, их политического сознания, пропаганды национальных идей и т.д. В целом, информационные технологии обладают большими управленческими возможностями, что положительно сказывается на развитии всех сфер. Кроме того, важность изучения этого вопроса для Республики Таджикистан находит свое отражение в том факте, что наша страна в настоящее время находится в процессе построения электронного правительства. В этой связи мировой опыт показывает, что для внедрения электронного правительства в первую очередь необходимо от повышения качества государственного управления. Это, в свою очередь, создает условия для развития информационного общества в целом, в котором информация играет решающую и важную роль. Таким образом, с учетом вышеперечисленных принципов автор рассматривает изучение этого вопроса в области социальных наук, особенно политологии и других наук, и предлагает важные научные решения в этой области.

Ключевые слова: информация, СМИ, политическая жизнь, независимость, свобода, Средняя Азия, Таджикистан, граждане.

THE ROLE OF INFORMATION IN THE GOVERNANCE OF MODERN POLITICAL LIFE

The article comprehensively investigates the place and role of information in the political life of the state, presents specific scientific ideas and proposals in this area. The author emphasizes the important role of the mass media, including television and radio, in governing the country, and clearly and substantiates the essence of these means in the system of managing political life. In fact, today in our society, mainly state radio and television reflect the essence of governance, as well as to promote the education of people, their political consciousness, propaganda of national ideas, etc. serve. In general, information technology has great management capabilities, which has a positive effect on the development of all areas. In addition, the importance of studying this issue for the Republic of Tajikistan is reflected in the fact that our country is currently in the process of building e-government. In this regard, world experience shows that the basis for the introduction of e-government primarily depends on improving the quality of public administration. This, in turn, creates conditions for the creation of the information society as a whole, in which information plays a decisive and important role. Thus, taking into account the above principles, the author considers the study of this issue in the field of social sciences, especially political science and other sciences, and offers important scientific points in this area.

Keywords: information, mass media, political life, independence, freedom, Central Asia, Tajikistan, citizens.

Маълумот дар бораи муаллифон: ***Каримов Рустам Илҳомович*** – Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, докторанти Ph.D, магистранти Академияи хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. **Суроға**: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов, 64/14. Телефон: **985-97-77-75**. E-mail: **rostam.k@mail.ru**

Аҳмадзода Зиёвиддин Аловудин - Академияи хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, магистрант. **Суроға:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33. Телефон: **985-26-88-88**

Муъминзода Саидашраф Абдулло **-** Академияи хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, магистрант. **Суроға:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33

Ҳасанзода Абдузухур Хушмахмад **-** Академияи хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, магистрант. **Суроға:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33

Сведения об авторах: ***Каримов Рустам Ильхомович*** - Таджикский государственный финансово-экономический университет, докторант Ph.D, магистрант Академии государственной службы при Президенте Республики Таджикистан. **Адрес**: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе Душанбе, улица Нахимова, 64/14. Телефон: **985-97-77-75.** E-mail**: rostam.k@mail.ru**

Ахмадзода Зиевиддин Аловудин - Академия государственной службы при Президенте Республики Таджикистан, магистр. **Адрес:** 734003, Республика Таджикистан, г.Душанбе, улица Саида Носира, 33. Телефон: **985 26 88 88**

Муъминзода Саидашраф Абдулло - Академия государственной службы при Президенте Республики Таджикистан, магистр. **Адрес:** 734003, Республика Таджикистан, г.Душанбе, улица Саида Носира, 33

Хасанзода Абдузухур Хушмахмад - Академия государственной службы при Президенте Республики Таджикистан, магистр. **Адрес:** 734003, Республика Таджикистан, г.Душанбе, улица Саида Носира, 33

Information about the authors: ***Karimov Rustam Ilkhomovich*** - Tajik State University of Finance and Economics, doctoral student of Ph.D, Master's student at the Academy of Civil Service under the President of the Republic of Tajikistan. **Address**: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe Dushanbe, Nakhimov street, 64/14. Phone: **985-97-77-75.** E-mail: **rostam.k@mail.ru**

Akhmadzoda Zieviddin Alovudin - Academy of Civil Service under the President of the Republic of Tajikistan, master. **Address**: 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Said Nosira street, 33. Phone: **985 26 88 88**

Muminzoda Saidashraf Abdullo - - Academy of Civil Service under the President of the Republic of Tajikistan, master. **Address**: 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Said Nosira street, 33

Hasanzoda Abduzukhur Khushmahmad - - Academy of Civil Service under the President of the Republic of Tajikistan, master. **Address:** 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Said Nosira street, 33

УДК:301.161

ТАШАККУЛЁБИИ ҶАҲОНБИНИИ ҶАВОНОН - ЗАМИНАИ ТАРБИЯИ ВАТАНДӮСТӢ ВА ХУДШИНОСИИ МИЛЛӢ

Бахтиёрзода Р.Б.
Донишгоҳи давлатии Данғара

Ташаккули ҷаҳонбинии ҷавонон яке аз ҳадафҳои асосии сиёсати давлатии ҷавонон ҳисоб меёбад. Барои комёб гардидан ба он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор тадбирҳои судманд андешида шуда истодаанд. Баъди барҳам хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ ҷумҳуриҳои он соҳибистиқлол гардида, дар қатори дигар давлатҳои пешрафтаи ҷаҳон бо мақсади рушду тавсеа ва расидан ба ҷомеаи демократӣ роҳ пеш гирифтанд. Ногуфта намонад, ки ин кишварҳо алҳол ба мушкилиҳои дохилӣ ва берунӣ рӯ ба рӯ шудаанд. Дар зери таъсири ҷаҳонишавӣ баъзе давлатҳо манфиатҳои миллии худро аз даст медиҳанд ва аз ин рӯ, онҳо барои пойдории арзишҳои миллии худ мубориза мебаранд. Чунин раванд дар ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ низ мушоҳида мешавад, ки аксар вақт таҳти таъсири фишорҳои фарҳангӣ, сиёсӣ ва иқтисодии давлатҳои Ғарб қарор доранд.

Бояд қайд кард, ки сиёсати нави ҷаҳонӣ кишварҳои тозаистиқлолро водор месозад, ки вақти тарҳрезӣ намудани консепсияи нави муносибатҳои сиёсии худ бо муносибатҳои нави ҷаҳони муосир муросо кунанд, мушкилоти иқтисодиро ҳал намоянд ва инчунин сиёсати дохилӣ ва хориҷии хешро муайян намоянд. Воқеияти сиёсати хориҷӣ ҳар як кишвари дар маҷрои ин раванд қарордоштаро водор месозад, ки ҷиҳати амалӣ кардани муносибатҳои сиёсӣ ба раванди нави ҷаҳонишавӣ кашида шаванд.

Дар раванди ҷаҳонишавӣ ҳатто давлатҳои абарқудрате, ки бисёре аз кишварҳоро зери таъсири худ қарор додаанд, наметавонанд пеши роҳи ин зуҳуротро бигиранд ва маҷбуранд, ки аз демократия ҳарф зананд. Бояд эътироф кард, ки дар баробари ин глобализатсия ҷиҳатҳои мусбат низ дорад, ки он аз инкишофи илму техника ва ғайра иборат мебошад.Раванди ҷаҳонишавӣ имрӯз тамоми соҳаҳои ҷомеаи моро фаро гирифтааст. Аз ин рӯ, ҷаҳонишавӣ на танҳо дигаргуниҳоро дар иқтисодиёт, балки дар вазъи сиёсӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва динӣ ба вуҷуд меорад, ки метавонанд боиси пайдоиши норизоӣ ва ихтилоф дар байни қишрҳои гуногуни ҷомеа гарданд.

Ҷомеа дар ташаккулёбии ақидаҳои сиёсии шаҳрвандон, алалхусус ҷавонон нақши муҳим мебозад. Заминаҳои ташаккулёбии шахсият ва омилҳои таъсиргузори он маҳз дар ҷомеа вуҷуд доранд. Ҳаминро бояд қайд намуд, ки дар ҳамаи шаклҳои ҷомеа ниҳодҳои иҷтимоӣ вуҷуд доранд, ки давлат, оила, мактаб, артиш, ҳизбҳо, ташкилотҳои динӣ, матбуот, технологияҳои нав ва ғайраҳоро дар бар мегиранд.

Дар шароити муосир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон системаи маориф рушду густариш ёфта истодааст. Дар навбати худ, системаи маориф маркази асосии ташаккули ҷаҳонбинии сиёсии ҷавонон маҳсуб мешавад. Зеро донишҳои ибтидоии сиёсиро ҷавонон маҳз тавассути таълим ва тарбия дар муассисаҳои таълимӣ мегиранд. Вале бояд қайд намоем, ки ин масъалаҳо ба мавзӯи фаъолияти мақомоти дигари давлатӣ ва ҷамъиятӣ табдил ёфтааст. Аз ҷониби дигар, нақши адабиёт, фарҳанг, радио ва телевизион, матбуот, театр, кино, марказҳои фарҳангӣ-фароғатӣ, интернет, сомонаҳои иҷтимоӣ истифодаи самараноки дигар воситаҳои таъсиррасонии идеологӣ дар кори ташаккули ҷаҳонбинии ҷавонони Тоҷикистон мақсаднок мебошанд.

Таҷрибаи амалӣ ва таҳлили омилҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ нишон медиҳанд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯзи аввали фаъолияти сиёсии хеш тамоми тадбиру воситаҳоро барои ташаккули ҷаҳонбинии ҷавонони ҷумҳурӣ равона кардааст. Дар ҳақиқат, баланд бардоштани шуурнокии сиёсӣ, ташаккули ҷаҳонбинии насли ҷавон вазифаи асосӣ ва аввалиндараҷаи идеологӣ дар шароити демократикунонии ҷомеа ба ҳисоб меравад. Дар самти ташаккули ҷаҳонбинии ҷавонон ба паҳлуҳои ҳуқуқии ташаккули ҷавонон диққати ҷиддӣ додан тақозои замон аст. Аз ин рӯ, ин самти афзалиятнок ба мавзӯи муҳимми давлатӣ ва сиёсати давлатии ҷавонон табдил ёфтааст. Гуфтаҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон «итоат ба қонун бояд ба одати ҳар шаҳрванд табдил ёбад» моҳияти миллии ташаккули ҷаҳонбинии аҳолӣ, махсусан ҷавонони кишварро арзёбӣ менамояд.

Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз 9 апрели соли 1997, таҳти №691 «Дар бораи сиёсати ҳуқуқӣ ва таъмини тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 августи соли 1997 таҳти №883 «Дар бораи баъзе чорабиниҳои беҳтар намудани тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон ва корҳои ҳуқуқӣ дар ҷумҳурӣ» аҳамияти бузурги таърихӣ доранд.

Бинобар ин гуфтан бамаврид аст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаҳои субъективӣ ва объективӣ ва тарзу роҳҳои ташаккули ҷаҳонбинии ҷавонон инкишоф ёфтаанд. Яъне, дар Тоҷикистони муосир истифода аз фарҳанг ва маориф ҳамчун воситаҳои ташаккули ҷаҳонбинии ҷавонон васеъ ба роҳ монда шудааст. Аз тарафи дигар, ҳамаи ин ба таъмини озодии асосии шахсӣ нигаронида шудааст. Сухан дар бораи «ба ҳамаи одамон муҳайё гаштани шароити зиндагӣ меравад, ки дар доираи он ҳар кас имкониятҳои озодро барои инкишофи табиати инсонии худ мавриди истифода қарор медиҳад» [3,с.554]. Ҷамъияти демократӣ тамоми шароитҳои заруриро барои он ташкил мекунад, ки ҳар кас қобилият ва истеъдоди худро озодона инкишоф дода тавонад.

Таҷрибаи таърихӣ гувоҳ аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ба асри XXI қадам гузошта, ҷомеаи демократӣ ва шаҳрвандӣ ташаккул ёфтааст. Ҷараёни ташаккули он таърихан тӯлонӣ аст, аммо ба мустаҳкам намудани мавқеи шахс, маҳдуд кардани усули маҷбуркунии давлатӣ ва устувории тартиботи иҷтимоии адолатнок нигаронида мешавад. Амалӣ гардидани чунин мақсади стратегӣ аз сиёсате, ки шаклҳои онро коркард мекунад ва воситаҳои комёб гардидани онро муайян менамояд, вобастагӣ дорад. Аммо сиёсат дар сурате ба манфиати ҷамъият хизмат мекунад, ки агар ташаккули шахсияти шаҳрвандӣ ҷой дошта бошад ва шахс ба моҳияти инкишофи минбаъдаи кишвар боварӣ ҳосил кунад ва мавқеи хешро дар он дарёфта тавонад. Албатта, татбиқи чунин сиёсат коркарди тарзу усулҳои комёб гардиданро тақозо менамояд. Аз тарафи дигар, расидан ба чунин сатҳи ҷомеа ҳамгироии давлату шахсиятро талаб менамояд. Яъне, дар ин ҷодакомёбшудани яке бидуни ҳузури комили дигаре ғайриимкон аст. Шахсе ба сифати шаҳрванди мустақил пазируфта мешавад, ки ӯ ба кирдори худ масъулбуда, саводи ҳуқуқиро соҳиб аст ва имкониятҳои ба Ҳукумат таъсир расониданро дорад. Ин талабот аз ҳамаи аъзоёни ҷомеа тақозо карда мешавад, то ки онҳо дорои ҷаҳонбинии қатъӣ, шуурнокии баланди сиёсӣ ва фарҳанги сиёсӣ бошанд.

Ташаккули афкори ғоявии ҳар як фарди ҷомеа, алалхусус насли ҷавон барои сарфаҳм рафтани арзиши фарҳанги демократӣ мусоидат намуда, ба таъсиси ҷамъияти озод сабабгор мегардад.

Дар байни маҷмӯи масъалаҳои мураккаб ва доманадори мамлакати мо ташаккули ҷаҳонбинии ҷавонон ҷойи махсусро ишғол мекунад. Аз ин ҷиҳат, ташаккули ҷаҳонбинии ҷавонон яке аз талаботи зарурии ҷомеа маҳсуб мегардад. Бинобар ин, баррасии масъалаҳои ташаккули ҷаҳонбинии ҷавонон аҳамияти муҳимми назариявӣ ва амалӣ дорад. Дар шароити демократикунонии кишвар ин масъалаҳо ба ҷараёни озод кардани шуури инсон аз ақида ва мафкураҳои номатлуб ва мухолифи арзишҳои ҷамъиятӣ ва пойдории он нигаронида шудааст.

Ба ин муносибат қайд кардан лозим аст, ки вазъияти ҳозираи ҷамъияти мо муносибати навро ба таҳлили назариявии ҷаҳонбинӣ, ҳамчун яке аз навъҳои хирқаи иҷтимоии мураккаб ва мухолифатнок тақозо дорад. Чунин муносибати нав моро водор месозад, ки ба он бо назардошти вазъияти ҳозира, яъне демократикунонии ҷомеа, устувор гардидани гуногунандешӣ, ки дар ҳаёти имрӯзаи мо инъикос ёфтааст ва мавқеи муайянро соҳиб аст, аз сӯйи дигар, ба тағйироти ҷаҳонӣ, низоъ ва мухолифатҳо, масъалаҳои ҷаҳонишавӣ ва ғайра аҳамияти ҷиддӣ диҳем. Мавҷуд будани масъалаҳои мазкурро дарк карда, бояд онҳоро ҳатман мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор диҳем. Таҷрибаи ҳамаи инқилобҳои иҷтимоӣ, аз он ҷумла, дигаргунии дар шароити ҳозира ҷойдошта боисрор нишон медиҳад, ки бе дигаргунӣ дар шуури ҷамъиятӣ ва тағйир додани тафаккури одамон нав кардани сифати ҷомеа ё муваффақ шудан ба он ғайриимкон аст. Дар навбати худ, таҳқиқи диалектикии ташаккули ҷаҳонбинии синфҳо ва табақаҳои иҷтимоӣ имконияти ба ҳисоб гирифтани афзалияти боигарии умумибашариро ба вуҷуд меорад. Ба назари мо, чунин таҳлил дар ҳама давру замон хеле муҳим аст, зеро мақсаду мароми доимии давлат бобати вазъи ҷамъиятӣ-сиёсӣ ин муттаҳид кардани тамоми қувваҳои пешқадами ҷамъият, миллат, синфҳо, гурӯҳҳо ва табақаҳои иҷтимоии аҳолӣ ба ҳисоб меравад. Замони муосир, баррасии илмӣ-назаривии алоқаи байни шуур ва ҷаҳонбинии ҷавонон, фаъолияти амалии онҳоро талаб дорад. Аз тарафи дигар, баррасии ин масъалаҳо нақш ва аҳамияти ҷаҳонбинӣ ва ҳаёти маънавии давлатро дар назар дошта, муҳиммияти он асосҳои зерини худро дорад:

– якум, такмил додани назарияи ҷаҳонбинӣ, зарурати муайян кардани мақом ва нақши он дар ҳаёти маънавии кишвар ва дар ин замина таҳлили хусусият, сифат ва алоқаи байниҳамдигарии онҳо дар фаъолияти инсон;

– дуюм, Ҷумҳурии Тоҷикистон ба давраи нави тараққиёти худ – марҳилаи демократикунонӣ ва дигаргунии сифатии ҳамаи самтҳои ҳаёт қадам гузошт. Ҳалли ин

масъала танҳо тавассути фаъол гардонидани омилҳои инсонӣ ва ғоявӣ, ки асосан манбаъҳои ташаккули ҷаҳонбинӣ ба ҳисоб мераванд, имконпазир аст;

– сеюм, дигаргуниҳои куллие, ки дар ҷомеа рӯй додаанд, муносибати ҷиддиро нисбат ба афкор, ки манбаи онро ташаккули ҷаҳонбинӣ, шуури ҷамъиятӣ ва тағйироти психологӣ ташкил менамояд, тақозо дорад. Вобаста ба он ки дар ин самт душвориҳои муайян садди роҳ гардидаанд, ташаккули ҷаҳонбинии муосири одамон дар баланд бардоштани фаъолнокии иҷтимоии ҷавонон, бунёди ҷомеаи башардӯстонаю демократӣ, яке аз омилҳои пуркуввати гузариши ҷамъияти мо ба марҳилаи сифатан нав мебошад;

– чорум, ҷаҳонбинии ҷавонон ҳоло дар арафаи вусъатёбии беназири инқилобӣ, яъне азнавташкилкунии соҳаҳои мухталифи илм ва техника қарор дорад, ки ба таври гуногун тавсиф меёбад. Аз ҷониби дигар, кашфиётҳои минбаъдаи пай дар пай боиси аз байн рафтани тасаввуроти куҳна шудааст. Бо мақсади оқилона сарфаҳм рафтан ба ҷараёни мураккаб натиҷаҳои инқилоби илмӣ-техникӣ лозим аст, ки ба ташаккули ҷаҳонбинии дуруст ва ҳаматарафа диққат диҳем;

– панҷум, дар шароити ҳозира масъалаҳои ташаккули ҷаҳонбинӣ ва инкишофи тарзу усулҳои минбаъдаи он аҳамияти ҳаётӣ ва маънавӣ дошта, яке аз вазифаҳои муҳимми иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва маънавии давлат маҳсуб мегардад.

Барои амалӣ гардидани асосҳои мазкур нақш ва масъалаи ҷаҳонбинӣ ҳамчун асоси методологӣ ва ғоявӣ-назариявии ҷомеа муҳим аст. Асосҳои номбаршуда сабаби ташаккули ҷаҳонбинӣ мегарданд. Аҳамияти онҳо, дар навбати худ, зарурати таҳлили моҳият ва сохтори ҷаҳонбинӣ, муайян кардани роҳу воситаҳои ташаккули онро дар мафкураи ҷавонони замони муосир ва инкишофи ҷомеа муайян мекунад.

Солҳои охир оид ба масъалаҳои назариявӣ ва амалии ташаккули ҷаҳонбинӣ миқдори зиёди монографияҳо, брошюраҳо, мақолаҳо ва асарҳои коллективӣ эҷод шудаанд, ки дар онҳо таҳлили ҷаҳонбинии фалсафӣ, сиёсӣ, идеологӣ, ахлоқӣ, шуур, урфу одат, дин ба таври васеъ мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор гирифтаанд. Вале солҳои охир оид ба масъалаҳои ҷаҳонбинӣ қариб ки адабиёти мукаммал ба нашр нарасидааст. Бинобар ин дар ҳаллу фасл ва таҳлили масъалаи мазкур ба адабиёти солҳои 80-90-уми асри XX рӯ меоварем [13].

Аз тарафи роҳбарияти кишвар ва олимони варзидаи Тоҷикистон дар соҳаи ҷамъбасти таҷрибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба роҳандозии тарбияи идеявии ҷавонон корҳои зиёде ба субот расонида шудаанд. Таҳқиқоти анҷомдодаи Эмомалӣ Раҳмон, И.Ш. Шарипов, М.К. Ғаффорова, М. Гулаҳмедов, В. Набиев, Т. Раҳмонов, А. Маҳмадов, З. Тӯраев, А. Эмомов, Н. Маҳмадалӣ, Т. Бозрикова ва дигарон арзиши баланди илмӣ доранд [8].

Вале ба ин нигоҳ накарда, бисёр паҳлуҳои таҳлилталаби мубрам ва баҳспазири ташаккули ҷаҳонбинӣ ва алоқамандии он бо зиддиятҳои иҷтимоӣ то кунун ҳалли худро наёфтаанд. Аз тарафи дигар, таҳлили адабиёти мавҷуда нишон медиҳад, ки муаммоҳо ва мухолифатҳои ҷараёни ташаккули ҷаҳонбинӣ дар шароити Тоҷикистон ҳоло ба таври нокифоя мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор дода шудаанд. Таҷрибаи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон чун дигар ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ ва Қазоқистон дар ташкили ҷаҳонбинии одамон аз рӯйи гуногунии шакл, методҳо, воситаҳо, ки сабаби асосии он хусусиятҳои хосси таърихӣ-этнографии ин минтақаи бисёрмиллат фарқ мекунад. Аз ҷониби дигар, таҳлили таҷрибаи амалӣ, раванди демократикунонии ҷомеа нишон медиҳад, ки шуур, тафаккур ва ҷаҳонбинии одамон, алалхусус ҷавонон, имрӯз ба талабот ва вазифаҳои демократикунонии Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра ҷавобгӯ нестанд. Воқеаҳои солҳои охир дар Тоҷикистон аз он шаҳодат медиҳанд, ки дар байни ҷавонон майлҳои маҳалгароӣ, дурӣ аз сиёсат, талқини афкори зарарнок, ғояҳои миллатчигӣ, беодобӣ, бемаданиятӣ, муносибати хунукназарона ба кор, бепарвоӣ ба моликияти ҷамъиятӣ, ба таҳсил, ба ҳурмату эҳтироми калонсолон ва ғайраҳо, ки ба ҷараёни ташаккули ҷаҳонбинии мардум, алалхусус ҷавонон, устувории дӯстии халқҳо, башардӯстӣ, муҳаббат ба Тоҷикистони демократӣ ва соҳибистиқлол халали ҷиддӣ мерасонанд, ҷой доранд.

Ҳамин тариқ, ҷаҳонбинии ҷавонон бидуни нишондоди одамон ё хоҳиши субъективии роҳбарон ташаккул меёбад. Дар ин ҷода, мавқеъ ва манзалати оила, таълимгоҳҳо, коллективҳои меҳнатӣ ва таъсири воқеияти демократӣ хеле назаррас хоҳад буд.

Ташаккули тасаввуроти ҷаҳонбинии муосир бо бартараф кардани чунин унсурҳо имконпазир хоҳад гардид:

– ҷой доштани бемасъулиятӣ дар солҳои мушкил, вале чунин афкор айни ҳол куҳнашуда ҳисобида мешавад;

– ба нафъи ҷамъияти демократӣ арзи ҳастӣ намудани ғоя ва афкори бегонаи номатлуб, ки инъикоси он то имрӯз дар шуур ва рафтори одамон боқӣ мондааст;

– дар мувофиқа ба талаботи замони муосир баланд бардоштани шуурнокии мардум.

Ҳамчунин, аз таҳлили адабиёти мавҷуда, сарчашмаҳо ва таҷрибаи амалӣ бармеояд, ки агар ҷавононро дар рӯҳияи баланди бошарафӣ, ростқавлӣ, мақсаднокӣ ва идеянокӣ тарбия намоем ба комёбиҳои бемислу монанд ноил хоҳем гашт.

Ҳамчунин қайд кардан муҳимаст, ки ба ҷараёни ташаккули ҷаҳонбинии ҷавонон чунин унсурҳои зараровар, мисли тасаввуроти номатлуб ва зуҳуроти ғайри демократӣ, хурофотидинӣ, фасодӣ, дуздӣ, ҳанноти, маҳалчигӣ, чизпарастӣ, психологияи тайёрхӯрӣ, хушомадгӯйӣ, тамаллуққорӣ, дағалӣ, разилӣ, беинсофӣ, унсурҳои бюрократӣ, консервативӣ, шовинистӣ.

Аз ин ҷиҳат, қайд кардан ба мавридаст, ки имрӯз ташаккули шуур ва фарҳангисиёсӣ яке аз вазифаҳои муҳимми сиёсати давлатии ҷавонон дар Тоҷикистон ба ҳисоб мераванд. Маҳз бо мақсади ташаккули ҷаҳонбинии ҷавонон омилҳои зеринро ба ҳисоб гирифтан муҳим аст: шуури сиёсӣ, фарҳанги сиёсӣ, ҳадафҳои олии сиёсӣ, ахлоқи намунавӣ ва устувор, омилҳои дигари маънавӣ-идеологӣ.

Агар дар шуури инсон, алалхусус ҷавонон, омилҳои идеологии дар боло зикршуда ҷой надошта бошанд, пас дар онҳо ҷаҳонбинии устувор ташаккул намеёбад. Тағйироти даҳ соли охири Тоҷикистон ба ҳамаи соҳаи иқтисодиёт, сиёсат, ниҳодҳои иҷтимоӣ ва муносибатҳои маънавӣ таъсири мусбат расониданд. Аз сӯйи ҷавонон чун субъекти муносибатҳои иҷтимоӣ ва маънавӣ дар давраи муосир дарк ва ба тарзи нав тасаввур намудани арзишҳои фарҳангӣ хусусият ва хислатҳои хосси худро дорад. Дар байни онҳо тавсифи аҳамиятнок ва нисбатан муҳими субъекти мазкур – сотсиализатсияи фарҳангӣ, ташаккули касбӣ ва шахрвандӣ ба ҳисоб мераванд. Ташкили фарҳанги маънавии ҷавонони Тоҷикистон барои фаъолияти на танҳо ҷавонон, балки тамоми ҷомеа дар якҷоягӣ аҳамияти хосса дорад. Тамоюли устувори ҳаётӣ шарти зарурии мутобиқ шудани наврасон дар ҷаҳони мураккаби муосир ва коркарди стратегияи ҳаётии онҳо мебошад. Фарҳанги маънавӣ бо имконияти фаҳмидани воқеият муносибати мубоҳисавии гурӯҳҳои иҷтимоӣ, суст гардидани эҳтимолияти қувваи ҳаракатдиҳандаи ҷавононро муайян мекунад.

Ҷавонон захираи асосии стратегии Тоҷикистон мебошанд. Ҷавononи муосири тоҷик дар азнавбарқароркунӣ ва таҷдиди минбаъдаи кишвар ширкати фаъол доранд.

Дар ташаккули худшиносӣ ва фарҳанги маънавии ҷавонон макотиби олӣ нақши муҳим мебозанд. Ба даст овардани таҷрибаи маънавӣ, аз худ кардани он, дарки арзишҳои ҳаётӣ, эътиқод, эътирофи манфиатҳои кунунии кишвари худ аз бисёр ҷиҳат дар ҷараёни таҳсил ташаккул меёбанд.

Мактаби олӣ чун зинаи ҷамъбастии тамоми системаи маориф дар ташаккули фарҳанг ва маънавиёт нақши муҳим дорад. Хусусияти фарқкунандаи давраи донишҷӯӣ иқтидори инноватсионии он мебошад. Барои ҳамин ҳам, агар зиддиятҳои байни донишмандӣ ва соҳибкасб гардидан ҳамчун вектори глобалии инкишофи ниҳодҳои иҷтимоии таҳсилоти олӣ пазируфта шаванд, аз тарафи дигар, сабабҳои инкишофи таълимӣ-касбӣ, рӯ овардан ба ин самти таҳсил ва мақсади насли ҷавонро дар ин ҷода муайян мекунанд. Бинобар ин, имрӯз сиёсати давлатии ҷавонон асосан муносибати нав ба ҷараёнҳои ба ҳам таъсиркунандаи ташаккули фарҳанги маънавӣ ва мавқею манзалати онро дар соҳаи таҳсилоти олӣ ба миён гузоштааст. Инкишофи шахсро вазъи ҳозираи кишвар тақозо менамояд.

Мо бояд се ҳолати асосии зеринро, ки ба ташаккули ҷаҳонбинӣ ва фарҳанги маънавии ҷавononи донишҷӯ сабаб мегарданд, ба назар гирем:

- якум, зарурати омӯхтани вазъи ҷомеа, дигаргунӣ ва тағйирот дар механизми ташаккули маданияти маънавии ҷавononи донишҷӯ. Бояд гуфт, ки дараҷаи ҳозираи захиравӣ ва фаъолияти маънавии донишҷӯ куллан аз системаи меъёрии насли гузашта фарқ дорад;

- дуюм, нақши донишҷӯён дар ташаккули фарҳанги ҷавонон;

- сеюм, хусусиятҳои сифатӣ ва тавсифии донишҷӯён ҳамчун гурӯҳи махсуси иҷтимоӣ, таҳқиқи паҳлуҳои фарҳанги маънавии ҷавонон дар муайян намудани андозаи минбаъдаи инкишофи маънавиёти ҷамъият мақсаднок аст.

Ҳамин тариқ, агар аз омилҳои дар боло зикршудаи ташаккули ҷаҳонбинӣ ва фарҳанги ҷавонон хулоса барорем, мушоҳида кардан мумкин аст, ки ҷаҳонбинӣ бо фарҳанги маънавӣ алоқаи зич дорад. Аз ин сабаб, бидуни фарҳанги маънавӣ ташаккули ҷаҳонбинии ҷавонон ғайриимкон аст.

АДАБИЁТ

1. Ғаффорова М.Қ. Занҳои Шарқи Советӣ / М.Қ. Ғаффорова. – Душанбе: Ирфон, 1987.
2. К.Маркс, Ф.Энгельс. – Сочинения. – Т.2. – С.554.
3. Комилов Р. Энсиклопедияи хурди ҷаҳонбинӣ / Р.Комилов, Н. Муҳаммадалӣ. – Душанбе: Пайк, 2002.
4. Раҳмонов Т. Фарҳанги сиёсии ҷамъияти муосир, тамоюли тараққии он / Т. Раҳмонов. -Кӯлоб: Сада, 1995.
5. Официальные документы в образовании. – 2002. -№26. – С.49.
6. Маҳмадов А. Режими сиёсӣ / А. Маҳмадов, З. Тураев. – Душанбе, 1988.
7. Эмомалӣ Раҳмон. Тоҷикон дар оинаи таърих. –Душанбе: Ирфон, 1997.
8. Эмомалӣ Раҳмон. Ҷавонон – ояндаи Тоҷикистони муосир. – Душанбе: Ирфон, 1997.
9. Эмомалӣ Раҳмонов. Ҷавонон – ояндаи миллат. – Душанбе: Ирфон, 1998.
10. Эмомов А. Масъалаҳои конститутсионӣ-ҳуқуқии тараққиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон / А. Эмомов. – Душанбе, 1998.
11. Шарипов И.Ш. Қонуниятҳои ташкили муносибатҳои ҷамъиятии сотсиалистӣ дар Тоҷикистон / И.Ш.Шарипов. – Душанбе: Ирфон, 1983.
12. Щербанин А.И. Политическое образование / А.И. Щербанин. – М.: Весь мир, 2005.
13. [Электронный ресурс]. https://ru.wikipedia.org/wiki/Список_стран_по_числу_пользователей_Интернета

ТАШАККУЛЁБИИ ҶАҲОНБИНИИ ҶАВОНОН - ЗАМИНАИ ТАРБИЯИ ВАТАНДӮСТӢ ВА ХУДШИНОСИИ МИЛЛӢ

Насли ҷавон яке аз қисмҳои асосӣ ва ҷудонашавандаи миллати тоҷик ба шумор меравад. Руши илму техникӣ, алалхусус технологияҳои инноватсионӣ, марҳила ба марҳила пеш рафта истодааст. Ҷавонони Тоҷикистон таҷрибаи ғании истифодаи ин имкониятҳоро доранд. Ташаккулёбии ҷаҳонбинии ҷавонон бо рушди техникаву технология алоқамандии зич дошта, тарзи истифодаи дуруст ва самараноки он аз ҷониби ҷавонон бояд мавриди таваҷҷуҳ қарор гирад. Падидаи мазкур якчанд саволҳоро ба миён овардааст: Ҳангоми истифодаи технологияҳои информатсионӣ, алалхусус интернет истифодабаранда (ҷавон) кадом маълумотҳоро ба даст меорад? То кадом андоза иттилоот ба ӯ фоида мерасонад? Оё ҳангоме ки иттилоотро ба даст меорад, онро мавриди таҳлил қарор медиҳад? Муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар ташаккули худшиносии миллии ҷавонон нақши муассир доранд, ки баҳри васеъ намудани ҷаҳонбинӣ ва рушди касбии донишҷӯ мусоидат менамоянд. Агар аз омилҳои дар мақола зикршудаи ташаккули ҷаҳонбинӣ ва рушди касбии ҷавонон хулоса барорем, мушоҳида кардан мумкин аст, ки ҷаҳонбинӣ бо фарҳанги маънавӣ алоқаи зич дорад. Аз ин сабаб, бидуни фарҳанги маънавӣ ташаккули ҷаҳонбинии ҷавонон ғайриимкон аст.

Калидвожаҳо: ташаккулёбӣ, ҷавонон, давлат, шахсият, худшиносӣ, худогоҳӣ, таърих.

ФОРМИРОВАНИЕМИРОВОЗРЕНИЯ МОЛОДЕЖИ - ОСНОВА ВОСПИТАНИЯ ПАТРИОТИЗМА И НАЦИОНАЛЬНОГО САМОЗНАНИЯ

Основной элемент таджикского общества это молодое поколение, которые составляют относительную часть населения. Инновационный и технологический прогресс не стоит на месте. Молодое поколение Тадикистан набрала достаточного опыта пользоваться этими достижениями. Формирование мировоззрения молодого поколения в основном зависит от правильного подхода, какую информацию он может получить?,на сколько она ему полезна?, сможет ли он проанализировать ситуацию?, и т.п. Высшие учебные заведения играют огромную роль для формирования самосознания, мировоззрения и личностного роста молодого человека. Если подытожить приведенные в статье факторы формирования мировоззрения молодёжит, то можно наблюдать, что мировоззрение очень тесно взаимосвязано с нравственной культурой. Поэтому без нравственной культуры формирование мировозрения молодежи апредставляется невозможным.

Ключевые слова: формирование, молодежь, государство, личность, самосознание, самопознание, история.

FORMATION OF YOUTH'S WORLD OUTLOOK - THE BASIS FOR EDUCATION OF PATRIOTISM AND NATIONAL SELF-CONSCIOUSNESS

The main element of Tajik society is the younger generation, who make up a relative portion of the population. Innovative and technological progress does not stand still. The younger generation of Tadikistan has gained sufficient experience to use these achievements.The formation of the outlook of the young generation mainly depends on the correct approach, what information can he get ?, How useful is it for him?, Can he analyze the situation?, Etc. Higher education institutions play a huge role in the formation of self-awareness, worldview and personal growth of a young person.This article provides an example of Dangara State University, which, through the implementation of innovative solutions, makes contributions to the formation and development of self-awareness of each student as one of the main elements of society. If we summarize the factors of the formation of the worldview of young people given in the article, we can observe that the worldview is very closely interconnected with moral culture. Therefore, without moral culture, the formation of the worldview of young people seems impossible.

Keywords: formation, youth, state, personality, self-awareness, self-knowledge, history.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Бахтиёрзода Рустам Бахтиёр*** **–** Донишгоҳи давлатии Данғара, ассистенти кафедраи илмҳои гуманитарӣ, идоракунии минтақавӣ ва сайёҳӣ. **Суроға:** 734065, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Данғара, кӯчаи Марказӣ, 34/2. E-mail: **vaqt-plus@inbox.ru.** Телефон: **(+992) 007-44-77-00**

Сведения об авторе: ***Бахтиёрзода Рустам Бахтиёр*** **-** Дангаринский государсвенный университет, ассистент кафедры гуманитарных наук, регионального управления и туризма. **Адрес:** 734065, Республика Таджикистан, Дангаринчский район, улица Центральная, 34/2. E-mail: **vaqt-plus@inbox.ru.** Телефон: **(+992) 007-44-77-00**

Information about author: ***BakhtiyorzodaRustamBakhtiyo***r - Dangara state University, assistant at the department of Humanities science? Regional management and tourism. **Adress:** 734065, Republic of Tajikistan, Dangara region, Markazistreet, 34/2. Phone: **(+992) 007-44-77-00**. E-mail: **vaqt-plus@inbox.ru**

УДК:323.28

ИФРОТГАРОИИ ДИНӢ ҲАМЧУН АМАЛИ КАҶРАФТОРИИ ҶАВОНОН ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

Раҷабзода Р.
Донишгоҳи давлатии Данғара

Дар замони муосир масъалаҳое пайдо шуда истодаанд, ки ба сифати монеаи рушди минбаъдаи ҷомеаи ҷаҳонӣ баромад менамоянд. Аз ин рӯ, зарурати баррасии илмии чунин падидаҳо ба миён меояд, ки сабабҳо ва омилҳои онро муайян кунанд, роҳу воситаҳои маҳдуд ё бартараф намудани чунин падидаҳои номатлубро дар ҷомеа ошкор намоянд. Зеро, сатҳи инкишофи минбаъдаи ҷомеаи ҷаҳонӣ, маҳз аз маҳдуд ё бартараф намудани чунин падидаҳои номатлуб, ба монанди ифротгарои динӣ вобаста аст.

Ифротгароии динӣ дар шароити имрӯза бо суръати баланд, дар минтақаҳои мухталифи ҷаҳони муосир хусусан дар миёни ҷавонон доман паҳн намуда истодааст. Таҳлили сарчашмаҳои илмӣ нишон медиҳад, ки солҳои охир миқдори зиёди таҳқиқот маҳз ба ин падидаи номатлуб дар ҷомеа бахшида шудаанд.

Дар доираи таҳқиқоти илмӣ навъҳои гуногуни ифротгароӣ – ифротгароии сиёсӣ, ифротгароии сиёсиву динӣ, ифротгароии динӣ ҷудо карда мешаванд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар баъзе ҳолатҳо фарқияти ҷиддие дар байни навъҳои мухталифи ифротгароӣ гузошта намешавад, ки албатта, дар дарки умумии илмии ин падида мушкилот пеш меорад. Дар баъзе ҳолатҳо, баҳогузории ифротгароӣ ба тариқи умумӣ амалӣ мегардад, ки дарки пурра ва ҳаматарафаи онро мураккаб мегардонад. Ба ақидаи мо, аз рӯйи мазмуну мундариҷа, аз рӯйи мақсад ва шаклҳои зуҳурот, навъҳои ифротгароӣ аз якдигар фарқ мекунанд. Ба инобат гирифтани чунин фарқиятҳо ба дарки ҳаматарафаи моҳият ва хусусиятҳои ҳар як навъи алоҳидаи ифротгароӣ мусоидат менамояд.

Яке аз навъҳои ифротгароӣ – ифротгароии динӣ ба ҳисоб меравад. Масъалаи асосӣ муайян намудани ифротгароии динӣ ҳамчун амали каҷрафтории ҷавонон дар шароити муосир ба ҳисоб меравад. Қайд намудан зарур аст, ки дар шароити имрӯза муҳаққиқони мухталиф унсурҳо ва хусусиятҳои алоҳидаи ифротгароии диниро муайян намудаанд. Маҳз дар асоси чунин унсурҳо, доираи амал намудани ифротгароии динӣ, мазмуну мундариҷа ва хусусиятҳои хосси он ошкор карда мешаванд.

Ба назари И.П. Давидов ба ифротгароӣ ҷиҳатҳои зерин хусусиятҳои динӣ мебахшанд:

- шуури динии ҷамъиятӣ, агар ба он аломатҳои тоталитаризатсия ва гиперболизатсияи арзишҳои муайяни мухолифати ғояҳои динӣ бар зарари ғояҳои дигари динӣ ва дунявӣ хос бошад. Дар чунин ҳолат оид ба «нигилизм» (инкори маслаку мафкура, ҳулқу одоб ва сохти маъмули ҷамъият) ва «фанатизм» (таассубот) сухан меравад;
- идеологияи динӣ, ки худсарона «ҳақиқати мутлақ»-ро эълон менамояд, ки аҳамият ва мавқеи назароти дигарро рад менамояд ё нисбати онҳо беэътиноӣ зоҳир мекунад. Қайд намудан зарур аст, ки дар чунин ҳолат арзиш ва анъанаҳои «мусбии» худ, аз арзиш ва анъанаҳои «манфӣ» ҷудо карда мешаванд;
- фаъолияти динӣ, ки ба татбиқ намудани унсурҳои асосии дар идеология баёншуда равона карда шудааст. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар чунин ҳолат методҳои мухталифи ҷисмонӣ ва зӯроварии психологӣ мавриди истифода қарор дода мешаванд;
- фаъолияти созмонҳои динӣ, ки аз рӯйи хусусияти ҳуқуқӣ, «созмонҳои ифротгароӣ» шуморида мешаванд [4,с.15].

Дар ифротгароии динӣ, нақш ва мақоми шуури ҷамъиятии динӣ, идеологияи динӣ, фаъолияти динӣ, созмону ташкилотҳои динӣ, ки бо мақсади муайян тасниф карда мешаванд, бузург аст. Чунин таснифот, албатта, дорои заминаҳои муайян мебошад. Метавон сабабҳо ва омилҳои асосии рушди ифротгароии диниро ҳамчун заминаи асосии чунин таснифот баррасӣ намуд. Дар шароити имрӯза, масъалаи муайян намудани сабабҳо ва омилҳои гаравидани ҷавонон ба ифротгароии динӣ, яке аз масъалаҳои муҳим мубаддал гардидааст, ки муаллифони зиёд ба он рӯй овардаанд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар таҳқиқотҳо маҷмӯи муайяни омилҳо ва сабабҳои рӯ овардани ҷавонон ба ифротгароии динӣ пешниҳод карда шудаанд. Сабаби асосии рӯй овардани одамон, махсусан ҷавонон ба ифротгароӣ ва радикализм норозигӣ ба ҳисоб меравад, ки ҳамеша дар ҷустуҷӯи роҳи ҳалли вазъияти мавҷуда аст. Қайд намудан зарур аст, ки норозигӣ дар асоси як қатор омилҳои дохилӣ ва берунӣ ташаккул меёбад:

- равандҳои глобалии мухолифатҳо;
- таъсири геополитикӣ аз берун;

- динамикаи вазъият дар дохили кишварҳои минтақа;

- манфиати шабакаҳои ҷаҳонии ифротгароӣ дар васеъ намудани доираи таъсиррасонӣ;

- паҳн кардани адабиёти динӣ ва ғайраҳо [9,с.26].

Дар омӯзиш ва баррасии инкишофи тасаввурот ва амалҳои ифротгароӣ И.Н. Яблоков пешниҳод менамояд, ки ҷудо намудани сабабҳо ва омилҳои он дар чунин асос мақсаднок аст: сабабҳои иқтисодӣ, сабабҳои сиёсиву ҳуқуқӣ, сабабҳои оилавӣ, сабабҳои этикӣ ва маънавӣ, ки ифротгароиро муайян менамоянд [10,с.54].

Қайд намудан зарур аст, ки чунин муайян намудани сабабҳо ва омилҳои асосии ифротгароӣ мувофиқи мақсад аст. Баррасии мушаххаси ин сабабҳо ба муайян намудани мазмуну мундариҷаи ифротгароии динӣ мусоидат менамояд.

Дар доираи сабабҳои иқтисодӣ, метавон нобаробарии вазъи иҷтимоиро махсусан қайд намуд, ки ба қонеъ набудани қишрҳои бенаво ва бенасиб мусоидат менамояд. Дар чунин ҳолат, ин қишрҳои аҳолӣ, ба сиёсат ворид гардида, роҳу воситаҳои ҳалли масъаларо ҷустуҷӯ менамоянд. Дар ҳолати тариқи осоишта ва қонунӣ ҳал нагардидани масъала, чунин қишрҳо ба методу воситаҳои иртиҷоӣ рӯй меоранд, ки ба инкишофи навъҳои гуногуни ифротгароӣ, аз он ҷумла ифротгароии динӣ мусоидат менамояд.

Дар ин самт метавон нобаробарии рушди иқтисодиро дар минтақаҳои мухталифи кишвари алоҳида махсусан қайд намуд. Дар натиҷа, як қатор минтақаҳо дар рушди саноат ҷаҳиши сифатиро амалӣ намуда, дар иқтисодиёт ва сатҳи ҳаёти аҳолӣ пешсаф мешаванд ва арзишҳои патернализмро ташвиқу тарғиб менамоянд. Минтақаҳои дигар бошанд, бидуни имкониятҳои инкишоф, дастгириҳои моливӣ ва кумакҳои давлатӣ, дорои сатҳи пасти зиндагӣ мегарданд. Маҳз дар асоси ин нишондиҳанда ифротгароии динӣ дар минтақаҳои дар сатҳи пасти иқтисодӣ қарордошта бештар мушоҳида гардида, босуръат рушд менамояд. Қайд намудан зарур аст, ки ба инкишофи ин самт глобализатсияи объективии иқтисодӣ бо даъвои ширкатҳои фаромиллӣ ба ҳукмронии мутлақ, мусоидат менамояд. Ширкатҳои фаромиллӣ фаъолияти худро дар кишварҳои алоҳида паҳн намуда, фарқияти байни рушди иқтисодии минтақаҳои дохилидавлатиро боз ҳам зиёдтар менамоянд.

Қайд намудан зарур аст, ки сабабҳои сиёсиву ҳуқуқии ифротгароии динӣ ҷиҳатҳои зеринро фарогир аст:

- ғасби фаъоли иҷтимоии давлат ва ҳуқуқ, яъне, кӯшиши ворид гардидан ба тамоми соҳаҳои ҳаёти иҷтимоӣ ва зери шиорҳои танзим ва пешравиҳо ба худ тобеъ намудани ин соҳаҳо. Дар чунин ҳолат, албатта, доираи фаъолият ва ташаббускориҳо аз ҷониби оммаи мардум маҳдуд карда мешавад;

- мавҷудияти методҳо ва воситаҳои маҷбурнамоии давлатӣ ва ҳуқуқӣ, ки на ҳамеша дар сатҳи баробари адолатнокӣ нисбати тамоми категорияҳои ҳуқуқвайронкунандагон мавриди истифода қарор дода мешавад. Аз тарафи дигар, истифодаи метод ва воситаҳои маҷбурнамоӣ ва зӯроварӣ нисбати фаъолияти ифротгароӣ боиси зиёд гардидани чунин фаъолият мегардад. Яъне, методҳои маҷбурнамоӣ ва зӯроварӣ ҳамчун омили рушди минбаъдаи ифротгароии динӣ баромад менамоянд;

- дур гардидани қисми зиёди аҳолӣ аз иштироки бевоситаи амалӣ намудани вазифаҳои давлат ва идора намудани захираҳои моддӣ, ки дар ихтиёри давлат ё созмону ташкилотҳои алоҳида қарор доранд. Қайд намудан зарур аст, ки чунин дуршавӣ боиси нобоварӣ ба ояндаи дурахшон мегардад, аз ин рӯ оммаи мардум, кӯшиш менамоянд, ки бо истифода аз роҳу воситаҳои гуногун вазъиятро тағйир диҳанд;

- ҷой гирифтани давлат дар иттифоқҳои байнидавлатӣ ва иттиҳодияҳои ҳарбиву сиёсӣ танҳо бо мақсадҳои прагматикӣ, ки дар чунин ҷой гирифтанҳо алоқаи фарҳангӣ ва маънавии аҳолии давлатҳои муттаҳидшаванда ба инобат гирифта намешавад [10,с.58].

Қайд намудан зарур аст, ки ифротгароии динӣ масъалаи нозук ва мураккаб ба ҳисоб меравад. Истифодаи методҳои маҷбурнамоӣ ва зуроварӣ, ҳатто дар доираи қонунҳои амалкунанда, боиси рушд кардани он мегардад. Аз ин рӯ, зарур аст, ки дар мубориза бо ифротгароии динӣ, ба сабабҳои сиёсиву ҳуқуқии он диққати махсус равона карда шавад.

Солҳои охир рушди ифротгароии динӣ нишон медиҳад, ки сабабҳои оилавӣ низ дар инкишофи он мавқеи муҳимро ишғол менамоянд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ба омилҳои оилавии рушди ифротгароӣ метавон ҷиҳатҳои зеринро ворид намуд: мувофиқ наомадани қисме аз арзишҳои оилавӣ, миллӣ ва умумиинсонӣ бо маҷбуран ба роҳ мондани унсурҳои патриархалӣ; вобастагии молумулкӣ аз аъзоёни калонсоли оила; кӯшиши назорати пурра ва ҳаматарафа аз ҷониби волидайн; ноустувории алоқаҳои оилавӣ, ки ҷавононро маҷбур месозад, ки доимо дар ҷустуҷӯи заминаи боэътимоди ҳаётӣ бошанд.

Қайд намудан зарур аст, ки дар ҳар як соҳаи нишондодашуда омилҳои ифротгароии динӣ гуногун мебошанд. Дар соҳаи хоҷагидорӣ ин маҳдуднамоии талаботҳои иқтисодии диндорони қаторӣ ва ҷамъ гардидани сармояи молиявӣ дар дасти сарварони харизматикии динӣ ба ҳисоб меравад, ки метавонад ба ташаккули олигархияи динӣ оварда расонад. Албатта, маҳдуд намудани талаботҳои иқтисодии диндорони қаторӣ, то андозае ба дур гардидани онҳо аз дини расмӣ боис мегардад.

Дар сиёсат ва ҳуқуқ, ин бенатиҷа будани методҳои ҳуқуқии таъмини ягонаи меъёрҳои динӣ ва дунявӣ ба ҳисоб меравад. Дар чунин ҳолат рақобат ва мухолифати меъёрҳои динӣ ва дунявӣ дар назар дошта шудааст. Албатта, чунин ҳолат мушкилоти зиёдеро ба миён меорад, аз ин хотир диққати махсусро талаб менамояд. Илова бар ин, бюрократизатсияи институтҳои динӣ, боиси дур гардидани диндорони қаторӣ аз дини расмӣ мегардад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар аксарияти ҳолатҳо, гузариши объективии дини расмӣ ба ҳамкорӣ бо дастгоҳи давлатӣ бо мақсади истисмори фоиданоки талаботҳои динии аҳолӣ боиси рушд намудани ифротгароии динӣ мегардад. Чунин ҳолат, пеш аз ҳама, дар ҳолати дастгирии сиёсати давлатӣ аз тарафи дини расмӣ бештар мушоҳида карда мешавад.

Ҳамин тариқ, ифротгароии динӣ ҳамчун амали каҷрафтории ҷавонон дар заминаи сабабҳо ва омилҳои мухталиф пайдо мешавад. Дар мубориза бо ифротгароии динӣ ба инобат гирифтани ин сабабҳо ва омилҳо дорои аҳамияти бузург аст.

АДАБИЁТ

1. Алиев А.К. Религиозно-политический экстремизм и этноконфессиональная толерантность на Северном Кавказе / А.К. Алиев, З.С. Арухов, К.М. Ханбабаев. -М.: Наука, 2007. -246 с.
2. Арестов В.Н. Религиозный экстремизм: содержание, причины и формы проявления, пути преодоления / В.Н. Арестов. -Харьков, 1987. -186 с.
3. Баглиев М.А. Египет. Глубокие корни исламского экстремизма / М.А. Баглиев // Азия и Африка сегодня. -2002. -№10. –С. 126-143.
4. Давыдов И.П. Проблемы категориального описания и квалификации религиозного экстремизма (религиоведческий и правоведческий аспекты) / И.П. Давыдов // Религиозный экстремизм и фундаментализм: справочное издание. -М., 2008. -312 с.
5. Добаев И.П. Исламский радикализм: генезис, эволюция, практика / И.П. Добаев. -Ростов-на-Дону, 2003. -263 с.
6. Ислам на постсоветском пространстве: взгляд изнутри / Под ред. А. Малашенко и М.Б. Олкотт; Моск. Центр Карнеги. -М.: Арт-Бизнес-Центр, 2001. -236 с.
7. Коршунова О.Н. Преступления экстремистского характера: теория и практика противодействий / О.Н. Коршунова. - СПб.: Изд-во «Юридический центр Пресс», 2006. -321 с.
8. Силантьев Р.А. Ислам в современной России.: Энциклопедия / Р.А. Силантьев. -М.: Алгоритм, 2008. -576 с.
9. Шаракшанэ С. Ислам и политический экстремизм / С.Шаракшанэ // Религия и право. - 1999. -№4. -С.26-36.
10. Яблоков И.Н. Религиозный экстремизм: причины и предпосылки // Религиозный экстремизм: история и современность / И.П. Давыдов, И.Н. Яблоков / Под ред. В.В. Миронова, И.Н. Яблокова; сост. П.Н. Костылев. - М., 2008. -254 с.

ИФРОТГАРОИИ ДИНӢ ҲАМЧУН АМАЛИ КАҶРАФТОРИИ ҶАВОНОН ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

Дар мақолаи мазкур ифротгароии динӣ ҳамчун амали каҷрафтории ҷавонон дар шароити муосир мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Муаллиф қайд менамояд, ки яке аз падидаҳои номатлуб дар ҷомеа, ифротгароии динӣ ба ҳисоб меравад, ки дар шароити имрӯза бо суръати баланд дар минтақаҳои мухталифи ҷаҳон дар байни ҷавонон паҳн шуда истодааст. Таҳлили сарчашмаҳои илмӣ нишон медиҳад, ки солҳои охир, миқдори зиёди таҳқиқотҳо маҳз ба ин масъала бахшида шудаанд.Таҳлили сарчашмаҳо нишон медиҳад, ки дар бисёр ҳолатҳо фарқияти ҷиддие дар байни навъҳои мухталифи ифротгарои динӣ гузошта намешавад, ки албатта, барои дарки умумии илмии он мушкилот пеш меорад. Дар баъзе ҳолатҳо, баҳогузории ифротгарои динӣ ба тариқи умумӣ амалӣ мегардад, ки дарки пурра ва ҳаматарафаи онро мураккаб мегардонад. Дар шароити имрӯза, муҳаққиқони мухталиф, унсурҳо ва хусусиятҳои алоҳидаи ифротгароии диниро муайян намудаанд. Маҳз дар асоси чунин унсурҳо, доираи амал намудани ифротгароии динӣ, мазмуну мундариҷа ва хусусиятҳои хосси он ошкор карда мешаванд. Ҳамин тариқ, барои мубориза ва раҳоӣ аз ин падидаи даҳшатбори ҷаҳонӣ моро зарур аст, то дар баробари роҳҳое, ки онҳо барои ҷалби ҷавонон истифода менамоянд, мардумро огоҳонем ва мушкилоти иҷтимоиву иқтисодро дар сатҳи қишрҳои гуногуни ҷомеа сари вақт ҳал намоем. Ҳамчунин, боло бурдани сатҳу сифати омӯзишу парвариш дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаву олиро, ки заминагузори рушди шахсияти солими иҷтимоӣ ба ҳисоб мераванд, таҷдиди назар карда, дар ин замина тақвият бахшидани ҷаҳонбинии илмӣ ва дар рӯҳияи худшиносиву худогоҳӣ тарбия намудани насли наврас яке аз чораҳои муассир дар ин самт мебошад.

Калидвожаҳо: ифротгароӣ, каҷрафторӣ, ҳокимият, давлатӣ, ифротгароии сиёсӣ, ифротгароии сиёсиву динӣ, соҳаи иқтисодӣ, соҳаи ҳуқуқиву сиёсӣ, маҷбурнамоӣ, буҳрони иҷтимоиву иқтисодӣ.

РЕЛИГИОЗНЫЙ ЭКСТРЕМИЗМ КАК ДЕВИАНТНОЕ ПОВЕДЕНИЕ МОЛОДЫХ В СОВРЕМЕННЫХ УСЛОВИЯХ

В статье рассматривается религиозный экстремизм как девиантное поведение молодежи в современных условиях. Автор отмечает, что одним из негативных явлений в обществе является религиозный экстремизм, который в современных условиях стремительно распространяется среди молодежи в разных уголках

современного мира. Анализ научных источников показывает, что в последние годы этому вопросу посвящено большое количество исследований. В современном контексте различные исследователи выделили отдельные элементы и особенности религиозного экстремизма. Именно на основе таких элементов раскрываются масштабы религиозного экстремизма, его содержание и его особенности. Чтобы бороться и избавиться от этого ужасного глобального явления, нам необходимо информировать людей о способах, которые они используют для привлечения молодежи и своевременного решения социально-экономических проблем на уровне различных слоев общества. Также необходимо рассмотреть вопрос о повышении уровня и качества образования в учреждениях начального, среднего и высшего образования, которые являются основой для развития здоровой социальной личности, и на этой основе укрепить научное мировоззрение и воспитать подрастающее поколение в духе самопознания.

Ключевые слова: экстремизм, девиантное поведение, власть, государство, политический экстремизм, политический и религиозный экстремизм, экономический, правовой и политический, принуждение, социально-экономический кризис.

RELIGIOUS EXTREMISM AS DEVIANT BEHAVIOR OF THE YOUNG IN MODERN CONDITIONS

The article examines religious extremism - the deviant behavior of young people in modern conditions. The author notes that one of the negative phenomena in society is religious extremism, which in modern conditions is rapidly spreading among young people in different parts of the modern world. Analysis of scientific sources shows that in recent years a large number of studies have been devoted to this issue. In the modern context, various researchers have identified individual elements and features of religious extremism. It is on the basis of such elements that the scale of religious extremism, its content and its features are revealed. Thus, in order to fight and get rid of this terrible global phenomenon, we need to educate people about the ways they use to attract young people and timely address socio-economic problems at the level of various sectors of society. It is also necessary to consider the issue of improving the level and quality of education in primary, secondary and higher education institutions, which are the basis for the development of a healthy social personality, and on this basis to strengthen the scientific outlook and educate the younger generation in the spirit of self-knowledge. direction.

Keywords: extremism, deviant behavior, power, state, political extremism, political and religious extremism, economic, legal and political, coercion, socio-economic crisis.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Раджабзода Рустам*** **–** Донишгоҳи давлатии Данғара, унвончуи кафедраи илмҳои гуманитарӣ. **Суроға:** 734065, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Данғара, кӯчаи Марказӣ, 34/2. Телефон: **(+992) 918-25-89-89**

Сведения об авторе: ***Раджабзода Рустам*** - Дангаринский государственный университет, соискатель кафедры гуманитарных наук. **Адрес:** 734065, Республика Таджикистан, р-н Дангара, улица Маркази, 34/2. Телефон: **(+992) 918-25-89-89**

Information about author*: Rajabzoda Rustam* - Dangara state University, applicant at the department of Humanities science/ **Adress:** 734065, Republic of Tajikistan, Dangara region, Markazi street, 34/2. Phone: **(+992) 918-25-89-89**

УДК327.8 (73+5-191.2)

ПОПЫТКИ США СПРОЕКТИРОВАТЬ ЦЕНТРАЛЬНУЮ АЗИЮ: ПРИЧИНЫ НЕУДАЧ ЧЕРЕЗ ПРИЗМУ КОНСТРУКТИВИСТСКОГО ПОДХОДА

Сабов И.Н.
Кыргызско-Российский (славянский) университет им. Б.Н. Ельцина

США являются одним из важных внешних акторов в Центральной Азии, обладая значительным влиянием в мировой политике в целом. Представляется, что ключевым фактором, обусловливающим заинтересованность Вашингтона в регионе, является то, что установление контроля над ним открывает доступ непосредственно к территориям его главных геополитических оппонентов – России и Китая [1,с.33]. Соответственно, в аспекте внешнеполитических задач США их действия в Центральной Азии, удаленная географическая локация которой является определенным неблагоприятным фактором с точки зрения завоевания там доминирующей позиции, нацелены на предотвращение сценария, по которому над регионом устанавливает контроль один из главных конкурентов.

На макроуровне стратагемы по достижению данной цели в течение десяти лет, с 2005 г. по 2014 г., генерировались американскими аналитическими центрами и политическим истеблишментом в рамках двух концепций, оформляющих проект региона, интегрирующего Центральную и Южную Азию через Афганистан, выступающий той локацией, которая компенсирует географическую дистанцированность США ввиду перманентного американского присутствия в военно-политической сфере этой страны. Это концепции «Большая Центральная Азия» и «Новый Шелковый путь».

Однако с 2015 г. Афганистан уже не фигурирует в качестве центрального звена разрабатываемых Вашингтоном региональных стратагем. Так, содержание встреч глав внешнеполитических ведомств США и центрально-азиатских государств в формате диалоговой

платформы «С5+1», предложенной США в 2015 г., а также положения «Стратегии США в отношении Центральной Азии 2019-2025: Продвигая независимость и экономическое процветание», сфокусированы исключительно на продвижении сотрудничества, а не интеграции пяти центрально-азиатских республик. О возможности включения Афганистана в качестве участника «С5+1» и ее трансформации в «С6+1»основатель Института Центральной Азии и Кавказа при Университете им. Джона Хопкинса Ф. Старр в начале 2019 г. отмечал, что инициатива должна исходить исключительно от пяти стран Центральной Азии [2]. В свою очередь, в новой региональной концепции США Афганистан упоминается в контексте угроз безопасности, исходящих от действующих на его территории террористических организаций, в фарватере дискурса о сохранении суверенитета и равноудаленности государств Центральной Азии в отношениях с другими центрами силы [3].

В данной статье обосновывается тезис о том, что попытки США спроектировать регион Центральной Азии с искусственным включением Афганистана как связующего элемента закончились неудачей в силу того, что США, с одной стороны, сами сконструировали и поддерживали имидж Афганистана как нестабильного государства – убежище террористов, с которым невозможно выстраивать долгосрочное конструктивное взаимодействие, с другой – подорвали свою легитимность в качестве бескорыстного транслятора либерально-демократических ценностей своей внешней политикой на Ближнем Востоке и постсоветском пространстве, а также деструктивными последствиями навязываемой либерализации экономики и политики центрально-азиатским республикам.

В концептуальном аспекте статья выстроена в контексте конструктивизма. Согласно этому теоретическому подходу, национальные интересы и действия акторов международных отношений, а также объекты этих действий конструируются самими акторами, исходя из их культурного базиса (распространенных идей, символов, норм, концептов), определяющего идентичность государства [4,с.158]. В свою очередь, восприятие этих конструктов другими участниками мировой политики зависит от того, насколько легитимны действия их конструкторов, что определяет необходимость для последних изменять свои действия, оставаясь в рамках своего идентификационного базиса [4,с.161].

Использование данного подхода для раскрытия центрального тезиса статьи требует двух предварительных замечаний. Во-первых, следует подчеркнуть выводимую американским политическим истеблишментом корреляционную связь между либерально-демократическими нормами внутреннего политического порядка США и декларируемой целью их действий на международной сцене как обоснование первыми легитимности второй. Так, по мнению авторитетного американского дипломата Г. Киссинджера, с момента образования США в XVIII в.их внешняя политика строится на двух постулатах [5,с.313-315]:

−во-первых, применимость принципов проводимой внутренней политики является «благотворным» в любой стране мира;

−во-вторых, именно США призваны своим внешнеполитическим курсом изменить «судьбу человечества» во имя «божественного предопределения».

Следовательно, в терминологии конструктивизма суть идентичности США на мировой арене состоит в глобальном либеральном миссионерстве, легитимность которого строится на дискурсе о том, что все действия Вашингтона продиктованы не национальными интересами и гегемонистическими амбициями, а целью «самоочевидной» искренней «заботой» о человечестве.

Во-вторых, важно отметить, что топоним «Центральная Азия» стал использоваться американским академическим сообществом в конце 1980-х гг. и не тождественен советскому топониму «Средняя Азия», поскольку включает не только республики советской Средней Азии и Казахстан, но и западную часть Китая, Пакистан, Афганистан и Монголию. Так, в Государственном департаменте США вопросы Центральной Азии находятся в ведении Бюро по делам Южной Азии, а в министерстве обороны США – Центрального командования вооруженных сил, куда входят страны Южной Азии, Ближнего и Среднего Востока. В свою очередь, данная расширенная интерпретация региона, по сути, закладывает дискурсивный базис обоснованности интеграции Центральной Азии с Южной Азией.

Тем не менее, простое дискурсивное конструирование региона с точки зрения усиления влияния в Центральной Азии, если рассматривать этот процесс через призму конструктивизма, должен был быть: а) легитимирован США; б) иметь эмпирическое проявление в форме практических действий Вашингтона в регионе. Данные условия были сформированы после начала военной операции в Афганистане в 2001 г.:

−легитимация – антитеррористический месседж в отношении Талибана как движения, предоставившего убежище террористам, выступающим угрозой всему демократическому миру, учитывая, что террористической атаке подверглась цитадель этого мира;

−практические действия – размещение объектов военной инфраструктуры в странах региона.

Однако, как отмечают А. Кули и Дж. Хизершоу, несмотря на то, что правительства центрально-азиатских республик выразили свою поддержку сформированной США антитеррористической коалиции, кооперация с Вашингтоном выстраивалась на базе экономических стимулов со стороны последнего, включая плату за размещение военных баз и транзит грузов [6,с.185]. Исходя из этого, необходимо отметить, что, во-первых, центрально-азиатские республики не воспринимали Афганистан как часть единого регионального пространства, во-вторых, США сконструировали образ этой страны как источника экзистенциальных угроз безопасности, на что указывают авторы доклада Центра стратегических и международных исследований «Центральная Азия в воссоединяющейся Евразии. Интересы США и рекомендации», отмечая, что «страны Центральной Азии видят в Афганистане источник таких угроз, как наркотрафик и исламистские группировки» [7].

В качестве первой попытки преодоления такого восприятия Афганистана следует рассматривать представленную Ф. Старром интеграционную концепцию «Партнерство Большой Центральной Азии для Афганистана и его соседей», предполагающую объединение Центральной Азии вокруг Афганистана – создание союза суверенных либеральных демократий с развитым институтом политической партии и гражданским обществом, которые поддерживают партнерские отношения с США [8,с.10].

Однако в практической плоскости реализация данной концепции обозначила амбивалентный характер либерального миссионерства США. Центральными событиями в этом аспекте стали, с одной стороны, политическая и финансовая поддержка Вашингтоном цветных революций в Грузии, Украине и Кыргызстане [9,с.22] и осуждение событий в Андижане, с другой – вторжение в Ирак без санкции Совета Безопасности ООН, что привело к искажению его имиджа глобального транслятора гуманистических ценностей и закреплению образа рационального актора, реализация интересов которого сопряжена с государственными переворотами и военной агрессией в дискурсе демократического транзита. Так, по результатам социологического опроса, проведенного Международным центром В. Вильсона,в общественном мнении стран постсоветского пространства, в том числе в Кыргызстане, за США закрепился имидж агрессора и гегемона, вмешивающегося во внутреннюю политику других государств [10].

Соответственно, на этом этапе запущенного механизма проектирования Центрально-Азиатского региона Вашингтоном была допущена еще одна ошибка – подорвана легитимность его действий на международной арене, что, в свою очередь, с позиций конструктивизма, привело к снижению его влияния в регионе. Как следствие, в Кабуле так и не был создан предложенный Ф. Старром офис регионального форума партнерства по сотрудничеству и развитию Большой Центральной Азии.

На этом фоне импульс к развитию получили процессы евразийской интеграции – объединение организации Центрально-Азиатского сотрудничества с ЕврАзЭС в 2005 г. и начало работы по созданию Таможенного союза, что усилило позиции России и обозначило аттрактивность экономической детерминанты для стран региона в их интеграционных устремлениях, а также их резистентность к восприятию демократического месседжа, за исключением кейса Кыргызстана.

Принимая во внимание допущенные ошибки в качестве новой основы для интеграции региона Государственный департамент США в 2011 г. предложил экономический базис, но вновь с фокусом на Афганистане как ключевом звене на фоне заявлений о завершении активной фазы военных действий в этой стране. В рамках озвученной Х. Клинтон, занимавшей в тот период пост государственного секретаря, концепции «Новый Шелковый путь», предполагалось превратить Афганистан в торговый и транспортный узел макрорегиона, объединяющего Центральную и Южную Азию, что должно было выступить реанимационным механизмом для страны, находящейся последние десять лет в условиях перманентных военных действий в контексте каузальной связки между экономическим ростом и стабилизацией ситуации [11].

Как и в случае с предыдущей концепцией, конструирование Вашингтоном региона в рамках концепции «Новый Шелковый путь» закончилось неудачей в силу имеющегося диссонанса между дискурсивным конструктом и практическими действиями по его

легитимации. Во-первых, заявления о выводе войск из Афганистана противоречили сохраняющейся нестабильной ситуации в этой стране и фактическим отсутствием действенных результатов за исключением перформативной операции по ликвидации Усамы бен Ладена. Во-вторых, предлагаемые меры по либерализации торговли посредством снижения торговых пошлин, упрощенных режимов таможенного контроля, прозрачного функционирования контрольно-пропускных пунктов на фоне возросших объемов афганского наркопроизводства и отказа США бороться с наркопосевами, которые представляют собой главный источник финансирования террористической деятельности Талибана, несли в себе угрозы расширения масштабов экспорта наркотиков [1,с.43].

В-третьих, перспективы реализации центральных энергетических проектов концепции «Новый Шелковый путь» – газопроводаTAPI и системы линий электропередач CASA-1000 являются размытыми в силу двух факторов:

−высокой стоимости, которая не может быть покрыта странами-участницами самостоятельно (10 млрд долл. и 1,7 млрд долл., соответственно) [12,с.98-101];

−далекой от стабильности ситуацией в Афганистане, что формирует замкнутый круг: стабилизация внутриафганского кризиса через реализацию экономических проектов невозможна в силу этого кризиса.

Более того, данные проекты не являются принципиально новыми – их история берет начало с конца 1990-х гг. – начала 2000-х гг. По сути, они были актуализированы в качестве внешнеполитического инструментария новой попытки США сконструировать Центрально-Азиатский регион, исходя из новых реалий.

Вкупе данные факты оформили третью ошибку США. С одной стороны, они поставили под сомнение истинность заявлений Вашингтона о причинах вторжения в Афганистан и их имидж борца с международным терроризмом, с другой стороны, не трансформировали, а, наоборот, окончательно закрепили за Афганистаном реноме транслятора угроз безопасности стран Центральной Азии.

В систематизированном виде сущность американских интеграционных концепций для Центральной Азии на основе проанализированного материала может быть представлена в виде нижеследующей таблицы.

Таблица 1. Сравнительный анализ интеграционных концепций США для Центральной Азии

Table 1. Comparative analysis of the integration conceptions of the USA for Central Asia

<table>
<tr><th>Общее</th><th>«Большая Центральная Азия» 2005-2010 гг.</th><th>«Новый Шелковый путь» 2011-2014 гг.</th></tr>
<tr><td rowspan="8">• Дискурсивный базис: расширенный подход к интерпретации Центрально-Азиатского региона;
• Цель: недопущение доминирования России или Китая в регионе;
• Задача: обеспечение долгосрочного присутствия в Центральной Азии</td><td colspan="2">Основа интеграции региона</td></tr>
<tr><td>Демократические преобразования</td><td>Экономическая сфера</td></tr>
<tr><td colspan="2">Основные механизмы</td></tr>
<tr><td>Создание наднационального форума союза суверенных демократических республик в Кабуле</td><td>Снижение торговых пошлин, упрощение режимов таможенного контроля, реализация региональных энергетических проектов CASA-1000 и TAPI</td></tr>
<tr><td colspan="2">Интерпретация ситуации в Афганистане для обоснования реализации концепции</td></tr>
<tr><td>Афганистан добился прогресса в сфере демократических преобразований, укрепилась его система безопасности, стабилизировалась экономика</td><td>Афганистан все еще сохраняет угрозы нестабильности для региона. Урегулирование ситуации связывается с экономическим ростом</td></tr>
</table>

Как следствие перечисленных ошибок, допущенных Вашингтоном, в настоящее время по данным исследования, проведенного М. Ларюэль и Д. Ройсом, агрегировавших данные опросов, проводившихся в рамках проекта «Центрально-Азиатский барометр» за период с 2017 г. по 2019 г., США с показателем в 59,5 пункта по уровню привлекательности для населения Кыргызстана, Казахстана, Узбекистана и Таджикистана значительно уступает России с показателем в 82,5 пункта и в меньшей степени КНР - 66 пункта [13]. Следовательно, имиджевые характеристики США с 2014 г., когда эксперты Центра В. Вильсона заявили о проблемах с восприятием США населением стран постсоветского пространства, не улучшились, что, наряду с отказом от интеграционного дискурса в контексте Большой

Центральной Азии в официальной новой региональной стратегии США, можно рассматривать в качестве еще одного индикатора справедливости выдвинутого в статье тезиса.

Таким образом, анализ внешнеполитического курса США в отношении Центральной Азии посредством использования категориального аппарата и теоретических положений конструктивизма позволяет утверждать, что американские стратагемы по проектированию региона с центральной ролью Афганистана как оплота американского влияния в непосредственной близости к центрально-азиатским республикам и геополитическим оппонентам, не являются успешными в силу трех допущенных ошибок, в основе которых лежит диссонанс между выбранными механизмами реализации этих стратагем и транслируемым либерально-демократическим их обоснованием, составляющим базовый элемент имиджа США на мировой арене. Во-первых, Вашингтон в 2001 г. спроектировал устойчивый образ Афганистана как нестабильного государства, поскольку он объединил три ключевых компонента нормативного конструирования: а) легитимность (террористические группировки признаны угрозой национальной безопасности в странах Центральной Азии); б) действия (антитеррористическая военная операция); в) дискурс, основанный на идентичности государства (борьба глобального либерального миссионера с международным терроризмом). Во-вторых, трансформация данного образа в рамках концепции «Большая Центральная Азия» стала затруднительной в силу того, что США подорвали легитимность своих действий ввиду несоответствия последних своему идентификационному дискурсу (либеральный миссионер – агрессор). В-третьих, окончательное закрепление за Афганистаном имиджа центра трансляции угроз региональной безопасности произошло в результате диссонанса между идентификационным дискурсом США, с одной стороны, и противоречивыми результатами «войны с терроризмом» и предлагаемыми проектами реанимации афганской экономики, с другой стороны. Данные причины в полной мере обозначили важность комплементарного подхода к конструированию образов, норм и правил международной политики – легитимность и устойчивость последних возможны только при условии соответствия действий и идентификационного дискурса актора.

ЛИТЕРАТУРА

1. Иваненко В.И. Геополитика США и афганский стратегический узел /В.И. Иваненко // Проблемы национальной стратегии. – 2016. – №6(17). – С.33-51.
2. Frederick Starr: For Central Asian States the Regional Cooperation is Important, But Not Integration and Loss of Sovereignty. February 7, 2019 [Электронный ресурс]. URL: https://cabar.asia/en/frederick-starr-for-central-asian-states-the-regional-cooperation-is-important-but-not-integration-and-loss-of-sovereignty (дата обращения: 7.11.2020)
3. United States Strategy for Central Asia 2019-2025. Overview. Advancing Sovereignty and Economic Prosperity: Overview. February 5, 2020 [Электронный ресурс].URL: https://www.state.gov/united-states-strategy-for-central-asia-2019-2025-advancing-sovereignty-and-economic-prosperity/ (дата обращения: 7.11.2020 г.)
4. The Globalization of World Politics. An Introduction to International Relations. Textbook / eds. J. Baylis, S. Smith and P. Owens. – Oxford: Oxford University Press, 2014. – 571 p.
5. Киссинджер Г. Мировой порядок / Г. Киссинджер / пер. с англ. В. Желнинова, А. Милюкова. – М.: АСТ, 2019. – 544 с.
6. Cooley A., Heathershaw J. Dictators without Borders. Power and Money in Central Asia.– New Haven and London: Yale University Press, 2017. – 309 p.
7. Kuchins C.A. Mankoff J. Central Asia in a Reconnecting Eurasia U.S. Policy Interests and Recommendations: A Report of the CSIS Russia and Eurasia Program. May 11, 2015 [электронный ресурс].URL: https://www.csis.org/analysis/central-asia-reconnecting-eurasia(дата обращения: 8.11.2020 г.)
8. Старр Ф. Партнерство для Центральной Азии. Дефицит внимания / Ф. Старр // Новая Большая игра в Большой Центральной Азии. Мифы и реальность. – Бишкек: Издательский дом «Салам», 2005.– С. 6-20.
9. Мураталиева З.Т.Проект США по демократизации Центральной Азии: теория на практике / З.Т. Мураталиева // Вестник КРСУ. – 2016. – Т.15. -№5. – С.20-23.
10. Gerber T.P., Zavisca J.What 18 Focus Groups in the Former USSR Taught Us about America's Image Problems. Summer 2015. [Электронный ресурс]. URL: http://wilsonquarterly.com/quarterly/summer-2015-an-age-of-connectivity/what-18-focus-groups-in-former-ussr-taught-us-about-americas-pr-problems/ (дата обращения: 6.11.2020 г.)
11. The US New Silk Road Strategy: Where Is It? Where Is It Headed? Transcript. October 11, 2011. [Электронный ресурс]. URL: http://www.eurasiareview.com/01102011-the-us-new-silk-road-strategy-where-is-it-where-is-it-headed-transcript/ (дата обращения: 6.11.2020 г.)
12. Михайлов С.А. Уйти, чтобы остаться: политика США в Центральной Азии в контексте сокращения американского присутствия в Афганистане /С.А. Михайлов // Проблемы национальной стратегии. - 2016. - №1(34). –С.89-108.
13. Laruelle M., Royce D. No Great Game: Central Asia's Public Opinions on Russia, China, and the U.S. / M. Laruelle, D. Royce // Kennan Cable. – 2020. –No.56. [Электронный ресурс]. URL: https://www.wilsoncenter.org/publication/kennan-cable-no-56-no-great-game-central-asias-public-opinions-russia-china-and-us (дата обращения: 10.11.2020 г.)

КӮШИШҲОИ ИМА ДАР ТАРҲСОЗИИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ: САБАБҲОИ НОКОМӢ АЗ ЛИҲОЗИ НАЗАРИ КОНСТРУКТИВИСТӢ

Мақола ба асоснок намудани тезис оиди ном шудани стратагемаҳои ИМА дар Осиёи Марказӣ, барои пешгирии ба даст овардани мавқеи ҳукмрон аз тарафи яке аз рақибони асосии он – Чин ё Русия – тавассути тарҳсозии интегратсионии минтақа бо шомил намудани Афғонистон, ҳамчун ноқили пайвасткунанда байни Осиёи Марказӣ ва Ҷанубӣ бахшида шудааст. Ин бо мавҷудияти номувофиқӣ байни амалҳои Вашингтон дар арсаи ҷаҳонӣ ва симои он ҳамчун мубаллиғи либералӣ вобаста аст. Аз як тараф, ИМА ба инқилобҳои ранга дар як қатор кишварҳои собиқ шӯравӣ дастгирии молиявӣ ва сиёсӣ расонд ва инчунин бидуни таҳрими СММ, ба Ироқ ҳамлаи низомӣ кард. Аз тарафи дигар, Вашингтон ҳадафи асосии худро чун мусоидат ба демократикунонии кишварҳои ҷаҳон барои таъмини рушди пешрафтаи онҳо эълом медорад. Ин ихтилоф, қонунияти консепсияҳои минтақавии – «Осиёи Марказии Бузург» ва «Роҳи нави Абрешим»-и аз ҷониби Иёлоти Муттаҳида таҳияшударо коҳиш медиҳад. Дар мақола ин мафҳумҳо, аз нуқтаи назари ихтилоф байни ҳадафҳои эълоншуда, барои демократикунонӣ ва рушди иқтисодии Афғонистон ва мавҷудияти омилҳои бастани онҳо - бетағйир мондани вазъи ноустувори ҳарбиву сиёсӣ дар кишвар, чорабиниҳои бесамари муборизаи бо истеҳсоли маводи мухаддир, арзиши баланди лоиҳаҳои иқтисодии пешниҳодшудаи CASA 1000 ва TAPI баррасӣ карда мешаванд. Чаҳорчӯбаи консептуалии мақола бо усули конструктивистӣ муайян шуда, имкон медиҳад, ки ташаккул ва мустаҳкамшавии симои Иёлоти Муттаҳида ҳамчун таҷовузкору, на маркази ҳамгироии минтақавӣ, Афғонистон бошад, чун манбаи таҳдидҳои барои амният ҷойдошта дар афкори ҷамъиятии ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ пайгирӣ карда шавад.

Калидвожаҳо: ИМА, Осиёи Марказӣ, Афғонистон, «Осиёи Марказии Бузург», «Роҳи нави Абрешим», конструктивизм, гуфтумони худшиносӣ, қонуният.

ПОПЫТКИ США СПРОЕКТИРОВАТЬ ЦЕНТРАЛЬНУЮ АЗИЮ: ПРИЧИНЫ НЕУДАЧ ЧЕРЕЗ ПРИЗМУ КОНСТРУКТИВИСТСКОГО ПОДХОДА

Статья посвящена обоснованию тезиса о том, что стратагемы США по Центральной Азии, рассчитанные на недопущение получения доминирующих позиций одним из ключевых их конкурентов – Китаем или Россией – через интеграционное конструирование региона с включением Афганистана как связующего звена между Центральной и Южной Азией, были неудачными. Это обусловлено существующим диссонансом между действиями Вашингтона на мировой арене и его имиджем либерального миссионера. С одной стороны, США оказывали финансовую и политическую поддержку цветным революциям в ряде стран постсоветского пространства, а также инициировали военное вторжение в Ирак без санкции ООН. С другой стороны, Вашингтон озвучивает в качестве своей глобальной цели содействие демократизации стран мира для обеспечения их поступательного развития. Данное расхождение подрывает легитимность разрабатываемых США региональных концепций – «Большая Центральная Азия» и «Новый Шелковый путь». В статье эти концепции рассматриваются с позиций несоответствия декларируемых в их рамках целей по демократизации и экономическому развитию Афганистана и существующих блокирующих их факторов – сохраняющаяся нестабильная военно-политическая ситуация в республике, неэффективные меры борьбы с наркопроизводством, высокая стоимость предлагаемых экономических проектов–CASA-1000 и TAPI. Концептуальные рамки статьи определены конструктивистским подходом, позволившим проследить формирование и закрепление в общественном мнении центрально-азиатских республик имиджа США как агрессора, а Афганистана – как источника экзистенциальных угроз безопасности, а не центра региональной интеграции.

